**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндангарии илмӣ**

# «ҶАҲОНБИНИИ ОЯНДА» ВА БАРХУРДИ АНДЕШАҲО

**Душанбе**
**«Дониш»**
**2015**

**ББК - 87,3 (2 тоҷик)+86,38+60,7+66,4+74,03 (2 тоҷик)**
**Ҷ - 44**

Шӯрои илмӣ - техникии Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмии Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суратҷаласаи №05 аз 18 ноябри соли 2014 ба чоп тавсия намудааст.

**Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша».**
***Ҷ - 44.*** «*Ҷаҳонбинии оянда» ва бархурди андешаҳо.* - Душанбе: «Матбаа», 2014. - 701 саҳ.

Муҳаррирон: **Комил Бекзода,**
**Мирзо Боқӣ**

Муқарризон: академики АИ ҶТ,
**Акбар Турсон,**
корманди АИ ҶТ,
**Номвар Қурбон**

Мураттибон: **Номвар Қурбон,**
**Фирдавс Ниёзӣ**

**ISBN 978-99947-821-3-0**

**© Маҳфили фалсафии**
**«Ҷаҳони андеша», 2015.**

# МУНДАРИҶА

1. Комил Бекзода. *Мафҳумҳои «истиқлолият» ва «дунявият» аз дидгоҳи китоби «Ҷаҳонбинии оянда» (Ба ҷои муқаддима)*......................................3
2. Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша». *Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)*..........................................................5
3. Номвар Қурбон. *«Ҷаҳони андеша» - маҳфили фалсафӣ*......................28
4. Комил Бекзода. Номвар Қурбон. *Дар рӯйи ҷаҳонему надонем ҷаҳон чист*..........................................................................................34
5. Ёрмаҳмад Ниёзӣ. *Рисолати илм ва берисолатии олим ё мардона бояд зист*..........................................................................................48
6. Ҳафиз Холиқзода. *Илм - алтернативаи дин*................................57
7. Номвар Қурбон. *Кайҳон ба воситаи инсон худро шинохт*..................70
8. Шодӣ Атоӣ. *Манифести «Ҷаҳони андеша» ва ояндаи инсоният*.........92
9. Нуриддини Шаҳобиддин. *Шери худою Рустами дастонам орзуст -2*..........................................................................................111
10. Нозим Нурзода. *Наврӯзи Ҷамшедӣ - бунмояи тафаккур ва биниши миллӣ*..........................................................................................133
11. Исомуддин Шарифзода. *Марг ва ҷовидонагӣ*................................141
12. Исомуддин Шарифзода. *Марг ва бовариву эътиқодҳо*......................146
13. Ҳафиз Холиқзода. *Дастовардҳои илми муосир дар ҳалли мушкилии марг (тарҷума)*........................................................................153
14. Ёрмаҳмади Сучонӣ. *«Ҷаҳони андеша», иттиҳоди рӯшанфикрон аст*..........................................................................................166
15. Номвар Қурбон. *Фарзанди замонему надонем замон чист*..............179
16. Ҳафиз Холиқзода. *Буҳрони фалсафаи Ғарб*..................................201
17. Нуриддини Шаҳобиддин. *Ҳастӣ ва ҳақиқат дар фалсафаи Ҳайдеггер*..........................................................................................224
18. Ҳафиз Холиқзода. *Зарурати бозгашт ба ҷаҳонбинии Ҷамшед ва фалсафаи Ибни Ровандӣ*........................................................242
19. Ёрмаҳмад Ниёзӣ. *Чеҳраҳои демократия ва дурнамои он*..................253
20. Меҳр Собириён. *Зарурати вуҷуд доштани ҷаҳонбинии алтернативӣ дар ҷомеа*..........................................................................262
21. Ҳафиз Холиқзода. *Вазъи ҷаҳонбиниҳо дар Тоҷикистони муосир*.......266
22. Нуриддини Шаҳобиддин. *Шеър, мусиқӣ, фалсафа ва шеваи нави пайғамбарӣ*..........................................................................................279
23. Ҳафиз Холиқзода. *Достоевский ва фалсафаи ӯ*...............................292
24. Фирдавс Ниёзӣ. *Тарғиби илму донишомӯзии занон дар шеърҳои Лоҳутӣ*..........................................................................................298
25. Абдуламини Маҷнун. *Он ки як умр Ватан сохт зи хишти сухан*.....303

26. Фирдавс Ниёзӣ. *Бартарии хатти кирилӣ аз хатти арабӣ*................307
27. Дидавар Бекзода. *Баъзе мулоҳизаҳо нисбати мафҳумҳои «рӯшанфикрӣ» ва «равшанфикрон»*.......................................................................315
28. Комил Бекзода. *Равшанфикрони ҷаҳони имрӯз*...........................324
29. Ҳафиз Холиқзода. *Сӯистифода аз дастовардҳои илмӣ ба хотири ақидаҳои иртиҷоӣ*...........................................................................273
30. Шодӣ Атоӣ. *Ғаззолӣ, ғаззолигароӣ ваояндаи мо*...............................287
31. Ҳафиз Холиқзода. *Тафаккури символикӣ ва андешаҳои "номусӣ"*.....297
32. Номвар Қурбон. *Нохудогоҳе дар саргаҳи худошиносӣ*......................305
33. Меҳр Собириён. *Мушкилоти инсон дар шинохти Худо*.....................325
34. Ёрмаҳмад Ниёзӣ. *Муҳтавои дин сиёсист, на ахлоқӣ*..........................330
35. Ҳафиз Холиқзода. *Манқуртизм маҳсули тамаддуни инсонҳои миранда аст*.................................................................................335
36. Нуриддин Шаҳобиддин. *Дидан дигар омӯз!*......................................342
37. Исомуддин Шарифзода. *Нигоҳи дигаре ба мафҳуми фарҳанг*..........356
38. Номвар Қурбон. *Ифтихори фарҳанги миллии тоҷик*........................362
39. Абдуламини Маҷнун. *Оинҳои Ҷамшедӣ дар Бадахшон*.....................368
40. Нозим Нурзода. *Сарнавишти фарҳанги миллӣ дар шароити ташаннуҷи бархурдҳои сиёсӣ ва тамаддунӣ*...........................................373
41. Адуламини Маҷнун. *Наврӯз дар саҳифаҳои таърих*.........................381
42. Ёрмаҳмад Ниёзӣ. *Нақди Суҳравардӣ бар фалсафаи машшоӣ*............385
43. Ҷамшеди Азимпур. *Зартушт -ислоҳгари ростин ва паёмовари озодию озодагӣ*...................................................................................403
44. Нозим Нурзода. *Нигоҳе ба масъалаи рӯшангарӣ ва танвири фикрӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и устод Айнӣ*..........................................................................................409
45. Исомуддин Шарифзода. *Носипосӣ ба Наврӯз, миллатситезӣ аст*....420
46. Нозим Нурзода. *Бозтоби Наврӯзи бостонӣ дар ривоёти исломӣ*.......423
47. Ҷамшеди Азимпур. *Бо Мавлоно суруди ягонагӣ, суруди озодагӣ хонем*...........................................................................................429
48. Комил Бекзода. *Мақоми миллат ва нажод дар фалсафаи Муҳаммад Иқбол*..........................................................................439
49. Ҳафиз Холиқзода. *Баъзе масъалаҳои асосии ҷаҳонбинии Муҳаммад Иқбол*...........................................................................448
50. Равшанфикрони ҷаҳон...................................................................
51. Феҳрасти номи муҳимтарин китобҳо дар мавзӯи равшанфикрӣ...........

**Комил БЕКЗОДА**

## МАФҲУМҲОИ «ИСТИҚЛОЛИЯТ» ВА «ДУНЯВИЯТ» АЗ ДИДГОҲИ КИТОБИ «ҶАҲОНБИНИИ ОЯНДА»

*(Ба ҷои муқаддима)*

Нависандагони мақолаҳои ин китоб бар ин назаранд, ки:

1. Истиқлол ва дунявият аз нигоҳи фарҳангӣ ба ин маъност, ки мардуми тоҷик дар оянда бояд ба фарҳанги Ҷамшедӣ руй оваранд. Чуноне, ки Урупоиён дар давраи Ренессанс ба фарҳанги Юнони қадиму Рими қадим руй оварда буданд. Ренессанси халқи мо аз андешаҳои Ҷамшедӣ оғоз мегардад, на аз низоми исломӣ ва на аз низоми коммунистӣ.
2. Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи Ҷамшедӣ аз нигоҳи устуравӣ ва мифологӣ 8.000 ҳашт ҳазор соли таърихи халқи моро ташкил медиҳад. Мо баъди 8 ҳазор сол ҳам фарзандони худро Ҷамшед ном мегузорем ва Иди Наврӯзро ҷашн мегирем. Иди Наврӯзе, ки аз ҷониби Ҷамшед ба таври расмӣ иди давлатӣ эълон карда шуда, ҳамзамонфаолияти рӯҳониёнро (котузиён)-ро аз сиёсати дунявии давлати хеш ҷудо карда буд. Идеологияи давлати дунявии Ҷамшед ба фалсафаи воқеъбинона ва реалистии Зарвония такя мекард. Ҳуҷҷати таърихии мо дар ин мавзӯъ сарчашмаҳои муътабаре чун Авесто, Ведҳо, Динкард, Яштҳо, Бундаҳишн ва Шоҳномаи Фирдавсӣ мебошанд.
   Миф ё устура аз нигоҳи муҳаққиқони муосир ҷавҳари орзу ва омоли ҳар қавму миллатро таҷассум мекунад. Миф кӯҳна шуданӣ нест. Миф амалӣ шуданӣ аст. Чун реша дар ҳайёти моддӣ ва маънавии инсонҳо дорад.
3. Истиқлолият ва дунявият аз нигоҳи диншиносӣ ба ин маъност, ки бозгашт ба дини Зардушт, Монӣ ва Маздак барои мардуми мо марҳилаи тайшудаи таърих мебошад. Бозгашти дубора ба ин динҳои миллӣ моро ба бунбаст мебарад. Динҳои бегона низ барои мо зарурияте надоранд. Масъалаи динро мо бояд озод бигзорем, то ҳар шаҳрванд ба кадом дину мазҳабе, ки майл дорад, маросимҳои динии худро амалӣ намояд. Дин дар давлати дунявӣ кори шахсӣ ва хусусии ҳар як шаҳрванд аст. Ҳар инсоне дар интихоби дин озод аст. Касе ҳақ надорад, ки ин ё он ақида ва динро ба таври маҷбурӣ ба гардани дигаре бор кунад. Дахолат кардан ба корҳои динии шаҳрвандон ҷавобгарии ҷиноиро дар пай дорад. Зеро дин аз давлат ҷудост. Ва шаҳрвандон масъулиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва давлатиро барӯҳда доранд. Дар сурате, ки дин кори шахсӣ ва фардии ин ё он шаҳрванд мебошад. Дахолати фарди диндор низ ба қонуну қоидаҳои давлати дунявӣ, ки аз тарафи аксарияти кулли ҷомеа қабул карда шудаанд ва дар Конститутсия сабт гардидаанд, қобили қабул

нестанд. Ин як навъ муқобилгузории андеша ва эътиқоди шахсии як фард дар баробари қонунҳои кулли ҷомеа мебошад. Қонунҳои давлатро аксарияти ҷомеаи имрӯза тасдиқ намудаанд, дар сурате, ки аҳкоми динӣ мероси ҷомеаҳои гузашта мебошанд. Ин аҳком дар замони худ қобили қабул буданд. Акнун қобили қабул нестанд.Ҷомеаи имрӯза онҳоро қабул надорад. Таҳмили онҳо қонунан манъ аст. Чунин аст талаботи қонунҳои давлати дунявӣ. Чуноне, ки давлатҳои динӣ дар гузашта ва ҳозирқонунҳои хоси худро доштанд ва ҳоло ҳам доранд. Барои намуна ва мисол ба қонунҳои давлатҳои диние чун Арабистони Саудӣ ва Эрон таваҷҷӯҳ кунед.

4. Истиқлол ва дунявият аз назари сиёсӣ чунин маънӣ дорад, ки мардуми тоҷик дар таърихи тулонии худ аввалин бор давлати миллӣ ва мустақили худро соҳиб гардидаанд. Аз байни сохтҳои гуногуни сиёсӣ иродаи ин мардум ба сӯи давлати дунявӣҷалб гардид. Чаро ки асрҳои тӯлонӣ чандин сохтҳои сиёсиро таҷриба карда буд. Охирин сохти сиёсии таҷрибашуда аморати Бухорои исломӣ ва низоми коммунистии Шӯравӣ буд. Ин ду сохт чизи ҷолибе аз худ боқӣ нагузошт. Ин буд ки мардуми мо сохти давлати миллии дунявиро интихоб намуд. Дар ин 23 соли истиқлол мушкилоте доштем ва ҳоло ҳам дорем. Бо вуҷуди ин мардуми мо хешро дар низоми демократӣнисбат ба сохтҳои сиёсии мавҷудаи исломии имрӯза роҳаттар ва озодатар эҳсос мекунанд. Мо бар ин боварем, ки маҳз ҳамин сохти имрӯзаи давлати миллӣ ва дунявии мо барои амалӣ шудани ормонҳои таърихӣ ва имрӯзаи мардуми мо созгортар аст. Давлати дунявие, ки 8.000 сол пеш Ҷамшеди пешдодӣ асос гузошт, мо имрӯз онро аз нав эҳё намудаем. Сулолаи шоҳони пешдодӣ, ки Ҷамшед ҳам яке аз онҳост дар таърихи башарият аввалин шуда адолат, дод, адл, ҳуқуқ ва сохти давлати ҳуқуқбунёдро таъсис додаанд. Яке аз рукнҳои асосии сохти сиёсии давлати имрӯзаи мо низ ҳуқуқбунёдӣ аст. Мо ин хушбахтиро дорем, ки дар замони ҳозир устураи миллии мо доир ба адолати иҷтимоӣ (Адолати Ҷамшедӣ) бо адолати давлати соҳибистиқлоли миллӣ ва дунявӣба ҳам пайвастаанд. Мо устураро ба воқеият табдил додем. Консепсияи фалсафаи сиёсии истиқлолият ва дунявияти Тоҷикистони демократӣ дар мақолаҳои ин маҷмуа фароҳам оварда шудаанд. Ин консепсияи сиёсӣ ба метафизикаи китоби “Ҷаҳонбинии оянда” такя мекунад. Метафизикаи ин китоб (Ҷовидонагии ҷисмонии инсон) ба муқобили ҳамагуна ақидаҳои хурофотӣ, динӣ, идеалистӣ, материалистӣ ва атеистии гузашта ва ҳозираи ҷаҳон равона карда шудааст.

5. Мо аъзоёни “Ҷаҳони андеша” бар ин назарем, киояндаи Тоҷикистон иборат аз сохти демократӣ ва дунявӣ мебошад. Бозгашт ба сохти исломӣ ва коммунистӣ хилофи ҷараёни таърих аст. Таърих ба қафо

барнамегардад. Тоҷикистон ин ду сохти иҷтимоиро дар гузаштаи худ таҷриба кард ва ба натиҷаи дилхоҳе нарасид.

Дар Бисту чанд соли охир ки аз низоми демократӣ ва дунявӣ пайгирӣ мекунад, уфуққҳои наверо дар ҳаёти иҷтимоии худ кашф кардааст.

Бо як калима: Истиқлол ва дунявият маънои низоми демократӣ ва дунявии Тоҷикистонро ифода мекунад. Ҳамин низом кафили пешрафти ҷомеаи тоҷик барои оянда мебошад.

**Маҳфили фалсафии**
**«ҶАҲОНИ АНДЕША»**

# ҶАҲОНБИНИИ ОЯНДА

(*Ҷаҳонбинии алтернативӣ*)

## 1. Ҷаҳонбинии оянда чист?

– Ҷаҳонбинии оянда натиҷаи мушоҳидаҳои илмӣ ва амалии наслҳои пешинаи башар аст. Мо, ворисони онҳо ин таҷрибаро дар ибтидои асри XXI давом медиҳем.
– Сабаб ин аст, ки ҷаҳонбиниҳои пешина арзиши маънавии худро аз даст додаанд.
– Имрӯзҳо (асри XXI) башар ба ҷаҳонбинии сифатан наве эҳтиёҷ дорад.

Ба ин ҷаҳонбинии дар мақола омада, гурӯҳе аз равшанфикрони муқими шаҳри Душанбе ҳамфикр ҳастанд. Аксарияти онҳо устодони илми фалсафаи Донишгоҳҳои пойтахт мебошанд. Аз ҷумла: Комил Бекзода, Нозим Нурзода, Ҳафиз Холиқзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ, Шодӣ Атоӣ, Усмон Камолиён, Номвар Қурбон, Исомуддин Шарифзода, Нуриддин Шаҳобиддин ва Файзи Олӣ.
– Ин пешбиниҳо ва фарзияҳои рисола барои садсолаҳои оянда нигаронида шудаанд.

## 2. Ҷаҳон чист?

– Ҷаҳон номи дигар ва муродифи ҳамин кураи Замин аст, ки мо дар рӯйи он зиндагӣ мекунем. Маънои Ҷаҳон аз Замин густурдатар аст. Чароки ҷирмҳои зоҳирии гирду атрофи Заминро низ дар бар мегирад. Мисли Офтоб, Моҳтоб, Зуҳра, Зуҳал, ситораҳо, сайёраҳо ва галактикаҳо. Ҷаҳон порае аз кайҳони нопайдоканор аст. Замин қисмате аз Ҷаҳон аст. Инсон мавҷуди моддӣ ва зодаи ин Замини нозанин аст.

## 3. Кайҳон чист?

– Ҷирмҳои моддии беаввалу беохире, ки моро иҳота кардаанд, Кайҳон ном дорад. Масалан: Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, сайёраҳо, галактикаҳо.

– Ин ҷирмҳои моддӣ ба сабаби тағйирот ва табаддулоте, ки дар дохили унсурҳои физикӣ ва химиявии онҳо рӯй медиҳанд, ҳамеша дар ҷунбишу ҳаракат мебошанд. Дар раванд (процесс) - и ин ҳаракати бардавом унсурҳо (элементҳо) - и нав ба нави кимиёӣ пайдо мешаванд ва унсурҳои пешина дучори тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ мегарданд. Қувваҳои ҳаракатдиҳандаи ботинӣ ва зоҳирии ин унсурҳои кайҳонӣ – вазн, суръат, ҷунбиш, миқдор, сифат, таносуб, вақт, фазо, пайдоиши унсурҳои нав, тағйири робитаҳо ва таносубҳои пешин ва ҳазорҳо омилу сабабҳои дигар мебошанд. Омили ин тағйироту дигаргуниҳо дар ботини худи ин унсурҳои моддӣ ниҳода шудааст.

## 4. Замин чист?

– Замин порае аз Ҷаҳон ва Кайҳон мебошад. Ҳамаи он қонуниятҳои азалӣ ва абадии Ҷаҳону Кайҳон дар Замин ҳам ҷорӣ ҳастанд. Мо дар бораи Замин бештар маълумот дорем. Чун хона ва кошонаи мост. Ба ҷаҳонҳои дигар нарафтаем. Маълумотамон ноқис аст. Барои муқоисаи Замини мо бо дигар ҷаҳонҳо ҳоло барвақт аст. Чун мо то ҳол маҳдуд ба хонаи хешем. Аз хонаи ҳамсоя хабар надорем. Бояд хабар ёбем. Ин кори ояндаи мост. Ҳатман хабар хоҳем ёфт. Он гоҳ аз олами фаромӯшӣ ва танҳоӣ наҷот меёбем. Мо дар ибтидои роҳем. Роҳе ба сӯйи оянда. Ояндаи Инсон ва инсоният дар рӯ ба рӯйи олами бузурги Кайҳон. Ҷавлонгоҳи ҳамешагии ҳамаи мавҷудот.

## 5. Инсон кист?

– Инсон ҷузъе аз Замин аст. Ҷисми он аз элементҳои химиявии Системаи даврии Д.И. Менделеев (1834 - 1907) ташкил ёфтааст. Унсурҳои ҷисми Инсон дар Кайҳон ҳам вуҷуд доранд. Инсон аз боби ҷисм ва бадани биологии худ аз дигар мавҷудоти зиндаи Замин фарқи ҷавҳарӣ надорад.

– Ақл ва шуури Инсон кор ва фаъолияти физиологии бадани худи Инсон аст. Ақл инъикоси эҷодкорона ва сифатан нав ва ғайримеханикии ҳодисоти олам дар мағзи Инсон мебошад. Ин инъикоси сифатан нав ҳам дар навбати худ нисбию эътиборӣ

буда, қобили таҳаввул ва тағйирот аст. Мутлақ нест. Таҳаввулёбанда мебошад.

## 6. Худо кист?

– Худо қаҳрамони асосии афсонаҳои динии мост. Мо, одамон Худоро ихтироъ кардем. Чароки Инсони бошуур ихтироъкор аст. Ақл ва шуур Инсонро водор мекунад, ки ояндаашро пешбинӣ кунад. Мо ояндаи худро пешбинӣ кардем. Барои он ки моро баъди мурдани баданамон бори дигар зинда кунанд ва ба ин ҷаҳони зебо бозгардонанд, образи Худоро офаридем. Худо символ ва образи умеду орзуҳои мост. Мо бо тамоми вуҷуд орзу мекардем, ки дар ин ҷаҳон ба таври ҳамешагӣ зинда, зебо, ҷавон ва ҷовидон зиндагӣ кунем. Худамон, ки натавонистем аз марг наҷот ёбем, қаҳрамонеро ихтироъ намудем, ки моро аз нав зинда кунад ва аз марги ҳамешагӣ наҷот диҳад. Ин аст ки қаҳрамони асосии орзуҳои мо Худо ном дорад. Дар муддати 10 ҳазор соли зиндагии оқилонаи башар, мо 4500 дину мазҳаб сохтем, ки ҳоло 425-тои он зиндаанд. Қаҳрамони ҳамаи достонҳои динии мо – Худо ба ҳамаи забонҳои дунё номҳои мухталиф дорад. Ин номҳо ифодагари менталитети қавму миллатҳои гузашта ва ҳозираи ҷаҳон мебошанд.

Қоидаҳои худосозӣ чунинанд:

– Худоҳои қабилавӣ аз бутҳои сангин, чӯбин, мисин, нуқрагӣ, тиллоӣ ва дигар ҷисмҳои моддӣ сохта мешаванд.

– Худоҳои қавмӣ ва миллӣ аз бутҳо ва худоҳои қабилавӣ ба вуҷуд меоянд.

– Худоҳои осмонӣ аз худоҳои қавмӣ ва миллӣ ташаккул меёбанд. Чунон ки Инсони комил аз маҷмӯаи рафтору кирдор, ахлоқу одоб ва характери инсонҳои одӣ ва маъмулӣ ташкил меёбад. Худоҳои осмонӣ ҳам нусхаи мукаммалшудаи худоҳои қабилавӣ, қавмӣ ва миллии мардуми Замин мебошанд. Инак, барои намуна ва мисол худоёни баъзе қавму миллатҳоро номбар мекунем:

– Худоёни мардуми форсу тоҷик: Аҳуро, Аҳуромаздо, Яздон, Эзид, Худо, Парвардигор, Офаридгор, Озар, Оташ, Анаҳита, Зарвон, Меҳр, Хуршед, Митра, Ҳурмуз, Худованд, Якто, Маздо, Нур…

– Худоёни қавму миллатҳои сомӣ (яҳудиён, арабҳо, бобулиён, ошӯриён, килдониён): Яҳва, Аллоҳ, Руҳ-ул-қудс, Адонаӣ, Мардук,

Молох, Элохим, Энлил, Ашшур, Баъал, Адонис, Астара, Анат, Ану, Син, Нингирсу, Нунурту, Эшмун, Шамаш, Иштар…
– Худоёни Юнону Рум: Аполлон, Дионис, Зевс, Афина, Фортуна, Юнона, Янус, Купидон, Аид, Артемида, Амур, Афродита, Вакх, Венера, Веста, Вулкан, Гермес, Гера, Гефест, Деметра, Демиугр, Диана, Геба, Арес, Сатурн, Силван, Немесида, Нептун, Эрот, Фемида, Плутон, Пан, Кронос…
– Худоёни қавмҳои славянӣ: Бог, Господ, Сварога, Дажбог, Стрибог, Ярило, Чур, Перун, Велес…
– Худоёни мардуми Миср: Гор, Тот, Анубис, Апис, Собек, Сет, Бес, Сахмит, Нефитида, Амон, Шӯ, Хнум, Раъ, Озирис, Исида, Баъ…
– Худоёни мардуми Ҳинд: Вишну, Браҳма, Шива, Индра, Кришна, Индира, Лакшми, Агин, Рудра, Варуна…

Бисёре аз мардум бовар доранд, ки чунин худоҳое воқеан дар Осмон ва ё дар дили инсонҳо вуҷуд доранд…

Олимони диншинос мегӯянд, ки ҳар худое офаридаи ҳамон як қавму миллати мушаххаси таърихӣ мебошад. Ба ин маънӣ, ки Аҳурамаздо симо ва сурати мардуми ориёиро таҷассум мекунад. Браҳман ба мардуми Ҳинд монанд аст. Яҳва одобу ахлоқи мардуми яҳудро дар худ ифода кардааст. Ин ҳама шариатҳои мо қонунҳои худоҳои миллӣ ва қавмии мо мебошанд. Худои Умумикайҳонӣ то ҳол дар бораи вуҷуди худ ба мо хабаре надодааст. Ҳар чӣ дорем, ҳама худоҳои таърихии қавмҳои Заминанд. Ва ҳар пайғамбаре худои худро тавре тасвир намудааст, ки аз худоҳои пайғамбарони дигар ба кулӣ фарқ дорад. Идеяи Худо як фарзияи вуҷудӣ аст аз қабили фарзияи абадияти рӯҳ ва ҷон. Инсоният то ҳол ба ҳалли ростини ин фарзия нарасидааст. Илми равоншиносӣ (психология) - и муосир бар ин назар аст, ки Инсон фитратан наметавонад ягон саволи ҷиддии зиндагии заминии худро беҷавоб гузорад. Қатъи назар аз он ки ин ҷавоб дуруст ва илмӣ бошад ва ё дуруст набошад. Яъне ба ин ё он саволи зиндагӣ Инсон бояд ба таври ҳатмӣ ҷавоби худро пешниҳод намояд. Инсоният, ки умрҳо гирифтори мушкилии марг буд ва ҳоло ҳам ҳаст, мафҳуми абадияту рӯҳ ва ҷонро ихтироъ намуд. Ин як ҷавоби возеҳу равшан буд дар муқобили марг ва мирандагии инсон. Ҳарчанд ки илми муосир ин ҷавобро қабул

надорад, вале миллионҳо ва миллиардҳо мардуми ҷаҳон бе шакку шубҳа ба ҳақиқат ва дурустии абадияти рӯҳ ва ҷон боварӣ доранд. Ба андешаи Абӯнасри Форобӣ (873 - 950) сиришт ва табиати ҷони инсонӣ ва рӯҳи илоҳӣ ягона аст. Танҳо фарқ ин аст, ки рӯҳи худоӣ аз ҷони инсонӣ сифатан болотар ва поктар аст. Вале ихтироъкунандаи ҳам ҷон ва ҳам рӯҳи илоҳӣ худи Инсон мебошад. Аҳли таҳқиқи муосир ба некӣ медонанд, ки ин пайғамбарон ва китобҳои муқаддаси инҳо аз чи роҳҳое дар саҳнаи таърих зуҳур карданд. Навтарин бозёфти таърихиро чилу панҷ ҳазор «мусҳафҳо» - и ёфтшуда соли 1973 дар як масҷиди кӯҳнаи шаҳри Санъо дар Ямани Шимолӣ ташкил медиҳанд.

Мо бояд дар ҳеҷ ҳолат таассуб надошта бошем. Баъзеҳо аз рӯи илми мантиқи шаклӣ далел меоранд, ки дар дунё ҳама чиз соҳиб дорад, наход ки дунёи мо соҳибе надошта бошад? Ҷавоби мо ин аст: Дар ин сурат Соҳиби ҷаҳон чаро худро ошкор намекунад? Он чи худошиносони динҳои ҷаҳон мегӯянд, инсони хирадмандро қонеъ карда наметавонад. Чароки донишҳои башарӣ натиҷаи таҷрибаҳои воқеӣ ва заминии мо ҳастанд. Мо аз пайғомҳо ва ваҳю илмҳои осмонӣ чизе намедонем. Онҳое ки ин паёмҳоро ба мо овардаанд, ҳама мисли мо инсонҳои заминӣ ҳастанд. Донишҳои заминии мо то ҳол чунин таҷриба ва маълумоте дар даст надорад, ки он илмҳои самовиро ба таври дақиқ ва илмӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳад. Ин аст ки инсоният ҳоло ҳам дар ҳолати интизорӣ умр ба сар мебарад. Интизори роҳи ҳалли ниҳоии фарзияи вуҷуди Худо. Бояд талош ба харҷ дод, то ин интизорӣ ба поён расад. Дар ин талоши ҳамагонӣ ҳеҷ як таассуб, ифрот ва зиёдаравии илмӣ ва мазҳабӣ қобили қабул нест. Чароки мо ҳама дар марҳилаи ҷустуҷӯи роҳи ҳалли фарзия қарор дорем. Дар ин ҳолат касе ва ё гурӯҳи мушаххасе дорои имтиёз нест ва буда ҳам наметавонад.

Он чӣ олимон таҳқиқ кардаанд, натиҷаи ҳодисаҳои таърихии қавму миллатҳои гуногун аст. Худоҳои онҳо низ ба мисли худашон таърихи мушаххас ва симову сурати муайяни қавмию миллӣ доранд. Агар Худо ва Соҳиби бузургтаре вуҷуд дорад, бигузор худро ошкор кунад. Пайғамбар ва китоби муқаддаси худашро фиристад, моро аз ҳақиқати худоии худаш огоҳ намояд. Агар чунин кунад, мо таассубе надорем ва чунин Худоро эътироф мекунем. Ҳоло ки чунин коре нашудааст, мо маҷбурем, ки барои сомон додани зиндагии заминии худ аз ақлу

дониши инсониямон истифода барем. Ин ҳам аз рӯйи қонуну қоидаҳои илмӣ ва мантиқӣ аст.

## 7. Чаро чаҳон вуҷуд дорад?

– Худи Ҷаҳон ба ин савол ҳеҷ вақт ҷавоб надодааст ва дар оянда низ ҷавоб намедиҳад. Чаро? Барои он ки ҳамин саволу ҷавобҳо дар ин мавзӯъ ба худи Ҷаҳон вобастагӣ доранд. Аз доираи чаҳон берун нестанд. Вуҷуди воқеӣ ва реалии ҷаҳон ба худии худ ҷавоби ин савол аст. Ашёи ҷузъӣ ноқису нотамом буда, аввалу охир доранд. Мисол рустанӣ, ҳайвонот, инсонҳо. Ин савол ба ин мавҷудот муносиб аст. Чун ҳама медонанд, ки гурӯҳе аз ҳайвонот чӣ тавр пайдо шуда, боз аз байн рафтаанд. Яъне аввалу охир доштаанд. Аммо Ҷаҳон дар доираи вуҷуди худ аввалу охир надорад. Инсонҳо барои ҷаҳон ду истгоҳ «ихтироъ» кардаанд: Яке, азалият ва дигаре, абадият. Азал аввали замони беоғоз асту абад охири замони беанҷом. Ҳамин ду истгоҳи инсонии «азал» ва «абад» низ нисбӣ ва ноқисанд. Наметавонанд ҳақиқати вуҷуди ҷаҳонро фаро гиранд. Саволи «Чаро?» ихтирои мо инсонҳои ноқис мебошад. Ба сабаби он ки худи мо аввалу охир (таваллуду марг) дорем, хаёл кардаем, ки Ҷаҳон ҳам мисли мо аввалу охир дорад. Агар ин саволро аз худи Ҷаҳон пурсӣ, ҷавоб медиҳад, ки: «Барои он вуҷуд дорам, ки ҳамеша дар таҳаввул ва ҳаракат мебошам. Ҳамин ҳаракату таҳаввули абадии ман сабаби вуҷуди ман аст. Агар тағйиру таҳаввул карда наметавонистам, он гоҳ вуҷуд ҳам намедоштам». Чаро ҳаракат мекунам? Ин саволро ба элементҳои Системаи даврии Менделеев бидиҳед. Ин элементҳоро собиту бетағйир тасаввур кардан мумкин нест. Онҳо ҳар лаҳза ба мо ин саволро ҷавоб медиҳанд, ки чаро вуҷуд доранд. Маҳз вуҷуди онҳост, ки ҷисми мо инсонҳо ҳам аз он элементҳо ташкил ёфта, инкишоф ва рушд намуда, ба зинаи инсонӣ расид.

Акнун ин ташкилаи (маҷмӯаи) махсуси элементҳо, ки Инсон ном дорад, ба худ савол медиҳад, ки: Чаро Ҷаҳон вуҷуд дорад? Ин саволи Инсон дар нисбати Ҷаҳон як навъ худшиносӣ аст. Инсон ҷузъе аз Ҷаҳон аст. Худшиносӣ ҳамеша аз ҷузъ (инсони фард) оғоз мешавад. Баъд ба дигарон ва ҷомеа густариш меёбад. Ҷавоби ин савол дар пеш аст. Инсоният роҳи тӯлониеро дар пеш

хоҳад дошт. Ба ин савол борҳо хоҳад баргашт. Ба ҷавоби дақиқи ин савол ноил хоҳад гардид. Барои насли мо – одамони асри XXI гузориши ин масъала ба савол басанда аст. Ифрот дар ҳама кор шоиста нест. Муҳим ин аст, ки савол дуруст ва дақиқ гузошта шавад. Пас, ҳалли ин масъаларо ба таъхир нагузорем. Ҷаҳон ин худи мо ҳастем. Чароки Инсон ҳам ҷузъе аз Ҷаҳон аст. Мо борҳо аз худ пурсидаем, ки: «Чаро вуҷуд дорем?» Ҷавоби ин саволи ҷузъӣ осон аст. Дар Замин шароити экологӣ созгор омадааст, ки Инсон ба вуҷуд биёяд. Ва инсон ба вуҷуд омад. Тамом. Ин масъаларо дар ҷаҳони имрӯз хонандагони мактабҳои ибтидоӣ ҳам медонанд.

Муҳим нигоҳ доштани Инсони зинда аст. Бояд ки дар курраи Замин инсонҳо ҳамеша вуҷуд дошта бошанд. Дар вақти ҳозир насли Инсон ва навъи инсоният бояд ҳифз карда шавад. Дар оянда бояд Инсонҳои фард низ ба таври ҳамешагӣ вуҷуд дошта бошанд. Ҷаҳон ин кулл аст, мо инсонҳо пораҳои ночизе аз ин Ҷаҳони кулл ҳастем. Пас, ба саволи «Чаро Ҷаҳон вуҷуд дорад?» ҷавоби мо Инсонҳо ин аст ки: Агар Ҷаҳон вуҷуд намедошт, на савол пайдо мешуду на саволдиҳанда. Муҳим ин аст, ки Ҷаҳон вуҷуд дорад ва вуҷуди воқеии Ҷаҳон бо худии худ ҷавоби ин савол аст. Ҷаҳон барои он вуҷуд дорад, ки нестии он имконият надошт. Агар нестии Ҷаҳон имкон медошт, дигар касе боқӣ намемонд, ки дар бораи ҳастии он чуну чаро кунад! Ҳастӣ ҳамеша аз нестӣ муҳимтар ва бартар аст. Чун Ҷаҳон ҳаст, пас вуҷуди он зарурӣ ва амри воқеъ будааст. Дар сурате ки ба нестии Ҷаҳон ниёзе вуҷуд надоштааст. Пас, вуҷуди Ҷаҳон муҳим ва арзанда аст. Яъне ниҳод ва сиришти Ҷаҳон аз элементҳое ташкил ёфтааст, ки онҳоро нобуд кардан имкон надорад. Он элементҳо объективӣ, абадӣ ва фанонопазиранд. Сабаби вуҷуди Ҷаҳон дар воқеӣ будани худи Ҷаҳон аст. Чизи реалӣ чун қоида ҳамеша моддист. Чизи моддӣ табиатан абадӣ ва ҷовидонӣ аст. Пас, сабаби вуҷуди Ҷаҳон дар моддӣ будани унсурҳои таркибии Ҷаҳон аст. Унсурҳои моддие, ки фано ва нестиро қабул надоранд. Аз шакле ба шакли дигар ва аз ҳолате ба ҳолати дигар мегузаранд. Ин раванд абадулобод давом мекунад.

Аммо ҷузъҳои Ҷаҳон ҳамеша дар тағйироти унсурӣ ва сохторӣ ҳастанд. Аз ин рӯ, абадият ва фанонопазирии Ҷаҳон ба ҷузъҳои он дахл надорад. Аз он ҷумла Инсон ва тамаддуни ӯ низ метавонад ба ин гуна тағйирот рӯ ба рӯ шавад ва ҳатто хатари аз

байн рафтан низ дорад. Ин ҳақиқат бояд асоси ҷаҳоншиносии моро ташкил диҳад ва мо ҳам боисти ҳамвора дар пайи пайдо намудани ҷавобҳо ва чорабиниҳои амалию илмии ин мушкилот бошем.

## 8. Ҳадафи ҷаҳон чист?

– Ҷаҳони сангу хишт бо худии худ ҳадафе надорад. Ва Ҷаҳон аз элементҳои химиявӣ ва физикӣ ташкил ёфтааст. Ин элементҳо ақлу шуур надоранд ва чунин саволҳо ҳам дода наметавонанд. Ин саволҳоро Инсон медиҳад. Ҳарчанд ҷисми Инсон ҳам аз элементҳои Системаи даврии Менделеев иборат аст, бо вуҷуди ин, шакли ташкилии ин элементҳо дар ҷисми Инсон тавре ҷо ба ҷо шудаанд, ки сабаби пайдоиши шуур ва ақл гардидаанд. Маҳз ҳамин ақли инсонӣ савол пеш гузоштааст, ки: Ҳадафи Ҷаҳон чист? Ин савол аслан ба худи Инсон дахл дорад. Чун худи Инсон ҷузъе аз Ҷаҳон аст. Инсон як пораи фикркунандаи ин Ҷаҳони беохир аст. Агар дар Инсон мағзи ӯ маркази фикр бошад, пас, дар Ҷаҳон маркази фикр маҳз худи Инсон аст. Инсон аз ҷониби Ҷаҳон ҷавоб медиҳад, ки ҳадафи Ҷаҳон иборат аз худшиносӣ мебошад. Ҷаҳон ба воситаи Инсон худро шинохт. Донист, ки Инсон ҳам аз унсурҳои физикии ҷаҳон созмон ёфтааст. Дар оянда ин Инсон боз бисёре аз муаммоҳои Ҷаҳонро ҳам барои худ ва ҳам барои Ҷаҳон ошкор менамояд. Ба ҳамин собит мегардад, ки ҳадафи Ҷаҳон худшиносии Ҷаҳон аст, ба воситаи Инсон. Ҳарчанд ки Ҷаҳони унсурҳо ва кайҳони нопайдоканор ба ҳеҷ як худшиносие аз ин қабил ниёз ва эҳтиёҷ надоранд. Ин мо, одамон, ҳастем, ки ба сабаби ноқисию мирандагии худ ин қабил саволҳоро пеш мегузорем ва ба таври нохудогоҳ мехоҳем, ки ба саволи мирандагии худ ҷавоби муносиб пайдо кунем. Лекин ҳамин ягонагии унсурии Ҷаҳон ва Инсон саволҳои моро ба домони Кайҳон низ мекашонад.

## 9. Ҳадафи Инсон чист?

– Ҳадафи Инсон наҷот аз марг аст. Ҳамин худшиносии чаҳорҳазорсолаи дину мазҳабҳои гузашта ва мактабҳои фалсафии ҳамаи қавму миллатҳо барои масъалаи мирандагии Инсон ҷавоб

меҷӯянд. Ҷустуҷӯ то ҳол давом дорад. Асри мо нисбат ба асрҳои пешин дар ин масъала муваффақтар аст. Мо дар вақти ҳозир (апрели 2013) чандин роҳу равиши илмии мубориза ба муқобили марг ва мурданро ихтироъ намудаем. Барои намуна ва мисол ҳамин масъалаи ҳамсонасозӣ мебошад, ки ба русӣ онро «клонирование» мегӯянд. Чанд даҳсола аст, ки ин масъала мавриди таҳқиқи олимони ҷаҳон мебошад. Ба таври ғайрирасмӣ дар бисёре аз кишварҳо инсонро аз роҳи лабораторӣ ба зиндагӣ баргардонидаанд… Пас, ҳадафи Инсон аз байн бурдани марги ҳамаи фардҳои инсонист. Яъне расидан ба зиндагии ҷовидонӣ.

## 10. Зиндагӣ чист?

– Ҷавҳари зиндагӣ худогоҳии Инсон аст. Зиндагии инсон ба шарофати худшиносӣ маънӣ ва ҳадаф дорад. Ҷоҳилӣ ва ғафлат номи дигаре аз марг ва нестист.

– Донишмандони ҷаҳон (Чарлз Дарвин (1809 - 1882), А.И. Опарин (1894 - 1980), М.В. Волкенштейн (1912 - 1992) ва дигарон) зиндагии инсониро тақрибан бо тамоми ҷузъиёташ ба мо ошкор намудаанд.

– Инсоншиносони муосир бо ин кашфиёт маъно ва мазмуни нав афзудаанд.

– Зиндагӣ он чизест, ки ҳасту буди ҳар як фарди инсонро дар бар мегирад. Мо аз роҳи худшиносӣ ба зиндагии худ ва зиндагии дигар инсонҳо арзиш қоилем.

– Зиндагӣ он нуқтаи ҳассосест, ки ҳастӣ ва нестии мо, инсонҳо аз он оғоз мегардад.

– Ҳамаи ҳангомаҳои гузашта ва ҳозираи башарӣ маҳз бо шарофати зиндагӣ арзиш пайдо намудаанд.

## 11. Марг ва мурдан чист?

– Марг ва мурдан дар олами ҳайвонот аввалу анҷоми як раванд (процесс)-и биологӣ ва табиӣ аст. Вале ҳайвонот инро дарк намекунанд. Аммо барои Инсон марг даҳшатноктарин ҳодисае аст, ки аз он бузургтарашро хаёл ва фантазияи инсонӣ тасаввур карда наметавонад.

– Сабаби ин ҳассосияти афсонавӣ ва даҳшатбори инсонӣ дар муқобили марг, маҳз огоҳӣ ва худшиносии худи ӯст. Инсон агар

ба огоҳӣ намерасид, ба мисли ҳайвонот чи будани даҳшати маргро тасаввур карда наметавонист.

– Маҳз ҳамин худшиносӣ аст, ки боз инсонро барои зиндагии абадӣ ва бемарг водор мекунад. Дилу ҷони ӯро бар зидди марг бармеангезад. Ҳамин талошҳои ҳамешагии инсоният барои ба даст овардани бемаргӣ дину фалсафа ва илму донишро ба вуҷуд овард. Таърихи маънавии башар, ба як маъно, талоше дар роҳи ҷовидонагии ҷисмонии башар буда ва ҳаст. Мояи ифтихор аст, ки донишмандони муосир чандин роҳҳои ба ҷовидонагӣ расидани башарро ихтироъ намудаанд. Аз ҷумла, равиши ҳамсонасозӣ ё худ клонирование. Ҳамин иқдомҳои илмиро яке аз имтиёзҳои асосии асри XXI дар нисбати дигар асрҳо ба шумор овардан ҷоиз аст. Ба ҳукми одат ва анъана, ҳоло ҳам навад дарсади мардуми олам аз марг метарсанд ва ҷои тарс ҳам ҳаст. Чаро ки то имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ намунае аз ин кашфиёт ба намоиш гузошта нашудааст. Чун мардум омодаи қабули чунин кашфиёт нестанд. Вагарна соли 1979 дар ИМА инсонро ва соли 1997 дар Британияи Кабир гӯсфандро аз роҳи лабораторӣ нусхабардорӣ карданд. Инсони муосир сахт бадгумон аст. То чизеро ба чашм набинад, бовар намекунад. Вале далелҳои бисёре дар даст дорем, ки ин масъала сахт мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дорад.

## 12. Оянда чист?

– Оянда ба инсоният тааллуқ дорад. Чароки чи буданиояндаро медонад ва эҳсос мекунад. Табиат чи буданиояндаро намедонад. Чароки ақлу хирад надорад. Ҳамеша дар ҷараён ва таҳаввулот аст. Ин таҳаввулоту тағйиротро қонуниятҳои физикӣ ва кимиёӣ дар Кайҳон пиёда мекунанд. Кайҳон ва ҷаҳон чӣ будани гузашта, ҳозира ваояндаро намедонад. Ҳаракати бардавоми онро тағйироти микдорӣ ва сифатии элементҳои кимиёӣ пайрезӣ менамоянд. Ин элементҳо ба худии худ ҳамеша дар тағйироти зоҳирӣ ва ботинӣ (ҷавҳарӣ) мебошанд. Як шакли модда ва ё чиз ду бор такрор намешавад. Табиати ҷаҳон такрорро қабул надорад. Чароки то навбати такрор расидан аллакай таркиби элементҳо дигар мешавад ва барои такрор имкон боқӣ намегузорад.

– «Саҳрои вуҷуд» нопайдоканор аст. Ҳадде надорад. Ҳаракатҳои кайҳонӣ ва ҷаҳонӣ спонтанӣ ё худ худҷӯшанд. Аз ҳисоби тағйироти ҷавҳарии элементҳои дохилаи худ ҳамеша дар ҷунбиш ва ҳаракатанд. Ягон қувваи берунӣ дар ҳаракати Ҷаҳон дахолате надорад. Чароки Ҷаҳон ба худии худ «берун»-е надорад. Худи Ҷаҳон ҳама «дарунҳо» ва «берунҳо»-ро фаро гирифтааст. Барои худоҳо дар Кайҳон ва Ҷаҳон ҷойе боқӣ намондааст, чаро ки Ҷаҳон дар боби ҳаракат худмухтор ва худкифо аст. Мустақил аст. Аз ҳама гуна «ёрӣ»-ю «кумак»-ҳо бениёз аст. Чаро ки табиати вуҷуди Ҷаҳон чунин сохта шудааст. Вуҷуди ҳар худое сабаби ворид шудани халал дар низоми Олами вуҷуд мегардад. Ҷаҳон чунин дахолат ва «халал»-ро қатъиян қабул надорад. Воқеияти беохирӣ ва саҳрои беохири «азал»-у «абад» барои Ҷаҳон маҷоли онро додааст, ки ба таври мутлақ ҳаракату таҳаввулоти худро давом диҳад. Ба ҳукми густурдагӣ ва нопайдоканорӣ, Олами вуҷуд аввалу охир надорад. Агар касе ҳам хоста бошад, аввалу охири Ҷаҳонро пайдо карда наметавонад. Худоҳои сохта ва бофтаи мо – одамони рӯи Замин ба ин фантазия ва хаёли бемори худ зарфияти онро надоранд, ки ин «Баҳри вуҷуд»-ро дар «Кӯзаи танг»-и дини худ ғунҷоиш диҳанд. Ин аст ки Ҷаҳон ба як ҷаҳонбинии нав барои имрӯз ва ояндаи худ ниёз дорад. Ҷаҳонбиние, ки ифодагари эҳтиёҷоти воқеии Инсони муосир бошад.

## 13. Оё инсон озод аст?

– Инсон фитратан озод аст. Чароки ақл дорад. Ақли инсонро касе ва чизе маҳдуд карда наметавонад. Ин озодии мутлақ ба андеша ва фикри Инсон дахл дорад. Аммо ҷисми Инсон маҳдуд аст. Маҳдуд ба зистшиносӣ (биология) ва таърих. Аз назари биологӣ осебпазир ва нотавон аст. Аз назари таърихӣ бошад, маҳдуд. Чунки тобеи давру замони муайян аст. Маҷбур аст, ки ба қонуну қоидаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғайра итоат кунад. Ин маҳдудиятҳо нисбиянд. Шахс ба хотири ҳифзи зистӣ ва иҷтимоии худ ин қонунҳоро риоя мекунад. Вале фикран озод аст. Метавонад нақшаи зиндагии беҳтарро рӯи коғаз биёрад. Метавонад ин нақшаро дар шакли дин, фалсафа, шеър ва ё тасвир пешкаши ҳамзамонон намояд. Ин аст ки мо мегӯем: Инсони эҷодкор ҳамеша озод аст. Озодии мутлақ асосан маъное надорад. Ҷаҳон ҳам дар кори мушаххаси худ озод нест. Аз таҳаввулу хосиятҳои

физикӣ ва кимиёии элементҳо вобаста аст. Дар сурате ки худи Ҷаҳон чи будани озодӣ ва ҷабр (тақдир) - ро намедонад. Чароки ақлу хирад надорад. Инсон бар хилофи Ҷаҳон ақлу хирад дорад. Худро мешиносад. Ҷаҳонро дарк мекунад. Аз қонунҳои механикии Ҷаҳон ранҷ мебарад. Ин қонунҳо бар хилофи ақлу андешаи Инсон амал мекунанд. Ин аст ки Инсон қонунҳои Ҷаҳонро омӯхта, зиндагии худро бо он қонунҳои механикӣ созиш медиҳад. Мисол: гардиши Офтоб, Моҳтоб ва Замин; ё ин ки гардиши фаслҳои сол: зимистон, баҳор, тобистон, тирамоҳ ва ғайра. Озодии андеша ва эҷодкорӣ ба озодии Инсон маъно мебахшад. Бо Ҷаҳони Бузург ҳам мухолифат ва ҳам ҳамкорӣ менамояд. Майдони ин ҳамкорӣ фарох ва густурда аст. Ҳама гуна озодӣ барои Инсон дар робитаҳои созанда арзишманданд. Чун Инсон ҳам ба мисли Кайҳон ҳамеша дар ҳаракат ва таҳаввули бардавом аст.

## 14. Оё дин оянда дорад?

– Не, дин оянда надорад. Чароки як умед ва орзуи бепоя аст. Кадом як Худои мавҳуме инсонҳоро баъди марги ҷисмониашон аз нав зинда мекардааст. Орзуи зинда шудан ва ба абадият расидан андешаи созанда ва воқеӣ аст. Аммо роҳи амалисозии ин орзу ба воситаи дин хато ва ботил аст. Инсонро илм зинда мекунад, на дин. Роҳи пешниҳодкардаи дин роҳи хаёлӣ ва хурофотӣ аст. Дар ин 10 ҳазор соли фарҳанги башарӣ, ҳеҷ як аз ин чаҳор ҳазор дин натавонист пашшаеро зинда кунад. Ва ҳоло ҳам наметавонад. Дин бо умеду орзуҳои ҳақиқӣ ва воқеии инсонҳо ҳуққабозӣ мекунад. Инсонҳои умедворро мефиребад. Аз роҳҳои ҳали воқеии ин масъала инсонҳоро ба дур меандозад. Пас, ояндаи дин чунин хоҳад шуд: Баъди ғалабаи ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) қавму миллатҳои ҷаҳон ба озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ғайра мерасанд. Ҳар миллат дар оянда ба дини аҷдодии худ бармегардад. Дин баъди ҷаҳонишавӣ симои фарҳангӣ ба худ мегирад. Таассуботи динӣ ва мазҳабӣ аз байн меравand. Таърихи дин ба таърихи фарҳанги миллатҳо мубаддал мегардад. Таърихи дин ва фарҳанг, дар навбати худ, мавриди омӯзиши илми инсоншиносӣ (антропология) қарор мегирад. Илми антропология

дар оянда бо илми зистшиносӣ ҳамкории танготангро барқарор менамояд. Ин силсилаи таҳаввулоти илму фарҳанг ба хотири он анҷом меёбад, ки барои аз нав зинда кардани инсонҳо ва мушаххас намудани шахсияти онҳо ёрӣ расонад. Дар ин раванд дин ҳам яке аз ҳалқаҳои асосии ин силсиларо ташкил медиҳад. Баъди ба абадият расидани Инсон аз назари ҷисмӣ ва фикрӣ, барои дин дар ҷомеа мақоме боқӣ намемонад.

**15. Оё ҷон вуҷуд дорад?**

– Не, ҷон вуҷуд надорад. Балки мафҳуми ҷон барои ифодаи функсияҳои физиологии ҷисми инсон истифода мешавад. Дар фарҳанги сомӣ ҷонро «нафс» мегӯянд. Мо ҳам дар китобҳои гузаштаамон онро бо истилоҳи «нафс» ном мебурдем. Як китоби муҳими фалсафии Ибни Сино (980 - 1037) «Наҷоти нафс» ном дорад. Китоби дигарашро «Шифои нафс» номидааст. Дин ва фалсафаи гузашта «нафс» - ро ҷовидонӣ ҳисоб мекарданд. Ба ин сабаб ки гӯё ҷон ва ё нафси мо одамон порае аз нафси Худо будааст. Худо аз Осмон ба воситаи фариштае ин нафсро дар бадани Инсон ҷойгир кардааст. Барои ҳамин ҳам, дар ҳамаи динҳо мегӯянд, ки баъди марги инсон ҷисмаш нест мешавад, вале нафсаш боз ба назди Парвардигор бармегардад. Чун худи Парвардигор абадӣ аст, ба баракати рӯҳи худоӣ рӯҳ ва нафси инсонӣ ҳам ҷовидонӣ гаштааст. Ин аст хулосаи абадияти ҷон, нафс ва рӯҳи Инсон аз нигоҳи дин. Ин се калима бо ҳам муродиф ва ҳаммаъно мебошанд. Истилоҳи «ҷон» ба таври расмӣ 10 ҳазор сол пеш дар аввалин эътиқодот ва диёноти башарӣ сабт гардида буд. Аз он замон то имрӯз бо шаклу намудҳои гуногун дар ҳамаи динҳо ва фалсафаҳои миллатҳои гуногун дучор меояд. Ҳамин ки илм ҷисми инсонро аз мурдан наҷот дод, мо ҳам аз истилоҳи «ҷон», «нафс» ва «рӯҳ» наҷот меёбем. Ҷон то имрӯз кафили абадияти шахсияти мо аст. Ва ҳоло ҳам барои навад дарсади мардуми олам кафили абадияти шахсияти ҷисмонӣ ва рӯҳонии онҳо мебошад. Илми физиология, ки вазифаҳои аъзои бадани инсонро меомӯзад, истилоҳеро бо номи «ҷон», «нафс» ва «рӯҳ» қабул надорад ва эътироф намекунад.

## 16. Оё барои Инсон болотар аз марг мушкилоти дигаре вуҷуд дорад?

– Ҷавоб: Бале, вуҷуд дорад. Боз ҳам марг! Чӣ тавр? Ба ин маъно ки кураи Замини моро ҷирмҳои бузурге иҳота кардаанд, ки мо, инсонҳо дар вақти ҳозир қодир нестем, ки гардишу ҳаракати он ҷирмҳои даҳшатноки осмонӣ (кайҳонӣ) - ро зери назорати худ бигирем. Бо барҳам задани марг дар Замин боз ин мушкилӣ пеш меояд, ки мабодо сайёра ва ё ситораи бузурге бо Замини мо бархурад ва тамоми инсониятро якуякбора несту нобуд намояд! Ин мушкилӣ шояд эҳтимолӣ бошад, вале воқеӣ аст. Мо набояд худро фиреб диҳем. Мешавад умед кард, ки дарояндаҳои начандон дур ин мушкилӣ ҳам роҳи ҳали худро меёбад. Чӣ тавр? Ба ин тарз ки илми инсонӣ ба мақоме мерасад, ки аз низоми ҳаракати Галаситора (галактика)-и мо – Каҳкашон огоҳии дақиқ пайдо намуда, дар сурати таҳдиди воқеии ин хатар мо ба сайёраҳои дигар кӯч мебандем. Шояд ба таври абадӣ муҳоҷири кайҳонӣ боқӣ монем.

## 17. Рисолати рӯшанфикрон чист?

– Дар ҳамаи давру замонҳои таърихи гузашта рӯшанфикрони ҳақиқӣ ва асил виҷдони қавму миллати худ буданд. Ҷаҳонбинии ин озодандешон ҳамеша як ҷаҳонбинии илмӣ ва ғайримаъмулӣ (алтернативӣ) буда, ба муқобили хурофоти авомонаи ҷомеа нигаронида шудааст. Рӯшанфикр дар ҷомеаи худ ҳамеша танҳост. Вале ба хотири манфиати ҳамаи мардум ҷаҳду талош менамояд. Мардум ба ӯ рӯйи хуш нишон намедиҳанд. Чунки равшанфикр бо андешаҳои бедоркунандаи худ «хоби ширин»-и мардуми ғофилро парешон мекунад. Дар воқеъ, зиндагии маъмулии одамӣ ниёз ба огоҳӣ дорад. Чароки моро дар ин саҳрои нопайдоканори Олами вуҷуд хатарҳо ва мусибатҳои даҳшатбори эҳтимолие иҳота кардаанд. Рӯшанфикрон он фардҳои ҷомеаи худ мебошанд, ки аз вуҷуди ин хатарҳо огоҳӣ пайдо намудаанд. Онҳо аз рӯи масъулияти таърихӣ ва виҷдонии худ маҷбуранд, ки барои огоҳ намудани мардум садо баланд кунанд. Ва чунин ҳам кардаанд. Аммо касоне, ки ба хурофоти авом созиш ва муросо мекунанд, озодандешони ҳақиқӣ нестанд. Онҳо озодандешони дурӯғин,

сохта, замонасоз, фурсатталаб, шуҳратпараст, мансабталош ва гирифтори бемории равонии худбузургбинӣ (мания величия) мебошанд. Ин рӯшанфикрони дурӯғин аз роҳи реформа ва ислоҳоти қалбакии дин ва сиёсат барои мардум хизмати хирсона намуда, умри дину хурофот ва истибдодро боз ҳам дарозтар мекунанд ва бар мушкилоти ҷомеаи башарӣ боз мушкилоти нав ба нав илова менамоянд. Ин аст ки мо бояд ҳамеша ба суханон ва навиштаҳои рӯшанфикрони асил ва ростин таваҷҷуҳ дошта бошем.

### 18. Оё марг ва мурданро барҳам задан имкон дорад?

– Ҷавоб: Бале, имкон дорад. Бо ин шарҳ: Ҳамаи мардум аз вуҷуди марг ва мурдан ранҷ мебаранд. Пеш аз ҳама, рӯшанфикроне аз қабили Гераклит (535-475 то мелод), Демокрит (460-370 то мелод), Эпикур (341-269 то мелод), Лукретсий (99-55 то мелод), Ибни Ровандӣ (827-911 мелодӣ), Закариёи Розӣ (865-925 мелодӣ), Ибни Сино (980-1037 мелодӣ), Умари Хайём (1048-1131 мелодӣ), Нитше (1844-1900 мелодӣ), Фёдоров (1829-1903 мелодӣ), Достоевский (1821-1881 мелодӣ), Сартр (1905-1980 мелодӣ), Камю (1913-1960 мелодӣ), Муҳаммад Иқбол (1877-1938 мелодӣ), Содиқ Ҳидоят (1903-1951 мелодӣ), Шуҷоуддини Шифо (1918-2010 мелодӣ), Масъуд Ансорӣ, Садриддин Айнӣ (1878-1954 мелодӣ), Лоиқ Шералӣ (1941-2000), Тоҳири Абдуҷаббор (1946-2009 мелодӣ) ва бисёр дигарон. Масъала маълум ва ошност. Чӣ тавр бояд мардумро аз маргу мурдан наҷот дод? Вале ҳама аз ин мавзӯъ метарсанд. Садо баланд намекунанд. Ва сукут ихтиёр менамоянд.

Ва боз, пеш аз ҳама, худи рӯшанфикрон аз баҳс сари ин мавзӯъ дар ҳаросанд. Чун роҳи ҳали илмии ин масъаларо намедонанд. Дар сурате ки мардум ба ин масъала парвое надоранд. Гӯё ин муамморо кайҳо ҳал кардаанд. Бо ин бовар ва эътиқод, ки онҳо (мардум) бо Худои худ аҳду паймон бастаанд, ки дар ивази тоату ибодат, аз қабили намозу рӯза ва ҳаҷ, ба ҷовидонагӣ ва умри абад мерасанд. Вале илму дониши башарӣ ба рӯшанфикрон иҷозат намедиҳад, ки онҳо низ аз пайи мардуми авом бираванд. Пушт ба Офтоб карданро ақлу мантиқ қабул надорад. Ба ҳақиқатҳои зиндагӣ бояд ба чашми бедор нигарист.

Рӯшанфикрони қадим, асрҳои миёна ва ҷаҳони муосир (Лукретсий, Фёдоров ва Камю) нисбат ба маргу мурдани инсон аз мавқеи илму дониш нигоҳ мекарданд. Яъне мухолиф ва муқобил

ба ақидаҳои хурофотии мардуми авом буданд. Онҳо даъват мекарданд, ки мушкилоти маргу мурданро бо ёрии илму дониш ҳал кунанд, на аз рӯйи фармоишҳои дину мазҳаб. Навтарин китобҳои илмӣ дар мавзӯи абадият ва ҷовидонагии Инсон «Фалсафаи марг»-и Сергей Рязансев (соли 1994) ва маҷмӯаи 18 олими соҳаҳои гуногун бо номи «Пирӯзии илм бар марг» (соли 2004) мебошанд. Маҷмӯаи «Пирӯзии илм бар марг» аз тарафи Институти Ҷовидонагӣ дар Буенос Айрес нашр шуда, имкониятҳои биологӣ, генетикӣ, ҳамсонасозӣ, наномедитсинаро барои барҳам додани марг нишон медиҳад. Ҳамчунин, дар маҷмӯа ҷиҳатҳои ахлоқӣ, афзоиши аҳолӣ ва дигар мушкилоти вобаста ба ҷовидонагии ҷисми инсон баррасӣ мегарданд.

Китоби Сергей Рязансев – «Фалсафаи марг» дар Петербург чоп шудааст. Дар боби 21-уми ин китоб зери сарлавҳаи «Дар ҷустуҷӯи иксири ҷовидонагӣ» («В поисках эликсира бессмертия») аз 24 (бисту чор) роҳу равиши навин барои расидан ба абадияти ҷисмонӣ ва рӯҳонии Инсон сухбат мекунад.

Хулосаи китобро бо чанд ҷумла метавон гуфт, ки илми муосир дар арафаи ҳали масъалаҳои ҷовидонагии ҷисм ва фикри инсон қарор дорад:

Дар даврони фиръавнҳои Миср мардум бар ин ақида буданд, ки рӯҳ ҷовидонӣ аст, вале бадан миранда ва нобудшаванда мебошад. Барои ҳали ин мушкилӣ, файласуфон ва табибони мисрӣ доруи мумиёро кашф карданд. Лабораторияи табибон дар шимолии Миср, дар минтақаи Омониум қарор дошт. Калимаи «мумиё» шакли таҳрифшудаи номи ҳамин ноҳияи «Омониум» мебошад. Мумиёро барои аз нобудӣ нигоҳ доштани бадани Инсон ихтироъ карда буданд. Вале мо дар асри XXI – асри техника ва фановарӣ, ин имкониятро дорем, ки бадани инсонро айнан бо тамоми ҷузъиёташ такрор намоем. Роҳи ҳали масъалаи ҷисмониро пайдо намудем. Акнун мо ба мушкилии дигар рӯ ба рӯ гардидаем. Чӣ гуна ақлу хиради ҳамин як фарди мушаххасро, ки ҷисмаш сад дар сад ҷисми пешинааш аст, дар бадани нав барқарор намоем? Яъне, мушкилии барқарор намудани шахсияти маънавӣ ва ахлоқии инсон дар ҷисми нав. Мо аз роҳи муҳандисии генетикӣ (генная инжинерия) ҷисм ва бадани Инсонро метавонем бо усули лабораторӣ аз нав такрор намоем. Зеро ҳар як ҳуҷайраи

ҷисми зинда дар ядрои худ (ҳастаи ҳуҷайра) ҳамаи ахбор (информатсия)-и генетикиро ҳифз ва нигоҳ медорад. Барои мисол, илми муосир метавонад аз инсони навадсола ҳастаи ҳуҷайраашро гирифта, дар ҳуҷайраи нави беядро парвариш диҳад. Ва баъди гузаштани муддате аз вақт нусхаи Инсони мушаххасро ба вуҷуд биоварад.

Аз марги фиръавнҳо – шоҳони Миср, чаҳор ҳазор сол мегузарад. Ҷисми 17-тои он фиръавнҳо дар музеи шаҳри Қоҳира нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҷисми се нафари онҳо як порча пӯсти баногӯшашон то ҳануз боқист. Мешавад аз ин пӯсти боқимонда ядроашро ҷудо карда, дар ҳуҷайраи нав парвариш кард. Аз ин тариқ ҷисми он фиръавнро пайдо мекунем. Барои мисол ҷисми фиръавни Тутанхамонро.

Ба андешаи олимони муосир, мешавад 20 - 40 нусхаи айнии Тутанхамонро аз ин роҳ ба вуҷуд овард. Мушкилӣ дар ин шакл боқӣ мемонад, ки ин Тутанхамонҳо худашонро намешиносанд. Дар сурате ки бадан ҳамон бадани пешина аст, вале ақлу тамиз ва ахлоқи пешинаашро аз куҷо пайдо кунем? Ҷавоби ин саволро имрӯзҳо фарзияи донишманди машҳури рус П.К. Анохин (1898 - 1974) медиҳад.

Ба ақидаи ин олим дар нусхаҳои нави бадани Тутанхамон ҷаҳони маънавии ӯ – ақл, хирад, характер, одоб, ахлоқ ва ғайра ба таври ирсӣ -генетикӣ нигоҳ дошта шудааст. Бо гузашти андаке замон ва кӯмакҳои тиббӣ-психологӣ оқибат Тутанхамон худро мешиносад. Ин аст ки ба ақидаи муҳаққиқони ин соҳа масъалаи маргу мурдан ҳал мешавад ва дигар касе аз мурдан наметарсад.

Мо мегӯем, ки вазифаи рӯшанфикрон аз он иборат аст, ки мардуми ҷаҳонро ба қабули зиндагии ҷовидонӣ омода кунанд. Ба ҳалли ин масъала мушкилии ҳамаи инсоният ҳалли ниҳоии худро меёбад, ки Ибни Сино дар як рубоияш гуфтааст:

*...Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал!*

## 19. Оёояндаи ҷомеа пешгӯишаванда аст?

– Ҷавоб: Бале, пешгӯишаванда аст.

– Ба шарофати ақл, ки аз санҷиши таҷрибаи таърихии башарӣ гузаштааст, мо метавонемояндаи худамонро пешбинӣ ва пешгӯйӣ намоем. Ақл барои мо собит намудааст, ки мо, одамон, аз ҷангал баромадем ва баъдҳо ба ҷомеа расидем. Дарвин пайғомбари ҷангал буд. Маркс – пайғомбари ҷомеа. Дар оянда ба ҷойи

Дарвин ва Маркс файласуфон, равоншиносон ва ҷомеашиносон сарнавишти ояндаи инсониятро пешбинӣ хоҳанд кард.

– Пайғомбарони гузашта ва ҳозира ҳама хаёлпарастони хурофотӣ буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд. Дар ҷомеаҳои ояндаи башарӣ мақоме нахоҳанд дошт. Онҳо байни худ ва сояи худ фарқ гузошта натавонистанд. Аз сояи худ метарсиданд. Сояи худро Худо меҳисобиданд. Ба ин маънӣ ки худношинос ва бегонапараст буданд. Ҳамеша аз ин сояи худ, аз нодонӣ ва худбохтагии худ, тарсу ваҳшат доштанд. Аз ноилоҷӣ ин сояро мепарастиданд ва ибодат менамуданд. Ин соя ҳамеша онҳоро таҳдид ва таъқиб мекард.

Вақте донистанд, ки ин Худо сояи худи худашон аст, онро тарк намуда, ба худпарастӣ шурӯъ карданд. Оқибат худро Худо эълон карданд. Чун Намруд ва Фиръавн.

Аз худпарастӣ ҳам ба ҷойе нарасиданд. Ҳоло дар вазъу ҳолати бунбастӣ қарор доранд. Ҳақиқат ин аст, ки Инсон на Худо аст ва на Фиръавн. Балки як мавҷуди заминӣ аст, ки роҳи дуру дарозеро дар пеши рӯ дорад. Роҳи зиндагии огоҳона дар ин Олами вуҷуд. Роҳнамои ростини ӯ танҳо ақл асту бас! Дар асри XXI ба ақл рӯй овардан ва ба он такя кардан аз рӯйи муболиға нест. Ин як воқеияти ҳамагонии ҷаҳони муосир аст.

– Дар асри XXI ҳиллаву найрангҳои мафияи ҷаҳонӣ ошкор мешаванд ва ҷараёни таърихи башар ба ҳолати табиии худ бозмегардад. Кори ҷаҳон ва ҷаҳониён дорои низоми илмӣ ва воқеӣ мешавад. Ба ин чанд далел:

– Дастрасии ахбор ба оммаҳои бисёрмиллионаи олам аз роҳи интернет. Ин дастоварди илмӣ ва техникӣ маълумоти маҳрамона ва махфии бойгониҳоро беарзиш хоҳад кард. Мардуми ом дар сатҳи ҷаҳон ба худогоҳии сиёсӣ хоҳанд расид. Нақши сиёсии илм ва олимон афзуда хоҳад гашт.

– Як маъракаи тӯлонии фошкунии сиёсатҳои ғаразноки худӣ ва бегона дар замонҳои гузашта ва ҳозира оғоз хоҳад ёфт. Як навъ ошкорбаёнии сиёсӣ ба хотири солим сохтани фазои ҳамдигарфаҳмии ҷаҳонӣ баргузор хоҳад гардид.

– Ҳукумати ягонаи ҷаҳонӣ ба хотири ҳарчи зудтар бартараф намудани мушкилоти демографӣ (афзоиши аҳолӣ) ва

барномарезии илмӣ барои кӯчидан ба сайёраҳои дигар созмон дода мешавад.
– Рӯй овардан ба муколамаи мусолиматомези фарҳангҳо дар партави ғояи дифоъ ва ҳимояти Ҳаёт дар сайёраи Замин, тақозои зиндагӣ ва замон мегардад.

## 20. Ояндаи ҷаҳонишавӣ чист?

– Ҷаҳонишавӣ дар шакли имрӯзааш як сиёсати истеъморӣ ва таҳмилӣ аст, ки аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ пиёда гардидааст. Халқҳои имрӯзаи ҷаҳон ин сиёсатро қабул накардаанд. Балки ба муқобили он ба мухолифат бархостанд. Чароки ин сиёсат ҳатто маънавиёт ва арзишҳои таърихӣ, миллӣ, сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии қавму миллатҳои дигарро ба сатҳи молу колои дараҷаи сеюму чаҳорум фароварда буд. Дар сурате ки арзишҳои худи ин ҳукуматҳои абарқудрат аз сатҳи сеюму чаҳорум ҳам поёнтар буданд. Татбиқи амалии ин арзишҳоро инсоният дар асри XX дар шакли натсизм, фашизм ва терроризм аз сар гузаронида буд.

Ин абарқудратҳо дигар ҳуқуқи маънавӣ ва ахлоқӣ надоранд, ки дар асри XXI ҳам аз арзишҳои пешина ва нави худ намояндагӣ кунанд. Чун ҷаҳон онҳоро хуб мешиносад. Мисолаш Ҷанги Дуюми Ҷаҳон аст, ки дар он 55 милион Инсон ба ҳалокат расид.

## 21. Нававарӣ дар фаъолияти рӯшанфикр, олим, адиб ва сиёсатмадор дар оянда аз чӣ иборат хоҳад буд?

– Ҷавоб: Чун қоида нававарӣ ҳамеша иборат аз ҷаҳонбинии нав аст. Илм, адабиёт ва сиёсат аз ҳисоби ин ҷаҳонбинии нав муҳтавои худро нав ва рангоранг мегардониданд. Мисол:
– Фарҳанги ориёӣ дар симои Ҷамшеди пешдодӣ, ки тақрибан 8 ҳазор сол пеш аз замони мо зистааст, аз Инсони озод, хирадманд, соҳибназар, парастандаи Замин ва Ҳаёт ҳимоят кард. Он замон барои амалӣ шудани ин ғояҳо муносиб ва созгор набуд. Қудратҳои ҷангалӣ ва харобкор ба неруҳои созандаи инсонӣ ғалаба карда буданд. Барои ҷуброни ин шикаст Зардушт[1] чун

---

[1] Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо, Зардушт VI ҳазор сол пеш аз мелод зиндагӣ кардааст ва дар ин давра «Готҳо»-ро таълиф кардааст. Сарчашмаҳои дигар давраи зиндагии ин паёмбари орониро ба асрҳои XXI- XVIII то мелод, ба давраи ислоҳоти динҳои маздаяснӣ баробар медонанд.

паёмбар ба миён омад. Зардушт нақшаҳои заминии Ҷамшедро ба Осмон кӯчонд. Хост, ки ба ёрӣ ва кӯмаки қувваҳои илоҳӣ ва ғайриинсонӣ он идеяҳо ва ғояҳои заминии ҷамшедиро амалӣ намояд. Вале натавонист. Аз ин гузашта, нақшаҳо ва ғояҳои Ҷамшедро таҳриф кард. Дар ҳақи Ҷамшед суханҳои носазо гуфт. Ин гуфторҳои Зардушт дар китоби «Авесто» зикр шудаанд.

Инқилоби динии Зардушт ҳам шикаст хурд. Зеро ба талаботи зиндагӣ ва замон тоб наовард. Таассуби динӣ нисбат ба илм, мухолифати меҳробу минбар, зиддияти диндорон ва сиёсатмадорон ва ҷудоии табақотии ҷомеаи зардуштӣ дини ин паёмбарро ба бунбаст кашонид. Оқибат биёбонгардоне аз Арабистон ин империя ва идеологияи тоталитарии пӯсидаро аз байн бурданд.

Аз ин гузашта Зардушт барои мардуми зиндагидӯсти ориёӣ истилоҳот ва мафҳумҳои хурофотӣ овард: Дӯзах, Биҳишт, Пули Чинвот (Сирот), Аъроф, Малоика, Растохез, Аҳурамаздо, Аҳриман… Бо ин андешаи дуалистии динӣ ва хурофотии худ ваҳдат ва ягонагии зиндагии инсониро дар Замин халалдор намуд. Адабиёт ва фарҳанги ориёиро ба ин мавзӯъҳои бебунёд андармон кард. Мавзӯъҳои хушки динӣ ва хурофотӣ. Кӯшишҳои баъдинаи эҳёи зардуштӣ натиҷае надод.

Дар асри XXI қавмҳои ориёӣ ва ғайриориёиро зарур аст, ки ба асли хеш, ба идеяҳо ва ғояҳои инсонпарваронаи Ҷамшед, баргарданд. «Бозгашт ба асли хеш» барои мо маҳз ҳамин бозгашт ба идеология ва фарҳанги ҷамшедиро дар назар дорад. Асосҳои ин ғоя дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (940-1020) дар боби «Подшоҳии Ҷамшед» омадааст. Равшанфикрони эронӣ, ки берун аз Эрон иқомат доранд, соли 2000-и мелодӣ ин «бозгашт»-ро дар шакли «мубориза ба муқобили хурофот» оғоз намуданд. Нашрияе, ки ин ғояҳоро тарғиб мекунад, «Бедорӣ» ном дорад.

– Дар оянда барои рӯшанфикр, олим, адиб ва роҳбари сиёсӣ салоҳи кор дар он аст, ки бо ҳам ҳамкории самимӣ ва содиқона дошта бошанд. Ба ин сабабҳо:

– Рӯшанфикр ба пуштибонии олимон, адибон ва роҳбарони сиёсӣ ниёз дорад. Чароки ҳамаи онҳо ҳадафи муштарак доранд. Ин ҳадаф ободии ҷомеаи башарӣ аст.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

– Рӯшанфикри асри XX дар бунбасти сиёсӣ ва динӣ қарор дошт. Рӯҳониён ва сиёсатмадорон бар ӯ фишор ворид мекарданд. Дар пушти ин рӯҳониён ва сиёсатмадорон мардуми ноогоҳ, бесавод ва хурофотӣ қарор доштанд.

Рӯҳониён ва сиёсатмадорон, лидерҳо, роҳбарони мардуми бесаводанд. Мардум шабеҳи як сел ва тӯфони бебанду бор аст. Идорашаванда нест. Чаро ки аз воқеияти зиндагии худ ва дигарон тасаввури дақиқ ва воқеӣ надоранд. Бо категорияҳо ва мафҳумҳои хурофотӣ ва хаёлпарастона фикр мекунанд. Аз фаҳмиши илмӣ ва воқеии ҳодисаҳо фарсангҳо дуранд. Сухани ҷиддӣ ва илмиро қабул карда наметавонанд. Ба хотири ваъдаҳои кӯдакона дилу димоғи худро хуш нигоҳ медоранд. Ин ваъдаҳоро ба авом рӯҳониён ва сиёсатмадорон медиҳанд. Чароки аз нигоҳи равоншиносӣ (психологӣ) ҳам рӯҳонӣ ва ҳам сиёсатмадор шахсиятҳои худпараст ва ҳангоматалаб мебошанд. Унсурҳои асосии андешаи онҳоро хаёл, орзу, шуҳрат, худнамоӣ, бузургманишӣ ва дигар баландпарвозиҳои бепоя ташкил медиҳанд. Ин аст ки рӯҳониҳо ва сиёсатмадорон дар таърих ҳамеша (ва ҳоло ҳам) ба рӯшанфикр, олим, адиб ва ҳунарманд муносибати содиқона ва ростин надоштаанд. Дар натиҷа, ҳар ҷомеае дар таърих ба ду қутб ҷудо шуда буд: Якум, авом бо сарварии рӯҳонӣ ва сиёсатмадор; дувум, фарҳангиён бо сарварии файласуфон, олимон, адибон, ҳунармандон ва дигар шахсиятҳои худогоҳи ҷомеа.

– Дар асри XXI бояд ин гурӯҳбандӣ барҳам дода шавад. Набояд ҷомеаро аз рӯи ақидаҳои хурофотии рӯҳониён ва нақшаҳои моҷароҷӯёнаи сиёсатмадорон ба танзим даровард. Балки роҳи дуруст ва илмӣ бояд пеш гирем, яъне ҷомеаи асри XXI-ро аз рӯи барномаҳои муштараки файласуфон, равоншиносон (психологҳо) ва ҷомеашиносон сомон бахшем.

– Таърих гувоҳ аст, ки рӯҳониён ва сиёсатмадорон аз гумроҳӣ ва нодонии мардуми авом сахт сӯистифода намудаанд. Бо дастгирӣ ва дахолати ин мардуми ноогоҳ, беҳтарин намояндаҳои содиқи илму донишро ба нобудӣ маҳкум намудаанд. Рӯҳониён ва сиёсатмадорон ду гурӯҳи иҷтимоии бесамар ва безурётанд. Ҳарчанд ки зоҳиран зарурӣ менамоянд, барои ҷомеа чизе «истеҳсол» намекунанд. Асли масъала ин аст, ки ин ду гурӯҳи иҷтимоӣ бо сеҳру ҷодуи қудрат, ҳокимият, сарват, шуҳрати сатҳӣ ва муфт ба доми худфиребӣ афтодаанд. Ин орзу ва сеҳру ҷодуи

қудрат аст, ки харгуш ва рӯбоҳ хобҳои «шерона» мебинанд. Бо шикасти идеологияи истибдодӣ ва тоталитарӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, ин ду гурӯҳ ҳам батадриҷ ҷойгоҳи лоиқ ва сазовори худро соҳиб мешаванд. Идея ва ғояи қудратталабӣ аз боқимондаҳои зиндагонии аҷдоди ҷангалии мост. Бисёре аз осори он дар вуҷуди наслҳои имрӯза ҳам боқист. Муаррихи машҳури англис Арнолд Тойнбӣ (1889 - 1975) мегӯяд, ки мутамаддинтарин инсони Аврупои имрӯза дар чеҳраи худ 9 (нӯҳ) ниқоб дорад. Агар ин нӯҳ ниқобро аз рӯи ӯ бардорем, чеҳраи шимпанзе ва ё орангутанро хоҳем дид! Рӯҳонӣ фирефтаи қудрати мутлақи Худои худ асту сиёсатмадор мағрур аз пуштибонии мардуми нодон ва хушомадҳои дарбориён!

Оё равшантар аз ин мешавад ин масъалаи печида ва мураккабро бозгӯ намуд?

– Таълими илму дониш дар асри XXI тавре мешавад, ки ҳамаи табақаҳо, гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеаро дар сатҳи ҷаҳон фаро мегирад. Бо расидани огоҳӣ ба доираҳои васеи мардум, рӯҳи худшиносии онҳо бедор мешавад ва дар таъйини сарнавишти худ ва ҷомеаи худ роҳро аз чоҳ фарқ мекунанд. Он гоҳ аст, ки метавон гуфт: Инсоният бо ҳамаи қавму миллатҳо ва гурӯҳҳои мухталифи худ бо ҳадафи муштарак ва ягонаи зиндагисоз ба сӯйиояндаи дурахшон раҳсипор мегардад.

## 22. Сарчашмаҳо:


1. *Фёдоров Николай.* Философия общего дела (в 2 томах). Москва: Издательство АСТ, 2003.
2. *Рязанцев Сергей.* Философия смерти. Санкт-Петербург: СПИКС, 1994.
3. *Ошо Раджниш.* Бог умер. Москва: «Нирвана», 1998.
4. *Раймонд Муди и другие.* Жизнь после смерти. Душанбе: МГП «Тоҷиккалам», 1993.
5. *Корлисс Ламонт.* Иллюзия бессмертия. Москва: Издательство политической литературы, 1984.
6. *Бертранд Рассел.* Ҷаҳонбинии илмӣ (тарҷумаи Ҳасан Мансур). Теҳрон: Чопи Огоҳ, 1999.

7. *Альберт Эйнштейн.* Дунёе, ки ман мебинам (тарҷумаи форсӣ). Теҳрон: Пирӯз, 1960.
8. *Луис Унтермайер.* Офаринандагони ҷаҳони нав. Теҳрон: Нашри Марказ, 1998.
9. *Фридрих Нитше.* Чунин гуфт Зардушт. Китобе барои ҳама кас ва ҳеҷ кас (тарҷумаи Дориюши Ошурӣ). Теҳрон, 1996.
10. *Альбер Камю.* Афсонаи Сизиф. Теҳрон: Нашри Дунёи нав, 1382 (2003).
11. *Абулқосим Фирдавсӣ.* Шоҳнома (бо кӯшиши Ҷон Мул). Теҳрон, 1345 (1966).
12. *Мигел де Унамуно.* Дарди ҷовидонагӣ (сиришти сӯгноки зиндагӣ) (тарҷумаи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ). Теҳрон: Ноҳид, 1388 (2009).
13. *Доктор Юсуф Қарзовӣ.* Нақши имон дар зиндагӣ (асли арабии он: «Ал-имону ва-л-ҳаёт») (тарҷумаи Фарзона Ғаффорӣ ва Муҳсин Носирӣ). Теҳрон: Нашри Эҳсон, 1385 (2006).
14. *Доктор Мустафо Маҳмуд.* Гуфтугӯе миёни ман ва дӯсти мулҳидам (асли арабии он: «Ҳиворун маъа садиқий ал-мулҳид»). Ал - Қоҳира: Дор-ул-қалам, 1964.
15. *Маҳмуд Ошур.* Ҳаёти мо баъд аз марг (асли арабии он: «Ҳаётуно баъда-л-мавт»). Ал-Қоҳира: Дорулқалам, 1985.
16. *Институти Ҷовидонагӣ.* Пирӯзии илмӣ бар марг: Тадқиқот дар бораи зиндагии ҷовидона (асли англисии он: «The Immortality Institute. The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans»). Буэнос-Айрес (Аргентина), ЛибросЕнРед, 2004.
17. Бедорӣ (Конуни фарҳангии хурофазудоӣ) – www.bidari.org

**Номвар ҚУРБОН**

# «ҶАҲОНИ АНДЕША» - МАҲФИЛИ ФАЛСАФӢ

Аз таърихи тамаддун ва маданияти умумибашарӣ маълум аст, ки ҳанӯз ҳазорсолаҳои пеш аз милод мактабу маҳфил ва равияву ҷараёнҳои динию мазҳабӣ, маърифатию фарҳангӣ ва илмию фалсафӣ арзи вуҷуд карда буданд. Дар фалсафаи Юнони антиқа мактабҳои милетӣ, пифагориён, равоқиён, киникиҳо, софистҳо, Магар, академияи Афлотун, литсейи Арасту ва ғайра аз ҷумлаи чунин ҷараёну равияҳои илмию фалсафӣ буданд. Марҳилаҳои асосии инкишофи фалсафаи Чини қадимро низ маҳз ҳамин гуна мактабу маҳфилҳо (дақиқтараш равияҳои даосизм, конфутсизм, легизм, моизм) ташкил додаанд. Барои пешрафти илм ва фалсафа дар Ҳинди қадим низ макотиби фалсафии (даршан), чун йога, веданта, вайтешина, нияя, санкхя ва миманса саҳми арзанда гузоштанд. Дар инкишоф ва ташаккули фалсафаи классикии тоҷик ҳам мактабҳои бонуфузи фалсафӣ ва фалсафию мазҳабӣ - даҳрия, зурвония, асҳоби ҳаюло, машшоия, калом, тасаввуф, исмоилия, ихвон-ус-сафо, ҳикмати ишроқ, ҳикмати мутаолия ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд.

Дар ҳар давру замон гуногунандешию назароти мухталифи одамон ҷомеаи хешро ба пеш мебарад, зеро ҷамъиятро фаъолияти одамон ба вуҷуд меорад. Агар дар ҷамъият ҳар қадар фикру ақида ва андешаю назароти хилофи ҳамдигар ҷой дошта бошанд, он ҷомеа ҳамавақт ҷамъияти созанда ва пешрафта мебошад. Дар замони муосир ҳамин назароти ҳархелаи инсонҳо фаҳмиши онҳоро доир ба ҷамъият дигаргун сохтааст. Фикру ақоиди ихтилофдоштаи одамони як ҷамъият ҳамеша дар бархурд аст ва ин бархурд боиси таҳаввулоту пешрафти ҳаёти иҷтимоии инсоният мегардад. Агар дар ҷамъият идеалогияи ягона ҳукмфармо бошад, он ҷамъият ҳеҷ гоҳ ба пеш намеравад, чунки идеяи ягона одамонро ба парокандагӣ мебарад. Масалан, фалсафаи иҷтимоӣ ба он назар аст, ки яке аз сабабҳои парокандашавии собиқ давлати ИҶШС маҳз идеологияи ягонаи коммунистӣ буд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Дар замони муосир бошад, падидаи бисёр хубе ба вуҷуд омад, ки инсонҳо озодона афкору назари худро баён менамоянд. Ин озодфикрию озодандешӣ пеш аз ҳама кулли мамолики Ғарбро фаро гирифт. Ва фалсафаи эшон чун фалсафаи гузаштагонашон, ки ҳамеша пешсаф аст, ба якчанд ҷараёнҳои ҷадиду созандаи неопозитивизм, прагматизм, персонализм, экзистенсиализм, неотомизм, структурализм, ратсионализми танқидӣ ва герменевтика ҷудо гардид. Пас аз соҳибистиқлол гардидан халои илмию фикрии Тоҷикистонро низ андешаҳои мухталиф пур намуданд. Мутаассифона, аксари ин андешаҳо на афкори созандаю пешбаранда, балки фикру ақидаҳои куҳнаю фарсудаи схоластикӣ ва ё ба ибораи дигар «андешаи асри ҳафти араб» буданду ҳастанд. Аммо ҳеҷ як ҷамъият яккутба нест ва дар ин ҷамъияти пасазистиқлолии мо низ буданду ҳастанд афроде, ки ҳамеша фикри озодии инсон, фикри ҳаёти осоиштаю ҷовидона, фикри баргаштан ба асли хеш, фикри ободии ватан, фикри пешрафти илму фалсафа ва фикри созандагию навгониӣиро мекарданд. Яке аз чунин шахсиятҳои шинохтаи миллӣ, файласуф, шоир ва шарқшинос, устоди гиромиқадр Комил Бекзода мебошад. Феълан ин ном ба кулли ҳаводорони илму фалсафаи тоҷик шинос аст ва ҳоҷат ба муаррифӣ ҳам нест. Комил Бекзода инсони ҳалиму меҳрубон, солор ва дорои ҳамаи некиҳои инсонист.

Маҳз бо ташаббуси бевоситаи ӯ моҳи октябри соли 1993 дар назди Пажӯҳишгоҳи фалсафаи ба номи А.М. Баҳоваддинови АИ ҶТ маҳфили фалсафию фарҳангии «Ҷаҳони андеша» таъсис дода шуд. Ин маҳфили илмӣ ё «Мактаби фалсафии Бекзода» аз соли таъсисёбӣ то имрӯз тавонист, ки дари илму хирад, фарҳангу маърифат ва озодихоҳию рӯшанфикриро ба рӯи даҳҳо ҷавонони соҳибзавқу илмдӯсти Тоҷикистони соҳибистиқлол боз намояд. Вале дар тамоми ҷомеаҳо тӯда (авом) инсонҳои озодандешу рӯшанфикрро ҳеҷ гоҳ чашми дидан надорад, зеро барои тӯдаи мардум эътиқод муҳим аст, на фикру андеша ва илму фалсафа. Ва дар бисёр ҷомеаи инсонӣ файласуфони туфайлию безавқ ва тӯдамаобу ҳасудхӯр низ бисёранд. Ана аз ҳамин қабил, ба ном «файласуф»-он буданд, ки маҳфили илмию фалсафӣ ва фарҳангии «Ҷаҳони андеша» моҳи феврали соли 2012 ба таври расмӣ баста шуд. Вале андешаи инсонро чӣ гуна метавон баст?. Маҳфили «Ҷаҳони андеша» дар ин умри кутоҳи худ барои инкишофу

пешрафти фалсафаи муосири тоҷик хеле хизмати босазо намуд. Файласуфоне чун Ҳафиз Холиқзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ, Нозим Нурзода, Шодӣ Атоӣ, Исомуддин Шарифзода, Нуриддин Шаҳобуддин, Усмон Камолиён, Фирдавс Ниёзӣ, Фирдавс Ҳаитов, Убайдулло Раҳматов, Латиф Латифов, Илҳом Қурбоншоев ва бисёр шахсиятҳои дигар дастпарварони ин маҳфили илмию фалсафӣ мебошанд, ки ҳар яки он халои ақлонию зеҳнии фалсафаи муосири тоҷикро пур менамоянд.

Ба гумонам, дар ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон аз мактаби устод Бекзода дида, бузургтар ва тавонотар мактаби фалсафие вуҷуд надорад, ки тавонад инсонҳоро аз бозиҳои маҳалгароӣ, аз пайравии мазҳабҳои аҷнабӣ, аз миллатгароиҳои хориҷӣ, аз бунбасти фикрӣ берун орад ва ба онҳо роҳ нишон диҳад, ки ба арзишҳои фарҳанги баланди умумибашарӣ ва инсонгароӣ арҷ гузоранд. Чунки устод Бекзода аз ҷумлаи он шахсиятҳоест, ки ҳеҷ гоҳ дар доираи синну сол, ҷинсу пӯст, маҳаллу миллат, дину мазҳаб, ҳайъати этникию нажодӣ, ҳарф намезанад, илова бар ин ӯ инсонест, ки ҳамеша ҷаҳонро бо чашми нек менигарад ва ҳамвора дар бораи зиндагӣ ва ҳаёти воқеии тамоми аҳли башар сухан мегӯяд. Мактаби фалсафии Бекзода, дар маҷмӯъ таҷассумгари кулли фаъолияти накӯи инсонӣ буда, ҳамеша роҳҳои раҳоӣ аз маргро ҷустуҷӯ намуда, барои инсоният ҳаёти ҷовидонагӣ, зиндагии осоишта, озодию истиқлолхоҳӣ, дӯстию рафоқат ва ҳадафҳои асосии соҳиб шудан ба фарҳанги миллии хешро пешниҳод менамояд. Ин мактаби илмию фалсафӣ бешубҳа яке аз ҷараёнҳои асосии фалсафаи муосири Шарқ буда, дар тӯли мавҷудияти хеш тавонист, ки барои дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудани илми тоҷик, чунин ашхосро ба воя расонад.

**Комил БЕКЗОДА** файласуф, шарқшинос ва шоири тавонои миллат аст, ки фалсафаи тоҷик дар масири таърихии худ рӯи мубораки ин қабил инсонҳои беғаразу гуманистро кам дидааст. Устод Бекзода аз зумараи он ашхоси нотакрорест, ки ба ҷаҳон ҳамеша бо чашми нек менигарад ва аз ҳеҷ кас тамаъе надоранд. Ба андешаи ӯ, инсоният бояд аз ҳама гуна дину мазҳаб, эътиқоду парастиш, хурофоти осмонӣ, ҷабру зулм, тарсу ҳарос, гирифторию бечорагӣ орӣ ва ҳамеша дар ҷаҳон абадӣ ва ҷовидонӣ бошад.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Мирзо БОҚӢ** муаллифи китобҳои «Ҳамосаи модар ва кӯдак» (1984), «Нуқтаи нур» (1986), китоби шашҷилдаи «Фурӯғи хирад» (2000 - 2005) ва китоби бузургҳаҷму сеҷилдаи «Ҷовидоннома» (2006 - 2014), ки ду ҷилди он ба дасти чоп расидааст, мебошад. Мавзӯи куллии китобҳои огоҳкунанда - огоҳии заминию кайҳонии миллат, шинохти решаҳои фарҳангии хеш, ситоиши Ватани ба ҷон баробар, асолати инсони офаранда, расидан ба ҳадафҳои бузург, инсонмеҳварӣ, ҳақиқати ҳастӣ, ки бо вуҷуди Инсон маънӣ мегирад, ҳастишиносии бунёдӣ, масоили ҳастӣ ва нестӣ, ҳақиқат, адолат, наҷобат дар муносибат ба ҳастии Инсон, ошкор сохтани ашё ва хешро дар нур дидан, масъулияти афроди миллат дар замони бебозгашти бекарон, бедории миллӣ ва руҳафтода нашудан тайи ин гунбази хаёл, дӯстии инсонҳо ва сарбаланду ба номус зистан дар ин дунё ва аз хеш некӣ ёдгор мондан, гиромӣ доштани забон ва суннатҳои шоистаи миллӣ ва мафоҳими мавриди назарро дар қолаби шеър ё сухан рехтан, сайре дар жарфҳои андеша - андешаҳои ҳикматомез ва ирфонӣ, сазоворӣ имрӯз ва фардои миллат будан, пешбурди фарҳанги олитари миллӣ, кӯшидан ба офарандагӣ ва амсоли ин.

**Файзи ОЛӢ** новобаста аз ҳуқуқшиноси донишманду рӯшанфикр буданаш, инчунин ба таъриху адабиёт ва фарҳангу фалсафа низ шавқи бенадоза дорад. Илова бар ин, ӯ донишманди борикбину нуктасанҷ ва хеле инсони дурандешу ҳушёр буда, зиракии фавқулодаи сиёсӣ дорад. Ва ӯ ҳамеша дар назди худ суол мегузорад, ки чаро мардуми содаю гумроҳ ба қонунҳои аз ҷониби инсонҳои солимақл пешниҳодшуда, ки зиндагии эшонро дар ҷамъият танзим менамоянд, бовар надорад, аммо ба қонунияти бофтаи мутаассибону хаёлпарастони гумроҳро ҳамеша тарафдорӣ менамоянд? Ба андешаи ин марди нуктадон инсоне, ки аз илму дониш ва фарҳангу маданият дур монд, пас ба дину мазҳаб наздик мешавад ва баъдан ба ривояту афсонаҳои осмонӣ, набию расул мепайвандад, бахусус дар Шарқи исломӣ.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА** аз зумраи он файласуфон ва рӯшанфикрони сатҳи ҷаҳонист, ки ба ҳар як падида, ҳодиса ва воқеа чунон шарҳи илмие медиҳад, ки ҳатто мутахассиси ҳамон соҳаи илм ба он падида ё ҳодиса чунин баҳои арзишманд дода наметавонад. Ӯро на танҳо дар Тоҷикистон медонанду мешиносанд, балки устод Холиқзодаро дар Аврупо низ медонанд ва ба донишу хиради тоҷиконааш арҷ мегузоранд. Ҳафиз бисёр

ҳам инсони фарҳангӣ буда, ҳангоми суҳбат ҳеҷ гоҳ сари эҳсос сухан намекунад. Ҳар як фикрашро ҳамаҷониба санҷида, онро бо далелҳои қонеъкунанда ба сомеон мерасонад.

**Ёрмуҳаммад НИЁЗӢ** файласуф, арабшинос ва синошиноси номвари тоҷик буда, бештар ба масоили худшиносии инсон тадқиқоти фалсафӣ мебарад. Андешаи устод Ниёзӣ дар мавриди худшиносӣ он аст, ки инсон дар асоси ангезаи ғаризаҳо, марҳила ба марҳила худшиносии худро ташаккул медиҳад. Он ғаризаҳое, ки дар худшиносии инсон муассиранд ва ӯро такон медиҳанд: яке ғаризаи ҷустуҷӯгар ва дигаре ғаризаи шаҳват мебошанд.

**Нозим НУРЗОДА** адабиётшинос ва файласуфи озодандешу рӯшанфикрест, ки барои ӯ маҳаллу мазҳаб ҳеҷ арзише надорад. Барои устод Нурзода муҳимтар аз ҳама ирода ва андешаи мустақили инсон аст, ки одам дар такя ба он ба пеш меравад ва дар ҷамъият мақоми муайянро ишғол менамояд. Агар андешаи инсон мустақил нест, ҳатто ӯ инсон ҳам нест ва ин одам наметавонад, ки аслу насаби хешро шиносад. Ба гафтаи нависандаи бузург Чингиз Айтматов ин одам «манқурт» аст - меандешад муаллим Нурзода…

**Исомуддин ШАРИФЗОДА** файласуфи рӯшанфикру соҳибиродаи имрӯзу ояндаи  миллат буда, яке аз пайравони асосии «Мактаби фалсафии Бекзода» маҳсуб меёбад. Ва хушбахтии устод Шарифзода ҳам дар ҳамин аст, ки бисёр инсони миллатдӯст аст ва ба ҳеҷ дину мазҳаби аҷнабӣ бовар надорад. Ва ҳадафаш дар зиндагӣ баргаштан ба асли худ ва озод намудани тоҷикистониён аз ҳар гуна ривоёту хурофоти сохтаю бофтаи қадимулайёми аҷнабӣ мебошад. Шарифзода инсони ҳақиқатҷӯи роҳи фалсафаи ҳаёти ҷовидонагист…

**Нуриддин ШАҲОБИДДИН** аз зумари муҳаққиқони маъруфи таърихи фалсафаи тоҷик аст, ки имрӯзҳо дар Урупо иқомат дорад. Аслан Урупо-ҷаҳони якум ҳеҷ гоҳ илму амали ҷаҳони сеюм (Осиёву Африқо)-ро қабул надорад ва барои мо тоҷикон боиси ифтихор аст, ки чунин олими ҷавони соҳибхирад фалсафаи муосири тоҷикро дар ҷаҳони аввал муаррифӣ менамояд. Зимнан Нуриддин нисбат ба кулли мардуми башар назари гуманистона дорад ва хостори абадияти ҷисмонии инсон аст.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Шодӣ АТОӢ** файласуфи ҷуғрофидон ва ҷомеашиносест, ки ҳар як ҳодисаю воқеа ва рӯйдодро на аз рӯи гуфтаю шунидаи дигарон, балки аз рӯи ақлу дарки худ ва бар далелҳои маърифати илмӣ ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ менамояд. Ва, албатта, ҳар як таҳлили ӯ заминаи воқеӣ дошта, баҳри пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд. Файласуфи худогоҳ Атоӣ билкул сабаби хурофтпарастӣ ва мутаассибии аксарияти мардумонро дар ноогоҳӣ ва нодонии онҳо медонад. Ба андешаи ӯ этиқод ба дин ин аз заъфияти худи инсон аст ва ҷомеае, ки дар он инсони озодандеш умр ба сар мебарад, ҷомеаи солим ва ормониро созмон медиҳад.

**Усмон КАМОЛИЁН** файласуф ва муҳаққиқи таърихи фалсафаи тоҷик аст, ки ба олами атроф бо чашми хирад ва андешаи нек менигарад. Барои ӯ муҳим худи инсон аст, на дину мазҳаб ва миллату нажоди ӯ. Камолиён ақида дорад, ки агар инсон бо маърифат ва соҳибхирад бошад, барои ӯ ҳеҷ дину мазҳабе муҳим нест, кадом динеро, ки хоҳад, қабул менамояд. Чунки моҳияти ҳамаи динҳо ахлоқгароист, на андешагароӣ.

**Фирдавс НИЁЗӢ** файласуфи забоншинос ва рӯзноманигори чирадастест, ки ҳар як ҳодиса ва воқеаро бе ягон далелу рақам тадқиқ наменамояд. Ӯ ба ҳар масъалаи ҳаётии инсон ба таври воқеӣ баҳо медиҳад. Ба ақидаи ӯ ҳамон инсоне, ки бештар маълумотро медонад, маҳз ҳамон инсони ҳушёру закӣ аст. Зеро инсони ҳушёру зирак факту далелҳои бисёре медонад ва ин инсони воқиф чи гуна метавонад, ки ривояту афсонаҳои хурофотии авоми ноогохро қабул намояд?...

Ҳамин тариқ, агар дар ҳар як пажӯҳишгоҳи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамин гуна маҳфили тахассусии озодамалкунанда фаъолият мекард, итминони комил дорам, ки ин амал баҳри ташаккули илми пасазистиқлолии тоҷик заминаҳои мусоидро фароҳам меовард. Вале афсӯс, ки ҳар маҳфил ба монанди «Ҷаҳони андеша» озод нест ва на ҳар олиме чун Бекзода хайрхоҳу озодандеш…

**Комил БЕКЗОДА,**
**Номвар ҚУРБОН**

## ДАР РӮИ ҶАҲОНЕМУ НАДОНЕМ ҶАҲОН ЧИСТ?!

(*Ҷавоб ба тақризи «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ё («Ҷаҳонбинии алтернативӣ»)»-и устод Файзалӣ Абдулхонов*)

Ҳадафи ин мақола ҷавобест ба тақризи устод Файзалӣ Абдулхонов бо номи «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ё («Ҷаҳонбинии алтернативӣ»)» Душанбе, 2013, нашриёти «Эр-граф», 64 саҳифа, бо хатти сирилик, адади нашр 100 нусха. Нархаш шартномавӣ. Матбааи ҶДММ «Эр-граф», кӯчаи Н. Рабиев 218. Хоҳишмандон метавонанд ин китобро аз он ҷо харидорӣ намоянд. Устод Файзалӣ бо ин китоби худ хостааст, ки ба китоби «Ҷаҳонбинии оянда» (Душанбе - 2013, нашриёти «Кайҳон», кӯчаи Н. Қарабоев 54, 40 саҳифа) ҷавоб гӯяд.

Китоби «Мардона мурдан зиндагист», ки асари устод Файзалӣ Абдулхонов мебошад, беҳтарин тарғиб барои «Ҷаҳонбинии оянда» аст. Дар ҳақиқат мо нависандагони ин китоб бо чунин як тарғиби ҷолиб ниёз доштем. Чунонеки гуфтаанд: «Толеъ агар мадад бикунад, хок зар шавад».

Мо барои кӯтоҳии баён дар ин навишта ба ҷои Абдулхонов Файзалӣ таъбирҳои «Устод» ва «устод Файзалӣ»-ро ба кор мебарем. Ин истилоҳот ҳеҷ маънои рамзӣ, истиорӣ ва киноявӣ надоранд. Танҳо ба хотири кӯтоҳбаёнӣ истифода мешаванд. Ҳамзамон бояд гуфт, ки барои мо гуруҳи нависандагони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда», ки аз даҳ (10) нафар иборатем ва номҳоямон дар муқаддимаи китоб омадааст, ақидаи муҳаққиқ муҳим аст, на шахсияти иҷтимоии ӯ. Мо аз ҳикмати «Бингар ки чӣ мегӯяд, мангар ки, кӣ мегӯяд», пайравӣ мекунем. Ҳангоми навиштани рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» мо матни рисоларо дастҷамъона таҳрири фалсафӣ ва филологӣ намудем. Ширкаткунандагони ин таҳрир аз даҳ нафар ҳам зиёд буданд, вале онҳоеро ки аъзои маҳфил набуданд, номашонро дар муқаддима зикр накардем. Нависандагони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» инҳо мебошанд: Комил Бекзода, Нозим Нурзода, Ҳафиз

Холиқзода, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Шодӣ Атоӣ, Усмон Камолиён, Номвар Қурбон, Исомуддин Шарифзода, Нуриддин Шаҳобиддин ва Файзи Олӣ.

Нафароне ки устод Файзалиро мешиносанд (ва он нафарон дар гуруҳи даҳгонаи «Ҷаҳони андеша» ҳам ҳастанд) бар ин назаранд, ки услуб ва сабки китоби «Мардона мурдан зиндагист» ба сабк ва услуби Устод монанд нест. Шояд гуруҳе ин матнро таҳрир карда бошанд. Барои мо муҳим нест, ки онҳо кистанд ва чанд нафаранд. Барои мо андешаҳо ва ақидаҳои таҳлилӣ ва танқидии онҳо муҳим аст, ки дар шакли китоб дар дасти мост.

Фазилатҳои китоби устод Файзалӣ ба ақидаи мо аз чӣ иборатанд?

***А*** – Устод аввалин шуда дар ин мавзӯъ изҳори назари ҷиддӣ ва масъулиятшиносона намуданд. Мо ин иқдоми Устодро қадрдонӣ менамоем.

***Б*** – Ба ғайр аз таҳлили муфассали китоби «Ҷаҳонбинии оянда» муҳаққиқи фозил ду боби алоҳида бо номи: «Ҳикмат ё фалсафаи марг» ва «Хатар ва зарари таблиғи андешаи бемаргӣ» ба ин китоб илова намудааст, ки бо худии худ кори арзанда аст.

***В*** – Мо қабул дорем, ки устод Файзалӣ ҳадаф ва муҳтавои китоби моро дуруст дарк карда, андешаҳои муҳаққиқонаи худро изҳор намудааст.

***Г*** – Мо эътирофи муҳаққиқро қабул дорем, ки «ба шахсияти касе аз мо ғаразе надорад» (саҳ. 4) ва ба хотири «доир намудани баҳси илмӣ» ин китобро навиштааст. Мо дар садоқат ва ихлоси муаллиф доир ба илму дониш шак ва тардиде надорем. Сездаҳ (13) нуктаи дар «Хулоса»-и китоб овардаи Устод, гувоҳи ин андеша аст. Ҳамзамон мо нисбат ба андешаи шахсӣ ва мустақили муаллифи фозил эҳтиром қоил ҳастем ва ин ҳаққи шаҳрвандии ҳар як андешаманди давлати демократӣ мебошад.

## Баъзе нуктаҳои баҳсталаб дар андешаҳо ва таҳлилҳои устод Файзалӣ

***Якум:*** Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки барномаи китоби «Ҷаҳонбинии оянда» барои сад сол баъд ва ё аз ин зиёдтар пешбинӣ шудааст. Ин ҳам дар суратест, ки агар ин фарзияҳо, тахминҳо ва пешбиниҳои мо аз имтиҳони рӯзгор гузаранд. Мо ба масъалаҳои гузашта ва ҳозира камтар таваҷҷуҳ кардаем. Бо вуҷуди ин Устод дидаю дониста нуктаҳои асосии китобро ба

замони имрӯза ва ҳатто ба зиндагии насли ҷавони тоҷикони муосир рабт медиҳад. Ин тарзи таҳлил бештар дар боби «Хатар ва зарари андешаи бемаргӣ» ба мушоҳида мерасад.

***Дуюм:*** Мо қабул дорем, ки китоби «Ҷаҳонбинии оянда» аз мавқеи фалсафаи гуманистӣ - реалистӣ (воқеӣ) ва илмҳои дақиқ изҳори назар менамояд. Намунаи адабиёт ва сарчашмаҳое ки мо ба онҳо такя намудаем, дар саҳифаи 38 - 39 китоб зикр шудаанд. Бо вуҷуди истифода аз ин сарчашмаҳо мо андешаи мушаххас ва хоси худро дорем. Китоби мо барои мутахассисони фалсафа навишта нашудааст. Ин рисолаест барои ҳама ва бо забоне равшан ва оммафаҳм барои доираи васеи хонандагон. Бо таъбире возеҳтар ин як навъ «Қоидаи Бағдодӣ» (алифбо!) аст, дар илми фалсафа. Барои ҳамин ҳам натавонистааст талаботи муҳаққиқе варзида ва ҳирфаӣ чун устод Файзалиро қонеъ гардонад. Мо ин ҳолатро дарк мекунем.

Хулосаҳои устод Файзалӣ ҳам ки дар охири китобаш оварда (саҳифаҳои 58 - 61) ва иборат аз сездаҳ (13) нуктаанд, гувоҳи онанд, ки Устод аз мавқеи фалсафаи идеалистӣ, ислом, Қуръон, дин, тасаввуф, ирфон ва илоҳиёти исломӣ ба муҳтавиёти китоби мо нигаристааст. Ногуфта пайдост, ки андешаҳои фалсафаи реалистӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ бо ҷаҳонбинии динӣ ва идеалистӣ мухолифанд. Баҳс дар боби мафҳумҳо ва мавзӯъҳои ҷавҳарии дин ва фалсафа бояд дар сатҳи хеле баланди илмӣ анҷом гирад. Ба андешаи мо ҳафтдаҳ (17) сарчашмаи зикршуда дар китоби «Ҷаҳонбинии оянда» ҷавобгӯи ин талабот мебошанд. Вале мутаассифона, аз 12 сарчашмаи зикршуда дар охири китоби Устод (саҳифаи 62) ба ҷуз «Шоҳнома» ва китоби Сергей Рязансев дигар ҳамаи сарчашмаҳо динӣ ва дасти дуюм ҳастанд. Бо ин сарчашмаҳои зикрнамудаи Устод баҳси ҷиддии илмӣ имкон надорад.

***Сеюм:*** Ҳангоми шӯру шавқи баҳс ба таври тасодуф ва ё нохудогоҳ Устод ба чандин инҳирофот ва каҷравиҳои таҳқиқӣ роҳ додааст. Мо ба таври мухтасар ва феҳраствор баъзе аз онҳоро ёдовар мешавем:

***А*** – Дар он қисмҳое, ки андешаҳои асосӣ ва ҷавҳарии муаллифони китоби «Ҷаҳонбинии оянда» сабт шудааст, онҳоро Устод дидаю дониста сарфи назар намудааст. Барои мисол ҷавҳари асосии

китоби мо дар боби 18 «Оё марг ва мурданро барҳам задан имкон дорад?» (саҳифаҳои 24 - 29) ба таври возеҳу равшан зикр гардидааст. Аммо Устод нуктаҳои асосии ин бобро сарфи назар намуда, ба мавзӯъҳои ҳошиявӣ ва дуюминдарача таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ин тарзи муносибат қариб дар ҳама қисмҳои китоб ба мушоҳида мерасад. Кор ба дараҷаест, ки баъзан он чи мо тут мегӯем, Устод бед мегӯяд. Одитарин ҷумла ва фикри иборат аз як мубтадо ва хабарро тарзе ба хонандагони китоби худ пешкаш менамояд, ки хабар ба ҷои мубтадо меояду мубтадо ба ҷои хабар. Ҳамаи иқтибосҳое, ки аз китоби мо овардааст, (бо андак истисно) дигар ҳама дорои ғалатҳои фоҳиши имлоӣ ва маъноӣ ҳастанд. Ба таври дақиқ ба саҳифаҳои зерини китоби Устод назар андозед: Саҳифаҳои 4, 6, 7, 9, 10, 17, 18, 20, 24, 25, 26, 28, 35, 37, 38, 39, 40, 45, 46, 47; Китоби Устод ҳамагӣ 62 саҳифа дорад!

***Б*** **–** <u>Як муқоисаи дақиқ:</u>

Мо дар саҳифаи 3 китоби «Ҷаҳонбинии оянда» зери сарлавҳаи 2. Ҷаҳон чист? Чунин навиштаем (айнан): «Ҷаҳон номи дигар ва муродифи ҳамин Заминест, ки мо дар рӯйи он зиндагӣ мекунем. Маънои Ҷаҳон аз Замин густурдатар аст. Чароки ҷирмҳои зоҳирии гирду атрофи Заминро низ дар бар мегирад. Мисли: Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, сайёраҳо ва галактикаҳо. Ҷаҳон порае аз кайҳони нопайдоканор аст. Замин қисмате аз Ҷаҳон аст. Инсон мавҷуде моддӣ ва зодаи ин Замини нозанин мебошад» (саҳифаи 3).

Устод Файзалӣ доир ба ин қисмат аз китоби мо чунин сарлавҳа гузошта ва чунин таҳлил навиштааст (айнан): <u>Ҷаҳоншиносон ҷаҳонро нашинохтаанд</u>. «Саволи дуюме, ки дар ин рисола матраҳ мегардад ин саволи «Ҷаҳон чист?», мебошад. Ҷавобро ба ин савол чунин оғоз менамоянд: «Ҷаҳон номи дигар ва муродифи ҳамин Заминест, ки мо дар рӯйи он зиндагӣ мекунем. Маънои Ҷаҳон аз Замин густурдатар аст. Чаро ки ҷирмҳои зоҳирии гирду атрофи Заминро низ дар бар мегирад. Мисли: Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, сайёраҳо ва галактикаҳо…

Ҷавоби саволи дуюм аз ҷавоби саволи якум низ ноқистару нофаҳмотар баён гардидааст. Дар аввал ҷаҳонро муродифи Замин мегӯянд, баъдтар маънои ҷаҳонро аз Замин «густурдатар» (А.Ф.) меҳисобанд, чунки Ҷаҳон ҷирмҳои зоҳирии дар атрофи Замин бударо аз қабили Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, сайёраҳо ва галактикаҳоро дар бар мегирифтааст. Муаллиф дар илми

нуҷумшиносӣ ду «мафҳуми нав» ворид намудааст. Якум, «ҷирмҳои зоҳирӣ». Дуюм, маҳфуми галактикаҳо ҳамчун «ҷирмҳои зоҳирӣ» шинохта шудан, аз «кашфиёти нуҷумшинос» маълум мегардад, ки дар атрофи Замин агар ҷирмҳои зоҳирӣ вуҷуд дошта бошанд, пас ҷирмҳои ботинӣ низ бояд вуҷуд дошта бошанд ва аз ин пас, тибқи муқаррароти «нуҷумшинос» галактикаҳо ҳам чун ҷирми алоҳидаи зоҳирии дар атрофи Замин буда, фаҳмида шаванд.

Аз ҷавоби саволи дуюм маълум мегардад, ки ин «ҷаҳоншиносон» дорои камтарин донишҳои илмӣ нестанд ва ба хусус аз илми нуҷумшиносӣ огоҳӣ надоранд, чун галактикаро ҳамчун «ҷирми зоҳирӣ»-и (А.Ф.) дар атрофи Замин буда медонад, ҳол он ки галактика як ҷирми алоҳида набуда, балки мафҳумест, ки яккатор ҷирмҳои осмониро дар ҳудуди муайян бо низоми муайян дар асоси қувваи ҷозибаи байниҳамдигарӣ ҳаракат менамоянд, ифода менамояд.

Ҳамин тариқ ҷавоб ба саволи «Ҷаҳон чист?» низ пурнуқсу ғайриилмӣ буда, дар ин ҷавоб фикри илмие вохӯрда намешавад. Ҷавоби савол бо сухани ба моҳияти мавзӯъ рабтнадошта, оварда шудааст, ки аз ғайримантиқӣ фикр кардани муаллиф ё муаллифон шаҳодат медиҳад» (саҳ. 6 - 7).

Мо мегӯем: Аз эҳтимол дур нест, ки дар баъзе масъалаҳо иштибоҳе карда бошем. Акнун ки акнун аст, мо ҳамин андешаи Устодро ба таври бояду шояд дарк карда натавонистем. Умедворем, ки хонандагони ин мақола дар ин мушкилии пешомада моро кумак намоянд. Ба андешаи мо агар Устод се ҷумлаи охирро низ иқтибос мекард, шояд «муаммо» ҳал мегашт: «Ҷаҳон порае аз кайҳони нопайдоканор аст. Замин қисмате аз Ҷаҳон аст. Инсон мавҷуде моддӣ ва зодаи ин Замини нозанин мебошад» (саҳ. 3).

Яъне мо аз ҷузъ ба кулл рафтаем: Инсон – Замин – Ҷаҳон – Кайҳон. Ва мегӯем: «Ҷирмҳои зоҳирӣ» онҳое, ки ба чашм дида мешаванд: Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, сайёраҳо ва галактикаҳо. Галактикаҳо яъне «деҳаҳо»-и кайҳонӣ, ки бо чашм дида мешаванд. Аз ҷумла, Роҳи Каҳкашон, ки ҳатто ба чашми одӣ (на телескоп!) ҳам дида мешавад! Ҷирмҳои зоҳирӣ – яъне ҷирмҳое, ки дар чашми одии одамӣ намоён (зоҳир, аён, пайдо) мешаванд.

Ҷирмҳои ғайризоҳириро он галактикаҳое ташкил медиҳанд, ки барои дидани онҳо натанҳо чашми одӣ, балки асбобу абзорҳои имрӯзаи астрономӣ (рефлектор, рефрактор) низ ба мушкилӣ дучор мегарданд. Аз рӯи инсоф бояд эътироф кунем, ки натанҳо дар илми нуҷум, балки дар соҳаи забони тоҷикӣ низ аз Устод фарсангҳо қафо мондаем. Он ҷо ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест…

***В*** – Дар китоби устод Файзалӣ баъзе лағзишҳои имлоӣ, маъноӣ, истилоҳӣ, матбаӣ ва ғайра ба чашм мехӯрад:

– Ҳама ҷо номи китоби моро бо ҳарфи хурд навиштааст: «ҷаҳонбинии оянда», «ҷаҳонбинии алтернативӣ» (саҳ. 2, 3, 4, 5, …). Чунонеки дар даврони ҳукмронии атеизми ҷанговар номи Худо ва Қуръонро бо ҳарфи хурд менавиштанд!!!

– <u>Баъзе калима ва истилоҳотро ба ин шакл навиштааст:</u>
баътар (саҳ. 6, 8); ҷамотот (саҳ. 11); ноқисул маълумотин (саҳ. 11); адмосферӣ (саҳ. 11, 12, 13); вадарод (саҳ. 11); наметавонат (саҳ. 11); метриорӣ (саҳ. 12); када шудааст (саҳ. 13); бениҳояд (саҳ. 13); намепартосем (саҳ. 14); далолад (саҳ. 15); оксген (саҳ. 21); мавҷудод (саҳ. 23); метиҳад (саҳ. 25); лабараторӣ (саҳ. 26, 29); такия (саҳ. 26, 34, 52, 53, 60); маҳбут (саҳ. 33); ноқисулақлин (саҳ. 34); фуксияҳо (саҳ. 37); садда (саҳ. 37); метиорид (саҳ. 38); публитсистӣ (саҳ. 40); зикр кад (саҳ. 40); ҳайёт (саҳ. 48)

– Устод Файзалӣ аз рӯи лутфи устодона дар баъзе саҳифаҳои китобаш мо нависандагони китоби «Ҷаҳонбинии оянда»-ро мавриди хитоб ва итоб қарор дода, бисёр нисбатҳоеро дар шаъни шахсият ва мақоми мо лоиқ ва сазовор донистааст, ки зикри баъзеи онҳо аз фоида холӣ нест:

– <u>Нисбатҳои нохунакдор ба маънои истеҳзо ва ришханд:</u>
«ҷаҳонбиншиносон» (саҳ. 4); «равшанфикрон» (саҳ. 5, 9, 10, 11, 13, 14, 17, 18, 36, 37, 47, 48, 49, 52, 56, 57, 59, 60); «ин кайҳоншиносон» (саҳ. 7, 8); «заминшиносон» (саҳ. 9, 10); «ояндабинон» (саҳ. 10, 17, 20, 32); «ҷавлонзанон» (саҳ. 11); «ояндашиносон» (саҳ. 11, 47, 52); «сайёҳон» (саҳ. 13); «инсоншиносон» (саҳ. 14, 15); «онҳо одам нестанд ё аз ин олам нестанд» (саҳ. 20); «равшанфикрон»-и беинсоф ва мутаассиб (саҳ. 23); «худоношиносон» (саҳ. 23, 52); «ҷаҳоншиносон» (саҳ. 23); «ҳадафшиносон» (саҳ. 24, 26, 28); «шууршиносон» (саҳ. 24); «зиндагишиносон» (саҳ. 29, 30, 31, 59); «мурдашиносӣ» (саҳ. 30); «маргшиносон» (саҳ. 31); «равшанфикр» (саҳ. 33); «диншиносон» (саҳ. 35); «рӯҳшиносон» (саҳ. 37); «ҷоншиносон» (саҳ. 37); «ҷомеашиносон» (саҳ. 45); ин «фолбинон»

(саҳ. 45); «устодони фалсафа» (саҳ. 45); «ҷаҳонбинии оянда» (саҳ. 47, 58); «ҷаҳонбинии алтернативӣ» (саҳ. 47, 58); «ҷаҳонбинии навин» (саҳ. 48, 59); «бозгашт ба асли хеш» (саҳ. 48, 60); «ҷаҳонбинии сифатан нав» (саҳ. 49); «ҷаҳонбинии асотирӣ» (саҳ. 49); идеологияи «инсондӯстӣ» (саҳ. 49); «ҷаҳонбинии оянда», ҷаҳонбинии номаълум (саҳ. 63); «кайҳоншиносон»-и аз дастовардҳои илмӣ бехабар (саҳ. 63); «равшанфикрон»-е ки дар Замин зиндагӣ намудан намехоҳанд (саҳ. 63)

– <u>Калимаҳо ва ибораҳои тавҳиномез, таҳқиркунанда ва соядор дар нисбати китоб ва муаллифон:</u>

суханони бепоя (саҳ. 5, 10); андешаҳои ғайриилмӣ ва беарзиш (саҳ. 5, 15, 17, 23, 34); ҷавоби ғайримантиқӣ (саҳ. 7, 15, 17, 23, 34); ҷавоби пурнуқсу ғайриилмӣ (саҳ. 7, 34); ин муаллифон саводи казоӣ надоранд (саҳ. 7); назари ғайриилмӣ (саҳ. 7, 25, 34, 45); назари оммиёна (саҳ. 7, 37); муаллифони аз донишҳои илмӣ бехабар (саҳ. 7); ғайримантиқӣ фикр мекунанд (саҳ. 7); ин гуна истилоҳ ғайриилмист (саҳ. 7, 25); аз бедонишии онҳо шаҳодат медиҳад (саҳ. 7); андешаҳои соддалавҳона (саҳ. 8); аз доираи илмӣ дур (саҳ. 9); мафҳуми илмӣ нестанд (саҳ. 9); ҷумлаи ғайримантиқӣ (саҳ. 9); ҷумлаи соддаи оммиёна (саҳ. 9, 37); бемантиқии муаллиф (саҳ. 9); ку тафаккури солим? (саҳ. 10); ҷумлаҳои по дар ҳаво (саҳ. 10); маълумоти кофӣ надоранд (саҳ. 10); бо ин маълумоти ноқис (саҳ 10); суханони фантастикӣ (саҳ. 10, 11); андешаи бемантиқона (саҳ. 11, 17, 34); андешаҳои фантастикӣ (саҳ. 13, 38); таззодҳои фикрии онҳо (саҳ. 14), умуман хусусияти илмӣ надорад (саҳ. 14, 25); ин сухани бемаънӣ (саҳ. 14); ин андеша комилан хатост (саҳ. 15); ҷавобгӯи доираи илмӣ нест (саҳ. 15, 25); андешаҳои ботил (саҳ. 16, 33, 56, 58); суханони муғризона (саҳ. 17); андешадузди оддӣ будаанд (саҳ. 18); андешаҳои дуздида (саҳ. 18); андешаи нав надоранд (саҳ. 18); ҷаҳонбинии нав надоранд (саҳ. 18); аз дастовардҳои навини илмӣ бехабаранд (саҳ. 18); андешаҳои бепоя (саҳ. 17, 19); камоли бемаърифатӣ (саҳ. 20); тахайюлоти бепоя (саҳ. 23); таноқузоти фикрӣ доранд (саҳ. 23); тафаккури мантиқӣ надоранд (саҳ. 24); фаҳмиши таноқузотро надоранд (саҳ. 24); ҷаҳонбинии фантастикии худ (саҳ. 24); аз ҷаҳонбинии илмӣ дур рафтаанд (саҳ. 24); онҳо аз андешаҳои фалсафӣ бебаҳраанд (саҳ. 24); ин устодони фалсафа (саҳ. 25); суханони ғайриилмию

бемантиқ (саҳ. 25); чи андешаҳои бемаъние! (саҳ. 25); андешаҳои ғайрилмӣ (саҳ. 25, 56); суханони беасосу поя (саҳ. 26); суханпардозӣ (саҳ. 30, 60); суханпардозии бидуни далел (саҳ. 31); таноқуз доранд (саҳ. 33); фикрронии мутаноқиз (саҳ. 34); андешаҳои ноқисулақлин (саҳ. 34); суханбозӣ (саҳ. 34, 60); далели илмӣ надоранд (саҳ. 34); ифроту таассуб доранд (саҳ. 35); фолбинӣ мекунанд (саҳ. 35); [чун фолбинҳои лӯлизанҳо] (саҳ. 35); андеша ва фикри нав надоранд (саҳ. 36); абадият, фикри хоми фантастикӣ аст (саҳ. 36); бидуни ҳеҷ далели илмӣ (саҳ. 37); ин афроди аз марг ҳаросон (саҳ. 38); марггурезон (саҳ. 38, 40); бо тахассуси филологӣ ва унвонҳои баланди илмӣ, чунин ҷумлаҳои хато иншо мекунанд (саҳ. 39); хулосаи бобро таҳриф намудаанд (саҳ. 40); ба пайғамбарони ростин туҳмат задаанд (саҳ. 45); паёмбарашон Дарвин аст (саҳ. 45); тафаккури мантиқӣ надоранд (саҳ. 45); худро маймуншаклони ҷангалӣ эътироф менамоянд (саҳ. 45); фикрронии бемантиқ (саҳ. 46); бесаводии худро ошкор намудаанд (саҳ. 46); зидди арзишҳои динӣ (саҳ. 46); андешаҳои ин устодон хатар ба амнияти кишвар аст (саҳ. 46); онҳо аз «ҳизб-ут-таҳрир» ифротитаранд (саҳ. 47); ба тафаккури ҷавонон осеб мерасонанд (саҳ. 47); андешаҳои хом ва ғайриилмии онҳо (саҳ. 47, 60); арзиши илмӣ надоранд (саҳ. 47, 60); фикри ғайри мантиқӣ (саҳ. 47, 60); хатар ба амният ва тафаккури ҷавонон (саҳ. 47); ҷаҳонбинии асотирӣ аст (саҳ. 47, 60); тазодҳои фикрӣ (саҳ. 48); суханони онҳо ҳарзаву ёвааанд (саҳ. 52); ҳеҷ навгонии илмие надоранд (саҳ. 52); андешаи ҷолибе надоранд (саҳ. 52); ин марггурезон (саҳ. 53); андешаи бемаргӣ ботил аст (саҳ. 56, 57); орзуи ҷовидонагӣ андешаи ғайривоқеӣ аст (саҳ. 56); барои амнияти ҷомеа зарарнок (саҳ. 56); ин андеша хатари ҷиддӣ дорад (саҳ. 56); андешаҳои бемаргӣ (саҳ. 57); орзуи ҷовидонагӣ (саҳ. 57); тарс аз марг (саҳ. 57); рӯҳияи ғуломиро ташвиқ мекунанд (саҳ. 57); андешаи хатарзо ва зараровар аст (саҳ. 57); пайравони Даҷҷол (Антихрист) ба ҷовидонагии ҳаёт башорат медоданд (саҳ. 58); Даҷҷол ва пайравонаш тарс аз маргро таблиғ менамуданд (саҳ. 58); андешаҳои барои ҷомеа хатарнок (саҳ. 58); андешаҳои ғайривоқеӣ (саҳ. 58); ғароизи эътиқодии шахсии худ (саҳ. 58); аз доираи этикаи таҳқиқотӣ берун баромадаанд (саҳ. 58); қасдан баъзе андешаҳоро таҳриф намуда (саҳ. 58); андешаҳои ғайриилмӣ (саҳ. 58, 59, 60); андешаҳои бемантиқ (58, 59, 60); навгонии илмие надоранд (саҳ. 59); андешаҳои ғайриилмианд (саҳ. 59); андешаҳои

беарзишанд (саҳ. 59); ғайримантиқӣ фикр намудани муаллифон (саҳ. 59); ба моҳияти мавзӯъ рабте надоранд (саҳ. 59); инҳо андешаҳои фантастикианд (саҳ. 59); тахайюлоти бепояи онҳо (саҳ.59); андешаҳои онҳо арзиши илмӣ надоранд (саҳ. 60); дар фикррониашон танҳо тазодҳо баён мешаванд (саҳ. 60); фикри хоми фантастикии онҳо (саҳ. 60); ҷовидонагӣ ягон манфиате барои инсоният надорад (саҳ. 60); ҷаҳоншиносон ҷаҳонро нашинохтаанд (саҳ. 63); инсоният тӯдаи 109 элементи химиявӣ нест! (саҳ. 63); ояндаи номаълум (саҳ. 63); ҷон ва рӯҳ падидаест, ки на ҳар касе қудрати фаҳми онро доранд (саҳ. 63); ҷаҳонбинии асотирӣ ба ҳайси «ҷаҳонбинии оянда ё алтернативӣ» (саҳ. 63); хатар ва зарари таблиғи андешаи бемаргӣ (саҳ. 63), …

– Як статистика (омор)-и мухтасар:

Ба ғайр аз ибора ва калимаҳои таҳқиромез ва истилоҳоти нохунакдор дар китоби устод Файзалӣ чандин иштибоҳоти оддии имлоӣ ва маъноӣ низ дучор меояд, ки хоси як инсони фарҳангӣ нест. Барои намуна ва мисол китоби 62-саҳифагии Устодро ба се қисмати баробар тақсим намуда, ин иштибоҳотро бармешуморем:

Аз саҳифаи 1 то саҳифаи 20: дусаду понздаҳто (215);
Аз саҳифаи 21 то саҳифаи 40: дусаду бисту сето (223);
Аз саҳифаи 41 то саҳифаи 62: дусаду шонздаҳ (216);
Ҳамагӣ: шашсаду панҷоҳу чор (654) иштибоҳ.

Мо, муаллифони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ба аксари андешаҳои хос ва шахсии устод Файзалӣ Абулхонов ки дар китобаш овардааст, сад дар сад мухолифем. Барои намуна ва мисол, мо ин андешаҳои шахсии ӯро дар назар дорем:

1. **Устод мегӯяд:** «Олимони соҳаи физика ва астрономияи муосир дар натиҷаи таҳқиқу омӯзишҳо собит намудаанд, ки коиноти беканор замоне аз ҳеҷ дар натиҷаи як таркиши бузург ба вуҷуд омадааст» (саҳ. 8).

   **Мо мегӯем:** Донишмандони варзидаи муосир ин даъвоҳоро бепоя ва сатҳиназарӣ мешуморанд, зеро то ҳол дар бораи пайдоиши Кайҳон ягон фарзия ҳамун «модели стандартии пайдоиши Коинот» аниқ, қабул карда нашудааст. Ҳамин даъвои Устод, ки мегӯяд «таркиши бузург» ин модели пешниҳодии олими амрикоӣ Г. Гамов (1904 - 1968) аст, на аз ин зиёд. Доир ба пайдоиши Кайҳон як қатор олимони

варзида дар солҳои мухталиф фарзияҳои худро пешниҳод намудаанд: И. Кант (соли 1755), П. Лаплас (соли 1796), В. Гершел (соли 1846), А. Фридман (соли 1922), Э. Ҳаббл (соли 1929), К. Саган (соли 1934), О. Шмидт (соли 1944), Г. Гамов (соли 1967) ва дигарон.

2. **Устод мегӯяд:** «Ҳамчунон олимон бар он назаранд, ки Кайҳон то ҳадди ниҳоии имкондошта расида, тахти таъсири қувваи кашиш ба ҳолати аввала бармегардад ва боз чун аз ҳеҷ офарида шуда, ба ҳеҷ табдил меёбад. Ҳамин тариқ аз дастовардҳои илмии муосир бармеояд, ки Коинот аввалу охир доштааст. Ва андешаи «ҷирмҳои беаввалу охир», ки Коинотро ташкил медиҳанд, дорои аввал буда, замоне дорои охир мегардад» (саҳ. 8).

   **Мо мегӯем:** Соли 1922 олими рус А.А. Фридман (1888 - 1925) модели космологии ҳозиразамони оламро пешниҳод кард ва бо роҳи назариявӣ исбот намуд, ки олами бо моддаи ҷазбшаванда пуршуда статсионарӣ набуда, балки он бояд ба таври даврӣ ё васеъ ва ё фишурда шавад. Дурустии назарияи Фридманро оид ба ғайристатсионарӣ будани коинот кашфи ҳодисаи «ҷойивазкунии сурх» исбот намуд. Соли 1929 астрономи амрикоӣ Эдвин Ҳаббл (1889 - 1953) муайян намуд, ки дар спектр(тайф)-и рӯшноии аз галактикаҳои дур меомада, раххҳои спектралӣ ба тарафи ранги сурхи тайф ҷой иваз мекунанд. Аз рӯи ҳодисаи «ҷойивазкунии сурх» Ҳаббл ба хулосае омад, ки галактикаҳо аз ҳамдигар бо суръати 75 км/сония дур мешаванд, на наздик. Яъне коинот то рафт васеъ мешавад... Акнун ба ки бовар кунем, ба физикадонҳое мисли Фридман ва Ҳаббл ё ба фалсафидоне чун устод Файзалӣ?!

3. **Устод мегӯяд:** «Пешрафти илм баръакси ин «Инсоншиносон» ба он далолат мекунад, ки Инсон як мавҷудаи олиташаккул буда, аз ҷониби Худованди Ҷаҳониён халқ карда шудааст» (саҳ. 15).

   **Мо мегӯем:** Илми антропологияи муосир ин ақидаро ба куллӣ рад ва инкор намудааст. Ба андешаи олимони соҳаи биология ва антропология Инсон аз замони пайдоиш то ба имрӯз чунин марҳалаҳои таърихии инкишофи биологию физиологиро паси сар намуда, баъдан шакли имрӯзаи

худро касб кардааст: приматҳо → австарлопитекҳо → питекантропҳо → синантропҳо → неандериҳо → кроманионҳо → homo sapiens (инсони хирадманд) → инсони замони муосир…

4. **Устод мегӯяд:** «Тарзи офариниши ҳаётро танҳо Офаридгор медонад. Мо танҳо фарзияҳо ва андешаҳо пешниҳод карда метавонему бас, аммо дар шароити лабораторӣ ҳаётро офаридан аз дасти мо намеояд» (саҳ. 16).

   **Мо мегӯем:** Аммо аз дасти илм ва техникаи муосир меояд. Маслан, бо истифода аз як соҳаи муштараки биология – евгеника ҳанӯз соли 1979 аввалин инсонро бо роҳи сунъӣ (клонированный) ба вуҷуд овардаанд (дар Донишгоҳи Берклии Калифорнияи ИМА). Мисоли дигар, баҳори соли 1997 хабари бо роҳи сунъӣ ҳосил намудани гӯсфанд бо номи Долли аз ҷониби духтур Вилмут дар Британияи Кабир тамоми мардуми сайёраро ба ҳайрат овард. Илова бар ин олимони соҳаҳои ситология (ҳуҷайрашиносӣ) ва эмбриология (ҷониншиносӣ) бо ёрии техникаи ҳассоси замонавӣ метавонанд, ки дар таркиби ҳуҷайраи ҳамагуна организм хромасома ва генҳоро ба танзим дароранд...

5. **Устод мегӯяд:** «Офаридгори бузург дар китоби худ хабар медиҳад, ки инсонро аз хок офаридааст. Пас, хулоса намудан мумкин аст, ки Инсон мавҷудотест, ки онро Худованд офаридааст, на маҷмӯи 118 элементҳои химиявиест, ки ин «равшанфикрон» мегӯянд» (саҳ. 17).

   **Мо мегӯем:** Давоми ҷумлаи болост ва таърихи ин ақида аз давраи Мусои пайғамбар ба оламиён маълум аст. Вале, илми микробиология дар таркиби воҳиди ниҳоии организми зинда – ҳуҷайра зиёда аз 60 элементи химиявиро бо фоизаш муайян намудааст. Барои мисол, фоизи бархе аз элементҳоро дар таркиби химиявии ҳуҷайра меорем: оксиген – 65-75%, карбон – 15-18%, гидроген – 8-10%, нитроген – 1,3-3%, калий – 0,15-0,4%, сулфур – 0,15-0,2%, фосфор – 0,20-1%, хлор – 0,05-0,10%, магний – 0,02-0,03%, натрий – 0,02-0,03%, калсий – 0,04-2,00%, руҳ – 0,0003% ва ғайра.

6. **<u>Устод мегӯяд:</u>** «Ин таснифоти «қоидаҳои худосозӣ» низ ба «равшанфикр» тааллуқ надошта, балки таснифотест, ки ба олими этнолог Э. Тейлор тааллуқ дорад» (саҳ. 18).
   **<u>Мо мегӯем:</u>** Эдуард Тейлор асосгузори назарияи анимизм (рӯҳпарастӣ) аст, на қоидаи худосозӣ! Андешаҳои Ксенофани юнонӣ (570 - 478 то мелод) ва Карл Лукреции румӣ (99 – 55 то мелод) дар сароғози андешаи худосозиҳо қарор доранд.
7. **<u>Устод мегӯяд:</u>** «Ҷаҳонбинии илмӣ … ба чунин натиҷа расидааст, ки эътиқод ба Худои ягона ё эътиқоди тавҳидӣ қабл аз эътиқод ба Худои қавмӣ ва бисёрхудоӣ дар эътиқоди ҳар қавму халқиятҳо вуҷуд доштааст» (саҳ. 18).
   **<u>Мо мегӯем:</u>** Устод Файзалӣ! Мафҳуми «Инсон» абстраксияест, аз шахсияти мушаххаси миллионҳо ва миллиардҳо инсонҳое ки дар ҷаҳони мо зистаанд. Ин андеша дар ҳамаи китобҳои дарсии таърихи дин омадааст. Аввал бисёрхудоӣ буда ва ин худоҳои бисёр оқибат образи Худои ягона ва тавҳидиро ба вуҷуд овардаанд… Боқӣ Шумо донеду дастовардҳои навини илмӣ!
8. **<u>Устод мегӯяд:</u>** «Расидан ба зиндагии ҷовидонагӣ дар ин дунё ҳеҷ гоҳ ҳадафи Инсоният набуд, танҳо ин ҳадафи ашхоси дунёпарасту ишратхоҳ буд … ки аз вуҷуди марг дар ҳарос буданд» (саҳ. 27).
   **<u>Мо мегӯем:</u>** Дар боби 9 зери унвони «Ҳадафи инсон чист?» овардаем, ки: «Ҳадафи Инсон наҷот аз марг аст. Ҳамин худшиносии чаҳорҳазорсолаи дину мазҳабҳои гузашта ва мактабҳои фалсафии ҳамаи қавму миллатҳо барои масъалаи мирандагии Инсон ҷавоб меҷӯянд. Ҷустуҷӯ то ҳол давом дорад … Пас, ҳадафи Инсон аз байн бурдани марг ва мурдани ҳамаи фардҳои инсонист. Яъне расидан ба зиндагии ҷовидонӣ» (саҳ. 14).

Устод Файзалӣ, ашхоси дунёпарасту ишратхоҳ ба ҳама маълум аст, ки чӣ мехоҳанд. Ҷои баҳс нест. Биёед аз як сӯфии вораста ва парҳезгор бо номи Молики Динор ёдоварӣ намоем, ки ба ҷуз вакти таҳорату намоз дигар ҳама вакт дар зиндагиаш аз тарси марг гиря мекард…

Шумо мегӯед, ки «ашхоси неку поксиришт аз марг бо камоли майл истиқбол менамуданд» (саҳ. 27).

**<u>Мо мегӯем:</u>** Як шоири ҳамзамони Шумо гуфтааст, ки:

*Ҳамдиёри ман надонад фарқи маргу зиндагӣ,*
*Аз хиҷолат назди душман хокро бар сар задам!*

Пас, ба кадоме аз Шумо бовар кунем?

Ҳатто хулосаи охирини Шумо дар саҳифаи 53 - и китобатон ҳам баҳсталаб аст: «Андешаи дурусту солим доири ҳаёт ва марг ҳамин аст, ки инсон маргро бартараф карда наметавонад. Ва мазмуну моҳияти ҳаёт маҳз дар мавҷудияти марг аст (А.Ф.)». (саҳ. 53).

Истифодаи дурусти истилоҳи маргпарастӣ танҳо ва танҳо барои муаллифи чунин андешае айни мудаост!

Ба далели таърихиатон ҳам қонеъ нестем. Менависед, ки: «Агар мо ба фарҳанг ё таълимоти бузургони гузаштаи хеш назар афканем ягон андеша ё ғояеро дар таълимоти онон пайдо наменамоем, ки таблиғкунандаи бемаргӣ ё тарс аз марг бошад …» (саҳ. 57).

**Мо мегӯем:** Дар гузашта ба андешаи муҳаққиқи англис Мэри Бойс фарҳанги зардуштӣ душмани сарсахти марг ва мурдан буд … Дар фалсафаи Юнони қадим аз замони Суқрот ба баъд ҳама файласуфон дар осори худ мавзӯе доштанд бо номи «Хавф аз марг» … Ин мавзӯъ аз фалсафаи Юнон ба фалсафаи исломӣ гузашт ва аз Ибни Киндии араб сар карда, то Ибни Сино ва Ибни Мискавейҳи форс-тоҷик ин мавзӯъро давом додаанд. Баъди асри 12 мелодӣ ин мавзӯъ ба тасаввуф гузашт.

Устод, ду мисраи иқтибоскардаатон дар саҳифаи 39, моли сӯфиест, ки аз тарси марг ва мурдан лофи мардонагӣ мезанад. Ин ҳама лофу газофи сӯфиён (аз ҷумла Мавлоно) аз нигоҳи равоншиносӣ аксуламали тарсу ҳароси маргу мурдан аст, ки ба дили онҳо афкандааст:

*Марг агар мард аст, гӯ, назди ман ой,*
*То дар огушаш бигирам танг - танг.*
*Ман аз ӯ ҷоне ситонам ҷовидон,*
*Ӯ зи ман далқе ситонад ранг - ранг.*

Устод Файзалӣ, биёед ба ботини худ назар кунем: Оё мою Шумо маргро дӯст медорем?

Ҳар кас ботинашро худаш медонад. Бо Шумо коре надорем. Вале мо, муаллифони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» нисбат ба марг ва мурдан нафрат дорем. Чароки марг душмани

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Инсон аст… Душмани зиндагӣ аст. Марг, ин нестӣ ва нобудии ҷаҳон ва Инсоният аст. Чунин ҳаюлои ваҳшатангезро дӯст доштан ва парастиш кардан магар нишона ва аломати ҷунун ва девонагӣ нест? Агар маргпарастӣ нишонаи хирадмандӣ ва ҷавонмардӣ бошад, пас девонагӣ чист ва ҷунун чӣ маъно дорад?!

Абулмаонӣ Бедил хулосаи ҳаётро хуб дарк карда, чунин фармудааст:

*Ҳар гаҳ ки намондӣ, ҳама якбор намонад!*

**Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**

## РИСОЛАТИ ИЛМ ВА БЕРИСОЛАТИИ ОЛИМ Ё МАРДОНА БОЯД ЗИСТ!

(*Ҷавоб ба тақризи «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ё («Ҷаҳонбинии алтернативӣ»)»-и устод Файзалӣ Абдулхонов*)

Баъди мутолиаи китоб бо номи «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ё («Ҷаҳонбинии алтернативӣ»)» Душанбе - 2013, нашриёти «Эр-граф», –64 саҳифа) хостам ба муаллифи ин рисолаи кӯчаки Абдулхонов Ф.М. барои «мардона» изҳори андеша карданаш сипосгузор бошам. Зеро ҷомеа ва намояндагони қишри рӯшанфикри тоҷик дар бештари вақт ҳар андешаи алтернативиро бо хомӯшӣ пешвоз гирифта, ба гӯшаи фаромӯшӣ гусел месозанд ва ё нодида ва нохонда бадном мекунанд ва ҳамзамон аз ин андеша тасвири ваҳшатангезу туҳматомез сохта, дар оғози ҳар роҳ онро бероҳа месозанд. Аммо муаллифи ин рисола бо ҷасорат андешаи худро изҳор карда, ин сукути ваҳшатзоро сарбаландона шикаста, вориди ҷодаи баҳс шудааст. Ҳар ки андеша мекунад, шоистаи таҳсин аст. Дар таърихи идеологияҳои башарӣ андешаҳову ҷаҳонбиниҳои гуногуне вуҷуд доштаанд, ки гоҳ ба таври иҷборӣ ба дигарон таҳмил мешуданд ва гоҳ ба таври ихтиёрӣ ва озодона таъқиб мешуданд. Ин пайгирии иҷбориву ихтиёрӣ фарҳангҳоеро ба вуҷуд овардааст, ки то ба имрӯз ҳастанд ва ҳамзамон намояндагон ва пайравони худро доранд. Аммо он ҷаҳонбинии алтернативие, ки аз тарафи намояндагони «Ҷаҳони андеша» ба ифтихори 20-солагии солгарди худ интишор сохт, як андешаи ихтиёрие буд, ки пешкаши ҳаводорони дигарандеш аст. Ин дигарандешӣ фаромиллӣ ва фаросуннатӣ буда, бевосита барои хушбахтии башарият ихтиёран тақдим мешавад. Мо нисбати ягон андешаи миллӣ ва мазҳабӣ хушунатварз ва ифротиву тафритгар нестем ва ҳамзамон фаҳмишу андешаи худро ба ягон нафар таҳмил намекунем. Аммо чи хеле ки ҳамзамон аз таърихи талхи миллии истеъморзадагии юнонию арабӣ ва табартақсими русӣ огоҳ ҳастем ва маҷбуран арзишҳои бегонаи онҳоро то ба имрӯз

(дар асри 21) баъзе нафарон пайравӣ мекунанд, мо тасмим гирифтаем, ки аз нав арзишгузорӣ шавад ва бе ягон таҳлили огоҳона ин арзишҳоро қабул надошта бошем. Асри 21, ки асри иттилоот аст, бояд аз хазинаи фарҳангии инсонсози башарият бе таассубу ифротгарӣ ва худкомагиву маргандешӣ ҷаҳони инсониро наҷот диҳем, то аз тамоми таассубу ифротгарӣ канор равем ва робитаҳои байни инсониро тавсеа бахшем. Ин ҳадафи куллии мо буд аз навиштани ин рисолаи кучак, то озодона дар бораи мушкилоти асосии имрӯзаи инсон фикр кунем ва масъалагузорӣ намоем.

Аммо дӯсти мо Абулхонов Ф.М. бо ситез ва хушунат ба гуфтаи баъзеҳо дар давоми се рӯз ин рисолаи «илмӣ»-и худро бар зидди таҳлили ҷамъбастии таҷрибаи 20-солаи «Ҷаҳони андеша» рӯи варақ овардааст.

Азбаски андешаи ирсолшудааш суистифода аз сиёсати вақт ва андешаҳои динист, на илмӣ, мо хостем ба шакли мухтасар бе суитафоҳум ва пуштибониву шӯрондани сиёсатҳову динҳо муҳтавои андешаи ӯро таҳлил созем, то сабаби ҷудоиандозӣ ва ваҳдатситезии ҷомеаи ҷаҳонӣ нашавад. Накди андешаҳои ин рисола на ба хотири ғаразе ё ҳадафи саркӯб кардани муаллиф аст, балки ба андешаи инҷониб суитафоҳуми муаллифро, ки моро ба тарсӯиву каҷандешӣ муттаҳам ва таҳқир кардааст ва «мардона мурданист», ба хонандагони мақола пешкаш намоем:

Муаллиф аввалан номи рисоларо, ки рисолаи илмӣ - публисистист, «мардона мурдан зиндагист» намегузошт, зеро нестӣ ва ҳастӣ, мурдан ва зистан ду ҳолати ба ҳам зид ҳастанд. Бо пуштибонӣ аз дини ислом муқарриз мехоҳад бинишҳои моро ғайриилмию зиддиятнок ҳисобад, дар ҳоле ки аввалин таззод дар унвони китоб аст. Ҳамзамон, динҳо низ дар баробари ҳалли мушкилоти марг, абадзиндагиро ваъда медиҳанд. Дар ин ҷост, ки арзиши воқеии дин ошкор мешавад, зеро мушкилоти башариятро дар ҳудуди вақту фазо шинохтааст ва ҳамзамон роҳи ҳалли воқеиро натавонистааст пешниҳод кунад. Зеро дар он вақт танҳо наҷот аз маргро ба эҳёи дубора дар дунёи дигар чорасозӣ мекарданд.

Инчунин, зимни муқаддима муаллифи рисола аз таноқузот ва таззодҳои фикрӣ нуктагирӣ мекунад, дар ҳоле ки худ аз номи китоб ба «таноқузот» шурӯъ мекунад ва аз номи «инсоният»

ҳимоятгари «муқаддасоти динӣ ва арзишҳои миллӣ» мешавад. Мо ба ҳеҷ ваҷҳ арзишҳои миллӣ ва муқаддасоти динҳоро шикастанӣ нестем, зеро динҳо ин фарҳанги гузаштаи моанд, лекин зиёд худкомагон ва худшефтагоне буданд, ки худ ва дигаронро дар догмаҳои гумроҳкунандаи диниву сиёсӣ нигоҳ дошта, худро муаллими башарият эълон намуда, тамоми истеъдодҳои навшукуфтаи инсониятро заҳҳоквор ба коми нестӣ ғарқонидаанд ва «мардона» мурдаанд.

Андешаҳои динӣ ва сиёсии тоталитаристие, ки мисли догма, яъне карахту шахшуда монда, даъвои мутлақият ва дасту пойбурӣ, хушунат, зинда ба зинда сӯзонидан, бадарға кардан ва қатлу тарсу бимро болои афкори инсон таҳмил сохта, инсонро зинда мекушанд, кайҳост арзиши маънавии худро аз даст додаанд ва башарият аз чунин арзишҳои худкамои пешвоён, муҳтадиён ва доҳиёну наҷотбахшон безор аст (с. 3).

Муқарриз зимни таҳлили «ҷаҳонбинии оянда, ҷаҳонбинии номаълум», моро ба надонистани ҷаҳонбинии фалсафӣ муттаҳам медонад. Бояд гуфт, ки ҷаҳонбинии фалсафӣ ин танҳо аввалияти ҳастӣ ва шуур нест, балки яке аз масъалаҳои асосии дигари фалсафие, ки дар ҷараёнҳои фалсафа вуҷуд доранд ва масоили дигари фалсафиро матраҳ месозанд, ин мактабҳои фалсафаи ҳаёт ва асолати вуҷуд (экзистенсиализм) мебошад, ки бевосита масъалаи марг, танҳоии инсон ва дигар масоили фалсафиро баррасӣ кардаанд. Ҳар касе даъвои фалсафадонӣ мекунад, бояд фаротар аз доираи донишҳои ибтидоии таълимӣ тафаккур кунад ва худро «аллома» нишон дода, афкори дигарандешонаро «беарзиш» ҳисобад ва хулосаи «навгонии илмӣ» барорад (с. 5).

Муқарриз дар сарлавҳаи дигари китоби худ «ҷаҳоншиносон ҷаҳонро нашинохтаанд» ба ғайр аз таҳқир дигар фикре пешниҳод накардааст (с.6). Дар сарлавҳаи таҳқиромези дигари китоб «кайҳоншиносон»-и аз дастовардҳои илмӣ бехабар, моро бо истилоҳи «ҷирмҳои моддӣ» муттаҳам месозад, дар ҳоле ки ин на истилоҳи нуҷумшиносӣ аст, балки истилоҳи фалсафӣ аст, зеро ҳамаи ҷирмҳо моддианд. Ҳамзамон хотиррасон месозем, ки бо ин рисола мо даъвои кашфиёти илмӣ накардаем, балки ба забони оммафаҳм мехоҳем, масоили фалсафиро ба мардум пешкаш

намоем, зеро дар ҷаҳони муосир ҳама самтҳои илмӣ бояд дар хидмати мардум бошад, то инсоният аз ҷаҳолату нодонӣ раҳо ёбад ва дар доми суханпардозиву тафсиру таъвилгароии сардаргум ва сохтани истилоҳоти тумтароқе, ки хонандаро сардард ва муаллифро дар торупуди суханбозиҳояш мафтуни бехудии худ месозад, наандозем.

Нуктаи дигаре, ки беаввалу беохирии ҷирмҳои моддист, барои ифода сохтани ҳамаи он ҷирмҳое, ки дар кайҳон вуҷуд доранд, дар назар дошта шудааст, ки то ба ҳол ҳудудҳои он ҷирмҳо нашинохтааст, яъне на ибтидои ин Кайҳон ва на интиҳои он маълум нест (с.7).

Баҳси дигаре, ки дар ин бахш баҳс мешавад, аз ҳеҷ офарида шудани олам ва таркиши бузург мебошад, ки муаллиф бо овардани фактҳо фарзияи наверо «иктишоф» карда, оламро аз ҳеҷ офаридашуда медонад, яъне агар хато накунам аз ҳеҷ таркиши бузург ба вуҷуд омадааст. Магар ин фикр матиқист, ки аз ҳеҷ таркише ба вуҷуд ояд ва дар натиҷаи васеъшавию баҳамоӣ боз ба ҳеҷ табдил ёбад. Дар фалсафаи Гегел масъалаи ҳеҷ низ чизест, аммо дар ҳолати бесифатӣ, яъне дорои бешаклие, ки зарраи хурдтарин ба номи кварк ва лейптон, ки дар илми физика маълум ва машҳур аст (с. 8).

Дар бахши «равшанфикрон»-е, ки дар замин зиндагӣ намудан намехоҳанд, даъвои муқарриз дуруст аст, ки «қонуниятҳои азалӣ ва абадии ҷаҳон ва Кайҳон дар замин ҳам ҷорӣ ҳастанд» иштибоҳ ва нодуруст аст, лекин ҷавоб бояд муҳтарамона бошад, на таҳқиромезона!

Ҳамзамон бояд эътироф кард, ки Замин дар доираи системаи офтобӣ дар як низом ва конуният вуҷуд дорад ва бисёр қонуниятҳои куллиест, ки фарогири тамоми коинотанд.

Ба боварии комил гуфта метавонем, ки агар инсоният бо илм худро мусаллаҳ созад ва ба бовариҳои содалавҳонаи худ хотима бахшад, қодир аст, ҳарорати 238 градусаи Плутон, сардии 218 градусаи Нептун ва дигар сайёраҳоро тағйир дода, барои зиндагии худ мувофиқ созад, танҳо ба як роҳ ин ҳам бошад бо дастрасии бемаргии инсон ва озод шудан аз ҷаҳолати хурофоту динзадагиаш (с.9).

«Инсон тудаи 109 элементи химиявӣ нест» сарунвони дигари китоб аст, ки бо даъвои олимии муқарриз оғоз шуда, инсонро «тудаи 109 элементӣ химиявӣ» ва инсон ҷузъе аз заминро порае аз

замин (с. 14) ташреҳ кардааст. Чаро мо дар илм бо таҳрифсозӣ, хушунатварзӣ ва худкомагиву алломагӣ дигаронро таҳқир месозем. Рисолати як олим ҳамчун инсон, на аллома ва ё… он нест, ки ҳамдигарро таҳқир созад ва худро ягона донад ва зӯргӯӣ кунад, фикр мекунам дар даргоҳи илм, ки ҳудуди фарох дорад, ҳама метавонад чизе бигӯяд ва ҳамзамон иштибоҳе дошта бошад. Ин як ҳолати маълум аст. Аммо дар иқтибоси «инсон ҷузъе аз замин аст. Ҷисми он аз элементҳои химиявии Системаи даврии Д.И. Менделеев ташкил ёфтааст», куҷо иштибоҳ аст, эй муқарризи нуктафаҳм?!

Муҳтарам муқарризи нуктафаҳм бояд ба иқтибоси худ таваҷҷӯҳ созӣ, ки «аз ҷиҳати назарӣ офариниши одамро аз илм исбот карда наметавон, зеро ин аз имкониятҳои ақлу фаросати мо берун аст» (с 16). Агар шумо ба чунин фарзияи худ бовар надоред, бояд ба доноиву заковати хеш таҳсин хонед ва тамсилоти қуръониро бо таноқузи афкори пешинаи худ тафсир кардани шумо моро дар ҳайрат мегузорад, ки «одамро аз гили хушкардае чун сафол офарид», ояти 14, сураи «Раҳмон»» иқтибос мекунед.

Таҳрифкории дигари муқарриз дар он аст, ки мо инсонро бо шуур (ақл яке аз унсурҳои шуур аст) ва ихтироъкор, яъне эҷодкор медонем ва ё аз куҷо беақлии инсонро муқарриз дарёфтааст, худаш донаду худояш (рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда, (ҷаҳонбинии алтернативӣ), Душанбе - 2013, с. 5).

Мо дар рисолаи худ дар аввал зикр кардем, ки даъвои навгонӣ ё кашфиёте надорем ва аз андешаҳои тамоми олимон бавосита ё бевосита таъсирпазир ва огоҳ ва дар охир низ намунаи чанде аз онҳоро овардаем, ки исботи он аст, ки мо асари касеро «надуздидаем». Як андеша метавонад дар чанд матн бо чанд бинише истифода шавад, танҳо ҳамон вақт «дуздӣ» ҳисобида мешавад, ки айнан, ҳарф ба ҳарф бардошта шавад ва сарчашма нишон дода нашавад. Агар аз одитарин усули эҷоди мақола ё асари илмӣ огоҳӣ медоштед, муқарризи муҳтарам, иқтибосҳо мешаванд бевосита, яъне ҳарф ба ҳарф оварда шуда, саҳифа нишон дода мешавад ва иқтибосҳо мешаванд бевосита, ки мазмуни он ба таври хулоса зикр карда мешавад.

## *Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Аз аввал то ба охир муқаррризи нуктадон мехоҳад, тамоми кӯшиши худро барои исботи фарзияҳои динӣ равона созад ва эътиқоди худро ба дигарон таҳмил созад. Дар ҳоле, ки дин аз илм ҷудо аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ инҳо яке буда наметавонанд.

Дар худи Қуръон омадааст, ки Ислом дин аст, на илм. Бояд байни дин, сиёсат ва илм ҷудоӣ бошад ва ба ихтисосманд зарурат дорад, то мавзӯи илмиро, ки маҳдуд аст, шиносад ва ташреҳи дуруст диҳад, зеро «ҳама чизро ҳамагон донанд».

Дар мавриди ошкоршавии Худоро ба оксигену ҷараёни барқ тамсил задани муқарриз ва исботи фикри худ аз Худо гуфтанием, ки масъалаҳоро ба ҳам омезиш ва «лойолуд карда бояд моҳӣ надошт», зеро ҷараёни барқ ва оксиген гарчанде ошкор нест, лекин дар шароити лабораторӣ бевосита мушоҳида кардан мумкин аст.

Чаро бо туҳмат моро аз таърихи динии башарият маҳрум сохта, худро диншинос муаррифӣ месозед, дар ҳоле ки аз назари мо дин низ як фарҳанги гузаштаи башарият ҳаст, ҳеҷ кас онро наметавонад инкор кунад. Аммо касоне ҳастанд, ки барои худкомагӣ ва зӯргӯии худ ба ҳар тарзе хоҳанд истифода мекунанд. Ривояте ҳаст, ки Пайғамбар Муҳаммад (с) баъди интишори Ислом аз назди ҷамоате мегузашт ва медид, ки яке ояти Қуръонро бар зидди дигаре оварда, байни ҳамдигар душманӣ ва бадгӯӣ доранд. Пайғамбар аз кирдори онҳо дар ҳайрат шуда, онҳоро чунин таъкид мекунад, ки Худо Қуръонро барои он нозил накардааст, ки шумо ҳамдигарро таҳқир созед ва бо истифодаи оёт ҷидолу нифоқ байни мусалмонон паҳн намоед.

Чаро мо дар асри 21 кӯшиш мекунем, бояд ба қолабҳои фикри асри 7 фикр кунем ва худро ба расму оини фарсудашудаи ғайримаданӣ мутобиқ созем ва бо пӯшидани ҷелаку дастор ва бо доштани юғу сипор ва дигар одатҳои худшика ифтихор кунем?. Имрӯз фарҳанги илмӣ, на тааллуқ ба дин ва миллат дорад ва на ягон ҷаҳони дигаре, балки ба тамоми башарият тааллуқ дошта, барои некӯаҳволии тамоми башарият равона карда мешавад. Имрӯз бояд ба ваҳдати башарият мусоидат намуд ва андешаҳои худкомаи сиёсиву динӣ ва қавмиро, ки монеаи хушбахтии инсониятанд, барҳам дод.

Дар нуктаи дигаре, ки сарлавҳааш бо мубҳамот ва таҳқир оғоз мешавад, муқарриз иқтибосҳои худро аз як қисмати матн барканда, бо тафсирҳои ғалат аз инсон, ки гуё «тудаи

элементҳост», худро нуктафаҳм гирифта, ба мо таърифи мубҳами диалектикаи материалистиро овардааст. Махсусан, агар дуруст аз ин таърифе, ки худи муқарриз пешниҳод месозад ва огоҳии дурусте аз дидгоҳи гносеологии шуур дошта бошад, худи он таърифе, ки бо иштибоҳ овардааст, бозгӯ ва тасдиқи фикри мост. Яъне шуур шакли олиташкили материя мебошад, на воқеият. Яъне организми инсон, ки ҷузъе аз материя аст, дар тӯли солҳову асрҳои зиёде ташаккул ёфтааст ва мисли дигар материяҳои инъикоскунанда, дар худ воқеиятро инъикос мекунад, аммо инъикоси организми инсон, инъикоси эҷодкорона мебошад, ки он аз мағзи сари инсон мегузарад ва дигар узвҳои организми инсон низ инъикоспазир ва инъикоскунандаанд, ки ба таври механикӣ воқеиятро инъикос мекунанд (с.25).

Дар идомаи баҳс низ муқарриз аз матн ҷумлаеро, то ба охир наоварда, тафсири ғалат месозад, ки барои шарафи як инсон чунин ноҷавонмардӣ шоиста нест.

Дар мавзӯи «Ҳадафи инсон чист?» муқарриз дуруст иқтибос мекунад, аммо он нафароне, ки «наҷот аз марг» мехоҳанд, ба «дунёпарастиву ишратхоҳ ва ақалият» тавҳин карда, ба пуррагӣ наҷот аз маргро инкор мекунад ва ҳамсонасозиро бепоя медонад (с. 26).

Муқарризи нуктафаҳм бояд огоҳ бошад, ки ҳадафи куллии бештари динҳо ин бемаргист, аммо на дар ин дунё, балки дар дунёи дигар. Аммо мо андеша дорем, ки аз роҳи илм имкон дорад, инсон худро дарозумр ва абадан нигоҳдорӣ кунад. Агар чунин нест, пас тоату ибодати диндорон ва табобати табибон ва ҳақиқати ҳақшиносон корест беҳуда ва худфиребӣ.

Агар «мардона мурдан зиндагист», пас ин зиндагӣ нест, чи фарқест, ки як сол умр бинӣ ё сад сол. Чи мантиқест, дар ин гуфтор?

Бемаргӣ ба ҳеҷ ваҷҳ оқибатҳои нохуши иҷтимоӣ ва ахлоқиро дар ҷомеа надорад, баръакс мурдан инсониятро ба тамоми нокомиҳо оварда расонидааст. Мисол дар заминҷунбӣ ва дар офатҳои табиӣ чандин нафар қурбон мешаванд ва аз бемориҳо чандин кас мемирад, пас барои онҳо мо бояд чӣ кор кунем ва чӣ бигӯем? Бигӯем, ки Шумо шоистаед, бояд бимиред. Чандин

мисолҳоеро аз воқеияти зиндагии башар овардан мумкин аст, ки муқаррizи нуктадон аз ин беҳудии худ огоҳ шавад.

Пас агар Шумо мурдан мехоҳед, чаро ба касоне, ки зиндагиро мехоҳанд, таҳқир месозед. Агар Шумо мурдан мехоҳед, фикр мекунам, ҳеҷ вақт касоне аз мо шуморо аз ин амал нигоҳ намедорад ва монеа нахоҳанд шуд. Агар Шумо маргпарастед, пас шодмона ӯро ба оғӯш гиред. Бимиред, танҳо ҷавонмардона, на бо таҳқиру тавҳини дигарон!

Даъвои дигари муқарриз он аст, ки дар об ҳаёт ба вуҷуд наомадааст? Агар дар об ҳаёт ба вуҷуд наомада бошад, пас чаро то ба имрӯз дар об ҳаёт аст ва бештари организми инсонро об ташкил медиҳад. Фикр мекунам, ки бе об ҳаёт нест, ин як аксиома аст, барои исботи ин фарзия на Дарвин ва на Ҳорун, Яҳё ва Қуръону Библия заруат надорад. Муқарризи нуктадон, фикр мекунам, масъалаи пайдоиши ҳаётро бо масъалаи пайдоиши инсон натавонистааст фарқ гузорад. (с. 29)

Нуктаи дигаре, ки муқарриз мехоҳад ба мо «гумроҳон» роҳ нишон диҳад, дар бахши «ҳикмат ё фалсафаи марг» мебошад. Яъне ҳадаф аз зиндагӣ ин марг аст. Ҳамеша инсон дар зиндагиаш ҳадафе мегузорад, ки мушкилиеро ҳал созад. Чун марг мушкили нобудии инсон аст, онро ҳал кард, на балки танг - танг аз тарс бехуд шуда, онро ба оғӯш кашид.

Хулоса, агар мо «ҷавонони шермарду ҷасур ва нотарс» бошем, бояд ин мушкилотро нодида нагирем, зеро аз замоне, ки инсон худро мешиносад, аз марг метарсад ва роҳи ҳалли он ҳамеша аз тарафи тамоми қишри ҷомеа пайгирӣ ва чорасозӣ шудааст. Бояд ҳар муқарриз инсоф дошта бошад, ки масоили илмиро ба дигар масоил махсусан, масоили сиёсӣ - иҷтимоӣ омезиш надиҳад. Пеш аз он ки аз ҳимояти марзу бум ва амнияти кишвар ҳарф занем ва дигаронро бо зӯргӯиву таҳқир муттаҳам созем, бояд пеш аз ҳама амал ва рисолати рӯшанфикрии худро дуруст анҷом дод, то ки дар як рисолаи 65 - саҳифагӣ зиёда аз 650 иштибоҳ ва 160 таҳқиру зӯргӯӣ содир нашавад. Нигоҳдории амнияти кишвар бештар ба омилҳои дохилии кишвар, ки кафили ваҳдати миллист, вобаста аст, яъне ақаллан дар илм мо бояд шарафи инсонии худ ва дигаронро поймол насозем.

Фикр мекунем, агар Шумо ин рисолатро дуруст анҷом медодед ва дониши худро такмил медодед, хидмати шоистае ба

Ватан мешуд, то он дастандаркороне, ки дар навишти ин рисола ба шумо кумак карданд, хиҷолатзада намешуданд. Дигар қазоватро ба хонандагон ва масъулони ҳуқуқдонҳои ҳампешаи муқарриз пешкаш мекунем, то андешаҳои худро дар доираи одоби илмӣ ирсол кунанд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

## ИЛМ - АЛТЕРНАТИВАИ ДИН!

Баҳсу мунозираи танқидӣ маҳсули муҳити солим ва созандаи илмӣ ва умумиҷамъиятӣ мебошад. Он шарти асосии амалӣ сохтани орзую омол ва хостаҳое мебошад, ки ба воситаи забон ифода гардидаанд. Рисолаи илмӣ-оммавии «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)», ки баҳори соли 2013 аз тарафи гурӯҳи олимони соҳаҳои гуногун дар нашриёти «Кайҳон» ба табъ расид, ҳамин гуна орзую омол ва хостаи як қишри ҷомеаи тоҷик ба шумор меравад. Ин рисолаи кӯтоҳ бо забони оммафаҳм дар мавриди масъалаҳои асосии назарӣ ва амалии одамон баҳс мекунад.

Хулосаи китоб аз он иборат мебошад, ки МАРГ мушкилии асосии одамон дар ҳама давру замонҳо ва новобаста ба сарҳадҳои мавҷуда дар байни онҳо мебошад. Инсон миранда аст, аз ин рӯ, ӯ маҷбур мешавад, ки ба Худо ва дигар идеяҳои ғайритабиӣ, афсонавӣ ва динӣ бовар кунад. Ӯ бовар дорад, аниқтараш умедвор аст, ки Худо барояш ҷаҳони охиратро сохтааст ва ин ҷаҳони охират ӯро аз марг наҷот медиҳад. Чун ҷаҳони моддии заминӣ ӯро аз марг наҷот дода наметавонад, барои ҳамин, бар зидди он ва арзишҳои заминӣ бо идеологияҳои ифротгароии динӣ ва дунявӣ меҷангад. Гумон мекунад, ки «мардона мурдан» ва бо роҳи худкушию дигаркушӣ зиндагиро аз байн бурдан ӯро тезтар ба зиндагии абадӣ дар охират мерасонад. Аммо аз назари равоншиносӣ ин гуна маргпарастӣ як гуна эътироз ба худи марг мебошад. Таҳқиқоти зиёд нишон медиҳанд, ки ба ҷуз ҳолатҳои алоҳида дар аксарияти маврид одамон зиндагиро бар марг тарҷеҳ медиҳанд ва агар ба худкушӣ даст заданд, ҳатман пушаймон мешаванд.

Дар таърихи инсоният мавзӯи Зиндагӣ ва Марг ва ё худ Ҳастӣ ва Нестӣ мавзӯи нав нест. Балки он мавзӯи маркази мифологияҳо, динҳо ва фалсафаҳои халқиятҳои гуногуни ҷаҳон дар давраҳои гуногуни таърихӣ будааст. Астураи Осириси мисрӣ, Ҳаома ва Ҷамшеди ҳиндуэронӣ, Гилгамеши бобулӣ, Сизифи юнонӣ, фалсафаҳои Гераклит, Анаксагор, Суқрот, Афлотун, Эпикур, Лукретсий, Хайём, Фёдоров, Камю, Сартр ва монанди

инҳо намунаҳои барҷастаи ин гуна мавзӯъгузорӣ мебошанд. Имрӯз амалипазирии ин гуна орзую омоли инсонӣ дар шароити лабораторӣ мавриди санҷиш қарор гирифтааст. Дастовардҳо дар ин мавриди бисёр умедворкунанда мебошанд. Ба ҳисоби тахминӣ агар аққалан 10%-и имкониятҳои илмии ҷаҳон истифода бурда шаванд, дар муддати ду даҳсола метавон марги ҷисмонии инсонро рафъ кард. Барои исботи ин, дар ин маҷмӯа фишурдаи мақолаҳое оварда мешавад, ки соли 2004 дар маҷмӯаи «Пирӯзии илмӣ бар марг» ба забони англисӣ нашр шудаанд ва дар бораи ин гуна дастовардҳои илмӣ маълумоти дасти аввал медиҳанд.[2]

Аммо ҳанӯз аксарияти мардуми ҷаҳон ба фаҳму дарк ва эътирофи чунин пешрафтҳои ҳайратбахш дар илмҳои муосири генетика, биология, химияи генетикӣ, наномедитсина ва ғайра омода нестанд. Яке аз сарсахттарин мухолифони бемаргии ҷисмонии инсон Ҷорҷ Буш буд, ки моҳи августи соли 2001 бо қарори худ таҳқиқоти лабораторӣи ҳуҷайраҳои бунёдиро маҳдуд кард. Ба назари ӯ, истифодаи илм барои чунин корҳо хилофи принсипҳои динӣ мебошад. Гӯё зиндагӣ ва марги инсон дар ихтиёри Худо мебошад. Хушбахтона, баъд аз он ки Барак Обама президент интихоб шуд, бо яке аз аввалин фармонҳои худ қарори Бушро бекор кард ва барои олимон имкон дод, ки тадқиқоти худро озодона идома диҳанд. Маҷмӯаи “Пирӯзии илмӣ бар марг” нишон медиҳад, ки дар ин самт дастовардҳои назаррасе сурат мегиранд.

Дар ҳоле ки Амрико ва дигар кишварҳои пешрафтаи Аврупо дар сатҳи ҳуҷайра, ген, протеин, ДНК ва монанди инҳо тадқиқоти илмӣ ва муолиҷаи клиникӣ мегузаронанд, Тоҷикистон дар оғози роҳ қарор дорад. Дар ин вазъият фалсафа бояд барои роҳнамоии илмҳои гуманитарӣ ва дақиқ кор кунад. Рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ва дигар мақолаҳои ҳаммуалифони ин рисола, ки дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои Тоҷикистон нашр шудаанд, барои ҳамин кор бахшида шудаанд;

[2]The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004.

коре, ки файласуфи асри 19-и рус Николай Фёдоров «фалсафаи кори ҳамагонӣ» номида буд.[3]

Бори дигар бояд гуфт, ки мо дар оғози роҳ ҳастем. Барои ҳамин, табиист, ки вокунишҳои намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа ба *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* на ҳамеша мувофиқ ва ҳаммаром хоҳад буд. Яке аз чунин вокунишҳои номувофиқ ва бемаром тақризи муҳаққиқи ҷавони тоҷик Абдулхонов Ф. М. бо номи «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» мебошад, ки соли 2013 дар ҳаҷми 64 саҳифа аз чоп баромад.[4]

Ба таври тезисӣ агар ҷамъбаст кунем, муқарриз назари манфӣ, инкоркунанда ва даъваткунанда бар зидди *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* дорад. Ӯ иддао мекунад, ки рисолаи мо

1) иборат аз андешаҳои ғайриилмӣ ва беарзиш дар мавриди кайҳон, замин, инсон, шуур ва ғайра мебошад;
2) хилофи арзишҳои умумиинсонӣ буда, аз тарафи нафарони фаромӯшшуда, дунёпараст ва ишратхоҳ навишта шудааст ва арзишҳои зиддиинсониро тарғиб мекунад;
3) зидди манфиатҳои миллӣ ва динӣ буда, ба амнияти миллӣ хатар дорад;
4) асардуздӣ мебошад ва
5) аз ҷиҳати забонӣ ва мантиқӣ хароб ва бесаводона навишта шудааст.

Дар зер ба ин иддаои муқарриз якояк ҷавоб хоҳем гуфт. Бар хилофи муқарриз, дар ин мақола кӯшиш мекунем одоби баҳсро риоя кунем ва ба иззати нафс ва шахсияти ӯ нарасем. Чун баҳсу мунозира ва танқид шарти аслии расидан ба ҳақиқат мебошад, мақола мазмуну мухтавои тақризро баррасӣ мекунад, на зиёда аз ин. Бар хилофи муқарриз, ки асосан ба сарчашмаҳои динӣ такя мекунад, далелҳои ин мақола аз навтарин дастовардҳои илмӣ иборат мебошанд. Муаллифи ин мақола чун ҳаммуалифони дигари *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* ва мақолаҳои марбути он аз доираи баҳси илмӣ берун намеравад ва барои ҳимояи мавқеи фикрии худ аз сиёсатмадорон ва рӯҳониён мадад намеҷӯяд. Ин аст

---

[3] Николай Фёдоров, Философия общего дела. Москва: Эксмо, 2008. – 752 с.
[4]Абдулхонов Ф. М., Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ). Душанбе: Эр-граф, 2013. – 64 с.

муҳимтарин принсипҳое, ки дар ин мақола риоя карда мешаванд. Баҳси мазкур дар мавриди *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* баҳси озоди фикрӣ мебошад. Он барои ба ҳисоб гирифтани ҳама гуна танқидҳо омода аст, вале дар айни ҳол қабул надорад, ки вокунишҳо аз доираи баҳси холиси илмӣ берун раванд. Бо ин орзу ба муқарриз дар фаъолиятҳои эҷодиаш барори кор хоҳонем.

Дар оғози тақризи худ муаллиф мегӯяд, ки «…инсоният ба чунин рисолати ин муаллифон эҳтиёҷе надорад…»[5] Бо ин иддаои худ муқарриз хилофи принсипи ҷомеаи демократӣ мебарояд, ки плюрализм яке аз пояҳои сохтмони онро ташкил медиҳад. Чи дар Тоҷикистон ва чи дар сатҳи ҷаҳонӣ садҳо ва ҳазорҳо равияҳои сиёсӣ, мазҳабҳои динӣ ва мактабҳои фалсафӣ вуҷуд доранд. Онҳо ҳаққи баробари мавҷудият доранд, албатта, то он даме ки онҳо ба мавҷудияти якдигар ва ба зиндагии одамон хатар эҷод накунанд. *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* маҳз ҳамин принсипи ҳамзистии ҳизбҳо, дину мазҳабҳо ва андешаҳои фалсафии гуногунро тарафдорӣ мекунад. Ҳамзамон, ин ҷаҳонбинӣ ақидаҳо, идеологияҳо ва ҳаракатҳоеро маҳкум мекунад, ки характери ҷангҷӯёна бар зидди дигар ақидаҳо, идеологияҳо ва ҳаракатҳо доранд. Мо зидди идеологияҳои фундаменталистие ҳастем, ки ба хотири манфиатҳои худ зиндагии фардӣ ва ҷамъии одамонро ба хатар рӯ ба рӯ мекунанд.

Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар мо иттиҳоми муқарризро дар мавриди хатарнок будани *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* пазируфта наметавонем. Муқарриз мегӯяд, ки мо зидди манфиатҳои миллӣ ва динӣ ҳастем. Аммо дар асл худи таърифи *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* чунин иддаоро рад мекунад. Дар он гуфта мешавад, ки «ҷаҳонбинии оянда натиҷаи мушоҳидаҳои илмӣ ва амалии наслҳои пешинаи башар аст.» Бо ин мо ба гузаштагон ва мероси моддию маънавии онҳо арҷ мегузорем ва барои ҷовидонӣ кардан ва аз чанголи марг наҷот додани онҳо мубориза мебарем.

Арзишҳои ягонаи башарие, ки *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* пешниҳод ва тарғиб мекунад, маънои инкор кардани арзишҳои миллӣ ва маънои ба бунёдгароҳои динӣ монанд шуданро надорад.

---

[5]Абдулхонов, Мардона мурдан зиндагист. 2013. – Саҳ. 3

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Бунёдгароии динӣ ва ё нажодӣ ба хотири манофеи динӣ ва миллии худ мавҷудияти намояндагони дигар динҳо ва нажодҳоро инкор мекунанд. Аммо *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* бошад, баръакс, ба ваҳдати ҳамаи одамон, новобаста ба тааллуқияти динӣ ва нажодиашон даъват мекунад. Аслан *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* арзишҳои маънавии тамоми инсониятро мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳад. Он арзишҳоеро арҷгузорӣ мекунад, ки зиндагии заминии инсонро бартар мегузоранд. Ҳамчунин, *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* ба истиқлолияти давлатии ҳамаи миллатҳо ҳидоят мекунад, то ки аз ин роҳ ба забонҳо ва фарҳангҳои гуногун эҳтиром гузошта шавад. Мақсад аз ваҳдати умумиинсонӣ низ ба хотири ҳифзи чунин гуногунрангӣ мебошад.

Иттиҳоми дигари муқарриз марбут ба он аст, ки гӯё назару андешаҳои дар рисолаи *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* пешниҳодгардида ғайриилмӣ ва беарзиш мебошанд. Ва гӯё дар мавридҳои дигар андешадуздӣ ҳам кардаем. Сипас, ӯ таърифҳои додаи рисола дар мавриди «Замин», «Ҷаҳон», «Кайҳон», «Ҷирмҳои осмонӣ», «Инсон», «Шуур», «Худо» ва ғайраро рад мекунад. Қисме аз онҳоро бошад ба таълимоти файласуфону олимоне чун Фейербах ва Тайлор мансуб медонад, ки гӯё дастовардҳои илмӣ онҳоро кайҳо инкор кардааст. Барои исботи фикри худ, ӯ асосан ва аксаран аз сарчашмаҳои динӣ ва баъзан аз китобҳои дарсӣ мисол меорад.

Бояд гуфт, ки дар рисола мо аслан ҳеч гуна даъвои аз сари нав кашф кардани олами атрофро накардаем. Балки ба ин назарем, ки мафҳумҳои «Кайҳон», «Ҷаҳон», «Инсон» ва монанди инҳо зарурат ба бознигарӣ доранд. Гап сари он аст, ки мо ҳанӯз бо тасаввуроти куҳна, вале ғайриилмии идеологӣ ва динӣ дар бораи олами ҳастӣ ва падидаҳои моддӣ ва маънавии он зиндагӣ мекунем. Муқарриз даъво мекунад, ки матни рисола, аз он ҷумла дар мавриди Кайҳон ва ҷирмҳои осмонӣ зидди далелҳои илмӣ аст, вале ӯ ягон сарчашмаи илмиеро барои исботи фикри худ намеорад. Масалан, ӯ бе далели илмӣ даъво мекунад, ки таърифи «Кайҳон» дар рисола аз назари илмӣ хато аст. Аммо ӯ ягон сарчашмаеро нишон намедиҳад, ки зиддиятнок будани таърифи додаи моро собит намояд.

Дар рисолаи *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* «ҷирмҳои зоҳирӣ» гуфта, ҷирмҳое дар назар дошта мешаванд, ки сайёраи Заминро

иҳота кардаанд. «Ҷирмҳои моддӣ» гуфта, муаллифони рисола мехоҳанд таъкид ба моддӣ будани ҷирмҳо кунанд, на ба қиёс дар байни моддӣ ва ғайримоддӣ. Агар муаллиф мантиқшинос бошад, бояд донад, ки ба ғайр аз категорияи қиёс, категорияи таъкид (accent) низ вуҷуд дорад. Дар мавриди ин ду сифат (“зоҳирӣ” ва “моддӣ”) гап сари таъкид меравад, на қиёс. Сипас, «беаввалу беохир» сифатҳои худи Кайҳон мебошанд, на ҳар як ҷирми алоҳида. Ҳамчунин, мо дар назар надорем, ки галактика ва ё худ галаситора як ҷирми алоҳида бошад. Балки он аз ҷирмҳои зиёде чун ситораҳо, сайёраҳо, радифҳои табиӣ, шаҳобҳо, чангҳои кайҳонӣ, сияҳчолҳо, системаҳои ситораӣ ва ғайра иборат мебошад. Агар муаллиф ба ҷузъиёти лафзӣ хурдагирӣ намекард, шояд матлабро дурусттар дарк мекард. Мутаассифона, муқарриз дар ин бахш низ бе ёдоварии сарчашмаҳои илмӣ иддао мекунад. Масалан, ба рушди илму техника дар асри 20 ишора мекунад, вале сарчашмаеро қайд намекунад. Ҳамин гуна, муқарриз таърифи «Замин»-ро бемантиқ меномад, ба он хотир ки он «як ҷумлаи содаи оммиёна» мебошад. Аммо дар ҷавоб ӯ таърифи дигареро намеорад, ки ба қавли худаш илмӣ ва мантиқӣ ва «ҷумлаи мураккаби хосса» бошад.

Муқарриз гумон мекунад, ки муаллифони *Ҷаҳонбинии оянда* «фаромӯшӣ ва танҳоӣ» гуфта, вазъиятеро дар назар доранд, ки муносибатҳои байни одамонро ифода мекунад. Дар асл, гап сари вазъияти кайҳонии одамон – новобаста ба тааллуқиятҳои нажодӣ, забонӣ ва миллиашон, меравад. Ин ҷо одамон гуфта, ҳама навъҳои насли башар дар назар дошта мешавад, ки дар рӯйи Замин зиндагӣ мекунанд. Онҳо на дар муқобили якдигар, балки дар муқоиса ба Кайҳони нопайдоканор дар вазъияти фаромӯшӣ ва танҳоӣ қарор доранд.

Фақат илм роҳи наҷот аз ин гирдоби кайҳонӣ мебошад. Илм дорои қудрате мебошад, ки дар оянда на фақат берун аз системаи офтобиро кашф мекунад, балки зиндагии ӯро низ берун аз ин доира ташкил хоҳад дод. Муаммое, ки муқарриз дар робита ба *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* дарк карда наметавонад, дар заминаи эътиқоди динии ӯ мебошад. Ӯ бовар дорад, ки Заминро «Худованди ҷаҳониён… дар чунон мавқеъе ҷойгир намудааст, ки

барои ҳаёт мувофиқ буда, инсоният дар он бе мушкилие ҳаёт басар бурда метавонад».[6] Дар ин ҷумлаи аз назари имлоӣ пур аз хато нависанда нишон медиҳад, ки худи ӯ на ба ҷаҳонбинии илмию фалсафӣ, балки ба имони диниаш такя мекунад. Дастовардҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки Замин наметавонад ҳамеша макони мувофиқи зиндагӣ боқӣ монад. Барои ҳамин, *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* ин вазъиятро ба тақдиру насиб ва таваккал ҳавола намекунад. Балки он ба илм даъват мекунад, то ки на фақат берун аз Замин ва системаи офтобӣ сайёраҳои мувофиқ барои зиндагиро пайдо кунем, балки инчунин худи Заминро аз хатарҳои заминӣ ва кайҳонӣ (гармшавии ҷаҳонӣ, шиҳобҳо, сияҳчолҳо ва ғайра) ҳимоя намоем. Дар ин маврид, далелҳои илмии бисёр вуҷуд доранд, ки шояд муқарриз аз онҳо бехабар мондааст. Шояд муқарриз аз кӯшишҳои олимон дарак надорад, ки дар дигар системаҳо ва галактикаҳо нишонаҳои зиндагиро ҷустуҷӯ мекунанд.

Муаллифи тақриз таърифи муаллифони *Ҷаҳонбинии алтернативи*ро дар бораи инсон «ғайриилмӣ ва ғайримантиқӣ» номида, худ таълимоти диниро дар бораи инсон пешкаш мекунад ва мегӯяд: «Инсон як мавҷуди оли ташаккул буда аз ҷониби Худованди Ҷаҳониён халқ карда шудааст».[7] Мо ба хатоҳои имлоию услубии ин ҷумлаи кӯтоҳ кор надорем. Балки мазмуни ин ҷумла мавриди назар мебошад. Ин муҳаққиқи ҷавон, ки бо тақризи худ на ба баҳс, балки ба ҷангу пархош ва иғво бархостааст, аз як диндори одие фарқ надорад. Ӯ худ аз мо далелу бурҳон мепурсад, вале худаш бе ҳеч гуна далел иддао мекунад, ки илми муосир ба натиҷа расидааст, ки инсонро Худо офаридааст. Ба назари муқарриз, олимони соҳаҳои гуногун тасдиқ мекунанд, ки инсон аз тарафи Худованд офарида шудааст ва маҳз Худованд ӯро пас аз марг ба зиндагии ҷовидонӣ мерасонад.

Ин эътиқоди кӯркӯрона дар бораи офариниши Инсон ва наҷоти динии он хоси аксарияти омм мебошад. Табиист, ки муқарриз дар ин робита ягон сарчашмаи илмиеро номбар карда наметавонад.[8] Мо хоҳиш мекунем, муқарриз барои исботи фикри худ ба сарчашмаҳои динӣ такя накунад. Ҳатто диншинос набояд

---

[6]Абдулхонов, Мардона мурдан зиндагист. 2013. – Саҳ. 13
[7] Ҳамон ҷо. Саҳ. 15
[8] Ҳамон ҷо. Саҳ. 16

ба киноҳои фитнаангези туркӣ ва китобчаҳои дар тангкӯчаҳои Покистону Арабистон нашргардида, ки ҳадафҳои бунёдгароии динӣ доранд, такя кунад. Вале муаллифи тақриз дар аксарияти маврид маҳз ба ҳамин сарчашмаҳо рӯ меорад.

Дар мавриди шинохти ҳастии Инсон, ин муқарриз даъвои илму мантиқ мекунад, вале худ «генетика»-ро аз «гинекология» фарқ карда наметавонад.[9] Дар як иқтибосе, ки онро ба забони тоҷикӣ ва бо 19 хатои имлоию услубӣ ва мантиқӣ тарҷума мекунад, муқарриз нишон намедиҳад, ки аз кадом сарчашма истифода бурдааст.[10] Зоҳиран, ӯ муаллиф ва сарчашмаи англисии ба забони русӣ ва шояд дар Гугл (интернет) тарҷумашударо далел меорад, вале мо мутмаинем, ки бо чунин тарҷумаи ваҳшатнок ӯ на забони тоҷикиро медонад ва на забонҳои русиву англисиро.

Бо ҳамин сабку услуб ва истидлолҷӯӣ муқарриз мафҳуми дигари инсоншиносии *Ҷаҳонбинии алтернативи*ро дар мавриди “шуур” рад мекунад ва ба ҷои он таърифи омехтаеро аз таълимотҳои динӣ ва аз китобҳои дарсии мероси идеологияи шӯравӣ пешкаш мекунад. Ба ифодае, онро ба мафҳуми динии Рӯҳ марбут медонад. Аммо агар аз ин чорчӯбаҳои танги идеологӣ ва динӣ берун бароем, он гоҳ хоҳем дарёфт, ки мактабҳои гуногуни фалсафӣ таърифҳои гуногун дар мавриди шуур додаанд. Навтарин таърифҳо дар ҷаҳони муосири Ғарб ба таълимоти фалсафии Нитше, Маркс, Ҳуссерл, Ҳайдеггер, Шутс, Сартр ва Камю асос ёфтаанд. *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* ба аксарияти ин таърифҳо назари танқидӣ дорад ва дар ҷавоб шуурро чун огоҳӣ дар мавриди ҳастӣ (зиндагӣ) ва нестӣ (марг)-и фардӣ ва коллективии инсон таъриф медиҳад.

Дар ҳақиқат, мо дар *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* даъвои онро накардаем, ки ҳамаи суханон аз худи мо ҳастанд. Балки аз оғоз таъкид мекунем, ки хушбахтона дар ҷаҳонбинии худ танҳо нестем, ба донишҳое такя мекунем ва олимону файласуфонеро номбар мекунем, ки аз дидгоҳи илму мантиқ ба тақдири Инсон бепарво нестанд. Бешубҳа, як қатор дидгоҳҳои монандро Фейербах ва

[9] Ҳамон ҷо. Саҳ. 15

[10] Ҳамон ҷо. Саҳ. 15-16

Тайлор пешниҳод карда буданд. Доираи омӯзиши мо низ хеле васеъ мебошад ва сарчашмаҳои гуногунро ба забонҳои тоҷикӣ-форсӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ ва арабӣ фаро мегирад.

Муқарриз мегӯяд, ки андешаҳое, чун таълимоти Фейербах, аз нигоҳи илмӣ инкор карда шудаанд. Аммо дар ин маврид ӯ далел надорад ва сарчашмаеро ҳам номбар намекунад. Канӣ сарчашмаи илмие, ки тезиси асосии Фейербахро дар мавриди Худо рад карда бошад?! Бо боварии том гуфта метавонем ва таъкид мекунем, ки чунин сарчашмаи илмӣ аслан вуҷуд надорад.

Муаллифони рисолаи *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* ба он хотир номҳои гуногуни Худоро дар забонҳои гуногун овардаанд, ки нишон диҳанд, Худо мафҳум ва падидаи нисбӣ мебошад ва вобаста ба таҷрибаҳои қабилавӣ, қавмӣ ва таърихӣ низ гуногун мебошанд. Ин як роҳи мантиқӣ кардани тасаввурот дар бораи Худо мебошад. Дар ҳақиқат, Худо вуҷуд надорад ва мавҷудияти онро то ҳанӯз илм тасдиқ накардааст. Идеяи Худо он гоҳе пайдо шуд, ки Инсон ба андеша кардан дар бораи тақдири шахсии худаш дар рӯёрӯи марг водор шуд. Ӯ ин идея ва образро эҷод кард, то ки ба воситаи он баъд аз мурданаш бемаргӣ ва абадияти худро таъмин намояд. Дар даврахои гуногуни таърихӣ шахсиятҳое чун Ҷамшед, даҳриёни Эрони Бостон, Гилгамеши бобулӣ, Сизиф, Анаксагор, Эпикур, Лукретсий, Ибни Ровандӣ, Умари Хайём ва дигарон буданд, ки идеяи Худоро қабул карда наметавонистанд. Онҳо ҳеч хусумати шахсие бо Худо ва пайравони он дар рӯи замин надоштанд ва фақат ба хотири ҳал нагардидани мушкилии марги худ дигар ба он такя намекарданд. Онҳо ба натиҷа расиданд, ки Худо ҳам бофтаи хаёли инсонҳо аст. Дар асл, ба ғайр аз худи Инсон наҷотдиҳандаи дигаре чун Худо вуҷуд надорад.

Дар робита ба он ки оё қавму халқиятҳои гуногун дар ибтидо дорои эътиқодоти тавҳидӣ буданд ва ё не, ҳанӯз саволҳо бисёранд, ки муқарриз бояд ба қабули онҳо омода бошад. Пеш аз ҳама, оё худи ӯ дар ин робита ягон сарчашмаеро ба забонҳои русӣ, англисӣ ва ғайра хондааст ва ё фақат ба китоби дарсии «Фалсафа» (Қ. 2. Душанбе - 2011) маҳдуд мемонад?! Мо муқарризро маломат намекунем, гарчанде дар суннати илмӣ истифодаи китоби дарсӣ ҳамчун сарчашмаи таҳқиқот аслан роиҷ нест.

Бисёр ҳайратовар ва дар айни ҳол хатарнок мебошад, ки як нафар олим, муаллими Донишгоҳи миллӣ ва дотсенти кафедраи фалсафа бо категорияҳои динӣ фикр карда, бо истифода аз онҳо дигаронро маҳкум мекунад. Яке аз чунин категорияҳое, ки муқарриз истифода мебарад, «гумроҳӣ» мебошад. Гӯё дар оғоз одамон «дар роҳи рост буданд» ва баъдан «гумроҳ шуда», ба бисёрхудоӣ рӯй овардаанд. Ин иддаои муқарриз на фақат асоси илмӣ надорад, балки алфозе мебошад, ки дар таблиғоти динӣ бар зидди озодандешон, даҳриёну атеистон ва ҳатто пайравони динҳои бисёрхудоӣ истифода бурда мешавад. Дар асл бошад, яккахудоӣ ва ё худ тавҳид маҳсули давраи ташаккули давлатҳои мутамарказе чун империяҳои Эрони Бостон, Рими Бостон, Хилофати Бағдод ва ғайра будааст. Динҳои тавҳидӣ асоси маънавӣ ва ахлоқии истибдоди идеологӣ ва сиёсии яккаҳукмронӣ ва тоталитаризмро ташкил медоданд ва ҳанӯз ҳам ташкил медиҳанд.

Далели дигари муқарриз дар муқобили муаллифони *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* ин аст, ки дар олам бисёр чизҳое ҳаст, ки онҳоро бо чашми сар дида намешавад. Дар ҳақиқат, масалан газҳои химиявиро намешавад бо чашми сар дид, вале асбобҳое ҳастанд, ки онҳоро дар назар калон ва ба чашм намоён мекунанд. Ва ё телескоп масофаи дури кайҳониро дар назар наздик мекунад. Аммо ҳанӯз ба илм муяссар нашудааст, ки ё ба воситаи микроскоп ва ё ба воситаи телескоп Худоро ба чашми мо аён созад. Аз ин рӯ, далели илмӣ дар мавриди мавҷудияти Худо вуҷуд надорад.

Ҳазорон сол пеш намояндаҳои дину сиёсати бегона шахсиятҳои мифологӣ ва воқеии мардумони эронӣ, чун Ҷамшед, Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Фирдавсӣ ва Умари Хайёмро ба дунёпарастию ишратхоҳӣ маҳкум мекарданд. Ҳоло ҳам аз ин роҳу равиши асримиёнагӣ истифода бурда мешавад. Тақризи мавриди назар намунаи барҷастаи чунин муборизаи носолим, ноодилона ва зидди принсипҳои илмӣ ва фалсафӣ мебошад. Муқарриз ва онҳое, ки рисолаи ӯро ҳимоя мекунанд, бояд бидонанд, ки мо “афроди дунёпарасту ишратхоҳ”, ба маъное, ки ӯ мефаҳмад, нестем. Дар ҳақиқат, мо аз зиндагии инсонӣ ва арзишҳое, ки онро арҷ мегузоранд, ҳимоя мекунем. Баръакс, арзишҳое, ки зиндагии

инсонро рад мекунанд ва ё дуюмдараҷа меҳисобанд, арзишҳои динӣ ва идеологӣ, ки маргу мурдан, тақдир, насиб, сабру тоқат, шукргузорӣ ва охиратро васф мекунанд ва хоси динҳои дар назар дунёбезор вале дар амал дунёхоҳ мебошанд, маҳкум мекунем. *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* таълимоти фалсафие мебошад, ки ба арҷгузории зиндагии фардӣ ва коллективии одамон дар ин ҷаҳон ва аз ин рӯ, ба ҳалли мушкилии ҷисмонии инсон ба воситаи афзорҳои илмӣ ҳидоят мекунад.

Муқарриз бошад, мегӯяд, ки ҳадафи инсон ҷустуҷӯи ҳақиқат аст, на наҷот аз марг. Ӯ бемаргиро «танҳо ҳадафи баъзе афроди дунё парасту ишратхоҳ» (ғалатҳои имлоӣ аз худи муаллифанд - ҲБ) меномад ва ҳақиқатро иборат аз шинохт ва дидори Худо дар охират медонад. Аммо ин гуна масъалагузорӣ хоси илму фалсафа набуда, балки сирф эътиқоди динӣ мебошад.

Ҳамсонасозӣ (клонирование) ва дигар роҳу воситаҳои илмӣ нав оғоз шудаанд ва дар оянда ҳатман ба натиҷаҳои дилхоҳ дар роҳи рафъ кардани марги ҷисмонии инсон хоҳанд расид. Мушкилӣ дар он аст, ки бархе аз олимон на фақат аз дастовардҳои илмӣ бехабаранд, балки инчунин ба қудрати илм бовар надоранд. Мо дар рисола аз маҷмӯаи «Пирӯзии илмӣ бар марг»,[11] ки ба забони англисӣ аст, ёдовар шудем ва дар ин маҷмӯаи навбатӣ ба таври фишурда мазмуни баъзе мақолаҳои онро овардем, то ки ақаллан бовариро дар дили одамон бедор кунем. Аммо ин мушкилии мо ва дигарон нест, ки муқарриз аз ин гуна сарчашмаҳо бехабар мебошад ва ё мавҷудияти онҳоро сарфи назар мекунад. Мушкилӣ дар доираи маҳдуди сарчашмаҳое мебошад, ки муқарриз ба онҳо такя мекунад. Ва мутаассифона, аз нисф зиёди ин сарчашмаҳо низ динӣ мебошанд. Бисёр тааҷҷубовар аст, ки як нафар файласуф барои исботи ақидаҳои худ аз сарчашмаҳои динии сатҳи омиёнае чун «Муъҷизаҳои Худованд» (тарҷумаи Маъруф Furthermore Бобоҷон) истифода мебарад. Иқтибоси овардаи муқарриз аз бахши китоби дарсии Фалсафа дар бораи «Фалсафа ва дин» низ рӯҳияи динӣ дорад.

Чунонеки муқарриз иддао мекунад, ҳадафи муаллифони рисолаи *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* аз “бозгашт ба Ҷамшед”

---

[11]The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004.

бозгашт ба кӯчманчигӣ, чорводорӣ ва зиндагии ваҳшиёнаи “варварӣ” (барбарӣ) нест. Балки ҳадаф аз устураи Ҷамшед, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ достон шудааст, бознигарии сарчашмаҳои фарҳангӣ ва маънавии эрониён мебошад. Ин гуна бознигарӣ хоси ҳама қавмҳои пешрафта мебошад. Масалан, аврупоиҳо ба устураҳо ва суннатҳои Юнони Бостон баргаштанд. Япониҳо ҳанӯз ҳам ба ойини Самурайҳо вафодор мебошанд. Чиниҳо ба Конфутсий, Ҳиндиҳо ба Буддо, Яҳудиҳо ба Мусо ва Мисриҳо ба Фиръавн. Чаро мо ба Ҷамшеду Рустам, Сиёвуш ва Зардушт барнагардем ва аз ҳамон оғоз таърихи худро бознигарӣ ва бозпурсӣ накунем?!

Муқарриз нависандагони рисоларо ба афсонапарастӣ муттаҳам мекунад, вале худаш пайваста аз афсонаву устураҳои ба ифодаи худаш «адёни осмонӣ» (динҳои сомӣ) далел меҷӯяд. Пеш аз ин иттиҳомро бастан, муқарриз бояд функсияи мифологияро дар сарчашмаҳои фалсафӣ ва антропологӣ мутолиа мекард.

Аз назари фалсафӣ ва антропологӣ, мифология ифодагари мушкилиҳои муштараки одамон мебошад, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Донишмандони муосири мифология чун Энтони Коҳен, Бергер, Лукманн, Франкфорт, Вилсон, Якобсен ва дигарон чунин мушкилиҳоро «мушкилиҳои абадӣ» меноманд.[12] Ин донишмандон “мушкилиҳои абадӣ” гуфта, хатарҳои табиӣ, бенизомӣ, ҷанг, гуруснагӣ, беморӣ ва маргро дар назар доранд, ки одамон ҳамеша бо онҳо дастбагиребон буданд ва ҳастанд. Маҳз ниёзи инсон барои рафъ кардани ин гуна мушкилиҳо ӯро маҷбур мекунад, ки ҳақиқатҳо ва ё аниқтараш фарзияҳои метафизикӣ дар шакли мифология ва дин офарад ва дар доираи муқаддасоти онҳо зиндагии худро ташкил диҳад. Аз ҳамин мушкилиҳои абадӣ ва ё вуҷудии инсон мифология ва дин ташаккул меёбанд.

Дар ин замина, мо ба мифологияи Ҷамшед рӯ меорем. Ҷамшед образи мутафаккири амалгарое мебошад, ки марги ҷисмониро мушкилии асосии Инсон медонист. Барои ҳамин, ӯ аз итоат ба Паймони Аҳурамаздо ва ё чорчӯбаи муқаддастоти динӣ

---

[12] Франкфорт Г.А., Дж. Уилсон, Т. Якобсен (1984), В преддверии философии. Духовные искания древнего человека (перевод с английского Т. Н. Толстой). Москва: Наука, 1984.

даст кашид. Паймони Аҳурамаздо, пеш аз ҳама, аз он иборат буд, ки ҳастиро ба ҷаҳони минуӣ ва ҷаҳони астуманӣ ҷудо мекард. Дар ҳамин замина, ҳастии инсон ҳам ба ду қисм – рӯҳ ва ҷисм ҷудо карда мешуд. Ҷаҳони минуӣ асл ва абадӣ ва ҷаҳони астуманӣ зуҳуроти гуногуни гавҳарҳои муқаддас ва абадӣ ҳисобида мешавад. Ҳамин гуна, рӯҳ низ ба гавҳарҳои муқаддас ва абадӣ тааллуқ дорад ва ҷисм бошад, як шакли зоҳиршавӣ, вале гузаранда ва ивазшавандаи рӯҳ ба шумор меравад. Хатарҳои табиӣ, ҷанг, гуруснагӣ, беморӣ, марг ва ғайра бошанд, омилҳои зарурии чунин қонуни олами ҳастӣ дониста мешаванд. Бе онҳо ба олами минуӣ, яъне ба асл ва абадият баргаштан ғайриимкон мебошад.

Ҷамшед бо амали худ ин тасаввуроти метафизикии аҷдоди худро напазируфта, дар амал ба ҳалли мушкилиҳои воқеии одамон, чун гуруснагӣ, беморӣ ва марг пардохт. Ӯ нишон дод, ки аслан ҳеч гуна олами минуӣ (ухравӣ) вуҷуд надорад, балки ҳар чӣ ҳаст, дар ҳамин ҷаҳони астуманӣ, яъне моддӣ мебошад. Чунонеки дида мешавад, мо на фақат ба гузаштаи исломӣ ва ё “хотираи кӯтоҳ”-и худ, балки ба “хотираи бузург”-и эрониён, яъне давраи зардуштии тоисломӣ низ назари танқидӣ дорем. Мо таълимоти метафизикии ҳама гуна динҳо, аз он ҷумла Зардуштия ва Исломро қабул карда наметавонем, ба хотири он ки онҳо бо тақсимот дар байни ҷаҳони минуӣ ва ҷаҳони астуманӣ, дар байни рӯҳ ва ҷисми инсон ва ғайра зиндагии инҷаҳонии инсонро инкор мекунанд ва маргу охиратро роҳи наҷоти инсон меҳисобанд.[13]

---

[13]Муқарриз ба имло, тарзи ҷумласозӣ ва мантиқи матни рисолаи *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* хурдагирӣ кардааст. Аммо худи ӯ дар ҳар як саҳифа ба ҳисоби кам 30 хатои имлоию грамматикӣ ва услубию мантиқӣ (масалан, 33 хато дар саҳифаи 9 ва 37 хато дар саҳифаи 56) дорад. Ба ғайр аз ин, муқарриз зимни овардани иқтибос аз рисолаи мо ва аз дигар сарчашмаҳо ба хатоиҳои фаровон ва дағалонаи забонӣ роҳ додааст?!

**Номвар ҚУРБОН**

## КАЙҲОН БА ВОСИТАИ ИНСОН ХУДРО ШИНОХТ

Рисолаи илмию оммавии «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» бо шариктаълифӣ ва ҳамфикрию ҳамандешагии чанд тан файласуфону фарҳангиёни тоҷикистонӣ, тавассути нашриёти «Кайҳон» моҳи апрели соли 2013 ба нашр расид. Рисолаи мазкур аз 21 сарлавҳа иборат буда, ҳар як сарлавҳаи он як масъалаи мубрами умумиҷаҳониро ба таври мухтасар баён менамояд. Сарлавҳаи аввали китоби номбурда «Ҷаҳонбинии оянда чист?» ном дошта, ҳамчун шиносномаи рисола ва муаллифони он бо суханони содаю оммафаҳми «*Ҷаҳонбинии оянда натиҷаи мушоҳидаҳои илмӣ ва амалии наслҳои пешинаи башар аст. Мо ворисони онҳо ин таҷрибаро дар ибтидои асри XXI давом медиҳем…*», оғоз мегардад. Бале, ин андешаи муаллифони рисола сад дар сад дуруст ва айни муддаост. Масалан, дастоварди илмҳои техникию табиатшиносӣ аз механизмҳои содатарин сар карда то воситаҳои электронӣ, схемаҳои интегралӣ, микросхемаҳо, таҷҳизоти нимноқилӣ, роботҳо, васоити гуногуни нанотехнологӣ ва технологияҳои нави химиявию биологӣ, чун дигар сарватҳои табиӣ узви муҳимтарини ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеа гардидаанд. Имрӯз илмҳои табиатшиносию техникӣ ба ҷузъи муҳими маданияти умумбашарӣ табдил ёфта, дар ташаккул ва инкишофи он саҳми арзанда доранд. Ва маҳз ҳамин инқилобҳои илмию техникӣ ва воридшавии технологияҳои нави илмӣ ба ҳаёти ҷамъиятии инсоният сабабгори пайдоиши ҷаҳонбинии сифатан нав мегарданд. Ин пешрафту таҳаввулоти илмию техникӣ ҳар як инсони ҷомеаи муосирро ба он водор менамоянд, ки бояд ба чунин шакли ҷаҳонбинӣ рӯй орад. Ҷаҳонбинии сифатан нав бошад, дар навбати худ аз инсонҳо дин, мазҳаб, аҳкоми шариат, ибодати калисо, хурофот, анъана, тарс аз марг ва дигар масоили куҳнаю қолабии схоластикиро талаб наменамояд. Баръакс, ин навъи ҷаҳонбинӣ фалсафаи инсонмеҳварӣ ва ҳаёти ҷовидонагии башарро масъалаи асосии худ қарор дода, аз инсоният андешаи нек, хирад, илму дониш, маърифат, гуманизм ва омӯзиши илмҳои замонавию ҷадидро талаб менамояд. Аммо на ҳар инсон дарк

менамояд, ки: Олам якранг нест. Кайҳон дар ҳаракат аст. Дар як лаҳза дар ин коиноти нопайдоканор миллиону миллиардҳо сайёраву ситораҳо нобуд шуда, ба ҷояшон сайёраву ситораҳои нав эҳё мешаванд. Канданиҳои фоиданоки сайёраи Замин рӯзе тамом мешаванд. «Хонаи умеди мо» – Заминро хатари харобшавии қабати озонӣ, проблемаҳои экологӣ, тағйирёбии иқлим, мушкилоти демографӣ ва ғайра таҳдид менамоянд. Зиндагӣ рӯз аз рӯз мушкил мегардад. Марг мо, инсонҳоро ба коми худ мекашад ва нобудамон месозад… Воситаи асоситарини дарки ин масъалаҳо барои инсон пеш аз ҳама ҷасорат, андеша, хирад ва дониш аст, ки ҳанӯз 1000 сол қабл Рӯдакии бузургвор фармуда буд:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад-он чашм к-андар ӯ нигарӣ.*
*Ҳамчу дарёст, в-аз накӯкорӣ,*
*Киштие соз то бад-он гузарӣ.*

Маҳз ҳамин киште, ки мо – инсонҳоро аз вартаи нобудӣ, аз коми марг, аз дину мазҳаб, аз душманию бадхоҳӣ, аз хусумату бадбинӣ ва дигар масъалаҳои хурофотию нопок мераҳонаду ба соҳили мурод, яъне ба зиндагии абадӣ, ба бемаргӣ, ба ҳаёти ҷовидонагӣ мебарад, танҳо ва танҳо хирад аст, дониш аст, илм аст!

Муаллифони рисолаи мазкур дар ҳамон сарлавҳаи якум сабаби ба чунин ҷаҳонбинӣ рӯй овардани худро боз бо ду ҷумлаи кӯтоҳу муъҷаз ба таври равшан баён менамоянд: «*Сабаб ин аст, ки ҷаҳонбиниҳои пешина арзиши маънавии худро аз даст додаанд. Имрӯзҳо (асри XXI) башар ба ҷаҳонбинии сифатан нав эҳтиёҷ дорад*». Аз ин ду ҷумлаи дар намуд сода, вале бисёр пурмаъно мақсади олитарини ин гурӯҳи рӯшанфикрон бараъло аён аст, ки «ҳоҷат ба баён нест». Вале дар ҷомеаҳои суннатию хурофотпараст, ки ҳақиқатро намепазиранд, натанҳо омма, балки донишмандону олимонаш андешаи ҷадиду тозаро қабул надоранд. Барои мисол, дар асрҳои XV - XVI тарафдорони системаи офтобмарказӣ (гелиоцентр) - ро дар Италия калисои насронӣ таъқиб менамуд. Ё ин ки то солҳои 50-уми асри XX аксбардорӣ намудани расми Каъбаро диндорону рӯҳониён мамнӯъ эълон карда буданд…

Ҳамин тариқ, дар ягон ибора, ҷумла, иқтибос ва ё ягон саҳифаи китоби мазкур суханони маҳалию лаҳҷавӣ истифода

нашудаанд, балки рисолаи номбурда пурра бо забони соддаю равон ва оммафаҳм навишта шудааст. Дар ягон саҳифаи ин китоб суханоне чун зидди зиндагии инсон, бар хилофи давлату давлатдорӣ, муқобили арзишҳои миллӣ, хусумату бадбинӣ, таҳқиромез ва амсоли инҳо ҷой надоранд. Баръакс, рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» таблиғгари асосии озодии инсон, ҳаёти ҷовидонагии башар, робитаю дӯстӣ миёни халқҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, бозгашти ҳар инсони андешаманд ба асли худ, эҳёи фарҳанги аҷдодии халқу миллат ва монанд ба инҳо мебошад.

Ҳамин тавр, наметавон ҳама масоили мубрами умумиоламро дар як рисола ҷойгир намуд, рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)», ки ҳамагӣ 40 саҳифа дорад, ҷамъбасти афкору андешаҳои 20 - солаи аъзои маҳфили илмию фалсафии «Ҷаҳони андеша» (дар асл ин маҳфил аъзои доимӣ надошт, зеро он озод буду ҳар кас ба таври ихтиёрӣ ширкат меварзид) аст. Забони баёни рисолаи мазкур бисёр ҳам сода буда, онро бе ягон мушкиливу танқисӣ ҳар як хонанда, новобаста аз синну сол ва маълумот мефаҳмад. Мутаассифона, аввалин хонандаи масъулиятнок ва нахустин муқарризи рисолаи номбурда, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Файзалӣ Абдулхонов ба моҳияти асосии масъала сарфаҳм нарафта, дар як муддати кӯтоҳ тақризи 64 саҳифагии «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи ҷаҳонбинии оянда, (ҷаҳонбинии алтернативӣ)» - ро иншо намуд. Ба ҳар сурат мо аъзои маҳфили «Ҷаҳони андеша» ва муаллифони «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ба муқарриз, Файзалӣ барои китоби моро хондану онро таҳрири комил намуданаш изҳори миннатдорӣ менамоем. Чунки Ф. Абдулхонов аввалин нафарест, ки ба ҳар як масъалаи рисолаи мо як ҷавобия навиштааст. Илова бар ин, ӯ дар китоби хеш ду мавзӯи нав – «Ҳикмат ё фалсафаи марг» ва «Хатар ва зарари таблиғи андешаи бемаргӣ» - ро изофа намудааст, ки ин иқдом ба худии худ кори арзанда аст. Мо ба шахсият ва унвону мартабаи муқарризи муҳтарам коре надорем, зеро дар ҷомеаи демократию плюралистӣ ӯ ихтиёр дорад, ки фикру андешаи мустақил дошта бошад. Аммо муқарризи мо вақти қимати худро беҳуда сарфи ин кор намуда, ба масъалаи

меҳварии рисола таваҷҷуҳе накардааст. Мутаассифона, ба ҳар як масъалаи рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» аз мавқеи фалсафаи идеалистӣ, ислом, Қуръон, дин, мазҳаб, тасаввуф, ирфон, илоҳиёти исломӣ ва қолабҳои догматикӣ нигариста, ба онҳо ҷанбаи сиёсиву мазҳабӣ додааст. Ва он 12 сарчашмае, ки ӯ дар охири китобаш (саҳ. 62) зикр намудааст, ҳамагӣ сарчашмаҳои ғайриилмию динӣ буда (ба истисноии «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ва «Танталогия - наука о смерти» - и С. Рязансев), бо онҳо баҳси ҷиддии илмӣ имкон надорад.

Ҳамин тариқ, кор то ба дараҷае расидааст, ки ҳар ҷое мо ток гуфтаем, муқарриз бед ҷавоб додааст. Масалан, мо тавассути рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» кӯшиш намудем, то инсонҳоро ба сӯи илму донишомӯзӣ, худогоҳиву худшиносӣ, зиндагии осоишта, ҳаёти ҷовидонагӣ, ҳалли проблемаҳои умумибашарӣ ва барҳамзадани марг раҳнамун намоем. Лекин муқарризи муҳтарам ин афкору андешаҳои моро пурра инкор карда, ҳама ҷо онҳоро дар даруни нохунак гирифтааст. Муқарриз аз нав догмаҳои диниро қувват дода, хостааст инсонҳоро боз ба гузашта, ба тарафи фарҳанги биёбонӣ, ба самти андешаҳои асри VII, ба ҷонибдории ҳаёти он дунё ва ба сӯйи маргу мурдан баргардонад. Ӯ чунон рафтор намудааст, ки гӯё дар таърихи тамаддуну фарҳанг ва илму адаби башар ба ғайри дину оини араб дигар ҳеҷ чиз вуҷуд надоштааст.

Ҳамзамон, муқарриз дар аввали китобаш иброз намудааст, ки: «*Умуман муаллиф ба шахсияти касе ғараз надошта, танҳо ба хотири ҳифзи муқаддасоти динӣ ва арзишҳои миллӣ ҳам чунин ба вуҷуд овардани доираи баҳси илмӣ ин амалро анҷом додаст*» (саҳ. 3). Аммо ин муқарризи гуманист номи мо, муаллифони «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» - ро дусаду сию се (233) маротиба мавриди таҳқир қарор дода, бисёре аз нисбатҳои нохунакдорро, ки маънои истеҳзо ва ришханд доранд, дар шаъни шахсиятамон лоиқ ва сазовор донистааст. Тақризи навиштааш бошад, сар то по ғалат буда, муаллиф фурсате наёфтааст, ки ақаллан иштибоҳоти одии имлоию маъноии онро дуруст намояд. Илова бар ин, дар тақриз сию панҷ (35) маротиба суханону гуфторҳои лаҳҷавию маҳаллӣ истифода шудаанд, ки аз забондонию маҳалпарастии муаллифи он дарак медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳар як саҳифаи китоби номбурда на

кам аз 15 - 20 иштибоҳ мавҷуд аст. Барои мисол, саҳифаи 9-и китоб сию се (33) ва саҳифаи 56-и он сию ҳафт (37) хато дорад. Агар ин китоби 64-саҳифагии ӯро ба се қисми баробар тақсим намуда, хатоҳоро баршуморем, он гоҳ мебинем, ки аз саҳифаи 1 то саҳифаи 20, дусаду понздаҳто (215); аз саҳифаи 21 то саҳифаи 40, дусаду бисту сето (223); аз саҳифаи 41 то саҳифаи 62, дусаду шонздаҳ (216) ва дар маҷмӯъ шашсаду панҷоҳу чор (654) иштибоҳ дорад. Акнун хонандаи азиз худ қазоват намо, ки дар китоби 64 саҳифа дошта, 233 маротиба таҳқиру суханони нохунакдор ва 35 маротиба гапҳои кӯчагию бозорӣ истифода шуда бошанд ва илова бар ин, ҳар як саҳифаи он дорои на кам аз 15 - 20 хатогӣ бошад, пас барои шарҳи моҳияти масъалаи асосӣ ва мақсади муаллиф ҷой боқӣ мемонад ё на?!

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, муқарриз ба ҳар як саволи китоби мо як сарлавҳаи ҷавобӣ (алтернативӣ) навишта, ба он аз нигоҳи динию мазҳабӣ назар андохта, масъалаи мазкурро бо арзишҳои миллию сиёсӣ омезиш додааст. Чунончи, дар ҷавоби сарлавҳаи аввали китоби мо - «Ҷаҳонбинии оянда чист?», «Ҷаҳонбинии оянда» ҷаҳонбинии номаълум», дар посухи сарлавҳаи дуюми рисолаи мо - «Ҷаҳон чист?», «Ҷаҳоншиносон» ҷаҳонро нашинохтаанд», дар баробари сарлавҳаи сеюми он - «Кайҳон чист?», «Кайҳоншиносон» - и аз дастовардҳои илмӣ бехабар», дар муқобили сарлавҳаи чорум - «Замин чист?», «Равшанфикрон» - е, ки дар замин зиндагӣ кардан намехоҳанд» ва хулосаи калом, ба ҳар як саволи дар рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» матраҳ гардида, тақриз навиштааст. Ва ин амали муқарриз аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ натавонистааст, ҳар як масъалаи пешниҳодии моро бо роҳи илмию мантиқӣ ҳал намояд, бинобар ин ба мисли он ки «обро лой карда моҳӣ дорад», гӯё тақриз навишта, худро аз ин варта раҳо намудааст. Ин муқарриз бо он тақризе, ки дохили он пур аз хатоҳои фоҳишу одии имлоист, бедонишӣ, бемантиқӣ, мазҳабгароӣ, маҳалчигӣ ва хусуматҳои шахсии худро пурра ошкор кардааст.

Муқарриз дар сарлавҳаи сеюми китобаш, ки «Кайҳоншиносон»-и аз дастовардҳои илмӣ бехабар» ном дорад, ба саволи саввуми рисолаи мо - «Кайҳон чист?» ҷавоб додааст. Ӯ

ҷавобро бо чунин суханон оғоз менамояд: *«Саволи сеюм бошад аз ҷониби онҳо «Кайҳон чист?» ногузорӣ шудааст. Ҷавоб ба ин савол чунин огоз мегардад: «Ҷирмҳои моддии беаввалу беохире, ки моро иҳота кардаанд, Кайҳон ном дорад. Масалан: Офтоб, Моҳтоб, ситораҳо, сайёраҳо, галактикаҳо».* Аз ин суханон маълум мегардад, *ки муаллифони ин рисола ё саводи казои надоранд ё худро содда нишон додаан ва инчунин дигаронро содда гумон менамоянд, чун ин мафҳуми барои кайҳон муайян намудани онҳо гайри илмӣ ва оммиёна мебошад»* (саҳ. 7). Ин муқарризи босаводу дурандеш, чунонеки дар боло қайд кардем, ба моҳияти асосии масъала тамоман наздик нашудааст. Бояд тазаккур дод, ки манзараи илмии олам, консепсияи астрофизикии олам ва моделҳои космологии муосири олам се масъалаи мухталиф ва ба ҳамдигар алоқаманди соҳаҳои гуногуни илми астрономия буда, доир ба паҳлуҳои мухталифи кайҳони нопайдоканор баҳс менамоянд.

Кайҳон (коинот) ё мегаоламро илми муосир ҳамчун системаи ҷирмҳои осмонии таъсири мутақобилакунанда ва инкишофёбанда меомӯзад. Кайҳон аз сайёраю системаи сайёраҳои дар атрофи ситораҳо бавуҷудоянда, ситораю системаи ситорагии бузург, галактикаю системаи боҳашамати галактикӣ ва умуман мегагалактика иборат мебошад. Вале, муқарриз муқобили қонунҳои космологию космогонӣ баромада, дар китоби худ чунин менависад: *«Ҳамин тариқ аз дастовардҳои илми муосир бармеояд, ки Кайҳон аввалу охир доштааст»* (саҳ. 8). Ва каме поёнтар аз ин ҷумла фикрашро бо ояти 104-уми сураи «Анбиё», ки гӯё ба қонунҳои астрономию астрофизикӣ бахшида шудааст, тақвият медиҳад. Илова бар ин, муқарриз мо муаллифони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» - ро «Кайҳоншиносон»-и аз дастовардҳои илмӣ бехабар» номида, чунин мефармояд: *«Аввалан ин ки истилоҳи «ҷирмҳои моддӣ» дар илмӣ нуҷумшиносӣ вуҷуд надорад, чун ки ин гуна истилоҳ бемантиқист, дар он мавриде «ҷирмҳои моддӣ» истифода намудан мумкин аст, ки «ҷирмҳои гайримоддӣ» вуҷуд дошта бошад, ҳол он ки ин гуна истилоҳ гайриилмист»* (саҳ. 7). Ин муқаррризи аз дастовардҳои илмӣ бохабар намедонад, ки дар давраи ҳозиразамони таҳаввулоти Кайҳон, муайян карда шудааст, ки модда дар коинот дар ҳолати ситоравӣ вуҷуд дорад. Аз ин сабаб, ситораҳо элементҳои басо муҳими Кайҳон ба шумор рафта, онҳоро «ҷирмҳои моддӣ» номидан комилан дуруст аст.

Ситораҳо дар Кайҳон дар алоҳидагӣ вуҷуд надошта, балки системаҳои муҳташами ахтариро ташкил медиҳанд. Дар Кайҳон системаи ситорагии одитарин ва системаи ситорагии сохти куравидоштаро аз ҳам фарқ мекунанд. Системаи ситоравии одитаринро инчунин системаи каратӣ меноманд, ки ин гуна системаи ситоравӣ ду, се, чор, панҷ ва аз он ҳам зиёдтар ситора дорад. Системаи ситорагии парокандагӣ ва ё куравӣ бошад, гурӯҳи калони ситораҳоро дар худ муттаҳид менамояд. Аз рӯи ҳисоби назариявии астрофизикҳои собиқ ИҶШС 97% - и массаи коинотро ситораҳои дар ҳолати плазмавӣ вуҷуддошта ташкил медиҳанд. Аммо дар замони муосир ситорашиносон ба хулосае омаданд, ки 95% - и массаи коинотро ин гуна ситораҳо ташкил карда, 5% - и массаи боқимонда бошад, дар муҳити байнисайёравӣ паҳн гардидааст.

Ситораҳои аз дур намоён, ки аз рӯи ҷойгиршавии онҳо андозаи галактика муайян карда мешавад, ахтарони тафсони фавқулазим ва сефеидҳо мебошанд. Манбаи асосии энергияи ситораҳо реаксияҳои термоядроӣ буда, ҳангоми гузариши ин реаксияҳо ҳарорат ба $10 \cdot 10^6$ - $20 \cdot 10^6$ К (Келвин - воҳиди ҳарорат) мерасад. Баъд аз қатъ гардидани реаксияи термоядроӣ ситораҳо вобаста ба массаашон ба резаситораҳои сафед, ситораҳои нейтронӣ ва фурӯбурди сиёҳ табдил меёбанд. Массаи резаситораҳои сафед ба 1,2 массаи Офтоб баробар буда, зичиашон то ба 10 т/см$^3$ мерасад. Ситораҳои нейтронӣ дар зинаҳои охири таркиши ситораҳои азимҷусса ба вуҷуд омада, аз нейтрону протонҳо иборат мебошанд. Фурӯбурди сиёҳ низ дар интиҳои порашавии ахтарони бузург ва дар натиҷаи коллапси ҷозибавӣ ба вуҷуд меояд. Коллапси (аз вожаи лотинии «**collapsus**» - афтида) гравитатсионӣ гуфта бо таъсири қувваи ҷозиба ба суръатҳои ниҳоят калон фурӯбурдашавии ситораҳоро меноманд. Дар коллапси ҷозибавӣ фишурдашавӣ чунон пурзӯр мегардад, ки аз он на ягон зарраи бунёдӣ ва на ягон кванти рӯшноӣ берун баромада метавонад. Номи фурӯбурди сиёҳ низ аз ҳамин ҷо сарчашма гирифта, диаметри он то ба 10 - 20 км мерасад. Мавҷудияти фурӯбурди сиёҳро дар галактикаи мо бори аввал астрономҳои амрикоӣ ба ёрии телескопи кайҳонии Ҳаббл (*Hubble Space Telescope*) мушоҳида намуданд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Муқарриз дар ҷойи дигар моро бедониш номида менависад, ки: «... *Ғайр аз ин боз галактикаро ҳамчун як «ҷисми моддӣ» медонанд, ки аз бедонишии онҳо шаҳодат медиҳад*» (саҳ. 8). Ин муқаррizи ҳамадон бехабар аз он ки галактика аз калимаи юнонии «**galaxias**» гирифта шуда, маънои ширмонандро дорад. Бояд гуфт, ки галактика дар Кайҳон яктову дуто набуда, балки шумораи онҳо ба миллиону миллиардҳо мерасад. Инчунин, ҳар як галактика аз миллиардҳо ситора иборат буда, ҳамаи онҳоро дар зери таъсири қувваи ҷозибавии худ нигоҳ медорад. Аз рӯи шаклашон галактикаҳоро ба намудҳои зерин ҷудо мекунанд: эллиптикӣ, спиралмонанд ва нодуруст. Дар замони муосир астрономҳо дар коинот зиёда аз 10 миллиард галактикаҳоро ба қайд гирифтаанд, ки бештари онҳо ё эллиптикӣ ва ё спиралмонанд мебошанд. Дар галактикаҳои шаклашон нодуруст бошад, ҳаракатҳои гирдбодшакле мушоҳида мешаванд, ки ин ҳаракатҳо ба ҳосилшавии шохаҳои спиралӣ оварда мерасонанд.

Галактикае, ки дар дохили он Системаи офтобии мо ҷойгир шудааст, спиралшакл буда, шохаҳои спиралии онро соли 2006 ситорашиносони ҷопонӣ муайян кардаанд. Онҳо дар натиҷаи мушоҳидаҳои радиоастрономӣ ба хулосае омаданд, ки ин галактика чор шохаи спиралӣ дорад. Маҷмӯи нурбарории ситораҳо, абрҳои ситорагӣ, туманоти абру газӣ, чангҳои пароканда ва дигар ҷирмҳои мунири дар дохили галактикаи мо мавҷуд буда, Роҳи каҳкашонро ташкил медиҳанд. Даврае, ки хати маркazии Роҳи каҳкашонро ифода мекунад, экватори галактикӣ номида мешавад. Он нисбат ба экватори гунбази фалак (сфераи осмон) таҳти кунҷи $62^0$ ҷойгир шудааст. Диаметри галактикаи мо бошад, тақрибан ба 30 000 парсек ё 100 000 соли рӯшноӣ ва чуқуриаш ба 1,5 соли рӯшноӣ баробар аст. Инчунин муайян карда шудааст, ки галактикаи номбурда $\sim 2 \cdot 10^{11}$ ситора дошта, аз онҳо 7 - 20 млрд. резаситораҳои сафед, ~1 млрд. ситораҳои нейтронӣ ва ~30 млрд. резаситораҳои сурх мебошанд. Бо вуҷуди он, сарҳади саҳеҳи галактика маълум набуда, зичии ситоравӣ дар он оҳиста - оҳиста (аз марказ ба берун) кам шуда меравад. Ба ҳар ҳол, системаи галактикии наздиктарин ба галактикаи мо туманоти Андромеда мебошад, ки масофа то он ба $2,6 \cdot 10^6$ соли рӯшноӣ баробар аст. Лекин муқарриз оид ба масъалаи мазкур фикрашро чунин баён намудааст: *«Ҳамин тариқ аз дастовардҳои илми муосир бармеояд, ки Коинот аввалу охир доштааст»* (саҳ. 8). Вале

муқарриз дар ин ҷо на ҳамон дастоварди илмии мушаххасро номбар мекунад ва на дар охири китобаш ягон адабиёти соҳавиро меорад, ки хонандаи китобаш ба он сарчашма назар андохта, дурустии фикри муаллифро тасдиқ намояд. Пас, мо муаллифони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ин гуна суханони бедалелу подарҳавои ғайриилмиро ҳеҷ гоҳ қабул надоштем ва надорем.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши коинот аниқ гардид, ки ғайр аз галактикаи мо инчунин галактикаҳои гуногуншакли дигар низ фазои кайҳонро фаро гирифтаанд. Дар коинот галактикаҳо дар шакли гуруҳҳо ва тарокумҳо дида мешаванд, ки бештари онҳо дар тарокумҳо ҷамъ омадаанд. Тарокуми галактикаҳо чун тарокуми ситораҳо, баъзан ҳазорҳо аъзо доранд. Масалан, тарокуми (таҷаммӯъҳо, гирдиҳамомадаҳо) галактикаи ба сайёраи мо наздиктарин дар бурҷи Сунбула, дар масофаи ~20 млн. парсек воқеъ аст. Ҳамин тавр, системаи галактикаҳои мушоҳидашаванда ва тарокумҳои он **Метагалактика** ном дорад. Метагалактика як ҷузъи Коинот мебошад ва кайҳон низ дар навбати худ дар фазои вақт беҳудуд аст. Вай аввал надошт ва ҳеҷ гоҳ охир ҳам дошта наметавонад. Азбаски донишҳои имрӯза доир ба ин масъала ноқисанд, ба назар чунин менамояд, ки Кайҳон ибтидо ва интиҳо доштааст. Дар замони муосир ба воситаи телескопҳо, радиотелескопҳо ва таҷҳизотҳои дигари астрономӣ танҳо он ҳудуди фазои Кайҳон омӯхта мешавад, ки радиусаш ба 10 - 15 млрд. соли рӯшноӣ баробар аст. Аз сабабе, ки то ҳол асбобҳои ҳассосу замонавии астрономие вуҷуд надоранд, ки тавонанд аз ин ҳудуд берунро тадқиқ намоянд, бинобар ин донишҳои астрономии инсон танҳо дар доираи як ҳудуди муайян қобили таҳқиқанд.

Бояд тазаккур дод, ки барои муайян кардани ҷойгиршавӣ ва ҳисоб намудани масофаҳои байниякдигарии галактикаҳо ва ситораю сайёраҳои дар дохили онҳо воқеъбуда, дар астрономия бузургиҳои махсус қабул шудаанд. Аз ҷумла, Воҳиди астрономӣ (в.а.), Соли рӯшноӣ (с.р.), Парсек (пк),... Масалан, масофа аз сайёраи Замин то Офтоб ба сифати 1 в.а. қабул карда шудааст. Соли рӯшноӣ масофаест, ки онро нури рӯшноӣ бо суръати $3 \cdot 10^8$ м/с дар муддати як сол мепаймояд.

**1 в.а. = 149,6 млн км**
**1 с.р. = 63,27 в.а.**
**1 пк = 3,26 с.р. = 206 265 в.а. = 3 · $10^{13}$ км**

Доир ба масъалаи пайдоиши Кайҳон муқарриз аз номи физикдону астрономҳои номуайяне сухан карда, чунин менависад: *«Олимони соҳаи физика ва астрономияи муосир дар натиҷаи таҳқиқу омӯзишҳо собит намудаанд, ки коиноти беканор замоне аз ҳеҷ дар натиҷаи як таркиши бузург ба вуҷуд омадааст»* (саҳ. 8). Ин сухани муқарриз *«аз ҳеҷ дар натиҷаи як таркиши бузург»* аз нигоҳи илми химия тамоман ғалат ва ғайрилмӣ аст. Чунки дар ҷойе, ки модда вуҷуд надорад, чӣ гуна метавонад, реаксия ва ё таркиш ба амал ояд?! Қайд кардан ба маврид аст, ки хусусияти реаксияҳои химиявӣ ба ҷудошавӣ ва фурӯбарии энергия вобастагӣ дорад. Гузариши реаксияи химиявӣ бошад, бо кандашавии як робитаи химиявӣ ва бавуҷудоии робитаи дигари химиявӣ алоқаманд аст. Асоси ҷудошавии энергияи реаксияҳои химиявиро ба ду намуд ҷудо мекунанд: 1) экзотермӣ (ҷудошавии энергия ); 2) эндотермӣ (фурӯбарии энергия). Яъне аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки «таркиши бузург» - и муқарриз сад дар сад ғалат буда, ба ягон категорияҳои илми муосир рост намеояд.

Назарияи ба вуҷудоии Кайҳон ва ё Системаи офтобӣ хусусияти тахминӣ дошта, маънидод кардани дурустии он дар сатҳи фаҳмиши илми ҳозира имконнопазир аст. Бештари назарияҳои мавҷудаи космологӣ ба назарияи ҷозиба, физикаи заррҳои элементарӣ, назарияи умумии нисбият ва мушоҳидаҳои астрономӣ такя мекунанд. Агар ба таърихи он назар намоем, он гоҳ мебинем, ки ҳанӯз дар асри XVII олими бузурги англис Исаак Нютон (1643 - 1727) ба асоси илмии космогонияи сайёравӣ диққати махсус додааст. Нютон пас аз кашф намудани қонунҳои асосии механика ва қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ба хулосае омад, ки сохт ва таркиби системавии сайёраҳо натиҷаи шароитҳои тасодуфӣ намебошад. Баъд аз Нютон олимони дигар чун И. Кант (соли 1755), П. Лаплас (соли 1796), В. Гершел (соли 1846), А. Фридман (соли 1922), Э. Ҳаббл (соли 1929), О. Шмидт (соли 1944), Г. Гамов (соли 1948), К. Саган (соли 1964) ва дигарон дар солҳои гуногун назарияи пайдоиши коинотро инкишоф дода, фарзияву гипотезаҳои мухталифро пешниҳод намудаанд. Масалан, асосгузори фалсафаи классикии Олмон Имануэл Кант (1724 - 1804) фарзияеро пешниҳод кард, ки мувофиқи он Системаи

офтобӣ дар раванди таҳаввулоти газу тумноти хунук пайдо шуда, дар натиҷаи ин ҳодиса дар марказ Офтоб ва дар аторфи он сайёраҳо ба вуҷуд омадаанд. Пер - Симон Лаплас (1749 - 1827) ба фарзияи пешниҳодии худ чунин таъриф додааст: «Газу туманнокие, ки аз он Системаи офтобӣ пайдо шудааст, дар ибтидо хеле гарм ва тез даврзананда буда, дар натиҷаи даврзанӣ ин газу туманот пароканда гардида, сайёраҳоро ҳосил кардаанд». Дар охирҳои асри XVIII Уилям Гершел (1738 - 1822) тахмине пешниҳод намуд, ки мувофиқи он ситораҳо дар натиҷаи ба марказ ҷамъшавӣ ва ғафсшавии туманпораҳои ситорамонанд ба вуҷуд омадаанд. Олими шӯравӣ О.Ю. Шмидт (1891 - 1951) фарзияеро пешниҳод кард, ки мувофиқи он сайёраҳо аз абрҳои сарди газу чанге, ки заррахояшон аз рӯи мадорҳои мухталиф дар атрофи Офтоб қабл аз ин ташаккул ёфта давр мезананд, пайдо шудаанд.

Дар замони муосир барои муайян намудани сабабҳои пайдоиши Кайҳон, дар илми космология усулҳои моделсозии риёзӣ низ васеъ истифода мешаванд. Олимон моделҳои назариявии коинотро месозанд, мекӯшанд, ки дар асоси онҳо дурустии хулосаҳои илмиро санҷида бинанд. Барои мисол, олими амрикоӣ Карл Саган (1934 - 1996) модели таҳаввулоти кайҳониеро пешниҳод намуд, ки дар он як соли кайҳонӣ ба 15 млрд. соли заминӣ ва 1 сонияи кайҳонӣ ба 500 соли заминӣ баробар мебошад. Аз рӯи модели пешниҳод кардаи Саган таҳаввулоти коинотро дар давоми як соли кайҳонӣ, аз ибтидо ба таври зайл тасвир намудан мумкин:

Таркиши бузург - 1 январ (соати $00^{00}$ дақиқа)
Ташаккулёбии галактикаҳо - 10 январ
Ташкилшавии Системаи офтобӣ - 9 сентябр
Таъсисёбии сайёраи Замин - 14 сентябр
Пайдоиши ҳаёт дар рӯи Замин - 25 сентябр
Планктонҳои баҳрӣ - 18 декабр
Моҳиҳо - 19 декабр
Динозаврҳо - 24 декабр
Ширхӯрҳо - 26 декабр
Парандаҳо - 27 декабр
Приматҳо - 29 декабр
Гомонидҳо - 30 декабр

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Одамони аввалин - 31 декабр (соати $22^{30}$ дақ)

Новобаста аз моделҳои пешниҳодгардида кайҳон дар шароите мавҷуд мебошад, ки онро бо ҳарорат ва фишори бениҳоят бузург тавсиф кардан мумкин аст. Фарзияи баёнгашта бо далели васеъшавии олам пурра мувофиқ меояд. Дар ҳақиқат ҳам коинот аз ягон лаҳзаи муайян ба васеъшавӣ сар карда оҳиста - оҳиста хунук шудааст. Модели тафсони оламро физики амрикоӣ Георг Гамов (1904 - 1968) пешниҳод намудааст, ки он баъдтар номи модели стандартиро гирифт. Мувофиқи модели стандартӣ дар ибтидо ҳарорати олам $10^{13}$К ва зичии материяи он $10^{93}$ кг/см$^3$ буд. Дар чунин ҳолат ба амал омадани «Таркиши бузург» ногузир мебошад. Бинобар ин модели мазкурро модели «Таркиши бузург» ном мебаранд ва лаҳзаи аввали таркишро ибтидои таҳаввулоти Кайҳон меҳисобанд. Мувофиқи тасаввуроти ҳозиразамон ҳисоб карда мешавад, ки модели «Таркиши бузург» ба кори худ аз муддати вақти $\sim 10^{-36}$ - $10^{-35}$ сонияи оғози таркиш (дар ин муддат ҳарорат $10^{29}$ К буд) сар кардааст. Бо васеъшавии коинот ҳарорати он паст гардида, тавсифи физикиаш тағйир меёбад. Аз рӯи ҳисобкуниҳои Гамов кайҳони имрӯза дар вақти ҳарорат то $10^{30}$К паст шудан, ~13,7 млрд. сол қабл пайдо шудааст. Инчунин, Гамов ақида дошт, ки ба сифати изи таркиши бузург дар коиноти имрӯза бояд афканишоти электромагнитии суст боқӣ монад ва ҳамин ҳодиса баъдтар бо пешниҳоди астрофизики шӯравӣ И.С. Шкловский (1916 - 1985) афканишоти реликтивӣ (қадимӣ) номида шуд. Афканишоти реликтивиро соли 1964 радиоастрономҳои амрикоӣ Анро Пензиас ва Роберт Вилсон дар ҳарорати 2,75 К кашф намуданд. Ва барои ин таҷрибаашон онҳо соли 1978 Лауреати Мукофоти байналхалқии нобелӣ дар соҳаи физика гардиданд. Ҳарчанд модели мазкур пайдоиш ва таҳаввулоти оламро ба таври кофӣ асоснок намекунад, аммо далелҳои таҷрибавӣ - кашфи афканишоти реликтивӣ ва васеъшавии Кайҳон ба ҳақиқат наздик будани модели стандартӣ ё назарияи Таркиши бузургро тасдиқ менамоянд. Бояд қайд кард, ки нахустин маротиба вожаи «Таркиши бузург» (*Big Bang*) - ро, ки дар ибтидо «Динамикаи таҳаввулоти модел» ном дошта, соли 1949 Фрейд Хойл дар лексияҳояш истифода намудааст.

Аз сабабе, ки муодилаи ҷозибавӣ ҳалли бисёр дорад, вобаста ба он моделҳои космологии сохти олам низ хеле зиёданд. Модели космологии ҳозиразамони олам бошад, ба Назарияи

нисбияти умумии Эйнштейн асос карда шудааст. Баъдтар ин моделро математик ва геофизики рус А.А. Фридман (1888 - 1925) инкишоф ва такмил дод. Фридман усули ҳалли аз вақт вобаста (ғайристатсионарӣ) будани муодилаҳои Эйнштейнро пешниҳод намуда, соли 1922 бо роҳи назариявӣ исбот кард, ки олами бо моддаи ҷазбшаванда пуршуда статсионарӣ набуда, балки он бояд ба таври даврӣ ё васеъ ё фишурда шавад. Ва модели пешниҳодии Фридман ба шакли риёзӣ чунин намуд дорад:

муодилаи энергия

$$\left(\frac{\dot{a}}{a}\right)^2 = \frac{8\pi G\rho}{3} - \left(\frac{kc^2}{a^2}\right) + \frac{\Lambda c^2}{3};$$

муодилаи ҳаракат

$$\frac{\ddot{a}}{a} = -\frac{4\pi G}{3}\left(\rho + \frac{3P}{c^2}\right) + \frac{\Lambda c^2}{3};$$

муодилаи бефосилагӣ

$$\frac{d\rho}{dt} = -3H\left(\rho + \frac{P}{c^2}\right);$$

дар ин ҷо $a$ - шитоб, G - доимиии гравитатсионӣ ($G = 6{,}67\cdot 10^{-11}$ $Н\cdot м^2/кг^2$), $k$ - каҷии фазо (чунин ифодаҳоро қабул мекунад: -1, 0, 1, 2), $\Lambda$ - собити космологӣ, $\rho$ - зичии миёнаи кайҳонӣ, $P$ - фишори миёна, $c$ - суръати рӯшноӣ ва t - вақт мебошад.

Дурустии назарияи Фридманро оид ба ғайристатсионарӣ будани коинот кашфи ҳодисаи «ҷойивазкунии сурх» исбот намуд. Ин ҳодисаро соли 1926 рӯҳонӣ ва астрономи белгиягӣ Георг Ҷозеф Лемерт (1894 - 1966) ба таври назариявӣ баён карда буд. Аммо соли 1929 астрономи амрикоӣ Эдвин Пауэлл Ҳаббл (1889 - 1953) муайян намуд, ки дар тайф (спектр) - и рӯшноии аз галактикаҳои дур меомада, рахҳои спектралӣ ба тарафи ранги сурхи тайф ҷой иваз мекунанд. Аз рӯи ҳодисаи «ҷойивазкунии сурх» Ҳаббл ба хулосае омад, ки галактикаҳо аз ҳамдигар дур мешаванд, яъне коинот васеъ мегардад. Инчунин Ҳаббл муқаррар намуд, ки суръати дуршавӣ аз масофаи галактикаҳо то мо (сайёраи Замин) ба таври хаттӣ вобаста аст:

$$\vartheta = H \cdot r$$

дар ин ҷо $H = 73{,}8 \pm 2{,}4$ км/с (дар физикаи назариявӣ $H = 2{,}5 \cdot 10^{-18}$ $c^{-1}$) - бузургии Ҳаббл ва r - радиуси васеъшавии коинот мебошад.

Муқарриз дар ҷойи дигари китобаш як гурӯҳ олимонро *(Фридман, Лемерт ва Хобл)* (саҳ.8) номбар карда, барои тасдиқи фикраш аз ягон кашфиёту тадқиқоти онҳо, ҳамчун далели собиткунанда ёдовар нашуда, чунин менависад: *«Ҳамчунон олимон бар он назаранд, ки Кайҳон то ҳадди ниҳоии имкондошта расида, таҳти таъсири қувваи кашиш ба ҳолати аввала бармегардад ва боз чун аз ҳеҷ офарида шуда, ба ҳеҷ табдил меёбад»* (саҳ. 8). Дар ҳамин ҷумла муқарриз аз қувваи кашиш ёдовар шуда, дигар қувваҳои табииро сарфи назар намудааст. Аммо консепсияи ҳозиразамони бавуҷудоии сайёраҳои Системаи офтобӣ ба он асос карда шудааст, ки дар баробари қувваҳои механикӣ, инчунин қувваҳои электромагнитиро низ ба эътибор гирифтан лозим аст. Ин фарзияро физикон Х. Алфвен ва Ф. Ҳайле пешниҳод карда буданд. Онҳо ҳисоб намуданд, ки барои бавуҷудоии Системаи офтобӣ танҳо қувваҳои электромагнитӣ нақш доранд. Илова бар ин, яке аз масъалаҳои муҳим барои бавуҷудоии Системаи офтобӣ ва дигар ҷирмҳои кайҳонӣ масъалаи массаи бузург доштани онҳо ба ҳисоб меравад.

Муқаррризи ҳамадон худро гоҳе файласуф, гоҳе географ, гоҳе физик ва гоҳе рӯҳонӣ нишон дода, ҳамаи андешаҳои моро бемантиқу ғайриилмӣ ҳисобидааст. Ин навбат ӯ ба ҳайси ситорашинос баромад карда, моро *«ноқисул маълумотин»* меномад ва менависад, ки: *«Ба таваҷҷуҳи ин ноқисул маълумотин расонидан мехоҳам, ки инсон ҳар чанд сайъ намояд ҳам, танҳо дар доираи системаи Офтобӣ «ҷавлон» намуда метавонад»* (саҳ. 11). Аммо ӯ бехабар аз он ки аввалин дастгоҳ бо номи «Пионер-10» (аз ҷониби ИМА ба мадор бароварда шуд), ҳанӯз 3 марти соли 1972 Системаи офтобиро тарк намуда, ба самти Роҳи каҳкашон роҳ пеш гирифта буд.

Ӯ каме поёнтар аз ин гуфтаҳояш боз мо аъзои маҳфили «Ҷаҳони андеша» - ро таҳқиромез *«ҷавлонзанон»* номида, тавсифи мухтасари Системаи офтобиро ба хотирамон мерасонад: *«Низоми офтобӣ аз нуҳ сайёра бо 54 радифи онҳо ва беҳисоб ҷирмҳои нисбатан хурди осмонӣ иборат мебошад»* (саҳ. 11). Ин сухани муқарриз тақрибан 70 - 80 сол қабл каме дуруст буд. Аз ин

навиштаҳои ӯ бар меояд, ки муқарризи борикбини мо аз илми астрономияи муосир як аср ақиб мондааст. Аммо дар замони муосир ин гуна таъриф додан нисбат ба Системаи офтобӣ комилан ғалат аст. Чунки Системаи офтобӣ аз як ситора - Офтоб, ҳашт сайёра - Уторид, Зуҳро, Замин, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал, Уран, Нептун ва радифони онҳо, 460 000 астероид (маълумоти соли 2010), 700 кометаи дароздавр, 200 каметаи кӯтоҳдавр, миқдори зиёди метеорҳо (бояд гуфт, ки дар як шабонарӯз ба атмосфераи Замин ~100 млн. метеор ворид мешавад) ва чангу гази байнисайёравӣ иборат аст. Панҷ сайёраи аввали Системаи офтобӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим маълум буданд ва халқҳои ҷудогона ба онҳо номҳои интихобии худро мегузоштанд. Барои намуна, номҳои гузоштаи римиҳо Меркурий (Уторид), Венера (Зуҳро), Марс (Миррих), Юпитер (Муштарӣ) ва Сатурн (Зуҳал) то ба имрӯз дар адабиёти илмӣ истифода мешаванд. Сайёраи Уранро 13 марти соли 1781 астрономи англис У. Гершел кашф намуда, онро ба шарафи шоҳи Англия Георги III сайёраи «Георг» номид. Вале астрономҳои дигар онро сайёраи «Гершел» ва соли 1850 И. Боде дар такя ба ривоятҳои атиқа ба сайёра номи «Уран» - ро гузошт. Ба қавле, сайёраи Нептунро соли 1846 астрономи фаронсавӣ Лавере «бо нӯги қалам» кашф намудааст. Дар асоси ҳисоби Лавере сайёраи номбурдаро И. Галле ва Г. Луи де Арре мушоҳида намуданд. Лекин «сайёраи нуҳуми Системаи офтобӣ» - и муқарризро соли 1930 астрономи амрикоӣ Клайд Томбо (1906 - 1997) кашф намуд ва Плутон ном дорад. Мутаассифона, он то соли 2006 ба рӯйхати сайёраҳо шомил буд. Аз сабабе, ки солҳои охир дар Системаи офтобӣ якчанд плутонмонандҳо (аз ҷумла радифаш Харрон) кашф гардиданд, дар яке аз ҷаласаҳои байналхалқии астрономӣ (дар шаҳри Венаи Австрия) Плутонро аз рӯйхати сайёраҳо берун карданд. Инчунин, муқарриз миқдори радифони сайёраҳои Системаи офтобиро ба 54 адад (саҳ. 11) баробар кардааст, ки ин рақам низ сад дар сад ғалат ва ғайриилмӣ аст. Дар натиҷаи тадқиқоти ҳозиразамони астрономию космологӣ муайян карда шудааст, ки сайёраҳои Уторид ва Зуҳро радиф надоранд. Миқдори радифони сайёраҳои дигар низ дақиқ муайян карда шудааст: Замин - 1 радиф, Миррих - 2 радиф, Муштарӣ - 65

радиф, Зуҳал - 64 радиф, Уран - 27 радиф ва Нептун - 13 радиф доранд.

Муқарриз ҳангоми ба хотири мо расонидани тавсифи мухтасари Системаи офтобӣ чунон рафтор кардааст, ки гӯё сайёраи Замин берун аз Системаи офтобӣ воқеъ гардидааст. Яъне дастгоҳҳои кайҳонии аз Замин ба мадор баровардашуда, ба ҷойи он ки аввал ба наздиктарин ҷирмҳои кайҳонӣ – Моҳ, Зуҳро, Уторид, Миррих ва Муштарӣ раванд, баръакс, онҳо пеш аз ҳама ба дуртарин «нуқтаи Системаи офтобӣ» ба Плутон мераванд, чунончи: «*Агар ин «равшанфикрон» ҷавлонзанон дар системаи офтобӣ парвоз кунанд, пас аз аввалин сайёрае, ки мебинанд ин сайёраи Плутон мебошад. Ҳарорати ҳаво дар Плутон -238градусро ташкил медиҳад*» (саҳ. 11). Ба ақидаи муқарриз, вақте ки инсон ба воситаи киштии кайҳонӣ аз атмосфераи Замин берун мебарояд, вайро дар фазои коинот на Моҳтоб, на Зуҳро, на Миррих, на Муштарӣ ва дигар сайёраҳо, балки ӯро танҳо ва танҳо «охирон сайёраи Системаи офтобӣ» - Плутон пешвоз мегирад. Муқарриз, танҳо барои мо муаллифони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» дар саҳифаҳои 11, 12 ва 13-и китобаш тавсифи мухтасари сайёраҳои Системаи офтобиро пешниҳод намудааст. Намедонем ӯ ин маълумоти хатою ғалатро аз куҷо дастрас намудааст, ки астрофизика ва астрохимия ҳамчун илмҳои соҳавӣ оид ба таркиби физикию химиявии ҷирмҳои кайҳонӣ, ин рақамҳоро тамоман дар «хотир» надоранд. Яъне ин гуна константаҳои (доимиҳои) бардурӯғ (ба истисноиъ муқоисаи андозаи Муштарӣ ва Замин) дар ягон ҷойи илми астрономия вуҷуд надоранд.

Ҳамин тариқ, Системаи офтобӣ дар як қисми канории галактика ҷой гирифта, аз маркази галактика ~25 ҳаз. с.р. дур мебошад ва чунин тавсифи мухтасари умумиастрофизикӣ дорад:

**Офтоб** ситораи зарди қаторӣ ба шумор рафта, синну солаш ба 5 млрд. сол мерасад. Он ҷирми марказӣ ва аз ҳама массивноки Системаи офтобии мо мебошад. Аз ҷиҳати бузургӣ, гармӣ, нурафканӣ ва дигар тавсифҳояш ба гурӯҳи ситораҳои миёна дохил мешавад. Таркиби химиявии Офтобро 70% гидроген, 28% гелий ва 2% дигар элементҳо ташкил медиҳанд. Массаи гази чархзанандаи он $2,7 \cdot 10^{27}$ тонна буда, 99,87%-и массаи Системаи офтобиро ташкил менамояд. Массаи Офтоб аз массаи Замин 333 000 маротиба ва аз массаи ҷамъи сайёраҳо 750 маротиба калон

мебошад. Диаметраш бошад, аз қутри Замин 109 маротиба калон буда, он ба 1 392 000 км мерасад. Радиуси Офтоб ба 696 000 км, массаи он ба $1,99 \cdot 10^{30}$ кг ва зичии миёнаи моддаҳо ба 1,41 г/см$^3$ баробар мебошад. Ҳисобкуниҳои дақиқи муосир нишон медиҳанд, ки зичии газ дар маркази Офтоб ба $1,5 \cdot 10^5$ кг/м$^3$, фишор тақрибан ба $2,2 \cdot 10^{18}$ Па ва ҳарорат ба 15 млн дараҷа баробар аст.

Офтоб аз ҳисоби нурафканӣ ҳар дақиқа 240 млн. тонна массаи худро ба фазо мепартояд, ки дар маҷмӯъ массаи он дар як сол ба миқдори $132 \cdot 10^{12}$ тонна кам мешавад. Реаксияҳои термоядроиро дар дохили Офтоб соли 1938 астрофизики амрикоӣ Ганс Бете (1906 - 2005) кашф намудааст. Ҳамон энергияе, ки аз Офтоб ба Замин омада мерасад, асосан аз атмосфераи он меояд. Ҳарорат дар қабатҳои болоии атмосфера 6000000$^0$С мебошад. Коҳидани ҳарорат дар қабатҳои болоии атмосфера боиси он мегардад, ки дар спектри афканишоти офтобӣ раххои тираи фурӯбурд мушоҳида шаванд. Ин раххоро соли 1814 физики олмонӣ Йозеф Фраунгофер (1787 - 1826) кашф кардааст, ки имрӯз дар илм бо номи хатҳои фраунгоферӣ маълуманд. Ҳар дақиқа 180 МВт энергияи нурафкании Офтоб ба Замин омада мерасад.

Вобаста ба зичӣ, ҳарорат ва кӯчиши энергия Офтобро ба минтақаҳои пай дар пайи болоиҳамхобида ҷудо менамоянд: минтақаи ядроӣ, минтақаи шӯоӣ, минтақаи конвективӣ ва атмосферӣ. Дар ҳамин минтақаҳои сатҳи Офтоб доғҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки пайдоиш ва зиёдшавии андозаи доғҳо аз як рӯз то якчанд моҳ давом мекунад. Доғҳои Офтоб тақрибан дар давоми 11 сол як маротиба пайдо мешавад ва асосан аз тарафи Шарқ ба самти Ғарб ҳаракат мекунанд. Чунин тарзи ҳаракат дар атрофи тири меҳвар давр задани Офтобро нишон медиҳад. Калонтарин доғи Офтоб, ки андозааш 214 600 км$^2$ аст, соли 1947 мушоҳида шудааст. Бояд қайд намуд, ки соли 1913 астрономи амрикоӣ Ҷ. Ҳейл тайфи доғҳои офтобиро омӯхта, дар Офтоб мавҷуд будани майдони магнитиро исбот кард. Вале давраҳои хурӯҷи 10 - солаи офтобиро соли 1843 олими олмонӣ Швабе пешгӯӣ карда, соли 1852 Волф қимати аниқи онҳоро ҳисоб намуд (11,1 сол)...

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Уторид** сайёраест, ки аз рӯи мадораш нисбат ба дигар сайёраҳо ба Офтоб наздик ҷойгир шудааст. Массаи он ба $3{,}3 \cdot 10^{23}$ кг, радиуси экваторӣ ба 2439 км, зичии миёнааш ба 5,44 г/см$^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 48 км/с баробар мебошад. Он аз Офтоб дар масофаи 58 млн. км дур ҷой гирифта, даври чархзаниаш дар атрофи меҳвар ба 58,64 ва даври гардишаш дар атрофи Офтоб ба 88 шабонарӯзи заминӣ баробар мебошад. Муқарриз оид ба ҳарорати сайёраи номбурда, чунин навиштааст: «*Тафовути ҳарорат дар он ба 1000 градус мерасад, ки дар ин ҳолат низ мавҷудияти ҳаёт номумкин аст*» (саҳ. 13). Ин сухан ғайриилмӣ буда, ҳарорати сатҳи Уторид дар нисфирӯзӣ то ба 620 К (+347$^0$С) мерасад. Дар нуқати пригелий (нуқати дуртарин аз Офтоб) ин қимат ба 690 К (+417$^0$С) расида, он шабона то ба 90 К (-183$^0$С) поён мефарояд.

**Зуҳро** дар осмон бо равшании зиёди худ аз ситораҳо фарқ карда, наздиктарин сайёра ба мадори Замин мебошад. Массаи он ба $4{,}87 \cdot 10^{24}$ кг, радиуси экваторӣ ба 6051 км, зичии миёнааш ба 5,24 г/см$^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 35 км/с баробар мебошад. Даври гардишаш дар атрофи Офтоб ба 224,7 ва даври чархзанаш дар атрофи меҳвараш ба 243 шабонарӯзи заминӣ рост меояд. Ҳарорати сатҳи Зуҳро на ба *«+450 градус»*-и муқарриз, балки ба 750 К (+477$^0$С) мерасад. Массаи атмосфераи он $5 \cdot 10^{20}$ т буда, таркиби химиявиаш аз 97% $CO_2$, 2% $N_2$ ва 1% буғи об ва дигар элементҳои атомҳои сабук иборат мебошад.

**Замин** (хонаи умеди мо) ягона сайёраест, ки дар он ҳаёт вуҷуд дорад. Массаи он ба $5{,}79 \cdot 10^{24}$ кг, радиуси экваторӣ ба 6378 км, зичии миёнааш ба 5,52 г/см$^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 29,8 км/с баробар мебошад. Майдони магнитии Замин ба $5 \cdot 10^{-5}$ Тл (ба шарафи физики сербӣ Никола Тесла) баробар буда, бо дур шудан аз сатҳи он индуксияи майдон низ суст мешавад. Тадқиқи фазои кайҳонӣ нишон дод, ки атрофи Заминро минтақаи радиатсионӣ пӯшида гирафтааст. Қисми дохилии минтақаи радиатсионӣ аз сатҳи Замин тақрибан 500 - 600 км тӯл кашида, қисми берунии минтақа дар баландиҳои аз 1 то 5 км воқеъ гардидааст. Бояд гуфт, ки Замин нисбат ба дигар сайёраҳои Системаи офтобии мо пурратар омӯхта шудааст.

**Миррих** - «сайёраи сурх» - и Системаи офтобӣ аст, ки аз Офтоб дар масофаи 228 млн. км дур ҷойгир шудааст. Массаи он ба $6{,}42 \cdot 10^{23}$ кг, радиуси экваторӣ ба 3397 км, зичии миёнааш ба

3,94 г/см$^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 24 км/с мерасад. Тамоили тири чархзании Миррих бо мадор 65$^0$ буда, он дар атрофи тири меҳвараш дар давоми 24 соат як маротиба чарх мезанад. Ҳарчанд муқарриз даъво дорад, ки: «*Ҳарорат дар ин сайёра номусоид буда. Ҳар лаҳза иваз шуда то ҳадди -53 градус поён мефарояд*» (саҳ. 13). Ҳарорати нисфирӯзии қиёми тобистона аз 250 – 260 К (-23$^0$С – -13$^0$С) зиёд намешавад. Ҳарорати баландтарини тобистона дар соати 14$^{00}$-и рӯз ба 268 К (-5$^0$С) расида, он дар ноҳияҳои экваторӣ 273 К (0$^0$С) ва каме зиёдтар мешавад. Ногуфта намонад, ки муқарриз дар бораи тавсифи физикии ин сайёра низ ягон сухани илмӣ нагуфтааст, бинобар ин аз иқтибоси он худдорӣ намудем.

**Муштарӣ** калонтарин сайёраи Системаи офтобӣ буда, аз Офтоб дар масофаи 779 млн км дур воқеъ гардидааст. Массаи он ба 1,9 · 10$^{27}$ кг, радиуси экваторӣ ба 71490 км, зичии миёнааш ба 1,27 г/см$^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 13 км/с баробар мебошад. Массаи Муштарӣ аз массаи Замин 318 ва радиуси экваториаш нисбат ба радиуси Замин 11,2 маротиба калон мебошад. Муқарриз бошад, ба ин сайёра чунин тавсифи астрофизикӣ додааст: «*Юпитер низ мисли Сатурн иборат аз газ аст. Дараҷаи ҳарорати ин сайёра баробар ба -143 градус аст.*» (саҳ. 12). Муқарриз бехабар аз он ки ҳарорати атмосферии Муштарӣ дар ҳама ҷо якхел набуда, он вобаста ба умқ зиёд мешавад. Дар сатҳи сайёра фишори он ба 2 · 10$^5$ Па ва ҳарорataш то ба 210 К (-63$^0$С) мерасад. Таркиби атмосфераи Муштарӣ асосан аз $H_2$, $NH_3$, $CH_4$, $C_2H_2$, ва $H_2O$ иборат мебошад.

**Зуҳал** аз ҷиҳати андоза баъди Муштарӣ меистад ва аз Офтоб дар масофаи 1427 млн. км дур ҷойгир шудааст. Массаи он ба 5,69 · 10$^{26}$ кг, радиуси экваторӣ ба 60268 км, зичии миёнааш ба 0,69 г/см$^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 9,7 км/с мерасад. Зуҳал дар байни дигар сайёраҳо бо ҳалқаҳои атрофи худ диққатҷалбкунанда аст. Суръати ҳалқаҳои он ба 10 км/с баробар буда, ғафсии қабаташон аз садҳо метр то ба 1 - 2 км мерасанд. Ҳарчанд муқарриз даъво дорад, ки: «*Аҷоиботи хусусияти ин сайёра дар он аст, ки Сатурн комилан аз газ таркиб ёфтааст: 75% Вадарод, ва 25% Геллий дараҷаи миёнаи ҳарорати Сатурн ба -178*

*градус мерасад*» (саҳ. 12). Муқарриз дар ин маврид доир ба хусусиятҳои физикию химиявии сайёраи Зуҳал ноогоҳона ва сатҳиназарӣ сухан кардааст. Ӯ ғофил аз он ки дастгоҳҳои кайҳонии «Вояҷер - 1» ва «Вояҷер - 2» ташкилаҳои муайянеро дар атмосфераи Зуҳал ба қайд гирифтанд. Дар сатҳи сайёра фишори атмосферӣ то ба $10^5$ Па расида, ҳарорати он ба 143 К ($-130^0$С) баробар мебошад. Атмосфераааш аслан аз гидроген (94%) ва гелий (6%) иборат аст.

**Уран** дар телескоп андозаи кунҷии 4" - ро дошта, аз Офтоб дар масофаи 2875 млн. км дур ҷой гирифтааст. Массаи он ба 8,68 · $10^{26}$ кг, радиуси экваторӣ ба 25559 км, зичии миёнааш ба 1,29 г/$см^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 6,8 км/с баробар мебошад. Муқарриз ба сайёраи Уран чунин тавсифи астрофизикӣ медиҳад: «*Инчунин ҳарорати он низ тақрибан ба -214 градус мерасад. Таркиби адмосфераааш аз Вадарод, Геллий ва Метан мебошад, ки ғайри қобили зиндагист*» (саҳ. 12). Ин муқарризи донишманд намедонад, ки меҳвари Уран нисбат ба мадораш пурра ба паҳлу хобида, самти чархзании он ба самти ҳаракаташ аз рӯи мадор дар атрофи Офтоб муқобил аст. Ҳарорати пасттарини он бошад, ба 47 К ($-226^0$С) ва ҳарорати баландтарини сатҳаш ба 57 К ($-216^0$С) мерасад. Атмосфераи Уран аз 85% гидроген, 12% гелий, 2,3 % метан ва 0,7% дигар элементҳо иборат мебошад.

**Нептун** охирин сайёраи Системаи офтобӣ буда, аз Офтоб дар масофаи 4504 млн. км дур воқеъ гардидааст. Массаи он ба 1,024 · $10^{26}$ кг, радиуси экваторӣ ба 24764 км, зичии миёнааш ба 1,64 г/$см^3$ ва суръати миёнаи мадориаш ба 5 км/с мерасад. Ҳарчанд муқарриз даъво дорад, ки: «*Ба хотири онҳо боз мерасонем, ки ин сайёра ҳам хело сард буда ҳарорати он -218 градусро ташкил медиҳад. Адмосфераи Нептун аз Вадарод, Геллий ва Метан иборат аст*» (саҳ. 11). Муқарриз бехабар аз он ки ҳарорати пасттарин 52 К ($-221^0$С) ва ҳарорати баландтарини сайёра 61 К ($-212^0$С) мебошад. Атмосфераааш мисли гуфтаи муқарриз не, балки аз гидроген (83%), гелий (15%) ва метан (2%) иборат буда, баландии он то ба 3 - 5 ҳазор км ва фишори атмосфериаш ба 2 · $10^{10}$ Па мерасад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи тадқиқоти охирину муосири астрономӣ муайян карда шуд, ки Системаи офтобӣ як ҷузъи кӯчаки Галактика буда, омӯзиши табиати сайёраҳо ва радифони онҳо ба ёрии телескопҳо, радиотелескопҳо ва таҷҳизоти махсуси

мушоҳидавӣ гузаронида мешавад. Натиҷаҳои тадқиқоте, ки бо ёрии дастгоҳҳои кайҳонӣ дастрас гардидаанд, нишон медиҳанд, ки Моҳ ва сайёраҳои гурӯҳи заминӣ (Уторид, Зуҳро ва Миррих) аз ҷиҳати тавсифоти физикиашон чандон тафовути калон надоранд. Бинобар ин мутахассисони соҳаи астрономия сайёраҳои Системаи офтобиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: 1) сайёраҳои дохилӣ (сайёраҳои гурӯҳи заминӣ) ва 2) сайёраҳои берунӣ (сайёраҳои азимҷусса). Аз ин суханон бармеояд, ки он даъвои муқарриз, ки мегӯяд: «*... аз «кашфиёти нуҷумшиносон» маълум мегардад, ки дар атрофи замин агар ҷирмҳои зоҳири вуҷуд дошта бошанд, пас ҷирмҳои ботинӣ низ бояд вуҷуд дошта бошанд ...*» (саҳ. 6) комилан бесаводона ва бемаъност.

Хулосаи калом, маълумотҳои илмии муосир доир ба Кайҳон гувоҳӣ медиҳанд, ки тағйирот ва инкишофҳо дар Коинот беохиранд. Пайдоиши ҳодисаҳо дар он ибтидо ва интиҳо надоранд. Ба ҷойи дунёҳое, ки ба анҷоми умри хеш расидаанд, дунёҳои нав пайдо мешаванд. Бо гузашти айём дар шароитҳои муносиб метавонад ҳаёт пайдо шуда, зимни таҳаввулот то дараҷаи олӣ  - хирад расад. Ҳарчанд ки тамаддуни заминӣ дар Кайҳон ҳодисаи нодирест, инкишофи илму техника имконият медиҳад, ки дарояндаи наздик ба пайдоиши ҳаёт ва Коинот ҷавоб диҳем. Ин масъулияти инсонро барои ҳифзи сайёра, барои ҳифзи ҳаёти ҷовидонагии башар ва баҳри интиқоли насли инсонӣ ба сайёраҳои дигар баланд мебардорад. Инсон, ки худ маҳсули офаридаи Кайҳон аст, танҳо ӯ дар бораи манзараи материалии олам ва Коинот фикр мекунад. Бинобар ин Кайҳон низ, маҳз ба воситаи «фарзанди худ» - Инсон худро мешиносад, ки ман «Кайҳонам». Зеро таҳаввулотҳои бешумори кайҳонӣ ба пайдоиши Ҳаёт ва Инсон замина гузоштаанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки пайдоиши ҳам Инсон ва ҳам Кайҳон пайванди ногусастанӣ доранд. Пас, он рӯз дур нест, ки Инсон ҳам мисли Кайҳон умри ҷовидона бинад!!!

**Сарчашмаҳо**

1. *Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша».* Дар рӯи ҷаҳонему надонем ҷаҳон чист?! // Рӯзномаи «ИмрӯзNews»,

шумораҳои 204, 205, 206, 2010 ва 2012, моҳҳои ноябр - декабри соли 2013.

2. *Раҳмонов А.А.* Ҷирмҳои Системаи офтобӣ. Душанбе, 2012.
3. *Бова Б.* Новая астрономия (перевод с анг.). М.: «Мир», 1976.
4. *Брант Дж., Ходж П.* Астрофизика Солнечной системы. М.: Мир, 1967.
5. *Бронштейн В.А.* Планеты и их наблюдение. М.: Наука, 1979.
6. *Каплан С.А.* Физика звезд. М.: Наука, 2007.
7. *Климишин И.А.* Астрономия наших дней. М.: Наука, 1990.
8. *Новиков И.Д.* Эволюция Вселенной. М.: Наука, 1979.
9. *Стюарт Аткинсон.* Астрономия (перевод с анг.). Москва, РОСМЭН, 2003.
10. *Уипл Ф.Л.* Семья Солнца (перевод с анг.). М.: «Мир», 1984.

**Шодӣ АТОӢ**

# МАНИФЕСТИ «ҶАҲОНБИНИИ ОЯНДА» ВА ОЯНДАИ ИНСОНИЯТ

Бо баробари фурӯ пошидани тоталитаризми секуляри Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияту ба таври расмӣ мардумсолор эълон шудани ҷумҳуриҳои сотсиалистии собиқ, дар фазои фалсафию илмӣ фаъол шудани андешапарварӣ ва рӯшанфикрӣ эҳсос карда шуд.

Дар солҳои 90-уми асри гузашта дар Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ ҶТ якчанд маҳфилҳои фалсафӣ созмон дода шуданд, ки бояд ба густариши раванди маърифати баланди фалсафӣ ва рӯшанфикрӣ дар ҷомеаи навбунёдёфтаи демократии Тоҷикистон мусоидат менамуданд.

Яке аз ин маҳфилҳо дар робита бо салоҳияти мудирияти Пажӯҳишгоҳ, дарки масъулият ва ташаббуси шахсии файласуфи шинохтаи Тоҷикистон Комил Бекзода номи «Ҷаҳони андеша»-ро ба худ гирифта, ба кори худ оғоз намуд. Маҳфили номбурда дар давоми фаъолияти худ меҳвари асосии мубоҳисаро мавзӯҳои бунёдии фалсафӣ, ноогоҳии инсон аз табиат ва Кайҳон, феноменҳои (падидаҳои) иҷтимоӣ ва мушкилиҳои худи инсон қарор дод.

Маҳфил имсол бояд бистсола мешуд, вале бо сабабҳои номаълум як сол пеш ба кори маҳфил таваққуф эълон карда шуд. Бояд иқрор шуд, ки тақдири фоҷиабори фалсафа ва андешапарварӣ дар фазои Шарқи динмадор такрор андар такрор аст. Новобаста аз чунин шакл гирифтани фаъолият роҳбар ва барандаи маҳфил Комил Бекзода дар иртибот бо пайравии фалсафидонҳои ширкаткунанда дар маҳфил Нуриддин Шаҳобиддин, Файзи Олӣ, Ҳафиз Холиқзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ, Номвар Қурбон, Шодӣ Атоӣ, Нозим Нурзода, Исомуддин Шарифзода, Усмони Камолиён ва дигарон дар натиҷаи баҳсҳои суратгирифта оид баояндаи инсон ба шакли маҷмӯи тезисҳо ё ба таври манифест бо номи «Ҷаҳонбинии оянда» (Ҷаҳонбинии алтернативӣ) барои файласуфон, фалсафадонҳо, пажӯҳишгарони ихтисосӣ ва умуман ба андешаварону рӯшанфикрон пешкаш намуд.

Табиист, ки чун навиштае аз чоп барояд ва аз тарафи ҳар хонандае, ки бо он шинос мешавад, мавриди муҳокимаву санҷиш қарор гирифта, мавқеъгирӣ ва вокунишеро ба бор меоварад.

Ман ҳамчун иштироккунандаи маҳфили «Ҷаҳони андеша» зарур медонам оид ба чанд назару хулосабарорӣ дар муқобили хомӯшии фалсафадонҳо, андешамандон, пажӯҳишгарон, ки нисбат ба маҷмӯи тезисҳои «Ҷаҳонбинии оянда» баён намудаанд, мавқеъгирӣ намоям.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Пурсиши аксарияти соҳибназарон ба таври ҳайратовар ва тарсолуд ин аст ки чаро дар матни манифести «Ҷаҳонбинии оянда» тезисҳо оид ба Худо ва ояндаи дин бисёр ҷиддӣ, рӯшан ва ошкоро ҳастанд? Бале, ин гуна саволгузорӣ бисёр воқеист ва ҳамаи аъзои маҳфили «Ҷаҳони андеша» ба таври беихтиёр ин пурсишро интизор буданд. Арасту ҳам мегӯяд, ки «Тааҷҷуб заминаи фалсафаронӣ мебошад». Албатта, хушбахтона пӯшида нест, ки аъзои маҳфили « Ҷаҳони андеша» дар ҷомеа ва давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд, комилҳуқуқ, ки арзишҳои фитрии ҳар як нафар новобаста аз дигаргун буданашон ҳимоя мешаванд, чунин мавқегириро касб намуда, бар пояи маърифати илмӣ бо далелҳо, тезисҳои худро оид ба Худо дар мундариҷаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ҷой додаанд.

Дар робита бо чунин ҳолат метавон зикр намуд, ки пеш аз ҳама мавқеи маърифати фалсафиро бояд мавриди таҳлил қарор дод. Чунончи аз мундариҷаи раванди густариши фалсафаи Ғарб, бармеояд мавзӯи Худо меҳвари баҳси файласуфон будааст. Аз замони атиқаи Юнон сар карда то Б. Рассел (асри ХХ) ва ҷаҳони пешрафтаи бехудоии (аксарияти аҳолӣ) асри 21 (ҷаҳони аввал дар назар дошта мешавад) ба таври воқеӣ Худоро маҳсули шинохти зеҳни инсон ошкор намудаанд. Гурӯҳи дигари файласуфон ба чунин назаранд, ки Худо ва мавҷудияти он новобаста аз ҷаҳонбинии динӣ мутлақ аст, бидуни шубҳа аст ё худ Кайҳонро соҳибе аст, ки ҳамаро идора мекунад, неруе ҳаст, қуввае вуҷуд дорад, ин ҷаҳон ҳамин хел ба худии худаш ҳолӣ нест. Аз нуқтаи назари шаклгирии тасвири Худо, яъне сар карда аз худои шаклдори заминӣ - тотем ва бутҳо то худоҳои бешакли хаёлии осмонии динҳои яккахудоӣ чунин хулосаи дақиқу равшан бармеояд, ки исботи мавҷудияти Худо ҳам бо шаклаш ва ҳам дар бешаклияш сарчашма аз ҷаҳонбинии асотирӣ ва динӣ мегирад. Умуман, агар хулоса намоем, натиҷаи дарку фаҳми шинохти Инсон, ки як фазои бунбастиеро ба вуҷуд меорад ва ба таври табиӣ пайдо шудани хаёле, мафҳуме бо номи Худо мегардад, яъне зеҳни инсоният дар ҳамин маврид заъфият, нотавонӣ, бунбастӣ, изтироб аз муҳити зист, аз Кайҳонро ошкор менамояд ва маҳз ҳамин ҳолат ӯро ба такягоҳе, ба кайҳонгардоне, ба идоракунандае, ба офарандае, ба ҳоҷатбароре ниёзманд месозад. Ин Инсон аст, ки чунин шинохт дорад.

Омӯзиш ва баҳси ин мавзӯъ қариб, ки ба таври куллӣ дар Ғарб сурат гирифтааст ва комёб ҳам шудааст ва аз ин лиҳоз зарурат аст бештар ба шарҳи андешаи онҳо такя намоем.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таърихии густариши фазои фалсафа оид ба шинохти Худо якчанд ҷараёнҳо ё нуктаи назари гуногун ба монанди теизм (ҳама чиз, ҳолат аз Худо вобаста аст, фарзи мисол тақдири Инсон пурра дар дасти Худо мебошад), деизм (Худо офаранда аст, вале тақдири инсон дар дасти худи Инсон аст, на дар дасти Худо),

пантеизм (Худо бо табиат ҳамоҳанг аст, ё худ Худоро ҳар куҷо метавон пайдо намуд), атеизм (Худо вуҷуд надорад) ва ғайраҳо ба вуҷуд омаданд, ки то ба ҳол дар маърифати худошиносӣ, албатта дар фазои фалсафа нақши меҳварӣ доранд, зеро дар фазои ҷаҳонбинии динӣ Худо наметавонад мавриди муҳокима ва интиқод қарор гирад. Ӯ объекти парастиш муайян шудааст ва усулан объекти зикршуда мавриди интиқод қарор намегирад, махсусан дар фазои Ислом.

Нисбат ба вазъияти номуносиби фалсафа ҳам дар раванди таърихӣ ва ҳам дар замони муосир дар Тоҷикистон ва умуман «Шарқи ҷабрдида» пурсише ба амал меояд, ки кадом сабаб ё омил заминаи комёбии фалсафа ва ҷаҳонбинии фалсафӣ дар Ғарб шудааст? Бидуни шубҳа посухи инҷониб метавонад чунин бошад: *Ҷасорати инсоне, ки андеша карданро меҳвари зиндагӣ, абзор барои шинохти муҳит, Кайҳон, Худо ва ғайра қарор додааст.*

Комёбии меҳварии Ғарб ва ғарбиён дар баробари фалсафа, ҷаҳонбинии фалсафӣ ва умуман андешамадории онҳо аз ҷасорат, мардонагӣ ва истодагарии файласуфон ва рӯшанфикрони онҳост.

Бубинед ҳатто як диндоре бо номи Августин Аврелий мавзӯи Худоро баррасӣ намуда, муносибати Худо бо инсонро муколама бо Худо муайян намудааст, на тарс аз Худо, ҳарчанд мавзӯи Худо то Августин Аврелий дар Юнони Бостон қариб аз тарафи ҳамаи файласуфон, донишмандон мавриди баррасӣ ва баҳс қарор гирифта буд.

Агар фазои фалсафии замони Ренессансро таҳлили воқеӣ оид ба мавзӯи баҳси Худо намоем, ҳамаи файласуфон ва рӯшанфикрон бо як ҷасорати муносиб дар ҷомеаи хурофотзадаи замони худ ин мавзӯъро матраҳ намудаанд. Фарзи мисол Николай Коперник заъфияти Худоро дар нисбат ба он ки Худо Заминро дар маркази Кайҳон гузошта бошад, рад кард ва рақиби Худо эълон шуд. Ба маврид аст, қайд намуд, ки то соли 1886 эҷодиёти Н. Коперник аз тарафи калисои католикӣ манъ эълон шуда буд.

Файласуфи схоласти ҳамон замон Пиетро Помпонатси(1462-1525) нисбат ба Худо чунин ақида дошт: «*Худо кайҳонро идора мекунад ё намекунад, маълум нест. Агар накунад, пас Ӯ Худо нест ва агар кунад, пас аз куҷо ин қадар ҷоҳилият, хушунат ва фиреб вуҷуд дорад? Агар Ӯ рафтори моро идора мекунад, пас чаро Инсон барои гуноҳаш худаш ҷавоб мегӯяд? Аз ин бармеояд, ки маҳз худи Худо моро ба гуноҳ кардан водор менамояд. Бинобар ин худоро ба шахсият баробар кардан мумкин нест, вагарна ба «падари девона» монанд мешавад. Худо ин танҳо сарвари бешахсият аст ва барои бадбахтиҳои инсоният ҷавобгар нест, зеро иродаи озод надорад*».

## *Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Дар робита ба давоми баҳси Худо дар фазои Ғарб ва тавре ба хамагон маълум аст, Ҷордано Бруно (1548-1600)-и пантеист, рӯҳонии католик бо андешаҳои рӯшан ва тарафдорӣ кардан аз назарияи офтобмарказии Кайхони Коперник, ки заминмаркази Кайҳонро, ки аз тарафи Клавдий Птоломей (асри 3-и то милод) пешниҳод шуда буд, инкор мекард, вирди забони ҳама шуд. Бар пояи ҷасорат Ҷордано Бруноро иллаташ ин буд, ки догмаи динии яҳудидухтари бокира аз шаҳри Носирия (шимоли Исроил), Мария (Модархудо), ки ба таври муъҷизанок аз Руҳ-ул- Қудс (Святой дух) обистан шуданро, инкор намуд (чи тавре ки сарчашмаҳои гуногун муайян намудаанд, шавҳари никоҳии Мария ё номи Қуръонияш Марям Юсуфи Дуредгар (Иосиф Плотник) ном дошт), аз зани аввалааш шаш фарзанд дошт, (Мария никоҳи дуюмаш буд). Исоро муғ(ходугар) эълон намуд ва инчунин илова намуд, ки Исо аз марг худро ҳимоя карда натавонист, бинобар ин ӯ на бо иродаи худаш, балки ба таври маҷбурӣ кушта шудааст. Рӯҳониёнро интиқоди шадид намуда, ошкоро баён сохт, ки эътиқоди мо, боварихои мо, хизмат кардан дар назди Худоро надорад ва ба ҳам ҳамин хотир «мулҳиди якрав» эълон шуд. Билохира аз тарафи устоди меъмораш Ҷованни Мочениго, ки диндор буд, ба инквизиторҳои калисои католикии Рим фурӯхта шуд ва соли 1600 дар «Майдони Гулҳо» (Кампо деи Фиори) и Рим бо «ҷазои сабук», яъне ҳукми қатл бо сӯзонидан (сӯзонидан ба ин хотир ҷазои сабук ҳисоб меёфт, ки хуни гунаҳкор ба истилоҳ ба замин рехта намешуд), кушта шуд. Ҷорданои ҷасур то дами марг мардонагӣ ва иродаи худро аз даст надод. Сухани охиринаш чунин буд: - «Сӯзонидани шумо инкор кардани манро надорад».

Баъдан дар фазои фалсафаи Ғарб Рене Декарт (1596-1656) қолабшикании ҷиддиеро дар мавзӯи Худо ба вуҷуд овард. Декарт ҳам мисли дигарон ба ҳастии он иқрор шуд, вале Ӯро ба инсон шабоҳат дод. Декарт муайян намуд, ки ҳамин Инсон - Худост, яъне офарандаест заминӣ, ки пеш аз ҳама андешаро тавлид месозад. Дар ҳамин маврид мо метавонем ба ҳикмати Декарт, ки «*Ман андеша меронам, пас ман вуҷуд дорам»*, такя намоем, дигар ин ки Декарт инсонро ҳамчун Худои заминии мутафаккир, яъне фикркунанда шинохт, на махлуқи эътиқодмеҳвар.

Бидуни шубҳа метавон зикр намуд, ки ҳамаи файласуфони замони Ренессанс мавзӯи Худоро баҳс намуда, мавқеи худро нисбат ба Худо, новобаста аз мулҳид эълон шудану зери таъқиби калисои католикӣ қарор гирифтану пайдо шудани воҳима аз сӯзонидани забоншиноси фаронсавӣ Этиен Доле (1509 - 1546) ва Ҷордано Бруно бо иродаи неруманд, бо истодагарӣ нисбат ба андешаҳои худ ҷасорат нишон доданд ва дар арсагоҳи муборизаи ҷаҳонбинӣ фалсафаро дар муқобили дин ба як неруи тавоно ва билохира пирӯзшаванда табдил

доданд. Маҳз мавқеъгирии ҷасоратмандонаи ин бузургони маърифати инсонӣ сабабгори пайдоиши мактаби маорифпарварии Фаронса шуд. Ин ҷо бояд равшан ишора намуд, ки файласуфони Ренессанс ба таври куллӣ асосан дар заминаи ду мафҳум, мафҳуми «дунявият» ва «инсонмарказӣ» эҷод ва соҳибназарии худро нишон медоданд. Фаромӯш набояд кард, ки ин бузургони андеша инсониятро аз торикӣ, аз зулмоти эътиқодгароии «осмонпарвар»- и хаёлӣ, ки бо «ҷабру зулми Худо зиндагии инсонро дар ниқоб дароварда ба таври воқеӣ маҳкум карда буд», берун кашиданд. Дасткам озод шудани зиндагии инсонро аз палидиҳои эътиқодии хурофотӣ замина гузоштанд ва зиндагиро заминӣ сохтанд.

Бо ҷасорат метавон гуфт, ки заминагузори замони Маорифпарварии Фаронса файласуфони замони Эҳё шуданд.

Дар чунин фазои бавуҷудомада, чунин шахсиятҳои ҷасоратманди дигар ба монанди Мари Франсуа Аруэ (Волтер) (1694 - 1778), Пол Анри Тири Голбах (1723 - 1789), Клод Адриан Гелветсий (1715 - 1771), Людвиг Андреас Фейербах (1804 - 1872) (фалсафаи классики олмониён) ва дигарон рӯйи майдони мубоҳиса омаданд, ки ба таври шадид ҷомеаи хурофотӣ ва махсусан идеяи Худоро ба саҳнаи муҳокима кашиданд. Волтер ҳамчун деист дар шинохти Худо Ӯро ба мазаммат кашида, мавқеи худро чунин баён намуд: «*Худо ин комедиантест, ки дар назди мардуми зиёд баромад менамояд, вале барои хандидан бисёр тарсу ҳаст».*

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «Маорифпарварӣ» (Просвещение) -ро аввалин маротиба Волтер истифода бурдааст ва яке аз асосгузорони Замони Маорифпарварӣ (Эпоха Просвещения) маҳсуб меёбад. Бояд қайд намуд, ки шиори Маорифпарварӣ чунин буд: «*Бо ҷасорат хирадманд бош ва барои истифодаи хиради шахсии худ бебок бош!»* П. Голбах бо асарҳои бузургаш бо номҳои «Насронияти ошкоршуда» (Разоблачённое христианство) (1761), «Фиқҳи кисагӣ» (Карманное богословие) (1766), «Маразн муқаддас» (Священная зараза) (1768) ва ғ. бо воқеияти тамом хурофот ва ситоиши Худоро мазаммат намуд. Дар ин замон ин ҳикмати Голбах нисбат ба Худо рӯйи кор омад: «*Инсонро на Худо бо шакл ва шабеҳи худаш, балки Инсон ҳама вақт Худоро бо шакл ва шабеҳи худаш офариду ақл ва аз ҳама бисёртар заъфиятҳои худро ба дӯши Худо бор кард»* ё ки *«Бандаи Худо будан ё худ ба пеши Ӯ сар хам кардан, маънои парастиши хаёлест, ки дар тасаввури Инсон пайдошуда ё итоат кардан ба чизест, ки аслан вуҷуд надорад».*

Людвиг Фейербах бисёр ба таври ошкоро мавқеи худро дар мавриди Худо баён намудааст: *«Инсоне, ки Худоро дӯст медорад, дигар наметавонад Инсонро дӯст бидорад, зеро ки вай аллакай фаҳми*

*инсониятро аз даст додааст ё ки баръакс Инсоне, ки аз самими дилаш Инсонеро дӯст медорад, дигар наметавонад Худоро дӯст бидорад».*

Дар асри XIX ҷараёни экзистентсиализм (вуҷудгароӣ) махсусан Ф. Нитше бо мавқеи ҷасуронааш вафоти Худоро эълон намуд, ки баёни ҳикматшудаи Ӯ чунин аст: *«Худо мурд», «Бог умер», «Gott ist tot».*

Баъдан дар асрҳои XIX - XX ва то имрӯз пажӯҳишгарон ва мутафаккироне ба монанди мардумшинос Ҷеймс Фрезэр, равоншинос Вилгелм Вундт, равонков Зигмунд Фрейд, Карл Юнг ва дигар шогирдони З. Фрейд, равоншиноси Шӯравӣ К.К. Платонов ҷомеашиносон Макс Вебер ва В.И. Гараҷа пайдо шуданд, ки ҷиддияти тезисҳои «Ҷаҳонбинии оянда»-ро тақвият медиҳанд.

Дар такя бар навиштаҳо ва далелҳои боло мо пайравони «Ҷаҳонбинии оянда» ба чунин хулоса омадем, ки худоро Инсон ҳамчун маҳсули шинохти зеҳнаш офаридааст, на Худо инсонро. Худо қаҳрамони ҷаҳонбинии динии инсонҳост. Инсонҳо ба Ӯ шакли тотем, бут ва ягонаи бешакли осмонияш додаанд ва тасаввур намудаанд.

Албатта пурсиши асосии хонандагони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда»- ро оид ба Худо ва дин наметавонем ба таври ҷудогона посух бидиҳем. Худо ва дин ё дар акси ҳол дин ва Худо бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Бинобар ин чун дар боло оид ба Худо мубоҳисаҳо, мавқеъгириҳои файласуфони ҷасури аврупоиро ҳамчун далел овардем, то дӯстони фалсафадони динпарасти мо аз рӯйи виҷдон ба посухи додаи ман, дасткам бо ман ва дигар пайравони ҷаҳонбинии пешниҳодшуда дар баҳс беғаразона омода бошанд. Бинобар ин дар баробари рӯшан намудани тезисҳои «Ҷаҳонбинии оянда» оид ба Худо лозим аст тезиси «Дин оянда надорад»-ро ба таври ҷиддӣ, беғаразона, беситеза, рӯшан бисозам, то хонандагони боварманд, ихлосманду имондори мо нороҳат набошанд. Илова бар ин ман ҳамчун як пайрави ин ҷаҳонбинии зикршуда изҳор менамоям, ки новобаста аз дигар будани ғоя ва мавқеи гурӯҳи мо эҳтиром гузоштан ба ҳамаи арзишҳо ва муқаддасоти ҳамаи динҳо вазифаи инсондӯстии ҳар як пайрав ва мухлиси ин ҷаҳонбинӣ ҳисоб меёбад. Тезиси «Дин оянда надорад», дар робита ба омӯзишу муҳокимаи зиёд дар мундариҷаи рисола дарҷ ёфтааст, аммо ман мехоҳам бо чанд далели илмии воқеӣ тезисро тавзеҳ бидиҳам. Чун дар боло воқеияти баҳси Худо тадриҷан шарҳ дода шудааст, зарурати мантиқӣ аст, ки ин равандро пайгирӣ намуд. Ба гунае ки дар фазои фалсафа равшан аст, рахна шудани ҷаҳонбинии динӣ, албатта дар Аврупо баъд аз рӯйи кор омадани мафҳуми дунявият ва инсонмарказӣ бе чуну чаро бар пояи ҷасорати бебокони иродатманди фалсафа ва рӯшанфикрон оғоз ёфт. Набояд фаромӯш кард, ки файласуфони аврупоӣ дар баҳс бо ҷаҳонбинии динӣ бо истодагарии далеронаи тасаввурнашаванда барои шарқиён тавонистанд Аврупоро аз зулмоти хурофоти динӣ наҷот

диҳанд. Ҷомеаи ҷаҳониро бо дунявият шинос намоянд, ба истилоҳ фард - фарди инсонҳоро ба зиндагии воқеии заминӣ ворид намоянд ва инсонро новобаста аз эътиқодаш дар марказ қарор диҳанд, яъне дар таблиғи андешаи рӯшан ва созандаи худ комёб шаванд.

Хонандаи гиромӣ, албатта шарҳи дар боло овардашуда заминаи мушаххасест барои инсони закиву нуктафаҳм оид ба пайдо шудани тезисҳо нисбат ба Худо ва дин дар мундариҷаи манифести мазкур, аммо чун аксари хонандагони «Ҷаҳонбинии оянда» даъвои далелҳои зиёдеро доранд, зарур медонам чанд натиҷаи назарсанҷии ҷомеашиносонро рӯи навиштор биёварем.

Тибқи таҳқиқоти Донишгоҳи Гарварди ИМА дар соли 2001 - 2005 анҷомдодашуда, дар асри 20, асосан аз соли 1900 то соли 2000 63 давлат аз дини давлатӣ даст кашидаанд. Ба монанди Федератсияи Русия, Ҷопон, Бразилия ва дигар давлатҳо. Танҳо 17 давлат ба дин баргаштаанд, аз қабили Бангладеш, Эрон. Аз рӯи ин таҳкиқот 75 давлат дини давлатӣ доранд, вале 113 давлат дигар дини давлатӣ надоранд, давлатҳои дунявӣ ба ҳисоб мераванд, масалан Тоҷикистон (нисбат ба Тоҷикистон пойинтар шарҳи густарда оварда хоҳад шуд). Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки давлатҳои диндор торафт, сол ба сол кам мешаванд ва давлатҳои дунявӣ баръакс зиёд мешаванд.

Аз рӯи назарсанҷиҳои оморӣ, дар Британияи Кабир дар асри XIX қариб ҳамаи никоҳҳо дар калисо ба қайд гирифта мешуд. Агар дар соли 1971 дар калисо 60% ҷавонон ақди никоҳи худро ба қайд гирифтанд, дар соли 2000 бошад ҳамагӣ 31%.

Ин комёбии дин аст ё нокомияш, хонандаи гиромиқадр худи ту бояд қазоват кунӣ!!!

Мувофиқи назарсанҷиҳои созмонҳои тадқиқотии Gallup ва Legatume Institute дар давлатҳои комёб ва тараққиёфта, ки зиндагии шаҳрвандонашон дар сатҳи баланд аст, аксарияти аҳолиро дигар на диндорон, балки атеистон ташкил медиҳанд. Масалан: Австралия, Шветсия, Норвегия, Олмон, Фаронса, Чин, Ҷопон, Эстония, Дания, Гонконг, Чехия, Исландия, Британияи Кабир, Кореяи Ҷанубӣ, Голландия, Австрия, Русия, Белорус, Ветнам…

Дар байни давлатҳои фақир ва ноком аксарияти аҳолиро ба истилоҳ имондорон ташкил медиҳанд. Фарзи мисол: Бангладеш, Бурунди, Гана, Индонезия, Ироқ, Кения, Нигерия, Нигер, Малави, Македония, Мавритания, Сомали, Шри-Ланка, Ҷибути, Яман.

Тибқи назарсанҷиҳои навтарин дар давлати теократии Ҷумҳурии Исломии Эрон новобаста аз он, ки қариб ҳамагон мусалмон ҳастанд,

80% - и ҷамъияташ мехоҳанд дар давлати демократии дунявӣ зиндагӣ намоянд на дар давлати теократӣ.

Новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Туркия Ҳизби исломӣ дар сари қудрат аст ва дар заминаи таҳлили ҷомеашиносони худӣ ин давлат наздики 60% ҷамъияташ дар қудрат будани ин ҳизбро намехоҳанд ва баръакс талабгори неруманд шудани давлатдории дунявии Туркия мебошанд.

Аҷобати кор дар ин аст, ки аксарияти давлатҳои дингарои фақир давлатҳои исломмадор мебошанд.

Вижагии дигари давлатҳои динпарваре, ки қайд намудам, ин аст ки дар баробари фақиру заиф будан боз ба таври ваҳшатнок фасодзада низ ҳастанд.

Дар давлатҳои пешрафтае, ки дар боло ишора шуд, дар фазои иҷтимоии онҳо чунин падидаи манфии иҷтимоие бо ном фасод (коррупсия) қариб, ки вуҷуд надорад.

Дар давлатҳои дунявии пешрафта, шоистаи зикр аст, ки умуман ҷаҳони пешрафта ҳама дунявист, шаҳрвандро ё худ инсонро новобаста аз эътиқоди динияш, балки бар пояи андешааш, касбаш, ҳунараш, дастовардҳои кашфнамудааш эътироф менамоянд. Дар давлатҳои диндор оё чунин ҳолат вуҷуд дорад? Хонандаи арҷманд худат аз рӯи виҷдонат қазоват намо ва ба пурсиши ман посух бидеҳ.

Рӯйи ҳамрафта ҳикмати Ф.Достоевский манро ба тааҷҷуб меоварад, ки Фёдор Михайлович чунин гуфта буд: «*Дар ҷое Худо вуҷуд надорад, ҳама кор равост»(Там где Бога нету всё дозволено)*, Ё ки Волтери бузург дар замони калавишҳои мавқеаш нисбат ба Худо гуфта буд: *«Агар Худо набошад, ҳам вайро бояд фикр карда баровард» (Если Бога небыло, его следовало бы выдумать)* ин ҷо Волтер ақида дошт, ки атеистҳо ҷомеаро ба нокомӣ мебаранд, зеро ки аз рӯи назари Волтери деист танҳо Худо метавонад меҳвари устувории инсоният бошад. Достоевский бошад, тарс аз ахлоқ дошт, ӯ гумон дошт танҳо дин ва Худо маҳаки ахлоқ шуда метавонанд ва дар сурати бехудоӣ инсоният ҳамаи бадаҳлоқиҳоро ба худ раво мебинад.

Хушбахтона, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI инсоният дар робита ба эҳтиром гузоштан ба андешаи неку созанда, бовар кардан ба худи инсон, бе кумаки Худо ҷомеаи муносиби инсониро сохта тавонист ва ман боварӣ дорам ояндаи зиндагии муносиби инсоният пурра ба дасти атеистон аст, зеро воқеан ҳам имрӯз ҷаҳони пешрафта қудрати инсонро барои сохтани зиндагии муносиби инсонӣ бе кӯмаки Худо исбот намуд. Ин ҷо метавон ҳикмати файласуфи асри XVIII-и Фаронса П.С. Марешалро (1750 - 1803) иқтибос овард, ки ӯ чунин гуфта аст: *«Ҷамъияти бехудоён нисбат ба ҳар гуна созмонҳо мукаммалтар*

*аст», (Общество безбожников более совершенно, чем всякая другая организация).*

Дар мавриди фаъолияти як диндору ва як бе Худо мисол меоварам: Миллиардери америкоӣ Уорен Баффет, ки расман худро атеист эълон намудааст, доройяш 37 миллиард доллари ИМА баҳодиҳӣ мешавад, мехоҳад 75% ин боигариро ба ҳамаи камбағалони ҷаҳон бубахшад, вале имрӯз худаш дар хонаи фақиронаи дутабақае дар шаҳри Омахи зиндагӣ мекунад, ки 1957 харидорӣ шудааст.

Патриарх Кирилл, ки ба истилоҳ лидери диндорон дар Русия ҳисоб меёбад, дар шаҳри Геленҷик бо маблағи 1,5 млрд. рубли русӣ барои худ бӯстонсарой месозад ва боз даъват ба амал меоварад, ки ба калисо хайр намоед (манбаъ www.pikaйu.ru).

Хонандаи гиромӣ, дараҷаи ахлоқии ин ду нафарро бояд худи ту бар пояи виҷдонат қазоват намоӣ. Кӣ муносибтар ва сазовор ба хушахлоқӣ аст?! Кӣ баҳимматтар ва инсондӯсттар аст?!

Аз рӯйи пажӯҳиши профессори Донишгоҳи Оксфорди Инглистон Майкл Аргайл, ки соли 1958 бо усули мета-анализ гузаронидааст, ба чунин хулоса омадааст, ки: «*Сатҳи донишомӯзӣ дар давлатҳои дингаро дар сатҳи хеле паст қарор дорад» (чем выше религиозность, тем ниже интеллект).*

Назари як устоди Донишгоҳи шаҳри Сидней, Карол Кусакро нисбат ба мардуми Австралия бе ягон нигаронӣ метавон ба мундариҷаи ин навиштаҳо дохил намуд, ки воқеияти имрӯзинаи давлати номбурдаро ба мо мефаҳмонад. Ӯ ба созмони назарсанҷии Cristian Science Monitor чунин гузориш медиҳад: *«Давлати мо дар шароити сатҳи баланди зиндагӣ қарор дорад, барои аҳолии Австралия Худо чи даркор аст».*

Ҳамчунин бояд илова намуд, ки Сарвазири Австралия Ҷулия Гиллард (2010 - то июни 2013) ба таври расмӣ худро бе Худо эълон карда буд.

Агар содатар карда гӯем, давлатҳои пешрафта ба ҷомеаҳои иборат аз афроди ҷасуру худонотарс ба монанди Бруноҳо, Мансури Ҳаллоҷҳо, Коперникҳо, Ровандиҳо, Волтерҳо, Закариёи Розиҳо, Голбахҳо, Айнулқуззотҳо, Фейербахҳо, Бекзодаҳо, Олга Тутубалинаҳо ва ҳазорон нафари дигар, ки барои андешаи озод ва ҳақиқати зиндагӣ мубориза бурдаанд, табдил ёфтаанд.

Бо далерӣ ва ҷасорат гуфта метавонам, ки дар алоқамандӣ ба гуфтаҳои зикршуда, дин ҳамчун заминаи пайдошавии меъёрҳои ахлоқ, танзимгари робитаҳои иҷтимоӣ рисолати худро барои инсоният анҷом дод. Арзишҳои динӣ дарояндаи наздик пурра ба арзишҳои шахсӣ табдил ёфта, ҳамчун як ҷузъи фарҳанг боқӣ хоҳанд монд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Дар раванди тағйирпазирӣ ва густариши андешаи фалсафӣ (албатта ин дар Ғарб сурат гирифтааст, на дар Шарқ, махсусан ин мафҳумро дар Шарқи исломӣ истифода бурдан ҳам хандаовар аст ва ҳам гиряовар. Касе агар бошад, пас исломро бо назари дигаре тафсир карда, ба ҳайси ориф ва сӯфӣ баромад намудаасту бас. Албатта, ба истиснои Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Комил Бекзода ва чанд нафари ангуштшумори дигар).

Ҳаминро бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳамчун давлат, мантиқитар карда бигӯем ҳамчун ҷумҳурӣ дар фазои таъсири ғояи бехудоӣ таъсис ёфтааст, албатта ин комёбии мардумонаш ҳаст ё нест мавриди омӯзиши мавзӯи дигар аст, вале пурсиши матраҳ дар ин зимн ин аст ки оё дар Тоҷикистони тоталитари атеистӣ фарҳанги баланди инсонӣ пайдо шудааст?! Оё зиндагии Инсон маънои худро дарёфтааст ё на?!. Бе чуну чаро замони Шӯравӣ дар назар дошта шудааст ва тоталитаризм чи дунявӣ бошад, чи динӣ озодии инсонро кафолат намедиҳад. Пеш аз он, ки дар бораи фарҳанги Тоҷикистони атеистӣ назари худро баён намоям, лозим аст сухане чанд дар бораи мафҳуми «фарҳанг» то омадани Русияи подшоҳӣ бигӯем. Барои он ки фарҳанги то русиягии худро ҳар нафаре аз ин минтақа мехоҳад баҳо диҳад, бояд беш аз пеш беғаразона, мунсифона ва бо далелҳое, ки ба воқеияти ҳамон замон наздиканд, сурат бигирад. Дар робита ба чунин тамоюл, ман дар такя ба эҷодиёти маорифпарварон махсусан Аҳмади Дониш гуфтанӣ ҳастам, ки то омадани Русия мафҳуми фарҳангро маънидод кардан душвор аст. Бинобар ин ман метавонам бо боварӣ бигӯям, ки дар ин минтақа то омадани Русия ва фарҳанги аврупоишудаи славянҳо, фарҳанги баланди инсонӣ вуҷуд надоштааст. Чун уқдаи заифнолӣ аз бегонагон, ки ба мо бисёр ҳуҷум намудаанд, ба вижа аз русҳо дар замони истиқлол ба як амри табиӣ табдил ёфтааст, воқеиятро муғризона баҳо медиҳанд. Албатта, ман намехоҳам ба иззати нафси заифнолон бирасам, аммо бори дигар такрор менамоям, ки то омадани Русия арҷ гузоштан пеш аз ҳама ба андешаи Инсон новобаста аз таҳоҷумҳои пай дар пайи бегонагон вуҷуд надоштааст. Бисёриҳо даъво доранд, ки русҳо дар баробари омаданашон қисмати аъзами арзишҳои фарҳанги миллии моро нест карданд ё бо худ бурданд. Пас агар доштем, кадом арзиши фарҳангӣ? Ё магар озодии инсон вуҷуд дошт? Ё зан инсон ҳисоб мешуду русҳо омаданду ба молу матоъ табдил доданд. Ё ки мо Ренессансро пеш аз Аврупоиён оғоз карда будему русҳо моро то ба ҳол намегузоранд давом диҳем?! Ё файласуфони моро ба истилоҳ ба киштие савор карданду ба Аврупо гусел карданд. Пас куҷо шуданд файласуфони муҳоҷири мо?! Куҷо буд Волтери гурезаи мо, ки ба мо «Инсони дунявӣ» ё «Кандид ё Оптимизм» - ро навишта хурофотзудоӣ карда бошад ва билохира куҷост Бердяеви киштисавор, ки бо персонализми ирфонияш аз Аврупо

тафриқаи байни зану мардро ҳал намуда, муҳаббатро дар сатҳи баланд ситоиш карда бошад. Канӣ Микеланҷелои мо, ки дар капеллаи сикстиниаш зиндагии заминии инсониро тасвир намуда бошад. Оё Помири мо то омадани коммунистони атеист маорифпарвар буд ё сатҳи маълумоти олияш ба ҷаҳониён шинохта шуда буд? Оё магар шимоли саноатиро босмачиҳо сохтанд? Ба ҳеҷ ваҷҳ на. Ин ҷо масъалаи муҳими дигаре вуҷуд дорад, ки агар русҳо намеомаданд, мо чӣ кор мекардем? Ман ба ин пурсиш чунин посухи одӣ дорам: Мисли Афғонистон зиёда аз 70 ҳизб ва ҳаракатҳои сиёсӣ, ки дар ҳамаашон мафҳуми Ислом вуҷуд дорад месохтему ҳам ба ҳамдигар меҷангидем, ҳам ба бегонагон. Мисли давлати Покистон зиёда аз 240 ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ки дар ҳамаашон мафҳуми Ислом вуҷуд дорад, месохтему ҳамдигарро мавриди террор қарор медодем. Мисли давлати Судан ба ду қисм тақсим шуда, ҳамчун мусалмон ба ҳамдигар меҷангидем. Мисли Эрон инқилоб мекардему Исломро консепсияи миллӣ сохта дар интизори Имом Маҳдӣ мешудем, ки омада моро аз азобҳои ин дунёву он дунё наҷот медиҳад. Тибқи омори муътамад «Маҳдиҳои фурудомада» дар зиндонҳои Эрони исломӣ тақрибан чор ҳазор нафарро ташкил медиҳанд (бознигарӣ шавад ба бойгонии радиои Озодӣ).

Сабаби чунин хулосабарорӣ чарост? Барои он ки мо то ҳол бартариятро на ба андеша, балки ба эътиқод додаем, яъне ба Худои ягонаи хаёлии осмонии биёбонӣ, на ба инсони андешапарвари заминӣ, ки офаранда аст. Ҷаҳони пешрафтаи имрӯз исбот кард, ки андеша мояи густариши зиндагии муносиби инсонӣ шуда метавонад, на эътиқод ба осмон. Дигар ин ки мо фалсафаи вижаеро, ғоя ё консепти мушаххасеро ҳамчун заминаи меъёрсозӣ ва муайянкунандаи арзишҳо дар ҷомеа, барои зиндагии муносиб, барои миллати неруманд будан дар оянда, насохтаем. Агар ба таври назариявӣ пешниҳод шуда бошад ҳам, ноком боқӣ мондааст. Ба таври бояду шояд ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ зиндагии беҳадаф ва саргардониеро аз сар мегузаронем. Ба таъбири шоиронае «ноқаи раҳгум дар биёбонем». Демократия ҳамчун ғояи ояндасоз, барои аксарият ҷуз фиреби назар чизи дигаре нест. Пурсиши дигаре пайдо мешавад, ки агар русҳо намеомаданд, оё дигарон бо мо сиёсати муносибро раво медиданд ва ба мо ҳуҷум намекарданд? Андешаи нек доштан ё хушбин будан дар ин маврид, ки агар русҳо намеоманд, мо фарҳанги баландро соҳиб мешудем, як тасаллӣ додани дилу ҳолати равонӣ ва як хаёли хоме беш нест. Аз нуқтаи назари вазъияти геополитикии ҳамон замон натанҳо англисҳо - рақиби русҳо дар «Бозии бузург», балки Чин, Туркия, Эрон ва ҳатто Афғонистон омода буд, ба мо ҳуҷум намояд. Мусаллам буд, ки агар русҳо намеомаданд, ҳатман

англисҳо ё давлатҳои дар боло номбаршуда ба ин минтақа ворид мешуданд, албатта бидуни ихтиёри Аморати Бухоро. Зеро Аморат сайдеро мемонд, ки сарнавишташ дар дасти шикорчии тавоно ва нишонзан қарор дошт. Ҷолиб аст қайд намуд, ки Тоҷикистони демократӣ ҳам чунин ваъиятро аз сар мегузаронад, вале фарқияташ ин аст, ки иҷозат ба чариданро гирифтааст ва албатта чӣ гуна тавонманд мешавад ва ба як шикорчӣ табдил меёбад ё ба сайди навбатӣ, вақт нишон медиҳад. Хонандаи гиромикадр, акнун худи ту қазоват намо, агар дигарон меомаданд, ба мо чи арзишҳои фарҳангӣ меоварданд?

Дар робита ба таҳлили мухтасари дар боло зикршуда, илова намудан ҷоиз аст, ки то омадани русҳо дар ин минтақа, зулмоти асри миёнагӣ вуҷуд дошт. Зиндагии муносиби инсони озод маҳкум буд. Аз рӯйи маълумоти «Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш дар замони амирии Музаффар то нафари вазифагир духтари бокираашро пешниҳод намекард, соҳиби вазифа намешуд. Ба истилоҳ «озмун»- и «вакансия» - ро дар мудирияти аморат бокира муайян менамуд. Падарони муътади вазифа дӯшизагони ноболиғи худро ба давлатмардон пешкаш намуда, бо «ифтихор» мегуфтанд: *«Матои мо муносиби давлатхона шудааст, марҳамат карда гиред».* Албатта, ин арзишхои ғуломдории бар заминаи ҷаҳонбинии динӣ пайдошуда, то охири ҳукмронии сулолаи манғития ва баъди он ҳам давом ёфт. Хотиррасон бояд кард, ки ин арзишҳои тамаддуни биёбонӣ дар ин минтақа то ба ҳол боқӣ мондааст, вале нафасҳои охирини худро мекашад. Фарҳангро то омадани славянҳои аврупоишуда бо маънои пуррааш дин муайян карда буд. Сабаб ин буд, ки ба истилоҳ «файласуфони» мо орифу сӯфӣ ва «мусалмони асил» буданд, ҷойи ҷасораташонро тарс аз Худо фаро гирифта буд. Аз фазои динӣ берун рафта натавонистанд ва наметавонистанд, зеро тарсиданро болотар медонистанд,зеро агар касе ҷасорат нишон дод ва ё чанд нафаре, дар робита бо «стратегияи» кофиргарой ва мулҳиду муртадсозӣ ҳам ба таври инфиродиву пинҳонӣ ва ҳам ба таври умумиву ошкоро ба қатл расонида шуданд. Агар меъморе буд, эҷодаш бар пояи арзишҳои динӣ буд. Шоҳкориҳои меъморие, ки ба истилоҳ дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Истаравшан сохта шуда буданд, ба ғайр аз қасрҳову мақбараву мазор, масҷиду мадраса ва ба истиснои чанд ҳаммому ҳарамсарой, китобхонаи амириву расадхона чизе дигаре набуданд. Агар чизи дигаре буданд, хеле ва хеле кам. Саводнок будан, аз рӯйи гуфтаҳои устод Айнӣ, аз бар намудани қойидаи бағдодиро дошт. Дар бораи тиб ва табобат чизе гуфтан душвор аст. Дар бораи наклиёт ва технология, то омадани русҳо, ба ғайр аз аспу хару гов, чизе пайдо накардам, бинависам. Маҳз ҳамин дингарой ва устураҳои он дини иброҳимие, ки ҳама эътиқод доштанд ва то имрӯз доранд, занро ба матоъу мол табдил дода буд, на омадани русҳо.

### *«Ҷаҳонбинии оянда» ва бархурди андешаҳо*

Дар зимни ин пурсише пайдо мешавад, ки оё то омадани русҳо ва баъдан атеистон мо фарҳанги баланд доштем ё на? Ҷавоб ба таври сода ошкор аст: Надоштем. Фарҳанги баланди инсонӣ набуд. Ягона арзиши маърифатӣ - фарҳангие, ки ба ҷаҳониён то омадани русҳо ва атеистон пайдо буд ва ин раванди маърифатӣ то ҳол давом дорад, ин шеъру шоирони мо буданд. Аз нуқтаи назари равоншиносӣ ва инсоншиносӣ шеър бар пояи хаёлпарастӣ ба вуҷуд меояд, яъне аз олами тахайюл бурун меояд, албатта андеша ҳам дар шеър вуҷуд дорад, вале бар ҳар ҳол авлавият ба тахайюл дода мешавад. Ҳамин ҳолат гувоҳи тарс аз андешапарвариро дошт ва то ҳол дорад. Бинобар ин агар бигӯем, ки то омадани славянҳои атеист маърифати пешрафтаи фалсафӣ-андешапарварӣ доштем, кӯдаки сесоларо хандааш меояд.

Пас аз омадани русҳо ва Шӯравии тоталитарии атеистӣ месазад бигӯем, ки мо тафаккури наверо соҳиб шудем, дақиқтар карда гӯем, каме ҳам бошад, фикр карданро ёд гирифтем. Душанбешаҳрро - пойтахти давлат барои мо ҳамин бехудоён сохтанд, на амиру охунду оятуллову муллову халифае!

Занҳои мо баъди тақрибан 2000 сол аввалин маротиба дар колхози Шӯравии тоталитар ҳамчун Инсон, ҳамчун шахсият дастмузди худро дар дасти худ гирифтанд. Ҷойи мактаби кухнаи устод Айниро мактабҳое, ки ба таври воқеӣ саводнок мекарданд, гирифтанд. Ҷойи мадрасаи муллобачаву муллотайёркунии Бухороро Институтҳои муаллимтайёркунии Душанбеву Хуҷанд ва омӯзишгоҳҳо гирифтанд. Академияи илмҳои Русияи подшоҳӣ сабаб ва омили қафомондагии минтақаи Осиёи Миёнаро дар исломмадор будани ин минтақа медиданд. Олимони АИ Русияи подшоҳӣ муайян карда буданд, ки ислом ҳамчун ғоя наметавонад заминаи густариши ҷомеа бошад. Хотиррасон бояд кард, ки ҷомеашиноси олмонӣ Макс Вебер ҳам ба хамин монанд зикр кардааст: *«Ислом ғояи ҷанговар аст, на аз инсони китобдӯст».* Бинобар он онҳо пеш аз он ки ба Осиёи Миёна биёянд, аввалан стратегияи амалӣ сохтани сиёсати худро кашида буданд. Генерал - губернатори Туркистон баъди ба фаъолият оғоз кардан якбора ба аз байн бурдани (ликвидатсия)-и қозиҳо, муфтиҳо ва муллоҳо сар кард, ки аксарияташон тоҷик буданд. Ин ҷо нуктаи нозукро бояд қайд намуд, ки ин намояндаҳои дин новобаста аз кадом қавме, ки намебуданд, несту нобуд мешуданд, зеро стратегияи дар боло зикршуда чунин талабот дошт. Аз ин лиҳоз намояндагони миллати тоҷик, аз сабаби нодониву ноогоҳӣ, ки ба таблиғу парастиши дини ислом машғул буданд, қурбони ин сиёсати бисёр нокоме барояшон дар ҳамон давраи ин минтақа гардиданд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ҳадафи ман ситоиши русҳо, Шӯравии атеистӣ ё атеизми Шӯравӣ ё паст задани миҳани худ нест. Воқеиятро ман чунин шинохтам. Агар хонандаи муҳтарам бо ман розӣ нест, бигзор далел биёварад.

Пас аз фурӯ пошидани Шӯравии секуляри атеистӣ, ки дунявияти маҷбуриро дар тӯли мавҷудияти худ дар минтақа ОМ амалӣ намуда буд, дар ҳамаи давлатҳои навташкилшуда асолати воқеии мардумонаш рӯи кор омад. Ҷомеаи ин минтақа арзиши асосии демократияро эътиқод бар Худо муайян намуд. Демократия ҳамчун шакли давлатдории ғарбӣ ҳарчанд дар қолаб, дар меъёрҳои иҷтимоӣ озодии инсонро кафолат дод, аммо аксарият то ба ҳол аз тарс ва ноогоҳӣ тақдирпараст ва эътиқодмадор боқӣ монданд. Худро банда, барда ва вобаста аз муҳиту осмон меҳисобанд. Воқеияти 22 соли Истиқлолияти Тоҷикистон нишон дод, ки ҷомеаи Тоҷикистон (ишора ба Шарқи Исломӣ ҳам мешавад) бо асолати динзадагияш бо мушкилиҳои равонӣ ва зеҳнии умумииҷтимоӣ гирифтор аст. Ҳол он ки механизмҳои ғоясози номуносиб, норӯшан, ба монанди арҷ гузоштан ба устураҳои таҳмилшудаи шахшудаи динӣ барои мусоидат намудан барои озодии Инсон ва ояндагароӣ халал мерасонанд. Воқеияти ҳолати равонии мо дар робита ба нодонӣ ва камогоҳӣ моро ба махлуқи тарсӯе табдил додааст. Масалан, тарс аз худ ҳамчун инсони озод, тарс аз «гурбаи сиёҳи пеши роҳ», тарс аз гузоштани мақсад, ки моҳияти инсони озодро мефаҳмонад, ҷояшро мафҳумҳои насиб, тақдир, пешонӣ, ризои ҳақ, кори Худо, доди Худо, кори Парвардигор ва ғ. ки нодонӣ, ноогоҳӣ ва тафаккури ғуломонаи гӯяндаи ин суханҳоро мефаҳмонад, гирифтааст.

Шоистаи зикр аст, ки тарси аз ҳама бунёдӣ ин тарс аз марг аст, ки тарси ваҳшатноки дигарро бо номи тарс аз Худо ба вуҷуд овардааст ва тарсҳои дар боло зикршударо дар миён роиҷ намудааст. Маҳз ҳамин ҳолати номуносиби равонӣ ҳам сабаб ва ҳам омили эътиқодгароӣ, хурофотзадагии ҷомеа шудааст.

Оё имкон дорад, ки аз ҳолати номуносиби равонӣ ва ақлонӣ берун омад?

Албатта! Бе чуну чаро боястӣ пеш аз дигарон ашхоси огоҳу донишвари ҷомеа тарсӯии худро иқрор шаванд. Онро бо ҷасоратмандӣ иваз намоянд. Дар он ҳолат мо метавонем мусоидат намоем, то ҷойи эътиқоду имони хаёлиро бар андешаи инсони заминӣ бидиҳем. Инсонро бар пояи пиндораш солори ҷомеа интихоб намоем, арҷ гузорем, то ба арзишҳои фарҳанги баланди умумибашарӣ рафта бирасем. Чунки мушкилоти мо, асосан дар тарси мост, ки сабабгори андешазудо шудани мо шудааст. Ба маврид аст, ки шеъри андешапарвари устод Зиё Абдуллоро иқтибос биёварем, ки гӯяндаи воқеии ҳолати номақбули равонии мост:

*«Шаттоҳию шайтонӣ аз тарси дарун хезад,*

*«Ҷаҳонбинии оянда» ва бархурди андешаҳо*

*Ҷангу ҳамасӯзонӣ аз тарси дарун хезад…*
*«Мардум рама - ман чӯпон» гуфтан сари худбинист,*
*Ин ҷомаи чӯпонӣ аз тарси дарун хезад.*
*Мард аст, ки чун гардун бикшод сари бечун,*
*Камбинию камхонӣ аз тарси дарун хезад».*

Чун дар боло ба таври умумӣ оид ба воқеияти пешгӯйишавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳлили ҷиддӣ оварда шуд, хаҳони пешрафта, ҷаҳони андешапарвар нишон дод, ки инсоният торафт аз ҷаҳонбинии динӣ дар раванди огоҳ шудан аз асрори табиат ва густариши маърифати илмӣ халос шуда, ба ҷаҳонбинии фалсафӣ, ки инсони мутафаккиру огоҳро меҳвари ҷомеаи инсонӣ медонад, рӯй меоварад. Ҷаҳон бо суръат глобалӣ мешавад ва ба «деҳкадаи умумӣ», ба замини ҳамагонӣ табдил меёбад. Мутаассифона, новобаста аз чунин ҳолат, то ба ҳол на ҳамаи инсоният омода аст, ки ҳамчун миллатҳои ташаккулёфта, ҳамчун тамаддунҳои баланди инсонсолор дохили раванди ҷаҳонишавӣ шаванд. Таърихи инсоният гувоҳ аст, ки аскарияти инсонҳо дар раванди зиндагии худ аз афсона халосӣ надоранд. Бинобар ин афсонаҳои бунёдии ҳар як гурӯҳи иҷтимоие бо ном миллат ҳамчун механизме ё худ абзоре барои густариши ҷомеа ва замина гузоштан барои андешапарварӣ ва ақлгароӣ нақши асосӣ доранд. Дар ҷаҳонбинии оянда афсона ҳамчун воситаи бунёдии роҳи ҳалли бемаргии заминӣ на, балки воситаи марҳилавии огоҳ шудани инсоният, ақлгаро ва андешамадор шудани он мебошад.

Пеш аз он ки ба арзишхои баланди умумибашарӣ бирасем бояд афсонаҳо ва арзишҳои бунёдии миллии худро арҷ гузорем. Аз афсонаҳо ва арзишҳои таҳмилёфта даст бикашем, яъне як марҳилаеро бояд аз сар гузаронем.

Иқрор бояд шуд, ки устураи бунёдие, ки моро ба гавҳар (квинтессентсия)-и ба Ҷаҳонбинии оянда роҳнамоӣ менамояд ва ба бемаргии Инсон роҳ мекушояд, ин устураи Ҷамшед аст, ки дар «Шоҳнома ба тафсил омадааст. Дар устураи зикрёфта ба ташкили ҷомеаи дунявӣ, мақом пайдо кардани инсони озод бар заминаи андешааш, густариши илмҳои гуногун, инкишофи ҳунар, махсусан, пайдо шудани зиндагии муносиби инсонӣ бисёр ба таври возеҳ ишора шудааст.

Ҷамшед роҷеъ ба созмон додани давлати дунявӣ, нисбат ба рӯҳониён чунин амалкардро раво дидааст, яъне диндорро аз давлат ҷудо кардааст:

***Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»***

*Гурӯҳе, ки котузиён[14] хонияш,*
*Ба расми парастандагон донияш.*
*Ҷудо кардашон аз миёни гурӯҳ,*
*Парастандаро ҷойгаҳ кард кӯҳ.*

Бояд ошкоро иқрор шуд, ки достони Ҷамшед гӯяндаи воқеии гузаштагони мо, ки такя ба андешаи нек кардаанд, хабар медиҳад.

Фирдавсӣ аз забони Ҷамшед чунин мегӯяд:

*Бадонро зи бад даст кӯтаҳ кунам,*
*Равонро сӯйи равшанӣ раҳ кунам.*

Достони Ҷамшед исботи мусбии фарҳанги баланд дар таърихи мост. Дар фазои достони номбурда густариши ҳунар бисёр дар сатҳи баланд нишон дода шудааст:

*Зи каттону абрешиму мӯю қаз,*
*Қасаб кард пурмоя дебову хаз.*
*Биёмӯхташон риштану тофтан,*
*Ба тор андарун пудро бофтан.*
*Чу шуд бофта, шустану дӯхтан,*
*Гирифтанд аз ӯ яксар омӯхтан.*

Дар достон оид ба густариши илм чунин омадааст:

*Ба сангу ба гаҷ дев девор кард,*
*Нахуст аз бараш ҳандасӣ[15] кор кард.*

Ин байт бидуни шубҳа, собитсози вуҷуд доштани илми ҳандаса ва донандаи ин илмро муайян месозад. Аз фаъол будани мутахассиси бо номи модернаш инженер, архитектор, сохтумончӣ хабар медиҳад.

Ё дар ҷои дигар, нисбат ба пешравии тиб ва беҳдошти тандурустӣ чунин оварда:

*Ба доруву дармон ҷаҳон гашт рост,*
*Ки бемориву марг касро накост.*

Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки мо бояд ҳар чи беш аз пеш аз устураҳои ба зарби ҷабр таҳмилшудаи бегона даст бикашем ва ҳамчун консепсия, ғояи ояндасози худ устураи Ҷамшедро қабул намоем ва як фарҳанги вижаи инсонсолорро рӯйи кор биёварем. Дар робита ба гуфти Фейербахи бузург ҳадафи ман аз навиштани ин мақола он аст, ки барои мо ҳам вақти он расидааст, ки аз дӯсти Худо будан ба дӯсти инсонҳо, аз эътиқодмадорон ба андешапарварон, аз обидону

---

[14] «руҳониён», «Шоҳнома», қисми 1, саҳ. 60
[15] Муҳандис, «Шоҳнома», қисми 1, саҳ. 61

зоҳидон ба кормандони мутахассис, аз намояндагони охират шудан ба пажӯҳишгарони ин дунё, табдил ёбем.Ба сӯйи сохтани инсони комил ҳадафи худро муайян намоем. Он гуна ки Ги де Мопассан хулоса кардааст: *«Ҳар чизи латифе, зебое, идеалие, ки дар ҷаҳон офарида шудааст, на аз тарафи Худо, балки аз тарафи худи Инсон, ё дар такя бар хиради инсонӣ сохта ё офарида шудааст»*. Ба хонандаи азизу муҳтарами ин сатрҳо ҷасорат ва андешаи созанда хоҳонам!!!

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Нуриддин ШАҲОБИДДИН**

## ШЕРИ ХУДОЮ РУСТАМИ ДАСТОНАМ ОРЗУСТ - 2

Дар вақтҳои охир шояд мақолаи Меҳмоншоҳ Шарифов «Шери худову Рустами Дастонам орзуст» (Сустаносир ва ҷаҳонбинии ӯ), ки дар ҳафтаномаи “Фараж” аз 27.01.2010 то 05.05.2010 дар 15 шумора нашр гардидааст, ягона падидаест, ки боиси ангезаи андеша дар хонандаи асил мегардад. Дар ҳар як аз ҷомеаи бедор маҳз чунин маколаҳо ҳам такондиҳандаи маънавиёт ва ҳам асосе барои баҳсу гуфтугӯҳои доираҳои илмӣ, фалсафӣ ва фарҳангӣ мегарданд. Аммо он гуна ки худи муаллиф воқеиятро дар мавриди ҷомеаи имрӯза нишон медиҳад: «Бемоягии маънавӣ», ки мероси давраҳои охири замони Шӯравӣ мебошад, боис мегардад, ки сатҳинигарӣ, умумигӯӣ ва ё худнамоиҳо тарзи бархурди андешаи имрӯза нисбат ба воқеиятҳои зиндагии моро ташкил кунанд. Аз чунин «асолат» ва «ҳиммат»-и донишмандон ҳама чиз омиёна мегардиду мегардад ва ҳадаф низ на ба боло кашонидани андеша, таҳлил ва дар як вақт зеҳни таҳлилии хонанда, балки ба ғавғо муносиб гардонидани ҳамагуна осори ҳунарию фалсафӣ мебошад. Ба жарф фурӯ рафтан, бунёдӣ андешидан, шинохти мафхум ва мавзӯъҳои сарнавиштсоз ва мавриди баррасӣ қарор додани онҳо барои зеҳни рушанфикри тоҷик анқариб бегона гардидааст. Ҳатто дар мавриде, ки мехоҳанд худро масъули имрӯзаю ояндаи миллат нишон диҳанд, ба хуби мушоҳида карда мешавад, ки «гурез аз ҳамагуна масъулият» ҷавҳари ин ҷилваҳои дурӯғинро ташкил медиҳад. На ҷасоратҳои шахсӣ ва маънавӣ, балки худро фано ва фаромӯш кардан дар ҳар як гарду ғубори бархезанда ҳадафи аксари рӯшанфикронро ташкил медиҳад. Дар мақолаи Меҳмоншоҳ як навъ қолабшиканӣ ва ё вайронкорӣ ҳам дар тарзи андешаронӣ ва ҳам дар тарзи масъалагузорӣ ва баррасии масъалаҳо мушоҳида мешавад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки муаллиф як биниши ноб, ғайримаъмулӣ ва фарқкунанда нисбати ҳам масъалаҳои куллии динӣ, фалсафӣ ва фарҳангӣ ва ҳам падидаю ҳодисаҳои имрӯзаи ҷомеа дорад. Дар ин ҷо ҷумлаҳо хонандаро на ба худфиребӣ ва ҳаёҳӯ, балки ба андеша ва худнигарӣ водор месозанд. Ӯ ба калима ва мафҳумҳое, ки бо аз байн рафтани асолатҳо аз хотирҳо фаромӯш шуда буданд, дигарбора ҷон ва зиндагӣ мебахшад ва

онҳоро дар зеҳнҳо бедор месозад ва маъниҳоеро, ки муҳтоҷи шинохт ва бозгӯӣ ҳастанд, бозмешиносонад. Бо ин ҳама оё ӯ ҳақиқатро он гуна, ки худи ӯ мавриди баҳс қарор додааст, дуруст шинохтааст ва дарк кардааст ва ё он амиқтар аз диди ӯ аст ва онро метавон ҳамчунин дигаргуна дид? Оё аз зовияе, ки ӯ ин ҳама масъалаҳоро таҳлил кардааст, метавон ҳама чизро ба дурустӣ мушоҳида кард ва ё чизҳое аз назар пинҳон мемонанд? Дар идома мо мекушем масъалаҳоеро, ки ӯ мавриди таҳлил қарор додааст ва ҳамчунин ҳадафҳои ошкоро ва ниҳоии ӯро мавриди таҳлили ноб ва бетарафона қарор диҳем.

Азбаски фалсафа дар ин сарзамин ниҳоли худрӯй набуд ва на ин ки фикру андеша, низом ва тартиби ҳама чиро муайян мекард, балки барои фикр, бахусус фикри фалсафӣ қолаби муайян пешакӣ муайян шуда буд, қудрат ва зебоие, ки дар фикр ва андеша вуҷуд дорад, барои ҳамеша ношинохта боқӣ мондааст. Он чи файласуфони тоҷик аз тарзи таҳлили фалсафии мактаби Шӯравӣ ба мерос бурдаанд, он аст ки андеша бояд хусусияти эътиқодӣ дошта бошад ва қудрати андеша бар он намерасид, ки худро болотар аз он чи андешида мешавад, қарор диҳад. Нишонаи дигар ин ношинохта мондан ва ё беобурангии шахсияти андешаманд ҳангоми таҳлил ва баррасии масъалаҳои баҳсталаб мебошад. Қудрати таҳлилкунанда зарфияте надошт, ки масъалаи таҳлилшавандаро мавриди арзишгузорӣ қарор диҳад. Ба ҷои таҳлил, шак, арзёбӣ ҳамеша ситоиши чизи андешашаванда одат шуда буд. Меҳмоншоҳ Шарифов тавонистааст дар ҳар ду маврид низ навгонӣ ворид созад. Ин ҷо сухан дар бораи дурустӣ ва ё нодурустии андешаманд намеравад, балки асолат ва бархурдорӣ аз озодии андеша дар мадди аввал қарор мегирад. Вақте ҳама баробар «оре» мегӯянд ва қарсак мезананд ё баъзе танҳо аз воқеият фарсаххо дурӣ меҷуянд, «на» гуфтани як нафар ва «сиёҳ» гуфтани он чи сиёҳ аст, аз ҷониби як нафар зебоии дигаре дорад. Агар ҳамаи ҷанбаҳои мақоларо зери назар қарор диҳем, ба хубӣ дарк мекунем, ки он се масъалаи асосиро дарбар мегирад ва шарҳҳо ё ба хотири асосноккунӣ ва ё равшании бештар додан ба масъалаҳои асосӣ мебошанд. Инҳо чунинанд:

- ташхиси воқеияти маънавии (фикрии) тоҷикон дар шароити имрӯза, бахусус зиёиён ва файласуфони он;

- масъалаҳои бунёдии фарҳанги ғарбӣ, таъсири он ба фарҳанги мо ва бархурди куркӯрона аз он;
- масъулияти файласуф дар назди ҷомеа ва ё роҳи наҷот аз буҳрони фарогир. Дар идома масъалаҳои мазкур дар бунёди таҳлилҳои мо қарор мегиранд.

Муаллифи мақола дар оғоз кушиш кардааст, ки маънии асосиеро, ки дар ҷомеаи имрӯза ҳукмрон аст, аммо ҳанӯз ҳеҷ андеша онро нашинохтааст ва бо калима ва ё мафҳуме ифода накардааст, нишон диҳад, ки он «сустаносир» мебошад ва замони имрӯзаро ба тариқи истиоравӣ «давраи тиллоии сустаносир» меномад. Ба назар нагирифтани омилҳои бунёдӣ ва саргарм гардидан ба масъалаҳои сатҳӣ ва рӯякӣ ҳангоми шинохтани як ҷомеа, онро барои ҳамеша ношинохта боқӣ мегузорад. Ба андешаи Меҳмоншоҳ чунин омили бунёдӣ ин *фикр* ва файласуфон ё худ андешамандони он ҷомеа мебошад. Дар як ҷомеаи солим фикр ва андеша дар бунёди ҳамагуна муносибатҳо вуҷуд дорад, аммо дар як ҷомеаи беморгуна миёни фикр ва равандҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ халоъ вуҷуд дорад, дақиқтар аз он ин ҷо ҳама чиз ба тариқи худ аз худ сурат мегирад. Ҳам андешаҳо ва ҳам андешамандон. Воқеиятҳо аз мушоҳидаи андеша дур мемонанд ва барои худфиребӣ андеша ва фикр ба чизакҳое андармон мешаванд. Идеяҳои воло аз қабили «худӣ, ҳақиқат, озодӣ, ҳуввият, сиёсат, фарҳанг ва ғайра» аз решаи хеш маҳрум мегарданд ва худ, чун калима ва вожаҳои холӣ, василае гарданд, барои ҷуброни маънии дигар ва наве, ки набояд шинохта ва маърифат гарданд. Чунин маънии нав, ки ҳақиқат ва воқеият аст, инро андешаи бедор ва фаъол «сустаносир» меномад.

Ин ҷо бозшиносии моҳияти «фарҳанги истеъморӣ» зуҳур карда истодааст. Дар ин маврид инсон ва равандҳои иҷтимоӣ аз ҳолати табиии худ бегона мегарданд. Воқеияти аслии онро бояд дар маънавиёт ва тарзи фикри онҳое, ки зери ин режим замоне зистаанд, ҳамчунин ҳадафҳои асосии сиёсӣ ва идеологии истеъморгарон, бояд пайдо кард. Ин моҳияти истеъмор бо рафтани истеъморгар аз байн намеравад, балки ба худ шакли маънавӣ мегирад ва дар шаклҳои гуногун ба ҳастии худ идома мебахшад. Меҳмоншоҳ Шарифов ин воқеиятро дар намунаи баланди он, дар мисоли андешаи файласуфон (сустаносирӣ) ва дар сатҳи поинии он, дар мисоли намуна (type)-и инсонҳо, хело возеҳу равшан нишон додааст, ки мо ба тариқи алоҳида мавриди

шинохти бештари назарҳои муаллиф дар ин маврид қарор медиҳем:

**А.** «Сустаносир» асосан барои ифодаи моҳияти файласуф ба кор бурда шудааст, аммо он танҳо ба файласуфон маҳдуд нагардида, умуман моҳияти рӯшанфикрони имрӯзаро дарбар мегирад. Зеро дар ин ҷо на танҳо фақат шеваи фикр, балки тарзи бархурд бо масъалаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ, ки ба истилоҳ рӯшанфикрон ва зиёиён ба миён мегузоранд, дар назар дошта мешавад. Муаллиф таҳлили пасазмуқаддимавии худро маҳз бо матраҳи суолҳои ба мавқеи файласуфи тоҷик тааллуқдошта, оғоз мекунад: «Оё имруз барои файласуфони тоҷик имконе ҳаст, ки мавқеи муайяни фикрии хеш (метафизика), феноменологияи хеш, яъне таҷрибаи зиндаи ҳаёт ва воқеъияти хешро дошта бошанд? Оё онҳо метавонанд аз ҳақиқате дифоъ кунанд ва дар баробари Ҳаққ ва халқ ҷавобгариеро ҳис кунанд?...”

Дар институти фалсафа кор кардан, дар бораи файласуфон ва таърихи фалсафа сухбат кардан ва ё навиштан, ҳанӯз маънии файласуф буданро надорад. Фалсафа доштан ин доштани “таҷрибаи зиндаи ҳаёт ва воқеияти хеш” мебошад. Таркибҳои ин ифода “таҷрибаи зиндаи ҳаёт” ва “воқеияти хеш” наметавонанд мутлақ ва ё умумӣ бошанд, онҳо ба миллат, сарзамин ва замони мушаххас тааллуқ доранд. На ин ки фақат шеваи фикрии хос, балки умуман андешаи фалсафӣ барои файласуфи мо бегона аст. Бинобар ин на метафизикаи фалсафии тоҷик, на феноменалогия ва на масъулият дар асл арзи ҳастӣ доранд. Танҳо такя ба “қудратҳои болоӣ” мебошад, ки ба истилоҳ “файласуф”-ро шердил мегардонад ва ба ин калимаи орӣ аз бори маънии худ умри дарозтар мебахшад.

Ба андешаи муаллиф ин ҳолати буҳронӣ мебошад, зеро қаблан тоҷикон дорои фалсафа ва шеваи маърифат буданд, танҳо канда шудан аз суннатҳои анъанавии андеша фалсафа ва файласуфро ба чунин ҳолат овард. Инро дар мавриди дигар мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар мавриди файласуфон (сустаносирон – М.Ш.), хамчунин рӯшанфикрони дигар, муаллиф шеваи фикрӣ, арзишҳои андеша ва тарзи бархурди онҳо бо воқеиятҳои замонро асос қарор медиҳад. Аз мисолҳое, ки дар ин маврид оварда шудааст, ин

баҳсҳои ташкилшуда дар бораи “Зиёӣ ва ё рӯшанфикр кист?” мебошад, ки замоне масъалаи ҷавҳарии баъзе рӯзномаҳо гардида буд. Дар ин ҷо муаллиф ба ғайр аз калимаи “сустаносир”, ҳамчунин калимаҳои дигар, ки равшантаринашон “ҳашавӣ” ва “голем” ҳастанд, истифода мекунад. Мисоли дигар ин нишон додани миллати тоҷик ҳамчун миллати ҷабрдида ва сабаби ҳамагуна бадбахтиҳоро ба гардани бегонагон бор кардани онҳо мебошад. Андеша мехоҳад, ки воқеиятро огоҳона таҳлил кунад ва ё ба он рӯшанӣ бахшад, аммо худ ба тариқи ноогоҳона гирифтори бемориҳо ва заъфҳое ҳаст, ки онро водор ба бемасъулиятӣ дар баробари ҳар ҳақиқат мегардонанд. Он наметавонад паёми наве диҳад, ки касеро наҷот бахшад, балки худ ниёзманди ташхис ва табобат аст. Ҳодисаҳои таърихӣ нишон додаанд, ки мусибатҳо ва бадбахтиҳо барои ниҳодҳои асил мӯҷиби шикаст не, балки муҷиби пирӯзӣ мегарданд. Дар бархурд бо мусибатҳо миллатҳо обутоб меёбанд ва бад-ин минвол ҳам ба заъфҳои худ ва ҳам бар мусибат пирӯз меоянд. Аммо андешаи заиф ин ҳақиқатро дида наметавонад ва омили бадбахтиро дар омилҳои ғайр меҷӯяд.

Далелҳои дигаре, ки барои исботи сустаносирон оварда мешавад, ин сухтори китобҳо, таҳрифҳо ва ба талаботи идеологияи ҳукмрон мувофиқ намудани матнҳои қаблӣ ва беимонии онҳо нисбат ба Офаридгор мебошад. Дар ин маврид ӯ менависад: “Агар аз як тараф ин сустаносирҳо бо фармонҳои марказ китоб месӯхтанд ва маънӣ кӯр мекарданд, аз тарафи дигар онҳо *пайвандро бо он нуқтаи муқаддас, ки худӣ аз он камол меёбад ва ҳақиқат аз он сарчашма мегирад, канда буданд.*”

Файласуфон дорои ҷаҳонбинии омиёна ҳастанд ва худ инро қазоват карда наметавонанд ва „мафҳумҳои “суъуд”(боло рафтан) ва “нузул”-и (фуруд омадан) фалсафаро акнун бо таҷрибаи ба мансабе расидан ва аз он озод шудан маҳдуд кардаанд.” Ҳақиқати ин андешаи муаллифро он чиз нишон медиҳад, ки ҳеҷ як файласуф бо назари хоси худ, ҳатто агар хато ва нокомил бошад ҳам, шинохта нашудааст. Ин ҷо танҳо Комил Бекзода истисно мебошад. Вақте ки андеша вуҷуд надорад, он гоҳ файласуф ба маънии аслии худ низ вуҷуд надорад. Пас ин натиҷагирии мантиқист, ки онҳое, ки худро файласуф мегиранд, “сустаносире” беш нестанд.

Меҳмоншоҳ миёни “сустаносир” ва моҳияти инсонҳое, ки маҳсули сиёсатҳои истеъморӣ ҳастанд, фарқияте мегузорад ва дар ин маврид ба равонковии амиқтар мепардозад.

**Б**. Навъи инсонҳо. Забт ва тасаллути сарзаминҳо ва давлатҳо аз ҷониби давлатҳои пешрафта, ки якчанд садсолаи гузашта давом дошт, ин таърихи зоҳирӣ буд ва таърихи воқеӣ ин моҳияти ин сиёсат мебошад, ки дар дил, равон ва андешаи миллатҳои истеъморзада мондааст ва зуҳуроти ин моҳият дар зиндагии ин қавмҳо мебошад. Он чи моҳияти истеъморзадаро нишон медиҳад, ин инкори воқеияти зиндагӣ, маҳдуд гардонидани худ бо арзишҳои дурӯғин ва вонамуд намудани ризоият ва хушҳолӣ аз зиндагӣ. Ин ҳама ё ба хотири ҷуброни дурӯғини бадбахтии амиқи худ ва ё танҳо аз рӯи дарк карда натавонистани он бадбахтӣ. Қонеъ будан бо ончи ҳаст ва бузург ҷилва додани арзишҳо, бовариҳо ва дастовардҳои худ як амали маъмулӣ барои ин инсонҳо буда, ба хотири зиндагии дигар ва беҳтар дигаргуна нигаристан, шак кардан ва боварӣ ба имкони сохтани як зиндагии беҳтар вуҷуд надорад.

Меҳмоншоҳ масъалаи мазкурро нахуст дар сатҳи ҷаҳонӣ дар асоси образҳои бадеӣ ва фалсафие, ки аллакай вуҷуд дорад, нишон медиҳад. Масалан «сагдилон»-и Булгаков, «манқурт»-и Айтматов ва ё «инсони охирин ё паст»-и Нитше ва ё андешаи Ҳайдаггерро дар ин маврид нисбатан муфассалтар шарҳ медиҳад, ки мувофиқи он инсон на ҳамчун индивид, на ҳамчун ом, балки ҳамчун намуд (type) ба камол мерасад. Нишонаҳои асосии ин образҳо он аст, ки дар ин ҷо андеша, мустақилиятнокӣ, дигарандешӣ ва мисли инҳо вуҷуд надорад. Вақте «инсони охирин ё паст»-ро тасаввур мекунем, ин маънии онро надорад, ки ин намуди инсон «аз ҷамъият оқибмонда, дар ҷамъият мавқеъ пайдонакарда» ва мисли ин мебошад, балки он намуде мебошад, ки аз ҳама чиз: сарват, боигарӣ, мансаб ва мисли ин ба хуби бархурдор аст, аммо аз андешидан дар бораи зиндагӣ бархурдор нест, бо ҳама чиз мувофиқ аст ва аз ҳама чиз ризост. Барои чунин инсонҳо ранҷ кашидан, офаридан, ҳадаф гузоштан, аз лаззатҳои гузаранда даст кашидан ва мисли ин бегона аст. Бо вуҷуди он ки вонамуд мекунанд, ки ҷадал мекунанд ва андеша дар сар доранд, паразит ва ё муфтхӯре беш нестанд. Бахусус идеологҳои Шӯравӣ

бо ҳадафи ба вуҷуд овардани чунин навъ инсонҳо ҳамагуна роҳҳоро истифода бурдаанд ва ҳақиқати талх ин аст, ки имрӯз чунин намуди «одамак»-ҳое, ки ҳамаи нишонаҳои инсони пастро доро мебошанд, аксарият ҳастанд.

Омили бунёдии ин ҳама бадбахтиҳо ба андешаи муаллиф ин набудани «фикр» ва «фикри танқидӣ» мебошад. Он чи инсонҳо ва миллатҳоро аз дигар инсонҳо ва миллатҳо фарқ месозад ин на нажод, расму русум ва ҳатто забон, балки фикр ва андеша мебошад. Набудани фикр дар нисбати худ, дигарон, гузашта ва оянда, инсон ва миллатҳоро ба ҳама чиз баробар ва «бародар» мегардонад. Ин ҷо ҳам бо хомӯш мондан ва ҳам бо иқрори бевосита метавон тасдиқ намуд, ки Меҳмоншоҳ мушкилоти воқеӣ ва амиқи файласуф ва ҷомеаро шинохтааст ва онро ҷасурона нишон додааст. Аммо мақола танҳо воқеиятҳои мавҷударо мавриди баррассӣ қарор намедиҳад, балки роҳи наҷот ва омилҳои дигари сарнавиштсозро низ таҳлил мекунад, ки дар бахши минбаъда мо онҳоро ба тариқи мухтасар таҳлил менамоем.

Ба андешаи Меҳмоншоҳ буҳрони бавуҷудомада ин ба табиати миллати тоҷик бегона аст. Тоҷикон дар ҳар даврае, ки назистаанд ҳамеша ба маърифат машғул буданд ва аз андешаи фалсафӣ бархурдор. Аввалин сабабе, ки ӯ омили бадбахтиҳои минбаъда медонад, ин канда шудан аз тарзи тафаккури суннатӣ мебошад: «(...) равиши фикрии суннатӣ фарогиртар аст ва афзалияти худро имрӯз ҳам нигоҳ доштааст. Дурӣ аз тарзи <u>тафаккури суннатӣ</u> ва умуман фикру амали асл боиси пурқувват шудани хаёлот ва тассаввуроти кӯчаву бозор дар ҷаҳонбинии файласуфони мо шудааст.” Муаллиф бад ин васила мехоҳад нишон диҳад, ки маҳз тарзи исломии андеша ифодакунандаи асолати андешаи тоҷикӣ аст ва канда шудан аз он баробар аст бо оғози буҳрони маънавӣ. Пас аз он ба василаи мисолҳо ва шарҳу тафсирҳо маҳз ҳамин андеша тақвият дода мешавад ва дар баробари он фалсафа ва андешаи замони Шӯравӣ беасолат нишон дода мешавад. Ба ҷои шиносонидани андешамандони асили тоҷик файласуфони “сустаносир” шахсиятҳои бегонаро тарғиб мекарданд ва омили асосии дигар ин бехабарии онҳо аз масъалаи ваҳй мебошад.

Шинохт ва маърифати худ ва ҷаҳон ба андешаи Меҳмоншоҳ дар асоси се омил: ақл, имон ва ишқ муяссар мегардад. Аз даст додани яке аз инҳо ва ё такя кардан танҳо ба

ақл боиси бадбахтиҳои маънавӣ мегардад. Мутаассифона, ба мушоҳидаи ӯ имон ва ишқ коста гардидааст ва ин боиси ба сатҳи паст расидани зиндагӣ ва инсонҳо оварда расонидааст, ки ҷомеаи Ғарб низ гирифтори чунин беморӣ мебошад. Он чи дар ин маврид ташхис ва шарҳ дода мешавад, воқеият аст ва онро инкор кардан ғайриимкон аст, аммо таркиб ва ифодаҳое, ки дар ин ҷо ифода меёбанд, ба шарҳ ва бозшиносии бештаре ниёз доранд. Инҳо: "Тафаккури суннатӣ", оё ин ҳамон андеша ва образи зиндагии исломии мост?; Дар чи асос ҳуввияти тоҷикро бо ҳуввияти ислом бояд айният дод ва ниҳоят фалсафа ин яъне чи, ки ин масъаларо ба тариқи алоҳида мавриди баҳс қарор медиҳем.

Дар мақола сухан асосан сари масъалаи фикр, андеша ва фалсафаи тоҷик меравад. Дар ин сурат бояд мувофиқи биниши фалсафӣ ҳар масъала дар томият ва аз сарогоз мавриди таҳлил қарор гирад. Тафаккури суннатии тоҷик ин тафаккури исломии он нест, балки пеш аз ислом низ ҷараёнҳои гуногуни динӣ ва фалсафӣ вуҷуд доштанд. Сарфи назар кардани он ва зери мафҳуми "тафаккури суннатӣ" (ин ҷо мо шартан "тафаккури суннатӣ" мегӯем, зеро он чиро ки дар асрҳои миёна вуҷуд дошт, намешавад "тафаккур" ба фаҳмиши имрӯза номид - Н.Ш.) танҳо андешаи исломиро донистан ин маънии ба тариқи органикӣ қайчӣ задани як узвро дорад. Албатта, мо анъанаи дурударози исломӣ дорем ва дастовардҳое вуҷуд доранд, дар баробари он дар фарҳанг ва андешаи қаблазисломӣ низ арзишҳое вуҷуд доранд, ки метавон аз онҳо ифтихор кард ва дар баробари анъанаи исломӣ аз он чун "тафаккури суннатӣ" ном бурд.

Канда шудан аз "тафаккури суннатӣ" маънии аз даст додани решаҳоро дорад, ки бар асоси онҳо метавон ба по истод ва он натиҷаи хубе ба бор намеоварад. Бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд барои бозшиносӣ кардани фалсафа ва фарҳанги исломӣ аз ҷониби донишмандони замони Шӯравии мо, аммо пайдо накардани он обуранг дар эҷодиёти худи онҳо он аст, ки онҳо аз асли худ канда шуда буданд. Аммо ин маънии инро надорад, ки роҳи наҷот боз баргаштан ба тафаккури исломӣ мебошад. Ин як бархурди фалсафӣ нест, балки бархурди эътиқодӣ-догматикӣ мебошад. Ин ҷо бояд дигаргуна суолгузорӣ намуд: Оё худи тафаккури суннатии мо омили бадбахтиҳои мо нагардид? Фикр, андешаи иҷтимоӣ ва

бахусус андешаи тоҷикӣ дар давраи исломи, пас аз асри 13 аслан аз таҳаввул маҳрум гардид. Ҳеҷ гуна андешаи фалсафиеро наметавон дарёфт, ки андешаи дигарро инкор кунад, ҳастӣ, зиндагӣ ва воқеиятро дигаргуна таҳлил ва тафсир намояд. Маҷмӯае аз арзишҳо ва расму оинҳое вуҷуд дошт ва пайравии кӯр-кӯрона аз онҳо. Дар тӯли садсолаҳо наметавон далеле аз тағйирот пайдо намоем. Арзишҳои маънавӣ бо воқеияти зиндагӣ алоқамандие надоштанд. Тамоми арзишҳои маънавӣ решаи осмонӣ доштанд ва онҳо тасаллибахши зиндагии пешипоафтодаи воқеӣ буданд. На дар замони Шӯравӣ ва пас аз он, балки тамоми асрҳои миёна низ мо дар ҳошияи таърих қарор доштем.

Ҳангоме ки Меҳмоншоҳ ҳуввияти фалсафӣ доштани тоҷиконро қайд мекунад, баъзе аз бинишҳои онҳоро, ки минбаъд ба дигар қавмҳо таъсир гузоштааст, нишон медиҳад, ки фаҳмишҳои одамият ва Инсони комил аз назаррастари онҳо мебошанд. Дар ин маврид таҳлили ӯ аз таҳлилҳои анъанавӣ, ки хоси замони Шӯравӣ аст, фарқе надорад. Ҳар падида ва ҳар ҳодисае, ки ба фарҳанг тааллуқ дорад, аз рӯи эътиқод, бидуни таҳлил ҳамчун чизи арзанда пиндошта мешавад.

Албатта, нафароне чун Хоҷа Аҳрори Валӣ дарси одамият медоданд ва фаҳмиши Инсони комил маҳз дар ин минтақа ташаккул ёфта буд. Аммо ин мафҳумҳоро агар дар баробари воқеиятҳои ин давр таҳлил намоем ба хубӣ дармеёбем, ки мафҳумҳо маҳз аз тарси шахсӣ ва гурез аз масъулияти андешамандон шакл гирифтаанд. Агар онҳо асил мебуданд, мебоист мафҳумҳои одамият ва ё Инсони комил дорои хусусиятҳои дигаргуна мешуданд, ки ба тоҷик на таслим, ризоият, ғуломӣ ва мисли ин, балки рӯҳи набард ва муборизаро бедор месохтанд. Бо мисоли кӯтоҳ: нахуст интизор мешудем, ки туркҳо ва муғулҳо аз куштори тоҷикон хаста шаванд, пасон ба онҳо аз Одамият ҳарф мезадем. Душман аз таҷовуз, наслкушӣ, ғорат маст ва мо муаллими одоби ҳамида. Инсони комил набояд дар ғорҳо ва хонақоҳҳо ба воя мерасид, балки дар майдони набард. Маҳз воизин ва шайхҳо набард дар майдонро бемаънӣ донистанд ва шояд инсонҳои хостори набардро маҳз онҳо таслими душманон мекарданд. Агар ин фаҳмишҳо асил ва ба зиндагӣ коромад мебуданд, русҳо дар як муддати кӯтоҳ ин сарзаминро наметавонистанд ба тасарруфи худ дароваранд. Иқбол маҳз дар мавриди ин илму фаросат чунин мегӯяд:

*Ман он илму фаросат бо пари коҳе намегирам,*
*Ки аз тегу сипар бегона созад марди ғозиро.*

Бо онҳо бояд ҳамчун фаҳмишҳои асримиёнагӣ дар бораи одамият ва ё Инсони комил мурочиат намуд, на ҳамчун идеале, ки боиси наҷоти мо бошанд. Фаҳмишҳои нав бояд дар ин маврид ба вуҷуд оварда шаванд, то ки лоақал тавассути имкони интихоб фароҳам овардан, зеҳнро аз равиши догматикӣ наҷот диҳанд.

Дар мавриди тафаккури асримиёнагӣ ин чиз раднашаванда аст, ки он ниҳоят кунд буд, фаъол набуд. Рӯҳи замон барояш бегона ва нисбати воқеиятҳо бетафовут. Он худро дар баробари воқеият қарор дода наметавонист, тавонмандии онро надошт, ки ба ҷаҳони худро фарогирифта шакл диҳад ва танҳо кӯшиши худмувофиқгардонӣ ба ҳар муҳити тоқатфарсо моҳияти онро ташкил мекард. Чунин як намуди бинишро наметавон биниши фалсафӣ номид.

Барои тафаккури суннатӣ пеш аз ҳама мафҳуми миллат бегона буд. Дар ин муносибат миллат ҳамон "мусалмон" аст. Маҳз аз ин умумият миёни қавмҳои минтақаи мазкур ҳеҷ гоҳ тоҷик бурд накардааст ва ҳамчунин арзишҳои ахлоқӣ ва одоби ӯ имконият намедод, ки ӯ худро аз дигар "ҳаммиллатон" ҷудо созад. Он ки мо худро "тоҷик" мехонем, барои тафаккури суннатии мо бегона аст ва барои шайхҳои мо то ҳол калимаи "тоҷик" тасаввурнашуданист. Дар ин маврид онҳо аз файласуфони "сустаносир" ақиб меистанд.

Дар ин ҷо набояд дар мавриди мафҳумҳои бунёдӣ аз қабили *сустаносир, тафаккури суннатӣ, арзишҳои шинохтаи суннатӣ* ва мисли ин ба тариқи умумӣ сухан гуфт, балки ҳар кадоми онҳоро бояд холисона мавриди таҳлил қарор дод. Ҳар масъаларо аз оғоз ва дар томияти он бояд мавриди шиносоӣ қарор дод, на ин ки танҳо як марҳаларо хуб ҷилва дод ва дигар марҳалаҳои онро ё фаромӯш кард ва ё мавриди танқид қарор дод.

Мутаассифона андешаи Меҳмоншоҳ дар баробари воқеияти суннатии мо чашмпӯшӣ мекунад. Ӯ ба фарҳанги замони Шӯравӣ назари таҳлилӣ-фалсафӣ дорад, аммо ба фарҳанги асримиёнагӣ назари эътиқодӣ. Чунин тарзи бархурд метавонад роҳгумкунанда бошад.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Қисмати асосии мақоларо ин таҷрибаи ғарбиён аз ақл ва нигоҳи донишмандони ғарбӣ аз паёмадҳои ақлгароӣ дар он ҷомеа ташкил медиҳад. Ба хотири бовавибахштар гардонидани ақидаҳои худ Меҳмоншоҳ Шарифов бевосита дар асоси сарчашмаҳои урупоӣ масъалаи мазкурро таҳлил мекунад ва назари донишмандоне чун Витгенштейн, Ҳайдеггер, Ҳусерел ва ғайраро доир ба буҳрони инсони ғарбӣ матраҳ месозад. Дар ин ҷо мо бевосита худи ин масъаларо асос қарор намедиҳем, балки танҳо як ҷанбаи он, яъне алоқамандии он бо вазъияти тоҷикон. Назари куллии Меҳмоншоҳ, дар такя ба ақидаҳои донишманди ғарбӣ, дар ин маврид он аст, ки инсони ғарбӣ аз асли тамаддуни худ, ки ақл, имон ва ишқ дар гармония вуҷуд дошт, дур афтодааст. Ақл, пас аз инқилоби Фаронса, худ ба як дин табдил меёбад ва дигар он ақли куллие, ки дар фаҳмиши Суқрот буд, нест, балки ақли ҷузъӣ ва ё инструменталист. Муаллиф чунин ҳолати урупоиҳоро ба ҳолати фарҳанги замони шуравии тоҷикон айният медиҳад: «Вале замоне баъди Эҳё, инқилоби илмӣ, инқилоби бузурги Фаронса ва инқилоби саноатӣ ақли комил ва ҳамаро фарогиранда маънӣ, нури ботинии хешро гум карда ба ақли инструменталӣ табдил ёфт. Ин ҳамон падидаест, ки дар фарҳанги Тоҷикон дар солҳои Шӯрваӣ рӯй дод.» Дар мавридҳои дигар низ ҳолати буҳронии ғарбиҳо бо ҳолати кунунии тоҷикон айният дода мешавад, масалан “Дар ҳамин давраи буҳрони фарогири Ғарб (...) файласуфи машҳур Едмунд Ҳуссерл, яке аз мақолаҳои охирини худ “Фалсафа ва буҳрони инсони аврупоӣ” (Philosophy and the Crisis of European Man) - ро ба нашр расонд, ки дар он масъалаеро ба миён гузошт, ки имрӯз воқеият дар назди Тоҷикон гузоштааст” Ин ақида мантиқан чунин натиҷагирии дигарро ба бор меорад, ки фарҳанги пешазшӯравӣ, яъне асримиёнагии мо ҳамон мартабаеро доро буд, ки фарҳанги юнонӣ барои урупоиҳо. Зеро инсони ғарбӣ зери идея, идеал ва арзишҳои рӯҳонӣ қарор дошт, ки ин таркиби рӯҳониро дар Юнони Бостон фалсафа меномиданд ва мутаассифона, акнун инсони ғарбӣ ин таркиби рӯҳониро аз даст додааст. Ҳамчунин тоҷикон низ таркиби рӯҳонии худро бо пайдоиши сохти Шӯравӣ аз даст додаанд.

Дар асоси кадом меъёр мо чунин шабоҳатдиҳиро раво мебинем: сарфи назар кардани имон ва ё ваҳй наметавонад меъёр

гардад. Дар замони Шӯравӣ на ин ки имон ва ваҳй манъ карда шуда буд, балки аслан ақл ҳам на дар муносибат бо худ ва дигарон ва на ба гузашта ва оянда вуҷуд надошт. Дар фарҳанги ғарбӣ озодие вуҷуд дошт, ки як андешаманд воқеияти маънавии замони худро ҷои шубҳа ва инкор қарор диҳад, ба зиндагии худ арзиш гузорад ва мисли ин. Аммо на фарҳанги исломӣ ва на фарҳанги Шӯравии мо аз чунин озодӣ бархурдор буд. Агар ҷомеаи ғарбӣ аз ақлгароӣ ба ҳолати бухронӣ расида бошад, он гоҳ ҷомеаи мо аз адами ақл ҳамеша дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дошт ва дорад. Баръакси ҷомеаи ғарбӣ дар ҷомеаи мо аз ибтидо ақл чун омили манфӣ ҷои инкор буд. Ҳам ҳолатҳое, ки ин ҷомеаҳо доранд, мутафовитанд ва ҳам роҳҳое, ки онҳо то ба ин ҷо расидаанд. Мушкилоти мо ба ҳеҷ ваҷҳ он нест, ки мо бо пайдоиши Шӯравӣ ақли куллиро аз даст додем ва соҳиби ақли ҷузъӣ гардидем, балки аслан аз оғоз *ақлро* сарфи назар кардаем.

Ба андешаи файласуфи олмон М. Ҳайдеггер биниши нигилистӣ (ҳеҷангорӣ) дар бунёди ҳамаи ҳодисоти бузурге, ки ба урупоиҳо таалluқ дорад, қарор дорад. Ин ҳеҷангорӣ ҳеҷангории нофаъол, ки зиндагиро инкор мекунад, нест, балки ҳеҷангории фаъолест, ки ифодакунандаи табиати зиндагист. Фарҳанги урупоӣ ҳамеша тамоил ба инкор ва азнавшавӣ дорад ва фирефтаи ҳақиқатҳои дурӯғин нест. Вақте ки онҳо “ақлгарои”-ро интиқод мекунанд ва ё вазъи худро “бухронӣ” меноманд, маънии онро надорад, ки ин як шинохти новобаста дар бораи фарҳанги онҳост. Балки ин хусусияти фарҳанги онҳо мебошад. Масъалаи муҳим дар ин маврид он аст, ки дар олами Ғарб як ҷараёни фалсафӣ, як равиши андеша вуҷуд надорад, балки ин фалсафа пас аз шикасти якрангии фикр ва андеша ва дар асоси гуногунандешӣ ба вуҷуд омадааст. Аз асрҳои 18-19 сар карда, пас аз ташаккулёбии фалсафаи ҳаёт дигар ақл унсури ягонаи биниши фалсафӣ нест. Ҷараёнҳои зиёди фалсафӣ вуҷуд доранд ва инсон вобаста ба тамоили худ аз онҳо баҳра мегирад. Нитше дар асри 19 ақлеро, ки дар фалсафаи метафизикӣ бунёди асосӣ буд, интиқод мекунад ва онро “ақли кӯчак” меномад ва баръакси он тан ва ё ҷисми инсонро “ақли бузург” меномад. Зеро ақли метафизикӣ танҳо замоне метавонад вуҷуд дошта бошад, ки ҷисми инсон вуҷуд дошта бошад ва дар худи ҷисми инсон дар ҳар лаҳзаи ҳаёт

комбинатсияҳое рух медиҳад, ки худ аз худ ниҳоят оқилона ва ҳайратовар мебошанд.

Новобаста ба он ки тараққиёти босуръати илму техника аз тасаввуроти инсон бештар бамаротиб босуръаттар ва бузургтар аст, ҷои нигаронии файласуфон нест. Ҳайдеггер дар ин маврид мегӯяд, ки дар паси кашфиёти илмию техникии мо "фалсафаи мо", яъне фалсафаи урупоӣ меистад.

Баръакси Шӯравӣ, ки ҳамагуна адабиёти динӣ манъ шуда буд, дар урупо дин аз давлат ҷудо буд, аммо омӯзиши он манъ нагардида буд. Чӣ дар мактабҳои миёна ва чи дар мактабҳои олӣ фанни "Диншиносӣ" омӯхта мешуд ва факултети Илоҳиётшиносӣ анқариб дар тамоми донишгоҳҳои урупоӣ вуҷуд дорад. Яке аз мисолҳое, ки Меҳмоншоҳ барои нишон додани бартарияти равиши таҳқиқи исломӣ нисбат ба ғарбӣ меоварад, ин натиҷагирии Наср оиди Мирдомод ва Садриддини Шерозӣ дар муқоиса бо Лейбнитс ва Декарт мебошад, ки мувофиқи он метафизикаи мусулмонон "мантиқитар ва бӯҳронитар" мебошад. Дар ин ҷо танҳо кӯшиши нишон додани бартарияти андешаи исломӣ нисбат ба фалсафаи ғарбӣ ба назар менамояд, ки мутаассифона ҳаматарафа арзёбӣ нашудааст. Мирдомод ва Садриддини Шерозӣ дар анҷоми метафизикаи эронӣ қарор доранд. Фалсафа дар ҳолати бухронӣ қарор дошт, дигар наметавонист мустақилона инкишоф ёбад ва бо пои худ биистад, бинобар ин фалсафаи машшоия бо фалсафаи ишроқ, дин ва ирфон омезиш меёбад ва аз ақл, имон ва ишқ бархурдор мегардад. Фалсафа дорои он шукӯҳе набуд, ки дар асрҳои 9 -10 дошт. Аммо баракси он Лейбнитс ва Декарт дар оғози фалсафаи навини Ғарб қарор доштанд ва шукӯҳи метафизикаи Ғарб пас аз онҳо ба вуҷуд меояд, ки онҳо саҳмгузорони асосӣ мебошанд. Анҷоми як равандро бо оғози раванди дигар мавриди муқоиса қарор додан ва инро сарфи назар намуда, натиҷагирӣ кардан, далели костагии таҳлили фалсафӣ мебошад.

Дар идомаи ин баҳс мо масъалаи муносибати инсон ва табиатро дар фалсафаи ғарбӣ меҳоҳем мухтасар таҳлил намоем. Меҳмоншоҳ ҳангоме ки назари Бекзодаро дар мавриди биниши дуалистӣ шарҳ медиҳад, дар мавриди муносибати ғарбиён бо табиат менависад: *"Ин ба он беадабии таърихии Ғарбиён ки баъди инқилоби илмӣ ва инқилоби Фаронса ба табиат ҷанг эълон карда*

*буданд монанд аст ки оқибаташро қисман дар боло такрор кардем... Умуман, ҳатто пеш аз фалсафаи давраи нав, Ғарбиён нисбат ба табиат он назари комилро ки мусулмонон доштанд, надоштанд."* Бояд қайд намуд, ки дар фалсафаи Ғарб ҳеҷ гоҳ, дар ҳеҷ марҳала бо табиат ҷанг эълон нашудааст. Дар фалсафаи метафизикӣ танҳо дар ибтидо мафҳуми Худо аз табиат ҷудо буд. Аммо на ба он маъно, ки онҳо дар муқобили ҳам қарор доштанд, балки Худо нахустомили ҳаракат дониста мешуд. Аллакай аз таълимоти Спиноза сар карда, Худо аз табиат ҷудо набуд ва қонунҳои табиатро ба қонунҳои илоҳӣ баробар медонистанд. Дар замони нав бошад, масъалаи табиат ва муҳити зист дорои аҳамияти бештар гардид ва дар донишгоҳҳои Ғарб, дар факултетҳои фалсафа, фанне таълим дода мешавад бо номи "Umweltethik", яъне Ахлоқи муҳитизистӣ. Инкишофи босуръати техникӣ ҳатман ҷанбаҳои манфии худро дорад ва яке аз ин ҷанбаҳои манфӣ ин таъсири он ба табиат мебошад. Ин ғарбиёнро водор кардааст, ки ҷунбишҳои зиёди сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ, иқтисодӣ ва ғайра ба вуҷуд биёваранд ва чи аз ҷиҳати назарӣ ва чи амалӣ ҳамагуна роҳҳои зарাррасонӣ ба табиатро пешгирӣ намоянд. Дар чи асос мо нишон медиҳем, ки ғарбиён бо табиат муносибати хасмона доштанд?

Ин масъалаҳо набояд ба тариқи умумӣ ифода ёбанд. Танҳо дар асоси далелҳо бояд дар нисбати фарҳангҳои гуногун натиҷагирӣ намуд, вагарна худамон боиси беарзишгардии ақида ва ё амали худ мегардем.

Ҳолати асримиёнагии фарҳанги мо аз ҳолати фарҳанги урупоӣ дар ин марҳала фарқе надорад. Метавон гуфт, ки дар ҳар ду минтақа як таркиби рӯҳонӣ вуҷуд дошт. Дар Ғарб низ ақл, имон ва ишқ ниҳоят қавӣ ва аслӣ дониста мешуданд. Аммо ғарбиҳо дар асри нав на ба фарҳанги асримиёнагӣ, балки ба фарҳаги юнонӣ арзиши бештареро қоил гардиданд, ки сабабҳои худро дорад, аммо мо чаро бояд танҳо бо фарҳанги асримиёнагӣ худро маҳдуд созем?

Як ҷомеаеро, ки аслан анъанаи ақлгароиро аз сар нагузаронидааст, чӣ гуна метавон бо ҷомеае, ки *ақлгароӣ* оини уст, дар муқоиса қарор дод ва чашми дигаронро аз *ақлгароӣ*

тарсонид. Муаллифро зарур аст, ки барои боварибахш гардонидани ақидаҳои худ ҳамагуна ҷузъиётро муфассал таҳлил ва шарҳдиҳӣ кунад.

Меҳмоншоҳ фалсафаро чун идеяи асосии ҳуввияти тоҷикон медонад. Мо бо чунин ақидаи ӯ комилан мувофиқем. Вобаста ба омилҳое чун таҷрибаи таърихӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, сиришти миллӣ ва шароити сиёсӣ танҳо фалсафа метавонад кафолати ояндаро ба тоҷик диҳад. Аслан зеҳни тоҷик зеҳни фалсафист, аммо динзадагии чандҳазорсола онро чунон хаста кардааст, ки он наметавонад бо итминон бо худ моҳияти фалсафии худро нишон диҳад. Танҳо дар марҳалаи аввали исломӣ бо таъсири фалсафа ва илми Юнон ва Ҳинд ин зеҳн замоне ба худ омад вале боз таассуби дар замон ҳукмрон онро водор кард, ки на бевосита, балки дар либоси шеър ва ирфон ниҳон гардад ва на вазифаи муайянкунанда ва роҳнамо, балки ба худнигаҳдорӣ пардозад. То ҳол фалсафаи тоҷик баҳои худро ба ҷаҳон, замон ва воқеият надодааст ва муайянкунандаи шароит ва вазъият набуд, балки таъсирпазир ва созишкориро пеша кардааст. Танҳо як фалсафаи нав метавонад ҳуввияти созандаро шакл диҳад ва ҷаҳонеро, ки ба коми дили тоҷик аст фароҳам оварад. Фалсафа на ба маънии асримиёнагии он, яъне ҷустуҷӯ ва маърифати ончики барои инсон дастрас нест, балки фалсафа ба маънии маънибахшанда ва шаклдиҳандаи зиндагии инсон ва миллат. Дар ин маврид моро зарур аст, ки бори дигар ҳадафи Меҳмоншоҳ аз фалсафа ва фалсафаеро, ки ӯ тасаввур мекунад, таҳлил намоем. Ӯ дорои ниятҳои холис ва нек мебошад ва тасаввуроти ӯ низ оид ба фалсафа аз ҳамин назари поки субъективии ӯ сарчашма мегирад. Аз навиштаҳои ӯ маълум аст, ки ӯ аз фалсафаи Ғарб ба хубӣ огоҳ аст ва дар Ғарб ҳудудҳои фалсафа, дин ва ирфон маълум ҳастанд. Аммо он гуна, ки мушоҳида мешавад, ӯ бардошти холис аз фалсафаро надорад ва фалсафаи омехта бо дин ва ирфонро дар назар дорад. Инро худи ӯ дар мавриди шарҳдиҳии ... қайд мекунад.Ба ақидаи Меҳмоншоҳ арзишҳои рӯҳоние ё таркиби рӯҳонӣе, ки инсон бар асоси онҳо худро ташаккул медиҳад, аз ақл, имон ва ишқ иборат мебошанд ва дар якҷоягӣ ифодакунандаи фалсафа мебошанд. Дар ин ҷо нахуст мекӯшем нишон диҳем, ки Меҳмоншоҳ зери мафҳуми *Фалсафа* чӣ нишонаҳоро дар назар дорад:

- Ҳангоме ки ӯ файласуфони замони Шӯравиро шарҳ медиҳад нишон медиҳад, ки онҳо алоқаи худро аз нуқтаи асосӣ кандаанд ва ҳамчунин онҳо аз мафҳуми ваҳй бегонаанд;
- Ҳамчунин ҳангоме ки ӯ фалсафаи Ғарбро тавзеҳ медиҳад, қайд мекунад, ки он аз имон даст кашид ва танҳо ақлгаро гардид ва баръакси он дар фалсафа ва фикри исломӣ ҳамоҳангие миёни ақл, имон ва ишқ вуҷуд дорад;
- Дар мавриди дигар дуалистӣ будани фалсафаи миллии тоҷикӣ инкор карда мешавад ва тасдиқ мекунад, ки фалсафаи миллии тоҷик ин тавҳидӣ мебошад.

Мутаассифона, муаллиф фалсафаро ҳамчун ҳуввияти миллии тоҷикон медонад, аммо агар атрибутҳои асосиеро, ки ба онҳо арзиш гузошта мешавад, таҳлил намоем, ҳама динӣ-ахлоқӣ мебошанд, на фалсафӣ. Ҳадаф дар ин ҷо ба хубӣ равшан нест: бедор кардани анъанаи фалсафӣ ва дар мардум бедор кардани огоҳӣ ва офарандагӣ ва ё бо фиреби назар боз хидмат ба тафаккури догматикӣ-суннатӣ. Агар ҳадаф бартар нишон додани тафаккури суннатӣ (исломии пешазшӯравӣ) аз тафаккури шуравӣ аст, фаҳмидан мумкин аст, аммо агар ҳадаф хидмат ба миллат хидмат кардан аст ва тоҷикро аз як миллати ҳошиявӣ ба миллати фаъол ва созанда табдил додан аст, пас муаллиф аслан чизи наве барои пешниҳод надорад.

Дар фалсафаи Ғарб замоне, ки ақл ҳукмрон буд, имон ва ишқ низ унсури асосии маърифат дониста мешуданд. Масалан ҳатто дар таълимотҳои файласуфоне чун Кант ва Ҳегел Худо инкор нашудааст ва имон ба Худо фаромӯш нагардидааст. Инқилоб дар илмҳои наздик ба ҳаёт аз қабили биология, физиология, ботаника, равоншиносӣ ва мисли ин, ҳамчунин инқилоби илмию техникӣ дар ҷаҳонбинии фалсафӣ низ тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард. Вобаста ба ин дар фалсафаи ғарбӣ мафҳумҳои асосии фалсафӣ тағйир ёфтанд, фалсафа ва мафҳумҳои нав ба вуҷуд омаданд. Мафҳумҳое, ки асосӣ буданд дорои маънии дигар гардиданд. Худи фалсафа моҳияти худро тағйир дод. Дигар вазифаи фалсафа ин танҳо шинохти ҷаҳон ва ҳастӣ набуда, балки шакл ва маънии нав додан ба ҷаҳон ва инсон мебошад. Ин ҷо бояд ҳама чиз маънии нав дошта бошанд, аз ҷумла мафҳумҳои *ақл*, *имон* ва *ишқ*. На ақл, имон ва ишқ ба хотири тасаллут ёфтан

бар омма ва ё бо усули номуҳим донистани ҳамаи воқеиятҳо ва равандҳои заминӣ ба худ гирифтор шудан ва ҳақиқати фиребандаи худро ҳақиқати аслӣ ва воқеӣ донистан, балки он таркиби рӯҳоние, ки ҳеҷ бутеро қабул надорад, на заминӣ ва на осмониро.

Вақте ишқ ва ё имон мегӯем, бояд шарҳ дода шавад, ки ишқ ба чӣ ва ё имон ба чӣ? Оё он ҳудуд дорад ва ё на? Оё он ба хотири раҳоӣ ёфтан аз мушкилоти воқеии зиндагист ва ё бори дигар ҳамаро фаромӯш кардан ва дар ҳошияи таърих зиндагӣ кардан?

Аслан интиқоди арзишҳои замони худ ва азнаварзишгузории арзишҳо дар фалсафаи Ғарб бо Нитше оғоз меёбад. Ба андешаи ӯ арзишҳои замон ва умуман ҷаҳонбиниҳои динӣ ва фалсафии инсоният хилофи табиати зиндагӣ мебошанд. Арзишҳои ахлоқӣ наметавонанд моҳияти зиндагиро дар худ ифода кунанд, зеро онҳо бо догматикӣ будани худ зиндагиро, ки ҳамеша дар тағйир ва навшавӣ мебошад, инкор мекунанд. Нитше чунин мепиндошт, ки фарҳанги юнонӣ, ки дар бунёди он арзишҳои зебошиносӣ қарор доранд, метавонад барои зиндагии шоиста офаридан муносибтар бошад. Ҳадаф дигар худро бо арзишҳои ахлоқии ҳамида омода кардан набуд, балки инсони офаранда сохтан буд.

Дар ин ҷо равшан аст, ки барои чи Нитше бо арзишҳои маънавии замони худ норизост ва барои чи мехоҳад ба фарҳанги юнонӣ рӯ оварад. Аммо барои мо равшан нест, ки чаро тафаккури суннатии мо бартарӣ дорад ва чаро бояд боз маҳз ба он рӯ овард? То имрӯз равшан аст, ки фарҳанги юнонӣ саҳифаи дурахшони таърихи башарият аст, аммо тафаккури суннатии мо, масалан дар замони Хоҷа Аҳрор ва дигарон, чи мақомеро, лоақал дар минтақаи мо доро буд. Меҳмоншоҳ мекӯшад, ки тафаккури суннатии моро ҳамчун тафаккури фалсафӣ нишон диҳад, аммо арзишҳои мавҷударо таҳлил намекунад. Бо ҳамон фалсафае, ки дар асрҳои миёна шинохта мешуд, қонеъ аст ва баргашт ба онро роҳи ҳал медонад. На ҳар «таркиби рӯҳонӣ»-ро метавон фалсафа номид, он метавонад динӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ ва ё танҳо расму русум ва анъана бошад.

Дар бахшҳои хурди наздик ба охири мақола муаллиф аз баҳсҳои таҳлилӣ бевосита ба баҳсҳои ноби ҳастишиносӣ мепардозад ва мафҳумҳое чун Озодӣ, Ҳақиқат ва Худиро

бозшиносӣ менамояд. Мутаассифона, боз тамоили асосӣ ба кор бурда мешавад ва ба ҷои таҳлили ноби мафҳумҳои зикргардида, нишон дода мешавад, ки онҳо дар замони Шӯравӣ арзише надоштанд ва беҳтар аз ҳама дар фалсафаи исломӣ ифода ёфтаанд. Дар биниши мазҳабӣ мафҳумҳои *ҳақ* ва *ҳақиқат* як ҳастанд, аммо дар фалсафа мафҳуми абстрактии *ҳақиқат* вуҷуд надорад. Ҳар файласуф ба тариқи худ ҳақиқатро шарҳ додааст ва онро бо калимаи худ ифода намудааст. Ифодаи зебои истифодашуда дар ин ҷо "мардонагии ақлӣ" мебошад. Иқбол дар ин маврид "ҳиммати ҳикмат ва фалсафа" истифода мебарад, ки"Теғи андеша ба рӯи ду ҷаҳон охтан аст" мебошад. Ҳадаф он аст, ки барои ақл ва андешаманд дар ин ҷо ҳеҷгуна ҷаҳон, ҳақиқат ва ё ҳастӣ вуҷуд надорад ва ё онҳо бо худии худ бемаънӣ ҳастанд. Ҳиммати фалсафӣ дар он зуҳур мекунад, ки андешаманд тафсири худ дар бораи ҷаҳон, ҳастӣ ва ҳақиқатро бо калима, мафҳум ва ифодаҳои худ ба вуҷуд меоварад. Ба онҳо маънии нави худро медиҳад. Дар сурати мавҷуд будани ҳақиқати қаблан мавҷуда аллакай "мардонагии ақл" ба маънии фалсафии он вуҷуд надорад. Мардонагии ақлӣ он аст, ки бояд мавҷудияти ҳақиқатро исбот намояд, на кӯр - кӯрона ба он бовар намояд. Масъалаи дигари баҳсталаб дар ин ҷо ин "воқеият ва ҳақиқат" мебошад. Ба тариқи мутлақ ва абстрактӣ нишон додани он ки дар ин маврид андешаи исломӣ комилтар аст, наметавонад роҳи ҳал бошад. Бояд равшан нишон дода шавад, ки мутафаккирони исломӣ дар ин маврид аз кадом ҳақиқат ҷонибдорӣ карданд. На бо гушагирӣ намудан аз зиндагӣ, балки дар ақида ва навиштаҳояшон онҳо дар сояи золимон қарор доштанд ва ба онҳо хушомадгӯӣ мекарданд. Ҳеҷ як мутафаккири асримиёнагӣ дар бораи зулми араб, турк ва ё муғул ҳарфе нагуфтааст. Мутафаккирон ин қиёматҳоро нодида мегирифтанд, зеро "қиёмат" ин ҳақиқати дигар буд. Ин мусибатҳо, ҳатто мавҷудияти қавми тоҷик барои онҳо "воқеият" буд, на "ҳақиқат". Танҳо як равоншиноси жарфбин метавонад ҳақиқати вуҷуди ин андешамандонро нишон диҳад.

Масъалаи дигари бунёдӣ, яъне худӣ, низ мавриди таҳлили бештар аст, то ки тавонем ҳамаи воқеиятро дар ин муносибат равшан намоем. Меҳмоншоҳ менависад: "Гармония, ба ҳам

сохтани ақл ва имон боиси шакл гирифтани низоми муайяне дар системаи фикрӣ ва биниши мусулмонон шуд, ки онро ‘адаб’ метавон гуфт ва нуқтаи марказии ҷамъкунандаи ин низомро худие, ки дар ҷустуҷуи ҳақ ҳаст ташкил медиҳад. Аз ин рӯ метавон гуфт ки фалсафаи тоҷикӣ ин дуалистиӣ нест, балки тавҳидист ва доктринаи тавҳид ҷавҳари тамаддуни исломист”.

Ба андешаи мо баръакс, на гармонияи ақл ва имон боиси ба вуҷуд омадани низоми муайян бо номи “адаб”, балки ин худии мусулмонон боиси ба вуҷудоии гармонияи ақл ва имони онҳо гардид. Адаб бошад ин маҷмӯи арзишҳои ахлоқие мебошад, ки барои шакл додан ба худии инсонҳо истифода мебаранд. Арзишҳои беморгуна худии беморгунаро ба вуҷуд меоваранд, ки аз ҳама чиз канора мегирад ва ҳақиқати ӯро фарогирифтаро ҳамчун як чизи хилофи ҳақиқат сарфи назар мекунад ва баръакс барои боварӣ ба мавҷудияти ҳақиқати осмонӣ аз ақл ва имон чун васила истифода мебарад. Баръакси он худии огоҳ беморгунагии арзишҳои ахлоқиро мешиносад ва худро бо арзишҳои солим мусаллаҳ мегардонад ва хешро дар баробари воқеият меозмояд. Меҳмоншоҳ масъалаи худиро бо баҳси тавҳидӣ будани фалсафаи тоҷикӣ пайваст мегардонад ва дар ниҳоят ин ақидаи худро бо назари Нитше ва Ҳайдеггер асоснок мегардонад. Ин бисёр печида ва мураккаб аст ва ин ақида, ки биниши тавҳидӣ биниши дуруст ва асил аст ва бар хилофи биниши анъанавии фалсафаи ғарбӣ, ки бо Афлотун ва Арасту оғоз ёфтааст, ҳақиқатро дуруст таҷассум кардааст, нодуруст аст. Ин ҷо роҳгумзадагӣ вуҷуд дорад. Меҳмоншоҳ вақте ки назари Бекзодаро оид ба дуалистӣ будани фалсафаи тоҷик интиқод мекунад, барои асоснок кардани ақидаи худ меоварад: “*Ин амали нодуруст, ки аз давраи Афлотун оғоз шуда боиси дур шудани фикр аз воқеъияти асл гаштааст, ба гуфтаи Нитсше, боиси ба афсона табдил ёфтани дунёи воқеъӣ гардидааст. Инҷост, ки аз Нитсше сар карда то Ҳайдеггер ва Деррида тафаккури суннатии Ғарбиро, ки болои муқобилгузории - дугонагии суннатӣ мисли: рост - дурӯғ, объект - субъект ва ғайра бунёд ёфтааст чун гурез аз воқеъият шарҳ доданд.*” Нитше ва дигар файласуфони пас аз ӯ омада на дугонагии холисро танқид карда аз биниши тавҳиди пуштибонӣ кардаанд, баръакс сухан дар ин ҷо дар бораи биниши метафизикӣ меравад. Вақте фалсафаи тоҷикӣ тавҳидӣ номида мешавад, ин маънии онро дорад, ки он

метафизикист. Вақте биниш метафизикӣ номида мешавад, он маъниро дорад, ки ҷаҳон ва ҳастӣ дар асоси як буъд тафсир карда мешавад. Ҳамаи бинишҳои динию фалсафӣ, ки бар асоси арзишҳои ахлоқӣ ба вуҷуд омадаанд, дорои хусусияти метафизикӣ (дар фалсафа) ва тавҳидӣ (дар дин) мебошанд. Чунин биниш дар ҷаҳонбинии динӣ бо Зардушт ва дар ҷаҳонбинии фалсафӣ бо Афлотун оғоз меёбад.

Бори нахуст ин анъана аз ҷониби Нитше мавриди интиқод қарор мегирад ва ба фалсафаи ғайриметафизикӣ асос гузошта мешавад, аз ин рӯ ин баҳси метафизика на бо Карнап, балки бо Нитше оғоз меёбад. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки тамоми фалсафаи исломӣ ва файласуфони исломии мо ҳама метафизик ҳастанд. Маҳз ӯ аввалин файласуфи ғайриметафизик шинохта мешавад. Зеро ақидаи фалсафии ӯ Иродаи Қудрат на ифодакунандаи ҳамафарогир, ба мисли Ирода дар фалсафаи Шопенҳауер, Рӯҳи Мутлақ дар фалсафаи Ҳегел ва ё Идея дар фалсафаи Афлотун мебошад. Балки ӯ аз Иродаи Қудратҳо ҳарф мезанад, ин далели ягонаи ғайриметафизикӣ будани фалсафаи Нитше мебошад. Ҳайдеггер ва Ясперс ҳанӯз бовар доштанд, ки Нитше низ метафизик мебошад. Даъвои Ҳайдеггер дар ин маврид он аст, ки на Нитше, балки маҳз ӯ (Ҳайдеггер-Н.Ш) аввалин ғайриметафизик аст. Аммо файласуфони нимаи дуюми асри 20 дар Олмон Волфганг Муллер - Лаутер ва Гунтер Абел бар он боваранд, ки на Ҳайдеггер, балки Нитше аввалин ғайриметафизик аст. Масъалаи муҳим дар ин ҷо он аст, ки Ҳайдеггер низ ба мисли Нитше тарғибкунандаи фалсафаи ғайриметафизикӣ мебошад. Баъдтар Карнап ва Витгенштейн дар асоси таҳлили забон ба анъана ва баҳси метафизика хотима гузоштанд. Дар ин ҷо Нитше, Карнап ва ё Ҳайдеггер дар як саф қарор доранд.

Мувофиқи ин биниш Нитше ва ё Ҳайдеггер на ҷонибдори фалсафаи тавҳидӣ, балки бар зидди он ҳастанд. Баръакс биниши Нитше бо биниши дуалистӣ то андозае наздикӣ дорад. Ин ҷо танҳо як нозукӣ вуҷуд дорад: дар биниши дуалистӣ зиддият танҳо дар миёни ду қувваи бо ҳам зид сурат мегирад, аммо дар биниши Нитше зиддият миёни қувваҳои зиёд сурат мегирад. Дар фалсафаи мо қувваҳо арзишгузорӣ карда мешаванд, аммо дар Нитше чунин арзишгузории ахлоқӣ вуҷуд надорад. Дуалистӣ будани фалсафа

бештар бо бинишҳои Нитше ва Ҳайдеггер наздиктар аст, нисбат ба биниши тавҳидӣ. Бахусус он чи ки файласуфони мо «воқеият» ва «ҳақиқат»-ро аз ҳам ҷудо месозанд бо табиати таълимоти Иродаи қудрати Нитше комилан мухолиф аст. Воқеиятҳо ин Иродаҳои қудратҳо мебошанд. Зеро онҳо поянда нестанд. Ҳар як иродаи қудрат то замоне, ки дорои нерӯ аст, набард мекунад ва дар сурати аз миён рафтани неру, баръакс рӯ ба марг меоварад ё аз ҷониби иродаи қудрати дигаре маҳв мегардад. Дар ин ҷо ҳақиқати метафизикие, ки новобаста аз воқеият бошад, вуҷуд надорад. Дар биниши метафизикӣ воқеият афсона шуморида мешуд ва баръакс афсона воқеият дониста мешуд, ки айнияти он ҳамон «воқеият» ва «ҳақиқат» дар тафаккури суннатии мо мебошад.

Новобаста аз он ки муаллиф набудани *фикр* ва бахусус *фикри танқидиро* нишонаи сустаносирӣ меномад, дар бахши охири мақола хилофи ин принсипи худ амал мекунад. Масалан, онҳоеро, ки арзишҳои метафизикӣ, динӣ ва ё ахлоқиро интиқод мекунанд ӯ бо нохушнудӣ «бисёрии зиёиёни саросемаи мо» меномад. Ин амали зиёиёни саросема бо амали Р. Карнап, қиёс карда мешавад, ки дар бахши пешина мо аллакай ҳақиқати воқеиро дар мавриди Карнап ва баҳси метафизика нишон додем. Дар мавриди дигар низ чунин нуктагирӣ мекунад: «Ва ин ки имрӯз зиёд касон ба арзишҳои динӣ - номусӣ ва ба он чи ба ваҳйи иллоҳӣ асос ёфтааст, ба чашми камбинона ва душманона назар мекунанд, аз заъфи онҳост, на аз он ки онҳо аз дониш ва таҷрибаи баландтаре хабар доранд.» Дар як вақт аз набудани «фикри танқидӣ» сухан гуфтан ва зикри «мардонагии ақл»-ро кардан ва дар як вақт аз назарҳои танқидӣ нохушнудӣ кардан аз зиддияти андеша ва андешаманд дарак медиҳад. Ин ҷо метавон натиҷагирӣ намуд, ки ҳадаф на фалсафа ва миллат, балки пуштибонӣ аз мазҳаб аст. Бевосита инкори тафаккури танқидӣ ба назар мерасад. Агар арзишҳои худро таҳлил ва дар сурати зарурат интиқод карда натавонем, пас «андешаи танқидӣ» барои чи лозим аст? Албатта, барои тафаккури динӣ худ аз худ фаҳмост, ки набояд ба чизе шак намуд, аммо Меҳмоншоҳ худро ҳамчун файласуф муаррифӣ карда истодааст. Андешаи ғарбӣ на ин ки дар дин, балки дар фалсафа чӣ гуна таҳаввулот ва инқилобҳоро ба вуҷуд овард ва муаллиф аз ин ҳама бохабар аст. Фалсафаи ғарбӣ ин ҳамон Нитше, Ҳусерел, Ҳайдеггер ва ё Витгенштейн ҳастанд, на касони дигар, ки

Меҳмоншоҳ аз онҳо баҳри буҳронӣ будани фалсафаи ғарбӣ ва мувофиқ ва арзанда будани фалсафаи суннатии мо истифода кардааст. Ин амали ғариб дар фалсафа бесобиқа мебошад. Дар ин ҷо ҳатто пуштибонӣ аз фалсафаи тоҷик низ ба назар намерасад, балки бартарият ба шайхҳо ва дар ҳадди баланди он ба орифон дода мешавад. Ин ҷои таассуф аст. Агар Меҳмоншоҳ ҳамингуна фалсафа ва ҷавобгарии ҳамингуна фалсафаро дар назар дорад, пас ӯ ҷавобгарии ҳеҷ чизеро ба ҷуз ҳамон арзишҳои ахлоқӣ, ки як воизи ахлоқ дар назар дорад, дар назар надорад.

*Мақолаи мазкур то ҳадди ногуфтанӣ мураккаб ва печида мебошад ва як хулосаи ниҳоӣ дар бораи он баровардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ мо як назари умумӣ дар бораи он бароварда наметавонем. Масалан, бо ончи дар мавриди файласуфони имрӯза ва вазъияти маънавии имрӯзаи ҷомеа, бахусус зиёиён гуфта шудааст ва мавриди таҳлил қарор гирифтааст, бо муаллиф мувофиқ ҳастем. Ӯ дар ин маврид ҳақиқатро воқеъбинона кашф кардааст ва ниҳоят ҷасурона онро баён намудааст. Аммо дар мавридҳои дигар бо муаллифи мақола ҳамфикрии худро нишон нагодаем. Чунин мавқеъгирии мо на ба хотири инкор ё зиддиятварзӣ бо муаллиф, балки ба хотири фалсафаи тоҷик аст. Зери калимаи фалсафа боз ҳамон таркибҳои рӯҳонии догматикиро тасаввур кардан, роҳи дурусти ҳалли масъала нест. Новобаста аз ҷонканиҳои Меҳмоншоҳ имрӯз аз ҷониби шайхону воизон огоҳона ва аз ҷониби давлат ноогоҳона мо боз ба сӯи ҳамон тафаккури суннатии худ равонаем. Оянда барои мо арзиш надорад, он ҳамон гузашта аст.*

*Миллати тоҷик ислом ва арзишҳои исломиро чун анъанаи ҳазорсолаи худ инкор накардааст ва инкор кардани он ғайриимкон аст, баръакс ин ислом ва араб аст, ки тоҷикро мавриди инкор қарор медиҳад.*

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Нозим НУРЗОДА**

## НАВРӮЗИ ҶАМШЕДӢ - БУНМОЯИ ТАФАККУР ВА БИНИШИ МИЛЛӢ

Дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик Наврӯз ба сифати ҷашни муҳимтарини аҷдодӣ ва миллӣ шинохта шуда, дар байни ҷашну маросими мутааддиди миллию мардумӣ ва динию мазҳабӣ ҷойгоҳи вижа дорад. Фаротар аз ин, он бузургтарин ҷашни фарҳангии ҷаҳонист, ки на танҳо ба як қавм, як миллат, як нажод мунҳасир мешавад, балки бо қолабу шеваҳои гуногун дар зиндагии маросимии ақвоми мухталифи башарӣ ва дар маҷмӯъ, инсоният мақоми устувор пайдо кардааст. Дар дунё, аз қадим то имрӯз ҷашну маросимҳои зиёде мавриди таҷлил қарор гирифта ва мегиранд, ки хусусиёти қавмӣ, қабилавӣ, этникӣ ва динӣ дошта, бо ин ё он васила дар доираи фарҳанги қавмӣ ва динӣ маҳдуд мешаванд. Вале Наврӯз аз ин қоида мустасност, чунки он аз дониш, хирад, фарҳанг ва меҳр сарчашма гирифта, бо ин ҷавҳарҳои шарифи инсонӣ азалан ва абадан пайванд аст ва он чи ки бо хирад ва меҳр иртибот дорад, ҳеҷ гоҳ кӯҳнашавиро намепазирад, дар масири таърих ҳамвора бо инсон ҳамқадам ва ҳамқисмат мешавад, пайваста дар маҷрои таҷдиду таҳаввул қарор мегирад.

Ҳар қавму милали ҷаҳон дар тӯли таърихи инсонӣ бо донишу биниши илмию фарҳангӣ миёни мардуми дигар маъруфият касб мекунад. Мусаллам аст, ки дар танзими зиндагии мардуми ҷаҳон нақши ҷашну маросим хеле муассир буда, қавму миллиятҳои гуногун тавассути ин тарзи фаъолият ва биниш ба саҳнаи фарҳангӣ ворид мегарданд. Дар саҳнаи зиндагии фарҳангӣ мардуми форсу тоҷик бо Наврӯз - ҷашни хеле бостонӣ ва фарҳангӣ ворид гардида, ба ҷаҳониён пайғоми хираду дониш, фазилатмандию инсонпарварӣ, меҳрварзию мардумсолорӣ эҳдо кардааст.

Чун сухан аз боби биниш – тарзи дарку фаҳми ҷаҳону ҳастии инсонӣ дармеояд, қабл аз ҳама, мафҳуми огоҳию хирад пеши назар ҷилвагар мегардад. Ин огоҳию хирад аст, ки инсониятро аз кӯҳнашавию фарсудагии равонию фикрӣ эмин дошта, ба сӯйи таҷдиду нановарӣ раҳнамун месозад. Наврӯз бо огоҳию хирад ва навию навоварӣ алоқаманд буда, метавон онро

ҷашни хирадмаоб талаққӣ кард. Дигар ин ки Наврӯз бо номи шаҳриёри фарзонаи нимустуравӣ ва нимавоқеии мардуми корониасл Ҷамшед сахт пайваст аст. Ба сухани дигар, Ҷамшед симои марказӣ дар ташкили аввалин ҷашни аҷдодӣ, Наврӯз мебошад.

Ҷамшед, ба қавли муҳаққиқон, нахустин инсон ва аввалин шаҳриёри донишманди ҷаҳони ориёист, ки мушкилоти зиндагиро дар мизони ақлу хирад баркашида, дар ҳалли масоили муҳим аз донишу биниши воқеӣ мадад ҷустааст. Ин шаҳриёри дерин танҳо бо хираду фарҳанг дигаргун кардани ҷомеаи инсониро имконпазир донista, ба хотири саодатманд сохтани мардум ва аз ҷаҳлу залолат наҷот додани инсоният аз усули биниши илмӣ кор гирифтааст. Ҷамшед - оварандаи Наврӯз бо истифода аз усули корагари илму хирад дар замин сохтани биҳиштро ба нақша мегирад ва рӯзи ба итмом расонидани сохтмони биҳишти рӯйи заминро Наврӯз меномад.

Дар ҳазораи Ҷамшед, ки Наврӯз бо он даврон тавъам аст, дарду газанд, хорию забунӣ, ҷаҳлолат, сардӣ, беморию марг ва бадбахтию беадолатӣ аз авроқи зиндагии инсонӣ барканда шуданд ва ин нуктаро дар китоби динии «Минӯи хирад» таври зайл мехонем: «Аз Ҷамшеди хубрамма писари Вивангаҳон ин судҳо буд, ки шашсад сол барои ҳамаи офарандагони Урмузд бемаргӣ фароҳам овард ва ононро орӣ аз дарду пирӣ ва офат кард». Дар китоби «Вандидод» (фаргарди дувум, бахши якум, банди 5), ки ба зиндагиномаи Ҷам ихтисос ёфтааст, Ҷамшед дар посух ба пурсиши Аҳуромаздо муфтахирона мегӯяд: «Ман ҷаҳони туро фарохӣ бахшам. Ман ҷаҳони туро биболонам ва ба нигаҳдории (ҷаҳониён) солору нигаҳбони он бошам. Ба шаҳриёрии ман на боди сард бошад, на (боди) гарм, на беморию на марг».

Ҷамшед бо силоҳи илму хирад муҷаҳҳаз буда, тавассути ин силоҳи асосӣ муборизаро бо мушкилоти рӯзафзуни олами ҳастӣ оғоз менамояд ва дар пайи муборизоти шадид бо хатароту фаҷоеъ аз аслиҳаи тавонои тафаккур ва биниши илмӣ корбаст мекунад. Қудрату неруи илмию эҷодии Ҷамшедро ҳатто Аҳурамаздо – Худои тавонои ойини зардуштӣ эътироф карда, ба паёмбар Зардушт хитобан гӯшзад кардааст: «Ҷамшед сахт зирак буд ва

барои ҳамин ҳам рисолати пайғамбариро қабул накард ва гуфт, ки ман аз ӯҳдаи корҳои заминӣ бармеоям».

Дар оғози давраи салтанати Ҷамшед мушкилоту хатароти зиёде мардумро дунболагир шуданд ва шаҳриёри хирадманд ва мутафаккир баҳри рафъи ҳаводис ва мушкилоти ҷойдошта аз бинишу тафаккури мантиқӣ истифода бурд. Тибқи таъкидоти муҳаққиқон, дар айёми ҳукмронии Ҷамшед яхбандӣ ва сардӣ то 33 дараҷа расида, зиндагии мардумӣ табоҳу вайрон мегардад ва шаҳриёр бо истифода аз ақлу тафаккури мантиқию созанда мардумро аз ин ҳолати ногувор наҷот мебахшад. Ҷашни Наврӯз, ки реша дар поён гирифтани яхбандон ё «зимистони девофарида» (дар фаргарди нахусти «Вандидод» аз мушаххасоти он ёд шудааст) дар даврони Ҷамшед дорад. Бо поён ёфтани яхбандон ва дар ҳақиқат, даврони «варнишинӣ» - и иҷборӣ, ориёиҳо фарҷоми зимистонро ҷашн гирифтанд. Сипас, бар асари дастёбӣ ба дониши ахтаршиносӣ ва натиҷатан, илми гоҳшуморӣ, Наврӯзи ҷамшедӣ дар рӯзи поёни зимистон ва ё оғози баҳор қарор гирифт.

Ба қавли донишмандон, дар даврони Ҷамшед ва айёми наврӯзӣ мардум ба шукуфоии фикрӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва рифоҳи молӣ мерасанд: хонаҳои бошукӯҳ барпо мекунанд, гармобаҳо месозанд, ҷавоҳирот дуруст карда, атр ба кор мебаранд ва саранҷом дар нозу неъмат ғарқ мешаванд. Ҷомеаи давраи Ҷамшед зарфи сесад сол чунон дар рифоҳу осоиш ғарқ мешавад, ки ранҷу дард, зулму бадӣ, заъфу нотавонӣ ва пирию бемориро аз ёд мебарорад ва дар фазои ромишу тараб умр ба сар мебарад. Фирдавсӣ аз он давраи пуршукӯҳ таври зайл ёдовар шудааст:

*Чунин сол сесад ҳамерафт кор,*
*Надиданд марг андар он рӯзгор.*
*Зи ранҷу зи бадшон набуд огаҳӣ,*
*Миён баста девон ба сони раҳӣ.*
*Ба фармон-ш мардум ниҳода ду гӯш,*
*Зи ромиш ҷаҳон буд пуровозу нӯш.*

Ба ин тарз, дар ҳукумати наврӯзӣ ҳар кас муносиби ақлу заковат ва ҳунару касбияташ сазовори кору амале шудааст.

*Ки то ҳар кас андозаи хешро*
*Бубинад, бидонад каму бешро.*

Наврӯзи ҷамшедӣ ҷашни тантанаи меҳр, хирад, адолат, озодӣ, накӯӣ ва билохира бинишсозӣ буд. Тибқи маълумоти

маъхазҳо, Ҷамшед рӯзҳои моҳро бахш карда, 5 рӯзи нахустро барои бузургон, 5 рӯзи дувумро Наврӯзи подшоҳ қарор дод, ки дар он ҳадяҳо медод ва инъомҳо мегирифт, 5 рӯзи севумро барои коргузорони шоҳ ниҳод, 5 рӯзи чорумро барои вижагони шоҳ гузошт, 5 рӯзи панҷумро барои сипоҳиён ниҳод ва 5 рӯзи шашумро барои раъоё гузошт, ки маҷмӯан, 30 рӯзро ташкил медод ва муддати моҳ Наврӯз таҷлил мешуд. Ба таъбири дигар, Ҷамшед тӯли як моҳ бо тамоми табақа ва ниҳодҳои иҷтимоӣ Наврӯзро таҷлил мекард.

Дар фарҳанги бостонии форсу тоҷик умри ҷаҳон 12 ҳазор сол муқаррар шуда, ки 8 ҳазори он ба таърихи инсонӣ марбут аст ва бо ҳазораи Ҷамшед оғоз меёбад. Ҳазораи Ҷамшед ҳазораи хирад ва фарҳанг аст. Маҳз ҳамин ҳазора ҳазораи Наврӯз, яъне ҳазораи таҷдиди фикрӣ, навандешӣ, навсозӣ, навофаринӣ ва рӯшангарӣ будааст.

Ҷамшед бо замин ва зиндагии воқеӣ пайвастагӣ дошта, дар ин ҷаҳон комравоӣ ва инсонвор зистанро тарғиб кардааст. Ғояи дунявият, ки ҷомеаи мутамаддини урупоӣ аз он сахт истиқбол мекунад, дар таърихи илму фарҳанги мо решаҳои амиқ дорад. Ин Ҷамшед буд, ки ба бунёди ҷомеаи озоди мардумсолорӣ (демократӣ) ва дунявӣ камар баста, асос ва хишти нахустини чунин ҷомеаро дар таърихи фарҳанги миллӣ гузошт. Ӯ бо воқеъбинӣ, андешамандӣ ва дунёпарастии худ, ки ҳамагӣ ба биниши илмӣ гироиш доранд, дар олами андешаи миллӣ соҳибмақом гардидааст. Файласуфи муосири тоҷик Комил Бекзода, ки дар атрофи ин шахсияти нимустуравӣ ва ниматаърихӣ пажӯҳишу ковишҳои ҷиддии илмӣ анҷом додааст, мавзӯи мазкурро пайгирӣ намуда, ба ин натиҷа расидааст: «Ҷамшед ҳамчун як шахси таърихӣ, дар маснади фарҳанги эронӣ ва ҳиндӣ қарор дорад. Дар ҳарду фарҳанг ба ҷиҳатҳои дунявӣ, воқеъбинӣ ва ғайридинии Ҷамшед таъкид шудааст. Дар ҳамин асос метавон ба ин натиҷа расид, ки асосгузори назари миллӣ ва озодандешии мардумони форсу тоҷик маҳз ҳамин Ҷам писари Вивангаҳон будааст».

Дар фарҳанги ҷамшедӣ ҳар кӯшише, ки бо хирадварзӣ робита дошта, бар рағми ҷаҳлу залолат равона шуда буд, сутуда шуда, он пирӯзиро Наврӯз мегуфтанд ва ҳамагон бо шодию сурур

таҷлил мекарданд. Дар мушкилтарин вазъият, ки ҷаҳолат бар адолат чангол задан мехост, Ҷамшед падид меомад ва торикӣ (ҷаҳолат) - ро бо рӯшноӣ (хирад) рафъ мекард. Фарҳангшиноси асримиёнагии форсу тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ ривояти динӣ-мардумиеро ёд меоварад, ки тибқи он Иблиси лаин баракатро аз мардум зоил мекунад, мардумро ба қашшоқӣ ва гуруснагӣ мувоҷеҳ сохта, бад-ин тартиб дунёро нобуд кардан мехоҳад. Ҷамшед бо амри Худованд ба манзили Иблису пайравони ӯ меравад, зулму залолатро барҳам зада, баракату фаровониро меорад, мардум ин рӯзро Наврӯз мегӯянд ва ҷашн мегиранд.

Доду додгарӣ дар фарҳанги сиёсии аҳвоми иронитабор аз Ҷамшед шурӯъ мешавад ва тибқи иттилои сарчашмаҳои асримиёнагӣ, додгарӣ ба замони зуҳури Наврӯз иртибот гирифтааст. Ин аст ки муаррихи маъруфи асримиёнагӣ Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ Наврӯзро сароғози додгарии Ҷамшед донистааст.

Наврӯз чун бо хирад ва тафаккури созанда бастагӣ дорад, бегумон, ормону орзуи инсонсозиро дар худ ғунҷонидааст. Меҳвари ормони мардуми ҳушманди форсу тоҷикро аз бомдоди фарҳанги миллӣ инсонсолорӣ ва мардумпарастӣ ташкил медод. Ободии иҷтимоӣ ва рифоҳи зиндагӣ танҳо дар сурате даст медиҳад, ки инсон ҷустуҷӯгар, ҳушёру зирак, меҳрварзу хирадпарвар бошад. Дар ин росто, ҷашни Наврӯз ҷашни растахези табиат, таҷдиди зиндагӣ, ҳаракат, ҷунбиш, такопӯ ва кор аст.

Ҷашнҳои миллии мо (Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада), ки Наврӯз муҳимтарини онҳост, барои танзими барномаҳои зиндагии инсонӣ офарида шудаанд. Ин аст ки дар маркази таваҷҷуҳи ҷашнҳои миллӣ, минҷумла Наврӯз зиндагӣ, шинохти мақоми инсон, сохтмони зиндагии шоиста ва арзанда барои инсоният меистад.

Устураҳои куҳан аз соҳиби «фар» будани Ҷамшед дарак додаанд. «Фар» маънои дониш, биниш, рӯшноӣ, шукӯҳ ва қудратро дорад. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома аз тахти бо фар сохтаи шаҳриёр ёдовар шуда, аз бузургии шахсияти сиёсию фарҳангии Ҷамшед ва ҷомеаи бо хирад сохтаи ӯ сухан дар миён меорад. «Фар» мафҳуми фалсафиест, ки ҳам дар асотири пешин ва ҳам дар «Шоҳнома» меъёри низоми зиндагии сиёсию иҷтимоӣ ва фикрии ҷомеаи инсониро ташкил дода, тағйиру таҳаввули ҷаҳони

зоҳирию ботинии инсон ба он марбут мебошад. Ба забони имрӯз, «фар» донишу биниш ва тафаккури созандаи инсон аст, ки ба василаи он зиндагии инсонӣ мураттабу муназзам ва мукаммал мегардад.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо, дар давраи салтанати Ҷамшед дарду газанд, хорию забунӣ, ҷаҳлолат, сардӣ, беморию марг ва бадбахтию беадолатӣ аслан вуҷуд надоштанд ва ин нукта дар кутуби пешини динию мазҳабӣ низ таъкид шудааст.

Ҳазораи Ҷамшед ҳазораи хирадварзию навандешӣ талаққӣ шудааст. Наврӯз, ки дар худ гармию меҳрварзиро таҷассум мекунад, аз оғоз дар муқобили сардию сармо, дарду бало, ҷабру ҷафо ва ҷаҳлу хато қарор дошт. Таъкид кардан бамаврид аст, ки зимистон ва сардӣ дар фарҳанги ориёӣ рамзи торикӣ, ҷаҳолат ва бадбахтӣ буда, тибқи ривоёт, Ҷамшед барои раҳоии мардум аз сармои шадид диже месозад ва бад-ин минвол, инсониятро дар гармию нармӣ нигоҳ медорад. Устурашинос ва донишманди забардасти ironӣ Меҳрдоди Баҳор бо он шахсияти овозадори миллии устурасоз – Ҷамшед ифтихор намуда, аз чеҳраи фарҳангсози мардумӣ бад-ин тарз ёд мекунад: «Ҷамшед маҳбубтарин чеҳраи пеш аз ислом аст. Аммо Фаридун ва на ҳеҷ кас дигар аз подшоҳон маҳбубияти Ҷамшедро надоштанд. Хеле чизҳоро ба Ҷамшед нисбат додаанд. Масалан, дар «Вандидод» омада, ки бузург шудани ҷаҳон ба хотири Ҷамшед буд. Ҷамшед ҳатто иддаои худойӣ мекунад… Дар давраи ӯ на марг буд, на пирию на дард. Давраи бисёр зебое буд ва хотираи хуше бар азҳони мардум аз он замон бозмонда буд. Ҳатто чиниҳо ҳам Ҷамшедро ба наҳве ситоиш мекунанд. Чиниҳо ба ӯ Ям мегӯянд ва муҷассамаҳое бароят сохтаанд. Муҷассамаҳои азиме аз Ҷамшед ё Ям дар маъобиди чинӣ ва будоӣ ҳаст. Бинобар ин, Ҷамшед як шахсияти худойӣ, асил ва шигифтовар аст. Шахсияти хеле трожик аст. Хеле моилам достоне дар борааш бинависам».

Ҳамин тариқ, Ҷамшед шахсиятест, ки пеш аз ҳама, бо меҳру хирад мусаллат аст ва инсонест сиришта аз ҳувияту асолат. Ин хасисаи ҷавҳарӣ аз Ҷамшед ба дигар шоҳону шаҳриёрон мунтақил мегардад ва дар маҷмӯъ, ҷаҳони фарҳанги сиёсӣ ва биниши миллии хиттаи Хуросону Иронро дар ҷуғрофиёи ҷаҳонӣ мушаххас мекунад.

Маълум аст, ки ҳар ҷомеае, ки бо хирад ва тафаккури ҷадид мусаллат аст, кори хайр барои худ ва барои дигарон анҷом дода метавонад ва ҷомеаи муосири тоҷик, бо доштани савобиқи амиқи илмию фарҳангӣ дар раванди бозсозии тафаккур ва навсозии биниши миллӣ метавонад саҳми муносиб гузорад. Гузашта аз ин, хамираи Наврӯзи Аҷам бо хирад ва биниши воқеӣ сиришта шудааст ва бо қидмату навпардозӣ насл ба насл, давра ба давра ва марҳила ба марҳила то замони мо расида, ба ин тарз ба оянда мунтақил гардида, дар бозсозии тафаккур, биниш ва ҳувияти миллӣ нақши муаассир хоҳад гузошт.

## Сарчашмаҳо


1. *Шаъбонӣ Ризо.* Одоб ва русуми Наврӯз. - Душанбе: Пайванд, 2008. - С.11
2. *Ҳазратқулов М.* Наврӯзи оламафрӯз ва дигар идҳои суннатии сол. - Душанбе: «Эр-граф», 2012. - С.28
3. *Ҷамолӣ М.* Сиёҳмашқҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дувум. - Ландан: Курмалӣ, 1995. - С.15-26
4. М. Шоҳнома ва мо. Дафтари нахуст.- Ландан, бидуни соли нашр. - С. 24
5. Вандидод, ҷилди аввал, фаргардҳои 1-8. Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Разӣ. Теҳрон, 1385. - С. 425
6. *Баҳор Меҳрдод.* Пажӯҳише дар асотири Ирон. - Теҳрон, 1378. - С. 37
7. *Толеъ Ҳушанг.* Таърихи тамаддун ва фарҳанги Ирони куҳан.Теҳрон, 1386. - С.156
8. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷилди аввал. Теҳрон: Интишороти Корвон, 1388. - С.56
9. *Ҷоҳиз Абӯусмон.* Наврӯзи бостонӣ. - Теҳрон, 1384. - С. 14
10. *Ниберг С.* Динҳои Ирони бостон. - Теҳрон, 1359.- С.388
11. *Ҷомӣ Муҳаммад Маҳдӣ.* Адаби паҳлавонӣ. - Теҳрон, 1379. - С.18
12. *Комил Бекзода.* Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. - Душанбе: Дониш, 2012.- С.50 - 51.
13. *Берунӣ А.* Осор-ул-боқия. - Душанбе: Ирфон, 1990. - С. 235-236.

14. *Таърихи Табарӣ.* Таълифи Муҳаммад бинни Ҷарири Табарӣ. Ҷилди аввал. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. - Теҳрон: Нашри асотир, 1352. - С.21
15. *Разӣ Ҳошим.* Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Ирони Бостон. - Теҳрон, 1380. - С.274
16. *Рӯҳуламинӣ Маҳмуд.* Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. - Теҳрон, чопи аввал, 1376. - С.15
17. Минӯи хирад. Тарҷумаи Аҳмади Тафаззулӣ. - Теҳрон, 1364. - С. 43
18. *Баҳор Меҳрдод.* Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384, саҳ. 359-360

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**

# МАРГ ВА ҶОВИДОНАГӢ

Аз нашри мақолаи донишманди муосири тоҷик Комил Бекзода дар ҳафтавори «Зиндагӣ» таҳти унвони «Марг аз нигоҳи Мавлоно» анқариб 3-моҳ сипарӣ шуда, дар ҳар шумора мақолаи ҷавобие ба он нашр мешавад. Албатта, назари муаллифини мақолоти ҷавобӣ гуногун аст. Баъзе аз онҳо хеле ҷолибу кобили таваҷҷуҳ буда, вале муаллифини баъзе аз онҳо моҳияти масъаларо дарк накарда ҳамаро ба ҳам омехтаанд ва кӯшидаанд мақоларо ғаразнок баррасӣ намоянд ва сару садо аз коҳишёбии арзишҳои суннативу миллӣ бардоштаанд. Мо аввалан аз ин масъала шурӯъ мекунем.

Бояд қайд кард, ки куллияи арзишҳо арзиши инсонианд ва инҳо аз ҷое наомадаанду офарида нашудаанд танҳо дар замони муайяни зиндагӣ ва ҷаҳонбинии инсонҳо ба вуҷуд омаданд, аз ин рӯ онҳо абадӣ ва тағйирнопазир нестанд, балки тағйир меёбанд ва ҷои худро ба арзишҳои дигар медиҳанд.

Бекзода масъалаи маргро муҳокима мекунад, на масълаи дигарро. Бале, нозуктарин, муҳимтарин, мураккабтарин ва мушкилтарини масоиларо. Ин ҳамон қазияест, ки тамоми зиндагии инсонҳо марбут ба ин масъала аст ва хар марди огоҳе дер ё зуд ба ӯ бархурд мекунад.

Инсон ягона махлукест, ки маргро огоҳона шинохтааст, аз ин рӯ тамоми аъмолу кӯшиши инсонӣ бар алайҳи марг нигаронида шудааст. Ҳарчанд дигар намудҳои зинда ноогоҳона хусусиёти худмуҳофиз ва мубориза барои зинда монданро доранд. Оре, мушкилӣ марг аст ва дарки огоҳонаи ҳамин мушкилӣ дарди човидонагиро ба вуҷуд овардааст. Башарият ҳеҷ гоҳ ва бе ҳеҷ ваҷҳ маргро қабул надорад, ӯ ҳамеша хоҳони ҷовидонагӣ ва абадият аст. Ҳамин аст, ки халли масъалаи мазкур дар низомҳои гуногуни фалсафӣ ва динҳо бо роҳҳои мухталиф баррасӣ мешавад.

Ҳатто афроди алоҳида низ вобаста аз арзишҳо ва имконоташон кореро алайҳи марг анҷом медиҳанд. Хуб, саравват бояд муайян кард, ки дарди човидонагӣ аз куҷо маншаъ мегирад. Мусаллам аст, ки тӯли зиндагии инсонҳо ҳадди 60 - 70 солро ташкил медиҳад, аммо доироти орзуву андешаҳои онҳо аз ҳудуди

замонӣ берун асту ҳар нафаре огоҳона дер ё зуд дарк менамоянд, ки марг ӯро думболагир аст.

Яке вобаста аз имконоташ ҷахонгирӣ ва ҷахонкушоӣ мекунад мисли Искандар, Наполеон ва Гитлер, то ин ки баъди маргаш ҷовидон монад. Дигаре қасрҳои муҳташам месозад ё сахоро аз андоза зиёд месозад, то ин ки баъдиҳо аз ӯ ёд кунанд. Яке эҷоди асарҳои калонҳачм чун «Шохнома», «Девони Кабир» ва «Маснавии Маънавӣ» (дар ин радиф садҳои дигарро метавон ном бурд) меофарад то ҷовидона монад. Нафаре, ки орзуҳояшро дар зиндагӣ амалӣ карда наметавонад, чун имконоти моддӣ даст надиҳад мехоҳад давоми зиндагии хешро дар фарзандаш бинад. Вале ҳамаи ин аз нигоҳи равонӣ инсонро қонеъ гардонида наметавонанд, чароки ин човидонагии фардии инсон нест. Яъне инсон аслан мехоҳад ҳамин «ман»- и огоҳи ӯ боқӣ монад, на чизи дигаре, ҳамин ҷихат аст, ки мӯҷиби гароиши инсон ба рӯхпарастӣ, дунёи дигару зиндагии баъд аз марг мешавад ва бо роҳи тахайюл ва имону эътиқод худро тасаллӣ медиҳаду роҳат мешавад. Бале, ҳамин дарди човидонагӣ аст, ки инсон "дорулбақо" - ро кашф кардааст ва бовуҷуддошти сақар (агар чӣ худ дар сақар бошад) онро дӯст медорад. Зеро дар тахайюли ӯ дар дунёи дигар бо "ман"- и фардии хеш, ки тамоми таърих донишҳо ва хусусиёташ дар он ҳифз шудаанд, боқӣ хохад монд.Чунин тарзи халли масъала анқариб дар тамоми динҳо мавҷуд аст ва омили асосие, ки инсонҳо бо эътикоду имон ва ихлос ба динҳо рӯ меоранд, низ ҳамин будааст.

Ва маслаки тасаввуф дар ин замина фаротар рафтааст. Пайравони ин маслак тамоми зиндагонии моддиро инкор карда, бо роҳи риёзат кашидан ва пархезгорӣ расидан ба асли хешро, яъне фанофиллоҳ шуданро талқин намудаанд. Ба гуфтаи файласуфи муосири испонӣ Мигел де Унамуно дар китобаш «Дарди човидонагӣ» Худоро дар тасаввури худ ҷовидона ва фанонопазир медонем, чун ҳама чиз фанопазир ва махсусан, худи мо дар хатари марг карор дорем, аз ин рӯ бо Худо паноҳ мебарем. Аз ин тарзи таҳлил чунин бар меояд аҳли тасаввуф аз шатҳиёти Боязид сар карда, то аналҳақгӯиҳои Мансури Ҳаллоҷ ва ба асли хеш баргаштани Ҷалолиддини Балхӣ низ як тарзи тасаллиёти дарди човидонагӣ аст. Маншаи асосии тасаввуф дар баробари

авомили исломӣ, инчунин таълимоти Буддо, махсусан тарки ҳама хоҳишҳо намуда, расидан ба хушбахтии абадӣ - Нирвона ва таълимоти Афлотун, оламии воқеӣ на ин олам, балки олами идеяҳост инчунин таълимоти Плотин (ҳамахудоӣ аз Худо судур шуда то ба инсон нузул ва аз инсон то ба Худо уруҷ) ва таълими абадияти рӯҳу бозгашти он дар таносухи ҳиндӣ будааст. Албатта, дар кадоме аз ин ақоидро метавон сари баҳс кашид ва таҳлилу интиқод кард, аммо ин муҳим нест, муҳим он аст, ки инсоният чун тағйирпазирии ҳамешагиро дар табиат таҷриба мекунад ва дарки огоҳона аз марг дорад, роҳеро барои ҷовидонагӣ, расидан ба абадият ва фанонопазирӣ пешниҳод менамояд, то аз даҳшати марг ва нобӯдӣ худро озод созад.

Мавлоно низ маргро огоҳона дарк карда буду ӯ низ дард дошт, дарди ҷовидогнагӣ, вале ҳалли ин мушкилиро ба эҳсосу тахайюли сӯфиёнаву шоирона, ба рақси симоъу бехудӣ ва наҳйи ақл ба роҳ мондааст. Шояд илоҷи дигар ҳам надошт, зеро барои бо роҳи ақл ҳал кардани мушкилии марг, аввалан, хеҷ далели илмӣ он замон вуҷуд надошт, сониян, агар мантиқан пешниҳод менамуд, ки бояд башарият дер ё зуд ин масъаларо ҳал намояд, худро қонеъ гардонид наметавонист, чароки дар ҳалли мушкилии марг ҳар кас ба тарзи инфиродӣ андеша мекунад, яъне барои худ, барои ҳифзи маданияти худ, барои ҷовидонагии хеш, на барои кадом насле, ки баъд меояд ва кореро анҷом медиҳад ва оё шахсан ӯро ҷовидона мекунад ё на?...

Хуб, ҳар он чи зикр шуд, асотири дунёи куҳан аст дар бобати ҳалли мушкилоти марг ва дарди ҷовидонагӣ.

Назари Бекзода ин аст, ки имрӯз башарият бояд рӯи ин мушкилӣ таҷдиди назар кунад, зеро замони тафаккури раббонӣ (бо таъбири О. Конт) пушти сар шудааст ва имрӯз мушкилоти инсониро танҳо бо роҳи илмӣ ҳал кардан мумкин аст. Асотири дунёи куҳан дигар ба дарди касе намехураду инсони имрӯзро қонеъ карда наметавонад. Имрӯз боястӣ амалан кореро рӯи ин масъла пиёда намуд. Албатта, дар кишвархои пешрафта барои ҳалли ин мушкилӣ амалан коре шурӯъ шудааст, «аммо мо ҳанӯз адар хами як кучаем», ҳанӯз бо асотири пешиниён худро гул мезанему тасаллӣ медиҳем фоқамастиву жандапӯширо ифтихор меҳисобем. Интизор дорем, ки касе меояд ва ҳамаи мушкилоти моро ҳал менамояд.

Дигарон ба Моҳу Миррих мераванд, ҷаҳонро идора мекунанд, ҷомеаи солим месозанд, мо бошад лоф мезанем, ки дар гузашта “Мадинаи Фозила” доштем, «Инсони комил» доштем ва ғайраҳо.

Вале боре андеша намекунем, ки имрӯз кистем ва чаро чунинем ва бо ҳамин ҳол то куҷо меравем? ҳама ҳақиқат, бузургӣ ва ҳашаматро дар гӯрхонаи таърих меҷӯем. Ростӣ, ба пире монандем, ки чун ба оянда бовар надорад, танҳо ҳасрат аз гузашта мекунад. Агар равшанзамире ё хушбине андешаи ноберо пешниҳод намояд, ӯро мулҳиду илҳодӣ меномем ва амр мекунем, ки хомӯш бош. Бародарон, гузашта гузашта аст ва ба гуфти Ф. Нитше «Барои як инсони озода гузашта ҳар андоза ҳам, ки ифтихоромез бошад, фақат дарсест барои сохтани як ояндаи бошукӯҳтар. Роҳи инсонҳои озод ба пеш аст, на ба пас».

Бале, васила аст ва ин василаро бояд шинохт ва интиқод намуд, аз ҳамаи тарафҳо, на танҳо аз ҷанбаи ифтихори бемаънӣ. Ва рӯ ба ҷониби оянда бояд буд, на ба гузашта. Аз муқаддимоти боло метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Бекзода масъаларо дуруст мегузорад ва дуруст баён мекунад, ки боястӣ масъалаи асосии фалсафа марг будӣ.
2. Ин қазия бояд ҳатман роҳи ҳалли ақлӣ ва илмии худро ёбад. Вазифаи як файласуф мушкилиро равшан кардан аст. Ҳалли масъала ба дӯши улуми пизишкӣ ва гинетикӣ аст.
3.Ҳадафи Бекзода фақат нақди Мавлоно нест, балки дар маҷмӯъ фарҳанги муосири башарӣ аст, зеро ҷаҳони имрӯзӣ аз нигоҳи технологӣ ниҳоят пешрафта аст, вале маънавиёту фарҳанг ҳанӯз асотири дунёи куҳан беш нест.
4. Марг ҳамон мушкилест, ки тамоми маънавиёти башар устура, дин ва фалсафа ҳама атрофи ин чарх мезананд.
5. Аслан сабабе, ки бештари мардум моддигароиро қабул надорад ва махсусан, моддигароии марксистӣ дар он аст, ки маргро аз нигоҳи диалектикӣ ҳамчун як тағйироти сифатии модда ва ҳолати табиӣ баррасӣ менамояд. Яъне ҷовидонагии дунёи дигарро ва зиндагии баъд аз маргро инкор мекунад, вале давое ба дарди ҷовидонагӣ пешниҳод наменамояд, ҳол он ки ормони асосии башарият абадят ва ҷовидонагӣ аст.

6. Аз ибтидои илҳодгароии Аврупоӣ (илҳодиюнии мохароии фаронсавӣ) то Фейербаху Нича, Маркс ва Сартру Камю то андозае дар ибтидо ва миёнаи қарни 20 нуфузи насроният коҳиш ёфт, вале аз миёнаҳои қарни гузашта то имрӯз дубора гароиш ба динҳо сареъан  идома дорад, ки илати асосиаш дарди ҷовидонагӣ аст. Чун масъалаи марг ба тарзи воқеӣ ҳалли худро наёфт, ин омил сабаби дубора рӯ овардан ба динҳо гардид.
7.Роҳи нусхабардорӣ (клонирование) ё роҳи дигар танҳо замоне қонеъкунанда аст, агар тавонад ҳамин «ман »-и фардии инсонро ҷовидона кунад, вагарна ба мисли «бозгашти абадӣ» - и Нича қабули худро нахоҳад ёфт. Чун нусхаи дигар агар шакли маро дорад, вале «ман» яъне огоҳӣ, ҳофизаи таърихии маро надорад, пас ӯ ман нест, мисли ин ки дар «бозгашти абадӣ» чизҳо боз ба ҳамин шакли ҳандасӣ бар мегарданд, аммо ин шакл метавонад бозгӯкунандаи он мазмун набошад.
8.Масъалагузории ҷовидонагиро динҳову ирфон ва маслаки тасаввуф дуруст мегузоранд, вале ҳалли онҳо қонеъкунанда нест. Агар фалсафа ва илм кашише дар ҳалли ин қазия намекунад, пас онҳо ҳамчун давоми теология боқӣ мемонад ва набояд дигар дар мухолифати он қарор бигирад.
9.Алҳол то замоне, ки ин мушкили чӣ гуна роҳи ҳалли худро меёбад, аққалан зиндагие, ки накд дорем онро набояд қурбонии марг созем ва то ҳадде аз хурофотпарастӣ озод бошем.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**

# МАРГ ВА БОВАРИҲОВУ ЭЪТИҚОД

Гоҳе ки касеро марг аз байн мебарад, мо таассуф мехӯрем ва сари ин меандешем, ки чаро ӯ мурд. Аз ин ки мо маргро кабул надорем, ҳатто марги табиӣ низ гоҳе ки рух медихад онро мо бо даҳшат қабул менамоем. Аслан дар зеҳни инсон мафҳуми марг ва катл тақрибан як хел инъикос меёбанд. Дар марги табиӣ ҳам кӯшиш мекунем ҷурму гуноҳеро аз касе ё чизе бидонем ҳамин аст, ки ба афсонапардозиҳои тахайюлӣ перомуни фавти ин ё он нафар ба вуҷуд меоянд. Мисли он ки агар ӯ фалон амалеро анҷом намедод, шояд чунин намешуд; ё бо касе ё чизи қудсие беэҳтиромӣ кард ё касе ӯро дуои бад кард ва амсоли ин.

Хулласи калом, воқеияти талхи фано шудан барои инсон ҳамеша ғайри қобили қабул ва таҳамул аст. Вакте касе аз пайвандон чони хешро аз даст медиҳад, мо намедонем ғазабу надомат ва кинаи хешро аз ки бистонем ва ба суоли ин ки ӯ куҷо рафт, ӯ куҷо шуд, чаро рафт, баъдчӣ хоҳад шуд, дергоҳ моро ранҷ медиҳад. Сараввал мо бовар карда наметавонем, ки ӯ дигар вуҷуд надорад. Аз ин рӯ мо тасмим мегирем, ки на ӯ ҳаст, ҳамаро мешунавад, ба мо иртибот дорад, аз мо чизе ниёз дорад. Вале чун бовар ҳосил мекунем, ки ниёзи моддӣ надорад, тасмими дигаре пеш меояд: ӯ аз мо зикри хайр, дуои хайр ниёз дорад. Аксари маросимҳои баъд аз фавт низ аз хамин ҷо сарчашма мегиранд. Махсусан, маросимҳое, ки дар мо вуҷуд доранд аз қабили се, ҳафт,чил, сол ва амсоли инҳо.

Мантиқан зеҳни мо дар муддати гузашти сол баъдан пурра тасмим мегирад, ки шахси фавтида дигар вуҷуд надорад. Танҳо дар тахайюл гоҳ-гоҳе хатти замони зиндагии ӯро чун лентаи кино аз бойгонии хотирот ба миён мегузорем.

Дар тамоми маросимҳои динӣ ормони ҷовидонагии инсон нуҳуфта аст. Барои як нафари фавтида чандон муҳим нест, ки ӯро чӣ гуна ва бо чӣ тарз дафн хоҳанд кард, зеро ӯ амалан имкони тамошои ин пасманзарро надорад. Хайём фармуда:

*Чун бояд мурду орзуҳо ҳама ҳашт,*
*Чи мӯр хурад ба гӯру чӣ гург ба дашт.*

Аммо он нафари мурда барои замони муайян дар зеҳн ва хотироти мо зинда аст. Ҳамин аст, ки мо ӯро ба расму оини муайян ҷаноза мекунем, сари марқадаш меоем, бо ӯ чиҳое мегуем, гулгузорӣ мекунем, марқадашро обод менамоем. Пораи шеър ё сухане инчунин исму насаб, санаи валодату фавт ва гоҳо сурати ӯро дар санге ҳак менамоем. Аз ҳамаи ин аъмоле, ки анҷом медиҳем, барои он фавтида дигар ҳама чиз бефарқ аст, чун мағз, аъсоб ва кулли сифоти инсонии хешро аз даст дода аст ва дигар бевосита бо мо иртиботе ҳам надорад. Мо зимни ин аъмол аслан нигаронии хешро аз ин мушкилӣ, ки саранҷоми мо низ чунин хоҳад буд, рафъ менамоем ва ошуфтагии фикриамонро оромиш мебахшем:

*Барои зиндагон бояд бигуям,*
*Ки қабристон барои мурдагон нест.*
*Ки қабристон барои зиндагонест,*
*Ки то донанд, фардо қадрашон чист.*

Аз ин рӯ бақои мурдагон танҳо дар зеҳни зиндагон аст.

***

Инсонҳо аслан як мушкили ҷавҳарӣ доранд ва он ҳам бошад, марг аст. Ҳамаи мушкилоти дигар чи хурду чи бузург бо он пайвастанду аз он маншаъ мегиранд.

Тамоми зиндагии инсон мубориза аст бар алайҳи марг ва нобудӣ, вале то кунун инсон пеши ин мушкилӣ аҷз дорад, умед меравад, ки инсон бояд як рӯз тавониста бошад аз болои ин қазия ғолиб ояд, вагарна зиндагӣ ва муборизоти башар мантиқе нахоҳад дошт ва бемаъниву пуч хоҳад монд. Аъмолаш ҷуз асотирбофиву динисозӣ, хаёлпарастиву худфребӣ чизе нахоҳад буд. Саробҳое, ки замоне аз худ бехудаш мекунанд, то эҳсоси хатар надошта бошад, то дарк накунад чи мавҷудест ва саранҷомаш чи хоҳад буд.

Ҳар бегоҳ, ки аз коргоҳ ба хона бармегардам сари роҳи манзил ду гурӯҳи мардумро бархурд мешавам: гурӯҳи аввал, ки сӯи масҷид меравaнд, то ибодат кунанд ва рӯҳи нооромӣ худро ором созанду аз Офаридгор илоҷи мушкилотро ҷӯянд ва эҳсоси хатарпазирии хешро қонеъ кунонанд; гурӯҳи дигар бошад, ҷониби майхона равонанд ё аз он бармегарданд. Ин гурӯҳ низ мушкил доранд ва чун дар ҳалли он аҷз доранд, ба нӯшидани чанд ҷуръа май рӯҳи нооромӣ хешро, ором менамоянд, даргузашти мушкилро бо сокит намудани зеҳн гӯё осон менамоянд.

Моҳиятан ҳар ду гурӯҳ мушкил доранд ва асли ин мушкил аз аҷз дар баробари марг маншаъ мегирад. Ҳалли мушкил дар ҳарду гурӯҳ ҳам ниҳоятан содалавҳона аст. Гуруҳи аввал бо такя бо фантазияи хеш худро гӯл мезананду оромиши руҳӣ меёбанд, мисли ин ки як инсон мазҳабӣ бо такя ба бовару эътиқоди хеш, пас аз ин ки ҳамаи арзишҳои диниро анҷом медиҳад, дар зеҳни ӯ ин самимият пеш меояд, ки ӯ ба асли ҳақиқат расидааст. Комилтару фозилатар, аз дигарон аст, барои ҳарду чаҳон ҷой ва мақом дорад. Мушкилоташро ҳавола ба олами боло менамояд ва ҳалли онҳоро аз он ҷо интизор дорад. Ҳамин аст, ки аксари ин афрод дар бунбастҳои фантазияи хеш боқӣ мемонад.

Ҷомеаҳои мазҳабӣ нихоятан заъф рушд мекунанд. Дар онҳо дигаргунӣ ва дигарандешӣ ниҳоят кам даст медиҳад. Мисли ин ки дар олами масеҳӣ тули 1000-сол тақрибан зиндагии якрангу якнавохт идома ёфт. Ин ҳолатро метавон дар дигар адёни тавҳидӣ ба осонӣ мушохида намуд. Чун маншаъи асосии динҳо мушкилоти марг аст, пас дар маросими дафн, ки ниҳоят барои ҳамаи инсонҳо ҳассос аст, хитобаҳои динӣ арзишмандтар ва муассиртар садо медиҳанд. Пешвоҳои динӣ ин ҳассосияти равониро ниҳоят хуб шинохтаанд, хамин аст ки аксари хитобаҳои динӣ зимни ин маросимҳо садо медиҳанд ва чун шунаванда дар пешорӯи мушкили марг бечора аст, барояш шунидани ин ҳарфҳо хеле муассиру умедворкунанда аст. Пазириши ингуна хитобаҳо дорои ду ҷиҳат аст: аввал ин ки аксар дар хитобаҳои мазкур мавзӯи беарзиш будани дунё ва пуштипозадан бар он, ҳеч будани кӯшишҳо ва ниҳоятан расидан ба натиҷаи мазкур; аз тарафи дигар бошад моро ба дунёи дигари абадӣ, фанонопазир, ҷовидона умедвор мекунад, ки ормони аслии башарият аст.

*Агар шоҳӣ, агар мирӣ, яқин донам, ки мемирӣ,*
*Ва-гар донову гапгирӣ, ба вақти марг дар монӣ .*
*Агар дар кӯҳ чӯпонӣ в-агар Маҳмуди султонӣ*
*Агар мири Хурсонӣ, ба вақти марг дар монӣ.*

*****

Инсонҳо ҳарчанд мавҷуди иҷтимоианду дар ҷомеа ташаккул ва камол меёбанд. Аммо эҳсоси фардӣ ва танҳоӣ ҳамеша онҳоро ранҷ медихад. Ба хотири рафъи ҳамин эҳсоси танҳоӣ онҳо бештар ба тахайюл ва фантазияи хеш такя мекунанд.

***Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»***

Дар ибтидои зиндагӣ ин танҳоиро лутфи падару модар ва хоҳару бародар ва баъдан онро шуғли бозӣ, дар сини мактабию наврасӣ бошад, гоҳе ки инсон вориди иҷтимоъ мешавад, завқи донистан ва фарогирӣ дар ӯ ниҳоят зиёд аст. Дар синни булӯғ чун барои ӯ амёли ҷинсӣ боло мегирад, инсон бештар дар ин марҳила ба ҷинси мухолиф дорад ва мушкили танҳоиро бо эҳсосҳои ошиқонае дар тахаюли хеш офаридани симои ошиқе, ки кули сифатҳои кики дар арзишҳои фарди муайян қобили эътиборро дорад,меофарад.

Пас аз издивоҷ чун ин симои офаридаи маъшуқи тахайюлӣ буд ва ҳамаи хубиҳои оламро бар ин тамсила бор карда буд, ва ин сифатҳо бо ҳамсари воқеӣ мувофиқат намекунанд, оҳиста-оҳиста эҳсоси танҳоии тарафайн дубора авҷ мегирад. То замоне, ки фарзанде тавллид мешавад ва ин танҳоиро муддате ҷуброн менамояд. Ин раванд низ муваққатӣ ва то замони мустақил шудани фарзандон идома пайдо мекунад.

Замони 17 то 40 солагӣ аз ин ки ҷисми инсон пур аз нерӯ аст ва замони авҷи ташаккул аст, шӯру шаафе, ки дорад то андозае эҳсоси танҳоиро коҳиш дода, он ноаён дар таҳтушуур боқӣ мемонад. Танҳо ба истиснои лаҳазоте, ки ҳалли мушкилоти пешоянд, аз доираи имкони ӯ берун аст. Аслан мароҳили зикр шуда, замонест, ки инсонҳо барномаҳои дарозмуддатро накша мегиранд, ки гоҳо аз доираи замони воқеии вуҷуди онҳо берун аст, инчунин сармоя,обурӯй, шӯҳратпарастӣ ва амсоли ин ҳама барои ҷуброни танҳоии таҳтушшуури худи фард матраҳ мешававнд.

Аз 50-солагӣ ба баъд чун хатти нузули неруҳои организм боло мегирад, эҳсоси танҳоии фардӣ дубора боло мегирад ва акнун инсонро дигар на сармоя, на фарзандон, на маъшуқа оромиш бахшида метавонанд. Албатта, дар ҳолтҳое ба онхо такя менамояд, вале кунуни ки маъшуқа хам пир шуду шаафи ҷавониро аз даст дода аст ва фарзандон мустақиланду ба гирифториҳои худ машғуланд, сармоя низ наметавонад ҷилави ҳамаи мушкилиро бигирад.

Акнун дар ин марҳила дубора барои ҷуброни танҳоии хеш ба тахайюл такя мекунад ва ба як кувваи мофавқуттабиа имону эътиқод менамояд.

Ин маънои инро надорад, ки қаблан ӯ беэътикод буд, албата дорои эътиқод буд ва танҳо дар мавриде ба он такя менамуд, ки имкони хали мушкилиро надошт.

Акнун дигар инсонҳо аксари дар ин марҳилаи зиндагӣ бо имону эътикод ба ибодат машғул мешаванд ва эҳсоси танҳоиро бо вуҷуди Худо паст менамоянд.

Яъне, яке аз авомили асоси вуҷуди Худо дар зеҳни инсон, ин эҳсоси танҳоии фардии инсон аст. Он қадар мушкилоту хатарҳои иҷтимоию табиӣ зиёданд, ки инсон ҳамеша ва ба вуҷуди зиндагии иҷтимоӣ эҳсоси ноамниву танҳоӣ мекунад. Кашфи Худо шиддати ҳамин ноамниву танҳоиро ҷуброн менамояд.

Инсон гохе ки дар рӯбарӯи мушкилот аҷзу нотавонӣ дорад, чун мушкилот гоҳе то андозае печида ва гиреҳхӯрданд, ки дар тасмими як инсон ҳалли онҳо ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, инсон ба як дасти тавоное умед мебандад, ки дар кӯтоҳтарин замон тавонад ин мушкилиро ҳал намояд. Чун ҳалли ин мушкилот, махсусан, мушкилии маргро бо тавоноии худ ва тавоноии иҷтимоӣ рафъ намудан наметавонад, як қувваи моварoиро умед мекунад, ки ӯ тавоно бошад ва оҳиста - оҳиста ин умед ба эътиқод табдил меёбаду инсон ҳамаи хешро рӯи ин тамсила бор мекунад. Аз чумла инсон табиатан худ меҳоҳад тавоно бошаду қодир, вале аз он ки ба ҳама масоил қодиру тавоно нест ин сифатро ба Худо нисбат медиҳад. Инсон зиёд мехоҳад доно бошад, то ба ҳама суолоте аз қабили кай, куҷо, чаро, чӣ гуна ва ба куҷо ҷавоб гуяд , вале аз он ки умри инсон дар баробари вақти кайҳонӣ ниҳоят кам аст ё ба таври дигар, замоне ки як ситора аз мадори худ берун мешавад, то замоне ки нури он аз бархурд бо замин рафъ мешавад, ҳазорон ҳазор сол мегузарад, яъне маҷмӯи умри як инсон аз лаҳзае беш нест:

*Омад шудани ту ҳеҷ медонӣ чист?*
*Омад магасе падиду нопайдо шуд!*

(Хайём)

Мо, ки наметавонем дар ин маҳдудаи замонӣ ҳамаро фаро гирем, ибтидо ва интиҳоро донем, пас сифати донoиро низ ба Худо мансуб медонем .

Яке аз ормонҳои асосии инсонҳо ин ормони ҷовидонагӣ аст. Зеро мо ҳамеша аз осебпазириву фаношавӣ ранҷ мебарем ва ин мушкилот аз тавлид то фавт моро дастугиребон аст, лек чун ин хоҳишро ҳам наметавонем комилан амалӣ созем ва аз имкони мо берун аст, пас сифати абадиятро низ таслими Худо мекунем

Хамин аст, ки мо Худоро дӯст медорем, гумон мекунем Ӯ наздиктарин дӯсти мост, мо дар баробари Ӯ нодону нотвон, нокомилу паноҳпазирем, роҳнамову роҳкушо ва қодиру тавоност.

Худо аслан тамсилаи мусбӣ ва ормони асли инсонҳост, ки ҳар заъфаро дар худ диданд, ӯро аз он орӣ пиндоштанд. Вале гоҳе ки эътиқод ба ҳадди ифрот мерасад, инсон мепиндорад, ки ҳамаи аъмоли ӯ аз ҷониби Худо танзим мешавад ва тамоми зиндагии хушро аз ризоияти ӯ медонад. Ин боиси он мегардад, ки инсонҳо ба бозмондагии фикрӣ гирифор мешаванду зиндагии хешро табоҳ месозанд.

*Метарошад фикри мо ҳар дам Худованде дигар.*
*Раст аз як банд, то афтод дар банде дигар.*

(Иқболи Лоҳурӣ)

Худо ормони ниҳоятдараҷа олии инсонӣ аст, ки ҳамаи авсофи некӯӣ дар он таҷассаум ёфтаанд. Авомили дигаре, ки инсонро мӯҷиби худопарастӣ менамояд, ин низом ва қавоиди дар табиат будааст. Инсонҳо чун дар силсиламаротиби ҳастӣ дар васати тангнои замонӣ қарор мегиранд, аз ин ҷиҳат чунин андешаро дар сар мепарваранд, мисли он ки як хона муҳандис ва созандаи худро дорад, бояд табиат низ созандаи худро дошта бошад. Ин созанда аст, ки низоми оламро тарроҳӣ карда аст ва қудрати уст, ки кавну фасод вуҷуд дорад. Инсонҳо ин қодиру тавоноро дар ҳар мароҳили рушди хеш ба гунаҳои мухталиф макони ӯро пиндор карданд. Дар марҳилае, макони ӯро ба табиат, ба ҳайвоноту рустанӣ ва одамӣ шакл додаанд. Дар марҳилаи дигар, ӯро мофавқи табиат баррасӣ намуда, гоҳи дигар ӯро айни табиат донистаанд.

Тавре аз истидлоли болоӣ бармеояд, инсонҳо аслан дар тамсилаи Худо сифатҳои ба худ мансуббударо танҳо дар шакли олӣ таҷассум намудаанд. Омили дигари худопарастии инсонҳо ин мушкилоти иҷтимоӣ аст. Махсусан, гоҳе ки тавозуни иҷтимоӣ халалдор мешавад ва онҳое, ки рӯи султа меоянд, ҳукуматҳои худкомаву золиманд, дар ин ҳол афроди иҷтимо эҳсоси аҷз дар баробари сиёсати ҳоким доранд ва умед мебанданд ба як қувваи мовароиву воқеан берун аз имконот, то тавонад ба ҳалли ин сиёсатҳои ғаддор хотима диҳад. Асли адлпарастии инсонҳо низ аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад.

Онҳо агар тавонӣ пирӯз шудан ба ин зулмро аз даст диҳанд пас бо тахаюл мегароянд (яъне умед мебанданд), дасти тавоное,

ки фавқи ҷаҳон аст ва ҳамон қодир аст дар охири кор ҳар кас ва ҳар чизро дар ҷойгоҳи худ гузорад. Аз ин рӯ, атрибути адл ва адолатро низ ба Худо мансуб медонанд. Айни ҳол ҳамин омил ҳаст, ки инсонҳо барои дунёи дигар ду макони асосие, ки ҷойи қадру ҷазо аст, ба худ эътиқод мекунанд: биҳишт ва дӯзах.

Биҳишт дар тасаввури инсонӣ навобаста аз ҳар мазҳабу боварӣ олитарин мақоми роҳати инсонӣ инъикос меёбад, яъне ҳама гуна аз он лаззоте, ки инсон дар ин ҷаҳони фанопазир метавонад дарёбад, шакли олии он танҳо дар биҳишт аст. Биҳишт низ як ормони олии инсонӣ аст. Ормоне, ки онҷо аслан ҳеҷ монеъ вуҷуд надорад ва ҳар кас метавонад олитарин хоҳишҳои худро хеле роҳат анҷом диҳад.

Биҳишт дар пиндори инсонҳо мақоме аст, ки хоса барои инсонҳои одил, саховатпеша, некӯкор, обид, муъмин, ростгӯ ва ҳар яке аз ин сифот низ пайваст ба зиндагии иҷтимоъии инсон мебошад.

Яъне гоҳе ки инсонҳо аз ноадолативу нобаробарӣ ранҷ мебаранд, ки яке сарвати зиёде дорад ва дигаре қути лоямуте надорад, ки шаберо саҳар намояд, яке сармоя ҷамъ менамояду ҳама дороии худро қурбони зиндагии дигарон менамояд яке рост мегуяд ва дар хидмати мардум аст, гуфтор ва аъмолаш ба ҳам баробар меояд, аммо дигаре гуфтор дигар асту кирдор дигар. Агар ба маншаи ин авомил нек назар андозем онро хоҳем дарёфт ки инсонҳо асосан аз мӯҷибиятҳои зиндагӣ чунин сифатҳоро ҳамчун мизонҳои адл дар тасвири хеш сохтаанд. Пеш аз ҳама барои раҳоӣ аз як мушкили пешомада тадбиреро пиёда кунанд аммо тадбирҳо метавонанд ҳар навъ бошанд, ин вобаста ба он аст ки кадомин шароити иҷтимоӣ чӣ гунна имкониятро барои инсонҳо вогузор менамояд. Гоҳе ки тадбири ҷуста бар зарари иҷтимоъ бошад пас он дар пайи худ ҳатман изтироби иҷтимоиро ба бор меорад ва баръакс агар бар манофеи иҷтимоӣ бошад, аҳли ҷомеа онро истиқбол менамояндy мепазиранд, яъне дар ҳама ҳолатҳои зикршуда меъёри асосӣ инсон ва манофеи ӯ қарор мегирад.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**
тарҷума аз забони англисӣ

# ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМИ МУОСИР ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛИИ МАРГ

(*Дар ҷаҳони муосир чунин навъи ҷаҳонбинӣ на танҳо ба аъзои маҳфили «Ҷаҳони андеша» хос аст, балки аксар мутафаккирону рӯшанфикрони ҷомеаи ҷаҳонӣ барои барҳам задани марг кӯшиш менамоянд*)

## БЕМАРГИИ БИОЛОГӢ[16]

Яке аз афсонаҳо, ки дар илм низ роиҷ гардидааст, афсонаи *пиршавӣ* мебошад. Гӯё инсон дар натиҷаи аз даст додани тавоноӣ, афзоиши сатҳи пигмент, коҳиши тавлиду такрори ҳуҷайраҳо ва ғайра пир шуда ва сипас мемирад. Аммо дар асл пиршавӣ ва марг ба ин протсесҳо рабте надорад. Балки ҳар як организм "дараҷаҳои барзистӣ" (rates of survival; степени выживания) ва бозофаринӣ (reproduction; воспроизводство) дорад. Вақте ки эҳтимолиятҳои барзистӣ коҳиш меёбанд, организм мемирад.

Дар асл, пиршавӣ ва марг ба маънои суннатии он ки гӯё ҳуҷайра мемирад, ҳамафарогир нест. Агар чунин мебуд, дар тӯли миллёнҳо сол ҳуҷайраҳои ҳосилкунандаи нутфа ва тухмаҳои бордоршавӣ (the 'germ-line') худашон низ аз байн мерафтанд. Масалан, баъзе меваҳо (ба мисли банана) аз ҳисоби ҳуҷайраҳои абадии худ истеҳсол мешаванд. "Ҳатто дар организми ширхорҳо, ки нутфаҳо ва тухмаҳои бордоршавӣ хеле барвақт аз боқии бадан ҷудо мешаванд, барзистӣ ва такроршавии ҳуҷайраҳои ҳосилкунандаи решаҳуҷайраҳо (gametes; germ cells) милёнҳо сол давом меёбад. Ҳамин гуна зиндагӣ метавонад ба таври беохир идома ёбад".[17] Дар олами биология намудҳои абадӣ (имморталӣ) бидуни алоқаи ҷинсӣ бозофаринӣ мешаванд.

Инсон бошад, дар давраи пирӣ ба марҳилаи абадият мерасад. Яъне ҳуҷайраҳои организм ба дараҷаи ниҳоии инкишофи худ мерасанд ва дигар аз байн намераванд. Вале омилҳои гуногун боиси вайрон шудани структураи организм мегарданд, чунки

---

[16]Michael R. Rose, Biological Immortality // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 17-28
[17]Ҳамон ҷо. Саҳ. 20

ҳолати пирӣ ба ин омилҳо мутобиқ шуда наметавонад. Бо афзоиши имкониятҳои илм ва махсусан доруҳое, ки аз ҳуҷайраҳои абадии инсон (геномҳо; genoms) ҳосил карда мешаванд, имкон даст додааст, ки хусусиятҳои биологии бадани худро батамом дигар кунем ва абадиятро на дар пирӣ, балки дар ҷавонӣ ба даст орем, то ки омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ боиси аз байн бурдани бадани мо нагарданд.

## ҶАНГ БАР ЗИДДИ ПИРШАВӢ. ЧАНД МУЛОҲИЗА ДАР БОРАИ АБАДИЯТИ ЗИНДАГИИ ИНСОН[18]

Ба назар чунин мерасад, ки ҳафт усули муолиҷаи сатҳи молекулавӣ ва ҳуҷайравӣ боиси қатъи протсеси пиршавӣ мегардад. Ин усулҳое мебошанд, ки барои рафъ кардани омилҳои пиршавӣ истифода бурда мешаванд, аз қабили: (1) коҳиш додани як қатор ҳуҷайраҳо дар бофтаҳои муайян, (2) инзиво ва бетаъсир кардани намудҳои муайяни ҳуҷайраҳои нолозим, (3) пешгирӣ кардани мутатсияҳое, ки дар хромосомаҳо ва (4) мутатсияҳое, ки дар митохондрияи бадани инсон сурат мегиранд, (5) пешгирӣ кардани убурпайвандҳо дар байни протеинҳои фароҳуҷайравии дарозумр ва (6, 7) рафъ кардани “доғ”-и мурда вале ғафс (inert ӣut ӣulky ‘junk’) дар лизосомаҳо (системаҳои полоиши ҳуҷайраҳо аз партовҳо ва бактерияҳо) ва фазоҳои фароҳуҷайравии бадани инсон.[19]

“Ҳамаи ин 7 усул акнун имконпазир мебошад ва барои ин технология низ таҳия гардидааст. Ин технологияи мураккаб ва бисёр ҳассос СЕНС (‘Strategies for Engineered Negligiӣle Senescence’ – SENS) номида мешавад.[20] Вазифаи ин технология ва ё маҷмӯаи

---

[18]Aubrey de Grey, The war on aging. Speculations on some future chapters in the never-ending story of human-life extension // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 29-45

[19] Ҳамон ҷо. Саҳ 33

[20]Aubrey de Grey, & Ames, Bruce N & Andersen, Julie K & Bartke, Andrzej & Campisi, Judith & Heward, Christopher B & McCarter, Roger JM & Stock, Gregory; “Time to talk SENS: critiquing the immutability of human aging” in: *Annals of the New York Academy of Sciences* (2002, Vol. 959); pg. 452 –

усулҳои техникӣ рафъ кардани коррелатсияҳои мусбат дар бадани одамон, ки дар байни синну сол ва эҳтимолияти марг дар воҳиди муайяни вақт вуҷуд доранд, мебошад. Ин технологияи биогеронтологӣ мебошад”.[21]

Як бахше аз технологияи SENS усули қатъ кардани убурпайвандҳои фароҳуҷайравии протеин ба протеин мебошад. Бисёре аз ин убурпайвандҳо дар рафти афзоиши қанд дар бадан (вайроншавии ҳуҷайраҳо ба воситаи оксидшавӣ – протсесси glycoxidation) ташкил мешаванд. Протеинҳо бо қанд ба реаксия даромада, дар протсесси гардиш аддуктҳо (омехтаҳои молекулавӣ)-ро ба вуҷуд меоранд, ки дар навбати худ реаксияи оксидасос мегузаронанд ва бо протеини ҳамсоя занҷира (пайванд) ҳосил мекунанд.[22] Ин гуна занҷирасозӣ дар оқибати кор ба зарари сохторҳои фароҳуҷайраи бадан, махсусан девораи артерия оварда мерасонад. Онҳо чандирнокӣ (хусусияти эластикӣ)-и ин сохторҳоро суст карда, онҳоро аз ҷиҳати механикӣ бештар шикананда мегардонанд.[23]

Барои муолиҷаи ин занҷира аллакай табобат тавассути молекулае бо номи ALT-711 вуҷуд дорад.[24] Вале ин молекула то охир табобат намекунад, балки фақат як занҷира бо номи “ҳалқаи дикарбонил”-ро мешиканад.

---

Aubrey de Grey, & Baynes, John W & Berd, David & Heward, Christopher B & Pawelec, Graham & Stock, Gregory; “Is human aging still mysterious enough to be left only to scientists?” in: *BioEssays* (2002, Vol. 24); pg. 667 –

Aubrey de Grey,; “An engineer’s approach to the development of real anti-aging medicine” in:*Science of AgingKnowledge Environment* (2003, Vol. 2003); http://sageke.sciencemag.org/cgi/content/full/sageke;2003/1/vp1

[21]Aubrey de Grey, The war on aging. Speculations on some future chapters in the never-ending story of human-life extension // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 33

[22]Monnier, Vincent M & Cerami, Anthony; “Nonenzymatic browning in vivo: possible process for aging of long-lived proteins” in: *Science* (1981, Vol. 211); pg. 491–

[23]Aubrey de Grey, The war on aging. Speculations on some future chapters in the never-ending story of human-life extension // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 33-34

[24]Asif, Mohammad, Egan, John, Vasan, Sara, Jyothirmayi, Garikiparthy N, Masurekar, Malthi R, Lopez, Santos, Williams, Chandra, Torres, Ramon L, Wagle, Dilip, Ulrich, Peter, Cerami, Anthony, Brines, Michael, Regan, Timothy J; “An advanced glycation endproduct cross-link breaker can reverse age-related increases in myocardial stiffness” in: *Proceedings of the National Academy of Sciences of the United States of America* (2000, Vol. 97); pg. 2809–

Айни ҳол, роҳу усулҳои нави муолиҷаи занҷираҳои дигар низ ҷустуҷӯ карда мешаванд.[25] Имкон дорад, ки дар ду даҳаи дигар роҳҳои муолиҷа пайдо шаванд, ки ин занҷираҳоро шикананд ва бо ин пеши роҳи пиршавӣ гирифта шавад. Баъди ду даҳсола имкон дорад, ки умри инсон то 200 сол дароз карда шавад ва дар натиҷа, ба таври беохир пеши роҳи пиршавӣ гирифта шавад.[26] Бо имкониятҳои илмӣ дар соли 2100 ҳисоби миёнаи умри одамон 5000 сол хоҳад шуд.[27]

Аммо ба ғайр аз ин гуна имкониятҳои биологии мубориза бо пиршавӣ, имконияти электронӣ низ вуҷуд дорад. Тахминан баъди як ва ё се садсола версияи резолютсияи бениҳоят баланди тасвири магнитии резонанс кашф карда мешавад, ки мағзи сари инсонро бо усули скан айнан нусхабардорӣ мекунад ва тамоми иттилооти онро ба қайд ва ба хотира мегирад. Барои ба хотира гирифтани иттилооти мағзи сари инсон компютерҳои имрӯза қариб омода ҳастанд, дар ҳоле ки аз 3 то 5 хотираи компютери ҳозира ин қудратро дорад.[28] Ин технологияро, ки "шабакаи синаптикӣ" ("synaptic network") номида мешавад, Ҳанс Мораве (Moravec)[29] пешниҳод кардааст. Мувофиқи он, мо метавонем, инсони мурдаро он тавре эҳё кунем, ки ба ҳолати ба истилоҳ "когнитивӣ" (худшиносӣ)-аш баргардад. Яъне имкон дорад, ки бо чунин усули

[25]Aubrey de Grey, The war on aging. Speculations on some future chapters in the never-ending story of human-life extension // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 34

[26] Ҳамон ҷо. Саҳ. 36

[27] Ҳамон ҷо. Саҳ. 38

[28] Ҳамон ҷо. Саҳ. 39-40 ("Further, cells in culture will by then be amenable not only to differentiation along desired lineages but to stimulation to form synaptic connections with particular other cells to which their axons are juxtaposed. This means that, in principle, a copy of a living person's brain – all trillion cells of it – could be constructed from scratch, purely by *in vitro* micromanipulation of neurons into a synaptic network previously scanned from that brain. (Doing this in less than geological time would be possible because it could be highly parallelized. Since most axons are extremely short, small parts of the new brain could be constructed in separate vessels, leaving only a small minority of connections to be made to link these modules together.) If this were performed at close to zero degrees Centigrade, no electrical activity would occur during construction; such a brain (after installation into a much more straightforwardly reconstructed body) could then be 'awakened' simply by slow warming, much as people often recover from hypothermiainduced comas.")

[29]Moravec, Hans; *Mind Children* (1988); Harvard University Press

эҳёкунӣ инсон худро ба монанди бемори аз ҳолати кома бедоршуда шиносад.[30]

Ҳамин гуна, насли аввали технологияи муоличавии СЕНС, ки ба одамон аз 20 то 50 сол умри иловагӣ мебахшад, то миёнаи асри 21 ба даст меояд. Ин муолиҷа ҳар рӯз ба 100000 одам умри давомдор мебахшад. Бо ин мақсад, дар шаҳрҳои Скоттсдейл ва Детройти ИМА аллакай одамон дар яхдонҳои муоличавӣ (cryonic containers) нигоҳ дошта мешаванд.

## ОРЗУИ ОБИ ҲАЁТ[31]

Дер ё зуд мо ҳама сабабҳои пиршавиро хоҳем фаҳмид. Дар давоми асри 21 қудрати илм барои дарк ва рафъ кардани сабабҳои марги инсон 32 маротиба бештар мегардад. Барои муоличаи пиршавӣ мо бояд бо намудҳои гуногуни ҳуҷайраҳо сару кор гирем ва намудҳои гуногуни нобасомониҳои молекулавиро рафъ кунем. Барои ин усулҳои ҷарроҳӣ ва муоличаи имрӯза кофӣ нестанд. Балки наномедитсина роҳи ҳал аст, ки бемориро дар сатҳи ҳуҷайра муолиҷа мекунад. Бо шарофати дастовардҳои илмӣ дар сатҳи ҳуҷайравӣ (enzyme telomerase) акнун имкон дорад, ки як қатор омилҳои пиршавии ҳуҷайраҳоро пешгирӣ намоем.[32] Бо роҳи технологияи ҳамсонасозӣ (клонирование) табдили барномаи генетикии ҳуҷайраҳои пир ба ҳуҷайраҳои ҷавон имконпазир гардидааст.[33] Ҳеҷ гуна қонуни табиие вуҷуд надорад, ки дар ин кор, яъне дар тағйир додани барномаи генетикӣ дар сатҳи ДНК монеъ гардад. Чун пиршавӣ, мисли дигар касалиҳо, аз молекулаҳои харобшуда ва мувозинатгумкарда ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ, муолиҷа бояд дар сатҳи молекула сурат гирад.[34] Барои

---

[30]Aubrey de Grey, The war on aging. Speculations on some future chapters in the never-ending story of human-life extension // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 40

[31]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 47-62

[32]Bodnar, AG & Ouellette, M & Frolkis, M & Holt, SE& Chiu, CP & Morin, GB &Harley, C B & Shay, JW &Lichtsteiner, S & Wright, WE; "Extension of life-span byintroduction of telomerase into normal human cells" in:*Science* (1998, Vol. 279); pg.349–

[33]Wilmut, I & Schnieke, AE & McWhir, J & Kind, AJ& Campbell, KH; "Viableoffspring derived from fetaland adult mammalian cells" in: *Nature* (1997, Vol. 385);pg.810–

[34]Drexler, EK; *Engines of Creation* (1986); Anchor Press
de Grey, AD; "An engineer's approach to the developmentof real anti-aging medicine" in: *Science of AgingKnowledge Environment* (2003, Vol. 2003); pg.VP1

рафъи пиршавӣ ва марг бояд се кор дар рафти муолиҷа анҷом дода шавад: 1) бартараф кардани молекулаҳо ва ҳуҷайраҳои вайроншуда ва ғайрифаъол; 2) барқарор кардани функсияи молекулаҳо ва ҳуҷайраҳо ва 3) мутобиқ кардани барномаи генетикӣ барои ҷавоншавӣ.

Барои ин тарзи муолиҷа илми имрӯза ба дастовардҳои зиёде ноил гардидааст. Илми генетикаи химиявӣ молекулаҳоеро ба вуҷуд оварда истодааст, ки барои генҳои алоҳида нигаронида шудаанд.[35] Аммо барои мудохила (интервентсия) дар сатҳи ҳуҷайраи инсон мо технологияҳои нав бояд дошта бошем. Айни ҳол техналогоияҳое чун муолиҷаи ген, мудохила ба гени алоҳида, муолиҷаи ҳуҷайра ва ҳуҷайраҳои бунёдӣ ва нанотехнология сохта шудаанд ва инкишофу такмил дода мешаванд.[36]

Ҳоло «муолиҷаи генӣ» (“gene therapy”) роиҷ гардидааст, ки генро кушода ба он ДНК равона мекунанд. Масалан, дар шароити лабораторӣ ба бофтаи склети муш вируси IGF-1 ворид карданд, ки пеши роҳи пиршавиашро гирифт. Дар маймун бошад, марги нейронҳоро ба воситаи ворид кардани ген бо истифода аз вируси ҳерпес (herpes virus) ба таъхир гузоштанд.[37] Бо ин гуна пешрафтҳо шояд наберагони мо дигар пир нашаванд.[38] Дар ин робита, албатта, мушкилиҳо низ вуҷуд доранд, аз он ҷумла ҳанӯз технологияи мудохила ба гени калонсолон вуҷуд надорад, гарчанде технология барои кӯдаки дар батни модар буда аллакай дар илм ва тиб истифода бурда мешавад. Истифодаи вирусҳо барои мудохила ба генҳо бо мақсади ворид кардани тағйирот дар геноми инсон хатарнок низ ҳаст, ки метавонад боиси саратон

---

[35]Schreiber, SL; “The small-molecule approach to biology:Chemical genetics and diversity-oriented organic synthesismake possible the systematic exploration of biology” in:*Chemical & Engineering News* (2003, Vol. 81); pg.51–

[36]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 50

[37]Antonawich, FJ & Federoff, HJ & Davis, JN; “BCL-2transduction, using a herpes simplex virus amplicon, protectshippocampal neurons from transient global ischemia”in:*Experimental Neurology* (1999, Vol. 156); pg.130–

[38]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 50

шавад. Аз ин рӯ, вирус на ҳамеша қудрати тағйир додани генро дорад.[39]

Мушкилии асосӣ норасоии генҳо ва молекулаҳои RNAi барои «муолиҷаи генӣ» мебошад. Як роҳи ҳал «муолиҷаи ҳуҷайравӣ» (cell therapy) ба шумор меравад. Масалан, барои табобати бемории иммунодефитсити SCID-X1 ҳуҷайраҳо аз системаи иммунитети касал гирифта шуда, бо роҳи муҳандисии генетикӣ аз нав ба касал гузаронда шуданд, ки натиҷаҳои хеле хуби табобатӣ дод.[40]

Дар ин робита, ҳуҷайраҳои бунёдӣ хеле мувофиқанд: онҳо дар бадани калонсолон потенсиали ба ҳама гуна ҳуҷайра табдил ёфтанро доранд. Пиршавӣ ба нотавонии ҳуҷайраи бунёдӣ рабт дода мешавад, ки наметавонад шумораи даркории ҳуҷайраҳои бакамолрасидаро таъмин намоянд. Барои ҳамин, технологияи "муолиҷаи ҳуҷайравӣ" ба беҳтар кардани тавоноии ҳуҷайраи бунёдӣ равона гардидааст, то ки дар натиҷа пеши роҳи пиршавии органҳои бадани инсонро гиранд.[41] Аллакай илм қудрат дорад, ки "ақрабаки соатро пас гардонад", яъне бо роҳи ба шакли ҷанин даровардани ҳуҷайраҳои бунёдии калонсолон пеши роҳи пиршавиро гирифта, организмро ҷавон созад. Инро таҷрибаи лаборатории Долли собит кардааст.[42] Ҳоло имкон дорад, ки ҳуҷайраҳоро аз ҷиҳати генетикӣ тағйири шакл (модификатсия) кард, ба бофтаҳо ва органҳои алоҳида табдил дод ва ба ҷои бофтаҳо ва органҳои касал сабзонд. Ин тарзи муолиҷа "ҳамсонасозии муолиҷавӣ" ("therapeutic cloning") номида мешавад.[43] Имкон дорад, ки ҳама қисмҳои бадани инсон бо ин роҳ

---

[39] Ҳамон ҷо. Саҳ. 51

[40] Ҳамон ҷо. Саҳ. 52

[41]Donehower, LA; "Does p53 affect organismal aging?" in:*Journal of Cellular Physiologyl* (2002, Vol. 192); pg.23–

[42]Cibelli, JB & Lanza, RP & West, MD & Ezzell, C; "Thefirst human cloned embryo"in: *Scientific American* (2002,Vol. 286); pg.44–
Hwang, WS & Ryu, YJ & Park JH & Park, ES & Lee,EG & Koo, JM & Jeon, HY &Lee, BC & Kang, SK&Kim, SJ & Ahn, C & Hwang, JH & Park, KY & Cibelli, JB& Moon, SY; "Evidence of a pluripotenthuman embryonicstem cell line derived from a cloned blastocyst" in: *Science*(2004, Vol. 303); pg.:1669–

[43]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 52; Cibelli, JB & Stice, SL & Golueke, PJ & Kane, JJ &Jerry, J & Blackwell, C & Poncede Leon, FA & Robl, JM;"Cloned transgenic calves produced from nonquiescent fetalfibroblasts" in: *Science* (1998, Vol. 280); pg.1256–

дар шароити лабораторӣ, яъне аз ҳисоби ҳуҷайраҳои бунёдии худаш иваз карда шаванд. Аллакай, ин гуна муолиҷа барои табобати касалиҳои дил, зарбаҳои ҷисмонии мағзи сар ва сутунмуҳра фаровон истифода мешавад. Бо фиристодани ҳуҷайраҳои бунёдӣ ба бадан, онҳо худашон дар бадан гашта, ба ҳуҷайраҳои устухону мушак ва дигар бофтаҳо табдил меёбанд.[44] Ҳамин гуна як ҳуҷайраи хурд боиси тағйири куллӣ дар организми инсон мегардад.[45] Сабаби ба таври васеъ паҳн нагардидани ин тарзи муолиҷа норасоии мутахассисон ва қимат будани технологияи он мебошад. Кори оянда бояд аз он иборат гардад, ки мутахассисон дар ин соҳа бисёртар тайёр карда шаванд.

Инсон дорои ~$7x10^{27}$ атом ва ~$10^5$ намудҳои гуногуни молекулавӣ, асосан протеинҳо дорад.[46] Генҳо ва протеинҳо наносохторҳои органикӣ буда, дар шакли молекулавӣ вуҷуд доранд ва дар якҷоягӣ компонентҳои мураккабе чун ҳуҷайраро таркиб медиҳанд. Консепсияи нанотехнологияро аввал Ричард Файнман (Richard Feynman) пешниҳод ва баъдан Эрик Дрекслер (Eric Drexler) инкишоф додааст. Ин технологияе мебошад, ки истифодаи модда ва энергияро дар сатҳи бисёр хурд имконпазир месозад. Барои ҳамин “нано” ба маънои “ҳиссаи миллиардӣ” мебошад. Дар организми инсон рибосомҳо вуҷуд доранд, ки протеинҳоро муттаҳид мекунанд ва аз онҳо сохторҳои мураккабтарро месозанд. Ба зудӣ дар шароити лабораторӣ имкон даст хоҳад дод, ки таркибҳои монанд ба рибосомҳо сохта шаванд ва зимни дохил кардан ба бадани инсон функсияҳои муайяни сохторбандиро дар он иҷро намоянд. Яке аз корҳое, ки ин таркибҳо метавонанд иҷро кунанд, гирифтани пеши роҳи

---

Lanza, RP & Cibelli, JB & West, MD; “Humantherapeutic cloning” in: *Nature Medicine* (1999, Vol. 5);pg.975–

[44]Horwitz, EM & Prockop, DJ & Fitzpatrick, LA & Koo,WW & Gordon, PL & Neel, M & Sussman, M & Orchard,P & Marx, JC & Pyeritz, RE &*et al.*; “Transplantability andtherapeutic effects of bone marrow-derived mesenchymalcells in children withosteogenesis imperfecta” in: *NatureMedicine* (1999, Vol. 5); pg.309–

[45]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 53

[46]Ҳамон ҷо. Саҳ. 53; Ҳамчунин, нигаред:
http://www.foresight.org/Nanomedicine/Ch03_1.html#Tab0301

реаксияҳои химиявие мебошад, ки боиси пиршавии бадан мегарданд. Масалан, бо гузашти синну сол ДНК соҳиби иллатҳо мешавад. Истифода аз нанотехнология – ҳуҷайраҳои бунёдӣ ва бактерияҳое, ки функсияҳои монанд ба рибосомҳоро иҷро мекунанд, иллатҳои ДНК-ро рафъ мекунанд, ки то андозае пиршавиро пешгирӣ мекунад.[47] Нанотехнология ҳоло сари он кор карда истодааст, ки афзоре ва ё таркиберо ба вуҷуд орад, ки липофутсин (lipofuscin) – пигменти синнусолиро бартараф кунад.[48] Барои ин гуна технология ё худ Оби ҳаёт (Эликсир; Ҳаома) омехтаи RNAi, муолиҷаи генӣ ва ҳуҷайраҳои бунёдӣ истифода бурда мешавад. Асоси ин Оби ҳаётро ҳуҷайраи бунёдӣ ташкил хоҳад дод ва он функсияи монанд ба рибосомҳо – таркибдиҳандаи молекулавиро иҷро хоҳад кард.[49] Масалан, барои бозофаринии мағзи сари инсон истифодаи бактерия ва ё вирус хатарнок аст, аз ин рӯ, роҳи ҳал ҳуҷайраи бунёдӣ мебошад.

Дар табиат амфибияҳо, хазандаҳо (сангпушт ва харчангҳо) ва парандаҳо пир намешаванд ва ё ба ифодаи дақиқтари илмӣ онҳо қобилияти бозофаринии абадии ҳуҷайраҳояшонро доранд. Барои ҳамин, вазифаи навбатии илм аз он иборат аст, ки хусусиятҳои онҳо низ барои тақвияти қобилияти бозофаринии геноми инсон омӯхта шаванд.[50]

## ҲАМСОНАСОЗИИ МУОЛИҶАВӢ[51]

Дар насли нави мавҷудоти зинда ҳамаи ҳуҷайраҳои нав аз насли кухна ба мерос мегузаранд. Ба дигар ифода, илм қувваи эҳёшавии абадиро маҳз дар ҳамин рози табиат пайдо кардааст.

---

[47]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 53-54; Freitas, R; *Nanomedicine; Biocompatibility* (2003, Vol. IIA*)*; Landes Bioscience

[48]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 54; Freitas, R; *Nanomedicine; Basic Capabilities* (1999, Vol. I); Landes Bioscience

[49]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 55

[50]Joao Pedro de Magadalhaes, The Dream of Elixir Vitae // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 55-56; de Magalhaes, JP & Toussaint, O; “How bioinformaticscan help reverse engineer human aging” in: *Ageing ResearchReviews* (2004, Vol. 3); pg.125–

[51]Michael D. West, Therapeutic Cloning // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 63-76

Пеш гумон мекарданд, ки ҳеч чиз аз организми куҳна ба организми нав намегузарад. Ҳоло илм исбот кард, ки ҳуҷайра аз насл ба насл мегузарад. Инро аввалин бор олими олмонӣ Август Вайсманн собит кард. Назарияи илмӣ дар бораи ҳуҷайра собит мекунад, ки зиндагӣ дар рӯи замин милёнҳо сол пеш аз як мавҷуди якҳуҷайра пайдо шудааст, ки худ абадӣ буд. Бо ин Вайсманн дар назар дошт, ки дар шароити мусоид ҳуҷайраҳо намемиранд.

Аммо чаро мавҷудоти мураккаб ва бисёрҳуҷайравӣ, чунончи инсон, мемиранд? Вайсманн сабаби маргро дуруст шарҳ медиҳад ва як қадами инқилобӣ дар шинохти марг мебардорад: дар мавҷудоти бисёрҳуҷайравӣ ҳуҷайраҳо функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд. Дар содатаринҳо ин гуна тақсимоти функсия нест, барои ҳамин онҳо намирандаанд. Дар мавҷудоти мураккаб, чун инсон, як қисми ҳуҷайраҳо функсияи бозофаринии ба истилоҳ «хоҳарҳуҷайраҳо» ва ё «ҳуҷайраҳои соматикӣ»-ро доранд. Онҳо чун ҳуҷайраҳои содатаринҳои обсабз (амёбаҳо ва парамесийҳо) қобилияти эҳё кардани худро надоранд. Ҳамин гуна, ҳуҷайраҳои соматикӣ миранда мебошанд. Аввалин маротиба дар зиндагӣ марг падид омад. Хуҷайраҳои соматикӣ (ҷисмонӣ) насли навро ба вуҷуд оварда, худашон мемиранд. Дар натиҷа, насли куҳна мемирад. Вайсманн ин назарашро дар кори худ бо номи «Über die Dauer des Leйens» (“Дар бораи давомияти зиндагӣ”) дар соли 1881 баён карда буд. Ин назарро минбаъд Ҷозеф Вуд Круч (1856) ва Ҳегнер[52] низ тасдиқ карданд.[53]

Дар оғоз ҳуҷайраҳо дар организми бисёрҳуҷайра якхела буданд. Вале минбаъд аз рӯи принсипи тақсими меҳнат онҳо хусусиятҳои гуногунро касб карда, ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд – соматикӣ (ҷисмонӣ) ва репродуктивӣ (бозофариананда). Бо мураккабшавии организм онҳо аз якдигар ҷудо шуда ва фарқ карданд. Чун шумораи соматикҳо аз репродективҳо зиёд шуд, онҳо ба бофтаҳо табдил ёфтанд. Ҳамин гуна, бозофаринӣ дар соматикҳо ғайриимкон гардида, ин функсия ба репродуктивҳо маҳдуд гардид. Дар натиҷа, соматикҳо миранда шуданд, чунки

[52]cited from Gilbert, Scott F.; *Developmental Biology*,(1991) Sinauer; pg. 13–18
[53]Michael D. West, Therapeutic Cloning // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 66-67

худро бозофарида наметавонанд. Аммо репродуктивҳо абадӣ боқӣ монданд.[54] Вақте инсон мемирад, ин маънои онро надорад, ки ҳамаи ҳуҷайраҳояш мемиранд, балки марг фақат ба ҳуҷайраҳои соматикии ӯ дахл дорад. Ҳуҷайраҳои репродуктивӣ абадӣ боқӣ мемонанд. Инро соли 1961 Леонард Ҳайфлик (Leonard Hayflick) дар таҷриба собит карда буд.[55]

Аммо ҳуҷайраҳое бо номи решаҳуҷайраҳо (germ-line cells) дар бадани инсон миранда нестанд. Соли 1997 Майкл Вест ва ҳамкоронаш дар лабораторияи Корпоратсияи Герон генеро ба даст овард, ки такроршавии абадии решаҳуҷайраҳоро таъмин мекунанд. Ин ген протеинеро бо номи теломераз (telomerase) шакл медиҳад, ки «соати пиршавӣ»-ро дар каронаҳои хромосомаҳо қафо мегардонад. Бо ҳамин роҳ, он пиршавии ҳуҷайравиро пешгирӣ мекунад. Ин протседура «муолиҷаи теломеразӣ» (“telomerase therapy”) номида мешавад, ки аққалан дар эҳё кардани баъзе узвҳои инсон дар оянда истифода бурда хоҳад шуд. Аммо дар эҳёкунии тамоми бадани инсон шояд ин усули муолиҷа кофӣ набошад.

Роҳи ҳал барои абадӣ кардани инсон ҳуҷайраҳои бунёдӣ мебошанд. *Ҳуҷайраҳои бунёдӣ* ва ё пояи ҳуҷайраҳое мебошанд, ки чун пояи дарахт боиси ташаккули дигар ҳуҷайраҳои бунёдӣ ва ҳуҷайраҳои алоҳида мегарданд. Ҳуҷайраҳои бунёдӣ гуногун ҳастанд, аз он ҷумла ҳуҷайраи бунёдии тотипотент ва ҳуҷайраҳои бунёдие, ки ба ҳуҷайраҳои ихтисосӣ табдил меёбанд. Ҳоло дар шароити лабораторӣ кӯшиши ҳосил кардани тотипотент рафта истодааст, ки аз он ҳама ҳуҷайраҳои бунёдӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамин гуна ҳуҷайраҳо бо номи ҷанинҳуҷайраҳои бунёдӣ[56] (emӣrionic stem cells) дар шароити лабораторӣ аз тарафи Ҷеми Томсон аз Донишгоҳи Висконсин, Герҳарт аз Донишкадаи тиббии Донишгоҳи Ҷон Ҳопкинс ва Майкл Д. Вест (Jamie Thomson, University of Wisconsin at Madison and Gearhart at John Hopkins School of Medicine, Micheal D. West) изолятсия (ҷудо) карда шудаанд. Ин ҷанинҳуҷайраҳо аз ҷанинҳои тоимплантатсионии инсон (ҳуҷайраҳои микроскопӣ, ки ҳанӯз барои ҳомиладорӣ

---

[54] Ҳамон ҷо. Саҳ. 68

[55] Hayflick, L & Moorhead, PS; “The serial cultivation ofhuman diploid cell strains” in:*Experimental Cell Research*(1961, Vol. 253); pg. 585–621

[56] germ-line cells – решаҳуҷайраҳо; embryonic stem cells – ҷанинҳуҷайраҳои бунёдӣ

истифода нашудаанд) ҳосил карда шудаанд. Онҳо дар бадани инсон ҳама гуна ҳуҷайраро ба вуҷуд оварда ва аз ин рӯ, ҳама гуна ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои пиршуда ва беморро ислоҳ ва ё иваз карда метавонанд.[57]

Як мушкилии асосӣ дар робита ба ҷанинҳуҷайраҳои бунёдӣ аз он иборат аст, ки трансплантатсияи онҳо ба бадани инсон чун забткории хориҷӣ қабул карда мешавад. Барои ҳамин, бадани инсон ба онҳо реаксияи манфӣ медиҳад.[58] Соли 1999 роҳи ҳалли ин мушкилӣ бо усули "интиқоли ядрои ҳуҷайра" (cell nuclear transfer), яъне интиқоли ҳуҷайраи соматикӣ ба тухмаҳуҷайра пайдо гардид. Вақте ки ҳуҷайраи соматикӣ ба батн фиристода мешавад, он на фақат ҳамсона (клон)-созӣ мекунад, балки инчунин боиси пайдоиши ҳуҷайраҳои бунёдӣ мегардад.[59] Дар муқоиса ба «ҳамсонасозии репродуктивӣ» ("reproductive cloning"), ин протседура «ҳамсонасозии муоличавӣ» ("therapeutic cloning") номида мешавад. Дар шароити лабораторӣ исбот гардид, ки тухмаҳуҷайра метавонад чун «мошини вақти ҳуҷайравӣ» ("cellular time machine") амал кунад. Масалан, ҳуҷайраи пӯстро чун тухмаҳуҷайра истифода карда, мо ҳуҷайраи бунёдӣ аз он мегирем, ки дар навбати худ соати биологии баданро ба тарафи муқобил гардонда, ҳучайраи пиршудаи баданро ҷавон мекунад.[60] Ин ба он маъност, ки мо метавонем бо ин «мошини вақт» ҳуҷайраҳои одамони синну соли гуногунро ҷавон гардонем. Аз он ҷумла, мо метавонем иммунҳуҷайраҳоро ба даст орем ва онҳоро дар хун ҷорӣ карда, бо ин роҳ ҳуҷайраҳои хунро абадан ҷавон созем ва бемориҳои табобатнашавандаи онҳоро муолиҷа намоем.

Дар ҳоле ки ҷанинҳуҷайраҳои бунёдӣ қудрати бузурги аз байн бурдани маргро доранд, дар айни ҳол, ин дастовард мардумро ба

---

[57]Michael D. West, Therapeutic Cloning // The Scientific Conquest of Death: Essays on Infinite Lifespans. Buenos Aires: LibrosEnRed (The Immortality Institute). 2004. – Саҳ. 70-71

[58] Ҳамон ҷо. Саҳ. 71

[59]Lanza, RP & Cibelli JB & West MD; "Prospects for theuse of nuclear transfer inhuman transplantation" in: *NatureBiotechnology* (1999, Vol. 17); pg. 1171–4

[60]Lanza, RP & Cibelli, JB & Blackwell, C & Cristofalo, VJ& Francis, MK &Baerlocher, GM & Mak, J & Schertzer,M & Chavez, EA & Sawyer, N & Lansdorp, PM & West,MD; "Extension of cell life-span and telomere length in animalscloned from senescent somatic cells" in *Science;* (2000,Vol. 288); pg. 665–9

ду гурӯҳ тақсим кардааст. Мухолифон мегӯянд, ин гуна кор ғазаби худоро меорад. Ҷорҷ Буш 9 августи соли 2001 таҳқиқотро дар ин маврид маҳдуд кард ва гуфт, ки ҳуҷайраҳо ин одамон дар шакли бисёр хурд ҳастанд. Аммо таҳқиқоти илмӣ собит кардааст, ки на ҳуҷайраҳои алоҳида, балки системаи мураккаби иборат аз ҳуҷайраҳои бешумор инсонро ташкил медиҳанд. Ҳуҷайраро чун инсон тасаввур кардан хурофоти динӣ мебошад.

Мо тарафдори зиндагӣ ҳастем ва ҳама корро барои пешгирии марг хоҳем кард. Мо барои тибби бозофаринӣ кор хоҳем кард. Аз Худо натарсида, ба Кайҳон баромадем. Акнун барои аз байн бурдани марг ҷанинҳуҷайраи бунёдиро ҳосил кардем ва ба зудӣ бо истифода аз технологияи интиқоли ядроӣ онро ба бадан ворид карда, соати биологии пиршавиро бозмедорем ва ҳуҷайраҳоро аз сари нав ҷавон мегардонем.

**Ёрмаҳмади СУЧОНӢ**

# «ҶАҲОНИ АНДЕША» - ИТТИҲОДИ РӮШАНФИКРОН АСТ!

**Чун надиданд ҳақиқат раҳи афсона заданд…**

Китобчаи «Ҷаҳонбинии оянда» (Ҷаҳонбинии алтернативӣ), ки ба муносибати 20- солагии фаъолияти маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» соли 2013 аз чоп баромад, ҳамагӣ аз 39 саҳифа иборат аст. Аъзои маҳфил бар асоси омӯзиши ақоиди фалсафии Шарқу Ғарб дар 21 боб нуқтаи назарро мавриди Ҷаҳон, Кайҳон, Замин, Инсон, Худо, Зиндагӣ, Марг, Дин, Ҷон, Равшанфикр, Ояндаи ҷомеа ва ғайра кӯтоҳ баён доштаанд. Эшон афкори хешро ба хотири кушодани баҳс сари ин мавзӯъҳои муҳим иброз намуда, ҳаргиз даъво ба «ҳақиқати мутлақ»-и андешаҳояшон накардаанд, дари мубоҳисоти солимро барои ҳамагон кушодаанд, чароки илм бе баҳс пойдор намонад. Аз нашри ин китобча ҳафт - ҳашт моҳ гузашта бошад ҳам, «мунаққидон» гӯё аз хоби зимистона бархеста бошанд, фақат ду боби китобча – Худо (саҳ. 6-9) ва Дин (саҳ. 20 - 21) - ро нимқироат намуда, акнун ба «ҳуҷум» гузаштанд. Дар сомонаҳо тариқи Интернет «кофир» - хонию ҳукми «сангсор»- и садри маҳфили «Ҷаҳони андеша» донишманди арҷманд Комил Бекзода ва ҳамфикронаш рӯи сафҳаҳо рехт. Дар матбуоти даврӣ ҳам матолибе аз қабили «Ҷаҳони андеша»: «Мо одамон Худоро ихтироъ кардем» - и Амруллоҳи Низом («Рӯзгор», 19, 26 феврали 2014), «Ҷаҳони андеша» ё «Иттиҳоди бехудоён»- и Хайриддин Қосимӣ(Озодагон, 12 марти 2014), «Пушти афкори заҳрогин ғаразҳои шуме нуҳуфта» - и Илҳом Аловаддинов (Озодагон, 2 апрели соли 2014), «Агар Худо набошад, анҷоми ҳар коре раво хоҳад буд»- и Эраҷ Давлатов, Ҷаҳонгири Рустам («Пайк», 2 апрели 2014) ва чанд андешаи донишманди тоҷики муқими Аврупо Меҳмоншоҳ Шарифов дар ҳафтаномаи «Нигоҳ» пайдо шуданд. Албатта, нашри чунин мавод набояд боиси нороҳатӣ гардад, ба шарте он ҳама содиқона, мунсифона, таҳқиқомезона бошад. Ғояти таассуф аст, ки ба истиснои Меҳмоншоҳ Шарифов ва Амруллоҳи Низом (лаҳнашон нисбатан нарм аст) боқӣ ноқидон ба қасди дифоъ аз Худо ва Дин ба пастиҳо рӯ ниҳода,

рисолати хешро аз роҳи ноҷавонмардӣ дар рехтани обрӯи дигарандешон дарёфтаанд. Хоса оқои Хайриддин Қосимӣ, ки солиёни охир дар Эрон ғариб аст, бо як лаҳни мутакаббирона зеҳни хонандагонро аз масоили аслӣ мунҳариф доштааст. Ин нахӯди ҳар ош дур аз Меҳан зиста, бо мубоҳисаҳои баҷову беҷояш худро «ҳомии Ислом» дар матбуоти даврии тоҷик ҷилва медиҳад, фаҳш гуфтанро камоли ақлу бадгӯиро зарофату тароватн каломаш мепиндорад. Эҳсосоташ ҳамеша меҷӯшаду оташи мантиқро дар навиштаҳояш хомӯш месозад. Холо ҳама жожу можи ин матлаби қабеҳу хашмолуди оқои Қосимиро як сӯ гузошта, таваҷҷуҳи аҳли фаҳмро ба чанд нуктаи он маҳтуф медорем.

Ин «нобиға» ба як берӯии гушношунид «...пажӯхишҳои фалсафии донишмандони тоҷик ба ҷуз осори Акбар Турсун ва Асадулло Искандаров (аслан Искандар Асадуллоев - шарҳ аз мо) арзиши илмии қобили зикр надоранд» - гуён бериё устухонхои аҳли ҳикмати миллатро хоидааст. Бо ҳамин на танҳо арвоҳи поки Аловадддин Баҳоваддинов, Иброн Шарифов, Нозир Арабзода, Бобомурод Исматов барин фозилони даврро нороҳат кардааст, балки фарзонагоне чун Мӯсо Диноршоев, Султон Наврӯзов, Кароматулло Олимов, Неъматулло Сайфуллоев ва дигаронро таҳқир намудааст. Бо такя бо ким - кадом китобе бо номи «Исботи вуҷуди Худо» ҳай васваса бофтааст. Аз вуҷуди фулон қадар мусулмон дар фулон кишвари Аврупо, густариши босуръати Ислом дар миёни ғайримусулмонон бо ифтихор лаб мекушояд, лек намедонад, ки аз шаклу шамоили гурезаю муҳоҷири мусалмони шарқӣ мардуми Аврупо ва Русия кайҳо безор шудаанд. Ин носипосу намакзадахо (аксари кулл) чун гадо бо арзишҳои барбарии худ вориди Амрико, Аврупо ва Русия мешаванд, бо андаке ба худ омадан, бо «Оллоҳ Акбар» - гӯиҳо ба ҳама арзишхои волои мардумони он сарзаминхо туф карда, дар фикри таъсиси хилофат мегарданд. Оқои Хайриддин Косимӣ баъди қироати бобҳои Худо ва Дин аз китобча (он ҷо дар бораи Худо ва дини тамоми мардуми дунё сухан меравад, Оллоҳу Ислом умуман зикр наёфтаанд) сахт ба ғазаб омада, ба ишора ба аъзои маҳфили зикршуда ҳукми қатъӣ мебарорад «... бояд Шӯрои уламои Тоҷикистон афроде, ки аслу асоси исломро рад мекунанд, ба таври ҳатмӣ бо ҳукми шаръӣ онҳоро дар радифи Салмон Рушдии муртад қарор диҳад». Гиребони худ бӯ кунед,

оқои шариатпаноҳ! Имом Ҳумайнӣ- роҳбари вақти Эрон, ки кишвари бузурги ориёиёнро андаруни тори анкабутии охундҳо гузошта, дар муқобили тамаддуни пешрафта қарор дод, миёнаҳои солҳои 80- уми қарни гузашта барои дигарандешияш сари нависандаи ҳиндутабори мусалмони муқими Инглистон Салмон Рушдиро барои як асари бадеияш 2 миллион доллар «нарх» карда буд. Имоми навбаромад Қосимӣ, ки гумон аст бо афкори мазҳабияш охундҳои эрониро қабул дошта бошад, сари ҳаммиллатони худро барои як китобчаи фалсафӣ дар давлати демократӣ- дунявии худ, ки дигарандешӣ тибқи Сарқонунаш кафолат дода мешавад ва на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод намудаанд, ба чӣ қимат «нарх» карданист?

Валекин сад шукр, ки ҷаҳон ба дасти қосимиҳо нест, вагарна фардо аз кӯчаю роҳҳою хиёбонҳои Тоҷикистон ҳамаи мошину мошинолотро хоҳанд барчинд ва хурду калони ҷумҳурӣ ба биёбонхои араб дар ҷустуҷӯи уштур хоҳанд рафт, чун пиру авлиёи ин афрод фақат уштурсавор буданд. Ҳазор шукр, ки дасти қосимиҳо кӯтоҳ аст, варна тамоми хазинаи Китобхонаи миллӣ ва китобхонаҳои маҳаллиро дар такя ба фармони халифа Умар ва Қутайба ибни Муслим ба оташ кашида, музахрафоти биёбонгардонро ҷойгузини онҳо менамуданд, дигар ҳама машғули оятхонию ба умеди каромоту қиёмат. Ҳама занон дар либосу ҳиҷоби сиёҳ зинда ба гӯр ва ҳама мардон ҳарамдору занбора. Зиндони таассуб пури маҳбус. Зиндонҳои фашистии Освентсуму Моабит пеши инҳо ночору бечора. Агар замони амирони фосиқи манғит дар қаламрави Бухоро ноодилонаю иҷборан яҳудихо зуннор дар камар мебастанд, кунун яҳуду масеҳӣ он тараф, ҳатто ҷонибдорону муридони дигар фирқаҳои исломӣ бо тамғаи «бехудоӣ» дар пешонӣ ҷуръати кӯчаброӣ намекунанд, муҷассамаҳои Ҳаким Фирдавсию Исмоили Сомониро чун бендерчиёни кунунии украинӣ барканда, устухонҳои пӯсидаи бобояшон Қутайба аз Андиҷон ва Олимхони манғитро аз Кобул оварда, ибодатгоҳ хоҳанд сохт. Касаку хасакҳо, устухонхою устухонхорҳои мазҳабзадаи тоҷик ҷумҳуриро ба асри ҳафт баргардонда , дар ҷаҳолату ғафлат аз толибони афғон сабқат мерабуданд.

**Бед гуфтанд, тӯдае тут фаҳмиданд**

Ду боби китобчаи «Ҷаҳонбинии оянда»- «Худо кист? ва « Оё дин оянда дорад?» фишори хуни Қутайбачаҳои маҳаллиро ба ҳадди баландтарин (42 дараҷа) расондаанд. Мусаннифони китоб бар онанд, ки «... Худо қаҳрамони асосии афсонаҳои динии мост, мо одамон Худоро ихтироъ кардем...Ӯ символ ва образи умеду орзуҳои мост... метавонад моро баъди марг аз нав зинда кунад ва аз марги ҳамешагӣ наҷот диҳад. Худо ба забонҳои дунё номҳои мухталиф дорад ва дорои симову сурати муайяни қавмию миллиянд. Худои умумикайҳонӣ то ҳол дар бораи вуҷуди худ хабаре надодааст. Дар давоми 10 ҳазор соли зиндагии оқилонаи башар 4500 дину мазҳаб сохта шуд, ки ҳоло фақат 425-тояшон зиндаанд...»

Ҳикматшиносону андешаофаринон ва донишпардозони барҷастаи дунё сари мавзӯи вуҷуди Худо баҳсҳои доманадоре барангехтаанд, қисме вуҷудашро тасдиқ, бархе дигар рад кардаанд, вале кушоиши комили укдаи баста муяссар намешавад. Ба бисёр суолҳои мавриди баҳс посухи қонеъкунанда ёфтан муҳол менамояд. Суханро ба дарозо намекашем, бошад, ки уламои фалсафа рисолаташонро иҷро кунанд. Аммо суол ин ҷост, ки чаро чанд мулоҳизоти умумии «Ҷаҳонбинии оянда» авзои оқои Қосимӣ ва ҳамкешонашро беҷо кардаанд? Яқинан андешаи «... мо барои сомон додани зиндагии заминии худ аз ақлу дониши инсониамон истифода барем» гуфтани андешамандони ҷавони тоҷик кайфи ҳамзамонони насиҳатзадаамонро парондааст. Зеро мувофиқи назарияи Ислом ҷуз Оллоҳ дигар Худое вуҷуд надорад. Ва агар касе вуҷуди Худои дигареро эътироф кунад, азимтарин гуноҳ содир намуда, кофир дониста мешавад. Худо ягона, зинда, аввалу охир, зоҳиру ботин ( умуман 99 чунин сифатҳо ба Худо дар Қуръон сабт шудаанд) мебошад. Аз мавҷудияти ин ақидаи динӣ 1400 мегузарад, лек дар ҳоле ба қавли Мавлонои Балхӣ «дам ба дам нав мешавад дунё», Қосимию қосимиҳо аз ҳавои дӯзахии биёбонҳои араб нафас кашидан доранд. Сари майда - чӯйда баҳс карда, ҳарзаю ёваҳои кӯчакашонро бузург мепиндоранд, ғофил аз он ки решаҳои афкори солимашон кайҳо пӯсидаанд.

Бузургони илму адаби форсу тоҷик, ки на камтар аз Қосимию қосимиҳои имрӯза аз Ислом огаҳӣ доштанд, ҳамвора рӯ

ба Худо будаанд. Лек баъзан аз чаҳорчӯби қавонини шахшуда пой берун оварда, андешаи ба афкори умум номақбулро иброз доштаанд. Масалан Носири Хусрави Қубодиёнӣ «Мунозира бо Худо» эҷод кард:

*«Худоё рост гӯям: Фитна аз туст,*
*Вале аз тарс натвонам чагидан!»*

Ва бо ин густохӣ дандонҳои чаберагони Қутайба ба сӯяш гиз буданд ва як умр овораю саргардон монд. Мансури Ҳаллоҷ муъҷизоти зиёди ақлнораси арабию исломиро қотеъона рад карда, сари сабзашро ба бод дод ва ба гуфти мусалмонҳо «ба ғазаби Оллоҳ гирифтор шуд». Шоире дар санои Ҳаким Фирдавсии суханвар сурудааст:

*Офарин бар равони Фирдавсӣ,*
*Он ҳумоюннажоди фархунда,*
*Ӯ на устод буду мо шогирд,*
*Ӯ Худованд буду мо банда.*

Мавлонои Балхӣ бебокона мегӯяд: «Аз ту ба ҳақ расидаам, Шамси ману Худои ман!». Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, ки дар шинохти ислом беназир буд, аз шаҳомати Ҷалолидини Балхӣ ба ваҷд омада менигорад:

*«Ман чӣ гӯям васфи он олиҷаноб,*
*Нест пайғамбар, вале дорад китоб.*
*«Маснавии маънавӣ» - и Мавлавӣ,*
*Ҳаст «Қуръон» дар забони паҳлавӣ.*

Ба Қуръон дар як радиф гузоштани китоби Мавлонои Балхӣ чи ҷуръат талаб мекунад, хоса дар он замони тирагуни мазҳабӣ. Пири Ҳиравӣ дар муқобили таассубу ҷаҳолати ҳамзамонон мегӯяд:

*Гӯянд, ки Ҷомиё чӣ мазҳаб дорӣ?*
*Сад шукр, ки харсуннию сагшиъа наям.*

Метавон чунин мисолҳо даҳҳо ва садҳо қатор кард. Шакке нест, ки тӯдахои асолатбохта ба чунин густохиҳо муқовимати шадид нишон медоданд, аммо мардуми ҳақнавозу фарҳангиамон дар маҷмӯъ ба умқи ин андешаҳои абармардонашон мерасиданд ва қадр менамуданд. Ҳамин буд, ки чандин садсола зери суми аспи биёбониҳо пачақу маҷақ

нагаштем, забону фарҳангу таърихамонро ҳифз намудем. Ғояти таассуф аст, ки кунун як зумра бехабарон зӯр мезананд, то ҳамагон ба дурӯғин пайғамбарон намоз оварем, аз бефурӯғ олимони арабзодаю туркнажод ҳушу дониш гадоӣ намоем.

## Ақл то бол кушудааст, гирифтортар аст

Дар ин миён таърих гувоҳ аст, ки шорандагию борандагии солими андеша дар Аврупою Амрико ва Шарқи ғайримусулмонӣ ба осонӣ таъмин нашудааст, барои халосӣ аз таассуби динӣ аҳли ҳикмат басо пофишорию ҷоннисорӣ кардаанд. Зинда дар оташ кардани мутафаккири итолиёвӣ Ҷордано Бруно, олими фаронсавӣ Этиен Доле ва садҳои дигар аз ҷаҳолати мутаассибони насронӣ шаҳодат медиҳанд. Бузургмардоне чун Фридрих Нитше, Албер Камю, Раймонд Муди, Бертран Рассел бо афкори баландашон аз дили ҳамватану ҳаммиллатони хеш хори таассубро кашида гирифтанд, мақоми дину мазҳаб дар ҷомеа коҳиш ёфт. Интихоби дин ихтиёрӣ ва озод шуд, кору завқи фардии ҳар нафар гардид. Аз ҳама муҳим ҷомеа аз баҳсу ҷанҷолҳои кинаовар халос хӯрд. Албатта, дар мамолики Ғарб ва Шарқи ғайриисломӣ (Ҷопону Кореяи Ҷанубӣ, Чину Сингапур) таассуби динӣ комилан решакан нашудааст, вале аз дари он касе роҳи ҳалли масъаларо намеҷӯяд. Аз ин рӯ, ба унвони мисол агар як насронӣ ба ислом гарояд, касе бонги хатар намезанад, интихоби дин комилан озод аст. Ку як мусалмон ба адёни дигар гарояд, дунёи ислом мотам мегирад, қосимиҳо фармони сангсорашро филфавр содир хоханд кард. Тамаддуни Ғарб ҳосили дини насронӣ нест. Попҳои масеҳӣ аз доираи дин баҳсро берун намекашанд, муллоҳои сиёсатбози мо ба Барак Обама ақл таълим додан мехоҳанд. Ҷавонони Аврупою Амрико аз насиҳату афсонашунавӣ эминанд, чашми онҳо ба шинохти замону ҷаҳон тариқи донишу ҳунар кушодааст. Касе пӯсидаро намеҷӯяд ва ба бутҳои пӯсида намоз намегузорад. Олимони мамолики Аврупо берун аз илми омӯхтаашон асло баҳс намекунанд, адибонашон аз насиҳатгӯӣ мепарҳезанд, аз ҳаёт маънӣ меҷӯянд, на чун аксар чалазиёиёни мо ғайр аз пушти сари пирҳояшон дигар муъҷизаро намебинанд. Ягон немис дар бораи таъсиси Ҷумҳурии насронии Олмон, ягон итолиёвӣ дар бораи ташкили Ҷумҳурии католикии Италия ҳатто андеша кардан намехоҳад. Чаламуллоҳо ва чалазиёиҳои мо бо он ақлу тамизашон на танҳо давлати исломӣ, балки хилофати ҷаҳонӣ

сохтаниянд. Баркро мо ба ҷигар мезанем, онҳо ром карданд. Офарин бар эшон, ҳикмату фалсафа ва илмашон бемаҳдудият дар ҳолати рушду нумӯъ аст. Ҳикмату фалсафаи мо дар асри ҳашт бо исломи ибтидоӣ ё худ исломи ноб поён ёфта, наметавонем то имрӯз аз доираи тасавввуф ва ирфони шахшуда берун оем. Ақли мардуми мутамаддин дар бораи мушкили тамоми инсоният баҳс менамояд, ҷаҳони маънавии мо бо худбиниву худпарастӣ, бо маҳдудияту печидагӣ андармон аст. Кимиёсозии эшон(аврупоиён) реги равонро зар кард, мусалмонҳо аз хилваткадаи ишқи Лайливу Маҷнун берун тохта наметавонанд, Юсуфҳои нав ба навро аз асирӣ ба азизӣ бурдан доранд, ҷаҳон нав шуду инҳо ҳамон куҳнабарг (ифода аз Иқболи Лоҳурӣ) боқӣ мондаанд.

**Иллатҳои сӯзандаю хӯрандаю кушанда**

Иллатҳое, ки баъди аҳди шарафманди Сомониён моро месӯзонанду мехӯранду мекушанд, зиёданд, валекин бузургтаринаш ин аст, ки рӯ ба Осмонем, на ба Замин. Аз боди мурдори мазҳабҳо Меҳани гиромиро намешӯем, аз камтаринҳоем, ки дину мазҳабро аз хуну миллату арзишҳои умумиинсонӣ болову муқаддам мегузорем, дар ҳоле ки худи арабҳо миллатро аз кеш муқаддам мешуморанд, яъне аввалтар арабанд баъд мусалмон. Аз худу таъриху фарҳанги бунёдии хеш, аз ҷаҳони атрофамон кам вуқуф дорем, аз фазилатҳову аҷру савоби рӯшанфикрони пешин, хиради ниёгон, рисолатҳои маърифатию маънавии гузаштагон дур афтодаем, аниқтараш моро аз содалавҳиамон истифода бурда дур афтонданд. Бар шуури фард - фарди миллат хурофоти таҳмилшуда, тасаввури тарсомез аз осмон ҳоким гаштааст. Ба истифодаи ифодаи тасаллиомези «Оллоҳ худаш медонад» хешро таскину тасаллият медиҳем. Бо ҷаҳонбинии динии асри ҳафт дар асри фалсафӣ- илмии 21 ояндабиниро аз даст додаем. Биёбоннавардони ҷангҷӯ, бехираду бефарҳанг баъди тасарруфи меҳани мо кулли маҳсули ноби маънавии гузаштагонамонро мансух ё аз эътибор соқит дониста, сӯзонида нобуд карданд, мо калла хам кардем, сар фаровардем ва зиёда аз он боварҳо, асотирҳо ва бутҳое, ки бо ҷабри ҷаҳолатомез бори дӯшамон карданд, мавриди парастиш қарор додем ва ба истилоҳ «фарҳанг»- и худро то кунун муайян намудем.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Магар воқеъияти таърихии мо чунин нест? Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки агар камтар як ҳаммиллати мо ва умуман фарде дар фазои ҷомеаамон аз гузашта то имрӯз дигарандешӣ ё фалсафагарой намояд, бо калимаҳои арабии «кофир», «мулҳид», «муртад» мақомаш муайян шудаасту мешавад. Худбохта шудаем, зиндагии ҷасоратмандонаро фаромӯш кардаем. Куҷост инсофу мурувват, ки аз Зардушту Маздаку Монӣ, ки бе ному кори эшон на фақат мардуми эронинажод ифтихор дорад, балки таърихи ҷаҳон комил нест, ёд намекунем, чун аз ҷаҳони хурофот, аз чаламуллоҳои пӯчала метарсем, зеро кофирамон эълон менамоянд. Даҳ сол пеш Соли тамадддуни ориёиҳо эълон намудем, қисмати кӯчаки «Авасто»-ро аз ҳуруфи форсӣ ба кириллӣ бо теъдоди кам баргардондаю чоп кардем. Дар ҷаласаҳо зиёиёни мо аз шукӯҳу шаҳомати фарҳанги тоисломии ҳамнажодон кафки даҳон паронда, ба қавли як дӯсти зариф пас аз маҷлиси ботантана ба масҷидҳо рехтанд, то муридони кеши зардуштӣ эълонашон накунанд, аз тарс «мусалмонӣ» - и хешро нишон доданд. Бо сафсатаҳои осмонӣ забонамон он қадар печидааст, ки дар сириштамон аз афкори солиму созанда нишоне боқӣ намондааст. Аксари муҳоҷирони мо дар фазои Русия бо масҷидсозиву масҷидравӣ, намози ҷумъахониву қурбоникунӣ худшиносӣ ва ифтихори худро нишон доданӣ мешаванд. Агар муҳоҷирони мо дониш медоштанд ва ба сафсатаҳои биёбонии асри ҳафт мафтун намебуданд, дар Русияи ғайрибиёбонӣ мақоми дигар медоштанд.

Хонандаи ҳушманд, ба таври бояду шояд донист, ки то дар баҳри фазилати ниёгони асили ҷамшедӣ ва донишмандони воқеиямон чун Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём,Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ ва дигарон ғӯтавар нашавем, ба азамату қудрату комёбӣ нахоҳем расид, миллати комгор нахоҳем шуд. Боястӣ овозаи шаън, шараф, обрӯ, номуси хешро овезаи гӯши кулли ҷаҳониён гардонем. Фурсате даррасида раванди номутаносиби мутлақгардонии дидгоҳи динӣ ва баҳодиву дахолати он ба ҳамаи ҷабҳаҳову сарватҳоро аз миён бардорем, ба тундравию ифротгароӣ, хурофотсозию палидиҳои он ба воситаи донишу илм дастболо шавем ва билохира дар колбуди фарсудаамон рӯҳи ҷасорат ва тафаккури созандаро бедор созем.

**Мӯъҷизаҷӯёнем мо**

Дар ҳоле ки халқи тақдирпарасту муъҷизаҷӯи мо аксар занҷири бандагию асоратро аз гардан маҷоли барандохтан надорад, як гурӯҳ шӯридасарони пӯсидамаънӣ монеъи ба пояи баланди шарафу саодат расиданамон мешаванд. Намояндагони адёни дигар дар саросари ҷаҳон сӯи пешрафту тараққиёт, инсондӯстиву таҳаммулпазирӣ равонанд ва билохира аз иштибоҳу ғалатҳо, амалкардҳои номуносиб бар пояи догмаҳои худ, ки бар сари инсоният дар гузашта овардаанд, эътироф менамоянд ва бадбиниро нисбат ба дигарандешону намояндагони динҳои дигар кайҳо фаромӯш кардаанд. Калисои католикӣ ба таври расмӣ барои куштори ваҳшиёнаи фарзанди фарзонаи инсоният Ҷордано Бруно пӯзиш хост. Ҷаҳони ислом то ба ҳол тоқати таҳаммулпазириро надорад. Пиру эшону имому муллоҳо ва тӯраҳои мо аксар бо риш, на ба мағз тафохӯр карда, дар мавъизаҳои бемӯҳтаво ва хандаовари худ то ба ҳол дар бораи истифодабарии кулӯх дар ташноб гап мезананд, ба мусалмонони хаёлпараст ба табъи дилашон мутобиқан дар ҷаннату дӯзах ҷой тайёр мекунанд. Мардум, хоса ҷавононро ба гирдоби динбозиҳо мепечонанд. Дар маҷрои валвалаи ин ҳангомасозон, мо «киштинишастагон» наметавонем ба «боди шурта» умед бандем, чун то тӯфон банд андар банди сафинаамонро шикастаанд. Рӯҳониёни дигар динҳо бештар дар бораи пешравии ҷаҳонбинии илмӣ ва арзишҳои фарҳангии гузаштаю имрӯзаи миллатҳояшон бо эҳтиром ҳарф мезананд. Пешвоёни динии мо бо ҳафтоду ҳафт рагу пайвандашон зӯр мезананд, то сафои миллиро аз даруни он комилан бизудоянд. Машҳуртарин рӯҳонии ҷумҳурӣ бо исми ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, машҳуртарин ҷашни миллиро, ки Наврӯз аст, куфру ҳаром мегӯяду рад мекунад ва тарафдорони зиёд пайдо менамояд. Чунин ба назар мерасад, ки гӯё як идда мазҳабгароёни маҳаллӣ нобудӣ ва бе ному нишон гардидани миллати тоҷикро дар Тоҷикистон боиси шукуфоии хеш мепиндоранд. Ин рафтори номуносиби пешвоёни дин, ин бебасарию хирасарӣ моро сӯи чоҳ, сӯи партовгоҳ мекашад. Ҳарзаю сафсатаҳои динӣ мардумамонро ба сӯи таассуб ва тирагии асри миёнагӣ аз ин бештар хоҳанд бурд.

## Мо ҳеҷкасони подшоҳем

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ислом баъди сари пайғамбар тика-тика шуда, ба ҳафтоду ду мазҳабу фирқаву шоха ҷудо гардид, ки яке дигарашро ботил мешуморад. Дар моварои таърих бар асари мухолифати мазҳабии мусалмонон ҳазорон- ҳазор сар ба бод рафта, ҳазорон ҷӯи хун рехта шудааст ва ихтилоф то кунун идома дорад. Бубинед ду сол пеш Шӯрои уламои Тоҷикистон хонаводаи Тӯраҷонзодаҳоро бинобар таҷлили рӯзи Ошӯро (ёдбуди Имом Ҳусайн) ба шиагароӣ муттаҳам карда, дари масҷиди онҳоро баст. Уболакҳои Тӯраҷонзодаҳо ҳай даву ғеҷ карданд, то тамғаи «шиа»- ро аз пешониашон биканананд. Шояд аз яҳуду насорову буддоӣ номиданашон чунин ба изтироб намеомаданд. Дурустии суханони Президенти фақиди Миср Ҷамол Абдул Носир «… аз рӯи Қуръон метавон зист, аммо наметавон ҳокимият кард», рӯз ба рӯз собит мешавад. Дар Миср бо сардории Аҳмад Мурсӣ Ихвон-ул - Муслимин ҳатто як сол ҳокимиятро нигоҳ дошта натавонистанд. Фоҷиаи Афғонистону Покистон исломи сиёсӣ аст. Ҳатто исломи «муътадил» - и Раҷаб Эрдуғон дар Туркия рӯ ба фаност. Бо вуҷуди ин ҳама воқеиятҳо муллоҳои сиёсатзадаи мо дар фикри ҳокимиятанд, ин афрод ба муколама ва ҳамзистии афкору андешаҳои гуногун омода нестанд, ба ҳар андешаи дигар бо дашному ҳақорат посух медиҳанд, гӯё комашонро бо носазогӯӣ бардоштаанд. Ба ниёзу ормонҳои миллӣ, ба дину мазҳаб, ба ҷаҳон назари мустақилонаю фарох надоранд, ҷаҳонбинии илмӣ - фалсафиро аслан намепазиранд. Аз доираи одатҳои куҳнашудаи шариат пой берун гузоштан намехоҳанд. Дар асри 21 инсонро бо азоби дӯзах тарсонидан хандаовар аст ва зиёда аз он бо чунин роҳ наметавон ҷомеаи солим сохт. Рушди босуръати илму техникаи ҷаҳонӣ аз бисёр анъанаҳои куҳнашудаи на танҳо мазҳабӣ, балки миллӣ гузаштанро тақозо мекунад. Ҷаҳонишавӣ ва ё зистан бо ҷисми ҷаҳонӣ бо талаботи хос дар рӯ ба рӯи давлату миллатҳои хурду бузург қарор дорад. Дигар наметавон зери ҳиссу фаҳм ва биниши маҳдуди динӣ, ҳақиқатҳои таърихро чун гироиши бештар ба ҳуқуқҳои инсонӣ, миллию фардӣ пинҳон кард. Бародарони ҳинду, ки ҷамъияташон аз як миллиард бештар аст, ба ин воқеият сарфаҳм рафтаанд, таассуби парастиши чандин ҳазорсола ба говро шикастанд ва даҳҳо ҳазор сар ин ҳайвони қаблан муқаддасро аз кӯчаҳою хиёбонҳои шаҳрҳо баровარданд. Ҳиндустон кунун як давлати пешрафтаи дунё ба ҳисоб меравад. Мо зиндахору мурдаазизем, пойбанди ақидаи пӯсидаи динӣ ва

ифтихороти зоҳиргароёнаем. Таҷриба исбот намудааст, ки рақобатҳои носолими динӣ, аз ҷумла дар фазои Ислом мазҳабҳо ва равияҳои навро ба вуҷуд меоваранд. Дар марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ ба вижа дар замони истиқлол чандин равия дар Тоҷикистон ба монанди ваҳҳобия, салафия, ҳизб-ут-таҳрир ва ғайра зуҳур карданд, ки ҳама ба таваҳҳумсозию ташаннӯҷгароии авзои ҷомеа мусоидат намудаанд. Азбаски дар Тоҷикистон барои рушду тавсеъаи ҳизбҳои дунявии мухолиф (оппозитсионӣ) шароити муносиб омода нест, ҲНИТ дар майдони сиёсӣ роҳат ҷавлон мезанад, дар раванди динигардонии ҷомеа ҷанбаи радикалии рӯҳоният боло гирифтан дорад. Гӯиё гулҳои ҷомеаамон рангу бӯй, борони раҳматаш файз бохта. Тамоми иллатҳо ва падидаҳои манфури ҷомеа аз догмапарастӣ, хурофотпарастӣ ва шариатпарастӣ бархестаанд. Дигар Коваи оҳангари замон маҷоли саркӯбии Заҳҳоки морбаркитфи маҳалгароӣ ва дигар Муқаннаъи диловари замон мадори нобудсозии аждарҳои хуношоми мазҳабгароиро надоранд.

**Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?**

То ҷаҳонбинии илмӣ, хирадгароӣ бар ҷаҳонбинии динӣ ва хурофот боло нагирад, дар Меҳани мо ба пешравии лозими фикрӣ ва фановарӣ умед бастан нашояд. Агар минбаъд низ кӯдакону наврасону ҷавонони мо ба ҷои омӯзиши ҷиддии илмҳои дақиқу табиӣ, иҷтимоию гуманитарӣ, техникӣ дар озмунҳои «Қуръонхонӣ»- гулу даронанд, ба ҷое намерасем. Тасавввур кардан мушкил аст, ки як насронӣ дар озмуни «Инҷилхонӣ» ба забони асл (юнонии қадим) порае аз китоби муқаддасашонро аз ёд бихонад ва озмун созмон диҳад. Эшон аз «Инҷил» гавҳарашро гирифтанд ва арзишҳои ахлоқияшро қабулу эҳтиром мекунанд. Ҳазорон - ҳазорон мағзи мусулмонон сарфи Қуръонхонӣ, афсонаю ривоёти баҷою беҷои арабӣ шудаанду мешаванд. Аз барои савоб агар Тӯраҷонзодаҳо (онҳо бегумон истеъдодманд ва калладоранд) на ба дин, балки ба илм аз аввал мегароиданд, имкон дошт кунун ҳоҷӣ Акбар дар физика, эшони Нуриддинҷон дар химия ва эшони Маҳмудҷон дар физиология ду карат дорандаи Ҷоизаи Нобел, узви фахрии чандин Академияи

бонуфузи илми ҷаҳонӣ гардидаю аз ихтироъоти Тураҷонзодаҳои тоҷик аҳли башар фоида медиду миллат мефахрид, тавре покистониҳо аз физики оламшумулашон Абду Салом (гарчи парвардаи илми Амрикову Ингилистон аст) мефахранд. Ва имрӯз бо тахайюлоти дақёнусии худ сари мардумро гиҷ насохта, зидди Наврӯзи оламафрӯз намешӯриданд, 8-уми Мартро мамнӯъ эълон намекарданд, урдӯи аҳриманпешаи арабро неруи адолату озодихоҳ наменомиданд. Ё агар ҳоҷӣ Мирзо маълумоти дар техникуми молия гирифтааашро такмил бахшида, сари пурмағзашро ба омӯзиши иқтисод сарф мекард, валлоҳ биллоҳ Тоҷикистонро кайҳо аз буҳрони иқтисодӣ наҷот медод. Аз эшони Сироҷиддин равоншиноси хуб мебаромад ва аввалин академики тоҷик пайдо мешуду салафиёни мо бе роҳбар мемонданд.

Аллома Иқболи Лоҳурӣ як аср пеш суоли мувофиқ «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?» - ро гузошта, ҷавобашро ҳам додааст:

*Мусулмон фоқамасту жандапӯш аст,*
*Зи кораш Ҷабраил андар хурӯш аст.*
*Биё нақши дигар миллат бирезем,*
*Ки ин миллат ҷаҳонро бори дӯш аст.*

Пас боястӣ мисли мардумони пешрафтаи олам, яъне чун Аврупо,Ҷопону Чину Кореяи Ҷанубӣ ва Сингапур дину мазҳабро дар доираи лозим (калисо, маъбад) нигоҳ дорем, занҷири хурофот ва сафсатаҳои диниро аз зеҳну дасту поямон барканем, дар сарзаминамон ҷаҳонбинии илмӣ, хирадгароиро ҳоким созем, аз сарватҳои илми ҷаҳонӣ баҳравар гардем, ба мазҳабу миллатҳои дигар эҳтиром гузорем.Ҷомеаи ба парешониҳо гирифторамон ба маърифату фарҳанги воло чун оби ҳаёт ниёзманд аст.

## «Ҷаҳони андеша» ҷаҳони афсона нест!

Пӯшида нест, ки яке аз меъёрҳои пешрафти ҷомеаи мутамаддин мизони тавлидоти илмӣ маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи муколамаю мубоҳисоти оқилонаи рӯшанфикрон ба вуҷуд меояд. Кунун Тоҷикистон дар садади пур кардани халоъҳои арсаи илм гом мегузорад ва уламои миллат, хоса ҷавонони илмдӯст дар ин ҷода бозуҳои муҳарриканд. Мардуми тоҷик коми лаззатгири маънавӣ дорад, рангорангии ақоиду андеша, гуногунии муҳиту фазо, гуфтору рафтору кирдорамонро гуногун сохтааст. Андешамандони ҷавони тоҷик масъулияти сангин,

душвор, маҳрумкунандаи рифоҳу осоишро ба дӯш гирифта, баҳри бедории ҳаммиллатон саъй меварзанд. Бузургтарин созандаи таърих мардум аст ва мутафаккирон аз батнаш бархоста, ҳамвора дунболи пайдо кардани пораҳои ҳақикатанд. Пояи ҳавсалаи башар илм аст ва хоҳад монд, фақат он талаботи рӯҳонии инсонро таъмин мекунаду халос. Бунёди маҳфили «Ҷаҳони андеша» кӯшиши нахустин дар ростои ба ҳам омадани олимону файласуфони тоҷик ва роҳандозии муносиби дигарандешӣ миёни аҳли ҷомеа буд ва ҳаст. Аслан ин маҳфил аъзои доимӣ надорад, ки побанди меъёру қавонини алоҳида бошад, балки ҳар нафари миллату меҳандуст ва фидоиёни илм озодона дар маҳфил ширкат меварзиданд ва хоҳанд варзид. Китобчаи «Ҷаҳонбинии оянда» моли афроди ҷудогона нест, дар он афкори қисмате аз аҳли ҳикмати тоҷик баъди баҳсҳои чандинсола ба хотири посухгӯӣ ба ниёзҳои асосии ҷомеа ҷамъбандӣ ва пешниҳод гардидааст.

Бинобар ин ба таври муносиб бояд гуфт, ки китобчаи «Ҷаҳонбинии оянда» ҳамчун ҷаҳонбинии навин ва алтернативӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз тарафи рӯшанфикрони тоҷик барои баҳс дар такя ба 17 мавод пешниҳод шудааст. Алтернативӣ будан маънои ба таври ихтиёрӣ қабул кардан ва қабул накарданро дорад. Аъзои маҳфили «Ҷаҳони андеша», (аксари рӯшанфикрон на танҳо аз Тоҷикистон, балки аз дигар давлатҳо ҳам дар ин маҳфил иштирок кардаанд), ҳама ашхоси донишманд буда, ба корҳои илмӣ - пажӯҳишӣ машғуланд ва ба арзишу эътиқоди шахсии ҳар як инсон эҳтиром мегузоранд. Умед аст, ки онҳо дар оянда сари мушкилиҳои асосии инсоният масъалагузорӣ ва пажӯҳишҳоро пешниҳод менамоянд.

Рисолати инсонию фалсафии онҳо ҳамин аст. Ин ҳаққи Қосимию қосимиҳост, ки андешаи олимони миллатро напазиранд, вале ҳеҷ кас ба эшон иҷозат ва ваколат намедиҳад, ки маҳсули афкори онҳоро «китоби куфр» ва мусаннифонашро «кофир ё бехудо» эълон намоянд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Номвар ҚУРБОН**

## ФАРЗАНДИ ЗАМОНЕМУ НАДОНЕМ ЗАМОН ЧИСТ

(*Ҷавоб ба нафароне, ки ҷаҳонбинии илмӣ - фалсафиро инкор намуда, моҳияти китоби «Ҷаҳонбинии оянда (ҷаҳонбинии алтернативӣ)» - ро таҳриф мекунанд*)

Чандест ки дар байни доираҳои мухталифи ҷомеа, матбуоти даврӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар васоити ахбори умум оид ба кору пайкори файласуф ва шоири тоҷик Комил Бекзода, маҳфили илмӣ - фалсафии «Ҷаҳони андеша» ва китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» баҳсу мунозираҳо идома доранд. Аммо навад дарсади ин баҳсҳо на афкори илмию созанда, балки ғаразноку хусуматомез, таассубноку фитнаҷӯёна, ифротию таҳқиркорона нисбати шахсият ва илму дониш мебошанд. Чунки бештари афроде, ки оид ба ин мавзӯъ андешаи худро иброз намудаанд, суханонашонро бо далелҳои илмӣ тақвият надодаанд. Ин ашхос на аз рӯи ақлу мантиқ ва илму дониш, балки аз рӯи диду шунид, эҳсосу таассуб ва эътиқоду пешдоварӣ сухан намуда, нисбат ба мавзӯъи баҳс биниши яктарафро пеша кардаанд. Онҳо баръакси қонуну қоидаҳои баҳс ба моҳияти ҷавҳарии мавзӯъ аз даричаи танги дину мазҳаб, хурофоту таассуб, ислому калом ва ояҳои Қуръон нигариста, ба он аз рӯи қолабҳои консервативию схоластикӣ ва догматикии исломӣ баҳо додаанд. Ҳар ҷо суханони худро бо афсонаю ривоёт ва оёту аҳодисе, ки аслан ба ягон соҳаи мушаххаси илм тааллуқ надоранд, тақвият дода, нақши бунёдкорию созандагӣ ва прогрессивию локомотивии илмро ё фаромӯш кардаанд ва ё нодида гирифтаанд.

Бисёре аз муқарризон ё аз навиштаҷоти устод Бекзода бехабаранд, ё дар бораи маҳфили «Ҷаҳони андеша» чизеро намедонанд ва ё китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» - ро нахондаанд. Онҳо ҳангоми баёни фикри худ на далоили илмиро пеш овардаанд, балки аз мавзӯи аслии баҳс хеле дур рафта, Бекзода ва ҳамандешонашро ба шаккокию бехудоӣ ва мулҳид муттаҳам намуда, нисбат ба шахсияти онҳо бадтарин таҳқиру дашномҳоро раво дидаанд. Ин тоифаи муқарризон бехабар аз он ки дар ҷомеаи демократию дунявӣ ҳар инсон ҳуқуқ дорад, оид ба ин ё он масъала фикру андешаи худро иброз

намояд. Барои ин қабил инсонҳои ифротию мутаассиб ва хурофотию бегонапараст пеш аз оне ки ба сари мавзӯи баҳс оем, аввалан шахсияти устод Бекзодаро мешиносонем:

**Комил Бекзода кист?**

Комил Бекзода аз зумраи файласуфон, шарқшиносон ва шоирони шуҳратёри тоҷик буда, 6 январи соли 1945 дар оилаи рӯҳонӣ ва донандаи хуби ислому Қуръон, дар яке аз деҳаҳои дурдасти Тоҷикистон ба дунё омадааст. Вай баъд аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳ ба шаҳри Душанбе омада, ба факултети таъриху филология (шуъбаи забони арабӣ) - и Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) шомил гардидааст. Дониш ва маҳорати хуби Комилро ба эътибор гирифта, ӯро барои идомаи таҳсил ва аз бар намудани нозукиҳои забони арабӣ ба Донишгоҳи давлатии Миср воқеъ дар шаҳри Қоҳира равона менамоянд. Бекзода бонуфӯзтарин донишгоҳи ҷаҳони арабро ба итмом расонида, пас аз баргаштан ба Ватан то имрӯз дар Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ ҶТ ба фаъолияти илмию тадқиқотӣ машғул гардидааст. Вай донандаи хуби забони арабӣ буда, тӯли 13 сол дар кишварҳои мухталифи арабзабон – Ҷумҳурии арабии Яман, Ҷумҳурии демократии Яман ва Ҷумҳурии Мисри Араб ба ҳайси тарҷумон фаъолият намудааст. Ҳангоми фаъолият накӯкориву инсондӯстӣ ва рафтору кирдори ҳамидаи Комилро ба инобат гирифта, ӯро ба вазифаи Сафири фавқулода ва мухтори ИҶШС дар давлати африқоӣ ва исломии Мавритания пешниҳод менамоянд, вале Бекзода ин вазифаи масъулиятноки баландпояи дипломатиро ба хотири давом додани таҳқиқоти илмӣ - фалсафиаш қабул накард. Зеро барои ӯ инсон ва зиндагии вай муҳим аст, на мансабу вазифа. Илова бар ин, дар замони роҳбарии котиби аввали Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ Л.Н. Брежнев ба Бекзода вазифаҳои раиси Кумитаи давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба корҳои дин ва намояндаи доимии ИҶШС дар Созмони байналмилалии ҳифзи табиат (дар Алҷазоир) - ро пешниҳод менамоянд, ки ӯ ин вазоифро низ қабул наменамояд. Ин аст ҷавонмардӣ, ки инсон ба хотири илм аз мансабу вазифа даст мекашад. Ҳамвора устод Бекзода ба кори илмӣ - тадқиқотӣ рӯй оварда, соли 1988 рисолаи номзадии худро

дар мавзӯи «Муҳаммади Шаҳристонӣ - муаррихи фалсафа» дифоъ менамояд ва барои хизматҳояш дар таълиму тарбияи донишҷӯёну аспирантон унвони илмӣ - академии дотсентиро ба даст меорад.

Дотсент Бекзода файласуф, шарқшинос, мутарҷим ва шоири тавонои миллат аст, ки фалсафаи тоҷик дар масири таърихии худ рӯи муборакн ин қабил инсонҳои беғаразу гуманистро кам дидааст. Устод аз зумраи он ашхоси нотакрорест, ки ба ҷаҳон ҳамеша бо чашми нек менигаранду аз ҳеҷ кас чизе тамае надорад. Ба андешаи ӯ инсон бояд, аз ҳама гуна дину мазҳаб, эътиқоду парастиш, хурофотҳои осмонӣ, ҷабру зулм, тарсу ҳарос, гирифторию бечорагӣ ва ғайра орӣ бошад. Ҷаҳонбинии устод Бекзода ҷаҳонбинии фаромиллӣ ва инсонмеҳварию башардӯстона буда, худи ӯ инсонест ҳалиму меҳрубон, хушрафтор ва дорои ҳама хислатҳои накӯи инсонӣ. Ба андешаи ин марди хирад, инсони заминӣ лоиқ ва сазовори ин аст, ки зиндагии ҷовидонаро соҳиб гардида, барои идомаи насли худ ба дигар манотиқи тадқиқношудаи кайҳони нопайдоканор даст дароз кунад. Зеро раванди ҳаёт ва зиндагии инсон дар сайёраи Замин як ҳодисаи наҷиб, нодир ва истисноие аст. Бинобар ин ҳаёти инсон ба мисли кайҳон бояд ҳаёти абадӣ ва ҷовидонӣ бошад.

Устод Бекзода дар заминаи омӯзишу пажӯҳиши чандинсолаи таърихи фалсафа ва равандҳои муосири фалсафии Шарқу Ғарб китобҳои «Муҳаммади Шаҳристонӣ - муаррихи фалсафа» (бо забони русӣ, 1986), «Пайғамбарони фарҳанги мо» (ҷилди аввал, 2000), «Гурез аз Хайём» (2002), «Бозгашти Ҷамшед: Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ» (2004), «Аз таърихи худшиносии тоҷикон» (2006), «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ» (2012) ва ғайраро таълиф намудааст. Илова бар ин, ӯ бо рӯзномаю маҷаллаҳои гуногуни ҷумҳурӣ робитаи илмию адабӣ дошта, тавассути онҳо беш аз 200 мақолаҳои илмӣ ва илмӣ - оммавӣ ба нашр расонидааст. Маҳфили «Ҷаҳони андеша» низ натиҷаи ҷаҳду талошҳои Устод буда, он метавонад ҷавонони илмдӯсту ҷӯёи роҳи донишу маърифатро ба роҳи дуруст ҳидоят намояд ва ба онҳо роҳҳои инсондӯстию эҳтиром ба зиндагии воқеии инсонро нишон диҳад.

## Маҳфили илмӣ - фалсафии «Ҷаҳони андеша»

### *«Ҷаҳонбинии оянда» ва бархурди андешаҳо*

Дар ҳар давру замон гуногунандешию назароти мухталифи одамон ҷомеаи замони хешро ба пеш мебарад, зеро ҷамъиятро фаъолияти инсонҳо ба вуҷуд меорад. Агар дар ҷамъият ҳар қадар фикру ақида ва андешаю назарҳои мухталиф ҷой дошта бошанд, он ҷомеа ҳамеша ҷамъияти созанда ва пешрафта хоҳад буд. Дар замони муосир низ ҳамин назароти мухалифи инсонҳо фаҳмиши онҳоро доир ба ҷамъият дигаргун сохтааст. Фикру ақоиди мухталифи одамони як ҷамъият ҳамеша дар бархӯрд аст ва ин бархӯрд боиси таҳаввулоту пешрафти ҳаёти иҷтимоии инсоният мегардад. Агар дар ҷамъият идеалогияи ягона ҳукмфармо бошад, он ҷамъият ҳеҷ гоҳ ба пеш намеравад, чунки идеяи ягона одамонро ба маҳдудиятҳои гуногун рӯ ба рӯ мегардонад. Мисолаш идеологияҳои тотолитарии асри XX аст. Чунки идеологияи ягона ба манфиати як ҳизб, як синф, як табақа ва як гурӯҳи хурди одамон хизмат карда, манфиатҳои аксарият мардумро сарфи назар мекунад. Масалан, аз таърихи пайдоиши динҳои олам маълум аст, ки дар нимҷазираи Арабистон ҳар як қабила дин ва пайғамбари мустақили худро дошт. Баъд аз ба вуҷуд омадани дини Ислом ҳамин гуна қудрат ва бартариятро қабилаи Қурайш ба даст овард. Вале баъд аз вафоти Расули Акрам (с) ин дин дигар тавони дифои манфиати қабилаи Қурайшро надошта, пора - пора гардид ва ба 73 мазҳабу фирқа ва шохаву равия тақсим шуд. Аз ҳамон лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ ривоятбофию афсонагӯйӣ, ҷангҷӯйиву манфиатхоҳӣ ва ҷиҳодравию одамкӯшӣ дар байни қабилаҳои араб (дар мисоли сулолаҳои Уммавиён ва Аббосиён) ба авҷи аъло расид. Дар моварои таърих - аз рӯзи зуҳури ин дин то ба имрӯз бар асари мухолифати мазҳабии мусалмонон ҳазорон - ҳазор сар ба бод рафта, ҳазорон ҷӯи хун равона шудааст. Дигар он ибораи машҳури «Мӯъмин бародари мӯъмин» танҳо дар забони фитнаҷӯёну ғанимахоҳон боқӣ монду бас. Хоҷа Ҳофизи (1325 - 1390) бузургвор бошад, маҳз ҳамин ҳолатро ба таври ҳақиқӣ ва хеле ҷасурона ба риштаи назм кашидааст:

*Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ,*
*Чу надиданд ҳақиқат раҳи афсона заданд.*

Бисёре аз соҳибназарони арабпарастону бунёдгарои имрӯзаи ҷомеаи тоҷикистонӣ аслу насаб ва тамаддуну фарҳанги

волои форсу тоҷикро аз зуҳури дини араб медонанд. Вале бисёре аз сарчашмаҳои дохиливу хориҷӣ замони зиндагии нахустпайғамбар ва нахустшоири халқҳои ориёӣ - Зардуштро ба асрҳои 21 - 18 то мелод, баробар ба давраи ислоҳоти динҳои маздаяснoӣ медонанд. Барои ин гурӯҳи инсонҳо илму фарҳанг ва маданияти пешазисломии тоҷик, ҳеҷ арзише надорад. Барои мисол, яке аз рӯҳониёни машҳури тоҷик ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода (тав. 1954) қадимтарин ҷашни ҷаҳонӣ ва машҳуртарин ҷашни миллии моро инкор намуда, мехоҳад ба ҷояш ким - кадом як иди биёбонир оварда, Тоҷикистонро ба харобазор табдил намояд. Магар намояндагони Маҷмааи генералии СММ ва кормандони ЮНЭСКО баробари устод Тӯраҷонзода илму дониш надоранд, ки ба фарҳанги аҷдодии тоҷикон арҷ мегузоранду имрӯзиёни ин миллат бошанд, ба хотири манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ онро инкор мекунанд. Дар ҳамин ҳолат шоири ватандӯсту фарҳангпарвари мо - Фирдавсии Тӯсӣ (934 - 1020) маҳз барои ҳамин қабил инсонҳо фармуда:

*Чу бахти араб бар Аҷам чира шуд,*
*Ҳама бахти Сосониён тира шуд.*

Дар бораи китобсӯзиву ғоратгарии арабҳои камсаводу бефарҳанг энсиклопедисти номвари тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ (973 - 1048) менависад: «*Арабҳо ҳангоми ҳуҷум ба Хуросону Мовароуннаҳр чунон китобҳои бешумореро сӯзонданд, ки солҳост аз руди оби Ҷайҳун бӯйи китоби сӯхта меояд*» (нигаред ба китоби «Осор-ул-боқия» - и А. Берунӣ). Арабҳо вақте ба ин сарзамин ҳамла оварданд, аз шукӯҳу шаҳомати сулолаи Сосонӣ ва соҳибфарҳангиву соҳибтамаддунии миллати форс ҳасад мебурданд ва ҳатто Муҳаммад (с) (570 - 632) дар ҳадисе мефармояд, ки: «*Агар илмро дар Сурайё овехтандӣ, онро мардоне аз Форс биёнтандӣ*». Барои оқои Тӯраҷонзода ва муридони эшон гуфтанием, ки Шумо суханони алломаҳое чун Фирдавсӣ ва Беруниро қабул надоред, лекин он гуфтаи Пайғамбарро низ инкор мекунед? Акнун хонандаи азиз, худ мантиқи суханро пайдо намо: поягузори дини ислом Расули Худо (с) ба илму дониши мардуми форс эҳтироми хосса дораду пайравони ӯ, ки ҳамаашон зодагони ин миллат ҳастанд, онро на ин ки нодида мегиранд, балки инкор ҳам мекунанд.

Хушбахтона, дар замони муосир бо пешрафти илму техника ва фарҳангу маърифат падидаи бисёр хубе ба вуҷуд омад,

ки инсонҳо озодона афкору назари худро баён менамояд. Ин рӯшанфикрию озодандешӣ пеш аз ҳама кулли мамолики Ғарбро фаро гирифт. Ва фалсафаи эшон чун фалсафаи аҷдодашон, ки ҳамеша пешсаф аст, ба якчанд ҷараёнҳои ҷадиду созанда - неопозитивизм, прагматизм, персонализм, экзистенсиализм, неотомизм, структурализм, герменевтика, ратсионализми танқидӣ ва ғайра ҷудо гардид. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои мутаноқиз ва бепоя халои фикрии онро гирифтанд. Мутаассифона, аксари ин андешаҳо на афкори созандаю пешбаранда, балки фикру ақидаҳои куҳнаю фарсудаи схоластикӣ ва ё ба иборaи дигар «андешаи асри ҳафти араб» буданду ҳастанд. Аммо ҳеҷ як ҷамъият якқутба нест ва дар ин ҷамъияти пасазистиқлолии мо низ буданд афроде, ки ҳамеша фикри озодии инсон, фикри ҳаёти осоиштаю шоиста, фикри баргаштан ба асли хеш, фикри ободии Ватан, фикри пешрафти илму фалсафа, фикри созандагию навгонӣ ва ғайраро мекарданд. Яке аз чунин шахсиятҳои фаромиллӣ файласуф ва шарқшинос, устоди гиромиқадр Комил Бекзода мебошад.

Маҳз бо ташаббуси бевоситаи устод Бекзода моҳи октябри соли 1993 дар назди Пажӯҳишгоҳи фалсафаи ба номи А.М. Баҳоваддинови АИ ҶТ маҳфили фалсафӣ - фарҳангии «Ҷаҳони андеша» таъсис дода шуд. Ин маҳфили илмӣ ё «Мактаби фалсафии Бекзода» аз соли таъсисёбӣ то имрӯз тавонист, ки дари илму хирад, фарҳангу маърифат ва озодихоҳию рӯшанфикриро ба рӯи даҳҳо ҷавонони соҳибзавқу илмдӯсти тоҷикистонӣ боз намояд. Вале дар тамоми ҷомеаҳо анъанаи таърихӣ чунин будааст, ки аксарияти мардуми авом инсонҳои озодандешу рӯшанфикрро ҳеҷ гоҳ чашми дидан надоштанд. Зеро барои авом эътиқоду афсона ва қиссаву ривояти бедалел муҳимтар будааст, на фикру андеша ва ё илму фалсафа. Чунки дар ривояту афсона суханони умумию бедалел истифода мешавад, ки барои мардуми хурофотӣ ва содалавҳ дилчасп ва ҷолибанд. Аммо агар сухан дар бораи ин ва ё он масъалаи илмӣ равад, онро танҳо мутахассис ва олим фаҳмида метавонаду бас. Бинобар ин аксари мардум аз илму дониш дида, бештар ба дину мазҳаб бовар доранд. Лекин рисолати олим дар ҷомеа аз он иборат аст, ки ҳақиқати илмиро ба мардум расонад ва инсонҳоро аз кашфиёту дастовардҳои замонаш

хабардор намояд. Маҳз ҳамин гуна иқдоми наҷибро устод Бекзода бо як зумра ҷавонони рӯшанфикру донишманд пеша намуда, то он ки як зарра ҳам бошад, ба манфиати давлату миллати ҷафодидаи тоҷик хизмат намояд.

Ҳамин тариқ, маҳфили илмӣ - фалсафии «Ҷаҳони андеша» моҳи феврали соли 2012 ба таври расмӣ баста шуд. Ин маҳфил дар давоми умри кӯтоҳи худ барои инкишофу пешрафти фалсафаи муосири тоҷик хизмати босазое намуд. Файласуфоне чун Ҳафиз Холиқзода, Ёрмуҳаммад Ниёзӣ, Нозим Нурзода, Шодӣ Атоӣ, Исомуддин Шарифзода, Нуриддин Шаҳобуддин, Оқилшо Хиромонов, Усмон Камолиён, Фирдавс Ниёзӣ, Фирдавс Ҳаитов, Убайдулло Раҳматов, Латиф Латифов, Меҳринисо Маҳмадова, Илҳом Қурбоншоев, Мустафо Қаландаров ва дигарон ё дастпарварони ин маҳфиланд ва ё аз боғи ин маҳфили фалсафӣ меваҳои шаҳдборе чашидаанд, ки ҳар яки онҳо метавонанд халои ақлонию зеҳнии фалсафаи муосири тоҷикро пур намоянд.

Ба гумонам, дар ҷомеаи имрӯзи Тоҷикистон аз мактаби устод Бекзода дида, бузургтар ва тавонотар мактаби фалсафие вуҷуд надорад, ки тавонад инсонҳоро аз бозиҳои маҳалгароӣ, аз пайравии мазҳабҳои аҷнабӣ, аз миллатгароиҳои хориҷӣ, аз бунбасти фикрӣ, берун орад ва ба онҳо роҳ нишон диҳад, ки ба арзишҳои фарҳанги баланди умумибашарӣ ва инсонмеҳварӣ арҷ гузоранд. Чунки устод Бекзода аз ҷумлаи он соҳибқареҳонест, ки ҳеҷ гоҳ дар доираи синну сол, маҳаллу миллат, дину мазҳаб, ҳайати этникию нажодӣ, ҳарф намезананд, илова бар ин ӯ инсонест, ки ҳамеша ҷаҳонро бо чашми нек менигарад ва ҳамавақт дар бораи зиндагӣ ва ҳаёти воқеии тамоми аҳли башар сухан мегӯяд. Мактаби фалсафии Бекзода, дар маҷмӯъ таҷассумгари кулли фаъолияти накӯи инсонӣ буда, ҳамеша роҳҳои раҳоӣ аз маргро ҷустуҷӯ намуда, барои кулли инсоният ҳаёти ҷовидонагӣ, зиндагии осоишта, озодию истиқлол, дӯстию рафоқат ва ҳадафҳои асосии соҳиб шудан ба фарҳанги миллии хешро пешниҳод менамояд. Ин мактаби илмӣ - фалсафӣ бешубҳа яке аз ҷараёнҳои прогрессивӣ ва асосии фалсафаи муосири Осиёи Марказӣ ва Шарқ аст.

## «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» чӣ гуна китоб аст?

Рисолаи илмӣ - оммавии «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» баҳори соли 2013 дар ҳаҷми 40 саҳифа тавассути нашриёти «Кайҳон» ба чоп расида, аз 21 сарлавҳаи кӯчак иборат аст. Бояд тазаккур дод, ки ҳар як сарлавҳаи китобча як масъалаи мубрами умумибашариро ба таври мухтасар баён менамояд. Зеро наметавон ҳамаи раванду ҳодисот ва масоили мубрами ҷомеаи ҷаҳониро дар як рисолаи хурд ғунҷонид. Муаллифон бархе аз масъалаҳои ҳалталабу доғи рӯзро аз рӯи сарчашмаҳои дақиқтарини мутолианамудаашон дар давоми 20 - сол таҳқиқ ва баррасӣ карда, онҳоро дар китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ҷамъбаст намудаанд. Эшон дар ин китоб фаҳмиши худашонро доир ба баъзе масъалаҳои мубрами зиндагӣ баён кардаанд. Қабул ва рад намудани чунин андеша кори хонандаи китоб аст.

Ҳамин тавр, сарлавҳаи аввали китоби номбурда «Ҷаҳонбинии оянда чист?» ном дошта, ҳамчун шиносномаи рисола ва муаллифон бо суханони содаю равони «*Ҷаҳонбинии оянда натиҷаи мушоҳидаҳои илмӣ ва амалии наслҳои пешинаи башар аст. Мо ворисони онҳо ин таҷрибаро дар ибтидои асри XXI давом медиҳем…*» оғоз мегардад. Бале, ин андешаи муаллифон комилан дуруст ва айни муддаост. Масалан, дастовардҳои илмҳои техникию табиатшиносӣ аз механизмҳои содатарин сар карда то воситаҳои электронӣ, схемаҳои интегралӣ, микросхемаҳо, таҷҳизоти нимноқилӣ, роботҳо, васоити гуногуни нанотехнологӣ ва технологияҳои нави химиявию биологӣ, чун дигар сарватҳои табиӣ узви муҳимтарини ҷудонашавандаи ҳаёти ҷомеа гардидаанд. Имрӯз илмҳои табиатшиносию техникӣ ба ҷузъи муҳими маданияти умумбашарӣ табдил ёфта, дар ташаккул ва инкишофи он саҳми арзанда доранд. Ва маҳз ҳамин инқилобҳои илмию техникӣ ва воридшавии технологияҳо ва кашфиёти нави илмӣ ба ҳаёти ҷамъиятии инсон сабабгори пайдоиши ҷаҳонбинии сифатан нав мегарданд. Ин пешрафту таҳаввулоти илмию техникӣ ҳар як инсони ҷомеаи муосирро ба он водор менамоянд, ки бояд ба чунин шакли ҷаҳонбинӣ рӯй орад. Ҷаҳонбинии сифатан нав бошад, дар навбати худ аз инсонҳо дин, мазҳаб, аҳкоми шариат, рафтан ба калисо, хурофот, анъана, тарс аз марг ва дигар масоили куҳнаю қолабии схоластикиро талаб наменамояд. Баръакс, ин

навъи ҷаҳонбинии фалсафаи инсонмеҳварӣ ва расидан ба ҳаёти ҷовидонии башарро масъалаи асосии худ қарор дода, аз инсоният андешаи нек, хирад, илму дониш, маърифат, гуманизм ва омӯзиши илмҳои замонавию ҷадидро талаб менамояд. Аммо на ҳар инсон дарк менамояд, ки: Олам якранг нест. Кайҳон дар ҳаракат аст. Дар як лаҳза дар ин коиноти нопайдоканор миллиону миллардҳо сайёраву ситораҳо нобуд шуда, ба ҷояшон сайёраву ситораҳои нав эҳё мешаванд. Канданиҳои фоиданоки сайёраи Замин рӯзе тамом мешаванд. «Хонаи умеди мо» - Заминро хатари харобшавии қабати озонӣ, проблемаҳои экологӣ, тағйирёбии иқлим, мушкилоти демографӣ, терроризму экстремизм ва ғайра таҳдид менамоянд. Зиндагӣ рӯз аз рӯз мушкил мегардад. Марг ҳамарӯза инсонҳоро ба коми худ мекашад ва нобуд месозад.

Анъанаи таърихи башарӣ чунин будааст, ки андешаҳои қишри рӯшанфикри ҷомеаро бештар вакт ба хомӯшӣ пешвоз гирифта, ба гӯшаи фаромӯшӣ гусел месозанд ва ё нодидаю нохонда бадном мекунанд ва ҳамзамон аз ин андеша тасвири ваҳшатангезу туҳматомез сохта, дар оғози ҳар роҳ онро бероҳа месозанд. Аммо ҳар ки андеша мекунад, шоистаи таҳсин аст. Дар таърихи идеологияҳои башарӣ андешаҳову ҷаҳонбиниҳои гуногуне вуҷуд доштаанд, ки гоҳ ба таври иҷборӣ ба дигарон таҳмил мешуданд ва гоҳ ба таври ихтиёрӣ ва озодона таъқиб мешуданд. Ин пайгирии иҷбориву ихтиёрӣ фарҳангҳоеро ба вуҷуд овардааст, ки то ба имрӯз ҳастанд ва ҳамзамон намояндагон ва пайравони худро доранд. Аммо он ҷаҳонбинии алтернативие, ки аз тарафи намояндагони «Ҷаҳони андеша» ба ифтихори 20-солагии маҳфил интишор гардид, як андешаи ихтиёрие аст, ки пешкаши ҳаводорони дигарандеш гардидааст. Ин дигарандешӣ зотан фаромиллию фаросуннатӣ буда, бевосита барои хушбахтии башарият ихтиёран тақдим шудааст. Аъзои маҳфили «Ҷаҳони андеша» нисбати ягон андешаи миллӣ ва мазҳабӣ хушунатпеша ва ифротиву тафритгар набуда, ҳамзамон фаҳмишу андешаи худро ба ягон нафар таҳмил накардаанд. Аммо чӣ хеле, ки аз таърихи талхи истеъмори динӣ ва сиёсии арабӣ огоҳ ҳастем, баъзе нафарон он арзишҳои бегонаи онҳоро то ба имрӯз (дар асри XXI) маҷбуран пайравӣ мекунанд. Асри XXI, ки асри иттилооту иртибот аст, мо инсонҳои рӯйи Замин бояд аз хазинаи фарҳангии инсонсози башарият бе таассубу ифротгарӣ ва худкомагиву маргандешӣ ҷаҳони инсониро наҷот диҳем ва аз тамоми таассубу

ифротгарӣ канор равем ва робитаҳои байни инсониро тавсеа бахшем. Ана ҳамин чиз ҳадафи ниҳоии ҳар як узви «Ҷаҳони андеша» мебошад. Нашри рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» нишон дод, ки дар байни рӯшанфикрони ҷомеаи тоҷикистонӣ ҳам оид ба мушкилоти асосии имрӯзаи инсон фикр мекунанд ва масъалагузорӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, аз ин ҳадаф маълум мегардад, ки намояндагони маҳфил бо навиштани рисолаи кӯчаке хостаанд, ки ҷомеаи суннатии худро аз бунбасти фикрӣ ва догмаҳои динию хурофотӣ раҳонида, баҳри пешрафту ташаккули ҷамъияти ақибмондаи қолабӣ як роҳу равиши ҷадидеро нишон диҳанд. Бояд тазаккур дод, ки дар таърихи башарият чунин амали эшон падидаи нав нест. Зеро дар Аврупо барои ташаккули илм ва аз таассуботи динӣ озод намудани андеша 700 сол муқаддам ин корҳоро ба сомон расонида буданд. Ҳанӯз дар асрҳои XIV - XV барои он ки илму фалсафа бар дину калисо ғолиб ояд, барои инкишофи илмҳои табиатшиносӣ А. Афодезӣ, Н. Кузанӣ, Л. да Винчи, М. де-Сервантес, И. Кардан, Н. Тарталя, В. Гилберт, Ҷ. Порта, Ҷ. Бруно ва дигарон, барои рушди илмҳои гуманитарӣ Н. Макиавеллӣ, М. Лютер, Т. Мор, Т. Манн, Т. Кампанелла ва ғайра ҷони худро дар хатар гузошта, ҳақиқати илмиро ошкор намуда, онро пешкаши мардум гардониданд. Ва ҳамин тавр илму дониш дар Аврупо рушд карда, дар тамоми гӯшаву канори сайёра нақши пешбарандагиро соҳиб гардид. Аммо дар Шарқи муосири исломӣ, бахусус афроде чун тӯраҷонзодаҳову кабириҳо, қосимиҳову амруллоҳҳо ва муридони онҳо оид ба сабабҳои пайдоиш ва раванди ин ё он ҳодиса фикри худро чунин баён менамоянд: «Худо худаш медонад». Яке аз нишонаҳои бехабарӣ ё ақибмондагии дигари мардуми имрӯзаи Шарқи исломӣ дар он аст, ки то кашфи ягон ҳодисаи илмӣ хомӯшанд ва умуман дар бораи он чизе намегӯянд ва намедонанд. Лекин баъд аз кашф ва мавриди истифода қарор гирифтани он, якбора «чун меҳмони нохонда» ба баҳс ворид шуда, овоз баланд мекунанд: «*Ин кашфиёт дар фулон сура ё фулон ояти китоби муқаддаси Қуръон ҳаст*». Ин сухан билкулл ғалат аст, чунки Қуръони маҷид танҳо як китоби динию ахлоқист, на илмию техникӣ ва на риёзию

табиатшиносӣ. Аммо ин ҷо пурсише ба миён меояд, ки агар фулон кашфиёт ва ё фулон ҳодиса дар Қуръон бошад, пас то кашфи ҳодиса ё падида ва ё сохта шудани дастгоҳ ё асбоб Шумо куҷо будед?! Агар ин сухани эшон дуруст мебуд, аввалин инсон қадамашро на соли 1969, балки соли 622 ба сатҳи Моҳ мегузошт; агар ин фикри онҳо илмӣ мебуд, нурҳои кайҳонӣ на соли 1912, балки соли 622 кашф карда мешуданд; агар ин даъвои эшон саҳеҳ мебуд, нахустин телефони мобилӣ на соли 1973, балки соли 622 ихтироъ мегардид; агар ин гуфтаи онҳо мантиқӣ мебуд, электрон на соли 1897, балки соли 622 кашф карда мешуд; агар ин амали онҳо дуруст мебуд, реаксияи газҳои инертӣ на соли 1962, балки соли 622 муайян карда мешуд; агар ин фикри онҳо мантиқӣ мебуд, КДН на соли 1953, балки соли 622 кашф мегардид; ва боз миллионҳо агарҳои дигар вуҷуд доранд, ки нодурустию таассубии афкору андешаи эшонро нишон медиҳанд.

Аз рӯи ин навиштаҷот маълум мегардад, ки мақсади олитарини намояндагони маҳфили «Ҷаҳони андеша» фаҳмонидани ҳақиқати илмӣ ба инсон ва таъмини зиндагии абадию осоишта барои ҳар як шахс дар оянда мебошад. Шояд ин ҳадаф барои баъзе ашхосе, ки ҳоло қобилияти дарки ин суханонро надоранд, як хаёли хом ва ё як абсурд намояд. Вале ин иқдом ба зоти худ накӯ ва ҳадафи эшон наҷиб буда, бештари олимони сайёра баҳри амалӣ гардидани он кӯшиш менамоянд ва итминони комил доранд, ки рӯзе ҷомаи амал мепӯшад. Дар бисёре аз рӯзномаҳои хусусии ватанӣ бошад, муқарризон маҳз ҳамин қисмати китобро сарфаҳм нарафтаанд ё ақлу донишашон то ҳол барои қабули чунин андеша омода нест. Бинобар ин ҳамаи вокунишҳояшон аз масъалаи асосӣ дар канор мондаанд. Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои оромиши фикрӣ ва бепарвоӣ нисбат ба ин қадар таҳқиру дашномҳо аз ҷониби аъзои маҳфил дар он аст, ки касе аз хонандагону муқарризон масъалаи ҷавҳарии китобро нафаҳмидааст.

## Вокунишҳои бемантиқ ва ғофилона

Ман ҳамчун муаллифи мақола, аввалан ба шахсият ва унвону мартабаи кулли муқарризону назарсанҷони борикбину нуктасанҷ, ки оид ба масъалаҳои мухталифи китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» фикру андешаи худро иброз намудаанд, эҳтиром қоилам. Ҳамзамон дар ҷомеаи муосири

демократӣ ва плюралистӣ ҳар инсон ихтиёр дорад, ки фикру андеша ва назари мустақили худро дошта бошад. Вале ҳамаи муқарризони китоб (ба истиснои 2 ё 3 нафар) ба масъалаи меҳварии китоб, аз доираи дину мазҳаб нигариста, ҳар ҷое муаллифон ток гуфтаанд, муқарризон бед ҷавоб додаанд.

Нахустин хонандаи масъулиятнок ва муқарризи ин китоб устоди ДМТ Файзалӣ Абдулхонов мебошад. Мутаассифона, Абдулхонов Ф. ба моҳияти асосии масъала сарфаҳм нарафта, дар як муддати кӯтоҳ тақризи 64 саҳифагии «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ё («ҷаҳонбинии алтернативӣ»)» - ро иншо намуд. Ӯ аввалин нафарест, ки ба ҳар як масъалаи рисолаи мазкур як ҷавобӣ алоҳида навишта, илова бар ин, дар китоби хеш ду сарлавҳаи нав - «Ҳикмат ё фалсафаи марг» ва «Хатар ва зарари таблиғи андешаи бемаргӣ» - ро низ изофа кардааст. Аммо муқарризи муҳтарам вақти қимати худро беҳуда сарфи ин кор намуда, ба масъалаи меҳварии рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (ҷаҳонбинии алтернативӣ)» тамоман наздик нашудааст. Абдулхонов ба ҳар як масъалаи рисола аз мавқеи фалсафаи идеалистӣ, ислом, Қуръон, дин, мазҳаб, тасаввуф, ирфон ва илоҳиёти исломӣ нигариста, ба онҳо ҷанбаи сиёсиву идеологӣ додааст. Ва он 12 сарчашмае, ки ӯ дар охири китобаш (саҳ. 62) зикр намудааст, ҳамагӣ сарчашмаҳои ғайрилмию динӣ буда (ба истиснои «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ ва «Танталогия - наука о смерти» - и С. Рязансев), бо онҳо баҳси ҷиддии илмӣ анҷом додан имкон надорад.

Муаллифон тавассути рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» кӯшиш намуданд, то инсонҳоро ба сӯи илму донишомӯзӣ, худогоҳиву худшиносӣ, зиндагии осоишта, ҳаёти ҷовидонагӣ, ҳалли проблемаҳои умумибашарӣ ва барҳам задани марг раҳнамун намоянд. Лекин муқарриз ин афкору андешаҳои эшонро пурра инкор карда, ҳама ҷо онҳоро дар даруни нохунак гирифтааст. Файзалӣ аз нав догмаҳои диниро қувват дода, хостааст инсонҳоро боз ба ақиб, ба тарафи фарҳанги биёбонӣ, ба самти андешаҳои асри VII, ба ҷонибдории ҳаёти он дунё ва ба сӯйи маргу мурдан баргардонад. Ӯ чунон рафтор намудааст, ки гӯё дар таърихи тамаддуну фарҳанг ва илму адаби

башар ба ғайри дину ойини араб дигар ҳеҷ арзише вуҷуд надоштааст.

Ҳамзамон, муқарриз дар аввали китобаш иброз намудааст, ки: «*Умуман муаллиф ба шахсияти касе ғараз надошта, танҳо ба хотири ҳифзи муқаддасоти динӣ ва арзишҳои миллӣ ҳам чунин ба вуҷуд овардани доираи баҳси илмӣ ин амалро анҷом додаст*» (саҳ. 3). Аммо ин муқарризи гуманист муаллифони «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» - ро дусаду сию се (233) маротиба мавриди таҳқир қарор дода, бисёре аз нисбатҳои нохунакдорро, ки маънои истеҳзо ва ришханд доранд дар шаъни шахсияташон лоиқ ба сазовор донистааст. Дар тақриз сию панҷ (35) маротиба суханону гуфторҳои лаҳҷавию маҳаллӣ истифода шудаанд, ки аз забондонию маҳалпарастии муаллиф дарак медиҳад. Қайд кардан лозим аст, ки дар ҳар як саҳифаи китоби номбурда на кам аз 15 - 20 иштибоҳ мавҷуд аст. Барои мисол, саҳифаи 9-и китоб сию се (33) ва саҳифаи 56-и он сию ҳафт (37) хато дорад. Агар ин китоби 64-саҳифагии ӯро ба се қисми баробар тақсим намуда, хатоҳоро баршуморем, он гоҳ мебинем, ки аз саҳифаи 1 то саҳифаи 20, дусаду понздаҳто (215); аз саҳифаи 21 то саҳифаи 40, дусаду бисту сето (223); аз саҳифаи 41 то саҳифаи 62, дусаду шонздаҳ (216) ва дар маҷмӯъ шашсаду панҷоҳу чор (654) иштибоҳ дорад.

Акнун хонандаи азиз худ қазоват намо: китоб 64 саҳифа дорад; 233 маротиба таҳқиру суханони нохунакдор ва 35 маротиба гапҳои кӯчаю бозорӣ истифода шудааст; илова бар ин, ҳар як саҳифаи он дорои на кам аз 15 - 20 хато мебошад. Пас, барои шарҳи моҳияти масъалаи асосӣ ва мақсади муаллиф ҷой боқӣ мемонад ё на?!

Баъд аз нашри китоби «Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда» ё («Ҷаҳонбинии алтернативӣ»)» аксар рӯзноманигорони рӯзномаҳои хусусӣ барои шӯронидани мардум овозаҳои бардурӯғу бемантиқ паҳн намуда, аз ин ҳисоб миқдори зиёди рӯзномаҳои худро ба фурӯш бароварданд. Барои ин қабил муқарризону рӯзноманигорон на андеша муҳим асту на баҳси Худову пайғамбар, балки хостанд дар атрофи номи муаллифони «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» овозаҳои бардурӯғ паҳн шаваду ҳар чӣ зудтар рӯзномаашон вирди забони ҳамагон гардад ва ба ин восита реклама шавад. Дар як лаҳза даҳҳо муқарризони касбиву ғайрикасбӣ ба майдони баҳс ворид гардида, кӯшиш менамуданд,

ки то ҳадди имкон номи китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ҳеҷ аз забони мардум берун наравад. Ин муқарризони борикбин тавассути рӯзномаҳои мухталиф пайи ҳам мақолаҳоро дар бораи китоби мазкур ба нашр расониданд. Ҳамаи мақолаҳо такрори якдигар буда, ба масъалаи меҳварии китоб ҳеҷ дахолате накардаанд. Масалан, мақолаҳои «Ҷаҳони андеша»: «Мо одамон Худоро ихтироъ кардем» - и Амруллоҳи Низом («Рӯзгор», 19 - 26 феврали 2014), «Ҷаҳони андеша» ё «Иттиҳоди бехудоён» - и Хайриддин Қосимӣ («Озодагон», 12 марти 2014), «Пушти афкори заҳрогин ғаразҳои шуме нуҳуфта» - и Илҳом Аловаддинов («Озодагон», 2 апрели соли 2014), «Агар Худо набошад, анҷоми ҳар коре раво хоҳад буд» - и Эраҷ Давлатов ва Ҷаҳонгири Рустам («Пайк», 2 апрели 2014), «Ҷавоби Тӯраҷонзодаю Кабирӣ ба Бекзода» - и Абдукарим Раҷабов («Самак», 7 майи 2014), «Ҷаҳони андеша андешаи ботил» - и Аброр Соқиев («Тоҷикистон», 29 майи 2014) ва чанд андешаи Меҳмоншоҳ Шарифзода дар ҳафтаномаи «Нигоҳ» фазои матбуотии ҷумҳуриро ғасб намуданд.

Дар тамоми мақолаҳои болоӣ ягон сухани илмию далелнок ва мантиқиро дидан аз имкон берун аст, зеро ҳамаи муаллифон аз рӯйи афсонаю қисса ва ривоятҳои динии исломӣ ҷавоб гуфтаанд. Дар ягон мақолаи эшон ҳатто аз ягон дини ғайриисломӣ мисол оварда нашудааст, ҳол он ки дар рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» дар бораи ҳама динҳои олам сухан меравад. Муқарризони дар боло зикри ном рафта, аз рӯи мақолаи ҳамдигар нусхабардорӣ намуда, бештари далелҳояшон такрори ҳамдигаранд. Барои мисол, Қосимӣ дар мақолаи худ хизматҳои файласуфони муосири тоҷикро нодида гирифтааст (ба истиснои Акбар Турсун ва Искандар Асадуллоев). Ин донишманд бехабар аз он ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ва пасазистиқлолӣ тамоюли омӯзиш ва баррасии таърихи фалсафаи тоҷик, хусусан, корҳои илмии олимони кишвар доир ба ҳикмату тасаввуф - М. Раҷабов, Н.Одилов, К.Олимов, М.Султонов, А. Муҳаммадхоҷаев, М. Ҳазратқулов, И. Зиёев, Х. Зиёев, А.Саидов, Н.Содиқова; калом - З. Вазиров, А.Шамолов, К.Бекзода; машшоия - Н. Идибеков, Ф.Сироҷов, У.Султонов, Х.Шоихтиёров, М.Диноршоев; исмоилия - Х.Додихудоев, Ғ.Ашӯров, Н.Арабзода, Т.Муродова,

А.Шохуморов; онтология, назарияи маърифат ва мантиқ - М.Ғафорова, М.Болтаев, Н.Сайфуллоев, Ҷ.Шамсиддинов; диншиносиву фалсафаи дин, ахлоқ ва эстетика - О.Бозоров, С.Аҳмадов, Ш.Абдуллозода, М.Давлатов, М.Мирбобоев, С.Раҳимов; фалсафаи иҷтимоӣ - С.Наврӯзов, Х. Идиев, Н. Саидов, Р.Комилов ва дигарон ба миён омадаанд. Донишмандони зикршуда соҳибкитоб ва дорои мақолаҳои зиёде мебошанд, ки хонандагон метавонанд осори онҳоро аз феҳрастҳои китобхонаҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ пайдо кунанд. Қосимӣ дар ҷои дигари мақолаи худ китоберо бо номи «Исботи вуҷуди Худо» мисол оварда, онро моли физик - назариётчии машҳур Алберт Эйнштейн (1879 - 1955) медонад. Ба самъи ӯ мерасонем, ки Эйнштейн чунин китоб надорад, ин матлаб дар дохили ҷилди чоруми осори мутахаби ӯ ҷойгир карда шуда, ҷамъи мусоҳибаҳову баромадҳои ӯ дар назди рӯзноманигорону мардуми одӣ мебошад. Азбаски Эйнштейн бо кашфи Назарияи нисбияти махсус (1905), Ҳодисаи фотоэффект (1905), Назарияи квантии гармиғунҷоиш (1907) ва Назарияи нисбияти умумӣ (1916) соли 1921 Ҷоизаи байналмилалии Нобелиро дар соҳаи физика ба даст оварда, шуҳрати ҷаҳониро касб намуд ва дар байни олимони тамоми сайёра номвар гардид, акнун ӯро лозим буд, то дили мардуми аз илм берунро низ тасхир намояд. Бинобар ин ӯ дар яке аз баромадҳояш дар кишвари Исроил чунин гуфт: «*Ман аз он ифтихор менамоям, ки Худо маро аз миллати яҳуд офарид*». Дар ин сухани олим на манфиати миллӣ меистаду на манфиати давлатӣ, балки барои ӯ муҳимтар аз ҳама он аст, ки ба мардуми Исроил бовар кунонанд, ман аз нажоди шумоям. Вале Қосимӣ ва ҳаммаслаконаш намедонанд, Эйнштейнро ифодаҳои физикии ($E=m \cdot c^2$ ва $h\nu = A \cdot mv^2/2$) Эйнштейн карданд, на «Исботи вуҷуди Худо» - и гуфтаи қосимиҳо, Эйнштейнро формулаҳои ($E=m \cdot c^2$ ва $h\nu = A \cdot mv^2/2$) машҳури олам гардониданд, на «Исботи вуҷуди Худо» - и муқарризон.

Муқарризони дигар Эраҷ Давлатов ва Ҷаҳонгири Рустам дар мақолаи худ бо ифтихор аз вуҷуди фалон қадар мусулмон дар фалон кишвари Аврупо, Амрико ва дигар минтақаи олам, густариши босуръати ислом дар миёни ғайримусулмонон бо ифтихор лаб мекушоянд, лек намедонад, ки аз шаклу шамоили гурезаю муҳоҷири мусалмони шарқӣ мардуми Аврупо, Амрико ва Русия кайҳо безору батанг шудаанд. Ин муқарризони муҳтарм

боре андеша накардаанд, ки аз 8 миллион мусалмони гуфтаашон дар ИМА ягон нафари он ба ғайр аз қатлу ғорат ва дӯздию террор дар «Лоиҳаи Манхэттен» (*Manhattan Project*) барои сохтани яроқи ҳастаӣ соли 1939 таъсис ёфта буд, дигар фаъолияте накардаанд. Дар моҳи июни соли 1944 дар лоиҳаи Манхэттен наздики 129 000 хизматчӣ, аз ҷумла 84 500 кормандони сохтмон, 40 500 операторҳо ва 1800 низомиён фаъолият менамуданд, хушбахтона касе аз инҳо намояндаи дини ислом набуд, чун ки дар ин ҷо илм лозим буд, на этиқоду таассуби динӣ. Муқарризони муҳтарам ин пешрафту тараққиёт ва шукуфоиро ИМА аз заҳматҳои шабонарӯзии олимонаш - Ричард Фейнман, Рудолф Пайерлс, Отто Фриш, Эдвард Теллер, Энрико Ферми, Нилс Бор, Клаус Фукс, Лео Силард, Ҷон фон Нейман, Ричард Фейнман, Ҷозеф Ротблат, Исидор Раби, Станислав Улам, Роберт Уилсон, Виктор Вайскопф, Герберт Йорк, Кеннет Бэйнбриҷ, Сэмюэл Аллисон, Эдвин Макмиллан, Роберт Оппенгеймер, Ҷон Лоуренс, Георгий Кистяковский, Ганс Бизе, Эрнест Лоуренс, Александр Сакс, Ханс Бете, Филипп Хауге Абелсон, Ҷон Кокрофт, Эрнест Уолтон, Роберт Сербер, Ҷон Кемени, Алберт Бартлетт ва миллионҳо нафари дигар ба даст овард, на аз зиёдшавии микдори мусалмонҳояш. Ин донишмандон ноогоҳона дар мақолаи худ қайд кардаанд, ки футболбози аргентинӣ Леонел Месси (тав. 1987) мусалмон шудааст. Ин сухани муқарризон комилан дурӯғ буда, оид ба дини футболбоз дар ягон сарчашма қайде нарафтааст, баръакси гуфтаи онҳо Месси сафири ихтиёрии ЮНИСЕФ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Вале онҳо намедонанд, ки барои Месси на мусалмон шудан муҳим асту на католику на буддоӣ, балки ӯ шаҳрванди Аргентина ва Испания буда, барояш манфиатҳои давлату миллати Аргентина ва дастаи овозадори «Барселона» муҳимтар аст.

Муаллифони дигар мақолаҳо низ ҳамин гуна афсонаю ривоёти ғайриилмиро асос намуда, дар муқобили китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» мавқеъгирӣ кардаанд. Аз сабабе ки дар ҳама мақолаҳо суханони бедалелу подарҳаво ва аз доираи қонуну қоидаҳои илмӣ ва ахлоқӣ берун гирд оварда шудаанд, аз таҳлили онҳо худдорӣ намуда, ба онҳо ҷавоб навиштанро кори беҳуда медонем. Зеро афсонаю ривоят

дар қолаби илму дониш намеғунҷад. Ё ба гуфтаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (1414 - 1492) «сухан шерест зиндонӣ, ба доно гӯ агар донӣ» чӣ гуна ва аз рӯи кадом принсипи илмӣ ба ин афсонаю қиссаҳои хурофотӣ ҷавоби муносиби илмӣ гуфт?

## Араби мусалмону руси кофир

Аъзои маҳфили илмӣ - фалсафии «Ҷаҳони андеша» (бояд иқрор шуд, ки маҳфили номбурда аъзои доимӣ надошт) намояндагони касбу кори мухталиф буда, онҳоро касе ҷамъ намеовард ва ё маҷбур ҳам намекард, ки эшон ҷамъ оянд. Ҳар як нафар аз рӯи майлу завқи шахсии худ ба ин даргоҳи илму хирад ва фарҳангу маърифат ҷамъ омада, ҳамон рӯз оид ба як мавзӯи муайяни илмӣ (ба истисноӣ мавзӯъҳои сиёсӣ) суханони ҷадид ва кашфиёти нави ҳамон соҳаро фаро мегирифтанд. Аз сабабе ки маҳфили номбурда озодона фаъолият менамуд, дар он ҳар кас ба таври ихтиёрӣ ширкат меварзид. Иштирокдорони маҳфил ҳар як мавзӯи баҳсро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, ба он ҳам аз рӯи қонуну қоидаҳои илм, ҳам аз дидгоҳи дин, ҳам аз рӯи фаҳмиши олимону мутахассисони дигар ва ҳам аз давраи таърихии ба вуқӯъ пайвастани ҳодиса баҳо медоданд. Ҳар машғулияти маҳфил чор – шаш соат давом мекард. Дар як ҳафта як бор баргузор мегардид.

Намояндагони маҳфили «Ҷаҳони андеша» нисбати ҳамаи арзишҳои зиндагисози инсонӣ арҷ мегузоранд. Барои онҳо муҳим нест, ки он моли яҳудасту ин аз масеҳӣ ва он аз буддоӣ ҳасту ин аз мусалмон. Ба назари онҳо тамоми динҳои олам (дар дунё 425 дини зинда амал менамояд), аз зардуштия то ислом як мақсад доранд - «ваъдаи ҳаёти абадӣ дар дунёи дигар». Бинобар ин мавқеъгирии онон доир ба ин масъала натиҷаи мутолиаи бардавоми эшон буд, ки тавонистанд аз доираи арзишҳои суннатии худ ба берун назар кунанд ва таърихи фарҳангу ҳунари дигар қавму миллатҳоро нодида нагирифта, балки биомӯзанд. Аз ин рӯ аъзои «Ҷаҳони андеша» донандагони хуби таърих, фалсафа, фарҳанг ва илми миллатҳои дигар буда, нисбат ба ҳар ҳодиса андешаи мустақили худро доранд, дар сурате, ки муқарризони онҳо қонунҳои илмиро аз рӯи фаҳмиши ким - кадом як арабу аҷнабии биёбонгард баҳо медиҳанд. Онҳо оид ба ҳар як ҳодиса, воқеа ё кашфиёти илмӣ кӯшиш менамоянд, ки сарчашмаи асли онро дастрас намуда, мавриди мутолиаи ҳамаҷониба қарор диҳанд.

Ба ҳамагон аз таърих маълум бод, ки дар маҳалҳои алоҳидаи Осиёи Марказӣ роҳбарони араб - Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф (661 - 714), Язид ибни Муҳаллаб (672 - 720), Қутайба ибни Муслим (668 - 715) ва дигарон танҳо бо роҳи қатлу ғорат ва зӯроварӣ исломро барпо мекарданд. Эшон ғаниматгириҳо, молиёт (андоз) - и сангин, молиёти солонаи ҷизя (аз ояти 29-и сураи Тавба чунин бармеояд, ки ҷизя навъи ҷазо ба номусулмонон гузошта мешуд), маволӣ (ғулом) кардани миллатҳои ғайриараб, тасарруфи ними кормузди рӯзонаи онҳо, пиёда ба ҷангу кор бурдани маволӣ, маҳрум кардани маволӣ аз ҳаққи доштани куния, ғайриарабро ба вазифаҳои давлатӣ роҳ надодан ва бадтарин амалҳои ваҳшиёнаю ғайриинсониро раво медиданд. Арабҳои бодиянишину ширишутурхӯр ана ҳамин гуна ноадолатиро нисбати миллатҳои дигар раво медиданд. Дар он замон ин вазъият шароити зиндагии мардумро бадтар аз марг кард, аз ин рӯ, мардум исён мекарданд ва ҳаракатҳои оппозитсиониро бар зидди дини араб таъсис медоданд. Ҳамин тавр, ҳаракати озодихоҳию ватанпарастӣ ва миллатхоҳию истиқлолгароии Шуубия ба арсаи мубориза ворид гардид. Ба андешаи Ҳусайналии Мумтаҳан, сабаби пайдоиши Шуубия дар ифроти сиёсӣ, динӣ ва нажодии ҳукумати Умавиён мебошад. Муносибатҳои истибдодии Хилофати Умавӣ, пеш аз ҳама, табақаи ғуломон аз ҳисоби мардумони ғайриарабро бо номи «маволӣ» ба вуҷуд овард ва ҳамчунин қавму миллатҳои дигарро дар мақоми пасттар аз арабҳо мегузошт. Барои мисол, дар аҳди ҳукмронии хунхорона ва ваҳшатангези Ҳаҷҷоҷ дар Ироқ аҳволи мардум бахусус маволиҳо бисёр бад шуда, ин халифаи «одилу фозил» 120 ҳазор касро ба қатл расониду 50 ҳазор мард ва 30 ҳазор занро дар зиндонаш нигоҳ медошт ва ба онҳо ба ҷойи таом намаку оҳак дар об ва саргини гову хар медод. Магар ҳамин аст фарҳанги инсондустонаю гуманистонаи араб, ки имрӯзиёни миллати моро мафтуну шайдо кардааст.

Ҷабру истибдоди араб ба фарҳанг низ таъсир мерасонид, яъне дар он давра навиштан ба забони форсӣ гуноҳ шумурда мешуд ва нависанда таҳти назорат қарор мегирифт. Яке аз саҳобагон Саъд ибни Ваққос (595 - 664) бо фармоиши Умар ибни Хаттоб (584 - 644) ҳамаи китобҳоро дар Мадоин гирд оварда, ба об афканд. Шоир Исмоили Ясор дар ҳузури Ҳишом ибни

Абдумалик (солҳои хилофат 724 - 743) шеъре дар ситоиши эрониён ва фурӯмоягии арабҳо гуфт, ки дар натиҷа халифа ӯро ҳукми қатл дод. Адиб, донишманд ва ватандӯсту истиқлолхоҳи иронӣ Ибни Муқаффаъ (721 - 760) бошад, ба ишораи халифа ба тарви ваҳшиёна пора - пора ва дар оташ сӯзонда шуд.

Хонандаи гиромӣ худ андеша намо, ки бо ин қадар чабру зулм инсони донишманду соҳибхирад  чӣ гуна метавонад ба соҳибфарҳанг ва соҳибмаърифат будани миллати араб бовар намояд. (Ин суханон дар ҳолест, ки аксар муқарризони китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» пайдоиши илму фарҳанги тоҷику форсро баъд аз зуҳури дини ислом медонанд).

Маҳз ҳамин гуна муносибатҳои нобаробар ва ваҳшиёна буд, ки имрӯзиёни миллати тоҷикро аз фарҳанги аслии хеш ҷудо намуда, ба бегонапарстӣ бурдааст. Вале фарзонагони ин миллати бостонӣ  ҳамеша дар фикри ободии ватани аҷдодӣ ва беҳбудии шароити зисти ҳаммеҳанонашон буданд. Онҳо тамоми донишу таҷриба ва қудрату иқтидори худро сарфи аз нав эҳё гардонидани фарҳанги миллии тоҷик карда, кӯшиш менамуданд, ки дар масири таърихи башарият номи тоҷику форс ҳамчун миллати соҳибтамаддун ва соҳибфарҳанг ба тарви абадӣ боқӣ монад. Хушбахтона донишмандоне чун Ибни Муқаффаъ, Закариёи Розӣ, Ибни Ровандӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Асадии Тӯсӣ, Умари Хайём, Суҳравардӣ ва дигарон ба донишҳои пешазисломии Ирон рӯ оварда, онҳоро ба қадри имкон эҳё намуданд.

Аксари муқарризон на ин ки гузаштаи бостонии худ, балки саҳми абарқудраттарин давлати дунё - собиқ ИҶШС-ро дар пешбурди илми муосир ва таъсиси пажӯҳишгоҳҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва илмӣ - таълимиро дар кишвари мо нодида гирифтаанд. Ба самъи онҳо мерасонем, ки дар солҳои аввали барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон, барои пешбурди илмҳои ҷудогона на тӯраву сайидзода, муллою муфтӣ ва қозию эшон фиристоданд, балки ҳазорон - ҳазор муҳандисону мутахассисон ва пажӯҳишгарону олимони соҳаҳои мухталифи илмро сафарбар намуданд. Масалан, барои рушди астрономия - А.И.Станиславович, С.В.Платонович, Д.О.Мохнача, Б.В.Окунева, А.В.Маркова; биология - И.А.Райкова, Б.А.Федченко, П.Н.Овчинников, А.В.Гурский, Н.Ф.Гончаров; география - Н.Л.Корженевский, В.А.Тановеский, С.И.Кленников,

Г.П.Горшков, К.К. Марков; геодезия - Г.С. Морозов; геология - Д.И.Щербаков, Д.В.Наливкин, Б.И.Наслегов, И.И.Безделка, А.П.Марковский; гидрология - В.Л.Шульц; гидроэнергетика - Н.А.Караулов, П.А.Панкратов, Н.А.Беседнов; зоология - Е.Н.Павловский; климатология - И.Л.Райкова, Л.Д.Бороздин; мелиоратсия - Ф.Н.Бончковский, В.В.Головин, В.Н.Лебедев, В.В.Кошкин, В.А.Епихин; метеорология - Н.С.Трухманов, Г.Ф.Гребенников, И.И.Абрамов, Н.П.Горбунов; топография - И.Г.Дорофеев, С.А.Полозов ва баҳри инкишофу ташаккули илмҳои гуногуни табиатшиносию гуманитарӣ дигар олимону кормандонро сафарбар намуданд. Ана ҳамин хизматҳои дӯстонаи миллати русро ба эътибор гирифта, шоири иқилобии тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ (1887 - 1957) фармудааст:

*Нестам ман рус, аммо пеши чашмам халқи ман,*
*Дидааст аз халқи рус имдодҳои беназир.*

Акнун худи хонанда муқоиса намо, ки сарлашкари Араб Қутайба ибни Муслим ҳангоми забти Осиёи Марказӣ нисбат ба мардум бадтарин амалҳои ғайриинсониро раво дида, ҳазорон - ҳазор мардонро кӯшт ва завҷаҳои эшонро ҳамчун ғанимат ба маркази хилофат фиристод. Илова ба ин, вай садҳо шаҳру деҳот ва киштзорҳову боғоти аҳолиро ба биёбон табдил дод. Ӯ ҳангоми ҳуҷум ба шаҳри Бухоро тани урён ба хонаи хоби маликаи Бухоро ворид гардид. Аз ин афту андоми ғулмонанди Қутайба маликаи бечора аз шарм рӯйашро ба самти дигар гардонду гуфт: «Наход Худову пайғамбари Шумо муридони хешро супориш диҳанд, ки ба назди зани бегона бепурсиш ва тани урён даройӣ». Сарлашкари артиши Рус, генерал А.И. Ионов бошад, баъд аз ғалаба дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон бо ҳамроҳии якчанд сарбозонаш ба соҳили Искандаркӯл рафта, дар он ҷо соли 1929 шабакаи обуҳавосанҷиро ифтитоҳ намуд, ки то ҳол фаъолият дорад. Илова бар ин, рафиқ генерал бо хару асп аз шаҳри Панҷакент ба ин минтақа ниҳол оварда, боғи истироҳатие бунёд намуд, ки он имрӯз ҳам макони сайру саёҳати ҳазорҳо туристи дохиливу хориҷӣ мебошад. Пас аз ин боз ба шаҳри Душанбе баргашта, ба кори илмӣ - тадқиқотӣ машғул шуд.

Хонандаи гиромӣ, дар охири мақола ба худ як маротиба андеша намо, ки Араб ба қатлу ғорат ба ин сарзамин ворид шуда,

кораш ба ҷуз китобсӯзиву қатлу куштору ғаниматгирию ғуломкунӣ чизи дигаре набуд ва ин амал тӯли 1400 сол аст, ҳеҷ ранги дигар нагирифтааст. Лекин Рус ҳам бо қатлу куштор ворид шуд, аммо рус дар тӯли 70 соли ҳокимияташ ҳазорон - ҳазор мактабу китобхона, омӯзишгоҳу донишгоҳ, шифохонаю истироҳатгоҳ, театру варзишгоҳ, фабрикаю заводҳо, ҳазорҳо километр роҳҳои мошингарду оҳан, каналҳои обгузару неругоҳҳои баркӣ, чандин шаҳру шаҳракҳо сохта ба истифода дод. Муҳимтар аз ҳама дар сарзамини Осиё давлате бо ном Тоҷикистон бунёд намуд (ҳарчанд дар ин кор фарзонагоне чун С. Айнӣ, Н. Махсум, Ш. Шоҳтемур, Ч. Имомов ва дигарон нақши бузург доштанд). Дар замони муосир бошад, беш аз 1 миллион фарзандони тоҷикистонӣ на дар кишварҳои мусулмоннишини Араб, балки дар кишвари Русияи кофир муҳоҷири меҳнатӣ шуда кор мекунанд. Инро набояд нодида гирифт!

Ҳамин тариқ, ҷаҳонбинии намояндагони маҳфили илмӣ - фалсафии «Ҷаҳони андеша» ҷаҳонбинии фаромиллӣ ва башардӯстонаю инсонмеҳварӣ буда, дар маркази асосии он ҳастии инсон, арҷ гузоштан ба арзишҳои зиндагисоз, зиндагии шоистаи ҳар як фарди ҷомеа, таълиму тарбияи насли наврас ва ояндаи накӯи инсоният меистад.

**Сарчашмаҳо**


1. *Турчин А.В., Батин М.А.* Футурология. XXI век: бессмертия или глобальая катастрофа. - М.: БИНОМ, 2013.
2. *Комилов Р.С.* Фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имрӯз. - Душанбе, 2012.
3. *Қурбонов Н.Б.* Назарияҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ. - Душанбе: Истеъдод, 2014. - 184 саҳ.
4. *Бекзода К.* Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. - Душанбе, 2012.
5. *Улугзода С.* Ривояти суғдӣ. - Душанбе, 1977.
6. *Аброров Ҳ.* Музофоти табиию географии Зарафшон. - Душанбе, 2005.
7. *Абдулхонов Ф.* Мардона мурдан зиндагист ё вокунише ба рисолаи ҷаҳонбинии оянда (ҷаҳонбинии алтернативӣ). Душанбе, 2013.

8. *Рӯзномаҳои «Рӯзгор»* (19 - 26 феврали 2014), *«Озодагон»* (12 март - 2 апрели соли 2014), *«Пайк»* (2 апрели 2014), *«Самак»* (7 майи 2014), *«Тоҷикистон»* (29 майи 2014).

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

**БУҲРОНИ ФАЛСАФАИ ҒАРБ**

(*Фалсафае, ки ба мушкилии асосии инсон - Марг ҷавоб надод, буҳронӣ ва бунбастӣ мешавад. Онро оқибат ақидаи динӣ, ки ба мушкилии Марг ҷавоби хоси худро дорад, шикаст медиҳад. Гарчанде ҷавоби дин ба мушкилии Марг дурӯғу фиребанда аст*)

Устураҳои Ҷамшед (эронӣ), Гилгамиш (бобулӣ), Ҳаома ва ё Саома (ҳиндӣ - эронӣ), Сизиф, Орфеус ва Евридис (юнонӣ), фалсафаҳои Лукретсий, Умари Хайём, Николай Федоров, Албер Камю, Комил Бекзода ва пажӯҳишҳои илмии Институти Ҷовидонагӣ *зиндагӣ ва марги табии инсон*ро баррасӣ мекунанд. Дар умум, ин ҷаҳонбиниҳо *марг*ро мушкилии марказии инсон медонанд. Ҳеч гуна системаи фалсафие ба ин савол ҷавоб дода наметавонад, агар ба қавли Фёдоров, мо ба амал, яъне ба «фалсафаи кори ҳамагонӣ» («философия общего дела») нагузарем. Фалсафаи кори ҳамагонӣ гуфта, кӯшиши муттаҳид кардани назария ва амалия, илмҳои инсонӣ ва илмҳои табиӣ, ба ҳам овардани эътиқодмандони динҳои гуногун мебошад. Ин кори якҷоя ба хотири *барҳам додани марги ҷисмонии инсон* мебошад. Ҷаҳонбинии алтернативие, ки як гурӯҳ файласуфон ва олимони тоҷик бо роҳнамоии Комил Бекзода пешкаш кардаанд, маҳз ба хотири ҳидоят ба ин кори якҷоя таҳия гардидааст.

То ҳанӯз кӯшиши муттаҳид кардани илму амал ва илмҳои инсонӣ ва илмҳои табиӣ бо номи «равиши байнисоҳавӣ» вуҷуд дорад. Аммо ин кӯшиш ба натиҷаи дилхоҳ нарасидааст. Чунки ин гуна иттиҳоди байнисоҳавӣ бештари маврид сохтакорона аст; сохтакорона ба он маъно, ки фаҳмиш, таълимот ва ҳамдигарфаҳмӣ дар байни илмҳои инсонӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва табиӣ вуҷуд надорад. Намояндагони ҳар як илм иддао мекунанд, ки предмету категория ва ҳақиқатҳои хоси омӯзиши худро доранд. Ва чунин тақсимотро талаботи асосии илм медонанд. Кор то ба ҷое расидааст, ки ҳақиқатҳои хоси фалсафӣ-илмӣ ё фаннӣ дар як давра ё ҳавзаи муайяни таърихӣ ва ҷуғрофӣ арзи ҳастӣ мекунанд ва аз байн мераванд. Чунин омадану рафтанро дуруст ва зарурӣ медонанд ва чун *релятивизм (нисбигароӣ; relativism)* баҳо

медиҳанд. Фалсафа ва илме, ки релятивистӣ ва *плюралистӣ* нест, фалсафа ва илм дониста намешавад.

Дар асл, релятивизм ва плюрализм то он даме дуруст ва лозим ҳастанд, ки инсон нисбияти ҳақиқатҳои маҷозӣ ва дуюмдараҷаро дарк кунад, ба онҳо андармон нашавад ва билохира, ба ҳақиқати ягонае расад. Фалсафа ва илм бояд барои шинохти ин *ҳақиқати ягона* сафарбар шаванд. Ин ҳақиқати ягона Марг аст; инсон миранда аст. Маҳз дар атрофи ҳамин мавзӯъ ва мушкилӣ фалсафа ва илм бояд кору амал кунанд. Бояд фалсафа дар шинохт ва илм дар бартараф кардани *марги ҷисмонии инсон* саҳм гузоранд.

Дар таърихи фалсафа мавзӯи асосии фалсафа тақсимот дар байни *материализм ва идеализм* ва *объективизм ва субъективизм* набудааст. Балки мавзӯи баҳамзидгузории материализм ва идеализм асосан аз тарафи марксистон пешниҳод гардидааст. Мувофиқи ин методология, файласуфон ҳамеша дар пайи ҳалли ин масъала буданд, ки: Чӣ аввал аст: Модда ва ё Рӯҳ? Файласуфони пешқадам ҳамеша моддаро бар рӯҳ аввал мегузоштанд. Дар асоси ҳамин гуна ҳастишиносӣ, чуноне ки Маркс низ тасдиқ мекунад, ду тарзи шинохти олами ҳастӣ вуҷуд дорад – якум, объективӣ ва дуюм, субъективӣ. Объективизм тарзи шинохти материалистии олами ҳастӣ ва субъективизм тарзи шинохти идеалистии олами ҳастӣ мебошад. Дар шинохти материалистӣ қонуниятҳое ҷустуҷӯ мешаванд, ки дар олами беруна ва фаротар аз хоҳишҳои субъективии инсон вуҷуд доранд. Шинохти идеалистӣ баробар ба субъективизм мебошад, яъне ҳолатҳои ботинии инсон дар раванди шинохти олами атроф ва қонуниятҳои он таъсири муайянкунанда доранд.

Аммо агар ба таърихи фалсафа диққат диҳем, аслан тақсимот дар байни материализм ва идеализм ва объективизм ва субъективизм ҳадафи аксарияти ҷаҳонбиниҳои фалсафӣ набудааст. Чи файласуфони Юнони Бостон ва чи файласуфони давраҳои минбаъда дар пайи он набуданд, ки аввал будани Материя ва ё Идеяро мавзӯи марказии худ қарор диҳанд. Дар ҷаҳонбиниҳои бисёре аз файласуфони гузашта ва имрӯза ҳам унсурҳои материалистӣ ва ҳам унсурҳои идеалистӣ дида мешавад.

Тарзи шинохти онҳо аз олами ҳастӣ ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ мебошад. Инро метавон ҳатто дар таълимоти Маркс дар мавриди шуури синфӣ, муборизаи синфӣ ва инкишофи таърихӣ мушоҳида кард.

Дар асл, мавзӯи марказии баҳси бисёре аз файласуфони гузашта ва имрӯза мавзӯи Ҳастӣ ва Нестӣ, аниқтараш Зиндагӣ ва Марг мебошад. Аксарияти файласуфон дар зимни андешаронӣ ва ҷаҳонбинисозӣ ба мушкилиҳо ва хатарҳои вуҷудии худ дар атрофи зиндагӣ ва марг роҳи ҳал меҷӯянд. Онҳо ба таври худ мушкилиҳои нестӣ ва марг ва бемаъноию бенизомии зиндагиро дар муқобили ин мушкилиҳо баҳо медиҳанд ва ҳал мекунанд. Дар таҳлили мухтасари андешаҳои файласуфон дар ин мақола кӯшиш карда мешавад, ки ин иддао собит гардад.

*Дар оғоз,* яъне дар оғози таърихи тамаддун ва андешаи инсонӣ Хаоси нестизо ва маргзо қарор дорад. Барои ин Хаос ё худ бесарусомонии хатарнок ва маргзоро рафъ кардан инсон Тартиботу Низом меофарад, чи дар сатҳи маърифат ва чи дар сатҳи амал.

Яке аз аввалин ва ҷомеътарин тарҳи Тартиботу Низоми пойдор ва абадиро Зардушт бо таълимоти динӣ-ахлоқии Паймон пешниҳод кард. Хулосаи системаи муқаддаси динии ӯ аз он иборат аст, ки роҳи наҷот аз Бадӣ (хаос, нестӣ ва марг) Некӣ (ирода ва тартиботи Худо) мебошад. Аз ин рӯ, наҷоту растагории Инсон аз Хаос, Нестӣ ва Марг фақат бо роҳи диндор шудани ӯ ба даст меояд.

Анъанаи ақлгароӣ дар Юнони Бостон таълимоти динӣ-ахлоқии шарқиёнро дар шакли дигар - дар шакли ҳастишиносӣ (онтология) идома дод. Файласуфони юнонӣ низомҳои куллии онтологӣ месохтанд ва ба ин восита кӯшиш мекарданд мушкилии хаос, нестӣ ва маргро бартараф кунанд.

Файласуфони Мактаби Милет (Фалес, Анаксимандр ва Анаксимен) дар Юнони Бостон бо таълимоти худ дар бораи Асосмодда мехостанд мушкилии хаос ва беназмию бетартибиро, ки боиси маргу нестӣ мешавад, ҳал кунанд. Мегуфтанд, асосмодда на фақат сарчашмаи тағйирот (онҳо хаос, бесарусомонӣ, беназмию бетартибӣ ва маргу нестиро чунин ном ниҳода буданд), балки суботу пойдорӣ ва ҷовидонии олами ҳастӣ аст. Аз ин рӯ, асосмодда дар ҷаҳони ҳастӣ барои хаос, нестӣ ва марг ҷо

намегузорад. Ба назари онҳо, тамоми қонунҳои ҷаҳон, чун гардиши замон ва сохтмони Кайҳон, ба ин далолат мекунанд. Онҳо вазифаи файласуфро дар мушоҳида (созерцание)-и олами ҳастӣ медиданд.

Баъдтар, Ксенофан - файласуфи дигари юнонӣ бисёрхудоиро танқид карда, ба яккахудоӣ рӯ меорад. Ӯ худои ягонаро беназир, хирадманд ва тавоно тасвир мекунад. Худои Ксенофан ҳамсони асосмодда буд, ки мушкилиҳои хаос, нестӣ ва маргро ҳал мекард.

Пифагор идеяи Рӯҳро пешниҳод мекунад, ки монанди асосмоддаи Милетиҳо ва Худои Ксенофан аст. Дар таърихи фалсафа ӯ ба бузургтарин иштибоҳ роҳ дод, ки вуҷуди Инсонро ба ду қисм ҷудо кард - ҷисм ва рӯҳ. Ҷисм миранда ва Рӯҳ ҷовидону абадӣ аст, агар аз қафаси ҷисм раҳо ёбад. Барои аз ин қафаси маргу нестӣ наҷот ёфтани Рӯҳ, ӯ таълимотҳои ирфон (мистика), таносух, парҳезгорӣ ва муроқиба (созерцание)-ро пешниҳод кард.

Ҳераклит зиддияту ҷанг ва нобасомониҳоро на чун падидаи нестию марг, балки чун қонунҳои собиту пойдор ва лозими ҷаҳони ҳастӣ арзёбӣ кард. Ҳаракатро на манбаи нестию марг, балки асли пойдорӣ ва ҷовидонӣ донист. Ӯ ба яке аз аввалин саволҳои гузоштаи худ (фрагменти 20) ҷавоб меҷуст, ки: Чаро одамон зода мешаванд, насл мегузоранд ва мемиранд, дар ҳоле ки наслҳои онҳо низ мемиранд?[61] Шояд аз андешаи зиёд дар чунин *фарҷоми бади инсон* буд, ки номашро Ҳераклит («гирён») гузоштаанд. Аммо ӯ дар ин нукта ист намекунад, чуноне ки баъдтар Эпикур қарор мегирад. Ҳераклит бо назари худ дар бораи Ҳаракат ва Оташ роҳи ҳалли масъалаи нестӣ ва маргро меҷӯяд: Дар олами ҳастӣ ҳама чиз дар ҳаракат ва дигаргуншавӣ буда, аз як ҳолат ба ҳолати дигар мегузаранд. Марги инсон низ ба қонуни умумии ҳаракат ва тағйирот дахл дорад. Мувофиқи ин қонун, чун инсон дар як вақт ҳам вуҷуд дорад ва ҳам вуҷуд надорад, пас дар бораи ҳастӣ ва нестӣ, зиндагӣ ва марги ӯ гап задан бемаъност.

---

[61] Fragment 20. in: Clément, Stomates, III, 14, 1., page 4 («When they are born, they wish to live and to meet with their dooms = or rather to rest – and they leave children behind them to meet with dooms in turn"); Ҳамчунин, В. Ф. Асмус, Античная философия (Учебное пособие, издание 2-е). Москва: «Высшая школа». 1976. – Саҳ. 33

Минбаъд таълимоти Ҳераклит дар бораи ҳаракат, тағйирот ва *шудан* (*становление*)-и доимӣ ба *асосбунёди 1-уми фалсафаи модернистӣ - фалсафаи Қудратмеҳварӣ* табдил ёфт ва асоси андешаҳои Вико, Ҳегел, Шопенҳауер, Нитше, Маркс, Фрейд, Фуко ва Сартрро ташкил дод.

Намояндагони Мактаби Эллея низ ба саволи асосии фалсафаи Юнони Бостон ҷавоб меҷустанд: Чӣ асле вуҷуд дорад, ки пойдорӣ ва давомияти ҷаҳони ҳастиро дар муқобили хаос, нестӣ ва марг таъмин мекунад? Андешаи ин мактабро Асмус чунин хулоса мекунад: «Ҳастии дар зоти худ асил на мемирад ва на зода мешавад».[62]

Намояндаи ин мактаб - Парменид мегуфт: Олами ҳастӣ курашакл («сфайра») буда, ягона ва беҳаракат мебошад. Фароғ (тиҳигоҳ, хало) ва касрати мавҷудот, ки Пифагор пешниҳод мекард ва ҳаракатро, ки Ҳераклит қонуни асосии ҳастӣ мегуфт, Парменид фиреби назар медонист. Бо ин, Парменид муаммои пайдоиш ва нестшавӣ (генезис)-и ҷаҳони ҳастиро ба тарзи худ ҳал кард, дар ҳоле ки омӯзиши муқоисавии Ҳераклит ва Пифагор дар он замон на яқин, балки шубҳаро дар мавриди пойдорӣ ва абадияти ҷаҳони ҳастӣ бештар мекард. Барои ҳимояи назарияи худ, Парменид ду категорияи маърифатӣ - *ақида* ва *хирад*ро пешниҳод мекунад. Ақида он касе дорад, ки ҷаҳони ҳастиро дар касрат, ҳаракат, гузариш, ҳамчунин модда ва фароғ мебинад. Хирад бошад, баръакс, ягонагӣ, беҳаракатӣ, нопайдоӣ ва абадияти олами ҳастиро маълум мекунад. Дигар намояндагони Мактаби Эллея – Зенон ва Мелисс низ ин таълимоти Парменидро тақвият ва инкишоф доданд.

Эмпедокли Сисилиягӣ низ таълимоти эллеягиҳоро пазируфт, ки Хаос, Нестӣ ва Марг фиреби назар ҳастанд. Аммо ӯ ҷаҳони ҳастиро ба чор унсур (оташ, ҳаво, об ва хок) ва ду қувва (ҷудоиандоз ва пайвандгар) тақсим кард, то ки ҳастии абадие пайдо ва аз ин роҳ мушкилии нестӣ ва маргро ҳал кунад. Агар Ҳераклит мавҷудияти ҳамзамони баҳамзидҳоро таълим дода бошад, Эмпедокл мавҷудияти пайиҳамӣ ва ивазшавандаи зидҳоро пешниҳод мекунад. Ин таълимоти *генезис*и Эмпедокл мебошад, ки

[62] Валентин Фердинандович Асмус, Античная философия (Учебное пособие, издание 2-е). Москва: «Высшая школа». 1976. – Саҳ. 60

унсурҳои абадӣ ва қадим ба таври беохир ба ҳам меоянд ва ҷудо (таҷзия) мешаванд. Дар ин раванд, маргу нестӣ фақат хоси унсурҳои дуюмдараҷа ҳаст, ки барои баҳси фалсафӣ аҳамият надорад.

Анаксагор, файласуфи дигари юнонӣ, Ақлро чун Асосқуввае тасвир мекунад, ки хаоси оғозинро барҳам дода, назму тартиботро дар ҷаҳони ҳастӣ таъмин мекунад. Ҷустани асосмодда дар ҷирмҳои осмонӣ барои ӯ бемаъно буд, чунки бо мушоҳидаҳои бевоситаи худ дарёфта буд, ки онҳо асли муқаддасу илоҳӣ надоранд. Ин дар ҳоле буд, ки як гурӯҳи мардум, Офтобро чун Худо мепарастиданд. Барои ин назараш Анаксагорро додгоҳ ҳукми қатл дод ва Перикл - солори Афина танҳо ба шарти пардохти ҷарима ва берун шуданаш аз шаҳри Афина ҳукмро иваз кард. Анаксагор низ чун эллеягиҳо назарияҳои *генезис,* ки зоишу муриш ва пайдоишу нестшавиро таълим медоданд, рад мекунад. Ӯ иддао мекард, ки ҳеч чиз аз Нестӣ (Небытие) пайдо намешавад ва дар Нестӣ нобуд намешавад. Балки Нестӣ аслан вуҷуд надорад, дар ҳоле ки Ҳиссаҳои бешумор (гомеомерияҳо; тухмаҳо) ҳамеша, аз азал вуҷуд доранд. Ақл ин ҳиссаҳои бешумор ва абадиро ҳаракат дода, аз як шакл ба шакли дигар мегузаронад. Барои Анаксагор ҳастии инсон ба худии худ маъно надорад, дар ҳоле ки тухмаҳои номиро (намиранда) асли онро ташкил медиҳанд. Бадани инсон мемирад ва ба ин тухмаҳо таҷзия мешавад ва тухмаҳо бошанд аз сари нав ба шакли дигар ба ҳам омада, ҷисми наверо ташкил медиҳанд.

Дар ҷустуҷӯи абадият Суқрот мутлақгароии маърифатӣ ва ахлоқиро шикаст. Ба назари ӯ, на фаъолияти шинохти олам, балки таълимот дар бораи чӣ тавр зиндагӣ кардан асоси фалсафаро ташкил медиҳад. Диалектикаро ӯ чун метод ва ҳунари баҳс пешниҳод кард, ки ба воситаи он мафҳумҳои аслии ахлоқ ошкор карда мешаванд. Барои ҳамин, маърифати инсонӣ кашф кардани мафҳумҳо, яъне номҳо ва таърифҳои умумии рафтори ахлоқӣ (чун некӯкорӣ, мардонагӣ, хирадмандӣ ва зебоӣ) мебошад. Ҳамаи ин ҷустуҷӯҳои диалектикии Суқрот на ба хотири сохтани ахлоқ, на ба хотири шинохти ҳақиқат, балки барои дарёфтани мафҳумҳо ё худ моҳиятҳои аслии падидаҳо буд, ки ба Нестӣ мубтало

мешуданд. Масалан, бо мафҳумҳои некӯкорӣ, мардонагӣ, хирадмандӣ ва ё зебоӣ бояд он таърифҳои куллӣ ва ҷамъбасткунандае дода шаванд, ки нисбӣ, гузаранда ва қиёспазир набошанд. Дар таълимоти ӯ, «таърифи мафҳум ин таърифи *моҳияти* предмети мавриди назар мебошад, дар ҳоле ки худи моҳият чун ягонагӣ дар гуногунрангии падидоршавии он, ба монанди пойдорӣ ва монандӣ дар рангорангии тағйирёбанда фаҳмида мешавад. Суқрот маҳз ҳамин гуна ягонагӣ дар касрат, пойдорӣ дар тағйирот ва монандӣ дар гуногуниро ҷустуҷӯ мекунад ва таъриф медиҳад».[63] Дар ҷаҳонбинии фалсафии давраи Суқрот аллакай қабул шуда буд, ки касрат, тағйирпазирӣ ва тафовут падидаҳои нестӣ ва баръакс, ягонагӣ, доимият ва монандӣ нишонаҳои ҳастии ҳақиқӣ ва абадӣ ҳастанд.

Ин консепсияи мафҳумҳои абадии Суқротро шогирди ӯ Афлотун дар таълимоти худ дар бораи эйдосҳо истифода кард.

Афлотун бо низоми ақлии худ мехост мушкилии нестиро ҳал кунад. Аз ин рӯ, ӯ хаоси маргзоро тобеи ҷаҳони муназзам ва пойдори эйдосҳо (идеяҳо) кард. Ин андеша ҳам наздикӣ ба таълимоти зардуштии Фравахшиҳо дорад. Чунон ки некиро дар ҷаҳони астуманӣ (моддӣ) Фравахшиҳо аз бадӣ ё худ нестӣ ва марг ҳимоя мекунанд, дар таълимоти Афлотун аслро дар ҷаҳони ҳиссӣ эйдосҳо ҳимоя мекунанд. Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ на амал, балки «анамнезия», яъне баёдоварӣ ва шинохти ҷаҳони эйдосҳо мебошад. Бо ин таълимот Афлотун мехоҳад инсонро аз беаслӣ, ки сабаби ҳама мушкилиҳо аз он ҷумла нестӣ ва марг мебошад, наҷот диҳад.

Арасту қуллаи Ақлгароии мутлақро дар таърихи башар фатҳ кард. Ӯ, пеш аз ҳама, тақсимоти афлотунии Аслу Беаслро танқид мекунад. Ба ҷои ин, ӯ категорияҳои фалсафиеро пешниҳод мекунад, ки фарогири ҳама ҷаҳони зуҳурот мебошанд. Ҳама, чи неку чи бад ва чи аслу чи беасл, мақоми собити ақлӣ-мантиқии худро пайдо мекунанд. Дар ҳастишиносии Арасту аслан ҷое ба бенизомӣ, берабтӣ, нобасомонӣ, беадолатӣ, нестию марг ва умуман ба хаоси маргзо намемонад. Ин ҳастишиносии Арасту *асосбунёди 2-юми фалсафаи модернистии Аврупо* -

[63] Асмус, Античная философия. 1976. – Саҳ. 116

*маърифатмеҳварӣ,* аз он ҷумла дар симои Декарт, Кант ва эмпирикҳо гардид.

Арасту то андозае аз масъалаи маркazии фалсафа, ки ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мушкилии маргу нестӣ ва хаос буд, дур шуд. Гуфтан метавон, ки ӯ бо такмили минбаъдаи категорияҳои афлотунии шакл ва модда фалсафаро аз мавзӯи марказиаш дур кард. Фақат дар аҳди Эпикур мо метавонем мушоҳида кунем, ки фалсафа боз ба масъалаи асосии худ бармегардад. Дар ин робита, Асмус чунин қайд мекунад:

«Эпикур хоси аҳде буд, ки фалсафа камтар ба худи ҷаҳон, балки бештар ба тақдири инсон дар ҷаҳон, камтар ба муаммоҳои Кайҳон, балки бештар ба кӯшиши инсон таваҷҷуҳ пайдо мекунад, ки чӣ гуна метавонад дар байни таззодҳо ва бухронҳои зиндагӣ оромиш, ризоят, осудагӣ ва бехатариро ба даст орад. Тибқи Эпикур, ҳадаф ва вазифаи фалсафа на дониш барои худи дониш, балки барои ҳифзи ризояти ошкорои рӯҳ равона гардидааст».[64]

Аммо фаротар аз назари Асмус бояд қайд кард, ки барои Эпикур ҷаҳон ва Кайҳон ҳатман аҳамияти фалсафӣ доштанд, вале ба шарте ки наззора ва мушоҳидаи онҳо ба инсон оромиш ва осудагӣ аз маргу нестӣ диҳад. Аз ин рӯ, вазифаи фалсафа аз он иборат мебошад, ки донишҳоро ба самте равона кунад, ки инсонро аз тарсу бим ва изтиробу эҳсосҳои ногувори вуҷудӣ озод созад. Ин вазифаи марказии фалсафа бояд бошад. Тиб дардҳои бадан ва фалсафа дардҳои рӯҳро дармон мебахшад.

Дар Рими Бостон аз намояндагони барҷастаи Мактаби Эпикур Филодем ва Тит Лукретсий Кар буданд. Лукретсий (оғози асри 1- миёнаи асри 1 то мелод) шеъри фалсафие бо номи «Дар бораи табиати чизҳо» («О природе вещей») навиштааст.[65] Ӯ зодаи

[64] Асмус, Античная философия. 1976. – Саҳ. 424 («Эпикур характерен для эпохи, когда философия начинает интересоваться не столько миром, сколько судьбой в нем человека, не столько загадками космоса, сколько попыткой указать, каким образом в противоречиях и бурях жизни человек может обрести столь нужное ему и столь желанное им успокоение, безмятежность, невозмутимость и бесстрашие. Знать не ради самого знания, а ровно настолько, насколько это необходимо для сохранения светлой безмятежности духа, - вот цель и задача философии, согласно Эпикуру.»)

[65] Лукреций, О природе вещей.Москва: Государственное издательство «Художественная литература» (перевод с латинского и комментарии Ф. А. Петровского) (T. LucretiCari. De Rerum Natura. Libri Sex). 1937

Рим буд ва дар давраи ҳукмронии диктатории Сулла, шӯриши Спартак (солҳои 73 - 71 то мелод) ва дигар ҷангҳои бераҳмона зиндагӣ кардааст. Масъалаи асосии фалсафаи ӯ низ масъалаи нестӣ ва марг мебошад. Фалсафаи ӯ иборат аз ҷустуҷӯи оромиш ва осоиши (безмятежность и невозмутимость) инсон дар шароити ҷангу кушторҳо ва муборизаҳои беамон дар Рим буд. Ба назари ӯ, душманони сахттарини *хушбахтии инсон* тарс аз марг, тарс аз дӯзах, тарс аз ҷазои баъдимаргӣ ва тарс аз дахолати худоҳо дар ҳаёти инсонӣ ба шумор меравbooнд. Аммо ин тарсҳо сипаришаванда ҳастанд. Вазифаи файласуф аз он иборат аст, ки нишон диҳад, худоҳо ба зиндагии инсон дахолат карда наметавонанд ва зиндагии пасазмаргӣ вуҷуд надорад. Фалсафа, аз ин рӯ, маърифати ин гуна ҳақиқатҳои табиат мебошад.

Декарт фалсафаи модернистиро дар Давраи нави Аврупо шурӯъ кард. Ӯ асосан аз дидгоҳи маърифатии арастуӣ ба ҷаҳон менигарад. Навоварии ӯ дар фалсафа ба категорияҳои маърифат табдил додани категорияҳои олами ҳастӣ (аз назари Арасту) - субъект ва объектро мебошад. Ӯ бо ин навоварӣ ба ду савол ҷавоб меҷӯяд: 1) Оё имкон дорад субъекти маърифатро аз Худо ба Инсон тағйир дод ва 2) Оё Субъект метавонад тамоми нобасомониҳои олами ҳастиро ба Объект табдил диҳад ва бо ин роҳ онҳоро дар тобеияти худ дарорад? Ба саволи якум бо методи маъруфи худ - Cogito ergo sum (I think, therefore I am; Ман фикр мекунам, пас ман ҳастам) ҷавоб дод ва ҳамин гуна собит кард, ки на Худо, балки он касе Субъект ва Мавҷуд аст, ки Фикр ва Шубҳа карда метавонад. Дар айни ҳол, Ман Субъект, яъне сарчашмаи шинохти ҳақиқат ва сохтмони воқеият ҳаст. Бо ин, Декарт маърифат - методи шинохти ҳақиқатро аз тобеияти Худо раҳо кард. Чун Худо дар асрҳои миёнаи масеҳӣ боиси нобасомониҳои зиёд шуда буд ва интизориҳои одамонро дар мавриди инзиво ва бартараф кардани хаоси маргзо набароварда буд, аз ин рӯ, Декарт субъективияти Худоро барҳам дод. Субъект шахси маърифаткунандаи ҳастӣ ва махсусан ҳақиқати он шуд. Акнун дар пеши Субъект вазифа меистод, ки тамоми нобасомониҳои асрҳои миёнаро рафъ кунад. Ба ин маъно ки ба беназмиҳо, нобасомониҳо, ҷангҳо, бемориҳои сироятӣ, гуруснагӣ, бенавоӣ ва маргу мири саросарӣ ҷавоби нав диҳад. Декарт ба ҳамаи ин падидаҳои *нестӣ* бо категорияи маърифатии худ - Объект ҷавоб

гуфт. Мушкилии нестиро бо ин категория ҳал кард. Ӯ Субъектро умедвор кард, ки нестӣ ва хаоси маргзо дар зери итоати ӯст. Аниқтараш нестӣ ва хаос дар *тасаввур*и Субъект мебошад. Ӯ бояд тасаввури худро тағйир диҳад. Барои ин бояд тақсимоти Субъект ва Объектро дар ҷараёни маърифат нигоҳ дорад.

Кант категорияҳои маърифатии Арасту, Декарт ва эмпиризмро истифода карда, шинохти ҷаҳони ҳастиро чун Афлотун ва Арасту ба ду даста ҷудо мекунад: 1) Ҷаҳони маърифатии Ноумен ва 2) Ҷаҳони маърифатии Феномен. Кант Субъект ва субъективиятро аз системаи маърифатӣ пурра гирифта мепартояд ва Объектро низ ба Объективият иваз мекунад. Объективият ҳузури қонунҳои ҷаҳони Ноумен дар ҷаҳони Феномен мебошад, ки ба худии худ маърифатшаванда нестанд. Дар ин робита, асли чизҳо, ки онҳоро бо роҳи ақлӣ маърифат карда намешавад ва фақат ҳадс зада мешавад, объективиятро ифода мекунанд.

Минбаъд, Объективият ҳамчун категорияи эпистемологӣ дар фалсафаи идеалистии олмонӣ, махсусан дар осори Ҳегел ва Маркс, нигоҳ дошта шуд, гарчанде ба маъноҳои гуногун истифода мешуд. Ҳегел онро дар доираи акти Рӯҳи мутлақ ва Маркс дар доираи Инкишофи таърихӣ истифода мекарданд.

Дар маҷмӯъ, маърифатмеҳварии Арасту, Декарт, эмпирикҳо ва Кант *оромиши маърифатӣ ва ахлоқӣ* мебахшиданд ва ҷараёни амалгароии Прагматизм ва Утилитарианизмро ба вуҷуд оварданд.

Инкишофи босуръати илму техника ва қудратманд гардидани давлатҳои миллӣ дар Даврони нави Аврупо ва дар баробари ин истиқрори боварӣ ба *қудрати Худӣ қудрати Худоро* пурра дар зери шубҳа гузошт. Дигар файласуфон дар ҷустуҷӯи Худо ва тимсолҳои худогунае чун Асли аввал (файласуфони тосуқротӣ, Афлотун, Кант), сабаби аввал (Арасту, Декарт, эмпирикҳо - Локк, Нютон, Ҳюм) ва ғайра набуданд. Онҳо дар Табиат ва дар Таърих аслу сабаби ҳастиро медиданд. Маҳз дар ин ду падида қудратҳои санҷида ва насанҷидаи инсон нуҳуфта буданд. Ин тарзи биниш, ки оҳиста - оҳиста аз маърифатмеҳварӣ ба қудратмеҳварӣ таҳаввул мекард, махсусан дар асрҳои 18 - 19, дар давраи рушди

илмҳои табиӣ - бахусус биология ва физиология қувват гирифт. Позитивизм ба миён омад, ки на Инсон ва на Худо, балки Таърихро муҳаррики инкишоф медонист. Огюст Комт (August Comte) ба пешрафти ҷомеа эътимод дошт ва аз ин рӯ, ҷомеашиносӣ (сотсиология)-ро чун илми омӯзиши ин гуна *пешрафт* муаррафӣ кард. Пешрафт чун хайр (благо)-и аз ҳама бартар ногузир аст, ки нестӣ ва хаосро аз сари роҳи инкишофи таърихӣ мебардорад. Ҳамин гуна, Комт методи маърифатии Субъект - Объекти Декартро ба методи татбиқии сотсиология табдил дод. Ӯ ба саволи «Чаро ҳанӯз мушкилиҳои нестӣ ва хаос вуҷуд доранд ва чаро инкишофи таърихии хирадгароӣ дар Аврупо онҳоро рафъ накард?», бо тақсимоти инкишофи таърихӣ ҷавоб медиҳад. Ба назари ӯ, инкишофи таърихӣ ба се марҳила - Мифология - Теология - Сотсиология ҷудо мешавад. Ҷомеаҳои «қафомонда», ки дар онҳо қонунҳои нестӣ ва хаос ҳукмронанд, ҳанӯз дар марҳилаҳои ибтидоии инкишоф, дар марҳилаҳои мифологӣ ва теологӣ қарор доранд.

Позитивизм акнун категорияи Маърифатро пурра ба категорияи Инкишоф табдил дод. Ва ин табиӣ буд, чун ҷаҳони «пешрафта»-и Ғарб ба истеъмори ҷаҳони «қафомонда»-и Шарқ шурӯъ карда буд. Минбаъд, тақсимотҳои монанд, ки сиёсати истеъмории Ғарбро тасдиқ мекарданд, чун Спенсер, Дюркҳейм, намояндагони структурализм ва антропологияи охири асри 19 ва нимаи якуми асри 20 ба миён омаданд.

Бӯҳрони фикрӣ ва иҷтимоӣ, бахусус дар давраи Ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ, ба осонӣ эътимод ва боварии як гурӯҳ донишмандонро ба ҷаҳонбинии позитивистӣ-модернистӣ аз байн набурд. Рассел, Поппер ва Гидденс бӯҳронро падидаи ногузири инкишоф ва пешрафти ҷаҳони модернистӣ медонанд.

Поппер методи эпистемологии фалсификатсионизмро пешниҳод кард, ки бояд камбудиҳоро ошкор ва ислоҳ кунад. Барои ислоҳи камбудиҳо дар амал ӯ ҳамзамон назарияи муҳандисии иҷтимоӣ (social engineering)-ро ба миён гузошт. Бо ин, ӯ идеяи револютсия ва тағйироти радикалиро нақд кард. Гуфт: Инкишофу пешрафт аз роҳи эволютсионӣ ва револютсионӣ ба даст намеояд; балки аз роҳи ислоҳи тадриҷӣ ва камбудиҳои ҷузъӣ метавон ба такомули куллии ҷомеа ноил шуд. Ба ин гуна пешниҳод Рассел, Гидденс ва Ҳабермас низ ҳамовозӣ мекунанд.

Гидденс дар ҷавоб ба постмодернистҳо мегӯяд, ки Модернизм сар наомадааст, балки ба даврае ворид шудааст, ки аз роҳи накду ислоҳ мустаҳкамтар мешавад, бахусус идеяҳои модернистие чун инкишоф, пешрафт, озодӣ, баробарӣ, адолати сиёсӣ ва монанди инҳо.

Дар ҳоле ки дар асри 20 ҷаҳони англосаксонӣ ба таҳкиму татбиқи ҷаҳонбинӣ ва ё худ парадигмаи Модернизм машғул буд, фалсафаи Аврупои континенталӣ дар ду шоха зуҳур карда буд. Шохаи нахуст ба Арасту ва Кант содиқ монд ва махсусан дар эҷодиёти Ҳуссерл, Ҳайдеггер ва Шутс ҷамъбаст гардид ва идома ёфт. Ин шохаи фалсафа шохаи маърифатмеҳварӣ буда, дар амал хеле кам татбиқ ёфтааст. Шохаи дуюм шохаи татбиқӣ буд, ки ба истилоҳ фалсафаи қудратмеҳварӣ мебошад.

Ҳайдеггер методи хоси илмӣ-пажӯҳишӣ дар фалсафа ва илмҳои гуманитарӣ пешниҳод намекунад. Балки бештар ба аҳамият ва нақши фалсафа чун таълимоти метафизикӣ бовар дорад. Ӯ дар «Метафизика чист?» мегӯяд: Фалсафа чизест, ки ҳамзамонон набояд онро шиносанд; чун фалсафа (манзур як таълимоти фалсафӣ) шинохта шуд, ҳамон замон куҳна мешавад. Ин бунбасти эпистемологӣ ва методологии Ҳайдеггерро Шутс гӯё бартараф мекунад ва аз ин рӯ, илме бо номи сотсиологияи дониш таъсис медиҳад, ки бояд муносибатҳои байни субъектҳо (intersubjectivity)-ро омӯзад. Аммо методи ӯ низ бунбастӣ ва то ҳанӯз татбиқнашаванда боқӣ мемонад. Ба ифодаи худи Ҳайдеггер, ҳанӯз фалсафаи ӯ актуалӣ аст, чун ношинохта ва татбиқнаёфта мондааст.

Шохаи татбиқӣ ва ё қудратмеҳварии фалсафаи аврупоӣ бо масъалаҳои сиёсат, қудрат, ирода, ғариза (инстинкт) ва озодӣ бевосита пайваст аст ва ё аз онҳо реша мегирад. Намояндагони асосии ин тарзи биниши ҷаҳони ҳастӣ Макиавелли, Ҷамбатисто Вико, Ҳоббс, Ҳегел, Шопенҳауер, Нитше, Маркс, Достоевский, Фрейд, Фуко ва Сартр мебошанд. Онҳо ба ҷои *маърифат қудрат*ро мавзӯи баҳси таълимоти худ қарор медиҳанд.

Ба назари Вико, Шопенҳауер ва дигарон, асоси ҷаҳони ҳастиро на ягон Худое, Асле ва Сабабе, балки Ирода ташкил медиҳад. Ирода дар ҳама чиз, аз он ҷумла дар инсон вуҷуд дорад.

Ирода ҳар хел номида мешавад: Ҳегел онро Рӯҳи мутлақ, Нитше Иродаи қудрат, Маркс Манфиати иқтисодӣ, Фрейд Либидо ва Сартр Озодӣ меноманд. Ҳамаи ин донишмандон, вақте дар бораи фарди инсонӣ гап мезананд, майли ӯро эгоистӣ, худхоҳона ва бадбинона ба дигарон мешуморанд.

Дар маҷмӯъ, фалсафаҳои қудратмеҳварӣ, ки аз Ҳераклит сар мешаванд, тағйирот ва нобасомониро асли ҳастӣ ва оромишро чун Бадӣ, Нестӣ ва Марг мешинохтанд. Роҳи ҳалли ин мушкилиро дар *шудан,* қудратёбӣ, инқилоб ва озодӣ медиданд.

Ҳоббс инсонро гурги инсон медонад ва аз ин рӯ, зарурати Левиафан (аппарати қудратманди давлатӣ)-ро ногузир меҳисобад, то нобасомониҳо ва ҷангҳоро дар ҷомеаи инсонӣ пешгирӣ кунад. Бе Левиафан одамон якдигарро нест хоҳанд кард. Бе Левиафан Хаоси маргзо чира хоҳад гашт. Ин андешаи Давлатмеҳварӣ ба Макиавелли, Ҳегел ва Вебер низ хос аст. Ҳегел системаи идеалистии Давлатро ба вуҷуд овард. Ӯ роҳҳои ақлгароёнаи давлатсозиро пешниҳод мекунад, то ки бо ин роҳ назму тартибот дар корҳои дунё таъмин гардад. Ин аст роҳи наҷоте, ки Ҳегел аз нестӣ ва хаоси маргзо мебинад.

Достоевский аз фалсафаи декартӣ ва волтерӣ даст мекашад ва ба Худо бармегардад ва мегӯяд: «Агар Худо вуҷуд надошта бошад, он гоҳ ҳама кор равост».

Маркс кашокашҳо, зиддиятҳо ва нобасомониҳоро ҳолати табиии ботини одамон ва муносибатҳои истеҳсолии онҳо медонад. Ин ҳолатҳо омили муҳим барои дигаргунӣ, тағйирот ва инкишофи тафаккур, ҷомеа ва умуман ҳастӣ мебошанд. Бинобар ин, ӯ идеяи инқилобро шарти зарурии инкишофи таърихӣ ва махсусан, оғози давраи нави инкишоф медонад.

Нитше низ аз зиддияту кашокашҳо ва нобасомониҳо суҳбат мекунад. Дар ин роҳ ӯ шогирди ростини Ҳераклит аст, ки оташро тимсоли ҳастӣ мешуморид. Нитше бо Маркс низ муқоисашаванда аст: агар Маркс ирода ё шуури синфиро муҳаррики асосии инкишоф донад, Нитше иродаи фардро дар маркази фалсафаи худ қарор медиҳад. Барои Нитше идеяҳои инкишофу пешрафт аҳамият ва арзиш надоранд. Инсон набояд барои идеалҳои иҷтимоӣ ва ҳунарие чун озодӣ, хушбахтӣ, такомул ва адолат мубориза барад. Ба назари Нитше, ин идеалҳо абстракт ва беҳуда ҳастанд. Онҳо инсонро аз худ бегона ва ба иродаи дигарон тобеъ

мекунанд. Ва аслан ба даст овардани ин идеалҳо амри маҳол аст. Балки инсон барои худ вуҷуд дорад, барои худро *дар они воҳид* иваз кардан, ҳастии нав дар худ кашф кардан. Аз ин рӯ, ӯ дар ҳоли шудан (*становление*)-и доимӣ аст. Нитше дар бораи нестӣ, марг ва хаос гап намезанад. Аз онҳо роҳи гурез меҷӯяд. Худро бовар мекунонад, ки маргу нестӣ ҳолатҳои ивазшавию дигаргунӣ ҳастанд, ки ҳар лаҳза ба инсон рух медиҳанд. Ҳар лаҳза гузаштаи инсон мемирад ва як мавҷуди наве мезояд, дар ҳоле ки барои Нитше, ба назар мерасад, ки маргу нестӣ ҳолатҳои бартар аз оромиш ва суботу пойдорӣ мебошанд. Аммо дар таҳти андешаи Нитше мушоҳида кардан мумкин аст, ки ӯ бо идеяҳои Шудан, Абармард (Übermensch) ва Бозгашти абадӣ аз масъалаи маргу нестӣ сахт метарсад. Инро хоҳари худи Нитше - Елизавета Ферстер - Нитше аз номи бародараш тасдиқ мекунад.

Хоҳари Нитше нақл мекунад, ки ҳангоми профессори Донишгоҳ дар Швейцария будан, бародараш дар ҷанг ҳамчун санитар ба тирхурдагон ёрии тиббӣ медод. Табиист, ки ӯ борҳо шоҳиди азобу машаққат ва ҷонкании сипоҳиён гардида буд ва илтиҷою сухани охирини онҳоро ба наздиконашон мешунид. Дӯсти Нитше ва файласуфи олмонӣ – Роде ба хоҳари ӯ шиква кардааст, ки чаро Нитше дар бораи таҷриба ва саргузашти санитариаш бисёр кам мегуфт. Дар ин маврид хоҳари Нитше гапи бародарашро ёдрас мекунад: «Дар ин бора *набояд* гуфт, ин ғайриимкон аст; бояд ин хотираҳоро аз худ ронд!»[66] Дар як гаштугузор Нитше ба хоҳараш гуфтааст, ки хотираҳои давраи санитариаш ӯро то дер боз азият медоданд. Аммо воқеае рух доду ӯ дигар аз *азияти ҳамдардӣ* халос шуд. Вақте ки Нитше дар як шаҳрак буд, баногоҳ овози таблу нақораи ҳарбӣ баланд шуд ва аз наздаш полки кавалерӣ ва пас аз он полки артилерияи майдонӣ гузаштанд. Онҳо тимсоли мардонагӣ ва иродаи қудрат буданд. Пас аз онҳо, қушунҳои пиёдагард бовиқорона, бо нигоҳҳои тез, гомҳои баробар ва босалобат қадам зада мегузаштанд. Садои қадамҳои онҳо зарбаи путк ба сандонро мемонд. Ин қудрати

[66]Елизавета Ферстер-Ницше, Введение (стр. 5-20) // Фридрих Ницше, Воля к власти. Опыт переоценки всех ценностей. Санкт-Петербург: «Азбука-классика». 2010. – Саҳ. 7

моломоли бузургӣ ва шаҳомати зиндагӣ ба сӯи ҷанг ва марг мерафт. Он ифодагари иродаи нажоде буд, ки мардонавор тасмим гирифта буд: ё пирӯз мешавад ва ё сар ба сар тан ба куштан медиҳад. Нитшеро эҳсоси таассуф фаро гирифта буд, ки чаро узви ин сипоҳ нест.

Дар ин бора боз ба хоҳараш гуфта буд: «Хоҳарам, ман онгоҳ равшан эҳсос кардам, ки қавитарин ва баландтарин ирода ба зиндагӣ ифодаи худро на дар муборизаи бечоранолона барои мавҷудият, балки дар ирода ба ҷанг, ба қудрат ва бартариҷӯӣ меёбад!» – бародарам ҳамин гуна суханашро хатм кард».[67] Ӯ маргро ба он хотир зарур медонад, ки бо иродаи Вотан (худои ҷанг) бузургони қавм ба хотири пирӯзӣ бар дигар қавмҳо зердастони худро ба ҷангу марг мефиристанд.

Аммо Нитше дар ягон асар эҳсоси тарсашро ошкор намекунад. Ӯ гӯё оромишу субот ва растагорӣ аз маргро дар Абармарди тавоно, бадқаҳр ва бедареғ мебинад, ки ҳатто ба ҳастии худ низ раҳм намекунад. Дар ин партав, Нитше консепсияи маърифатро фақат ба хотири қудратмандтар ва бадқаҳртар кардани Абармард пешниҳод мекунад. Ин маърифатшиносӣ, аниқтараш методи пажӯҳиши таърихи қудратхоҳӣ *эҳсоси қасос* (ressentiment; рессентимент) ном дорад. Рессентимент (ressentiment) на методи шинохти ҷаҳони ҳастӣ, балки усули шинохти таърих аз дидгоҳи Иродаи қудрат мебошад. Дар назди пажӯҳишгарон, мегӯяд Нитше дар «Таборшиносии ахлоқ», вазифа меистад, ки бо шинохти таърихи қудратхоҳиҳо иродаи инсонро қавитар гардонанд, то ӯ ба Абармард табдил ёбад. Абармард низоми ҷаҳони ҳастиро вайрон ва аз сари нав бо қоидаҳои нави худ мураттабу муназзам месозад. Он ҷойгузини Худои мурда аст. Ин аст ҷавоби Нитше ба нестӣ, марг ва хаос.

Дар оғози фаъолияти худ, Фрейд ба асле бовар дошт, ки дар ҷаҳони ҳастӣ мураттабӣ, муназзамӣ, маъно ва ҳадафмандӣ мебахшад. Таълимоти ӯ бо номи Либидо (ғаризаи шаҳват) ҳамин бовариашро ифода мекунад. Дар ҳама ҷо Либидо падидор мешавад ва ба қонуни асосии ҳастӣ табдил меёбад. Таърих, хотира, ҳунару санъат, илму саноат, дину устура ва ғайра аз рӯи ин қонун ташаккул меёбанд.

---

[67] Ҳамон ҷо. Саҳ. 8

Аммо ин ҷаҳонбинии Фрейд барои шогирдонаш, чун Карл Густав Юнг ва Алфред Адлер қонеъкунанда набуд. Юнг, бо бозгашт ба Афлотуну Дюркҳейм аз рӯи метод, категорияҳои хотираи ҳайвонӣ-таърихии инсон, аз он ҷумла мнемо (mnemo; хотираи давраи ҳайвонии инсон) ва архетип (archetype)-ро унсурҳои муҳими ҷаҳони ҳастӣ донист. Адлер ба Нитше баргашт ва Иродаи қудратро асоси тафаккур ва рафтори одамон шуморид.

Худи Фрейд низ то охир таълимоташро ба ғаризаи Либидо ва Комплекси Одип маҳдуд нагузошт. Ӯ дар охири ҳаёташ бештар воқеъбин шуда, дарёфт, ки бисёр паҳлуҳои рафтори инсонро наметавон бо ғаризаи Либидо шарҳ дод. Аз ин рӯ, ӯ истилоҳи дигар – ғаризаи Марг ё худ майли деструктивиро ворид кард. Тамоми харобкориҳо, ҷангҳо, нобасомониҳо ва умуман падидаҳои нестӣ, марг ва хаоси маргзоро ӯ бо ин майли деструктивӣ ифода кард. Инсон ду марҳилаи зиндагӣ дорад: 1) марҳилаи офариниш ва созандагӣ, ки аз Либидо (майли шаҳвонӣ, ишқ) сарчашма мегирад ва 2) марҳилаи харобкорӣ, ки аз Марг реша мегирад. Дар марҳилаи офариниш инсон ба зиндагӣ наздик ва қарин аст, вале дар марҳилаи харобкорӣ бо Марг ошно ва дастбагиребон мешавад.

Дар асри 20 инкишофи таърихӣ ва ё пешрафти илмӣ-техникӣ, ҳар хеле ки онро дономем, ба ҳадди аълои худ расид. Вале ин инкишофу пешрафт инсонро хушбахт карда натавонист; идеалҳои ӯ чун зебоӣ, озодӣ, камол, адолат ва баробарӣ ба даст наомаданд. Баръакс, қудратталабӣ, худхоҳӣ ва ҳам дигарбадбинии инсон, аз як тараф ва ҷангу куштор, истибдод, бедодӣ ва нобасомониҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, аз дигар тараф, рӯ ба афзоиш буд. Ин гуна муносибат ба Инсон, Табиат ва Таърих боиси одамкушиҳо, мушкилиҳои табиӣ-экологӣ ва таҳрифҳо (дурӯғнависиҳо ва дурӯғсозиҳо)-и таърихӣ гардид. Махсусан, баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон донишмандони нақдгаро ва постмодернисти Ғарб ба натиҷа расиданд, ки даъвоҳои модернистии Ратсионализм, Инкишоф ва Пешрафти Таърихӣ иллюзияҳое беш нестанд. Ба ҷуз аққалият, аксарият ҳанӯз ҳам бо ғаризаҳои қудратталабии худ андеша ва амал мекарданд. Бо чунин тарзи шинохт як гурӯҳи умдаи донишмандон ба

таълимотҳои Нитше, Маркс ва Фрейд рӯ оварданд ва аз дидгоҳҳои онҳо ҷаҳони ҳастиро арзёбӣ карданд.

Асри 20 асри андешаи қудратмеҳварии Нитше аст, ки аз он ҷумла дар осори Ҳайдеггер, Фуко ва Сартр таҷассум ёфтааст. Онҳо озодии инсонро дар фардият, яъне озодию растагории фард аз ҷомеа, таърих, инсоният ва коллектив мебинанд. Ин гуна озодӣ ду хел мешавад – 1) озодии метафизикӣ, ки инсон субъекти маърифат ва амал дар ҷаҳони ҳастӣ аст ва 2) озодии сиёсӣ, ки инсон дар ҳаёти ҳаррӯза аз иродаи дигарон вобаста мебошад.

Мишел Фуко намояндаи асосии мактаби Нитше аст, ки Иродаи қудратро муҳаррики таърих, ҷомеа ва инсон медонад. Ба назари ӯ, муносибати инсониро бидуни ҳузур ва дахолати қудрат ва қудратталабӣ наметавон тасаввур кард. Барои шинохти ҷаҳони ҳастӣ ва ҷаҳони ҳастиро ӯ ба таърих ва таҷрибаи таърихӣ ифода мекунад, ӯ методи *таҳлили дискурсивӣ* (discourse analysis)-ро пешниҳод намудааст, ки ҳамсони методи рессентимени Нитше аст. Қудратманд иродаи худро дар ҳақиқатҳои сохтаи худ бо номи «дискурс» нақш мебандад. Ва ҷаҳони ҳастӣ, тасаввурот дар бораи он, муносибат бо онро бо дискурсҳо – ҳақиқатҳои сохтаи худ ташкил медиҳад. Ӯ барои таҳкими дискурсҳо мубориза мебарад ва дискурсҳо, дар навбати худ, қудрату тавоноии ӯро таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, мегӯяд ӯ, барои шинохти ҳастии таърих, ҷомеа ва инсон мо бояд дискурсҳоро ошкор намоем. Шинохти дискурсҳо чигунагии олами ҳастиро ба мо бозменамояд.

Ҷаҳонбинии фалсафии Сартр фаҳмиши ягона ва қотеона дар ҷавоб ба масъалаҳои асосии ҳастӣ пешниҳод намекунад. «Ҳар коре, ки Сартр мекард, ҳама гуна фикрронии ӯ, ҳамагӣ ҷустуҷӯи дардноки ӯ дар мавриди моҳияти ҳастӣ, моҳияти инсон буд, ки бо худии худ танҳо, бе такягоҳ ва бидуни тавзеҳ буд».[68] Аммо ин далел буда наметавонад, ки фалсафаи ӯ нокомил аст. Балки ин гуна ҷустуҷӯи беоқибати Сартр марбут ба он аст, ки дар ҳақиқат масъалаҳои асосии ҳастӣ, пеш аз ҳама, моҳият ва ҳадафи зиндагии инсон, ки ба нестӣ ва марг меанҷомад, ҷавоб надоранд. Ақаллан, Сартр ва ҳамаи онҳое, ки ба вазъият бо ҳуши бедор менигаранд, ба онҳо ҷавоб ёфта наметавонанд. Модоме ки моҳияти инсон ба вуҷуди ӯ вобаста аст ва дар ҳоле ки вуҷуди ӯ абадӣ нест ва марг

[68] Леонид Андреев, Жан-Поль Сартр. Свободное сознание и XX век. Москва: Гелеос. 2004. – Саҳ. 7

онро аз байн мебарад, пас моҳият ва ҳадафи зиндагӣ абсурд мебошад.

Дар заминаи ҳамин абсурдият Сартр консепсияи озодии худро месозад ва онро ба як гуна *тақдир ва маҳкумият* табдил медиҳад. Чун ҳар як файласуфи классикии юнонӣ ва олмонӣ, Сартр низ озодиро ба категорияи онтологӣ ва гносеологӣ табдил медиҳад. Чунончи, пайдоиши ҷаҳонро ҳам ба «худтақсимшавӣ» ва интихоби перманентӣ (доимӣ)-и он вобаста медонад. Албатта, ин таълимоти онтологии файласуф ҳамагӣ як фиреби назар аст. Балки тибқи методологияи бехатарии вуҷудӣ ҷаҳон дар натиҷаи *тасодуфи маргзо* ба миён омадааст ва боз ҳамин тавр бо тасодуфи маргзо аз байн меравад. Инсон дар байни ин ду Тасодуфи бузург ба вуҷуд омадааст. Агар ӯ хоҳад, худро метавонад аз қайди ин тасодуфҳо наҷот диҳад. Вагарна дар ҳукми ин тасодуфҳо якҷоя бо ситораҳои мирандаи Кайҳон аз байн хоҳад рафт.

Сартр чун ҳар як онтологи комил ҳама падидаҳоро ба категорияи марказии худ – Озодӣ мутобиқ мекунад. Ҷангро ҳам натиҷаи интихоби Озодӣ мешуморад: «Пурсидан беҳуда аст, ки бо ман чӣ мешуд, агар ин ҷанг рух намедод, чун ман худро ба ҳайси яке аз моҳиятҳои имконпазири ин давра, ки ба ҷанг анҷомид, интихоб кардам; ман аз ин давра фарқе надорам ва наметавонам ба дигар давра тааллуқ дошта бошам. Ҳамин тариқ, ман худи ҳамин ҷанг *ҳастам...*».[69]

Ҳамин гуна, Сартр Озодиро чун шароити мутлақи ҳастӣ дар назар дорад. Инсон бояд аз ҳама чӣ озод бошад, чунки *ҳама чӣ* Дигар аст ва Дигар душмани озодии фард. Хона ва зану фарзандро ӯ аз ҷумлаи он Дигароне медонист, ки озодиашро барҳам медоданд. Барои ҳамин, ӯ рӯзона дар қаҳвахона нишаста, эҷод мекард ва шабро дар меҳмонхона мегузаронд. Ӯ хонаи хусусӣ ва ҳаёти оилавӣ надошт. Аммо зинҳор ки ин бесаруборин Сартр ба вазъи молиявӣ ва иқтисодиаш вобаста набуд. Ӯ баъди ҷанг машҳур ва сарватманд шуд ва ба гуфтаи худаш пулҳояшро чун дуд бод медод. «Чойпулии тасаввурнопазир медод. Ҳамроҳаш бастаҳои бисёри пул мегардонд. ... Сартр ба моликияти

[69] Ҳамон ҷо. Саҳ. 124

«ғайриноқил» тамоман бепарво буд...».[70] Мантиқи тафаккури Сартр бо мантиқи тафаккури дигарон дар ин маврид фарқ мекунад. Ӯ аз ҷиҳати молиявӣ таъмин буд ва аз аҳволи давраи пириаш парвое надошт. Аз ин рӯ, хона ва зану фарзанд надошт. Аммо дар шароити дигарон вазъ дигар аст. Хона ва фарзанд бими пирӣ аз марги бармаҳал ва хорию бемории пирӣ аст. Ин тарзҳои гуногуни тафаккур боз ҳам ба мушкилии асосии инсон, яъне марг бармегарданд.

Сартр имконияти фаровони молии худро барои саёҳат сарф мекард, дар ҳоле ки саёҳат хилофи консепсияи ӯ дар бораи Озодӣ аст. Саёҳат ин дидани чизҳо ва падидаҳо, яъне дигарҳои бисёр ва худро мубталои онҳо сохтан аст. Магар ин дурӯягии Сартр нест?! Ӯ аз моликияти хусусӣ ва сохти буржуазӣ нафрат дошт. Магар саёҳат образи зиндагии буржуа нест, ки даромади изофаи худро аз ҳисоби коргарони кироя (аз рӯи таърифи Маркс) сарфи амалҳое мекард, ки ба истеҳсолот ва истеҳсолкунандагон, коргарони кироя дахл надоштанд ва барои беҳбуди вазъияти онҳо равона намегардиданд?! Ба ин восита буржуа даромади изофаашро он тарзе сафарбар мекунад, ки коргари кирояи ӯ аз он фоида набинад, масалан дар шакли моликияти ҷамъиятӣ. Саёҳат ва тамоми шароите, ки имрӯз дар ҷаҳон барои он сохта шудааст, моликияти ҷамъиятӣ нест. Аз он фақат буржуа фоида мебинад. Дар ин маврид, Николай Фёдоров намунаи инсоне аст, ки бунбастӣ будани таълимоти Сартро фош мекунад. Фёдоров ҳатто навиштаҳояшро бо номи худаш чоп намекард. На ба он хотир ки мустаор мекард. Балки ба хотири боварии фалсафиаш, ки андешаи ӯ ифодагари моликияти умумӣ мебошад. Ӯ андешаеро пешкаш мекард, ки ба манфиати ҳамагон дахл дошт. Ӯ мехост одамон маргро барҳам зананд ва дар ин ҷаҳон зиндагии ҷовидониро ба роҳ монанд. Аз ин рӯ, зарурате ба моликияти хусусӣ нест.

Аммо Сартр, бо вуҷуди огоҳӣ ва ранҷи рӯҳонии худ аз мушкилии нестӣ ва марг, онро душмани асосии худ намедонад. Балки онро чун ҷузъи табиати инсонии худ мепазирад. ««Воқеияти инсонӣ» бо интихоб кардани сиришту табиати худ оқибати худро низ интихоб мекунад».[71] Ӯ хурофоти «табиати

---

[70] Ҳамон ҷо. Саҳ. 81
[71] Ҳамон ҷо. Саҳ. 124

инсон»-ро паҳн мекунад ва онро аз «ҳастӣ-барои-худ» ва ё аз «Ман» ҷудо мегузорад, чунон ки диндорон Рӯҳро аз Тан ҷудо мекунанд ва бо ин мехоҳад бегонагии маргро бо «Ман» тасдиқ кунанд. Дар ин робита, ӯ ба консепсияи озодии худ бармегардад ва дар байни марг ва озодӣ монандӣ мебинад. Инро аз номи қаҳрамони худ – Рокентан, ки тимсоли худи ӯст, чунин меорад: «...ин озодӣ андаке аз марг ёдрас мекунад».[72]

Бар хилофи ин фалсафаи қудратмеҳварӣ, дар «фалсафаи кори ҳамагонӣ»-и Фёдоров озодии фардии инсон ба маънои *озодии ҷисмонии ӯ аз марг* мебошад. Аз ин рӯ, озодӣ шароити зарурӣ барои ҳал кардани мушкилии марг аст. Озодӣ яъне озод будан аз ҳама гуна маҳдудиятҳо ва қайду бандҳо, то ки барои ҳал кардани мушкилии марг имкон вуҷуд дошта бошад. Масалан, озодӣ аз хурофоти динӣ ва дунявӣ шароити зарурӣ барои ҳалли мушкилии марг аст. Ҳамин гуна, *озодӣ аз консепсияи озодии Сартр* низ шарти зарурӣ барои ҳалли мушкилии асосии инсон ба шумор меравад. Озодӣ ин озодӣ ва раҳоии инсон аз ҳама гуна масъалаҳои дуюмдараҷа мебошад, ки инсонро аз мушкилии марг дур мекунанд. Масалан, шодию нишоте, ки инсонро ба устуворӣ ва дурустии тартиботи маргфарҷоми ин ҷаҳон бовар мекунонад, ба монанди диндорӣ ва сарватғундорӣ. Озодӣ масъулияти бо Марг дастбагиребон шудан, ба он пирӯз гардидан ва Зиндагии инсониро ҷовидонӣ кардан аст.

Ҳам назму тартиботи муқаддас, ки сароғози он Худо аст ва ҳам модернизм, ки ақлгароӣ заминаи он мебошад, усулан ба ҳамдигар монананд.

Дар низоми муқаддаси Дин Худо сароғози тартибот аст. Дин ба он хотир муқаддас аст, ки Инсон на фақат қудрати иваз кардани ин тартиботро надорад, балки гунаҳкор низ хоҳад шуд, агар дар қасди иваз кардани он шавад.

Низому тартиботи илми модернистӣ собит ва пойдор аст. Дар ин низом Табиат ва қонунҳои он сароғози тартибот аст. Ин низом ба он хотир собит ва пойдор аст, ки қонунҳои универсалие ҳастанд, ки инсон, ҷомеа ва Кайҳон аз рӯи онҳо вуҷуд доранд.

---

[72] Ҳамон ҷо. Саҳ. 79

Аз ин ҷо, Дин ва Илми модернистӣ ду низом ва ё тартиботи маърифат ва ҳастӣ мебошанд, аммо аз якдигар ба таври усулӣ фарқ надоранд. Ҳар ду низом қонунҳои пойдор ва устуворро пешниҳод мекунанд, то ки мавҷудияти хаоси маргзоро рафъ кунанд. Аммо дар амал наметавонанд ин мушкилиро барҳам диҳанд, фақат Инсонро бовар мекунонанд, ки дини илоҳӣ ва ё илми модернистӣ ба хаос, нестӣ ва марг чира аст.

Ҳам дин ва ҳам илми модернистӣ инсонро ҷузъ медонанд. Ҳақиқат ва ҳастии ин ҷузъро дар назди ҳақиқати кулл (Худо, Табиат, Кайҳон, Таърих...) ночиз ва назарногир меҳисобанд. Теологияи дин ва телеологияи фалсафа масъалаи Инсонро ҳамин гуна гузошта, ҳал мекунанд. Чунончи, Ҳайдеггер дар «Метафизика чист?» мегӯяд: “Мақому манзалати инсон дар муқоиса ба Кайҳони бепайдо чист? Албатта, ҳеч, вақте тасаввур мекунем, ки на фақат инсон балки Замин ҳам аз дидгоҳи Кайҳон зарраи назарногире беш нест”.

Ин баҳо дар мавриди мавқеъ, мақом ва арзиши инсон метавонад қурб дошта бошад, чуноне ки Худо дорад. Агар он мавҷуди оқиле бошад, ки қонуни ҳастӣ дар ихтиёраш бошад. Аммо ин тавр нест. То ҳоло ба ғайр аз инсон ягон мавҷуди дигаре дар Кайҳон ёфт нашудааст, ки фикр карда тавонад. То ҳанӯз собит нашудааст, ки қонунҳои табиӣ ва кайҳонӣ аз ягон ҷо идора ва наззора мешаванд ва аз ин рӯ, оқилона, одилона ва собиту пойдоранд. Аз ҳама муҳим, то ҳоло маълум нест, ки тақдири инсон пас аз марги ҷисмониаш чӣ мешавад. Оё қудрати бартар аз инсон вуҷуд дорад, ки пеш аз ҳама, пойдории назму тартиби ҷаҳон ва намирандагии инсонро кафолат диҳад? На, чунин қудрате ва кафолате ҳанӯз аз худ дарак надодааст. Худо низ чунин қудратро надорад. Он танҳо бофтаи тахайюли мо барои ба ин саволҳо ҷавоб ёфтан аст.

Модоме ки чунин мушкилиҳо дар рӯёрӯи инсон истодаанд ва ҳеҷ қудрате ба ғайр аз худи инсон ҳалли онҳоро ба гардан намегирад, пас ӯ ҳаққи маънавӣ, табиӣ, таърихӣ ва муқаддас дорад, ки Худо ва дигар қувваҳои хаёлӣ ва ҳатто табииро аз саҳнаи тақдирсозӣ дур кунад.

Модоме ки Кайҳон, Табиат ва Худо худашон андеша карда наметавонанд, ба амали муназзам, оқилона ва одилона қодир нестанд ва бар замми ин, дар ҳаёти одамон монеаҳо ва хатарҳо

эҷод мекунанд, инсон ҳаққи комил дорад, ки зимоми корро дар Кайҳон ба дасти худ гирад. Барои ин ӯ бояд дониши илмиро воситаи расидан ба ҳадаф қарор диҳад. Аммо зинҳор, ки хатои гузаштагон, диндорон ва модернистонро такрор накунад! Яъне ақлро дар хизмати қудратталабиҳои худ қарор надиҳад. Акнун ҳадафи инсон аз он иборат аст, ки омилҳои ҷисмонию равонии бадани худро омӯзад ва ба ҷовидонагии ҷисмониаш ноил шавад. Дар баробари ин, хатарҳои дарунибаданӣ ва берунибаданиро омӯхта, рафъ кунад. Дар Замин ва дар Кайҳон манбаъ ва маншаъҳои хатарнок ва маргзоро ошкор кунад ва тадриҷан, вале бетаъхир, аз байн барад. Аз қабили чунин хатарҳо бемориҳо, ҷангҳо, офатҳои табиӣ ва экологӣ (масалан, заминҷунбӣ ва гармшавии сайёра), метеору астероидҳо ва сияҳчолҳо мебошанд. Ба ифодаи кӯтоҳ, инсон бояд ба ҷовидонӣ кардани зиндагии фардии худ дар ин ҷаҳон сар кунад!

Барои ба ин ҳадафи ниҳоӣ расидан, монеаҳо ва мушкилиҳо бисёранд. Аз ҷумлаи чигилтарин мушкилиҳо набудани *Ҷаҳонбинии алтернативӣ* аст. Аниқтараш, ин гуна ҷаҳонбинӣ вуҷуд дорад ва онро Николай Фёдоров, Институти ҷовидонагӣ ва Комил Бекзода пешниҳод карданд, вале кам андар кам одамон омодаи пазириши он ҳастанд. Чунон ки дар боло як сайри таърихӣ кардем, таълимотҳои фалсафии маърифатмеҳварӣ ва қудратмеҳварӣ дар бораи ҳастии инсон ва тақдири он пас аз марг бетараф ва бепарво ҳастанд. Мавқеи онҳо ба мавқеи теология ҳамсон аст, ки мувофиқи он, маргу нестии инсон на фақат ногузир, балки шарти асосии ба даст овардани камол, хушбахтӣ ва абадият мебошад. Инсон абадияти худро дар Худо, Кулл, Миллат, Таърих ва Табиат пайдо мекунад.

Аммо таълимотҳои фалсафӣ ва психологие низ ҳастанд, ки камолу хушбахтӣ ва абадияти Инсонро дар сурати мавҷудияти марги ҷисмонӣ, яъне фардии ӯ қабул надоранд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Нуриддин ШАҲОБИДДИН**

# ҲАСТӢ ВА ҲАҚИҚАТ ДАР ФАЛСАФАИ ҲАЙДЕГГЕР

(*Дифоъ аз феноменология дар маънии ростини он*)

## I

Имрӯз фалсафаи Феноменология (Падидоршиносӣ) бештар мавриди таваҷҷуҳи файласуфони замони мо қарор гирифта, густариш, дифоъ ва пайравии ин намуди фалсафа ба чашм мерасад. Дар Тоҷикистон бошад масъалаҳое чун ҳастӣ, ҳақиқат, ҳақ ва мисли инҳо аз дидгоҳи фалсафаи феноменология аз ҷониби Меҳмоншоҳ Шарифзода бештар расонаӣ шуда истодааст. Аммо назароте дар ин маврид ба миён гузошта мешаванд, ки на ҳамеша қонеъкунанда ва дар заминаи дарки аслии масъала матраҳ мегарданд. Вақте ки масъала даъво ва дифоъ аз феноменология мебошад, бояд ду чизи асосиро пеш аз ҳама дар мадди назар дошта бошем: Якум, феноменологияро дар баробари чӣ дифоъ кардан зарур, зеро худи вожаи “дифоъ” хостори тавзеҳ мебошад. Дуюм, дифоъ ба хотири чӣ? Баъзан чунин ба назар мерасад, ки бо зикри ном ва мафҳумҳое чун Ҳайдеггер, феноменология, дифоъ аз феноменология, шинохт ва таҷриба аз ҳастӣ, ҳақиқат ва ё ҳақ дигаронро афсун мекунанд, ҳамагуна таҳқиру тавҳинро дар бораашон раво мебинанд, эшон вонамуд мекунанд, ки худашон ба ҳақиқат расидаанд ва дарку шинохти худро аз ҳастӣ ва ҳақиқат доранд, лек хилофи интизориҳо, мутаассифона, ба ҷуз ҳамон суханони сатҳӣ ва даъвоҳои зоҳирии такрорӣ, то ҳанӯз на бинишҳои дигаронро аз ҳастӣ ва ҳақиқат ва на биниши фардии худро матраҳ кардаанд. Модоме ки мақсади дар мақола ё гузориш матраҳгардида фақат хусусияти намоишкорона дорад ва ҳадафмандона пайгирӣ намегардад ва ё ба шеваи ғариб дар асоси нодонӣ, тасаввури ботил ба хотири дифоъ аз даъвои худ далелҳоеро ба миён мегузоранд, ки бо асли даъво дар зиддият қарор дорад ва аз далелҳои нокифояю береша чӣ натиҷа метавон гирифт? Масалан, дифоъ аз феноменология ва Ҳайдеггер кардан кори шоиста аст, аммо далелҳои овардашуда аз калом, ирфон ва боз тарғиби метафизика чӣ маънӣ дорад? Зеро худи Ҳайдеггер иқрор кардааст, ки ҳеҷ кас қабл аз ӯ ба суоли ҳақиқати ҳастӣ ҷавоб надодааст ва

ҳамчунин ҳеҷ кас қабл аз ӯ, ӯ ҳатто бевосита номи М. Шеллер, аз дӯстони Ҳайдеггер ва асосгузори инсоншиносии фалсафӣ Э. Ҳуссерел, устоди Ҳайдеггер ва асосгузори феноменологияро ном мебарад, ки онҳо низ натавонистаанд моҳияти инсонроончунон ки ҳаст, бозгӯ намоянд.

Чизи ҷолиб он аст, ки ба андешаи Ҳайдеггер дар бунёди биниши ғарбӣ “ҳеҷангорӣ” (Nihilismus) қарор дорад: яъне ҳеҷ андеша, андешаманд, воқеият ва ё ҳақиқат мутлақ қарор намегирад ва ҳамаи онҳо ҳамеша мавриди инкор қарор мегиранд. Аз ҷумла бинишҳо дар мавриди ҳастӣ ва ҳақиқат аз асрҳои миёна, то замони Ҳайдеггер чандин маротиба мавриди таҳаввул қарор гирифтаанд. Биниши Ҳайдеггер ҳатто аз биниши Нитше, ки аз ҷиҳати замонӣ аз ҳам анқариб фарқи ҷиддӣ надоранд, куллан фарқ дорад. Он чи мавриди таҳайюр аст, ки баъзе файласуфмаобон ё орифмаобон, ки худ дар байни донишмандони асримиёнагӣ ба дунболи пайдо кардани ягон маънии кӯчак ва ҷолибе мегарданд ва таҷрибаи ҳастишиносии Ҳайдеггерро дар осори асримиёнагии шарқӣ, аз ҷумла осори Ғаззолӣ ё Мавлоно аллакай вуҷуддошта, нишон медиҳанд ва онҳоро дар паҳлуи ҳам қарор медиҳанд. Дар фалсафаи Ҳайдеггер зоти инсон дар миёни нестӣ ва ҳастӣ қарор дорад ва ҳеҷ унсури бунёдии дигаре дар ин ҷо вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, он бемисл аст ва ба андешаи мо ҳеҷ таҷрибае аз чунин шинохт дар фалсафа, дин ва ирфони ҷаҳонӣ аллакай ба вуқӯъ напайвастааст. Аммо агар чунин таҷрибае вуҷуд дорад, чи хуб мешуд агар холисан ва илман ба миён гузошта мешуд, зеро бад-ин васила ҳам андешаи илмии миллӣ мавриди таҳаввул қарор мегирифт ва ҳам баҳси фалсафӣ дар маҳдудаи падидоршиносии он аз баҳсҳои оҳанги сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ё ирфонидошта фарқ мекард.

Фридрих Нитше рӯшанфикрони замони худро ҳамчун “рӯшанфикрони воруна” интиқод менамояд, зеро онҳо ба ҷуз аз рӯшанфикрӣ дигар ҳама чиро доро буданд. Яке аз нишонаҳои рӯшанфикрии воруна он аст, ки онҳо кӯшиш менамоянд, ҳарчи бештар ба сиёсат наздик шаванд ва тавассути сиёсат қудратро соҳиб гарданд. Зеро онҳо дар роҳи фалсафа нотавонии худро ғаризатан эҳсос мекунанд ва барои рӯйпуш кардани ин ҳақиқати

худ зираконатарин шеваи рӯшанфикрии ворунаро пеша мекунанд, яъне ба ҷои рӯшангарӣ раҳгумзанониро пеша мекунанд. Масалан, як ду мафҳум, ибора ва ҷумла аз файласуфони урупоӣ аз худ мекунанд ва боз чанд мисраъ ва байти дигар аз мутафакирони худӣ ва ҳамингуна андешаҳои сатҳӣ ва примитивии худро дар сояи онҳо пиёда карда, худӣ, ҳақ ва ҳақиқати холии худро ҳамчун худӣ, ҳақ ва ҳақиқати олӣ ҷилва медиҳанд.

## II

Феълан ин ҷо ба баъд мо ба асли масъала, яъне ба масъалаи ҳастӣ ва ҳақиқат дар фаҳмиши Ҳайдеггер бармегардем. Сухан гуфтан аз ҳастӣ ва ҳақиқат дар фалсафа кори саҳл нест ва мушкилтар аз он ин тавзеҳи ҳастӣ ва ҳақиқат дар фалсафае чун фалсафаи Ҳайдеггер мебошад. Азбаски масъалаҳо бисёр нозук ва печида ҳастанд, дар ин пажӯҳиш мо мекӯшем назари Ҳайдеггерро доир ба ду масъала: яъне ҳастӣ ва ҳақиқат мавриди баррасӣ қарор диҳем ва ҳамзамон ин ҷо бояд қайд намуд, ки ин ду мафҳум аз ҳам ҷудо нестанд ва Ҳайдеггер асосан аз “ҳақиқати ҳастӣ” сухан мегӯяд. Ҳамонгуна ки ҳастӣ дар иртибот бо вуҷуди инсон дорои маънӣ мегардад, ҳақиқат низ дар иртибот бо он ҳамчун ҳақиқат шинохта мешавад. Пас асоси ин мақоларо се масъала: ҳастӣ, ҳақиқат ва инсон аз диди Ҳайдеггер ташкил медиҳанд. Ба хотири возеҳтар ифода кардани масоили мавриди таҳлил мо бунёдҳои фарққунандаи биниши Ҳайдеггерро дар муқоиса бо биниши метафизикӣ дар мадди назар қарор медиҳем.

Новобаста аз зуҳури ҷараён ва шохаҳои нав дар фалсафа дар давоми беш аз 2000 сол ҳамаи онҳо дар зери мафҳуми фалсафаи метафизикӣ шинохта мешаванд. Ҳамчунин бо вуҷуди шаклан аз ҳам фарқ доштан, дар бештар маворид бо ҳам дар зиддият қарор гирифтан ва инкори ҳамдигарӣ онҳо мазмунан бо ҳам шабеҳ ва дорои як методи шинохт буданд. Нахустин маротиба дар таърихи фалсафа файласуфи олмонӣ Мартин Ҳайдеггер ин фалсафаро ҳамчун фалсафаи нотавон мавриди шубҳа ва накд қарор медиҳад ва худро ҳамчун аввалин файласуфи «ғайриметафизик» муаррифӣ менамояд. Бар хилофи равиши метафизикӣ, ӯ равиши нав бо номи феноменологияро асоси маърифат қарор медиҳад ва бар хилофи ҳастишиносии метафизикӣ (metaphysische Ontologie) ҳастишиносии худро

ҳастишиносии бунёдӣ (fundamentalontologie) меномад. Накди асосии Ҳайдеггер дар мавриди фалсафаи метафизикӣ он аст, ки метафизика дар тӯли анъанаи беш аз ду ҳазорсолаи худ ба саволи «ҳастӣ чист?», ҳамчунин оид ба “нестӣ чист?” ҷавоб надодааст. Метафизика пойбанди омӯзиши ҳастандаҳо (Seienden) гардида, ҷавоб додан ба масъалаи ҳастиро ба боди фаромӯшӣ супоридааст ё худ равиши метафизикӣ вуҷуд (Sein) ва мавҷуд (Seienden)-ро бо ҳам дар омехтагӣ мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро айни ҳам қарор додааст. Омили дигаре, ки ба андешаи Ҳайдеггер тафаккури метафизикӣ эҷод кардааст, ин нисбати аслӣ ва бунёдии ҳастӣ бо зоти инсониро сарфи назар кардааст. Бо ин амали худ Ҳайдеггер мақсад мегузорад, ки ба суоли ҳастӣ ҷавоб диҳад. Аммо ҳадафи Ҳайдеггер аз “ғайриметафизик” ба ҷуз аз ёдоварӣ кардани масъалаи ҳастӣ нест. Он гуна ки худи ӯ баъдан дар асари “Метафизика чист?” иқрор мекунад, инсон махлуқи метафизикӣ мебошад ва то ҳаст, он бо биниши метафизикӣ тавъам аст.

Ҳайдеггершиносон бар он боваранд, ки худи Ҳайдеггер низ дар «Ҳастӣ ва Замон» ба суоли «ҳастӣ чист?», ҷавоб надодааст. Ӯ масъалаи ҳастиро чунон масъалагузорӣ мекунад, ки масъалаи ҳастии инсон асос қарор мегирад ва тамоми масъалаҳои бунёдии фалсафӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳастӣ ва ҳақиқат танҳо дар муносибат бо ҳастии инсон дорои маънӣ мегардад. Аммо равшаннамоиҳое, ки худи Ҳайдеггер дар ин маврид кардааст, нишон медиҳад, ки ин як навъ фаромӯшӣ ё гурез аз масъала набуда, балки равиши интхобкардаи ӯ мебошад ва ӯ сабаби тавассути ҳастии инсон шарҳ додани ҳастиро низ эзоҳ додааст. Ҳоло мо ба таҳлили бевоситаи масоили ҳастӣ ва ҳақиқат дар фаҳмиши Ҳайдеггер мепардозем.

1. Масъалаи ҳастӣ. Ҳайдеггер дар оғози асари асосии худ қайд менамояд, ки дар мавриди ҳастӣ аз он чи ки Арасту гуфта буд, чизи дигаре анқариб илова нашудааст. Арасту ҳастиро бо мафҳумҳое чун *умумитарин*, *шинохтатарин* ва *таърифнашаванда* тавсиф мекунад. Ибни Сино низ бо шарҳи бештари ин гуфтаҳои Арасту иктифо намуда, ҳастиро ҳамчун мафҳуми ғайриқобили таъриф ва тавсиф ба ҳоли худ вогузор намуда, фақат оид ба аворизи хоси

ҳастӣ ва ё оид ба ҳастандаҳо ибрози ақида намудааст. Тозакориҳои Сино дар ин маврид он аст, ки Сино ҳастиро ҳамчун маънии трансценденталӣ муаррифӣ намуд ва маънии ҳастиро ҳамчун маънӣ дар зеҳн аз маънии мақулаҳо ҷудо намуд. Дар ин низоми фалсафӣ се омил вуҷуд дорад: якум, ҳастӣ, дуюм даҳ мақулаи арастуӣ, ки маънии моҳиятӣ доранд ва бо ориз гардидани ҳастӣ ба онҳо дорои вуҷуд мегарданд ва сеюм Худо, ки аз доираи мақулаҳо берун буда, дорои моҳият нест ва вуҷуди маҳз аст. Дар ин низом инсон дорои худмухторият нест, балки ҳамчун ҳастандаи дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо ва ҷавҳари ҷисмоние, ки дорои се андоза аст, ба доираи мақулаҳо дохил мебошад. Ин хусусиятҳои фалсафаи Сино бо фалсафаи Декарт, ки Ҳайдеггер ҳангоми таҳлили метафизика асосан ба фалсафаи Декарт муроҷиат мекунад, наздикӣ дорад. Дар ин фалсафаҳо новобаста аз он ки ҳастии мутлақ ва ё ҳастии метафизикӣ аз ҳастии риёзӣ фарқ дорад, бо вуҷуди ин аз нигоҳи худи Ҳайдеггер фаҳмиши ҳастӣ дорои хусусияти риёзӣ мебошад. Зеро он як маънӣ дар фикр буда, тавассути формулабандии риёзӣ фикран қобили баён мебошад.

Онгуна ки аллакай қайд намудем, Ҳайдеггер ба чунин тарзи бархурд бо ҳастӣ мувофиқ нест, зеро на ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва на нисбати инсон ва ҳастӣ ба назар мерасад. Равиши падидоршиносонаи худро дар мавриди шинохти ҳақиқати ҳастӣ ӯ дар се нисбат: дар кулл, дар мисоли ҳастии рӯзмаррагӣ ва ниҳоят ҳастӣ дар худии худ ва ё алоҳидагӣ ба тариқи зер пиёда месозад. Ҳастӣ, ин дар вуҷуди ҳастандаҳо вуҷуд дорад ва инсон низ як ҳастанда мебошад. Ба андешаи Ҳайдеггер ҷавоб додан ба суоли “ҳастӣ чист?” ҳамин тавр як амали ғайриимкон мебошад, аз ин рӯ бояд омилеро ҳамчун асос қарор дод ва дар муносибат ба ин омил масъалаи ҳастиро матраҳ гардонид. Ӯ андешаи Ҳегелро ҷонибдорӣ мекунад, ки ҳастии маҳз ва нестии маҳз яке ҳастанд, аммо на дар шеваи фаҳмиши Ҳегел, балки ба он маънӣ, ки ҳастӣ зотан ниҳоят маҳдуд буда, фақат дар вуҷуди инсоне, ки худро дар баробари нестӣ қарор медиҳад, зуҳур мекунад. Баъдтар, ҳангоми тавзеҳи тарси огоҳӣ мо ба ин масъала бармегардем. Ҳамин тавр шарҳи худ оид ба

ҳастиро Ҳайдеггер тавассути инсон ва ё худ Дазайн (вуҷуди онҷоӣ, ҷойгоҳи хос ва манзалати инсон) амалӣ мегардонад. Сабаби чунин амали Ҳайдеггер, ин дорои як қатор бартариятҳои вуҷудӣ (ontologisch), мавҷудӣ (ontisch) ва вуҷудӣ-мавҷудӣ (ontisch-ontologisch) будани инсон аст, ки бо онҳо ӯ аз дигар мавҷудот бартарӣ пайдо мекунад ва аз доираи мавчудоти дигар берун меояд. Бартариятҳои Дазайн бахусус дар муносибат бо феноменология чашмрас мегардад. Феноменология аз диди Ҳайдеггер ин худро ошкор сохтани ашё ва худро дар рӯшноӣ ва нур қарор додани онҳо мебошад. Аммо ин ошкорсозӣ ва зоҳирсозӣ чӣ гуна амалӣ мегардад? Танҳо ин инсон аст, ки худро дар нур ва рӯшноии худ зоҳир месозад, ҳамаи мавҷудоти дигар худро фақат тавассути рӯшноии инсон зоҳир месозанд. Ҳайдеггер бар он аст, ки танҳо инсон имкони аз ҳастии худ ба сӯи ҳастӣ рафтанро дорад ва бар ақидаи ӯ фарқияти инсон аз дигар мавҷудот ва ё ба ибораи худи ӯ “мақулот” он аст, ки ҳамаи мавҷудоти дигар «мавҷудоти дохил дар ҷаҳон» (innerlich -Welt Seienden) мебошанд, аммо инсон бошад «дар ҷахон» (In-der-Welt-sein) аст. Ҳамаи мавҷудоти дигар ё худ ҳастандаҳо бо ҳамдигар мулоқот карда наметавонанд, зеро онҳо дорои ҷаҳони худ нестанд. Фақат инсон аст, ки дорои ҷаҳони худ мебошад. Бояд зикр намуд, ки маҳз тавассути мавқеи пешоянди «дар» дар забони бостонии олмонӣ, Ҳайдеггер аз ҷиҳати падидоршиносӣ ва бар хилофи фаҳмиши «дар» дар фаҳмиши метафизикии он, маконмандии вуҷуди инсонро қайд мекунад.

Дар забони олмонӣ ҳастӣ ё вуҷуд Sein мебошад ва мақсади Ҳайдеггер аз Da-sein, ки барои ифодаи вуҷуди инсон истифода шудааст, ҳамон кушудагӣ, берунистодагӣ ва ё бозшудагӣ (Erschlossenheit)-и инсон аст. Пешоянди “Да”, ки маънии “он ҷо”-ро дорад ва калимаи Дазайн, маънии вуҷуди онҷоиро дорад ва ин ҳамон ҷавҳар ё мавқеи хоси инсон мебошад, ки кушудагӣ ҳастии онро ташкил мекунад ва кушудагӣ бошад ин аз се унсур: эҳсоси мавқеият (Ӣefindlichkeit), ки ифодакунандаи хулқу хӯ ва эҳсосоти инсон, фаҳм ё фаҳмидан (Verstehen), ки андеша ва тафаккури инсон ва баён (Rede), ки забони инсонро ифода мекунад, созмон ёфтааст. Он гуна ки худи Ҳайдеггер баъдтар иқрор мекунад,

ҳадаф аз кушудагӣ фақат кушудагии инсон набуда, ин кушудагии худи ҳастӣ низ мебошад. Ҳастиро мо дар бозшудагии он идрок мекунем ва чунин бозшудагиро дар бевоситагӣ фақат дар Дазайни инсон мушоҳида кардан мумкин аст, ки мавҷудоти дигар бошанд, танҳо тавассути инсон дорои кушудагӣ ва бозшудагӣ мегарданд. Ҳадаф аз "Da" дар Da-sein ин дар қадами нахуст ҳамон бозшудагӣ, манзалат, ҷойгоҳ ва ё вуҷуди хоси инсон ва аз шарҳе, ки худи Ҳайдеггер дар "Метафизика чист?" баён мекунад, ин аввалин таҷрибаи ҳастӣ мебошад: "Дазайн номе аст барои он чи ибтидоан ҳамчун мақом ё ҳамчун ҷойгоҳи ҳақиқати ҳастӣ таҷриба мешавад." Он гуна ки мушоҳида мешавад, Ҳайдеггер ҳастиро тавассути Дазайн маърифат мекунад ва дар ин ҷо дигар шарҳи ҳастӣ дар тариқи метафизикӣ ба мушоҳида намерасад. Ӯ худ тавзеҳ медиҳад, ки ҳадаф аз Дазайн ин ҳеҷ вақт *огоҳӣ* нест ва ҳамчунин онро наметавон чун *худи*и инсон ба маънии куллии он, масалан онгуна ки дар фалсафаи Нитше ва Иқбол вуҷуд дорад, донист. Аммо назари ҷолиби Ҳайдеггер дар мавриди асли ҳастӣ матраҳ гардидааст. Ӯ ин масъаларо чунин матраҳ мекунад, ки ҳастӣ дар баробари нестӣ, ҳастӣ аст ва аз ин рӯ ҳамаи он мафҳумҳои дар метафизика маълум ҳастӣ мебошанд, на нестӣ. Омили ҳасткунандаи ин мафҳумҳо бошад замон аст ва масъалаи замон ҳамеша дар таърихи ҳастишиносӣ дар бунёд қарор гирифтааст. Ҳайдеггер ду омилро, ки яке ба ибтидоитарин фаҳмиш аз ҳастӣ, яъне бо ҳузур ва ё замони ҳозира айният доштани маънии ҳастӣ дар забонҳои бостонии юнонӣ, лотинӣ ва олмонӣ ва дигарӣ ба охирин биниш оид ба ҳастӣ, яъне ҳастӣ ҳамчун Бозгашти ҷовидона дар фалсафаи Нитше асос қарор дода, дар "Метафизика чист?" возеҳ менамояд, ки дар "Ҳастӣ ва Замон" ҳастӣ ин ҳамон замон аст ва дигар ҳеҷ: "Аз он ҷо ки замон дар ҳукми пешнамое (Vorname)барои он ҳақиқати ҳастӣ аст, ки зотбахши (ҳастибахши) ҳастӣ ва бинобар ин худи ҳастӣ аст. Пас дар "Ҳастӣ ва Замон" вуҷуд (ҳастӣ) чизе ғайр аз Замон нест". Мо метавонем дар ин муносибат биниши Зурвонияро низ, ки ҳастиро ҳамчун замони бекарон медонист, ёдоварӣ намоем.

Дар фалсафаи метафизикӣ дар қадами аввал ҳастӣ ба ҷавҳар ва араз тақсим карда мешавад. Ҳайдеггер низ масъалаи ҷавҳариятро, ки хоси фалсафаи метафизикӣ мебошад, инкор намекунад, зеро ин инсон аст, ки ба суоли «Кӣ?» «Ман» мегӯяд.

Аммо ҷавҳари инсон ва ё «Ман-и инсон» дар ин ҷо на ҷисм ва нафс, он гуна ки дар фалсафаҳои Арасту ва ё Сино аст, балки вуҷуди хоси инсон (menschliche Existenz) мебошад. Ҳадафи Ҳайдеггер аз Эгзистенс ҳамон Да аз калимаи Дазайн мебошад. Инро низ бояд қайд намуд, ки дар фалсафаи метафизикӣ ҳадаф аз вуҷуди хос ин моҳияти ашё мебошад, на вуҷуди зоҳирии онҳо. Дар фаҳмиши Ҳайдеггер инсон дар фаҳмиши метафизикии он, яъне дар шакли муҷаррадгардонидашуда, вуҷуд дошта наметавонад ва таҳлили чунин инсон низ аз диди нав ғайриимкон аст. Мувофиқи андешаи ӯ инсон иборат аз имкони худаш мебошад, аммо на он имкон-ул-вуҷуд, ки муҳтоҷи иллатҳои вуҷуд аст, балки инсон дар ҳастии худ метавонад худро "интихоб" намояд. Яъне инсон метавонад ҳастии асили худро дарёбад ё худ роҳгум бизанад ва ё аслан худро дарнаёбад. Аз ин рӯ дар биниши Ҳайдеггер "Ман" (Ich) ва "Ғайриман" (Nicht-Ich), ҳастии асил (Eigentlichkeit) ва ғайриасил (Uneigentlichkeit) аз мафҳумҳои ҳамҷаворе ҳастанд, ки сарфи назар кардани яке аз онҳо ғайриимкон аст. Ин биниш бахусус ҳангоми матраҳ гардидани Дазайн дар Модуси рӯзмаррагии он, ки дар он моҳияти иҷтимоии инсон матраҳ мегардад, бештар равшан мегардад. Инсон ҳамеша «инсон бо...» ё «инсон бо дигарон» мебошад. Аммо ин дигарон ё «ғайри ман» маънии ҳар чизи берун ва новобаста аз манро надорад, балки он моҳияти манро низ ташкил мекунад. Мақсад аз дигарон, ки Ҳайдеггер мафҳумҳои "Ӯ-и ношинохта" ва «мегӯянд» (Man)-ро низ истифода мебарад, ҳамон афкори умум мебошад Моҳияти иҷтимоии инсон дар худии худ ҳеҷ аст, онро маҳз ҳамин афкори умумӣ созмон медиҳад, ки иборат аз боварихои умумӣ, таблиғоти динӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ ва мисли инҳо мебошад. Инсоне, ки моҳияти ӯро "мегӯянд" ташкил медиҳад, дар ҳолати суқут, беватанӣ ва бегонагӣ аз ҳастии асил ва ҳақиқии худ қарор дорад, аммо ин боварихои умумӣ ба инсон имкон намедиҳад, ки ӯ эҳсоси беватанӣ ва ё бегонагӣ намояд. Дигарон ё худ "мегуянд" дар асл худ бемоя аст, он дар ҳама ҷо ҳаст ва дар айни ҳол дар ҳеҷ ҷо нест. Ҳамон гуна ки барои як инсон он "дигарон" созмондиҳандаи моҳияти ӯ мебошад, барои нафари дигар низ чунин ҳолат вуҷуд дорад ва дар умум он як чизи ғайривоқеӣ

мебошад. Ҳамаи онҳое, ки зери таъсири тарғиботи рӯзмарраи матбуот, радиёю телевизион, созмонҳо ва ҷамъиятҳо, динҳо ва идеологияҳо қарор доранд, ҳама аз диди Ҳайдеггер дар ҳолати бегонагӣ ва беватанӣ аз худ, албата дар маънии феноменологии он қарор доранд.

Он чи инсонро аз ҳолати ғайриасилӣ ё бегонагӣ ва беватанӣ наҷот медиҳад, ӯро аз гурез аз худ бозмедорад ва дар баробари худ танҳо месозад ва ҳастии ҳақиқии ӯро ба ӯ бармегардонад, ин падидори тарси огоҳӣ (Angst) мебошад. Ин падидор аз тарси рӯзмаррагӣ, ки дар забони олмонӣ дар ин маврид вожаи Furcht истифода мешавад, фарқ мекунад. Мо вожаи маъмули тоҷикии онро дастрас накардем (шояд вожаи "изтироб" муносиб бошад) ва азбаски эрониҳо онро ҳамчун *тарси огоҳӣ* тарҷума кардаанд, мавриди истифода қарор додем. Фарқияти тарси огоҳӣ (Angst) аз тарси маъмулӣ (Furcht) он аст, ки тарси маъмулӣ ҳамеша тарс аз мавҷудоти дохил дар ҷаҳон мебошад, яъне ҳамеша "тарс аз ..." ва ё "тарс ба хотири..." ва мисли ин аст. Аммо сарчашмаи тарси огоҳӣ маълум нест, дақиқтар аз он сарчашмаи он тарс, вуҷуди инсон ба сифати мавҷуде мушаххас-худи инсон инсон мебошад. Дар мавриди тарс инсон дар баробари дигар мавҷудот даступо гум мекунад, аммо дар мавриди тарси огоҳӣ баръакс инсонро оромиши комиле фаро мегирад. Ҳайдеггер ҳангоми матраҳи масъалаи муносибати тарси огоҳӣ бо Дазайн ва ҳастӣ падидори нестиро асос қарор медиҳад. Ин ҷо мо ба он ишораи дар мавриди ҳастӣ ва нестӣ кардаи Ҳайдеггер, ки дар боло зикр карда будем бармегардем. Бо ҳам айният доштани ҳастӣ чунон ҳастӣ (ҳастии мутлақ) ва нестӣ чунон нестӣ (нестии мутлақ)-ро ки фикри Ҳегел буд, Ҳайдеггер ба равиши феноменологӣ, ки дар онҳо вожаҳои калидӣ мавҷудот дар куллияти онҳо, тарси огоҳӣ, Дазайн ва ҳамчунин ҳастӣ ва нестӣ мебошанд, чунин асоснок менамояд: айнияти ҳастӣ ва нестиро Ҳайдеггер тавассути ҳолати малулӣ ва бетафовутие, ки инсонро фаро мегирад, ба тасвир мекашад. Дар чунин ҳолат ҳамаи мавҷудот ва худи инсон низ рӯ ба ақибнишинӣ меоваранд ва дар як кулл фурӯ мераванд, дар ин ҳол фақат Дазайни инсон аст, ки вуҷуд дорад, дигар ҳар чи аз осори "ҳаст" ва "ҳастӣ" аст, нопадид мегардад. Ҳайдеггер рӯшан месозад, ки ин нестӣ аст, ки арсаро барои инсон танг месозад ва аз ҳар сӯ гулуи ӯро мефишорад. Дар он мавридҳое, ки инсон тавассути

калимае кӯшиши шикастани сукути сангинро мекунад, мақсад бурун шудан аз нестии дар он лаҳза вуҷуддошта ва ҳукмрон мебошад. Он чи ки аз назари Ҳайдеггер нестӣ ва ҳастӣ бо ҳам яке ҳастанд, маҳз ҳамин ҳолати инсон аст. Дазайни инсон дар пешорӯйи нестӣ қарор дорад ва ин нестӣ аст, ки зуҳури ҳастиро барои Дазайн имконпазир мегардонад. Ҳадафи аслӣ дар ин ҷо маҳз тарси огоҳӣ аст, зеро ба ақидаи Ҳайдеггер фаҳмиши ҳастӣ ба сохтори вуҷудшиносии Дазайн марбут мебошад ва бидуни як сохтори ягона шинохти худи Дазайн ғайриимкон мебошад. Тарси огоҳӣ, ки дар он ягонагии ҳастӣ ва нестӣ ба назар мерасад ва Дазайн дар худ ҳақиқати ҳастиро ба мушоҳида мегузорад, сохтори бунёдӣ ва ягонаи Дазайнро ташкил медиҳад. Сарчашмаи тарси огоҳӣ худи вуҷуди инсон аст, ки дар шакли падидори ғам ва нигаронӣ (Sorge) зуҳур мекунад. Ғам ва нигаронӣ инсонро дар баробари худ ва дар танҳоӣ қарор медиҳад ва аз ҳолати суқут наҷот медиҳад. Маҳз дар ин марҳала инсон ҳамчун имкон ба асли худ бармегардад ва ҳастии ҳақиқии худро, ки тавассути гаравидан ба “мегӯянд” ё “Ӯ-и ношинохта” аз худ бегона ва дорои ҳастии ғайриҳақиқӣ гардида буд, дармеёбад. Мафҳуми ғам ё нигаронӣ ягона мафҳуми бунёдии “Ҳастӣ ва Замон” аст, ки баррасии он, ки ниҳоят бунёдӣ ва густурда мебошад, дар ин ҷо дар доираи ҳадафи мо қарор надорад.

Дар ин ҷо мо яке аз равишҳои феноменологии шинохтро дар фалсафаи Ҳайдеггер матраҳ менамоем, ки новобаста аз ҳаҷман хурд будан, хусусияти бунёдӣ дар дарки ин фалсафаро дорад. Бар хилофи фалсафаи юнонӣ, ки прагма ва фалсафаи исломӣ, ки шайъ, ё чизро, албатта дар маънии ҷинсии он, нахустомили шинохти ҳастӣ, ки нахустин бор дар зеҳн дучор меояд, медонистанд, Ҳайдеггер баръакс ба тариқи боварнакарданӣ Асбоб (Zeug) ё василаи омодаро нахустомили шинохт меҳисобад ва дар ин замина дунё ва дунявияти ҳастандагонро аз нигоҳи падидоршиносӣ асоснок мегардонад. Дар мавриди прагма ва шайъ фақат вуҷуди онҳо дар зеҳн дар назар дошта мешаванд ва маърифаткунанда фақат бо ҳастии эътиборӣ сарукор дорад ва дар ин нисбат наҳваи шаклгирии ҳастӣ ба эътибор гирифта намешавад. Ҳайдеггер маҳз наҳваи шаклгирии ҳастандагонро

асос қарор медиҳад, зеро он равандҳо худ низ ба ҳастӣ дохил мешаванд. Ин масъалаи бунёдӣ бахусус дар ҳини матраҳ гардидани масъалаи ғоият (Bewandtnis) ба назар мерасад. Як асбоб ё худ васила бо худии худ вуҷуд дошта наметавонад, он ҳатман дар муносибат бо асбоби дигар вуҷуд дорад ва ҳамингуна дигарӣ низ дар муносибат бо асбоби дигаре ва ҳар кадоми онҳо нишона (Zeichen) ва далолат (Verweisen) ба чизи дигар аст. Далолатгар будани чизе маънии онро дорад, ки он вобаста аст. Ҳамингуна ин вобастагиҳо ба ҳамдигар низоми далолатҳоро ба вуҷуд меоваранд ва ин низом дар умум дарбаргирандаи кулли ғоятманд мебошад, ки ҳам дар оғоз ва ҳам дар анҷоми он Дазайни инсон қарор дорад. Дар оғоз аз он сабаб аст, ки як васила ё ҳастандаи омода, худ аллакай маҳсули як ғояти аз қабл тарҳрезишуда мебошад ва анҷом аз он хотир аст, ки як васила ҳатман "ба хотири..." як фоидаоварӣ ва ё корбурди он ва дар навбати худ он корбурд "ба хотири" чизи дигаре вуҷуд дорад. Чунин ғоятмандӣ ё худ "ба хотири..." дар ниҳоят ба чизе анҷом мегирад, ки ҳастии он аз ҳастии дигар ҳастандагон фарқ мекунад, ки он Дазайн мебошад ва ғояти дигареро дар пай надорад. Мисоли дӯстдоштаи худи Ҳайдеггер, ки "болға" мебошад, чунин аст: як болға ба хотири кӯбидан (болға задан) аст, ки болға аст. Худи "болға задан" дар навбати худ ба хотири сохтани дар, тиреза ё ... аст, ки "болға задан" аст, дар ё тиреза бошад ба хотири сохтани хонае, ки бояд манзилгаҳи Дазайн гардад, дару тиреза ҳастанд. Агар ҳар асбоб ва василаеро нагирем ҳатман дар ниҳоят ба хотири Дазайни инсон ба анҷом мерасад. Ҳамаи инҳо дар маҷмӯъ як кулли ғоятманд ва робитаи маънидорeро ба вуҷуд меоваранд. Ин биниши Ҳайдеггер бо биниши Сино дар мавриди иллати ғойӣ наздикӣ дорад, аммо дар ин ҷо, ба мисли ҳар мавриди дигар, ғоият бо инсон оғоз меёбад ва бо инсон ба анҷом мерасад. Кулли ғоятманд ин кушудагии инсон дар баробари ҳамаи ҳастандагони дигар мебошад ва сифати вокушоӣ ё кушудагӣ ин фақат хоси инсон мебошад, на ҳастандагони дигар. Аммо вақте гуфта мешавад, ки ҳастандагони дигар худро мекушоянд, мувофиқи шарҳи Ҳайдеггер маънии онро дорад, ки онҳо аз ҷониби инсон мавриди идрок ва фаҳмидан қарор гирифтанд. Пайванди миёни фаҳмидан ва робитаи далолатҳо

бошад, бавуҷудоварандаи маънӣ ва маҳз ин маънӣ нахустомили падидори забон мегардад.

Ҳайдеггер худ зикр мекунад, ки фаҳмидани кулли системаи робитаҳо дар ниҳоят метавонад ба фикр табдил гардад ва ҳамчун ҳастии фикрӣ ва ё зеҳнӣ доништа шавад, ки ин ба ҳастии зеҳнии метафизикӣ, ки хусусияти математикӣ дорад,зоҳиран наздикӣ дорад. Аммо он чи ки ҳастии падидоршиносиро аз ҳастии математикии тавассути формулаҳои қобили ифода фарқ месозад, ин дорои мақсад ва ғоят будани ҳастандагон, дорои низоми робита ва “ба хотири ...” будани муҳтавои ҳастандагон мебошад, ки имкони ворид кардани онҳо дар формулабандии риёзӣ дар якҷоягӣ бо ғоятнокӣ ва мақсаднокии онҳо ғайриимкон аст.

2. Масъалаи Ҳақиқат. Ҳамонгуна ки дар мавриди ҳастӣ Ҳайдеггер оид ба биниши беш аз дуҳазорсола таҷдиди назар ба вуҷуд овард, дар мавриди ҳақиқат (Wahrheit) низ ӯ нахустин маротиба биниши метафизикии дар тули тамоми анъанаи фалсафӣ ҳукмронро мавриди шубҳа қарор дод ва ҳақиқатро аз дидгоҳи тозаи падидоршиносӣ мавриди бозшиносӣ қарор дод. Сабаби мавриди назар қарор гирифтани ҳақиқат он аст, ки ҳанӯз аз оғози мавриди шинохт қарор гирифтани ҳастӣ ҳақиқат низ бо он тавъам буд, яъне онҳо баробар шакл гирифтаанд. Дар мавриди ҳақиқат, дар ин мақола, дидгоҳи Ҳайдеггер дар муносибат ба биниши дар тӯли метафизика бебадали Арасту оид ба ҳақиқатро мехоҳем матраҳ гардонем. Ба ақидаи Арасту макони асосии ҳақиқат ин ҳукм ва ё қазия мебошад ва моҳияти ҳақиқат ин мутобиқат кардани ҳукм ва ё қазия бо воқеият ва ё мавзӯи ҳукм мебошад.

Дар ин муносибат бояд нахуст хотирнишон намуд, ки вобаста ба методи падидоршиносӣ ва наҳваи ҳастии Дазайн Ҳайдеггер раванди шинохти анъанавиро, ки аз маърифаткунанда ва маърифатшаванда иборат мебошанд, инкор мекунад. Ба андешаи Ҳайдеггер Дазайн, ки маънии *вуҷуди он ҷой*-ро дорад,бо андохташудагии худ пешопеш дар назди маърифатшаванда қарор дорад. Дазайн дар ин ҷо ба тариқи ҷавҳар дар биниши метафизикии он, яъне мафҳуми алоҳида, ғайриқобили тасаввур

аст ва он ҳамеша маънии “ҳастӣ бо...” ё “ҳастӣ дар назди...”-ро дорад. Ин интиқоди Ҳайдеггер дар мавриди тасаввури анъанавии “ҳақиқат”, ки дар асоси муносибати субъект ва объект сурат мегирифт, дар муносибат бо фаҳмиши “ҳақиқат” аз диди нав бештар возеҳ мегардад. Ҳайдеггер асоснок мегардонад, ки на ҳукм макони ҳақиқат, он гуна ки Арасту маънидод мекард, балки баръакс ин ҳақиқат аст, ки макони ҳукм аст. Баҳси мазкурро низ Ҳайдеггер аз фаҳмиши ҳақиқат дар Юнони Бостон шурӯъ менамояд ва маҳз бо ин биниши ибтидоӣ назари худро пайванд ва асоснок мегардонад. Дар фалсафаи Юнони Бостон ҳастии ҳақиқӣ ҳамчун Логос дониста мешуд, ки маънии он “водор ба дидан кардани мавҷуди пӯшида ва дар ҳолати ғайрипӯшидагӣ нигоҳ доштани он” мебошад. Ҳайдеггер маҳз ҳамин назарро аз диди падидоршиносӣ дар асоси биниши худ оид ба ҳақиқат қарор медиҳад. Ҳастандаи кашфшуда дар ғайрипушидагии он ин танҳо як ҳақиқати баъдина аст, зеро ҳеҷ як ҳастандаи дохил дар ҷаҳон наметавонад худ ба худ ва ё дар нури худ аз пушидагӣ бадар ояд. Дар нури Дазайн аст, ки ҳастандагони дигар дар ҳолати ғайрипушидагӣ қарор мегиранд, зеро кушодагӣ ва аз парда бурун овардан фақат хоси Дазайн мебошад. Дар ин муносибат назари бунёдии Ҳайдеггер оид ба ҳақиқат он аст, ки ҳақиқати аслӣ, бунёдӣ ва аввалӣ ин Дазайни инсон мебошад ва ҳақиқат дар маънии баъдина ин ҳастии кашфшуда мебошад. Ҳақиқат пеш аз ҳама бо Дазайн пайвастагӣ дорад, он чи ки аз оғоз оид ба Дазайн, кушодагии он, манзалати хоси инсон ё ҷавҳари инсон чи дар умум ва чи дар модуси рӯзмаррагии он гуфта шуд, худ ифодаи ҳақиқат низ мебошад. Ҳайдеггер бар он муътакид аст, ки чун ҳақиқат бо инкишоф ва ё кушудагӣ рабт дорад ва ин кушудагии ҳастандагон ба Дазайн, омили мункашифкунанда, вобаста мебошад, ҳақиқат танҳо дар робита бо инсон вуҷуд дорад. Инро ӯ дар мисоли қонунҳои Нютон хотирнишон месозад, ки то замоне ки инсон набуд ва ҳамчунин пас аз оне ки инсон набошад, кушудагии ин ҳақиқат тасаввурношуданист.

Вобаста ба наҳваи имкони худ Дазайн бахусус дар ҳастии рӯзмаррагии худ дар ҳастии аслии худ қарор надорад. Он дар ҳолати андохташудагӣ дар ҷаҳони “Ӯ-и ношинохта” ё “мегӯянд”худро гум мекунад. Дазайн аз ҳастии аслии худ маҳрум намегардад, аммо ин имкон вуҷуд дорад, ки он раҳгум занад ва

мунҳариф гардад. Вобаста ба ҳастии асили худ ва ҳастӣ дар батни рӯзмаррагии худ Дазайнро Ҳайдеггер ҳамеша дар “ҳақиқат”, яъне дар худии худ ва дар “ло-ҳақиқат”, яъне дар ҳоли бегонагӣ аз худ, медонад.

Ҳукм ё худ гуфтор наҳвае аз ҳастии инкишофи Дазайнро ташкил медиҳад. Дазайн бошад, худ ҳақиқат аст ва ҳукм дар батни Дазайн ва ё ҳақиқат мерӯяд, аз ин рӯ маҳз ҳақиқат макони ҳукм ё забон аст, на андешаи Арасту, ки ҳукмро макони ҳақиқат медонист. Аслан Ҳайдеггер бар он бовар аст, ки Арасту хато фаҳмида шудааст, яъне Арасту нагуфтааст, ки ҳукм макони ҳақиқат аст, балки ӯ гуфтааст, ки ҳукм як наҳваи ҳастиӣ аст. Ҳамин тавр бинишҳои асосии Ҳайдеггер аз он иборат аст, ки ҳақиқати аслӣ ин Дазайн аст, ки ҳақиқати ҳастандаи аз пушидагӣ раҳокардаашро дар пай дорад; Дазайн ҳамеша дар ҳақиқат ва ло-ҳақиқат қарор дорад ва ниҳоят ҳақиқат, яъне Дазайн макони ҳукм аст ва ҳақиқат аз бунёди Дазайн худро ошкор месозад.

Чи дар мавриди ҳастӣ ва чи ҳақиқат ҷоеро барои мафҳумҳои абстракт ва ғайривоқеӣ пайдо намудан ғайриимкон аст. Аслан ҷустани шабоҳат миёни фалсафаи Ҳайдеггер ва ҳамагуна таълимоти қабл аз он вуҷуддошта, ки асоси метафизикӣ дорад, аз ҷумла таълимоти фалсафӣ ва ирфонии исломӣ, кори сода нест. Дар ин ҷо бо ҳеҷ гуна биниш ва ё ҳатто калимае наметавон дучор омад, ки хоси таълимоти пешина бошанд. Ҳайдеггер дар истифодаи баъзе калима ва мафҳумҳои анъанавӣ худдорӣ намекунад, аммо онҳоро дар маънии нав ва бо ҳадафи тоза истифода мебарад. Баъзан мо дӯст медорем то биниши Ҳайдеггерро хело наздик ва шояд аллакай аз ҷониби шахсиятҳое чун Ғаззолӣ ва ё Мавлоно анҷомдодашуда нишон диҳем, ки албатта ин аз тасаввуроти кӯчак ва беасоси мо сарчашма мегирад. Ҳастӣ, ҳақ ё ҳақиқат бунёдҳое мебошанд, ки вобаста ба онҳо ағлаби таълимот бунёдан аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, фаҳмиши мафҳумҳои зикргардида дар фалсафаи метафизикӣ нисбат ба таълимоте, ки ба биниши мазҳабӣ наздиктаранд, фарқ мекунад ва дар фаҳмиши падидоршиносӣ бошад, нисбат ба ҳар таълимоти дигар фарққунанда мебошад. Ба тариқи умум қазоват кардан ва ё онҳоро ба тариқи баробарӣ умумият додан маънии

зери по кардани ҳақиқатҳои зиёдеро дорад. Дар поён ба тариқи нисбатан умум мо баъзе умумиятҳои зоҳирӣ ва дар айни ҳол фарқиятҳои бунёдии биниши Ҳайдеггерро дар баробари биниши Ғаззолӣ ва Мавлоно матраҳ менамоем. Умумияте ки миёни онхо мавҷуд аст, он аст, ки ҳамаи онҳо, яъне Ғаззолӣ, Мавлоно ва Ҳайдеггер фалсафаи метафизикиро накд кардаанд. Аммо асосҳои онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар ин ҷо мо ду умумият ва дар як вақт фарқияти асосии ин умумиятро матраҳ мекунем: 1. Накди фалсафаи метафизикӣ аз ҷониби Ғаззолӣ ва Ҳайдеггер. Ғаззолӣ тавассути фалсафаи Ибни Сино ба муҳтавои фалсафа огоҳ мегардад. Ғаззолӣ «Донишнома»-и Синоро мехонад ва дарк мекунад, ки фалсафа, яъне чӣ? Зери таъсири ин асари Сино ӯ китобе менависад бо номи «Мақосид-ул-фалосифа». Аз рӯи инсоф мебуд агар китоб ба худ унвони тафсирро мегирифт, аммо ин унвонро нагирифт, вале дар асл, ба ҷуз аз тафсири «Донишнома» чизи дигаре нест. Аммо бо вуҷуди он ки Сино файласуфи мусалмон буд ва Худо мақоми бунёдӣ ва қавиро дар фалсафаи ӯ касб карда буд, Ғаззолӣ фалсафаи метафизикии Синоро мавриди интиқод қарор медиҳад. Аз ин фалсафа эҳсоси хатар мекард, ки он метавонад барои дин зиён бирасонад. Дар ин интиқоди Ғаззолӣ масъалаи нотавонии фалсафаи метафизикӣ дар баробари пурсиш аз ҳастӣ беаҳамият аст, баръакс аз диди ӯ нотавонии ин фалсафа дар маърифати Худо омили мавриди интиқод қарор гирифтан мегардад. Ҳайдеггер низ ба мисли Ғаззолӣ фалсафаи метафизикиро мавриди интиқод қарор медиҳад, аммо бо асосҳои мутафовит. Он гуна ки дар боло кайд намудем, ба андешаи Ҳайдеггер метафизика ҷавоб ба суоли ҳастиро ба фаромушӣ супорида буд ва дар биниши нави ӯ оид ба масъалаи ҳастӣ ва ҳақиқат Дазайни инсон (menschliches Dasein), ки маънии вуҷуди онҷоии инсонро дорад, қарор дорад. Дар асоси бинишҳои Ғаззолӣ ва Ҳайдеггер масъалаҳои бунёдии тамоман аз ҳам мутафовит қарор доранд. 2. Ғам ҳамчун асли ҳастӣ дар таълимоти Мавлоно ва Ҳайдеггер. Мавлоно дар оғози Маснавӣ қиссаи найро ҳикоят мекунад, яъне зиндагии инҷаҳонии инсон мояи ранҷ ва мусибат аст. Аммо сабаби ин ғам ва мусибат дар ҷудоӣ аз найистон ё олами улвӣ аст. Саодат ин дар тарки олами заминӣ ва баргаштан ба олами улвӣ мебошад. Дар асоси фалсафаи Ҳайдеггер дар «Ҳастӣ ва Замон» низ устураи бостонии олмонӣ

оид ба ғам будани ҳастии инсон қарор дорад. Муҳтавои он чунин аст: “Рӯзе ғам дар ҳолати гузаштан аз наҳре як пора гилро мегирад ва аз он шакле месозад ва аз Муштарӣ (Юпитер) хоҳиш мекунад, ки ба он ҳаёт бахшад, яъне рӯҳ ато намояд. Муштарӣ ин хоҳишро иҷро мекунад. Ғам мехоҳад, ки ба махлуқи сохташуда номи худро гузорад. Ба ин Муштарӣ, ки ба он зиндагӣ бахшида буд ва Замин, ки дар он порае аз худро медид, монеъ мешаванд. Ҳар кадом мехоҳад, ки ба он номи худро гузорад, дар ниҳоят онҳо аз Зуҳал (Сатурн) хоҳиш мекунанд, ки ба махлуқи сохташуда номи сазовор гузорад. Зуҳал ба он Инсон ном мегузорад.” Дар ин ҳикоят асли инсон ғам аст, на зиндагии инҷаҳонии ӯ. Фаротар аз ғам дар ин ҷо омили дигаре вуҷуд надорад. Дар ҳадиси овардаи Мавлоно бошад, саодате дар моваро вуҷуд дорад ва танҳо ҳастии инҷаҳонӣ мояи ғам ва нигаронӣ мебошад. Баръакси Мавлоно Ҳайдеггер ба ирфон таваҷҷуҳ надошт. Дар навиштаи худ бо номи «Зардушти Нитше кист?», Ҳайдеггер дар он маврид, ки эҳтимолияти ҷанбаи ирфонӣ доштани таълимонти Нитше вуҷуд дорад, мегуяд, ки мо мақсади худро ба ин масъала гирифтор кардан надорем. Бо ин роҳ ӯ аз баррасии масоили ирфонӣ дурӣ мегузинад.

Барои Ғаззолӣ ва Мавлоно ҳастӣ, ҳақ ва ҳақиқат пешакӣ маълум аст, ки он Худо аст, аммо барои Ҳайдеггер чунин нест, баръакс ҳастӣ ва ҳақиқат ин инсон аст ва танҳо бо вуҷуди инсон, ҳастӣ ва ҳақиқат дорои маънӣ мегарданд. Барои Худо бошад дар фалсафаи Ҳайдеггер на дар муносибат бо ҳастӣ ва на дар муносибат бо ҳақиқат мавқее вуҷуд надорад. Дар низоми ҳастишиносии бунёдии Ҳайдеггер мавқеъҳои Худо ва инсон ҷои худро иваз мекунанд. Агар дар фалсафаи метафизикӣ Худо бидуни моҳият ва фақат вуҷуди маҳз бошад, дар фалсафаи Ҳайдеггер маҳз Инсон дигар на аз дуализми моҳият ва вуҷуд, балки вуҷуди маҳз иборат мебошад. Ӯ худ эзоҳ медиҳад, ки дар ин ҷо ҳадаф аз инсон мавҷуди дорои вуҷуд ва моҳияти аз ҳам ҷудо намебошад, балки фақат вуҷуди маҳз дар назар дошта мешавад. Дар ин ҷо баръакс Худо дар қатори мақулаҳо ҷойгир мешавад. Дар асари «Метафизика чист?» Ҳайдеггер чунин меоварад: «Танҳо мавҷуди инсонӣ аст, ки Эгзистенс (Existenz) дорад, яъне:

берун меистад ва қиёми зуҳурӣ дорад. Сахра (Харсанг) ҳаст, аммо эгзистенс надорад, дарахт, асб, фаришта, Худо ... ҳастанд, аммо Эгзистенс надоранд.» Нозукии масъала дар ин ҷо он аст, ки Ҳайдеггер нагуфтааст, ки Худо вуҷуд надорад, балки дорои Эгзистенс намебошад. Ҳадафи Ҳайдеггер дар он аст, ки Худо миранда нест ва дар бораи Марг ба мисли Инсон андеша намекунад. Маҳз дар баробари "ба сӯи марг рафтан" дар бораи марг андешида тавонистан инсонро ҳам аз мавҷудоти дигар ва ҳам аз Худованд ҷудо месозад. Маҳз ҳамин омил дар падидоршиносӣ аз диди Ҳайдеггер дар бунёд қарор мегирад ва сабаби тафриқаи инсон аз дигар мавҷудот низ аз ҳамин нукта сарчашма мегирад.

Фалсафаи Ҳайдеггер дар худ дорои низом, зебоӣ ва асолатест, ки дар зоти худ нодир ва ягона мебошад. Он ҳанӯз барои ҳамзамонони худ ба андозаи кофӣ кашф нагардидааст ва ҳамагон бар он боваранд, ки дар асрҳои бистуяк ва бистуду забони фалсафаи Ҳайдеггер оммафаҳм ва ҳамингуна фалсафаи ӯ ба андозаи файласуфони дигар сода ва фаҳмо мегардад.

P.S. Мақолаи мазкур дар асоси асарҳои Ҳайдеггер аз қабили "Ҳастӣ ва Замон", "Метафизика чист?" ва "Андешидан чист?" омода шудааст. Ба хотири хусусияти нисбатан оммафаҳм касб кардан аз овардани иқтибосҳо ва ишора ба сарчашма, ки ниҳоят фаровон мебошанд ва дар ин маврид мақола шакли сирф илмӣ мегирифт, худдорӣ намудем.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

# ЗАРУРАТИ БОЗГАШТ БА ҶАҲОНБИНИИ ҶАМШЕД ВА ФАЛСАФАИ ИБНИ РОВАНДӢ

Соли 2012 китоби файласуфи тоҷик Комил Бекзода бо номи «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ» дар нашриёти «Дониш» дар ҳаҷми 433 саҳифа аз чоп баромад. Ин китоб аз нигоҳи фалсафӣ ва таърихнигорӣ хеле арзишманд буда, дар худшиносии фалсафӣ ва миллии мардуми тоҷик саҳми муҳиме хоҳад гузошт. Ба ғайр аз чанд мавриди баҳсталаб, ин китоб ба забони фаҳмо ва бо далелҳои қотеъ навишта шудааст. Китоби мазкур бояд ҳар чӣ бештар дастраси хонандагон гардад ва махсусан, дар рафти таҳияи фанҳои таълимии мактабҳои миёна ва олӣ аз маводи он истифода бурда шавад. Аҳамияти ин китоб, пеш аз ҳама, дар бартариятҳои зерин зоҳир мегардад:

1) Муаллиф сарчашмаҳои якумдараҷаро дар сайри таърихи худшиносии миллии тоҷикон истифода бурдааст.
2) Асари мазкур дур аз таассуботи қавмӣ ва нажодӣ навишта шуда, ҳадди инсонгароӣ ва интернатсионализм нигоҳ дошта мешавад. Муаллиф чандин дафъа таъкид кардааст, ки таълифи ин асар набояд ҳеҷ гуна надомату ситез дар нисбати қавми араб ангезад.
3) Китоб дар ошноии осори донишмандони бузурги эронӣ дар давраи пеш аз ислом ва оғози ислом, махсусан Ҷамшед, Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ нотакрор аст. Ба ин шахсиятҳо ва таълимоти онҳо хонандагони тоҷик кам дастрасӣ доранд. Махсусан, бо истифодаи аз маводи пешниҳодкардаи Бекзода бояд шахсият ва назарҳои фалсафии Ибни Ровандӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик ворид карда шавад ва дар мавриди ӯ омӯзишҳои ҳамаҷониба анҷом дода шаванд. Дар китоб муаллиф қисман, вале ба таври бисёр бунёдӣ, дар бораи шахсият ва андешаи Ибни Ровандӣ маълумот медиҳад.[73]

[73] Комил Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. Душанбе: Дониш. 2012. – Саҳ. 248-259

Дар ин мақолаи мухтасар лозим медонем, ки чанд нуктаи муҳимми китоб бори дигар ёдрас ва таҳлилу баррасӣ гардад. Ин нуктаҳои муҳим аз инҳо иборат мебошанд:

1) Идеяи баробарӣ дар Ислом;
2) Шинохти падидаи Шуубия;
3) Шахсият ва андешаи Ибни Ровандӣ;
4) Фирдавсӣ ва зарурати бозгашт ба Ҷаҳонбинии ҷамшедӣ.

## Идеяи баробарӣ дар Ислом

Ба назари муаллифи китоб, идеяи баробарӣ ва мусовот ба сарчашмаҳои аслии дини Ислом, пеш аз ҳама Қуръон, бегона нест. Бекзода моҳияти аслии дини Ислом, Қуръон, шахсияти паёмбар, замони ӯ ва давраи ҳукмронии Рошидинро муқобили давраи дуюми Ислом, ки арабҳои миллатгарои Умавӣ рӯи ҳукумати Хилофат буданд, мегузорад.[74] Ба назари муаллиф, дар давраи якум одамон баробар буданд ва адолати иҷтимоӣ барпо буд. Вале фақат дар давраи дуюм, дар давраи ҳукмронии Умавиён буд, ки нобаробарӣ ва беадолатӣ дар байни мардумони гуногун падидор шуд ва боиси ба миён омадани Шуубия низ гашт. Азбаски дар китоб маводи кофӣ дар мавриди давраи аввали Ислом оварда намешавад, мо ҳеч гуфта наметавонем. Вале чунин ба назар мерасад, ки муаллиф то андозае ин давраро идеализатсия мекунад. Чунин ҷудогузорӣ моро метавонад ба хулоса расонад, ки давраи аввали Ислом дар ташаккули давраи дуюм саҳме надошт. Ҳатто ин натиҷагирӣ хилофи методологияи муқоисавӣ-таърихӣ аст, ки муаллиф аз он гӯё пайгирӣ мекунад ва хилофи баъзе тезисҳое ҳаст, ки дар саҳифаҳои минбаъдаи китоб ба чашм мехӯранд, чунончи: «Аз тарафи дигар худи таълимоти Ислом боиси ихтилоф ва кашмакашҳои зиёде гардида буд».[75]

Ба назари муаллиф, маҳз идеяи баробарӣ дар Қуръон буд, ки эрониён дини Исломро пазируфтанд. Онҳо «дилхуш буданд, ки бо қабули дини Ислом бо арабҳо баробар мешаванд...».[76] Боз ҳам, ин назари муаллиф бояд бо далелҳо собит шавад: оё дар ҳақиқат эрониён аз пазириши Ислом дилхуш буданд ва ё ҷангҳо, ҷизяҳо ва садсолаҳо лозим буданд, ки онҳо ин динро қабул кунанд. Онҳо ин

---

[74] Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 100
[75] Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 232
[76] Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 15

динро қабул карданд, вале аз он мазҳаби хосе сохтанд. Аз ин мебарояд, ки эрониён дар қабули ин дин он қадар «дилхуш» набуданд.

Агар ба масъалаи баробарӣ ва мусовот дар Қуръон баргардем, дар ҳақиқат ин китоби муқаддаси исломӣ таъкид мекунад, ки мусулмонон бо ҳамдигар баробар ва бародар мебошанд. Аммо мушкилии Ислом, чун бисёре аз динҳои дигар, марбут ба он аст, ки фақат ҳамдинон баробар ва бародар мебошанд. Ҳатто оятеро, ки муаллиф зикр мекунад («Инна акрамакум индаллоҳи атқокум» - «Гиромитарини шумо дар назди Худованд парҳезгортарини шумост»), ишора ба он мекунад, ки мақому манзалати инсон аз рӯи дараҷаи диндории ӯ муқаррар мегардад. Чун гап сари муносибат дар байни намояндаҳои динҳои гуногун рафт, Ислом идеяи баробариро як сӯ мегузорад ва ба пархошу ҷанг мехезад. Аз ин нигоҳ, мо ҳеч гоҳ пазируфта наметавонем, ки динҳо баробариро дар байни одамон, новобаста ба тааллуқияти динию мазҳабиашон, тарғиб кунанд.

Фарқияти илму фалсафа аз дин маҳз дар ҳамин поя зоҳир мегардад. Барои илму фалсафа дину мазҳаби мардум дуюмдараҷа ва инсон буданашон якумдараҷа мебошад. Новобаста ба он ки одамон дар кадом дину мазҳаб ҳастанд, шомили кадом табақаву ҳизб мебошанд ва ба кадом нажоду миллат тааллуқ доранд, ба ҳамдигар баробар мебошанд.

Барои исботи фикри худ, ки дар оғози Ислом мусулмонон ҳама баробар буданд, Бекзода ояти 97-и сураи Тавбаро мисол меорад, ки Худованд арабҳоро куфрпешатару нифоқҷӯтар аз дигарон гуфтааст. «Арабҳои бодиянишин кофартару мунофиқтар аз дигаронанд...»[77] Аммо сураи Тавба на ҳамаи арабҳо, балки як гурӯҳи арабҳои бодиягардро дар назар дорад. Онҳоро на дар муқобили ғайриарабҳо, балки як гурӯҳи арабҳо (муҳоҷирон ва ансор), ки ба пайғамбар дар кори ҷиҳод вафодор буданд, мегузорад. Аз рӯи контектси таърихӣ бигирем, ин сура дар Мадина, дар айни ҷангҳо дар байни мусалмонон ва

[77] Қуръони маҷид (тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ). Теҳрон: Нашри Замон. 1380 (2001). – Саҳ. 203

ғайримусалмонон «нозил» шуда буд. Дар асл, ин сура сураи басиҷ (мобилизатсия), яъне сураи ҳидоят ба ҷанг аст. Дар ин контексти ҷанг, мунофиқон гуфта онҳое дар назар дошта мешаванд, ки ба зоҳир мӯъмин менамоянд, аммо дар ботин нестанд, яъне ба ҷиҳод намехезанд. Аммо дар оятҳои 98-99 «дигарон» гуфта на ғайри араб, балки гурӯҳҳо ва қабилаҳои арабӣ – «муҳоҷирин ва ансор» дар назаранд, ки вафодори пайғамбар буданд ва бе ҳеч гуна узр ба ҷиҳод мерафтанд.[78]

Аз рӯи сураи Марям бошад, Худованд қавми арабро барои ҷорӣ кардани дини ислом бахусус аз роҳи ҷиҳод баргузидааст.[79] Ба таври норавшан ҳам бошад, баргузида будани араб дар Қуръон ишора шудааст, ки хоҳ-нохоҳ идеяи нобаробариро дар асли дини Ислом асос гузоштааст.

Даъвои баргузидагии арабҳо, бахусус арабҳои қурайшӣ, муҳоҷирин ва ансор дар суннати насабноманависӣ низ таҷассум гардидааст. Гарчанде Бекзода ансоб (насабнома ё худ шаҷаранома)-ро падидаи мусбат дар фарҳангу ҷомеаи арабӣ медонад,[80] аммо дар асл дар таърихи Ислом он нобаробарии одамонро таҳким бахшида, боиси ташаккули қишрҳои нобаробар аз рӯи насаб гардидааст. Аз ҷумлаи табақаҳои имтиёздори исломӣ сайидиҳо мебошанд, ки аз қабилаи Қурайш ва аз хонадони Паёмбар иборатанд.

Идеяи мусовоту баробарӣ дар тамоми динҳо ва аз он ҷумла дар Ислом ба маънои пуррааш дар амал ба мушоҳида намерасад. Дар асл, баробарӣ дар сурате маъно дорад ва амалӣ мешавад, ки пойбанди таълимоти динӣ набошад. Аз рӯи принсипҳои гуманистӣ, ҳам диндор ва ҳам бедин баробар мебошанд.

Аммо дини ислом чун дигар динҳо чунин баробариро намепазирад, аз он ҷумла «аҳли тасвия»-и он низ. Бекзода чун далели мусовот ояти 13-и сураи Ҳуҷуротро меорад. Аммо ин қонеъкунанда нест, чун дар охири оят меояд, ки «Ҳар оина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост».[81] Бо ин, Қуръон табақаҳои қавмию нажодиро ба хотири густариши дини Ислом аз байн бурда, табақаҳои мазҳабӣ ба миён меорад.

---

[78] Қуръони маҷид.Теҳрон: Нашри Замон. 1380 (2001). – Саҳ. 203
[79]Қуръони маҷид.Теҳрон: Нашри Замон. 1380 (2001). – Саҳ. 306-313
[80] Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 75-76
[81]Қуръони маҷид.Теҳрон: Нашри Замон. 1380 (2001). – Саҳ. 518

Диндорон ҳамеша аз бединон бартар ва азизтар барои Худо ҳастанд. Аммо шарти аввали баробарӣ ин баробарӣ дар байни ҳама аст, новобаста ба он ки онҳо диндоранд ва ё бедин. Дар ҳоле ки Қуръон дар чандин ҷо диндоронро азиз ва бединонро душмани Худо медонад. Худи сураи «Тавба» сартопо далели ин гуна нобаробарӣ аст. Ба боварии том метавон гуфт, ки ҷавҳари дини Ислом бузургманишии арабҳоро ташкил медиҳад ва барои ҳамин ҳам боиси пайдоиши ҳаракати Шуубия гардида буд.

## Шинохти падидаи Шуубия

Маводи Комил Бекзода дар ин китоб аз ҷиҳати шинохти фактҳо ва равандҳои инкишофи таърихӣ ҷолиб мебошад. Тибқи методологияи муқоисавӣ-таърихии марксистӣ, огоҳии миллӣ маҳсули давраи муносибатҳои капиталистӣ мебошад, маҳсули даврае, ки давлати миллӣ аввалин маротиба ташаккул меёбад. Дар давраи феодализми асримиёнагӣ шуури динӣ асоси муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил медод. Ҳамин гуна таълимоти монандро мактаби фалсафии позитивизм ҳам пешкаш мекунад. Огюст Комт давраи асрҳои миёнаро давраи ҳукмронии идеологияи динӣ (теология) ва давраи навро давраи ҳукмронии ҷаҳонбинии илмӣ меномад.

Аммо мутолиаи маводи Бекзода чунин тақсимоти форматсионии таърихро дар зери шубҳа ва савол мегузорад ва аз ин рӯ, моро водор мекунад, ки барои шинохти таърих методологияи илмитар таҳия кунем. Хулосаи муаллиф дар китобаш аз он иборат мебошад, ки Шуубия чун шакли худшиносӣ ё шуури миллӣ дар асрҳои миёна, дар давраи ба истилоҳ феодализм ва ҳукмронии дин низ вуҷуд дошт. Аммо сабаби асосии чунин ҳувият ва огоҳӣ дар заминаи миллӣ ва нажодӣ на давлатдориҳои миллӣ ва аз ин рӯ, бадбиниҳои миллию нажодӣ, балки истибдоди ҳукумати Умавиён будааст.

Мо аз далелҳои кофии ин китоб, ки аз сарчашмаҳои муътамади асримиёнагӣ ҷамъоварӣ шудаанд, ба хулоса мерасем, ки муайян кардани инкишофи таърихӣ аз рӯи категорияҳо ва қонуниятҳои маъруфе чун *форматсия* ё худ шаклҳои ҳастии

таърихӣ (ғуломдорӣ – феодализм – капитализм - сотсиализм), шакли шуури таърихӣ (мифология – теология - сотсиология), шаклҳои ҳастии иҷтимоӣ (қабила – мазҳаб - миллат), инкишофи эволютсионӣ ва монанди инҳо ба ҳақиқат наздик нест. Дар асл, «инкишофи таърихӣ» бе иштироки одамон ва бе дахолати бевоситаи онҳо ғайриимкон аст.

Дар мавриди Шуубия, пеш аз ҳама, *эҳсоси хатари вуҷудӣ,* ки мардумони гуногун аз он ҷумла эрониҳо аз сиёсати истибдодии Умавиён таҷриба мекарданд, онҳоро ҳувияти миллӣ бахшид. Маҳз ба хотири ҳимояи худ аз зулму тааддии Хилофат эрониҳо ва дигар мардумон ба фарҳангу таърихи пешазисломии худ рӯ оварданд. Ин як гуна кӯшиши онҳо буд, ки мехостанд худро аз назари сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз ҳукумати истибдодии арабҳо ҷудо ва мустақил созанд. Дар ин робита, методологияи «бехатарии вуҷудӣ» пешниҳод мегардад, ки *омили хатари вуҷуди*ро муҳаррики асосии равандҳои муҳимми таърихӣ мешуморад. Шуубия низ дар заминаи чунин хатар, эҳсоси хатари эрониҳо дар муқобили Хилофат, ки ба дину фарҳанг ва нажодҳои ғайриараб муносибати негативӣ дошт, ба миён омада буд. Маҳз чунин ҳаракатҳои шуубӣ дар Эрону Осиёи Миёна буданд, тасдиқ мекунад муаллиф, ки боиси барҳам хурдани хилофати Умавиён ва барпо шудани хилофати Аббосиён гардид.[82]

Муаллиф нишон медиҳад, ки суст шудани таассубҳои арабгароӣ дар як давраи Аббосиён боиси паст гардидани шиддати шуубигарӣ низ мешавад.[83] Ин далели муаллиф методологияи «бехатарии онтологӣ»-ро собит мекунад, ки коҳиши хатари вуҷудӣ эҳсосоти миллатгароӣ ва ҳамчунин дингароиро заиф мекунад, дар ҳоле ки Шуубия як аслиҳаи дифоӣ аз хатарҳо буд.

Бекзода бисёр бамаврид ду назари мухолифи ду муҳаққиқро меорад, ки сабабҳои пайдоиши Шуубияи эрониро ба тарзи худ шарҳ додаанд. Ба назари олими араб, Саллум ас-Сомароӣ, сабаби пайдоиши Шуубия ифротгароиҳои миллӣ ва динии эрониҳо будааст, ки онҳоро аз оғози Ислом дар муқобили арабҳо ва дини Ислом гузоштааст. Ба назари пажӯҳишгари дигар – Ҳусайналии Мумтаҳан бошад, сабаби пайдоиши Шуубия на дар ифротгароии эрониҳо, балки дар ифротҳои сиёсӣ, динӣ ва нажодии ҳукумати

---

[82] Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 3
[83]Ҳамон ҷо. Саҳ. 4

Умавиён будааст. Муносибатҳои истибдодии ин Хилофат, пеш аз ҳама, табақаи ғуломон аз ҳисоби мардумони ғайриарабро бо номи «мавол̣ӣ» ба вуҷуд овард ва ҳамчунин, қавму миллатҳои дигарро дар мақоми пасттар аз арабҳо мегузошт.

Ҳамин гуна, муносибатҳои таҳқиромез ва хатарноке, ки барои дигар миллатҳо эҷод шуда буданд, боиси ташаккули наҳзати Шуубия гардид. Ин муносибатҳо, пеш аз ҳама, ба қатлу ғорате, ки сардорони араб (Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, Язид ибни Муҳаллаб ва Қутайба ибни Муслим) дар маҳалҳо барпо мекарданд, ғаниматгириҳо, молиёт (андоз)-и сангин, молиёти солонаи ҷизя (чунон ки аз ояти 29-и сураи Тавба бармеояд, ҷизя чун навъи ҷазо ба номусулмонон гузошта мешуд), маволӣ (ғулом) кардани миллатҳои ғайриараб, тасарруфи ниме аз кормузди рӯзонаи онҳо, пиёда ба ҷангу кор бурдани маволӣ, маҳрум кардани маволӣ аз ҳаққи доштани куния ва ғайриарабро ба вазифаҳои давлатӣ роҳ надодан марбут буданд.[84] Чун ин вазъият шароити зиндагии мардумро бадтар аз марг кард, аз ин рӯ, мардум исён мекарданд (ва боз ҳам дар ояти 8-и сураи Тавба исён чун амали мушрикон шинохта шудааст) ва ҳаракатҳои оппозитсионӣ ба ислом ташкил мекарданд.

Аҳволи мардум бахусус маволиҳо дар аҳди «ҳукмронии хунолуд ва ваҳшатангези Ҳаҷҷоҷ дар Ироқ» бисёр бад буд. Ин ҳоким 120 ҳазор касро кушт. Дар зиндонаш 50 ҳазор мард ва 30 ҳазор занро нигоҳ медошт ва ба онҳо намаку оҳак дар об ва саргини гову хар медод.[85]

Истибдод то ба соҳаҳои фарҳанг низ таъсир дошт. «Дар он давра чун навиштан ба забони форсӣ гуноҳ шумурда мешуд ва нависанда таҳти назорат қарор мегирифт…».[86] Саъд ибни Ваққос бо фармоиши Умар ибни Хаттоб ҳамаи китобҳоро дар Мадоин ҷамъ оварда ба об афканд.[87]

---

[84]Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 101
[85]Ҳамон ҷо. Саҳ. 158
[86]Ҳамон ҷо. Саҳ. 185
[87]Ҳамон ҷо. Саҳ. 163

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Шоир Исмоили Ясор дар ҳузури Ҳишом ибни Абдумалик (халифаи Умавӣ) шеъре дар ситоиши эрониён ва фурӯмоягии арабҳо гуфт, ки дар натиҷа халифа ӯро ҳукми қатл дод.[88]

Ибни Муқаффаъ «ба ишораи халифа бо кинакашии ваҳшиёна пора - пора ва дар оташ сӯзонда шуд.». Барои куштани ӯ дар ин дунё оташи дӯзахи ваъдагиашонро дар охират барпо карданд: зинда ба зинда узвҳои баданашро бурида, як-як дар танӯр партофтанд.[89]

Маҳз ҳамин гуна муносибатҳои нобаробар ва аз ин рӯ, нигаронӣ аз тақдири шахсӣ ва таърихи қавмии худ буд, ки донишмандоне чун Ибни Муқаффаъ, Ибни Ровандӣ ва Суҳравардӣ ба донишҳои пешазисломии Эрон рӯ оварданд ва шоироне чун Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ ва онҳоро дар шакли шеър баён карданд. Шиддат ва ҳассосияти чунин нигаронӣ буд, ки Фирдавсӣ бапуррагӣ аз истифодаи вожаҳои ғайритоҷикӣ парҳез кард.[90]

**Шахсият ва андешаи Ибни Ровандӣ**

Қисмати ҷолиб ва муҳимми китоби Бекзода ба шахсияти файласуфи бузурги эронӣ, Ибни Ровандӣ (827 - 911) бахшида шудааст, ки бо андешаи фалсафии худ ақидаҳои динӣ (исломӣ) -ро рад карда буд. Ба назари Бекзода, Ровандӣ ҳалқаи пайванд дар байни Шуубия ва риндигарӣ (райвандигарӣ, ровандигарӣ) буд.

Сазовор аст, ки омӯзиши фалсафаи Ибни Ровандӣ, чунон ки дар мавриди Ибни Сино хос аст, ба таври густарда ва ҳаматарафа ба роҳ монда шавад ва ба таври муфассал низ дар барномаҳои таълимӣ ворид карда шавад. Касе баробари Ибни Ровандӣ аз худ ҷуръати баланди фалсафӣ нишон надодааст. Танҳо баъзе аз назарҳои монандро минбаъд Абуҳайёни Тавҳидӣ, Абулалои Маарӣ ва Умари Хайём баён кардаанд.[91]

Ибни Ровандӣ баландтарин нуқтаи ақлу мантиқ ва фалсафаи эронӣ мебошад, ки мутаассифона баъд аз ӯ ба таври даркорӣ идома наёфт. Ӯ чун шуубиён дар самти «барҳам задани идеологияи исломӣ ва давлати арабӣ» фаъолияти илмӣ ва

[88]Ҳамон ҷо. Саҳ.104
[89]Ҳамон ҷо. Саҳ.189
[90]Ҳамон ҷо. Саҳ. 6-12
[91]Ҳамон ҷо. Саҳ. 251

фалсафӣ мекард. «Ба ин хотир, баъд аз вафоташ, тамоми осори ӯро нобуд карданд. Ба навиштаи сарчашмаҳои гузашта, Ибни Ровандӣ 114 китоб бар зидди Қуръон таълиф намудааст».[92]

Ибни Ровандӣ дар шинохти олами ҳастӣ файласуфи комил мебошад, ки ба ақлу мантиқ такя мекунад. Ба сабаби аҳамияти калони илмӣ-фалсафӣ доштани андешаҳои фалсафии Ибни Ровандӣ, мо бори дигар онҳоро аз китоби Бекзода ба таври мухтасар такрор мекунем.

Ровандӣ сабаби пайдоиши ақидаҳои диниро дар «оҷизии одамон дар шарҳу ҳалли масъалаҳои табиат ва ҷамъият, тарсу ваҳм, охират ва монанди инҳо мебинад. Ин нуктаҳо ба назарияҳои муосири илмӣ оид ба пайдоиши дин, сабабҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ ва решаҳои психологии он ҳамвазнанд».[93] Ҳамин гуна, мавҷудияти Худо аз назари фалсафӣ исботнашаванда мебошад. Ибни Ровандӣ нишон медиҳад, ки образи Худое, ки мусулмонон доранд, ҳатто заифтару ранҷуртар, нотавонтару дасткӯтоҳтар, золимтару дурӯғгӯтар ва нодонтар аз худи бандагонаш аст. Бо ҳамин, Ровандӣ исбот мекунад, ки ҳама сифатҳое, ки дар бораи Худо сохта шудааанд, беарзишанд. Ӯ аз роҳи илмӣ-мантиқӣ ҳамаи динҳову китобҳои муқаддасро танқид мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ҷаҳони ҳастӣ қадим ва азалӣ буда, аз тарафи ҳеч Худое офарида нашудааст. Инсон низ дар ин ҷаҳон тобеи қонунҳои илоҳӣ нест. Чун растанӣ ва дигар мавҷудот, инсон худбахуд ба вуҷуд омада, инкишоф ва камол меёбад. Ӯ ҳамин гуна дахолати худоро дар тақдири инсон рад мекунад ва мегӯяд, ки эҳёшавии динии инсон низ амри маҳол аст.[94]

## Фирдавсӣ ва зарурати бозгашт ба ҷаҳонбинии ҷамшедӣ

Китоби Комил Бекзода бо тавсифи шахсият ва андешаи Фирдавсӣ анҷом меёбад. Бори дигар муаллиф таъкид мекунад, ки «Фирдавсӣ нажодпараст ва мазҳабпараст набуд», балки андешаи воқеъбинонаи гуманистӣ пешниҳод карда буд.[95] Ӯ дар «Шоҳнома»

[92]Бекзода, Таърихи равшанфикрӣ. 2012. – Саҳ. 258
[93] Ҳамон ҷо. Саҳ. 252-253
[94] Ҳамон ҷо. Саҳ. 248-256
[95]Ҳамон ҷо. Саҳ. 367

«ҳамаи фазилатҳову разилатҳои эрониву арабу турониро ба тарозӯи ақли солими башарӣ, на бо қолабҳои хурофотӣ ва фарсудаю ифротии динӣ ва нажодии Шуубиён...» месанҷид.[96] Барои исботи назари худ, муаллиф қаҳрамонҳои Эрон ва Тӯронро номбар мекунад, ки дар байни онҳо новобаста ба тааллуқияти миллиашон ҳам нек ва ҳам бад буданд.

Ба таври куллӣ, муаллиф Фирдавсиро тарафдори илму дониш медонад. Ӯ дар байни дониш ва дин фарқ мегузорад ва одамонро ба илму дониш ҳидоят мекунад:

*Хирадманд к-ин достон бишнавад,*
*Ба дониш гарояд, ба дин награвад.*[97]

Бекзода муҳимтарин бахши «Шоҳнома»-ро «Достони Ҷамшед» медонад, ки ба тавсифи подшоҳии Ҷамшед бахшида шудааст. Бешубҳа, ин достон нимаафсонавӣ мебошад, аммо идеяи асосии он имрӯз ҳам бояд омӯзанда бошад. Ҷамшед дар давоми подшоҳии худ бисёр мушкилиҳои одамонро осон кард, сарҳадҳои кишварашро чанд баробар густариш дод ва билохира, бемориию маргро низ барҳам зад. Дар замони ӯ одамон пиршавӣ ва мурданро намедонистанд. Маҳз ҳамин идеяи бемаргии одамон ва зиндагии ҷовидонии онҳо дар ин ҷаҳон, мегӯяд Бекзода, бояд ба асоси таълимоти фалсафӣ ва фаъолиятҳои илмию амалии мо табдил ёбад. Ба Ҷаҳонбинии ҷамшедӣ баргаштан ба ҳамин маъно, яъне барҳам задани марги ҷисмонии инсон мебошад. Хонандагон огоҳӣ доранд, ки Бекзода ин назарашро дар чандин асарҳояш, аз он ҷумла дар «Гурез аз Хайём» (2002), «Бозгашти Ҷамшед: Мубоҳисаи марг бо зиндагӣ» (2004) ва ахиран бо ҳаммуаллифӣ бо аъзои Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша» дар «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» (2013) ба таври муфассал шарҳ додааст.

---

[96] Ҳамон ҷо. Саҳ. 382
[97] Ҳамон ҷо. Саҳ. 373

**Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**

## ЧЕҲРАҲОИ ДЕМОКРАТИЯ ВА ДУРНАМОИ ОН

Баъди соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон давлати Тоҷикистон мувофиқи Сарқонун давлати демократӣ, соҳибистиқлол ва иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Аввалин сифате, ки Тоҷикистон дар худ додааст, ин демократия мебошад.[98]

Маънои демократия, ки калимаи юнонист, ба маънои ҳокимияти халқ аст. Дар ин маъно фаҳмиши ҳокимияти халқ маънои асосӣ буда, ҳар як инсони фикркунандаро ба он водор месозад, ки бипурсанд: мафҳуми халқ чист? ва ҳокимият чӣ маъно дорад?

Демократия ё ҳокимияти халқ дар «маънои умумиаш, яъне фурсатҳои баробар барои ҳама, иштироки беқайду шарти инсон дар таъйини сарнавишти худ ва болотар аз ҳама раҳоии инсон аз қайди сармоя ва фишорҳое, ки мӯҷиби ноинсонӣ шудани инсон аст. Ҳамзамон эҷоди шароите барои рушду такомул ва шукуфоии қобилиятҳо ва зарфиятҳои инсонии ҳар яки аъзои ҷомеа аст». [99]

Ин ҳадафи ниҳоии демократия аст. Аммо он давлатҳое, ки ба ном демократия ҳастанд ва бо шиорҳову низомҳои қонунӣ ин ҳадафро дар рӯи қоғаз навишта, дар асл низомҳои сиёсиеро пиёда месозанд, ки қудрат ва ҳукумати онҳо дар асоси муносибатҳои хосе, ки бар пояи асли моликияти хусусӣ қарор гирифтааст, пайгирӣ мекунанд.

Чаро чунин сурат мегирад? Муҳаққиқ мегӯяд, ки дар ин навъи демократия муборизаи табақоте, ки марксизм пешниҳод карда буд, ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Ин навъи демократия диктатура аст, ки ба василаи табақаи ҳоким ва ҳифзи манфиатҳои ӯ, ки манфиатҳои аксариятро ташкил намедиҳад, маҳор карда мешавад. Ё ба гуфтаи марксистон

---

[98] Ин мақола дар заминаи мутолиаи «Се чеҳраи демократия» - и Макферсон Граффод Броуф (Macpherson Crawford Brough Теҳрон, 1382) китоби тарҷумашуда аз тарафи Муҳаммад Мададӣ, мутарҷими эронӣ навишта шудааст. Ин мутаҷим дар баробари тарҷимаи китоб муқаддимаеро низ навиштааст, ки ҳангоми иншои мақола аз он низ истифода мекунем.

[99] Ҳамон ҷо, С.12-13.

ҳокимияти як синф аз болои синфи дигар аст, ки моҳияташро табақаҳо ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқони фалсафаи сиёсӣ байни ин ду мафҳум, яъне мафҳуми демократия ва диктатура зиддиятеро мебинанд, ки диктатураи ин ҳокимияти истибдодии худкомагон, дар вақташ заминасози демократия дар Юнони Бостон шуд. Пеш аз демократия бештари ҳокимиятҳо дар қолаби диктатураи иҷтимоӣ (гурӯҳӣ) амал мекарданд.

Яъне гурӯҳи хурде, ки ҳуқуқи сиёсие доштанд, ки метавонистанд ҳокимияти худро бар аксарияти ғайри шаҳрванд, занҳо, бардаҳо ва бегонагон пиёда созанд. Ин диктатураи ақаллият бар аксарият буд, ки шакли ибтидоии демократия ном дошт. Бинобар ин дар воқеияти сиёсӣ демократия дар бардорандаи неруҳо ва хусусиятҳову вижагиҳои диктатура аст. Диктатура дар шакли маъноӣ зидди демократия аст, аммо ба гуфтаи муҳаққиқ дар шакли сиёсии ҳокимияти демократӣ ва диктатураи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҳамвора вижагии муштараки ҳамаи давлатҳои демократӣ дар ҷомеаҳои табақотӣ будааст. Яъне ҳар ҷомеае, ки дар он табақот вуҷуд дорад, ҳамеша рӯ ба сӯи диктатура дорад.

Ба гуфтаи Георг Новак (George Novak) ҳастаи сиёсии демократияи буржуазиро озодӣ, баробарӣ ва ҳуқуқи фардӣ ташкил медиҳад.[100]

Ҳамзамон зоти демократияро нобаробарии воқеии табақаҳо ташкил медиҳад, ки сабаби рақобат ва робитаи иҷтимоие мешавад, ки иқтисоди бозаргониро ба вуҷуд меорад. Ин моҳияти диалектикии демократия мебошад, ки дар он нобаробарии табақот мавҷуд аст ва ин моҳияти дугона дар бозор зоҳир мешавад. Бозор ба гуфтаи Георг Новак шабакаи робитаҳои додугирифт (мубодила) - ро ба вуҷуд меорад, ки бартарин танзимкунандаи иҷтимоӣ аст. Рақобатҳои фардие, ки дар бозор зуҳур мекунанд, ташнаи қудрати сиёсианд. Ҳамаи дигар робитаҳои инсонӣ тобеъи робитаҳои мубодила ё бозорианд. Арзиши инсон ва мавқеияти иҷтимоии ӯ баста ба пешниҳоде аст, ки харидор дар «бозори афкори умумӣ» пеш мениҳад ва арзише барои ба даст овардани «нерӯи кор» дар ин бозор мепардозад, ки ин демократияи буржуазист .

---

[100] Ҳамон ҷо, С. 16.

Ин демократияи буржуазиро марксизм нақд карда мегӯяд, ки барои баробариро ба вуҷуд овардан, бояд қудрати давлатии сармоядорро маҳдуд карда, дар ҷои ӯ табақаи коргарро бар сари қудрат овард, дар ин ҳол ҷомеаи сотсиалистиро метавон барпо намуд.

Аммо мунаққиди марксизм Карл Попер мегӯяд, ки ҳангоми ба қудрат расидани коргар низ коргар сармоядор ё буржуаз мешавад. Аз ин рӯ армони ниҳоии инсоният ин демократия аст.

Баҳси Попер низ дар мавриди низоми диктаторӣ ва демократӣ матраҳ мегардад ва изҳор медорад, ки фаҳмиши Маркс аз демократия нодуруст аст. Ин фаҳмиши нодурусти демократияро Маркс аз Афлотун гирифтааст. Афлотун бо баён ва тарҳи масъалаи сиёсат ба ин шакл, ки чи касе ҳукумат мекунад, ошуфтагӣ ва гумроҳии мондагоре дар фалсафаи сиёсӣ ба вуҷуд овардааст. Яъне чи касе, чи гурӯҳе ва ё чи табақоте бояд қудрати сиёсиро қабза кунанд ва онро нигоҳ доранд.

Вале натиҷа нишон медиҳад, ки ҳар касе ки қудратро ба даст мегирад, ҳамвора васваса мешавад, ки аз он суистифода кунад. Бинобар ин аз пурсиши чи касе қудратро дар даст дорад, муҳимтар ин пурсиш аст, ки чӣ гуна метавон онҳоеро ки аз он истифода мекунанд, назорат кард. Аз ин рӯ пурсиши калидӣ дар баҳси сиёсӣ ин нест, ки қудрати сиёсӣ бояд ба чӣ касе супурда шавад, зеро ҳеҷ касе ба ростӣ қудрате, ки дар дасти ӯ қарор мегирад, қобили эътимод нест ва нахоҳад буд, балки муҳим ин аст, ки ба чӣ гуна метавон аз тариқи ниҳодҳои сиёсӣ муассиртарин шакли назорат (контрол) бар истифода аз қудратро сомон бахшид, ки ин фаҳмиши дурусти имрӯзаи демократия мебошад.

Марксистон ба ин бовар буданд, ки агар пролетариат ба демократия ё сармоядор ғолиб ояд, баробарии ҳукумати мардум ва аксарият таъмин мешавад. Дар ҳоле ки ба гуфтаи Попер фаҳмиши демократия, ки ҳукумати мардум ва аксарият аст, шарҳи нодуруст ёфтааст. Демократия вобастаи он нест, ки чи касе ё чи гурӯҳи хосе ҳукумат кунад, балки иборат аст, аз назорати ниҳоде

бар амалкарди он нафароне, ки дар маснади қудратанд ва ё ба василаи он нафароне аст, ки дар қудрат нестанд[101].

Бартарияти демократия аз назари Попер дар он аст, ки назорат аз тариқи ниҳодҳо (институтҳо) бар амалкардаҳои ҳокимон ва соҳибони қудрат аст. Агар чунин ниҳодҳои демократие вуҷуд надошта ё заиф ва нокоромад ва тавсеанаёфта бошанд, танҳо роҳи назорат ва боздоштани ҳокимон аз суистифодаи қудрат, тағйир ва барканории онон бо истифода аз бархе хушунат ва роҳандозии инқилобҳо дар баробари хушунати ҳокимон хоҳад буд. Ин хушунатситезиҳо дар тӯли таърих оқибат ба демократия оварда расонид, ки аз тариқи интихоботи умумӣ ё ки ба василаи он мардум бо истифода аз ҳаққи раъйи шинохташудаашон метавонанд ҳукумати ғайридилхоҳашонро барканор кунанд ва ба иҷрои ислоҳот даст зананд ва ё шакли дигаре аз ҳукуматро ҷойгузини он созанд, бе он ки ниёзе ба зуру хушунат дошта бошанд[102].

Инчунин метавон бо истифода аз қудрат дар орои мардум дасткорӣ кард ва аз роҳи тамаъҷӯӣ, таҳдид ва моҳирона ба кор гирифтани абзорҳои таблиғотӣ, воқеиятро воруна (чаппа) нишон дод ва мардумро фирефт. Ин низ чеҳраи дугонаи демократист, ки дар асл метавонад ба диктатура ё истибдод табдил шавад.

Чеҳраи воқеии демократия дар ҳолест, ки метавон аз шарри ҳукуматҳо бидуни хушунат ва хунрезию инқилоб халос шуд, вале он ҳукуматҳое, ки дар зоҳир демократӣ ва дар асл диктаторианд, ягона роҳи бекор ва соқит кардани ҳукумат ин инқилоби пирӯзманд бо истифода аз хушунат аст.

Дар баробари ин афкори Попер муҳаққиқи дигаре Морис Корнфорт дар асараш «Фалсафаи боз ва ҷомеаи боз» (The open Philosophy and the open society) навъҳои диктатура ва демократияро баррасӣ месозад.

Дар таърих буданд, ҳокимони худкомае, ки арбобони бебандубори феодалҳоро аз байн бурда, шароити рушди санъат ва тиҷоратро фароҳам оварданд ва ё мисли Чингиз ва Гитлер низ шахсиятҳое буданд, ки тамоми тамаддуни башариро бо ҳунари ғорату куштор аз байн бурданӣ шуданд. Попер ҳангоми таҳқиқ мегӯяд, ки «мо танҳо ниёзманди онем, ки фарқияти миёни ду

---

[101] Ҳамон ҷо, С. 19.
[102] Ҳамон ҷо, С. 20.

шакли ҳукумат», яъне демократӣ ва диктаториро бозшиносем. Дар ҳоле, ки ба гуфтаи мутарҷими китоб Маҷид Мададӣ, Попер тафовути мавҷуд миёни ҳукуматҳои бардадорӣ, феодалӣ, сармоядорӣ ва сотсиалистиро низ, ки бояд бозшинохта шаванд, нодида мегирад. Аммо наметавон дар як таҳқиқот ба баррасии ин масоил комёб гардид ва ҳамзамон метавон таҳқиқоти дигареро ба роҳ монд, ки фарқиятҳои ҳукуматҳои диктаторӣ, бардадорӣ, феодалӣ ва дигар шаклҳои ҳокимиятро муайян кард.

Хулосаи Карл Попер дар мавриди демократия ба гуфтаи мутарҷим он аст, ки демократия, ки вазъи фарқкунандае аз вазъи «истибдодӣ» ё диктаторӣ аст, назорати умумӣ ё мардумӣ ба василаи механизме, ки вай онро ниҳодҳои демократӣ меноманд, иборат мебошад.

Дар ин механизми контрол ва назорат гурӯҳ ва ё табақае бо ҳамроҳии сармоядорон сари кор меоянд, ки ҳокимиятро дар дасти худ нигоҳ медоранд ва ба таври тадриҷӣ ва таъсирбахш бар сари ҳоким боқӣ мемонад. Ин аст яке аз нокомиҳои демократияи навин, ки боз метавонад ба диктатура бар гардад.

Рост аст, ки ниҳодҳои демократӣ «ҳимоятҳои ниҳодҳое дар баробари худкомагиҳое фароҳам» меоваранд. Вале ин «ҳимоят» таъмини он равишҳои баробарӣ ва мусовотталабонаи назорат нест.

Яке аз нукоти заъофи истидлоли Карл Попер ва назарияпардозони ҳамфикри ӯ ба қавли Морис Корнфорт «Maurice Corforth, The open Philosophy and the open society» таърифи сода аз демократия ба маънои «контрол» - назорати мардум бар ҳокимон ва соҳибмансабони сиёсӣ аст, дар ҳоле ки ҷомеа ба табақот тақсим шудааст. Ин табақот дар бештари вақт дар таззод ба якдигаранд, чӣ гуна чунин таносубе миёни табақоти иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Дар низоми демократии Попер вуҷуди табақот ё синфҳоро ба гуфтаи Маркс нодида мегиранд, зеро ин табақаҳо ниҳодҳоро таҳти назорати худ мегиранд. Ҳамзамон дар байни ин табақот низ чихеле ки зикр кардем, зиддиятҳо ба вуҷуд меояд.

Бинобар ин вақте баҳсе дар бораи демократия матраҳ мешавад агар вуҷуди табақот ва муборизаи табақотиро нодида гирифта шавад, фаҳмиши мо аз демократия нодуруст аст. Чӣ

тавре ки Попер ба гуфтаи мутарҷим ҳангоми табақабандии ҳукуматҳо ба демократӣ ва диктаторӣ онро нодида гирифт, дар ҳоле ки марксистон ин бинишро ба ҳисоб гирифта буданд. Камбудии ин ду биниш дар он аст, ки қобилиятҳои фард - фарди инсон ба ҳисоб гирифта намешавад, дар ҳоле ки бояд шароите фароҳам оварда шавад, ки дар он қобилияти ҳар як инсон шукуфо гардад.

Барои расидан ба ин ҳадаф аввалин иқдом ин аст, ки сармоядор берун аз саҳнаи сиёсат қарор гирифта ва суиистифодаи он аз муассисоти бузурги тиҷоратӣ ва маҳдуд карда шавад. Ва фаъолияти ин муассисот ба ниҳодҳои иҷтимоӣ ва дар ҳам шикастани мошини давлатӣ ё ба қавли Маркс ба кумитаи иҷроияи буржуазӣ вогузор карда шавад.

Инчунин ҳамаи дастгоҳҳои назорат бояд ба василаи муассисаҳои тавоно ва азим амалӣ шуда, назорати дарунии мошини давлатӣ низ бекор карда шавад.

Имрӯз низ ҷойи тардид нест, ки «набарди демократӣ» ҳанӯз поён наёфтааст, эҳтимол меравад, то барқарории комили он давраи тулонӣ низ бояд сипарӣ шавад. Ҳоло агар баҳсҳо, ҳаст танҳо барои ба вуҷуд овардани заминаи мусоид барои иҷрои он бошад, ки такомули шахсияти фард дар миён аст.

Пас, ин заминаи мусоиде, ки дар он ҳам баробарӣ ва ҳам озодӣ ба вуҷуд ояд, кадом аст?.

Ба гуфтаи баъзе аз муҳаққиқон (Ноберто Бобию, «Либерализм ва демократия», с. 89) сотсиализм бо демократия натанҳо ҳамоҳанг ва созгортаранд, балки такомулбахши ҳамдигар низ мебошанд.

Ӯ мегӯяд фароянди (протсеси) демократӣ шудан ногузир ба пайдоиши ҷомеаи сотсиалистӣ ё ҳамвор кардани роҳи он меанҷомад. Ҷомеае ки бар пояи дигаргунсозии моликияти хусусӣ ва иҷтимоӣ кардани мардум равона шудааст, василаи аслии тавлиди (истеҳсолие) бино мешавад, ки заминаи аввалини демократия аст.

Дуюм он ки танҳо бар пояи сотсиализм метавон мушорикати мардум, дар зиндагии сиёсиро тақвият кард ва густариш дод (яъне ҷанбаи сиёсӣ), ки демократияи комилро амалӣ хоҳад кард (С. 89).

Се бартарии демократияи сотсиалистӣ аз демократияи либералиро муҳаққиқ чунин мушаххас мекунад:

1. Демократияи либералӣ ё сармоядорӣ ё буржуазӣ дар заминае ба вуҷуд омадааст, ки намояндагони он ба ҳеҷ рӯ пойбанди интихобкунандагон набуданд, дар ҳоле ки демократияи сотсиалистӣ ё демократӣ - пролетарӣ бевосита аз тарафи худи мардум интихоб мешавад ё ба василаи намояндагоне, ки ҳақи мардумро ифода мекунанд, пиёда мегардад.
2. Демократияи буржуазӣ - либералӣ бо густариши ҳаққи раъи ба ҳамаи мардон ва занон, мушорикати мардумро дар қудрати сиёсии марказӣ - маҳаллӣ мумкин кардааст, аммо танҳо демократияи сотсиалистӣ аст, ки имкони ширкат дар тасмимгириҳои иқтисодиро, ки дар ҷомеаи сармоядорӣ ба гунаи истибдод пешкаш мешавад барои мардум фароҳам мекунад. Дар ин маъно демократияи сотсиалистӣ боз кушудани майдонҳои тозае барои амалкарди ҳокимияти мардум, ки гавҳари демократия аст, густариши доманаи ин мушорикатро ба шумори бештаре аз мардум таъмин мекунад.
3. Фарқияти дигари ин ду низоми сиёсӣ дар он аст, ки демократияи либералӣ ҳаққи мушорикати мустақим ва ғайри мустақим дар тасмимгарии сиёсиро мумкин месозад, ин ҳақ бо баробарии бештар дар тақсими қудрати иқтисодӣ ҳамроҳ нест. Натиҷа он аст, ки ҳаққи раъй дар бештари вақт саробе беш нахоҳад буд.

Аммо дар низоми демократӣ - сотсиалистӣ тақсими баробари қудрати иқтисодӣ яке аз ҳадафҳои аслии тағйироте ба шумор меравад, ки мехоҳад дар низоми иқтисодии ҷомеа ниҳоде созад ва аз ин роҳгузар мушорикати зоҳирии мардумро бо мушорикати воқеӣ ва бо баробарии ивазкунандае табдил кунад ва баробарии бештаре миёни инсонҳоро воқеият бахшад (С. 30).

Ин муҳаққиқ дар хулосаи хеш низоми сотсиалистиро низоми бартари сиёсӣ медонад, ки дар он каму беш, баробарӣ ва озодӣ бистари муносибати демократии комилро фароҳам меорад. Яъне демократия беш аз ҳар чиз ба маънои ҳаққи раъи ҳамагонӣ ва дар натиҷа василаест барои баёни озодонаи иродаи ҳар фард. Демократия ҳамчун натиҷаи амали сиёсӣ ба дунболи озодиҳои

сиёсӣ меояд ва маҷмӯи ин озодиҳоро такмил мекунад ва ҳамчун пешфарз демократия худ бояд такмил шавад, чаро ки ин амал фақат бо тағйир дар вазъияти ҷомеа мумкин хоҳад шуд. Ин амрест, ки сотсиализм аз тариқи дигаргунсозии ҷомеаи самоядорӣ дар пайи воқеият бахшидан аст. Ба гуфтаи Карл Маркс тавлид ё истеҳсолкунандагон маҳсулоти худро бо табиат ба сурати ақлонӣ ва хирадмандона танзим карда ва ба ҷойи он ки зери фармонравои неруҳои кӯри табиат қарор гиранд, онро таҳти назорати худ дармеоваранд ва метавонанд имконоти моддии устуворе барои такмили неруи инсон, ки ҳадафи он дар худаш пинҳон аст, яъне қаламрави воқеии озодӣ ба вуҷуд оварад (Karl Marx. «Capitac», M.P. 20).

Хулоса, дар ҷаҳони имрӯз бештар аз ҳама манфиатҳои иқтисодӣ дар дараҷаи аввалин буда, тамоми кишварҳои абарқудрат кишварҳои кӯчакро ба манфиатҳои худ истифода мекунанд. Мисолашро дар ҳаводиси ҷанги Ироқ, Тоҷикистон, Афғонистон, Украина ва ғайра метавон мушоҳида кард.

Ин кӯшишҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки марҳилаи нави пасоимпериализм ё постколониализм «назм ва тақсимоти навине» - ро дар ҷаҳон ба вуҷуд овардаистодааст.

Аз рӯи қоидаи умумибашарии Созмони Милали Муттаҳид бояд ихтилофи миёни давлатҳо ба тарзи мусолиматомез ҳал гардад, дар ҳоле ки «назми нави ҷаҳонӣ» ҳамон иперииализми деринаро бо абзорҳои зангзадаи хушунатситез ба номи ҷаҳоншумулият роҳандозӣ мекунад. Яъне баъди пошхурии яккутбии низомии Шуравӣ ҷойи онро СММ гирифтааст.

Хулоса, демократияи буржуазӣ ё сармоядорӣ ҷаҳони имрӯзаро аз ҳолати пӯё ва пешрафт, ба вазъияти исто ва ақибнигар ва аз ҷомеаи озодманиши пешрав ба ҷомеаи муҳофизакор ва иртиҷоӣ - регрессивӣ оварда расонид. Ин навъи демократия дар ҷаҳони имрӯз боздорандаи аслӣ ва монеи бузурги ҳаргуна тағйир ва таҳаввули пешрафта аст, ба ҷуз тағйир ба вазъияти бадтар. Ин навъи демократия ба гуфтаи Ҳерберт Маркузе аз иқтисоди озод, то иқтисоди инҳисоргароёна ва сармояи давлатӣ дар шакли феълияш марҳилаеро пешорӯи мо мекушояд, ки мерасад: Пешрафт ба сӯи неофашизм дар миқёси ҷаҳонӣ (ҷанги дохилии Украина - Ё.Н.) ё гузар ба сотсиализм. Роҳи нахуст дорои эҳтимолияти бештаре аст, зеро ки низоми сармоягузориро на танҳо барканор намекунанд, балки фурсати

дигаре ба он медиҳанд, то сабаби нобудии он фароҳам шавад (H. Mapcuse, Counter- Revolution, p 9.11 c.33).

Хулоса, вазъиятҳои ноороми кишварҳои имрӯза , ки ба дасти демократияи либералӣ пиёда шуда истодааст, ифроту тафритҳоеро дар низоми сармоягузории худ ба вуҷуд овардаанд, ки сабаби гумроҳии худ гаштаанд. Махсусан кишварҳои пасошуравии собиқро бо ин идеяи озодӣ ва баргашт ба асли хеш (асли ҳайвонӣ ва пархошгарост). Низомҳои худкомаеро рӯйи кор овардаанд, ки наметавонанд дар кишварҳои начандон бузург низоми устувор ва амн барои рушди иқтисод ва некуаҳволии кишварҳояшон пиёда созанд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Меҳр СОБИРИЁН**

## ЗАРУРАТИ ВУҶУД ДОШТАНИ ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ ДАР ҶОМЕА

Рақобат омили таҳрикдиҳандаест барои пешрафт ва рушд дар ҳамаи паҳлуҳои зиндагии башар. Ин омил боиси пешравиҳо дар мудирияти кишвар, маориф, лашкардорӣ, иқтисод, илм, ҷаҳонбинию донишомӯзии ҷавонон мегардад. Аз ин ҷост ки кишварҳои пешрафтаи замон рақобати солимро дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии мардумонашон таъмин мекунанд. Дар ин матлаб мо зарурияти вуҷуд доштани рақобати солимро дар ҷаҳонбинию донишомӯзӣ ва худшиносии мардум дида мебароем, ки бадбахтона бо сабабҳои гуногуни торихӣ, дар ҷомеъаи мо ҷаҳонбинии яккатозӣ мазҳабӣ тӯли ҳазор соли охир ҳукмфармост. Бе рақобат, бе таҳлилу муқоисакунӣ. Ба истиснои 70 соли мавҷудияти ИҶШС, ки бо расми шудани ҷаҳонбинии коммунистӣ, ду ғоя: коммунизм (дар сиёсати давлатӣ) ва динӣ (дар доираи хонавода) ҳамзамон вуҷуд дошта, бо ҳам рақобат мекарданд. Бе шак ин дуюмин давраи тиллоӣ дар рушди ҷаҳонбинии мардуми тоҷик, баъди асри 10, замони Сомониён буд. Афсӯс 40 соли ин муҳлати 70 сола барои рафъи мушкилоти баъди инқилобӣ ва баъди ҷангӣ рафт ва танҳо 30 сол имкони рақобати солим буду бас. Ин муҳлат барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илми миёни тӯдаҳои мардум хеле кам буд ва бо расидани истиқлол боз ҷаҳонбинии мазҳабӣ дар ҷомеъа ҳукмрон гардид ва рақобат аз миён рафт ва ҷавонон имкони интихобро, ки ҳаққи инсонӣ ва қонунии онҳо буд, аз даст доданд. Ин сабаб шудааст, ки имрӯз ҷаҳонбинии ҷавонон маҳдуд аст ва имконияти пайвастани онҳо ба ҷараёнҳои тундрав хеле зиёд аст. Ҳатто имрӯз хабарҳо мерасад, ки ҷавонони тоҷик ба сафи ҷангҷӯёни мухолифи ҳукумати қонунии Сурия пайвастаанд ва чанде аз онҳо кушта ҳам шудаанд. Имрӯз дар ҷомеаи мо ба ҷуз ҷаҳонбинии мазҳабӣ, ҳама гуна ҷаҳонбинии дигар, аз ҷумла ҷаҳонбинии илмӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо хилофи мазҳаб ҳастанд, ба шиддат маҳкум мешавад. Аз ин ҷост ки ҷавонон ҳатто бо рафтан ба кишварҳои дигар аз доираи ҷаҳонбинии мазҳаби берун намебароянд ва ба осони туъмаи таблиғгарони ҷараёнҳои мамнӯъи мазҳабӣ, аз ҷумла «Салафия» «Ваҳҳобия», «Ансоруллоҳ», ки дар Тоҷикистон мамнӯъ аст,

мешаванд. Ин ҳолат нигаронкунанда аст ва дар оянда метавонад мушкилоти чиддие бар сари ҷомеъа биёрад. Тақдири ҷомеъаҳое, ки дар онҳо диктарура ҷорӣ буд, барои ин далел ҳастанд.

Имрӯз, вақти он расида, ки олимон, равшанфикрон, адибон ва умуман ҳамаи онҳое, ки бетараф нестанд, кӯшиш бикунанд, то рақобати солимро дар ҷамеа барқарор бикунанд ва дар қатори ҷаҳонбинии маҳдуди мазҳабӣ ҷаҳонбинии дигар, ҷаҳонбинии алтернативӣ, ҷаҳонбинии илмиро барқарор бикунанд. Давлат дар навбати худ баробарии мавҷудият ва таблиғи баробари ин ҷаҳонбиниҳоро таъмин бикунад. То ҷавонони Меҳан битавонанд бо ҷаҳонбинии илмӣ ҳам ба осонӣ ошно бишаванд ва аз ҳуқуқи худ, ки озодии интихоб аст, истифода бикунанд.

Имрӯз, ки мавқеъи мазҳабиён миёни мардум боло рафтан дорад ва аксари ҷавонон аз сабаби костагии низоми омӯзиш ва парвариш дар сатҳи пасти дониш қарор доранд. Онҳо танҳо ҷаҳонро аз нуқтаи назари мулло мешиносанд. Аз сабабе ки онҳо дастрасӣ ба донишҳо ва кашфиёти илмӣ муосирро надоранд, худбовариҳои худ ва ҷойгоҳи худро наметавонанд бо дигарҳо муқоиса кунанд ва асли худро ба дурусти бишносанд. Аз ин ноогоҳии мардум мазҳабиён сӯистифода карда, бо ҳар роҳ дигарандеширо дар ҷомеа маҳкум мекунанд, шахсияти дигарандешро бо туҳмату дурӯғ пеши мардум бадном мекунанд. Дар ҳолати пайдо шудани як ҷаҳонбинии баробарвазн бо ҷаҳонбинии мазҳабӣ ва дастрасии мардум ба андешаи дигар, на танҳо имкони сӯистифодаи ҷавонон кам мешавад, балки маълумоти нав, огоҳиҳои нав ва андешаҳои алтернативӣ, омили таҳрикдиҳандае (стимул) мешаванд, барои пайкору ҷустуҷӯй дар заминаи худшиносӣ ва худошиносии мардум.

Инро баҳсҳои фейсбукие, ки дар мавзӯи Худошиносӣ чанд муддат пеш дар гуруҳи «Анҷумани фалсафа ва ҳикмати тоҷикистониён» шуда буд, исбот кардаанд. Дар ин гурӯҳи нисбатан озод ҷавононе пайдо шуданд, ки андешаи ғайр, андешаи то дараҷае илмӣ доштанд ва ҷаҳонбинии худро пешкаш мекарданд. Ҷавонони дигаре, ки ҷаҳонбинии мазҳабӣ доштанд, дар баробари даъвоҳои дигарандешон рӯй ба омӯзиши китобҳои мазҳабӣ ниҳоданд. Ҳатто онҳое, ки вақти омӯзиш надоштанд,

шабҳо хоб нарафта пайи омӯзишу такмили ҷаҳонбинии худ буданд. Ҳатто мудири гурӯҳ ин ҳодисаро дар симои наздикони худ тасдиқ карда буд ва аз натиҷаҳои чунин рақобат ба некӣ ёд карда буд. Дар ҳоле ки мудир худ як мазҳабӣ аст.

Бинобар ин барои аз хоби гарон бедор шудани мардум, дар ҷомеаи мо ҳатман бояд ҷаҳонбинии дигаре дар қатори ҷаҳонбинии мазҳабӣ вуҷуд дошта бошад ва бо он рақобат кунад. Бояд дастуре тартиб дода шавад, ки битавонад ба ҳама саволҳои пайдошаванда барои худшиносӣ ва Худошиносӣ аз нуқтаи назари илм ва олимони муосир ҷавоб бидиҳад. Ногуфта намонад, ки назари олмимони асрҳои миёна, ки мазҳабиён аз онҳо мисолҳои зиёд меоранд, бо он ҳама бузургияшон пурра қабули илм нестанд. Чун дар он замонҳо рушди илм назар ба асри 21 хеле кам буд ва он олимон аз бисёр ҳақиқатҳои исботшудаи имрӯз бехабар буданд. Мисол аз курашаклии Замин, аз низоми гардиши Коинот ва ғайра.

Кӯшиши сохтани чунин дастурро гуруҳе аз равшанфикроне, ки устодони донишгоҳҳои пойтахт ҳастанд, карда буданд ва соли 2013 китоби хурде бо номи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» нашр карданд. Дар ин китоб ба таври мухтасар ҷавобҳое дар мавзӯҳои худшиносӣ, Худошиосӣ, ҷомеашиносӣ, мазҳабшиносӣ ва ҷаҳоншиносӣ аз нуқтаи назари илм оварда шудааст. Ҳарчанд ин китоби хурд ва ҷавобҳои кӯтоҳи муаллифон наметавонад ба саволҳои пайдошавандаи инсон ҷавобҳои пурра бидиҳад, бо мазҳабиён ва ҷилд - ҷилд китобҳои онҳо рақобат кунад, аммо ин ҳоло оғози кор аст ва дар оянда имкон аст дар асоси ин китоб як дастури пурраи иборат аз 300 - 400 саҳифа пешкаши ҷӯяндагон гардад, ки ба ҳама саволҳои гузошташуда бо иқтибосҳо аз олимон ва файласуфони ҷаҳоние, ки адешаи илмӣ доранд, ҷавобҳои пурраи илмӣ бидиҳанд. То ҷӯяндагон имкон дошта бошанд, ки ҳангоми пайдо шудани пурсише дар мавзӯъҳои зикргардида, посухро аз нуқтаи назари илм ҳам ба осонӣ дастрас намояд.

Дастрасии тӯдаҳои мардум ба ҷаҳонбинии илмӣ, танҳо мушкили забони тоҷикӣ (порсии кирилӣ) аст. Ҷилд - ҷилд китобҳо бо хатти порсӣ ва бо забонҳои дигар, аз ҷумла русӣ ва англисӣ ва дигар вуҷуд доранд, ки ба ҳама пурсишҳои зикршуда ҷавобҳои пурра медиҳанд ва метавонанд рақибони пурзури китобҳои мазҳабӣ ва ҷаҳонбинии мазҳабӣ бошанд. Китоби «Ҷаҳонбинии

оянда» оғози кори амиқе аст, ки муалифони он барои рехтани зербинои (фундаменти) ҷаҳонбинии илмӣ дар Тоҷикистон кандаанд. Бале, камбудиҳо дорад, бале бо баъзе даъвоҳои муалифон розӣ буда наметавонем. Аммо ин камбудиҳо ҳангоми сохтани дастури пурраи ҷаҳонбинии илмӣ барои тӯдаҳои мардум, ки рехтани зербинои ҷаҳонбинии илмӣ мешавад, бартараф мешаванд ва болои он бинои боҳашмати ҷаҳонбинии илмӣ сохта мешавад. Дар натиҷа рақобати солим дар миёни ҷаҳонбиниҳои гуногун ва адешаҳои гуногун пайдо шуда, боиси васеъ шудани ҷаҳонбинии мардум мегардад.

Шӯрбахтона баъзе «олимон» ва «файласуфон» баъд аз нашри китоби «Ҷаҳонбинии оянда» ба ҷойи бо посухҳои илмӣ рад кардани даъвоҳои муаллифон, рафторҳои тундравона карда, ба шахсияти муаллифони китоб расиданро раво диданд. Буданд ҳам касоне, ки посухи оромона навиштанд ва боварҳои худро бо сарчашмаҳои худ дифоъ мекарданд. Аммо на ин ва на он қабул надорад, ки дигарандешӣ ҷиноят нест, Ҷаҳонбинии алтернативӣ доштан ин душманӣ бар касе нест. Хоҳем нахоҳем дар ҷаҳони имрӯза маълумот ба ҳар восита ба мардум мерасад. Дигар натавонад бастани даҳони дигарандешон ва чашму гуши ҷавонон. Ҷаҳонбиниҳои дигар ҳатман пайдо мешавнд ва рақиби ҷаҳонбинии мазҳабӣ мешаванд. Пас беҳтар ва хубтар аст, Ҷаҳонбинии илмӣ дар қатори ҷаҳонбинии мазҳабӣ озодона вуҷуд дошта бошад ва рақиби ҳам бошанд. Кӯшиши нобуд кардани ҷаҳонбинии алтернативӣ, ин хиёнат бар миллат ва мардум аст. Ин ба бумбаст ва ақибмондагӣ бурдани ҷомеа ва кишвар аст. Бигзор рақобат бошад ва ин рақобат боиси рушди кишвар ва ҷомеаи тоҷикон бишавад.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

# ВАЗЪИ ҶАҲОНБИНИҲО ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Вазъи имрӯзаи ҷаҳонбиниҳо дар Тоҷикистон кашокаши муллоҳо дар сари ҷанозаро мемонад. Зиёиёни мо аксаран ба баҳсҳои лафзӣ ва афсонасозӣ машғуланд, дар ҳоле ки шинохти илмии воқеияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва таърихии ҷомеаи тоҷик сарфи назар мешавад.Дар ҳоле ки фазои холии кишвар аз тарафи идеологияҳои бегона пур шудааст, аз дохил ҳанӯз пешниҳодҳо хеле каманд.

Ҷаҳонбинӣ перспективаи куллие мебошад, ки тавассути он шахс ҷаҳонро мешиносад ва интерпретатсия (арзёбӣ) мекунад. Он маҷмӯи боварҳои фардӣ ва ё гурӯҳӣ дар бораи зиндагӣ ва Кайҳон мебошад.

Дидгоҳи "бехатарии вуҷудӣ", ки мо пешниҳод мекунем, сарчашмаи пайдоиши ҷаҳонбиниро *хатарҳои вуҷудӣ* медонад. Вақте ки инсон аввалин маротиба хатарро эҳсос кард, ба он дар шакли боварӣ ва ё назария ҷавоб дод. Ҳамин боварӣ ва назарияи шинохту пешгирии хатарҳои вуҷудӣ ҷаҳонбиниро ба вуҷуд меорад. Танҳо дар сурати тағйир ёфтани хатарҳои вуҷудӣ ва ё иваз шудани муносибат ба ин хатарҳо ҷаҳонбинӣ тағйир ва ё иваз мешавад.

Ҳамин гуна, саволи асосие, ки дар ин баҳс гузошта мешавад, чунин аст:

Зиёиёни тоҷик аз рӯи кадом ҷаҳонбиниҳо фикру эҷод мекунанд?

Тибқи баҳсҳои расонавӣ ва тасаввуроти бисёриҳо, асосан ду намуди ҷаҳонбиниҳо дар Тоҷикистони пасошӯравӣ ба мушоҳида мерасанд:

1) Ҷаҳонбинии динӣ;
2) Ҷаҳонбинии дунявӣ.

Аммо ин тақсимот зоҳирӣ ва сатҳӣ мебошад, гарчанде дар асоси он дар ҷомеа ихтилофҳои зиёде дар байни ба истилоҳ "диндорон" ва "дунявиён" ба вуҷуд омадааст. Дар асл, тарафдорони ҷаҳонбинии дунявӣ майли динӣ доранд. Ҷаҳонбинии динӣ низ рӯякӣ, сатҳӣ ва манфиатҷӯёна мебошад.

Ҷаҳонбинӣ системаи куллӣ ва фарогири фикрӣ ва зеҳнӣ мебошад, ки на фақат тасаввуроти инсон ва ё мардуми алоҳидаро ба худ ва ба олами беруна асос мегузорад, балки дар асоси ин тасаввурот принсипҳои асосии зиндагиро ташкил медиҳад. Барои ҳамин, ҳама гуна саволҳое, ки ҳамарӯза дар сари одамон чарх мезананд, саволҳои ҷаҳонбинӣ ҳастанд. Мардуми одӣ наметавонанд ба саволҳои худ, масалан дар бораи моҳияти ҳастии инсон, ҳадафи зиндагӣ, маънои азалу абад, замону макон, табиат, Кайҳон, сабаби ҳодисаҳои табиӣ ва ғайра бевосита худашон ҷавоб ёбанд. Балки онҳо ба дигарон такя мекунанд. Бисёри донишмандон мегӯянд, ки онҳо ба ҷавобҳои содалавҳона ва сатҳӣ бештар бовар мекунанд, чунки тарзи тафаккурашон содалавҳона аст. Файласуф ва инсоншиноси фаронсавӣ - Пйер Бодйе мегӯяд, одамони одӣ дар тӯли таърих ба ҷавобҳо ва ниҳодҳои динӣ *одат* кардаанд. Аммо воқеан ба ҷаҳонбинии динӣ ва афсонавӣ рӯ овардани мардум на фақат аз он аст, ки онҳо содалавҳ ҳастанд ва ба афсонаҳое чун рӯҳ, Худо ва охират бовар мекунанд. Сабаби асосӣ мушкилии нестӣ ва марг мебошад. Инсон ҷисман миранда аст, барои ҳамин мехоҳад ба вуҷуди Худо, зиндагии пас аз марг ва монанди инҳо бовар дошта бошад. Ин гуна боварӣ сатҳи фаҳмиши оммавӣ мебошад. Ин фаҳмиши оммавӣ ба бисёре аз мутафаккирони гузаштаи тоҷик низ хос аст.

Барои ҳамин, дар асрҳои охир ягон асари ҷиддие эҷод нашудааст, ки ҷаҳонбинии хоси ғайридиниеро ба вуҷуд оварда бошад. Масалан, атеизми шӯравӣ дар муддати хеле кӯтоҳи пасошӯравӣ комилан аз байн рафт. Ин вазъият на фақат ба Тоҷикистон, балки ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳавзаи фарҳанги форсӣ низ хос аст. Муҳаммад Иқбол ин ҳолати равшанфикрони ҳавзаи фарҳанги форсиро ба занбӯри асал монанд мекунад, ки ба як гул мутамарказ намешаванд, балки аз гулҳои гуногун шаҳд ҷамъоварӣ мекунанд. Ин ҷо гул гуфта, ҷаҳонбинӣ дар назар дошта мешавад. Воқеан, худи Иқбол низ чунин мушкилии фикрию зеҳнӣ дорад. Ӯ дар осори худ ҷаҳонбиниҳои гуногуни динӣ ва ирфонии исломӣ ва фалсафии аврупоиро васф мекунад, вале ба ягонтои он вафодор намемонад. Мутаассифона, мо таълимоти худи Иқболро наметавонем ташхис

кунем. Ӯ дар бораи инсон ва ҷаҳон шинохти хоси худро надорад. Чунин вазъият хоси бисёре аз файласуфон, олимон ва шоирони форсу тоҷик низ ҳаст. Сабаби асосӣ он аст, ки онҳо ҳамеша шахсият ва андешаи худро вобаста ва тобеи қудрати сиёсӣ ва динӣ медонистанд. Дар натиҷа, мактаби машшоия дар хизмати илми каломи исломӣ буд ва ё зиёиёни асрҳои 19-20 дар тарғиби пантуркизм саҳм мегузоштанд.

Вазъияти зиёиёни пасошӯравӣ боз ҳам мураккабтар аст. Дар муддати андаке зиёдтар аз 20 сол ҳаракатҳои зиёди динӣ ва сиёсӣ ба миён омаданд ва ё якдигарро иваз карданд. Зиёиёни асосии тоҷик аксаран онҳое ҳастанд, ки 20 - 30 соли пеш буданд. Миқдори каме аз онҳо дар мавқеъҳои пештараи худ устувор монданд. Атеистони дирӯза ба мазҳабиҳои имрӯза табдил ёфтанд. Онҳое, ки дирӯз дар бораи арзишҳои умумимиллӣ мегуфтанд, имрӯз ба бузургманишии маҳаллӣ ва насабии шахсияти худ машғул мебошанд.

Дар зеҳни бисёре аз зиёиён мо *омехтаҳое аз пораҳои ҷаҳонбиниҳо* дида мешавад. Дар Тоҷикистони муосир на ҷаҳонбиниҳои мустақили фалсафӣ ва илмӣ, балки фрагментҳо (пораҳо) ва рамзҳои алоҳидаи ҷаҳонбиниҳои гуногун вуҷуд доранд. Аз он ҷумла фрагментҳо ва рамзҳои

- **Сотсиализм, коммунизм ва марксизм:** Бисёри зиёиёни мо ба Шӯравӣ ва сотсиализм бештар дилбаста ҳастанд. Дар айни замон, онҳо принсипҳои асосии мактаби фалсафии марксизм, аз он ҷумла материализм, таърихият, атеизм, синфият ва антагонизми синфиро фаромӯш кардаанд. Дар зеҳни зиёиён Марксизм асосан ёде аз рӯзҳои хуши гузашта, яъне ностальгия аст, на зиёда аз ин.

- **Ҷаҳонбинии ҳиндӣ**: Дар ҷаҳони муосир тадриҷан тарафдорони ҷаҳонбинии буддоӣ зиёд мешаванд. Махсусан, зиёиёни аврупоӣ, сар карда аз Шопенҳауер – файласуфи олмонии асрҳои 18-19, ба ин биниш рӯ меоранд. Дар Тоҷикистон худи Буддоия бевосита роиҷ нест. Вале дар байни зиёиён мо метавонем нафаронеро вохӯрем, ки ба таълимоти буддоӣ чун Нирвана ва тарафдорони ин биниш чун Ошо Раҷниш майл доранд.

- **Ислом**: Дар Тоҷикистони муосир ҳаракату ҷараёнҳои зиёди сиёсӣ ва анъанавии исломӣ вуҷуд доранд. Вале то ҳанӯз уламои исломии тоҷик ягон таълимоти ақидатие пешниҳод накардаанд, ки аз ин ҳаракатҳо мустақил ва фарқ дошта бошад.

Дар айни замон, ҳамаи ин ҳаракатҳо аз хориҷ таҳрик мешаванд. Исломи “худӣ” чун як равияи ақидатӣ вуҷуд надорад. Он фақат дар шакли суннатӣ вуҷуд дорад, ки фақат ба фурӯот сару кор дорад, на ба масъалаҳои усулӣ.

- **Мероси зардуштӣ**: Дар байни зиёиён Зардуштия на чун дину мазҳаб, балки пеш аз ҳама чун мероси фарҳангӣ ва фикрии тоҷикон ва умуман эронинажодон шинохта мешавад. Дар кул, ин тарзи қабули Зардуштия дуруст мебошад, чунки мо на дар пайи сохтани ҷомеаи динӣ, балки дар пайи ташкили ҷомеаи илмбунёд мебошем. Яке аз заминаҳои асосии чунин ҷомеа плюрализм мебошад. Зардуштия чун мероси фикрӣ ва фарҳангӣ бояд омӯхта шавад ва унсурҳои муҳимми он дар амал истифода бурда шавад. Аммо фақат қисми каме аз зиёиёни мо ба чунин шакл консептуализатсияи мероси зардуштӣ машғуланд. Нафароне ҳам пайдо мешаванд, ки дар Зардуштия манфиатҳои маҳаллии худро пайгирӣ мекунанд ва аз он ҷумла ҷойи таваллуд ва зисту фаъолияти Зардуштро ба маҳалли худ пайванд медиҳанд.

- **Бузургманишии ориёӣ**: Таърихи ориёӣ низ бояд ҳамчун мероси фарҳангӣ омӯхта ва кор гирифта шавад. Аммо дар бисёри маврид он чун категорияи миллатгароӣ ва нажодпарастӣ истифода бурда мешавад, ки дар шароити имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон хатарнок низ ҳаст.

- **Миллатгароӣ ва маҳалгароӣ**: Миллатгароии мо, аз он ҷумла зиёиён дар риторика, дар гуфтумонҳои расмӣ, ки аксаран дар пойтахти кишвар сурат мегиранд, маҳдуд мемонад. Дар воқеияти ҳаррӯза ва ё ба истилоҳ деҳотӣ воқеияти тамоман дигарро мебинем. Ҷаҳон ва ҷаҳонбинии мо дар доираи хешу табор, маҳалли хурди ҷуғрофӣ ва вижагиҳои забонӣ сохта мешавад. Ҳатто Ислом ҳам авлодӣ, маҳаллӣ ва шевагӣ аст. Таҳқиқоти бисёре, ки дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон гузаронда шудааст, инро исбот мекунад. Мазорҳо ва дигар объектҳои мероси динӣ хусусияти миллӣ надоранд, балки маҳдуд ба маҳалҳои алоҳида мебошанд. Ба ҳамин хотир, дар инсоншиносии фарҳангӣ истилоҳе бо номи “Исломҳо” вуҷуд дорад.

- **Насабпарастӣ**: Дар солҳои охир дар Тоҷикистон тамоюли дигаре ба вуҷуд омадааст, ки боиси аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ тақсим шудани ҷомеа ба табақаҳо мегардад. Ин тамоюл *насабпарастӣ* мебошад. Бахусус, элитаи деҳотӣ ва шаҳрӣ, аз он ҷумла як гурӯҳи зиёиён ба омӯхтан, пайдо кардан ва ба ҷомеа пешкаш кардани шаҷараномаҳо ва насабномаҳои худ машғул ҳастанд. Ин гуна насабномаҳо дар бештари маврид характери динӣ доранд ва дар натиҷа ҷомеаро ба кастаҳои мазҳабӣ тақсим мекунад.

- **Минтақагароӣ**: Зиёиёни тоҷик тарафдори консепсияҳои гуногуни минтақагароӣ мебошанд. Баъзеҳо тарафдори эҳё гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ё модели ба он монанде чун Авруосиё (Евразия), ки аз тарафи Русия роҳандозӣ шавад, мебошанд. Дигарҳо интегратсияи кишварҳои форсизабонро тарғиб мекунанд. Ба ҳамин хотир, гузаштан ба хатти форсиро муҳим меҳисобанд. Гурӯҳи сеюм тарафдори идеяи Хилофати исломии минтақавӣ ва ё умумиҷаҳонӣ ҳастанд. Гурӯҳи чорум ба истилоҳ "ғарбгаро" мебошанд ва омӯзаҳои фалсафӣ, системаи сиёсию иҷтимоӣ ва муносибатҳои иқтисодии аврупоӣ (капиталистӣ)-ро бидуни назари танқидӣ қабул мекунанд. Дар байни зиёиён тарафдорони идеяи "Ҳавзаи фарҳангии Наврӯз" низ ҳастанд, ки баъди ба ҷашни байналмилалӣ табдил ёфтани Наврӯз ба ин хулоса расиданд. Як гурӯҳи зиёиён тарафдорони Фатҳулло Гулен (тав. 1941) ва равияи исломи туркӣ низ ҳастанд. Билохира, як зумра зиёиён ба ҳама гуна ҷараёнҳо ва пешниҳодҳои дохилӣ ва хориҷӣ бо шубҳа ва аз дидгоҳи назарияи тавтиа менигаранд. Гӯё дар пушти пардаи ҳама гуна ҳодисаҳои ҷаҳони муосир ва махсусан глобализатсия кадом як гурӯҳи бадният меистад. Дар ин маврид, онҳо тавтиа ва ё сӯиқасдро нақшае бар зидди миллат ва ё минтақаи муайян мешуморанд. (Аслан тарафдорони назарияи тавтиа дар ҷаҳон неомарксистоне чун Воллерштейн ва Комски мебошанд, ки сӯиқасдро чун низоми умумиҷаҳонӣ муайян мекунанд.)

Ҳамин гуна, сотсиализм, коммунизм, марксизм, таълимоти ҳиндӣ, исломӣ, зардуштӣ ва бузургманишиҳои миллатгароӣ, маҳалгароӣ, насабпарастӣ ва минтақагароӣ пораҳо ва фрагментҳои интеллектуалӣ ва идеологӣ мебошанд, ки имрӯз дар кишвари мо ҳукмронанд. Шояд донишмандеро ёфта натавонем,

ки фақат ба яке аз ин равияҳо маҳдуд бошад. Дар асл, аксарият ба унсурҳои гуногуни ҷаҳонбиниҳои мухталиф такя мекунанд. Онҳо ҳам сотсиалист, ҳам тарафдори биниши нирвана ва ҳам миллатгаро мебошанд. Ва ё зиёиёне вомехӯранд, ки дар риторика бузургманишии ориёӣ ва ё зардуштӣ доранд, вале ҳамзамон аслҳои исломиро бечунучаро иҷро ва тарғиб мекунанд. Як гурӯҳи зиёиён дар доираву маҳфилҳои расмӣ миллатгаро ҳастанд, вале дар пинҳон ва дар доираи муносибатҳои ғайрирасмӣ маҳалгаро ва насабпараст мебошанд. Аксарияти зиёиёни тоҷик мавҷудияти давлати Тоҷикистонро бидуни минтақагароӣ (масалан, дар ҳавзаи давлатҳои муштаракулманофеъ ва ё ҳавзаи фарҳанги форсӣ) ғайриимкон меҳисобанд, аммо барои чунин ҳамгироӣ пешниҳоду тавсияҳои илмӣ надоранд.

Ин вазъияти фрагментарӣ (пора - пора ва дарбеҳӣ будан) - и ҷаҳонбиниҳо дар Тоҷикистон собиқаи таърихӣ дорад. Он, пеш аз ҳама, дар падидаҳое чун тасаввуф, тарзи муносибат ба мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва шахсиятҳои ҷаҳонбинисоз таҷассум мегардад.

**Тасаввуф** намунаи чунин ҷаҳонбинии фрагментарӣ ва омехта мебошад. Барои ҳамин, Ҳофиз зоҳидонро накд мекунад. Сӯфиҳо ва дигар пешсафони дин ҳамеша аз назари сиёсӣ ва иқтисодӣ қудратманд буданд, вале дар эҷодиёти худ қаноат, хоксорӣ ва фақру бенавоиро тарғиб мекарданд.

**Муносибат ба мероси таърихӣ-фарҳангӣ** низ то андозае таваккалӣ ва бидуни ҷаҳонбинӣ ва методологияи хоси илмӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, ин муносибат на танқидӣ, балки тавсифию таърифӣ мебошад. Мо дар марҳилаи ҷамъоварии ин мерос ҳастем ва ҳанӯз ба марҳилаи интихоб ва танқид (аз он ҷумла бо шеваи Нитше) нарасидаем. Мо ба мероси фарҳангӣ ва фикрии худ бо таълимоти *пантеистӣ* менигарем. Мехоҳем ҳама ҷо, ҳам ботин ва ҳам зоҳири ҷаҳонро нақшҳои гуногун аз ин мерос фаро гирад. Ин тарзи биниш биниши осорхонавӣ мебошад. Ҳатто осорхонаҳо ҳам як гуна система ва консепсияи фикрӣ доранд. Масалан, Осорхонаи Беҳзод ба мо меомӯзад, ки ба таърих ва ҳодисаҳои таърихӣ бо методи муқоисавӣ-таърихӣ, яъне бо чашми марксистӣ нигоҳ кунем ва таърихро ҳамчун қувваи инкишофи пешраванда

(поступателное развитие) ва муборизаи синфӣ шиносем. Аммо муносибати мо ба мероси фарҳангӣ ва фикрӣ ба система ва консепсияи алоҳида асос наёфтааст. Мо гумон мекунем, ки бо ҳар чӣ бештар навиштан ва тафсир кардани таърих рисолати худро иҷро мекунем, чуноне ки муфассирони Қуръон дар гузашта ва имрӯз мекарданд ва мекунанд. Ҳамин гуна, муносибати муфассирона ба таърих ва мероси таърихӣ аз биниши динӣ, аниқтараш аз тасаввуроти пантеистии мо реша мегирад. Ҳоло аксарияти пажӯҳишҳои филологӣ ва ҳатто фалсафӣ ҳамин гуна тамоюли тафсирӣ ва пантеистӣ доранд. Фақат дар баъзе ҷойҳо аз методи муқоисавӣ-таърихии марксистӣ тақлид мекунем. Масалан, зимни таҳқиқот дар мавриди шахсиятҳои маъруфи таърихӣ тарҷумаи ҳоли ин шахс ва вазъияти таърихии давраи зиндагии ӯро бо перспективаи марксистӣ ва таълимоти ҳамин шахс ва давраро аз дидгоҳи динӣ мебинем.

Ҳамин гуна, дар шинохти шахсиятҳои маъруф бештар ба субъективизм ва идеологизм роҳ медиҳем. Барои мисол, мо метавонем мухтасаран дар бораи шинохт ва пазириши ҷаҳонбинии як нафар донишманди муосир аз тарафи зиёиёни тоҷик гуфта гузарем. Ин шахс Фатҳулло Гулен, маорифпарвар ва модернисти исломии турк мебошад. Дар доираҳои илмӣ ва равшанфикрии Тоҷикистон ӯ чун маорифпарваре шинохта шудааст, ки бештар аз ҳама *таҳаммулгарои*ро тарғибу ташвиқ мекунад. Аммо мутаассифона ин гуна шинохти Гулен субъективӣ ва яктарафа мебошад. Бисёре аз донишмандони тоҷик, ки таҳти таъсири мактаби фикрӣ ва маорифпарварии ӯ ҳастанд, ба паҳлуҳои дигари фаъолияти фикрӣ ва амалии ӯ диққат намедиҳанд. Чунончи, ӯ ба занҳо, атеистон ва намояндагони динҳои ғайрисомӣ муносибати нобаробар ва таҳаммулнопазир дорад. То ҳанӯз ин маорифпарвари исломӣ дар ҷаҳон зиёда аз 1000 мактаби миёнаро таъсис додааст, ки аз он ҷумла Тоҷикистонро низ фаро мегиранд. Дар мактабҳои Гулен мақом ва ҳуқуқи занҳо бо мардҳо баробар гузошта намешавад. Муаллимаҳо наметавонанд вазифаҳои роҳбариро соҳиб шаванд. Писарону духтарон дар танаффусҳо ва вақти хӯрокхӯрӣ дар мактаб аз якдигар ҷудо карда мешаванд. Дар таълимоти Гулен муносибати нобаробар ба зан дар дигар мавридҳо низ мушоҳида мешавад. Аз ин нуқтаи назар, ин донишманд тарафдори усули

консервативии исломӣ мебошад. Афзалияти мард бар зан қоим ва бечунучаро аст. Зан ҳақ надорад, ки бе маҳрам сафар кунад. Гулен то солҳои 1990 сахт зидди Ғарб буд ва баногоҳ дар солҳои 1990-ум мусалмононро ба таҳаммулпазирӣ ва ҳатто дӯстию шафқат дар нисбати Аҳли китоб даъват кард. Ӯ фақат Аҳли китоб, яъне яҳудиёну масеҳиёнро мепазирад, вале намояндагони дигар динҳоро эътироф намекунад. Гулен атеистонро бо террористон баробар мегузорад ва аз ин рӯ, иддао мекунад, ки ҳар ду гурӯҳ ба ҷазои абадӣ дар охират гирифтор хоҳанд шуд. Ӯ дунявиятро ба 95 фоизи принсипҳои Ислом мувофиқ медонад, аз ин рӯ, талаб мекунад, ки онҳо дар ҷомеа татбиқ шаванд. Ин нишондиҳандаи он аст, ки ин маорифпарвари исломи туркӣ принсипҳои ғайридинӣ ва атеистии дунявиятро инкор ва маҳкум мекунад.

Сабабу омилҳои фрагментарӣ (ба истилоҳ каллаканда) будани ҷаҳонбиниҳои гуногун ва маҳдуд шудани зиёиёни тоҷик ба рамзҳои алоҳида зиёданд. Яке аз сабабҳои асосӣ аз он иборат мебошад, ки дар тӯли таърих Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи додугирифт, бархурдҳои фарҳангӣ ва ҳарбӣ қарор дошт. Аслан ягон давраи таърихӣ вуҷуд надорад, ки бе ҳуҷуми аҷнабиён шурӯъ нашуда бошад. Давраҳои асосии таърихиро ин гуна ҳодисаҳо ба вуҷуд овардаанд. Воқеаҳои бузурги таърихӣ ва ҷаҳонбиниҳои навро ҳамеша бегонаҳо таҳмил мекарданд. Дар натиҷа, мо хат, забони китобӣ (забони илму фалсафа), дин ва фарҳанги худро мутобиқ ва иваз мекардем. Хиёнат ва бегонапарастӣ ба архетипҳо (куҳаналгуҳо)-и асосии мардуми мо, аз он ҷумла элитаи сиёсӣ, рӯҳонӣ ва илмию фалсафӣ табдил ёфтанд. Дар натиҷа, имрӯз мо дар Тоҷикистон ҳамаи равияҳои динӣ ва идеологии бегонаро дорем, аммо рафта-рафта заминаҳои асосии фарҳангу фалсафаи худ, аз он ҷумла Зардушт, Фирдавсӣ ва Хайёмро фаромӯш мекунем. Як мисоли одӣ: дар солҳои 1980-1990-ум мардум ба фарзандони худ аз рӯи "Шоҳнома" ном мегузоштанд. Ҳоло бошад, номҳои исломӣ ва ҳатто бегона дар анъанаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ бештар роиҷ гардидаанд.

Забони эҷоди ҷаҳонбиниҳои фалсафӣ сабаби дигар ва асосии ба суннат табдил наёфтани ҷаҳонбиниҳои алоҳидаи илмию фалсафӣ мебошад. Дар натиҷа, яке аз мифҳое, ки худи зиёиён

сохтаанд, аз он иборат мебошад, ки ба забони тоҷикӣ таълиф кардани асари илмӣ-фалсафӣ на фақат ғайриимкон аст, балки зарур ҳам нест. Тибқи ин афсона, кифоя аст, ки ба забони русӣ ва дигар забонҳои “бузург” эҷод кунем. Аммо онҳое, ки тарафдори ин андеша ҳастанд, як чизро фаромӯш мекунанд, ки илму фалсафа барои худи илму фалсафа нест; балки онҳо барои беҳбуд кардани вазъи ҷомеа мебошанд. Бинобар ин, мардум бояд ба онҳо дастрасӣ дошта бошанд. Барои ин, зарур аст, ки илму фалсафа ба забони худи мардум эҷод шавад. Бояд ҳар як асари илмӣ дар ҷомеа баҳсҳо ба вуҷуд орад. Вале ин тавр нест. Агар ба таърихи Аврупо нигарем, чунон ки Рассел тасдиқ мекунад, Реннессанс бидуни чопхонаҳо ва ба забонҳои табъу нашр табдил ёфтани забонҳои маҳаллӣ (ғайри лотинӣ) ғайриимкон мебуд. Чаро мо аз ин таҷриба наомӯзем?!

Ба забони миллӣ навиштан ва эҷод кардан маънои онро надорад, ки мо забонҳои хориҷӣ, аз он ҷумла русӣ, англисӣ, олмонӣ ва арабиро надонем. Бе донистани забони хориҷӣ аслан ба илму фалсафа машғул шудан ва ба пешрафт ноил шудан ғайриимкон мебошад.

Шеър забони эстетика аст, на илму фалсафа. Аммо дар таърихи мо иштибоҳан шеър ба забони илму фалсафа табдил дода шуд, дар натиҷа принсипҳои асосии илму фалсафа тадриҷан бекор шуданд, аз он ҷумла ҷои забони мафҳумҳоро забони рамзҳо ва ҷои таҷрибаҳоро афсонаҳо гирифтанд.

Дигар омили муҳим шароити имрӯзаи таърихии на фақат минтақа, балки ҷаҳон мебошад. Имрӯз на фақат тоҷикон, балки тамоми ҷаҳониён дар вазъияти ҳассос қарор доранд. Мушкилиҳои экологӣ, хатарҳои табиӣ, вазъи бади муносибатҳои байниқавмӣ, байнимазҳабӣ, байниминтақавӣ ва мубориза барои қудрати ҷаҳонӣ оянданигарии моро мушавваш, тира ва ноумедкунанда кардааст. Алҳол тамоми ҷаҳониён дар шароити номуайянӣ зиндагӣ мекунанд. Аз ҷаҳонбиниҳои ҳукмрон ягонтои он наметавонад дар байни мо – одамон боварӣ ба якдигар ва баояндаро тақвият диҳад. Таълимот ва сиёсатҳои ҳукмрон, баръакс, ба нобоварӣ, дигарситезӣ, манфиатҷӯӣ ва қудратхоҳӣ ҳидоят мекунанд.

Аз ҷумлаи ин таълимоти ҳукмрон Марксизм ва мактаби фалсафии Нитше мебошанд. Марксизм нақши зиддияти синфӣ ва

манфиатҳои иқтисодии одамонро дар ташаккули рафтори одамони алоҳида ва умуман дар муайян кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи таърихӣ якумдараҷа мешуморад. Дар ҳоле ки кори Нитше дар таҳлилу танқиди арзишҳои ахлоқӣ ва бознигарии арзишҳо қобили қабул ва таҳсин аст, ҷаҳонбинии куллии ӯ хатарнок низ ҳаст: чун Маркс ӯ ҳам муборизаҳои ду синфи ҳукмрон ва маҳкумро тасдиқ мекунад. Ин дар ҳолест, ки тамоми мардум аз муборизаҳо хаста шудаанд ва вазифаи фалсафа аз он иборат аст, ки роҳи гуфтугӯ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пайдо кунад.

Ҷаҳонбиниҳо ва муносибатҳои дигарситезӣ ва душмансозӣ боиси он гардидаанд, ки аз ҷиҳати равоншиносӣ низ ба бунбаст гирифтор шавем. Равоншиносии муосир бемориҳои асосии равонӣ ва зеҳниро чунин муайян мекунад – буҳрони ҳувият, ихтилоли ҳувият, бисёрҳувиятӣ, шизофрения ва параноя. Дар кул, ин бемориҳои равонӣ аз нобоварӣ ва аз эҳсоси хатарҳои ҷисмонӣ ва маънавии одамон аз якдигар ва аз қавму миллатҳои бегона реша мегиранд. Назарияи тавтиа, маҳалгароӣ, минтақагароӣ, дискурси бехатарӣ ва ҳатто як қатор таълимоти фалсафӣ, чун Марксизм, Нитшегарӣ ва Исломгароӣ аз ҳамин гуна ҳолати ноороми равонӣ сарчашма мегиранд. Парешонӣ, беҳадафӣ, худбохтагӣ ва саргумӣ дар ҷаҳонбиниҳои гуногун монанд ба ҳолати бемори шизофренӣ мебошад.

Шизофрения (schizophrenia) аз ду вожаи юнонии schizein (σχίζειν - тақсим кардан, ҷудо кардан) ва phren (φρήν, φρεν - ақл) таркиб ёфтааст. Ин истилоҳро соли 1908 Эвген Блойлер сохтааст. Он ифодакунандаи ҳолати равоние мебошад, ки муташаккилии функсияҳои ақл ва рафтори инсонро барҳам медиҳад. Ин беморӣ хусусиятҳое чун мушаввашӣ ва омехтагии фикрӣ, фурӯрехтагии тафаккур ва қобилияти сусти дарки ҳиссиро дар бар мегирад.Симптомҳои асосии ин беморӣ делузия (боварҳо ва эътиқодҳои беасос), чунончи галюсинатсия (намоиш, ба назар намудани ҳар чизи ваҳим), параноя (бадгумонӣ, эҳсоси таъқиб), шунидани овозу садои хатарнок ва таъқибкунанда, фикррониии мушавваш ва бетартибона, суханронии берабт ва бемаъно, беҳиссиётӣ, беҳадафӣ, белаззатӣ, безорӣ аз дилхушӣ, бешавқию

бемайлӣ ба муносибат бо дигарон ба шумор мераванд. Ин ҳолати беназмию бетартибӣ ва парешонию омехтагии ақли инсон қобилияти фикрронии ӯро барҳам мезанад ва рафтору эҳсосоти ӯро бемаъно менамояд. Дипрессия, дисфория (эҳсоси шадиди бадбахтӣ), рӯҳафтодагӣ, зиндагибезорӣ, парешонҳолӣ, гӯшанишинӣ, безорӣ аз мардум, бекорӣ, маломатию жандапӯшӣ, ифлосӣ, бечораҳолӣ, камбағалӣ ва бехонумонӣ оқибатҳои ин беморӣ мебошанд. Дар суннати фикрӣ натиҷаҳои шизофренӣ суханҳои мубҳам, нофаҳмо ва мураккаб мебошанд.Дар чунин вазъият бемор қобилияти шинохти равандҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро аз даст медиҳад. Хотира, диққат ва суръати коркарди маълумоти олами беруна суст ва фалаҷ мегардад.  Дар натиҷа, бемор қобилияти мустақилона шинохтан ва таҳлил кардани ҳодисаҳоро гум карда, тарсу таҳдид, воҳима, эҳсоси хатару сӯиқасд ба омилҳои асосии фикрронӣ ва рафтори ӯ табдил меёбанд.Дар ин ҳолат дар ӯ аломатҳои кататония, ба монанди сукуту хомӯшӣ, беҳаракатӣ ва намуду ҳолати ваҳшатзадагӣ зоҳир мегардад.

Инсони шизофренӣ шахсияти худ ва олами атрофашро парешону номураттаб ва бенизом тасаввур мекунад. Пеш аз ҳама, онҳо вуҷуди худро бо вуҷуди дигар одамон ва ҳатто чизҳои ҷондору беҷон омехта ва ягона меҳисобанд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки сӯфиҳо як гуна майли шадиди омехташавӣ ва ҳазмшавӣ дар вуҷуди пантеистии Худо, яъне дар вуҷуди олами атроф доштанд. Дар зери таъсири шизофренӣ онҳо ҷаҳонро ба таври пантеистӣ медиданд ва ҳазмшавии худро дар ин ҷаҳони худогуна зарур медонистанд. Пажӯҳишҳои тиббӣ низ чунин ҳолати мураккаби шизофрениро ошкор кардаанд. Дар зер расми Крейг Финн (2005) ва гулдӯзии бемори шизофренӣ (Экспонати Музейи психиатрии Глор, Миссури; 2009) ин гуна ҳолати омехтагӣ ва баҳамзадагиро тасвир мекунанд.[103]

---

[103] Нигаред: http://en.wikipedia.org/wiki/File:Artisitc_view of_how_the_world_feels_like_with schizophrenia -journal.pmed.0020146.g001.jpg




Ҳадафи навиштани ин мақола баён кардани вазъияти ҳозираи ҷаҳонбиниҳо дар Тоҷикистон ва баррасӣ кардани баъзе мушкилиҳои вобаста ба он буд. Маълум гардид, ки дар фазои илмию фалсафӣ, идеологӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ҷаҳонбинии ягонае ҳукмрон нест. Бо худии худ ин падидаи мусбат ва ба принсипи плюрализм мувофиқ мебошад. Аммо чунин вазъият, ки хоси тамоми ҷаҳони постмодернистӣ мебошад, тарафҳои манфӣ низ дорад. Пеш аз ҳама, самт ва дурнамои рушду инкишофи ҷомеа ва ташаккули шахсияти инсон норавшан ва номуайян гардидааст. Дар ҳоле ки олимон ва файласуфон мавҷудияти ҳақиқатҳо ва воқеиятҳои гуногунро қабул доранд, гурӯҳҳои сиёсию мазҳабӣ аз ин хало истифода карда, бо роҳи зӯрӣ ҳақиқатҳои худро ба мардуми ҷаҳон таҳмил мекунанд.

Дар ин вазъият зиёиён бояд афсонаҳо, хурофот ва сӯиқасдҳои идеологиро фош ва перспективаи илмии рушди инсониятро пешкаш кунанд. Мо набояд ба гузашта ва имрӯза маҳдуд шуда,ояндаи худро фаромӯш кунем. Таҳаммулпазирии фалсафӣ бояд дар навбати аввал қарор дошта бошад. Дар сурате ки Хайём, Волтер ва дигар донишмандон консепсияҳои инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ пешниҳод кардаанд, ҳеч зарурате ба таълимоти динию мазҳабӣ ва идеологӣ нест. Волтер дар "Рисола дар бораи таҳаммулпазирӣ" мегӯяд, ки ҳақиқатҳои мазҳабӣ арзиши камтар аз зиндагии инсон доранд. Аз ин рӯ, мо набояд дар баҳсҳои мазҳабӣ ва фикрӣ дар нисбат ба инсон ва зиндагии фардии ӯ, новобаста ба таалуқияти қавмию мазҳабиаш,

бадбинӣ кунем. Инсони атеист дар баробари инсони диндор ҳаққи зиндагии шоистаро дорад, чунон ки намояндаи дини буддоӣ ва ё зардуштӣ дар баробари намояндаи дини ислом ва ё масеҳӣ чунин ҳаққи баробарро дорад.

Бояд таъкид кард, ки дар ҷаҳони муосир пешниҳодҳои фалсафӣ ва илмие низ вуҷуд доранд, ки метавонанд халои ояндабинии ҷаҳони постмодернистиро пур кунанд. Аз ҷумлаи ин пешниҳодҳо дар илму техника иттиҳодияҳои олимон бо номи Лонге Сити (Институти ҷовидонагӣ) ва Лоиҳаи Венера мебошанд. Дар фалсафа Маркарян консепсияи “шуури изтироб” (сознание тревоги)-ро пешкаш кардааст, ки тибқи он дарку шинохти мушкилоти умумисайёравӣ мардуми ҷаҳонро муттаҳид карда, тамаддуни инсониро аз нестшавӣ наҷот медиҳад. Вагарна онҳо ба сарҳадҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва динию мазҳабии худ маҳдуд шуда, бар зидди якдигар мубориза мебаранд. Таърих нишон медиҳад, ки ин гуна мубориза бисёр хатарнок мебошад. Николай Фёдоров, намояндагони ҷараёни Трансгуманизми ҷаҳонӣ ва ҳамчунин ташаббускорон (муаллифон)-и “Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)”[104] дар Тоҷикистон зиндагии инҷаҳонӣ ва ҷисмонии инсонро арзиши мутлақ медонанд. Ҳамаи одамон ҳаққи баробари зиндагӣ доранд ва аз ин рӯ, ҳама гуна фаъолиятҳои илмӣ ва амалӣ бояд ба ҳамин хотир бахшида шаванд.

[104] Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ). Душанбе: Кайҳон. 2013

**Нуриддин ШАҲОБИДДИН**

# ШЕЪР, МУСИҚӢ, ФАЛСАФА ВА ШЕВАИ НАВИ ПАЁМБАРӢ

(*Фридрих Нитше дар мақоми файласуфи фарҳанг*)

Фридрих Нитше (1844-1900), файласуфи олмонӣ, бо номи «Чунин гуфт Зардушт» асари фалсафӣ-ҳунарие меофарад, ки бо муҳтавои худ дар миёни осори фалсафӣ камназир мебошад. Дар мавриди номи Зардушт ҳамчун қаҳрамони асар мухтасаран мехоҳем фақат ҳаминро бигӯем, ки он бо Зардушти эронӣ наздикӣ дорад ва Нитше маҳз дар асоси огоҳии худ аз он, ин шахсиятро ҳамчун қаҳрамони асари худ интихоб менамояд, аммо ин Зардушт фақат ифодакунандаи фалсафаи худи Нитше мебошад. Дар мақолаи мазкур мо баҳси худро фақат ба як масъала, яъне фаҳмиши тоза аз шоирӣ, пайғамбарӣ ва мусиқӣ ва ба дигар сухан, тағйирдиҳии бунёдии як фарҳанг аз диди Нитше мутамарказ менамоем.

Бо истифодаи забони шеърӣ дар асари худ Нитше ҳадафҳои зиёдеро дар зеҳни худ равшан нигоҳ медорад, ки онҳо дар ҳар маврид фаротар аз мақсадҳои маъмулӣ ва рӯзмарра ҳастанд. Нитше бо ин амали худ мехоҳад, ки на фақат тасаввуроти анъанавӣ оид ба андеша, балки оид ба шеър ва шоириро низ тағйир диҳад. Бо вуҷуди он ки зери мафҳуми «шеър гуфтан» мо як пешаи адабӣ ва забониро дар назар дорем, аммо Нитше тасаввури амиқтар аз биниши маъмулӣ оид ба шеър ва шоириро дорад. Аҳамияти ин биниш фаротар аз чаҳорчӯбаи шаклӣ ва зоҳирии он аст. Шакли шеърии асар ба иловаи ҳадафҳои Нитше бо биниши зебошиносии ӯ оид ба ҷаҳон ва инсон гиреҳ хурдааст.

Чунин биниши бунёдии Нитше аз ҷониби пажӯҳишгароне чун Тео Мейер, Wалтер Кауфманн, Ёрг Салакварда ва ё Фолкер Герҳард мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар заминаи пажӯҳишҳои мавҷуда ва бевосита навиштаҳои худи Нитше дар идома мо мекушем, ки фаҳмиш ва ҳамчунин ҳадафи ӯ аз истифодаи вожаи «шеъргуна»-ро равшан намоем. Ҳадафи асосии мо дар ин муносибат нишон додани «Чунин гуфт Зардушт» ҳамчун шеъргуна, як асари ғайримаъмулӣ ва ғайрианъанавӣ дар фалсафаи Урупо мебошад. Аммо ин масъала низ ба худии худ танҳо набуда, балки бо дигар масъалаҳои бунёдӣ, ки дар ҳамҷоягӣ моҳияти фалсафаи Нитшеро бозгӯ мекунанд, дар алоқамандӣ қарор дорад. Масъалаи мавриди назари мо асосан бо масъалаҳое чун паёмбарӣ ва мусиқӣ дар вобастагӣ қарор дорад ва аз ин ҷиҳат мо ҳамаи онҳоро дар алоқамандӣ ба якдигар таҳлил менамоем:

### *Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Шакли шеърии «Чунин гуфт Зардушт», ки маҳсули ҳадафи кулли Нитше оид ба фарҳанг ва фалсафаи анъанавии замони худ мебошад, бо ду фаҳмиши тозаи ӯ аз «пайғамбарӣ» ва «мусиқӣ» вобастагӣ дорад. Шигифтиовар он чиз аст, ки Нитше мунаққиди сарсахти мазҳаб ва ахлоқ мебошад, аммо дар як вақт асари худро дар рубрикаи «асарҳои муқаддас» ҷой медиҳад. Нахуст мо бояд суол гузорем, ки чи алоқамандие миёни як пайғамбарӣ ва асари шеъргунаи ӯ вуҷуд дорад. Барои он ки мо ба ин масъала ҷавоб диҳем, бояд пеш аз ҳама ба масъала Ҳунар равшанӣ андозем. Дар фалсафаи Нитше тамоми мафҳумҳои маъмулии анъанавӣ аз қабили фалсафа ва файласуф ё худ пайғамбар ва пайғамбарӣ дорои фаҳмиши нав ҳастанд. Ба андешаи ӯ рисолати файласуф на шинохти ҳақиқат дар фаҳмиши анъанавии он, балки файласуф дар манзалати ҳунарманд ва офаранда аст, ки рисолати ӯ аз нав шакл додани инсон ва ҷаҳон мебошад. Азбаски зебошиносӣ буъди асосии фалсафаи Нитше аст, худи ӯ низ худро ба хонандагони худ ҳамчун навъе аз файласуф-ҳунарманд муаррифӣ кардааст. Дар «Чунин гуфт Зардушт» Нитше худро тавассути қаҳрамони асосии он, яъне Зардушт, ба хонандагон муаррифӣ кардааст, ҳамчунин тавассути асари мазкур худро ба сифати як пайғамбар муаррифӣ мекунад. Аммо ӯ ин рисолатро на ба тарзи пайғамбарони пешин, балки ҳамчун файласуф дар маънии нав ба анҷом мерасонад.

Ҳамчун Зардушти таърихӣ Нитше низ бо фалсафаи худ мехоҳад, ки як давраи нав ва як ояндаи нав оғоз намояд ва мо шоҳиди бевоситаи он ҳастем, ки ӯ дар ин ҳадафи худ муваффақ ҳам шудааст. Он гуна ки Ф. Герҳард қайд менамояд, решаи аксари ҷараёнҳои ҳунарӣ ва фалсафӣ дар асри 20, бевосита аз фалсафаи Нитше оғоз меёбанд. Биниши Нитше дорои хусусияти якҷониба нест, дар баробари он ки ӯ таълимоти анъанавиро интиқод мекунад, ҳамчунин оид ба вуҷуд, маънии зиндагӣ ё инсон ба шеваи нав меандешад. Азбаски андешаҳои ӯ дар заминаи зебошиносӣ шакл мегирад, дар худ дарки амиқтари моҳияти ҳаётро ҳамчун ҳадаф қарор медиҳанд, ки ба тариқи ғайримустақим ба дигар соҳаҳои ҳаёти маънавӣ низ такони нав медиҳанд.

Нозукӣ дар он аст, ки на танҳо «шеър»-и Нитше, балки «пайғамбарӣ» ва «андеша» низ бояд ба тариқи истисноӣ фаҳмида шавад ва «Чунин гуфт Зардушт» бояд аз ҳар як аз ин зовия бозшиносӣ шавад, ки дар алоҳидагӣ хусусияти маҳдудкунанда дорад ва барои шинохти куллии он бояд асари мазкур ҳам ҳамчун шеъргуна, ҳам ҳамчун паёми як пайғамбар ва ҳам ҳамчун як асари фалсафӣ шинохта шавад.

Он чизе ки миёни Зардушти Нитше ва пайғамбарон дорои умумият аст, он аст ки ҳар ду дар бораи маънии инсоният ба маънии том меандешанд. Нитше дар ин маврид амиқтар ва фаротар нисбати ҳар паёмовари дигар оид ба маънии инсон ва ояндаи ӯ андешидааст. Ҳамаи

таълимоти пешинаи ахлоқӣ, динӣ ва фалсафии ба арзишҳои метафизикӣ арзиши бештареро қоил шудаанд, нисбат ба арзишҳои заминӣ, инсонӣ ва воқеӣ. «Ишқ ба ҳақиқати осмонҳо», ки моҳияти таълимоти қаблиро ташкил мекард, боис гардида, ки воқеияти маънии инсонӣ ночиз ва хурд таҷассум гардад. Аз ин рӯ нуктаи фарққунандаи пайғамбарии Нитше дар он аст, ки дар асоси он «ишқ ба инсон» қарор дорад. Бори нахуст дар «Чунин гуфт Зардушт» дар муқобили тамоми ҳақиқатҳои осмонӣ Инсон ҳамчун ҳақиқати ягона ва воқеӣ таҷассум меёбад. Ин нуктаро Нитше баъдтар чунин қайд мекунад: «...дар ин ҷо лаҳза ба лаҳза бар инсон истило ёфта мешавад, дар ин ҷо мафҳуми «Инсон» муҳимтарин воқеият мешавад- тамомиончи то кунун дар инсон муҳим номида шудааст, бо фосилаи бениҳоят баъид дар зери он қарор мегирад» («Ессе Ҳомо», «Чунин гуфт Зардушт» 6, Нашри интиқодии Осор, минбаъд НИО 6, 344). На фақат пайғамбарон, балки аз бузургони илм ва фалсафа низ то Нитше натавонистаанд азамат ва бузургии воқеии инсонро дар осори худ ифода намоянд. Нитше бо ғурури дар тамоми таърих бемисл ин амали худро чунин ифода кардааст: «Рӯҳ ва некии тамоми ҷонҳои боазаматро дар як маҷмӯаи воҳид гирд оваред:ҳамаи онҳо бо ҳам наметавонанд яке аз гуфтугӯҳои Зардуштро ҳам ироа диҳанд.» Ин ҳақиқати инсониро Нитше дар асари худ аз дидгоҳи равоншиносӣ ва вуҷудгароӣ мавриди ташхис қарор медиҳад. Дар ҳамин алоқамандӣ аст, ки Нитше дар «Ессе Ҳомо» худро «аввалин равоншинос» меномад: «Пеш аз ман аслан равоншиносӣ вуҷуд надошт.» (ЕҲ, Чаро ман як сарнавишт ҳастам 6, НИО 6, 371),ё худ: «Пеш аз Зардушт ҳеҷ фарзонагӣ, равоншиносӣ, ҳунари сухангӯӣ вуҷуд надошта», боз равшантар ӯ чунин менависад: «Зардушт аввалин равоншиноси вуҷуди некон» (ЕҲ, Чаро ман як сарнавиштам 5, НИО 6, 369). Нитше ҳамаи муносибатҳоро дар муносибат бо тинати инсон чун асоси мушоҳида қарор медиҳад. Ин амалро ӯ тавассути қаҳрамони худ Зардушт анҷом медиҳад, ки тинати инсонро ба вижаи махсус шинохта ва таҷриба кардааст. Нахуст Зардушт низ инсони маъмулие буд ба мисли ҳамаи инсонҳои маъмулии дигар, аммо дар танҳоӣ бар ҳақиқати вуҷуди худ огоҳ мегардад ва бар худ ва вуҷуди худ чира мегардад. Чунин бардошти Нитше минбаъд дар фалсафаи Ҳайдеггер, ки вуҷуди инсонро ба вуҷуди асил ва ғайриасил ҷудо мекунад, инкишоф меёбад.

Агар мо назари Нитше оид ба шоиронро ба инобат гирем, ин масъала боз ҳам равшантар мегардад. Бо вуҷуди он ки Зардушт як шоир аст ва «Чунин гуфт Зардушт» як асари шеъргуна аст, Нитше шоиронро «дуруғгӯ» меномад. Дар бахши «Дар бораи шоирон» мегӯяд: «Шоирон

зиёд дурӯғ мегуянд: ин гуна ӯ ҳақ аст, мо ниҳоят зиёд дурӯғ мегуем» (Чунин гуфт Зардушт (минбаъд ЧЗ). II, Дар бораи шоирон, НИО 4, 164). Дар ин ҷо Нитше бо вожаҳо бозӣ мекунад ва назари худ оид ба шоиронро бо тарзи бадеӣ баён мекунад. Ин назар, ки биниши ӯ оид ба шоиронро ифода мекунад, бисёр муҳим аст, новобаста аз он ки Зардушт худ як шоир ва асари мазкур як шеъргуна мебошанд ва ин ҳар ду ба сифати як шоир ва шеъргуна як истисно ҳастанд. Зеро Нитше дар ин маврид ҳам назари худ оид ба шоирон ва шеъргунаро иброз медорад ва ҳам фарқияти Зардушт ба сифати як шоир аз дигар шоиронро нишон медиҳад. Ба андешаи ӯ шеър, назм (poesie) беҳтарин василаи ибрози ҳақиқат аст ва дар ин маврид низ фаҳмиши Нитше аз фаҳмиши анъанавии вожаи мазкур фарқ мекунад. Ҳанӯз дар «Тавлиди Фоҷеа» (Geӣurt der Tragödie) Нитше навишта буд: « Ҳамчун як тахайюли ғайривоқеии зеҳни як шоир, фазои шеър (poesie) берун аз ҷаҳон қарор надорад, баръакс он билкул ифодаи Ҳақиқат аст»(ТФ 8, НИО 1, 58). Нитше ҳамин бинишро дар «Чунин гуфт Зардушт» дунбола мекунад. Ҳақиқат танҳо тавассути тахайюл ғайриқобили кашф аст. Дониш дар бадастории ин мақсад зарурист. Бидуни дониш фақат дурӯғ ба миён меояд: «Ҳамчунин, бисёр камдонем ва омӯзгорони ношоистаем: пас ногузир боистӣ дурӯғ бигуем» (ЧЗ. II, Дар бораи шоирон, НИО 4, 164). Ин ҷо Зардушт возеҳ месозад, ки сабаби бисёр дурӯғ гуфтани шоирон дар чист ва ҳамчунин фарқияти бунёдии миёни ӯ ва дигар шоиронро қайд мекунад. Нитше шеъргунаи худро бо як «Фурушуд» оғоз мекунад. Маънии воқеии ин мафҳуми маҷозӣ ин ҷустуҷӯи бунёдҳои (ё қаърҳои, умқҳои) ҳар як падида, ҳодиса ва воқеиятҳо мебошад. Мунодо Сонода, нитшешиноси ҷопонӣ, қайд мекунад, ки дар асарҳои Нитше вожаи «бунёд (ё қаър, умқ) беш аз ҳар вожаи дигар баёнгари ҷаҳон мебошад» Дар оғози қисмати сеюми «Чунин гуфт Зардушт» дар бахши Овора Зардушт дар бораи худ чунин мегӯяд: «Аммо ту, эй Зардушт, хостаӣ ки дар бунёди ҳама чиз бингарӣ ва дар буни бунёдаш» (ЧЗ III, Овора, НИО 4, 194). Баръакси худ Зардушт ин жарфнигариро дар шоирон намебинад, онҳо дар чашмонаш ниҳоят ҳам сатҳӣ мебошанд: „Безорам аз шоирон, чи куҳна, чи нав. Инон ҳама дар чашми ман тунукмоягонанд ва дарёҳои камжарфо. Андешаашон на чандон ки бояд ба жарфно фурӯ рафтааст. Аз ин рӯ, эҳсосашон дар жарфно ғӯта назадааст.“ (За.II, Дар бораи шоирон, НИО 4, С. 165).

Дар ин асос Фурушуди Зардуштро бояд ҳамчун як ҷустуҷӯ ба қаър ва бунёди ҳам ҷаҳони зоҳирӣ ва ҳам ботинӣ ва маънавӣ маънидод кард ва маҳз аз ин лиҳоз шоирон ҳақиқатро ҳам дар нисбати худ ва ҳам ҷаҳон намешиносанд.

Ҷанбаи дигаре, ки Зардуштро аз дигар шоирон фарқ мегузорад, ин дар маънии паёми ӯ нуҳуфта мебошад. Зардушт паёме дорад барои

оянда: «Он гоҳ гуфт: ман аз имрӯзам ва аз пеш аз ин. Аммо чизе дар ман аст, ки аз фардост ва аз паси фардо ва аз пас аз он» (ЧЗ.II, Дар бораи шоирон, НИО 4, 165). Маҳз дар ин нукта Зардушт бо пайғамбарон шабоҳат пайдо мекунад. Ӯ мехоҳад, ки ба инсоният як маънии ғайриметафизикӣ диҳад, ки на решаи осмонӣ, балки решаи заминӣ ва инсонӣ дорад. Баръакси Зардушт, шоирон паёме барои оянда надоранд, онҳо танҳо аз гузашта илҳом мегиранд ва танҳо дар ҳудуди арзишҳои метафизикӣ андеша меронанд. Ин нукта боиси он мегардад, ки Зардушт аз шоирон навмед гардад: «Дареғо, басо тӯри худро ба дарёи эшон афкандаам, то моҳиёни хуб бигирам. Аммо ҳамеша он чи берун кашидаам, сари худои куҳан будааст» (ЧЗ.II, Дар бораи шоирон, НИО 4, 165).

Ба андешаи Нитше рисолати шоир ва пайғамбар бояд як ва он ҳам ин додани маънии заминӣ ва инсонӣ ба инсоният аст. Шеъргунагӣ дар «Чунин гуфт Зардушт» ҳамчун як буъди зебошиносӣ мебошад, ки ҷойгузини ахлоқ, дин ва фалсафаи анъанавӣ мебошад ва ҳамчунин вазифаи озодсозии инсон аз ҳақиқатҳои анъанавиро дорад. Дар сурати сарфи назар намудани ин нуктаи сарнавиштсоз барои мо фалсафаи Нитше дар баробари дин ва ахлоқ зиддиятнок мегардад. Арзиш ва маъниҳои инсонӣ ва заминӣ дар фалсафа, ахлоқ ва мазҳабҳои анъанавӣ нақши андаке мебозанд ва Нитше маҳз ин махсусиятро сахт интиқод мекунад ва ба ҷои он арзиш ва маъниҳои наверо пешниҳод мекунад, ки сирф маъниҳои инсонӣ, бениҳоят инсонӣ доранд.

Агар мо назари Нитше оид ба забон, бахусус забони анъанавиро сарфи назар намоем, баррасии мо оид ба биниши Нитше оид ба шеър ва шеъргунагӣ нокомил боқӣ мемонад. Дар бунёди таваҷҷуҳи Нитше ба шеър ин масъалаи забон қарор дорад. Чизи савуме, ки дар ин муносибат ногузир вуҷуд дорад, ин андеша ва ин ҳама дар якҷоягӣ ба хотири ифодаи ҳақиқат истифода мешаванд. Дар баҳси нисбатан мухтасари минбаъда мо бевосита биниши Нитше оид ба забонро ба баҳс мекашем.

Мафҳумҳои шеър ва шеъргуна одатан дар алоқамандӣ бо андеша истифода мешаванд. Бахусус дар муносибат бо фалсафаи Нитше мавқеи андешаро дар ҳини баррасии нақши фалсафии шеър наметавон сарфи назар намуд. Аммо андеша ва шеър ду воситае ҳастанд, ки дорои тарз ва буъдҳои гуногун мебошанд. Новобаста аз ин як қатор омилҳое андеша ва шеърро бо ҳам алоқаманд мегардонанд. Ҳайдеггер умумиятҳои ин ду мафҳумро чунин ифода мекунад: «Махсусияти мутафаккир ва шоир дар он аст, ки онҳо маънии худро аз калима мепазиранд ва онро дар баён пинҳон месозанд ва ҳамин тавр мутафаккир ва шоир нигаҳдорандагони ҳақиқии калима дар забон мебошанд. Зеро имтиёзи андешидан ва

ҳамчунин шеър офаридан дар он аст, ки онҳо ҳар кадом маънӣ ва баён ҳастанд ва бо он тафаккур аз он чи ки аст ба забон меояд» (Мартин Ҳайдеггер, “Муқаддимае ба фалсафа” ( Андешидан ва шеър офаридан), Осор, Ҷилди 50, Франкфурт с. М. 1986, С. 94.).

Ин калимаҳо дар маҷмӯъ нишон медиҳанд, ки андешидан ва шеър офаридан як вазифаро иҷро мекунанд. Ҳар дуи онҳо дар алоқамандӣ бо «калима», «баён», «тафаккур» ва ё «забон» қарор доранд. Дар ин ҷо Нитше забонро аз зовияи зебошиносӣ ба мушоҳида мегирад. У забон ва фалсафаи анъанавиро интиқод мекунад ва аз зарурати бавуҷуд овардани як забони нав сухан мегӯяд. Михаел Ҳаар фаҳмиши Нитше оид ба забони анъанавиро ингуна ифода мекунад, ки он «як василаи тирарангсозии таҷрибаи зебошиносӣ» мебошад ва оид ба сабки нави забон дар “Чунин гуфт Зардушт” ӯ менависад: «Бо “Чунин гуфт Зардушт” навъи сабкҳои тозаи «ношунида» ба мисли ғазал, дифирамбия, гимнҳо, шеърҳо, максимҳо, нукта(он тир (камон) аст, тири ба ҳадаф партобкардашуда, тезиҳое, ки аз васат ҳафр карда мегузаранд), ҷумлаҳо (масалҳо) тавсеа меёбанд.» (Михаел Ҳаар, “Нитше ва забон”, дар: Манфред Ридел (Таҳ.): «Ҳар калима як қазоват аст» (Филология ва философия дар андешаи Нитше), Кёлн/Ваймар/Вена 1999, С. 63 -76).

Ба андешаи Нитше забон дар шинохти ҳақиқат хидмат мекунад, аммо на он забони анъанавӣ, ки Нитше онро интиқод мекунад. Дар “Ессе Ҳомо” Нитше қайд мекунад, ки аз забони ӯ ҳақиқат сухан мегӯяд: ҳамаи он чи, ки то ҳол «ҳақиқат» дониста мешуд, дурӯғ ва ботил ҳастанд (ЕҲ, Чаро ман як сарнавиштам 1, НИО 6, 365). Ин масъала ба тариқи муфассал дар навиштаи кӯтоҳи Нитше бо номи “Дар бораи ҳақиқат ва дурӯғ дар маънии фаротаразахлоқӣ” матраҳ гардидааст. Ба андешаи ӯ решаҳои фаркияти ҳақиқат ва дурӯғ дар қонунмандиҳои забон нуҳуфта мебошанд. Агар як калима ё мафҳум натавонад ҳақиқатеро ифода намояд, он гоҳ як дурӯғ ҳамчун ҳақиқат таҷаллӣ мекунад ва ҳақиқат бошад нуҳуфта ва кашфношуда боқӣ мемонад. Нитше менависад: “Қонунмандии забон аввалин қонунҳои ҳақиқатро низ фароҳам меоварад: маҳз дар ин ҷо бори нахуст зиддияти ҳақиқат ва дурӯғ зуҳур мекунад: дуруғгӯй калима ва нишонаҳои арзишмандро истифода мебарад, то ки ботилро ҳамчун ҳақиқат ҷилва диҳад.” (Дар бораи ҳақиқат ва дурӯғ дар маънии фаротаразахлоқӣ, НИО 1, 877).

Биниши интиқодии Нитше оид ба забон бевосита аз забони мафҳумӣ, ки хоси фалсафа аст, оғоз меёбад. Дар ин муносибат Майер қайд мекунад, ки Нитше дар назарияи интиқодии забон пеш аз ҳама бар зидди «забони ақлгароёна» ва «ифодаи ақлгароёнаи забон» мубориза мебарад. Дарке ки тавассути мафҳум ифода меёбад, фақат як тахайюл аст ва ҳеҷ вақт бо воқеият айнияте надорад. Нитше чунин муносибати

миёни ҳақиқат ва забонро чунин тасвир мекунад: “[...]Тасаввур тавассути мафҳум ишғол ва маҳдуд карда мешавад ва пасон ба марг расонида мешавад ва ҳамчун мафҳум мумиёӣ карда мешавад ва ниҳоят маҳфуз нигоҳ дошта мешавад. Ҳамин тавр дар ҳақиқат ифода ва шинохте бидуни истиора (метаферн) вуҷуд надорад.” (Осор 1872, НИО 7, 19[228], 490).

Бо мафҳум воқеият ба даст оварда намешавад, зеро ҳама чиз дар ҳаракати ҳамешагӣ қарор дорад ва воқеияти ҳамеша дар ҳоли ҳаракат ва тағйирро наметавон бо мафҳуме, ки ҳамеша дар ҳоли ҳаракат ва тағир нест, ифода намуд. Ҳама чиз фардӣ мебошад ва аз нуқтаи назаре аз дигар фардиятҳо фарқ мекунад. Дар воқеият ду шайъи бо ҳам дорои айният вуҷуд надорад, фақат ифода кардани шайъҳои гуногун бо мафҳум ва калимаҳои умумӣ вуҷуд дорад. Ин ҳақиқатро Нитше чунин ифода мекунад: «Ҳар як мафҳум ба тариқи баробарсозии чизҳое, ки баробар нестанд зуҳур мекунад» (Дар бораи ҳақиқат ва дурӯғ дар маънии фаротаразахлоқӣ, НИО 1, С. 880). Номаълумии забон аз он иборат аст, ки мафҳум ниҳоят фишурда аст ва наметавонад ҳамаи гуногуниҳоро ба намоиш гузорад: «Забон номафҳум гардидааст, зеро чунон як номуайянии бузург дар мафҳумҳои маҳдуде маҷбуран ғунҷонида шудааст ва талабот ба як муайянсозии бунёдӣ пайгирӣ карда намешавад»(Осор 1880, НИО 9, 4[273], С. 167). Бинобар ин, Нитше мекӯшад, ки забонро аз маҳдудиятҳои анъанавӣ озод созад ва ба ҷои забони мафҳумӣ забони истиоравиро пешниҳод мекунад. Фарқияти миёни истиора ва мафҳум дар он аст, ки истиора аз хусусияти офарандагӣ бархурдор аст. Аммо дар як вақт Нитше истиораи зиндаро аз истиораи азмиёнрафта фарқ мекунад. Дар ҳоле ки ҳақиқати ҷовидона ва пойдор вуҷуд надорад ва аз диди Нитше ҳақиқат ин як лашкари ҳамеша дар ҳаракати калимаҳо ва истиораҳо мебошад, аз ин ҷиҳат пас истиораҳои куҳна ва истифодашуда низ хусусияти офарандагии худро аз даст медиҳанд. Сонода ақида дорад, ки забон дар умум хусусияти исиоравӣ дорад. Дар сохтори забони анъанавӣ истиора дорои характери вайронкунанда мебошад, зеро он наметавонад худро возеҳан дар маънии ифодакардааш маҳдуд созад. Ба андешаи Анне Тебартс фон Елст истиора бо номафҳумии худ маънии калимагии худро хароб месозад, аммо бо ҳамин харобкорӣ он буъди зебошиносии забонро ба таҷаллӣ медарорад ва бо ин васила маънии нав меофаринад. Ҷанбаи зоҳирии як калима дар худ маъниеро ифода мекунад ва дар он як маънии амиқи исиоравиро метавон инкишоф дод. Ин маънии нави истиоравӣ аз фаҳмиши шахсии гӯянда вобаста мебошад. Дар “Чунин гуфт Зардушт”

Нитше маҳз он истиораҳоеро истифода кардааст, ки дар як вақт баёнгари ҳолати равонии худи ӯ низ мебошанд.

Ба ғайр аз мафҳум Нитше ҳамчунин грамматика ва мантиқро низ мавриди интиқод қарор медиҳад. Интиқоди грамматика аз ҷониби ӯ вобастагӣ дорад ба буъди зебошиносии фалсафаи ӯ. Низоми мантиқии ҷаҳон миёни субект ва обект бошад, як «зиддияти пурхато»-ро ифода мекунад ва дар натиҷа инсон тавассути забон ва қонунмандии ғайривоқеии он раҳгум занонида мешавад.

Ба андешаи Нитше муносибат миёни субект ва обект фақат як муносибати зебошиносӣ мебошад: “[...] зеро миёни ду ноҳияи тамоман мутафовит ба мисли субект ва обект ҳеҷ гуна сабабият, дурустӣ ва ё ифодае вуҷуд надорад, балки дар ҳадди олӣ фақат муносибати зебошиносӣ вуҷуд дорад.”( “Дар бораи ҳақиқат ва дурӯғ дар маънии фаротаразахлоқӣ”, НИО 1, С. 884) Мафҳум, грамматика ва мантиқ ҳеҷ гуна хусусияти ҳунарӣ ва офарандагӣ надоранд ва аз ин ру онҳо наметавонанд ҳеҷ гуна муносибати зебошиносиро миёни ду чизи тамоман аз ҳам фарқкунанда ифода намоянд. Тавассути интиқоди забони анъанавии худ Нитше ба ҷои консепсияҳои анъанавии мафҳум, грамматика ва мантиқ, зебошиносиро ҷойгузин мекунад. Ин ба маънии он нест, ки забон аслан аз аҳамият холӣ мебошад, балки забони анъанавӣ дар таҷассуми ҳақиқат нотавон мебошад. Баръакс, дар ин маврид истиора, риторика ва шеър қобили қабул ҳастанд.

Он чи биниши Нитше дар мавриди масоиле чун шеър, шоирӣ, пайғамбарӣ ё пайғамбарро комил ва тақвият мебахшад, ин ақидаи ӯ оид ба мусиқӣ мебошад. Дар «Ессе Ҳомо» Нитше «Чунин гуфт Зардушт»-ро ҳамчун асари мусиқӣ низ муаррифӣ мекунад: «Бояд тамоми «Чунин гуфт Зардушт» -ро ҳамчун асари мусиқӣ ҳисоб кард» (ЕҲ, Чунин гуфт Зардушт 1, НИО 6, 335) ё худ дар мактубе менависад: «Аслан зери кадом рубрика ин «Зардушт» дохил мешавад? Ман фикр мекунам, ки анқариб зери унвони ‘Симфония’» (Мактуб ба Ҳайнрих Козелитс дар Венедиг аз 2. Апрел 1883, МИМ 6, 353). Сабаби асосии он ки дар ин ҷо мусиқӣ зуҳур мекунад, ин баръакси ҳамаи таълимоти пайғамбарон, шоирон ва файласуфон, ки аз ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати ҳастӣ дур буданд, бо зиндагӣ ва ҳақиқати ҳастӣ наздик ва ҳатто дар айни ҳам қарор доштани зиндагӣ, ҳастӣ, калом ва худи муаллиф мебошанд. «Ин ҷо наздиктарин чизҳо, рӯзмарратарин чизҳо, аз чизҳое сухан мегӯянд, ки то кунун шунида нашудаанд. Калимот бо эҳсосоти тунд ва сӯзон меларзанд, шеваҳои калом мусиқӣ мешаванд, масири озарахшҳо ба ояндаҳои то кунун пешбининашуда кашида мешаванд. Қудратмандтарин тавонмандӣ барои истиора, ки то кунун вуҷуд дошта, дар муқоиса бо ин бозгашти забон ба сиришти тахайюл бемоя ва бозии кӯдакона аст.» (ЕҲ, Чунин гуфт Зардушт 6, НИО 6, 345).

Ҳамин тавр аз диди Нитше ҳақиқат танҳо тавассути василаҳои зебошиносӣ-ҳунарӣ, бахусус шеър ва мусиқӣ қобили дарёфт ва ифода мебошад. Ин ду василаи дарбаргирандаи ҳақиқат ва зуҳури он мебошанд. Онҳо мақсади худро ба тарзҳои гуногун иҷро мекунанд ва дар ин роҳ ҳамдигарро комил мегардонанд. Дар табиат лаҳзаҳо ва ҷозибаҳои зиёде вуҷуд доранд ва ба мушоҳида мерасанд, ки онҳоро тавассути забони мафҳумӣ ифода кардан ғайриимкон аст. Аммо мусиқӣ омода аст, ки ин ҳолатҳоро ба хубӣ ифода намояд. Нитше ин воқеиятро чунин ифода мекунад: «Мусиқӣ ҳамчун supplement (мулҳақот)-и забон: бисёр ҷозибаҳо, тамоми ҳолатҳои ҷозибавӣ, ки забон дар ифодаи онҳо нотавон аст, тавассути мусиқӣ ба осонӣ ифода мегарданд» (Осор 1872 - 1873, НИО 7, 19[143],465). Ҳусни тафоҳуме, ки миёни мусиқӣ ва шеър дар осори Нитше ба мушоҳида мерасад, ба ҳолати чи аз ҷиҳати маънавӣ ва чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ хуби ӯ дар ҳангоми навиштани «Чунин гуфт Зардушт» алоқамандии зич дорад. Шеър ва мусиқӣ на танҳо эҳсосро дар камоли зебоӣ ифода карда тавонанд, балки онҳо бевосита бо ҷаҳони маънавии ботинии инсон низ сухан мегуянд ва худ маҳз аз ин ҷаҳони ботин зуҳур мекунанд. Нитше дар асари худ «Инсонӣ, беҳад зиёд инсонӣ» чунин алоқамандии миёни мусиқӣ, шеър ва ҷаҳони маънавии инсонро ингуна тасвир мекунад: «Мусиқӣ. Мусиқӣ дар худ ва барои худ барои ҷаҳони ботинии мо он гуна боаҳамият ва он гуна амиқ барангезанда аст, ки онро бояд на ҳамчун забони бевоситаи эҳсосҳо муътабар қабул кард, балки алоқаи бостонии он бо шеър он гуна рамзиёти фаровон дар ҳаракатҳои муназзам, дар танини қавӣ ва маҳини он хобидааст, ки мо кунун гумон мекунем, ки ӯ бевосита ба қалбҳо сухан мегӯяд ва ҳамчунин аз қалбҳо сар мезанад» (Инсонӣ, беҳад зиёд инсонӣ 1215, НИО 2, 175).

Нитше маҳз «Чунин гуфт Зардушт»-ро бо шеваи мусиқӣ эҷод кардааст ва сабкеро, ки дар навиштани асар истифода кардааст, худ сабки «рақс» меномад: «Сабки ман як рақс аст, як бозии симметрии ҳамаи навъҳо, ҷастухез ва масхарабозии ин симметрияҳо. Ин равиш то ба интихоби садонокҳо сидқ дорад» (Мактуб аз 22.02.1884, МИМ 7, С. 479). Маҳз чунин сабки зинда, рақсон ва босавт ифодакунандаи шакли шеърии “Чунин гуфт Зардушт” мебошад. Аз як ҷониб Зардушт худро чи аз ҷиҳати рӯҳӣ ва чи ҷисмӣ дар ҳолати озодӣ ва ваҷд эҳсос мекунад, аз ҷониби дигар, барои Зардушт вуҷуд ва ҷаҳон низ ҳамингуна воқеиятро доро мебошанд. Ҳадафи Нитше ба воситаи мусиқӣ ҳақиқати зиндагиро ифода кардан аст.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Назари дигари бунёдии Нитше дар зоҳир бевосита ба фазои фарҳангии олмонӣ ва урупоӣ маҳдуд мегардад: бо «Чунин гуфт Зардушт»-и худ ӯ мехоҳад, ки фарҳанги шукуфое ба вуҷуд оварад, ки дар бунёди чунин фарҳанг мусиқӣ қарор гирифтааст. Нитше ҳамеша ва нав ба нав аз чунин фарҳанги шукуфо ва шодоби юнонӣ рӯҳбаланд мегардад ва онро бо арзишҳои динӣ ва ахлоқии замони худ дар муқобил мегузорад. Ҳадафи ниҳоӣ ин офаридани фарҳанг ва зиндагии шабеҳ ба фарҳанги бостонии юнонӣ. Аз байни навъҳои ҳунарӣ ӯ маҳз ба мусиқӣ ҳамчун бунёди фарҳанги нав боварӣ қоил аст. Дар оғоз Вагнер ва мусиқии ӯ идеали Нитше барои асосгузории чунин як фарҳанги нав буданд, аммо баъдтар ӯ аз Вагнер ноумед мегардад. Бо «Чунин гуфт Зардушт» Нитше ба тариқи ғайрианъанавӣ ба ин ҳадафи худ ноил мегардад. Дар ин асар мусиқӣ ҳунаре нест, ки барои ифодаи эҳсос истифода шудааст, балки ҳар калима, ҳар саҳна, ҳар манзара, ҳар маънӣ худро ҳамчун асари мусиқӣ ба намоиш мегузорад, ки дар маҷмӯъ як симфонияро ба вуҷуд меоваранд. Чунин як тарзи мусиқивори баён худ наметавонад дар маҳдудаи муайяне ҷойгузин гардад ва бешак он ба зиндагии кулли башарӣ такони нав медиҳад.

Дар ниҳоят метавон натиҷа гирифт, ки хусусияти «Чунин гуфт Зардушт» ҳамчун башорати пайғамбарӣ ба ҳадафи Нитше оид ба маънӣ ваояндаи инсоният алоқаманд мебошад. Дорои хусусияти мусиқӣ доштани асари мазкур далолат ба зебоӣ ва тавони андешаи Нитше дорад. Ӯ дар мусиқӣ асосеро пайдо мекунад, ки барои як оғози нав метавонад мусоидат намояд ва дар «Чунин гуфт Зардушт» маҳз ин мақсадро ниҳоӣ сохтааст. «Чунин гуфт Зардушт»-ро на фақат ҳамчун як «китоби муқаддас», як асари мусиқӣ (симфония) ё як шеъргуна метавон қаламдод кард, пеш аз ҳама он як асари фалсафӣ мебошад. Барои он ки фалсафаи худро баён дорад, Нитше худро ба ҳеҷ як аз чаҳорчӯбаҳои ифодаи фикр маҳдуд накардааст. Ӯ ин асари худро бо рубрикаҳои гуногун ифода кардааст, аммо дар як вақт бо ҳеҷ кадоме аз онҳо мувофиқ нест, Ӯ дар дарёфти калимае, ки тавонад муҳтавои асари мазкурро дар худ ифода кунад, дармемонад ва аз ин рӯ ҳанӯз бо номҳое, ки асарашро ифода кардааст, розӣ нест. Дар яке аз мактубҳояш дар ин мавриД менависад: «[...], ё чизи дигаре ки ҳанӯз барои он номе вуҷуд надорад» (Мактуб ба Эрнст Шмайтснер аз 13.02.1883, МИМ 6, 327).

Он чи ки дар ин мақола оиди шеър, мусиқӣ ва пайғамбарӣ баён гардид, ифодакунандаи моҳияти кулии фалсафаи Нитше, ки бавуҷудоварии як фарҳанги асоси зебошиносидошта, ба ҷои фарҳанги бар асоси ахлоқ шаклгирифта аст, мебошад. Бузургтарин хатоие, ки муаллимони таълимоти ахлоқӣ ва фалсафӣ барои инсоният кардаанд, ин бузургтар аз ҳақиқати зиндагӣ ҷилва додани афкори худ мебошад. Зиндагӣ ҳамеша қурбонии ҳақиқатҳои бо асли зиндагӣ дар ихтилоф

қарор гирифтааст. Зиндагӣ ҳамчун зиндагӣ ё ҳаёт ҳамчун ҳаёт ҳамеша мавриди инкор қарор гирифтааст. Ҳунар ва зебоӣ, ки моҳияти онро офарандагӣ ташкил медиҳад, беш аз ҳар чизи дигар метавонад моҳияти зиндагиро дар худ ифода намояд. Шеър ва мусиқӣ, ки худ маҳсули ҳунар ва зебоӣ ҳастанд, бояд аз банди буъдҳои бегона раҳо ва аз раҳгумзадагӣ наҷот ёбанд ва дар хидмати танҳо ҳақиқати зиндагӣ қарор гиранд, на ҳақиқатҳое, ки бар асоси инкори зиндагӣ бунёд ёфтаанд.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

## ДОСТОЕВСКИЙ ВА ФАЛСАФАИ Ӯ[105]

### Достоевский: Ҳукми марг равост

Сароғоз гуфтаниам, ки ин мақолаи ман таҳқиқи адабӣ нест ва тиҳӣ аз пардагуфтории бадеист. Новобаста аз он ки нависанда дар асари худ бисёр (ё шояд ҳамаи) қаҳрамонҳои худро тимсоли умумӣ (прототипӣ) мебахшад. Ҳатто ҷанбаҳои гуногуни як инсонро дар чанд қаҳрамон баён мекунад.

Илюша, ки дар наврасӣ мемирад, тимсоли насле мебошад, ки дар вазъи фақромез ва инқилобии Русия ҷои худро ба он наврасоне иваз мекунад, ки чун Коля Красоткин мебошанд. Коляи наврас рӯҳи инқилобӣ дорад, яъне омода аст барои ба даст овардани ҳадафи иҷтимоии худ ҷони худро дар ҳама гуна хатарҳои ҳалокатбор озмояд. Ӯ ҳатто дар ҳама гуна навиштаҳои фалсафии Аврупо далел барои ҳаққонияти инқилоб меҷӯяд. Дар ҳоле ки мутолиаи ӯ аз фалсафаи Аврупо маҳдуд, рӯякӣ ва провокативӣ мемонад, дар ҳоле ки мехоҳад ояндаро дар баҳои ҳар қурбонӣ аз нав тарҳрезӣ кунад, ба гузашта ва махсусан, ба ҳамнаслони худ дар шахсияти Илюша, ки «миранда»-анд, яъне инқилобӣ нестанд, самимона ҳамдард аст. Ин ҳамдардии ӯ ифодагари қабули мирандагии онҳо мебошад. Дар ҳамин марҳилаи ҳамдардӣ насли нави инқилобӣ дар симои Коля бо насле, ки асолати русиро дар симои Андрей Карамазов таҷассум мекунад, пайваст мегардад. Ба назари Достоевский, асолати русӣ дар ҳақиқати (худопарастии) православӣ нуҳуфтааст, яъне дар гузаштаи динии он. То бархурд бо Коля ё худ бо насли инқилобӣ, Андрей (таҷассумгари асолати православӣ) бо Илюша, насле, ки аз нотавонии иҷтимоӣ ва ахлоқии худ «бемор» аст, муттаҳид буд. Аммо маҳз ҳамин рӯҳи асолати православии рус, ки нависанда худро низ бо он созгор медонад, аз ҳама аввал Илюшаро ба марг маҳкум мекунад.

Маҳз аз ҳамин ҳукм достон (роман)-и Достоевский оғоз мешавад ва бо иҷрои ҳамин ҳукм анҷом мепазирад. Барои

[105]Ин омӯзиши ман маҳдуд ба ду асари Фёдор Михайлович Достоевский аст: 1) романи “Преступление и наказание” (Москва: Дрофа, 2003. – 608 с.) ва романи «Братья Карамазовы», (Москва: Советская Россия, 1987).

асолатро нигоҳ доштан, барои дар партави ҳақ зистан, барои нест нашудан ё худ аз байн нарафтани насл ва махсусан, барои давомдор кардани мавҷудияти (Империяи) Рус марги насли заиф зарур аст. Ин ҳукми шопенгауерии худро нависанда аз Инҷили Юҳанно (боби XII, саҳ. 24) мегирад:

«Ман ба шумо росташро мегӯям: агар тухми гандум, ки ба замин меафтад, намирад, танҳо мемонад; агар бимирад, ҳосили бисёр медиҳад.»[106]

Достоевский ин ҳукмро дар нисбати марги Илюша дар оғози романи «Бародарон Карамазовҳо» аллакай ҷорӣ мекунад ва чӣ тавре ки ёдовар шудем, дар боби ҷамъбастии «Эпилог» бо номи «Дафни Илюшечка. Нутқ дар сари қабр» ба иҷро мерасонад.[107]

## Оё ҳукми марг равост?

Назари шахсии ман он аст, ки ҳукми марг ё худ инсонро ба марг ҳукм кардан дар ҳеҷ сурат раво нест. Чунки он роҳи ҳал нест. Баръакс, сабаби асосии бадбахтиҳои инсонист. Чунки инсон, агар онро ба маънои адабӣ чун прототип (тимсоли умумӣ) барои як насл ё як мардум нафаҳмем, ба «донаи гандум» монанд нест, ки аз худ ҳосил орад. Мушкилии аввалини Достоевский дар ҳамин гуна боварии «деҳқонӣ» (монанд кардани одам ба донаи гандум) аст.

Мушкилии Илюша на бадбахтии падари ӯст, ки аз статуси ҷамъиятияш афтодааст, на бекорӣ ва бечорагии саробони хонаводаи ӯст, на камбағалии оилавии ӯст, на беобрӯ шудани падари маҳбубаш дар байни ҳамшаҳриён аст… Бадбахтии ӯ бадбахтии падарӣ, авлодӣ ва аз ин рӯ, наслӣ нест, чунон ки Достоевский ба хулоса мерасад. Бадбахтии Илюша дар он аст, ки ӯро ҳамзамонон ва ҳамнаслонаш, ки иштиёқи сахт барои қудрату ояндаро тасарруф кардан доранд, аллакай дар зиндагияш ва бидуни ихтиёри ӯ ба марг маҳкум мекунанд. Ӯ дар аввал мурдан намехоҳад, вале дар зери фишори «имрӯз» маргро мепазирад. Дар

---

[106]Достоевский, Братья Карамазовы. Москва: Советская Россия, 1987. – Саҳ. 3 (Ҷилди 1) («Истинно, истинно говорю вам: если пшеничное зерно, падши в землю, не умрет, то останется одно; а если умрет, то принесет много плода.»)

[107] Достоевский, Похороны Илюшечки. Речь у камня (Ҷилди 2) // Братья Карамазовы. Москва: Советская Россия, 1987.– Саҳ. 464-473

ин партав, Достоевский маргро чун роҳи наҷот мебинад ва дар хаёли Илюша гӯри худро ба маркази зиндагии ҳамешабаҳор табдил медиҳад. Ҳатто худи нависанда шояд пайхас намекунад, ки ба ҷои Илюша худаш орзу мекунад…

Аммо ин ҷо ҳама мушкилӣ мушкилии Андрей Карамазов ҳаст, ки марги Илюшаро пешгӯӣ мекунад ва дар ин амр зарурат ва маънои баландро мебинад: зарурати холӣ кардани ҷой барои насли нав ва маъно додан ба марг. Аз рӯи боварии ӯ, марг маънои амиқ дорад, чунки маҳз бо ҳамин роҳ амри бозхости (эҳёшавии) мавҷуди миранда (инсон) мумкин мегардад. Аммо ин дафъа на бозхости табиӣ ва заминӣ, балки бозхости илоҳӣ ва ухравӣ. Бозхосте, ки дин ваъда медиҳад (на Фёдоров пешниҳод мекунад). Дар хотимаи достон, дар сари қабри Илюша, Андрей ва Коля чунин изҳор мекунанд:

«- Карамазов! – фарёд зад Коля, - наход ки дин мегӯяд, мо ҳама баъд аз марг зинда мешавем, эҳё мешавем ва боз якдигарро, ҳамаро, аз он ҷумла Илюшенкаро ҳам мебинем?

- Бечунучаро аз сари нав зинда мешавем, бечунучаро мебинем ва бо хурсандию нишот ҳама таҷрибаҳои аз сар гузарондаамонро ба якдигар нақл мекунем, - Алёша бо нимханда ва нимҳаяҷон ҷавоб дод.

- Оҳ, чӣ қадар хуб мешавад! - изҳор кард Коля».[108]

## Наҷоти оилаи Карамазовҳо ё худ миллати рус

Аммо набояд фаромӯш кард, ки мушкилӣ ва бадбахтии асосӣ барои Достоевский марг ва махсусан марги як инсон нест. Бадбахтии асосӣ бадбахтии оилаи Карамазовҳо аст ва дар назари Достоевский, оилаи Карамазовҳо прототипи миллати Рус аст. Роҳи наҷот низ маҳз дар ҳамин «оилаи пур аз касофат» (ба ифодаи худи нависанда) ҷуста мешавад. Пас, бубинем, ки ин роҳ чӣ гуна ҷуста мешавад ва ба чи ниҳоят мерасад. Оё чи ҳақиқате дар ин роҳ нуҳуфтааст?

---

[108]Достоевский, Братья Карамазовы. Москва: Советская Россия, 1987. – Саҳ. 473 (Ҷилди 2)
- Карамазов! – крикнул Коля, - неужели и взаправду религия говорит, что мы все встанем из мертвых, и оживем, и увидим опять друг друга, и всех, и Илюшенку?
- Непременно восстанем, непременно увидим и весело, радостно расскажем друг другу всё, что было, - полусмеясь, полу в восторге ответил Алеша.
- Ах как это будет хорошо! – вырвалось у Коли.»

Федор Павлович Карамазов сардори оила, падари се писари қонунӣ – Дмитрий (28 - сола), Иван (24 - сола) ва Андрей (20 - сола), хоҷаи як хизматгори гирифтори касалии саръ бо номи Смердяков (шояд писари ғайриқонуниаш) ва як ҷуфт пиру кампири хоҷагидор мебошад. Зани ӯ, модари се писараш, ба таври фоҷиавӣ фавтидааст, кадом-як сирре нуҳуфтааст: шояд касе ӯро барқасд куштааст ва шояд падар дар ин кор даст дорад. Худи сардори оила – Федор Карамазов аз ҳисоби мероси гузаштагонаш зиндагӣ мекунад, кадом-гуна корҳои пинҳонӣ аз писаронаш низ иҷро мекунад. Аз рӯи қонун, бояд ба ҳар як писараш ҳаққи меросиашро диҳад, вале то ба ҳол ба онҳо «қарздор» аст, яъне қисмате аз ҳаққи онҳоро намедиҳад.

Падар дар зиндагӣ ҳеҷ гуна арзиши баландтар аз ҳисобу китоби сармоя ва ҳеҷ гуна ташвиши сахттар аз қайди дахлу харҷи рӯзона надорад. Худро дар хона зиндонӣ ва муҳосира кардан аз душманони маълуму мавҳум (чунончи, писараш Дмитрий) як дарди сари дигар аст. Барояш маргу мурдан ва тақдир баъди марг мавзӯи бегона аст. Бар хилофи пиронсолии худ, мехоҳад «маъшуқа»-и писари худ – Дмитрийро ба худ ром кунад. Аз ин рӯ, дар байни падару писар муноқишаҳои сахт рух медиҳад. Дмитрий, писари калонӣ, афсари мустаъфӣ, айни ҳол бекор мебошад. Ӯ бекорӣ, нокомӣ ва беҳадафии худро чун мушкилии шахсии худ намепазирад, балки онро мушкилии падари худ медонад. Чунки падараш ба ӯ ҳаққи меросиашро пурра надодааст, аз ин рӯ, боиси мушкилӣ ё худ бепулии ӯ шудааст Ҳамин гуна, ӯ роҳи ҳалли ҳама гуна мушкилии иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ва комёбиро дар дороии пулӣ медонад. Баръакс, падар маҳз бо ҳаққи меросии писар мехоҳад дили маъшуқаи ӯро ёбад.

Дар ин паҳноҳо, яъне меросталабӣ ва ишратхоҳӣ, падару писар монанданд ва ин монандӣ дар шахсияти маъшуқаи «ҷанҷолӣ» низ таҷассум гардидааст. Ин маъшуқа, Аграфена Александровна, бо сабаби аз марде дар айни ҷавонӣ фиреб хӯрдан роҳгумзада, беҳадаф, кинагир, интиқомҷӯ, нобовар, ҳарис ва сармояғундор шудааст. Ӯ ба мардон, аз он ҷумла ба ин падару писар ҳам, ба ҷуз онҳоро фирефтан ва бозӣ дорондан ҳеҷ майле

надорад. Ҳоло ҳам дар хаёли он марде ҳаст, ки ӯро фиреб дода ва ба вилояти дури Русия рафта, нопадид шудааст.

Вазъияти ин се нафар буҳронист. Онҳоро фақат дасти сеюм наҷот дода метавонад. Падар бо кушта шудан барои пул, писар барои ҷазои бадарға ба Сибир гирифтан ва маъшуқа барои дубора фиреб хӯрдан аз марде, ки бори аввал ӯро фиреб дода буд ва пайдо гардид, «наҷот» меёбанд. Дар натиҷа, ин оила аз меросталабӣ, сармояғундорӣ, беҳаёӣ, ишратпарастӣ, беҳадафӣ, роҳгумӣ, бекорӣ, велгардӣ, хаёлпарастӣ ва монанди ин бадбахтиҳо раҳо меёбад. Аммо фақат бо маҳрумият.

Решаи ҳамаи ин бадбахтиҳоро Достоевский ба бехудоӣ марбут медонад. Падар ба Худо бовар надошт. Дар натиҷа, писараш – Дмитрий (таҷассумгари симои афсарони рус) беҳадаф ва велгард шуд. Падар ба Худо бовар надошт, аз ин рӯ, писараш Иван (таҷассумгари табақаи интеллигенсияи рус) бехудо шуд, аз асли худ бегона шуд ва аз ҳисоби садақаҳои дигарон (фалсафа ва андешаи Ғарб) «бузург» шуд. Дар натиҷа, ин писари дувум, ки таълими амиқи фалсафаи бехудоии Аврупо гирифта буд, ба рӯҳи бемори писари ғайриқонунии падар – Смердяков даромад. Смердяков бовар кард, ки «агар Худо нест, пас ҳама кор равост» («Если бога нет, то все дозволено») ва бо ҳамин боварӣ падари ғайриқонунии худро кушт ва худро низ то ҷазо гирифтан ба дор овехт. Дар ин ҷо Иван ва Смердяков ҳар ду ба ин тарафи бадбахтии падар монанд ва шариканд. Онҳо ба Худо бовар надоранд, аз ин рӯ, дар фалсафаи онҳо «ҳама кор равост» («все дозволено»), аз он ҷумла падар ва худро куштан, яъне гузашта ва ояндаро аз миён бардоштан, ба хотири худ (рус)-ро ба бегона (фаронсавӣ) табдил додан. Ба хотири аз саҳифаи таърих гум шудан, аниқтараш бо дасти худ гум кардани нишонаҳои худ, ба хулоса мерасад, Достоевский.

Дар ҳоле ки Смердякови ҷисман ва рӯҳан бемор дар пайи куштани Фёдор Павлович Карамазов худро ба марг бо роҳи худкушӣ маҳкум мекунад, Иван низ роҳи наҷот надорад. Ӯ низ бадбахтии худро, ки дар ибораи «агар Худо нест, пас ҳама кор равост» баён шудааст, дарк мекунад. Ӯ ба хулоса мерасад, ки ин фалсафаи ӯ, ки мояи ифтихор ва сарбаландии ӯ буд ва дар пеши дигарон маънию моҳияти шахсияти «бузург»-ашро месохт, ба «падаркушӣ» монанд аст. Аз ин рӯ, ӯ низ худро барои кушта

шудани падар масъул ва гунаҳкор медонад, рӯҳан худро ба марг маҳкум мекунад ва бемори бистарӣ мешавад. Бародари ӯ – Андрей бовар дорад, ки Иван аз ин «беморӣ» нахоҳад раҳид… Роҳи наҷоташ марг аст.

Бо ҳамин, бадбахтии асосии оила – бадбахтии «бехудоӣ» низ бо марги се бе Худо – падар, писар (Иван) ва писари ғайриқонунии ба ошпаз табдилдодашуда (Смердяков) рафъ мегардад. Аниқтараш, Достоевский ин мушкилиро бо ҳукми нестӣ ҳал мекунад. (Дар қиссаи Расколников дар достони «Ҷиноят ва Ҷазо» бошад, нависанда бехудоиро, ки боиси сангинтарин ҷиноят – одамкушӣ мешавад, бо ҷазо рафъ мекунад). Дигар ӯ бовар надорад, ки бо ҷазо додани бехудоён мушкилии «бехудоӣ», ки сабаби ҳамаи дигар бадбахтиҳост, осон мешавад. Бехудоӣ, ба назари ӯ, баробар ба нестӣ аст, чунки он рӯҳи инсонро бемор ва зиндагияшро беҳадаф месозад…

Андрей, писари сеюми падар, диндор аст. На фақат диндор аст, балки ҷисман ва рӯҳан худро дар роҳи дин бахшидааст. Сипас, аз калисо ба ҷомеа мебарояд, то дар амал ба дин хизмат кунад, зеро роҳи наҷот дин аст. Аз ин рӯ, роҳи наҷот Андрей Карамазов ҳаст. Маҳз ӯ, ки тимсоли рӯҳи асили православии миллати рус аст, бояд насли нави инқилобии ҷомеа дар симои Коля Красоткинро ба оянда ҳидоят кунад, ки бо гузаштаи православӣ марбут аст. Аммо на гузаштае, ки иборат аз роҳгумӣ дар маишат ва ишрат ва на гузаштае, ки иборат аз бехудоии фалсафӣ бошад, ба натиҷаи ниҳоӣ мерасад Достоевский. Шояд ба ҷои Инқилоби бехудоёни соли 1917 инқилоби дигар, инқилоби православӣ меомад, Достоевский мақоми Ленинро медошт. Вале ин ҳадси ман аст ва чун эҳтимол боқӣ мемонад…

Ин ҷо ман ба таҳқиқу таҳлили «роҳи ҳалл»-и Достоевский дар симои Андрейи православ, Коляи инқилобӣ ва як симои дигар – Катерина Ивановна, ки таҷассумгари рӯҳи наҷотбахши зани рус аст, намепардозам, ки то чӣ андоза «роҳи ҳал» аст. Мавзӯъро кушода мегузорам, то имкони ба он боз рӯ овардан боқӣ монад.

**Фирдавс НИЁЗӢ**

# ТАРҒИБИ ИЛМУ ДОНИШОМӮЗИИ ЗАНОН ДАР ШЕЪРҲОИ ЛОҲУТӢ

Абулқосим Лоҳутӣ (1887 - 1957) аз зумраи он суханпарварону мутафаккирони соҳибмактабест, ки на танҳо дар фазои назму насри кишварҳои форсизабон, балки дар осмони илму адаби мамолики собиқ Шӯравию сотсиалистӣ ва хориҷи дуру наздик ба як наҷми дурахшоне табдил ёфтааст. Эҷодиёти устод Лоҳутӣ гуногунранг ва серсоҳа буда, дар он бештар масъалаҳои ҳаётии одамон ба риштаи назм кашида шудааанд.

Омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат миёни занон яке аз масъалаҳои асосиву марказии адабиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки то ба имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ ҳаллу фасли дурусти худро наёфтааст. Адабиёти тоҷик, ки як ҷузъи ҷудонопазири он аст, аз ин раванд дар канор нест. Масъалаи омӯзиши занон яке аз проблемаҳои то ба имрӯз ҳалталаб боқӣ мондааст. Адибони алоҳида дар жанрҳои гуногун ва дидгоҳҳои хоса ин масъаларо дар эҷоди хеш инъикос кардаанд.

Абулқосим Лоҳутӣ, ки яке аз шоирони соҳибқирони асри XX-и тоҷик аст, ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса дошт. Чунин андеша ва нуктаро аз мисраъҳои зиёди ӯ пайдо намудан мумкин аст. Шоир аз номи занон ба масъалаи мазкур назар намуда, таъкид мекунад:

*Мо гавҳари насли порсиро конем,*
*Мо коргаҳи тарбияи инсонем.*
*Ғафлат манамоед зи омӯзиши мо,*
*Мо модари ояндаи тоҷиконем.*

Дар мисраъҳои поёнӣ шоири мубориз ва озодандешу озодихоҳ ба мардон муроҷиат намуда хитоб мекунад:

*Зи зан бишнав, каме гар шарм орӣ,*
*Зани худро, ки номусат шуморӣ.*
*Агар пӯшида дорӣ, кас надонад,*
*Ки ту номус дорӣ ё надорӣ.*

Воқеан, дар ибтидои асри XX ва то миёнаҳои асри гузашта дар мамлакатҳои Шарқи исломӣ ва «хурофотпараст» масъалаи ҷиддӣ ва мубраме мавҷуд буд, ки занонро дар асорат нигоҳ медошт ва имкон намедод, то онҳо илм омӯзанду раванди

рӯзгорро ба самти фатҳу пешравӣ ва мутамаддин баранд. Ҳамин раванд боиси рушд нанамудани ҷомеаи шарқӣ гардид, ки мо мардуми тоҷикистонӣ ин масъаларо дар асри нав ва фазои пасазистиқлолӣ низ эҳсос мекунем. Дар ҷомеаҳои пешрафтаи дунё, ки занон соҳибилму озодандешу мубориз шудаанд, мо комёбиву навовариҳои зиёдеро мушоҳида мекунем. Беҳуда нест, ки бузурге фармуда: «Дар паси ҳар марди бузург, зани бузурге меистад». Чун ҷомеаи шарқӣ «ҷомеаи суннатгаро» боқӣ мондааст, таҳаввулоту дигаргуниҳои илмию техникӣ дар ин гуна ҷомеаҳо дар сатҳи хеле суст ба назар мерасад. Дар ин маврид устод Лоҳутӣ занҳои Шаркро ба занони Ғарб муқоиса намуда, чунин мегӯяд:

*Занҳои Ғарб дар сари кори ҳукуматанд,*
*Ту дар дасти марди Шарқ бардаи ҳанӯз.*
*Албатта, ҳам бардаю ҳам ғулом аз он-к,*
*Имон ба Инқилоб наовардаи ҳанӯз.*

Адиби тавоно ва марди равшанфикру тамаддунхоҳ, Лоҳутии бузург дар шеъраш, ки «**Кӯҳ ва оина**» унвон дорад, қуввату тавоноии донишро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

*Дониш теғи буранда бошад,*
*Ҳам ҷондеҳу ҳам кушанда бошад.*
*Гар теғ биафканӣ ба майдон,*
*Душман нагирад, зи қабзаи он!*

Лоҳутии ҷасуру озодихоҳ ва дурандеш дар шеъри дигари худ бо номи «**Хабар**» раванди дигаргуншавии ҳаёту рӯзгори мардуми тоҷикро бо хурсандии беҳад зиёд қабул намуда, мисраъҳои зеринро ба риштаи назм кашидааст:

*…Бо сохтмони бинои сотсиализм*
*Ин ҷо*
*одам ҳам дигар шудааст.*
*Ҳамон одамҳо, ки пиру ҷавон*
*Асиру беилму*
*ситамкаш буданд,*
*Акнун, ки дар сояи инқилобамон*
*Озоданд,*
*олиманд,*
*хеле хушнуданд…*

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Қаҳрамони дигаре, ки образашро шоири ширинкалом дар шеъре тасвир намудааст, бо ёрии донишу хиради азалии хеш тавониста, ки худро шиносад ва барои дигаргунсозии ҷомеа саҳм гирад:

*Акнун*
*Ҳалима худро шинохта*
*Ӯ табиатро мутеъ кардааст,*
*Бо дасти худаш радио сохта,*
*Донишу*
*фаҳмашро васеъ кардааст…*

Воридшавии техникаву технологияи ҷадид сабаби ба зиндагӣ бо диди нав назар намудани занони тоҷик гардид, ки ин ҳодиса аз чашми устод Лоҳутӣ пинҳон намонада, дар шеъри дигари ӯ ин ҳодиса ба чунин тарз инъикоси воқеии худро ёфта:

*…Раъно ки ба асп дар умраш шояд,*
*Як бор савор шуд*
*(вақте буд арӯс).*
*Рӯзе ду дафъа ба шаҳр меояд,*
*Барои курсҳо*
*қатӣ автобус…*

Дар шеъри **«Ба духтари Эрон»** шоири бузургу воқеъбин ба духтари эронӣ муроҷиат карда, таъкид мекунад:

*Ман аз имрӯз зи ҳусни ту буридам сару кор,*
*То ба девонагиам халқ намоянд иқрор.*
*Эй маҳи мулки Аҷам,*
*эй санами олами Шарқ*
*Ҳуш гирд овару бар гуфтаи ман дил бигумор….*

Илова бар ин, шоир дар ҷое таъкид мекунад, ки ба ман ҳусни зебои беилм лозим нест, ба ман рафтору кирдорро нишон деҳ, ки ман дигар на ошиқи малоҳату зебоӣ ҳастам, балки гирифтори ҳусни ботинам:

*Ман ба зебоии беилм харидор наям,*
*Ҳусн мафрӯш дигар бар ману кирдор биёр!*

Дар ҷои дигар шоир мегӯяд: «Ошиқони холи зебои ту аз дигар тоифаанду ман аз дигар гуруҳ» ва бар замми ин иловатан таъкид менамояд, ки:

*Ошиқони хату холи ту бадомӯзонанд,*
*Дигар ин тоифаро роҳ мадеҳ бар дарбор.*

*Ошиқе ҳамчу тамаддун ба ҳақиқат дорӣ,*
*Баъд аз ин даст зи ушшоқи маҷозӣ бардор.*

Дар замони нав ва фарҳанги нав, ҷомеа ба дилбари бедонишу бемаданият моил нест - зикр мекунад, шоири шуҳратёр Лоҳутӣ:

*Андар ин даври тамаддун санамо, лоиқ нест*
*Дилбаре чун ту зи ороиши дониш ба канор.*

Боиси шарм аст, ки зани Шарқӣ дар зери фаранҷӣ бошаду аз фарҳангу адаби ҷаҳон бехабар:

Фаранҷиро як сӯй парто – таъкид мекунад, Абулқосим Лоҳутӣ – дониш омӯз, ки ҷаҳон дигар шуд ва бояд ҳамқадами зомона буд:

*Тарки чодар куну мактаб бираву дарс бихон,*
*Шохаи ҷаҳл надорад самаре ҷуз идбор.*
*Дониш омӯзу зи авзои ҷаҳон огаҳ шав*
*В-ин ниқоби сияҳ аз рӯи муборак бардор.*
*Илм агар нест, зи ҳайвон чи бувад фарқи башар?*
*Бӯй агар нест, тафовут чи кунад гул аз хор?*
*Хирад омӯзу пайи тарбияти миллати хеш*
*Ҷидду ҷаҳде бинамо, чун дигарон, модарвор!*
*Ту гузорӣ ба даҳони ҳама кас аввал ҳарф,*
*Ҳар касе аз ту сухан мешунавад аввал бор.*
*…Фарқ ҳаргиз нагузорад ба миёни зану мард*
*В-ин давоиро собит бикунад бо кирдор.*

Лоҳутии дурандеш дар шеъре таъкид менамояд, ки: «Вақте зан созанда мегардаду илм меомӯзад, ҷомеа низ дигаргуну босаодат мешавад». Масалан, ӯ дар ғазали «**Бардор парда, эй санами моҳрӯи ман**», мефармояд, ки эътибори ман ба озодиву илмомӯзии занон бештар мегардад, ҳатто душман ба ҳоли ман механдаду ман мегирям, агар занон озоду соҳибҳуқуқ набошанд:

*Бардор парда, эй санами моҳрӯи ман,*
*То рӯи ту зиёд кунад обрӯи ман.*
*Ҳар ҷо ки гуфтугӯ зи ниқоби ту мешавад,*
*Хандад рақибу гиря бигирад гулуи ман…*

***Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»***

Шоири бузург вақти дар Туркия сарсону саргардон будани хешро тасвир намуда қайд мекунад, ки боигарии ман дар он вақт китобу қаламу донишам буд, зеро онҳо сипарӣ ман дар мусофират буданд:

*Китобу дафтари дарсу саҳифаи устод*
*Ба раҳни бода ниҳодам, ҳар он чи бодо бод!*
*Маро, чу соири озодагон, зи дунё буд,*
*Ду пора-пора китобию як шикаста-мадод.*
*Агарчи буд китобам пур аз лаолии илм,*
*Вале касаш зи пашизе намехарид зиёд.*
*Ба майфурӯш бидодам, ба ҳоли ман пай бурд,*
*Ду шиша бода ба ман дод, хонааш обод!*

Ин дороии худро ман ба тамоми молу мулки ҷаҳон иваз намекунам, зеро илҳомбахши ман дар эҷод ҳамин ду шиша май буд, ки маро аз вартаи нестӣ раҳо намуд:

*Баҳои дору надори ман ин ду шиша май аст,*
*Ман ин ду шиша ба мулки ҷаҳон нахоҳам дод…*

Ҷойи дигар шоири мубориз бари домони занро ба мактаби тарбиятгари инсон ташбеҳ додааст, зеро наҷоти инсоният дар зани соҳибилму дониш аст:

*Бошад ба ҷаҳон дар назари донишвар*
*Огӯши зан аввалин дабистони башар.*
*Ин мактаби ибтидоӣ ар олӣ нест,*
*Аз тарбияти башар маҷӯед асар!*

Мисраъҳои ҷовидонаи зерини Лоҳутӣ таъкид ба ҷойгоҳи хоса доштани донишандӯзиву илмро аз худ намудани занон аст, ки ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон низ ба ин чиз сахт ниёз дорад, зеро соҳиби дониш гардидани занон боиси равшан гардидани чароғи маърифату фарҳанг дар хонадону ҷомеаи Тоҷикистони муосир мебошад:

*Ҳамчу мардон зани мо низ ҳунарвар бошад,*
*Шер шер аст, агар мода, агар нар бошад.*

**Абдуламин МАҶНУН**

# ОН КИ ЯК УМР ВАТАН СОХТ ЗИ ХИШТИ СУХАН

Бозгашти Бозор Собир ба Ватан, ки тӯли ҳафтаи охир зеҳнҳоро бо худ кашидааст, дар ҳақиқат сазовор аст, ки ба гузаштаву имрӯзи ин суханвари шинохта, роҳҳои пурпечухами зиндагонӣ ва ба калавишҳо дар афкору ашъораш назар андохта шавад. Зеро Тоҷикистон бори дигар бо шахсияти пуртазоде рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳарчанд муддати бист сол ҳузури физикӣ надошта, вале аз ёду хотири ҷомеа ва давлат берун набуд. Ва ҳоло ҳам сари ҳамин андеша ӯ устувору қоим аст. Хонадони тоҷик, ба вижа худогоҳону адабиётдӯстони асили шеъри баланду ноби форсӣ Бозор Собирро ба ҳайси як шоири тавоно ва дардошнои миллат мешиносанд, дӯст медоранд ва ба осораш арҷ мегузоранд. Ҳамин аст, ки нашри ҳар шеъру маҷмӯаи ӯ ба истиқболи нек ва гарми мардум рӯ ба рӯ мешавад. Мӯҷиби ин ҳама шуҳрату маҳбубият ва эҳтироми шоир ва шеъри ӯ дар чист? Албатта, қабл аз ҳама, дар мардумӣ будани осори ӯст. Чунки хонандаи тоҷик аз таърифу тавсифҳо, ашъори иғроқгароёна дилкӯбу хаста гардидааст. Биноан, шеъри Бозор, ки тору пудаш ба зиндагӣ, воқеият танида шудааст ва анбоштаи ҳақиқату дардҳои мардуманд, пазироии нек мекунанд.

Шоир дар шинохти таърихи бой ва рӯҳи байналмилалии назми Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва Бедил, ҳиссаи басо арзишманд дорад. Бозор Собир аз шахсиятҳои намоёни адбаи мост, ки рисолати инсонии худро назди халқу Ватан пуррра иҷро намуда, дар дилҳои миллионҳо одамони хайрихоҳу некирода ҷой гирифтааст. Дар ашъори Бозор Собир мавзӯъҳои инсон, ишқ, Ватан, модар, сулҳу ваҳдат, ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқ мавқеи босазо доранд.Дар баробари мавзӯоти мутааддиди шеъри шоир як мавзӯи асосӣ, ки дар шеъри ӯ бевосита ва ё бавосита ба он таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, мавзӯи ватан ва миллат мебошад:

*Дубора созамат Ватан,*
*Ба хишти ҷони хештан*
*«Сутун занам ба қасри ту,*
*Ба устухони хештан».*

***Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»***

*Сатили обу гил маро*
*Барои сохтори ту.*
*Ду панҷа хуни дил маро*
*Барои рангубори ту.*
*Барои дар чаҳор сӯ*
*Навиштани шиори ту:*
*Бародарӣ –баробарӣ!*
*Баробарӣ- бародарӣ!*

Мегӯянд, ки Ватан аз гаҳвора оғоз меёбад. Оре, дар зиндагӣ хоҳ шоҳу хоҳ гадо, хоҳ шоиру хоҳ донишманд, бо тақозои замон дар ҳар гӯшаю канори  дунё зиндагӣ мебарад, кору фаъолият мекунад ва ҳамеша ёди Ватан, ёди хонаи падар, ёди домони модар менамояд.

Аз ин миён хидмати Бозор Собир дар роҳи мушаххас гардонидани симои Тоҷикистон, шинохтану шиносонидани гузаштаву имрӯзи халқу диёр, ҷузъиёти махсуси маишату тафаккури халқи тоҷик ва бештар аз ҳама дар пайвастани шахс ба зодгоҳ, таърихи халқаш ниҳоят чашмгир аст. Дар шеъри Бозор Собир тавсифи мушоҳидакоронаи Ватан нест, чизи асосиву дувумдараҷае аз мавҷудоти Ватан вуҷуд надорад, тамоми аҷзову ашёи Ватан барояш азиз асту худ бо тамоми онҳо омехта:

*Вуҷуди туст аз ду тан*
*Тани замину ҷисми ман.*
*Ману туем ҳамбадан,*
*Ватан, Ватан, Ватан, Ватан!*

Бозор Собир дар таърихи адабиёти муосири тоҷик ҳамчун шоири навпардозе, ки ваҳдати халқу Ватанро бо суханони ҷаззобу таъсирбахш васф кардааст, мавқеи устуворе дорад. Ғояҳои олии ягонагии ёру диёр, муҳаббати гарми ватандорӣ, садоқат ба сарзамини ҳамешабаҳори тоҷикон дар эҷодиёти Бозор Собир пурраю мукаммал ба ҷилва омодаанд. Шеърҳои шоир аз ҳодисоти ҳамарӯзаи зиндагӣ маншаъ мегиранд, вале вай дар замони Шӯравӣ бар хилофи баъзеҳо ё дурустар ба монанди дигарон ситоишгари мафкура ва манзумкунандаи шеърҳои замонӣ набудааст. Воқеан, устод Бозор Собир шоири дарду армонҳо, ғурбату ҳиҷронҳо, яке аз меҳанпарастони миллат дар замони мост. Худи шоир ин манзараҳоро дар чандин шеъраш ба қалам додааст:

*Ку Душанбе, нозанинам, ку?*

*Ку Душанбе, аврупоии ман?*
*Аз сафедори рост девораш,*
*Аз қади рост ҳар сафедораш.*
*Чор сӯяш ба чор ҷониб боз,*
*Дилу чашмат ба ҳар сӯ дар парвоз.*

Зимнан, аз ҳамин шеър ва чанд шеъри дигаре, ки дар китоби охирини устод Бозор Собир «Хуни қалам» бар меояд, ки беҳтар аз вай ҳеҷ ҳамзамонаш аз далоили таърихӣ ба мақсади эҷодӣ истифода накардааст. Шеъре, ки ҳадди ақал як тасвири шоирона надошта бошад, ӯ нагуфтааст. Дар эҷодиёти шоир тасвир ҳаёти бачагӣ ба деҳа барои қаҳрамони лирикӣ азизтарин ва муқаддастарин макон аст. Дар тасвирҳои шоир дар иртибот бо шири пистони модар ва амсоли ин ҷузъи муқаддаси модарӣ ва кӯдакӣ эҷод шудаанд, ки аз вусъату умқи назар ва покии меҳри гӯянда гувоҳанд:

**Ошдони модар**

*Баъди модар, баъди чандин моҳу сол*
*Бар дару девораш овардам гузор,*
*Сар задам дар ошдони модарам,*
*Дудаҳо дидам ҳанӯз он ҷо кашол,*
*Дуд хӯрдам ман магар аз дудааш,*
*К-оби чашмам шуд равон беихтиёр.*

Шеърҳое, ки шоир аз ёддоштҳои давраи бачагиаш ба рӯйи коғаз меорад, бисёр зинда, ҳаётӣ ва боварибахшанд. Шоир онҳоро намебофад, ҳамчун эҷодкори нодиракор пораҳои равшану хотирнишини зиндагиро интихоб мекунад ва моҳирона ба қалам медиҳад.Шеъргӯӣ ва шеърхонӣ дар замони мо хеле авҷ гирифтааст. Вусъати имрӯзаи ин касбу ин машғулият дар таърих ва имрӯзи мо назир надорад. Маҷмӯаҳо, газетаву маҷалаҳо, радио телевезион ва театру кино дар хизмати мардуми шеърдӯстанд. Яъне мардуми мо ҳар чи  қадар хоҳанд, шеър мехонанду мешунаванд ва аз ин ҷиҳат асло гирифтори «гуруснагӣ» нестанд. Аммо шеър ҳар хел мешавад. Шеърҳое ҳастанд, ки кас мехонаду баҳрае нагирифта, ба вақти сарф кардааш афсӯс хурда, аз худ дуртар мегузорад. Шеърҳое низ мешаванд, ки хонанда аз онҳо

маъние барои худ ҳосил мекунад, лаззате мегирад ва баҳрае мебардорад, вале ба такроран хондани онҳо шавқманд намешавад. Ман хонандаи доими устод Бозор Собир ҳастам, тамоми китобҳо ва ҳатто шеърҳои ӯро, ки дар маҷаллаву рӯзнома ва маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ чоп шудаанд, ҷамъ овардаам. Китобҳои устод Бозор Собир «Хуни қалам», «Аз гули хор» то «Симхор» китобҳои сари мизии ҳар як хонандаи тоҷик бошанд. Дар давраи донишҷӯи ман кори курсӣ пиромуни осори Бозор Собир навиштам, дар курси панҷум ман рисолаи дипломир доир ба «Таҳлили лирикаи иҷтимоии Бозор Собир» навиштам. Яке аз вижагигҳои дигари шеъри шоир он аст, ки дар ашъори ӯ рӯзгору зиндагии мардумони деҳоти кӯҳистон бо тамоми ҷузъиёт, бо манзури русуму одот, ҷилоҳои равоншинохтӣ хеле ва хеле огоҳона ба тасвир гирифта мешавад.

Бист сол Тоҷикистон бе шоире ба сар бурд. Шоире бо ашъори мондагор, адибе чун Саъди Салмон кунҷи зиндонро ҳам дид, вале ҳарфе аз андешаро аз даст надод. Беҳрӯзи Забеҳулло ин бист соли ғайбати устодро дурӣ аз хонандаи ашъораш намедонад ва мегӯяд: «Гарчанде муддати бист соли умри хешро дар ғурбат ба сар бурд ва дар ҷомеа ҳузури физикӣ надошт, аммо шеъри ӯ, чархишҳои фикрӣ ва мавзегириҳои сиёсиву иҷтимоии вай ҳамчунон муайиди бедорӣ ва ба чолиш кашидани зеҳнҳодар дохили ҷомеа буд ва аз пурсару садотарин шоирони даврони истиқлол ба шумор меравад». Ашъори Бозор Собир дар баробари мавзӯъҳои ватану ватандорӣ, табиат, ишқу муҳаббат, масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва пандуахлоқиро низ фаро гирифтаанд.

**Китобнома**

1. *Акбарзода Ю.* Рисолати шоир ва шеър. (Маҷмӯаи мақолот). - Душанбе: Адиб, 2009.
2. *Акбарзода Ю.* Шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист. - Душанбе: Адиб, 2011.
3. *Асозода Х.* Адабиёти тоҷик дар садаи 20. - Душанбе: Маориф, 1999.
4. *Собир Б.* Хуни қалам. - Душанбе, 2010.
5. *Собир Б.* «Аз «Гули хор» то «Симхор». - Москва, 2003.

**Фирдавс НИЁЗӢ**

# БАРТАРИИ ХАТТИ КИРИЛӢ АЗ ХАТТИ АРАБӢ

Аз солҳои 20 - 30-уми асри XX ба ин сӯ баҳсҳо дар атрофи хати кириллӣ ва хати арабиасоси тоҷикӣ идома доранд. Ин масъала махсусан дар солҳои 90- уми асри гузашта, баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ аз сари нав мавриди баҳс қарор гирифт. Аз солҳои 2000 ба ин сӯ дар ҷомеаи Тоҷикистон гурӯҳҳои манфиатхоҳе ба вуҷуд омаданд, ки мехоҳанд «моро ба қафо баргардонанд» ва бо ин амали худ раванди ташаккули забони муосири тоҷикиро дар асри нав халалдор намоянд. Барои собит намудани андешаи он ки ҷаҳон ҳар рӯз дар таҳавул аст ва инсоният ҳамеша барои осон кардану сарфаи вақт мекӯшад, мо бояд як бори дигар ба таърихи пайдоиши хатти арабӣ ва хатти кириллӣ рӯй оварем. Аз ин хотир бори дигар ба онҳое, ки таърихи пайдоиши ин хатҳоро намедонанд, ёдрас мешавем, ки моро дуруст фаҳманд.

Пайдоиши хати арабӣ ба асри I-и ҳиҷрӣ рост меояд. Ин хат дар давраҳои аввали густариши дини ислом, аз нимҷазираи Арабистон ба дигар минтиқаҳо паҳн гардида, ба сари халқҳои гуногун иҷборан бор мегардид.

Аз ибтидои асри VIII дар ҳудуди Осиёи Миёна дар баробари забони арабӣ хати он низ паҳн гардид. Забони арабӣ забони дини ислом, коргузорӣ ва дар давраҳои минбаъда бошад, забони илмии он гардид. Ин хат аз замон пайдоиши хат норасоиҳо дошт ва барои густариши дини ислом мусоидат намекард. Ин боиси он гардид, ки худи арабҳо ба он тағйирот ворид кунанд. Баъди ҷустуҷӯҳои зиёд фаъолони дини ислом ба хулосае омаданд, ки барои ифодаи овозҳои садонок аломатҳои зеру забарро ихтироъ кунанд. Ин дигаргунисозӣ асосан дар ибтидои асри I-и ҳиҷрӣ ба вуқӯъ омад ва барои хондани матнҳо хеле кумак кард.

Бисёре аз намояндагони илму адаби Шарқ норасоиҳои алифборо хуб медонистанд ва ҳамеша барои иваз намудани системаи хат талош меварзиданд. Машҳуртарини ин ашхос Абӯрайҳони Берунӣ ва Дақиқӣ буданд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Барои омӯзиши хати арабӣ ва аз худ намудани усулҳои қироат заҳмат ва вақти зиёд сарф мешуд. Яке аз манеаҳои саводнок шуда натавонистани қишри зиёди аҳолии ин мушкилнависӣ ва мушкилхонии ин хат буд.

Чунончи ба маълум аст, имконоти дохилаи алифбои арабӣ якхела ва дилчасп нестанд. Ин алифбо аз 28 ҳарф иборат буда аз ин шумора 16- тоаш шакли мустақил доранд. Ҳарфҳои боқимонда аз якдигар танҳо аз рӯйи нуқта фарқ мекарданд. Нуқта дар ифодаи ҳарфу овоз нақши муҳим дошт, зеро агар як нуқта меафтид ё як нуқта илова мегардид, маъно дигар мешуд, ки ин боиси номафҳумӣ низ мешуд. Ҳатто дар баъзе ҳолатҳо изофа шудан ё афтидани нуқтаҳо сабаби он мегардид, ки инсонҳо танҳо тахмин мекарданд, на ин ки калимаҳоро мехонданд. Норасоии хати арабиро Анварӣ чунин баён намудааст:

*Агар Анварӣ хоҳад аз рӯзгор,*
*Ки як лаҳзае безаҳомат зияд.*
*Магасро падид оварад рӯзгор,*
*Ки то бар саро ба раҳмат зияд.*

Ҳамаи ин норасоиҳо суръати паҳн гардидани саводнокиро суст намуда, боиси рушд накардани фарҳангу забони халқҳои аз ин хат истифода менамуда гардид.

Чунон ки зикр намудем, бароиислоҳи норасоиҳои хати арабӣ ашхоси машҳури Машриқзамин кӯшиш ба харҷ додаанд. Масалан, яке аз ин шахсиятҳои машҳур Мирзо Малкумхон аст. Ба навиштаи Абдухолиқи Набавӣ: «Мирзо Малкумхон – донишманд ва сиёсатмадори эронӣ дар даҳаи ҳаштуму нуҳуми асри XIX пас аз санҷиши авзои олам масъалаи табдили алифборо ба майдон мегузорад ва дар ин масъала асарҳои худ «Шайху вазир» ва «Мабдои тараққӣ»-ро таълиф карда, қатъан таъкид менамояд, ки «Агар мо алифбои арабиро тарк карда, алифбои лотиниро қабул накунем, тараққӣ кардан ва қатори миллатҳои мутамаддин даромадани мо мумкин нест» (3.13). Ба ин муҳокимаронииҳову далелҳои ин донишманди дигарандешу навҷӯ хеле аз иштирокдорони баҳси табдили хат истинод карданд.

Бо вуҷуди ин ин шахси фозил аз роҳи пешгирифтаи худ барнагашта барои ислоҳи ин хат ҷаҳд намуда, 24 норасоии ин хатро нишон додаст. Ин ҷо чанде аз онҳоро таъкид мекунем:

-дар хат инъикос нашудани садонокҳо.

-тавофути навишти калимаҳо бо ҳамсадоҳо, яъне дар хатти арабӣ чор ҳамсадои *з* истифода мешавад.

-корбурди навъҳои гуногуни хат ба мисли *насх, настаълиқ, шикаста, кӯфӣ.*

-мавҷудияти нуқтаҳо, ки дар ҳолати афтидани онҳо маъно тағйир меёбад: *ҷасад-ҳасад,*

-зимни навиштан калимаҳо ҷойи муайяни худро надоштанд, як калима дар болои калимаи дигар навишта мешуд. Дар хусуси ин камбудӣ Мирзо Малкумхон чунин навиштааст: «Ҳарфҳои мо ҷойи муаяйни навишт надоранд. Дар хатҳои халқҳои дигар ҳарфҳо дар як сатр навишта мешаванд. Баъзе ҳарфҳо дар болои хат ва баъзе ҳарфҳо дар дохили сатр сабт мегарданд. Аммо дар анвои хатти мо махсусан, дар хатҳои шикаста, девонӣ ва сулс ҳарфҳо ҷойи муайян надоранд. Ҷойи ин ҳарфҳо аз хоҳишу завқи котиб, ки метавонад як ҳарфро дар дохили ҳарфи дигар нависад, вобаста аст» (Мулкумхон. Шайх ва вазир.с. 36).

-қонуни муайяни навишт мавҷуд нест, аз ин рӯ ҳар сатр намуди гуногун дорад.

-баъзе ҳарфҳои алифбои арабӣ дар забонҳои дигар овозҳои мувофиқ надоранд.

-баъзе ҳарфҳо навишта мешаванд, аммо хонда намешаванд: *хвостан (хостан), хвоҳар (хоҳар), хвеш (хеш).*

-ҳарфи «вов» овозҳои гуногунро ифода мекунад.

-ҳарфи «йо» дар аввали калима ҳарфи «алиф»-ро талаб мекунад, ки тамоман лозим нест, аммо дар калимаҳои навъи *ришта, ситам* навишта намешавад.

-ҳарфи «йо» баъзан овози «о»-ро ифода мекунад: ҳатто, Исо, Мӯсо, Яҳё, Мустафо.

-дар навишт аввал ва охири калима фаҳмида намешавад.

-навиштан аз тарафи рост ба чап хеле номувофиқ аст.

Номукаммалии хати арабӣ равшану возеҳ дар рушд накардани китобчопкунӣ ва маҳсулоти чопӣ дар мамлакатҳои исломӣ, дида мешавад. Агар аввалин китоби чопӣ дар Русия соли 1564 ба табъ расида бошад, аввалин маҳсулоти чопӣ бо хати

арабӣ (рӯзномаи туркӣ) танҳо соли 1830 дастраси омма гардидааст. Аз ин далел пайдост, ки бо сабаби китобчопкунӣ бо ҳуруфи арабӣ ду аср қафо мондааст. Ин масъала М.Иброҳимӣ чунин шарҳ додаст: «Нуқсони дигари алифбои араб нарасидан ва хурд будани шаклҳои он аст, ки барои матбаа муносибат надорад ва вақти азизро талаф менамояд, бо воситаҳои табъии асрӣ созиш намекунад. Сандуқчаи ҳуруф, мошинҳои гуногуни ҳарфчинӣ, анвои мошинҳои табъ, мошинҳои хаттӣ-табъӣ бо алифбои араб мувофиқат намекунанд, дандонҳои заррабини ин алифбои рамзӣ ҳуруфчинони мазлумро ба дараҷае маранҷонад, ки тамоман ба танг омадаанд» (3.268).

Ҳарчанд аз навиштаҳои боло қариб як аср гузаштааст ва техникаву технологияҳои чопӣ тағйир ёфтаанд, аммо ба сабаби он ки то ҳанӯз тағйироте дар хати арабӣ нашудааст, фикр мекунам ин камбудӣ ба куллӣ ҳал нашудааст.

Яке аз шахсиятҳои машҳур ва равшанфикри асри XIX дар самти бартарафсозии норасоиҳои хатти арабӣ нависанда ва мутафаккири озарбойҷонӣ Мирзо Фатҳалӣ Охундов (1812 - 1878) мебошад. Дар мавриди хидматҳои ин шахсият муҳаққиқ Раҳими Мим чунин менависад: «70 сол пеш замоне, ки Эрон ва Туркия бо занҷирҳои феодализм маҳкам баста, оташи зулму тааддӣ ҳама ҷойи ин ду мамлакатро фаро гирифта ва дар ҳама ҷо нодонӣ ва ҷаҳолат ҳукмрон буд Мирзо Фатҳалӣ Охундов ин фикри худро ба кор андохтан хост. Ӯ монанди мутафаккирони дигар фақат бо хаёл кардани ин кор қаноат накарда, ба ҷорӣ ва амалӣ шуданаш низ мекӯшад» (3.150).

Он чунонки ки аз манбаъҳои таърихӣ маълум аст, славянҳо ба мурури замон барои сабти садои махсуси забони худ ҳарфҳои нав ихтироъ намуданд. Ин ҳодиса бидуни назорати давлат ва шахсони алоҳида бв вуқуъ пайваст. Баъдтар дар асри 9, вақте славянҳо дини насрониро ба таври оммавӣ қабул карданд, ду навъи хати славянӣ ба вуҷуд омад.

Хати русии хозира аз хати славянии кириллитса ибтидо гирифта, дар натиҷаи таҳаввулу такомули беш аз 1100 сола ба сурати имрӯзааш даромадааст. Аз 31 ҳарфи алифбои ҳозираи русӣ 3 ҳарф п, ч, ш аз хати ибрӣ (яҳудӣ) гирифта шудаанд. Дигар ҳарфҳои иловагии хоси славянӣ дар асоси эҷодкорона тағйир додани шакли харфҳои юнонӣ ва ба ҳам пайвастани кирилитса ба вуҷуд омадаанд.

Глаголитса дар асрҳои 10-11 дар байни славянҳои ҷанубӣ ва қисман дар байни славянҳои шарқӣ паҳн шуда буд. Валеривоҷи ин хат дар байни славянҳои Шарқ дер давом накард. Дар асри 12 славянҳои шарқӣ расман дини насрониро қабул карда, кириллитсаро хати асосии худ қарор доданд. Глаголитсаро бештар славаянҳои ҷанубу ғарбӣ истифода мебурданд, зеро онҳо пайрави дини католикӣ буданд ва бо ин кор зиддияти худро нисбат ба славянҳои шарқӣ нишон додани мешуданд.

Хати русӣ аз хати славянии кирилитса ба вуҷуд омадааст. Ҷараёни такомули хати русӣ то асри 18 ба тарзи номуташаккил ба амал меомад. Баъди ба сари кор омадани Пётри I ин ҷараён зери назорати давлат гирифта шуд. Пётр солҳои 1707 - 1710 ислоҳоти хат гузаронд.

Ҳоло хати русӣ 33 ҳарф дорад, ки қариб ҳамаи хатҳои мардуми собиқ Шӯравӣ дар асоси он сохта шудаанд. Фақат алифбои латишӣ. литвонӣ ва эстонӣ хати лотинӣ буда, гурҷиҳо ва арманиҳо хати қадимаи худро нигоҳ доштаанд.

Соли 1940 тоҷикон бо иловаи 6 ҳарфи хоси садоҳои тоҷикӣ (ӣ, ғ, қ, ӯ, ҳ, ҷ) дар асоси хати русӣ алифбои нави русиро қабул карданд. Дар аввал ба алифбои тоҷикӣ ду ҳарфи хоси забони русӣ (щ ва ы) дохил нашуда буданд ва онҳо танҳо соли 1954 ба алифбои тоҷикӣ дохил гардиданд. Ҳарфҳои русӣ ҳам дар тоҷикӣ ва ҳам дар русӣ асосан як ваазифаро иҷро мекунанд, яъне ҳар ҳарф садои якхелаи русӣ ва тоҷикиро сабт мекунад (2.33-38).

Оид ба нуқсонҳои хати арабӣ М. Иброҳимӣ дар мақолаи худ зери унвони «Масъалаи имлои нав» чунин навишта аст: «Муҳимтарин нуқсони алифбои араб ин аст, ки бо метуди таълим созиш надорад. Мукаммалтарин метудҳо барои тадриси ибтидоии метуд «усули савтӣ звуковой метод мебошад… Усули таълиме, ки дар мамлакатҳои исломӣ ривоҷ ёфтааст, усули ҳиҷоӣ мебошад. Мувофиқи ин усул калимаҳоро ҳеҷ гуна таҳлил накарда, ба кӯдакон тӯтивор ёд медиҳанд (3.267).

Дар мабнои баҳсҳои дар боло зикршуда доктори илмҳои таърих, профессор И. Усмонов, китобчаеро чоп намуд, ки он «Баҳси алифбои тоҷикӣ» ном дорад. Муаллиф менависад: «Чаро бояд аз хати имрӯза даст кашида ба хатти ниёгон боз гардем? Дар

шароите, ки ҳама ба пеш менигаранд ва пеш мераванд, чаро мо бояд ба ақиб гардем? (6.24).

Муаллиф дуруст мегӯяд. Воқеан, чи зарурат аст аст барои баргаштан ба қафо ва як наслро бесавод кардан, дар ҳоле ки иваз намудани хат ҳам масрафи иқтисодӣ дорад ва ҳам халои бесаводиро ба вуҷуд меорад.

Ба навиштаи профессор Усмонов дар тағйири хат ҳадафҳои зерин сабаб мешаванд:

-мувофиқ наомадани ҳарфу овоз;

-мувофиқ наомадани ҳарф ба табиати забон;

-дастнорас шудани мероси таърихӣ;

-аҳдофи динӣ ва этникию миллӣ;

-ҳадафҳои сиёсӣ; (6.24).

Бар шарҳи омили чаҳоруми профессор И. Усмонов зикрнамуда ҳаминро илова менамоем, ки ҷонибдорони он ки дар Тоҷикистон хатти арабӣ ҷорӣ карда шавад, аҳдофи динӣ доранд. Онҳо хуб медонанд, ки мероси фарҳангии мо бо ин хат эҷод шудааст, аммо фаромӯш кардаанд, ки асри нав роҳ ба сӯи пеш аст, на баргаштан ба қафо!

Ҳамчунин дар мабнои ин баҳс профессор Ҳ. Маҷидов низ мақолеро ба табъ расонид, ки дар он камбудиҳо ва норасаиҳои хати арабӣ баён гардидааст (5). Муаллиф менависад: « Чунин ақидае, ки дар натиҷаи гузаштан ба хати арабӣ мардуми тоҷикро бо форсизабонони бурунмарзӣ наздик менамояд, вайро бо гузаштагону ниёгонаш мепайвандад ва дар охири охирин забонҳои форсиии олам ҳамгун мегарданд, бунёд надорад. Ин хат фақат дар зоҳир матнҳои мухталифро ба тоҷикӣ ва форсиҳои Эрону Афғонистон якранг мегардонад. Дар ҳақиқати ҳол бошад, намояндагони ҳар яке аз минтақаҳо ва ҳар яке аз он забонҳо чунин навиштаҷотро бо тарзу усулҳои ба худ хос талаффузу маънидод мекунанд, ки бисёр вақт онҳо барои соҳибони гунаи дигари форсӣ, яъне забони дигар ягон ахбори мушаххасро бедор карда наметавонанд»(5.9).

Дар партави навиштаҳои профессор Маҷидов Ҳ. ҳаминро илова кардан ба маврид аст, ки воқеан дар муддати як асри охир самти инкишофи фарҳангу забони се шохаи форсӣ мухталиф аст. Ҳар забон вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ ва муносиботи фарҳангиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву сиёсии кишвар роҳҳои инкишофи худро дорад. Забони муосири тоҷикӣ сохтори грамматикии худро соҳиб

аст, ки аз забонҳои форсӣ ва дарӣ тафовут дорад. Барои ҳамин зимни тақсимбандии забони форсӣ ва шохаҳои он инро бояд ба назар гирифт.

Чун мақсади мо аз ин мақола нишон додани бартариҳои хати кириллӣ нисбати хати арабӣ аст, матлаби худро чунин хулосе менамоем:

-хусусияти хуби хати имрӯзаи тоҷикӣ, мисли хатҳои то арабии тоҷикӣ ( паҳлавӣ, мехӣ, оромӣ) дар он аст, ки сода аст; ҳар овоз ба як ҳарф ифода мешавад.

-ҳамаи овоз дар тамоми ҷойи калима аввал, миёна, охир навишта мешавад ва ҳатто охир ки забонро надонаду,вале ҳарфҳоро шиносад, онро дуруст хондаву талаффуз карда метавонад.

-ҳарфҳои тоҷикӣ ба мо имкон медиханд, ки вожаи одӣ, истилоҳ ва ному насаби ҳар забони дигарро аввалин бор мехонда бошем ҳам дуруст хонем ва талаффуз кунем.

-хати имрӯзаи тоҷикӣ ҳамроҳшавии моро ба дастовардҳои технологии замон осонтар мегардонад.

-аз лиҳози сохтори морфологӣ забони тоҷикӣ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил аст, аммо хати арабӣ бошад, махсуси забонҳои флективист, яъне марбути чунин забонҳое мебошад, ки решаи калимаҳояшон якзайл мешикананд.

- ба сабаби он ки хати муосири тоҷикӣ, чун хати арабӣ шахшудамонда нест ва агар зарурат пеш ояд, онро боз такмил дода суфтатар кардану ба табиати забон мувофиқ намудан мумкин аст.

**Адабиёт**


1. *Асимова Б.С.* Языковое строительство в Таджикистане (1920 - 1940 гг.). - Душанбе: Дониш, 1982. 152 с.
2. *Афсаҳов А. Қаҳҳоров Ҳ.* Хат ва пайдоиши он. –Душанбе, Маориф,1993. - 47 с.
3. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. –Душанбе- «Ирфон», 2007.-720 с.
4. *Иоганнес Ф.* Истории письмо.-М,:Наука -1979.

5. *Маҷидов Ҳ.* Даъвои дасисаангез (оё зарурати бозгашт ба хатти ниёгон ҳаст?) // Ҳафтаномаи «Тоҷикистон» №11(1002) аз 14 марти соли 2013.
6. *Усмонов И.* Баҳси алифбои тоҷикӣ.-Душанбе, ҶММ «Эр-граф», 2008. -48 с.

**Дидавар БЕКЗОДА**

# БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО НИСБАТИ МАФҲУМҲОИ «РӮШАНФИКРӢ» ВА «РАВШАНФИКРОН»

Калимаи интеллигенсия аз калимаи лотинии intelligentia, intellegentia гирифта шуда, маънои фаҳмиш ва қувваи дониш буда, аз калимаҳои intelligens, intellegens гирифта шуда, маънои доно, мефаҳмидагӣ ва фикркунанда мебошад. Интеллигенсия як қишри (гурӯҳи) ҷомеа мебошанд. Ин қишри ҷомеа, ки мутахассисони соҳаи худ мебошанд, ба масъалаҳои фикрӣ машғуланд. Аммо истилоҳи равшанфикр аввалин маротиба дар кишвари Фаронса дар ҷараёни додгоҳе, ки дар бораи вазъи як сарҳанги (генерал)-и яҳудӣ бо номи Алфред Дрейфус ташкил шуда буд, маънои имрузаи худро пайдо кард… Оид ба мафҳум ва истилоҳи «равшанфикр» донишмандони зиёде ибрози ақида кардаанд. Ин донишмандон намояндагони тахассусҳои гуногун буданд. Масалан, онҳо аз гурӯҳи шоирон, нависандагон, ҷомеашиносон, файласуфон ва ғайра буданд. Яке аз нависандагони машҳуру маъруфи фаронсавӣ бо номи Анатол Франс дар бораи равшанфикрон гуфта буд, ки «равшанфикрон он гурӯҳе аз ҷомеа мебошанд, ки доир ба масъалаҳои ҷомеа вокуниш (аксуламал) нишон медиҳанд». Агар аз тарафи дигар назар афканем, мо ҷомеашиносеро мебинем, ки дар ин масъала дорои ақидаи устувор буда, доир ба мавқеи равшанфикрон фикрҳои худро пешниҳод мекунад, Юрген Ҳабермас мебошад. Юрген Ҳабермас равшанфикронро аз одамоне иборат медонад, ки онҳо шахсиятҳои бедор, ҳушёр ва огоҳ ҳастанд. Ва ин одамони огоҳу ҳушёр дар бораи масоили иҷтимоӣ вокуниш нишон медиҳанд. Дар ин ҷо ақидаи Юрген Ҳабермас, ҷомеашиноси олмонӣ, бо ақидаҳои нависандаи фаронсавӣ Анатол Франс шабоҳат доранд. Доир ба ин масъала натанҳо нависандаҳо ё ҷомеашиносон, балки шоирон ҳам ибрози ақида намудаанд. Масалан, Ҳенрих Ҳейне, шоир ва нависандаи машҳур ва маъруфи олмонӣ доир ба масъалаи «равшанфикр» чунин ақида дошт, ки вазифаи ахлоқии ҳунармандон ва равшанфикрон қувваи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ мебошад. Яке аз

донишмандони барҷастаи илмҳои иҷтимоӣ Эдвард Саид мебошад. Эдвард Саид устоди донишгоҳи Колумбия буд. Ӯ масъалаи равшанфикриро нозуктар ва дақиқтар шарҳ медиҳад. Чаро ки ӯ мутахассиси ин соҳа буд ва китобе бо номи «Нақши равшанфикр» низ таълиф кардааст. Э. Саид мегӯяд, ки оё равшанфикрон гурӯҳи бисёр васеъ ё бениҳоят хурд ва вобаста ба фарди ҷомеа мебошанд? Ва суханашро давом дода мегӯяд, ки барои ба ин савол ҷавоб додан мо бояд ду таърифи машҳурро аз назар гузаронем: Антониё Грамшӣ бошад, марксист ва файласуфи амалгарои (прагматик)-и итолиёӣ буд. Ӯ дар китобаш «Ёддоштҳои зиндон» менависад: «Ҳамаи инсонҳо равшанфикр ҳастанд, вале ҳамаи онҳо иҷрокунандаи нақши равшанфикрӣ дар ҷомеа нестанд». Агар ин ақидаи Антониё Грамширо амиқтар таҳлилу баррасӣ кунем, чунин манзараеро мебинем, ки Грамшӣ шахсонеро, ки нақши равшанфикриро дар ҷомеа бозӣ мекунанд, ба ду гурӯҳ тақсим мекунад:

Ба гурӯҳи аввал равшанфикрони суннатӣ, (Traditional intellectual) инҳо дохил мешаванд: Попҳо (кашишҳо), мудирҳо ва коргароне, ки корашонро аз насл ба насли дигар такрор мекунанд.

Гурӯҳи дуюм, равшанфикрони органикӣ (Organic intellectual) ин гурӯҳи равшанфикрон аз назари Антониё Грамшӣ дар пайвастагӣ бо табақаҳо ё ташкилоте ҳастанд, ки равшанфикронро барои созмон додани хоҳишҳо, касби қудрат ва назорати бештар ба кор мегиранд. Ин таърифҳое, ки мо зикр намудем, таърифҳои зарурӣ ҳастанд. Чаро ки барои таҳлили шахсиятҳои донишмандон, шоирон, ҷомеашиносон ва файласуфони барҷастаи ҷаҳон нигаронида шудаанд. Хизмати ин донишмандон ин аст, ки онҳо кӯшидаанд, то вазъи зиндагии инсониятро беҳтар кунанд. Ва барои беҳдошти зиндагии инсоният кӯшишҳо намудаанд. Масъалаи равшанфикрӣ яке аз масъалаҳои асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Шояд, зоҳиран, масъала одӣ намояд, вале дар асл масъалаи асосӣ дар зиндагии инсонҳои асри 21 мебошад. Равшанфикронро бо номҳои гуногун ном мебаранд. Масалан, яке аз номҳои равшанфикрон ин «Шоҳони файласуф» мебошад, ки ба таври возеҳу равшан ба ин маъно далолат мекунад. Агар дақиқтар гӯем, сухан сари таърифҳое меравад, ки донишмандони машҳур барои муайян кардани мавқеъи равшанфикрон онҳоро ба шоҳидӣ овардаанд. Дар ин ҷо мо

таърифи машҳури Ҷулиан Бендаро меоварем. Ва ин таъриф чунин аст: «Равшанфикрон дастаи хурде аз шоҳони файласуф (Philosopher kings) мебошанд, ки дорои истеъдод ва хусусиятҳои ахлоқии бартар ва созандагони виҷдони инсоният ҳастанд». Ҷулиан Бенда барои равшанфикрон мақоми муқаддас қоил аст. Яъне мақоми рӯҳониро ба равшанфикрон мансуб медонад. Ва Ҷ. Бенда мегӯяд, ки ин мақом ҳеҷ алоқае бо хоҳишҳои моддӣ ва шахсӣ надорад. Ӯ мегӯяд: «Қаламрави подшоҳии ман, қаламрави инҷаҳонӣ нест». Аз гуфтаи Бенда чунин бармеояд, ки қаламрави подшоҳии ӯ маънои онҷаҳониро дорад. Яъне ӯ тарафдори метафизика аст.

Дар ин масъала боз донишмандоне вуҷуд доранд, ки пажӯҳишгарони сиёсӣ мебошанд. Барои мисол, Франс Нюман намунаи яке аз ин донишмандон мебошад. Франс Нюман пажӯҳишгари сиёсӣ буд ва ба масъалаҳои назариявии сиёсат сару кор дошт. Ӯ сиёсатро унсури ҷонбахш дар бораи мақом ва ҷойгоҳи равшанфикрон медонист. Нюман оид ба масъалаи равшанфикрон чунин ақида дошт, ки равшанфикрон виҷдони танқидкунандаи ҷомеа буда, дар ҳамаи давраҳои таърихӣ вуҷуд доштаанд. Вазифаи равшанфикр ин танқидкунии ҷомеа мебошад. Ва нишон додани он ки ҷомеа то куҷо озодиро ба таҳаққуқ расонда ё нарасонда аст. Дар масъалаи равшанфикрӣ, инчунин, ақидаи ҷомеашиноси олмонӣ бо номи Карл Манҳейм вуҷуд дорад. Манҳейм бузургтарин вазифаи равшанфикриро, озодандешӣ медонад. Ва ӯ гуфта буд, ки дифоъ аз рӯҳи озод, бузургтарин ва бартарин вазифаи равшанфикрон мебошад. Агар мо умуман назар афканем, чунин ба назар мерасад, ки равшанфикрон гурӯҳи бисёр хурди ин ё он ҷомеа буда, аз шахсияти мустақили фикрӣ бархурдоранд. Ва вазифаи асосии равшанфикрон иборат аз навовариҳои фикрӣ ва офаридани андешаҳоест, ки барои дигаргун сохтани ҷомеаи инсонӣ нақши асосиро мебозанд. Яке аз файласуфон ва донишмандони машҳури муосири Эрон Абдулкарими Суруш мебошад. Доктор Суруш низ мисли файласуфони дигар андешаҳои худро оид ба масъалаҳои равшанфикрон баён намуда аст. Ӯ ба маънии калимаи равшанфикр таваҷҷуҳ намуда, мехоҳад, ки ҳамин истилоҳро аз

диди худ шарҳу эзоҳ диҳад. Суруш мафҳуми равшанфикрро шарҳ дода, 4 хусусияти асосии онро хотирнишон менамояд:

1-Роздонӣ; 2-Далерӣ; 3-Ибдооти назариявӣ (навовариҳои назариявӣ) дар давраҳои буҳрон ва гусасту гузар; 4-Чанд манбаъӣ будан.

Чуноне ки маълум гашт доктор Абдулкарими Суруш 4 хусусиятеро, ки ба равшанфикр хос мебошанд, нишон дод. Вале то он ҷое, ки ба мо маълум аст, шарҳи доктор Суруш доир ба мафҳум, калима ва маънои равшанфикр он қадар фаҳмо нест. Ҷасоратан ин фикри нависандаи мақола асту бас. Фикри ман дар масъалаи равшанфикрон ин аст, ки равшанфикр пеш аз ҳама бояд гуманист (инсондӯст) бошад.

**Сайри равшанфикрӣ дар Ғарб**.

Агар мо вазъияти равшанфикриро дар Ғарб бубинем, чунин баназар мерасад, ки дар асри миёна (аз асри 6-ум то асри 15-уми мелодӣ) ки дар таърихи фалсафа бо номи «Ақидаи тавҳид» вуҷуд дорад, яъне дар ин давра Худо дар маркази диққати мутафаккирон буд. Донишмандони ин давра Худоро субстансияи асосӣ ҳисоб мекарданд. Бо оғоз шудани қарни миёнаи масеҳӣ (529), ки Юстиниан (Justinnianus) императори Рим солҳои (565-527) буд, ҳамаи дарвозаҳои мадрасаҳои фалсафа ва озодандеширо бо асабонияти динӣ баста кард. Ва аз пушти ин масъала Инквизитсия (Inguisition) (тафтиши ақоид)-ро эълон кард.

Пайдоиши даврони Эҳё иборат аз солҳои (1300-1600) буд. Дар ин давра мақоми инсонро боло гузоштанд. Яъне инсонро мавриди омузиш қарор доданд. Инсон ҳамчун офарандаи идеяҳои нав, пешбарандаи ҷомеа ва ғайра мавриди омузиш қарор гирифт.

Равшанфикрӣ, озодандешӣ ва равшангарӣ дар Ғарб бо даврони Эҳё (Ренессанс) оғоз шуд ва то асри 18 ва 19 ба авҷи худ расид. Дар ин давра масъалаҳоро аз диди шакку тардид таҳлилу баррасӣ мекарданд. Якчанд ҷунбишҳои равшанфикрӣ вуҷуд доранд. Ин ҷунбишҳо аз ин қабиланд:

*1 (Rationalism) Ақлонияти маҳз*
*2 (Materialism) Моддияти ноб*
*3 (Individualism) Фардгароӣ*
*4 (Radicalism) Бунёдгароӣ*
*5 (Liberalism) Озодандешӣ*
*6 (Marxism) Марксизм*

*7 (New Marxism) Марксизми нав*
*8 (Existentialism) Вуҷудгароӣ*

Назари ин мактабҳо ин аст, ки ақли инсонӣ бузургтарин довари ҳама падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ба сухани дигар, ақл унсури асосӣ ва ҷавҳарӣ дар баррасии падидаҳои табиӣ ва инсонӣ аст.

Дар тафаккур ва андешаи наҳзати равшанфикрии Ғарб, дар даврони равшангарӣ, дигар ҳеҷ чиз аз қабл муқаддас набуд, ба ҳар чиз ва ҳар падида бо диди шак нигариста мешуд. Рӯй тофтан аз суннат ва рӯй овардан ба омӯзиши ҷадид, ба донишу хиради гузаштагон ва ба ақл, истеъдод, тавоноии хеш такя намудан ва роҳи наққодонаро шеваи кори худ қарор додан ва саранҷом ба ҷойгоҳи баланди инсон, тавоноии ӯ бовар доштан ва «асолати инсонро» дар маркази пажӯҳишу арзёбии хеш қарор додаанд. Барои мисол мо якчанд донишмандони даврони Эҳёро барои намуна меоварем, аз қабили:

### Френсис Бэкон (1561 - 1626)

Донишманд ва файласуфи номдору шинохташудаи англис Френсис Бэкон чунин фикр дошт, ки интизории мо беҳуда аст, агар мо бихоҳем чизҳои навро бо чизҳои куҳна пайваст намуда, илмро пешрафт диҳем. Мо бояд кори худро аз бунёд оғоз кунем вагарна дар гирди худ чарх мезанем, пеш аз он ки пешрафте дошта бошем. Бэкон ба ин бовар буд, ки пажӯҳишгари асосӣ касе мебошад, ки ҳам равиши (методологияи) дақиқи пажӯҳишро бидонад ва онро ба кор бараду усули озодандеширо риоят кунад.

### Рене Декарт (1596 - 1650)

Файласуфи дигаре, ки таи саддаҳои 16 ва 17 зиндагӣ мекард ва дар кори равшангарӣ ва бархурди хирадмандона нисбат ба зиндагӣ ва падидаи шинохти инсонӣ, нақши асосӣ ва созанда дошт, Рене Декарти фаронсавӣ буд. Декарт низ монанди Бэкон ба навгароӣ ва безорӣ аз куҳнапарастӣ бовар дошт ва «Хирад»-и табиии Инсонро чизи асосӣ дар шинохти падидаҳо медонист. Чизи асосие, ки дар ҳақиқат роҳнамои амали Декарт дар кори пажӯҳиш буд, равиши (методологияи) Декарт ва ҳидояти хираду ҷустуҷуи ҳақиқат дар илмҳо буд. Ва бе сабаб набуд, ки

номи яке аз муҳимтарин асари худро «Гуфтор дар бораи равиши (методологияи) дурусти ҳидояти хирад ва ҷустуҷуи ҳақиқат дар улум» гузошта буд.

Декарт бештар аз фалсафаи пешини худ ба нақш ва ҷойгоҳи хирад дар ташхиси дуруст, бовар дошт ва «Хиради табии»-ро мавриди эътибор медонист.

## Спиноза (1632 - 1677) ва Лейбнитс (1646 - 1716)

Спинноза дорои чунин ақида буд, ки оғози ҳақиқии як системаи фалсафӣ ва беҳтарин «Сароғоз», оғоз ва бунёди ҳар он чи вуҷуд дорад, яъне Худо аст. Спинноза мегӯяд, фалсафаи оммиёна аз офаридаҳо оғоз мекунад ва Декарт аз равон шурӯъ кард, вале ман бо Худо оғоз мекунам ва комилтарин он аст, ки бо комилтарин будан оғоз кунад ва дуруст будани идеяҳоро дар пайванд бо Худо мутолеа мекунад. Ҳама идеяҳо фақат вақте дар нисбаташон бо Худо нигариста шаванд, ҳақиқӣ ҳастанд, яъне бо мавзӯъи худ мутобиқат доранд.

## Лейбнитс (1646 - 1716)

Аммо Лейбнитс бар хилофи Спинноза аз шинохти сода ба мураккаб ё аз ҷузъ ба кулл, бовар дошт ва гуфта буд, ки мо худ ҷавҳарем, кофист бияндешем то идеяи ҷавҳарро дар худ кашф кунем.

Дар ин ҷо боз ақидаҳои файласуфони номдор аз ҷумла Ҷон Локк ва Девид Юм низ вуҷуд доранд.

## Ҷон Локк (1632 - 1704)

Ҷон Локк чунин андеша дошт, ки зеҳни (Mind) инсон монанди қоғази сафедест. Зеҳни инсон мисли қоғази сафед нонавишта мебошад. Ва ин қоғазро инсон дар тӯли ҳаёти худ пурра мекунад.[109] Зеҳни инсон ва ақли инсон ин унсурҳои асосии масъалаи равшанфикрӣ мебошанд. Чунки яке аз наҳзатҳои равшанфикрӣ ин наҳзати ратсионализм аст. Ин худ ақлгароӣ ё ақлонияти маҳз номида мешавад.

## Девид Юм (1711 - 1776)

[109] «106 Философов» П.С.Таранов «ТАВРИЯ» Симферополь, 1995 том 2. с.244

Девид Юм чунин бовар дошт, ки ҳама тасаввурот аз таҷрибаи ҳиссӣ бархоста ва таҷрибаи ҳиссӣ сарчашма ва маншаи ҳар гуна огоҳӣ ва шиносоӣ аст. Яъне таҷрибаи ҳиссии инсон ба инсон дар бораи ҷаҳон ва шинохти он маълумот медиҳад.

**Дени Дидро (1713 - 1784)**

Дени Дидро аз барҷастатарин чеҳраҳои ҷунбиши равшангарии Фаронса буд. Ӯ дар ин роҳ саъю талош намуда аст. Ӯ дар роҳи густариши равшангарӣ ва омилҳои боздорандаи тараққӣ ва такомули иҷтимоӣ, аз ҷумла калисо ва соири ниҳодҳои сунатгаро, муборизa намуда буд. Д.Дидро ҳамеша дифоъкунандаи нақши хирад дар раванди пешрафту такомули ҷомеаи инсонӣ буд. Донишманди дигар Д'Алембер мебошад. Ин донишманд ақидаҳои худро оид ба масъалаи равшанфикрӣ дар даврони худ шарҳу эзоҳ дода буд.

**Д'Алембер (1717 - 1783)**

Жан Лерон Д'Алембер низ аз ҷумлаи равшангароне буд, ки дар кори тадвини «Фарҳангномаи дониш» (Энсиклопедия) нақши асосӣ дошт. Ӯ хидмати арзишмандеро дар арсаи тадвини улуми риёзӣ ва физик анҷом дода аст. Ӯ пайрави «Асолати таҳаққуқ» (Positivism) буд ва ба улуми метафизикӣ эътиноe надошт, зеро чунин бовар дошт, ки андешаҳо ва назариёти метафизикӣ, моро ба зиддияти аҳком мекашонад ва ингуна дидгоҳҳо моро дар шинохти ашё мадад намерасонад. Яъне ақидаи Даламбер чунин буд, ки мо бояд аз пайи метафизика наравем. Барои он ки метафизика дар ҳалли масъалаҳои зарурии зиндагӣ ба мо кумак карда наметавонад.

**Волтер (1694 - 1778)**

Шинохтатарин чеҳраи ҷунбиши равшангарии Фаронса Волтер буд. Волтер бо вуҷуде, ки бар зидди калисо ва кашишон (попҳо) то охирин лаҳзоти зиндагӣ мубориза намуд, аммо боварии худашро нисбат ба Худо ҳифз намуда ва ба ин ақида буд, ки метавон ҳастии Худоро исбот кард. Волтер дар давоми суханҳояш мегуяд, ки кофист касе чашмони худро кушояд, то ҳастии Худоро дарёбад. Зеро офариниш, нишоне аст аз

Офариназанда. Ҳамин тавр андешаҳои донишмандон дар бораи равшанфикрӣ ва равшангарӣ вуҷуд доранд. Мо танҳо барои намуна якчандтои онҳоро овардаем.

Хулоса, ҳамаи гуфтаҳои боло ба инсондӯст будани равшанфикрон далолат мекунанд. Онҳо дар таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои муҳими зиндагии башарӣ ба илми мантиқ ва ақли солим такя мекарданд. Барои ҳамин, мо бояд равшанфикронро ҳамчун инсонҳои гуманист (инсондӯст) эътироф намоем, ки баҳри ободии ҷомеаи инсонӣ ҳамаҷониба саъю талош намудаанд. Донишмандоне, ки мо дар бораашон сухан гуфтем, равшанфикронро инсонҳое медонанд, ки дар баробари мушкилоти мубрами ҷомеаи худ садои эътирозу мухолифат баланд кардаанд.

## Сарчашмаҳо


1. *Роберт Ҳолаб* «Юрген Ҳабермас». Нақд дар ҳавзаи умумӣ. Тарҷумаи доктор Ҳусайни Баширия. Нашри Най, чопи дуюм ба форсӣ, Теҳрон, соли 1378 (1999), теъдоди сафаҳот 285.
2. *Майкл Пюзӣ* «Юрген Ҳабермас». Тарҷумаи Аҳмад Тадайюн. Интишороти Ҳермес, чопи аввал ба форсӣ, Теҳрон, соли 1379 (2000), теъдоди сафаҳот 172.
3. *Доктор Абдулкарим Суруш*. «Роздонӣ ва равшанфикрӣ ва диндорӣ». Интишороти Тулӯъи озодӣ, чопи панҷум, Теҳрон, соли 1379 (2000), теъдоди сафаҳот 340.
4. *Карл Поппер* «Озодӣ ва масъулияти равшанфикрон». Тарҷумаи Куруш Заъим. Интишороти Эронмеҳр, чопи аввал ба форсӣ, Теҳрон соли 1379 (2000) теъдоди сафаҳот 80.
5. *Франс Нюман* «Озодӣ ва қудрату қонун». Гирдоварӣ ва вироишу пешгуфтор аз Ҳерберт Маркузе, тарҷумаи Иззатуллоҳи Фӯлодванд. Интишороти Хоразмӣ, чопи аввал ба форсӣ, Теҳрон соли 1373 (1994), теъдоди сафаҳот 470.
6. *Ҷон Стюарт Милл* «Рисола дар бораи озодӣ». Тарҷумаи Ҷавод Шайхулисломӣ. Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, чопи чаҳорум ба форсӣ, Теҳрон соли 1375 (1996); теъдоди сафаҳот 416.

7. *Томас Спрингез* «Фаҳми назарияҳои сиёсӣ». Тарҷумаи Фарҳанг Риҷоӣ. Интишороти Огаҳ, чопи дуюм ба форсӣ, Теҳрон, соли 1370 (1991), теъдоди сафаҳот 204.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Комил БЕКЗОДА**

# РАВШАНФИКРОНИ ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

1. Ошноӣ бо истилоҳоти мавзӯи баҳс

1 – Равшанфикрон ба маънои зиёиёни тоҷикӣ ва интеллектуали урупоӣ аст…

2 – Маънии фалсафии равшанфикр: Равшанфикр касест, ки андак эҷодкор аст… Офаранда аст. Дорои фикру андешаи мустақил аст… Дар аксар масъалаҳои зиндагӣ назари хоси худро дорад… Навад дар сади докторҳо ва профессорҳои ҷаҳон равшанфикр нестанд… Чун истеъдоди эҷодкорӣ надоранд. Аз рӯи китобҳои дигарон китоб навиштаанд. Як шоири халқии тоҷик бо номи Асоев Шоҳзамон (тав. 1904) ки хату савод ҳам надошт, равшанфикр буд. Чун эҷодкор буд. Назари худро дошт. Дар бораи рисолати ҳунар (санъат - искусство) мегӯяд:

*Ҳунар он аст, ки ёбӣ роҳаташро,*
*Наёбӣ роҳаташ, кас беҳунар беҳ!*

Муҳим нест, ки ин назари ӯ нисбат ба ҳунар дуруст аст ё нодуруст. Муҳим ин аст, ки ин назари шахсии ӯст. Ва бо ҷасорат ин назарро изҳор кардааст…

Дар ин мақола мо нисбати мафҳуми «равшанфикр» сахтгирӣ накардаем. Ва баҳси академикиро низ зарур нашуморидаем. Бо як калима гуфтем, ки нишонаи асосии равшанфикр эҷодкор будани ӯст…

Дар кадом соҳае, ки кор ва фаъолият дошта бошад, эҷодкор, эҷодкор аст… Ва ҳамин эҷодкорӣ нишонаи ҷавҳарии равшанфикри ҳақиқӣ мебошад.

3 – «Ҷаҳони имрӯз» яъне аз соли 1900 мелодӣ сар карда, то имрӯз (23 ноябри соли 2009) ва оянда… Ҳар равшанфикре, ки соли 1900 зинда будааст, ба ҷумлаи «ҷаҳони имрӯз» дохил аст. Пеш аз соли 1900-ро равшанфикрони асри XIX ба шумор меоварем. Ва онҳоро равшанфикри имрӯза ҳисоб намекунем… Бошад. Ин назари шахсии мост. Агар иштибоҳ аст, барои ислоҳаш вақт дорем…

2. 55 саволи фалсафӣ ба равшанфикрони Тоҷикистон

Барои кӯтоҳии баён ёдовар мешавем, ки ин «Саволномаи фалсафӣ» дар матбуот ба чоп расид. Дақиқтараш дар таърихи 18 декабри соли 2008, дар рӯзномаи шодравон Қурбоналӣ Хӯҷамов бо номи «Зиндагӣ»… Ин силсила бо номи «Зиндагӣ чӣ мегӯяд?»,

аз моҳи июни соли 2008 оғоз шуда, то охирҳои моҳи январи соли 2009 давом кард. Ман ба ҳамаи хешовандон ва дӯстони устод Қурбоналӣ арзи таслият менамоям ва хидматҳои ӯро дар густариши фарҳанги миллӣ арзанда мешуморам. Мутаассифона ин чанд моҳе, ки мо бо устод ҳамкорӣ доштем, ман асосан бо Аҷамшоҳ – фарзанди бародари марҳумаш маводро омода мекардем. Устод аксар дар сафар ва корҳои маъмурӣ машғул буданд. Умед доштем, ки рӯзе ва ё рӯзҳое бо ҳам аз наздик шинос шавем. Вале гардиши рӯзгор барномаи дигаре доштааст… Аз ҷониби худ ман сахт нороҳат шудам, ки сухане сазовор барои таслият наёфтам. Ҳарчанд баъди огоҳӣ аз он ҳодиса бо телефон ба Аҷамшоҳ арзи таслият намудам ва дар маъракаи ҳафти он дӯсти дерошно ширкат кардам. Ҳамин буд фикре, ки аз он ҳодиса то имрӯз, маро рӯҳан ранҷ медод. Ва роҳи изҳорашро намедонистам. Инак, хаёл мекунам устод профессор Абдунабӣ Satторзода, ки аз дӯстони дерини ман аст, ин узри бадтар аз гуноҳро ба аҳли хонаводаи устод Қурбоналӣ мерасонанд.

Бо вуҷуди нашри ин «Саволнома» то имрӯз чанд нафаре ки аз ангуштҳои як даст зиёд нестанд, ҷавоб навиштаанду бас. Мо тасмим гирифтем, ки барои намуна ҷавоб ду нафарро ки пеш аз ҳама ба ин «Саволнома» посух навиштаанд, пешкаши хонандагон намоем. Ҳамзамон хоҳиш менамоем, ки равшанфикрони дигари ҷумҳурӣ ҷавобҳои худро ба унвони: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, Академияи илмҳо, Пажӯҳишгоҳи фалсафа, ирсол намоянд.

Мо дар зер як ба як саволҳоро зикр мекунем ва ҷавоби ду равшанфикри тоҷикро ба таври намуна, меоварем. Ба ин восита бори дигар 55 саволро такрор мекунем, то ин ки хонандагони хоҳишманд, аз рӯи ин саволнома, ҷавобҳои худро бифристонанд.

## Саволнома

1 – Номи худ. Номи падар. Хонадон. Насабномаи аҷдодӣ.

Профессор Иброн Шарипов: Ном Иброн. Падарам Шариф.

Аспирант Ҳафиз Холиқзода: Ном Ҳафиз. Номи бобоямро тахаллус интихоб намудам. Падарам Бобоёр ном дорад.

2 – Рӯз ва соли таваллуд. Ҷойи таваллуд. Касбу кори волидайн.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Профессор: 15 сентябри соли 1931. Дар деҳаи Алисурхони собиқ ноҳияи Сангвор (ҳоло Тавилдара). Падарам хеле барвақт вафот ёфт ва ман дар солҳои 1940 – 1951 дар хонаи бачагони ноҳияҳои Тавилдара, Сангвор, Орджоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) тарбия ёфтам.
Аспирант: 10 ноябри соли 1974. Деҳаи Зуманд, ноҳияи Варзоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Коргарони одӣ буданд.

3 – Зодгоҳ. Макони таҳсил. Мактаби ибтидоӣ. Мактаби миёна. Мактаби олӣ. Донишгоҳҳои дигар. Маълумот. Унвони илмӣ. Вазифаҳо. Мансабҳо. Мукофот. Узвият дар ҳизбҳо.

Профессор: Омӯзишгоҳи омӯзгории Ваҳдат. Солҳои 1951 – 1956 факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. Соли 1960 аспиранти шуъбаи фалсафаи Академияи улуми Тоҷикистон. Муаллими Институти омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко (С. Айнӣ). Зинаҳои омӯзгор, аспирант, ходими хурд, ходими калон, мудири сектор ва мудири кафедраро тай намудам. Соли 1965 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ростқавлӣ – хислати ҷудонопазири одамони советӣ» дифоъ кардам. Рисолаи доктoриамро соли 1979 дар Институти фалсафаи АИ СССР (Москва) дар мавзӯи «Қонуниятҳои ташаккули муносибатҳои социалистии ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» ҳимоя намудам. Аз соли 1980 то 1983 котиби Кумитаи партиявии Академияи илмҳои Тоҷикистон будам. Аз соли 1984 то кунун дар Донишгоҳҳои гуногуни ҶТ ба сифати мудири кафедраи фалсафа ва профессор кор мекунам. Медали «Барои меҳнати шоён» дорам.
Аспирант: Деҳаи Зуманд, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мактаби ибтидоӣ ва миёнаро дар деҳаи Зуманд, ноҳияи Варзоб хатм намудам. Солҳои 1992 – 1997 донишҷӯи факултаи филолгияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон будам. Солҳои 1998 – 2001 корманди Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2006 то ҳоло аспиранти факултаи фалсафаи Донишгоҳи Бонни кишвари Олмон ҳастам. Маълумот: олӣ. Хатмкардаи аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мансаб надорам. Мукофот надорам. Узви ягон ҳизб нестам.

4 – Номи асарҳо. Соли нашр. Ҷойи нашр. Адади саҳифаҳо.

Профессор: 5 монография, 4 ҷузва (брошюра), 150 мақола. Муҳимтарин китобҳо: «Ростқавлӣ – хосияти ҷудонопазири одамони советӣ», Душанбе, «Ирфон», 1967; «Заминаҳои табдили

муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ», қисми 1, Душанбе, «Дониш», 1974; «Ташаккули ахлоқи коммунистӣ», Душанбе, «Ирфон», 1975; «Табдили муносибатҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ», қисми 2, Душанбе, «Дониш», 1976; «Қонунҳои ташаккули социалистии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон», Душанбе, «Дониш», 1983; «Табдили муносибатҳои идеологӣ дар Тоҷикистон», Душанбе, «Дониш», 1986; Ва дигар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ. Зери роҳнамоии ман 10 нафар ҷавон аспирантураро хатм намуданд ва дар ҳимояи рисолаҳои илмии 15 толибилмон ёрӣ ва мадад расонидам. Хизматҳои маро бо медали «Барои меҳнати шоён» ва як қатор ифтихорномаҳои соҳавӣ қадр карданд. ВАК-и СССР 12 декабри соли 1986 ба ман унвони профессори фалсафаро дод.
Аспирант: Мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо дорам. Асари алоҳида ҳанӯз нашр накардаам. Айни ҳол дар мавзӯи: «Менталитети коллективӣ дар Тоҷикистон» тадқиқот мекунам.

5 – Кадом забонҳоро медонед?

Профессор: Забони тоҷикӣ ва русиро.
Аспирант: яғнобӣ, тоҷикӣ (форсӣ), русӣ, англисӣ, олмонӣ (ҳанӯз меомӯзам).

6 – Даҳ нафар шоир ва нависандаи дӯстдоштаи Шумо.

Профессор: Сайидо, Дониш, С. Айнӣ, А. Лоҳӯтӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, Р. Ҷалил, М. Қаноат, Ш. Лоиқ, А. Ҳаким ва ғайра. Аз ғайри тоҷикон низ бисёрҳоянд.
Аспирант: Лукретиюс, Хайём, Ҳофиз, Волтер, Бернард Шоу, Фурӯғи Фаррухзод, Содиқ Ҳидоят…

7 – Панҷ файласуфи писандидаи Шумо?

Профессор: Волтер, Ж. Руссо, Ибни Сино, Гегел, Чернышевский, В.И. Ленин.
Аспирант: Лукретиюс, Николай Фёдоров, Албер Камю, …

8 – Панҷ асари фалсафии дӯстдоштаи Шумо кадомҳоянд?

Профессор: «Донишнома»-и Сино, «Логика»-и Гегел, «Материализм ва эмпириокритсизм»- и Ленин, «Моҳияти дини насронӣ»-и Л. Фейербах, «Очеркҳо дар бораи таърихи фалсафаи тоҷик»-и Баҳоваддинов А.М.

Аспирант: Ду асари дӯстдоштаи фалсафӣ дорам: Николай Фёдоров – «Фалсафаи кори ҳамагонӣ» («Философия общего дело»); Албер Камю (1913 - 1960) – «Инсони исёнгар» («Бунтующий человек»).

9 – Шумо шахси хешро пайрави кадом мактаби фалсафӣ мешуморед?

Профессор: Ман худамро пайрави фалсафаи материалистӣ мешуморам.

Аспирант: Пайрави мактаби фалсафии Николай Фёдоров ҳастам.

10 – Панҷ файласуфи маъруфи муосири тоҷикро номбар кунед?

Профессор: Баҳоваддинов А.М., Осимӣ М.С., Диноршоев М.Д., Болтаев М.Н., Ғаффорова М.Қ., Додихудоев Х.Д.

Аспирант: Ба ҷуз ҷавонон, ки дар маҳфили «Ҷаҳони андеша» ҳастанд, дигаронро намешиносам.

11 – Машҳуртарин файласуфони муосири ҷаҳон аз нигоҳи Шумо кадомҳоянд?

Профессор: Ж. Сартр, Иленко, Баҳоваддинов А.М., Плетников, Ойзерман, Камю.

Аспирант: Аз ҳама бештар Антони Гидденс, Мишел Фуко, Пиер Бордиа ва Юрген Ҳабермас мавриди омӯзиш ҳастанд. Онҳо нишонгари амиқ будани ҳам доноӣ ва ҳам нодонӣ дар фалсафа ва илм мебошанд. Ба унвони мисол: Фуко пайрави Нитше мебошад ва қудратро меҳвари муносибатҳои одамон медонад. Қудратро ҷавҳари вуҷуд ва зиндагӣ мешуморад. Аммо ин тавр нест. Қудрат аз нодонии инсонҳо аз Марг сарчашма мегирад…

12 – Аз файласуфони исломии гузашта бештар киро меписандед?

Профессор: Ибни Сино, Берунӣ, Ғаззолӣ, Н. Тӯсӣ, Киндӣ, А. Дониш, Низомулмулк.

Аспирант: Ҳанӯз ба ҳеҷ кадоме таваҷҷуҳ накардаам.

13 – Оё дин афюн аст?

Профессор: Бале.

Аспирант: Дин афюн аст. Чаро? Чунки функсияи афюн чун ҳар як маводи мадҳушкунанда маҳрум кардани инсон аз ҳушу ақл аст. Инсон дониста худро мадҳуш мекунад, аз ақлу ҳуш маҳрум мекунад, то ки нотавонии худро дар муқобили мушкилоти Марг набинад, ҳис накунад, натавонад, дарк накунад. Ӯ метарсад аз ин

мушкилот ва рӯ меорад ба мавод ва маънавиёти мадҳушкунанда, аз қабили дин. Пас, дин афюни халқ аст.

14 – Оё атеизм илм аст?

Профессор: Атеизм ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмист, на илм.

Аспирант: Атеизм асоси илмӣ дорад. Он хулосаи илм аст.

15 – Коммунизм илм аст ё идеология?

Профессор: Коммунизм ҳам илм, ҳам ҷаҳонбинӣ ва ҳам идеология ҳаст.

Аспирант: Коммунизм идеология аст. Ҳар идеяе, ки ба воқеият табдил ёфтани он ба манфиати зиндагии инсон нест, идеология аст. Чаро коммунизм ба манфиати инсон нест? Чунки дар мавриди бознигарӣ ба гузашта, шинохти ҳозира ва ҷустуҷӯи оянда, коммунизм ҷавобҳои пессимистона ва ба дарди инсон нахуранда медиҳад. Ин ҷавобҳо инҳоянд: Дар гузашта инсонро таҳаввули табиияш аз ҷангал ба ҷомеа оварда буд, имрӯз муносибатҳои байни одамонро задухурди ногузир асос мегузорад, ки дар оянда ба озодӣ ва баробарии одамон меанҷомад. Коммунистҳо аз ҳад зиёд ба ҳақиқат ва воқеияти озодӣ ва баробарӣ бовар доранд. Яъне бовар доранд, ки агар одамон озоду хушбахт бошанд, пас хушбахт зиндагӣ мекунанд ва хушбахт мемиранд. Аммо ин назари пессимистона аст, ки гӯё инсони ташнаи хушбахтӣ бидуни зиндагӣ бошад. Хушбахтӣ бе зиндагӣ маъно надорад. Ҳар як идеяе, ки дар пайи ҷустуҷӯи хушбахтӣ маргро фаромӯш мекунад, идеология ҳаст, идеологияи пессимистона. Аслан ҳамаи идеяҳо идеология ҳастанд, вале дугуна, дугунаи аз ҳам ба куллӣ фарқкунанда: идеологияи пессимистона ва идеологияи оптимистона.

16 – Оё дин оянда дорад? Оё динҳо абадӣ ва ҷовидонианд ва ё рӯзе аз байн мераванд?

Профессор: Чун парастишгари динҳо инсонҳоянд, то дами мавҷудияти онҳо, дин ҳам боқӣ хоҳад монд. Пас, динҳо хосияти абадиятро доро мебошанд. Баъзе аз онҳо шояд аз байн раванд ва ё шакл иваз кунанд, бо дигар намуд падид оянд.

Аспирант: То замоне Инсон миранда ҳаст, дин пойдор ҳаст. Баъде ки инсон намемирад ва худро аз марг раҳонида бошад, динҳо ҳам аз байн меравад.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

17 – Идеяи коммунизм амалӣ шуданӣ ҳаст ё не?

Профессор: Ғояи коммунизм аз ҳасратҳои (умедвориҳои К.Б.) нодири инсонҳост. Нишонаҳои аввалини ин ҳасратҳоро мо дар воқеияти сохти социалистӣ мешоҳида кардем.

Аспирант: Идеяи коммунизм, ки иборат аз озодӣ ва баробарӣ дар тангнои зодану мурдан ҳаст, амалипазир ва шуданӣ нест. Агар амалипазир ҳаст, пас пур аз хунрезӣ аст. Чаро? Чунки одамони зирактаре ҳастанд, ки зиндагии ғуломона ва нобаробаронаро аз озодӣ ва баробарие, ки ба марг меанҷомад, бартар ва болотар мегузоранд. Ҳар як идеология метавонад амалӣ шавад, аммо натиҷаи он метавонад писсимистона ё оптимистона бошад, чунон ки ҷавҳари он ҳаст. Озодӣ ва баробарӣ барои инсони миранда ва фонӣ чи арзиш дорад? Ҳамаи давру замон барои миллионер коммунизм аст. Вале ба сабаби миранда будан ва дар назди марг бечора будани ҳамаи миллионерҳо молу пулу озодиву баробарӣ барояшон арзише надорад. Барои мисол: Зинда будан; Абадӣ будан ва ҷовидонӣ будан муҳим аст, на баробарӣ ва бародарии як тӯда одамони миранда! Шаҳрванди давлат ва низоми коммунистӣ касест, ки аз марг ва мурдан наҷот ёфта бошад. Орзуи озодӣ ва баробарӣ дар низоми коммунистӣ як орзуи бепоя ва ботил аст… Коммунизми ҳақиқӣ ва реалӣ вақте амалӣ мегардад, ки агар одамон бо роҳи илмӣ зиндагии худро аз марг наҷот диҳанд! Озодӣ, озодӣ аз марг аст! Баробарӣ - ҳама зинда мондан аст! Бародарӣ бародарии касонест, ки бар марг ғалаба кардаанд!!!

18 – Мактаби фалсафии оянда кадом аст?

Профессор: Замони ҳозир ба дарҳам барҳамиҳои пурпечу тоб гирифтор аст. Гирфтори тазодҳои ғоявӣ. Муайян кардани мактаби фалсафии оянда, дар чунин ҳолат, бағоят мушкил аст. Имрӯз дар бораи ким – кадом «ғояи демократӣ» беист ҳарф мезананд, ки ин «ғояҳо» аз демократияи воқеӣ фарсангҳо дуранд. Шояд бо гузашти айём, дар оянадаи дур, бо аз байн бурдани нишонаҳои манфии «демократия»-и сохтаю бофта, ин раванд мактаби ояндаи фалсафӣ гардад ва ғояҳои демократияи асил ва воқеӣ ҷомаи амал пӯшанд ва насиби наслҳои баъдӣ гарданд.

Аспирант: Мактаби фалсафии оянда мактаби Н. Фёдоров аст: Инсонҳо ҳама ғуломи Марг ҳастанд. Душмани асосӣ Марг аст. Марг дар ду шакли он: Марги ҷисмонии одамон ва Марги тамаддуни инсонӣ дар Кайҳон. Файласуфи бузург Н. Фёдоров (1828 - 1903) моро даъват мекунад, ки бо роҳу василаҳои

навтарини илмӣ ба муқобили Марг муборизаи ҳамагониро давом диҳем. Вай ҳамин муборизаи ҳамагонӣ ба муқобили маргро «фалсафаи кори ҳамагонӣ» (философия общего дело) номидааст. Яъне ҷустуҷӯи роҳи наҷот аз Марг ва мурдан.

19 – Оё инсоният оянда дорад?

Профессор: Табиати беинсон ва беинсоният ба ки даркор? Ҳамагуна муносибатҳо, тазодҳо, дору гирҳо, динбозию ғояпардозиҳо бо инсонҳо зебу зинат доранд. Бевуҷуди инсонҳо, ин ҳама маънои худро гум мекунанд. Албатта, замони муосир барои инсоният хавфу хатари зиёд эҷод кардааст. Мутаассифона, ин ҳолат ҳам маҳсули амали инсонҳост. Вале умед мекунем, ки инсоният ҳамчун гули сари [сабади] табиати сарсахт, ба худкушии хеш роҳ намедиҳад, пояндагии ояндаи худро таъмин хоҳад кард.

Аспирант: Инсоният оянда дорад, фақат дар сурате, ки тамоми андеша, илм ва бовариашро ба фалсафаи мактаби Н. Фёдоров равона кунад. Дар акси ҳол, вазъаш нигаронкунандатар ва фоҷеабортар мешавад ва нобудии худро интизор мешавад. Дар акси ҳол хатари табиӣ ва иҷтимоӣ бештар мешаванд.

20 – Истилоҳи «Фалсафа» ба назари Шумо чӣ маънӣ дорад?

Профессор: Истилоҳи фалсафа бо ҳар ранг маънидод мегардад. Вале шахсан ман ба ифодаи фалсафа ҳамчун илми илмҳо ё «маликаи илмҳо» (Гегел), «бонуи илмҳо» (Арасту) розиам.

Аспирант: Фалсафа таҳтуллафзи «ҳикматдӯстӣ» маъно дорад. Ҳикмат ҳар хел шарҳ шудааст. Ман онро чун «шинохти мушкилии асосии инсон» мефаҳмам. Мушкилии асосии инсон марг аст. Фалсафа илми маргшиносист.

21 – Файласуф кист?

Профессор: Файласуф аз нигоҳи ман шахсест, ки бо умқи масоили тазоди зиндагӣ сарфаҳм меравад, ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии васеъ дорад, равиши мураккаби ҳаётро дарк мекунад ва роҳҳои аз бар кардани ин мураккабиро муайян месозад, побанди ғояҳои пучу бемаҳсул набуда, ояндаро некбинона назар мекунад.

Аспирант: Файласуф касе ҳаст, ки аз ҳар роҳе набошад, дар ҷустуҷӯи мавзӯи асосӣ, яъне воқеӣ ва ҳақиқии инсон ҳаст. Ин мавзӯъ МАРГ аст. Аз ҳар роҳе бояд ин мавзӯъро шинохт ва ба ҳалли ниҳоии он иқдом намуд.

22 – <u>Фалсафа чист?</u>

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволи 20-ум назар андозед. Илова: Фалсафа тафаккури назариявӣ буда, ҳолати ҷаҳонбинӣ ва манзараи худшиносии иҷтимоиро дар фосилаи замони мушаххаси таърихӣ, танқидона ва [ба] таври диалектикӣ меомӯзад, чун «ҷавҳари маънавии замони худ», моҳияти инқилобӣ дошта, як навъ вазифаи «ғирболи» ҷаҳонбиниро адо мекунад

<u>Аспирант</u>: Фалсафа шинохти мушкили асосии инсон ва мантиқан ва ҳаётан онро собит кардан аст. Мушкили асосӣ гуфта, ман Маргро дар назар дорам.

23 – <u>Оё масъалаи материя ва шуурро аз нигоҳи фалсафаи имрӯза ҳалшуда меҳисобед?</u>

<u>Профессор</u>: Ба сababҳои канда шудани муносибатҳои илмии байни ҳоло давлатҳои мустақил, шахсан ман файласуфони намоёни ин кишварҳоро намешиносам, ба асарҳои онҳо шинос нестам. Ба назари ман ин гуна философҳо ҳоло ба арсаи афкори фалсафӣ роҳ наёфтаанд. Умуман файласуфон ҳоло дар ҳолати роҳгуманд, рисолати аслии хешро ҳанӯз дарёфт накардаанд. Хусусан дар Тоҷикистони соҳибистиқлол. Агар интизори ҷавоби саволи хеш бошед, андешаи ман чунин аст:

а) Фалсафаи замони ҳозира ва файласуфони ин замон комилан ин гуна масъалаҳоро намеомӯзанд, балки намегузоранд, аз гузоштану омӯхтани ин қабил масъалаҳо ҳазар мекунанд, канораҷӯӣ менамоянд.

б) Масъалаи таносуби материя ва шуур аз масъалаҳои «абадист». Атрофии онҳо баҳсҳо, мубоҳисаҳо, мубoризаҳою тазодҳои бешумор чи дирӯз, чи имрӯз ва чи фардо идома хоҳанд ёфт.

в) Шахсан ман мавқеи марксистӣ – материалистии ҳалли таносуби материя ва шуурро илман асоснок ва дуруст мешуморам…

<u>Аспирант</u>: Масъалаи материя ва шуур ҳосили ҷанги дурударози диндорон ва олимон ҳаст. Яке ба ҳақиқати рӯҳ ва дигаре ба ҳақиқати чиз [ҷисм] бовар доранд. Аммо вақте фалсафа сари мавзӯи Инсон баҳс мекунад, бояд ҳардуро муттаҳид кунад, чунки инсон мавҷуди дугона [дуқутба] ҳаст: иборат аз рӯҳ ва аз модда ҳаст. Ҳар ду дар якҷоягӣ инсонро сохтаанд. Агар ҷисм бошаду рӯҳ не, инсонро дар тобут мегузоранд. Ва агар рӯҳ бошаду ҷисм не, ин рӯҳро «рӯҳи саргардон» мегӯянд.

24 – <u>Панҷ файласуфи муосири Шарқро номбар кунед.</u>

Профессор: Бояд гӯям, ки истилоҳи «муосир», ки Шумо зиёд нишон медиҳед, кадом вақтро дар назар доред? Асри XX пурра ё нопурра ё солҳои аввали қарни XXI. Зеро ман танҳо баъди солҳои 60-уми асри XX ба арсаи афкори фалсафӣ ворид гардидам. Табиист, ки мукаммал донистани файласуфони Ғарбу Шарқ аз доираи имконот берун аст. Вале бояд иқрор шуд, ки шахсан ман аз осору афкори фалсафаи Шарқ (ғайр аз намояндаи маъруфи он фалсафа), осору афкори файласуфони Ғарбро ба маротиб хубтару беҳтар медонам. Осору афкори файласуфони муосири (ҳозираи) Шарқ дастрас нестанд. Осори онҳо қариб нашр намешавад, агар шавад ҳам, хеле камшумор. Таъбу нашри ин гуна осори файласуфонро ба роҳ андохтан лозим аст.
Аспирант: Мутаассифона омӯзиши ман маҳдуд аст ва ҳамагӣ чанд нафарро мешиносам ва аз байни онҳо файласуфон инҳоянд: Содиқ Ҳидоят, Манучеҳри Ҷамолӣ ва Масъуди Ансорӣ…

25 – Оё Марг масъалаи фалсафӣ аст ё не?

Профессор: Ба ин савол бо як калима ҷавоб додан бас аст: Бале, марг масъалаи фалсафӣ аст. Вале бояд таъкид кунам, ки гузориши чунин масъалаҳои ниҳоят баҳснок дар ин мавридҳо мувофиқи мақсад нест. Зеро дар ин ҳолатҳо ҷавоби ин гуна саволҳо ё бо калимае ба охир мерасад («ҳа» ё «не») ва ё моҳияти воқеии саволи гузошташуда ошкор намешавад ё зеро имконияти асоснок намудани ин гуна саволҳо бағоят маҳдуд мемонад.
Аспирант: Марг масъалаи рақами яки фалсафа аст. Фалсафа бояд ба таври мантиқӣ исбот кунад, ки ҳамаи мушкилоти дигар аз ин масъала сар задаанд. Аз он ҷумла нобаробарӣ, ноадолатӣ, ҷанг, бадбинии якдигарӣ, дурӯғ, фиреб ва ҳоказо.

26 – Абадият чист ва наҷот чӣ маънӣ дорад?

Профессор: Ин савол ҳам аз қабили саволи рақами 25 мебошад ва таҳлили махсусро талаб мекунад. Ба саволи «Абадият чист?» ҷавоби якранг додан лозим нест. Ин мавзӯи ҷаҳонбинист. Бо ҳамин иллат ба ин савол аз мавқеи табиӣ, динӣ , иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра ҷавоб додан мумкин аст. Аз нигоҳи фалсафӣ «абадият»-ро чун ҳолати вуҷуд доштани фосилаи беохири вақт, ки аз моҳияти ҷавҳар ва ягонагии моддии он бармеояд, фаҳмидан ҷоиз аст. Абадият ба таври кул ба материя хос буда, пайдоиши ҳама шаклҳои мушаххаси олами моддӣ дар фосилаи вақт

даргузар, тағйирпазир, фаною эҳёшавандаанд. Вале чунон ки ишора рафт, маънидоди истилоҳи «абадият» аксар, ба он вобаста аст, ки файласуфи алоҳида дар мавқеи кадом ҷаҳонбинӣ меистад ё майли интихоби кадом ҷаҳонбиниро дорад. Ба истилоҳи «наҷот» низ тақрибан ҳамин чизро гуфтан рост меояд. Дар гуфтугӯи муқаррарӣ истилоҳи «наҷот» маънои халосӣ, раҳоӣ ва пирӯзиро дорад. Вале ин мафҳум ба маънои васеъ низ кор фармуда шуда, вобаста аз мавқеъгирии файласуфон (на танҳо файласуфон) характери ҷаҳонбиниро касб мекунад. Чунончи ходимони сиёсӣ ё ҷамъиятӣ хеле зиёд дар бораи пирӯзии сулҳ аз болои ҷанг, наҷоти табиат, олам ва инсонияту одамон аз даҳшатҳои глобалии муосир ҳарф мезананд. Гурӯҳи дигари онҳо наҷоти оламу инсоният, табиату одамонро аз қуввают тавоноии динҳо, Худо, сарнавишту азалияти муайянкарда ва ғайра мебинанд. Маълум мешавад, ки мавқеъгирии одамон маънои истилоҳи «наҷот»-ро васеъ мегардонад ва тағйир медиҳад.

<u>Аспирант</u>: Абадият маънои зиндагии ҷовидонии инсон бо ҷисму рӯҳи (ақли) худ дар ҳамин дунё ҳаст. Наҷот, аз ин рӯ, нақшаи амалӣ кардани ин гуна абадият аст. Абадияти воқеии ҷисми инсон.

27 – <u>Муҳимтарин масъалаи фалсафӣ кадом аст?</u>

<u>Профессор</u>: Муҳимтарин масъалаи фалсафӣ (агар аз шарҳи васеътари он худдорӣ кунем), ҳамон масъалаи маъмулу машҳурест, ки то кунун вуҷуд дорад (яъне муносибати материя ва шуур).

<u>Аспирант</u>: Муҳимтарин масъалаи фалсафӣ шинохтани Марг чун мушкилии асосии инсоният аст ва аз ин рӯ пирӯзии комил ба ҳама гуна дигар масъалаҳо дуюмдараҷа, дурӯғин ва фиребанда мебошад.

28 – <u>Оё зиндагии абадӣ ва ҷовидонӣ имкон дорад?</u>

<u>Профессор</u>: Ҷавоби ин савол муаммоӣ буда, байни ақидаҳои гуногуни фалсафию динӣ меистад. Ин муаммо аз моҳияти гуногунфаҳмии худи ҳаёт бар меояд. Зеро инсонҳо ногузирии охиратро мефаҳманд. Майли одамон, инсонҳо ба ҳаёт ва зиндагӣ иллати шадиди ҷустуҷӯи роҳи раҳоӣ ёфтани онҳо [аз марг] гаштааст. Ҷаҳонбинии динӣ ин раҳоиро дар абадияти рӯҳ ва «ҳаёти ондунёӣ» мебинад. Шояд ин тарзи ҷустуҷӯ яке аз роҳҳои мубориза бо марг ва ҷовидон гардонидани ҳаёти одамон бошад. Дар натиҷаи бархурди андешаҳои гуногун файласуфон ва умуман

инсоният ба хулосаи бебаҳс расиданд: модоме, ки инсон дар рӯ ба рӯи марг қарор дорад ва ногузирии онро мефаҳмад, пас зарурати дарёфти маданияти фавт (?) лозим аст. Зеро шахсе, ки ин қазияро таври хирадмандон ҳаллу фасл месозад, аз эҳсоси манфию воқеии марг озод мегардад. Пас, ҷовидонии шахс, одамон, инсоният дар ҷовидонии ақлу хирад ва инсонгароии ӯст. Бепарвоию бетарафӣ нисбати тақдири инсону инсоният ва масъулияти баланд дар ҳифзи ҳаёту хирад дар рӯи олам (Замин) мазмуну моҳияти воқеии зиндагиро ифода мекунад. Масъалаи ҳаёту мамот мазмуни умумибашарӣ пайдо кардааст. Маҳсули меҳнати ҳалолу софдилонаи инсону инсоният дар фосилаи қарнҳои зиёд баҳри бунёди ҷомеаи мутамаддини одамон, меъёри қавии абадзиндагии ӯст. Сарфи назар аз вопасинии ҳаёти шахси алоҳида, инсон узви ҷомеаест, ки дар доираи вақти беохир, инкишофёбанда аст ва маҳз ҳамин раванд, абадияти инсону инсониятро ифода менамояд.
Аспирант: Бисёр мушкил аст, аммо имкон дорад, агар инсон дар пайи он кӯшад.

29 – Даҳ файласуфи муосири Ғарбро номбар кунед.

Профессор: Ба саволи 24 ҳамоҳанг аст. Дар асри XXI ҳоло файласуфе ба дунё наомадааст. Шояд дар бораи файласуфоне сухан равад, ки дар қарни XX афкори худро ба арсаи муҳокима пешниҳод намудаанд. Дар ин ҳолат савол роҳи интихобро васеътар мегардонад. Зеро дар Ғарб ин қабил файласуфон зиёданд. Қисме аз онҳоро мо хондаем, медонем ва қисми дигари онҳоро мо бо сабабҳои гуногун намедонем, нахондаем. Сарфи назар аз ин, баъзеи онҳоро интихобан номбар мекунем: О. Шпенглер (1880 - 1930); Тейяр де Шарден (1880 - 1955); К. Ясперс (1883 - 1969); М. Ҳайдеггер (1889 - 1976); З. Фрейд (1856 - 1939); Р. Карнап (1891 - 1970); Б. Рассел (1872 - 1970); Л. Витгенштейн (1889 - 1951); К. Поппер (1902 - 1992); Г. Маркузе (1898 - 1979) ва ғайра.
Аспирант: Ҳанӯз ба ин савол барвақт аст, ҷавоб гӯям.

30 – Аз романнависони муосири ҷаҳон киро мешиносед?

Профессор: Масалан файласуфони адиб Ж.П. Сартр, А. Камю, Г. Марсел, Э. Мунъве, Г. Маркузе, Т. Манн, Э. Хеменгуэй, Г. Гесс, В. Набоков, Б. Пастернак ва дигарон.
Аспирант: Чанд муддат аст, ки роман мутолиа намекунам.

31 – Муҳаммад Иқбол ва Содиқ Ҳидоят аз нигоҳи Шумо.

Профессор: Ба эҷодиёти онҳо кам шиносам.
Аспирант: Муҳаммад Иқбол идеологи ислом ҳаст, ки мехоҳад исломро чун идея ва ғояи оптимистона созад. Барои ин шеърҳои зебо меофарад. Содиқ Ҳидоят воқеънигар ва реалист аст, воқеияти фоҷеавиро мебинад ва мегӯяд, аммо аз зӯрӣ ва чоранопазирии ин воқеият пессимист шудааст. Роҳи ҳалро дар Марг мебинад.

32 – Бузургтарин файласуфи муосири ислом кист?

Профессор: Агар сухан дар бораи файласуфони муосири (яъне имрӯза ё ҳозираи) ислом равад, бояд иқрор шуд, ки касеро намедонам. Фикри ман бар он аст, ки дар исломи ҳозира (муосир) чунин файласуфон аҳёнанд ё дурустараш нестанд.
Аспирант: Намедонам.

33 – Оё фалсафа дар асри XXI ҳам зарурият дорад? Дар асри XXV чӣ?

Профессор: Ин гуна саволро бемавқеъ ва беҷо меҳисобам.
Аспирант: Дар ҳама давру замон ба фалсафае, ки масъалаи рақами яки он Марг аст, эҳтиёҷ вуҷуд дорад. Аммо ба дигар гуна фалсафа не!

34 – Мактаби фалсафие, ки бештар меписандед?

Профессор: Мактаби маркисистӣ - материалистиро комилтар меҳисобам.
Аспирант: Мактаби фалсафии Николай Федоров. Ин мактаб мехоҳад, ки ҳамаи инсониятро ба муқобили Марг равона кунад.

35 – Оё фалсафаи Маркс оянда дорад?

Профессор: Гузорши чунин саволро бемаънӣ меҳисобам. Ин гуна саволгузорӣ ё аз нодонӣ ё аз бадбинии ин таълимот сар мезанад. Оё таълимоте, ки оламро фатҳ кардааст, зери суол гузоштан мумкин аст??
Аспирант: Надорад. Чунки ба дарди мирандагии Инсон ҷавоб гуфта наметавонад.

36 – Мухолифати дин ва фалсафа дар оянда ба чи меанҷомад? Пешгӯии Шумо?

Профессор: Ин мухолифат аз моҳияти ин ду ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ бармеояд ва то замоне, ки ин ҷаҳонбиниҳо бо ҳам мухолиф ҳастанд, ин мухолифат боқӣ хоҳад монд. Вале ман ба бартарияти ҷаҳонбинии фалсафӣ ва пирӯзии он қоилам.
Аспирант: Ҳарду мухолифат мекунанд, то замоне, ки инсон миранда аст. Агар билфарзе инсон дигар намирад, дин ва фалсафа

оштӣ мекунанд. Ҳарду мефаҳманд, ки ба иштибоҳоти бузурге дар таърих роҳ додаанд. Ҳам дин ва ҳам фалсафа ниқобҳои рангини инсонҳо ҳастанд. Одамон зиндагиро ба саҳна табдил додаанд, дар рӯяшон ниқоб кашидаанд, то ки фариштаи Марг онҳоро нашиносад…

37 – Оё муқобилгузории мактаби материализм ва идеализм ҳоло ҳам зарурат дорад?

Профессор: Ин муқобилгузории ду мактаби асосии фалсафӣ аз моҳияти онҳо бар меояд. Модоме, ки маънидоду фаҳмиш ва дарки моҳияти онҳо гуногун аст, пас мухолифати онҳо низ боқӣ мемонад. Имрӯз ҳам монанди дирӯз дар раванди наздикшавии фаҳму маънидоди ғояҳо, идеяҳо ва таълимоти материализму идеализм тағйироти ҷиддие дида намешавад. Имрӯз танҳо болоравии ҷузъии нуфузи ғояҳои омехтаи идеалистию динӣ ба назар мерасад, ки ин ҳолат зиддияти калидии моҳияти онҳоро нест карда наметавонад.

Аспирант: Материализм ва идеализм ҷанги байни фалсафа ва дин ҳаст. Чун ин ҷанг натиҷаи матлуб ва маъқуле надорад, бояд аз ин гуна ҷанг даст кашид…

38 – Равияҳо ва ҷараёнҳои муосири дин ва фалсафаи тоҷикро номбар кунед.

Профессор: Чуноне маълум аст, равияю ҷараёнҳои мухталифи динӣ дар қаламрави кишвари тоҷикон ба таври васеъ доман афрохтаанд. Онҳо то андозае байни равшанфикрони тоҷик маълуманд. Чунин равияҳои дини ислом аз қабили суннинҳою шиаҳо, ҳанафияю салафия, исмоилияю ваҳҳобия; ҷараёнҳои сиёсӣ мисли Ҳизби Таҳрир, Ҳизби Наҳзати Ислом, мактаби Нақшбандия ва даҳҳо ингуна равияҳои хурди мазҳбӣ – худоҷӯёну худосозон, тарғиботи васеи динӣ бурда истодаанд. Равияю ҷараёнҳои фалсафаи муосири тоҷик бошад, дар доираи сохтори қаблии замони Шӯравӣ арзи ҳастӣ доранд. Азбаски фалсафа дар донишгоҳҳо омӯхта мешавад, табиист, ки устодони ин соҳа аз равияю ҷараёнҳои мухталифи фалсафӣ сарфи назар карда наметавонанд. Мухтасар бошад ҳам дар ин бора ба шогирдон маълумот медиҳанд. Дар ин ҷода як падидаи нохуш – волюнтаризм (иродагароӣ), нигилизм (инкори маслаку мафкура) ва скептитсизм (шаккокия) бештар маъмул гашта истодаанд.

Аспирант: Равияҳо ва ҷараёнҳои муосири дин асосан дутоанд: равияҳои маҳаллии ислом, чунончи эшонҳо, сӯфиҳо, сайидҳо, муллоҳои традитсионӣ ва равияҳои байналмилалӣ чун: салафия, мавлавия, аҳли байъат, Ҳизбуттаҳрир ва ҳоказо. Равияи фалсафӣ асосан фалсафаи донишгоҳӣ - тадрисӣ (расмӣ) аст, ки ба идеологияи Шӯравӣ бунёд ёфта буд.

39 – Ислом нисбат ба динҳои дигар чи имтиёз дорад?

Профессор: Савол то андозае норавшан гузошта шудааст. Ин хел имтиёз, шояд шумо бартарии исломро дар назар доред? Агар маънои савол бартарӣ доштани Исломро дар назар дошта бошад, ҷавоби ман чунин аст: Моҳияти динҳо аз якдигар ягон бартарӣ надоранд. Ҳамаи онҳо як хел тарғиб мекунанд, муъҷизаҳои зиёд ба одамон ваъда медиҳанд, маъвои зиндагии онҳоро ба охират месупоранд, дунёро фонӣ ва ҳаёти одамонро муваққатӣ меҳисобанд, самти созандагӣ, бунёдкорӣ ва беҳбудии заминиро муайян кардан намехоҳанд, амали хайру шар, бадию некиро ба тақдири азалият побанд мегардонанд ва ҳар амале, ки содир мешавад – хости Худо аст, мегӯянд. Чунин аст моҳияти тарғибот ва ҷаҳонфаҳмии динҳо. Дини Ислом аз дигар динҳо ягон бартарие надорад. Ба паҳлуҳои дигари ғояҳои динӣ дахл намекунем. Зеро дар он сурат муаммои саволҳои бешумор пайдо хоҳанд шуд.

Аспирант: Дар ҷаҳон ду дини салибӣ вуҷуд дорад: Ислом ва Масеҳӣ. Ҳарду даъво доранд, ки ҳақиқати илоҳӣ ҳастанд ва миссия, вазифа ва рисолати онҳо аз он иборат аст, ки ин ҳақиқатро ба ҷаҳониён расонанд. Ин аст фарқи Ислом ва Масеҳият аз дигар динҳо. Дар мавриди имтиёзи он наандешидаам. Аниқтараш, Ислом чун ҳар гуна дин, имтиёзе надорад.

40 – Даҳ нафар мутафаккири муосири тоҷикро номбар кунед.

Профессор: Дарҳол саволе ба миён меояд, ки сухан дар бораи даҳ (10) мутафаккири муосири кадом соҳаи илм – фалсафа, таърих, иқтисод, забону адабиёт ва ғайра меравад? Хушбахтона дар замони Шӯравӣ аз ин бахшҳои илм тоҷикон соҳиби мутафаккирони ҳақиқатан барҷаста гардида буданд ва ҳоло онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ дода шудаанд.

Танҳо аз бахши фалсафа, сатҳӣ бошад ҳам 16 нафар ҳақиқатан файласуфон – мутафаккирони варзидаю шинохтаро ном бурдан меарзад. Мутафаккирони муосири тоҷик инҳоянд:

Осимӣ М.С., Баҳоваддинов А.М., Диноршоев М.Д., Болтаев М.Н., Раҷабов М.Р., Ғаффорова М.Қ., Шарипов И.Ш., Наврӯзов С.Н., Турсунов А.Т., Комилов М.К., Додихудоев Х.Д., Султонов У.С., Собиров К.С., Музаффарӣ М., Муҳаммадхоҷаев А., Ҳазраткулов М., Шоисматуллоев Ш.Ш. ва боз даҳҳо дигарон. Ин ҷо абармардони бузурги бахшҳои дигари илм, мутафаккирони барҷастаю оламшумули тоҷик – адибон, муаррихон, иқтисоддонҳо, сиёсатмадорон, забоншиносон, фарҳангшиносон, равоншиносону одамшиносонро номбар намекунем.

Аспирант: Ба ин савол омода нестам.

41 – Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?

Профессор: Ба фикрам саволи гузошта духура аст. Ба ҳар ҳол дар ифодаи он – «фалсафаи миллӣ» ким чи хел «дуруштӣ», норавонгуфторӣ, ба назар мерасад. Яъне чунин гузоштани савол омӯзиш, таҳлил ва далели асосноку муътамад мехоҳад. Фикри шахсии ман чунин аст: Ҳоло, яъне имрӯз дар афкори равшанфикрони тоҷик даркору нодаркор ба кор бурдани мафҳуми «миллӣ» як навъ мӯду забонзада гардидааст. Шояд ин падида аз бедоргардии ҳисси миллатдӯстӣ нисбати халқи хеш шаҳодат медиҳад. Шояд. Вале ман бар онам, ки гузоштани чунин суол «Оё тоҷикон фалсафаи миллӣ доранд?», аз нигоҳи илмӣ нолозим аст. Пеш аз ҳама фалсафа ҳамчун «бонуи илмҳо» на моҳияту хислати маҳдуди миллӣ, балки моҳияту хислати умумибашарӣ дорад. Бояд масъалаҳое, ки фалсафа таҳти назар қарор медиҳад, дар шароити ҳар як кишвару халқи он, татбиқшавандаанд ва моҳияти ҷаҳонбинӣ доштани худро аз даст намедиҳанд. Вале аз баски файласуф ҳамчун намояндаи халқи муайян таҳқиқ мекунад ва меофарад, новобаста аз он ки вай дар куҷо зисту зиндагонӣ мекунад, маҳсули эҷодаш ва худи шахсияти вай ба он халқ мутааллиқ аст. Ҳолатҳое низ ҳастанд, ки маҳсули эҷоди чунин мутафаккирон ва худи ин шахсиятҳо «моли» бегона дониста мешаванд. Намунаи равшани ин ҳолатро мо дар мисоли ба ном «фалсафаи исломӣ» мебинем. Бо ҳамин андешаҳо ман фикр мекунам, ки агар мо ибораи «фалсафаи халқи тоҷик», «файласуфи тоҷик» ва амсоли онҳоро ба кор барем, аз истифодаи ибораи «фалсафаи миллӣ» ё «фалсафаи миллии тоҷик» авлотару беҳтар мебуд.

<u>Аспирант</u>: Бале, доранд. Ин фалсафаи миллӣ фалсафаи Ҷамшедӣ мебошад, ки тавассути (ба воситаи) Абулқосим Фирдавсӣ (940 - 1020) ба мо расидааст.

42 – <u>Барои ояндаи Тоҷикистон илми фалсафа зарурият дорад ё не?</u>

<u>Профессор</u>: Ба фикрам гузориши чунин савол аз мантиқу фикри солим берун аст. Оё ояндаи Тоҷикистонро бе фалсафа тасаввур кардан мумкин аст? Ҳаргиз!

<u>Аспирант</u>: Албатта. Зарурат ба он ҷиҳат вуҷуд дорад, ки мо роҳи пешрафти худро тарҳрезӣ кунем ва барномаи илмӣ, мантиқӣ ва оптимистӣ барои зиндагӣ дошта бошем. То ҳоло барномаи зиндагии моро ё дигарҳо аз берун таҳия (омода) карданд ва ё дар ҳолатҳои бебарномаӣ, шоирон сару дили моро бо ҳавасҳои ноҷо ва хатарнок пур кардаанд.

43 – <u>Оё масъалаи материя ва шуур куҳна шудааст?</u>

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволи 23 нигаред.

<u>Аспирант</u>: Ба ин савол дар мавридҳои дигар ҷавоб гуфтам.

44 – <u>Таърифи фалсафа аз нигоҳи Шумо. Яъне: фалсафа чист?</u>

<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволҳои 20, 21, 22 ва 23 нигаред.

<u>Аспирант</u>: Фалсафа омӯзиши илмӣ дар мавриди шинохти мушкилии меҳварии Инсон мебошад. Мушкилии меҳварии Инсонро вуҷуди Марг ташкил медиҳад.

45 – <u>Дин аз хурофот чӣ фарқ дорад?</u>

<u>Профессор</u>: Ба фикри ман дин аз хурофот он қадар дур нест. Вале фарқ байни онҳо вуҷуд дорад. Аввал ин ки дин ибтидо ва асоси ҳамагуна ҷаҳонбинист. Хурофот аз ин асос маҳрум аст. Вале асоси хурофотро фикри мавҳум, яъне чизи ниҳодашуда дар ниҳоди инсонӣ, тасаввури хаёлӣ зинат медиҳад.

Баъд, дин дар таблиғи худ ба хирад ва ақли одамон такя мекунад. Хурофот бошад, ба сафсатаҳои хаёлӣ ва эҳсосоти одамони ҷоҳил. Дин дорои мактабу равияҳои зиёде мебошад, вале хурофот аз ин неъмат бенасиб аст. Ниҳоят дин шахсони маъруфу машҳурро ба арсаи таълимоти хеш ворид кардааст. Хурофот бошад, аз ин дастовард орӣ (холӣ) аст. Бояд зикр кард, ки хурофоти динӣ низ васеъ паҳн гаштааст ва дар ин кор хурофоти хаёлӣ ба сифати яке аз сарчашмаҳои муҳими тақвияти идеологияи динӣ, истифода мешавад. Дар байни дин ва хурофот алоқаи канданашаванда мавҷуд аст.

<u>Аспирант</u>: Ҳар андеша ва боварие, ки асоси воқеӣ надорад хурофот аст. Масалан, мавҷудияти дунёи дигар аз нигоҳи илм асоснок нест. Пас, дин ҳам хурофот аст. Хурофот – дини ғайрирасмӣ аст. Дин – хурофоти расмӣ ва эътирофшудаи ин ё он ҷомеа дар масири таърих мебошад. Дин ва хурофот ҳамеша дар таърих ҷои якдигарро иваз мекарданд. Хурофоте дар як замон дин мешуд ва дине дар замоне дигар хурофот мегардид.

46 – <u>Вазъи фалсафа дар кадом кишвари форсизабонон беҳтар аст: Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон? Бо кадом далелҳо?</u>

<u>Профессор</u>: Ба ин савол ҷавоби сатҳӣ лозим нест. Зеро вазъи фалсафа дар кадоме аз кишварҳои форсизабон беҳтар аст, омӯзиш ва таҳлили амиқро мехоҳад ва муайян кардани сатҳи беҳтару бадтари ин раванд, бисёр омилҳоро бояд ба назар гирифт. Чунон чи, агар сухан дар бораи табъу нашри асарҳои фалсафӣ равад, шояд Эрон пешсаф бошад. Дар Афғонистон ин раванд чи тавр ба роҳ монда шудааст, барои ман норавшан аст. Зеро нашри ин осор хеле ва хеле кам дар Тоҷикистон ба роҳ монда шуда буд ва ҳоло ҳам ҳаст. Қисми каме аз файласуфони тоҷик бо осори фалсафии ин кишварҳо шинос ҳастанд. Надонистани хати арабиасоси форсӣ садди асосии ин падида мебошад. Агар вазъи фалсафаро дар Тоҷикистон муайян карданӣ бошед, омилҳои зеринро ба эътибор бояд гирифт:

а) Набудани файласуфони касбӣ. Набояд фаромӯш кард, ки омӯзиши фалсафа дар мактабҳои олии онвақтаи Тоҷикистон танҳо солҳои 50-уми қарни гузашта оғоз гардид: Аввалин Донишгоҳ соли 1948 кушода шуд; Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1951 ташкил ёфт ва дар ҳайати Академияи илмҳо аввалин шуъбаи фалсафа таъсис гардид. Ин ҳолат оғози тайёр кардани мутахассисони касбии соҳаи фалсафа гардид. То солҳои 50-ум ҳатто равшанфикрони тоҷик, дар бораи мутафаккирони шуҳратманди гузаштаи худ тасаввуроти амиқе надоштанд. Оғози омӯзиш, таҳқиқ ва дарки умумифалсафӣ ба солҳои 60-ум, 70-ум, 80-ум ва 90-уми қарни сипаришуда рост меояд. Усули методологии илмҳои фалсафӣ, таҳлили назарии файласуфони тоҷик аз кишварҳои ҳамзабони ишорашуда, ба куллӣ фарқ дошта мақоми сазоворро ба даст оварда буд ва аз дастовардҳои файласуфони ҳамсоя ба куллӣ болотар меистод.

Ҳатто имрӯз ҳам дар давраи соҳибистиқлолӣ мо аз намояндагони номӣ ва эҷоди афкори фалсафии онҳо бархурдор нестем.
<u>Аспирант</u>: Дар Тоҷикистон. Далелҳо инҳоянд: Ба наздикӣ дар Афғонистон як рӯзноманигорро ҳукми зиндони абад карданд, дар ҳоле ки мардум талаб мекард, ӯро худи мардум сангборон карда, қатл кунанд. Ӯ як мақолаеро аз дӯсти эрониаш гирифта, ба рафиқони наздикаш паҳн кард. Дар мақола ҳамагӣ як сухане дар мавриди Пайғамбари Ислом гуфта мешуд, ки ӯ ҳуқуқи занҳоро баробари мардон нагузоштааст. Дар Эрон дар давраи Содиқ Ҳидоят (1903 - 1951) вазъ беҳтар буд, чун шахсе мисли ӯ метавонист ақаллан эҷод кунад. Ҳоло Эрон имконияте барои тарбияи шахсияте чун Содиқ Ҳидоят надорад. Тоҷикистон чунин имкониятро дорад.

47 – <u>Аз файласуфони муосири исломӣ дар Тоҷикистон киро мешиносед?</u>
<u>Профессор</u>: Дар Тоҷикистони муосир файласуфони ҳақиқии исломӣ умуман вуҷуд надоранд. Ҳастанд фардҳои алоҳида, ки худро донандаи аҳкоми исломӣ муаррифӣ мекунанд. Аммо файласуфоне, ки моҳияти ҳақиқии ин таълимотро аз нигоҳи фалсафӣ баррасӣ намоянд, ҳоло нестанд.
<u>Аспирант</u>: Ба унвони файласуфи исломӣ ҳеҷ кадомеро наметавонам номбар кунам.

48 – <u>Даҳ асари фалсафии файласуфони муосири тоҷикро номбар кунед.</u>
<u>Профессор</u>: Ин гуна асарҳо ва файласуфон, айни замон арзи ҳастӣ надоранд. Дар оянда, шояд пайдо шаванд.
<u>Аспирант</u>: Ба ин савол омода нестам.

49 – <u>Даҳ асари файласуфони имрӯзаи исломиро номбар кунед. Файласуфони исломии муосири тоҷик кистанд?</u>
<u>Профессор</u>: Ба ҷавоби саволҳои 47 ва 48 нигаред.
<u>Аспирант</u>: Ба онҳо таваҷҷуҳ надорам ва ҳам бовар надорам, ки онҳо файласуф бошанд!

50 – <u>Ояндаи фалсафаи исломӣ дар Тоҷикистон: Ба сӯи илм ё идеология?</u>
<u>Профессор</u>: Равнақи файласуфониояндаи исломӣ дар Тоҷикистон ба бисёр омилҳо вобастааст. Пеш аз ҳама дар ҳолате, ки давлат – давлати исломӣ эълон гардад. Дуюм – дар сурате, ки Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав таҳия шуда, моддаи бунёдии сохти давлатӣ «давлати дунявӣ» аз он бардошта шавад. Чунон ки дар

баҳси фалсафии дирӯза маълум шуд, дин, аз он ҷумла ислом, вай ба илми ҳақиқӣ муносибате надорад. Дар дин, аз ҷумла ислом ҳам майли сиёсату сиёсатбозӣ барои соҳиби ҳокимияту ҳукмронӣ гардидан, бартарии калон дорад. Табиист, ки идеология барои дини ислом яке аз ин воситаҳост. Савум – дар ҳолате, ки зиёиёни тоҷик аз баҳри «ғояи равшанфикрӣ» даст кашанд ва ҳоказо.
Аспирант: Ба гумонам, ба сӯи идеология. Чаро? Чунки бештари онҳо таҳсилкардаи Эрон, Покистон ва давлатҳои арабӣ ҳастанд ва воқеият ин ҳаст, ки дар он кишварҳо идеология пессимистӣ бар илм бартарият дорад.

51 – Нуфузи фарҳанг ва фалсафаи Ғарб дар Тоҷикистони муосир ва ояндаи он.

Профессор: Гумон дорам, ки фарҳанг ва фалсафаи Ғарб дар Тоҷикистони кунунӣ бартарии назаррас дорад. Ҳамаи файласуфону фарҳангиёни тоҷики қарни XX фалсафа ва фарҳанги Ғарбро аз файласуфону фарҳангиёни насли нави асри XXI хубтару беҳтар медонанд ва мефаҳманд. Дар оянда шояд ин таносуб дигар шавад. Вале мушоҳидаю суҳбатҳо бо ҷавононе, ки имрӯзҳо майли файласуф шудан доранд, нишон медиҳад, ки сатҳи дониши фалсафӣ ва доираи ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии онҳо хело ва хело сатҳию паст аст.
Аспирант: Фарҳанг ва фалсафаи Ғарб дар Тоҷикистон мисли фарҳанг ва фалсафаи Рус дар асри XX пардаи торике аз нодонӣ ва худбохтагӣ меандозад. Ин Ғарб таъсире хоҳад дошт, чунон ки дар нимаи аввали асри XX дар Эрон дошт ва онро Содиқ Ҳидоят дар қиссаи «Арӯсаки пушти парда», тасвир кардааст. Ин Ғарб фитнае хоҳад буд, дар дили мо: фитна аз намоише зоҳир.

52 – Оё муқобилгузории Шарқу Ғарб масъалаи сохта аст ва ё воқеият дорад?

Профессор: Муқобилгузории Шарқу Ғарб на сохта, балки воқеияти қавӣ дорад.
Аспирант: Шарқу Ғарб як мавзӯи идеологӣ ҳаст. Дар асл, на Шарқ вуҷуд дорад ва на Ғарб. Ба унвони мисол, мо барои Рус «Шарқ» ҳастем, дар ҳоле ки худи Рус барои Аврупо, Шарқ ҳаст. Дар айни ҳол барои Америко ҳам Аврупо ва ҳам Осиё «фаросӯи баҳр» ҳастанд. Шарқӣ ва Ғарбӣ – мегӯяд, Эдвард Саид – ду буъди (ҷиҳати) як инсон ҳастанд: Дар Ғарб ҳама некӣ ва дар Шарқ ҳама

бадӣ, таҷассум мегардад. Шарқу Ғарб ба ғайр аз он ки мавзӯи идеологӣ ҳаст, боз мавзӯи равоншиносӣ (психологӣ) ҳам ҳаст.

53 – <u>Оё дин ва фалсафа дар оянда бо ҳам созиш ва муросо карданӣ ҳастанд ё не?</u>

<u>Профессор</u>: Дин ва фалсафа дар оянда ҳам ба созиш нахоҳанд омад, зеро ин носозишӣ аз моҳияти ҷавҳарии ба миён гузоштан ва ҳал намудани масъалаҳои умдаи фалсафӣ бармеояд. Фалсафа ба илм такя мекунад, дин ба хаёлбофӣ ва хурофот.

<u>Аспирант</u>: Онҳо бояд созиш кунанд. Аммо чунин муросо баъди ҳал шудани мушкилии асосии инсонҳо даст медиҳад. Яъне баъди ҳал шудани масъалаи Марг.

54 – <u>Фалсафаиояндаи Тоҷикистон Шарқӣ хоҳад буд ё Ғарбӣ?</u>

<u>Профессор</u>: Дар ин бора чизе гуфтан мушкил, зеро иллатҳои зиёде ба ин раванд (процсес) таъсир гузошта метавонад. Ба ҳар ҳол шахсан ман умед дорам, ки ин фалсафа дар Тоҷикистон дунявӣ бошад, на «Шарқӣ»-ю на «Ғарбӣ».

<u>Аспирант</u>: Ман тарафдорӣ он ҳастам, ки ин фалсафа на Шарқӣ ва на Ғарбӣ бошад. Он дар асоси Мактаби Николай Фёдоров бунёд ёбад. Дар равияҳои илмӣ аз Равияҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ ҳам омӯхтан даркор аст, бегуфтугӯ.

55 – <u>Хусусиятҳо ва нишонаҳои фарқкунандаи як файласуф аз чи иборатанд?</u>

<u>Профессор</u>: Гузориши ин савол ислоҳталаб аст.

<u>Аспирант</u>: Файласуфи ҳақиқӣ бо ин нишонаҳо фарқ мекунад:

1 – Мутолиаи фаровон ва нигоҳи таҳлилӣ;
2 – Консепсияи (назарияи) равшани фалсафӣ;
3 – Сабк ва услуби ҳамафаҳм ва содаи навиштан;
4 – Ба ҳаракатҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ ҳамроҳ нашудан;
5 – Кори маърифатӣ дар байни ҷавонон бурдан;
6 – Аз қафои шуҳрат нагаштан;
7 – Ҷомеаи худро бо роҳи илмӣ шинохтан;
8 – Қадршиноси ҳақ ва ҳақиқат будан;
9 – Гуманист ва инсондӯст будан;
10 – Зиндагии инҷаҳониро ҳадаф қарор додан;
11 – Дар касби дониш меҳнатталаб ва фидокор будан…

$=$=$

**P.S.** Ҷавобномаи профессор Иброн Шарипов дар ҳаҷми 13 саҳифаи чопи компютерӣ аз таърихи

9.12.2008 бо имзои шахсиаш ба дасти мо расид. Ҷавобномаи Ҳафиз Холиқзода дар панҷ саҳифаи чопи компютерӣ буда, бо ҳарфҳои лотинӣ ва ба забони тоҷикӣ омода шудааст. Ба воситаи Интернет аз кишвари Олмон фиристода буд. Аввалҳои тирамоҳи соли 2008.

Мо ин ду ҷавобномаро ба сифати намуна нашр намудем, ки хонандагон тарзи ҷавоб додан ба саволҳоро ёд гиранд. Вагарна ҳоҷат ба ин заҳмат ва навишти такрорӣ набуд.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

## СӮИСТИФОДА АЗ ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМӢ БА ХОТИРИ АҚИДАҲОИ ИРТИҶОӢ

Моҳҳост, ки дар атрофи китоби 39-саҳифаии "Ҷаҳонбинии оянда: Ҷаҳонбинии алтернативӣ" (Душанбе, 2013) баҳсҳои ғайриилмӣ ва бидуни риояи одоби инсонӣ идома доранд. Мо муаллифони китоб муддате ба баҳс ворид нашудем, чунки медонистем он ғаразнок буда, кашфу шинохти ҳақиқати илмӣ дар зери сояи ҳадафҳои муайяни сиёсӣ пинҳон ва фаромӯш гардидаанд. Аммо пайгирона ва пофишорона давом додани баҳс, таҳриф кардани муҳтавои китоб, сӯиистифода намудани ҳақиқати илмӣ ва дар маърази ом гузоштани масъалаи сирф илмӣ ва фалсафӣ моро маҷбур мекунад, ки дигар хомӯш нашинем. Барои ҳамин, дар мақолаи алоҳида назари худро ба навиштаҳои яке аз чеҳраҳои расонаҳои мазҳабӣ ва оммавии имрӯз (жёлтая пресса) – Меҳмоншоҳ Шарифзода баён кардам.

Ин маврид мехоҳам мавқеи худро ба матолиби чеҳраи дигари расонаҳои мазҳабии Тоҷикистон – Маҳмуд Тӯраҷонзода иброз намоям. Ин мақола ду ҳадаф дорад: 1) нишон додан, ки он тавре ки Маҳмуд Тӯраҷонзода фалсафаи Ғарбро тасаввур ва тафсир мекунад, дурусту дақиқ нест ва 2) мо ба ҳеч сурат ғарбгаро ва ғарбзада нестем, балки назари танқидӣ ҳам ба фарҳангу фалсафаи исломӣ ва ҳам ба фарҳангу фалсафаи Ғарб дорем. Шахсан худи ман назари танқидиамро дар матлаби дигар бо номи "Буҳрони фалсафаи Ғарб", ки дар ҳамин маҷмӯа ҷо ёфтааст, баён кардаам. Аммо назари танқидӣ ба маънои инкор кардан набуда, ба маънои бознигарӣ кардани арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ аст. "Ҷаҳонбинии оянда" ҳамин гуна бознигарии фарҳангию фалсафӣ ва ояндандигарии илмии башарият мебошад.

Маҳмуд Тӯраҷонзода дар мавриди китоби мо ду мақолаи калонҳаҷм бо номи "Роҳҳои худошиносӣ"[110] ва "Роҳи ҳисс роҳи харон аст ай аъёр..."[111] навиштааст. Он кас ё дониста ва ё надониста масъалаи Худоро дар маркази баҳс мегузорад.

---

[110] Нигаред: http://www.turajon.org/articles/576/28440/
[111] Нигаред: http://www.turajon.org/articles/576/29902/

Надониста аз он ки шояд китоби “Ҷаҳонбинии оянда”-ро пурра нахонда, аз 21 боби дигари он бехабар мондааст. Ва ё дониста аз он ки ҳолати мушавваши равонӣ (забони таҳқир ва таҳдиди мақолаҳо аз ин шаҳодат медиҳанд) он касро маҷбур кардааст, ки бо пофишорӣ кардан дар мавриди масъалаи Худо ва мункирони он мардумро ба шӯр андозад. Агар муаллиф ба вуҷуд ва қудрати Худо бовар дошта бошад, пас, ҳеч зарурате нест, ки ин қадар бонги хатар занад ва мухолифони худро таҳқиру таҳдид намояд. Шахсан ба назари ман, доираҳои муайян мехоҳанд масъалаи инкори Худоро аз тарафи чанд нафар баҳона карда, мардумро ба шӯру қиём хезонанд ва ба ин восита ҳадафҳои сиёсии худро амалӣ созанд.

Дар ҳақиқат, китоби “Ҷаҳонбинии оянда” як роҳнамои сода ва фаҳмо барои мардуми одӣ аст. Ба хотири он аст, ки ҳар кас онро хонда фаҳмида тавонад. Аммо ин маънои онро надорад, ки “заҳмати фикрии 20-сола, китобчае дар ҳаҷми 39 саҳифа ... нусхаи тоза ва содае аз ҷаҳонбинии материалистии асри гузашта аст, ки имруз гуё дубора аз қабристони таърих қад алам кардааст”, - чунон ки Маҳмуд Тураҷонзода образнок тасвир мекунад.[112] Ҳар кас дар доираи ҷаҳонбинии худ образҳоро тасаввур мекунад. “Қабристон” ва “қад алам кардан” аз ҷумлаи образҳое мебошанд, ки ағлабан дар бораи ҷаҳонбинии динӣ маълумот медиҳанд, на ҷаҳонбинии илмӣ. Агар ҷаҳонбинии материалистӣ дар тули 20 сол аз байн рафта бошад, магар ба дини ислом баъди 1400 сол чи рух медиҳад? Бо “Ҷаҳонбинии оянда” метавон фақат ва фақат бо истилоҳот, категорияҳо ва образҳои дақиқи илмӣ баҳс кард. Ин ҷо чанд нуктаи баҳсро баён мекунем, то нишон диҳем, мо бо чи асосе “Ҷаҳонбинии оянда”-ро устувор намудаем.

Нахуст ба арзёбии он матлабе мепардозем, ки Маҳмуд Тӯраҷонзода, махсусан дар мақолаи охираш, дар мавриди фалсафаи Ғарб ва ғарбгароии мо муфассал изҳори назар мекунад. Муаллифи мақола ба хонанда чунин вонамуд мекунад, ки дар асри 20 гӯё фақат ягона мактаби фалсафии материализм ва атеизм вуҷуд дошт ва он дар асри 21 дигар тарафдор надорад.

---

[112] Нигаред: http://www.turajon.org/articles/576/29902/

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Дар асл, дар “асри гузашта” фақат як мактаби фалсафии материалистӣ набуд. Балки даҳҳо мактабҳо буданд, ки дар муқобили теология (худошиносӣ) қарор доштанд. Бузургтарин мактабҳои фалсафии замони муосир ратсионализм (Декарт, Спиноза, Лейбнитс), эмпиризм (Бэкон, Локк, Ҳюм), маорифпарварӣ (Волтер, Дидро), позитивизм (Комт, Рассел, Поппер), феноменология (Ҳуссерл, Ҳайдеггер, Шутс), герменевтика (Гадамер), экзистенсиализм (Киркагор, Сартр), фалсафаи ҳаёт (Шопенҳавер, Нитше) ва ғайра мебошанд.

Материализм на мактаби фалсафӣ, балки биниши фалсафӣ аст, ки ба модда моҳияти субстансионалӣ (ҷавҳарӣ, ибтидоӣ ва сабабӣ) мебахшад. Он дар Юнони Бостон ва ҳатто пештар аз он дар боварҳои мардумони ҳиндӣ, эронӣ, бобулӣ ва мисрӣ пайдо шуда, ҳазорсолаҳост, ки вуҷуд дорад. Ба монанди идеализм, намудҳои гуногуни материализм низ вуҷуд доранд, ки ба принсипҳои гуногуни маърифат такя мекунанд.

Ҳеҷ кадоме аз мактабҳои фалсафӣ, аз он ҷумла таълимоти материалистӣ ба “ҳис” маҳдуд намешавад, чунон ки М. Тӯраҷонзода иддао мекунад. Ҳисгароӣ марбут ба мактаби фалсафии эмпиризм (таҷрибагароӣ) мебошад, ки дар асри 17 дар байни донишмандони британиягӣ ба вуҷуд омадааст. Онҳо чун ратсионалистон ва маорифпарварон, дар сарօғози пешрафти илму техника меистанд. Бертранд Рассел (1872-1970) ва Энтони Гидденс (тав. 1938) дуруст таъкид мекунанд, ки ба ҳам омадани муҳимтарин унсурҳои эмпиризм, ратсионализм ва маорифпарварӣ дар асри 19 позитивизмро ба вуҷуд овард. Дар асри 20 бошад, позитивизм чун мактаби асосии ҷаҳони модерн ба равияҳои фалсафии постмодернизм таҳаввул ёфт. Дар даврони постмодернизм, ки аз солҳои 1960-ум оғоз мешавад, даҳҳо мактаби фалсафӣ ва илмӣ ба миён омадаанд. Имрӯз мактабҳои фалсафӣ бештар ҷанбаи эпистемологӣ (ҳақиқатшиносӣ), методологӣ (равишшиносӣ), антропологӣ (инсоншиносӣ), сотсиологӣ (ҷомеашиносӣ) ва психологӣ (равоншиносӣ) доранд. Аз ҷумлаи ин мактабҳо психоанализ (Зигмунд Фрейд, Карл Густав Юнг, Алфред Адлер), ҷомеашиносии таърих (Вилям Макнейл, Чарлз Тилли), ҷомеашиносии фаҳмиш (Макс Вебер), ҷомеашиносии дониш (Карл Манҳайм, Алфред Шутс), интераксионизми символикӣ (Ҷорҷ Мид), инсоншиносии

фарҳангӣ (Бронислав Малиновски, Макс Глукман, Фредрик Барт, Виктор Турнер) инсоншиносии символикӣ (Клиффорд Геертс, Энтони Коҳен), таҳлили дискурсивӣ (Мишел Фуко), методи деконструксия (Деррида) ва ғайра ба шумор меравaнд. Ҳеч кадоме аз ин мактабҳои илмию фалсафӣ теологӣ нест, балки моҳияти иҷтимоӣ, антропологӣ ва психологии мафҳуму падидаҳои табиӣ ва фаротабииро аз назари илмӣ баррасӣ мекунанд. Дар бисёри мавридҳо онҳо ба хулосаи ба истилоҳ "атеистӣ" мерасанд. Дар асри 21 маҳз ҳамин мактабҳо мавриди эътибор ва таваҷҷуҳи олимону донишмандон қарор гирифтаанд, на теология ва дигар "улум"-и асримиёнагӣ.

Мушкилии тафсири Маҳмуд Тӯраҷонзода чун дигар илоҳиён аз он иборат аст, ки илми ғайридиниро маҳдуд ба сенсуализм (ҳисгароӣ) мекунад, ҳатто ба доираи баҳси маърифатшиносии эмпиризм (таҷрибагароӣ), ратсионализм (ақлгароӣ), материализми диалектикӣ ва монанди ин мактабҳои модернистии фалсафа наздик намешавад. Сенсуализм кайҳо дар байни файласуфон, ҳатто аз тарафи худи эмпирикҳо (таҷрибагароҳо)-и британиягӣ дар асри 18 (Девид Ҳюм – 1711 - 1776) нақд ёфта буд. Гузашта аз ин, дар фалсафа сенсуализм таълимоти ахлоқӣ аст, на маърифатшиносӣ. Мактабҳои ратсионализми Декарт ва идеализми Кант ақлро ба узвҳои ҳис маҳдуд намекунанд. Балки ҳадс (интуитсия)-ро дар ҷараёни маърифат муҳим меҳисобанд. Методологияи диалектикаи Ҳегел ва минбаъд Маркс узвҳои ҳисро зинаи муҳим, вале ибтидоии маърифати ҳақиқат медонанд. Вуҷудгароӣ, ки яке аз мактабҳои муҳими фалсафа ва ҳунар дар асри 20-и Аврупо ба шумор меравад, таҷрибаҳои вуҷудӣ, аз қабили иродаи қудрат ва озодӣ, таҷрибаи фоҷиа, эҳсоси хатар, абсурд ва ҳузнро муҳимтар аз ақл ва ҳис мегузорад. Аниқтараш, ин мактаб ақлу ҳисро инкор намекунад, вале таҷрибаҳои вуҷудиро дар маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ якумдараҷа мешуморад. Аз ин рӯ, ҳамаи мактабҳо ва равияҳои фалсафии муосир дигар ба сенсуализм маҳдуд нестанд. Ин афсонае мебошад, ки нохондаҳо бофтаанд ва илму фалсафаи муосирро ба ҳамин гуна содалавҳӣ тасаввур мекунанд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Тақсимот дар байни ақлу ҳис ва маъқулоту маҳсусот, ки Маҳмуд Тӯраҷонзода дар назар дорад, баҳси асримиёнагии машшоия, калом ва тасаввуфи исломӣ мебошад. Ин тақсимоти ғайриилмӣ асосан аз таълимоти Пифагор (570 - 495 то мелод), Афлотун (427 - 347 то мелод) ва дигар файласуфони юнонӣ сарчашма мегирад. Тақсимоти мазкур иштибоҳи бузурге буд, ки онро таҷрибагароҳо рафъ карданд ва заминаи илми муосирро гузоштанд. Кори дигареро барои фалсафаи муосир Декарт ва махсусан, намояндагони мактабҳои эмпиризм, фалсафаи ҳаёт ва экзистенсиализм карданд, ки назарияи субстансионализмро маҳдуд ва қисман рад карданд. Декарт бо берун кардани масъалаи моҳият ва ба истилоҳи Тураҷонзода "зоти ақдас"-и Худо аз доираи баҳси фалсафа теологияро аз рӯйхати илмҳои фалсафӣ берун кард. Дар эпистемология (ҳақиқатшиносӣ)-и эмпирикӣ, ки як бахши муҳими фалсафаи муосир мебошад, принсипи субстансионализм дар шинохти ҳақиқат дигар истифода намешавад.

Ҳанӯз дар асри 18 Девид Ҳюм (David Hume, A. Treatise of Human Nature) пешниҳод карда буд, ки фалсафаро аз тарзи биниши анъанавии субстансия (ҷавҳар; suīstance) берун орем, яъне ҷустуҷӯи сарчашмаи ягонаи моҳияти чизҳо (ба монанди Худо)-ро як сӯ гузорем. Ӯ пешниҳод мекунад, ки идеяи субстансияро иборат аз таассуроти рефлексия (impression of reflexion) донем. Ва ин таассурот ба хоҳишҳо ва эҳсосот (passions and emotions)-и мо марбут аст. Ҳеч кадоме аз хоҳишҳо ва эҳсосоти мо ҳеч гуна субстансияеро ба маънои анъанавӣ (метафизикӣ ва теологӣ) таҷассум намекунад. Балки "ҳама гуна идеяҳои умумӣ ва куллӣ ба ҷуз идеяҳои мушаххас ва ҷузъие беш нестанд" ("all general ideas are nothing īut particular ones…") (footnote 4). Аз ин рӯ, субстансияро берун аз хоҳишҳо ва эҳсосот ҷустан нодуруст аст - мегӯяд Ҳюм. Субстансия ин маҷмӯи идеяҳои содаи мо аст, ки дар тасаввур (imagination)-и мо инъикос ёфтаанд ва ҳар як тасаввур номи худро дорад, ки ба воситаи ин номҳо субстансияро дар хотир мегирем (Section IV. Of modes and suīstances).

Яъне тақсимот ва фарқият дар байни ҷавҳар ва араз, билқувва ва билфеъл, воҷибулвуҷуд ва мумкинулвуҷуд, ноумен ва феномен, неруҳои ботинӣ ва неруҳои зоҳирӣ ва билохира, рӯҳ ва ҷисм дигар мавриди баҳс нестанд. Фалсафа ва илми муосир чизҳо ва

падидаҳоро аз рӯи ин категорияҳо тақсимбандӣ намекунанд. Чизе ва ё падидае вуҷуд надорад, ки ба воситаи ҳис, неруҳои зоҳирӣ, ҳавоси панҷгона ва олоти шинохти сатҳӣ шинохта шавад ва ба воситаи афзори ақлӣ маърифатнопазир бошад. Ва ё баръакс, чизе ва падидае вуҷуд надорад, ки ба воситаи ақл шинохтпазир бошад ва барои афзори ҳиссӣ дастнорас бошад. Балки ҳамаи чизҳо ва падидаҳо ҳам бо ҳис ва ҳам бо ақл дар марҳилаҳо ва сатҳҳои гуногун шинохта мешаванд. Тарозу, таҷҳизоти ченкунии масофа, суръат, самти ҳаракат, фишор, сенсорҳо, рентген, калкулятор, сейсмограф, микроскоп, телескоп ва ғайра афзорҳои ҳиссӣ мебошанд. Яъне ба воситаи онҳо мо метавонем чизҳо ва ҷараёну падидаҳоро бубинем (бо чашм), шунавем (бо гӯш), ҳатто агар бо дигар узвҳои бадан ҳис накунем ҳам. Маҳз дар асоси ҳамин мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо ва бо роҳи муқоиса ва таҳлили онҳо ба хулосаҳои ақлӣ мерасем. Ақл фаъолияти минбаъдаи шинохти ҳамон чизҳо ва падидаҳо мебошад, ки пештар ва ё ҳанӯз ҳам мавриди идроки ҳиссӣ қарор дорад. Яъне объекти ҳиссӣ аз объекти ақлӣ фарқ надорад. Аз ин рӯ, ҷудо кардани чизҳо ва падидаҳо ба маҳсусот ва маъқулот нодуруст аст, балки он яке аз методҳои маърифатшиносии фалсафаи Юнони Бостон буда, ба машшоия ва каломи исломӣ гузаштааст. Он чизҳо ва падидаҳое, ки гӯё фақат чун маъқулот вуҷуд доранд, вале ҳисшаванда нестанд ва ба воситаи афзорҳои хос низ мушоҳида намешаванд, аслан воқеият надоранд.

Принсипи дигаре, ки дар фалсафаи муосир мавриди накди ҷиддӣ қарор гирифтааст, принсипи сабабият мебошад. Боз ҳам бояд таъкид кард, ки машшоия ва каломи исломӣ ин категорияро аз фалсафаи Юнони Бостон ба вом гирифтаанд. Рассел дар мантиқи аналитикӣ дар байни сабабияти хаттӣ (сабаб-натиҷа; агар А пас В) ва сабабияти ғайрихаттӣ фарқ мегузорад. Минбаъд, Юрген Ҳабермас дар китоби худ бо номи "Мантиқи нави илмҳои иҷтимоӣ" сабабияти илмҳои табиӣ ва дақиқро аз сабабияти илмҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ ҷудо мекунад. Одатан сабабияти олами табиӣ – хаттӣ (linear; линейный) ва сабабияти ҷомеаи инсонӣ ғайрихаттӣ (nonlinear; нелинейный) мебошад. Қонунҳои табиат ва кайҳон детерминистӣ (аз пеш муайян), вале қонунҳои

рафтори инсонӣ ва системаи иҷтимоӣ ғайридетерминистӣ, яъне аз пеш номуайян ва пешгӯинопазир ҳастанд. Дар асоси ҳамин биниш дар асри 20 Ҳерберт Маркузе, намояндаи Мактаби Франкфурт, консепсияи “инсони якмаръа” (one-dimensional man)-ро пешниҳод кард. Карл Манҳайм, Алфред Шутс, Петер Бергер ва Томас Лукманн мактаби ҷомеашиносии донишро асос гузоштанд. Назарияҳои постмодернистӣ ба чунин натиҷа расиданд, ки дар таърих, ҷомеа ва ботини инсонӣ на ҳақиқати ягона, балки маҷмӯи ҳақиқатҳо вуҷуд доранд, ки дар айни замон вобаста ба замону макон тағйир меёбанд.

“Ҷаҳонбинии оянда”, ки методологияи “бехатарии вуҷудӣ”-ро пешниҳод мекунад, қисман, вале на ҳамеша, ба ин таълимот розӣ мешавад. Дуруст аст, ки инкишофи таърихӣ, системаи иҷтимоӣ ва рафтори инсонӣ детерминистӣ нестанд. Дар айни замон, ҳақиқати ягонаи онтологӣ ва гносеологӣ вуҷуд надорад. Яъне қонунҳои эволютсионии табиат ва Кайҳон фақат дар доираи маҳдуд ба инкишофи таърихӣ, системаи иҷтимоӣ ва рафтори инсонӣ таъсир гузошта метавонанд. Ин қонунҳо фақат дар сурати пассив будани инсон таъсиргузоранд. Аммо чун инсон аз ақл кор гирад, таъсири онҳо маҳдуд ва дуюмдараҷа мегарданд. Тибқи методологияи “бехатарии вуҷудӣ”, инсоне, ки аз ақл (илму фалсафа) кор мегирад, пеш аз ҳама, эҳсоси хатар мекунад. Яъне ба хулоса мерасад, ки сабабияте, ки дар табиат ва Кайҳон вуҷуд дорад, мавҷудияти бардавоми ӯро кафолат намедиҳад. Баръакс, инсоне, ки тасаввуроти хурофотӣ ва ғайриилмӣ дорад, бовар дорад, ки дар олам “зоти ақдасе” вуҷуд дорад, ки “дастгоҳи муназзам (яъне: олами дорои назм ва низом) биофаринад, ва созмони ҳакимона ба вуҷуд оварад”.[113] Бигузор, ҳастии инсон ва ҷаҳон далели вуҷуди сонеъ (Офаридгор) бошад. Аммо чаро онҳо комил нестанд? Дар асл, ҳам тасаввурот дар бораи “инсони комил” ва ҳам эътиқод дар бораи “олами дорои назм ва низом” – ҳар ду хурофот ҳастанд. Агар табиат ва Кайҳон муназзам ва ҳакимона бошанд, пас, чаро офатҳои табиӣ вуҷуд доранд, ки 70 ҳазор одамро дар як сол мекушанд? Чаро дар сайёраи мо ҳар рӯз 21 ҳазор кӯдак аз гуруснагӣ, беморӣ ва ҷанг мемиранд? Зиндагӣ дар баҳор зебо аст, аммо чаро табиат тирамоҳу зимистон дорад?

[113] Нигаред: http://www.turajon.org/articles/576/29902/

Чаро инсоне, ки зистан мехоҳад, оқибат бо Марг дастбагиребон мешавад? Чаро дар Кайҳон сияҳчолу астероидҳо вуҷуд доранд, ки ҳаракати онҳо барои системаҳои зиндагӣ, аз қабили сайёраи Замин хатарнок аст?

Аз ин рӯ, мо – тарафдорони “Ҷаҳонбинии оянда” дар мавриди ҳастӣ на материалистем ва на идеалист. Балки ба *дуализми эронӣ* (на картезианӣ) такя мекунем, ки он ду ҷанба доштани ҳастӣ ва ҳақиқатро қабул дорад: 1) ҳастие, ки маърифатпазир аст, вале маърифаткунанда нест ва 2) ҳастие, ки маърифаткунанда аст ва дар айни ҳол маърифатшаванда низ ҳаст. Ин ҷаҳонбинӣ Инсонро чун маърифаткунанда дар муқобили ҷаҳони ғайриинсонӣ мегузорад, ки Инсон онро маърифат ва кашф мекунад. Инсон дар раванди маърифат ҳам мавҷудоти материалӣ ва ҳам мавҷудоти идеалиро кашфу эҷод карда, ба тарзи худ месозад. Худо ва дигар идеяҳои динӣ низ аз ҷумлаи объектҳои маърифати идеалии Инсон мебошанд. То ин ҳудуд дуализми эронӣ ба дуализми картезианӣ (Декарт) шабоҳат дорад.

Аммо ҷанбаи дигари маърифат дуализми эрониро ба дуализми картезианӣ (аврупоӣ) муқобил мегузорад: Тибқи дуализми картезианӣ маърифат хосияти таркибии Субъект мебошад, ки ба Хирад (Разум) бунёд ёфтааст. Мафҳумҳои ақлонӣ (ратсионалӣ) инсонро ба Субъект табдил дода, дар муқобили Объект мегузоранд. Дар ҳамин замина фалсафа ва тамаддуни Аврупои нав гузошта шудааст, ки бешубҳа ба Объект (инсони дигар, табиат ва Кайҳон) назари ратсионалӣ, яъне хунсардона ва бепарвоёна дорад. Инсони ратсионалист итминон дорад, ки як қувваи фароинсоние (Худо дар назари Декарт, иродаи ҳаёт дар назари Шопенҳавер, иродаи қудрат дар назари Нитше, прогресс дар назари Комт, Рӯҳи мутлақ дар назари Ҳегел ва инкишофи таърихӣ дар назари Маркс) вуҷуд дорад, ки ҷаҳонро оқилона идора мекунад. Дар натиҷа, инсони Аврупои нав дигар дар нисбати кирдораш масъул нест, балки ихтиёри худро пурра ба ин қувваи фароинсонӣ супурдааст. Ин гуна тафсири олам аз Декарт шурӯъ мешавад, ки он низ дар навбати худ аз теологияи масеҳӣ илҳом мегирад. Маҳз ҳамин гуна биниши теологӣ боис

гардидааст, ки имрӯз тамоми ҷаҳон дар бuҳрони маънавӣ ва моддӣ гирифтор шавад.

Бо назардошти чунин мушкилӣ, дуализми эроние, ки мо ба он такя мекунем ва дар айни замон онро такмил медиҳем, *масъулияти инсони маърифаткунанда (Субъект)-ро дар рӯёрӯи Объект, яъне ҷаҳони маърифатшаванда* якумдараҷа меҳисобад. Ба ин хотир, мо методологияи “бехатарии вуҷудӣ”-ро пешниҳод кардаем. Тибқи ин биниш, инсон ҳамчун Субъект ба Худ ва ба ҷаҳони атроф бо эҳсоси хатар ва фоҷиа менигарад. Бо инсонҳои дигар, новобаста ба тааллуқияти қавмӣ, миллӣ, забонӣ ва нажодиашон чун ҳамдард менигарад. Ҳамаи онҳо мирандаанд ва аз ин рӯ, мушкилоти онҳо, бо фарқиятҳои нисбӣ, аксаран монанд ҳастанд. Бинобар ин, кӯшиш мекунанд дар муттаҳидӣ ин мушкилиро ҳал кунанд. Дину маънавиётро ба ҳамин хотир сохтаанд. Образи Худоро низ. Ба табиат ва Кайҳон низ аз нуқтаи назари ҳамин мушкилӣ менигаранд. Танҳо бо қувваҳои табиие даргир ҳастанд, ки боиси маҳрумият, беморӣ, марг ва ҳамин гуна мушкилоту хатарҳои вуҷудӣ барои онҳо мебошанд. Аммо шароит ва қувваҳои табиӣ, кайҳонӣ ва иҷтимоиеро, ки боиси ҳифзи зиндагӣ мешаванд, нигоҳ медоранд ва такмил медиҳанд. Чунончи, тоза нигоҳ доштани обу ҳаво, хок, иваз кардани манбаъҳои зараровари энергия, аз он ҷумла оксиди карбон (CO2), масъулияти ҳатмии Инсон дониста мешавад.

Аз ҳамин ҷо назарияи маърифати мо бармеояд, ки низ дуалистӣ мебошад, яъне 1) шинохти табиат ба тариқи эмпирикӣ (таҷрибӣ) даст медиҳад ва 2) шинохти Инсон ва ҷомеаи инсонӣ аз роҳи вуҷудгароӣ (экзистенсиалистӣ) имконпазир аст. Мо табиат, Кайҳон ва падидаҳои (чизҳову ҳодисаҳои) онҳоро танҳо аз роҳи эмпирикӣ дуруст шинохта метавонем. Чунон ки қайд кардем, шинохти эмпирикӣ сенсуализми ноб (маҳдуд ба панҷ узви ҳис) нест. Он 5 узви ҳисро танҳо чун мабдаъҳои ибтидоӣ қабул дорад, на зиёда аз ин. Ҳанӯз дар асри 17 асосгузорони ин мактаби маърифатшиносӣ, махсусан Девид Ҳюм (Юм), ба натиҷа расида буданд, ки узвҳои ҳис на дар ҳама маврид дар бораи ҳақиқат маълумоти дуруст медиҳанд, гарчанде хулосаҳои мураккаби ақлӣ ва абстрактиро иборат аз таҷрибаҳои содаи ҳиссӣ медонистанд (A Treatise of Human Nature – Рисола дар бораи табиати инсон).

Таҷрибагароҳо аллакай пеш аз дигарон гуфта буданд, ки “маҳсус набудан ва дида нашудан маънои мавҷуд набуданро надорад”, он чи Маҳмуд Тӯраҷонзода чун далел бар зидди “материалистон” истифода мебарад. Марҳилаи дуюм ва асосии шинохти эмпирикӣ *таҷриба* дар шаклҳои гуногуни он мебошад. Асосан чор шакли таҷриба вуҷуд дорад: 1) Муқоиса, ки иборат аз маҷмӯи таҷрибаҳои таърихӣ мебошад, ки ба хулосаи ягонаи ақлӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, дар эмпиризм Ақл унсури таркибии таҷриба дониста мешавад, на қудрати фароинсоние, ки Декарт ва ё илоҳиён дар назар доштанд. 2) Мушоҳида, ки бо роҳи санҷиши бисёркаратаи падида бо истифода аз узвҳои ҳис ва методҳои таҳқиқоти экспериментали сурат мегирад. 3) Дар илмҳои имрӯза эксперимент низ ба самти алоҳидаи шинохти эмпирикӣ табдил ёфтааст. Истифодаи шароити муайяни табиӣ ва техникӣ (масалан, лаборатория) аз ҷумлаи чунин тарзи шинохти эмпирикӣ мебошад. 4) Дар асри 20 Поппер, ки аз ҷумлаи неопозитивистон ба шумор меравад, методи Фалсификатсионизмро пешниҳод кард, ки тибқи он ҳақиқатро танҳо дар натиҷаи санҷиши бисёркаратаи як ҳодиса ва аз он қонунмандиҳоро аз тасодуфҳо ҷудо кардан ба даст меояд. Дар ин робита, сабабу натиҷа, қонуну тасодуф ва монанди инҳо категорияҳои таҷриба мебошанд, на олами ҳастӣ, чунон ки ратсионалистон, позитивистҳо ва материалистони диалектикӣ мегуморанд. Ҳамин гуна, эмпиризм ягон сабаб ва ё қонунмандии априориеро пешниҳод намекунад, чунон ки Декарт, Кант ва ё Комт мекарданд. Аммо дарёфти сабабу қонунмандӣ яке аз вазифаҳои марказии эмпиризм ба шумор меравад. Мо ба ин методи таҳқиқотии олами объективӣ (падидаҳое, ки новобаста аз Субъект вуҷуд доранд) такя мекунем ва бовар дорем. Бовар дорем, ки дар табиат ва Кайҳон ягон қонунмандие вуҷуд надорад, ки ғайритабиӣ ва ё фаротабиӣ бошад. Ва чунин ҳақиқат аз боварии мо ҳам вобаста нест. Аз он ҷумла нопадид шудани Йoeing 777-200er рейси 370-и Малайзия низ ҳеҷ гуна ҳодисаи фаротабиӣ нест, чуноне ки Маҳмуд Тӯраҷонзода ҳадс мезанад.

4 июни соли 2014 ҷустуҷӯгарони Австралия забти аудиоии садои зериобиеро кашф ва ошкор карданд, ки далели лаҳзаҳои охири садамаи ҳавопаймо дар қаъри уқёнус аст. Бо сабаби тамом

шудани қувваи батареяҳои қутии сиёҳи ҳавопаймо алоқа бо он низ гусаста гардид. Аммо мутахассисони 28 давлат ба умеди ҳеҷ “қувваи ғайб” нашуда, ҳанӯз ҳам ҷустуҷӯро давом медиҳанд. 17 июни соли ҷорӣ олимони Ширкати моҳвораии Иммарсат ошкор карданд, ки ҳавопаймо дар қисмати ҷанубии уқёнуси Ҳинд, ки дар фосилаи андаке дуртар аз макони ҷустуҷӯи пештара воқеъ гардидааст, сукут кардааст.[114]

Бо суръати фавқулоддае, ки илми муосир пеш меравад, шояд баъди милёнҳо сол ҳам фақат як далели ночизе аз вуҷуд доштан ва ё надоштани Худо ва дигар қувваҳои ғайб ба мо маълум кунад. Аз сари адлу инсоф хоҳад буд, агар бипазирем, ки тасаввуроти мо ва гузаштагони мо дар мавриди Худо ба ягон истиноди илмӣ такя намекунад. Идеяи Худо аввалин маротиба дар байни мардумони ибтидоӣ ва нимаваҳшӣ падид омада, як гуна ниёзи ҳимоят ҷустан аз *хатарҳои вуҷудӣ,* аз қабили офатҳои табиӣ, ҳуҷуми ҳайвоноти ваҳшӣ, беморӣ, гуруснагӣ ва марг буд. Пайғамбарони динҳои мухталиф танҳо ҳазорҳо сол баъд ин идеяро ба қувваи мутлақи наҷоти инсон табдил додаанд. Аммо худи пайғамбарон ҳам қудрати ақлие надоштанд, ки дар бораи вуҷуди Худо бевосита маълумот пайдо кунанд. Он чи ваҳй гуфта мешавад, аз назари равоншиносии муосир иборат аз ҳолату бемориҳои равоние чун дилюзия, шизофрения ва галюсинатсия мебошанд. Шахси ба чунин бемориҳо гирифтор он чиро мебинад, мешунавад ва хоб мебинад, ки онро тасаввур мекунад ва ба он бовар дорад.

Ва агар Худо вуҷуд дошта бошад ҳам, иштирок ва саҳми он дар сохтани тақдири Инсон ночиз аст. Ва ё шояд тақдиреро барои Инсон тарҳрезӣ кардааст, ки барои инсон қобили қабул нест. Инсон дар ҳалқаи мушкилот, маҳрумиятҳо ва таҳдиду хатарҳое гирифтор аст, ки фақат худаш метавонад аз он берун ояд. Худое, ки будан ва ё набудани он ҳанӯз исбот нашудааст, Худое, ки дар ин гирудор иштироки фаъолона надорад, дар ин кор ба Инсон ҳеҷ гуна кӯмак ва мусоидат карда наметавонад.

Чун ин мулоҳизаҳои Инсон дар мавриди вазъияти худ, “тақдир”, “Худо” ва монанди ин масъалаҳо аз роҳи эмпиризм ҷавоб надоранд, бинобар ин, мо ба методологияи “бехатарии

---

[114]Нигаред: http://www.dailymail.co.uk/news/article-2659848/Most-likely-crash-site-missing-Malaysia-Airlines-flight-MH370-stretch-Indian-Ocean-searched.html#ixzz355CFqGJ9

вуҷудӣ” такя мекунем. Ба ин назар ҳастем, ки мушкилии асосии инсон *хатарҳои вуҷудӣ,* пеш аз ҳама, марг ва нестӣ мебошад. Ӯ бо чунин дарки вуҷудӣ (на эмпирикӣ, на ратсионалӣ ва на интиутивӣ) ба натиҷа мерасад, ки илмҳои эмпирикиро рушд диҳад, дар ҳоле ки дину Худо наметавонанд ниёзи ӯро бароварда созанд.

Маҳмуд Тӯраҷонзода дар мақолаи аввали худ - “Роҳҳои худошиносӣ”[115] далели вуҷуд доштани Худоро ба майли ботинии инсон ба худоҷӯӣ ва худошиносӣ марбут медонад. Дар мавриди майли ботинии инсон назарҳои гуногун вуҷуд доранд, ки баъзе аз онҳоро дар як китобе бо номи “Баҳси ҳастӣ ва нестӣ дар фалсафаи Ғарб. Методологияи бехатарии вуҷудӣ” баррасӣ кардаам. Сар карда аз Гераклиту Анаксагор, Афлотуну Эпикур ва Лукретсий дар Юнону Рими Бостон то Декарту Шопенҳавер, Нитше, Фёдоров, Ҳайдеггер, Фрейд, Юнг, Сартр ва Камю дар даврони нав масъалаи асосии баҳси фалсафиро ба нестӣ ва марг марбут медонанд. Аммо ин ба он маъно нест, ки бо баҳси нестӣ ва марг вуҷуди Худоро исбот кунанд. Дар баҳси фалсафии ҳастӣ ва нестӣ вуҷуди Худо масъала нест, чунки исботи ақлии он ғайриимкон аст. Бар замми ин, муҳимтарин файласуфон ва донишмандони муосири Ғарб, чун Шопенҳавер, Нитше, Фёдоров, Ҳайдеггер, Фрейд, Юнг, Сартр ва Камю, ба эҳёи пасазмаргии инсон бовар надоранд. Аммо гап сари он намеравад, ки онҳо назари бад ба дину диёнат дошта бошанд. Ин масъала нест. Дар ҳақиқат, Инсон, дар ҳолате ки *хатарҳои вуҷудӣ,* чун офатҳои табиӣ (сел, заминларза, тӯфон), фалокатҳои иҷтимоӣ ва техногенӣ (садамаи мошину ҳавопаймо, истгоҳи энергияи атомӣ), бемориҳои табобатнашаванда, ба ӯ домангир мешавад, ноумед мешавад. Ноумед шудан ва ба Худо рӯ овардани авом ба хотири ҳифзи зиндагии заминӣ дар чунин ҳолатҳои хатар аст. Аз назари равоншиносӣ “дарки виҷдонӣ”-и инсони ба хатар рӯбарӯшуда ва ҳадафи охири ӯ дар ин лаҳза ҳифзи зиндагӣ аст, на Худо ва ё охират. Вагарна чаро дар дигар ҳолатҳои осоиш аксарияти мардум дар фикри Худо ва охират нестанд?!

---

[115] Нигаред: http://www.turajon.org/articles/576/28440/

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Равоншиносии муосир на як роҳ, балки ду роҳи ангезаи хатарро дар ботини одамон мушоҳида мекунад: 1) ангезаи пассивона, ки инсони дар тӯфони баҳр монда ба ёди нохудои киштӣ ва ё Худои осмон нишаста, гиряву зорӣ мекунад ва 2) ангезаи фаъолона, ки Инсон дар рафъи хатар иштирок мекунад. Дар лаҳзаи иштирок барои рафъ кардани хатар инсон ба ёди ҳеч касе, аз он ҷумла нохудо ва Худо нест. Ӯ фурсати чунин беихтиёрӣ ҳам надорад. Дар ҳолате ки инсони фаъол наметавонад фоҷеаи ба сараш омадаро рафъ кунад, бо Худо исён мекунад, чуноне ки Лукретсий, Фирдавсӣ, Хайём, Носири Хусрав, Нитше ва Камю мекунанд. Яъне ангеза (реаксия)-и инсони фаъол дар ҳолати хатар маънои исботи вуҷуди Худоро надорад. Фақат инсонҳое, ки ангезаи пассив доранд, маҷбур мешаванд, ба Худо такя кунанд, ки он низ дар оқибат ба кумаки онҳо намешитобад. Магар хомӯш нишастани Худо нишонаи вуҷуди он ҳаст?! Магар ноумедии инсони беҷаҳд исботи вуҷуди Худост?! Ангезаи пассивонаи тамаддунҳои динӣ, аз он ҷумла буддоӣ, масеҳӣ ва исломро ба вуҷуд овардааст, дар ҳоле ки тамаддуни имрӯзаи аврупоӣ бо ҳама он дастовардҳои илмӣ ва технологиаш маҳсули ангезаи фаъолонаи “инсонҳои исёнгар” (Албер Камю) аст. Тамаддунҳое, ки аз ангезаи пассивона сарчашма мегиранд, ба қудрати заминӣ ва ақлии Инсон бовар надоранд ва аз ин рӯ, дар тӯли ҳазорсолаҳо ягон афзореро насохтаанд, ки офатҳои табиӣ ва мушкилоти иҷтимоии одамонро осон кунанд. Ангезаи фаъол дар Япония илми муҳандисиеро ба вуҷуд овардааст, ки хонаҳоро дар 9 дараҷаи Рихтер нигоҳ медорад, аммо пояҳои зиндагии мусалмонони ноумед тавони 4-5 дараҷаи заминҷунбиро надоранд. Ангезаи пассивонаи мардуми мусалмон онҳоро бештар аз пештар дар қаъри ҷабру таваккал ва тақдиру насиб андохтааст. Инсони фаъол ба қудрати илму амали худ эътимод дорад ва ҳеч гоҳ дар ғафлат намешинад. Аммо таззод он аст, ки инсони пассив фақат дар ҳолати хатару мусибат ба ёди Худо меафтад ва дар дигар ҳолат на фақат онро фаромӯш мекунад, балки ҳатто ба корҳои хилофи “фармудаи Худо” даст мезанад. Аз ин рӯ, инсони пассив дар ҳолати осудагӣ ва беғамию бедардӣ худ як хатари ахлоқию иҷтимоӣ барои мардуми худ ва барои тамоми башарият аст. Чаро ки дар ин ҳолат на ба қудрату имконияти худ бовар дорад ва на ба “фармудаи Худо” итоат мекунад. Инсони пассив дар ҳолати

осудагӣ аз хатар мисли оби ором гандида ва фасод мешавад. Он чи Маҳмуд Тӯраҷонзода аз сураи Юнус (ояти 12) мисол меорад, ба ҳамин гурӯҳи одамон, яъне диндорони қаторӣ дахл дорад.

Барои моҳияти инсонро дар ҳолати хатар санҷидан ривоятҳои динӣ, масалан дар мавриди Фиръавн ва дигарон, ки аз он ҷумла Мавлавӣ дар "Маснавӣ" - аш нақл мекунад, кофӣ нестанд, чунки онҳоро худи рӯҳониён ба манфиатҳои худ мутобиқ кардаанд. Мо бояд ба таҷрибаҳои вуҷудии онҳое низ таваҷҷуҳ кунем, ки дар рафти санҷидани иродаи худ дар хатар чи эҳсосоте доштаанд. Онҳо худро ба хатар гузошта барои инсоният хизмат кардаанд. Бародарон Вилбур (1867 - 1912) ва Орвилле Райт (1871 - 1948) барои сохтани аввалин ҳавопаймо шахсан хатарҳои зиёдеро таҷриба кардаанд.[116] Чарлз Линдберг (1902 - 1974) барои пайвастани роҳи байниатлантикӣ дар 20-солагӣ дар давоми 22 соату 21 дақиқа 5800 км масофаро аз Ню-Йорк ба Париж паймуд.[117] Мери Кюри бо моддаҳои радиоактивӣ кор карда, радиоизотопҳоро кашф кардааст. Бе чунин озмоиши хатар дар вуҷуди худ мо имрӯз наметавонистем, муолиҷаи радиатсионии саратонро ба роҳ монем.[118] Дар таърихи инсоният ин гуна мисолҳо бешуморанд.

Дар ҳақиқат, ҳамаи мо бояд дар мавриди "180 дараҷа тағйири равиш" хурдани на фақат "мансабдорони коммунист ва коммунистмаоб", балки инчунин худи рӯҳониён ва мардуми авом андеша ва мулоҳиза кунем. Дар ин маврид маҳкум ва такфир кардан осон, вале аз назари равоншиносӣ шинохтани вазъияти ин гуна одамон кори фарзонагону донишмандон аст. Аз назари илми равоншиносӣ "имони фитрӣ ва майлу ҷозибаи руҳӣ – равонӣ" сабаби тағйири ақида ва мавқеъ кардани одамон аз куфр ба дин ва аз дин ба куфр нест. Балки дақиқтараш эҳсоси хатари онҳо аст, ки ба сабаби афзоиши хатару номуайянӣ дар ҳаёти рӯзонаи мардуми авом пас аз пошхӯрии Шӯравӣ боиси "180 дараҷа тағйири равиш"

---

[116] Нигаред: http://www.nasa.gov/audience/foreducators/k-4/features/F_Wright_Brothers_Story.html

[117] Нигаред: http://en.wikipedia.org/wiki/Charles_Lindbergh

[118] Нигаред: http://www.telegraph.co.uk/science/6308978/Taking-risks-in-the-name-of-scientific-research.html

кардани онҳо гардид. Дар ҷомеаи пешрафтае чун Олмон аксарияти мардум то синни 70-солагӣ дар бораи дину имон андеша намекунанд, вале чун ба марг наздик мешаванд, аксаран диндор мешаванд ва ба калисо рӯ меоранд. Ин воқеиятро Маҳмуд Тӯраҷонзода чун “имони фитрӣ ва майлу ҷозибаи руҳӣ-равонӣ” маънидод мекунад, ки гӯё дар ботини ҳар нафар Инсон нуҳуфтааст. Аммо саволе пайдо мешавад, ки чаро ин майл танҳо дар айёми пирӣ дар мисоли олмониҳо ва дар вазъияти хатару номуайяниҳои рӯзгор дар мисоли ҷомеаҳои пасошӯравӣ падидор мегардад? Ҷавоби равоншиносӣ ба ин масъала он аст, ки Инсон чунин майлу ҷозибаи фитрӣ надорад. Балки ангезандаи асосии ӯ эҳсоси хатар аз маргу нестӣ мебошад.

Аз ҳамин нуқтаи назар, ки дар *методологияи бехатарии вуҷудӣ* муфассал баррасӣ гардидааст, “решаи пайдоиши эътиқод ба Худо ва Худопарастӣ дар таърихи башар ... тарсу ҳароси Инсон” дар муқобили маргу нестӣ аст. Агар ба фарз илму технология он гуна пеш равад, ки мушкилии марги ҷисмонии инсонро ҳал кунад, яъне агар Инсон дигар намирад ва агар хатарҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва кайҳониро пешгирӣ ва идорапазир созад, онгоҳ Инсон дигар ба вуҷуди Худо, ки ба он аз хатарҳо паноҳ мебарад, ниёз пайдо намекунад. Ҳамчунин, барои мо ошкор аст, ки дониши улуми табиӣ ба худии худ наметавонад инсонро аз диндорӣ раҳо кунад. Ин аст фарқи асосӣ дар байни атеизми “Ҷаҳонбинии оянда” ва атеизми ҷанговари Шӯравӣ. Ба ин маъно, мо дарк мекунем, ки ҷаҳонбинии мо дар бораи сабаби пайдоишу пойдории худопарастӣ ва имкони суст шудани диндории Инсон аз ҷаҳонбинии коммунистӣ фарқ мекунад. Таълимоти марксистӣ на фақат вуҷуди Худо, балки ҳастии фарди инсониро низ рад мекунад. Инсон ҳезуми инқилоби коммунистӣ аст - мегӯянд Маркс ва Энгелс дар рисолаи худ дар бораи Фейербах. Аммо мо мегӯем, ки ҳама арзишҳо ва падидаҳо ба хотири Инсон вуҷуд доранд ва бояд дар хизмати Инсон бошанд. Аз ин рӯ, дар ҳеҷ сурат мо атеизми ҷанговарро тарғиб накардаем, балки роҳҳои бемаргии ҷисмонии инсонро роҳи ҳали мушкилии абадии Инсон донистаем.

Бар хилофи атеизми коммунистӣ, атеизми “Ҷаҳонбинии оянда” дар ҷустуҷӯи далелҳое нест, ки вуҷуди Худоро рад кунад. Аслан ин масъалаи баҳси фалсафӣ нест. Ҳатто агар Худо вуҷуд

дошта бошад ҳам, системаи “Ҷаҳонбинии оянда”-ро шикаста наметавонад. Инсон миранда аст ва вазифаи ин ҷаҳонбинӣ аз он иборат аст, ки заминаи фикрӣ барои ҳалли ин мушкилӣ ба вуҷуд орад. Агар Худо вуҷуд дошта бошад ҳам, мо аз ин ҳадаф даст намекашем, чунки на фақат ҳазорсолаҳо, балки милёнсолаҳост (таърихи пайдоиши насли инсон дар рӯи Замин зиёда аз 7 милён солро дар бар мегирад), ки ӯ ин мушкилии моро ҳал накардааст. Ва билфарзе агар Худо вуҷуд дошта бошад ҳам, кафолат дода наметавонад, ки дар оянда ба вазъияти Инсон дахолат мекунад ва на фақат ӯро аз марг наҷот медиҳад, балки тамаддуни инсониро дар Кайҳон аз нестшавӣ нигоҳ медорад. Шояд Худое вуҷуд дошта бошад, вале Инсон бояд ҷудо аз он дар бораи вазъияти худ андеша кунад. Мо даъвои мутлақ накардаем, ки Худо вуҷуд надорад, то барои ин ҳазорҳо далел дошта бошем, балки гуфтаем, ки агар Худои умумикайҳоние вуҷуд дошта бошад, пас, худро ба мо ошкор кунад. Дар ин сурат, мо бо ӯ ба гуфтугӯ мешинем ва зиндагии инҷаҳониро бармегузинем, чунон ки Ҷамшед карда буд.

Ба фарқ аз атеизми ҷанганда, атеизми “Ҷаҳонбинии оянда” майли бунёдии инсонро чун *майли бемаргӣ* (абадият, ҷовидонагӣ) муайян мекунад. Аммо боз ҳам ба фарқ аз ҷаҳонбинии динӣ, ин майли бемаргӣ майли ҷисмонӣ аст, на рӯҳонӣ. Инсон мехоҳад дар ҳамин ҷаҳон ва дар ҳамин зиндагӣ ба бемаргии ҷисмонӣ ноил гардад. Ин майли табиӣ хоси фарҳанги эронӣ низ ҳаст, ки онро Ҷамшеди Пешдодӣ ва Умари Хайём изҳор карда буданд:

*Кош, аз паси сад ҳазор сол аз дили хок,*
*Чун сабза умеди бардамидан будӣ.*

Маҳз майли Инсон ба бемаргии ҷисмонӣ аст, ки дар ӯ майлҳои нафсонӣ (гуруснагӣ, ташнагӣ, хоб, шаҳват), ахлоқӣ (некукорӣ, меҳрубонӣ, ҳамдардӣ), эстетикӣ (зебоӣ, дӯстдорӣ, адабиёту ҳунар) ва ҳақиқатҷӯӣ (кунҷковӣ, хоҳиши шинохти асрори олам) бедор мекунад. Албатта, дар мавриди асли майлҳои инсонӣ назарҳои гуногун низ вуҷуд доранд. Аммо он чӣ Маҳмуд Тӯраҷонзода мехоҳад аз номи дигарон назари худро дифоъ кунад, дуруст нест. Масалан, ӯ мавқеи худро аз номи равоншиноси олмонӣ – Карл Густав Юнг мехоҳад дифоъ кунад. Воқеият он аст, ки Юнг дар бораи архетипҳо (куҳаналгуҳо)-е гап мезанад, ки на

майли рӯҳонӣ, балки майлу хотираи ҳайвонии инсонро, ки меномад, ифода мекунанд.[119] Аз ин рӯ, на биниши Юнг ва на биниши устоди ӯ – Зигмунд Фрейд дидгоҳи диндоронро пуштибонӣ намекунанд. Ҳамин гуна ҳам дар мавриди шинохти таълимоти равоншиноси амрикоӣ Вилям Ҷеймс сӯиистифода ва таҳриф дида мешавад.

Билохира, ҳеч ҷои айб нест, ки Инсон ба вуҷуди Худо бовар дошта бошад, аммо айб аст, ки ҳамаи масъулияти худро ба дӯши ӯ ҳавола кунад.

Дар хулоса, мехостам дар мавриди байти зерини Мавлавӣ, ки Маҳмуд Тӯраҷонзода аз он бар зидди аҳли илму фалсафа истинод меҷӯяд, назари худро баён кунам:

*Дар обе, ки пайдо надорад канор,*
*Ғурури шиновар наёяд ба кор.*

Тӯраҷонзода ин байтро ба он хотир меорад, ки ба ақидаи ӯ, аслан талаб кардани зиндагии ҷовидонӣ дар ин ҷаҳон абсурд ва ғайриимкон аст. Ба ин хотир ӯ иддао мекунад, ки Инсон наметавонад “сафина”-еро кашф кунад, ки суръати рӯшноӣ (300 000 км дар 1 сония)-ро гузарад. Дар ҳақиқат барои он ки Инсон тавонад аз як гӯша ба гӯшаи дигари Кайҳон сайр кунад ва ё дар сурати зарурат кӯч бандад, на фақат суръати рӯшноӣ, балки суръати фарорӯшноӣ зарур аст. Вагарна хатари дар сияҳчолҳо ғарқ шудан вуҷуд дорад, ки шумораи онҳо дар галаситораи Каҳкашон зиёда аз 30-то мебошад. Дигар ҷиҳати зарурат ба суръати фарорӯшноӣ он аст, ки Инсон бояд дар Кайҳон аққалан дар байни ду системаи ситораӣ масофаи тӯлониеро паймояд. Бо суръати рӯшноӣ ҳазорҳо соли рӯшноӣ лозим аст, ки сайёрае пайдо карда шавад, ки ба мисли Замин шароити мусоиди зиндагӣ дошта бошад. Ҷиҳати сеюми чунин зарурат суръати фарорӯшноии Кайҳон аст, ки ба нуқтаҳои дур расидани инсонро ғайриимкон мегардонад. Агар аз суръати рӯшноӣ тезтар ҳаракат кардан ғайриимкон бошад, пас, мавҷудияти Инсон дар ин ҷаҳон дер ё зуд қатъ мегардад. Ба ифодаи дигар, ҳастии Инсон ба сайёраи Замин вобаста мегардад. Аммо илми имрӯза баъзе далелҳоро ба даст овардааст, ки на фақат зарраҳои хурдтарин, балки ҷирмҳои

---

[119] Карл Густав Юнг, Психология бессознательного(Избранные произведения).Москва: Канон+. 2003

кайҳоние низ ҳастанд, ки аз суръати рӯшноӣ тезтар ҳаракат мекунанд.[120]

Чунон ки дида мешавад, "илму қудрати башарӣ ҳақиру ночиз" нест. Агар мебуд, Маҳмуд Тӯраҷонзода аққалан дар навиштаҳояш аз дастовардҳои илмӣ далелҷӯӣ намекард. Агар илмнобоварон 1000 сол пеш зиндагӣ мекарданд, аз куҷо "мусофирати кӯтоҳе" дар Кайҳони бепаҳно мекарданд ва "ба воситаи телескопҳои пешрафта то 500 млн соли нурӣ аз кайҳонро" мушоҳида менамуданд. Онҳо бовар надоранд, аммо мо бовар дорем, ки илми башарӣ бештар аз инро дарояндаи наздик кашф мекунад ва инсониятро аз тилисми нестӣ берун мекашад.

[120] Нигаред: http://en.wikipedia.org/wiki/Faster-than-light

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Шодӣ АТОӢ**

## ҒАЗЗОЛӢ, ҒАЗЗОЛИГАРОӢ ВА ОЯНДАИ МО

Замони имрӯз, замони тағйироти суръатноки арзишҳои иҷтимоӣ, пешрафти илму фарҳанг, андешапарвариву ақлгароӣ ва инсонсолорист ва ин раванд ба таври шиддатнок дар фазои ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти худро ба монанди лава аз танӯраи вулқон ба болои замин мепошад.

Инсонияти пажӯҳишпазиру ҷӯянда ва огоҳу бедор торафт пажӯҳишгартару ҷӯяндатар мешавад. Масъулияти зиндагиро бар дӯши худ мегирад. Шинохти худро нисбат ба Кайҳон тавсеа мебахшад.

Ҷомеаи мо бошад дар ин асри густариши илму ҳунар на ҷомеаи илмпазир, балки ҷомеаи илмбадбину илмбезор, мункири андеша ва андешапарварӣ, ақлситезу парастори «ифтихорманд» - и анъанаҳои асримиёнагӣ боқӣ мондааст. Қисмати аъзами зиёиёни қолабгаро ва конформист ба ҷои андешапарвариву рӯшанфикрӣ ба ҳимояи назароти иртиҷоии гузашта бархоста, ҳақиқатро пинҳон менамоянд. Бо ҷаҳонбинии асримиёнагии худ ба мо «алла»-ҳои ватандориву ватандӯстӣ, номусдориву худшиносӣ месароянд, то мо аз гипнози «Худо хоҳад»-у мӯъҷизаи осмон ва гипнози насибу тақдир берун наоем. Ин ҷо манзури ман интиқоди ғаразнок аз мавқеи дӯстони баҳскунанда нест, балки воқеъбинона ва мунсифона дар баҳс иштирок кардан аст. Баҳси мо дар ин матлаб асосан сари хурофотгароӣ ва ақлситезиву андешазудоӣ меравад, ки воқеияти гузашта ва имрӯзаамон ба он далолат медиҳад. Хушбахтона, ҳастанд инсонҳои огоҳу бедоре, ки новобаста аз шуури гандида ва фасодофари иҷтимоӣ мавқеи худро ҷасурона нишон медиҳанд. Мисоли чунин инсони озодандеш ва соҳибназар метавонад пажӯҳишгари сермаҳсул Ҷамолиддин Саидзода бошад, ки дар таърихи 19.02.2014 дар ҳафтаномаи «Миллат» мақолаеро зери унвони «Оқилӣ кори Буалӣ Синост ё чаро Ғаззолӣ илмситез шуд?» ба нашр расонида, мавқеи худро ба ҷомеа пешниҳод кард. Нафаре, ки фаъолияти илмӣ ва тамоюли илмдӯстиву ҷӯяндагӣ дорад, пай мебарад, ки Ҷамолиддин Саидзода ҳадафаш на бо ғараз нишон додани зиндагӣ ва фаъолияти орифону сӯфиён, шоирони сӯфимашраб ва олимони ирфонмаоб, махсусан, Ғаззолӣ, балки ошкор намудани

хурофотгарой, нокомиҳои илмҳои дақиқ ва рушд накардани истеъдодҳо, набудани озодии зеҳнии инсон, паст будани шуури ҷомеа, ҳамавақт зери фишору таъқиб, таҳдиду маҳкум қарор гирифтани ихтироъкорону рӯшанфикрону андешапарварон, махсусан, Ибни Сино мебошад.

Дар робита ба матлаби Саидзода устоди филология Саидмурод Шарифов вокунишеро дар нашрияи «Миллат» аз санаи 14.05.2014 ва дар 21.05.2014 зери унвони «Ғаззолӣ ҳам ақл дошт, Комил Бекзода ҳам, аммо Ғаззолӣ бояд камбудии Синоро мегуфт, то ибрати дигарон шавад», - навиштааст. Инчунин, пажӯҳишгар Меҳмоншоҳ Шарифзода дар иртибот бо гароишҳои худ нисбат ба Ғаззолӣ назари худро дар чанд матлаб ба чоп расонида вориди баҳс шудаанд, ки мояи эҳтиром аст, зеро ин дӯстони мо чун муҳаққиқ Ҷамолиддин Саидзода ҳамчун инсонҳои озод аз ҳаққи шаҳрвандӣ ва озодии андешаи худ истифода бурдаанд. Ҷолиб ин аст, ки мавқеъҳо хеле баҳсбарангез ҳастанд. Хеле хуб аст, чун илми бебаҳсу бедалел сафсатапардозие беш нест.

Мусаллам аст, ки дар давоми таърихи 1000 - солаи худ, яъне тақрибан аз давраи Ибни Сино ва Ғаззолӣ, агар мо ин давраро ба таври куллӣ баҳодиҳӣ намоем, метавон чунин бардоште намуд, ки такягоҳи маънавӣ, ғоявӣ, сарчашмаи ташаккулёбии боварҳои мо нисбат ба инсон, зиндагӣ, табиат ва Кайҳон рӯҳониёни исломӣ, орифону сӯфиён, шоирони ирфониву тасаввуфӣ буданду ҳастанд, на файласуфону рӯшанфикрони воқеӣ. Магар чунон набуду чунин нест? Магар маҳфилҳои «Маснавихонӣ» - ву «Ҳофизхонӣ», ки мо имрӯз дорем, далолаткунанда ва гувоҳи майли зиёиёни мо нестанд? Албатта, ба ҳамаи иштирокдорони маҳфилҳои зикршуда мо эҳтиром мегузорем ва барояшон дар ҳамоишҳоиояндаашон комёбиҳо таманно дорем, зеро ҳар як инсон дар Тоҷикистон ҳақ дорад дар маҳфилҳои барояш писанд иштирок намояд ва мавқеъгирӣ намояд. Лекин нисбат ба маҳфилҳои фалсафӣ- илмӣ оё чунин ҳолати иштироки фаъол вуҷуд дорад? Пурсишест, ки посухашро вақт нишон медиҳад. Бинобар ин, мавқеъгирии ман бар пояи пажӯҳишҳои илмӣ ва санадҳои мавҷудбуда нисбат ба вазъи заифи гузашта ва имрӯзаи илмбезории мо сурат мегирад, ки дар ин маврид метавон суханони файласуфи олмонӣ Г. Гегел ва англис

Б. Расселро иқтибос овард: «Он чиро, мо фалсафаи Шарқ меномем, ҷуз ақидаҳои динии мардуми ин сарзамин чизи дигаре нест» (6.444).

Ба ҳамин хотир, муҳаққиқ Саидзода ҳам қайд намудааст, ки «Ақлситезӣ, таҳқири аҳли илму ҳикмату фалсафа, ки дар шеър ва адаби форсии тоҷикӣ мушоҳида мешавад, як сабаби таназзули маънавию фарҳангӣ ва мӯҷиби дар хурофоту таассуб печидани шаҳрвандони кишвар ва қафомонии сиёсиву иҷтимоиву ахлоқиву техникии миллати мо гардидааст. Ба вижа шоирони сӯфӣ, ки бо ақлситезӣ ва гурез аз воқеият ва нодида гирифтани ниёзҳои иҷтимоии башар дар ин замина афкору орои носавоб, ки рӯҳи ғуломонаро дар миллат парвариш медиҳанд, эҷод кардаанд ва бад-ин тартиб монеи пешрафту тараққиёти миллату кишвари мо шудадаанд. Бо итминон метавон гуфт, ки агар синоситезӣ, таҳқири илму дониш сурат намегирифт, шояд миллати мо низ имрӯз чун урупоиён, агар силоҳи ҳастаӣ намесохт, аммо чизҳои дигар месохт ва дар кашфиёти илмиву техникӣ саҳм мегирифт ва ба қавли фарзонае, «ҷаҳонро бори дӯш» намешуд».

Ҷолибии баҳс дар ин аст, ки Саидзода ба таври ҷиддӣ барои ақлситезии шоирони мо аз эҷодиёти онҳо иқтибосҳоро ҳамчун далел аз Хусрави Деҳлавӣ, Фонии Кашмирӣ, Саноӣ, Мавлавӣ, донишманди ҳинд Кошинотҳ Пандито дар матлаби худ ворид намудааст. Дигар ин ки Саидзода мафҳуми «ҷаҳонро бори дӯш»- ро истифода бурдааст, ки он моли фарзона Муҳаммад Иқболи Лоҳурист:

*Мусалмон фоқамасту жандапӯш аст,*
*Зи кораш Ҷабраил андар хурӯш аст.*
*Биё нақши дигар миллат бирезем,*
*Ки ин миллат ҷаҳонро бори дӯш аст.*

Вале омӯзгори соҳаи филология Саидмурод Шарифов аз рӯи эҳсос устод Саидзодаро бо мафҳумҳои «носазогӯ», «душмани ислом» муттаҳам кардааст.

Саидмурод Шарифов қайд менамояд: «Ҷамолиддин Саидзода чунин менигорад: «Агар Ибни Синоро ба ҳоли худ мегузоштанд, то озодона таҷрибаву кашшофӣ намояд, таъқиб намекарданд ва андӯхтаҳои илмиву амалии ӯро ба куфр мавсум намесохтанд ва умуман бар алайҳи илму ҳикмат намебаромаданд

ва андешаи солим ва хирадмандонаро дунбол мекарданд, зиндагии имрӯз дигарсон буд» (5.11).

Баҳси Саидмурод Шарифов зоҳиран шубҳаовар аст. Муаллифи баҳс ё аз рӯи эҳсос мехоҳад Абӯҳомиди Ғаззолиро дифоъ намояд ё фармоиши касеро иҷро намояд, чунки агар С. Шарифов аз воқеияти фаъолияти Сино бархӯрдор мебуд, чунин мавқеъгирии ғаразнокро намекард.

Муаллим Саидмурод Шарифов! Магар зиндагӣ ва фаъолияти Сино зери фишору таҳдиду таҳқир набуд? Мухтарам Саидмурод Шарифов! Тибқи санадҳои ба ҳамагон маълум Сино баъд аз шикасти давлати Сомониён аз Бухоро ба Хоразм фирор карда, баъдан ба Гургон рафт ва аз он ҷо ба шаҳри Рай фирор намуд, сипас аз таъқибҳои Султон Маҳмуд ба Ҳамадон гурехт ва 9 сол табиби дарбор шуда, кор кард, баъдан вазирӣ карда, ҳамзамон аз сабаби инкор шудани ғояҳояш зиндонӣ шуд. Ва танҳо бо фармони амири вақт аз марг наҷот ёфт. Омӯзгори гиромиқадр Шарифов! Акнун бубинед, ки дар ҳамон фазои пурфишору таъқиб Сино чи гуна фаъолият намудааст:

Тибқи маводи мустанади ба ҳамагон маълум, аз қабили Энсиклопедияи советии тоҷик: «Сино зиёда аз чорсад асар навиштааст, ки баъзеашон ба монанди «Китоб-ул -инсоф» ба мо омада нарасидаанд. Ибни Сино дар илмҳои табиатшиносӣ чунин корҳоро ба анҷом расонидааст: Бо навиштани «Ал -қонун» аввал таърифи илми тибро дода, масъалаҳои реҷаи зиндагӣ, хӯрок, парҳез ва варзишро шарҳи илмӣ додааст. Дар тиб кӯшиш кардааст то соҳаҳои ҷудогона ба мисли аломатшиносӣ (семиотика), ташхис (диагностика), назарияи илмии табобат густариш ёбанд. Ҳамчун ташхисгар аввалин олимест, ки сохти дурусти чашмро ба шакл даровардааст. Фарқи байни вабо ва тоун, махав ва доъ-ул - фил, варами пардаи шуш ва варами шушро пайдо намудааст. Сирояткунанда будани бемориҳои гӯл, чечак (обила), варами меъда, менингит - ҳамчун касалии махсус ва аввалин маротиба касалии қандро (диабетро) Сино муайян намудааст. Дар илми тиб усули дардшиносии ангуштзаниро (перкуссия) ихтироъ намудааст. Усулҳои набзшиносӣ, бавлшиносӣ ва табшиносироо такмил додааст. Дар эпидемология фарзияро нисбат ба микробҳо пешниҳод намудааст, ки баъди

800 сол Луи Пастер (1822 - 1895) онро исбот намуда, ба назария табдил додаст».

Хизмати Сино дар дорусозӣ ба ҳамаи табибони ҷаҳон маълум аст. Дар китоби «ал - Қонун» 811 навъи доруҳои гуногун шарҳ дода шудаанд, ки зиёда аз 70- тои он дар замони Шӯравӣ истифода мешуданд, мумкин аст ҳоло ҳам истифода шаванд» (7.526).

Тасаввуроташ дар бораи таҳаввули қишри замин, ки аврупоиён ба он дар асри XVI шинос шуда буданд, сабабгори геологияи илмӣ шудааст.

Аз ҳама муҳим ин аст, ки Сино мушкилии асосиро дар вуҷуди марг ва аҷали инсон дидааст, ки роҳи ҳалле барояш пайдо накардааст:

*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зӯҳал,*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.*
*Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.*

Саидмурод Шарифов! Агар Сино дар чунон фазои маҳдуд ва гурезу фирорҳояш чунин ихтироъкориву эҷодкориро ба вуҷуд оварда тавонист, агар ӯро мегузоштанд, магар Ӯ наметавонист, аз ин хубтару муносибтар худро нишон диҳад? Магар аврупоиён ё ба қавли Иқбол афрангиён баъд аз замони Ренессанс, ки аз таъқиби инквизитсияву индулгентсия озод шуданд, эҷодкору ихтироъкору созанда нашуданд? Магар ҷопониву сингапуриву малайзиягӣ чунин шароитро надорад?

Рӯзноманигор Шарифов қайд менамояд: «Ногуфта намонад, ки Имом Ғаззолӣ 21 сол пас аз даргузашти Ибни Сино (980 - 1037) ба дунё омадааст. Пас чӣ тавр ӯ барои пешрафту пажӯҳишҳои ин абармарди таърихӣ монеа эҷод карда метавонад? Мантиқ куҷост?!» (5.11).

Саидмурод Шарифов дар ин маврид Шумо дуруст мегӯед, ки Ғаззолӣ натавонистааст ба таври воқеӣ монеа эҷод кунад, вале ман мехоҳам ба пурсиши «Мантиқ куҷост?»-и Шумо ҷавоб бидиҳам. Ба аҳли фалсафа маълум аст, ки Сино тарафдори фалсафаи машшоия буд. Ғаззолӣ фалсафаи машшоияро дар асараш «Мақосид-ул-фалосифа» ба таври мухтасар маънидод намуда баъдан дар китоби дигараш «Таҳофут-ул- фалосифа» баррасӣ намудааст. Ба гунае Шумо ҳам ишора намудаед, ман ҳам иқтибосеро меоварам: «Хатоҳои фалсафаи машшоъро Ғаззолӣ

дар 20 масъала дида, з-тояш (қадимӣ ва азалияти олам, олим будани Худо, бар кулл, на бар ҷузъ, инкори эҳёи аҷсом пас аз марг ва табиати рӯҳонӣ доштани ҷазою сазо)- ро куфр ва 17-тояшро бидъат эълон намудааст». Мантиқ ин ҷост С. Шарифов. Мантиқ ин аст, ки ҳуҷҷат-ул-ислом, сӯфӣ Абӯҳомид Ғаззолӣ олими воқеӣ, табиби машҳур ва файласуф Ибни Синоро кофиру бидъаткор эълон намудааст. Магар ин ақлситезӣ, андешазудоӣ ва инкоркунии фалсафа аз тарафи як намояндаи машҳури аҳли тасаввуф нест? Чи хеле ки С. Шарифов мегӯяд: «Шахсияти ниҳоят маълуму маъруфи олами ислом шайхулислом Ғаззолӣ» танҳо фалсафаи аслиро инкор намуда, хизмати дини исломро махсусан аҳли тасаннунро ба ҷо овардааст ва мазҳабгароии Ғаззолиро ҳам худи қайд намудааст, он ҷо, ки: «Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ бузургтарин мутафаккири нимаи дуюми қарни 11-ум ва ибтидои садаи12-ум маҳсуб меёбад. Ин аҳду замонест, ки дар саросари кишварҳои исломӣ ихтилофоти мазҳабӣ басе сахт авҷ гирифта буда ва гоҳ - гоҳ ба ҷангҳои мазҳабӣ меанҷомиданд. Ғаззолӣ маҳз дар чунин рӯзгор ба майдони фарҳанг ворид шуд ва барои пуштибонии исломи тасаннун камари ҳиммат барбаст. Ба ҳамин хотир ба мухолифони маслаки хеш - муътазилиён, рофизиён, ботиниён, фалосифа ва масеҳиён ба муҷодала ва мубориза бархост ва дар радди онон китобҳои муҳим таълиф кард. Ба ин васила вай дар равнақи исломи тасаннун саҳми босазо гирифта, ба унвони «Ҳуҷҷатулислом» мушарраф гардидааст» (5.9)

Диққат бояд кард, ки Ғаззолӣ ба гуфти Саидмурод Шарифов барои мухолифат бо намояндагони мазҳабҳои дигар ва густариши исломи тасаннун чунин унвонро гирифтааст, на ба хотири ихтироoти илмӣ. Дар мавриди рад ва инкори фалсафа ва сабаби навиштани «Тафоҳут-ул-фалосифа» Шарифов менигорад: «Чун дидам, ки ба сабаби тақлид ба фалсафа бисёриҳо гумроҳ ва кофир шудаанд, ба таҳрири ин китоб тасмим гирифтам, ки бар фалосифаи пешин рад бошад ва таҳофути ақида ва таноқузи суханони ононро дар боби он чи ба илоҳиёт тааллуқ дорад, ошкор созад, фасод ва заъфи равиши ононро кашф намоянд". (Муҳаммад Ғаззолӣ. Тафоҳут-ул-фалосифа. Бейрут, саҳ. 38-39). Ин кинаву адоват ва бадбинии дигарандешон аз тарафи Ғаззолӣ магар

андешпарварии Ҳуҷҷат-ул-исломро нишон медиҳад, устод Шарифов ё хайр? Ё ки кофирхониҳои Имом Ғазолӣ ҷоиз асту ба баҳс кашидани илмситезиҳои сӯфиён аз тарафи Ҷамолиддин Саидзода дар асри 21 «камоли ноҷавонмардӣ» ва «носазогӯӣ»? Бинобар ин ба маврид аст баҳс бо С. Шарифовро муддате як сӯ гузорему назари Меҳмоншоҳ Шарифзодаро баррасӣ намоем, ки устод вақтҳои охир гароишҳои худро нисбат ба Ғаззолӣ ошкор менамояд. Меҳмоншоҳ чунин мегӯяд: «Ман» - и инсонмеҳвари ҷаҳон гардид ва озодии мутлақро ба даст овард ва хароби инсониятро сабаб шуд ва ин ҷо Ғаззолие мебоист, то тавонад миёни «ман»- и Франкштейнии дунёи навро шиканад» («Нигоҳ», 2 (384), 2.04.2014) Гиромиқадр Меҳмоншоҳ! шайхулислом Ғаззолӣ бо ин «Тафоҳут-ул-фалосифа» на танҳо «Ман» - и Франкштейнӣ, балки миёни «Ман»-и Синоро шикаста, кофираш эълон кардааст, ба қавли Саидмурод Шарифов «то ибрати дигарон шавад» ва ба қавли маъруф «об ба лаби ҷӯ баробар шавад», зеро дар ислом «Ман» гуфтан ин кори шайтон аст, на кори инсон. Инсон бояд таслимкору банда бошаду шайтон озод. Ё ман ба ғараз гуфтам? Меҳмоншоҳ Шарифзода дар давоми навиштаҳояш мефармояд: «Бояд гуфт, ки гиряи баъзе устодон, ки гӯё «Ғаззолӣ миёни фалсафаро шикаст», дар баробари ин мусибатҳои дунёи нави Ғарб аз асли масъала дур будани онҳоро нищон медиҳад» («Нигоҳ», 49 (380), 05.03. 2014). Рости гап ин устодони гирён ки аз Ғаззолии «миёншикан» хабар дорад ба худи Меҳмоншоҳ маълум аст, ки кистанд, лекин ман ҳаминро бе гиряву бе ханда гуфтанӣ ҳастам, ки Имом Ғаззолӣ миёншиканӣ он тараф истад, ҳатто фалсафаро пурра инкор карда, худ пурра дар хизмати дин қарор гирфтааст. Меҳмоншоҳ Шарифзода дар ҷои дигар чунин овардааст: «Дар чунин ҷомеаи фасод ва хомӯш баъзан ба ман чунин намуда истодааст, ки вақте дар бораи мардоне чун Абӯҳанифа, Ғаззолӣ ва дигарон ҳарф мезанем, гӯё сухан дар бораи динозаврҳо меравад…(«Нигоҳ», 2 (384), 02.04.2014). Тасвири ҷолиб, шоирона, вале бемуҳтаво!

Ҷаноби Меҳмоншоҳ, ба ман бошад чунин менамояд, ки Шумо ё хоби дидаи худро таъбир намудаед ё хоби дидаи дигареро ба Шумо нақл кардааст, ба қалам додаед. Зеро он нафароне, ки чунин тасаввурот доранд, танҳо ба худи Шумо маълум ҳастанд. Зиёда аз ин, он устодони гирякунандае, ки Ғаззолиро «миёншикани фалсафа» шинохтаанд, чунин тасвир намудаед:

«Ин устодон мисли чӯҷаҳои мурғобианд аз филми тасвирӣ, ки дар зери мурғ аз тухм баромадаанд ва модари худро фаромӯш кардаанд ва гоҳе аз пайи мурғ медаванд ва гоҳе аз пайи гурба медаванд» . Тамсил ҷолиб аст, вале ба баҳси мо рабте надорад. Воқеият ин аст, ки Ғаззолӣ миёни касеро нашикастааст ва шикаста ҳам наметавонист, зеро ин аҷнабиён буданд, ки ба сари ҳокимият омада, пуштибони маънавӣ ва моддии ҳуҷҷат-ул-исломҳо шуданд ва фатвоҳои «беназир»-и онҳоро сад дар сад бо ҷаҳолату бераҳмӣ амалӣ менамуданд. Аҳли дониш чун диданд, ки баҳсу андешаи мантиқӣ дигар ба кор намеравад, майдонро ба ғаззолиҳо, ҳуҷҷатулисломҳо ва аҷнабиёни ҷоҳил супориданд! Ин майдон ҳоло ҳам дар ихтиёри онҳост!

Хоҳишмандони баҳси илму фалсафа метавонанд ба Аврупо рӯй оваранд…

Дар олами ислом, имрӯзҳо ҳам суннати Ғаззолиҳоро, толибони покистониву авғон идома медиҳанд!

Агар чунин нест, мо аз Шумо далел мехоҳем, на даъво ва на худфиребӣ!

Вақте ман «Насиҳат-ул- мулук»- и Ғаззолиро хондам ба вижа боби ҳафтуми китоб, ки бо унвони «Андар сифати занон ва хайру шарри эшон» навишта шудааст, диққати манро ин ба худ ҷалб намуд , ки зарур медонам назароти шайхулислом Ғаззолиро нисбат ба зан биёварам, то шаҳрвандони ҷомеаи ҳуқуқбунёд ба он таваҷҷуҳ намоянд ва аз рӯи шинохти шахсии худ ба он баҳодиҳӣ намоянд.

Ин боби китоби зикршуда бо суханони пайғамбари ислом оғоз мешавад, ки чунин аст: «Хуҷастатарин ва бабаракаттарин зан он аст, ки зоянда буваду бар рӯй некӯтар бувад ва ба кобин сабуктар бувад. Ва гуфт: то тавонӣ зани озод гузин, ки эшон покизатар бошанду мубороктар». Ва баъдан суханони халифа Умар меоянд: «ки ба Худой паноҳед аз бадҳои занон ва аз порситарин эшон барҳазар бошед, яъне зани худ ситоиш барнагиред», сипас суханони худованди китоб, яъне ҳуди Ғаззолӣ меоянд: «Ҳар ки салоҳи кадхудоӣ ҷӯяд ва рӯи хуб наёбад, ки бад-ӯ машғул шавад, зани порсо беҳтару мубороктар. Ва чун порсое омад, аслу мол омад, зеро, ки нопорсоро асл набувад ва ба баракоти порсоӣ ҳама чизе ёбад» («Насиҳат-ул-мулук», саҳ.125. -

Душанбе, «Ирфон», 1993). Дар саҳифаи 129 суханони амиру-л - мӯъминин Умар меояд, ки таваҷҷуҳ бояд намуд: « Ба занон ҳадиси ишқ магӯед, то дили эшон табоҳ нашавад, ки занон ҳамчун гӯштанд бар саҳро афканда, нигоҳдорандаи эшон Худой аст». Ба гунае, ки дар ин боб меояд аз назари Пайғамбар ва Салмони Форс дар ислом ҳамон зан бо мард баробарҳуқуқ ҳаст, ки пеш аз ҳама, фаризаи худоро ба ҷой биёварад ва фармонбардори шавҳар бошад. Аз назари ҳалифа Умар бошад, зан аслан махлуқи бад аст. Худованди китоб Ғаззолӣ барои бад нишон додани чунин ҳикматҳоро овардааст, ки воқеан мояи афсӯсхӯрӣ дар ин асри инсонсолорӣ ҳастанд: «Муаллиме духтарро ба дабирӣ меомӯхт. Ҳакиме пеши ӯ даромад, гуфт: «Эй муаллим, бадиро бадӣ мемӯзӣ?». Ҳикмати дигарро диққат бояд кард: «Вақте ду зан бо якдигар машварат мекарданд, ҳакиме он ҷо бигузашт, гуфт: «Бинигаред, ки мор заҳр ба қарзи муҳлатдор аз мор меситонад». Бубинед ин ҷо занро бо мор ташбеҳ додаст ва моҳияти зан манфӣ маънидод мешавад. Ҳикмати дигар: «Ҳакиме зане хост кӯтоҳ. Гуфтанд: «Чаро қоматболо нахостӣ? Гуфт: «Зан чизе бад аст ва ҳарчанд камтар-беҳтар». Ба ин «ҳикмат»- ҳои миёншикани занҳо бигзор ҳар фарди огоҳ аз рӯи виҷдонаш бардошти худро дошта бошад. Ин ҳикматҳо дар саҳифаи129-130- и «Насиҳат-ул-мулук», нашри с.1993 Душанбе: «Ирфон», 1993 ҷой дода шудаанд. Зиёда аз он Ғаззолӣ занро ба таври куллӣ ба ҳайвон ташбеҳ додааст ва занонро аз рӯи хислаташон ба даҳ ҳайвон: хук, маймун, саг, мор, астар, каждум, мӯш, кабӯтар, рӯбоҳ, гӯсфанд баробар кардааст. Ғаззолӣ дар тафсири хислатҳо занонро ба ҳайвонҳои дар боло зикршуда монанд намуда, ҳамон зане, ки феъли гӯсфандро дорад, боманфиату муборак хондааст.

Дар дигар ҷой дар боби занон насиҳатеро барои мардон чунин овардааает, ки ман хондани инро аз рӯи рисолати иҷтимоӣ ва шаҳрвандии худ ба ҳар як марду зани ҷомеаи ҳуқуқбунёд тавсия менамоям. Таваҷҷуҳ намоед: «Ва ҳар ки хоҳад бар зани хеш раҳиму меҳрубон гардад, даҳ чизро ёд бояд кардан, то инсоф ояд: яке он аст, ки зан туро талоқ натавонад додан ва ту тавонӣ. Ва дигар он ки ӯ аз ту ҳеҷ чиз натавонад сутудан ва ту тавонӣ, ки ҳама чиз аз ӯ биситонӣ. Сеи дигар он ки ӯ то дар ҳукми ту бувад, шӯи дигар натавонад кардан, ту зани дигар тавонӣ кардан. Чаҳорум он ки ӯ бе фармони ту аз хона берун натавонад рафтан ва ту тавонӣ. Панҷум он ки ӯ бараҳна натавонад будан ва ту

тавонӣ. Шашум он ки ӯ аз ту тарсад ва ту аз ӯ натарсӣ. Ҳафтум он ки ӯ аз ту ба тозарӯӣ ва сухани хуш басанда кунад ва ту аз ӯ ҳама корҳо написандӣ. Ҳаштум он ки ӯ аз ҳама хешовандон ва падару модар бибурад ва ту аз ҳеҷ кас ҷудо накардӣ ва канизак харӣ ва бар вай бигузинӣ. Нуҳум он ки ӯ пайваста туро хидмат кунад ва ту хидмати ӯ накунӣ. Даҳум он ки ӯ ба бемории ту хештан бикушад ва ту ба марги ӯ ҳеҷ ғам нахӯрӣ». Ана ин аст баробарии марду зан дар ислом ба ақидаи яке аз сутунҳои диндар асрҳои миёна!

Аз рӯи ин суханҳои Ғаззолӣ бояд мардҳо ба ин махлуқи «асиру бечора» раҳим бошанд. Бидуни шубҳа ҳуҷҷат-ул-ислом Ғаззолӣ дар ин китобаш занро на инсони озоду баробарҳуқуқ, балки махлуқи «асиру бечора» маънидод менамояд. Вокеан баъд аз хондан ва навиштани ин сатрҳо зан на ҳамчун инсон озоду солим, балки як махлуқи зиндонӣ ва миёншикаста ё ба таъбири халифа Умар «гӯшти саҳроафканда» ба назар мерасад ва «озодияш» бо ҳамин маънидод мешавад, ки як махлуқаки канизаку фармонбардору ҳиҷобпӯшаку сатрпӯшаке бошад, на зани андешапарвару озодаву созанда. Албатта, дар китоби зикршуда дар нисбат ба зан суханҳои таҳқиромез зиёданд ва аз як тараф бо таъбири худи Ғаззолӣ, ки оварда: «Шовируҳунна ва холифуҳунна, яъне «бо занон машварат намоед ва хилофи эшон амал кунед», ки руйирост фиреб кардани занро таблиғ мекунад, иктифо менамоем, аммо аз тарафи дигар пурсида мешавад, ки, оё ин ҷо айб дар мусалмонист ё дар шахси ҳуҷҷат-ул-ислом?

Оё ин китобҳоро занҳои маърифатпарвари мо мехонда бошанд? Наход нависандаҳо ва шоираҳои романтики мо то ба ҳол ин китобро нахонда бошанд ва агар хонда бошанд, чаро хомӯшанд?

Наход бонувони рӯзноманигорони мо аз расонаҳои мустақил ва давлатӣ, дар радиову телевизионҳо ин китобро нахонда бошанд?

То ба кай занҳои мо аз нооогоҳӣ, аз тарсу бими намояндаҳои тасаввуфу ирфон ё ба гуфти Саидмурод Шарифов «воизони нуктасанҷ», ки ба ғайр аз доди кофир гуфтану фарёди занталоқ кашидан, дигар коре надоранд, аз озодии фитрӣ дар ҷомеаи дунявии ҳуқуқбунёди худ маҳрум мемонанд?

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ин саволҳое ҳастанд, ки вақт ҷавоби онҳоро хоҳад гуфт. Дар тӯли ҳазор сол аҳли тасаввуф, орифон дар ҳамоҳанги бо рӯҳониён моро дар гипнози эътиқодӣ ва ишқи илоҳӣ нигоҳ доштанд, худро уламо эълон намуда, беҳтарин фарзандони миллатро , ки олимони воқеӣ, ихтироъкор ва дигарандеш буданд, бо муҳри куфру илҳод несту нобуд карданд, бо суханони бузургони Ислом, моро дар гипнози мазҳабӣ ва имонӣ мафтун карданд, ки худи Саидмурод Шарифов дар мақолааш дар нашрияи «Наҷот» аз 12.06. 2014. овардааст, ки ҳадиси ҳазрати Расули акрам (с) чунин аст: «*Дунё зиндони мӯъмину биҳишти кофир аст»*. Ё ки аз гуфтори ҳазрати Алӣ, ки фармуда: «*Дунё палид аст ва талабкунандагони он сагонанд»*.

Саидмурод Шарифов қайд намудааст, ки Ҳуҷҷати Хуросон Носири Хисрав байти зерро дар таъсири суханони ҳазрати Алӣ навиштааст:

*«Биҳишти кофару зиндони мӯъмин,*
*Ҷаҳон аст, эй ба дунё гашта мафтун».*

Гиромиқадр, Саидмурод Шарифов! Агар ин суханони зарринро имрӯз ҳам сармашқи зиндагӣ ва кори худ қарор медиҳем пас, чи зарурат аст, ки аз молҳои биҳиштии кофирон истифода кунем?! Барои кофирон, ки ҳавопаймоҳо, автомобилҳо, телефонҳои мобилӣ дар истифода аст, барояшон зиндагӣ биҳишт аст, аммо барои мусалмонон, ки зиндагӣ барояшон зиндону палиду дӯзах аст, магар шарт аст истифодаи онҳо? Ба ин рӯйхат метавон ҳазорҳо номҳои молҳои кофиронро, ки барои биҳишти зиндагияшон офаридаанд ва мусалмонон ҳам барои дӯзахи зиндагиияшон истифода мебаранд, дохил намуд. Ё шарт аст, ки эшони Нуриддинҷон пеш аз он ки дигарандешонро кофир эълон намояд, ба сайти интернетие, ки худи кофирон ихтироъ кардаанд, ишора кунад?

Дигар ин ки аҳли тасаввуф ва ирфон тавонистанд бо мафҳуми ишқи илоҳияшон ва рақси самоашон моро дар давоми ҳазор сол аз ишқи заминӣ, мардро аз зан ва занро аз мард ҷудо созанд, яъне ҳамаи тавоноӣ ва ҳуқуқу ҳақро ба мардҳо ҳавола кунанду занро ба махлуқаки сарпӯшидаи ҳақир ва молу матоъ табдил диҳанд, ба гунае, ки ин ҷиноятро Ғаззолӣ обу ранг додааст. Бинобар ин арзиши асосӣ барои оилаи мусалмон никоҳ аст, на ишқу муҳаббат, на лаззати эҳсосу, на шинохти хислату на роҳати ҷисму на романтикаи зиндагӣ! Исботи ин гуфтаҳоро

метавон дар фатвои Эшони Маҳмуд дар асри XXI нисбат ба ақди сохта барои ба даст овардани шаҳрвандии Русия ба муҳоҷири тоҷик пайдо намуд, ки мегӯяд: «Бастани ақди сохта(фиктивный брак) бо зани русе маънои онро надорад, ки ӯ дар никоҳи шумо ворид шудаасту ҳамсаратон маҳсуб мешавад. Барои пайравони дини Ислом кардани никоҳ(бастани ақди никоҳ) шарт мебошад, чун ақд (ЗАГС) - и имрӯза, ба номи қонун оғоз мешавад ва дар шариати исломӣ муътабар нест: "Дар шариати Ислом никоҳ ва талоқи исломӣ муътабаранд"» (8).

Эшони Маҳмуд Тӯраҷонзода на танҳо ишқу муҳаббатро инкор кардааст, балки бо ин фатвои худ корро бо таноқузҷӯӣ анҷом додааст. Аз ин фатво маълум мешавад, ки Эшони Маҳмуд муҳочири тоҷикро барои фиреб кардани зани рус ба хотири манфиат ҳидоят намудааст. Илова бар он қонуни ҳар ду давлатро, ки сарчашмаи муайянкунандаи робитаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравнд ва ба шаҳрвандони худ новобаста аз арзишҳои фитрӣ озодии ташкил намудани оиларо кафолат медиҳанд, дар баробари қоидаҳои Ислом паст задааст. Ин гуна фатво на танҳо мушкилоти муҳоҷирро дар Русия ҳал менамояд, балки бадбинии мардуми таҳҷоиро, махсусан занонро нисбат ба муҳоҷирони мо, ки бе ин ҳам вуҷуд дорад, зиёд менамояд. Эшони муҳтарам! Вақте ки барои мусалмон ин зиндагӣ дӯзах аст ва никоҳ бо духтари рус танҳо ба хотири шиноснома ва шаҳрвандии Русия бошад, чи ниёз аст, ки мусалмонон ба давлатҳои ғайримусалмон муҳоҷир шаванд?

Дар робита ба ин баҳсеро, ки Ҷамолиддин Саидзода бардоштааст, ҷилваи бедорӣ ва огоҳии мардуми мо аз гузаштаи худ аст. Баҳсест, ки аз мардуми огоҳу донишманд, ҷасорату андешаи солимро мехоҳад. Баҳсест, ки оқибаташ раҳоӣ ёфтан аз гипнози динӣ ва эътиқодӣ ва рӯй овардан ба ҷаҳонбинии илмӣ аст.

Ман бовар дорам, ки асри XXI асри бедории занҳо ва озодии ҳамаи афроди ҷомеаи мост. Асрест, асри хурофотзудоӣ ва ҳаракатҳо бароиояндаи пешрафта. Асрест, ки Тоҷикистонро ба биҳишти муҳаббату ишқи заминӣ табдил бидиҳем, роҳро ба сӯи комёбиҳои навини илмӣ бигкушоем. Зеро комёбиҳои мо танҳо дар такя ба андешапарвару илмпазир шудани мо, бовар кардан ба

қобилият ва имкониятҳои инсон, тақвият бахшидан ба ҷаҳонбинии илмӣ, ба шакл даровардани шуури илмӣ дар оила ва ҷомеа, кумак кардан ба нафаре, ки чунин ҷаҳонбиниро дорад, амалӣ мешавад. Барои комёбӣ моро танҳо ҷасоратмандона ва бо самимият ҳадафмандона мушкилотро ошкор намуда, роҳи ҳалро ҷустан аст, то зиндагии инсон ба арзиши бунёдии ҷомеаи мо табдил ёбад ва мо миллати шоистасолору созанда барои ҷаҳониён шинохта шавем.

**Сарчашмаҳо**

1. *Гегель Г.* Соч., т. IX. М., 1935, саҳ. 92;
2. *Имом Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ.* «Насиҳат-ул-мулук». - Душанбе: Ирфон, 1993.
3. Нашрияи«Наҷот» аз 12.06. 2014.
4. Нашрияи«Нигоҳ»,№ 2 (384),02.04.2014, №49(380), 05.03. 2014.
5. Нашрияи «Миллат»№07(442) 19.02.2014, аз 14.05.2014 ва 21.05.2014
6. *Рассел Б.* История Западной философии. -М., 1959, -саҳ. 444
7. Энсиклопедияи советии тоҷик.-1978-Ҷ II.саҳ.523-527, ҶVIII,1987- саҳ.246
8. http://www.ozodagon.com/16402-eshoni-mamudon-fiktivnyy-ӣrak-ro-ravo-donist-ӣa-sharte-ki.html

**Ҳафиз ҲОЛИҚЗОДА**

# ТАФАККУРИ СИМВОЛИКӢ ВА АНДЕШАҲОИ “НОМУСӢ”

Як намунаи барҷастаи *тафаккури символикӣ* дар ҷомеаи Тоҷикистон андешаҳои “номусӣ” ё худ исломии Меҳмоншоҳ Шарифзода мебошад. Дар ин ҷо ду ҷиҳати асосии ин тафаккурро мехоҳам ба баррасӣ кашам: 1) сӯиистифода аз “номус”, яъне эҳсосоти авомона ва ғайриақлонии мардум барои исботи ақида ва 2) сӯиистифода аз номҳои бузургон, вале сарфи назар ва ҳатто таҳриф кардани андешаҳои бевоситаи онҳо, боз ҳам барои исботи ақида. Ин суннатро Меҳмоншоҳ Шарифзода аз дигар модернистон ва “пост”-модернистони исломӣ, аз қабили Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Иқбол, Алии Шариатӣ ва Эдвард Саид омӯхтааст. Масалан, Муҳаммад Иқбол ҳам дар осори насрӣ ва ҳам дар осори назмиаш аз номҳои бузургони Шарқу Ғарб бисёр ёд мекунад ва бо ин дар зеҳни хонандагони худ барои ворид кардани андешаҳои ноустувор ва ғайриақлонии худ рахнае эҷод менамояд. Танҳо бо сӯиистифода аз номи бузургон ӯ ақидаи худро дуруст мебарорад. Дар ин маврид, на худи ӯ ва на хонандаи авом ба мантиқ ва моҳияти андешаҳои бузургон таваҷҷуҳ намекунанд. Балки фақат ба ном, дар ин маврид рамзи марҷаият (авторитет) ва эътимод, такя мекунанд. Ин гуна мавқеи ғайриақлонии (пост-)модернистони исломӣ дар суннати *тафсир* асос ёфтааст, ки кори он на таҳлил, балки *бузург кардану муқаддас гардондани мабдаи қудрат* аст. Дар мантиқи шаклии арастуӣ ин мавқеъро муғолата ё ба ғалат андохтани мусоҳиб меноманд. Ҳамин моҳияти кори Меҳмоншоҳ Шарифзода низ ҳаст.

Нахуст, мехоҳам дар мавриди категорияи “Худӣ”, ки Меҳмоншоҳ бисёр истифода мебарад, изҳори назар кунам. Маълум аст, ки вақте ӯ дар бораи “*Худӣ*” дар забону фарҳанг ва таърихи тоҷик гап мезанад, пеш аз ҳама, давраи Исломро дар назар дорад. Ӯ давраи тоисломӣ ва баъдиисломӣ (шӯравӣ ва пасошӯравӣ)-ро аслан сарфи назар мекунад. Аммо мутаассифона, дар ягон навиштаи ӯ вонахурдаам, ки бо мисолҳои равшан маъно ва моҳияти “Худӣ” - ро кушода диҳад. Балки дар зери номи

“Худӣ” ҳама гуна мафҳумҳо ва консепсияҳои фардгароӣ (индивидуализм)-и фалсафаи Ғарб ва агар зарур бошад, вожаҳои англисиро меорад ва иддао мекунад, ки дар фарҳанги исломии тоҷик онҳо пештар вуҷуд доштанд. Аммо воқеият он аст, ки консепсияи Худӣ дар фарҳанги исломӣ, аз он ҷумла дар ирфон ва калом, тамоман дигар аст. Шояд мансуб кардан ва даъвои “чемпионӣ” намудан ҳеч зарурате надорад, вале исломгароҳое аз қабили Муҳаммад Иқбол ва муқаллиди афкораш – Меҳмоншоҳ Шарифзода *эҳсоси худкамбинӣ* доранд ва мехоҳанд онро ба ҳар василае ҷуброн кунанд. Воқеан дар фарҳанги исломӣ ва ирфонии тоҷик Худӣ ҳеч гуна таҷриба ва фалсафаи фардгароӣ нест, балки эҳсоси заъфу нотавонӣ ва хоҳиши нестӣ дар муқобили қудрати илоҳӣ аст. Он чи Муҳаммад Иқбол тасвир мекунад ва Меҳмоншоҳ онро “илмӣ” меҳисобад, асос надорад. Дар маснавии “Асрори худӣ” Иқбол зоҳиран ба Худӣ даъват мекунад ва аз ин рӯ, аз андешаҳои зидду нақизи Фихте, Шопенҳавер, Нитше ва Бергсон истифода мебарад, вале боз дар маснавии “Рамузи бехудӣ” ва дигар пораҳои шеърии худ ба хотири Уммат (миллати исломӣ) ва Хилофат (давлати умумиҷаҳонии исломӣ) аз баҳри Худӣ мегузарад (Ин мавзӯъро дар мақолаи алоҳида дар мавриди “Баъзе масъалаҳои ҷаҳонбинии Муҳаммад Иқбол” муфассал баён кардаам). Ин дар ҳақиқат андешаи исломӣ барои сарбози қаторӣ аст, ки ба ҷиҳод даъват ва ба хотири “шерак” карданаш истидлоли “номусӣ” (бо истифода аз эҳсосоти исломӣ) ҷуста мешавад. Таълимоти исломӣ дар мавриди Худӣ ҳамагӣ *даъват ба ҷиҳод,* яъне мубориза барои арзишҳои авомонаи динӣ аст ва ҳеч рабте ба фалсафаи аврупоӣ надорад, ки даъват ба абармард, яъне мубориза барои шикастану бознигарӣ кардани арзишҳои сунатии авомона аст. Фарқ дар байни Иқбол ва Нитше аз замин то осмон аст!

Ҳамин гуна, фарқ дар байни Декарт ва Насируддини Тусӣ низ аз ин гӯша то он гӯшаи Кайҳон аст. Декарт дар бораи Худӣ ва ё Субъекте сухан меронад, ки дар доираи берун аз таъсири Худо вуҷуд дорад ва фаъолона амал мекунад. Яъне моҳият ва ҳадафи ӯ ба моҳияти Худо робитае надорад. Ба назари файласуф, шинохти моҳияти Худо ғайриимкон аст, аз ин рӯ, теология наметавонад илми фалсафӣ бошад ва умуман инсон наметавонад ба омӯхтани ин масъала машғул шавад. Аз назари метод ин ғайриимкон аст.

Барои ҳамин, инсон ба шинохт ва амалӣ кардани таҷрибаи Худӣ дар доираи берун аз таъсири Худо бояд даст занад. Аммо ҳамин гуна гузориши деистии масъала хоси Тусӣ нест. Ӯ дар байни моҳияти Худо ва дигар мавҷудот ва ё худ дар байни Донанда ва Дониста монандӣ мебинад. Ин масъаларо ӯ дар тафсири худ аз таълимоти *судур* (эманатсия) дар байни дониши Худо ва мавҷудот дар зинаҳои поёнии судур шарҳ медиҳад. Бар хилофи иддаои Меҳмоншоҳ, баҳси судур, ки баҳси моҳияти Худо ва ҷустуҷӯи он дар зинаҳои гуногуни олами ҳастӣ, аз он ҷумла дар инсон аст, асли исломӣ надорад. Балки он аз таълимоти пешазисломии Зардуштия сарчашма мегирад ва дар давраи исломӣ дар Исмоилия таҷассум мегардад. Чунин баҳси марказии теология на фақат андешаи ақлгароёнаи фалсафиро барҳам дод, балки зиндагии воқеиро низ бар суннатҳо ва боварҳои ғайриақлонӣ бунёд кард. Ин баҳсро мо ба дарозо намекашем, фақат мехоҳем ду ҷиҳати онро қайд кунем: 1) баҳси Худӣ дар доираи судур дар Ислом аз Зардуштия тавассути Исмоилия ворид шудааст ва 2) он ҳеч гуна шабоҳате бо таълимоти Декарт надорад.

Аз ин рӯ, даъвои Меҳмоншоҳ, ки: “Махсусан дар замони тамаддуни исломии худ тоҷикон тавонистанд олитарин технологияҳои сохтмони худиро инкишоф диҳанд...”,[121] асоси таърихӣ надорад. Аввалаш, он чӣ буд ё аз таълимоти динӣ-фалсафии пешазисломии эрониён ва ё аз фалсафаи Юнони Бостон ба вом гирифта шуда буд. Баъдан, “технологияҳои сохтмони худӣ” мафҳуме мебошад, ки дар фалсафаи муосири Аврупо, аз он ҷумла дар навиштаҳои Мишел Фуко ба миён омадааст. Ҳамин гуна андеша ва суннати худсозӣ дар асрҳои миёна на хоси мусалмон буд ва на хоси масеҳӣ. Балки технологияҳои сохтмон не, технологияҳои сӯхтмони худӣ хоси он давра буд. Мишел Фуко дар контексте дар бораи сохтмони худӣ гап мезанад, ки аввал Декарт ва баъд ба таври қотеъ Нитше вуҷуди Худоро рад карда буданд. Яъне фалсафаи муосири Аврупо Худиро бидуни Худо месозад. Аммо дар асрҳои миёна ва имрӯз ҳам дар кишварҳои исломӣ нафароне чун Меҳмоншоҳ дар пайи

[121] Меҳмоншоҳ Шарифзода, Худӣ ва ҳақиқат. Эй аблаҳ, Худованд ба исбот кардан ҳоҷат надорад... // Нигоҳ (№3 (385). 9 апрели 2014). – Саҳ. 7

он ҳастанд, ки Худиро бо иродаи Худо созанд. Дар ин робита баҳси вуҷуди Худо ва ҳузури он дар олами ҳастӣ, ки дар теология бо мафҳумҳои субстансия ва эманатсия ифода мегарданд, аслан як баҳси газоф ва бемуҳтаво аст. Чи расад ба он ки дар сохтмони Худӣ онро муҳим донем?! Мушкилӣ дар он нест, ки оё Худо вуҷуд дорад ва ё не. Мо дар "Ҷаҳонбинии оянда" низ бевосита нахостаем ин баҳсро ба миён гузорем. Фақат ба он хотир ин масъала муҳим мегардад, ки агар Худо вуҷуд дошта бошад, пас, чаро он сурату мафҳум ва моҳиятҳои гуногун вобаста ба қавму қабилаҳо, халқияту миллиятҳо ва замону маконҳои гуногун дорад. Инро фақат мо нагуфтаем. Дар фалсафаи Юнони Бостон аллакай Ксенофан ин саволро ба миён гузошта буд. Вуҷуди Худоро фалсафаи муосири Аврупо ба он хотир берун аз баҳс кард, ки он дар тақдири фоҷиавии инсон ҳамагӣ "тамошобин" аст. Моҳиятан исёни файласуфон аз он иборат аст, ки агар Худо дарислоҳи вазъи фоҷиавии инсон саҳме надорад, пас, чаро даъвои қудрат ва ақли мутлақ мекунад.

Субстансия (аз он ҷумла моҳияти Худо) ва эманатсия мавзӯъҳои теологӣ ҳастанд, ки ҳоло дар доираҳои "илмӣ"-и тоҷик ба категорияҳои ҳатмӣ ва бебаҳси таҳқиқ табдил ёфтаанд. Ин яке аз омӯзишҳои меҳварии муҳаққиқони Институти фалсафа аст ва Меҳмоншоҳ низ аз он суннат рӯидааст. Муҳаққиқони "таърихи фалсафа" ба ҳақиқати бечунучарои субстансия ва эманатсия бовар доранд ва дар вақти навиштани рисолаҳои худ (ман се рисоларо дар бахши таърихи фалсафа аз назар гузарондам, вале ба хотири пешгирии нофаҳмӣ ва бадгумонӣ аз онҳо ном намебарам) ба тафсири онҳо аз дидгоҳи мутакаллимони асримиёнагии исломӣ қаноат меварзанд. Аммо талаботи методологияи имрӯза дар баррасии категорияҳо ва консепсияҳои теологӣ куллан дигар аст. Пеш аз ҳама, самтҳои таҳқиқи ин гуна категорияҳо ва консепсияҳо бояд дар доираи илмҳои антропология, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ муайян ва баҳс шаванд. Масалан, биниши антропологии таълимоти субстансия ва эманатсия талаб мекунад, ки мо сабабҳои таърихии ташаккули чунин тарзи шинохти олам ва мавқеи инсонро дар он арзёбӣ кунем. Субстансия, эманатсия, рӯҳ, офариниши олам, қувваҳои абадӣ ва ғайра ба худии худ маъно надоранд, чунки онҳоро ҳанӯз одамони ибтидоӣ ба хотири *маънои муқаддас бахшидан ба зиндагии худ* эҷод кардаанд. Дар ин

партав, саволи фалсафӣ ва илмӣ аз он иборат аст, ки бо чунин консепсияҳо одамон ба зиндагии худ чӣ гуна маъно мебахшанд ва дар натиҷа кадом намуди системаи фикрӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ месозанд. Аз он ҷумла ҷомеашиносии дин саҳми консепсияҳои диниро дар ташаккул ва тақвияти системаи муайяни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳатто иқтисодӣ меомӯзад. Коре, ки Фридрих Нитше ва Макс Вебер шурӯъ карда буданд. Дигар масъала ин аст, ки инсон дар зеҳни худ назарияҳои субстантсия ва эманатсияро барои аз хатарҳои вуҷудӣ (хатарҳои ҳаррӯзаи иҷтимоӣ ва табиӣ, хатари нестӣ ва марг) наҷот ёфтан ба миён гузоштааст, ки бояд мавриди омӯзиши якҷояи антропология, ҷомеашиносӣ ва психология қарор гирад. Аммо чунин тарзу методи баррасӣ ва таҳлили категорияҳо ва консепсияҳои теологӣ дар рисолаҳои таҳқиқотии муаррихони фалсафаи мо, аз он ҷумла Меҳмоншоҳ Шарифзода, вонамехӯранд. Баръакс, онҳо мафтуни таълимоти теологии бузургони гузаштаанд.

Ба сабаби тафаккури символикӣ (рамзӣ) ва ирратсионалӣ (ғайриақлонӣ) доштан, муҳаққиқони мо аз методологияи илмии муосир дар самтҳои антропология, ҷомеашиносӣ ва равоншиносии дин бенасиб ва бебаҳра мондаанд. Дар натиҷа, ҷои муҳаққиқонро муфассироне чун Меҳмоншоҳ гирифтааст. Фарқияти ӯ аз дигар муҳаққиқони “таърихи фалсафа” аз он иборат аст, ки ӯ забони англисӣ медонад ва бо истифода аз мафҳумҳои калидии фалсафаи Ғарб исломро модернистӣ ва замонасозӣ мекунад. Ӯ мафҳумҳое чун ҳақ, ҳақиқат, қудрат, озодӣ, дониш, ақл, имон, худӣ, субъект, фард, шахсият ва ғайраро, ки аслан дар суннати фикрӣ ва контексти сиёсию иҷтимоии аврупоӣ ба миён омадаанд, дар як ҷо мегузорад ва бо зоҳири зебои онҳо мехоҳад зеҳни хонандаро ба тафаккури мушавваш ва сиёсатзадаи худ ҷалб ва мафтун намояд. Гӯё ҳамаи ин мафҳумҳо ва падидаҳои ба онҳо марбутро метавон дар Ислом пайдо кард. Аммо шарҳи ин мафҳумҳоро намеорад ва шояд гумон дорад, ки танҳо пас аз қудратманд шудан метавон моҳияти онҳоро дарк кард. Чунон ки мебинем, ӯ чун муфассирони дигар бо мафҳумҳо бозӣ мекунад, то ки мардумро, на барои “сохтмони худӣ”, балки барои сохтмони давлату ҷомеаи исломӣ сафарбар ва фаъол кунад. Дар суннати

исломӣ, тафсир таҳлилу баррасии илмӣ нест, балки бо истифода аз мафҳумҳои калидии зеҳни авом (Худо, субстансия, эманатсия, рӯҳ, офариниш...) онҳоро ба манфиатҳои қудратмандони исломӣ сӯиистифода (манипулятсия) кардан мебошад.

Воқеият он аст, ки Худӣ ҳеч гоҳ мафҳуми калидӣ дар фалсафа ва фарҳанги *исломии* тоҷик набуд. Фақат баъд аз он ки Муҳаммад Иқбол дар Англия таҳсил ва ба фалсафаи аврупоӣ ошноӣ пайдо кард, ин мафҳум мавриди истифода қарор гирифт. Ба ҷои ин, дар афкору осори сӯфиёни эронӣ мафҳумҳое чун "бехудӣ" ва "адаб" роиҷ буданд, ки маънои зидди "худӣ"-ро доштанд. Аммо он чи Меҳмоншоҳ мехоҳад дар мавриди ин мафҳумҳо тафсир диҳад ва аз урафои мавриди писандаш, чун Мавлавӣ, пайдо кунад, дуруст нест. Ӯ аз ҷумла "адаб"-ро дар таърихи тафаккури исломӣ чунин таъриф медиҳад: "Ҳамоҳангӣ, ба ҳам сохтани ақл ва имон боиси шакл гирифтани низоми муайяне дар системаи фикрӣ ва биниши мусалмонон шуд, ки онро "адаб" метавон гуфт ва нуқтаи марказии ҷамъкунандаи ин низомро худие, ки дар ҷустуҷӯи ҳақ ҳаст ташкил медиҳад."[122] Ба ифодаи содатар, Меҳмоншоҳ гуфтан мехоҳад, ки адаб мафҳумест, ки ақл ва имонро дар якҷоягӣ ифода мекунад. Ин гуна кӯшиши ба ҳам овардани Ақл ва Имон ҳамеша хоси мутакаллимони исломии асрҳои миёна ва модернистони исломие чун Муҳаммад Иқбол ва пайравони онҳо чун Меҳмоншоҳ Шарифзода будааст. Ин хосияти деструктивӣ (вайронкорӣ) ва зиддизиндагии тафаккур ва ҷаҳонбинии динӣ мебошад, ки дар асрҳои миёна бар зидди Ибни Ровандӣ ва Закариёи Розӣ нигаронида шуда буд ва ҷараёнҳои фалсафӣ-динии машшоия ва каломро ба миён овард. Форобӣ ва Ибни Сино чунин заминаро ба вуҷуд оварданд ва бо истифода аз ин замина мутакаллимоне чун Ғаззолӣ ва орифоне чун Мавлавӣ на фақат андешаи фалсафӣ, балки худи ин заминагузоронро такфир карданд. Ҳамин гуна, суннати ақлгароӣ комилан аз арсаи эҷод ронда шуд. Барои он ки иддаои мо бе далел набошад, як порае аз андешаи Мавлавиро дар мавриди *Адаб* ин ҷо баррасӣ мекунем. Дар "Маснавии маънавӣ"-и худ ӯ мегӯяд, ки илми инсонӣ дарду бемории ва мушкилоти инсонро шинохта ва ҳал карда наметавонад. Агар чунин талабро аз ғайри Худо, яъне инсон

---

[122] Шарифзода, Худӣ ва ҳақиқат. 2014. – Саҳ. 7

дошта бошем, пас, мо «беадаб» ҳастем. Адаб риоя кардани ин ҳад, яъне пазируфтани ин андеша аст, ки инсон ва ақли ӯ тавоно ва мушкилосонкун нестанд. Тибқи ин фаҳмиш, сухани Фирдавсӣ беадабӣ аст, ки гуфтааст: «Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад». Ва низ “Ҷаҳонбинии оянда” беадабӣ аст. Ва ё ин таърифи адаб аз тарафи Мавлавӣ даъвои Меҳмоншоҳро рад мекунад, ки донишро қудрат меҳисобад ва онро дар сарчашмаҳои исломӣ меҷӯяд.

Дар баёни “Мавлавӣ”, “беадабӣ” ба маънои ба қудрати Худо таваккал ва такя накардан, балки ба ақли худ бовар доштан аст. Беадабӣ тадбири ақлӣ барои рафъи мушкилоти рӯзона ва абадии инсон ҷустан аст. Барои ҳамин, он дар айни замон “бадгумонӣ”, “ҳирсоварӣ” ва “куфр пеши хони меҳтар” (ибораҳои худи Мавлавӣ дар “Маснавии Маънавӣ”) мебошад. Ба ибораи дигар, такя кардан ва тадбир ҷустан аз ақли инсонии худ ба куфр баробар дониста мешавад. Он қудрати илоҳиро зери савол мегузорад. Аз ин рӯ, Мавлавӣ беадабӣ ва ё бартар гузоштани қудрати худ дар муқобили қудрати Худоро мӯҷиби ҷазоҳое чун хушксолӣ, заминҷунбӣ ва дигар бадбахтиҳо медонад. Дар қиссаи ошиқ шудани шоҳ ба канизаке ин матлабро ба таври возеҳ пешниҳод мекунад. Шоҳ ба он маъно “беадаб” аст, ки аз аҳли ақл, яъне табибон тадбири ҳолати равонии худро мепурсад, дар ҳоле ки ба Худои ҳамадон ва ҳаматавоно (қодири кул) таваккал намекунад. Дигар ҷанбаи беадабӣ дар ин робита, ки Мавлавӣ ишора мекунад, дӯст доштани зан, зиндагӣ ва ҷаҳон мебошад, ки боз ҳам шубҳа ва ширк овардан ба камоли рӯҳонии Худо чун ҳадафи майлу ишқи инсонӣ аст. Беадабиро ӯ дар дил бастан ба ин ҷаҳон ва барои рафъ кардани мушкилиҳои он аз ақлу дониши инсонӣ кор гирифтан мебинад. Беадабӣ дар муқобили қудрату дониши мутлақи илоҳӣ аз ӯ рӯ тофтан ва ба ҷасорату худкифоии ақли худ эътимод бастан мебошад. Чунон ки “Шуд Азозиле зи ҷуръат радди боб”.[123] Бо илҳом аз пири тарсӯи худ, Меҳмоншоҳ дар мақолаи “Худӣ ва ҳақиқат” зоҳиран ба муаллифони “Ҷаҳонбинии оянда” мешӯрад ва аз Мавлавӣ чунин иқтибосе

---

[123] Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ, «Маснавии Маънавӣ» (тасҳеҳи Райнолд Николсон). Теҳрон: Интишороти Паймон. 1385. – Саҳ. 11-17

меорад: “Эй аблаҳ, Худованд ба исбот кардан ҳоҷат надорад, агар метавонӣ худро ба Худованд исбот кун”, чун ӯ мегуфт “мехоҳам Худовандро исбот кунам”...”[124]

Агар камоли “беадабӣ” ва густохӣ ҳам бошад, мо, муаллифони “Ҷаҳонбинии оянда”, ба ин бовар ҳастем, ки ҳатто агар Худо вуҷуд дошта бошад ҳам, дар сохтани вазъият ва тақдири Инсон иштирок намекунад. Агар Худо вуҷуд дошта бошад ҳам, дар фоҷиаи Инсон ҳамагӣ мушоҳидагари хунсард, бетараф, бепарво ва бераҳме беш нест. Ҳар рӯз аз гуруснагӣ, ҷанг ва дигар фоҷиаҳо дар ҷаҳон 21 ҳазор кӯдак мемиранд. Ҳар сол қариб 70 ҳазор одам аз фалокатҳои табиӣ мефавтанд. Ва монанди ин мисолҳоро метавон беохир овард. Бинобар ин, мо бояд худамон вазъияти худроислоҳу беҳбуд кунем. Агар мо дар чунин вазъият ба умеди дигаре шинем ва аз имконияту қудратҳои ақлонии худ истифода набарем, агар ба ҷои дар илму маориф роҳи ҳал ҷустан ба инқилобҳои сурху рангаи сиёсӣ ва ҳарбӣ такя кунем, шояд дар даҳсолаҳои минбаъда аллакай дер кардаем. Дар ин гуна вазъият гузориши масъала дар мавриди будану набудани Худо танҳо ба хотири он аст, ки мо ба қудрати худи Инсон боварӣ пайдо кунем. Аммо ин матлабро ҳангоматалабону инқилобхоҳон нодида мегиранд. Онҳо бо истифода аз ин гуна гузориши масъала мехоҳанд аз эҳсосоти мардум барои бозиҳои сиёсии худ истифода баранд. Аммо равшанфикрон набояд “аблаҳ” бошанд, ки бозичаи дасти дигарон қарор гиранд ва дар мавриди вазъияти худ бо ақлҳои туфайлии дигарон андеша кунанд.

Он чи Меҳмоншоҳ дар мақолаи “Худӣ ва ҳақиқат” дар робита ба “беадабӣ ки дар низоми фикрии ғарбиён сар зад ва ба буҳрону шикасти фалсафа дар Ғарб овард...”[125] мегӯяд, як нофаҳмии бисёр амиқи ӯ дар мавриди фалсафа ва андешаи муосири Ғарб аст. Танқиди Нитше, Ҳайдеггер ва ё Деррида аз андешаҳои фалсафии гузаштагони худ (Афлотун, Арасту, Декарт, Кант...) ба он маъно нест, ки дингаройӣ мекунанд ва ақлро бо имон омезиш медиҳанд. Балки *танқид* на *беадабӣ,* балки суннати асосии фалсафаи Ғарб мебошад: бо танқид ҳеч кас намеранҷад ва ҳеч кас худро таҳқирёфта эҳсос намекунад. Аммо ин суннат хоси мусалмонони

---

[124] Шарифзода, Худӣ ва ҳақиқат. 2014. – Саҳ. 7
[125] Шарифзода, Худӣ ва ҳақиқат. 2014. – Саҳ. 14

“боадаб” нест. Дар ҳақиқат, Шопенҳавер, Нитше, Ҳайдеггер ва дигарон фалсафаи классикии худро накд карданд. Агар усулҳои фалсафии онҳоро барои бознигарии фалсафаи исломӣ ба кор барем, ман бовар дорам, ҳеч осоре аз ин фалсафа боқӣ нахоҳад монд. Шумо як бор таваҷҷуҳ кунед, ки Шопенҳавер дар мавриди дини Ислом чӣ мегӯяд![126] Ва ё Нитше дар бораи Масеҳият чи мегӯяд!

Дар ҳақиқат, Ғарб дар буҳрони фикрӣ қарор дорад. Аммо ин ба он маъно нест, ки онҳо аз Ақлу илм даст кашанд ва ба Имону дин рӯ оранд. Ва ё ҳар дуро муттаҳид кунанд, чунон ки модернистони исломие чун Муҳаммад Иқбол ва Меҳмоншоҳ Шарифзода иддао мекунанд. Сабаби асосии буҳрони Ғарб сарфи назар кардани мушкилот ва хатарҳои вуҷудии Инсон, пеш аз ҳама, Марг мебошад. Он чи мо дар "Ҷаҳонбинии оянда" гуфтаем.

Меҳмоншоҳ дар ҳар як мақолаи худ, аз он ҷумла дар “Худӣ ва ҳақиқат” ва "Таҷрибаҳои Ғарб..." аз файласуфони №1-и аврупоӣ мисол меорад. Аммо ба бузургон баъзан фазлфурӯшӣ ҳам хос аст. Ӯ низ аз ин орӣ нест. Бо ном ва баъзе осори файласуфони ғарбиро қайд кардан, ӯ мехоҳад назари шахсии худро тасдиқ кунад. Назари шахсии Меҳмоншоҳ, албатта, ошкор аст, ки модернизатсияи ислом мебошад. Ин давоми ҳамон кӯшишҳое ҳаст, ки модернистони исломӣ чун Ҷамолиддини Афғонӣ ва Муҳаммад Иқбол мекарданд. Аммо натавонистанд ҷомеаҳои Афғонистону Покистонро аз вартаи маргу нестӣ раҳо кунанд. Имрӯз ин ду миллат ба қавли худи Иқбол "ҷаҳонро бори дӯшанд".

Баҳси дигари Меҳмоншоҳ дар атрофи масъалаи *дуализм* мебошад,[127] ки онро Комил Бекзода дар мақолаву китобҳои худ чун яке аз аслҳои фалсафаи тоҷик муайян кардааст. Дар ҳақиқат биниши дуалистӣ, ки аз он ҷумла хоси Зардуштия (ду мабдаи ҳастӣ - Аҳурамаздо ва Аҳриман) ва Монавия (Равшанӣ ва Торикӣ) аст, назар ба биниши монистӣ (тавҳидӣ) воқеъбинтар

[126] Артур Шопенгауэр, Мир как воля и представление (Собрание сочинений). – М.: Престиж Бук, 2011

[127] Шарифзода, Худӣ ва ҳақиқат. 2014. – Саҳ. 7

мебошад. Ҷаҳони мо аз ду қувва - Некӣ ва Бадӣ иборат аст. Инсон намояндаи қувваи некӣ аст, ки аз зиндагӣ ҳимоят мекунад, дар ҳоле ки дар табиат ва Кайҳон қуввае низ вуҷуд дорад, ки ба зиндагии Инсон хатар эҷод мекунад. Ин қувва фарогири хатарҳои табиӣ, бемориӣ, гуруснагӣ, ҷанг ва марг мебошад. Дигар ҷанбаи дуализмро метавон дар Огоҳӣ ва Ноогоҳӣ ва ё Ҳамдигарфаҳмӣ ва Нофаҳмӣ мушоҳида кард. Инсони огоҳ ва ҳамдигарфаҳм аз қувваи некӣ ва равшанӣ намояндагӣ мекунад, дар ҳоле ки ноогоҳӣ ва нофаҳмию каҷфаҳмӣ барои зиндагии инсон бисёр хатарноканд. Ноогоҳӣ ва нофаҳмие, ки имрӯз дар ҷаҳон ҳукмрон гардидааст, боиси ҷанг дар байни намояндагони миллату динҳои гуногун шудааст. Таассубҳои нажодию мазҳабӣ одамонро дар ҳолати ҷаҳли мураккаб нигоҳ медорад. Дар ин гирудори ҷаҳломез онҳо аз воқеияти худ дар муҳити хатарноки Кайҳон бехабар мондаанд. Инсони дуалист ҳамеша воқеъбинтар аз инсони тавҳидӣ аст, аммо ин чунин маъно надорад, ки бо худро дар муқобили табиату Кайҳон гузоштан онҳоро инкор мекунад. Балки ӯ худро ба муқобили *хатарҳои табиӣ ва кайҳонӣ* мегузорад ва бо истифода аз ақл онҳоро рафъ мекунад, то ки зиндагии худро ҳифз намояд. Аммо инсони тавҳидие, ки Меҳмоншоҳ васф мекунад, чунин хусусияти зиндагисозиро надорад. Он аз хатарҳои табиӣ ва кайҳонӣ огоҳӣ надорад ва ё агар дошта бошад ҳам, мавҷудияти онҳоро зарурӣ ва оқилона меҳисобад. Дар ин маврид ба китобҳои "муқаддас"-и динҳои сомӣ (Таврот, Инҷил ва Қуръон) таваҷҷуҳ кунед: обхезӣ, заминҷунбӣ, бемориӣ ва дигар офатҳо барои ҷазо додани инсон фиристода мешаванд. Ин гуна тафаккури тавҳидӣ мушкилоту офатҳо ва хатарҳои иҷтимоию табииро ба рамзи ҳикмату қудрати фарогири Худо табдил медиҳад. Дар натиҷа, инсони тавҳидӣ дигар дар мавриди роҳи раҳоии ақлӣ ҷустан аз ин гуна мушкилот андеша намекунад. Дар ҳақиқат андешаи "мардони Худо" тавҳидӣ, яъне фаталистӣ (тақдирпарастона) мешавад. Онҳо барои ҷавоб ҷустан ба мушкилоти рӯзона ва афзояндаи худ ба 1400 соли пеш бармегарданд ва мехоҳанд аз ваҳю суннатҳо онҳоро пайдо кунанд. Аммо ин на фақат ғайриимкону абсурд аст, балки оқилона низ нест.

**Номвар ҚУРБОН**

# НОХУДОГОҲЕ ДАР САРГАҲИ ХУДОШИНОСӢ
Ё
(*Пайдошударо зи даст дода, Мо гумшударо суроғ дорем…*)

I

*Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,*
*Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд (Саъдӣ)*

Таърихи 11-уми апрел (соати 11[53]) ва 11-уми июни (соати 09[44]) соли 2014 тавассути сомонаи интернетии «http://www.turajon.org» мақолаҳои Маҳмуд Тӯраҷонзода таҳти унвонҳои «Роҳҳои Худошиносӣ» ва «Роҳи ҳисс роҳи харон аст ай аъёр!.. ва ё муқаддимае бар мақолаи аввал» пахш гардиданд. Дар ин мақолаҳо Маҳмуд Тӯраҷонзода чанд фикру назари худро оид ба роҳҳову усулҳои худоҷӯиву худошиносӣ пешкашӣ хонандагон гардонидааст. Вале мақолаҳои Тӯраҷонзода сар то по динию ғайриилмӣ ва таассубноку ғаразнок буда, дар онҳо ягон далели мушаххасу қонеъкунандаи илмию мантиқӣ истифода нашудааст. Дар мақолаҳои зикргардида, муаллиф тамоми афкору андешаи худро аз дидгоҳи дину мазҳаб, ифроту таассуб, илоҳиёти исломӣ ва оёту ҳадис баён карда, хостааст, ки кулли илмҳои имрӯзаро илоҳиётшиносӣ «theologizing» ва мазҳабӣ намояд. Тӯраҷонзода бо вуҷуди ба тамоми масъалаҳо ҷанбаи динӣ - мазҳабӣ доданаш, фикри худро чунон муғлақ баён кардааст, ки аз ин мақола чизе пайдо кардани хонанда ғайри имкон аст. Аслан чи хостан ва чи гуфтани муаллиф номаълум буда, ӯ бо ин амали худ хоста ки: «Обро лой карда, моҳӣ гирад». Ин баҳсе, ки Маҳмуд тавассути мақолоти хеш бардоштааст, баҳси носолим аст, чун ки ӯ ба тамоми масъалаҳои илмии табиӣ, техникӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва ғайра ҷанбаи динию мазҳабӣ ва сиёсӣ додааст. Ба хонанда ва шунавандаи ҷавони ноогоҳ зарари маънавии азим ва азоби алим расонида, аз самти илмҳои дақиқ ба гумроҳа бурда, ба қобилияти эҷодкории таваҷҷуҳкунандагони воқеӣ халал эҷод мекунад. Дар умум ба мавқеу моҳияти илмии миллат теша бар реша мезанад. Чун Тӯраҷонзодаҳо нағз медонанд, ки дар баробари пешрафти илму техника ҳеҷ коре анҷом дода наметавонанд, бинобар ин саъй мекунанд, то кулли кашфиёту

ихтироот ва дастовардҳои илмиро динӣ (исломӣ) намуда, онро муқобили илму дониш ва олимону мутафаккирон истифода баранд. Вақте ки ба гуфти А. Кошонӣ (1186 - 1276):

*Онон ки ба бандагӣ намеарзиданд,*
*Имрӯз мурида пайравоне доранд.*

Чи тавре ки аз мақолаи Тӯраҷонзода маълум аст, ҳама фикру ақидаҳои баён намудаи ӯ дар худ таноқуз дошта, муқобили ҳамдигаранд. Илова бар ин, ӯ хостааст, ки тамоми навиштаҷоти олимони аврупоие чун Исаак Нютон (1643 - 1727), Чарлз Дарвин (1809 - 1882), Уилям Ҷемс (1842 - 1910), Зигмунд Фрейд (1856 - 1939), Алберт Эйнштейн (1879 - 1955), Карл Густав Юнг (1875 - 1961) ва нафарони дигарро исломӣ нишон диҳад. Лекин ба самъи ӯ мерасонем, ки ин олимон намояндаи илму дониш ва фарҳангу маърифатанд, на дину мазҳаб. Дар баробари ин, муаллиф барои тақвият бахшидан ва комил гардонидани фикраш аз эътиқоду боварии намояндагони динҳои дигар ёдовар мешавад, ки он дар худи худ корест арзанда. Аммо Тӯраҷонзода аз тарси вуҷудӣ ва ба хотири хусумати динию мазҳабӣ нисбати динҳои ғайриисломӣ, ягон сураеро аз китобҳои муқаддасе чун «Авесто», «Забур», «Инҷил», «Таврот», «Типитака», «Кодзик» ва ғайраву гуфтаҳои пайғамбаронашон ёдовар намешавад, ки ин амал ба шахсияте чун Маҳмуд зебанда нест. Ба муаллиф гуфтанием, ки чаро Шумо аз дастоварду кашфиёти намояндагону пайравони динҳои аҷнабӣ истифода менамоеду барои тақвияти суханонатон ба ҷуз Худову Расулу Набии исломӣ, заррае аз худову пайғамбарони он динҳо ишорат намекунед ё онҳоро нодида мегиред ва ё инкорашон мекунед? Ва ҳатто дар баъзе ҳолат ин диндориву худоҷӯии онро амалҳои беҳудаву ғайриахлоқӣ меномед. Ҳоло он ки дини ислому китоби муқаддаси Қуръон давоми мантиқӣ ва ё тарҷумаи арабии эҷодкоронаи динҳову китобҳои муътабари пешинаанд, на аз ин зиёд! Масалан, барои исботи ин суханон танҳо як фикреро пешкаши Маҳмуд мегардонем, ки онро ҳамаи динҳо пайи ҳам такрор ба такрор истифода кардаанд ва дини ислом низ аз ин қатор дар канор нест:

Буддоӣ: «*Ба дигарон раво мадор, он чи худ раво намешуморӣ*».
Ҳиндуӣ: «*Ба дигарон раво мадор, он чи ба ту дард меорад*».
Даосӣ: «*Бурди дӯстро бурди худ шумор, бохташро бохти худ*».
Яҳудӣ: «*Он чи худ бад мебинӣ, ба дигаре раво мадор*».

Масеҳӣ: «*Ба дигарон тавре рафтор кун, ки мехоҳӣ ба ту ончунон рафтор кунанд*».
Ислом: «*Наметавон мӯъмин шумурд онеро, ки бо хоҳару бародари худ он чи хеш мехоҳад, намехоҳад*».

Аз ин навишта ба хулосае омадан мумкин аст, ки ана ҳамин гуна суханонро пайравони як дин аз намояндагони дини пешина ба орият гирифта, онро ба ҷаҳонбинӣ ва расму қоидаҳои динии худ ҳамоҳанг месозанд. Тӯраҷонзода бошад, кӯшиш намудааст, ки дар байни афкору андешаи олимони ғайримусулмон сар сарӣ сайр карда, аз гуфтаҳои онҳо як ҷаҳонбинии танги динию мазҳабӣ сохта барорад. Аммо Маҳмуд ба суханони олимони иқтибосовардааш сатҳӣ назар карда, ба умқи масъалаи ҷавҳарии андешаи ҳамон олимон сарфаҳм нарафтааст. Ӯ бо ин амалаш хостааст, ки ҷаҳонбинии мазҳабии хешро аз навиштаҳову гуфтаҳои олимони номбаршуда пайдо намояд. Лекин он амале, ки ҷаҳонбинии худро дар дохили ҷаҳонбинии дигар олим ҷустуҷӯ намоӣ, корест муқобили пажӯҳиши илмӣ ва аз ақли инсони солим берун. Чунки агар инсон ҷаҳонбинии худро дар дохили ҷаҳонбинии ин ва ё он олим ҷустуҷӯ намояд, ин кор амалеро мемонад, ки ҳамон инсони ҷустуҷӯгар олами атрофро на бо чашмони худ мебинад, на бо ақли хеш дарк мекунад, балки бо босираи ҳамон олим ба ҷаҳон нигариста, аз рӯи фаҳмиши ӯ ба олами атроф баҳо медиҳад. Яке аз хизматҳое, ки Тӯраҷонзода ҳангоми навиштани мақолаҳояш анҷом додааст, маҳз ҳамин аст, яъне ӯ натавонистааст сарҳади байни илму дин, ҳақиқати илмию ривояти динӣ ва кашфиётҳои олимону аҳодиси пайғамбарро муайян намояд. Аз ин навиштаҳои вай чунин ба мушоҳида мерасад, ки Тӯраҷонзода ҳама чизро якҷоя карда, натавонистааст аз доираи андешаҳои қолабию афкори куҳнапарастиаш ба берун нигарад. Ӯ дар вақти навишти мақола аз ҳар олиме иқтибосҳо (баъзеяшон иқтибосҳои бардурӯғу сохтаанд) оварда, ҳамон андешаеро, ки ба ҷаҳонбинии исломӣ созгор аст, нигоҳ доштааст ва он қисматеро, ки бар хилофи исломи Қуръон аст, қабул накардааст. Ин кори Маҳмуд ғаразноку таассубнок буда, ба хизмати инсони пажӯҳишгару таҳқиқгар заррае ҳам шабоҳат надорад.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ҳамзамон, Маҳмуд ба ҷои он ки дар мақолаҳояш далелҳои илмиро оварда, тарзу усули «роҳҳои худошиносӣ» - и пешниҳодкардаашро нишон диҳад, баръакс ким - кадом афсонаву ривоятҳои сохтаю бофтаи омиёнаро, ки дар ягон сарчашмаи илмӣ зикр нагардидаанд, истифода намуда, хонандаро ба гумроҳа мекашад. Дар ин маврид шоҳбайтеро аз осори Абулмаъонии Бедил (1644 - 1721) зикр намудан, айни муддаост:

*Ғафлати олам фузуд аз саргузашти рафтагон,*
*Ҳар куҷо афсона бошад, ҳеҷ кас бедор нест.*

Маҳмуд аз рӯи фаҳмиши шахсиаш дар аввали мақолаи якумаш се роҳи «худошиносӣ» - ро нишон дода, каме поёнтар аз он муқаррар менамояд, ки: «*Қуръони карим барои исботи вуҷуди Худо аз ин ду роҳ зиёд истифода кардааст*». Аз ин сухани ӯ бар меояд, ки гӯё пеш аз нозил шудани Қуръон ҳам ду метод ё усули «исботи вуҷуди Худо» вуҷуд доштааст у Худо барои навиштани Қуръони Маҷид аз ин роҳҳо такроран истифода карда бошад. Ин андешаи Тӯраҷонзода ба ҷаҳонбинии динӣ (исломӣ) созгор набуда, нақши бунёдии каломи Оллоҳро инкор менамояд. Сипас, муаллиф хостааст, то ба хонандагон нишон диҳад, ки Худо дар ҳама ҷо ҳозиру нозир буда, ҳастии Ӯ дар кулли мавҷуд ва тамоми махлуқоту наботот мушоҳида мешавад. Муаллиф ин фикри худро ба чунин суханон пешкаш менамояд: «*…дар олами паҳновари офариниш ба гардиш мепардозем ва нишонаҳои вуҷуд ва ҳастии Худоро дар пешонии тамоми мавҷудот ва дар дили ҳар заррае аз махлуқот мушоҳида мекунем*». Аввалан, ин навишта фаҳмиши илмӣ набуда, балки фарзияи таълимоти илоҳӣ «theological» намояндагони ҷараёни пантеизм «pantheism» (ваҳдати вуҷуд) мебошад, ки онро Маҳмуд моҳирона ба манфиати ғаразноки худ истифода бурданӣ шудааст. Аммо ин кори ӯ хизмати нав набуда, балки як фикри фарсудаю куҳнашудаест, ки онро тақрибан 600 сол қабл дар Аврупо пантеистоне чун Ҷон Толанд, Николай Кузанӣ, Бенедикт Спиноза, Ҷордано Бруно ва дигарон ҳал карда буданд. Дуввум ин ки, Тӯраҷонзода баҳси ҳастии Худоро ба як «мазҳака» табдил додааст, зеро ба андешаи ӯ Худо дар дили ҳар зарра ва ҳар махлуқи алоҳидае вуҷуд доштааст. Акнун Худованди Карим ин қадар бечораву нотавон шуд, ки онро одамоне чун Маҳмуд дар дохили ҳар зарра, дар дили ҳар махлуқ, дар даруни ҳар шайъ ва дар дигар ҷои ҳар ҷисм ҷойгир менамоянд. Магар ҳамин аст, «худошиносӣ» - ву «худоҷӯӣ» - и диндороне чун

Тӯраҷонзодаҳову тӯраҷонзодамаобон?. Масалан, Тӯраҷонзода дар як ҷои мақолаи дуюмаш даъво дорад, ки Худо кайҳони нопайдоканорро идора менамояд, дар ин ҷо бошад, вай бар он назар аст, ки Оллоҳ дар дили ҳар зарраи нонамоёну ҳар махлуқаки кӯчаке мавҷуд мебошад. Ҳар инсони соҳибназар аз ин навиштаҳои муаллиф хулоса менамояд, ки ӯ бо ин қадар даъвою вал - вала намедонад, ки макони Худо дар куҷост. Ё ба гуфтаи А. Кошонӣ:

*Эй соҳиби ин масъалаи роҳнамо,*
*Медон ба яқин, ки ломакон аст Худо.*
*Хоҳӣ ки туро кашф шавад ин маънӣ:*
*Ҷон дар баданат бубин, куҷо дорад ҷо?*

Ба ин мавҳумоти лояқини Кошонӣ гумони худро ҳақиқати ҳақ данист, ба қавли Аттор «Пардаи пиндор мебояд дарид, Тавбаи тазвир мебояд шикаст» - ро амалӣ намекунанд. Мумкин гуфтан мехоҳад, ки худи ӯ Худои азза ва ҷалла асту дар шахсияти вай таҷассум ёфтааст. Наузанбиллоҳ! Афвокаллоҳ!!!

Тӯраҷонзода дар ҷои дигари мақолааш роҳбарони як қатор давлатҳои исломию мусалмониро ба коммунистию материалистӣ муттаҳам намуда, ишорат менамояд, ки: *«…мешавад аз намунаҳои тоза ва воқеъӣ аз асри мо барои тамсили ин гуфтаҳо достони зиндагии Муаммар Қаззофӣ - ҳокими собиқи Либия, ва Саддом Ҳусайн - ҳокими собиқи Ироқ, ва Башор Асад - ҳокими феълии давлати Сурияро зикр намоем».* Аммо Маҳмуд бехабар (итминони комил дорам, ки ӯ аз ин масъала хабар дорад ва онро нодида мегирад) аз он ки ҳамаи роҳбарони сиёсии номбаркардааш намояндагони дини исломанд, на пайравони динҳои буддою зардуштӣ ва яҳудӣ масеҳӣ. Аз саҳифаи пурфоҷиаи таърихи башар маълум аст, ки бештари ҳамин гуна амалҳои ғайриинсонию ваҳшиёнаро нисбат ба мардуми одӣ танҳо ва танҳо сарвароне раво дидаанд, ки намояндаи дини мубини ислом буданд. Барои мисол, аз замони роҳбарии халифаҳои рошидин Абӯбакр ибни Сиддиқ (632 - 634), Умар ибни Хаттоб (634 - 644), Усмон ибни Аффон (644 - 656), Алӣ ибни Абутолиб (656 - 661) оғоз карда, (ба истисноӣ Ҷамол Абдулносир), то ба имрӯз бисёре аз сарварони сиёсии арабу арабшуда даст дар қатлу ғорат доранд, на хайру саховат ва пешбурди давлату ҳукумат. Масалан, баъд аз

вафоти халифа Умар дар байни намояндагони қабилаи қурайш (алалхусус, хусуматҳои шахсии Усмон ва Алӣ барои ба даст овардани мансаби хилофат) низоъҳои дохилӣ оғоз гардида, он каме баъдтар сабабгори пайдоиши мазҳабҳо ва равияҳои ҷудоихоҳӣ исломӣ шуд. Ба Тӯраҷонзода гуфтанием, ки оё чунин амали ваҳшатноку даҳшатангезеро дар миёни ягон роҳбар ва мардуми кишварҳои ғайриисломию ғайримусалмон дидаед? Ва ё чунин амалҳои нопокеро, ки Шумо қатор карда намуна овардаед, магар Шарл де Голл барои аҳолии Фаронса, Франклин Рузвелт барои сокинони ИМА, Уинстон Черчилл барои мардуми Британияи Кабир, Ҷавоҳирлол Неҳру барои аҳолии Ҳиндустон, Мария Изабелл Перон барои сокинони Аргентина, Уго Чавес барои аҳолии Венесуэла ва Ангела Меркел барои марудми Олмон раво дида буданд? На, ҳаргиз раво надидаанд ва давомдиҳандагонашон ҳам дар оянда раво нахоҳанд дид!

Маҳмуд иддао дорад, ки: «*Феълан тибқи оморе, ки созмонҳои илмӣ – социологии ҷаҳон пахш намудааст, аз 7 млрд аҳолии кураи замин: беш аз 1.5 млрд мусулмон…*». Оё Тӯраҷонзода бо ин иддаояш гуфта метавонад, ки ин 1,5 миллиард мусалмонони сайёра (қисми ифротие аз он) ба ғайр аз қатлу ғорат ва террору экстремизми ҳамдигар ба кадом кашфиёт ё ихтирооти ҷаҳоншумуле даст ёфтаанд ва мушкилии иҷтимоии мавҷудоти оламро осону арзон намудаанд? Агар нафаре ҳам бошад, бе шак муқобил ба ин ифроту тафрит ва таассубу хусуматҳои динӣ - мазҳабии Тӯраҷонзодаҳову пайравонашон аст. Имрӯз дар бисёре аз мамолики гуногуни ҷаҳон ҳазорон - ҳазор донишмандони собиқ мусулмонеро вохӯрдан мумкин аст, ки ба ин андешаҳои қолабию куҳнапарастӣ муқобил буда, онҳоро маззамат менамоянд (ба самъи Маҳмуд мерасонем, ки хушбахтона касе аз онҳо тоҷикистонӣ нест): Ибни Варақ (тав. 1946), Айан Ҳирсӣ (тав. 1969), Вафо Султон (тав. 1958), Эҳсон Ҷомӣ (тав. 1985), Иршод Манҷӣ (тав. 1968), Абдул Раҳмон (тав. 1965), Таслима Носрин (тав. 1962), Носир Ҳайдар (тав. 1963), Анвар Шайх (1928 - 2006), Марям Намозӣ (тав. 1966), Халид Дуран (1939 - 2010), Нямко Сабунӣ (тав. 1969), Нонӣ Дарвеш (тав. 1949), Маҳдӣ Олам (тав. 1952), Закариё Ананӣ (тав. 1957), Аҳмад ал - Раҳим (тав. 1960) ва садҳо нафари дигар. Мисоли дигар ин аст, ки дар 105 соли охир танҳо аз халқи яҳуд (шумораашон дар тамоми сайёра беш аз 13 млн. аст) 180 нафар соҳиби Ҷоизаи байналхалқии нобелӣ дар

соҳаҳои мухталифи илм гардиданд ва аз миёни 1,5 млрд. мусалмон танҳо се нафар ин ҷоизаи бонуфузи ҷаҳониро ба даст овcovered, ки боз яке аз онҳо: физикдони покистонӣ Абдус Салом (1926 - 1996) ҳам шогирд ва дастпарвари ҳамон ғарбиён. Ва тибқи омори имрӯзаи маориф ва илми ҷаҳонӣ дар олами Ислом (дар 57 кишваре, ки 1,5 млрд. аҳолӣ доранд) ҳамагӣ 500 донишгоҳ вуҷуд дошта, дар ИМА бошад, 5750 донишгоҳ амал мекунаду дар Ҳиндустон 8407 донишгоҳ фаъолият менамояд. Тафовутро бинед, ин куҷову он куҷо….

Тӯраҷонзода ҳангоми навиштани мақолааш намедонад, ки физик - назариётчии шаҳир, асосгузори назарияи нисбият ва кашшофи ҳодисаи фотоэффект Алберт Эйнштейн дар кадом соҳаи физика ё риёзӣ тадқиқот бурдааст, лекин аз номи ӯ бас сафсата мебофад ва мехонад. Бо вуҷуди ин, худро донандаи физикаи муосир нишон дода, чунин менависад: «*Олими машҳури дунё султони риёзидон ва кашшофи атом - Алберт Эйнштейн, ҳам инчунин назарияе дар бораи пайдоиши эътиқод ба Худо ва дину оин дорад….*». Ба Маҳмуд гуфтанием, ки барои пешрафти илму техника ва зиндагии башар на боввариву эътиқоду эътимод ба Худо, балки дастовардҳои илмии Эйнштейн лозиманд. Ва боз ба таваҷҷуҳи Тӯраҷонзода ба таври мухтасар кашфиёти Эйнштейн - назарияи нисбияти махсус (1905), ҳодисаи фотоэффект (1905), назарияи квантии гармиғунҷоиш (1907) ва назарияи нисбияти умумӣ (1916) - ро ёдовар шуда, гуфтанием, ки ӯ маҳз барои чунин тадқиқоти (алалхусус барои кашфи ҳодисаи фотоэффект) соли 1921 сазовори Ҷоизаи байналхалқии Нобелӣ дар соҳаи физика гардид, на барои боварӣ ва этиқод ба Худо! Иштибоҳи дигари муаллиф он аст, ки дар таърихи улуми физикаю риёзӣ касе ба Эйнштейн унвонҳои «султони риёзӣ» ва «кашшофи атом» - ро нadодааст, ба ҷуз Тӯраҷонзода. Сабаб дар он аст, пеш аз Эйнштейн риёзидонҳое чун Леонардо Фибоначчӣ (1170 - 1250), Готфрид Лейбнитс (1646 - 1716), Иоганн Бернуллӣ (1667 - 1748), Леонард Эйлер (1707 - 1783), Жозеф Луи Лагранж (1736 - 1813), Карл Гаусс (1777 - 1855), Огюстен Луи Коши (1789 - 1857), Н.И. Лобачевский (1792 - 1856), Георг Фридрих Риман (1826 - 1866), Жюл Анри Пуанкаре (1854 - 1912) ва садҳо нафари дигар ба дастовардҳои илмии худ машҳури ҷаҳон гардида, маҳз ононро

поягузорону асосгузорони соҳаҳои мухталифи риёзиву ҳандаса медонанд. Дуввум ин ки истилоҳи «атом» - ро маротибаи аввал на Эйнштейн, балки файласуфи юнонӣ Левкипп (500 - 440 то эраи мо) ва шогирдӣ ӯ Демокрит (430 - 370 то мелод) ба илм ворид кардаанд. Шумову аҳли саҳобагон гумон доштанд, ки халқи олам дар замони ҷоҳилия умр ба сар мебурду «Сарвари олам» ҳамаро аз ин дараҷаи ҳайвонӣ ба инсони комилӣ расонид. Вақте ки дар Ҳинду Чин, Юнону Африқо ҳиндуҳои қитъакушо ба дараҷаи баланди меъморӣ аҳромҳо (прамидаҳо) месохтанд, бо мувофиқаи гардиши фалаку айём дар макону замон ситораи қутбиро маркази кайҳони дидашаванда аз Замин медонистанд... Барои тасдиқи фикрашон ба ягон махлуқоти Холиқ қасам намехӯрданд, албатта дарк менамоед, ки қасамро барои фиреби сомеон мехӯранд! Чуноне ки мегӯянд: «Худозада бошу қасамзада не».

Баъдтар аз онҳо консепсияи атомизмро аз нав дар асри XVIII физик ва химикдони англис Ҷон Далтон (1766 - 1844) аз нав инкишоф дода, вазни атомии гидрогенро ҳамчун воҳид қабул кард ва вазни атомии газҳои дигарро нисбат ба вазни он муқоиса намуд. Дар ибтидои асри XIX далелҳои таҷрибавӣ - ҳаракати Броунӣ, таҷрибаи Перрен, ҳодисаи диффузия ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки сохти атомӣ доштани моддаҳоро тасдиқ карданд. Дар дохили атом ва ҳастаи он зарраҳои бунёдии мухталифро бошад, олимони дигар кашф намудаанд.

Ин навбат муаллиф худро дарвиншинос «darwinist» ва таҳаввулотшинос «evolutionist» нишон дода, биологҳову табибони донишманди собиқ ИҶШС-ро ба дарвинизм муқобил гузоштааст. Ӯ дар баъзе маврид ҳатто, пайравони назарияи Дарвинро ҷинояткору душмани илму дониш банду баст намуда, бо ин амалаш робитаҳои байналмилалии муштараку дастаҷамъонаи олимону муҳақиқонро коставу дилсард гардонидааст. Муаллиф оид ба пайдоиши ҳаёт дар рӯи Замин (ин танҳо як аз назарияҳои илмии биологист) аз забони Дарвин чунин иқтибос меорад: «*Дарвин мавҷуди аввали зиндаро дар руи замин, ки тибқи назарияи у дар зери об, аввалан ба сурати обсабза ва баъдан ба сурати ҳайвони якҳуҷайра - амёба - пайдо шудааст, мисли атеистҳои шуравӣ, худ ба худ - тасодуфан пайдошуда намедонист*». Вале агар Тӯраҷонзода ақаллан китоби дарсии биологияи синфи даҳуми макотиби миёнаро мехонд, шояд ин иқтибосашро каме дигархелтар менавишт. Ба зеҳни ӯ мерасонем,

ки дар барномаи таълимӣ ва китоби дарсии фанни биология оид ба пайдоиши ҳаёт дар зери баҳру укёнус соати алоҳидае ҷудо шудааст. Моҳияти асосии ин мавзӯъ дар он аст, ки дар ибтидои пайдоиши сайёраи Замин атмосфера тунук буда, нурҳои кайҳонӣ бемамоният аз қабати он мегузаштанд. Аз сабабе, ки об қобилияти шикастани дастаи рӯшноиро дорад, рӯшноии аз берун ба сатҳи замин ворид гардида, наметавонад ба зери об таъсир зиёдтаре расонад. Бинобар ин ҳаёт на дар сатҳи замин, балки дар зери баҳр пайдо гардид ва ин фарзия пеш аз Дарвин ҳам миёни олимон вуҷуд дошт.

Маҳмуд ҳангоми навиштани мақолаи худ бехабар аз он ки Чарлз Дарвин то ба чунин хулосаи илмӣ - мантиқӣ расидан, тӯли 5 сол (аз 27.12.1831 то 02.10.1836) бо киштии «Бигл» сафари давриоламӣ карда, аз шароитҳои метеорологӣ, географӣ ва дигар хусусиятҳои манотиқи мухталифи сайёра огоҳ гардид ва маводҳои фаровонеро ҷамъоварӣ намуд. Аз нисф зиёди умри тӯраҷонзодамаобҳо ба тоату ибодати риёӣ ва ташрифу зиёфату худоихӯрӣ гузаштаасту мегузарад. Дар ин маврид шоири классики тоҷику форс Убайди Зоконӣ (1270 - 1370) хеле дуруст фармуда, ки:

*Сар ба замин «пас» ба ҳаво мекунанд,*
*Гӯй ибодоти худо мекунанд.*

Ё ба гуфтаи Шайх Саъдӣ:

*Ибодат ба ҷуз хизмати халқ нест,*
*Ба тасбеҳу саҷодаву далқ нест.*

Биологи номвар Дарвин тамоми хулосаҳои илмиашро баъди ин сафари тадқиқотӣ пешниҳоди оламиён гардонид, на ин ки ба ӯ аз «қабатҳои гуногуни осмон» ваҳйҳои қоғазпечу гӯшношунид омаданд ва майнаи сари олимро аз назарияҳои таҳавулоти биологӣ пур сохтанд. Ва ё ба гуфтаи устод Бедил: «Тавротнабуд к - аз осмон фуруд омадааст».

Илова бар ин, Тӯраҷонзода аз номи рӯҳонӣ ва ходими сиёсии Эрон Муртаззо Мутаҳҳарӣ (1920 - 1979) менависад, ки ҳангоми вафоти Дарвин дар банди дили ӯ Инҷил қарор дошт, ки дурӯғи маҳз аст. Ё дар ҷайби Лев Толстой (1828 - 1910) Қуръон не, балки китоби мунтахаби тарҷумашудаи Баҳовулло ҳамроҳ дошту ба таълимоти Баҳоӣ майл дошт. Ба ҳамагон маълум бод, ки Дарвин набераи олимони машҳури Англия - духтур, табиатшинос,

ихтироъкор Эразм Дарвин (1731 - 1802) ва рассом, тарроҳ Ҷозайя Уэҷвуд (1730 - 1795) мебошад. Азбаски ӯ дар оилаи инсонҳои босаводу фарҳангӣ ба дунё омада буд, бинобар ин зиракиву ҳушёрӣ ва кунҷковию донишмандии Дарвин аз ин ҷост. Чи хеле ки муҳтавои андешаатонро бо нияти мазмун он тақвиятдиҳанда – «Роҳи ҳисс роҳи Харон аст, ай аъёр» зикр кардед, дуруст аст. Зеро Бедили бузургвор донандаи ҳама улуми замон ба мизоҷи Шумо ва шумобаринҳо бе баҳс гуфтааст:

*Имрӯз қадри ҳар кас миқдори молу ҷоҳ аст,*
*Одам наметавон гуфт: «онро, ки хар набошад»...*

Инчунин, ҳар даҳ фарзанди ин олими намоён мисли падарашон дар соҳаҳои мухталифи илм ба қуллаҳои баландтарин расидаанд, яъне дар урфияти тоҷикӣ «Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав» гуфтаанд. Азбаски Мутаҳҳарӣ мутаасиби ашадӣ ва яке аз назариётчиёни Инқилоби исломии Эрон (11.02.1979) буд, бинобар ин кӯшиш менамуд, ки тамоми масъалаҳоро тобиши исломию шиагӣ дода, худро дар назди роҳбари инқилоб Рӯҳуллоҳ Ҳумайнӣ (1902 - 1989) «фидоии дину мазҳаб» нишон диҳад. Аз ин рӯ, Мутаҳҳарӣ кадом китоб, дастур ва ё мақолаеро, ки ба олимони ғайримусалмон тааллуқ дошт, дар зери таъсири ҷаҳонбинии шиагӣ тарҷума ё баргардон менамуд. Роҳбари инқилоб баъди ғалаба, барои чунин хизматҳояш ба ӯ мансаби Президенти Шӯрои конститутсиониро арзонӣ дошт, ки дар ин мансаб дер напоид ва моҳи майи соли 1979 аз ҷониби мусалмонони ифротии мисли худаш гумроҳ ба таври ваҳшиёна кушта шуд. Яъне, ба гуфтаи Ғании Кашмирӣ: «Ҳаётро ҳам арзон бифрӯшад, он ки арзон бихарад».

*Одамзоде, ки муътабар мегардад,*
*Баъд аз умре мисли падар мегардад.*
*Таҳсили камоли ҷуҳало ин ҳама нест,*
*Харкурра ба як - ду сол хар мегардад.*

Дар интиҳои мақолаи аввала муаллиф ба ҷои охирсухан хостааст, ба ҳодисаи биологии савқи табиии муҳофизат «survival instinct» ҷанбаи динӣ дода, боз як кашфиёти бузурги илми муосирро исломӣ намояд. Тӯраҷонзода барои ба рӯшанфикрон нишон додани он ки ана занбӯри асал ҳам мактаби олию илми фалсафа нахонда кори ғайриоддиеро ба сомон мерасонад, чунин навиштааст: «*Занбури асал ва ё ҳар ҳайвони дигар, ҳаргиз аз роҳи ақлу илм ва истидлолу таҷриба ва ё таълиму тарбия амалиёти*

*ҳайратангези худро наёмухта аст. Ҳамчунин майл ба парвариши насли худ дар ҳайвонот ва ё меҳру муҳаббат ба фарзанд дар инсон, ҳеҷ гоҳ аз тариқи илму дониш касб нашудааст*». Аз ин навиштаи муаллиф маълум мешавад, ки ӯ аслан аз дастовардҳои физиологии муосир дарку фаҳм надоштааст. Ҳадди ақал ӯ каме аз осори поягузори назарияи системаи функсионалӣ «theory of functional system» Анохин П.К. (1898 - 1974) огоҳ мебуд, ҳеҷ гоҳ чунин суханонро наменавишт. Барои мисол, бисёр олимон бар он назаранд, ки то ягон сабаб нашавад, ҳодисае ба амал намеояд, аммо физиологи шӯравӣ П.К. Анохин менависад: «Дар табиат ҳодисаҳое ҳастанд, ки новобаста аз сабаб ва ҳатто пеш аз муҳайё гардидани шароит ҳам ба вуҷуд меоянд». Анохин барои исботи ин фикраш мисоле меорад, ки организм дар натиҷаи роҳи дуру дарози таърихии ҳаёташ ба иқлим, шароити географӣ, релеф ва ҳатто «қолаб» - ҳои аҷдодӣ мутобиқ мешавад. Ӯ боз илова менамояд, масалан, дарахтон пеш аз фарорасии фасли сармо, яъне пеш аз оне ки ба ҳавои сарди зимистон тобовар шаванд, аввал баргҳои худро резонида, баъдан обро аз навдаҳо ба танаву шоххо ҷамъ карда, сипас ҳолати худро ба хунукӣ тобовар менамоянд. Мисоли дигар, «занбӯри асал»-е, ки Тӯраҷонзода ёдовар шудааст, ба гуфтаи Анохин ин тавр аст: «Занбӯри асал ва дигар ҳашароте, ки рафтори ғайриоддие доранд, дар натиҷаи таҳаввулоти дуру дарози таърихӣ ба он соҳиб шуда, онро чун анъана дар ғаризаашон насл ба насл давом медиҳанд». Ба андешаи Анохин чунин амалҳо дар натиҷаи таҳаввулот ҳам барои олами наботот ва ҳам барои олами ҳайвонот ғариза «instinct» шудаанд, ки инро шохаҳои муайяни илми биология борҳо исбот кардаанд ва ҳоҷат ба ёдовар шудан ҳам нест. Вале ба ин қадар пешравию кашфиёт ва дастоварду ихтироот нигоҳ накарда, ба хизматҳои олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм тобиши динию мазҳабӣ додан корест, ҳаринагӣ ва ноӯҳдабароёна. Агар «кунфаякун» - ро мехост, аз назарияи метафизикии физик - назариётчии шӯравӣ Лев Ландау (1904 - 1968) тақвият бахшад, иқтибос меовард, ки гуфта: «Я дошел до такой грани где отсутствует причинный связь» (Ман дар физика то ҳадде расидам, ки дигар сабабият вуҷуд надошт). Хулосаи метафизикияшро ба таҳайру ҳайрат гуфтааст, ки ин дараҷаи дониши Лев Давидович Ландау дар замони худ буд.

Афсӯс ки нахонда «донигӣ мекунад». Мумкин илми ладуни насибаш гаштааст ё валиуллоҳи вақт мепиндорад худро.

II

Мақолаи дуюми Маҳмуд Тӯраҷонзода ҷавоб ба мақолаи аввала ё давоми мантиқии он буда, ин навбат муаллиф бештар ба сифати физикдон ва мунаҷҷим баромад кардааст. Вай тамоми кашфиёт ва дастовардҳои физикҳову мунаҷҷимҳои аврупоии гузаштаву муосирро фаҳмидаю нофаҳмида динӣ - мазҳабӣ баҳо дода, навиштани мақоларо аз теологизатсияи (исломикунонии) илмҳои физикаю нуҷум (астрономия) ва биология оғоз кардааст. Тӯраҷонзода дар аввали мақолаи хеш аз китоби «Ҷаҳонбинии оянда» як иқтибоси ғалат оварда, сипас ба шарҳи аъзои ҳис мепардозад. Муаллиф ҳамон қоидаву таърифҳоеро, ки биологу пизишкон новобаста аз ҳадису оёти исломӣ дар бораи аъзои ҳис додаанд, дар мақолааш рӯбардор кардааст. Барои мисол чанде аз таълифоти ӯро меорем, ки онҳо таърифҳои сирф илмии биологианд, на илоҳияю ифротӣ ва динию мазҳабӣ. Масалан, муаллиф дар бораи қувваи шунавоӣ менависад: «*Қувваи шунавоӣ (гуш) танҳо садоҳоеро метавонад бишнавад, ки амвоҷи он садо дар торҳои асаби гуш иҷоди иҳтизоз ва лапиш ва ё ҷунбиш бикунад. Савту садое, ки чунин иҳтизоз ва ҷунбиш надошта бошад сомиъаи инсон halметавонад онро бишнавад*». Ин ҳамон таърифест, хонандагон дар синфи 9-уми мактаби миёна аз фанни «Анатомия, физиология ва гигиенияи одам» меомӯзанд. Магар ҳамин гуна таъриф додан ба узви сомеа ягон робитае ба дину мазҳаб дорад ва ё дар ягон ҳадис ё ягон сураву ояте чунин таърифи илмӣ омадааст, ки Тӯраҷонзода, бар муқобили илму олимон онро пешкаш менамояд.

Муаллифи “ҳамадон”, асбобу дастгоҳҳоеро ба мисли микроскопу телефону телескоп, зарраҳои бунёдӣ - атом, электрон, протон, нейтрон ва умуман кашфиёти ба дину мазҳаб рабтнадоштаро чунон шарҳ ва тасвир намудааст, ки гӯё онҳоро анбиёву пайғамбар ва муллову эшону тӯраҳо кашф намуда, аҳли мӯъмининро аз бунбасти иҷтимоӣ раҳонидаанд. Агар пайғамбарону авлиёҳо ва тӯраву саидзодаҳо, олиму ихтироъкор ва кашшофу пажӯҳишгар мебуданд, ин асбобу дастгоҳҳо номҳои аврупоию лотиниро нагирифта, унвонҳои болохонадори араби биёбониро ба худ касб менамуданд. Мисли эшони баландпарвозе, ки гаҳвораву тобуташон аз осмон омадааст ё асояшон ба мору

дарахт табдил мешавад, аз паи пояшон чашма ҷӯш мезанад ва ғайра. Агар дар ҳар як сураи Қуръон як оят ба унвон ва санаи кашфи як асбобу дастгоҳ ва ихтирооту кашфиёт бахшида мешуд, ҳоҷат ба хондану тарҷумаи китобҳои олимони Аврупою Амрико ва Русияву дигар кишварҳои ғайримусалмон набуд. Аммо Тӯраҷонзода ба ин нигоҳ накарда, дар мақолааш чунин иқтибосро меорад: «*...қабл аз ихтироъи микроскоп (чашми мусаллаҳ), инсон аз олами ҳайвоноти микроорганизм - мисли вирусҳо ва микробҳо, ва низ аз вуҷуди мавҷудоти заррабин - назири молекула, атом, электрон, протон ва нейтрон хабаре надошт. Ҳамчунин пеш аз сохтани телескоп башарият аз бисёр асрори коинот - мисли каҳкашонҳо, сияҳчолҳо, шиҳобпораҳо ва ғайра маълумоте надошт. Ва ҳамин тавр қабл аз ихтироъи дастгоҳи телефон, радио ва телевизион аз вуҷуди мавҷҳои радиоӣ дар атмосфераи замин огоҳӣ надошт*», ки ба кашф шуданашон то ҳол аксари мусалмонон шакку шубҳа доранд, аз гумроҳӣ. Кашфи мусулмон асосан як калима аст - кофир (ун), ду сифати манфӣ барои қатлаш - мунофиқ (ун) ва ғайбат... Алоқаи мобилиашон ба воситаи Ҷабраил (ақли аввал) ва дигар аҳли малоик ва ҷин. Кори хайрашон шамшер задан (сар задан) дар роҳи Худо бо сӯистифода аз номи Худо барои сафед ва асоснок намудани қатли омашон нисбати инсоният, муъҷизаашон шаққи қамар. Бинобар ин ба самъи Маҳмуд каме таърихчаи ихтироъ ва кашфи шайъҳои дар мақолааш зикрнамударо меорем, ки дар ин ҷо на хизмати набию расул ва на кори муллову муфтӣ, балки заҳматҳои олимони «кофиру мулҳид» ба чашм мерасад. Масалан, аввалин шуда олими англис Роберт Гук (1635 - 1703) дар соли 1665 бо ёрии микроскопи «microscope» худсохте, ки намунаро то 30 маротиба калон мекард, ҳуҷайраро кашф намуд. Баъдтар соҳиби корхонаи бофандагӣ дар шаҳри Делфта (Нидерландия) Антон ван Левенгук (1632 - 1723), ки ба омӯзиш ва сохтори нахи бехи зағир машғул буд, микроскоперо ихтироъ намуд, ки намунаро аз будаш 200 - 270 маротиба калон нишон медод. Левенгук нахустин шуда, организмҳои якҳуҷайрагиро кашф намуд.

Дар дохили атом бошад, аввалин зарраи элементарӣ (электрон) - ро соли 1897 Ҷ.Ҷ. Томсон кашф намуд. Соли 1911

олими амрикоӣ Роберт Милликен (1868 - 1953) қимати заряди электрноро (е = 1,6 · $10^{-19}$ Кл) муайян кард ва массаи электрон низ ба $m_e$ = 9,1 · $10^{-31}$ кг баробар аст. Соли 1919 аз тарафи Э. Резерфорд зарраи мусбатзаряд - протон, соли 1932 аз ҷониби Ҷеймс Чэдвик (1891 - 1974) нейтрон, соли 1936 аз тарафи Карл Андерсон (1905 - 1991) антизарраи электрон - позитрон, соли 1955 аз ҷониби Эмилио Сегре (1905 - 1989) ва Оуэн Чемберлен (1920 - 2006) антипротон, соли 1995 аз тарафи Мартин Перл (тав. 1927) тау-лептон ва аз ҷониби дигар олимон зарраҳои мухталифи бунёдию суббунёдӣ кашф гардиданд. Дар замони муосир бошад, омӯзиш ва тадқиқи зарраҳои элементарӣ бо суръат рушду равнақ меёбад. Барои мисол, дар соҳаи химия соли 2006 элементи 118-ум ва соли 2009 унсури 117-ум синтез карда шуданд, дар биология соли 2010 технологияи сунъии қаноатбахши «in vitro» ва дар физика соли 2013 зарраи бунёдие бо номи «бозони Ҳиггс» (ба шарафи физик - назариётчии британӣ Питер Ҳиггс (тав. 1929)) кашф гардиданд. Бо пайдо шудани микроскопҳои электронии пуриқтидору ҳассос (бояд ёдовар шуд, аввалин мироскопи электронӣ соли 1933 ихтироъ карда шуд), бори аввал соли 1974 расми молекула ва атомҳои алоҳида ҳосил карда шуд...

Телефон соли 1876 аз тарафи Александр Белл (1847 - 1922), радио соли 1895 аз ҷониби А.С. Попов (1859 - 1906) ва телевизор соли 1907 аз тарафи Б.Л. Розинг (1869 - 1933) ихтироъ гардиданд. Оид ба мавҷҳои радиоӣ бошад, соли 1868 Ҷеймс Максвелл (1831 - 1879) маълумот дода, муодилаҳоеро пешниҳод намуд, ки онҳо рӯшноӣ ва мавҷҳои радиоиро ҳамчун мавҷи электромагнитӣ тасвир мекарданд. Соли 1887 Генрих Гертс ( 1857 - 1894) дар лабораторияи хусусиаш бо роҳи таҷрибавӣ назарияи Максвеллро оид ба мавҷҳои дарозиашон якчандсантиметра исбот кард. Ҳамин тавр, мавҷҳои радиоӣ дорои дарозии 5 · $10^{-5}$ - $10^{10}$ метр буда, басомадашон «purity» то ҳазорҳо Ҳертс мерасад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки то ба чунин кашфиёти оламшумул, дастовардҳои беназир, ихтирооти нотакрор ва дигар арзишҳои волои зиндагисоз ноил гардидани мардуми Аврупо чи қадар рӯзҳои вазнину сангин ва даҳшатноку пурфоҷиаеро паси сар карданд. Яъне барои то чунин рӯзҳои накӯ ноил гардидани аврупоиён ҳазорон - ҳазор олиму донишманд ва мутафаккиру инсонҳои илмдӯст на аз дасти озодандешону рӯшанфикрон, балки аз дасти диндорону рӯҳониён ба қатл расонида шуданд. Аммо дар

замони муосир диндорону рӯҳониён ва афроди мутаасибе чун маҳмудҳо, ки чанд аср пеш кашфиёту дастовард ва корҳои илмию тадқиқотиро куфру муқобил ба каломи Оллоҳ эълон карда, олимону пажӯҳишгаронро қатлу ғорат, молу мулк, ҳайвони саворӣ, корию истеъмолияшонро бо ҳамроҳии зану духтару хоҳару модаронашон ғанимат мебурданд ва ба ҳадиси «моли кофир ба мӯъмин ҳалол» гуфта, ҳалола мекарданд, акнун бешармона онҳоро аз худ менамоянд. Масалан, Тӯраҷонзода дар мақолаи худ қайд менамояд, ки: «*Зеро агар шахсе ба материалистҳои қарни 15 милодӣ, аз вуҷуд ва ҳастии вирусу микробҳо ва дигар мавҷудоти фавқуззикр ҳарфе мегуфт ва ё хабаре медод, ҳатман он руз вуҷуд ва ҳастии ашёи гузаштаро инкор ва рад карда, ва шахси гуяндаро хурофотӣ ва хаёлпараст мегуфтанд*». Агар ин навиштаро инсони каме аз таърих огоҳ буда, мутолиа намояд, он гоҳ ба бедонишию ҷаҳонбинии кӯчаки муаллиф тааҷҷуб хоҳанд кард. Зеро ҳамагон медонанд, ки дар тӯли таърихи пурфоҷиаи форсу тоҷик хизматҳои илмии Мӯсо ал - Хоразмӣ (780 - 850), Ибни Ровандӣ (827 - 911), Закариёи Розӣ (864 - 925), Абулвафо Бузаҷонӣ (940 - 998), Абӯрайҳони Беруни (973 - 1048), Ибни Сино (980 - 1037), Умари Хайём (1048 - 1131), Насриддини Тӯсӣ (1201 - 1274), Маҳмуди Шерозӣ (1236 - 1311) ва дигаронро на ашхосе рӯшанфикре мисли Бекзодаҳо, балки афроди арабпарасту биёбоние чун тӯраҷонзодаҳо, куфру мулҳид эълон карда, баъзеашонро ба қатл расониданду баъзеи дигарашонро муҳоҷиру беватан гардониданд. Ё магар дар Аврупо ҳам Леонардо Брунӣ (1374 - 1444), Николай Кузанӣ (1401 - 1464), Лоренсо Валла (1405 - 1457), Николай Коперник (1473 - 1543), Томас Мор (1478 - 1535), Мартин Лютер (1483 - 1546), Хуан Вивес (1492 - 1540), Ҷордано Бруно (1548 - 1600), Галилео Галилей (1564 - 1642), Томмазо Кампанелла (1568 - 1639), Иоганн Кеплер (1571 -1630), Этиен Доле (1509 - 1546), Франсуа Волтер (1674 - 1778) ва ҳазорҳо тани дигарро магар рӯшанфикронашон тақиб намуданду ба қатл расониданд ё мутаассибини насронӣ?. Бо вуҷуди ин, қадар қатлу куштори олимон аз ҷониби мутаассибону хурофотпарастони динӣ дар Аврупо пайравону шогирдонашон аз рақобат даст накашида, оқибат кишварҳои аврупоиро ба пешрафтатарин мамолики олам

табдил доданд. Сababи аз рақобат даст накашидани олимони аврупоӣ дар он аст, ки онҳо тавонистанд мифология «mythology» ва фарҳанги аҷдодии (юнонӣ) худро аз нав эҳё намоянд. Фаввораи файзи илмро бо мусиқию рангҳои тиру камон то рафт зебо ва комилтар намуда истодаанд. Душманони илм дар канори роҳи абад лол мондаанд. Аммо дар Шарқи исломӣ яке аз сабабҳои асосии ақибмондагӣ ва хурофотзадагии илму дониш ва фарҳангу маърифат маҳз ҳамин аст, ки дар ин сарзамин аз асри VI то ибтидои садаи XX касе натавонист аз тарсу ҳароси диндорону муллоҳои ифротию мутаассиб, сиёсатмадорони номутаносиб ба корҳои илмию тадқиқӣ машғул шаванд ва агар нафаре ҳам машғул мешуд, ҳамон лаҳза фатвои маргаш хонда мешуд. Сабаби дигари ақибмондагии кишварҳои форсизабон дар он аст, ки бо баробари воридшавии дини ислом ба ин минтақа диндорону арабпарастоне монанди охундҳои эронӣ, ифротиёни афғонӣ ва тӯраҷонзодаҳои тоҷикистонӣ илму фарҳанг ва маърифатро як сӯ гузошта, филфавр ба инкору нобуд сохтани фарҳанги пеш аз исломии аҷдоди худ машғул гардиданд. Мисоли ин гуна амалҳои номатлубро ҳар инсон бармало дар вақти Инқилоби исломии Эрон, эълоншавии Ҷумҳурии исломии Афғонистон (1992) ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992 - 1997), ҷангҳои дохилии Мисру Сурияву Ироқ бараъло дида мешавад. Масалан, дар Афғонистон бутҳои Бомиёнро бо гулӯлаҳои танк зада, ба хок яксон карданд. Дар Миср "Бародарони мусулмон" мехостанд, аҳромҳоро тарконанд. Дар Сурия ва Ироқ бошад, гаҳвораи тамаддуни инсониятро несту нобуд карда истодаанд. Дар сомонаи www.youtoob.com филми ҳуҷҷатии (Звон мечей (Садои шамшер))-ро дида хулоса бароред!!!

Бо вуҷуди ин, ҳама камбудию хунхориҳои динию мазҳабӣ Маҳмуд бешармона андеша меронад, ки чунин кашфиёт дар назари матреиалистон хурофоту хаёлпарастӣ буд. Ӯ бехабар аз он ки ифроту таассуб ва хурофоту хаёлпарастӣ танҳо хоси дин аст, на аз воқебинон. Оё Тӯраҷонзода аз ҳақиқатгӯён нафареро гуфта метавонад, ки маротибае ягон диндор ё олимеро хурофотию мутаассиб номида бошад?. Ё ба қатл ҳукм карда бошад. Дар тамоми таърихи башар (р) диндорон аз номи Худо сӯйистифода бурда, халифаи Худо шуда, одамони ҳуқуқ ба зиндагӣ доштаро барои зинда мондани худашон нобуд намуданд. Ба гуфтаи Хоҷа

Ҳаким Афзалуддин Муҳаммад Мароқии Кошонӣ гӯё ба авзои имрӯзаи мо гуфтааст:

*Имрӯз ба айби худ касе бино нест,*
*“Афсӯс”, ки халқро ғами фардо нест.*
*В - имрӯз ғубори фитна меангезанд,*
*Фардост, ки гарди ҳеҷ кас пайдо нест.*

Илова бар ин, Маҳмуд намедонад, ки вирус «virus», микроб «microbe» ва бактерия «bacterium» барин организмҳои кӯчаки биологӣ кай кашф гардидаанд. Намедонем муаллиф дар асри XV чӣ гум кардааст, ки ҳама кашфиётро на ба асри VI - и арабӣ ё ташаккули исломи мубину ноб, балки ба қарни XV нисбат медиҳад. Ба ӯ маълум шавад, ки дар асри XV олимони аврупоӣ ба умеди китобҳои осмониву пайғамбарони ғайбдон ва авлиёҳои ғаниматхор нашуда, илму донишро бо забони худ ба пеш бурданд. Дар Шарқи исломӣ бошад, дар ин аср муллоҳову муфтиҳои ҷаллоду хунхор сари Бадриддин Ҳилолӣ (ваф. 1529) - пайғамбари ишқро пуст канда, коҳ пур карда, дар дарвозаи бозори шаҳр овезон менамоянд, то тарсу ваҳмро дар дили мушоҳидон ҷо кунанд. Адиб Собири Тирмизиро бо дасту пояш санг баста, дар дарёи Ому ғарқ намуданд... Барои нобуд кардани Ӯлуғбек (1394 - 1449) барин олим, муллоҳо ба писараш - Абдулатиф фатво доданд, ки сарашро аз тан ҷудо намояд. Ба ӯ гуфтанд, ту ҳамчун падаркӯш не, балки дар ислом ҷиҳод менамоӣ, зеро ин мунаҷҷимро сазои ҷазояш ҳамин. Ва мактаби илмию адабии таъсисдодаи Абдураҳмони Ҷомӣ (1414 - 1492) - ро маҳв ва нобуд карданд, бо фатвои Хоҷа Аҳрори Валӣ.

Ба андешаи муаллиф асосгузори механикаи классикӣ Исаак Нютон бесоводонаю ногоҳона гуфтааст: «*Он чизе, ки имруз аз ҷаҳони моддӣ барои инсон маълум ва кашф шудааст, дар баробари он чизе, ки ҳануз барояш номаълум ва пушидааст, монанди қатрае дар баробари уқёнусе ва ё пари коҳе дар муқобили куҳе мебошад*». Физик ва риёзидон Нютон ба ин хотир чунин суханонро гуфт, ки дар бораи фаъолияти илмии ӯ Лейбнитс навишта буд: «Ба ками дар ками инсонҳои рӯи Замин умр имкон медиҳад, ки тавонанд бо кашфиёту дастоварди ҷаҳоншумули худ аҳли башарро аз бунбаст раҳонанд. Баъди таназзули илми Юнони

атиқа то асри мо чунин шахсияти таърихӣ танҳо ва танҳо Нютон буда, ман ҳасад мербарам, ки мисли ӯ илми ҷаҳониро пеш бурда натавонистам...». Бояд ёдовар шуд, ки Нютон бо пешниҳоди муодилаҳои асосии механика, кашфи ҳодисаи дисперсия (ба рангҳо тақсим шудани дастаи рӯшноӣ), ҳалли муодилаҳои интегралию дифференсиалӣ ва ғайра машҳур гардид. Аммо дар лаҳзаҳои охири умри ӯ байни олимони физикаю химия мафҳуми «молекула» (аз вожаи лотинии «molecule» гирифта шуда, маънояш массаи хурд аст) паҳн гардид ва Нютон онро фаҳмида наметавонист. Бинобар ин, чунин гуфтани олим ҳам танҳо ба ҳамин хотир буд. Ӯ дар ҷое қайд менамояд, ки: «Уқёнуси илм чунон беканор будааст, ки ман то имрӯз дар соҳили он танҳо “санги сафед” ҷамъ менамудаму бас, бигзор баъдинаҳо ба дохили он ворид шаванд ва аз асрори он огоҳ гардида, илмро ба пеш баранд». Ин сухани лорд Нютонро, ки бевосита бе пешрафти илм бахшида шудааст, Тӯраҷонзода бар муқобили илму олимон истифода намудааст. Илова бар ин, гуфтанием, ки агар Нютон мисли рӯҳониёну муллоҳои шарқӣ ба умеди хурофот машғул мешуд, ҳеҷ гоҳ ба чунин кашфиёти беназир ноил намегардид.

Ба хонандаи азиз муроҷиат намуда, гуфтанием, ки таърихи рушди кайҳоннавардӣ ба ибтидои қарни XX рост меояд ва ин илми ҷавон дар таърихи як асраи худ ба кашфиёт ва пешравиҳои назаррасе ноил гардид. Агар ба таърихи пайдоиши инсоният назар андозем, як асри инкишофи илми кайҳонавардӣ қисми бағоят кӯчаки ин таърихи бузургро ташкил медиҳад. Аммо Тӯраҷонзода ин фосилаи ниҳоят хурди таърихиро ба инобат нагирифта, чунин менависад: «*Ҳануз пои инсон, ба ҷуз аз кураи моҳ, ки наздиктарин ҷирми осмонӣ барои инсон аст, ва тақрибан 384 ҳазор км аз замин фосила дорад, дар ҳеҷ сайёраи дигаре нарасидааст*». Гӯё масоҳатро худаш муайян карда бошад. Ин муаллифи “донишманд” бехабар аз он ки лоиҳакашӣ ва ихтирои ракетаву киштиҳои кайҳонӣ таърихи начандон тӯлонӣ дошта, то парвози Ю.А. Гагарин (1934 - 1968) ва Н.О. Армстронг (1930 - 2012) касе ба кайҳон парвоз нанамуду нафаре қадамашро ба сатҳи Моҳ нагузоштааст. Ҳануз аз парвози нахусткайҳоннавард Гагарин ним аср гузаштаву Маҳмуд даъвои бемантиқу ғофилона карда, пешрафту инкишофи илмро нодида гирифтааст. Агар воқеъбинона ба таърихи мухтасари ихтирои ракета ва киштии кайҳонӣ назар андозем, он гоҳ мебинем, ки аввалин ракета барои

корҳои ҳарбӣ дар ибтидои асри XIX (ракетаи ихтироъ намудаи муҳандиси англис Уилям Конгрив (1772 - 1828) бо номи «Ракета Конгрив») мавриди истифода қарор гирифт. Дар Россия яке аз масъалаҳои лоиҳакашии ракетаро ихтироъкори рус Николай Тихомиров (1859 - 1930) соли 1894 матраҳ намуд. Аввалин шуда, назарияи ҳаракати реактивиро бошад, Константин Сиолковский (1857- 1935) кор карда, ӯ соли 1903 дар заминаи тадқиқоташ ракетаи байнисайёравиро лоиҳакашӣ намуд. Сипас, соли 1920 олими олмонӣ Герман Оберт (1894 - 1989) қонунияти парвози байнисайёравиро баён кард. Баъд аз ӯ дар ибтидои соли 1923 олими амрикоӣ Роберт Годдард (1882 - 1945) ҳаракатдиҳандаи бо сӯзишвории моегӣ коркунандаро пешниҳод намуд, ки ин тадқиқоти ӯ то охири соли 1925 идома ёфт. Ва дар заминаи корҳои тадқиқотии Сиолковский, Оберт ва Годдард кишварҳои ИҶШС, Олмон ва ИМА гуруҳи кориро оид ба техникаи ракетавӣ таъсис доданд… Аз ибтидои асри гузашта то имрӯз, дар натиҷаи рушди техникаи ракетавӣ сураътҳои якум (04.10.1957), дуюм (02.01.1959) ва сеюми кайҳонӣ ба даст оварда шуда, аллакай тадқиқот дар дигар қисматҳои Низоми офтобӣ идома доранд ва аз худнамоии захираҳои кайҳонӣ коркард шуда истодаанд. Барои пешбурди чунин тадқиқоти ояндасоз, нахустин дастгоҳ бо номи «Пионер-10», ки аз ҷониби ИМА ба мадор баровarда шуд, ҳанӯз 3 марти соли 1972 Системаи офтобиро тарк намуда, ба самти Роҳи каҳкашон роҳ пеш гирифта буд. Дар замони муосир бошад, аллакай мардуми сайёраи мо барои истироҳат на ба ин ё он кишвари хориҷӣ сафар менамоянд, балки ба кайҳон сарфар намуда, туризми каҳониро инкишоф медиҳанд. Акнун барои ба кайҳон парвоз намудан дигар монеае нест, ки шахси парвозкунанда ҳатман кайҳоннавард бошад. Барои инсони имрӯза дигар афсонаи «Шаби меъроҷ» лозим намешавад, зеро ба гуфтаи Абулмаъонии Бедил: «Исие бар осмон рафт, хар намедонам, чи шуд?». Яъне мехоҳад, гӯяд: мусулмонҳо хари Исоро хачир пиндошта, Бурoқ (суръати барқвор) номгузорӣ карданд ва бе скафандр «spacesuit», ки дар баландии 7 ҳазор метр мавҷудоти зинда бо хунаш ях мебандад, чӣ гуна солиму салим баргаштааст. Ҳоло муфасирон мегӯянд, гӯё аз модда ба нур табдил ёфт ва боз ба ҳолати аввала баргашт... Офаридгор барои

ҳеҷ кас қонунҳои умумикайҳониро дигар намекунад. Истисноро танҳо одамон барои истисноияшон ба дигарон таҳмил менамоянд, на қонуни низом дар бенизомиро... Зеро новобаста аз синну сол, дину мазҳаб ва рангу пӯст ҳар нафар метавонад ба кайҳон сафар намуда, аз асрори ба гуфтаи мусулмонон «қабатҳои осмон» воқиф бигардад. Дар таърихи туризми кайҳонӣ аллакай ҳашт нафар барои истироҳату дилхушӣ ба кайҳон сарфар карданд. Мутобиқи маълумоти ширкатҳои тадқиқотии кайҳонии «Space Exploration Technologies», «Virgin Galactic», «Bigelow Aerospase» ва ғайра оид ба рушди сайёҳии кайҳонӣ корҳои ҷустуҷӯӣ ва тадқиқотӣ идома дошта, дарояндаи наздик барои сайёҳон меҳмонхонаҳо бунёд мегарданд. Нархи як чипта (билет) 200 000$ буда, то ҳол беш аз 400 сайёҳи кайҳонӣ номнавис шудаанд. Агар ба таърихи пайдоиши туризми кайҳонӣ нигоҳ кунем, он гоҳ мебнем, ки аввалин ғояи сайёҳати кайҳонӣ соли 1967 дар корҳои тадқиқотии Баррон Хилтон ва Крафт Эрик инъикос ёфта, дар охири асри XX ба авҷ расид. Нахустин сайёҳи кайҳонӣ омӯзгор ва зан-кайҳоннаврди амрикоӣ Криста Маколифф (1948 - 1986) буда, мутаассифона ҳангоми садамаи киштии кайҳонии «Челленҷер» 28-уми январи соли 1986 вафот кард. Солҳои 1990 ва 1991 ба кайҳон тоҷир -кайҳоннавардон, рӯзноманигори ҷопонӣ Тоёхиро Акияма (тав. 1942) ва нахусткайҳоннаварди англис то соли 2014 Хелен Шарман (тав. 1963) парвоз намуданд. Вале аввалин туристи кайҳонӣ шаҳрванди ИМА Деннис Тито (тав. 1940) буда, ӯ ба воситаи киштии кайҳонии «Союз ТМ-32» ба кайҳон парвоз намуд ва ба воситаи «Союз ТМ-31» ба Замин баргашт (дар кайҳон аз 28 апрел то 6 майи соли 2001 саёҳат намуд). Нахустин зан-сайёҳи кайҳонӣ эронитабори ИМА Ануша Ансорӣ (тав. 1966) аст, ки ӯ аз 18 сентябр то 29 сентябри соли 2006 дар кайҳон сайр кард... Аз рӯи ин навишта, хулоса кардан мумкин аст, ки кайҳоннавардӣ ҳамчун илми ҷавон ҳануз дар аввали роҳ қарор дошта, дарояндаи наздик ба дастоварду пешравиҳои аз ин ҳам бузургтар ноил мегардад.

Муаллифи муҳтарам қонунияти физикаю химия ва умуман илмҳои табиатшиносии муосирро надонистаю нафаҳмида, менависад: «*...инсон бояд киштии кайҳоние бисозад, ки бо суръати 300 ҳазор км, дар як сония, ки суръати нур аст ҳаракат бикунад, ва боз барояш миллионҳо сол умр дода шавад, то у ба он ситораи азимҷусса бирасад. Ҳайҳот, чунин чизе барои инсон амри муҳол ва номумкин аст*». Аввалан ба самъи Маҳмуд мерасонем, дар илми

физика вожаи «нури рӯшноӣ»- ро истифода кардан билкул ғалат буда, он истилоҳи геометриест, ки ибтидо дораду интиҳо не. Дар илми физика ҳодисаи дифраксия «diffraction» намегузорад, ки дастаи рӯшноӣ ба як хати рост ё нур мубаддал шавад. Чунки дастаи рӯшноӣ баъди аз монеа гузаштан шикаста мешавад ва имкони ба нур табдил додани он вуҷуд надорад. Агар дар чунин ҳолат сухан сари тарзи равияи кории лазерҳо равад, тартиби ҳосил намудани нурҳои лазерӣ кори дигар буда, он ҳам «нур» нест. Дуввум ин ки илм аз асри XVII инҷониб аз таассуби динию мазҳабӣ ва хурофоту ифрот ҷудо гардида, танҳо 400 сол аст дар хизмати зиндагии башар қарор дорад. Вале дини мубини Ислом дар давоми 1400-соли фаъолияташ ба ҷуз ба догма гирифтани илм, қатлу ғорати олимон, куштору террори мардум, барои пешрафти зиндагии инсонят чӣ кашфиёт, чӣ ихтироот ва чӣ дастовард додааст?

*Аввалқадам аз раҳ озмоиш бошад,*
*Пас дам ба дам аз ғайб намоиш бошад.*
*Аз бастагии роҳ қадам суст макун,*
*Зинҳор, ки баъд аз он кушоиш бошад.*

Ба ин раҳнамои Бобо Афзали Кошонӣ амал накарданд.

Барои он ки суръати рӯшноӣ ($c = 3*10^8$м/с) муайян карда шавад, чи қадар кофирону мулҳидон заҳмат кашиданду муллоҳое чун Тӯраҷонзодаҳо, онро додаи Оллоҳ медонанд. Аз ин рӯ, ҳамон анъанаи неки ниёгонамон дуруст аст, ки: «Киҳо кашанд ранҷу ҷафо, киҳо хӯранд заҳру бало». Имрӯз бубинед, ки Маҳмуд бе пешниҳод ва исботи ягон далели илмӣ, ҳамаи чизро додаи Худо медонад. Агар ин кашфиёт додаи худовандист, пас чаро то муайян шудани собити рӯшноӣ, ягон набию анбиё ва охунду рӯҳонӣ хабар надоданд? Агар ба таърихи кашфи суръати рӯшноӣ назар андозем, он гоҳ мебинем, ки аввалин шуда, соли 1676 астрономи даниягӣ Олаф Рёмер (1644 - 1710) суръати рӯшноиро бо усули астрономӣ ҳисоб намуда, ($c = 215\,000$ км/с) интиҳо доштани онро исбот кард. Бо усули таҷрибавӣ бошад, суръати рӯшноиро нахустин бор соли 1849 физики фаронсавӣ Арман Луи Физо (1819 - 1896) чен кард ($c = 313\,000$ км/с). Усули мукаммали ченкунии суръати рӯшноиро соли 1896 физики амрикоӣ Алберт Майкелсон (1852 - 1931) пешниҳод кард ва ин усул баъдтар номи таҷрибаи

Майкелсон - Морлиро гирифт. Ин таҷриба нишон дод, ки рӯшноӣ ба ҳама самт як хел густариш меёбад. Сипас, ба воситаи таҷрибаи Майкелсон - Морли (физикдони амрикоӣ Эдвард Морли (1838 - 1923)) суръати рӯшноӣ дар муҳитҳои гуногун чен карда шуд. Физикаи имрӯза аллакай суръатҳоеро исбот намудааст, ки ба маротиб аз суръати рӯшноӣ бузургтар мебошанд. Ба гуруҳи суръатҳои аз суръати рӯшноӣ баландтар, суръатҳои изотопҳои дохилиядроии баъзеи унсурҳои химиявӣ шомил мегарданд. Масалан, суръати ҳаракати изотопҳои унсури якуми Системаи элементҳои химиявии Менделеев - дейтрий ва третий дар орбитаи атомӣ «atomic orbit» аз суръати рӯшноӣ афзунтаранд...

Маҳмуд бо вуҷуди аз интернет, компютер, фейсбук, гугл ва дигар васоити иттилоотрасони кашфнамудаи кофирону мулҳидон истифода карда, бар замми он инсониятро оҷизу нотавон меномад ва менависад: «*...имруз инсони оҷиз ва ноқис чизҳое сохта ва ихтироъ кардааст, ки инсонҳои 5 аср пешбуда на он чизҳоро дида ва на васфашонро шунида ва на ҳатто бар фикру хаёли эшон гузашта буд. Ва лаҳул-масалул-аъло. Албатта қудрати Холиқ бо қудрати махлуқ, аслан қобили муқоиса нест*». Бинобар ин, ҳам дар урфият беҳуда нагуфтаанд, ки: «Некӣ ба пайғамбари Худо рост намеояд». Вақте накӯкорӣ ба пайғамбронаш, рост наомаду онон ба қадри некии онҳо нарасиданд, чи ҷои гилаву озор аз эшону тӯраву саидзодаҳои дуюму сеюму чаҳорумдараҷа. Ҷаноби Тӯраҷонзода дар ин қисмати мақолааш чунон ба догмаҳои динӣ пойбанд шудааст, ки рушду ташаккули илмро фаромӯш кардааст. Ба ӯ гуфтанием, ки тамоми неъматҳои моддию маънавии башарият, хизмати 5 асраи илму олимонаш аст. Аммо дини ислом бо 597 мазҳабу фирқаву равияаш (ин омор аз донишманди араби Миср доктор Абдураҳмони Бадавӣ аст, ки соли 1973 дар китоби сеҷилдаи худ бо номи «Мазҳабҳои исломӣ» (нашри Бейрут) овардааст) дар тӯли 14 асри мавҷудияти худ чи кардааст?. Ба ғайр аз кофирхонии якдигару террори ба орияти гирифта, бандагиро бандитӣ фаҳмидаанд. Ҳатто ягон ҳадиси фотон, квант, атом, молекула, реаксия, валент, вирус, микроб, бактерия, КДН, КРН, микропротсессор, клавиатура, монитор ва ҳоказо маълум нест?! Тӯраҷонзода даъвои онро дорад, ки инсони нотавону бечора то имрӯз танҳо ба кашфиёте шарафёб гардид, ки онҳоро одамони 5 аср пеш фикр карда буданд. Бале, ин фикри ӯ дуруст аст, чунки барои он ки як фарзия то ба ҳақиқати илмӣ расидану ошкор

шуданаш, фикру андешаи ҳазорҳо - ҳазор олиму мутахассисро аз паси худ саргардон менамояд. Рӯҳониву диндор, ки аз ин гуна кору фаъолият бехабарнд, бинобар ин кулли кашфиётро нодида мегиранд ва ё доди худоӣ медонанд. Вале ин дастовардҳо доди илоҳӣ набуда, балки натиҷаи заҳмату машаққати чандинасраи олимону пажӯҳишгарон мебошад. Барои мисол, агар ба рушди илми физика назар андозем, он гоҳ аён мегардад, ки аз давраи Нютон замони Эйнштейн чи қадар фикру ақидаҳои нав пешниҳод гардиданд ва чи қадари дигарашон инкор карда шуданд. Дар илм аввал манзараи механикии олам ба вуҷуд омад, чунки омӯзиш ба табиат аз таҳлил намудани одитарин ҳаракати материя - ҷойивазкунии механикӣ оғоз меёбад. Поягузори манзараи механикии «mechanical» олам физики машҳури англис И. Нютон мебошад, ки асоси онро се қонуни ӯ ташкил медиҳанд ва ин манзара мавҷудияти худро то охири аср XIX ва ибтидои асри XX нигоҳ дошт. Нуқтаи баландтарини манзараи механикии олам бошад, Қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад:

$$m\vartheta = const$$

$$F = m \cdot a$$

$$F_{12} = - F_{21}$$

$$\mathbf{F} = \mathbf{G} \cdot \frac{\mathbf{m_1} \cdot \mathbf{m_2}}{\mathbf{R^2}}$$

дар ин ҷо G-доимии ҷозибавӣ (гравитатсионӣ) ном дошта, ба $G=6{,}67 \cdot 10^{-11}$ Н·м²/кг² баробар мебошад.

Баъд аз кашфи қонунҳои механкии Нютон дар физика як қатор кашфиёти ҷадид ба вуқӯъ пайваста, назарияҳои нав пайдо гардиданд, ки манзараи механикии Нютон барои шарҳи онҳо оҷиз монд. Масалан, дар асри XVII файласуф ва ходими давлатии ИМА Б. Франклин нахустин шуда, зарядҳоро мусбат (+) ва манфӣ (-) номгузорӣ кард. Соли 1729 С. Грей интиқоли ҷараёни электрикиро ба воситаи ноқилҳои металлӣ; соли 1785 Ш.О. Кулон қонуни таъсири мутақобилаи ҷисмҳои зарядноки оромро; соли 1790 А. Волта элементи галваниро; соли 1811 Кэвендиш ва Ҷоллӣ доимии ҷозибаро; соли 1820 Х. Эрстед таъсири ҷараёни электрикиро ба ақрабаки магнитӣ; соли 1821 Т. Зеебек термоэлементро; соли 1821 М. Фарадей аввалин ҳаракатдиҳандаи

электрикиро; соли 1825 А.М. Ампер робитаи ҳодисаҳои электрикӣ ва магнитиро; соли 1827 Георг Ом таносуби байни қувваи ҷараён, шиддат ва муқовимати занҷири электрикиро; соли 1831 М. Фарадей индуксияи электромагнитиро; соли 1833 Ш. Дюфэ ду ҷинси навъи зарядро ва ҳамин тавр олимони дигар низ кашфиёти зиёдеро пешниҳоди оламиён карданд.

Дар заминаи чунин кашфиёти беназир ва ғанӣ гардидани донишҳои физикӣ дар охирҳои асри XIX ҷои манзараи механикии оламро назарияи электромагнитӣ ишғол намуд. Асосгузорони манзараи электродинамикии олам Эрстед, Фарадей ва Максвелл мебошанд. Мувофиқи ин назария дар олам модда на танҳо дар намуди ҷисм, балки ба намудҳои гуногуни майдони физикӣ ба вуҷуд меояд. Навишти умумии манзараи элемтродинамикии «electrodynamic» олам бо ёрии муодилаҳои физики англис Максвелл тасвир карда мешавад:

$$\mathbf{divE} = -\frac{\mu}{c} \cdot \frac{\partial \mathbf{H}}{\partial t}$$

$$\mathbf{divH} = -\frac{\varepsilon}{c} \cdot \frac{\partial \mathbf{E}}{\partial t}$$

$$\mathrm{rotE} = 4\pi\rho$$

$$\mathrm{rotH} = 0$$

Барои маънидоди равандҳои дохилиҳастаӣ дар микроолам манзараи электродинамикӣ оҷиз монд. Ва ҷои онро оҳиста - оҳиста илми наву ҷавон механикаи мавҷӣ ё квантӣ ишғол намуд. Дар асоси принсипҳои механкаи квантӣ манзараи кванто - релятивистии «quantum -relativity» олам ба вуҷуд омад, ки асосгузоронаш М. Планк, Н. Бор, Э. Шредингер, В. Гейзенберг ва дигарон мебошанд. Дар физикаи имрӯза дар баробари электродинамикаи квантӣ хромодинамикаи квантӣ низ ба вуҷуд омада рушд карда истодааст, ки он ба пайдоиши манзараи навбатии илмии олам заминаҳои мусоидро фароҳам меорад. Массаи ҷисм бошад, вобаста ба суръати ҳаракаташ меафзояд ва аз ҳама муҳимаш нишон медиҳад, ки энергияю масса эквивалент мебошанд:

$E = m \cdot c^2$ - (формулаи Эйнштейн)

$E = h \cdot \nu$ - (формулаи Планк)

дар ин ҷо E - энергия, m - массаи электрон, c - суръати рӯшноӣ, ħ = 6,626 · $10^{-34}$ Ҷ·с доимии Планк ва ν - басомад мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили формулаҳои болоӣ ва замони зиндагии кошифон ба хулоса омадан мумкин аст, ки илми физика бо гузашти солҳо рушд карда, манзараҳои илмии олам пайи ҳам иваз шуданд. Яъне илм ҳамеша дар пешрафт буда, дар як вақт механикаи классикӣ ҷои худро ба электродинамика, электродинамика ба мехникаи квантӣ ва дар ояндаи наздик механикаи квантӣ ҷои худашро ба ягон бахши ҷадиди физика хоҳад дод. Бинобар ин нодида гирифтани рушду ташаккули илм аз рӯи ақлу мантиқ беинсофӣ буда, инсониятро ба догмаҳои хушку холӣ ва хурофотии динӣ гирифтор менамояд.

Тӯраҷонзода ё хонандагонро бесавод гумон кардааст ё кайҳоншиносии хешро ба аъзои маҳфили илмӣ - фалсафии «Ҷаҳони андеша» нишон доданист ё сатҳи донишаш ба ҳамин дараҷа аст. Чунки ӯ дар тамоми ҷойҳои мақолааш исботу далелҳои илмиро тобиши динӣ додааст. Маҳмуд ин навбат ба хонандагон оид ба ким - кадом «киштии хаёлӣ» - аш нақл карда, чунин менависад: «*Саранҷом киштии хаёлии мо бо суръати 300 ҳ км дар як сония дар роҳ мебарояд, ва мо дар фосилаи камтар аз ду сония ба кураи моҳ, ва баъд аз 8 дақ-у 30 сон ба кураи хуршед, ки 150 млн км аз замин фосила дорад, мерасем. Ва пас аз 5-ним соат ба охирин сайёраи манзумаи шамсӣ, ки Аполлон ном дорад хоҳем расид*». Аз иқтибоси муаллиф дида мешавад, ки ӯ бо ҳамин қадар "маъруфият" - аш дар байни хосу оми кишвар, илми астрономияро то ҳадди синфи 9-ум ҳам намедонад, зеро ӯ номи киштии кайҳонии «Аполлон» - ро аз номи сайёра фарқ карда наметавонад. Бинобар ин ба табъи ӯ дар бораи Системаи офтобӣ маълумоти ба тафсил медиҳем:

Системаи офтобӣ аз як ситора - Офтоб, ҳашт сайёра - Уторид, Зуҳро, Замин, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал, Уран, Нептун ва радифони онҳо, 460 000 астероид (маълумоти соли 2010), 700 кометаи дароздавр, 200 каметаи кӯтоҳдавр, миқдори зиёди метеорҳо (бояд гуфт, ки дар як шабонарӯз ба атмосфераи Замин ~100 млн. метеор ворид мешавад), ки авлиёҳо ситораи касе канда шуд, яъне аҷалаш расиду фавтид гуфта шарҳ медиҳанд, дар асл

ситораҳо то ба миллиард сол собит мемонанд... ва чангу гази байнисайёравӣ иборат аст. Панҷ сайёраи аввали Системаи офтобӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим маълум буданд ва халқҳои ҷудогона ба онҳо номҳои интихобии худро мегузоштанд. Барои намуна, номҳои гузоштаи римиҳо Меркурий (Уторид), Венера (Зуҳро), Марс (Миррих), Юпитер (Муштарӣ) ва Сатурн (Зуҳал) то ба имрӯз дар адабиётҳои илмӣ истифода мешаванд. Сайёраи Уранро 13 марти соли 1781 астрономи англис У. Гершел кашф намуда, онро ба шарафи шоҳи Англия Георги III сайёраи «Георг» номид. Вале астрономҳои дигар онро сайёраи «Гершел» ва соли 1850 И. Боде дар такя ба ривоятҳои қадим ба сайёра номи «Уран» - ро гузошт. Ба қавле, сайёраи Нептунро соли 1846 астрономи фаронсавӣ Лавере «бо нӯги қалам» кашф намудааст. Дар асоси ҳисоби Лавере сайёраи номбурдаро И. Галле ва Г. Луи де Арре мушоҳида намуданд. Лекин «сайёраи нуҳуми Системаи офтобӣ» - и муқарризро соли 1930 астрономи амрикоӣ Клайд Томбо (1906 - 1997) кашф намуд ва Плутон ном дорад. Мутаассифона, он то соли 2006 ба рӯйхати сайёраҳо шомил буд. Аз сабабе, ки солҳои охир дар Системаи офтобӣ якчанд плутонмонандҳо (аз ҷумла радифаш Харрон) кашф гардиданд, дар яке аз ҷаласаҳои байналхалқии астрономӣ (дар шаҳри Венаи Австрия) Плутонро аз рӯйхати сайёраҳо берун карданд. Дар натиҷаи тадқиқоти ҳозиразамони астрономию космологӣ муайян карда шудааст, ки сайёраҳои Уторид ва Зуҳро радиф надоранд. Миқдори радифони сайёраҳои дигар низ дақиқ муайян карда шудааст: Замин - 1 радиф, Миррих - 2 радиф, Муштарӣ - 65 радиф, Зуҳал - 64 радиф, Уран - 27 радиф ва Нептун - 13 радиф доранд.

Дар охир метавон ҳаминро хулоса ва зикр намуд, ки барои Тӯраҷонзодаву тӯраҷонзодамобон баҳси ҳастию нестии Худо, баҳси ислому Қуръон ва ҳатто баҳси Набию Расул ҳам муҳим нест. Балки барои эшон муҳим он аст, ки дар байни мардуми одию ноогоҳ ҳар гуна овозаҳои нодаркору беасосро паҳн намуда, фазои осоиштаи ҷомеаро халалдор намоянд. Агар ин тавр намебуд, он гоҳ дар ҷомеаи дунявию демократӣ ҳар шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки фикру назари худро оид ба ин ё он падидаву ҳодиса баён намояд ва нафароне чун Тӯраҷонзодаҳо ҳақ надоранд, ин гуна ашхосро ба кофирию мулҳидӣ бадгумон шаванд. Дар урфият мегӯянд, ки «Бадкарда бадгумон аст, кӯри худу бинои дигарон аст». Ба гуфтаи Кошонии бузургвор:

*Эй он ки шабу рӯз Худо металабӣ,*
*Курӣ, гарат аз хеш ҷудо металабӣ.*
*Ҳақ бо ту ба ҳар забон сухан мегӯяд:*
*“Сар то қадамат манам, киро металабӣ?”*

Агар ин тавр намебуд, он гоҳ Маҳмуд мегуфт: «Мазҳаби суннӣ мазҳаби таҳаммулпазир аст, ҳар фикре аъзои «Ҷаҳони андеша» навиштаанд, ин хулосаи дониши шахсии онҳост ва ба ҷаҳонбинии мазҳабии мо созгор набуда, онро қабул надорем». Вале Тӯраҷонзода баръакси ин гуфтаҳо амал карда, бо таҳаммулпазирию инсондӯстии мазҳабиаш хостааст, ки ду қишри ҷомеаро ба ҳамдигар мухолиф созад. Ин ҳам бошад, нишонаи «соҳибмаърифатӣ» - ю «донишмандӣ»-и Маҳмуд буда, мардуми тоҷикистониро аз нав ба тарафи фарҳанги биёбонӣ, асри VI - арабӣ, китобсӯзию ҷиҳодравӣ, илмбадбинию ғаниматгирӣ, кашфиётро куфр эълон кардан, занҳоро ба занн (гумон) дар зери чодару фаранҷӣ нигоҳ доштану аз ҳуқуқҳояшон маҳрум намуда ва ғайра раҳнамой мекунад. Ё Тӯраҷонзода даъвои онро дорад, ки агар чунин суханонро бар муқобили китоби «Ҷаҳонбинии оянда» ман намегуфтам, каси дигаре набуд, бигӯяд. Бале, дар ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ ӯ ҳам ҳақ дорад аз ҳуқуқҳои худ истифода барад, мисли ҳама эътиқодмандон ба ғайб. Мо инро қабул дорем ва таҷовуз ба имони касеро надорем. Лекин ҳуқуқ надорад, ки муаллифони китобро фатвои сангсору дашномҳои қабеҳ диҳад, зеро ин амал ҷиноят аст. Ба диққати ӯ мерасонем, ки дар бисёр ҷомеаҳо рӯшанфикроне чун Фридрих Нитше (1844 - 1900) «*Худо мурд*», Макс Вебер (1864 - 1920) «*Ислом дини ҷанговар аст, на ғояи муттаҳидкунанда*», Франсуа Волтер «*Хонаи Худоро нобуд созед*», Халид Дуран «*Исломфашизм (Islamofascism)*», Салмони Рушдӣ (тав. 1947) «*Ояҳои шайтонии Қуръон*», Эҳсон Ҷомӣ «*Муҳаммад як ҷинояткор (criminal) аст*» навиштаанду касе онҳоро дар ҳамон ҷомеаҳо мулҳиду кофир нагуфтааст ва ё фатвои қатлашонро нахондааст. Ё мисоли дигар, олими машҳури амрикоӣ Майкл Вест (тав. 1965) дар мақолаи илмӣ - тадқиқотии худ «Ҳамсонасозии муолиҷавӣ» («Therapeutic cloning») чунин менависад: «*Мо тарафдори зиндагӣ ҳастем ва ҳама корро барои пешгирии марг хоҳем кард. Мо барои тибби бозофаринӣ кор хоҳем кард. Аз Худо*

*натарсида, ба кайҳон баромадем. Акнун барои аз байн бурдани марг ҷанинҳуҷайраи бунёдиро ҳосил кардем ва ба зудӣ бо истифода аз технологияи интиқоли ядроӣ онро ба бадан ворид карда, соати биологии пиршавиро бозмедорем ва ҳуҷайраҳоро аз сари нав ҷавон мегардонем».*

Ҳамин тариқ, барои пешрафти илм (алалхусус улуми дақиқу табиатшиносӣ) на афсонаву қисса, ривояту қасидаву ҳадис, балки тадқиқоту пажӯҳиш, ақлу дониш, маҳорату таҷриба ва боварӣ ба худ ба гуфтаи мутафаккироне чун Кошонӣ лозим имрӯз, “В - арна чу баҳоим ба чаро омадаӣ дар олами орзуву ҳавас”.

*Эй он ки ту толиби Худои ба худ о,*
*Аз худ биталаб, к - аз ту ҷудо нест ҷудо.*
*Аввал ба худ о, чун ба худ оӣ, ба худо,*
*К - иқрор намоӣ ба худоии Худо.*

Бо ин таманно ба Шумо ва хонандаҳо амну амони муҳайё мехоҳем ва чунонки ҳазрати Ҳофиз фармуда:

*Ҳар он ки ҷониби аҳли Худо нигаҳ дорад,*
*Худо-ш дар ҳама ҳол аз бало нигаҳ дорад.*

**Меҳр СОБИРИЁН**

## МУШКИЛОТИ ИНСОН ДАР ШИНОХТИ ХУДО

Баъди ба нашр расидани рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)», аз тарафи як гуруҳ равшанфикрони тоҷик, вокунишҳое аз тарафи муқарризони ин китоб навишта нашр шуд.

Дар вокунишҳои худ муқарризони «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» кӯшиш кардаанд, ки чизе исботнашавандаро исботшуда нишон диҳанд. Яъне Офаридгори замин ва осмонро, ки башар то ба имрӯз ҷуз чанд тахмину фарзия чизе кироӣ аз Ӯ намедонад, ҳамчун шинохташуда ва ин масъаларо ҳалшуда нишон бидиҳанд. Бо вуҷуди пур кардани чандин саҳифа онҳо ҳатто як далели раднашавандае дар шинохти Худо пешкаш накарданд. Бе он ки худошиносии худро ба намоиш бигзоранд ва кӣ ё чӣ будани он Зоти Покро аз нуқтаи назари худ баён кунанд, онхо ба баёни сифатҳою корнамоиҳои Худо пардохтанд, ки он сифатҳо ва корнамоиҳоро ҳама мебинанд ва медонанд. Дар ҳама давру замон исботи дурустии ҳар даъво бар ӯҳдаи даъвогар буд ва ҳаст. Даъвогарони худошиносиро ҳам мебоист пеш аз маҳкум кардани муаллифони рисолаи «Ҷахонбинии оянда» (Ҷахонбинии алтернативӣ)», далели радношавандае дар бораи исботи даъвоҳои худ меоварданд ва пеш аз ҳама аз чистӣ ва кистии Худо сухан мегуфтанд ва Худоро таъриф мекарданд. Аммо муқарризон инро накарданд, чун далели раднашаванда надоштанд ва надоранд. Танҳо баъзе фарзияҳои пешинаро пешкаш карданд, ки бо вуҷуди мантиқӣ ё ғайримантиқӣ буданашон радшаванда ҳастанд. Ҳоло баъзе аз онҳоро дида мебароем.

Инсон аз замоне, ки шуур пайдо кард, аз дарки ҳодисаҳои табиӣ ва сабаби вуҷуд доштани худ ва ҷаҳон оҷизӣ мекашид ва дар тӯли ҳазорсолахо, ҳазорҳо фарзияи мантиқию ғайримантиқию афсонавӣ эҷод кард. Бо васеъ шудани ҷаҳонбинии инсон ва пешравии илм қариб ҳамаи ин фарзияҳо рад шудаанд ва пайдоиши фарзияҳои нав имконпазир аст. Ҳарчанд илм ҳамаи фарзияҳои торихии пайдошуда барои шинохти Худоро рад

мекунад, аммо аксари аҳолии кураи замин ба ин фарзияҳо бовар доранд. Албатта, 90 дарсади бовармандон ин фарзияҳоро аз падар ба мерос гирифта, тибқи одат боварӣ доранд, на аз руйи тадқиқоту таҳлилҳои шахсӣ ва на аз таҷрибаи худ. Дар ҳама замонҳо ин фарзияҳо ба гуши инсонҳо мерасид ва ҳоло ҳам мерасад. Аз сабабе, ки мо то ҳол Худоро намешиносем ва аз Ӯ заррае маълумот надорем, мардум аз беилоҷи руй бар ин фарзияҳо меоранд, ки аксар вақт бо роҳи тарс ба шуури инсон дохил мешаванд. Тарс аз ҳодисаҳои табиӣ ки сабабашонро намедонистанд, тарс аз фарзияи рӯзи ҷазо ва дузах, тарс аз коҳинони маъбадҳо, ки торих гувоҳ аст, чи қадар инсонҳои бегуноҳро танҳо барои он ки фарзияи онҳоро қабул надоранд нобуд кардаанд, тарс аз фармонравоёне, ки мазҳабҳоро барои нигаҳдории қудрати худ истифода мебурданд ва дигарандешонро нобуд мекарданд, тарс аз тудаҳои бовarманд дар ҷомеа, ки дигарандешонро таънаву маломат мекарданд….

Вақте ҳар инсон дар давоми зиндагӣ бо ин фарзияҳо ошно мешавад ва бо роҳи тарс ин фарзияҳо ба шуури ӯ дохил мешаванд, албатта ӯ дар ҳолати зӯромад ва яъсу ноумедӣ, барои ором кардани худ аз ин фарзияҳо истифода мекунад. Аммо аз руйи инсоф агар бингарем, ин ягон қадам моро ба Худо наздик намекунад ва худошиносии моро тасдиқ намекунад ва мо ҳамоно Худоро ношинохта боқӣ мемонем. Ин ки даъво мекунанд «инсон тавре офарида ва сиришта ва сохта шудааст, ки дар умқи рӯҳу ҷони у эҳсос ва майл ва кашиши нохудогоҳе ба сӯи Худо вуҷуд дорад. Ин эҳсос ва майл худ ба худ инсонро ба сӯи Худо мекашонад», як даъвои холие беш нест. Ин эҳсосе ки инсонро ҳангоми тангӣ ба суйи зориву таваллои қувваи бузурге мекунад, нохудогоҳ нест, балки ин натиҷаи ҳамон огоҳӣ аз фарзияҳои мавҷудаи замонашон аст, ки дар боло ҳам гуфтем, асосан аз роҳи тарс ба шуури инсон дохил шудаанд. Вагарна дар таҷрибаи инсон бисёранд «Маугли»-ҳо, ки вақте аз ин фарзияҳо маълумот надоранд, амалу ҳаракатҳо ва рафтори онҳо ҳангоми тангӣ аз одамони дигар фарқ мекунад ва онҳо тақдирашонро ба дасти худ гирифта, муборизаи воқеӣ барои ҳаёт мебаранд. Дар ҳоле ки инҳо ҳам аз аъзои ҳамин ҷамъият зода шудаанд, наметавон нисбати инҳо ҳамон идаои пешинаро истифода бурд. Ё инсонҳои замони бисёрхудоӣ, ки барои ҳар ҳодисаи табиӣ як Худо доштанд,

ҳангоми тӯфон аз Худои борон ёрӣ мехостанд, ҳангоми дигар ҳодисаҳо аз дигар Худоёне, ки тибқи фарзияҳои онхо имкони ёрӣ расониданро доштанд. Аз ин бармеояд, ки амалҳои худохоҳии инсонҳои дар тангӣ қарордошта, натиҷаи ҳамон маълумоте ҳастанд, ки бо роҳи тарс ба таҳти шуури инсон дохил шудаанд, на нишонаи кадом як сиришту сохти махсус. Ин роҳе аз даруни инсон нею натиҷаи ҳамон пешдовариҳои берун аст. Фарқияти миёни худошиносии мардумони гуногун, ки ҳар халкият Худоро ба таҷрибаи хоси худ мешиносад ва аз дигарон фарқ дорад, далели он аст, ки шинохти онҳо аз Худо аз маълумоти берунӣ аст, на аз сиришти худашон. Ҳамин сабаби шинохтҳои мутафовит буд, ки бовармандон дар тӯли торих хуни якдигарро мерехтанд ва миллиардҳо инсонро бо ҳамин баҳона нобуд кардаанд. Ин дар ҳолест, ки «худошиносон»-и мо барои манфиати худ аз боварҳои дигар миллатхо мисол меоранд. Аз онҳое ки Худо боварияшонро дар мавъизаҳои худ куфр медонанд ва як умр зидди онхо мубориза мебаранд.

Яке аз фарзияҳои дӯстдоштаи муқаризони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)»-ин «Қонуни сабабият» аст, ки мегӯянд: «Дар фалсафа қонуни мусаллам ва ғайри қобили инкорест ба номи “Қонуни сабабият ва эҳтиёҷ ба иллат”. Бинобар тақозои ин қонун ҳар падидаи пайдошуда барои пайдоиши худ эҳтиёҷ ва ниёз ба падидоварандае дорад. Ҳамчуноне, ки ҳар маснуъи сохтаи башарӣ барои сохта ва пайдо шудани худ эҳтиёҷ ба сонеъ ва созандае дорад. Ҳеҷ гоҳ ҳеҷ падидае ва ҳеҷ маснуъе дар ин олам худ ба худи пайдо нашудааст ва пайдо намешавад. Ончи пайдо мешавад ҳатман марбут ба иллат ва сабабҳое ҳаст, ки агар он иллат ва сабаб набудӣ, он падида ва он маснуъ пайдо нашудӣ».

Бале фарзияи «Қонуни сабабият» як фарзияи мантикӣ аст ва сад дарсад ҳуқуқи вуҷуд доштанро дорад. Илм ва олимон ҳам инро рад намекунанд ва дар «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ҳам ин рад нашудааст. Ин фарзияро барои он исботнашуда мегӯем, ки агар холисона таҳлил кунем ва дунболаш равем, он охир надорад ва то ба плюси беохир меравад. Яъне агар вуҷуди ҳар як чизро хатман бояд офаридгоре бошад, агар қаламро

инсон офарид, инсонро Худо офарид, Худоро ҳам мувофиқи ин қоида ҳатман бояд Офаридгоре бошад ва он Офаридгорро ҳам Офаридгоре ва…

Албатта, мазҳабиён тӯли ин ҳазорсолаҳои даъвои худошиносӣ кардани худ, ҷавоби дигаре барои бастани ин фарзияи беохир «ихтироъ» кардаанд, ки чунин аст: Худо ба Офаридгор ниёз надорад. Ӯ аз азал буд ва то абад вуҷуд хохад дошт. Аммо барои ҷӯяндагон ин як роҳи гурез аз ҷавоб аст, на ҷавоби қонеъкунанда ва физики машҳури англис Стивен Хокинг (тав. 1942), инро бо як мисоли одӣ рад кардааст, ки чунин аст:

Пурсиши якум: Инсонро кӣ офарид?

Посух: Инсонро Худо офарид.

Пурсиши дуюм: Худоро кӣ офарид?

Посух: Худо ба Офаридгор ниёз надорад.

Натиҷа: Ба мо маълум шуд, ки чизе ё мавҷуде метавонистааст бе Офаранда вуҷуд дошта бошад.

Акнун бармегардем ба пурсиши якум…

Яъне ин фарзияи мантиқиеро, ки барои исботи худошиносии худ пешниҳод мекунанд, ба осонӣ метавонад «Қонуни сабабият»-ро рад кунад ва ин шуморо маҷбур мекунад ё аз даъвои пешинаи худ, ки дар баробари офариниши инсон мекардед даст кашед ё мардона иқрор шавед, ки шинохти шумо аз Офаридгори олам баробар ба сифр (0) аст.

Гузашта аз ин, ин даъвои худошиносии шумо сад дарсад ба таърифи материя рост меояд, ки муаллифони рисолаи «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» дар саҳифаи 12-и ин китоб онро чунин навиштаанд: Чизи моддӣ табиатан ҷовидонӣ ва абадӣ аст. Пас сабаби вуҷуди ҷаҳон дар моддӣ будани унсурҳои таркибии ҷаҳон аст. Унсурҳои моддие, ки фано ва нестиро қабул надоранд. Аз шакле ба шакли дигар ва аз ҳолате ба ҳолати дигар мегузаранд. Ин раванд абадулобод давом мекунад.

Муқарризон идао мекунанд, ки бо роҳи ақлу мантиқ ба осонӣ Худоро метавон шинохт. Аммо худ ягон таърифе аз Худо накарданд. Танҳо тахмин заданду онро ҳақиқат гуфта пешкаш карданд. Дар аввал даъво мекунанд, ки бо роҳи ақлу мантиқ мешавад Худоро шинохт ва ду-се мисоли кӯдакона меоранд, ки танҳо пешдоварии худашонро конеъ месозад ва ба дарди худоҷӯёни холис намехурад. Баъдан боз зидди инро навишта

даъво мекунад, ки инсон ҳатто худашро намешиносад, куҷо расад ба шинохти Худо. Даъво мекунанд, ки ақли инсон қобилияти шинохти он Зотро надорад. Худо монанди ин несту монанди он нест, Худо ин несту он нест. Аммо намегӯянд ва гуфта хам наметавонанд, ки Худо ки аст ва чи аст. Аз ин бармеояд, ки худи даъвогарони «худошинос» Худоро намешиносанд ва роҳҳои худошиносии пешниҳодкардаашон ба худашон ҳам ягон фоида накарда ва дар шинохти Офаридгори замину осмон ҳамоно очизанд. Ҳунарашон танҳо бо мисолхои кӯдакона пур кардани саҳифаҳост ва суханронӣ дар пеши шахсоне, ки ҷуръати як ҳарфи онҳоро рад кардан надоранд.

Ҷанобони «Худошинос», агар шинохти шумо аз Офаридгори замину осмон ҳамин аст, ки ягон шинохти дурусте надоред ва танҳо тахмину фарзияҳоро пешкаш мекунед, беҳтар нест, ки мардона иқрор кунед, ки он қувваи бузурги идоракунандаи замину осмон ва он сабаби пайдоиши ҳаёт дар заминро намешиносед? Дар ҳоле ки худ чизе кирой дар шинохти Худо надоред, чаро дигарандешонро ҷоҳилу нодон меномед? Ин чи доноии шумо аст, ки чизе дар бораи Худо намедонед ва бо пур кардани даҳҳо саҳифа ҷавоб ба саволи асосӣ, ки Худо чист ва ё кист-ро намедиҳед? Дар ҳоле ки Худоро заррае намешиносед, ба шумо ки иҷозат додаст, ки аз номи Ӯ ҳарф занед?

Илм ва олимон ҳам вуҷуди як қувваи идоракунандаи коинотро рад намекунанд ва «Қонуни сабабият»-ро ҳам рад намекунанд. Дар китоби «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» ҳам инҳо рад нашудаанд. Илм ва олимон ба худошиносии шумо ҷанобон шак дорад ва шаки беасос ҳам нест. Ин худошиносии мазҳабиён аст, ки ба талаботи илми муосир ва ақлу мантиқ созгор нестанд ва аз тарафи муаллифони «Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ)» символ ва образи умеду орзухо ва каҳрамони афсонаҳо номгузорӣ шудааст, на Офаридгори ҳақиқии замину осмон ва на он сабабгори пайдоиши ҳаёт дар курраи Замин. Бо навиштани ҷумлаи «Худои умумикайхонӣ то ҳол дар бораи вуҷуди худ ба мо ягон хабаре нададааст», онҳо вуҷуди он Зотро эътироф мекунанд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Пас ба ҷойи ин ҳама даъвоҳои беасоси худошиносӣ беҳтар аст бираведу дар пайи шинохти дурусти Ӯ бошед. Ё агар бовар доред, ки одамӣ қудрати шинохти Ӯро надорад, хомӯш бошед ва даъвои худошиносӣ накунед ва исботҳои кӯдаконаи вуҷуди Худоро пешкаш накунед ва мардумро фиреб надиҳед. Бигзоред ҳар кас худаш мустақиман Худоро биҷӯяд.

**Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**

## МУҲТАВОИ ДИН СИЁСИСТ, НА АХЛОҚӢ

Пас аз хондани мақолаи Муродулло Давлатов «Озодандешӣ ё таассуб» рӯзномаи «Тоҷикистон» (№21 (1063), 22 майи 2014), хостем ба баъзе аз эродҳо ва фаҳмишҳои устод ҷавоб ва тавзеҳ диҳем, то хонандагон ва мунаққидони мо фаҳмиши мукаммале дар мавриди «Ҷаҳонбинии оянда» ё илмие, ки воқеияти ҷаҳони имрӯзаро бозгӯст, дуруст дарк кунанд.

Баъди шикасти модернизм, ки дар Урупо моҳияташро ақлгароӣ (ратсионализм-таълимотест, ки ба ҳар ҳодисаю падидаҳои олам сабаб ва натиҷаеро қоил аст) ташкил медод, ҷараёнҳо ва мактабҳои фалсафие зуҳур карданд, ки моҳияташон дар асоси гуногунандешӣ (плюрализм) шакл мегирифтанд.

Ин марҳилаи гуногунандеширо посмодернизм меноманд, ки аз чунин хусусиятҳо иборат аст: гуногунандешӣ, синергетикӣ (бесабаб ба вуқӯъ омадани ҳодисаю воқеаҳо, яъне худшаклгирӣ) антисиентизм (нобоварӣ ба илм ва зарари инкишофи илму техника ба муҳити атроф), сиентизм (эътимод ба илм) неотомизм (рӯ овардан ба маҳкумот ва устураҳои динӣ) мебошад.

Баъдан он ки Карл Маркс аз раҳи ақл динро омили азхудбегонагӣ ва афюн (маводи мадҳушкунанда) эълон кард, бинишҳои посмодернистӣ бошанд, ғайр аз ақл, ҳадс, эҳсос, рамз (символ) ва дигар субъектҳоро омили маърифати фаъоли олам медонанд.

Чунин шакл гирифтани бинишҳо ва фаҳмишҳо имконият фароҳам овард, ки таълимоти динӣ аз нав эҳё гардид ва ҳолати азхудбегонагии худро (М. Иқбол) баргашт ба асли хеш, худшиносӣ, озодӣ, таҷрибаи худӣ (Иқбол ва сӯфиён) донистанд. Бо баробари шакл гирифтани ин ҷараёнҳои ақидавӣ (идеологӣ) ҳамзамон таъсири худро ба сиёсатҳои вақт расонданд ва нооромиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, сару садоҳо, майдоннишинӣ, ифротгароӣ дар ақидаҳо, гурӯҳбозӣ, минтақагароӣ, маҳалгароӣ, тундгароии динӣ, зомбикунонии инсонҳо ва оқибат маҳдуд шудан ба хонаводаҳои лидерҳои сиёсӣ ва худкомагии хонаводаҳои сиёсӣ расонид.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ин сохтори воқеияти ваҳшатофарин тасодуфӣ нест ва аз тарафи ягон қувваи мофавқуттабиат идора намешавад, балки бозии нави сиёсатмадорон ва сиёсатбозони рӯи замин аст, ки ҳар яке барои амалӣ сохтани ҳадафу ғаразҳояшон ба гуфтаи Макиавеллӣ тамоми найрангҳо, сеҳру ҷоду, гипнотизими тиббӣ ва сиёсӣ, илмҳои сиёсатзадашуда, динҳои ҷангҷӯ ва ситезагарро дар ҷомеаҳо роҳандозӣ мекунанд.

Шаклгирии ҳувиятҳои гуногуни миллӣ дар ҷаҳони имрӯза ва ҳимояи манфиатҳои худ плюрализми сиёсиро ба вуҷуд овард. Ин плюрализми сиёсӣ дар заминаи манфиатҷӯии чанд қудратмандони рӯи замин ё лидерҳои абарқудрати сиёсӣ оҳиста-оҳиста устувор мегардад, мисли Амрико, Русия, Хитой ва дигар кишварҳое, ки дар ҳоли рушд ҳастанд ва мавқеи худро доранд, ба ҷаҳониён қудрати сиёсии худро нишон медиҳанд.

Ин биниши куллиест, ки воқеияти имрӯзро нишон медиҳад. Заминаи ин бинишҳо таърихи тӯлонӣ дорад. Яке аз ин заминаҳо ин кӯшиши миллатсозии динҳост. Динҳо дар таърихи башарият аввалин кӯшишии миллатсозиро роҳандозӣ карданд.

Ақидаҳоеро ташаккул доданд, ки новобаста аз бандҳои этникӣ ҳувияти фаротари умумиинсониро дастгирӣ менамуданд. Аммо дар муддати начандон тӯлонӣ ин ақидаҳо ба догма гирифтор шуданд ва монеаи рушд гаштанд. Чаро чунин шуд? Зеро динҳо аввал дар шакли ахлоқ зуҳур карданд ва меъёрҳои адолати иҷтимоӣ-ҳуқуқиро матраҳ сохтанд ва ҷомеаро дар маҳор гирифтанд. Ҳамзамон дар асоси ин меъёрҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ ба сиёсат табдил ёфтанд.

Яъне сиёсат амру наҳйи худро дар заминаи аҳкомҳои ахлоқӣ-ҳуқуқии динҳо устувор кард. Ҳар амру наҳйе, ки ба сиёсат табдил мешавад, ҳукми мутлақиятро соҳиб мегардад ва догма мешавад, зеро ба системаи фароинсонӣ (берун аз инсон, мисли техника ё робот) ё зидди инсонӣ мубаддал мешавад. Чунин сурат гирифтани масъала дар Ғарб «асри зулмот» ва дар Шарқ ду «қарни сукут» - ро рӯи кор овард. Ин аст ки ислом ҳамчун дин, на дини фаромиллист, балки дар моҳияти худ хостори миллатсозӣ буд. Аммо бо он ки ба догма табдил шуд, то ба имрӯз ҳамчун як дини тавтеасоз, ифротӣ, зиддиинсонӣ, зидди рушд ва дар дасти бозингарони абарқудратҳо, ҳамчун монеаи рушди кишварҳои дастаи сеюм истифода мешавад. Аммо устод М.Давлатов дар мақолаи таассуб ё озодандешӣ исломро падидаи фаромиллӣ

медонад, дар ҳоле ки ислом худаш миллат аст ва таърифи миллат дар ҷаҳони имрӯз на дар маҳдудаи этникӣ, балки фароэтникӣ (қавмӣ) дониста мешавад.

Нуктаи дигаре, ки устод М. Давлатов ба дидаи кам нигаристаанд, ин гӯё «кӯшише ба озодандешии мост». Ин гуфта дуруст аст, аммо чунин ҷасорат ва фаҳми оянданигарии воқеиест, ки фаротар аз як кӯшиш аст.

Тақсимоти бовариии динӣ ва илмӣ фаҳмиши дурусти фалсафист, ки устод дар ин нукта бисёр дуруст таъкид кардаанд. То ҳатто чунин фаҳмиш дар байни олимони мо аз байн рафтааст. Бисёре аз донишмандони мо дар байни ин бовариҳо ғӯтавар гашта, хусусияти фаҳмишҳои диниро бо илмӣ омехта месозанд. Чунин омехтасозӣ имкон фароҳам меорад, ки чеҳраи динӣ аз дастовардҳои илмӣ сӯистифода карда, мардумро гумроҳтар месозанд. Ин ҳолат дар психологияи муосир ҳолати бефазоиву (вакуум) гум кардани орентатсияи инсон аст. Ин шахси худбохта, мисли робот мешавад, ки ҳарчи фармон диҳӣ бечуну чаро иҷро мекунад. Моҳияти динҳо низ хусусияти бечуну чароиро доранд, ки ҳар ки чуну чаро кард кофир, мулҳид ва гумроҳ ҳисобида мешавад.

Нуктаи дигаре, ки устод М. Давлатов дуруст зикр кардааст, ин ташаккули шаклҳои озодфикрӣ дар тӯли таърихи афкори башарият аст. Инсон пеш аз он ки ба фаҳми муҳити атрофи худ шурӯъ кунад, аввал мепурсад, яъне чуну чаро мегӯяд ва дар фаҳмиши воқеият ба шаклу тардид мерасад, ки ин шакку тардид, дар ботини инсон зиддиятҳоро ба вуҷуд меорад. Ин зиддиятҳо омили ҳаракати афкор мегарданд, ки ин марҳиларо дар фалсафа скептитсизм ё шаккокият мегӯянд.

Марҳилаи дигари озодфикрӣ ин деизми фалсафист, ки аз шаккокияти фикрӣ ба вуҷуд меояд.

Ин ҳолати шаккокият инсонро водор месозад, то сабаб ё омилеро ҷустуҷӯ созад. Ҷустуҷӯи силсиласабабҳо ва кӯшишҳои бенатиҷа сарсилсила Худоро ба вуҷуд овард, ки ин фаҳмиши механикӣ низ ном дорад, ки ҳамчун Назарияи механикӣ олам аз тарафи Исҳоқ Нютон матраҳ шуд ва дар замони эҳёи Урупо яке аз заминаҳои илмӣ шуморида мешуд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ин фаҳмиш низ ба бунбаст гирифтор шуд, зеро фикри инсонро ба нуқтае оварда расонид, ки сабабро аз фаротабиат ҷустуҷӯ кард ва моҳияти табиатро берун аз табиат донист. Ин боварӣ заминаи боварии илмиро ба вуҷуд овард ва қудрати Худоро маҳдуд сохт.

Марҳилаи дигари озодфикрӣ ин атеизм аст. Яъне инсон такя ба сабабҳои фаротабиӣ натавонист мушкилоти худро ҳал кунад. Баргашт боз ба худ ва муҳити атрофи худ таваҷҷуҳ кард ва дар табиат бисёр қонуниятҳоеро кашф кард, ки зиндагии ӯро осон ва мушкилоти инсонро бартараф месозад. Табиатро то ба имрӯз инсон мехоҳад ба худ тобеъ созад, гарчанде ки дар ин тобеият ба бисёр мушкилоти экологӣ ва дигар мушкилот дучор гардидааст.

Нуқтаи дигаре, ки мавриди баҳс аст, ин ихтиёрӣ ё маҷбурӣ будани дин аст. Моҳияти динҳо тоталитарист (тамомиятхоҳӣ). Яъне дин аз роҳи тарс маҷбур месозад, ки инсон маҳкумоти диниро қабул кунад. Таҷрибаи 1400 солаи дини Ислом ва сӯистифодаи он то ба имрӯз гувоҳи ин гуфтаҳост. Ислом муборизаро бо озодии диёнат ба хотири ҳадафҳои сиёсӣ (на ахлоқӣ) шурӯъ кард, баъди он ки сиёсатро ба даст овард, ахлоқи сиёсишударо дастури умматонаш қарор дод.

Атеизми «ҷаҳони андеша» атеизми сирф маърифатӣ-илмист, то ба ҳол кӯшише накардааст, ки каси дигареро маҳкум ба ҳукми дастбурӣ, қатл ё дигар нафрату тавҳин карда бошад. Дуруст аст, ки буданд нафароне, ки атеизмро ҳамчун силоҳи сиёсӣ истифода карда, инсонҳоро нобуд сохтанд.

Аз ин лиҳоз танқиди мо танқиди сирф атеистист, ки ҷанбаҳои маърифатшиносӣ, ҳастишиносӣ ва арзишшиносиву оянданигориро дар бар мегирад.

Мунаққид дуруст қайд кардааст, ки Карл Маркс назари атеистии дин гуфта танқиди ҳуқуқ ва сиёсатро дар назар дорад, ки ба иҷрои маҳкумоти динӣ маҳдуданд. Ин гуфтаи Маркс то ба имрӯз актуалист, зеро ҳар сиёсат ва ҳуқуқ агар пойбандӣ маҳкумоти динӣ шавад, ҷомеаро ба ҷомеаи ибтидоӣ табдил медиҳад. Дин дар як марҳилаи таърихӣ вазифаи худро анҷом додааст, имрӯз дигар дин ҷавобгӯи роҳи ҳалли мушкилоти башар буда наметавонад.

Нуктаи дигаре, ки устод М. Давлатов моро дуруст дарк накардааст, ин нигилизм мебошад, ки моҳияти динӣ дорад, на илмӣ. Ҷараёнҳои динӣ-ирфонӣ моҳияти нигилистӣ доранд.

Нигилизм ин ҳеҷангорист, ки дар ҳамаи динҳо мавҷуд аст, яъне олам аз ҳеҷ офарида шуд ва баргашт ба ҳеҷият аст. Ин фаҳмиши пучӣ ва бемаъноӣ дар ирфони исломӣ низ нуҳуфтааст, ки ин оламро беарзиш ва бемаъно медонистанд ва мардумро аз воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ дур месохтанд, то натавонанд ҳукуматҳои ҷаббори диниро сарнагун созанд. Ин биниш як гуна ниқобе буд ба чеҳраи ҷаббор ва қаҳҳори динӣ.

Динро ҳамчун як саҳифаи доиратулмаорифи башарӣ эҳтиром мегузорем, аммо на дар сиёсат ва на дар ахлоқи инсони муосир бояд дахолат дошта бошад, зеро ягон маҳкумоти динӣ барои ҳалли мушкилоти имрӯзи башарӣ чорасоз нестанд. Ҳар як муҳаққиқ метавонад онро ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳад ва маҳкумоти ӯро мавриди накд қарор диҳад. Аммо наметавонад аз ин фаҳмишҳо ҷаҳонбинии илмӣ-оммавӣ ба вуҷуд оварад, чунки динҳо методи фаҳмонидани ҷаҳонро надоранд. Андеша ва ҷаҳонбинии динӣ тамоми фаҳмишҳо ва арзишҳои имрӯзаро омезиш ва парешон месозад. Динҳо метод, назария ва низоми муайян надоранд. Дар ҳоле ки ҳамаи илмҳо дар ҷаҳони муосир бе метод, назария ва низомҳои илмии тасдиқшуда наметавонанд вуҷуд дошта бошанд. Дар динҳо метавон ду методро ташхис кард, ки яке тарсонидан ва дигаре маҷбурият. Ин ду метод, ривишҳое ҳастанд, ки дар равоншиносии имрӯз хатарноктарин ва беморзо ҳастанд, ки укдаҳои равонӣ эҷод месозанд. Оқибати ин укдаҳо инсонро ба бемории садизм (дигаронро таҳқир, тавҳин, зӯроварӣ кардан) мазахизм (худро сарзаниш ва паст шумо ридан, риёзати ифротии ҷисмию рӯҳӣ ва дигар намуди маҷбурсозии худ ва берун аз ҳадди ҷисмии худ) шизофрения ва дигар намуди бемориҳои рӯҳию равонӣ гирифтор месозад.

Дигар нуктае, ки боиси таассуфи мост, ин муқоисаи устод Комил Бекзода ба Маҳмуд Тӯраҷонзодааст.

Аввалан ин ки дар сатҳи касбият, ин ду шахсият тамоман аз ҳамдигар фарқияти ҷиддӣ доранд. Аз лиҳози ақида низ ба ҳам мухолифанд ва сатҳи М. Тӯраҷонзода дар сатҳи ибтидоии омӯзиши масоили ҷаҳоншиносист, ки маҳдуд ба як дин ақаллан на ба тамоми динҳо. Дар ҳоле ки биниши устод Бекзода биниши

фарох ва берун аз ҳар гуна банду қайдҳои диниву сиёсӣ ва ақидавист.

Тақсимоти дин ҳамчун исломи ҷанговар ва исломи мулоиму таҳаммулпазиру ахлоқӣ низ нодуруст аст. Зеро ислом ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ дар моҳияти худ, ҳам ҷиҳод (ҷанг) ҳам ахлоқ ва ҳам сиёсату ҳуқуқро дорост, ки дар маҷмӯъ исломро ташкил медиҳад ва ҳадафи асосиаш ташкили хилофати исломист. Ва ҳар касе, ки аз ислом модел, консепсия ва дигар назарияҳоро берун меоварад, ин ҳамон кӯшишест, ки боз хостори сохтани ҳукуматҳои динист, ки дар шароити имрӯз ба ҳеҷ ваҷҳ муваффақ нахоҳад гашт ва мардумро дар ҳали ошуфтагиву ахлоқӣ нигоҳ дошта, бозичаи дасти абарқудратҳо шудан аст.

Хулоса: Имрӯз барои Тоҷикистон идеологияи илмӣ ё ҷаҳонбинии илмӣ зарур аст, ки тавонад моро ба воқеияти худ ва ҷаҳон расонад.

- Гирифториҳову мушкилоти кишварро дуруст матраҳ созад ва роҳҳои ҳалли воқеии онро пешниҳод созад.

- Ба вуҷуд овардани фаҳмише, ки моро дар банди динҳо, идеологияҳои ифротӣ нигоҳ надорад ва моро ба инсондӯстиву инсонпарварӣ роҳнамо созад.

- Кинаву адоват нисбати ҳамдигарро бо ҳар роҳе, ки набошад бартараф созем ва ҳамеша ба бад дидану нафратзадагиву тавҳину таҳқир ба мусолиҳа биёем ва ҳамдигарро эҳтиром намуда, кишварро ба пеш барем ва имконоти хуби зиндагиро барои ҳамдигар фароҳам оварем.

- Мо ба ҳар як инсон имкони гуфтугӯ, созиш ва мусолиҳаро дорем, то мо ӯро шунавем ва ӯ моро шунавад, то дар якҷоягӣ рушду тавсеа ёбем.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

# МАНҚУРТИЗМ МАҲСУЛИ ТАМАДДУНИ ИНСОНҲОИ МИРАНДА АСТ

## I

Бегумон яке аз шоҳкориҳои бадеӣ ва фалсафӣ дар таърихи инсоният романи Чингиз Айтматов “Рӯзи дарозтар аз қарн” (“Дуроҳаи бӯронӣ”; “И дольше века длится день”) мебошад.[128] Ин асарро Айтматов моҳҳои декабр - марти солҳои 1979 - 1980 эҷод кардааст; дар даврае, ки ӯ дар қуллаи шуҳрат буд ва аз нуқтаи назари мантиқӣ як шаҳрванди таъмин ва номдори Шӯравӣ намебоист онро менавишт. Ӯ намебоист китобе менавишт, ки бунёдҳои зиндагии одамонро на фақат дар Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар тамоми ҷаҳон зери савол мегузошт. Аммо чаро ӯ чунин кард? Чаро ӯ мехост бунёдҳои зиндагии одамонро дигаргуна бубинад ва ё дигар кунад? Барои чунин хоҳиш ва даъват ӯ сабабҳои ҷиддӣ дошт: сабабҳое, ки берун аз салоҳияти шаҳрванди як давлати абарқудрат буд; сабабҳое, ки сохтмон ва тақсимоти мавҷудаи ҷаҳонро хилофи манфиатҳои инсонӣ нишон медод.

Дар ин мақола ман ҳадаф дорам, ки ин сабабҳоро аз нигоҳи ҳассос, огоҳ ва дурбини ин нависандаи файласуф арзёбӣ кунам. Ва ба ин восита бори дигар таваҷҷуҳи хонандагонро ба мутолиа ва фаҳмиши дурусттари осори ӯ ҷалб кунам. Дар солҳои охир зиёиёни тоҷик мавзӯи *манқуртизмро* ба яке аз категорияҳои маърифатшиносӣ ва қазоваткунии худ табдил додаанд. Онҳо даъво доранд, ки ин падидаи худбегонагӣ ва бединӣ ҳаст, ки дар давраи Шӯравӣ ташаккул ёфта буд. Ба назари онҳо, манқуртизм бегонагӣ аз дини Ислом мебошад ва онро баробар ба бехудоӣ (атеизм) медонанд. Яъне манқурт инсоне аст, ки ба Худо бовар надорад, ба дини гузаштагонаш (Ислом) итоат намекунад ва “аз асли худ бегона шудааст”. Аммо ин тавр нест. Балки аз нигоҳи худи Чингиз Айтматов, ки истилоҳи “манқурт”-ро аввалин бор ба

---

[128]Чингиз Айтматов, И дольше века длится день // Роман, повести (480 стр.).Ленинград: Лениздат,1982. – Саҳ. 174 - 470.

урф даровард, ин мафҳум маънои васеътар дорад. Манқуртизм на фақат маҳсули даврони Шӯравӣ, балки инчунин мероси тамаддуни исломӣ буд.

## II

Ҳанӯз дар муқаддима ба романи худ (“От автора”) Чингиз Айтматов мегӯяд, ки таззоди фоҷианоки замони муосир (охири асри 20 ва албатта имрӯз) аз он иборат аст, ки инсоният имкониятҳои беҳудуди худро наметавонад барои манфиатҳои ростини худ истифода барад. “Монеаҳои сиёсӣ, идеологӣ, нажодпарастӣ” ва ғайра боис шудаанд, ки ин имкониятҳоро дар роҳҳои нодуруст ва хатарнок, аз қабили мусаллаҳшавӣ, ҷангу хунрезӣ ва бадбинию нифоқ ба якдигар сарф кунад. Ӯ ба таври равшан хулоса мекунад, ки: “Если человечество не научится жить в мире, оно погибнет”.[129]

Сипас, файласуф ба баёни масъалаҳое мепардозад, ки одамон бояд дар атрофи онҳо бештар андеша ва амал кунанд. Барои ин, ба қавли худи ӯ дар Муқаддима, касеро қаҳрамони марказиаш интихоб мекунад, ки бештар ва бомасъулиятонатар аз ҳама андеша ва амал мекунад. Ин қаҳрамон Едигей ном дорад, ки дар як истгоҳи роҳи оҳан кору зиндагӣ мекунад ва дар айни ҳол, доираи андешааш фаротар аз паҳноҳои танги замону макон меравад.

Хоси бисёре аз асарҳои Чингиз Айтматов аст, ки ҳамеша муҳитҳои “сарбаста” (авул дар “Киштии сафед”, “Ранние журавли” (1975), “Пегий пес, бегущий краем моря” (1977) ва истиқоматгоҳи роҳиоҳанчиён дар романи мазкур)-ро тасвир мекунанд. Баръакси ҷаҳони берунӣ ва моддие, ки тасвир мешавад, ҷаҳони ботинӣ ва зеҳнии қаҳрамонҳо тамоми ҷаҳон ва таърихи инсониро фаро мегиранд. Дар доираи як деҳаи дурафтода ва ё сарироҳафтода нависанда дар бораи тамоми инсоният ва тамаддуни офаридааш гап мезанад. Қаҳрамонҳои Чингиз Айтматов дар бораи тақдири инсон фикр мекунанд, тақдире ки худ маҳсули ҳамин фикр аст, аммо бо он фарқ ки дигар дар итоати инсони фикркунанда нест. Тақдири инсонҳо тақдири фардии онҳо нест. Тақдири онҳо умумӣ шудааст, чунончи: мазмуни зиндагии як

---

[129] Ҳамон ҷо. Саҳ. 175

авулро ҷанге муайян мекунад, ки дар дигар гӯшаи Замин рух медиҳад. Гарчанде яке тақдири дигареро месозад, аммо ҳанӯз ҳам одамон намехоҳанд ва наметавонанд ин воқеиятро пазиранд. Ҳар яке худро бегона аз дигаре мешуморад, то ки бо ин роҳ бартарии худро тасдиқ кунад. Ҳамин гуна гирудор моҳияти фоҷиавии тамаддуни инсониро ифода мекунад. Айтматов ва қаҳрамонҳои одии ӯ ҳамин моҳияти фоҷиавиро чун тақдири умумиинсонӣ дониста ва онро ба дигарҳо башорат доданӣ ҳастанд. Гуфтанӣ ҳастанд, ки инсон ба тамаддуни наве ниёз дорад, ки ӯро аз Манқуртизм наҷот диҳад.

Едигей ривоятҳо ва саргузаштҳоеро ба ёд меорад, ки моҳияти зиндагӣ ва тамаддуни инсониро таҷассум мекунанд. Ин ривоятҳо ва саргузаштҳо асосан ба тафсил ва арзёбии мавзӯи Манқуртизм бахшида шудаанд. Дар мавзӯъҳои кайҳонӣ, ки Едигей қудрати тасаввур ва тафаккур надорад, худи нависанда ҷойгузини ӯ ҳаст. Аз ин рӯ, дар ин асар худи Чингиз Айтматов низ қаҳрамони асосӣ мебошад.

Ӯ, пеш аз ҳама, ба хотири ду мавзӯи меҳварӣ романи худро таълиф кардааст: якум, мавзӯи Инсони Манқурт ва дуюм мавзӯи Инсони Миранда. Хулосаи асар аз он иборат аст, ки: *Агар инсон зиндагии худро дар сатҳи кайҳонӣ наҷот надиҳад, ӯ гирифтори манфиатҳои ночиз хоҳад буд. Ва инсоне, ки гирифтори манфиатҳои ночиз ҳаст, Манқурт ҳаст.Манқурт маҳкум ба нестӣ мебошад.*

## III

Риштаи сужети асар ҳамагӣ як рӯзро дар бар мегирад: расми дафни як дӯсти деринаи Едигей бо номи Казангап. Азбаски дар ҳудуди ҳамин як рӯз хотираҳои таърихӣ ва зиёда аз садсолаи мардуми қазоқ дар зеҳни қаҳрамони асосӣ бедор мешаванд, барои ҳамин, асар номи “И дольше века длится день”-ро гирифтааст. Нависанда хотира (память)-и инсонро муҳимтарин ва муқаддастарин арзиш ва дастоварди ӯ медонад. Дар акси ҳол, инсон ба Манқурт табдил меёбад, ки гузашта, гузаштагон ва худашро фаромӯш кардааст. Дар ин маврид, Айтматов ба ду Хотира ё худ ҳақиқати таърихӣ рӯ меорад: ба Манқуртҳои

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Жуанжуании чанд садсола пеш ва ба Манқуртҳои Шӯравии ҳамагӣ чанд даҳсола пеш дар сарзамини биёбонии сарозекҳо (қазоқҳо) вуҷуддошта. Муҳимияти Хотира на фақат аз он иборат аст, ки мероси маънавӣ аз гузаштагон мебошад, балки инчунин аз он иборат аст, ки он ҳанӯз ҳам ҳақиқати воқеӣ дорад. Айтматов мегӯяд: на фақат гузаштагони мо мубталои Манқуртизм ё худ Бехотирӣ буданд. Балки имрӯз ҳам Манқуртҳо ҳастанд. Ӯ ин воқеиятро аз номи қаҳрамони марказии худ (Едигей) нақл мекунад, ки айни Манқурти Жуанжуанӣ ва ё Манқурти Шӯравиро дар фарзандони дӯстону бародарони худ мебинад; дар симои насли наве, ки дар тарбияи онҳо худи ӯ ва тамоми ҷамъият саҳм гузоштаанд. Пеш аз ҳама, ин Манқурт фарзанди дӯсти ӯ, Казангап, мебошад. Казангапе, ки ривояти Манқурти Жуанжуаниро ба дигарон нақл мекард; Казангапе, ки мехост насли нав бо хотираи бедор аз ин гузашта зиндагӣ кунанд ва тамаддуне ба вуҷуд оваранд, ки онҳоро вораста кунад. На ба ин гузаштаи жуанжуанӣ боз баргарданд! Казангапе, ки имрӯз ӯро дар гӯристони муқаддас, гӯристони Найман-Ана, модари Манқурти Жуанжуанӣ, бояд гӯронанд.

Манқурти имрӯза Собитҷон мебошад. Собитҷон барои дафни падараш – Казангап омадааст, вале мехоҳад тезтар ба шаҳр баргардад. Маросими гӯрондани падарро хурофотпарастӣ ва қафомондагӣ меҳисобад.Дӯсти деринаи падараш Едигей ин рафтори Собитҷонро мушоҳида карда, ба ёд меорад, ки чӣ хел инсон баробари мурдан дигар мавриди таваҷҷӯҳ нест.Поймол шудани гӯристони муқаддаси Найман-Ана барои "ҳадафҳои бузурги давлатӣ" ба маънои он аст, ки тамаддуни муосир одамонро ба фаромӯш кардани гузаштагон водор кардааст. Моҳияти Манқурти Шӯравӣ маҳз дар ҳамин нукта нуҳуфтааст. Инсони Шӯравӣ худро фиреб медиҳад: маросими дафнро ба спектакл табдил додааст.Дар ин маросими ботантана ваъда медиҳад, ки мадфунро фаромӯш намекунад, вале ҳамон замон ба шаҳр барои иҷрои "ҳадафи бузурги давлатӣ" бармегардад ва ё чун Мерсо, қаҳрамони Камю ба тамошои кино меравад, то ки ҳар чӣ зудтар падару модари мурдаи худро фаромӯш кунад.

Аммо дар тарбияи Собитҷон чӣ камбудие ё мушкиле рух дода буд, ки ӯ бар хилофи чашмдошти падараш, Казангап, ба Манқурт мубаддал шуд. Падару модар ва дӯстон, аз қабили Едигей, барои

таълиму тарбияи ӯ тамоми имконияту дороиҳояшонро сарф карда буданд! Ӯро дар интернату институт хононданд! Сабаб дар куҷо буд?! Жуанжуанҳо, Аморати Бухоро, Калисои Аврупо ва Поккориҳои Сталинӣ набуданд, то ки ӯро бо сахттарин азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва маҳрумиятҳои равонӣ ба ғуломе, хусае ва манқурте табдил диҳанд! Ин низомҳои худкома ва тоталитарӣ пушти сар шуда буданд; низомҳое, ки хотиранависӣ бадтарин ҷиноят ва гуноҳ дониста мешуд ва барои ин сахттарин ҷазо, яъне Марг, дода мешуд!.. Магар айб дар ниҳоди худи Собитҷон буд?! Ин яке аз саволҳои бузурге ҳаст, ки Едигей ба он ҷавоб ёфта наметавонад. Аз ин рӯ, қаҳрамони марказии дигар, худи Чингиз Айтматов, ба ёрии Едигей мешитобад. Ва ба ин саволи хитобии "Чаро?!" ҷавоб медиҳад.

**IV**

Мушкилии фоҷианоки Манқуртизм ё худ Бехотирӣ мушкилие нест, ки ба худи як одам марбут бошад. Фарз кардем, ба иродаи фардии Собитҷон вобаста бошад. Ин мушкилии сиёсӣ, идеологӣ ва кайҳонии Тамаддуни инсонӣ аст. Асосҳои Тамаддуни инсонӣ ё худ заминӣ, чи дар гузашта ва чи имрӯз, асосҳои дурӯғин мебошанд. Онҳо манфиатҳои ростини инсонро ифода намекунанд. Аз ин рӯ, мактабу мадраса ва муаллиму мулло инсонро ба Манқурт табдил медиҳанд. Айтматов бо нақли як ҳодисаи хаёлӣ (фантастикӣ) дурӯғин будани асосҳои Тамаддуни ба қавле "прогрессивӣ"-и инсониятро ифшо мекунад.

Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка, абарқудратони ду қутби баҳамзидди сайёраи Замин дар сари як "масъалаи стратегӣ" машварат мекунанд. Дар ниҳоят, ҳар ду ҷониб ба Кайҳон даҳтоӣ мушак (ракета) мефиристанд, то дар гирди Замин "Ҳалқа" ("Обручь")-и дифоӣ ташкил диҳанд. Ва ҳар гуна "таҳдид"-ро аз қувваҳои кайҳонӣ, чунончи лаълиҳои парон, рафъ кунанд. Ба гуфтаи нависанда, ин ҳалқа ба хотири "дар гирди кураи Замин кашидани девори муҳофизатие буд, то ки дар умури

ҷаҳонӣ ягон тағйироте сурат нагирад, то ки ҳама чизончуноне боқӣ монад, ки ҳаст”.[130]

Чингиз Айтматов ин ҳодисаи хаёлиро ба беҳуда намеорад. Аллакай, дар Муқаддима ба асари худ ӯ аз забони Достоевский мегӯяд, ки эҷоди хаёлӣ (фантастикӣ) бояд воқеиятро тасвир кунад ва чашмандозеро дар он бубинад, ки аз нигоҳи аввал тасаввурнашаванда, вале дар ниҳоят боваркарданӣ ҳаст. Бо ин, ӯ ҳамчун файласуф ба мушкилии асосии Тамаддуни “прогрессивӣ”-и мо, яъне мушкилии ба истилоҳ “Садди чинӣ” рӯ меорад. Айтматов дар Муқаддима ёдовар мешавад, ки баъзе мардумон худро бартар ва бузургтар аз дигарон мешуморанд ва барои нигоҳдории ин миф (устура, афсона) дар гирди худ “Садди чинӣ” аз миллатгароӣ, нажодпарастӣ, идеологияҳои диниву дунявӣ ва монанди инҳо мекашанд. Ин мушкилии меҳварӣ ба моҳияти Тамаддуни онҳо табдил ёфтааст ва боиси нобоварӣ ва ҷангу ҷидолҳо дар байни онҳо гардидааст. Ин гуна бартариҷӯӣ ва қудратталабӣ як гуна худинзивокунӣ (самоизоляция) мебошад, ки инсониятро ҳазорсолаҳо қафо мекашад. Барои боз ҳам равшантар баён кардани ин гуна зарари ҳазорсолаҳо файласуф ҳодисаи фантастикии худро тафсил медиҳад.

Сабаби худинзивокунӣ ё худ дар гирди сайёраи Замин ташкил додани ҳалқаи мушакӣ-ҳарбӣ ҳеҷ гуна таҳдиди воқеӣ аз тарафи “лаълиҳои парон” набуд. Сабаб дар кӯтоҳназарӣ, манфиатпарастӣ, худкомагӣ ва аз ҳамин қабил парҳои маърифатӣ ва ахлоқии Тамаддуни Манқуртӣ буд. Ҳиммат ва ҳадафҳои одамон то ҳадде маҳдуд ҳастанд, ки касе на барои манфиатҳои маҳдуди гурӯҳӣ, мазҳабӣ ва ё давлатӣ, балки барои манфиатҳои умумиинсонӣ андеша ва амал кунад, хиёнаткор дониста мешавад ва ба нестӣ маҳкум мегардад. Ин гуна тақдир омада-омада насиби як кайҳоннаварди Шӯравӣ ва як кайҳоннаварди америкоӣ низ мешавад.

Мувофиқи сужети фантастикии Айтматов, ин кайҳоннавардон якҷоя дар стансияи кайҳонӣ хизмат мекунанд. Рӯзе пеши онҳо сокинони сайёраи “Лесная Грудь” аз Галактикаи “Держатель” меоянд ва ба онҳо мулоқот мекунанд. Онҳоро ба

[130] Айтматов, И дольше века длится день. 1982. – Саҳ. 469 (“закладывать вокруг земного шара постоянно действующий кордон, чтобы ничего не изменилось в земных делах, чтобы все оставалось как есть...”)

сайёраи худ бурда, ба Тамаддуни лесногрудӣ шинос мекунанд. Кайҳоннавардон ба як тамаддуне бархурд мекунанд, ки асосҳои бунёди он батамом хилофи Тамаддуни заминиён мебошанд. Одамони Лесная Грудь ба ҳисоби миёна 130-150 сол умр мебинанд. Бо вуҷуди ин, барои онҳо дароз кардани умри одам проблемаи асоситарин ва моҳияти меҳварии ҳастиро ташкил медиҳад. Онҳо дастовардҳои илмии худро маҳз ба ҳамин мақсад равона кардаанд. Онҳо медонанд, ки баъди милёнҳо сол сайёраи онҳо барои зиндагӣ кардан имконнопазир мешавад. Аз ин рӯ, аз ҳоло дар ҷустуҷӯи сайёраи дигаре дар Кайҳон ҳастанд. Барои кайҳоннавардон маҳз ҳамин ҷанбаҳои маърифатӣ ва ахлоқии Тамаддуни лесногрудиҳо ҳайратбахш буд. Дар ҳоле ки барои заминиён ва аз нуқтаи назари Тамаддуни заминӣ *дарозкунии зиндагии инсон ва ҷустуҷӯи зиндагӣ дар дигар гӯшаҳои Кайҳон* ҳазён ва газофе беш нест. Аз дидгоҳи динҳои заминиён, ин ҳатто гуноҳи кабира аст. Тамаддуни Лесногрудӣ аз ҳама нигоҳ фарқ мекунад: категорияҳои маърифати фалсафӣ моҳияти ҳастиро дигаргуна баён мекунанд; сиёсат ва давлатдории қудратталабона вуҷуд надорад; ҷанг воситаи муносибатҳои ҷамъиятӣ нест ва монанди инҳо.

Лесногрудиҳо ба кайҳоннавардони Замин гуфтанд, ки: “Мо кайҳо боз дар бораи Замин чун як сарчашмаи зиндагӣ медонем, барои ҳамин фурсати муносиберо барои робита кардан меҷустем. Огоҳона истиҳола ва худдорӣ мекардем, чунки медонистем шумо, заминиён, мавҷуди бисёр нобовар ба бегона ва ҳаросон аз тамаддуни дигар ҳастед. Робитаи ноҷои мо метавонист боиси фоҷиаҳое барои худи шумо шавад. Акнун шумо имкон ёфтед илму техникаро то ба сатҳе инкишоф диҳед, ки ба Кайҳон бароед. То аз нуқтаи назари Кайҳон бубинед, ки мавқеи шумо дар ин фазои бепаҳно ва номуайян устувор ва идеалӣ нест, чӣ тавре ки ҳазорсолаҳо тасаввур мекардед. Акнун мо мехоҳем тавассути шумо бо ҳамзаминони шумо робитаро оғоз кунем. Шуморо ба Тамаддуни Лесногрудӣ ошно кунем ва аз ин рӯ, ба ҳамкорӣ ва ҳамзистӣ даъват намоем”.

Кайҳоннавардон бисёр мехостанд ин паёмро аз Тамаддуни Лесногрудӣ ба Абарқудратҳои сайёраи Замин расонанд; ба

Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка, ки тақдири исноният дар дасти онҳо буд. Аммо дар ҷавоб чи гирифтанд? Дар ҷавоб онҳоро хиёнаткор ва аз Замин рондашуда эълон карданд. Дар натиҷа, "ҳеч кас дар ҷаҳон онҳоро дигар шунида наметавонад, ҳеч кас гумон ҳам намебарад, ки дар фазои кайҳонӣ садои онҳо қайд намешавад".[131] Дар ҷавоб Абарқудратҳо "Девори чинӣ"-и худро то ба сатҳи Кайҳон бардоштанд. Бо ин роҳ, худро аз дигарон бори дигар шояд дар баҳои ҳазорсолаҳо инзиво карданд. Ин шароити худинзивокунӣ боз метавонад ҳазорсолаҳо Тамаддуни дурӯғини заминиёнро "дифоъ" кунад ва аз инсонҳо Манқуртҳо биофарад.

## V

Соли 1991 яке аз Абарқудратҳо, Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳам пош хурд ва ба ҷои он давлатҳои "мустақил" арзи ҳастӣ карданд. То як муддат онҳо дар роҳгумӣ буданд. Аз байни онҳо Русия баъди роҳгумиҳои кӯтоҳ боз дар пайи Абарқудрат шудан афтод ва доғи "худкома"-ро гирифт. Баъзеҳо ба ҳавзаи таъсири Абарқудрати онсӯибаҳрӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, гузаштанд ва дар пешонии худ тамғаи "озод" ва "демократӣ"-ро часпонданд. Дигарон, махсусан кишварҳои Осиёи Марказӣ дар зери фишори Русияи "худкома" ва Ҷаҳони исломӣ қарор гирифтанд.

Аммо то ҳуҷуми террористҳо ба Америка дар соли 2001 ҷаҳониён гумон доштанд, ки Замин дигар корзори кашокашҳои дуқутба ё бисёрқутба нест. Идеологҳои америкоӣ, чун Ҳантингтон ва Фукуяма, аз "охири таърих", аз пирӯзӣ ва бартарии қутби Ғарб ҳадс мезаданд. Гумон доштанд, Иттиҳоди Шӯравӣ бузургтарин таҳдиде ба амнияти инсоният буд, ки акнун рафъ шудааст. Аммо моҳи сентябри соли 2001 марҳилаи нави зиддияту нофаҳмиҳои бузург сар шуд. Ҷаҳон аз сари нав ба қутбҳои баҳамзид тақсим шуд; аққалан ба ду қутби оштинопазир – Ғарб ва Шарқ ва ё Масеҳият ва Ислом. Боз ҳамон мантиқи антиқии Тамаддуни инсоният буд, ки ин тақсимот аз сар гирифта шуд ва Ҷанги сард ба Ҷанги гарм табдил ёфт.

---

[131]Айтматов, И дольше века длится день. 1982. – Саҳ. 458

Имрӯз инсоният ба тамаддуни наве ниёз дорад, ки фаротар аз садҳои чинии идеологияҳои кӯтоҳназаронаи дунявӣ ва динӣ бошад. Тамаддуне, ки барои зиндагии кайҳонии инсонҳо равона гардад, вале на барои қудратталабиҳои заминии Абарқудратҳо. Тамаддуне, ки зарурати онро бори дигар Чингиз Айтматов таъкид карда буд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Нуриддин ШАҲОБИДДИН**

# ДИДАН ДИГАР ОМӮЗ!

Агар ба ҳодисоте, ки дар тӯли 1000 соли охир дар минтақаи Осиёи Миёна рух додаанд ва мавқеи миллати тоҷик дар зуҳур ва бархурд бо он ҳодисаҳоро бо як диди куллӣ таҳлил намоем, бешубҳа ба ду натиҷагирии ниҳоӣ мерасем: якум, ҳамаи он ҳодисаҳое, ки рух додаанд новобаста аз иродаи ин миллат буданд ва иродаи миллати тоҷик натавонистааст дар шаклгирии вазъи сиёсӣ таъсири чашмрасе дошта бошад; дуюм, андешаи таҳлилие, ки тавонад ҳар як ҳодисаро таҳлил ва арзишгузорӣ намояд, низ аслан вуҷуд надошт.

Сарфи назар намудани ин ҳақиқатҳо, ки ҳастии 1000 - солаи моро ташкил медиҳанд, далели ноқисии бинишҳои мо чидар нисбати тасавурот оид ба худ, чӣ дар бархурд бо зиндагии рӯзмарра ва чӣ дар мавриди бардоштҳо оиди фарҳанги гузашта мебошад. Агар равшантар бигӯем: Мо барои худ ношинохта боқӣ мемонем. Як худшиносии солим ин танҳо такя кардан ба саҳифаҳои дурахшони гузашта нест, балки шинохти нуқтаҳои заъф ва беморгунаи як фарҳанг дар гузашта ва имрӯза низ мебошад. Танҳо дар сурати шинохт даво бахшидан ва ҷуброн намудани он заъфҳо имконпазир мегардад. Ҳадаф аз чунин биниши ростин ва орӣ аз ҳаргуна худфиребдиҳӣ ин масъулият дар назди оянда мебошад. Зеро на чигунагии гузашта, балки чигунагии оянда метавонад як ҳадаф қарор гирад ва сохтани ояндаи дурахшон беҳтар аст аз ифтихори гузашта бо имрӯза ва ояндаи хароб. Бидуни масъулият дар назди ояндаи як миллат ё фарҳанг аз гузашта ифтихори дурӯғин карданро метавон шарлатанство ё қаллобии фарҳангӣ ҳисобид.

Ба хотири равшантар сохтани ҳадафҳои худ мегузарем ба таҳлилҳои мушаххастар. «Оё бархурдҳои мо нисбати фарҳанги худ дар ҳақиқат созанда ва солим ҳастанд ва ё онҳо бинишҳои догматики ҳастанд? » ва ё «Оё тарзи бархурди имрӯзаи мо ба фарҳанг аз он бархурде, ки дар асри XX, тавассути С.Айнӣ ва Б. Ғуффуров сурат мегирифт, бояд фарқ кунад ва ё он айнан ва бетағир боқӣ монад?».

Барои ҷавоб додан ба ин масъала мо бояд ду омилро асос қарор диҳем: Мушкилоти бунёдии фарогири фарҳангӣ ва ҳадафе,

ки ба хотири рафъи он мушкилот рӯшанфикрон дар назди худ мегузоранд.

Мушкилии бунёдии замони С. Айнӣ ва Б. Ғафуров он буд, ки ҳастии миллати тоҷик ва фарҳанги гузаштаи ӯ зери шубҳа қарор мегирифт. Вобаста ба ин мушкилии дар он рӯзгор актуалӣ, рӯшанфикрони номбурда ва дигар ҳамфикрон ва пайравони онҳо дар назди худ танҳо як ҳадаф доштанд: Исбот намудани ҳастии миллат ва фарҳанги гузаштаи он. Рӯшанфикрони асили асри XX тавонистанд, ки мушкилии асосиро бишносанд ва тавонистанд, ки ба ҳадафи худ, яъне исботи мавҷудияти як қавм ва фарҳанги он бирасанд.

Он мушкилие, ки онҳо ба он дучор омада буданд, мушкилии ҳазорсолаи фарҳагӣ буд ва ислоҳи он фидокорӣ, ҷасорат ва машаққати сангинеро талаб мекард. Аммо оё метавон имрӯз ҳамин мушкилӣ , яъне ҷои шакку шубҳа қарор гирифтани қавм ва миллатро, мушкилии асосӣ ҳисобид? Ба фикрам, на. Имрӯз мавҷудияти миллат ва фарҳанги ғании гузаштаи онро ҳамагон қабул доранд. Набудани чунин мушкилӣ худ водор ба гузоштани ҳадафи дигар месозанд. Яъне ҳадафе, ки як рӯшанфикри имрӯза дар назди худ мегузорад, бояд аз ҳадафи Айнӣ фарқ кунад. Барои он ки он ҳадафро маълум созем, мебояд нахуст мушкилии бунёдии фарҳанги имрӯзаро муайян намоем. Дарк накардани ин масъала ё худ напазируфтани чунин ҳақиқат далели догматикӣ будани андеша ва беасолатии рӯшанфикр мебошад.

«Коммунизм» ба сифати як ҳадаф, ормон ва оянда ба рӯшанфикри асри XX имкон намедод, ки нисбати оянда дигаргуна андешад ва ба хотири оянда, имрӯза ва гузаштаи худро мавриди таҳрир ва таҷзия қарор диҳад. Идеологҳои коммунистӣ рӯшанфикронро аз масъулияти андеша кардан дар бораи тақдири оянда озод сохта буданд ва аз ин рӯ биниши рӯшанфикрони асри гузашта якҷониба буд ва танҳо гирди ормонҳои гузашта мечархид.

Барои рӯшанфикри асри XXI он бинише, ки рӯшанфикри асри XX дошт, аллакай куҳна гардидааст. Яъне ифтихор танҳо аз шахсиятҳои гузашта ва осори офаридаи онҳо ва ҳамчунин бетаваҷҷуҳи нисбати оянда ва бахусус имрӯза далели ғафлати

андешаи бедор аст. Вақте ки дигар коммунистон оядаи тиллоӣ ваъда карда наметавонанд, рӯшанфикр бояд дар интизори кӣ биншинад?

Рӯшанфикри асри XXI мебояд фаротар аз рӯшанфикри асри гузашта дида тавонад. Яъне он чи рӯшанфикри асри гузашта медид, рӯшанфикри имрӯза бояд паси онро низ дида тавонад. Ба тариқи мушаххастар бояд рӯшанфикри имрӯза қадаме жарфтар аз рӯшанфикри қаблӣ биандешад. Ҳадаф аз ин биниши нав на бартарӣ додан ба рӯшанфикри асри нав, балки зарурате, ки дар асри гузашта ба он ниёз надоштем. Дар асри нав ҳадаф на исботи мавҷудияти чизе, балки чигунагии он мавҷуд мебошад. Ҳамчунин на чашм андохтан ба гузаштаи он, балки чашм андохтан ба ояндаи он мебошад. Боз ҳам равшантар, рисолати асосии рӯшанфикри асри навин ин бозшиносии арзишҳои фарҳангӣ ва бахусус арзишҳои сарнавиштсози он, ошкор кардани моҳияти онҳо, таҷдиди назар намудан дар нисбати онҳо, агар онҳо нақши манфиеро дар сарнавишти қавм бозӣ карда бошанд, нигаристан ва ҳадафгузорӣ кардан ба оянда ва мисли ин мебошад. Дигар танҳо нақли ҳодисаҳо ва санадҳо беаҳамият ҳастанд, акнун мебояд маҳз нахустомили чунин шакл гирифтани ҳодиса ва воқеаҳо, сабабҳои рушд ва ақибмондагиҳо, ҳамчунин додани ориентатсия ва перспективаи нав бояд аз рисолати рӯшанфикрон қарор гирад. Дар идома мо кӯшиш мекунем ду арзиши ношинохта, аммо сарнавиштсозро, ки дар бунёди маънавиёти мо ҷой гирифтаанд, бозшиносӣ намоем.

## I

Институтҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ дар як ҷомеаи пешрафта метавонанд моҳияти он ҷомеаро ташкил ва дар айни ҳол муайян намоянд, аммо барои як ҷомеаи суннатӣ унсурҳои қавитаре аз қабили анъана, русум, арзишҳои ахлоқӣ ва мисли ин вуҷуд доранд, ки бидуни ба назар гирифтани онҳо наметавон ҳақиқати он ҷомеаро бишнохт.

Дар як ҷомеаи анъанавӣ ва ё тоталитарӣ ҳамеша маъниҳои аслӣ ношинохта боқӣ мемонанд ва баръакс он мафҳумҳое, ки барои муаррифии чунин як ҷомеа истифода мешаванд, холӣ аз маънӣ мебошанд. Он калима ё мафҳумҳое, ки барои муаррифии ҷомеа истифода мешаванд ё ба дигар ҷомеаҳо тааллуқ доранд ва ё ба дигар марҳалаи таърихии он ҷомеа муносиб мебошанд.

Ҷомеаи анъанавӣ ва беморгуна ҳанӯз наметавонад худро ташхис диҳад ва бо чашмони худ ҳақиқати худро бишносад, зеро худро ниҳоят оҷиз дармеёбад. Масалан, чанде пеш ҷомеаи худро ҳамчун ҷомеаи социалистӣ ва наздик ба марҳалаи коммунизм қаламдод менамудем. Замон нишон дод, ки миёни ин мафҳумҳо ва воқеъияти ҷомеа ҳеҷ рабте вуҷуд надорад.

Имрӯзҳо бошад барои муаррифии ҷомеаи кунунӣ аз ифодаҳои ҷомеаи демократӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, дунявӣ, саодати иҷтимоӣ ва мисли ин истифода мебаранд. Равшан аст, ки ифодаҳои мазкур танҳо ифодакунандаи ормонҳои иҷтимоӣ буда, аз дигар забонҳо ва ҷомеаҳо вориди забони мо гардидаанд. Вақте онҳоро барои муаррифии ҷомеаи мо истифода мебаранд, аллакай онҳо дигар бори маънӣ намекашанд ва аз маънӣ холӣ мегарданд. Зеро онҳо наметавонанд зуҳуроти иҷтимоиро дар худ ифода намоянд ва он равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсие, ки роҳ ба сӯи он ормонҳо баранд, низ чашмнорасанд.

Баръакси ифодаҳои дар боло зикргардида, чанде пеш файласуфи тоҷик Ҳафиз Холиқзода дар асоси методҳои навтарини илми ҷомеашиносӣ исбот намуд, ки унсурҳои аслӣ ва сарнавиштсози ҷомеаи имрӯза ин қавм, қабила, авлод, хешу табор, маҳал ва мисли онҳо мебошанд. Аз ҷониби дигар ташкилотҳои мададрасони ҷаҳонӣ ҳангоми тавсиф намудани ҷомеаҳои Осиёи Миёна аз ифодаҳои  фақр, бенавоӣ ва калимаҳои амсоли онҳо фаровон истифода мебаранд. Оё муносибатҳои қавмию қабилавӣ бо як сохтори демократӣ ё худ ҷомеаи шаҳрвандӣ созиш карда метавонанд?

Унсурҳои қавмию қабилавӣ ё авлодию маҳаллӣ монеаи қабули Демократия ё ҳокимияти халқӣ шуда наметавонанд, зеро аввалӣ унсурҳои оқибмонда буда, демократия маҳсули тамаддун мебошанд. Аммо муносибатҳои қавмию қабилавӣ ва хешию таборпарастӣ метавонанд монеаи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ гарданд ва ё аз дохил онро фалаҷ созанд. Дар ин ҷо як навъ духӯрагӣ ба мушоҳида мерасад: зоҳиран ҳамаи он унсурҳое, ки хоси як ҷомеаи модерн ва демократӣ вуҷуд доранд ва амал мекунанд, аммо муносибатҳои қавмию қабилавӣ, хешу табор ва маҳалпарастӣ то андозае қавӣ ва фаъол аст, ки мавҷудияти

ҳамагуна унсурҳои дигарро ба танг меоварад ва онҳоро ба худ тобеъ мегардонанд.

Чунин сурат гирифтани як масъала, амри тасодуфӣ набуда, он собиқаи дарози таърихӣ ва фарҳангӣ дорад ва решаи онро дар маънавият ва ё арзишҳои асосии маънавӣ метавон ҷустуҷӯ намуд.

Воқеиятро таҳриф намудан ва ё сарфи назар кардани он ва баръакс онро дигаргуна таҷассум намудан аз хусусияти асосии фарҳанги асримиёнагӣ мебошад. Намунаи он аз шоҳони бехирад ва ҷоҳил, шоҳҳои кишваркушо ва одил тарошидан, ҷабру зулми онҳо ва зиндагии тоқатфарсои мардумро як амри табиӣ ва қобили қабул донистан мебошад. Тасаввури зиндагӣ дар иҷтимоъ, бовар ба сохтани як ҷомеаи беҳтар ва ба хости худ шакл додани ҷомеа дар фарҳанги мо ҳамеша бегона будааст.

Агар вазъияти мазкурро бо забони сода ифода намоем, онгоҳ калимаи муносибтаре аз «Дурӯғ» пайдо карда наметавонем. Ғаризаи дурӯғ то ҳадде дар як фарҳанг қавӣ гардидааст, ки тавонистааст ин фарҳангро ба фарҳанги ғайривоқеӣ ва идеалӣ табдил диҳад. Арзиши мазкур тавонистааст халоъеро миёни зиндагии воқеӣ ва тавсиферо, ки аз он ба вуҷуд меояд, ба вуҷуд оварад.

Аслан арзиши мазкур аз арзишҳои нахустине аст, ки дар фарҳанги тоҷик шинохта ва арзишгузорӣ шудааст, аз нигоҳи таборшиносӣ арзиши «дурӯғ»-ро дар маънавиёти худ таҳлил намоем зуҳури он ба он марҳалаи таърихие мерасад, ки антитезиси он, яъне «Ростӣ» ба сифати як арзиши бунёдии Зиндагӣ аз миён меравад.

Дар фарҳанги зардуштӣ ростӣ ба сифати ягона, ҳақиқат ва маънии он баробар бо маънии инсон, табиат ва Худо дониста мешуд. Дар ин биниши дуалистӣ «Ростӣ» бо «Дурӯғ» дар зиддият қарор дода мешуд, ки ба сифати ду қувваи ифодакунандаи Зиндагӣ ва Зиддизиндагӣ дар ҳолати набарди ҳамешагӣ қарор доштанд, ростӣ ҳамчун таҷассумкунандаи Зиндагӣ, Некӣ ва Зебоӣ дар ҳолати набарди ҳамешагӣ бо Нозиндагӣ, Бадӣ ва Зиштӣ қарор доранд, ки сарфи назар кардани чунин принцип ҷаҳонро ғайри қобили шинохт ва тасаввур мегардонид. Вақте ки чунин тарзи биниш ҷои шубҳа ва инкор қарор мегирад, он гоҳ азнавшиносӣ дар мавриди арзишҳои асосӣ низ рух медиҳад. Дигар фаҳмиш оид ба Ростӣ ва Дурӯғ низ тағйир меёбад. Шикаст додан ё худ зери асорат гирифтани биниши дуалистии худ

имконият додан ба Дурӯғ барои густариш ва ба як омили офаранда табдил ёфтани он, маҳз худи Дурӯғ ҷубронкунандаи шикасти биниши дуалистӣ мегардад. Ин ҷойгузини Ростӣ гардидани Дуруғ буд, ки дигар шикаст ба сифати шикаст шинохта нашуд. Бо шикасти арзиши Ростӣ, Зиндагӣ низ инкор карда мешавад ва бо офаридани бовариҳои идеалӣ ва метафизикӣ як зиндагии ғайривоқеиро ҷойгузини зиндагии воқеӣ месозанд, ки Дурӯғ дар ба вуқӯъоии чунин амал нақши калидӣ мебозад. Таҳрифи воқеият ё таҳрифи Зиндагӣ ин як хусусияти маънавиёти қавмист, ки дар асоси ғаризаи Дурӯғ сурат мегирад ва дар ҳар давре дар шакли дигаре зуҳур мекунад.

Нуқтаи авҷи ин хусусияти фарҳангиро беарзиш ва беаҳамият ҳисобидани зиндагии воқеӣ, ба ҷои маънии воқеӣ маънии маҷозӣ додан ба калимаю мафҳумҳое, ки шодобии зиндагиро ифода мекарданд ва инкишофи сӯфигарӣ ташкил медиҳанд.

Дар таърихи фарҳанги 1000 - сола нахустин маротиба Айнӣ ба воқеияти зиндагии заминӣ назар андохт. Акнун маълум гардид, ки маънии зиндагии воқеиро на калимаю ибора, боварию тасаввуроти ирфонию осмонии зебо ва фиребанда, балки инсонҳое чун одинаҳо, дохундаҳо, ғуломон ва мисли инҳо ташкил медиҳанд.

Чаро дар ин марҳала дигар осоре аз одоби шоҳона ва оини паҳлавонӣ, ки Фирдавсӣ ва дигарон васфаш мекарданд, боқӣ намонда буд? Чӣ гуна арзишҳо, чӣ гуна боровариҳо ва чӣ гуна маънавиёт тавонист, ки чунин тағйироти бунёдиро дар зиндагии як қавм ба вуҷуд оварад. Дар ин ҷо танҳо як чиз мусаллам аст, ки ғаризаи Дурӯғ имкон надодааст, ки разилат ба сифати разилат шинохта шавад, он арзишҳое, ки зиндагиро хору забун месозанд, бозшиносӣ ва ба ҷои онҳо он арзишҳое, ки зиндагиро ба зинаҳои болотар мебаранд, ҷойгузин гардонида шаванд.

Вақте ки омилҳои хурдшавии як қавм ва арзишҳое, ки як фарҳангро аз пой дармеоварад ношинохта боқӣ мемонад, худшиносии он қавм ҳанӯз нокомил аст ва он ба ҷуз аз таҷаллии фиребандаи Дурӯғ чизе беш нест. Дар ин бахш мо Дурӯғро ба сифати як хусусияти маънавӣ ва арзиши сарнавиштсоз ҳамчун омили асосӣ нишон додем. Аммо Дурӯғ ба худии худ наметавонад

нахустомил ва ё унсури бунёдӣ бошад. Он дар ҳадди ниҳоии худ танҳо як натиҷа аст. Омили асосие, ки дар паси Дурӯғ қарор дорад, ин Тарс мебошад. Ин қабули тарс аст, ки водор ба фаъол гардидани Дурӯғ мегардад. Ҳадафи мо ин ҷо на тарси таҷрибавӣ балки тарси маънавӣ ва ғаризавӣ мебошад, ки он ба моҳияти арзишҳои ахлоқӣ ва дигар боварихо табдил ёфтааст ва он ба тариқи нохудогоҳ тавассути таълиму тарбия қабул мегардад.

II

Кам андар кам дучор метавон омад, ки ҳангоми тарбия аз ақлу мантиқ пайравӣ карданро талқин намоянд, сухани аввал ва охир дар ин маврид «боодоб шав» мебошад. Албатта, барои як зиндагии инсонӣ дар ҷомеа, ки бидуни робита тасаввур ношуданист, одоб ва арзишҳои ахлоқӣ ногузиранд. Аммо то ҳол кушода ва равшанӣ андохта нашудааст, ки чӣ гуна одоб ва чӣ гуна арзишҳои ахлоқӣ. Зеро одоб ва ахлоқ мафҳумҳои фарогиранд, ғулом низ бо одобу ахлоқ зиндагӣ мекунад ва инсони озода низ ва ончи ба ғулом писанд аст озода намеписандад ва ончи озода бо он зиндагӣ мекунад, барои ғулом тасаввурношуданист. Ҳамаи хушбахтии мо дар он аст, ки ҳанӯз арзишҳои ахлоқӣ мавриди шак ва ё арзёбӣ қарор нагирифтаанд. Агар сарчашмаи он арзишҳои ахлоқиро ҷустуҷӯ кардани шавем, аксар вақт дар меёбем, ки онҳо дар торикиҳо ё сояи асорат ба вуҷуд омадаанд. Моҳияти онҳоро нармиш, тавозӯъ, хоксорӣ ва мисли ин ташкил медиҳанд, ки дар маҷмӯъ ба хотири зинда мондан офарида шудаанд, на ба хотири таҳаввуле дар Зиндагӣ ҷорӣ намудан ва ё дар сатҳи болотар зиндагӣ кардан.

Хатоии асосие, ки ношинохта боқӣ монд, ин айният додани Одоб ва Ахлоқ бо Зиндагӣ буд. Зиндагӣ ва ё ҳастӣ бо равиши табиии худ ҳамеша дар такомулу таҳаввул аст, аммо одобу ахлоқ танҳо тафсире аз зиндагӣ дар як марҳала мебошанд. Танҳо ҳамон одоб ва ахлоқе коромад аст, ки тавонад мисли зиндагӣ таҳаввулпазир ва тағйирёбанда бошад. Одоб ва ахлоқи догматикӣ тавонистааст Зиндагӣ, Ирода, Зебоӣ ва арзишҳои дигар аз қабили инҳоро қурбони худ созанд. Дар тамоми асрҳои миёна зебоӣ дар ахлоқ ва одоб дида мешу два таҷассум меёфт, зиндаиро дар зебоӣ ҷустан ва ё зебогиро дар асоси зиндагӣ қарор додан, ғайри қобили қабул буд.

Масалан, танҳо «Ғазаби Худо» тафсир кардани ҳамаи мусибатҳо ва худро дар баробари он таслим намудан, нишон медиҳад, ки то чи андоза бовариҳои як қавм дар тамоми асрҳои миёна аз табиати зиндагӣ дур аст, то чи андоза арзишҳои ахлоқӣ як қавмро таслими тақдир ва тандардиҳандаи ҳамагуна зулм гардонидаанд.

Агар чунин бовариҳо ва арзишҳоро арзёбӣ намоем, ба хубӣ дар меёбем, ки аслан омили Тарс на аз берун, ба воситаи аҷнабиён ба мо таҳмил гардидааст, балки он аз дохили маънавиёт ва фарҳанг сабзида расидааст ва ҳамагуна шикастҳоро дар баробари бегонагон фароҳам овардааст. Таҳлили масъалаи Тарс дар маънавиётро агар дар ду замина: бовариҳо ва арзишҳои ахлоқӣ аз як ҷониб ва аз дигар ҷониб дар заминаи бархӯрде, ки бо аҷнабиён сурат гирифтааст таҳлил намоем, ба хубӣ равшан мешавад, ки Тарс решаи метафизикӣ дорад то воқеӣ ё ҳаётӣ. Ҳамаи худмаҳдудсозиҳо, нобовариҳо нисбати худ, худшиканиҳо, адами арзёбӣ ва арзишгузорӣ, худро аз бегона фарқ накардан ва ё ба худ рақиб наҷустан ва монанди инҳо аз он арзишҳои ахлоқие сар мезананд, ки асоси тарбия, асоси маънавиётро ташкил медиҳанд.

Моҳияти чунин маънавиётро танҳо дар ҳолати мутеъ нигоҳ доштани инсон ташкил медиҳад. Бо ниҳоди чунин маънавиёт арзишҳое аз қабили эътироз кардан, «На» гуфтан, инкор кардан ва мисли ин бегона аст, чи расад ба инқилоб кардан, ба моҳияти Озодӣ расидан, сарнавишти худро бо дасти худ сохтан ва мисли ин. Арзишҳои ахлоқӣ дар маҷмӯъ ба хотири бовариҳои дурӯғини осмонӣ зеҳнро дар баробари воқеият бетафовут гардонидаанд. Аз як ҷониб барои як зеҳн беаҳамият буд, ки бар сари ӯ ки хуҷаин аст ва чи амалеро раво мебинад. Зеҳн то андозае хаста буд, ки дигар чизеро маърифат карда наметавонист: на сиёсати замон, на ҷомеа, на зиндагӣ ва на ҷаҳонро. Як зеҳн дигар бо пои худ дар рӯи замин рафтанро қариб фаромӯш намуд ва дигар ба ҷуз аз саодатҳои осмонӣ чизеро дар замин ирода намекард.

Аз дигар ҷониб маҳз ҳамин арзишҳо эътимод ба нафси як ниҳодро заиф намуданд. Ниҳоди як қавм ин айни зиндагист, ки мебояд ба тариқи табиӣ инкишоф ёбад, аммо бовариҳои осмонӣ, ки асоси ғайритабиӣ доранд, як ниҳодро аз инкишофи табиии худ

маҳрум месозанд. Ҳамаи қувва ба он равона мегардид, ки ҳама чиз неку ҳамида ва инсонитар гардад, аммо бо чунин фазилатҳо шикастани рӯҳи замон ғайриимкон буд. Рӯҳи замон ин таҷассуми зиндагии табиӣ аст, ки тавассути қавмҳои хурду бузурги дигари дар Осиёи Миёна сукунат дошта, ифода меёфт.

Маънавиёти қавми мо бо вуҷуди бузургӣ ва инсонитар будан дигар наметавонист рӯҳ ва табиати зиндагиро дар худ таҷассум намояд. Бовариҳо ва арзишҳои ахлоқии куҳна бо рӯҳи зиндагӣ, ки ҳамеша нав месозад ва ҷавон аст, носозгоранд. Ҳеҷ як аз шӯришҳое, ки дар асрҳои миёна рух додаанд, натавонистаанд ғалаба кунанд ва бар аҷнабиёну золимон пирӯз оянд.

Омили ниҳоии ин шикастҳо на дар нерумандии душманон, балки дар беш аз андоза ахлоқгаро ва пойбанди ахлоқи ҳамида будани худи қавм аст. Омили мазкур худ пешакӣ ҳамагуна ғаризаҳои аслии зиндагӣ, аз қабили хости набард кардан, хости пирӯз омадан ва мисли инро хунсо месозад. Арзишҳои ахлоқӣ ба хотири ормонҳои осмонӣ нагузоштаанд, ки ғаризаи зиддиятварзӣ ба андозаи кофӣ ва зарурӣ нерӯманд гардад.

Чанде пеш шоир ва донишманди тоҷик Мӯъмин Қаноат дар яке аз мусоҳибаҳои худ сабаби авҷгирии фарҳанги ирфонӣ ва тасаввуфиро дар кам гардидани миқдори қавми тоҷик нисбат ба қавмҳои дигари минтақа қаламдод карда буд. Миқдор дар ҳар масъала нақши худро мебозад ва онро сарфи назар кардан ғайриимкон аст, аммо дар мавриди фарҳанг сифат ва моҳият дар мадди аввал қарор мегирад. Арзишмандии як фарҳангро на дар асоси пайравон ва гаравандагони он, балки дар асоси арзишҳои он метавон муайян намуд. Барои намуна, агар мо ба қитъаи Урупо чашм андозем, ба хубӣ дар меёбем, ки он ҳам миқёсан хурд аст ва ҳам аҳолиаш нисбатан кам. Аммо урупоиҳо тавонистанд бо асолати фарҳангии худ ҳам дигаронро ба сӯи худ ҷалб намоянд ва ҳам таъсири худро ба ҳавзаҳои дигари фарҳангӣ гузоранд.

Ба хотири ояндаи як фарҳанг мебояд аз баҳри худсафедкуниҳо гузашт ва худро дигаргуна арзёбӣ намуд. Вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, таҷрибаи таърихӣ, анъана ва муносибате, ки бо дигар қавмҳо ва фарҳангҳо дорад, қавми тоҷик ба як фарҳанги устувор бар пояи ақл ва мантиқ ниёз дорад. Бо дигар чашм бояд дид ва бо дигар ченак бояд санҷид. Часпидан танҳо ба домани гузашта ва кӯр - кӯрона аз паи анъана ва русум рафтан, бояд ба анҷом расад. Мебояд муайян намуд, ки фарҳанги гузашта аз чи

афзалият маҳрум буд ва ё дар асрҳои миёна чи чиз беш аз ҳама мавриди инкор ва азбайнбарӣ қарор мегирифт? Ҳикмате, ки дар ин ҷо ниҳон аст, метавонад заминае гардад ба як оғози нав.

Одобу ахлоқи зебо, аммо аз ғаризаи тарс заҳролудгардида, танҳо чун замина ва ё зербино арзи ҳастӣ мекунад ва чи гуна ранг гирифтани ҳар ҳодиса ва шароитро муайян месозад. Яке аз натиҷаҳое, ки ин омил ба бор меоварад, ин ғайривоқеӣ ва маҳрум аз офарандагӣ гардидани як зеҳн мебошад. Офарандагӣ ин хусусияти зебоӣ ва зебоишиносӣ мебошад ва бахусус бо одоб ва ахлоқи догматикӣ ҳеҷ рабте надорад. Дар банди арзиш ва боварихои догматикӣ қарор гирифтан худ, маънии дурӣ ҷустан аз офарандагиро дорад.

Чунин зеҳнро метавон хаёлӣ ё беҳтараш, зеҳни фалакӣ ҳисобид. Он аз дуруст таҳлил карда тавонистани воқеият ва вобаста ба он роҳи дурустро барои наҷот интихоб кардан, оҷиз аст. Ба хубӣ метавон мушоҳида кард, ки он монеи ҳамагуна офарандагӣ ва пешравӣ аст ва бори гаронест барои зеҳнҳои офаранда.

Дар марҳалаҳои нави таърихӣ ҳар қадар, ки қавмҳо ва фарҳангҳои гуногун ба ҳам наздик меоянд, зиндагӣ ва мушоҳидаи зиндагӣ воқеитар мегардад, ҳамон андоза нукс ва камбудиҳои маънавӣ, ки тӯли асрҳо ношинохта боқӣ мондаанд, ошкортар мегарданд. Бахусус он зеҳнҳое, ки зери таъсири арзишҳои ахлоқӣ ба догма табдил ёфтаанд, дар ин марҳала ба хубӣ аз воқеияти худ огоҳ мегарданд. Мо метавонем дар асоси воқеияти иҷтимоӣ назари болоиро равшантар шарҳ диҳем.

Як зеҳне, ки аз ахлоқи ҳамида бархурдор ва меросбари маънавиёти бузург аст, имрӯз наметавонад ба зиндагии худ сомон бахшад. Масалан, як зеҳн қодир нест барои худ неругоҳ бисозад ё нақб канад ва ё роҳ бисозад. Чаро? Як қавм ҳанӯз дар зиндагӣ ба дараҷаи худкифоягӣ нарасидааст ва дар ҳар маврид дастнигари дигарон аст. Фарҳанги гузашта бо ҳама бузургӣ наметавонад ба дод бирасад. Шароити мазкур лоақал бояд таҷдиди назар дар мавриди фаҳмиш дар бораи фарҳангро ба вуҷуд оварад ва рӯшанфикронро ба дигаргуна андешидан оид ба сарнавишти як қавм водор созад.

## *Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Фарҳанг ин пеш аз ҳама ба зиндагӣ ва ҳастии воқеӣ ва кунунӣ таааллуқ дорад, ки аз тарзи андешаронӣ сар карда то тарзи либоспӯшӣ, муносибат ва тарзи эҷодро дар бар мегирад. Эҷоди дирӯза аллакай ба мерос ва ё таърихи фарҳанг тааллуқ дорад. Гузашта танҳо дар сухан нуқсонҳо ва нотавониҳои имрӯзаро метавонад ҷуброн намояд, на дар воқеият. Шинохта натавонистани мушкилии ҳақиқии рӯзмарра низ худ чигунагии фарҳангро нишон медиҳад, ҳамон гуна ки шинохти он.

Мушкилии иҷтимоии имрӯзаи мо дар он нест, ки мо барқ надорем ё роҳ надорем. Инҳо мушкилиҳои сатҳӣ ва гузаранда ҳастанд, ки хусусияти фармалӣ ё техникӣ доранд ва тавассути ёрии дигарон метавон роҳи ҳалли онро пайдо намуд. Мушкилии ҳақиқӣ, ки бояд фарҳангиён сари он андешанд ин: «Чаро мо худ наметавонем роҳ ё неругоҳ созем?» мебошад. Боз ҳам содатар: Чаро наметавонем собун ё худ сӯзани худро худамон бисозем? Масъалаҳои мазкур зоҳиран хусусияти иқтисодӣ ё иҷтимоӣ доранд, аммо ҳар андоза, ки сари он аниқтар меандешӣ, ҳамон андоза ба як масъалаи маънавӣ, зеҳнӣ ва фарҳангӣ будани онҳо бовар пайдо мекунӣ. Дар ин ҷо танҳо як чиз мусаллам аст: оҷизӣ дар баробари воқеият ва ақибмондаӣ аз замона. Як зеҳн маҷоли онро надорад, ки бо воқеъият бархурд кунад, ӯ мекӯшад бо маҷоз хондани ҳақиқат онро сарфи назар кунад ва ё бавосита нотавонии худро ҷуброн намояд. Чунин ахлоқ ва чунин зеҳн вазъиятеро ба вуҷуд меоваранд, ки инро ифодае беҳтаре аз «гурез аз зиндагӣ» наметавонад дар худ таҷассум намояд.

Дар асрҳои миёна гурез аз воқеият ё Зиндагӣ тавассути суфигарӣ, дарвешхӯлқӣ, қаландарӣ ва мисли инҳо ба амал меомад. Дар шароити кунунӣ чунин методҳо бакор намеоянд, зеро ҳарза будани онҳо исботеро талаб намекунад. Аммо ин маънии онро надорад, ки «гурез аз зиндагӣ» низ аз байн рафтааст. Чунин моҳият танҳо дар шакли дигаре зуҳур мекунад ва онро метавон дар падида ва равандҳои иҷтимоӣ хубтар бозшиносӣ нашуд.

Чунин назарро метавон дар асоси ду падидаи асосии иҷтимои имрӯза: «бекорӣ» ва «муҳоҷирати меҳнатӣ» равшантар намуд. Ҳамеша чунин ба қалам дода мешавад, ки «бекорӣ» сабаб ва «муҳоҷират» натиҷа мебошад. Аммо ҳақиқат дигаргуна аст: «бекорӣ» ин худ натиҷа аст ва «муҳоҷират» ин тарзи бархурд бо як мушкилии иҷтимоӣ мебошад.

Зеро як ҷомеаи суннатӣ ва анъанавӣ аз хусусияти ба тариқи табиӣ тавсияёбӣ маҳрум аст ва инкишоф ба тариқи сунъӣ сурат мегирад. Ҳеҷ омиле истеъдод ва маҳоратҳоро дастгирӣ ва бахри тавсиаи онҳо мусоидат намекунад. Шакл ё худ низоми иҷтимоӣ аз тағйирпазирӣ ҳарос дорад ва мекӯшад ҳастии ибтидоии худро нигоҳ дорад, бад-ин хотир ҳамагуна истеъдод ва маҳоратҳоро, ки мазмуни он ҷомеаро ташкил медиҳанд, маҳдуд месозад ва ба онҳо имконияти кофиро пешниҳод намесозад. Дар натиҷа маҳорат ва истеъдодҳо дар он ҷомеа мавқеи худро пайдо намекунанд, дигар онҳо наметавонанд худро инкишоф диҳанд ва ба ҳунарҳои нолозим табдил меёбанд.

Бараъкси он арзишҳое, ки хилофи табиати зиндагӣ ҳастанд, бо роҳи ба мурдоби маънавӣ табдил додани ҷомеа, ки он аз худ тавсеаёбӣ ва худкифоягӣ маҳрум мегардад, ба ҳастии худ идома медиҳанд. Ман мехоҳам ҳамагуна мушкилоти иҷтимоии имрӯза аз қабили бекорӣ, факр, камбизоатӣ, оқибмондагии зеҳнӣ ва мисли инҳоро натиҷаи маънавиёти асримиёнагӣ, бахусус одобу ахлоқ ва боварихои ғайривоқеӣ қаламдод намоям. Агар ба ҷои арзишҳои догматикӣ ва ахлоқӣ ба офарандагӣ бартарӣ дода мешуд, имрӯз шароити мо дигаргуна буд. Зиндагӣ ва иҷтимоъ ба офаранда ва офарандагӣ ниёз доранд, на ба инсонҳои боодоб, аммо беҳунар! Як инсони офаранда арзандатар аст аз ҳазор инсони тақводор ва дорои одоби догматикӣ!

Агар «муҳоҷирати меҳнатӣ»- ро, ки дар ниҳоят ифодакунандаи маънавиёт ва моҳияти арзишҳои ахлоқӣ мебошад, дар алоҳидагӣ дар нисбати ҳар фард таҳлил намоӣ, метавон онро «дар ҷустуҷӯи зиндагӣ ё ризқу рӯзӣ» қаламдод кард, аммо агар онро дар умум ва ба сифати характери миллӣ бубинем, он гоҳ он «гурез аз зиндагӣ» мебошад. Ҷомеае, ки худ маҳсули тафаккури догматикӣ ва биниши тоталитарии динию идеологӣ мебошад, ба шаҳрвандон имконияте барои фаъолият намедиҳад, аниқтараш наметавонад, шаҳрвандон бошанд, дигаргуна андешидан, дигаргуна бархурд карданро наёмӯхтаанд. Барои онҳое,ки худ маҳсули ахлоқи догматикӣ мебошанд, раҳо кардан, чашмпӯшӣ кардан, талаб накардан ва дурӣ ҷустан аз шароити тоқатфарсо, беҳтар ва осонтар аст аз бовар кардан ба он ки метавон он шароитро тағйир дод ва ба муроди худ дигаргуна сохт. Аз ин рӯ,

ягона роҳро дар раҳо кардани вазъият ва шароит ва дурӣ ҷӯстан аз онҳо медонанд.

Ҷустани сабабҳои бадбахтӣ дар сохти иҷтимоӣ, равандҳо ва ё омилҳои беруна танҳо сатҳинигарӣ мебошад. Нахустомили ҳамагуна воқеият ва ҳақиқати иҷтимоиро мебояд танҳо дар арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ҷуст. Дар навбати худ, агар моҳияти арзишҳои маънавии худро ҷустуҷӯ намоем, дармеёбем, ки дар асоси он Тарс, тарсе, ки беасос ва бебунёд буда, решаи воқеӣ надорад, қарор дорад. Азбаски он дар тӯли садсолаҳо ниҳоят суфта ва маънавӣ гардидааст, дигар ба осонӣ ба сифати Тарс шинохта намешавад. Танҳо ҳангоми воқеитар шинохтани инсони ахлоқӣ самараи он аз қабили хушомадгӯӣ, муросогарӣ, дурӯягӣ, дуюмдараҷа донистани худ, эҳсоси вобастагӣ кардан, қаллобӣ, бетарафӣ, ба ҳама чиз ризо ва мисли инҳо ошкор мегардад.

Чунин тарс асоси осмонӣ дорад ва мутаассифона дар асоси маънавиёт қарор гирифтааст, ки он ба ҷуз аз фароҳамоварандаи шикаст, ақибмондагӣ, вомондагӣ ва пешипоафтодагии зиндагӣ натиҷаи дигаре ба бор намеоварад. Маҳз омили тарс боис гардидааст, ки офарандагӣ танҳо дар сухан сурат гирад, на дар амал. Тарс на ба сифати тарси воқеӣ, балки маънавӣ, на огоҳона балки ноходогоҳ, ки ба хусусияти зеҳн табдил ёфтааст, зеро онҳо кафолати наҷот ва бақоро дар ҳар вазъият дода метавонанд ва инсонҳоро аз ҳаргуна масъулият дар баробари худашон ва зиндагиашон озод месозанд. Баръакси он офарандагӣ ва эҷод дар ҳамаи соҳаҳои дигари зиндагӣ аз эҳсоси масъулият сарчашма мегирад. Зеҳни як қавм бевосита ба чашмони зиндагӣ нигоҳ мекунад ва маънавиёти ӯ ба ӯ иҷозат намедиҳад, ки ба ҷаҳони тахаюл ва афсона паноҳ барад. Баръакси одобу ахлоқи мутеъкунанда, офарандагӣ инсонҳо ва қавмҳоро дар ҳамагуна шароит наҷот медиҳад. Агар рӯзгоре барои наҷоти худ шамшер меофарид, имрӯз чунин маҳорати офарандагии худро барои фаротар бурдани зиндагӣ ва саодатманд сохтани зиндагии худ ва дигарон истифода мебарад. Мутаассифона, ягона омиле ки монеи офарандагӣ аст, ин ахлоки догматикӣ ва боварихои осмонӣ мебошанд, ки боиси ба тариқи ноаён аз рушд мондан ва вопасравии як фарҳанг гардидаанд.

То замоне, ки нуқс ба сифати нуқс шинохта нашавад ва биниш бунёдан тағйир наёбад, фаро гирифтани хусусиятҳои тоза ва бахусус офарандагӣ ғайриимкон мебошад. Дигар офарандагӣ

танҳо дар сухан фазилатӣ қавмӣ нест, балки заъфи зеҳнӣ мебошад, зеҳни асил, ки офарандаги ягона хусусияти он аст, мебояд дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ хусусияти худро таҷассум намояд. Барои ин мебояд онро нахуст аз банди гирифториҳои бовариҳо ва арзишҳои ғайривоқеӣ ва догматикӣ раҳо бахшид.

III

Шинохтани заъфҳо ва хатоҳои гузашта ва ислоҳ кардани онҳо аз рисолати рӯшанфикр мебошад. Аммо маълум кардани он, ки оё рӯшанфикр аз тавони шинохти онҳо бархурдор аст ва оё метавонад таҳаввуле дар фарҳанг ба вуҷуд оварад, муҳимтар аз худи заъфҳо ва хатоҳои гузашта мебошад. Ин ҷо бармегардем ба нуктае, ки дар оғози баҳс ба миён гузошта будем. Дигар миллат ва фарҳанг ниёзе ба далел барои мавҷудияти худ надоранд, аммо миллат ва фарҳанг ниёз ба таҳаввул ва тағироти чашмрасе, ки аз вомондагӣ ва дастнигарӣ раҳо ёбанд ва ба пешравии воқеиеи ноил гарданд, доранд. Оё дар бинишҳои имрӯзаи рӯшанфикрон ҳамон нишонае, ки ба таҳаввул ва тағйир мусоидат намояд, ба мушоҳида мерасад? Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала бояд маълум намуд, ки рӯшанфикр бо чи чизе мусаллаҳ аст ва омили асосӣ, яъне андеша чи гуна истифода мешавад. Дар сурати мавҷуд будани биниши солим ва андешаи озод ҳамагуна бутҳо ва ҳақиқатҳои дурӯғини маънавӣ моҳияти худро ошкор месозанд ва аз байн мераванд, аммо биниши беморгуна андешаро дар хидмати бутҳо ва ҳақиқатҳои қаблӣ қарор медиҳад ва дигаронро роҳгум мезанонад. Чунин биниш танҳо рӯ ба гузашта дорад ва мехоҳад исбот намояд, ки дар гузашта ӯ комил буд ва аз томият бархурдор. Барои чунин биниш ҳанӯз ба худ нигаристан, ба худ баргаштан, аз заъф ва камбудӣ ор накардан ва баҳри ислоҳи он тадбир андешидан, бегона аст. Барои чунин рӯшанфикрон нек ва бад, ҳақ ва ботил ончунон побарҷо ва ғайри қобили тағйир аст, ки шак ва инкор, дигаргуна ҷо ба ҷо кардан ва дигаргуна дар бораи он андешидан бадтар аз гуноҳ аст.

Фикр ё андеша на ба хотири ошкор кардан ё бараъкс инкор кардани ҳақиқате иқдом мекунад, балки он танҳо гирду атрофи ҳақиқатҳои мавҷуда мечархад ва бовар мекунонад, ки ҳақиқатҳои мавҷуда ҳақиқианд ва наметавон онҳоро ҷои шак

қарор дод. Ҷустуҷӯи сарчашмаи ҳар як падида, чи як ҳодисаи маънавӣ, чи як арзиш ва чи як калима ё мафҳум, таҳлил ва ошкор кардани моҳияти онҳо ва муҳимтар аз ҳама арзишгузорӣ кардани онҳо барои андешаи рӯшанфикрон хос нест. Сабаб дар он аст, ки анъанаи андешаронӣ ва дақиқтар аз он худи андеша ба маънии томи худ вуҷуд надоштааст ва надорад. Ончиро ки андеша номида мешавад, заифтар аз эътиқоди диндорон метавон дарёфт ва он камтар аз асолат бархурдор аст.

Андеша ҳамон вақт дорои асолат аст, ки он аз ҳеҷ омиле ё падидае вобаста набошад. Пайванди ҳеҷ як ҳақиқат ё эътиқоде набошад ва ба шевае, ки танҳо хоси худи ӯст, зиндагӣ, ҳастӣ, инсон, ҷомеа ва ҳар як раванду падидаро мавриди бозшиносӣ қарор диҳад.

Ҳамеша пайғамбарон, динҳо, эътиқодот, шоҳону амирон ва идеологияҳо монеа гардидаанд, то ки андешаи ноб озодона ва дар новобастагӣ нафас кашад ва амал намояд. Эътиқод ва андешаи эътиқодӣ ҳамеша рӯшанфикронро водор ба тарошидан ва парастидани бути нав кардааст. Агар амали рӯшанфикронро дар тӯли начандон дарози таърихӣ ба мушоҳида гирем, мебинем, ки онҳо рӯзе бо ҳама муҳаббат ба Ленин сано мехонанд, рӯзи дигар ба Зардушт ва рӯзи сеюм ба Муҳаммад. Ҳамеша чунин во намуд мекунанд, ки онҳо тоза ба худшиносӣ ва худогоҳӣ расидаанд ва он чи мегӯянд ҳақиқатест, ки дигар кӯҳна намешавад ва мавриди шак низ қарор намегирад.

Бахусус дар рӯзгори имрӯз рӯшанфикреро, ки аз озодии андеша ва новобастагӣ бархурдор бошад, дарёфтан амрест маҳол. Ҳама чиз мавриди баҳс қарор мегирад, ба ҷуз аз ҳақиқати зиндагӣ. Набудани мактабҳои фикрӣ ва анъанаи ақлгароӣ, ки танҳо ба принсип ва методҳои омӯзишии худ такя мекунад, на ба омилҳои беруна, рӯшанфикронро дар маърифати воқеиятҳо оҷиз ва пойбандии онҳоро аз ҳуруфот қавӣ гардонидааст.

Рӯшанфикрон, пеш аз ҳама файласуфон, такягоҳе надоранд, ки бар он такя кунанд, ҳатто пои чӯбин низ насибашон нест. Торикиҳои гузаштаро равшан кардан хуб аст, аммо ба гузашта такя кардан роҳи наҷот нест. Агар набзи ҷаҳонро пай барем, мебинем, ки он бо 1000 пой ба сӯи оянда метозад. Аммо мо бо ҳама шаҳомату бузургии гузаштаю имрӯза дар як ҷо пой мекӯбем. Акнун мебояд назари эътиқодӣ ҷояшро ба биниши таҳлилӣ ва интиқодӣ диҳад ва худфиробӣ ва авомфиребии

рӯшанфикр ҷояшро ба диди нави ҳақбинона. Инро метавон танҳо аз насли нави рӯшанфикр чашм дошт, ки бо озодагӣ ва ворастагии худ аз насли имрӯзаи рӯшанфикрон фарқ мекунанд. Озодии маънавӣ ва асолати фикрӣ инҳо он хусусиятҳои насли нави рӯшанфикрон мебошанд, ки муқоисаашон бо насли қаблӣ ғайриимкон мебошад.

Он чи барои рӯшанфикр масъалаи бунёдист, ин таҷрибаи моҳияти озодӣ дар худ мебошад. Вақте ки рӯшанфикр озодиро дар худ таҷриба намекунад ва ба он эҳтиром қоил намешавад, қавми он рӯшанфикр низ нисбати озодӣ бетафовут боқӣ мемонад ва арзише миёни бардагӣ ва озодӣ қоил намегардад. Фаҳмиши «Озодӣ » қабл аз ҳар чиз бо арзишҳои ахлоқӣ созгор нест. Зеро арзишҳои ахлоқӣ ба хотири дар банд ва дар ҳудуди муайян нигоҳ доштани инсонҳо, қаблан тарҳрезӣ шудаанд, аммо озодӣ ниёз ба шикастани арзишҳои мазкурро, дар сурати моҳияти бардагӣ доштани онҳо дорад ва дар як вақт рӯҳи озод арзишҳои тозаро барои худ меофарад. Барои ба вуҷуд овардани як «Озодӣ»-и созанда ва саодатовар пеш аз ҳама заминаи боэътимод зарур аст. Дар сурати набудани замина хатарнок аст мардумро ба озодӣ даъват кардан ва боварӣ ва эътиқодҳояшро, ки дар ҳадди эътидол нигоҳдории мардум нақши асосӣ мебозанд, аз ӯ гирифтан. Чунин заминаи боэътимод «Огоҳӣ» мебошад. Чунин огоҳиро танҳо рӯшанфикрон метавонанд оваранд, ки фидокориро талаб мекунад, на худнамоӣ ва суханбозиро. Рӯшанфикрони урупоӣ аз асрҳои XV – XVI сар карда, тамоми маҳсули эҷоди башариро бо забонҳои худ тарҷума ва ба мардуми худ пешниҳод мекунанд. Аммо рӯшанфикрони мо дар паи саодати шахсии худ наметавонанд ҳеҷ масъаларо аз диди ҷовидонагӣ бубинанд. Он кӯшишҳое, ки рӯшанфикрон барои шинохтани шахсиятҳои гузашта аз қабили Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Имоми Аъзам ва мисли инҳо мекунанд, метавон огоҳии сатҳӣ номид. Зеро бо гузаштани ҷашни ин шахсиятҳо шӯру ғавғои рӯшанфикрон низ поён меёбад. Он чи дар ҳангоми ҷашнҳо ба чашм мерасад, ин танҳо таърифу тавсиф аст, на аз дидгоҳҳои илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтани шахсият ва афкори онҳо.

Он хидмати арзандае, ки рӯшанфикрон бояд анҷом диҳанд ин огоҳ кардани инсон аз худи ӯ, ӯро бо худаш бозшиносидан

мебошад, на баргардондани чашми ӯ ба гузаштаҳо. Баъзан кӯшишҳое ба назар мерасад, ки мехоҳанд биниши нав ва ғайримаъмулӣ ба вуҷуд оянд, аммо набудани замина ё худогоҳӣ ин кӯшишҳоро дар ҳолати ибтидоӣ нигоҳ медоранд ва он наметавонад дар шакли наҳзате тавсеа ёбад ва ба боварии насли нави рӯшанфикрон дароряд.

Ҳадаф аз «Озодӣ» ва «Огоҳӣ» дар фаҳмиши фарҳангии худ ин набудани ҳеҷ як бут ва ҳақиқати маънавӣ барои рӯшанфикр мебошад. Ҳамаи маҳсули эҷоди башарӣ, биниш ҳо ва худи шахсиятҳо метавонанд ба рӯшанфикр илҳом бахшанд ва ангеза диҳанд, аммо наметавонанд ба ҳақиқати мутлақ табдил ёбанд ва андешамандро зери таъсири худ нигоҳ доранд.

Раҳо ёфтан аз зери таъсирҳо, чи он таълимоти бузург бошад ва чӣ як арзиши ахлоқӣ, ки ба тариқи нохудогоҳ қабул гардида буданд, боиси таҷаллии воқеии зиндагӣ ва маънии озодӣ мегардад. Ва рӯшанфикр аз асолат бархурдор мегардад. Рӯшанфикр ба сифати роҳнамо, содиқ ба зиндагӣ ва инсон.

Баръакси он набудани асолат, ки ҳамоно бедаракӣ аз таҷрибаи озодиро дорад,роҳро ба сӯи ҳангомасозиҳо, сатҳиандешиҳо, умумигӯиҳо, ифтихороти бемоя, худфаромӯшкуниҳо, беобуранг гардонидани маъниҳои ҷовидона аз қабили модар, Ватан, баҳор ва мисли инҳоро боз мекунад. Дар ин маврид ҳама чиро метавон мушоҳида намуд , ба ҷуз аз зебоии офариниш ва неруи афкори рӯшанфикр. Рӯшанфикр ба сифати роҳгумзадагӣ, беасолати ва масхарабозӣ. Ҳамон гуна, ки зиндагӣ ва ё табиат таҳаввулпазир аст ва ҳамеша ба таҳаввул ниёз дорад, фарҳанг низ бояд дар худ таҳаввул биёбад. На ба ҳукми як мурдоб, балки чун баҳре, ки дорои мадду ҷазр, мавҷу туғён аст ва ҳамеша худро меполояд. Чунин таҳаввулро танҳо рӯшанфикрон метавонанд ба вуҷуд оваранд. Танҳо онҳо метавонанд ташхис диҳанд, ки чи маъниҳо моҳияти фарҳангро ташкил медиҳад, чи маънӣ ва биниш ҳои бегонаи қобили қабул вуҷуд дорад ва чӣ паёме метавонад наҷотбахш бошад. Чунин рисолатро рӯшанфикр он вақт метавонад ба амал расонад, ки аз озодии маънавӣ бархурдор бошад, ҳар масъаларо аз диди ҷовидонагӣ баррасӣ намояд, на аз диди динӣ, сиёсӣ ё идеологӣ.

Агар ба фаъолияти рӯшанфикрон дар ҷомеа мутаваҷҷеҳ гардем, бахубӣ ҷанбаи амалии назорати болоро бавосита мушоҳида мекунем. Набудани мактабҳои анъанавии андешаронӣ,

набудани истиқлолияти фикрӣ, набудани огоҳии зарурӣ нисбати тамаддунҳои дигар, дастраси надоштан ба дастовардҳои илмҳои дақиқ, инсонӣ ва иҷтимоӣ, то ки андеша ва биниш дар асоси он шакл гирад, набудани ҳадаф ва мақсади муайян нисбатиояндаи фарҳанг ва омилҳои дигари ҳаммонанди инҳо рӯшанфикронро аз муносибати илмӣ ва воқеӣ нисбати ҳодисаю воқеаҳо, ояндабинӣ, ҳадафгузории дуруст ва мисли ин маҳрум сохтааст. Хусусияти фаъолияти рӯшанфикронро касалиҳои пешин, аз қабили бузургманишӣ, замонасозӣ, чоплусӣ, андармони масоили рӯзмарра гардидан ва мисли инҳо ташкил медиҳад. Нуқтаи бунёдии наҳзати рӯшанфикриро на бинишҳои асили рӯшанфикрони озод, балки суханони рӯшанфикрони соҳибунвон ва соҳибмансаб ташкил медиҳад.

Бо чунин вазъе лоақал наметавон интизор дошт, ки таҳаввул ва тағйири созандае дар фарҳанг ба вуҷуд меояд. Он назароте, ки нисбати фарҳанг гуфта мешавад, зоҳиран ниҳоят пурифтихор ва ватандӯстона ба назар мерасад, дар воқеъ онҳо догматикӣ, умумӣ ва обшуста мебошанд. Барои он, ки воқеият дуруст шинохта шавад ва кафолатиояндаи босаодат таъмин гардад, бояд бо дигар чашм гузаштаю имрӯзаро шинохт.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**

# НАЗАРИ ДИГАРЕ БА МАФҲУМИ ФАРҲАНГ

Мафҳуми фарҳанг ҳарчанд ҳанӯз дар аҳди атиқа ба вуҷуд омада бошад, ҳам ба маънои коркарди замин, аммо он чун дараҷаи нишондиҳандаи ҷомеаи инсонӣ ба замони маорифпарварӣ мансуб аст.Фаҳмиши навини ин мафҳум бо номи мутафаккир ва хуқуқшиноси олмонӣ Самуэл фон Пуфендорф (1632 - 1694) марбут аст. Мутафакири зикршуда таҳти мафҳуми фарҳанг маҷмӯи хамаи фаъолиятҳои иҷтимоии инсониро дар назар дорад, ки тавасути онҳо вуҷуд дошта метавонад. Дар ин маврид, фарҳанг алтернативаи табиат дониста мешавад, ки инсон фаъолиятиҳои хешро дар муқобили он гузошта аст. Ҳамаи чизҳое, ки бо дасти инсон коркард мешавад ба фарҳанг марбутанд.

Маорифпарвари дигари олмонӣ Иоган Готфрид Гердер (1744 - 1803) фарҳангро чунин таъриф дода аст: «Фарҳанг инъикоси ҷахониест, ки дар натиҷаи мукобилистии инсон ва табиат зода шуда аст». Гердер дар асарш «Пайдоиши забон», менигорад: «Инсон чун мавҷуди зинда тобеи қонунмандии табиат аст, аммо ба сифати мавҷуди зинда ба зиндагии табиӣ қобилияти сусти мутобиқшавӣ дорад. Аз фаношавӣ ӯро ба вуҷудоии забон нигоҳ медорад». Ҳамин тавр Гердер тафаккур, ҷомеа ва забонро шаклҳои хоси зиндагии инсонӣ матраҳ мекунад ва асоси фарҳанг ин аносирро меҳисобад.

Мутафаккири бузуги Олмонӣ Имануил Кант (1724 - 1804) фарҳангро инъикоси ҷаҳони инсон номида аст. Ба назари Кант инсон тавасути ақл тавонистааст аз табиат раҳо шавад ва тавассути он «ҷисми муҳофизӣ»-ро алайҳи табиат (култура-фарҳанг) созмон додаст. Кант аз нигоҳи сифатӣ ҷаҳонро ба ду тақсим намудааст: олами табиӣ ва олами озодӣ, ки ҷаҳони дуюм ба инсон мутаалиқият дорад ва ин ҷаҳон чаҳони фарҳангист.

Консепсияҳои дигаре, ки оид ба назарияи фарҳанг дар асри XIX - XX ба вуҷуд омадаанд, аз қарори зайланд:

А) консепсияи этнологӣ
Б) консепсияи марксистӣ
В) назарияи тамаддуни минтақавӣ

Консепсияи этнологӣ дар асоси омӯзиши ҷомеаи анъанавӣ тавассути истифодаи методи эволютсионӣ сохта шудааст. Дар маркази таваҷҷуҳи ин консепсия инсон ҳамчун офарандаи фарҳанг матраҳ шудааст, ки аз ин ҷо номи ин ҷараён ба тарзи дигар консепсияи антропологӣ ном гирифтааст. Асосгузори ин ҷараён донишманди англис Эдвард Бёрнет Тайлор (1832 - 1917) шинохта шудааст. Ӯ фарҳангро ҷараёни такомулёбии олоти фаъолият, анвои санъат, эътиқод ва ритуалҳо меҳисобад.

Аз назари марксистӣ бошд, фархангро маҷмӯи дастовардҳои моддӣ ва маънавии инсоният баррасӣ намуда, онро ҳамчун табиати дувум мешуморанд. Асоси ин табиат ва ба вуҷуд оварандаи он меҳнат ва олоти меҳнат ба ҳисоб меравад.

Назарияҳои дар қарни Х1Х ба вуҷуд омада, бештар ҷиҳатҳои ягонагӣ ва гуногунии фарҳангҳо инчунин авомили фарҳангиро мавриди баҳс қарор додаанд.

Аз мулоҳиза ва пажӯҳиши назарҳои овардашуд метавон чунин натиҷагирӣ кард. Агар назарияи Самуэл Пуфедорфро таҳлил намоем, фарҳанг маҷмӯи хамаи аъмоли иҷтимоии инсонист, ки ӯ тавассути онҳо вуҷуд дорад. Пас суоли мантиқӣ пеш меояд, ки оё инсон ба тарзи диагр вучуд дошта метавонад? Ё нобуд мешавад ва аз байн меравад.

Аз назари мутафаккири дигари олмонӣ Иоганд Готферд Гердер, ки фарҳанг инъикоси ҷаҳонест, ки аз муқобилистии инсон ва табиат ба вуҷуд омадааст, нуқтаи қобили таваҷҷуҳ **муқобилистии инсон ва табиат** ба ҳисоб меравад. Ин ҷо суоле пеш меояд, ки чаро инсон ва табиат муқобили ҳам қарор мегиранд? Ба суоли мазкур тавре дар боло зикр шуд , муттафаккир дар асараш «Пайдоиши забон» чунин ҷавоб медиҳад: «Инсон чун мавҷуди зинда тобеи қонунмандии табиат аст, аммо ба сифати мавҷуди зинда ба зиндагии табиӣ қобилияти сусти мутобиқшавӣ дорад». Ба тарзи дигар инсон дар ҳоли табиӣ зинда мондан наметавонад ва нобуд мешавад.

Дар назарияи И. Кант бошад фарҳанг «ҷисми муҳофиз»-ест, ки инсон алайҳи табиат сохтааст. Яъне чун инсон дар ҳоли табиӣ наметавонад мисли мавҷуди дигари биологӣ пурра ба табиат мутобиқ шавад, ночор ин ҷисми муҳофизиро ки фарҳангаш ном мебарем, офаридааст.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Умумияте, ки дар ҳар се назар вуҷуд дорад, он аст, инсон барои аз нобудӣ раҳо ёфтан фарҳангро офарида аст. Яъне асос ё ҷавҳаре, ки инсонро мутаҳаррик намудааст ва сабаби падидоии ҷаҳони фарҳангӣ шавад, ин шинохт ва маърифати шикасту нобудият ва марг мебошад.

Инсонро ҳарчанд аксари маврид чун афзали махлуқот ёд кунанд ҳам, вале аслан агар аз нигохи табиӣ онро таҳлил намоем, акси ҳол аст. Аввалан инсон дар ҳоли табиӣ танҳо метавонад дар баъзе аз манотиқи курраи замин зинда монад. Сониян, аз нигохи физиологӣ инсон ба мисли мавҷудоти дигари зинда дорои неруи зиёди физиологӣ нест. Аз ин рӯ, дар тӯли мавчудият инсон ҳамчун нотавонтарини махлуқот борҳо мавриди зулму шикори мавҷудоти дигар қарор гирифт ва ягона чизеро ки шинохт ва дарк намуд, ин марг ва нобудӣ буд. Минбаъд инсон ҳар амалеро, ки аз замони пеш то имрӯз анҷом додаст, дар муқобили марг ва нобудӣ мебошад. Тағйирпазириии иклими курраи замин боиси он гардид, ки аксари мавҷудоти зинда, ки ба он иқлим хос буд, аз байн рафт (ин ҷо манзур маҷудодест, ки бо инсон баробар вуҷуд доштанд). Ҳамин тағйирпазирии иқлим боиси он гардид, ки инсон «ҷисми мухофизӣ» ё «табиати дувум»-ро дар муқобили табиати аввал офарид.

Аввалин чизе ки зеҳн ё шуури инсон шинохта аст, ин марг аст. Нахустиллат ё сабабу инфъоли зеҳну шуур марг будааст. Ин шинохт боиси он гардид то инсон зина ба зина хатарҳои мавҷударо дарк намояд ва дар муқобили онҳо амалеро пиёда созад. Замоне инсон аз як хатар раҳо шуд ва онро пушти сар кард, фарҳманд шуд ва ин боиси пайдоиши санъати ракс шуд.

Сардии зимистон ва мушкилоту нигаронӣ аз он инсонро водор сохт, то баҳорро ва айёми камхатарро орзу намояд ва ин боиси пайоиши санъати рассомӣ гардид.

Гоҳе ки наздиктарин ва муътабартарин шахсро марг аз байн бурд, инсон симои онро хаёлан пеши назар зинда дошт ва ҳамчун арҷгузорӣ пораи сангеро ба сурати ӯ сохт, то худро аз андӯҳи нобудӣ раҳо созад ва ин боиси пайдоиши санъати ҳайкалтарошӣ гардид.

Рангорангии ҷаҳон (манзур рангҳоест, ки инсон қобилияти дарки онҳоро дорад) ва ҳар падидае, ки нав аст, инсон онро мепазирад зеро таҳтушшуур он падида бозгӯи хоҳишҳои инсонӣ аст, махсусан машғул будан ба он метавонад замони инсонро аз

даҳшати марг ва нобудӣ раҳо созад. Ҳамин аст, ки инсон табиатан зебоиро мепарастад. Пушти ҳамаи зебоиҳо андӯҳи бузурги инсонӣ нуҳуфтааст, ки дар тули торихи мавҷудият ҳазорон бор ба хатарҳои мухталиф гирифтор будааст.

Ҷомеа ва фарҳанг дар таносуби якдигар қарор доранд, зеро ҳамаи осори фарҳангӣ дар ҷомеа ташаккул меёбад ва аз насл ба насл интиқол мешавад. Ҳамин вуҷуди ҷомеа аст, ки мо инсонҳоро ба худ мутобиқ месозад ва ба зиндагии иҷтимоӣ ворид месозад. Як инсон ҳангоми тавлид ҳанӯз инсони солор нест, балки номзад барои инсон шудан аст, ки авомили иҷтимоӣ ва махсусан, раванди иҷтимоишавӣ онро табдил ба инсони вораста мегардонад. Ин ҷо чанд суоле пеш меояд, чаро мо зиндагии дастаҷамъӣ дорем? Оё метавон бидуни иҷтимоъ ба сар бурд ва агар не, чи авомилест, ки моро мӯҷиби ҷомеапазирӣ мекунад. Агар ба таҳқиқ ба иллати ин масоил таваҷҷуҳ намоем, нек дармеёбем, ки хатарҳои мавҷуда ва ҷилавгирӣ аз онҳо моро водор месозад то ба якдигар ниёз дошта бошем. Ин хатарҳо ҳамон хатарҳоеанд, ки ҳар замон метавонад пайи нобудӣ ва фанопазирии мо ба анҷом бирасанд. Яъне мушкилоти мо дар баробари марг мушкили ҳамагонист ва ин аҷзи нотавонӣ сабаб шуда, ки мо бояд бо ҳам ба сар барем.

Табиатан дар ҳар ҷомеае, ки эҳсоси хатар камтар бошад ниҳодҳои иҷтимоӣ заифтаранд ва инсонҳо бештар хислати худгароиву худхоҳиро доранд. Инсон замоне, дар баробари мушкилот эҳсосе заъф мекунад ва тасмим мегирад, ки қаъзияи пешомадаро дар танҳоӣ наметавонад рафъ созад, ба ҳамнавъҳои худ руҷӯъ мекунад, то дар маҷмӯъ тавониста бошад, амалеро иҷро бидиҳад.

Дар бомдоди рӯзгори башар замони таъғйирпазири иқлимӣ мушкилоти аввалие, ки пешорӯи инсон буд, ин мушкилоте моддӣ маҳсуб аст. Барои наҷоти хеш аз гуруснагӣ ва ба даст овардани қутти лоямут насли одамӣ маҷбур шудааст то гурӯҳ-гурӯҳ ба сар баранд. Аз тарафи дигар, табиати тағйирпазируфтае, ки аслан барои зиндагии одамӣ мувофиқ набуд, ҳазорон хатари нобудиро пешорӯи инсон оварда буд, ки ӯ мисли намудҳои дигари биологӣ неруи физиологии дар танҳоӣ бо онҳо мубориза бурданро надошт. Зиндагонии дастаҷамъӣ, ки бо ҳадафи рафъи

мушкилоти моддӣ созмон шуда буд, мӯҷиби равобити одамон гардид ва ин пеш аз ҳама дар он зуҳур кард, ки ҳангоми хатар инсонҳо онро бо садои муайяне ифода мекарданду оҳиста-оҳиста мӯҷиби пайдоиши забон гардидааст. Забонҳои ибтидоӣ эҳтимол меравад аз чанд калима иборат буда бошанд ва минбаъд инсон ҳар қадар мушкилотро бештар шинохтааст, онро бо садое ифода намудааст.

Воқеан, пайдоиши забон як қадами ҷиддӣ дар рӯзгори башар буд, зеро аз як тараф равобити байни онҳоро истеҳком мебахшад то тавониста бошад огоҳона алайҳи хатари пешомада истодагарӣ намоянд. Мушкилоти ҳамагонист ва ин сабаб шуда, ки мо бояд бо ҳам басарбарем.

Аслан инсон табиатан ҷомеапазир ва меъёрпазир нест, ӯ худхоҳ ва фардгаро аст. Ҳамин аст ки дар ҷомеаи муосири ғарбӣ метавон ҳолатҳоеро дучор омад, ки ба хотири манофеъи фардӣ аз бунёди оила худдорӣ менамояд. Бунёди оиларо ҳамчун аз даст рафтани озодии фардӣ маънидод менамояд.

Агар аз равзанаи дигар ба ин масъала назар афканем, даҳшати марг дар инсонҳо ду ҳолатро ба вуҷуд овардааст: Яке ин ки инсон чун дарк мекунад, ки ҳамаи ҳамнавъонаш мушкилоти муштарак доранд, осебпазир ва фанопазиранд, имконоти хешро барои кумаки онҳо равона мекунад ва то ҳадде мекӯшад бо онҳо расидагӣ дошта бошад, зеро саранҷом худ низ аз ин мушкилӣ орӣ нест ва фанопазир аст. Яъне ин ҳолатест, ки инсонҳоро гуманист ва инсонсолор месозад.

Айни ҳол метавон ҳолати дигареро зикр кард, ки чун инсон дар рӯ ба рӯи марг қарор дорад ва натиҷа нобудиву фаност, ӯ дигар бо ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз раҳм надорад, ҳатто ба ҷони хеш, ҳеҷ касро дӯст дошта метавонад. Ҳамин ҳолат аст ки аксари ҷиноятҳо ба вуқуъ меоянд ва инсонро даррандахӯ намудаанду мушкилоти мавчударо як бар сад афзудаанд. Мантиқан ин равандро аз ҷомеаи ибтидоӣ то ҷомеаи муосир метавон ба хубӣ мушоҳида намуд, ки инсон дар муқобили инсон аз камони одӣ то тупу танк ва яроқи ҳастаию бактериологиро ба миён овардааст. Аслиҳаи муосире, ки инсон дар муқобили ҳам сохтааст, дар ҳар они воҳид метавонад ин курраи хокиро аз мадори худ берун оварад ва ба сарнавишти инсонӣ нуқтаи таммат гузоранд. Аҷзу нотавонӣ дар баробари марг ӯро худхоҳу қудратхоҳ намудааст. Мо қудратро дӯст медорем, чаро ки нотавонем, аксари сиёсатҳо низ аз ҳамин

ҳолат сарчашма мегиранд, зеро инсон табиатан маргро қабул надорад ӯ дар андешааш барои замони номаҳдуд барномарезӣ мекунад, аз ин рӯ мехоҳад қудратманд абадӣ ва фармонраво бошад.

Инсонҳо ҳарчанд бе ҳам ба сар бурданашон ғайри имкон аст, аммо гургона ба сар мебаранд. Дар тӯлии таърихи мавҷудият ҳама ҷангҳое, ки ба вуҷуд омадаанд, ҳадафашон манфиатҷӯиву қудратхоҳӣ ва худхоҳӣ будааст. Агар намудҳои дигари мавҷуда зинда танҳо аз рӯи ғаризаи биологӣ мубориза барои зиндамонданро амалӣ созанд, пас инсон имконоти зеҳнии (яъне шуури) худро дар ихтиёри ғаризаи қудрат вогузор намуда, бо ҳам мубориза мебаранд.

Ду ҷанги ҷаҳоние, ки дар қарни XX ба вуқӯъ пайваст ва ҷони беш аз 100 миллион нафар инсонро аз байн бурд, бояд барои башар як сабақи натиҷагир мешуд, вале мутаассифона, ин то ҳадде натавонист таҷрибаи мусбӣ барои қудратҳои ҷаҳонӣ бошад, то ҳанӯз маблағҳои ҳанагуфта дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон сарфи техника ва технологияи ҳарбӣ мешаванд, дар ҳоле ки нисфи мардуми сайёра аз нодорӣ, гуруснагӣ ва беморӣ ранҷ мебаранд.

Мусаллам аст, ки бидуни ин яроқсозӣ ва мусаллаҳшавиҳо саранҷом мо маҳкум ба фанопазирием ва аз ин нигоҳ мушкилотамон муштарак аст. Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки оё ҳамаи имкониятҳоеро, ки дар муқобили ҳам (равшантар барои куштор ва нобудӣ) сохтаем, метавон онҳоро дастовардҳои фарҳангӣ номид? Ҷавоби ин ҷониб на аст, зеро аз таҳлили муқаддамотӣ бар меояд, фарҳанг ҳар тадбирест, ки мо дар муқобили нобудӣ андешидаем ва тавонистаем зиндагии инсонҳоро то андозае сифати беҳтар бахшем. Бидуни ин аслиҳасозӣ низ дер ё зуд мо аз чанголи марг раҳо нестем.

Дар замони муосир падидаи дигаре, ки боиси ташвиш аст, муқобилгузории фарҳангҳо аст. Ин аз он манша мегирад, ки фарҳанги як минтақаро аз минтақаи дигар боло гузоштан ё онро пешрафта эътироф кардан мебошад. Агар дақиқтар ба ин масала таваҷҷуҳ намоем, аслан ҳеҷ кадоме аз фарҳангҳо чи шарқӣ ё ғарбӣ пешрафта ё оқибмонда несатанд, фарҳанги Ғарбро, ки пешрафтааш меномем, ғайр аз дағ-дағаҳои худхоҳӣ ва қудратхоҳиву аслиҳасозӣ мукобили ҳам, инчунин тавассути

фанноварии муосираш он қадар ба табиат таъсири манфӣ расонда аст, ки хатари катаклизимро (аз қабили шикасти шудани қабати озонии курраи Замин, гармшави Замин, ки дар пайи худ метавонад тамоми қабати хушкии заминро зери об монад) дар тамоми кураи хокӣ ба вуҷуд овардааст, аз рӯи ин гуна шинохт Ғарб низ кори маргро саҳл гардонидааст.

Шарқ бошад (манзур Шарки исломӣ) ҳанӯз бо тафаккури хурофотӣ маргро хушомад мезананд ва худро ором месозад. Дар харду минтақа ҳам ин нотавонӣ бармало ба назар мерасад. Аз нуқтаи назари кайҳоншиносӣ вуҷуди мо инсонҳо ва умуман мавҷуди кураи хокӣ, ки макони мост, фақат аз назари эҳтимолият вуҷуд дорад, мо гуфта наметавонем, ки лаҳзаи дигар сарнавишти онро чӣ интизор аст. Яъне хатароти кайҳонӣ метавонад дар ҳар они воҳид заминро ҳадафи худ кaрор диҳад ва ба ҷаҳони инсонӣ нуқтаи таммат гузоранд.

Дар худи замин бошад, ҳазорон хатар вуҷуд доранд, ки мо бо ҳама тадбирҳоямон дар баробари онҳо наметавонем истодагарӣ намоем. Агар деви заминларза пушти худро сахтар ҷунбонад, ҳамаи он барсохти инсонӣ, ки мо тамддунаш мехонем, дар як лахза аз байн хоҳад рафт. Ғайр аз ин, хатари гармшавӣ аз ҳисоби таъсири инсон ба сатҳи замин зери об мондани сартосари кураи арзро ба миён оварда аст. Шикаста шудании пардаи атмосфера ва воруди нурҳои зараровар боиси шидат гирифтани бемориҳои халокатовар гардида, мушкилоти инсонро даҳҳо бор афзудааст.

Хулоса, имрӯз зарурат ба миён омадааст то нерӯҳои акливу зехнӣ ва молиявии инсоният ҳадафнок дар муқобили хатарҳои зикршуда равона карда шаванд.

Сарнавишти инсоният ва тамаддуни инсонӣ дигар дар дасти ӯст ё дар муқобили мушкилоти мавҷуда тадбир ҷуста, худро наҷот медиҳад ё хулоса ин намуди биологӣ аз байн хоҳад рафт. Нуктаи асосии ҷаҳонишавӣ низ бояд хамин хадаф бошад, на чизи дигар.

Мусаллам аст, ҷустуҷӯ ва кӯшишҳои инсонӣ ҳамеша пайи рафъи хатари марг будаанд, аммо аз ин ки ин кӯшиишу тадбирҷӯиҳои инсонӣ то куҷо метавонанд, ниёзҳои инсониро бароварда кунанд, мавзӯи дигар аст. Агарчи дар асри ҷадид инсон бо шинохти воқеию илмии баъзе аз падидаю воқеаҳо тавонист қисме аз мушкилоти инсониро ҳал намояд, вале то ҳанӯз

гирифториҳои зиёдеанд, ки башар то ҳол ҳалли онҳоро пайдо накардааст. Ҳамин аст ки инсони имрӯзӣ хусусияти духура дорад, баъзе аз масоилро бо роҳи илмӣ матраҳ менамояд, вале дар баъзе аз масоил сирф диндору имонпараст ва хурофотӣ боқӣ мемонад.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Номвар ҚУРБОН**

# ИФТИХОРИ ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ТОҶИК

*«Ҳар кас мехоҳад бинои истиқлоли мамлакат ва саодати миллаташро бар асоси маҳкам қоим созад, бояд дурӯғро аз он марзу бум ронда ва ростиро дар он сарзамин устувор намояд»*

***Дориюши Кабир***

Нажоди ориёӣ, қавми тоҷику форс бо илму фалсафа, маърифату маданият, фарҳангу ҳунар ва дигар суннатҳои волои миллии худ аз қадим шуҳраи офоқ гардида буд. Ба ин маъно, ки дар таълимоти нахустпайғамбари ҷаҳонӣ - Зардушт писари Спитамон аз қавми Ориёӣ омадааст: «Ҳар фарде дар ободии ҷаҳон ва шодмонии ҷаҳониён кӯшида ё худро ба василаи пиндору кирдор ва гуфтори нек қобили уруҷ (болоравӣ) ба олами рӯҳонӣ ва расидан ба авҷи камол ва саодати ҷовидонӣ намояд». Аз суханони пурмуҳтавои ин мутафаккири аҷдодии мо бар меояд, ки ҳар як инсон бояд баҳри ободу зебо гардонидани гетӣ ва хурсанду шодмон намудани мардуми рӯи олам кӯшиш намояд. Ва ба ин василаи ӯ метавонад, ки номи худро дар таърихи башарият ҳамчун инсони накӯкор абадӣ гардонад. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки миллати мо миёни дигар миллатҳои олам ҳамчун миллати фарҳангӣ ва соҳибтамаддун шинохта шудааст. Ва тамоми халқу миллатҳои баъдӣ, ки андактар ба дину мазҳаби миллии хеш соҳиб гардиданд, сохтори ин дину мазҳабҳояшонро дар пайравии дину оини зардуштӣ ва фарҳанги зиндагисози ҷамшедӣ ба роҳ монданд ва бо ин то имрӯз ифтихор ҳам доранд. Пас, чаро имрӯзиёни миллати тоҷик, нигаҳдорандагони фарҳанги ориёӣ, аз чунин суннатҳои волои ниёгони худ, ки то ҳол ягон халқу миллат мислашро соҳиб нагаштааст, ифтихор нанамоем ва онро дар меҳвари фаъолияти хеш қарор надиҳем. Фарҳанги аҷдодии мо фарҳанги инсонмеҳварӣ буда, ҳамеша таҷассумгари волотарин ғояҳои инсонпарварӣ мебошад. Дар ҳама давру замон фарзонагони ин миллат дар пешрафти илму фалсафа, адабиёту таърих, меъморию ҳунармандӣ ва сиёсату давлатдорӣ хидматҳои

ҷаҳонӣ кардаанд, ки нодида гирифтани хизматҳои эшон амали ноҷавонмардист.

Имрӯз замоне расидааст, ки тамоми халқу миллатҳои алоҳида бояд ҳуввияти миллӣ ва фарҳанги аҷдодии хешро дошта бошанд. Дар ин хусус суханони бисёре гуфта миллатҳо дар муқобили ҳамдигар «альтернатива» мегузоранд ва мо, нажоди ориёӣ аз ин амал бетараф буда наметавонем. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ кишварҳои абарқудрати ҷаҳон кӯшиш менамоянд, ки фарҳангу тамаддуни мамолики кӯчаку ақибмондаро несту нобуд созанд. Ва ё дар масири раванди мазкур кишварҳои пешрафта ҷомеаҳои суннатию қолабиро ба ҳар гуна роҳу воситаҳо фирефта гардонида, фикру андешаи мардумро ба догмаҳои динию хурофотӣ пойбанд менамоянд. Маҳз дар асоси чунин амал дар ин гуна ҷомеаҳо догмаву идеологияҳои динию мазҳабӣ қувват гардида, мардум бештар мутаассибу хурофотӣ мешаванд ва илму дониш ва фарҳангу ҳунар дар гирдоби нобудӣ меафтад. Мисоли ин гуна ҷомеаҳо бисёре аз кишварҳои Шарқи исломӣ!

Дар масири таърихи Хуросону Мовароуннаҳр миллати араб тавонист, ки бо як фарҳанги «сустморхӯр» - у «бодиянишинӣ» ва дини исломи «пок» - и худ фарҳангу тамаддун ва маданияту маърифати тоҷику форсро чунон нобуд сохт, ки ин нажоди ориёӣ дар тӯли чордаҳ асри пас аз исломӣ ҳеҷ ба худ наомад. Ҳатто аслу насаби худро фаромӯш кард ва ба гуфтаи адиби қирғиз Чингиз Айтматов «манқурт» шуд. Вале, дар тӯли таърихи 7000 - солаи қавмҳои ориёӣ ҳастанд нафароне, ки барои нигоҳ дошатани тамоми анъанаю русуми ниёгон ва урфу одатҳои миллӣ ҷонбозиҳо намуданд ва ин ҷо шоири муосирамон Низом Қосим дуруст мефармояд, ки: «мо намурдем аз дигар пайдо шудем». Имрӯз миллати тоҷик ба ягон дину мазҳаб, ба ягон набию расул, ба ягон «қувваи осмонӣ», ба ягон «хати чаппа», ба ягон «ҷирми аз осонафтида» ва чандин чизи дигаре, ки аз миллатҳои бегона ба мо ҳамчун мерос гузаштааст, эҳтиёҷ надорад. Зеро миллати тоҷик дар масири таърих аз асри XVIII пеш аз милод оғоз карда, то имрӯз (асри XXI) чунин нобиғаҳоеро тарбия намуда ба воя расонид, ки онҳо бо илму дониши худ Замин он сӯ истад, ҳатто Коинотро идора мекунанд. Ҳамин нобиғаҳо расулону набиён, ҳамин донишмандон пайғамбарону авлиёҳо,

ҳамин нуҷумшиносон, қувваҳои осмонӣ ва кашшофони ҷирмҳои осмонӣ, ҳамин шоирону носирон фарҳангофарону тамаддунофарони миллати Тоҷик мебошанд.

Муҳақиқони муосир ба ин назаранд, ки қавмҳои ориёӣ дар фарҳанги башарӣ дорои саҳми бузурге мебошанд. Масалан, Ҷамшед писари Вивангаҳони пешдодӣ, чаҳор ҳазор сол пеш аз мелод асосҳои фалсафаи худшиносии миллии қавмҳои ориёитаборро устувор намуд. Вай пуштибони Ҷаҳон, Замин, Инсон, Ватан, Миллат, Ҳунар, Фарҳанг, Дониш, Зиндагӣ, Адолат, Шодӣ, Мардум, Қонун, Ҷовидонагии ҷисми инсон дар ин ҷаҳон ва тантанаи илму хирад буд[132]. Фарҳанги халқи тоҷик бошад, аз аҳди қадим то имрӯз ду рукни асосӣ доштааст: яке ғояи худшиносии миллӣ, ки асосгузораш Ҷамшед буд ва дигаре ғояи худшиносии динӣ, ки поягузораш Зардушт мебошад. Ин ду ғоя дар тӯли таърих бо ҳам дар рақобати гоҳ пинҳону гоҳ ошкор буданд ва ҳоло ҳам дар ин рақобат қарор доранд. Дар замони муосир, ки баъзе идеологияҳои сиёсии асри гузашта ба мисли фашизм, натсизм ғояи миллиро ба ҳадди ифрот мерасонанд, ки баъзеи дигарашон монанди идеологияи коммунистӣ дар кишварҳои сотсиалистӣ ба миллат ва ғояи миллӣ ба чашми камбинӣ менигаристанд. Мо кӯшиш дорем, ки ба ифроткориҳои идеологӣ фирефта нашуда, масъалаи ҳассоси иҷтимоию фарҳангиро бо диди воқеъбинона ва назари илмию таърихӣ баҳо диҳем.

Дар даврони сарнавиштсоз рӯ овардан ба фарҳанги маънавии ниёгон аҳамияти беш аз пеши назариявию амалӣ пайдо менамояд. Махсусан, ҳадафи тадқиқу таҳқиқ қарор додани афкори илмӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҷамъиятию сиёсии мутафаккирони гузаштаи миллат дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ бағоят муҳим аст. Ин ҷо мехоҳем, хонандагони арҷманд ва ватанпарвару миллатдӯстро ба он водор намоям, ки паёмбарони миллати тоҷик маҳз ҳамин равшанфикрон мебошанд:

**Ҷамшед писари Вивангаҳон** поягузорандаи фарҳанги миллии ориёӣ ва нахустин кошифи «зиндагии ҷовидона». Ҷамшед сарвари гуманисту соҳибмаърифат ва илмдӯсту фарҳангӣ буд ва тавонист дар асоси мушоҳидаҳои дақиқи табиатшиносию

---

[132] Бекзода, Комил. «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ». Душанбе: Дониш, 2012

астрономии ҳаммеҳанонаш ба чандин ҷашнҳои миллии мо асос гузорад. Илова бар ин, вай 18 кашфиёт намудааст, ки баҳри беҳбудии зиндагии инсон мусоидат менамоянд.

**Зардушт писари Спитамон** нахустин пайғамбари аҳли башар ва асосгузори дини аҷдодии мо, дини зардуштӣ мебошад, ки ин дин бар асоси «гуфтори нек, пиндори нек ва рафтори нек» бунёд ёфтааст. Рамзи дини зардуштӣ оташ буда, ҷавҳари асосии онро покию озодӣ, инсону инсонмеҳварӣ ва дӯстию рафоқати байни одамон ташкил медиҳад.

**Ибни Муқаффаъ** яке шоирону тарҷумонҳои забардаст ва номдортарини шуубӣ мебошад, ки хизмати асосии ӯ дар баргардонидани китобҳо аз порсӣ ба арабӣ ба чашм мерасад. Бар замми ин, Рӯзбеҳ тавонист, ки арабҳои мусалмону бодиянишинро бо арҷмандии шахсияти эрониён ошно созад, яъне воломақомии тамаддуну фарҳанги ниёгони худро ба аҷнабиёни бодиянишину «сустморхӯр» исбот намуд.

**Мӯсо ал - Хоразмӣ** олим ва риёзидони номвари Шарқ буда, ӯро дар илми муосир асосгузори риёзиёти Хилофати Арабу низоми ҳисоби даҳӣ медонанд, ки аз транскрипсияи лотинии исмаш - Алгоритмус истилоҳи имрӯзаи алгоритм, яке аз мафҳумҳои асосии математикаи ҳисоббарор ба вуҷуд омадааст. Илова бар ин, Хоразмӣ асосҳои арифметика - ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим ва аз таҳти реша баровардани ададҳоро кор карда, системаи ҳисоби нуҳрақама бошад, ба воситаи осори ӯ дар алгебра роиҷ гардидааст.

**Закариёи Розӣ** мутафаккири нобиғ, ки оид ба илми кимиё нахустин озмоишгоҳ (лаборатория) - ро таъсис додааст. Вай бар заммӣ табиатшинос ва пажӯҳишгару олими тавоно буданаш, боз ба бисёре аз масъалаҳои тарбияи ақлию ахлоқӣ, роҳу воситаҳои таъмини хайрияти умум ва саодатӣ одамӣ, адлу инсоф, мақсаду мароми ҳаёти инсонро низ мавриди тадқиқ қарор додааст, ки аз ин хидматҳо накӯтарин фазилатҳои инсонӣ маҳсуб меёбанд.

**Абулқосими Фирдавсӣ** яке аз поягузорони фарҳанги тоҷику форс аст, ки ҳамеша озодихоҳии миллии мардуми эроннажодро васф менамуд. Устод Фирдавсӣ тавонист, ки фарҳанги миллии хешро баъди истилои арабҳои бодиянишин зинда гардонад. Дар «Шоҳнома» - и безаволи ӯ мавзӯъҳои муҳаббат ба Ватан ва

ҳимояи он, кўшишҳои истиқлолҷўйӣ ва мубориза ба муқобили халқу миллатҳои бегона тасвир ёфтаанд. Бояд қайд намуд, ки Фирдавсӣ шоири миллатдўст ва миҳанпараст буда, тамоми дороии хешро баҳри бунёди фарҳанги миллӣ сарф намуд.

**Абўрайҳони Берунӣ** намоёнтарин мутафаккир, эсиклопедист ва файласуфи тоҷик буда, масъалаи асосии фалсафаро ба таври идеалистӣ ҳал мекард. Аммо дар илмҳои табиатшиносӣ як қатор масъалаҳои материалистиро баён кардааст ва бо хизматҳои илмию тадқиқотияш ин пайғамбари фарҳангии мо миллати тоҷикро шуҳрати ҷаҳон гардонид.

**Абўалӣ ибни Сино** машҳуртарин олим, табиб, шоир ва донишманди қурунвустои тоҷику форс аст, ки таърихи башар ҳамтои бемислашро кам вохўрдааст. Ҷаҳонбинии Шайхурраис ҷаҳонбинии динӣ буда, назарияи маърифатии вай тамоюли материалистӣ дорад. Ибни Сино дар тўли умри кўтоҳи худ беш аз 480 асар эҷод кард ва дар тиб бошад, хизмати ҷаҳонӣ анҷом дод. Бояд қайд кард, ки андешаҳои фалсафии Сино миллӣ буда, ба ақидаҳои хурофотпарастии дини араб мувофиқат надоранд.

**Носири Хусрав** бузургтарин шоир ва забардастарин файласуфи исмоилимазҳаби тоҷик буда, ҳамеша манфиатҳои оммаи меҳнаткашро ҳимоя намудааст. Вай яке аз тарғибгарони зиёиёни пешқадами деҳқонӣ буда, қисми зиёди умри хешро дар дарбор барои ҳимояи манфиатҳои миллии халқҳои ориёӣ ва ба эътидол овардани муносибатҳо миёни ҳаммиҳанон ва Салҷуқиёну Хилофати араб гузаронидааст.

**Умари Хайём** дар таърихи илму адаби тоҷику форс ва ҷаҳон чун муаллифи рубоиҳои иҷтимоиву фалсафӣ машҳур аст. Мавзўи шеърҳои ў ҷуз васфи таззоди неку бад, ки муаммои назми классикии ҷаҳонист, тасвири таносуби озодии ирода ва тақдири инсон мебошад, ки барои инсон дар ҳама давру замон аз озодии ирода дида муҳимтар чизе нест.

**Ҷалолиддини Балхӣ** файласуф ва мутафаккирест, ҷавҳари асосии андешаҳои онро фалсафаи шахсият ташкил менамояд. Зеро нуктаи аз ҳама болотарини фалсафаи Мавлоно Инсон аст, на Худою Расул. Дар андешаҳои гуманистии вай зоти Мутлақ (яъне, Худо) ин ҳамон худи Инсон аст. Мавлоно аз ҷумлаи он шахсиятҳоест, ки дунёи ў ба андозаи Галакатика ва умуман Кайҳон нопадоканор аст.

**Абдураҳмони Ҷомӣ** яке аз шоирон ва мутафаккирони садаи XV тоҷик мебошад, ки то замони ӯ адабиёти тоҷику форс якҷоя буд ва маҳз бо хизматҳои ин орифи давр адабиёти сифр тоҷикӣ пайдо шуд. Ҷомӣ дар шаҳрҳои бузурги тоҷикнишин - Самарқанду Ҳирот ва Балху Бухоро шоирону носирон, наққошону меъморон ва дигар намояндагони илму ҳунарро ҷамъ намуда, ба бунёди марказҳои бузурги илмию фарҳангӣ замина гузошт.

**Абдулқодири Бедил** намояндаи барҷастаи адабиётест, ки аз оғоз афкори башардӯстиро тарғиб мекард. Бедил аз ҷумлаи мутафаккиронест, ки ҳақиқати илмию фалсафиро ба риштаи назм кашида, шеъри тоҷикро ба арши аъло бурд ва онро машҳури дунё гардонид. Дар паҳнои ақидаҳои фалсафии шоир бештар симои инсонҳои соҳибиродаву соҳибхирад тасвир ёфтааст, ки аз мавқеи хеш андеша изҳор мекунанд ва барои истиқлоли маънавӣ мубориза мебаранд.

**Аҳмади Дониш** асосгузори маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ ва «ситораи дурахшони зулмотшаб» - и бехирадиҳои мардуми ақибмондаи Аморати Бухоро мебошад. Устод Дониш мисли гузаштагони миллаташ тавонист, ки дар чунин давраи ҳассосу сарнавиштсози таърихӣ чароғи илму маърифати тоҷикро фурӯзон намояд. Хизмати ҷаҳонии Дониш аз он иборат аст, ки ӯ тамоми равшанфикорони миллиро дар атофи худ ҷамъ намуда, ба ғояҳои миллатхоҳӣ асос гузошт.

**Садриддин Айнӣ** яке аз муқаддастарин фарзонагони миллати тоҷик мебошад, ки барои ҷовидона гардонидани исми ӯ тамоми Тоҷикистонро ба номаш гузорем ҳам, кам аст. Устод Айнӣ чунон нависандаи дурандеш ва ҳақиқатнигоре буд, ки ҳар асаре менавишт қаблан медонист, ки ин асар ба дарди миллаташ мехурад ё не. Маҳз устод тавонист, ки солҳои XX - уми асри гузашта миллати ҷафодидаи тоҷикро умри дубора бахшид ва аз вартаи нобудӣ раҳонид. Истиқлолияти имрӯзаи давлатии Тоҷикистон заминаи хидматҳои ин марди шариф мебошад.

**Бобоҷон Ғафуров** шахсиятест, ки баҳри поягузории истиқлолияти ҷумҳурӣ, фаъолияти давлатдорӣ, инкишофи тамаддун ва худшиносии хидматҳои босазое намудааст. Устод Ғафуров ба воситаи асару мақолоти илмию тадқиқотиаш баҳри мавҷудияти миллати тоҷик ва ҳамзамон соҳиби тамаддуни бузург,

худшиносии миллӣ, санъату анъана ва таърихи халқи тоҷик хизматҳои арзанда намудааст. «Тоҷикон» - и Ғафуров ойинаи тамомнамо ва ё ба маънии дурусту ҳаққониаш шиносномаи миллати тоҷик мебошад.

**Мирзо Турсунзода** содиқтарин «писари коммунизм» ва намоёнтарин шоири муосири тоҷик аст, ки ҳатто ҷаҳониён ба воситаи исми мубораки ин фарзонафарзанди миллат давлати Тоҷикистонро мешинохтанд. Мавзӯи асосии шеърҳои устод Турсунзода мубориазаи халқҳои Осиёву Африқо, озодӣ, истиқлолияти миллӣ ва сулҳу дӯстии байни миллатҳо буда, ба ин восита ӯ тамоми мардуми сайёраро ба ҳалли масъалаҳои муҳими умумибашарӣ даъват менамояд.

**Султон Умаров** поягузори улуми физикию риёзӣ дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ва асосгузори мактаби илмии физикаи назариявии ин минтақаи ИҶШС буда, оид ба механикаи статистикӣ, физикаи ҳаста, электроникаи физикӣ, назарияи олотҳои нимноқилӣ ва фалсафаи табиат тадқиқоти арзишманд анҷом додааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки устод Умаров яке асосгузорони илми муосир дар Осиёи Марказӣ аст ва ифтихор бо номи ӯ боси ифтихори кулли мардумони минтақа мебошад.

**Лоиқ Шералӣ** ҳамчун аламбардори назми муосири форсизабонҳои дунё солҳои шастуми асри гузашта ба арсаи адабиёт ворид гардида, дирӯзи ниёгонро ба имрӯзи миллат ва имрӯзро ба ворисони ояндаи ин халқ пайванд дода тавонист. Дар ин замина Лоиқи миллатдӯсту меҳанпараст пайванди маънавию рӯҳонии на танҳо форсу тоҷик балки кулли мардуми сайёраро дар алоқамандӣ бо аҷдоду авлод таъмин намуд.

Ҳамин тавр, дар ин радиф метавон садҳо нафар олимону мутафаккирони гузаштаву имрӯзаи фарҳанги миллии тоҷикро ном бурд, ки онон доир ба ҳаводиси мухталифи илм тадқиқоту таҳқиқоти арзишманд гузаронида, бо натиҷаҳои самарбахши худ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд ва оид ба хизматҳои ҳар яки онҳо метавон шоҳасар офарид, вале ба қадри имкон номи бархе азононро инҷо зикр намудем ва имрӯзиёни миллати тоҷик онро набояд нодида гиранд.

**Абдуламин МАҶНУН**

# ОИНҲОИ ҶАМШЕДӢ ДАР БАДАХШОН

Хонандаи азиз, лаҳзае андеша карда, аз худ бипурс: Ман кистам? Таърихан решаҳои ман ба куҷоҳо пайванд гаштааст. Гузаштагони худро оё  хуб медонам? Ва он хешу таборе, ки бо мурури замон аз ҳам дур шудаанд, ҳоло дар куҷоянд? Чаро мо дар кишварҳои мухталиф тақсим шудему вале бо як забон суҳбат мекунем?.. ва ғайраву ҳоказо. Ана ба ҳамин саволҳо то қадри имкон Созмони миллии Ориёнои Бузург ҷавоб гуфта, худогоҳонро  муттаҳид менамояд, алоқамандони худро водор месозад, ки худро шиносанд. Таърихро бояд фаромӯш накард. Зинда гардонидан ва эҳё намудани (аҷдод ё бобоён, яъне дини зардуштиро бояд фаромуш накард. Мо фарзандони падару модарем, падарону модарон бошанд, дар навбати худ бозмондаҳои бобоёну бибиҳо ва бобоёну бибиҳо нурчашмони бобокалону бибикалонҳо будаанд. Ҳар чизе ки мо имрӯз аз он истифода мекунем, бо панҷ ҳавоси худ дарк менамоем, сухану расму ривоҷи анъанот, ки муроот месозем, ба шумули ҷону тани мо бозмондаи гузаштагонаст.Онон унсурҳои беҳтарин, зеботарин, шевотарин, писандидатарин, судмандтарин зиндагиро таи ҳазораҳо баргузида, барои мо ба ёдгор мондаанд.

Тавре ки муқарар гуфта мешавад, ҳар халқ бо саргузашти худ, бо таърихи аҷдоди худ, бо сунану анъанаҳои худ зиндааст. Миллат ҳам дар сурате, миллати комил ва воҳиду як порча шуда метавонад, ки гузаштаи худро дуруст фаҳмад, аз саҳифаҳои ҳассоси таърихи падару бобоён бохабар бошад, ба он ифтихор кунад. Сиёсатҳои даврони ахир халқи моро аз гузаштаи пурифтихор ӯ ҷудо сохта, нисбат ба таърихи ниёгон таҷдиди назар ба амал овард ва чанд насли ахирро дар ҳамин рӯҳия ба камол расонд.

Доир ба давраҳои зардуштӣ ва таълимоти он китобҳои зиёде мавҷуданд. Дастурҳои марбути ин давраро аз «Таърихи Табарӣ» оғоз карда, китобҳои бағоят ғанӣ «Таърихи Зардушт»-и Дҳалла «Зардуштия»-и Мэри Бойс ва «Зардушт - пайғамбари Эрони қадим»-и  Ҷексон дарёфтан мумкин аст.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Аз адабиёт ва маъхазҳои қадим бармеояд, ки асоси дини зардуштиро об ва оташ ташкил дода, ин ду унсури муқаддас қувваи яздонии рӯи замин маҳсуб мешуданд. Қавмҳои то ҳинду эронӣ обро парастиш карда, онро ба сару баданашон мерехтанд. Онҳо обро «апас» меномиданд ва расми обрезиро дар Авесто бо калимаи «заотра» қаламдод намудаанд. Ниёгони мо ба об барои он саҷда мекарданд, ки об ба бӯстонҳо ва биёбонҳо ҳаёт мебахшид.

Дар Бадахшон об аз ҷумлаи чор аносири олами ҳасти буда, аз бузургтарин неъмати моддӣ ва омилҳои асосии бақои тамоми мавҷудоти зинда мебошад. Чун ин унсури муҳими табиат ба рӯзгори инсонҳо аз рӯзи азал ҳамбастагии ногусастанӣ дошта, дар ҳаёти ҳамарӯзаашон аҳамияти фавқулодда бузургро касб кардааст, онҳо дар нисбаташ ихлосу эътиқоди қавӣ зоҳир намуда, онро аз муқаддасоти олами ҳастӣ маҳсуб донистаанд. Доктори илмҳои филологӣ (фолклоршинос) Нисормамад Шакармамадов дар китоби худаш «Оинҳои наврӯзи дар Бадахшон», дар бораи Наврӯз ва парастиши об чунин қайд карда аст: «Аз деҳаи Будун (Язгулом) ба ин мазмун ривояте бақайд гирифта шудааст: Бо амри Парвардигор «гавҳар» ба вуҷуд омадааст, вале вай ба он таваҷҷуҳ зоҳир накардааст. Аз ин рӯ, «гавҳар» ба об табдил ёфта, тамоми оламро фаро гирифтааст. Бинобар ин, обро муъҷизаи худовандӣ ҳисоб мекунанд ва ба об ба ин маънӣ қасам мехуранд. Ба ҳаққи об, ки ҷамоли Парвардигорро дидааст, ин хабарро нашунидаам» (Шакармамадов, 2012, с.73).

Дар баъзе минтақаҳои Бадахшон дар деҳаҳои болооби водии Шоҳдара (Роштқалъа) ва Кӯҳи Лаъли водии Ғорон (Ишкошим) ҳанӯз расме барқарор аст, ки тибқи он соҳибхоназан субҳи содиқи рӯзи аввали иди Наврӯз бо зарфҳо сӯи чашма рафта, аз даруни чашма сангрезаҳо ва аз паҳлуи он сабзаҳои навдамида ва оби чашма гирифта, ба хона бармегардад. Ӯ аввал болои бом баромада, сангрезаҳо ва майсаҳоро «Шогунбаҳор муборак!» - гуфта, аз равзан ба «пойга»-и хона мепартояд ва пас аз бом фуромада, бо об вориди хона шуда, онро дар пухтани таомҳои наврӯзӣ истифода мебарад. Дар Бадахшон дар райони Роштқалъа дар деҳаи Бароҷ ҳар сол дар фасли баҳор баъди иди Наврӯз ё пеш аз иди Наврӯз дар ин деҳа як шохоб бо номи Шоҳбурҳони Валӣ аст, ки онро одамони ин деҳа ҷамъ шуда тоза мекунанд, баъд аз тоза кардан ин обро ба ин деҳа барои заминҳоро об додан ва ё

хурдан истифода мекунанд ва дар вақти сар додани ин об як ё ду сар гусфанд кушта қурбонӣ мекунанд ва ин анъана аз давраи қадим то ҳамин рӯз дар ин деҳа ҷорӣ аст. Обро пос медоранд, дар дуруни об ягон чизи ифлос, туф кардан ва чизҳои ғаждӣ партофтан убол аст.

Оташ низ яке аз унсурҳои муқаддаси он давра ба шумор мерафт. Он гармию рӯшноибахш ва ба пухтагарии хомиҳо сабаб мешуд. Оташро чун манбаи рӯшноӣ аз хомӯш шудан эмин медоштанд ва ба қавли олими маъруф Меэри Бойс «сӯхтани ҷовидонии оташ» барои ҳиндуаврупоиҳо мароми зиндагӣ ҳисоб меёфт ва маҳз дар бемаргии оташ онҳо муқаддас будани онро медиданд.

Доктори илми таърих Юсуфшоҳ Яъқубов дар маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» соли 1989 мақолае бо номи : «Се оташи муқаддаси ниёгон» - чунин қайд мекунад: Пайравони дини ислом оид ба пешиниёни форсу тоҷик пеш аз оини мусалмонӣ бо таҳқир сухан ронда, онҳоро «кофири оташпараст» мехонданд (Ёқубов Ю. 1989, с.-7).

Дар гузашта оташро муътабар дошта ба он саҷда мебурданд. Зеро он аз замонҳои қадим инсонро аз сардию торикӣ ва ҳуҷуми дарандаҳо эмин медошт. Оташ инсонро аз истеъмоли гӯшти хом раҳонид ва умри ӯро дароз кард. Аммо ориёниҳо (ниёгон мо) оташро ба мақоми илоҳӣ бароварда, онро қиблаи худ донистанд. Оташи муқаддаси аҷдодии мо оташи одӣ нест, вай рамзи зиндагӣ, омили ҳастии табиат ва инсон мебошад. Оташ ин нури маънавист, ки бақои оламу одам ба он эҳтиёҷ дорад. Оташ рамзи офтоб дар рӯи замин аст. Ҳеҷ як миллати дунё чун ниёгони мо бузургию эътибори оташро дарк карда, онро ба пояи арш бардошта ва ба нури абадӣ табдил надодаанд. Аз ин ҷост, ки онҳо барояш маъбадҳо сохтаанд.

Дар хонаҳои Бадахшонӣ дар Рушон, Шуғнон, Ишкошим ва Роштқалъа хонаҳои помирӣ дар мобайни хона оташдони калон месохтанд ва ҳамон оташдон барои нону хӯрок пухтан ва чизи муқаддас ё ки баракати хона гуфта, дар вақти ба ҷои дур сафар кардан дар оташдон оташ даргиронда дар вақти паст шудани оташ болои оташ сипанд ё ягон алафи дигара партофта месӯзанд хокистарашро гирифта дар тарафи пои рост аз ҳамон хокистар

гирифта се маротиба ба оташдон саҷда карда роҳи сафарро пеш мегиранд. Баъд аз алов паст шудан дарав хокистарашро гирифта, берун бароварда, ба ҷои тоза мемонанд, агар хокистараш дар дурун оташдон монад, убол аст гуфта дарав мепартоянд. Воқеан, Наврӯз аз замонҳои қадим таҷассуми нияти неку ормону орзуҳои ширини одамон қарор гирифтааст. Чун рӯшноӣ, ҳарорат дар рӯзгор ҳамеша пойдор бошад, мардум дар ҷойҳои махсус оташкадаҳо, аловхонаҳо созмон дода, дар мавриди таҷлили идҳои мазҳабӣ, маросимҳои мавсимӣ, хосса дар ҷашни Наврӯз он ҷойҳо гулхан меафрӯхтанд.

Фолклоршинос Нисормамад Шакармамдов дар мақолаи бо унвони «Наврӯз ва оташ», чунин қайд мекунад: «Бо ин расм истиқболу ҷашн гирифтани Наврӯз дар Тоҷикистон, алалхусус дар Бадахшон низ побарҷост. Дар деҳаи Ёгед (Дарвоз) барои афрӯхтани гулханҳо дар шаби аввали Наврӯз аз ду ҳафта зиёдтар тайёри мебинанд. Шаби аввал мардум расми дух-духи борро, ки гӯё авҷ ё қуллаи ид аст, ба ҷо меоваранд. Тамоми шаб дар ҳама ҷои деҳа чароғон фурӯзон мемонанд, аҳли деҳа бедорхобӣ ихтиёр мекунанд ва мунтазири овозандозии ҷавонон мешаванд (Шакармамадов Н. 2012, с-84).

Маросимҳои табиӣ ва иҷтимоӣ дар муҳити пайванди табиат ва инсон ба вуҷуд омадаанд. Тибқи мушоҳидаҳо ва шунидаҳо маълум аст, ки чоршанбесурӣ чун ҷашни маросими аслии тоҷикон то ба ҳол дар байни маҳалҳои мухталиф мавҷуд аст. Ҳоло ҳам дар байни тоҷикони Бадахшон, Хатлон, Зарафшон ва Суғд маросими аз болои оташ паридан, гирди оташ давр задан, хонаро тамиз намудан, ҳазор испанд дуд кардан ва баргузории маросими мушкилкушо дар чоршанбеи охири сол амалӣ мешавад. Сокинони деҳаҳои ҷамоаи Тусиён (Роштқалъа) ин оинро (алопарак) ё оташпарак мегӯянд. Дар ин ҷо дар арафаи рӯзи Наврӯз, бегоҳӣ дар мобайни боғ чуқурие канда, ҳезуми зиёд ҷамъ кардаашонро даруни он меандохтанд ва яке аз кӯҳансолони он хонадон онро дармегиронад.Вақте ки алангаи оташ баланд мешавад, аввал аз болои он мардони куҳансол ва ҷавонон ва баъде, ки алангаи он паст мегардад, занону кӯдакон мепариданд. Дар ҳангоми аз болои алангаи оташ ҷаҳидан дар ин ҷо ҳам аз либосашон риштае канда, онро ба нишони сӯзондани гуноҳи сол ба дарун оташ мепартофтанд ва боз ҳар яки онҳо дар ҳамин лаҳзаҳо аз Худованд таманно мекарданд, ки дар давоми соли нав онҳоро аз ҳар офату

бало эмин дорад. Пайдост, ки дар маврид қайд кардани «Офтоб дар мард», лавҳаҳои асотирии парастиши Офтоб ба назар мерасад. Ҳатто дар деҳаҳои Рӯшони поён он таомҳои маросимиеро, ки дар арафаи «чиллаи хурд» мепухтанд, барои «меҳмонии Офтоб» мегуфтанд.

Забоншиноси тоҷик Парвона Ҷамшед дар мақолаи худаш «Ҷилои оинаи Зардушт»-чунин менависад: «Унсурҳои оини зардуштӣ дар ҳудуди Бадахшон, дар заминаи маводҳои экспедисҳои олимони рус ва хориҷӣ, пурсупоси куҳансолони ин диёр гирд оварда шудаанд. Дар ноҳияи Ишкошим то имрӯз ду валангори оташпарастон боқӣ мондаанд, ки яке аз онҳо дар районӣ Ишкошим-Қалъаи Қаҳқаҳа ва дигараш дар қишлоқи Сучони ноҳияи Шуғнон ҷо гирифтаанд» (Ҷамшедов П. 1991, с. 115). Воқеан асри 20 ва 21 ҳам анъанаҳову унсуриҳои оташпарастиро аз байн бурда натавонист. То ҳол тоҷикони кӯҳистон анъанаҳо, расму русуме ки аз давраи Зардушт боқӣ мондаанд, муроот мекунанд.

Қад - қади дарёи Панҷ аз Балх то Вахон, аз дараҳои Шоҳдараву Ғунд, тоҷикони Эрони Шарқӣ, ки ба онҳо қавмҳои вахонӣ, шуғнонӣ, рӯшонӣ, язғуломӣ, ванҷӣ, дарвозӣ ва мунҷонӣ шомиланд иқомат доранд. Маъхазҳои таърихӣ далолат медиҳанд, ки қавмҳои ҳозираи ин диёр баромадашонро аз Бохтари қадим медонанд. Тавре маълум аст, Бохтар маскани қадимтарини зардуштҳо будааст. Унсурҳои зардуштия дар дин чуни аст: ровиёни ахбор ва маъхазҳои классикӣ аз он далолат медиҳанд, ки пеш аз запти сазамини Осиёи Миёна ва хусусан болооби дарёи Ому аз тарафи арабҳо ин ҷойҳо дин ва анъанаи Зардуштӣ ҳукмрон будаанд. Таърих низ бар он аст, ки қабули дини ислом аз тарафи ин халқҳо бо машақатҳои зиёде ба даст даровaрда шудааст. Дар ин бора маводҳои муфиде дастраси хонандагон аст. Барои он ки халқҳои ин диёр дини исломро қабул намоянд, арабҳо се шартро ба миён монда буданд: якум бечуну чаро қабул кардани дини ислом: дар он сурат шахси ризоятманд аз ҷазо раҳо меёбад, дувум, шахсе ки онро қабул кардан нахоҳад, бояд ҷаримаи калонро бидиҳад (ё бо пул ё бо мол) ва сеюм, касе ки аз қабул кардани дини ислом сар тобад ба қатл расонда мешавад. Ин се шарти дар боло номбаршуда, аҳволи бе ин ҳам вазнини

халқҳоро боз ҳам сангинтар карда буд. Мардум бо ҳар восита роҳи халосиро меҷустанд. Роҳи басо осон барои онҳо ин ҷойҳои муқимиро тарк карда, ба кӯҳҳистон фирор кардан буд. Бисёр халқҳои Ҳинду Покистон, Эрону Афғонистон ба кӯҳистони Бадахшону Яғноб кӯчида, маскан мегирифтанд.

Ислом барои пурра ҷорӣ кардани динаш қариб тамоми оташкадаҳои дар Эрону Ҳиндустон, Афғонистону Покистон бударо хароб карда, ба ҷои онҳо масҷид ва ибодатгоҳҳои исломиро эъмор намуд. Хулоса материалҳои илмӣ ва адабиёти мансуби Шуғнон аз он далолат медиҳанд, ки зардуштия дар ин диёр нисбат ба дигар ҷойҳо мақоми хосе доштааст. Сайёҳони хориҷӣ ба монанди Тоттер (миссияи Форсит, 1870) аз Қошғар то Вахон ин ноҳияро тадқиқ кард. Дар мавриди бозгашт Тоттер яке аз ҳамроҳонаш, ки аслан муншӣ буд, ба водии Шуғнон сафарбар мекунад. Ин мард муншӣ чунин нақл мекунад: Пири Шуғнон мегӯяд, ки авлоди ӯ ба Шуғнон аз Форс ҳазорҳо сол пеш омада, маскан гирифтаанд ва то он давра дар кӯҳистон мардуми таҳти роҳбарии оташпарастҳо қарор дошт ва боқимондаҳои дини зардуштӣ кунун дар ноҳияҳои Ишкошим ва Вахон то ҳол вуҷуд дорад.

Таърихи халқи мо бо фарозу нишебҳои он воқеан омӯзанда ва пурифтихор аст. Мо сарзамини кӯҳану пурдидаю озмудаи худро аз ниёгони сарбаланд, далер, бо шаҳомат ва росткору ростгӯи худ ба мерос гирифтаем.

**Китобнома**


1. *Ёқубов Ю.* Се оташи муқаддаси ниёгон. // Илм ва ҳаёт. 1989, №5
2. *Мӯъминзода Ҳ.* Зардушт ва ойинҳои ӯ (бахши аввал) Душанбе, 1993.
3. *Мӯъминзода Ҳ.* Зардушт ва ойини ӯ ( бахши дуюм) Душанбе, 1997.
4. *Ҷамшедов П.* Ҷилои оинаи Зардушт. //. Садои шарқ. 1991, №1.
5. *Шакармамадов Н.* Оинҳои Наврӯзӣ дар Бадахшон.- Душанбе, 2012.

**Нозим НУРЗОДА**

# САРНАВИШТИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАННУҶИ БАРХУРДҲОИ СИЁСӢ ВА ТАМАДДУНӢ

«*Низоъҳои фарҳангӣ тадриҷан таҳким ёфта, назар ба дигар давраҳо имрӯз хавфноктар шуда истодаанд*» *(Ватслав Гавел)*

Асри бисту як, чунон ки донишманди аврупоӣ Артур Кларк гуфта буд: «Асри гуфтугӯи инсон бо кайҳон аст», вале, мутаассифона, дастандаркорону зимомдорони сиёсати ҷаҳонӣ ин нуктаро аслан фаромӯш карда, дар пайи ба вуҷуд овардани низоъҳои нав ба нави динӣ-мазҳабӣ, миллию нажодӣ ва идеологию ақидатӣ ҷаҳду талош намуда, вазъияти сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоиро дар қарни бисту як низ муташанниҷ сохтаанд. Воқеан, дар асри нав мушкилоти фарҳангию ақидатӣ на кам, балки афзун шуда, мушкилоти мавҷуда боиси саргардонию гирифториҳои зиёди мардуми сайёра гардида истодааст.

Мусаллам аст, ки муқобилгузории Шарқу Ғарб аз тарафи сиёсатмадорон ва донишмандони пешину пасин боиси сард шудани муносиботи тарафайн гардида, дар тӯли таърих мардуми сайёраи инсонӣ иҷборан ва шартан ба ду қутб: шарқӣ ва ғарбӣ мунқасим шуда, фарҳангу тамаддуни ин ду қутби сохтаю ҷаълӣ андозагирӣ мешуд ва имрӯз низ ин раванд ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ идома ёфта истодааст.

Ҳукуматҳои тоталитарӣ ва яккатоз дар тӯли таърихи инсонӣ мардумро ба гурӯҳҳо, мазоҳибу равияҳои мухталиф ҷудо намуда, тухми нобоварию нифоқро байни онҳо коштанд ва дасисакорӣ ва найранги сиёсӣ то имрӯз мавриди корбурди сиёсатмадорони навин қарор гирифта истодааст. Мардум, ки аз моҳияту табиати ин ақаллиятҳои сиёсию динӣ огоҳ нест, ногузир ба доми фиреби идеологияи онҳо меафтад ва дар натиҷа, низоъҳои тӯлонӣ ва ҷангҳои хунин дар сатҳи ҷаҳонӣ сурат мегиранд, ки бевосита ё бавосита манфиатҳои гурӯҳҳо ё ба истилоҳ авторитарҳо ва тоталитарҳоро бароварда месозанд. Таъкид намудан бамаврид аст, ки ҳукуматҳои худкомаи асри бист

боиси сар задани ду ҷанги ҷаҳонӣ шуданд, ки дар натиҷа ҷони миллионҳо аз даст рафта, ҳазорон нафар ба вартаи фақру ноумедӣ афтиданд (таваҷҷуҳ кунед ба китоби: Арент Ҳ. Тоталитаризм. Тарҷумаи Муҳсин Салосӣ. Теҳрон: Созмони интишороти «Ҷовидон», 1366. -С. 6-7).

Ба назари донишмандон, тамаддун бояд ҷангу низоъро маҳдуд кунад. Дар давоми садаи бистум қатлу куштор ва истибдоду муҷозоти одамӣ ба дараҷае афзуд, ки барои ифодаи онҳо вожаю истилоҳоти нав сохтанд. Истилоҳи «генотсид» (соли 1944 сохта шуд ва дар гардиши фикрию сиёсӣ қарор гирифт) ба маънои маҳвсозии насли одамӣ мавриди истифодаи фаровон қарор гирифт(нигаред: Состояние мира 1999. Москва: Издательство «Весь мир», 2000. -С. 224). Худпарастӣ ва худкомагии ҳукуматдорони ҷаҳонӣ боиси аз байн рафтани ҳаёти мардумони зиёди сайёраи инсонӣ гардид. Ҷанги Якуми Ҷаҳон (солҳои 1914-1918) **26 миллион** ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон (солҳои 1939-1945) **53 миллиону 547 ҳазор** куштаро ба бор овард. Тибқи омори расмӣ, агар дар Ҷанги Якуми Ҷаҳон **50 дар сади** аҳолии осоиштаи мамолики ба ҷанг даргир ҳалок шуда бошад, дар ҷараёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ин рақам ба **60 дар сад** мерасад (Состояние мира 1999. Москва: Издательство «Весь мир», 2000. -С. 225). Ба сухани дигар, дар ҷараёни ҷанҳои якуму дуюми ҷаҳонӣ аҳолии ғайринизомӣ низ сахт талаф ёфтааст. Омори расмӣ шоҳиди **54 миллион** куштаи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар ҷабаҳот мебошад (Состояние мира 1999. Москва: Издательство «Весь мир», 2000. -С. 226). Акнун таваҷҷуҳ намоед, ки чӣ қадар мардуми бегуноҳ қурбони хоҳишу ҳавасҳои бемаънии ҷангҷӯёну фитнагарон гардидаанд ва ин раванд баъди ду ҷанги ҷаҳонӣ дар байни абарқудратон идома ёфта, то имрӯз домани аҳолии осоиштаи баъзе мамолики сайёраро сар надода истодааст.

Таърихи башар, ба таври куллӣ, таърихи тамаддуни инсонӣ маҳсуб меёбад. Давра ва мароҳили гуногуни ташаккулу таҳаввули тамаддуни инсониро муаррихон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон ва инсоншиносон (антропологҳо), назири Макс Вебер, Эмил Дюркгейм, Осавлд Шпенглер, П. Сорокин, Арнолд Тойнби ва дигарон мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додаанд. Яке аз муҳаққиқони варзида Гейр Лундестад вазъи мавҷудаи сиёсии ҷаҳонро мавриди омӯзиш қарор дода, ба натиҷаи зайл расидааст: «Дар ҳоли ҳозир мо қудрати бузург ва рақобати мутақобили

қудратҳои бузургро мебинем, ки дар як дақиқа вуҷудияти тамоми инсониятро қатъ сохта метавонанд» (Лундестад Г. Восток, Запад, Север, Юг. Основные направления международной политики. – Москва: Издательство «Весь мир», 2002. -С. 12). Г. Лундестад ба он ишора мекунад, ки дар шароити имрӯзаи бархурди қувваҳои абарқудратҳо мумкин аст, тавассути даргириҳои хашин дар як дақиқа инсоният ва ҷаҳони инсонӣ аз байн равад.

Ҷаҳонишавӣ ё ба истилоҳ «глобалисатсия» тарафи мусбат ва ҳам ҷанбаи манфӣ дорад. Дар мамолики пасошӯравӣ, ки Тоҷикистон низ дар ин қатор қарор дорад, ин ҷараён бо тарзу усулҳои гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ сурат гирифта истодааст. Дар ҷаҳони имрӯза вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳамеша муътадил нест. Қувваҳое ҳастанд, ки хоҳони аз байн бурдани фарҳангу маънавиёти мардуми мазлуманд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки мардуми манотиқи гуногунро тавассути фишорҳои иттилоотӣ, фикрӣ-идеологӣ, динӣ-мазҳабӣ аз фарҳанги миллӣ дур сохта, дар доираи тафаккуроту тахайюлоти аҷнабӣ нигоҳ доранд. Аз ин кор тарроҳони сиёсии ҷаҳонӣ бурд мекунанд. Дар ҷаҳолати саросарӣ нигоҳ доштани мардумӣ ҳадафи стратегии тарроҳони сиёсӣ мебошад, яъне, вақте ки мардум аз асолати миллӣ дур шуд, ба вартаи идеологияҳои бегона меафтад ва саранҷом «дар ҳавои нақораи бегонагон» рақс мекунад.

Мубориза дар шароити имрӯза на танҳо бо силоҳу сиёсат, балки бо фарҳангу маънавиёт низ ҷараён мегирад. Муборизоти фарҳангӣ яке аз роҳу усулҳои нафъовари раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар натиҷаи ташанну̣ҷи бархурдҳои сиёсӣ ва тамаддунӣ танҳо фарҳанг ва тамаддуне пирӯз мегардад ва худро ҳимоя карда метавонад, ки асолати бунёдӣ, мантиқӣ, илмӣ ва билохира инсонсолорӣ дошта бошад. Албатта, идеологияҳои пурқудрат бар он мекӯшанд, ки фарҳангу маънавиёти худро ба таври ихтиёрӣ ва ғайриихтиёрӣ, огоҳона ва нохудогоҳ таҳмил намоянд. Танҳо фарҳанге дар ин раванди хатарзо – бархурдҳои сиёсӣ-идеологӣ ва тамаддунӣ эмин мемонад, ки асолат ва таҷрибаи таърихию сиёсӣ дошта бошад ва дорандагону соҳибонаш ба саҳлангорию бепарвоӣ роҳ надиҳанд.

Тазаккур бояд дод, ки бархурди тамаддунҳо дар ҳоле даргири ҷавомеи асри бисту як шудааст, ки мардум бо ҷангу

низоъҳои рӯзафзуни иттилоотию сиёсӣ ва фарҳангию иқтисодӣ мувоҷеҳ шудаанд ва ин раванд, бешубҳа, ба фарҳангу сиёсатҳои заиф таъсири амиқ расонда, бисёр миллият ва халқиятҳо (новобаста аз ин ки фарҳангу тамаддуни қадима доранд ё не) – ро аз саҳнаи зиндагии сиёсию фарҳангӣ берун меандозад. Дар шароити нави глобалӣ сиёсати абарқудратони ҷаҳонӣ ҳар лаҳза, бо назардошти манофеи сиёсию фарҳангӣ ва фикрию иқтисодӣ тағйир меёбад. Ба қавли ҷомашиноси муосир ва муаллифи китоби машҳури «Бархурди тамаддунҳо» Самюэл Хантингтон: «сиёсати глобалӣ ин сиёсати тамаддунҳост. Рақобати давлатҳои абарқудрат дар пояи бархурди тамаддунҳо сурат мегирад» (ниг.: Хантингтон Самюэль. Столкновение цивилизаций. –Москва: АСТ, 2006. –С. 7). Дар ин давра бархурдҳо шаклу намудҳои гуногунро ба худ касб мекунанд. Яке аз муҳаррикони асосии ин раванд миллату нажодҳо, дину идеологияҳо мебошанд. Бархурдҳои хунӣ байни нажоду халқиятҳои гуногун, дину мазоҳиби мухталиф дар манотиқи гуногуни ҷаҳон метавонанд боз ҷиддитар шиддат пайдо намоянд. Назар ба қавли муҳаққиқи муосир Ватслав Гавел, имрӯз низоъҳои фарҳангӣ дар ҳоли густариш буда, аз дигар давраҳо дида хавфноктар шуда истодаанд (Хантингтон Самюэль. Столкновение цивилизаций. –Москва: АСТ, 2006. –С. 7) ва вазъияти ба- вуҷудомада аз фарҳангиён тақозо менамояд, ки дар роҳи ҷилавгирӣ аз чунин низоъҳои бемаънӣ, ки таҳти назорати сиёсатмадорони худбохта дар амал татбиқ шуда истодаанд, саҳми бориз бигиранд.

Мардум ба таври нохудогоҳ(бар асари ҷаҳолату таассуб), одатан бо «ҷонибдории неруҳои манфиатдор» бар он тамаъ меварзанд, ки худ ва дигаронро ҷудо кунанд ва натиҷатан, ҷаҳон дар ду буъд: Шарқ – Ғарб, Шимол—Шарқ, Марказ—Музофот қарор дода шуда, мавриди таҳлили таҳмилии сунъии сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарор мегирад (Хантингтон Самюэль. Столкновение цивилизаций. –Москва: АСТ, 2006. –С. 10). Ҳоло ки ҷаҳон даргири чунин низоъҳо аст, мардум ба ҳоли танги иқтисодию иҷтимоӣ гирифтор шуда, имкони беҳбуд бахшидани вазъи зиндагиашро надорад.

Дар ин ҳол пурсише моро домангир мешавад ба ин мазмун: Оё мо имкони дар ин раванд муқовимат карданро дорем? Ба ин пурсиш посухи сатҳию бетааммул додан мумкин нест, балки ин масъала ҷавоби мулоҳизакарда ва таамmуломезро тақозо

менамояд. Албатта, мо бо фарҳангу тамаддуни бостонии худ ифтихор мекунем, аммо имрӯз танҳо ифтихор роҳи хатарноки мушкилоти ҷаҳонишавӣ ва бархурдҳои сиёсию тамаддуниро гирифта наметавонад. Нахуст вазъияти ҷаҳонишавиро аз дидгоҳи илмӣ ва мантиқӣ бояд омӯхт; мушаххасот ва манофеи миллию мардумӣ ва ахиран, расидан ба ҳадафи олӣ - ҳувиятшиносӣ, инсонсозӣ ва инсонсолориро, ки дар фарҳанг ва мероси гузаштаамон бармало эҳсос мешаванд, ҷиддӣ бояд донист ва дар пиндору гуфтору кирдори хеш татбиқ бояд кард. Ин кори осон нест, бахусус дар шароити имрӯза, ки дар гирдобҳои гуногуни афкори аҷнабӣ ва экстремистӣ гирифторем. Мусаллам аст, ки бозигарони сиёсати ҷаҳонӣ мехоҳанд ҷомеаи ҷаҳониро дар қолаби иттилооти дурӯғини хеш қарор дода, ба ин васила онҳоро назорат намоянд. Донишманди муосири рус Владимир Истархов дар ин робита хеле хуб таъкид кардааст: «Ҳадафи онҳо (бозигарони сиёсати ҷаҳонӣ – Н.Н.) ҳамеша як дурӯғро ба дурӯғи дигар иваз кардан буда, мекӯшанд, инсон аз фазои иттилоотии онҳо, ки худашон омода кардаанд, берун набарояд» (Истархов Владимир. Удар русских богов.- Москва, 2004. –С.4). Ин гурӯҳи дурӯғкорон аз манобеи зарурии иттилоотӣ бархурдоранд ва ҷузъиёти ҷавомеи заъфандеши ҷаҳониро таҳти назорати доимӣ (контрол) қарор медиҳанд. Дар чунин шароит танҳо миллате метавонад чунин буҳронҳоро паси сар кунад, ки огоҳии комили сиёсию фарҳангӣ ва мутаносибан иттилоотӣ дорад.

Муҳаққиққи варзида Жак Делор ҳушдор дода буд, ки низоъҳои оянда аз шуълаи авомили миллӣ аланга мегиранд, на аз омилҳои иқтисодию идеологӣ (Хантингтон Самюэль. Столкновение цивилизаций. –Москва: АСТ, 2006. –С. 7). Бо такя ба ин, миллатро мебояд, ки дар бархурд бо тамаддунҳои ҷаҳонӣ аз хотираи таърихӣ ва таҷрибаи ҳазорсолаи фарҳангию сиёсии хеш дақиқ, дар доираи илм ва мантиқ истифода кунад, то аз ин вазъи хатарзо – ҷаҳонишавӣ ва бархурдҳои сиёсию идеологӣ ва тамаддунӣ беосеб бадар ояд.

Дар минтақаи мо, қабл аз ҳуҷумҳои дигари идеологию фарҳангӣ, таҳоҷуми пантуркистӣ собиқа дорад ва пантуркизм, ки аз оғози садаи бистум ҷомеаи тоҷикиро таҳти таъсири шадид қарор дода буд, то имрӯз ҳамчун хатари ҷиддӣ боқӣ мемонад. Ба

назари муҳаққиқон, дар ибтидои садаи бистум ҳадафи пантуркизм таҳрифи ҳувият ва чеҳраи миллии тоҷикон буд ва ба бар кардани чеҳраи сохтаю ҷаълӣ ва фаромӯш кардани чеҳраи воқеии миллӣ асли идеологияи пантуркизмро ташкил медод (ниг.: Шакурӣ М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. –Душанбе: Адиб, 2010.-С.97).

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла идеологияи пантуркистӣ ин сусту заиф сохтани забони миллӣ аст. Бо махлут ва дигар кардани забон имкони тағйир додани тафаккур низ даст медиҳад ва натиҷатан, миллат аз саҳнаи фарҳанги миллӣ бадар омада, ба ҳавзаи фарҳангу сиёсати аҷнабӣ ворид мегардад (Шакурӣ М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. –Душанбе: Адиб, 2010.-С.78). Бинобар ин, лозим аст, ки аз ин хатари ҷиддии фарҳангӣ ва идеологӣ низ, ки тавассути идеологҳои берунӣ ва гумоштаҳои дохилӣ дар минтақа интишор ёфта истодааст, пешгирӣ намоем. Хатари пантуркизм на танҳо ҷомеаи мо, балки ҷавомеи мамолики ҳамҷавори мо, мисли Узбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистонро низ таҳдид мекунад ва фарҳангиёну сиёсатмадорони баъзе мамолики номбурда, минҷумла Узбекистон дар ин замина тадобири мушаххас андешида истодаанд. Аз ин рӯ, мо низ бояд барои рафъи ин мушкилоти хатарзо чораҳои мушаххас андешем, то минбаъд ин бемории ҷиддӣ – пантуркизм тамоми иҷтимоъро сироят накунад.

Бояд дар назар дошт, ки забони миллӣ ба сифати аслиҳаи неруманди идеологию фарҳангӣ метавонад таҳоҷуми фарҳангҳои бегонаро пешгирӣ кунад. Забони миллии мо – забони тоҷикӣ ин имкониятро дорад ва онро аз доираи маҳдуди филологӣ берун овардан ва ба иҷтимоъ пайвастан рисолати фарҳангиёну рӯшанфикрони миллӣ аст. То забони тоҷикӣ аз доираи маҳдуди забоншиносию адабиётшиносӣ берун бароварда нашавад ва ба доираи улуми фалсафӣ – фалсафа, ҷомеашиносӣ, инсоншиносӣ, ахлоқшиносӣ, зебошиносӣ, равоншиносӣ ва амсоли инҳо ҷиддан пайваст нагардад, имкони беҳбуд бахшидани вазъ дар гумон аст. Хушбахтона, дар ин самт кор ҷараён дорад ва бовар дорем, ки фарҳангиён ё ба истилоҳ интеллигенсияи мо фаъолияти худро дар ин самт гутурдатар карда, дар муассир сохтани унсури забони миллӣ ба унвони аслиҳаи пурқуввати сиёсию идеологӣ ва фарҳангӣ саҳми асосӣ мегиранд.

Воқеан, дар замони бисёр душвор зиндагӣ карда истодаем ва ҳамеша хатарҳои сиёсию иҷтимоӣ, табиию фарҳангӣ моро аз ҳар тараф дунболагирӣ мекунанд. Ин ҳолати ногувор моро водор мекунад, ки бо истифода аз имконоти мавҷудаи фарҳангӣ ва иттилоотӣ барои дифоъ аз фарҳангу маънавиёти худ садде бисозем ва дар пайи ҳифзу ҳимояи арзишҳои миллӣ гомҳои мустаҳкам бардорем, вагарна дар баҳри ҳуҷумҳои идеологию иттилоотӣ ва фарҳангие, ки ҳар рӯз тариқи Интернет ва дигар васоити муосири иттилоотию техникӣ интишор меёбанд, ғарқ мешавем.

Асри мо, ба қавли файласуфи муосири тоҷик Комил Бекзода, аз ҳама мардуми ҷаҳон огоҳӣ, бедорӣ, худшиносӣ, фарҳанг, илму дониш ва равшанфикриро тақозо дорад (ниг.: Бекзода К. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. – Душанбе: Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоуддинов, 2012. –С.389) ва дар ин ҷода миллати тоҷик низ бояд қадамҳои устувор бардорад. Имрӯз вақте расидааст, ки ниҳодҳои фарҳангию маърифатии ҷомеаи тоҷик ба ҳам муттаҳид шаванд ва дар раванди бархурдҳои империяҳои қудратманд ва низоъҳои сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва миллӣ ҷаҳони андешаи миллию ватаниро нигоҳ доранд.

Гузориши мазкурро метавон дар чанд нукта хулоса ва натиҷагирӣ кард:

1. Вазъи кунунии фарҳанги миллӣ дар шароити ташаннуҷи фазои сиёсӣ ва гуногунрангии муҳити иттилоотии ҷаҳонӣ то андозае нигароникунанда аст. Мо, соҳибон ва меросбарони фарҳанги миллӣ дар шароити бархурди тезутунди сиёсатҳо ва тамаддунҳо бояд ба саҳлангорӣ, бемасъулиятӣ, бепарвоӣ ва таассуб роҳ надиҳем ва дар партави мутолиоти гуногунсоҳа, кору фаъолияти содиқонаю самимона, донишу биниши ба талаботи замон ҷавобгӯ дар муқобили раванди хатарзои ҷаҳонишавӣ ва низоъҳои тамаддунӣ истодагарӣ карда тавонем.
2. Фарҳанги миллӣ ба унсури асосӣ – забони миллӣ бастагӣ дорад ва забони муқтадир дониши муқтадир ва натиҷатан, фарҳанги неруманди миллиро ба вуҷуд оварда метавонад. Забони тоҷикӣ дар тӯли таърих таҷриба ва савобиқи зарурӣ касб карда, шебу фароз, бурду бохт, тариқоти мураккабу печидаи рӯзгорро аз

сар гузаронида, имрӯз, бо истифода аз имконоти мавҷуда метавонад фарҳанги миллиро қуввати тоза бахшад.

3. Танҳо бо неруи андешаи амиқи илмӣ-фарҳангӣ мо имкони дар баробари ҷаҳони иттилоотӣ ва ҳамалоти гуногуни сиёсӣ ва фарҳангӣ фаъолият намудан, ҷараёни осебпазирии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро коҳиш дода метавонем (имрӯзҳо дар фазои ВАО-и ватанӣ ва хориҷӣ рӯйиҳамрафта баҳсу мунозираҳои зиёди сиёсӣ, илмӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доман паҳн карда, муҳити фарҳангии моро аз ҳар ҷиҳат носолим гардонда истодаанд). Роҳи ин раванди хатарзоро танҳо коршиносони варзида, донишмандони сарсупурда, фарҳехтагону нухбагони миллӣ, ки дар маҷмӯъ, дар мафҳуми «интеллигенсияи миллӣ» инъикос меёбад, гирифта метавонанд.

4. Зиёиён ва фарҳангиён ҳамчун ниҳоди муассири иҷтимоӣ ва фикрӣ дар масири бедории фикрӣ ва огоҳибахшии иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд.

5. Омӯзиши ҷиддии «Шашмақом» ва «Фалак», ки муқаддасоти мусиқии миллӣ маҳсуб мешаванд, дар шароити имрӯза зарурати таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар замоне ки санъати овозхонӣ ва мусиқии сатҳии бегона сареҳан вориди фазои фарҳангии мо шудааст, ҳифзу нигаҳдошт ва ташвиқу тарғиби мусиқии миллӣ моро аз буҳрони амиқи фарҳангию ҳунарӣ эмин медорад. Дар ҳоле ки имрӯзҳо, ба сабаби саҳлангорию бемасъулиятии мо – соҳибони фарҳангу ҳунари миллию ватанӣ, тадриҷан мусиқии асил саҳнаҳои моро тарк карда истодааст. Ҳамин вазъи ногуворро дар самти театр ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Ба тамошои намоишномаҳои театрӣ рафтани аҳли ҷомеа, билхусус аҳли зиё ва муҳассилини макоти таҳсилоти олӣ кайҳо аз ёд рафтааст. Гурӯҳи хеле маҳдуд ба театр мераванд, толорҳои театр аз ҳисоби ҷавонони макотиби таҳсилоти мутавассита ва олӣ, кормандони баъзе муассисаҳо иҷборан пур карда мешаванд. Ин ҳолат чанд омилро ба дунбол дорад:

а) асарҳои ҷиддӣ ва доғи рӯз кам ба саҳна гузошта мешаванд;

б) драматургони мо, ба сабаби касодии молиявию иқтисодӣ дар бисёр маворид имкони таълифи асарҳои ба талаботи рӯз ҷавобгӯро надоранд;

в) коҳиш ёфтан ва паст шудани завқи бинанда, шунаванда ва хонанда ба воситаи асарҳои мазмунан хароб ва моҳиятан музахраф, суруду мусиқии беҳадафу бемаънӣ, филмҳои сатҳи паст.

Ба сухани дигар, дастандаркорон ва масъулин, аксаран аз пайи завқи омма мераванд ва натиҷатан, ба вартаи безавқӣ, ки марги ҳунару санъат ва илму фарҳанг аст, меафтанд:

г) қасдан фориғболӣ намудани аксари фарҳангиёни кишвар;

ғ) ҷиддӣ нагирифтани вазъи мавҷудаи буҳронӣ дар самти фарҳанги миллӣ.

6. Фарҳанг мафҳуми куллиест, ки дар худ санъат, ҳунар, маърифат, адабиёт, ахлоқ, зебошиносӣ ва амсоли инҳоро ғунҷонида, механизми татбиқи он дар самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа тавассути забони миллӣ сурат мегирад. Забони миллию давлатӣ ба сифати механизми зиндаю воқеӣ фарҳанги миллиро дар ҳама сатҳҳои зиндагӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ танзим месозад. Ин аст ки ба забони давлатӣ ҳамчун унсури асосии фарҳангсоз муносибат бояд кард.

7. Барои ҳифзу нигаҳдошти расму ойинҳои беғарази миллӣ, ки дар ҷараёни таърихӣ ташаккулу инкишоф ёфта, то замони мо бо тағйироти каму беш расида, тафаккуру ҳувияти миллӣ созмон додаанд, ҷаҳду талош бояд кард. Миллат ва фарҳанги моро танҳо бо расму ойинҳои камназираш, ки аз дарёи таҷриба ва хотираи таърихии миллӣ сарчашма гирифтаанд, мешиносанд, вале, мутаассифона, худи мо дар муаррифии огоҳонаю илмии арзишҳои гузашта саҳми ночиз дорем. Ин бетаваҷҷуҳӣ, ки ба одати хеле бад табдил ёфтааст, сарнавишти минбаъдаи фарҳанги миллиро дар шароити бархурдҳои сиёсию тамаддунӣ норӯшан месозад.

8. Шароити имрӯз аз мо тақозо мекунад, ки:

- ҳарчи бештар омӯзем ва таҷриба гирем;
- ба мутолиаи саросарӣ пардозем;
- мероси гузаштаи фарҳангиро ҷиддӣ, аз назари илмӣ омӯзем ва дар муаррифии беғарозаи он дар шароити ҷаҳонишавӣ саҳми арзанда бигирем;
- таассубу хурофотро дар сатҳҳои гуногуни фарҳангу маънавиёт коҳиш диҳем, зеро ки таассуб ҷаҳолат аст ва чун бемории саратон зеҳнҳои ҷомеаро аз дарун мехӯрад ва ба нестӣ мебарад;
- аз безавқӣ, ки чандин сол аст иҷтимоъро дунболагирӣ мекунад, парҳез кунем ва оммаро бо шеваи наву ҷадиди нигариш, илм,

ҳунар, санъат, мусиқӣ, илм, адаб, рақс, тасвир аз қафои худ бубарем.

9. То мо мустақилона фикр карданро наомӯзем ва дорои нуқтаи назар (позитсия) -и мушаххаси миллӣ нагардем, дигаргун шудани вазъи куллии фарҳангиро дар ҷомеа мунтазир шудан мушкил аст. Ин аст ки бояд бо андешаи созанда ва орӣ аз таассубу хурофот ҷомеаи навинро бисозем ва дар ҳамкории мутақобилан судманд бо ҷомеаи мутамаддини башарӣ роҳи бунбасту буҳронҳои ахлоқӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро ҷилавгирӣ намоем. Ба қавли шоир:

*Ҷуз ақл ҷаҳон розкушоянда надорад,*
*Иқболи наку, бахти физоянда надорад,*
*Он қавм, ки худ тухмаи зоянда надорад,*
*Дар арсаи фарҳанг намоянда надорад,*
*Неруи қавӣ, қудрати поянда надорад,*
*Оянда надорад!*

**Абдуламин МАҶНУН**

# НАВРӮЗ ДАР САҲИФАҲОИ ТАЪРИХ

Наврӯз, аслан аз ҷашнҳои қадимтарин ва муқаддастарин мардуми кишварҳои ориётабор буда, баъдҳо мардуми араб низ онро пазируфтанд ва ба гузашти солҳову асрҳо халқҳои турknажод ҳам онро ҷашни миллии худ қарор додаанд. Наврӯзи Аҷам дар Тоҷикистон ҳам дар қатори дигар мардумони Машриқзамин бори ояи расми гузаштагон дар рӯзи омади моҳи ҳамал ҷашн гирифта мешавад. Ҷашни наврӯз ҷашни мардум, гарчанде дар аввали давраи Шӯравӣ барои инкишофи урфу одат анъанаю суннатҳои мардумӣ роҳ кушода шуд, баъдан замони сохтмони сосиализм дар роҳи рушди суннатҳои мардумӣ, аз қабили ҷашни Наврӯз, ҷашни ҳосил ва ғайра ба таваҷҷуҳ гузоштанд.

Наврӯз маҳз аз ин сабаб ҷашн гирифта мешавад, ки он паёмовари нав шудани рӯзу сол аст. Баромадани инсон аз сармо ва пайвастани вай ба гармо аст; оғози фаъолияти такрории мардум дар киштзор, боғистону гулистону саҳро аст. Воқеан, аз замонҳои хеле қадим, дар байни одамони ибтидоӣ ҷашни сабзиши табиат мавҷуд буд, вале аз сабаби набудани манобеи навиштторӣ, ё гуфтории бостонӣ соли дақиқонро гуфтан мушкил аст.

Таърихи Наврӯз дуру дароз аст. Пайдоиши дақиқи онро гуфтан номумкин аст. Вале ба таври нисбӣ як марҳалаи онро метавон таърихбандӣ намуд. Бар асоси фарҳанги гуфтор ва навиштор ва гуфтаҳои таърихнигорону адибон барояш як таърихӣ муносибро метавон иқрор шуд.

Мардуми тоҷик мо одату анъанаҳои аҷоиб доранд. Ҳар иду маъракa бояд тарзе гузарад, ки вай натанҳо хуш рӯзию фараҳ оварад, балки ҳисси рафоқат, садоқату муҳаббати байни якдигариро мустаҳкам гардонад меҳру шафқатро зиёд намояд.

Ниёгони мо ин идро бо шукӯҳу шаҳомати воло ҷашн мегиранд, ки асосҳои илми кайҳонӣ доштанд. Дар рӯзи 1-уми моҳи Фарвардин ҷашни Наврӯз рост меояд, ки ба 21 март баробар аст. Бархе аз мардум ҷашни Наврӯзро ба замони Сомониёну Сосониён, дигаре ба замони Каёниёну Ҳахоманишиён мутобиқ

мекунанд. Расмӣ шудани Наврӯз ба давраи пеш аз Зардушт рост меояд. Санадҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки Дорои 1 ба муносибати Наврӯзи дар дар соли 414 қабл аз мелод сиккае аз ҷинси тилло зарб намуд, ки дар як сӯи он сарбозе дар ҳоли тирандозӣ нишондода шудааст. Ҳамчунин дар баъзе ривоятҳо, Зардушт чун бунёдгузори Наврӯз номбар шудааст. Мо ҳақ дорем ақидаи олимонро дар бораи таърихи беш аз 7000 - солаи Наврӯзро дастгирӣ кунем, зеро тавре Мӯсо ибни Исо ал-Кисравӣ роҷеъ ба таърихи ҷашнҳо қайд кардааст:

«Наврӯзро шоҳ Ҷамшед ва Меҳргонро Афридун ҷорӣ кардааст ва Наврӯз 2050 сол муқаддамтар аз Меҳргон аст. Наврӯзро таври маълум ба шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳанд. Аммо онро ҳанӯз аз замони Каюмарс медонистанд. Ҷашни Наврӯз маҳз дар замони Сосониён (асрҳои 3 - 7 мелодӣ) ба пояи баланд бардошта шуд. Шоир ва файласуфи адабиёти форсу тоҷик Умари Хайём дар «Наврӯзнома» - аш хабар медиҳад, ки маҳз Ардашер аҳднома бинавишт ва Ҷашни Наврӯзро давлатӣ кард. Солшумории яздигурдӣ низ дар ҳамин давра арзи вуҷуд кард, ки аз Наврӯз ибтидо мегирифт. Бояд гуфт ки маншаъ ва замони пайдоиши Наврӯз, ба дурустӣ маълум нест. Аммо ин ҷашн таърихи зиёда аз ҳазорсолаҳо дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад.

Абурайҳони Берунӣ донишманд ва олим қарни даҳуми дар китоби машҳури худ «Осор-ул-боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст, ки «Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тайғирнопазир аст» ва дар китобаш «Ат-тафҳим» менигорад, ки: «Нахустин рӯз аст аз Фарвардинмоҳ ва аз ин ҷиҳат рӯзи нав карданд, зеро ки нишонии соли нав аст».

Дар гузаштани шонаҳои фарорасии моҳи ҳамал ба мушоҳидаи ҳаракати офтоб такя мешуд. Дар теғаи кӯҳҳои ҷанубу ғарб ҷое, ки офтоб паси кӯҳ мешинад, нишонаеро интихоб мекрданд. Нишона пастӣ ва ё баландии теға ҳисоб мешуд. Ҳангоми ба ин нишона расидани Офтоб моҳи ҳамал медаромад. Мардони деҳа чанд рӯз паи ҳам дар яке аз баландиҳое, ки аз он нишасти Офтоб хуб намудор мешуд, ҷамъ меомаданд. Тибқи ба нишон рост омадани Офтоб дасти як дигарро бӯсида, муборак бод мекарданд ва рӯзи дигар Наврӯз ҳамчун иди умумимардумӣ ҷашн гирифта мешуд. Дар алоҳида деҳот ба ҷои нишони кӯҳӣ аз санг тақвими Офтобӣ месохтанд. Идкунии Наврӯз аз рӯи ин

мушоҳидаҳо ба рӯзҳои 16 - 18 моҳи март рост меомад. Аз солҳои дуҳазорум сар карда, ҷашнгирии Иди Наврӯз бо якҷогии мардуми кишварамон рӯзҳои 22 - 23 март қайд карда мешавад. Дар асл ин расму оинҳо дар тӯли таърих ҳамеша дар байни мардум иҷро мешаванд, мардум ба онҳо бовар доранд, зиндагии худро ба онҳо пайванд медонанд.

Дар Бадахшон Наврӯзро Шогун меноманд ва мавриди қайд аст, ки баъзе расмҳои ба ин алоқамандро қайд намоем. Бо ин ид ба писарон ном мениҳанд, пои қадами муборакӣ озмудагонро низ «Пошнаишогунӣ» дошта меноманд. Дар рӯзҳои сари моҳ ва ҷумъа, ба сафар бароматдани аъзои оила ингуна одамонро эҳтиромона то офтобрас ба хона мемонанд ва таклиф ҳам менамоянд. Саҳифаи аввали корҳои наврӯзӣ аз буридани ходачӯби бед барои тоза кардани фарши хона дар рӯзи Наврӯз сар мешавад. Ходачӯбро дар рӯзи мушоҳидаи ба нишон расидани Офтоб дар соати паридани саркӯҳон яъне мавриди пурра водиро фаро гирифтани соя мебуранд. Ин ҳодиса барои мо фараҳбахши фарҳангӣ бесабаб нест, чароки «Наврӯзи Аҷам» - ро дар тӯли асрҳои зиёд аз шимоли Чин то марзҳои Аврупо халқияту миллатҳои гуногун бо самимият ва меҳру муҳҳабати хосса ҷашн мегиранд, ки ин аз арзиши умумибашарӣ ва асолати тамаддунсозии он башорат медиҳад» ва «Наврӯзи бостонӣ сароғози таърихи пурғановати мо будааст.

Шаби рӯзи Наврӯз аз рӯи нишондоди соатбин ду амалиёт ба ҷо оварда мешавад. Яке аз пӯшокҳои сурхи куҳнашудаи рӯйро каме орд пошида, беруни хона мебароранд ва ба он тарафе, ки соатбин фармудааст, рӯи девор ё дарахт мемонанд. Он рамз аз соли куҳан берун кардани моли кӯҳнашуда, камчинҳои гузашта ва дарду балоҳоро дорад. Дар навбати дуюм вориди хона гардонидани оби тозаи Соли нав мебошад. Об дар кӯҳистон тавлид мешавад ва қадру қимати онро кӯҳистониён гиромӣ медоранд. Пагоҳии рӯзи Наврӯз аз берун баровардани асбобу анҷоми рӯзгор сар мешавад. Дар ин миён яке аз мардони обрӯманди диёр ба дуои наврӯзӣ гардиши хонаҳоро ихтиёр мекунад.

То хонагаштак, дар кӯчаҳо бозиҳою базми наврӯзӣ ҷараён мегиранд. Тайёр кардани суманак ҳанӯз дар моҳҳои охири

зимистон саришта мешавад. Дони тоза кардаи гандумро нам дода, дар ҷойгири торик мемонанд. Баъд аз нешзании дон, ҳангоме ки крахмал ба малтоза табдил меёбад маҳсулотро хушк мекунанд. Онро дар осиёб ё ҷувоз орд карда, бо орд меомезанд ва нони суманак мепазанд. Нони ширини суманакро бо равғани зард молида, ба косаҳо мекашанд. Роҳи дигар аз омехтаи орд ва суманак пухтани таоми кочимонанди ширин мебошад.

Идгардии умумии мардону писарбачагони деҳа аз нисфи рӯз сар мешавад. Ҳар яке пӯшоки нави идона пӯшида, чавгон дар даст хона ба хона рафта, якдигарро ба фарорасии иди Наврӯз муборакбод мекунанд ва дар Соли нав хушбахтию фаровонӣ орзӯ менамоянд. Дар идгардак ғайр аз суманак мувофиқи тавони ҳар хонадон хӯрокҳои гуногун пухта, ба дасторхон меоранд. Ҳар оила кӯшише ба харҷ медиҳад, ки дар Соли нав беҳтарин таоми аз дасташ омадаро пешкаши аҳли деҳа намояд, то ки дар давоми сол аз ин гуна хӯрок баҳравар бошад. Аз таомҳо ба хонаи якдигар мефиристонанд, дар мазорҳо пилта мегиронанд.

Фолклоршинос Равшан Раҳмонӣ дар китобаш «Наврӯзи Ориёии тоҷикон» омадааст: Наврӯзи тоҷикон дар саросари кишвари азизи мо пас аз истиқлоли Тоҷикистон бо тамоми рангорангиҳояш эҳё гардида, бо таровати тоза, ҳамчун ҷашни бедории табиат, ҷашни сурур ва аз ҳама муҳим чун ҷашни худшиносии миллӣ вориди зиндагии мо гардид. Ҳоло шояд хонаводае, деҳае, ноҳияе, вилояте набошад, ки дар он ҷо Наврӯзро бо шаъну шукӯҳ ҷашн намегирифта бошанд.

Дар саҳифаҳои рӯзи Наврӯз ба саҳро баровардани барзагови корӣ муҳимтарин анъанаи мардум ҳисоб меёбад. Барзаговҳои корӣ баъди анҷоми бозиҳо дар охири рӯз барпо мегардад. Мардони деҳа ба саҳро баромада, ҷамъ мешаванд. Ҳар хонавода таом пухта, ба саҳро мебарорад. Тухми гандум пошида, роғи аваллин кашида мешавад.

### *Китобнома*

1. *Раҳмонов Р.* Фарҳанги ориёӣ ва тоҷику Тоҷикистон. Душанбе: ДМТ, 2012.
2. *Раҳмонов Р.* Наврӯзи ориёии тоҷикон. - Душабе: ДМТ, 2013.
3. *Шакармамадов Н.* Оинҳои наврӯзӣ дар Бадахшон. - Душанбе, 2012.

**Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**

# НАҚДИ СУҲРАВАРДӢ БАР ФАЛСАФАИ МАШШОӢ

Нақд яке аз вазифаҳои фалсафа буда, дар тӯли инкишофи таърихи фалсафа сабаби ба вуҷуд омадани дидгоҳҳои мухталифи фалсафӣ гардидааст. Шаҳобуддин Суҳравардӣ яке аз файласуфоне аст, ки ин вазифаи фалсафаро сарфи назар накардааст. Дар тӯли фаъолияти на чандон дарозмуддати худ тавонист фалсафаи машшоиро фаро гирад, интиқод кунад ва бо даромехтани фарҳангҳои тавҳидии пеш аз исломӣ ва ирфони замони худ, фалсафаеро ба номи ҳикмати ишроқӣ ё ҳикмати хусравонӣ эҷод кунад.

Суҳравардӣ дар тӯли ҳаёти худ зиёда аз 50 асар офарид, ки аз ин китобҳо чаҳор китоби бузурги таълимӣ ва назарӣ дар омӯзиши фалсафаи машшоӣ бахшида шудааст. Ин асарҳо ба забони арабӣ мебошанд. Дар онҳо фалсафаи машшоӣ ба он сурате, ки тавассути Суҳравардӣ тавсиф шуда ва тағйири шакл ёфтааст, баҳс мешавад ва сипас бар пояи ҳамин фалсафа, ҳикмати ишроқӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Ин чаҳор китоб иборатанд аз: «Талвиҳот», «Муқовимот», «Муториҳот» (дар онҳо тағйироте, ки дар фалсафаи арастуӣ ворид гардидааст, баҳс мешавад) ва билохира шоҳкории “Ҳикмат - ал - ишроқ”, ки ба баёни ақидаҳои ишроқӣ ихтисос ёфтааст.[133]

Ишроқ ё фалсафаи ишроқ, мисли фалсафаҳои пеш аз худ қасд дорад, ки як низоми ҳамоҳанг аз ҳастӣ ва маротиби он ва ҷойгоҳи ҳамаи мавҷудот дар ин низом, махсусан ҷойгоҳи инсонро, нишон диҳад. Ӯ ин низоми фалсафаи худро ба равиши ишроқӣ ва бурҳонӣ арза мекунад ва бовар дорад, ки истидлол ва бурҳон ба танҳоӣ наметавонад дар фаҳмиши олам корсоз бошад, гарчи лозим ва зарурист.

Дидгоҳи машшоӣ дар фалсафаи исломӣ, нахуст тавассути Форобӣ ва Ибни Сино ва сипас шогирдони вай Баҳманёр ва Абулаббоси Лавкарӣ (Лугарӣ) комилан баён ва мунташир шуд

---

[133] Муаллимӣ Ҳасан. Фалсафаи ишроқ. Теҳрон, 1389, с. 162.

ва фалсафа чунонривоҷ ёфт, ки дар қарни чорум ва панҷуми ҳиҷрӣ (=11-12м) ба авҷи шукуфоии худ расид.

Аз қарни панҷум (баробар ба 12 мелодӣ) баъд ба далели пирӯзии дидгоҳи ашъариҳо бар мамлакатҳои исломӣ, замина барои ҳамлаи Ғаззолӣ ба фалсафа фароҳам шуд. Гароиши каломӣ ва ирфонии Ғаззолӣ мӯҷиби мухолифати вай бар фалсафа гардид ва китоби «Таҳофут- ал-фалосифа» -ро дар ин боб иншо кард.

Аз тарафи дигар, ин интиқоди гурӯҳе аз фуқаҳо, орифон ва мутакаллимон низ мӯҷиби рукуд ва касодии тафаккури фалсафӣ шуд. Дар идома, Фахри Розӣ ва Шаҳристонӣ гарчи бо фалсафа ба мухолифат барнахост, вале бештар мабоҳиси машшоиёнро мавриди нақду баррасӣ қарор дод ва ҳамаи ин умур, боиси рукуди фалсафа ба таври ом ва фалсафаи машшоӣ ба таври хос шуд. Албатта, Ибни Рушд алайҳи китоби «Таҳофут-ат- таҳофут» - и Ғаззолӣ ба мубориза бархост, вале ҳамлаҳои Ғаззолӣ ва ҳокимияти дастгоҳи фикрии ашъарӣ ва мушкилсозии Фахри Розӣ мӯҷиб шуд, ки талоши Ибни Рушд натавонист ба таври сад дар сад монеъи ин рукуд ва нузул гардад.

Ин бархурдҳо боис шуд, ки фалсафаи истидлолӣ заиф гардад ва заминае барои пайдоиши як фалсафаи нав ба номи фалсафаи ишроқӣ, аммо истидлолӣ, дар пояи ҳадси ақлонӣ фароҳам ояд. Дар ин шароит ва фазо буд, ки фалсафаи ишроқ бо дастгоҳи навини фалсафии худ, ҷони тозае ба фалсафа ва мабоҳиси фалсафӣ бахшид ва бори дигар улуми ақлӣ равнақ ёфт.[134]

Ибни Сино, чи хеле ки медонем, дар охирҳои умри худ, гароиши хос ба ирфон ва мабоҳиси ирфонӣ пайдо кард ва намати 8-9 и "Ишорот ва танбеҳоти" достони "Ҳай ибни Яқзон" (Зинда писари Бедор ё Зиндаи Бедор) - ро дар ин замина ба нигориш даровард ва метавон ҳамин шеваи кори поёнии ӯро яке аз заминаҳои оғозӣ дар фалсафаи ишроқ донист. Ба назар мерасад, ки Шайхи Ишроқ низ ҳамин шурӯъро ба таври қавитар дунбол кардааст ва кӯшиш дошт ҷамъи байни бурҳон ва шуҳуду ирфонро таъмин созад.[135]

---

134 Наср Саид Ҳусейн. Се ҳакими мусулмон. с. 61-64.

135 Ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот. Намати 8-9. Фахри Маҷид. Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом. с. 33-34.

Маҷмӯи осори Шайхи Ишроқ дар чаҳор ҷилд ҷамъоварӣ шуда, чоп гадидаанд. Ҷилди якум иборат аст: аз “Илоҳиёт”, “Китоб - ал - талвиҳот”, “Китоб - ал - муқовимот”, “Китоб - ал - машореъ ва – л - муториҳот” ва бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳенри Карбен мунташир шудааст.[136]

Ҷилди дуюм иборат аз китоби «Ҳикмат - ал – машриқия» аст. Рисолаи «Фи – л - эътиқод ал - ҳукамо”, «Қиссат - ул – ғурбат – ал - ғарбия» бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳенри Карбен.[137]

Ҷилди севум, иборат аз маҷмӯи осори форсӣ бо тасҳеҳ ва ҳошияву муқаддимаи Саид Ҳусайни Наср бо муқаддима ва таҳлили Ҳанри Қарбен. Бахшҳо: муқаддимаи мусаҳҳеҳ, бахши аввал – рисолаҳои фалсафӣ, «Партавнома», «Ҳаёкил – ун – нур», «Алвоҳи Имодӣ». Бахши дувум – «Рисолат - ут - тайр», «Овози пари Ҷабраил», «Ақли сурх», Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён, « Фи ҳолат ат - туфулия», «Фи ҳақиқат ал - ишқ ё мунис - ал - ушшоқ», «Луғати мӯрон», «Сафири Симурғ». Бахши севум, «Расоили мансуб ба Шайхи Ишроқ Шаҳобуддин Суҳравардӣ»: «Бӯстон - ал - қулуб», «Яздоншинохт», «Рисола ал аброҷ» бо эхтимоми Ҳенри Карбен.[138]

Ҷилди чаҳорум ба тасҳеқ ва ҳошияву муқаддимаи Наҷафқулии Ҳабибӣ, иборат аз: «Ал – алвоҳ ал – имодия», «Калима - ал – алвоқ – ал - имодия», «Калима ат – тасаввуф» “Ал - ламаҳот”.

Он чи дар боло қайд кардем, маълумоти мухтасар дар бораи осори Шайхи Ишроқ аст. Аз байни ин осори Суҳравардӣ мехоҳем ба таври мухтасар дар бораи китобҳои фасафии ӯ маълумот оварем.

Аввалин китоби фалсафии Суҳравардӣ, «Талвеҳот» мебошад, ки аз чаҳор бахши аслӣ ва як муқаддима ташкил ёфтааст. Муқаддима дорои се талвеҳ (ишорат, эзоҳ) аст. Бахши

---

[136] Суҳравардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмӯаи мусаннифоти Шайхи Ишроқ. Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳенри Карбен ва дигарон, Теҳрон: Пажӯҳишгоҳиууми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, 1380. - 637с.

[137] Суҳравардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмӯаи мусанифоти Шайхи Ишроқ. Теҳрон, 1388қ=2009м. 452с.

[138] Тасҳеҳ ва таҳияву муқаддимаи Наҷафқули Ҳабибӣ. Теҳрон, 1388=2009. 274 саҳ.

аввал дорои панҷ талвеҳ ва бахши дувум дорои се талвеҳ ва бахши севум аз фаслҳое ташкил шуда ва бахши ҷаҳорум дорои се талвеҳ аст.

Дар муқаддима ба мақулоти кулли̅, ҷузъи̅, ниҳоят ва бениҳоят, эътибороти айни̅ ва зеҳни̅ ва тақсими вуҷуд таваҷҷуҳ кардааст. Дар бахши аввал ба воҷибулвуҷуд, зот, сифот, афъол, тартиби афъол ва кайфияти ибдоъ пардохтааст.

Бахши дувумро ба мабно ва ғолатҳо, (муғолитот) чун ғани̅, таҳрикоти самови̅ ва тартиби вуҷуд ихтисос додааст.

Дар бахши севум батаҷрид аз модда, идрок, иноят, қазову қадар ва саодат таҳти чанд фасл мурочиат кардааст.

Дар бахши чаҳорум низ баҳсҳое перомуни нубувват ва оятҳо ва муноҷот, афъоли хориқулода (фавқулодда) ва амсоли онҳо сурат гирифтааст.

Асари дигари машшоии Суҳраварди̅ "Муқовимот" мебошад. Ин асар идома ва такмилдиҳандаи "Талвеҳот" буда, матолиберо, ки дар "Талвеҳот муҷаз (ку̅тоҳ) баён шудааст, дар ин ҷо ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, дар «Муқовимот» баҳсҳое ҳамчун робитаи шайият ва вуҷуд, эътибори будани шайият, ҷавҳар ва араз, таърифот ва дурустии онҳо, ҷинсҳои оли̅, адад, ваҳдат, шакл, мутазоифот (иловаву изофаҳо), айна, вазъ, нисбат, тақаддум, тааххур, касрат ва лавоҳиқи он, имтинои интиқоли араз ва ғайра матраҳ шудааст.

«Ал – машореъ ва ал – матореҳ» китоби фалсафии дигарест, ки дорои ҳафт бахш аст.

Бахши аввал дар ҳақиқати вуҷуд, шайият, вуҷуб ва имкон, имтиноъ, ҳақ, ботил, вуҷуд ва адам, ҷавҳар ва араз, баҳс мекунад.

Бахши дувум фарогири мавзу̅оти мақулот ва исботи арази̅ будани баъзе аз онҳо ва ҷавҳар будани баъзеи дигар ва баҳсҳои тааллуқдошта ба мақулот мебошад.

Бахши севум дар боби тақсимоти вуҷуд, тақаддум ва тааххур, ваҳдат ва касрат, қисмҳои ғайрият, қувва ва феъл, кулли̅ ва ҷузъи̅, эътибороти ақлия, ҳаракат, иллат ва маълул, ғоят;

Бахши чаҳорум доир ба воҷибулвуҷуд ва сифатҳои он;

Бахши панҷум доир ба феъл ва ибдои воҷиби таъоло;

Бахши шашум дар ҷуд (саховат) ва ғановат, мабодии вуҷуд, ҳаракатҳои афлок, тартиби вуҷуд ва хайру шар;

Бахши ҳафтум дар идрок, илми воҷибулвуҷуд муфориқот, бақои нафс, саодат ва умуре аз ин боб баҳс мекунад.

Рисолаҳои “Партавнома”, “Ҳаёкил – ун - нур “ ва “Алвоҳи имодӣ” низ баҳсҳое аз қабили ҳамин китобҳои мазкур аст «Талвиҳот», «Муқовимот», «Мутариҳот» бо зикри нуктаҳои чанд, ки ҷанбаи ишроқӣ доранд, ҷамъбаст мегарданд.

Он чи дар миёни китобҳои Шайхи Ишроқ ҷойгоҳи хоссе дорад ва намоёнгари ҳикмати ишроқии ӯст, китоби “Ҳикмати ишроқ» аст. Ин китоб навоварии Суҳравардӣ буда, бинишҳои накдӣ ба фалсафаи машшоӣ дар он баррасӣ шудааст.

Китоби «Ҳикмати ишроқ» шомили ду бахш аст: бахши мантиқ ва бахши фалсафа. Бахши аввал таҳти унвони “Фи – завобит ал – фикр”- (дар баёни қоидаҳои фикр ё ҳукми куллие, ки бар ҷузъиёти худ мувофиқат дорад) дорои 3 мақола аст.

Мақолаи аввал дар маъориф ва таъориф, мақолаи дувум дар боби далелҳо ва мабодии онҳо. Мақолаи севум дар муғолитот (ба иштибоҳ андохтан (софизм) ва баъзе аз ҳукмҳо (назарияи Шайхи Ишроқ дар муқобили машшоиён ва накду назарияи онҳо). Бахши дувум, ки ҳастишиносӣ аст, таҳти унвони “фи анвор ал – илоҳия ва нур - ал анвор ва мабодиа - ал вуҷуд” дар панҷ мақола аст.

Мақолаи аввал дар боби нур ва ҳақиқати нуруланвор ва он чи аз ӯ содир шудааст. Мақолаи дувум дар тартиби вуҷуд, мақолаи севум дар кайфияти феъли нуруланвор ва анвори қоҳира; мақолаи чаҳорум дар тақсими барзаххо (аҷсом, ҷисмҳо), аъроз ва таркиби онҳо; Мақолаи панҷум дар бораи маъод.

Сарчашмаҳои назарии ҳикмати ишроқ, ҳикмати машшоӣ, навиштаҳои орифон, навиштаҳои Ғаззолӣ ва Ҳаллоҷ, мактабҳои Пифагор, Афлотун, Ҳермес ва ҳикмати эрониёни пеш аз исломӣ ва ҳамзамон оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои пайғамбар мебошанд.

Гарчанде ҳикмати машшоӣ мавриди накди Шайхи Ишроқ воқеъ шуд, вале он барои фаҳм ва пешниҳоди фалсафаи ишроқ кумак кард.

Асосе, ки Суҳравардӣ фалсафаи худро бино кард, ин осори сӯфиёне чун Мансури Ҳаллоҷ ва Ғаззолист. Таъсири бевоситаи китоби “Мишкот – ул - анвор” - и Ғаззолӣ дар

офаридани унсури асосии фалсафаи Ишроқ, ки нур аст, мавқеи асосӣ дорад.

Манбаи дигар машшоии исломӣ, махсусан фалсафаи Ибни Синост, ки Суҳравардӣ баъзан онро мавриди интиқод қарор дода, вале онро барои фаҳми мабонии ишроқ зарурӣ донистааст. Инчунин манобеи пеш аз исломиро Суҳравардӣ, мисли мактабҳои пифагорӣ ва афлотунӣ ва низ Ҳирмисӣ (Ҳермес) ба он сурат, ки дар Искандарияи Миср вуҷуд дошт ва баъдҳо тавассути Собйини Ҳарронӣ маҳфуз монда, ҳамчун китобҳои осмонӣ паҳн гардида буданд, истифода кардааст.

Манобеъи дигаре, ки бисёр мавриди таваҷҷуҳи Суҳравардӣ буд, ҳикмати эрониёни қадим аст, ки онро мехост зинда кунад ва ҳакимони онро ворисi мустақими ҳикмате медонист, ки тавассути ваҳй ба Идриси Набӣ пеш аз тӯфон нозил шуда ва донишмандони мусалмон онро бо Ҳермес яке мешумориданд.

Дар таваҷҷуҳ ба мазҳаби зардуштӣ, Суҳравардӣ бештар ба ҷанбаи рамзии нуру зулмат ва фариштаշиносӣ назар дошта ва бисёре аз истилоҳоти худро аз ҳамин ҷо гирифтааст. Вале Суҳравардӣ ба хубӣ нишон дода, ки Зардуштия санавӣ ва дугонапарастӣ набуда ва ҳадафаш ҳам он набудааст, ки аз таълимоти зардуштиён пайравӣ кунад, балки худро бо гурӯҳе аз ҳакимони Эрон яке донист, ки ягонагии мабдаи илоҳиро пайравӣ мекарданд. Чунончи, мегӯянд: «Дар миёни эрониёни қадим гурӯҳе аз мардумон буданд, ки ба ҳақ роҳнамоӣ мекарданд ва ҳақ ононро дар роҳи рост ҳидоят мекард ва ин ҳакимони бостонӣ ба касоне, ки худро муғ (маҷусӣ) меномиданд, шабоҳат надоштанд. Ҳикмати мутаъолӣ ва ишроқӣ ононро, ки ҳолат ва таҷрибаҳои рӯҳонии Афлотун ва гузаштагони вай низ гувоҳ бар он буданд, мо дубора дар китоби “Ҳикмат ал ишроқ”, ки монандӣ надорад, зинда кардем».[139]

Аммо набояд аз истифодаи сарчашмаҳои гуногун, ки Суҳравардӣ мавриди омӯзиш қарор додааст, хулоса кард, ки Суҳравардӣ фалсафаи эклетикиро офарид, балки вай худро касе медонист, ки он чиро ҳикмати динӣ ё ҳикмати бостонӣ номида, аз нав ҳолати ваҳдатӣ бахшидааст. Ба ақидаи ӯ, ин ҳикмат куллӣ ва ҷовидонӣ аст, ва ба суратҳои мухталиф дар миёни ҳиндувон ва эрониён ва бобулиёну мисриён ва дар миёни юнониён то замони

---

[139] Сухровардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмуаи мусанифоти Шайхи Ишроқ. .Ҷ.2. с.27.

Арасту вуҷуд доштааст. Ҳикмати Арасту дар назари Суҳравардӣ оғози фалсафаи юнонӣ набуда, балки ӯ поёни он будааст ва Арасту бо маҳдуд кардани ҳикмат ба истидол мероси қадимаи фалсафиро ба поён овард.

Дар асрҳои миёна ҳикмат ё ҳикмати илоҳиро аз ҷониби Худованд ва аз тариқи ваҳй ба Идрис пайғомбар ё Ҳермес нисбат медиҳад. Идрисро дар саросари қуруни вусто дар Шарқ ва дар баъзе мамлакатҳои Ғарб муассиси фалсафа ва илмҳо мешумориданд. Ҳикмат пас аз ин ба ду шоха тақсим мешавад, ки яке аз онҳо ба Эрон ва дигаре ба Миср рафт. Аз Миср ба Юнон рафт, аз Юнон вориди тамаддуни исломӣ гашт. Суҳравардӣ муҳимтарин пешвои бевоситаи худро на аз ҳисоби файласуфон, балки аз ҷумлаи сӯфиён медонист.

Ба назари Суҳравардӣ, ин ҳикмати куллии ҷаҳониро аз ҳакимону подшоҳони бостонӣ медонист, ки ба сурати зайл номбар мекунад. Эмпидокл, Пифагор, Афлотун, Зунуни Мисрӣ, Абусаҳли Тустарӣ, Каюмарс, Фаридун, Кайковус, Абӯязиди Бастомӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абулҳасани Харақонӣ.

Чунон ки зикр карда шуд, Суҳравардӣ худро меросбари ҳам ҳикмати юнонӣ ва ҳам ҳикмати эронӣ медонист, ки ба гуфтааш ин фалсафаро ба ваҳдат расонид. Ӯ ҳикмати зардуштӣ ва афлотуниро ба якдигар таркиб мекунад.[140]

Дарвоқеъ, Суҳравардӣ фалсафаи худро нуқтаи бо ҳам омадани шуҳуд ва бурҳон, ҳукамо ва орифони Эрон ва Рум медонад.

Аз пайравони баъдии ҳикмати ишроқ Шамсиддин Шаҳрзӯрӣ буд, ки ба «Ҳикмати Ишроқ» шарҳ ва талвеҳоте навиштааст. Аз пайравони дигари ӯ Қутбуддини Шерозӣ аст, ки бо истифодае аз шарҳи Шаҳрзӯрӣ шарҳи муҳиме бар «Ҳикмат - ал – ишроқ» нигоштааст.

Равиши фалсафаи Ҳикмати Ишроқ ҷамъ байни бурҳон ва шуҳуд аст. Ӯ ҳакимонро дар асоси ин шеваи худ ба 5 даста тақсим мекунад:

1. Ҳакимоне, ки огоҳ ва ворид дар илоҳиёт ва бебаҳра аз истидлол ҳастанд (орифи ғайрифайласуф).

[140] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с.27-28.

2. Ҳакимоне, ки огоҳ дар баҳс ва истидлоли бебаҳра аз кашф ва шуҳуд ҳастанд. (файласуфи ғайриориф).
3. Ҳакимоне, ки ворид ва огоҳ дар илоҳиёт ва истидлол (ориф ва ҳаким).
4. Ҳакимоне, ки ворид ва огоҳ дар шахсият ва ҳадди миёна ё паст дар истидлол ҳастанд. (орифи фалсафадон).
5. Ҳакимоне, ки андарворид дар истидлол ба ҳадде, ки миёна ё паст дар шуҳуд аст (ҳакими ирфондон).

Ҳар касе толиби истидлоли маҳз аст, бояд ба китобҳои машшоиён муроҷиат кунад ва толиби ҳикмати ишроқӣ, ҳам аҳли тафаккур ва ҳам бориқаи илоҳӣ дар ӯ дурахшида бошад.

Шайхи Ишроқ, Ҳаллоҷ, Тустарӣ ва Бастомиро орифи ғайри файласуф медонист ва Форобиву Ибни Синоро ҳакими ғайриориф медонист. Афлотун, Пифагор ва худашро ориф ва ҳаким медонист.[141]

Яъне равиши кори Шайхи Ишроқ истидлол ва кашфу шуҳуд аст ва ин корро комилтарин шева ба шумор меовард. Бинобар ин, метавон вижагиҳои фалсафаи ӯро чунин баён кард:
1) истифода аз истидлол, кашф ва шуҳуд;
2 ) истифода аз равиши фалсафии ҳакимони Юнон ва Эрон;
3 ) истифода аз Қуръон ва Суннат;
4) накди фалсафаи машшоъ ва такмили он, яъне кашфи заъфҳо канор задани онҳо, кашфи қувваҳо ва мабно қарор додани онҳо;
5) натиҷаи чаҳор хусусияти фарққунанда дар маротиби ҳастӣ ва баёни тафсилӣ дар боби ақлҳо ва фариштагон ба эътиқод ва ақлҳои арзӣ, илова ба ақлҳои тӯлонӣ дар ҳикмати машшоӣ;
6) таваҷҷуҳ ба калимоти рамзӣ, достонҳои тамсилӣ ирфонӣ ва истифода аз онҳо дар ҳикмати ишроқии худ;
7) Ин биниши Суҳравардӣ сабаби таҳаввули ошкор дар фалсафаи исломӣ гаштааст, ки онро баъдан Мулло Садро дар ҳикмати мутаолия идома додааст.

Яке аз вижагиҳои фалсафаи ишроқ накдҳои он бар фалсафаи машшоӣ аст.

Накдҳои Шайхи Ишроқро муҳаққиқи муосир Муаллимӣ Ҳасан ба ду бахш тақсим кардааст:
1) накдҳои мантиқӣ;
2) накдҳои фалсафӣ.

---

[141] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 32-33.

Нақдҳои фалсафӣ дугона аст:
1) Нақдҳои равишӣ;
2 ) Нақдҳои муҳтавоӣ.[142]

Нақди Суҳравардӣ аввалин нақд ва ҳамлаҳо бар зидди фалсафаи машшоӣ набуд. Пеш аз ӯ Ғаззолӣ фалсафаи машшоиро танқид карда, онро тамоман бепоя ва зиддидинӣ арзёбӣ кард ва фалсафаро пурра дар тобеияти дин қарор дод.

Аммо нақди Суҳравардӣ нисбатан нақди созишкорона буда, тавонист дар баробари нақду инкори худ биниши нави худро пешниҳод кунад. Ин биниш, гарчанде комил ва баҷо набошад ҳам, лекин як марҳалаи навро дар таърихи фалсафаи исломӣ ба вуҷуд овард.

**Нақдҳо ва навовариҳои Шайхи Ишроқ**

Шайхи Ишроқ бештар баҳсҳои мантиқиро, ки машшоиён мекарданд, идома дода, дар баъзе мавридҳо нақдҳо ё нукотеро афзудааст, ки порае аз онҳо иборат аст аз:

1. Нақди таъриф ба ҷинс ва фасл. Машшоиён дар таърифи ҳақиқии чиз (шайъ) ҷинс (зоти ом) ва фасл (зоти хос) ро таъбир мекунанд ва низ гӯянд, ки номаълум (маҷҳул) фақат аз роҳи маълум (шинохташуда) шинохта мешавад. Яъне аз роҳи маълумоти худ ба маҷҳулот пай мебарем.

Масъала ин аст, ки зоти хос (фасл) барои мо чӣ тавр ошкор мешавад, агар онро дар ҷое надида бошад. Мумкин аст касе бигӯяд, мо хосро бо умури ом ва хусусиятҳои (вижагиҳои) умумӣ мешиносем, на хусусӣ. Посухи Шайхи Ишроқ ин аст, ки ин дигар таърифи он хос нахоҳад буд, аз ин сабаб бояд барои шиносоии умури маҳсуса ва зоҳир роҳи дигаре фарз мекунад, ки зотиётро шинохтем, аз кучо бовар хосил мекунем, ки шайъи мавриди назар зоти дигаре надоштааст, ки мо аз он ғофил шудем.

Пас, агар эътимоли вуҷуди зоти дигаре дошта бошад, ки мо онро нашинохтаем, пас, дар ҳақиқат моҳиятро бо ҳамаи зотиёти марбут ба он нашинохтаем ва маърифати тамоми ҳақиқати чиз шакзост, на яқин. Натиҷа мегирем, ки шинохти ҳадди том (тамоми зотиёти чизҳо) ғайри мумкин аст, чунонки худи

[142] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 37.

машшоиён низ онро эътироф мекунанд. Пас, шинохти ашё маҷмӯи хусусияти чизҳост, ки дар як ҷо ҷамъ омада чизро ташкил медиҳад, яъне аз роҳи аразҳо (сифатҳо) ва ба ҳам омадани маҷмӯаи хосе аз онҳо дар якҷоягӣ чизро мавриди шиносоӣ қарор медиҳад. Барои мисол шумо асалро бо хусусиятҳое, ки ба таври якҷоя фақат дар асал ҷамъ мешавад мешиносед, зеро мумкин аст зардии асал дар дигар чиз низ бошад ё ширинии он, вале маҷмӯи вижагии асал ба таври якҷоя, фақат дар асл ёфт мешавад ва асал аз ин тариқ мавриди шиносоӣ қарор мегирад.

Дар мавриди шинохти машшоиён Суҳравардӣ мефармоянд, ки тибқи назари машшоиён набояд ҳақиқати чизеро шинохт, зеро фаслҳои ҷавҳарҳо назди онҳо маҷҳул аства ҷавҳарият амри салиби (ноустувор на дар мавзӯъ) таъриф кардаанд. Бахшҳои нафс низ аз ҷудоии онҳо аз тан номаълум аст ва авориз низ батамом ношинохтанист, пас тибқи назари машшоиён, шинохти ҳеҷ чизе дар тавони одамӣ нест.

Пас шинохт чист? Шинохт аз назари Суҳравардӣ он аст, масалан, сиёҳ як чизи басит (паҳн) аст ва ҷузъ надорад, аз ин рӯ, таърифи он барои касе, ки онро мушоҳида накардааст, имкон надорад ва он касе ки онро мушоҳида накарда, ниёз ба таъриф надорад ва сурати маъқул ва куллии он ҳамчун сурати ҳиссӣ ва ҷузъии он аст.

Тарҳи баҳсҳои нур ва ҷудо кардани он дар мартабаҳои бисёр адад ба як маъно интиқоде бар фалсафаи машшоӣ аст ва дар таърихи фалсафаи исломӣ таҳаввул ва биниши нав аст. Накдҳои Суҳравардӣ бевосита ба фалсафа чунин мавзӯъҳоро дар бар мегиранд.

1. Вуҷуд аз моҳият болотар нест, яъне вуҷуд ва моҳият ба ҳам мувофиқанд.
2. Рад кардани ҳаюло ҳамчун ҷузъи билқувваи ҷисм.
3. Ин кори сурати навъӣ аст.
4. Навоқиси ҷавоби машшоиён бар далелҳои абадияти нафс.
5. Исботи мусули афлотунӣ ва радди далелҳои машшоиён.
6. Накди сухани Арасту ва пайравонаш дар баҳси рӯҳият.

Дар замони Шайхи Ишроқ се назария дар боби зиёдати вуҷуд бар моҳият ва зиёдат надоштани он матраҳ будааст, ки иборатанд:

1. Зиёдати вуҷуд бар моҳият дар зеҳн ва хориҷ (пайравони фалсафаи машшоиён).
2. Набудани зиёдати вуҷуд бар моҳият дар зеҳн ва хориҷ (баъзе аз мутакаллимон).
3. Зиёдати вуҷуд бар моҳият дар зеҳн ва зиёдат надоштани он дар хориҷ.

Шайхи Ишроқ ба накди ду назарияи нахуст қавли сеюмро илова медонад. Мафҳумҳои вуҷуд, имкон ва ҳамаи мақулаҳои фалсафаро эътиборӣ ва зеҳнӣ мегӯяд. Мақулаи вуҷуд дар назари Суҳравардӣ, ин мақулаест, ки зеҳни инсон сохтааст. Яъне чиз дорои вуҷуд аст. Он вуҷуд низ мавҷуд аст. Пас, пайдарҳамӣ дар вуҷуд лозим меояд ва ин амри маҳолест. Пас вуҷуд дар хориҷ аз зеҳн воқеият пайдо мекунад ва воқеияте хосиле надорад, фақат зеҳн дар даруни худ онро аз моҳият ҷудо кард ва ҳамин дарвоқеъ, норасоиест бар баъзе аз пайравони машшоиён, ки ба зиёдати вуҷуд дар хориҷ эътиқод доранд.

1. Қоидаи Шайхи Ишроқ он аст, ки агар таҳқиқи Шабиъ дар берун пайдархамиро ифода кунад, пас мо он чизро наметавонем шиносем.
2. Дар мавзӯи ҷисм аз қадимулаём байни файласуфон ва муташакилон гуфтаҳои гуногуне вуҷуд дорад. (Суҳравардӣ. Маҷмӯа, ҷ. 2, с. 65 - 73). Яъне аз гуфтаҳое, ки тавассути Арасту ва пайравонаш матраҳ шуда буд, таркиб будани ҷисм аз 2 ҷузъ аст: ҷузъе, ки ҷанбаи қобилият дорад ҳолатҳо, суратҳои гуногунро мепазирад ва чузъе ки ҷанбаи феълӣ дорад ва дарвоқеъ, воқеият бахшидани ҷисм аз баракати ӯст. Ҷузъи билқувваро модда ва ҷузъи билфеълро сурат мегуфтанд.

Модатулмаводи ҳамаи ҷисмҳоро ҳаюлои аввалия ва сурати таркибшуда ва онро, сурати ҷисмия мехонданд.

Мисол, чӯб як ҷисм аст ва мураккаб аст, аз ҳаюлои аввалия ва сурати ҷисме, ки ҷисмияти онро ташкил медиҳад ва илова бар ин, ду сурати навъи дигаре дорад, ки ин ҷисмро аз дигар ҷисмҳо ба таври ом ҷудо мекунанд ва сурати чӯб аст.

Шайхи Ишроқ дар муқобили машшоиён назарияи гузаштагонро қобили имтидоди сегона (тӯл, арз, умқ) ва басит медонад, яъне бахши билфеъли мавриди назари машшоиёнро, ки

сурати ҷисмист, тамоми ҳақиқати ҷисм медонад ва пазируфтани ҳаюло ба моддаи аввалинро ғайрилозим ва бефоида мешуморад.

Дарвоқеъ, машшоиён ҷисмро ҷавҳари мураккаб аз ду ҷавҳари билфеъл ва билқувва медонистанд ва Шайхи Ишроқ ҷисмро ҷавҳари басит медонист, яъне ҷавҳари қобили абъоди сегона аст, ки дар хориҷ ба суратҳои гуногун зоҳир шудааст (чӯб, хок, об…).[143]

Масъалаи дигаре, ки мавриди баҳси Суҳравардӣ ва машшоиён шудааст, ин инфисол (ҷудоӣ) ва иттисоли (пайвастагӣ) - и ҷисм аст. Ҷисм қабули иттисол (пайвастшавӣ) ва инфисол (ҷудошавӣ) мекунад ва иттисол зидди инфисол аст ва муҳол аст чизе зидди худро қабул кунад ва пазирои зидди худ бошад. Пас, бояд ба ҳамроҳии иттисоли ҷисм як қобил ва як ҷузъи зоти дигаре бошад, то қабули инфисол кунад. Пас ҷисм ҳақиқате аст, мураккаб аз ду зоте ва ду ҷузъи асосие, ки як ҷузъ билфеъл аст ва як ҷузъ билқувва ва он чузъи билқувва ҳолатҳо ва тағйирот ва инфисолотро пазиро мебошад. Дар ин маврид Суҳравардӣ гӯяд: «Машшоиён гӯянд ҷисм инфисол ва иттисолро мепазиранд ва иттисол инфисолро намепазирад, пас зарур аст, ки дар ҷисм пазирое бошад, ки ин иттисол ва инфисолро ба ҳам орад. Ин ҳаюлост».

Аз тарафи дигар, барои он ки Суҳравардӣ назарияи машшоиёнро рад карда бошад, ки ҷисм миқдори пазирои имтидоди сегона аст (тӯл, арз, умқ), миқдорро аз аъроз (аразҳо) ба шумор меоваранд. Бар ин матлаб низ бурҳон пешниҳод мекунанд. Мегӯянд миқдор дохил дар ҳақиқати ҷисмҳо нест, зеро, аввалан, ҷисмҳо дар ҷисм будан муштарак ҳастанд, вале дар миқдорҳо фарқият доранд. Сониян, ҷисми ягона бо тахалхул ва такосуф хурд ва бузург мешавад. Тахалхул, яъне зиёд шудани миқдори ҷисм аст, бе он ки моддае аз хориҷ бар он афзуда шавад ва такосуф, яъне нуқсони миқдори ҷисм аст, бе он ки чизе аз ҷисм зиёд шавад. Дар натиҷа бар моддаи ягона миқдорҳои мутафовут ва мухталиф ориз (сифат) мешавад. Дар ҳоле, ки худи модда ҳамеша боқист ва дар зоти он ин миқдорҳо пинҳон нест, пас миқдорҳо аразҳо нестанд.[144]

---

[143] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 74.
[144] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 74.

Шайхи Ишроқ дар накди суханони машшоиён чунин изҳор медорад: Ин ки фармудед иттисол инфисолро намепазирад, ба як маъное дуруст аст ва ба як маъно ғалат, агар манзур аз иттисол, аз он ҷиҳат, ки иттисол аст, инфисолро намепазирад, балки иттисол аз байн меравад. Вале агар манзур аз иттисол имтидод ва миқдор бошад, дар ин ҷо иштироки лафзӣ бар ғалат аст ва гумон шудааст, ки манзур аз иттисол ҳамон амрест, ки бо инфисол аз байн меравад.[145]

Дар мавриди араз будани миқдор аз назари машшоиён Суҳравардӣ мегӯяд: Аҷсоми дар ҷисм буда, муштараканд ва дар миқдор ихтилоф доранд. Бинобар ин миқдор хориҷ аз ҳақиқат ва зоти онҳо буда, араз ориз бар онҳост, зеро ҷисми мутлақ ва ҷисми хос низ ба сабаби миқдори хос аст. Микдорҳои хос дар хурдӣ ва бузургӣ мухталиф ҳастанд дар асл миқдори муштараканд. Пас, ихтилофи онҳо дар хурдӣ ва бузургӣ бояд ба ғайримиқдор бошад, яъне чиз бо миқдори бузург ба ғайр аз миқдор ба чиз бо миқдори хурд фузунӣ пайдо кардааст, зеро дар асл миқдор муштараканд, пас бояд зиёда ва нуқсони онҳо ба амри ғайримиқдор бошад. Ин сухан низ комил нест, зеро агар миқдор бар миқдорҳои дигаре афзуда бошад, зиёдии он ба чизе ҷуз миқдор нахоҳад буд, чун фарқияти миқдорҳо ҷуз ба миқдор нест. Пас фарқият ба миқдор аст бо ин фарқият, ки яке том аст ва дигаре ноқис, мисли фарқияти ду нур, ки ҳарду дар асл нури муштараканд ва дар ҳамон нуроният шиддат ва заъф доранд.

Натиҷа ин аст, ки ҷисми мутлақ иборат аст аз миқдори мутлақ ва ҷисмҳои хос миқдорҳои хосанд ва ҳамчунин, ки ҷисмҳо дар миқдори мутлақ муштараканд ва дар миқдорҳои хос гуногунанд ва дар ҷисмият низ муштарак буда ва дар хусуси миқдорҳо мутафовутанд.

Аммо тахалхул ва такосуфро ба маънои ҳақиқӣ қабул накардаст, мегӯяд Суҳравардӣ, зеро дар такосуф аҷзо аз ҳам ҷудо мегарданд ва ҷузъҳои хурде дар ҷисм дохил мегардад.[146]

Шайхи Ишроқ дар идомаи баҳси худ далели дигареро аз машшоиён бар араз будани миқдор зикр мекунад ва онро

[145] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. 75-76.
[146] Ҳамон ҷо. с. 76-77.

мавриди накд қарор медиҳад: далели машшоиён чунин аст: бар ҷисм имтидод (дарозӣ) ва микдорро метавон ҳамл кард, яъне метавон гуфт: ҷисм дароз ва миқдор аст. Ва ин далелест, ки миқдор ва имтидод бар ҷисм ҳастанд.

Дар посухи ин истидлол Шайхи Ишроқ мефармояд: ин сухан тамом (комил) нест, зеро лозимаи ҳамл зиёдати маҳмул бар мавзӯъ дар хориҷ нест, балки мешавад дар хориҷ як ҳақиқат бошанд ва дар ҷумла (умум) дигар ҳақиқат. Ҷисм миқдор аст, миқдор зиёд бар ҷисмият нест ва он чи боиси гумроҳӣ шуда мафҳумҳои ғайри илмӣ ва ҳамчун мафҳумҳои илмӣ қабул шудаанд.[147] Ҳосили баҳс он ки Шайхи Ишроқ ҷисмро миқдори қоим ба худ медонад ва моддаи аввалини (модатулмавод) олами ҷисмониро низ ҳамин ҷисм басит ба шумор меоварад, на ҷузъе аз ҷисми мураккаб аз ҳаюло ва сурат, ки иборат аз ҳаюлои аввалӣ бошад. Баҳси дигаре, ки дар фалсафаи машшоӣ матраҳ шуда ва мавриди эътирози Шайхи Ишроқ қарор гирифта, эътиқоди машшоиён ба сурати ҷавҳарияи навъия аст, яъне суратҳое, ки аҷсомро навъ-навъ карда ва ихтилофи анвои ҷисмонӣ ба вуҷуди онҳост.

Пас аввалан аҷсом дорои анвое ҳастанд, ки осори онҳо гуногун аст, яъне асари об бо хок, бо оҳан ва ғайра мутафовут аст.

Сонияи, ин фарқият танҳо дар ҷисм нест, ба ҷуз он ки бояд ҳамаи ҷисмҳо дар осор муштарак (якҷо) бошанд.

Савум, ин ки ин фарқиятҳо аз суратҳои навъияи ҷавҳария ҳастанд, яъне суратҳое, ки ҷисмҳоро навъ - навъ мекунанд ва ҷузъи ҷавҳарҳо ба ҳисоб меравaнд, на арзҳо.

Шайхи Ишроқ дар муқобили ин гуфта ду муқаддимаи аввал, яъне фарқияти ҷисмҳоро пазируфта ва онро бархоста аз ҷисм намедонад ва сурати навъияро ба унвони ҷавҳар намепазирад, балки ба унвони арзҳо, ҳолатҳо, кайфиятҳое, ки ориз бар ҷисмҳо мешаванд, мепазирад.

Шайхи Ишроқ далели машшоиёнро зикр мекунад ва сипас мавриди накду баррасӣ қарор медиҳад. Ибтидо далели машшоиёнро ин гуна баён мекунад:

Ҷисм аз ду ҳолат берун нест ё тақсимпазир нест, мисли афлок ё қабули қисмат мекунад. Дар сурате, ки қабули қисмат кунад ё ба осонӣ қабули қисмат кунад, мисли об, ҳаво ё ба сатҳӣ

---

[147] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 79.

қабули қисмат кунад, мисли санг, чӯб. Он чи ки ҷисмҳоро аз ҳамдигар бо вижагии хосе ҷудо мекунад, ин сувари ҷавҳариест, ки ҷисмҳоро навъ мекунад.[148]

Шайхи Ишроқ идомаи далели ҷавҳар будани ин суратҳоро аз тарафи машшоиён зикр мекунад, ки ба зикри ду далел дар ин навиштор кифоят менамояд.

1. Ин хусусиятҳои (аразҳо) муқаввими (нигоҳдоранда) ҷавҳарҳо ҳастанд ва муқавими ҷавҳар наметавонад араз бошад.
2. Ин махсусиятҳо (аразҳо) моҳияти ашёро тағйир медиҳанд ва аъроз наметавонанд, моҳиятро гуногуннавъ кунанд, пас бояд тағйиршуда ва гуногуннавъшуда худ як ҷавҳар бошад.

Шайхи Ишроқ дар посухи далели аввал мегӯяд агар далели шумо ба ҷавҳар будани ин умур он аст, ки ҷисм аз баъзеи ин аразҳо ҳеҷ гоҳ холӣ нест, яъне баъзе аз ин умур, умури ҷудонашаванда аз ҷавҳаранд ва ҳеҷ гоҳ аз ҷисм ҷудонашаванда аз ҷавҳаранд посух ин аст ки аразҳо ду қисманд: аразҳои лозим ва арзҳои муфориқ (ҷудошаванда). Пас чи мушкилие дорад, ки ин аразҳо лозим (зарурӣ, ҷудонашаванда) бошанд, яъне дар ҳоле, ки ҳамеша бо ҷисм бошанд, ҷавҳар ҳам набошанд.

Ва агар далели шумо бар ҷавҳар будан ин аст ки чун ҷисм ба василаи ин умур, хос ва ҷузъӣ мешавад, яъне ҷисм ба далели ин гуна аърози анвоъ ва қисмҳо пайдо мекунад, бояд гуфт; шарти махсус ин нест, ки ҳатман ҷавҳар бошад, балки чи басо аразҳои гуногун ҳақиқати ягонаеро дорои анвоъ ва ақсоме месозад. Мисли ашхоси навъи воҳиде, ки худи машшоиён қабул доранд, тафовути онҳо ба аразҳо аст, на ба ҷавҳар. [149]

Ҷавоб ба далели дуюм он аст, ки моҳуваи (чисти) ҷисм чист, зеро ҷавҳарҳо ва суратҳои ҷавҳария ҷавоби саволи моҳуваро тағйир намедиҳанд, балки аразҳо низ ин хосиятро доранд, барои мисол агар аз чӯб суол шавад ки моҳува: яъне он чист? Ҷавоб ин аст, ки чӯб аст. Ҳоло агар касе бо чӯб миз ё сандалие бисозад ва баъд суол кунад ин чист? Ҷавоб миз ё сандалӣ аст. Яъне ба ин ки аразҳо тағйир кардаанд ва дар

---

[148] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 82.
[149] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 82-83.

ҷавоби суоли моҳува тағйир ҳосил шудааст. Пас, ҳамон тавр ки ҷавҳарҳо метавонанд ҷавоби суоли моҳуваро тағйир диҳанд, аразҳо низ ин хосиятро доранд. Пас, бо он ки чизе ҷавоби суоли моҳуваро тағйир диҳад, далел бар ҷавҳар будани он нест, балки араз ҳам метавонад, ин корро анҷом диҳад, далели шумо собит накард, ки ин хусусиятҳо ва суратҳо ҷавҳарианд, балки метавонанд араз ҳам бошанд. [150]

Он чи матраҳ шуд, ихтилофи Шайхи Ишроқ бо машшоиён дар боби ҷавҳарҳо ба ин шарҳ аст: ҷавҳарҳо назди машшоиён иборат аз 1) ақлҳо; 2) нафсҳо; 3) ҷисм; 4) ҳаюло; 5) сурати ҷисмӣ; 6) сурати навъӣ.

Вале ҷавҳарҳо назди Шайхи Ишроқ иборат аз 1) ақлҳо; 2) нафсҳо; 3) ҷисм, яъне ба инкори ҳаюло сурати ҷисмӣ ва ҷисм, яке мешавад ва бо инкори сувари навъия ва унвони ҷавҳар маҷмӯи ҷавҳарҳо се даста мешаванд.

Албатта, Шайхи Ишроқ ба олами мисол ва мавҷудоти мисолӣ ва барзахӣ низ эътиқод дорад, ки олами сегонаанд: 1) ақл; 2) мисол; 3) ҷисм.

Масъалаи дигаре, ки мавриди нақду баррасии Суҳравардӣ гаштааст, ин масъалаи нафс мебошад. Файласуфони мусалмон, дар ин ки нафси инсон муҷаррад ва абадӣ аст, иттифоқи назар доранд ва далелҳои абадӣ будани нафс меоваранд. Он чи маҳалли баҳси Шайхи Ишроқ ва машшоиён аст, асли таҷарруд ва боқӣ мондани нафс нест, балки доштани баъзе ноқисиҳо дар посухи машшоиён доир ба боқӣ мондани нафс аст.

Машшоиён бар хулуди (абадият) нафс чунин далелҳо меоваранд. Нафс нест намешавад, вагарна бояд дар айни ин ки мавҷуди билфеъл аст, қувва ва имкони нестиро дошта бошад (яъне қобилияти нестиро дар даруни худ дошта бошад), ин бо аҳдат ба басотат (ҳамафарогир), феълият, таҷарруди нафс созгор нест (яъне таҷарруд сабаби басотати ваҳдати нафс аст). Шайхи Ишроқ мушкилиеро дар он мебинад, ки машшоиён имконро дар ақлҳо муҷаррад пазируфтаанд, бо ин ки онҳоро мавҷуди билфеъл медонанд ва ҳарчи мумкинулвуҷуд аст, мумкинуладам (нестӣ) низ ҳаст. Пас мумкинуладам аст, бояд қувваи нестӣ, бақоро дошта бошад, пас бояд ҳамон ноқисӣ дар боби нафс дар ин ақлҳои басити ягонаи муҷарради билфеъл ҳам ҷорӣ бошад.

---

[150] Ҳамон ҷо. с. 86.

Машшоиён посух доранд, ки маънои имкон дар муҷаррадот ва муфориқот (уқул) ба ин маъност, ки онҳо мутаваққиф ба илатҳои худ ҳастанд, ба тавре агар илатҳои онҳо нест шавад, онҳо низ нест мешаванд, на ин ки дар даруни онҳо қувва ва қобилияти нестӣ мавҷуд бошад (то басотат ва таҷарруд ва ваҳдати онҳо халалдор шавад) бар хилофи ҷисмониёте ки бо вуҷуди илали худ низ гоҳе нест мешаванд, чун қувва ва қобилияти нестиро доранд.[151]

Шайхи Ишроқ дар посух гуфта, ки ин ҷавоб дуруст аст, зеро доштани иллат ин доштани имкон аст, яъне шайъ (чиз) бояд аввалан мумкин бошад, яъне дар мартабаи зотӣ мумкин бошад, то баъд аз воқияти ӯ гуфта шавад.

Машшоиён дар идомаи баҳси худ ин нуктаро низ афзуда буданд, ки муфориқат (муҷаррадот) бо вуҷуди иллатҳои худ нест намешаванд ба хилофи ҷисмонияташон (умури тағирёбанда ва дорои ҳаюло, яъне ҷисмониёт, гарчи иллатҳои онҳо боқӣ бошад, вале имкони нест шудани онҳо вуҷуд доранд ва дар натиҷа нест мешаванд.

Шайхи Ишроқ дар давоми ин сухан низ мефармояд: агар манзур аз илатҳо иллатҳои умумӣ (омма) аст, фарқ байни муфориқ (муҷаррад) ва ғайри муфориқ нест, яъне ба вуҷуди иллати умумӣ (томма) маълул зарурияти вуҷуд пайдо мекунад, чи маълул муфориқ бошад, чи ҷисмонӣ. Агар манзур иллатҳои фоилӣ аст, дуруст аст, ки муҷаррадот ва муфориқот бо вуҷуди иллатҳои судуршуда нест намешавад, чун ҳолати қобилӣ ва истеъдод ва қобилият надорад, вале ҷисмониёт бо далели вуҷуди истеъдод ва қобилият ва аразҳо монеаҳо ва амсоли он ба набудани иллатҳои фоилӣ ва судури воқият пайдо нахоҳад кард. Вале дар ин сурат шумо имкони зотиро ба имкон ва қобилияти истеъдод ҷудо кунед ва байни он ду фарқият қоил шавед. Иштибоҳ бештар дар лафзи имкон ва маънии он аст, мефармояд Суҳравардӣ.[152]

Суҳравардӣ Афлотунро яке аз ҳакимони муътабар медонад ва назарияи мусули онро пазируфта, биниши

---

[151] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 59-60.

[152] Сухравардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмӯаи мусанифоти Шайхи Ишроқ. Ҷ.2. с. 90-91.

Арастуии онро рад мекунад. Баҳс дар боби усули афлотунӣ аз асри худи Афлотун шурӯъ шуда, то ба худи имрӯз идома доранд. Мавҷудоти муҷаррад ва нуроние, ки дар олами ақл вуҷуд дорад ва мавҷудоти олами моддӣ сояҳо мисол ва олами ҷисмонӣ мебошанд.

Барои мисол, инсон мавҷуди нуронӣ ва муҷаррад аз хусусиятҳои ҷисм ва ҷисмониятҳо дар олами ақл аст ва тамоми инсонҳои мавҷуд дар ин олами ҷисмонӣ сояҳои он мавҷуди нуронӣ ҳастанд. Ҳамчунин навъҳои дигари мавҷудот ва ҳатто адолат, хайр, зебоӣ ва дигар мавҷудот дорои мисоли (идеаҳои) муҷаррад ва нуроние ҳастанд, ки дар он олам вуҷуд дорад.

Арасту бо ин ақидаи Афлотун мухолифат кард ва онро напазируфт ва машшоиён (пайрави Арасту) низ далелҳои бар зидди ин назария пешниҳод карданд.

Шайхи Ишроқ бошад дар байни файласуфони эронӣ ба ақидаи Афлотун мувофиқ буда ва далелҳои машшоиёнро нотамом дониста ва бовар дорад, ки ҳар як аз навъҳои мавҷуд дар ин олам гардонанда ва тадбиркунанда дар олами боло дорад, ки рабунавъ (тарбият кунандаи навъ) ва тадбиргари амри онҳост ва ин матлабро мувофиқ ба оятҳо ва ривоятҳо низ медонад.

Ду масъалаи дигаре дар фалсафа вуҷуд дорад, ки бо масъалаҳои олами мусули афлотунӣ робита дошта, ки мафҳум ва ҳақиқати куллӣ ва ақлҳои тӯлӣ ва аразӣ мебошад.

Мафҳумҳои куллӣ ҳамчун инсон кӯҳ, дарахт аз асри Афлотун ва Арасту ду назарияи комилан фарқкунанда матраҳ будааст. Афлотун мафҳумҳои куллиро ёдоварии мушоҳидаи мусул медонист, аммо Арасту мафҳумҳои куллиро сохтаи қувваи дар нафси инсон ба номи ақл қаламдод мекард.

Яъне Афлотун бо он бовар буд, ки рӯҳи инсон пеш аз фаромадан аз олами боло ба поён ва қарор гирифтан дар бадан ҳамаи мусулро мушоҳида кард ва вақте ба олами поён омад (ба ҷисм) он идеяҳоро фаромӯш кард, ба дидани сояҳои он идеяҳоро ба ёд овард. Ҳақиқати мафҳумҳои куллӣ дарки ҳамон мисоли нурончӣ аст.

Арасту ба ин ақида мухолифат карда гӯяд, ки инсон баъд аз ин ки ба ҳавос, мавридҳои ҷузъиро дид, умри куллиро канор гузошт ва умри муштаракро ҷудо кард ва мафҳуме аз он амри муштарак сохт, ки ҳамон мафҳуми куллӣ

аст. Масалан, инсон, Ҳасан, Умар, Алиро мушоҳида кард, муштаракоти онҳоро, ки иборат аз ҳаёт ва тафаккур дар назар гирифт ва мафҳуми ҳайвон ва нотиқро, ки ду мафҳуми куллӣ аст, сохт ва мафҳуми инсонро ки маҷмӯи ин ду мафҳум аст ва унвони савумӣ таҳлил кард. Қуввае, ки ин мафҳумҳои куллиро аз мавридҳои ҷузъӣ ҷудо карда мегирад, ақл аст.

Ин назарро Ибни Сино, Форобӣ ва бештари файласуфони исломӣ пайравӣ карданд.

Суҳравардӣ бошад, ҳақиқати куллӣ ва назарияи мусули Афлотуниро пазируфта ҳақиқати онро дар зеҳн пазируфт, ки бо назарияи Арасту дар зидият нест, балки ба таври нодуруст шарҳ дода шудааст, яъне набояд ин ду назария ё ин ду масъала дар пайвастагӣ шарҳ дода нашавад ва зарурат низ надорад. [153]

Дар боби ақлҳо низ машшоиён фақат ақлҳои тӯлиро қабул доштанд, яъне ақли аввал, дувум, севум ва даҳум ки ҳар кадом сабаби натиҷаи якдигар аст. Вале Шайхи Ишроқ ақлҳои тӯлӣ ва арзиро пазируфт ва мусули Афлотунро уқулӣ дар арз (горизонтал) ҳам донист. Суҳравардӣ дар масъалаи мусул ба он ақида аст, ки ду олам аз ҳам ҷудо тасаввур шаванд, яъне моҳияти инсон ба ду вуҷуд падидор мешавад, мисли вуҷуди хориҷӣ, Зафар, Алӣ ва вуҷуди зеҳнӣ, мисли мафҳуми инсон дар зеҳн. Ва ин ду моҳиятро дар ҳақиқат моҳият муттаҳид мекунад, якеро ҷавҳар инсони хориҷӣ ва якеро араз мафҳуми инсон ба шумор меоваранд. Ҳақиқат ҷавҳар дар зеҳн ҳосил мешавад, вале араз вуҷуд дорад.

Агар як ҳақиқат дар якҷо ҷавҳар аст ва ҳамон ҳақиқат дар намуди дигар араз аст, пас ин мушкилие дорад, ки ҳамин ҳақиқат дар олами болотар ва дар мартабаи олитар дар зоти худ устувор бошад ва ҳатто битавонад дар модда ҳулул намуда бошад, яъне ҳамчун сурати навъияи моддие , ки қоим ба ҷисм ҳастанд, ҷисм устувор бошад.

Суҳравардӣ бо ин биниши худ олами мусулро ҳамчун ҳақиқати воқеӣ пазируфт, ки новобаста аз олами ҷисмонӣ

[153] Суҳровардӣ Шаҳобуддин Яҳё. Маҷмӯаи мусанифоти Шайхи Ишроқ. Ҷ.1. С.17. Ҷ.2. с. 151,157,160.

метавонад вуҷуд дошта бошад, мисли нур. Дар идомаи баҳси худ ба машшоиён Суҳравардӣ гӯяд, ки вуҷуд маънои том дошта, мо наметавонем вуҷудро ва воҷибулвуҷуд ва воҷиб ба ғайр тақсим кунем, зеро дар воҷибулвуҷуд (Худо) вуҷуд айни воҷиб аст ва дар ғайри воҷибулвуҷуд ё Худо вуҷуд, ораз (араз) ва зиёдат аст. Пас метавон чунин суоле пеш овард, ки агар заъфи истиғнои (ғановат, худкифоягӣ) вуҷуд аз моҳият бархоста, аз зот ва ҳақиқати вуҷуд бошад, бояд дар ҳамаи ҷиҳатҳо низ ҳамин гуна бошад ва ҳамаи мавҷудот мисли воҷибулвуҷуд бошанд. Яъне ҳар қудрату заъфе, ки дорад, ғайри воҷибулвуҷуд низ ин сифатҳоро бояд доро бошад. Чунин фаҳмиш аст, ки Хайрулоев М. ва Одинаев Я.К. Ибни Синоро пантеист медонанд. Аммо чунин тарзи фаҳмиш ба бинишu машшоиён мухолифат дорад. Ва агар мегӯяд, Суҳровардӣ ин истиғно (худкифоягӣ) дар воҷиб ба хотири амри зоид (зиёдати бошад) на ин ки аз ҳақиқати вуҷуд бархоста бошад, ин матлаб низ бо қавоиди машшоиён созгор нест, зеро машшоиён вуҷуди воҷибро вуҷуди сирф медонанд ва дар ин ҳол зарурат дорад, ҷиҳатҳои бисёре дар воҷиб воқеият пайдо кунад, яъне таркиби воҷиб аз вуҷуд ва амри зиёдатие, ки қазоваткунандаи он истиғност ё нест, ки ин воҷиб ба ғайр аст, пас чунин биниш низ бо машшоиён мухолифат дорад. Худкифо будани воҷиб аз моҳият ба далели ғайри маълул (натиҷа) будани он нест, зеро ғайри маълул будан, маълули вуҷуб (зарурӣ) аст ва агар касе ба ҷои воҷиб будан ғайри маълул буданро бигузорад иллат (сабаб)-ро ба маълул тафсир кардааст, ки тафсири нодурусте аст. Пас бениёзии воҷиб аз иллат ва моҳият ба хотири вуҷуби вуҷуди ӯст ва набояд вуҷубро ба надоштани иллат ва бениёзӣ аз иллат маъно кард, то маънои воҷибулвуҷуд баробар бо маънои ғайри маълул гардад ва шавад гуфт, ки аз моҳият бениёз аст, чун ғайри маълул аст, балки бояд гуфт бениёз аст, чун воҷиб аст.

Ҳоло агар бениёзӣ ба хотири вуҷуб шуд, чунон ки вуҷубаш зоид ба вуҷудаш бошад, такассури ҷиҳатҳо ва воҷиб лозим меояд ва ҳамон суол такрор мешавад, ки агар вуҷуби зоид дар воҷиб ба хотири мавҷуд будани ӯст, пас ҳамаи мавҷудот бояд воҷиб бошанд. Агар ин тавр набошад, вуҷубаш ба хотири иллате ғайр аз вуҷудаш бошад ва дар воҷиб ин амри муҳол аст. Пас ҳаққи шинохти воҷибулвуҷуд ё нуруланвор ин аст, ки

бигӯем ки вуҷуди воҷиб камоли вуҷуд ва тамомият ва таъкиди вуҷуди ӯст.[154] Хулоса он ки Шайхи Ишроқ ихтилофи мавҷудотро ба шиддат ва заъфи маротиби онҳо медонад, на ба амри зоид ба ҳақиқат ва зоту ҳастии онҳо, яъне воҷиб ба ғайр ё имконулвуҷуд.

Хулоса, баҳс он аст, ки яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи ишроқ накдҳои бар фалсафаи машшоъ аст. Яъне Суҳровардӣ ҳам мантиқ ва ҳам фалсафаи машшоиро накд мекунад. Дар бахши мантиқ Шайхи Ишроқ ба таърифи ашё, ки ба ҷинсу фасл эрод гирифта бовар дорад, ки ин равиши шинохти дурусте нест, балки шинохти ашё аз роҳи шинохти маҷмӯаи аразҳо (сифатҳои ашё) сурат гирифта, аз роҳи шинохти зоти (ҷинсу фасл), ашё чи хеле ки машшоиён мегӯянд, воқеияти ашёро шинохтан мумкин нест.[155] Агар ба фарз ҳам шинохт сурат гирад, ҳеҷ гоҳ бовар ҳосил намекунем, ки ҳамаи зотиётро шинохтаем.

Дар бахши қазияҳо бошад пешниҳод мекунад, ки ҳамаи қазияҳои мумтаниа (номумкин) ва мумкинаро ба қазияҳои зарурӣ бозгардонда шавад, то кор дар бахши бурҳонҳо ва қазияҳо осонтар бошад, зеро агар имтиноъ (номумкин) ва имконро, ки ҷиҳати қазия аст, ҷузъи маҳмула (амре ё сурате, ки ба ашё таҳмил мешавад) қарор диҳед, ҳамаи қазияҳо зарурӣ мешаванд.

Дар бахши фалсафаи ҳаюло суратҳои навъияи Арастуро накд карда, накдҳои машшоиёнро бар мусули Афлотун напазируфта, вуҷудро зиёдат бар моҳият медонад. Шайхи Ишроқ бар хилофи машшоиён ҷисмро мураккаб аз модда (ҳаюло) ва сурат (сурати ҷисмия) надониста, ҷисмро басит медонад. Зеро далелҳои машшоиён дар мавриди ҷисм ба тақсими моддаву сурат сухансозӣ ва мафҳуми умумӣ буда, бе қабули ҳаюло низ таҳаввулоти ҷисмҳоро метавон тасвиру таҳлил кард. Бар хилофи машшоиён, сурати навъияро араз (сифати ашё) медонад ва бовар дорад, ки навъбандии ҷисмҳо ҷавҳарӣ нест, балки ба аразҳост. Аразҳои гуногун метавонад,

---

[154] Ҳасани Муаллимӣ. Фалсафаи ишроқ. с. 65-66.

[155] Муфассал дар ин баҳс руҷӯъ кунед, ба мақолаи Саид Нурулҳақи Ковиш «Пажӯҳиш дар ихтилофи назари Шайхи Ищроқ бо Арасту перомуни теорияи таъриф». Маҷмӯи мақолот. Ҷилди якум. Душанбе-2000. с. 114.

тафсиргари навъбандии (танаввуъи) аҷсом бошанд ва ниёзе ба ҷузъи ҷавҳарие илова бар ҷисми басит дар олами модда ва моддиёт нест. Ҳамчун Афлотун мусули афлотуниро пазируфта ва далелҳои машшоиёнро бар накди мусул бекора дониста бовар дорад, ки илова ба ақлҳои тӯлии машшоиён, ақлҳои аразиро дар маротиба пешниҳод мекунад, ки ақлҳои қоҳира ва ақлҳои мудаббира мебошанд ва мусули афлотунӣ ҳамон ақлҳои мудаббираанд. Дар замони Шайхи Ишроқ дар боби робитаи вуҷуд ва моҳият се назария вуҷуд дошт:

1. Зиёдати вуҷуд бар моҳияти дар зеҳн ва дар хориҷ аз он вуҷуд дошта, пайравони фалсафаи машшоиён).

2. Моҳият дар зеҳн ва дар хориҷ аз он (баъзе мутакалимон) зиёдат надорад.

3. Зиёдати вуҷуд дар моҳият, дар зеҳн, на хориҷ аз зеҳн

Шайхи Ишроқ қавли савумро пазируфта ва моҳиятро асл ва вуҷудро эътиборӣ қаламдод кард ва муътақид шуд, ки вуҷуд дар зеҳн аз моҳият ҷудо шуда, бар ӯ ҳамл мегардад ва дар хориҷ фақат моҳият воқеият пайдо мекунад.

Маҷмӯи накдҳо ва такмилаҳои Шайхи Ишроқ сабаб шуд, ки ҳақиқати нур дар фалсафа устувор гардад. Яъне такмилу такомули фалсафа аз тарафи Суҳравардӣ боис шуд, ки фалсафа аз бунбасти фикрии машшоиён ва мутакаллимон берун ояд, Шайх ба сайри андеша ва фалсафаи миллии мо биниши наверо рӯи кор овард.

**Ҷамшеди АЗИМПУР**

## ЗАРТУШТ - ИСЛОҲГАРИ РОСТИН ВА ПАЁМОВАРИ ОЗОДИЮ ОЗОДАГӢ

Хонандаи азиз!

Гаҳ-гоҳе дар суҳбатҳо ва нишастҳо мешунавем ва дар расонаҳо низ мехонем, ки нафароне ноогоҳ аз дигар омӯзаҳо бо тақлид ба баъзе воизон ва муллоҳои муҳтарам (умрашон дароз бод, ки мутаассифона дониши диниашон аз чаҳорчӯби чор мазҳаби аҳли суннат берун намеравад) пайравони дигар кешу мазҳабҳоро гумкардароҳу дӯзахӣ мехонанд. Вақте пурсон мешавӣ, ки ин бародарон аз «Готҳо»-и Зартушт, «Ведоҳо»-и ҳиндуҳо, таълимоти Буддо, аз «Таврот»-у «Забур»-у «Инҷил» чизе хондаанд, на, ҳеҷ. Вале ҳама омӯзаҳоро мансухшуда эълон медоранд, ба ҳама санги маломат мезанад, ба ҷуз мусалмононе чун худашон (дар мазҳаби худашон) дигар ҳамаро бадбахту дӯзахиву берун аз доираи раҳмати Худо медонанд, ки сухани машҳури русии замони Шӯравӣ «Не читал, но осуждаю»-ро мемонад.

Ин нафарон, ки мегӯянд, ба ҷуз ислом дигар ҳамаи динҳо ботиланд (мансух шудаанд), ба андешаи инҷониб худ Қуръонро дуруст нахондаанд. Агар хонда буданд, ин суханонро намегуфтанд. Ба хотири ба дарозо накашидани сухан аз Қуръон далел намеорем. Аммо бо такя ба «Готҳо»-и Зартушт (тарҷума ва тафсири Фирӯзи Озаргушасп) ва китоби «Зартушт»-и донишманди фозил Мир Ҷалолуддини Оштиёнӣ доир ба таълимоти Зартушт мухтасареро пешкаши хотири Шумо мекунем. Худ натиҷа бигиред. Агар худои ин воизон ва муллоҳои арҷманд оини Зартуштро ботил ва пайравони онҳоро кофиру дӯзахӣ эълон карда бошад, инҷониб дигар ҳарфи гуфтанӣ надорам, доварӣ худи Шумо хонандаи азизрост. (Барои андеша: орифи дилрӯшан Бҳагван Шри Раҷниши ҳинду маъруф ба Ошо паёми Зартуштро «пурмаънову олӣ ва ҳатто бартар аз замони мо» донистa ва худи ӯро «пуристеъдодтарин ва борикназартарин ва хирадмандтарин ва худогунатарин шахс дар таърихи башар» гуфтааст ва ҳам Шаҳобиддини Суҳравардӣ (Шайхи Ишроқи машҳур ба Шайхи

мақтул) Зартуштро сутуда, ӯро «ҳакими фозил ва имом ва набии комил» хондааст). Ва боз, агар он Худо шинохти худ ва пайгирифтан аз ростиву дурустӣ ва хидмат ба башарро, ки Зартушт ба мардумон меомӯзад, роҳи ботил хонда бошад, пас чӣ ҳам метавонем бигӯем, ҷуз ин ки ба бовари бовардорандагони он Худо эҳтиром бигзорем.

Хонандаи азиз! Мақсади мо аз ин навишта таблиғи оини Зартушт ва даъват кардани касе ба ин оин ҳам нест, балки мақсади мо даъват ба эҳтироми таърихи миллат аст, даъват ба эҳтироми боварҳои гузаштагон ва бузургони миллат аст, хондан ба сӯйи муҳаббат аст, ки «аз муҳаббат талхҳо ширин шавад», хондан ба сӯйи якдилӣ, ки якпорчагии миллат роҳ ба сӯйи шукуфоист. Ҳадаф рӯй овардан ба гузаштаи миллат аст, шинохтан ва эҳтиром гузоштан ба дурдонаҳои нуҳуфта дар зери чанги таърих аст, рӯй овардан ба ахлоқи неки гузаштагон аст. Чунонки Мир Ҷалолуддини Оштиёнӣ навиштааст: “Арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ дар паёми Зартушт мардумӣ ва вобаста ба зиндагии иҷтимоист ва ҳадафу мақсуд низ танзими як ҳаёти шукуфобахшу солим ва як ҷомеаи поку саодатманд аст”.

Мақсади мо из ин навишта гӯшзад кардан аст ба Шумо, ки чи гуна бузургмардони дилрӯшани миллат дар ҳар давру замон барои беҳзистии мардум, барои расонидани онҳо ба шукуфоӣ кӯшидаанд. Ва ҳадафи ҳамагии онҳо шиносонидани инсонҳо ба худии худашон ва расонидани онҳо ба шукуфоӣ ва озодагӣ ва ҷовидонагӣ будааст.

Аз ин рӯ, кеше ва мазҳабе, ки даъват ба шинохти Инсон ва Худо мекунад, мардумро ба дӯстиву бародарӣ ва некукорӣ мехонад, роҳи беҳзистӣ ва шукуфоиро менамояд ботил буда наметавонад. Ба дурустӣ ин гуна таблиғ карданҳои воизон ва муллоҳои муҳтарами мо (ва низ рафтори нафароне, ки нохудогоҳ, бо тақлид ба дигарон, худ чизе аз ин омӯзаҳо нахонда, рӯйи ин оинҳо хати сиёҳ мекашанд) кори дурусте нест, ба қавли шоире ин таън кардан зи ҷаҳлу кӯдакист. Дигар Шумо донед.

Дуруд бар паёмоварони Ростиву Дурустӣ ва Озодиву Озодагӣ бод!

Робиндранат Такур – адиби шуҳратёри Ҳинд ҷойе навиштааст, ки «Зартушт бузургтарин паёмбарест, ки дар оғози таърихи башарият зуҳур намуда ва ба василаи фалсафаи хеш инсонро аз бори сангини маросими зоҳирӣ озод сохтааст... ва

асоси мазҳаби худро бар таъолими ахлоқӣ гузошта... ва ҳақиқатеро ошкор сохт, ки дорои баландтарин дараҷаи фалсафӣ ва ахлоқист... ва метавон онро беҳтарин дастури зиндагии башарӣ донист».

Ва ё Волтер – нависандаи шаҳири фаронсавӣ дар миёнаҳои қарни ҳаждаҳум навишт, ки «Зартушт паямбарест, ки хеле қабл аз Масеҳ ба ислоҳи ахлоқ ва робитаҳои инсонӣ пардохтааст».

Ба дурустӣ Зартушт ба гуфтаи Рудолф Штайнер – мутафаккири олмонӣ «яке аз бузургтарин шахсиятҳоест, ки дар таҳаввули фикрӣ ва тамаддуни башар нақши пешқадам доштааст» ва чун як муслиҳи мардумӣ ва ростин ба ислоҳи ахлоқ ва робитаҳои инсонӣ пардохта ва хоҳони барқарории ҳукумати Ҳаққ дар ҷомиа будааст[156], ки афроди он озоду озода роҳи камол мепаймоянд...

Озодӣ ва озодагӣ, шууру ақл ва андеша бузургтарин ва шарифтарини неъматҳоест, ки ба башар шахсияти инсонӣ дода ва ӯро аз ҳайвон ҷудо месозад. Ин ҳақиқати дурахшон дар сароғози «Готҳо» эълом гардида ва Зартушт бо садое расо чунин гуфтааст:

«Ай мардум, бо гӯшҳои боз ва аз рӯйи хираду маърифат ва бо чашмҳои рӯшанбин ба ин ҳақиқати бузург таваҷҷуҳ кунед, то ба чигунагии парастиши Худованди ҷону хирад огоҳ шавед ва ба боргоҳи фурӯғ ва биҳишти оромиш даст ёбед, биҳиште ки дар даруни шумо ва дар виҷдону ҷомиаи шумо барпо хоҳад шуд.

Ай мардум, аз хоби ғафлат бедор шавед ва насими дилпазири инсониятро эҳсос кунед ва оҳанги дилнавози ҳуррият/озодиро бишнавед, то ба сифоти комилия (ростиву дурустӣ, меҳру муҳаббат, покӣ, некандешӣ ва ҷовидонагӣ) даст ёфта, худоӣ шавед. Ту, ай фарзанди Одам, озод офарида шудаӣ, то дар гузиниши роҳи хеш низ озод бошӣ. Ба аслиҳаи дониш ва ростиву андешаи нек худро биорой, то дуруст ва рост баргузинӣ. Нозиндагӣ ва нестӣ дар ҳамоқат ва нодонист, ки ба пирӯзии

---

[156] Ҳукумати Ҳаққ ба маънии воқеӣ ҳукумати ростиву дурустӣ ва покӣ, меҳру муҳаббат ва андешаи дурусту нек, низоми ҳаққу ҳақиқат аст. Барқарории ҳукумати Ҳаққ ба ин маънист, ки ҳамагии мардум донишу хирад, андешаи нек ва меҳру муҳаббат ва ростиву дурустиву покиро мизони зиндагии худ донанд ва бо қонуни табиат ҳамоҳанг зиндагӣ кунанд.

зиштӣ ва тавсиаи қудрати дурӯғманиш ва ситамгар меанҷомад. Ҳаёт ва зиндагии воқеӣ дар озодӣ ва озодагист, ки бар донишу маърифат бино шудааст. Инсони озоду доно зинда аст ва инсоннамое, ки гирифтори таҳмиқ, таҳмил ва асири занҷирҳои ҷаҳлу фиреб ва зиштиву дурӯғ аст, аз ҳаёти воқеӣ маҳрум аст... Хушнудии Худованди ҷону хирад (Маздо Аҳуро) низ дар он аст, ки ту, ай инсон, ба ростиву дурустӣ ва некандешӣ пайвандӣ ва озоду озода дар роҳи поку инсонӣ гом бардорӣ. Девпарастон, ки ҳуррияти озодии мардумро қурбони ҳавасҳои зишту пасти худ месозанд, девонанд, ки ба сурати инсонҳо бар мардум ҳукумат мекунанд. Ба қудрати маниши нек султаи ин аҳриманонро дарҳам шикан ва дасти онҳоро аз ҷомиа кӯтоҳ кун ва дурӯғро ба дастҳои ростӣ супор, то мардум битавонанд шукуфо шаванд ва ҳаёти инсонӣ ёфта. Ҷаҳоне нав бисозанд...»

Натиҷаи ин гуфтор ин аст, ки ҳадафи аслии Зартушт тарбияти инсон ва рушди фазилатҳои олӣ ва маънавӣ дар ӯст. Аз назари Зартушт фақат дар ҷомиаи инсонҳои росткор, ки ба ёрии маниши нек ва хиради минуӣ ба фазилатҳои олӣ даст ёфта ва се омил: Пиндор, Гуфтор ва Рафтори некро сарлавҳаи зиндагии худ қарор додаанд, саодату оромиш ва шукуфоӣ метавонд таҳаққуқ ёбад...

Яке аз шоҳкориҳои ҷолиби Зартушт интихоби воситаҳои ахлоқӣ ва маънавӣ байни башар ва Худост. Барои ба камол даст ёфтан ва наздик шудан ба Худо на кашиш лозим, на роҳибу мулло..., бояд ба сифот ва фазилатҳои илоҳӣ-башарӣ даст ёфт, ки пул байни Худо ва инсонанд. Ростиву дурустӣ, покӣ, меҳру муҳаббат, хирад, некандешӣ ва расоиву ҷовидонагӣ фазилатҳое ҳастанд, ки худро ва Худоро метавон бо онҳо шинохт. Бо даст ёфтан ба ин фазилатҳо метавон ба камол даст ёфт, ба Худо наздик шуд ва аҳуроӣ гашт...

Ин худи инсон аст, ки бояд аз рӯйи шууру фаҳм ба ихтиёр, озодона роҳи дурустро баргузинад. Ин ҷо эҳтиёҷе ба восита ва даллол – роҳиб ё мулло нест. Инсон танҳо бо такя ба фазилатҳои илоҳӣ-инсонӣ ва амали неку созандаи худ, бо кӯшишу талоши ҳамешагӣ баҳри шукуфоии ҷомиа ба саодат ва ҳаёти ҷовидонӣ даст меёбад.

Зартушт дар се ҳазор соли пеш эълом кард: «Ай инсон, ту ки дорои ақлу шуур ва хирадӣ, аз ин неъмати маънавӣ баҳра гир ва ба хештани хеш бозгард ва инсони бофазилат шав. Ва аз ҳар

воситаву даллол ва одобу русуми носудманд ва ташрифот бипарҳез ва замири рӯшани худро роҳнамои роҳи ростӣ соз, ки ба амали неку созанда дар масири ростӣ ва низоми ҳаққу қонуни гетӣ Худовандро хушнуд хоҳӣ сохт ва бо дастрасӣ ба фазоили илоҳӣ-инсонӣ... худойгуна хоҳӣ шуд. Худованд дар низоми гетӣ ва хубиҳои ҷаҳон вуҷуди худро ба ту ошкор менамояд ва барои дастрасӣ ба ӯ фақат ба худат бояд такя кунӣ ва амалатро восита қарор диҳӣ».

Зартушт худ инсонвор ва озода дар роҳи ҳақ гом бардошт. Ӯ дар «Готҳо» - суруди 33, банди 14 мегӯяд: «Ҳама неруи худро дар роҳи густариши мароми ростӣ ва хайру салоҳи мардум ба кор хоҳам бурд».

Дар банди 2 ҳамин суруд мегӯяд, ки бояд бо дасту забон ва фикру андеша ва ё бо тамоми вуҷуд ва ба ҳар васила дар барқарории ростӣ бикӯшид ва бо бадиву фасод мубориза карда, гумроҳонро ба роҳи рост иршод намуда ва ба мардум хизмат кард. Ҳар касе ки чунин кунад ҳам ризоияти Худоро фароҳам оварда ва ҳам худ дар биҳишти ҷовидон – виҷдони ором ба сар хоҳад бурд.

Ба андешаи Зартушт биҳишту дӯзах дар даруни худи инсон аст. Инсони некандеш ва ростпеша хотире ором ва замире рӯшан хоҳад ёфт, ки биҳишти ӯст ва дурӯғпешаву кажандеш ба фикру андешаи тира ва ноором дучор мешавад, ки ҷаҳаннами даруни ӯст.

Зартушт дар «Готҳо» - суруди 44, банди 11 мегӯяд: «Парвардгоро, медонам, ки Ту маро барои анҷоми ин кори бузург (омӯзиши ростӣ, ҳидояти мардум ба роҳи ҳақ ва ба шукуфоӣ ва хушбахтиву саодат расонидани онҳо), ба унвони нахустин омӯзгор баргузидаӣ».

Дар суруди 33, банди 6 Зартушт аз Худованд чун як ёвар, чун як дӯсти меҳрбон дар бароварда сохтани рисолаташ – иршоди мардум ва роҳбарии онҳо ба сӯйи ростиву дурустӣ ва расониданашон ба шукуфоию ҷовидонагӣ ёрӣ мепурсад. Мегӯяд: «Парвардгоро, чун парастандаи парҳезгоре, ки ба ростиву покӣ имоне устувор дорад, бо тамоми вуҷудам рӯҳи поки Туро меситоям ва аз андешаи ҳикматборат хосторам маъмурияти иршод ва роҳбариро чунонки иродаи Туст, анҷом диҳам. Ай

Худованди ҷону хирад, орзу дорам ба дидори Ту ва машварат бо Ту (монанди як дӯст) ноил оям».

Ин ҷо низ аз бархурди Зартушт бо худояш мо метавонем як дарси муҳимме барои худ бигирем. Зартушт Худоро на як мавҷуде бадқаҳру пур аз рашк нишаста дар кадом гӯшаи осмон медонад, ки ҳама корҳои мардумонро назора мекунад ва нофармоёнро бо сахттарин шева ҷазо медиҳад. Ӯ ба Маздо Аҳуро, ба Худованди ҷону хирад чун ба як дӯсти ҳамадон, ба як дӯсти бо андешаи ҳикматбор муроҷиат мекунад ва бо ӯ дар бораи шеваи роҳнамоии мардум, такон додани мағзҳои хуфта, нишон додани роҳи ростию дурустӣ, тарбияи инсон ва рушди фазилатҳои олӣ ва маънавӣ дар ӯ ва билохира роҳандозии як таҳаввулоти рӯҳӣ ва фикрию ахлоқӣ дар ҷомеа машварат мекунад.

Дар суруди 31, банди 2 ба мардум муроҷиат мекунад ва мегӯяд: «Бинобар ин, ман ба сӯйи ҳамаи шумо оям, чун омӯзгоре, ки Маздо баргузида ва барои ҳар ду гурӯҳ (ростпешагону кажандешон) фиристода, то аз рӯйи дини ростӣ зиндагӣ кунем».

Аз рӯйи дини ростӣ зиндагӣ кардан ба ин маънист, ки инсон дар партави андешаи нек ва қонуни азалии ростӣ бояд худро шинохта, амали нек анҷом диҳад ва барои хушбахтии мардум бикӯшад. Зартушт дар суруди 43, банди 1 мегӯяд: «Аҳуро Маздо бо ирода рӯшанӣ мебахшад ба он касе ки рӯшаноӣ медиҳад ба дигаре». Яъне, он ки дигареро хушбахт кунад, худ хушбахт хоҳад шуд, он ки дар хушбахтии ҳамнавъи худ бикӯшад, ба оромиши виҷдон ва ризоияти дарун даст меёбад, ки болотарини хушбахтиҳост.

Дар банди 3 ин суруд мегӯяд: «Ба ростӣ, касе аз беҳтарин некӣ бархурдор хоҳад шуд, ки дар ҷаҳони моддӣ роҳи ростӣ ва хушбахтӣ ба мо омӯзад ва ҳам дар ҷаҳони минуӣ, ҷаҳони ростӣ, он ҷо ки ҷойгоҳи Аҳуроcт. Дилдодагони Ту, ай Маздо, бо донишу покӣ ба Ту хоҳанд пайваст». Яъне, он ҷо ки ростист, он ҷо пок аст, он ҷо ҷойгоҳи инсонҳои худойгуна аст, он ҷо ҷойгоҳи Худост.

Дар суруди 34, банди 5 мегӯяд: «Ай Худованди хирад, орзу дорам, ки бо кирдори нек ва хидмат ба башар ва дар партави ростиву маниши нек ва дастгирӣ аз ворастагону бенавоён ба Ту пайвандам». Аз ин суруд бармеояд, ки Зартушт пайвастан ба Худоро (яъне расидан камол, ба Ҷаҳони Фурӯғро) бо кирдори нек ва хидмат ба башар ва дар партави ростиву маниши нек ва дастгирӣ аз ворастагону бенавоён муяссар медонад. Ба андешаи ӯ

касе, ки андешаҳояшро беҳтар ё бадтар созад, яқинан виҷдони худро бо гуфтор ва кирдор чунон хоҳад кард. Инсони росткору некандеш пайваста дар андешаи ёрӣ расонидан ба мардум ва шукуфо сохтани ҷомиа аст, ӯ мӯъмин аст. Ва мӯъмин дар назари Зартушт на он касест, ки ба кадом як худои мавҳум бовар дошта бошад ва ташрифоти мазҳабӣ анҷом диҳад, балки касест, ки ба ростӣ ва дурустӣ гароида, бо донишу хирад ороста бошад ва пайваста амали нек анҷом диҳад. Аз ин рӯ, Зартушт хостор аст, ки мардум рӯ ба хирад оранд (ба навои хирад гӯш фаро диҳанд), ростӣ ва дурустиро пеша кунанд, фаъол ва кӯшо шаванд ва баҳри пешрафти ҷомеа лаҳзае ғафлат раво надоранд, то ҳар чи зудтар ба шукуфоӣ бирасанд, ба расоӣ ва ҷовидонӣ даст ёбанд...

Вобаста ба ин Зартушт дар банди 4 суруди 34 аз «Он фурӯғи тавонои Худованди ҷону хирад – Маздо Аҳурои пок, он шуълаи фурӯзоне, ки абадӣ ва неруманд аст» сухан мекунад ва мегӯяд, ки: «Ай Худованди хирад, ҳамин шуълаи фурӯзон аст, ки палидии нуҳуфта дар ниҳоди бадхоҳонро онан ошкор месозад». Ба андешаи Зартушт ин фурӯғ дар даруни ҳамагии инсонҳо вуҷуд дорад, вале ӯ таъкид мекунад, ки ин фурӯғ танҳо дар партави ростиву дурустӣ фурӯзон мегардад ва онро виҷдони бедору замири рӯшан мегӯянд. Дар паёме аз ин суруди Зартушт орифи дилрӯшан Фирӯзи Озаргушасп менависад, ки: «Ин фурӯғ дар асари покиву парҳезкорӣ ва ростиву дурустӣ ҳамеша фурӯзон аст ва қалби инсонро рӯшан ва андешаашро ба сӯйи корҳои нек роҳбарӣ мекунад. Ин виҷдони бедор ва фурӯғи дарунист, ки бадхоҳону кинатӯзонро ба сари ақл меоварад ва андешаҳои палиду шумеро, ки бадхоҳону кинатӯзон дар мағзу ниҳодашон мепарваранд, ошкор месозад…

Ашу Зартушт орзу дорад, ки Худованд ҳама афроди башарро аз ин фурӯғи дарунӣ ва нури худоӣ, ки ҳамин виҷдони бедору фикри рӯшан аст, баҳраманд созад, то нисбат ба якдигар эҳсоси меҳру муҳаббат намоянд ва дар тариқи ростиву покӣ гом бардоранд ва дар роҳи пешрафту такомул кӯшо бошанд».

Агар ин фурӯғи дарунӣ ва нури худоӣ бар асари гузидани ростиву дурустӣ дар даруни бештари инсонҳо (дар ҳар дину мазҳабе ки ҳастанд) фурӯзон гардад, ки онҳо шукуфо шуда, аз рӯйи хираду андешаи нек меҳру муҳаббат ва ҳамзистии инсониро

баргузинанд ва аз тақлиду дунболаравӣ парҳез карда, таассубу кӯрдилиро тарк намоянд, ҳама мардуми ҷаҳонро бародару хоҳар донista ва ба ин воқеият имон оваранд, ки фақат ва фақат амали шахс муаррифи шахсият ва арзиши онҳост ва ҳеч дину ойин ба худии худ дорои бартарӣ нест..., ҷаҳон рафта-рафта биҳишти ростдинон ва хонаи сурури росткирдорон мешуд...

Е. Б. Зеклей – донишманди утришӣ ин маъниро дар омӯзаҳои Зартушт хуб дарёфта ва навиштааст, ки “... таълимоти Зартушт арзиши ҷаҳонӣ дорад, зеро дар ҳама аъсор ва ҳама кишварҳо ва барои ҳама кас дониши бекарони қавонини ҷовидонии табиат, ки эҳтиёҷ ба забон ва нажоду мазҳаб надорад, ба вуҷуд меоварад.

Ҳар гоҳ башар инфиродан ё муҷтамиан аз таолими зиндагибахш ва ҷовидонии Зартушт пайравӣ мекард, андешаи дигаргун сохтани ин сайёра ба фирдавси зебову хаёлангез таҳаққуқ меёфт ва дар он биҳишти оштиву сурур бо шиори андешаи нек ва гуфтори нек ва кирдори нек ва мафҳуми ... созиш бо қонуни ҳинҷори ҳастӣ ҳукмфармо мегашт.”

Ба дурустӣ ҳар гоҳ дар ҷомеаи башарӣ сафи некандешон ва инсонсифатон зиёд гардад, дарду ранҷ ва зулму ситам низ камтар хоҳад шуд ва оромиши бештаре бар ҳамаи ҷаҳон ҳоким хоҳад шуд ва ҷомиа ба сӯйи як ҳукумати мардумӣ ва инсонӣ наздиктар хоҳад гардид...

Чунин бод ва ҷовидон бод!

**Нозим НУРЗОДА**

# НИГОҲЕ БА МАСЪАЛАИ РӮШАНГАРӢ ВА ТАНВИРИ ФИКРӢ ДАР КИТОБИ «ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ДАР БУХОРО» - И УСТОД АЙНӢ

Дар тӯли таърихи зиндагии башарӣ қавму миллатҳои зиёде барои ба даст овардани истиқлолияти фикрӣ ва сиёсӣ, ки меҳвари озодиҳои дигари инсонӣ маҳсуб меёбад, ҷаҳду талошҳои фаровон кардаанд. Баҳри амалӣ намудани фазои бози фарҳангӣ ва ба вуҷуд овардани шароити мусоиди фикрӣ донишмандону мутафаккирони миллатҳои гуногун муқобили ҷаҳолат, ки зояндаи торикию бадандешист, шадидан мубораза бурда, роҳи наҷоту хушбахии башарро нишон додаанд.

Таърихи афкори пешқадами башарӣ собит сохтааст, ки ақвоми муфаккир танҳо бо роҳи рӯшангарӣ ва бедории фикрӣ ба қуллаҳои баланди тараққиёт ва тамаддун расида, боиси таҳаввулоти фикрию эҷодии куллӣ дар ҷавомеи башарӣ гардидаанд.[157]

Мавзӯи рӯшангарӣ ва танвири фикрӣ дар Бухоро, ки зодбуми мардуми тоҷиктабор ба шумор меравад, яке аз мавзӯъҳои муҳиму мубрами илмӣ буда, дар доираҳои улуми фалсафӣ ва филологӣ солҳост, ки матраҳ шудааст ва мавриди баррасӣ қарор мегирад. Яке аз сабабҳои асосии рӯ овардани муҳаққиқон ба ин мавзӯъ он аст, ки ҷомеаи аморати Бухоро, ки қисмати зиёди онро тоҷикон ташкил медоданд, вазъи бўҳрониро аз сар мегузаронид ва фақри фикрию маънавӣ мардумро сахт тасарруф карда, роҳи наҷотро душвор намуда буд. Дар ин миён рӯшанфикрону донишмандони қаламрави Бухоро, ки худро дар рафъи буҳрони амиқи фикрӣ масъул медонистанд, бар он кӯшиданд, ки бо фаъолияти густурдаи фикрию фарҳангӣ ин мушкилоти саросариро ҳаллу фасл намоянд.

Яке аз саромадони ин ҷараёни ба истилоҳ рӯшангар ва ҳувиятсоз устод Садриддин Айнӣ буд. Устод Айнӣ, бо такя ба манобеи дастрас китобҳое таълиф намуд, ки ҷомеаро дар рафъи

[157] Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. – Теҳрон, 1385. -С. 13.

бухрон ҷиддан кӯмак намуда, роҳи наҷоти ҷамоаи Бухорои амирсолорро мушаххас кард. Яке аз асарҳои калидии устод Айнӣ, ки ба мавзӯи танвири фикрӣ ва рӯшангарӣ дар Бухоро ихтисос ёфтааст, «Таърихи инқолоби фикрӣ дар Бухоро» унвон дошта, дар таъйини масири инқилоби фикрӣ дар қаламрави Бухорои амирӣ муътамадтарин манбаи таърихӣ ва илмӣ-таҳқиқӣ маҳсуб мешавад. Ин аст ки мо барои рӯшанӣ андохтан ба масъалаи танвири фикрӣ ин асари ҷиддии устод Айниро интихоб намудем.

Перомуни мавзӯи «Масири рӯшангарӣ ва танвири фикрӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и устод Айнӣ» муҳаққиқон ва адабиётшиносони муосири тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Маъруф Раҷабӣ, Абдулҳай Маҳмадаминов, Худойназар Асозода ва дигарон изҳори назар карда, ҳар яке бо таваҷҷуҳ ба масоил ва такя ба манобеи зарурӣ ва истинод ба таълифоти устод Айнӣ нуқтаи назари хешро дар робита ба инқилоби фикрии Бухоро ва нақши Айнӣ дар ин раванд баён доштаанд. Лекин, бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқони мазкур ба таври мушаххас ба мавзӯи фавқ таваҷҷуҳ накардаанд, балки ба таври куллӣ, бо тақозои мавврид ва мавзӯи баррасишаванда ба масъалаи рӯшангарӣ ва раванди танвири фикрӣ мутаваҷҷеҳ шудаанд. Бо вуҷуди ин, саҳми муҳаққиқони дар боло зикршуда, хусусан, академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар таҳқиқи масъалаи мунавварфикрӣ дар Бухоро бориз аст.

Ин нуктаро ироа намудан месазад, ки масъалаи танвири фикрӣ ва рӯшанфикрӣ дар олами андешаи муосири тоҷик дар шакли наву тоза аз ҷониби файласуфи тоҷик устод Комил Бекзода мавриди пажӯҳиши ҷиддии илмӣ қарор гирифтааст. Китоби илмӣ-таҳқиқии устод Бекзода таҳти унвони «Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ» соли 2012 аз ҷониби Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии тоҷикистон ба табъ расид. Дар ин китоб нахустин маротиба таърихи равшанфикрии мардуми форсу тоҷик аз қадим то замони Фирдавсӣ мавриди таҳлили мунсифонаи илмӣ-фалсафӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, китоби мазкур дар омӯзиши масоили равшангарию мунавварфикрии миллӣ тадқиқоти арзишманди илмӣ ва фалсафӣ маҳсуб меёбад. Аммо дар китоби фавқ, бо назардошти мушаххасоти мавзӯӣ, ки ба замону макони муайян иртибот гирифтааст, масъалаи мавриди назари мо баррасӣ нашудааст. Ин аст ки бо такя ба манобеи дастрас мо кӯшидем,

фазои танвири фикрии аморати Бухороро аз рӯйи навиштаи устод Айнӣ мушаххас намоем.

Нуктаи дигаре, ки боиси ташвиш аст, ин дар шароити феълӣ ба буҳрони амиқи фикрию ахлоқӣ сарозер шудани ҷомеаи тоҷикӣ мебошад ва ин мусибати фарҳангӣ аҳли дониш ва зиёи кишварро бетафовут гузошта наметавонад. Мо низ, ки ба қишри зиёӣ мутааллиқем, дар шароити имрӯзаи фақри ахлоқӣ, фикрӣ, эҷодӣ ва билохира буҳрони маънавӣ бетараф буда наметавонем ва барои нишон додан ва ташхис намудани сабабу авомили барангезандаи ҷаҳолату хурофоти иҷтимоъ аз китоби арзишманди устод Айнӣ истифода намудем, то ки насли имрӯз аз шикасту рехт, дарҳамбарҳамӣ ва бофти иҷтимоии ҷомеаи аморати Бухоро огоҳ гардида, қобилияти шинохту қиёси замонию маконии фазои гузаштаю имрӯзаи иттилоотию маърифатиашро таҳким бахшида, ба доми фиребу найранги хурофотиёну мутаассибони сарсахти замон наафтад, дар ҳоле ки шумори ин турфа бамаротиб зиёд шуда истодааст.

Мо дар мақолаи худ аз маводи илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва адабиётшиносони варзидаи тоҷик М. Шакурӣ, Х. Асозода, А. Холиқзода, ки бештар ба мавзӯи мавриди назари мо марбут буданд, истифода бурдем. Баъдан, китоби устод Айнӣ «Таърихи инкилоби фикрӣ дар Бухоро» (нашри Теҳрон) дар мушаххас намудани мушкилоти фарҳангӣ ва маърифатӣ ва масири бедории фикрии ҷомеаи Бухоро моро кумак кард.

Қабл аз он ки ба масъалаи рӯшанфикрӣ ва рӯшангарӣ таваҷҷуҳ кунем, мебояд иҷмолан доир ба мазмуни калидвожаҳои боло, ки дар як мафҳуми асосӣ – рӯшанфикрӣ мунсаҷим шудаанд, таваққуф намуд. Тибқи назари муҳаққиқон, кори фикриро метавон бо ду тарз баррасӣ кард: аввалан, бо роҳи истифода аз равишҳои равоншиносӣ, улуми зистӣ, ба вижа асабшиносӣ, ки ҳадафаш шинохти мушаххасоти мағзи инсон аст ва сониян, тавассути таваҷҷуҳ ба корҳои фикрии афрод, коркардҳо ва натоиҷи иҷтимоии онҳо[158]. Тарзи дуюми баррасӣ дар кори рӯшанфикрӣ тарзи фалсафии ҳалли масъали фавқуззикр аст. Маҳз

[158] Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384. –С.7.

тавассути роҳи дуюми таҳқиқ аслу нукоти иҷтимоӣ ва фарҳангии зуҳури кори фикрӣ дар маҳдудаи иҷтимоӣ бозшиносӣ мешавад.

Албатта, кори рӯшанфикрӣ кори на як ё ду нафар, балки кори табақоти гуногуни фикрӣ аст. Танҳо дар натиҷаи муколамаи мутақобилан судманд ва орӣ аз ғараз ва табодули назари табақоти гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фазои бози рӯшанфикрӣ дар ҷомеа доман густурда, роҳи наҷоти инсонӣ аз вартаи хурофоту таассуби саросарӣ тадриҷан дар ҳамаи сатҳҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию иқтисодӣ падидор мегардад. Ин аст, ки файласуфи машҳури асри бистум Мишел Фуко навиштааст: «Кори рӯшанфикрӣ корест ҳамагонӣ, маҳсули хиради ҷамъӣ ва мантиқи муколама»[159] .

Вожаи «**рӯшанфикр**» дар шакли истилоҳ ва мафҳуми илмию фарҳангӣ аз фарҳанги урупоӣ ба муҳити фарҳангӣ ва фазои сиёсию иҷтимоии мо ворид гардидааст. Нависандагони давраи машрутаи Ирон ба ҷойи истилоҳи франсавии **Siecle des lumieres** ибораи «**асри мунавварфикрӣ**» -ро истифода мебурданд ва дар солҳои баъдӣ ба ҷойи «мунавварфикр» вожаи «рӯшанфикр» мутадовил гардид ва натиҷатан, ба ҷойи истилоҳи франсавии **Siecle des lumieres** мафҳуми «асри рӯшанфикрӣ» мавриди истифода қарор гирифт. Маврид ба зикр аст, ки дар асрҳои миёна вожаи рӯшанфикр дар шакли рӯшандил вуҷуд доштааст ва Ҳаким Носири Хусрав ҳангоми баёни матолиби мавриди назар аз истилоҳи мазкур дар шакли «Рӯшандилони рӯшон ойинаи сафоянд», ёд кардааст. Устод Айнӣ ҳам дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» аз калидвожаҳои «танвири фикрӣ», «мунавварфикрӣ», ки дар ибтидои садаи бистум дар фазои фикрию эҷодии Бухорои амирӣ зуҳур кардаанд, васеъ истифода бурдааст.

Агар сари вожаи «рӯшанфикр» аз лиҳози луғавӣ сухбат кунем, ба ин натиҷа мерасем: «Навгаройӣ, таҷаддудпараст, таҷаддудгаройӣ. Он ки эътиқод ба ривоҷи ойину афкори нав дорад»[160]. Дар китоби Доиратулмаорифи форсӣ вожаи рӯшанфикрӣ дар баробари **Enliqhtenment** омада, ки ҳамон рӯшанфикрӣ аст ва ҳеҷ ишорае ба вожаи англисии **Intellectual** нашудааст ва дар ин китоб шарҳе аз гуманизми роиҷи Урупои

---

[159] Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384. –С.11.
[160] Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома. Ҷилди 8. Теҳрон, 1373. –С.10912.

асри ҳаждаҳум омадааст[161]. Ба таври куллӣ, дар фарҳанги муосири форсӣ истилоҳи «рӯшанфикр» дар ду маъно шарҳ ёфтааст:

1.Касе, ки дорои бинише огоҳона, мантиқӣ, дур аз хурофа ва таассуб бошад.

2.Касе, ки муътақид ба нақш ва арзиши донишу фарҳанг дар пешрафти ҷомеа ва беҳрӯзии мардум бошад [162].

Мусаллам аст, ки афкори рӯшангарӣ дар қаламрави аморати Бухоро бидуни таъсироти берунӣ мутадовил нагардидааст. Аморати Бухоро, ки ба қонуну қавоиди асримиёнагӣ зиндагӣ карданро одат карда буд, бо вазидани боди мувофиқи маорифпарварӣ, навандешӣ ва танвири фикрӣ бесаранҷом шуд ва барои нигоҳ доштани низоми куҳнаю фарсудаи давлатдорӣ тавассути ҷаҳолати амиқ ба мубориза̄ю муқовимати шадид бархост.

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки зиёиёну рӯшанфикрони Бухоро аз омӯзаҳои равшангарону маорифпарварони Шарки онрӯза, пеш аз ҳама, аз таълифоту фаъолияти Чамолуддини Афғонӣ (1833-1897), Муҳаммад Абдӯҳи Мисрӣ (1849-1905), Исмоили Ғаспарӣ(1851-1914) самаранок истифода намуда, дар Мовароуннаҳр ҷунбиши тараққихоҳона ба вуҷуд оварданд.[163]

Дар Бухорои амирӣ Аҳмад Махдуми Дониш сарсилсилаи афкори маорифпарварӣ буда, нахустин гомҳои рӯшангариро дар масири таҷаддуди фикрӣ ӯ бардоштааст. Аҳмади Дониш пас аз се сафари расмие, ки ба Русияи подшохӣ анҷом дода буд, аз назари фикрию сиёсӣ, ва фарҳангию иҷтимоӣ тағйир ёфт, яъне дар тафаккури Дониш табаддулоти куллӣ ба вуҷуд омад; тараққиёти мамлакати бегонаро бо чашми сар дид, пешравиҳои назарраси иктисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Русия ӯро мафтун кард, ба акибмондагии мардуми Бухоро тан дод ва ба олами тамаддуни Ғарб дар симои Русия пайваст.

Ошноии ибтидоӣ бо фарҳанг ва тамаддуни русӣ биниши Донишро, ки дар доираи ақоиди асримиёнагӣ чарх мезад, тағйир дод ва заминаи таҷаддуди фикрию эҷодиашро таъмин сохт. Он

---

[161]Мусоҳиб Ғуломҳусайн. Доиратулмаорифи форсӣ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1345. –С. 1128.

[162] Афшор Ғуломҳусайн Садрӣ, Ҳукмӣ Насрин, Ҳукмӣ Настаран. Фарҳанги муосири форсӣ. Теҳрон, 1381. –С.683.

7 Шакурӣ М. Равшангари бузург. -Душанбе: Адиб, 2006. -С. 25.

дагаргунӣ ва таҳаввулоте, ки ҷомеаи русӣ ба даст оварда буд, ба баракати илму маърифат сурат бастанд. Дониш осори таҷаддуд ва навгониҳоро дар кӯлбори маърифаташ, ба сифати ҳадоёи фарҳангӣ ба Бухоро овард ва байни элитаи сиёсии аморати акибмондаи феодалӣ тақсим кард. Аммо, бехабар аз он ки қишри давлатдори аморат аз хоби гарони ҷаҳлу таассуб бедор шудан намехоҳад. Ин буд, ки Дониш таҳти фишору таҳдид қарор мегирад.

Рӯшанфикрони дигари Бухоро, мисли Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, Шамсиддини Шоҳин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Тошхоҷа Асирӣ, Ҳамдӣ, Айнӣ, Мунзим, Беҳбудӣ ва дигарон аз андешаҳои тараққихоҳонаю маорифпарваронаи Аҳмади Дониш таъсир пазируфта, ғояҳои баланди инсониро тарғибу ташвиқ мекарданд. Масалан, яке аз пешгомони ҷараёни маорифпарварӣ ва рӯшангарӣ устод Айнӣ васияти Аҳмади Донишро, ки мехост дар аморат ва ҷомеаи Бухоро тағйироту дигаргунии куллии фикрӣ рух диҳад, сарбаландона иҷро карда тавонист дар ҷодаиислоҳоти фикрии ҷомеа қадамҳои устувор ниҳад.

Яке аз масоили муҳими самти рӯшангарӣ ин тағйири мадорис ва мактабу маориф дар он давра буд. Домуллоҳои пешқадами мадориси Бухоро Икром (устоди Айнӣ) ва Муҳаммад Авази Хуҷандӣ баъди бозгаштан аз ҳаҷ ба ислоҳи мадорис ҷиддан талқин намуданд.[164]

Инқилоби фикрие, ки дар миёни аҳли зиёии Бухорою Самарқанд ва дигар манотиқи аморат ба вуқӯъ пайваст, ба чанд омил бастагӣ дошт:

1.Аҳли зиёи Бухоро, махсусан сарватмандон ба кишварҳои дуру наздик сафар карда, пешравиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангиро дида, бо тафаккур ва диди тозаю ҷадид ба ватан бармегаштанд ва пайи ислоҳи низоми маориф ва фарҳанг кӯшиш ба харҷ медоданд.

2.Интишор гардидани рӯзномаю ҷаридаҳои гуногун, ки ба забонҳои тоторӣ, туркӣ-узбакӣ ва русӣ рӯйи чоп омада, ба дасти аҳли зиёи Бухоро мерасиданд ва чун матолиби ҷолиби маърифатӣ ва ислоҳхоҳона доштанд, ногузир ба зеҳниёти аҳли мутолиа таъсири амиқ мегузошт.

---

[164] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 1381. –С. 18.

3.Ба омӯзиши забони русӣ таваҷҷуҳ кардани аҳли зиёи Бухоро ҳанӯз аз нимаи дуюми асри Х1Х шурӯъ шуда буд ва ин раванд имкон дод, ки матолиби гуногуни муҳтавои дунявидошта ба дасти хонандагони ин забон расад ва саранҷом ба таҳаввулоти фикрӣ ва инқилоботи зеҳнӣ оварда расонад.

Вақте ки зиёиёни Бухоро ба андешаҳои мутафаккирон ва мунавварфикрони Шарқ, аз як тараф ва ҷароиди пешқадами аз Қазону Туркия ва Русия воридгардида, аз тарафи дигар, ошно шуданд, дар пайи ислоҳи ҷомеа афтоданд ва ин роҳи сангинро, баъзан бо баҳои ҷон ва хун тай намуданд.

Дар таҳаввулоти фикрии фарҳангиёни Бухорои охири асри Х1Х ва ибтидои садаи бист нақши инқилоботи Ирону Туркия, муборизаи миллӣ-озодихоҳонаи мардуми Миср алайҳи душманони дохилӣ ва берунӣ басо чашмгир аст.[165]

Ҳаракати сиёсӣ ва фарҳангии ҷадидия, ки муҳтавои онро ислоҳоти куллии давлатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташкил медод, дар ибтидои садаи бист ба яке аз ҷараёнҳои бонуфузи сиёсӣ табдил ёфт. Ағлаб донишмандону рӯшанфикрони тоҷик, аз қабили Абдуррауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Маҳдӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Садриддин Айнӣ ба ин ҳаракат бевосита ё бавосита пайвастанд.

Фитрат, ки то инқилоби Бухоро (соли 1920) рӯшанфикри барӯманди миллӣ маҳсуб меёфт, дар рисолаи «Мунозира» аз забони қаҳрамонаш бо ҷиддият хитоб мекунад: «Охир куффор тараққӣ кунанд, мо чаро таназзул? Куффор бо камоли осудагӣ зиндагӣ намоянд, мо чаро гадову фоқазода...»[166] . Ба назари Фитрат, масъалаи раҳоӣ бахшидани мардум аз фақру бенавоӣ танҳо аз тариқи касб кардани илму дониш ҳаллу фасл мегардад.

Устод Айнӣ, ки бо китоби «Наводир-ул-вақоеъ» - и Аҳмади Дониш шинос мешавад, худро дар олами воқеиёти давр тасаввур намуда, ба таври худогоҳ тағйир меёбад. Баъдан дӯстӣ бо яке аз бузургтарин рӯшандилони Бухорои вақт Садри Зиё дар

---

[165] Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. -С. 157.
[166] Холиқзода А.Тоҷикони Мовароуннаҳр. – Душанбе, 1997. –С.45.

ташаккулу таҳаввули ҷаҳонбинии устод нақши муассир гузоштааст. Китобхонаи Садри Зиё дар бедорӣ ва таҳаввулоти фикрии як зумра адибону донишмандон, аз ҷумла Айнӣ ҳамчун манбаи асосӣ хидмат кардааст.[167]

Ҳамин тариқ, афкори рӯшангаронаи мутафаккирони шарқӣ, таҷрибаи инқилобҳои мамолики Ирону Туркия, Миср, ҳамчунин интишори рӯзномаю ҷароиди ҷадид, ки дар шаҳрҳои Русия, Туркия, Кафқоз, Миср ба табъ мерасиданд ва ба василаи фарҳангиёну тоҷирони пешқадам ба қаламрави аморати Бухоро, бахусус Бухорою Самарқанд ворид мегардиданд, ҷараёни сиёсию фарҳангии рӯшангариро ба вуҷуд оварданд, ки минбаъд бо номи «ҷадидия» маъруф ва мутадовил шуд.

Яке аз барҷастатарин саромадони ҳаракати рӯшангарии Осиёи Марказӣ, ки он замон дар таъбири «аморати Бухоро» маънӣ ва мафҳуми сиёсӣ мегирифт, бешубҳа, устод Айнӣ мебошад. Устод Айнӣ касе буд, ки парчами мубориза беамон бар зидди зулму залолат ва ҷаҳолатро аз дасти пири маънавии хеш Аҳмади Дониш гирифта, то вопасин дақиқаҳои ҳаёт парафшон сохт. Кори рӯшангарии устод Айнӣ кори якумрӣ буд. Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ барҳақ навиштааст: «Садриддин Айнӣ он муборизаи бузургеро, ки Аҳмади Дониш сар карда ва чандин нафар шогирдрону пайравони ӯ давом доданд, ба нуқтаи олӣ, аз баъзе ҷиҳатҳо ба натиҷаи ниҳоӣ расонид. Як сари занҷираи қавии мубориза дар дасти Аҳмади Дониш ва сари дигари он дар дасти Айнӣ буд». [168]

Воқеан, устод Айнӣ, аз рӯйи тавон ва имконоти фикрию эҷодӣ масири рӯшангариро дар китоби муфассали худ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» муайян ва мушаххас намудааст. Ин асар, аслан «Таърихи инқилоби фикрӣ ё таърихи усули савтия ва инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ном дошта, устод онро моҳи июни соли 1917 таълиф намуда, охирин саҳифаҳои китобро 7 феврали соли 1918 навишта будааст. [169] Муҳаммадҷон Шакурӣ таълифи китоби мазкурро, аниқтараш поён ёфтани онро 17 феврали соли 1918 таъкид мекунад.[170] Айнӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», пеш аз ҳама, ба мубрамтарин масъалаи

---

[167] Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. – Душанбе, 2010. -С. 7.
[168] Шакурӣ М. Б. Садри Бухоро. – Душанбе: Деваштич, 2005. -С. 201.
[169] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Техрон, 1381. -С. 7-8.
[170] Шакурӣ М. Б. Садри Бухоро. – Душанбе: Деваштич, 2005. –С. 10.

инсонӣ – бедорӣ ва инқилоби фикрӣ ҷиддӣ ва муфассал таваҷҷуҳ мекунад. Худи ибораи «танвири фикрӣ», ки мо аз он ҳамчун мафҳуми калидӣ ё калидмафҳум истифода намудем, дар китоби мазкур сарандеша аст. Айнӣ тағйироти куллӣ, бедорӣ, рӯшангарӣ ва билохира озодии мардум (омма) – ро маҳз дар танвири фикрӣ мебинад. «Бе ҳузури раият, - мегӯяд устод Айнӣ, - ва бе танвири афкори омма инқилоби нофеъро мумкин намедонистам».[171]

Устод Айнӣ ба воситаи ин асар ҷузъиёту куллиёти ақибмондагии мардуми Бухороро бо далоили мушаххас нишон додааст. Сабаби ақибмондагӣ ва ҷаҳолати саросариро дар қаламрави аморат, Айнӣ дар бесаводӣ, бемасъулиятӣ, танбалӣ, танпарварӣ, истибдод, золимӣ ва беадолатии амирону ҳокимон ва мударрисону қозиён дидааст. Вай бо афсӯсу надомат аз ин вазъи ногувор ёд мекунад: «Аз тарбияи авлод, аз таърихи олам, аз сиёсати дунё, аз тадбири манзил, аз маданияти ислому Аврупо бехабар будани ин фирқа (уламои дин) ва пайравонашон ҳоҷати гап ҳам нест. Ҳамин бехабарӣ буд, ки дар аҳди амир Музаффархон вақти вуруди аскари Русия фоҷиаҳои зиёде ба амал омад».[172] Дар ин замина пурсише матраҳ мегардад бад-ин мазмун: бо он донишу маърифати маҳдуду костае, ки аз амиру кабир то раияти хокпош дар Бухоро доштааст, оё мунтазир шудани ислоҳот имкон дошт? Гузашта аз ин, вазъ дар мадориси Бухоро, ки макони омода намудани мутахассисони коршоям будааст, хеле ва хеле нигароникунанда ба назар мерасидааст. [173]

Устод Айнӣ, ки худ муҳассили чандин мадориси Бухоро буд, вазъро хеле хуб медонист. Ҳатто дар «Ёддоштҳо» Айнӣ аз бесуботии барномаҳои таълимии мадориси Бухоро ишора кардааст. Масалан, устод дар ҷойе аз ин вазъи ногувор ба таври зайл ёдовар мешавад: «Бо нуфузи зиёд доштани мадориси Бухоро, ҷойи тааҷҷуб ин аст, ки ғайр аз илми калом дигар чизе аз илмҳои динӣ дар программаи мадрасаҳои Бухоро набуд. Ҳар кас ҳавас дошта бошад, тафсири Қуръон, ҳадиси пайғамбар ва фиқҳи исломиро ба тарзи ғайрирасмӣ дар пеши ягон мутахассиси ин

---

[171] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 1381. -С. 95.
[172] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 1381. -С. 32.
[173]Бухара накануне революции. –Москва, 1989. –С.23-24.

илмҳо рафта мехонд».[174] Устод Айнӣ, чун ба марҳилаи огоҳӣ расид ва пиндошт, ки вазъи ногувори бемаърифатию ҷаҳолати саросарӣ қаламрави Бухороро фаро гирифта, мисоли сели даҳшатнок ба мусибату бадбахтии мардум мунҷар гардидааст, бо эҳсоси масъулият ва рисолат, аз рӯйи тавон ва нерумандиаш баислоҳи вазъият камари ҳиммат барбаст. Ӯ аз нахустин маротиба мутолиа кардани ҷаридаи «Сироти мустақим» (аз Туркия ба воситаи Абдураҳмон Саъидӣ – поягузори мактаби савтияи тоторӣ дар Бухоро ба дасти Айнӣ ва дӯстонаш расидааст) изҳори хушнудӣ карда, навишта буд, ки: «Ин маҷмӯа ба танвири афкори мисли мо парешонрӯзгорон кифоя мекард».[175] Айнӣ бо далоили кофӣ омилҳои заъфи фикрӣ ва фарҳангии аморати Бухоро ва уламою мадориси онро, ки ба низоъҳои байнимазҳабӣ, динӣ, кашмакашҳои сиёсӣ бурда мерасонданд, ба таври зайл дастабандӣ карда буд:

1. Нодонии аҳолӣ.
2. Таассуби уламо.
3. Ҷоҳталабии руасо.
4. Худсариҳои уламову умаро.
5. Фасоди мадорис ва таълим.
6. Фитнаи намояндагони элчихонаи рус.[176]

Нависанда дар асоси тақсимбандии авомилу сабабҳои қафомондагии мардуми Бухоро ба хулосае меояд, ки танҳо бо роҳи маърифатнок намудани мардум беҳбудӣ ва беҳрӯзии иҷтимою сиёсӣ ва фарҳангӣ ба даст меояд. Нависанда, баъзан ҳангоми баёни матолиб сахт ба эҳсосот дода мешавад, чунки вазъи ногувори иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмию фарҳангии мардуми Бухоро ӯро, ҳамчун рӯшангар ва мунавварфикр ором гузошта наметавонист. Устод Айнӣ фитнаву таассуби шадидеро, ки ҷомеаи онрӯзаро фаро гирифта, тадриҷан ба вартаи нестӣ тела медод, шадидан интиқод карда, «наҷот дар илм асту бас»[177], гӯён садо дармедод ва аз ҷомеа хостори дигарандешӣ мешуд. Ин буд, ки аз рӯзҳои нахустин ба ҷараёни рӯшангарӣ пайваста, бо дӯстонаш Мунзим ва Беҳбудӣ ба кушодани макотиби ҷадид, ки бар мабнои усулҳои нави таълиму тадрис таҳаққуқ меёфтанд,

[174] Айнӣ С. Ёддоштҳо. – Душанбе, 2009. -С. 136.
[175] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 1381. -С. 26.
[176] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 1381. -С. 55.
[177] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 138. -С. 55.

пардохт. Китобу расоили Айнӣ «Таҳсиб-ус-сибён» (1909), «Тартил-ул-қуръон» (1909), «Заруриёти диния» (солҳои 1913-1914) ва «Роҳбари хат» (барои ҳусни хат) дар мактаби усули савтия таълим дода мешуданд.

Мактаби нав, ки Айнӣ ва дӯстонаш таъсис дода буданд, дар андак замон маъруф гардид. «Ман, - мегӯяд устод Айнӣ, - бесаводии атфоли мусалмонро дида, чашм пӯшиданро мухолифи инсоният ва исломият медонистам. Шогирдони мактаб нодида дар 6 моҳ хату савод бароварданд».[178] **(**Баъди ин муваффақият аҳли таассуби Бухоро, ки аз рӯйи одати қадима ба таҷаддуд нафрат меварзиданд, алайҳи мактаби ҷадид муқобилиятро оғоз намуданд. Танҳо домулло Икром ин мактабро ҷонибдорӣ кард ва ҷасоратмандона фатво дод: «Ман ин мактабро мувофиқи одоби ислом дарёфтам. Тарбияи динӣ дар ин мактаб ба дараҷае беҳтар аст аз дигар макотиби куҳна. Аз назари исломият ин мактаб мухолифи шаръ нест»[179].

Бояд тазаккур дод, ки Айнӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ, намехост мардум инқилоб кунаду хунрезӣ шавад. Ӯ хостори инқилоби фикрӣ ва аз оғоз зидди ҷунбиши инқилобӣ буд. [180] Ин буд, ки робитаашро бо «ҷадидони ҷавон», ки дар байни онҳо Абдурауфи Фитрат ва Файзулло Хоҷаев буданд, бурид. Ин қабилислоҳотхоҳон ақида доштанд, ки бо роҳи ислоҳоти сиёсӣ ба мақсад расидан мумкин аст ва танвири афкор барои расидан ба ҳадаф он қадар муҳим нест. Айнӣ бошад, бар он пофишорӣ мекард, ки **афкори умумӣ танҳо ба воситаи илму маърифат танвир меёбад ва ҷавҳари ислоҳот мактабу рӯзнома аст.[181]**

Устод Айнӣ ҳамчун рӯшангари бузург ҳанӯз хеле барвақт пай бурда буд, ки ягона роҳи мусоид ва муътадил барои расидан ба ҳадаф танвири афкори ҷомеа аст. Танвири афкор ба мактабу маориф ва мутолиаи ҷароид сахт бастагӣ дорад. Ҳар қадар рӯзномаю ҷароиди гуногунмазмун ва пурмуҳтаво дастраси ҷомеа гардад, ҳамон қадар сатҳи рӯшангарӣ ва танвири фикрӣ дар ҷомеа боло меравад.

---

[178] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 27.
[179] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 36.
[180] Шакурӣ Муҳаммадҷон. Равшангарӣ бузург.-Душанбе: Адиб, 2006. -С. 28.
[181] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 95.

### *Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Ҳамин тариқ, роҳи наҷоти ҷомеаи Бухороро устод Айнӣ дар илмомӯзӣ ва мутолиоти густурдаи рӯзномаю ҷароиди ҷадид медид. Устод дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» масъалаи танвири афкори мардумро дунболагирӣ намуда, менависад: «Мутолиаи кутуб ва расоил, аз кадом қисм ки бошад, ба танвири афкор хидмат мекунад».[182] Устод Айнӣ ҳамчун рӯшангари воқеии замон барои раҳоӣ бахшидани оммаи Бухоро аз ҷаҳолати саросарӣ дар баробари уламои мутаассиб ва ҳуккоми мустабид, ки дар он давр шуморашон рӯз ба рӯз рӯ ба афзоиш дошт, қад алам карда, дар ин роҳи душвору пуртаҳлука, ҳамчун марди ҷасуру шуҷоъ қадам зад ва номашро дар таърихи фарҳанги миллӣ абадан сабт сохт.

Устод Садриддин Айнӣ ба сифати рӯшанфикри миллӣ дар ҷомеаи хурофотии аморати Бухоро бар муқобили ҷаҳлу залолат ва ақибмондагӣ ҷиҳоди фикрӣ-маънавӣ эълон намуда, бо ин васила ҷаҳони тираву тор ва мамлу аз ҷаҳолату таассуби шадиди уламою мансабдорони аморатро мавриди таҳлили воқеӣ қарор дода, чароғи маърифатро ба масобаи муҳаррики асосии раванди бедорӣ ва танвири фикри иҷтимоъ барафрӯхт. Нависандаи мутафаккир дар ташхиси бемориҳои фикрию фарҳангии ҷомеаи хурофотзадаи Бухоро ғалат накард, баръакс, дардҳои иҷтимоиро амиқ эҳсос намуд, тавассути ақлу мантиқ дарёфт ва тариқи доруи илму маърифат пайи табобати ҷарҳоту амроз пардохт. Ҳадафи аввалӣ ва ниҳоии ӯ маърифатнок кардани мардум буд. Устод, ба қавли муҳаққиқон, ҳеҷ гоҳ аз ақидаи тараққипарваронаи худ барнагашт ва то охир ба он пойдор монд.[183] Дар ин роҳи сангин, ки рӯшангарӣ ном дошт, ҳамеша зери хавфи азиме ба сар мебурд[184] ва бо ҷаҳолати неруманди замон ҷуръатмандона бархурд мекард. Роҳи тайнамудаи ин рӯшангари бузург роҳи саодатмандӣ ва пирӯзии миллат аст ва имрӯз низ кору пайкори устод Айнӣ ранги куҳнагӣ напазируфта, баръакс, дархӯри замону маконанд. Дар шароити феълӣ, ки басуръат дастгоҳи хурофоту таассуб дар ҳаракат аст ва бар асари ин ҳаракоти номутаносиб ҷомеаи мо, муҷаддадан ба гирдоби хурофоту таассуби асримиёнагӣ мувоҷеҳ гардида истодааст, омӯзиши амиқи

[182] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 95.
[183] Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. – Душанбе, 2010. -С. 12.
[184] Шакурӣ М. Б. Нигоҳе ба дадбиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе, 2006. -С. 21.

осори устод Айнӣ, билхусус, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ҳукми зарурат аст. Китоби устод дар шинохти вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ, маънавии Бухорои амирӣ ва мушаххас намудани авомилу уқдаҳои равонию фикрии замон ба хонанда кумак карда, барои ӯ масири минбаъдаи ҳаракати рӯшангариро дар минтақа бозгӯ менамояд. Ин аст ки мутолиаи амиқ ва чандинкаратаи китоби мазкур заруратӣ муқтазоти замонӣ маҳсуб меёбад.

Натиҷагириҳои куллии мо аз баҳс дар мавзӯи «Масири рӯшангарӣ ва танвири фикрӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и устод Айнӣ аз тариқи зайланд:

1. Дар бедорӣ ва танвири фикрии устод Айнӣ китобҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва «Сайёҳатнома»-и Иброҳимбек нақши бориз доштаанд.[185] Ба сухани дигар, марҳилаи ибтидоии бедории фикрии Айнӣ аз ин китобҳо шурӯъ шудааст. Баъди мутолиаи китобҳои мазкур устод Айнӣ дар фикри таъсиси мактаби ҷадид бо усулҳои нави тадрис меафтад.

2.«Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» асарест, ки дар он муҳтавои ҳаёти сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аморат ва оммаи Бухоро баён ёфтааст. Муҳтавиёти номбурдаро Айнӣ хеле дақиқ ва ҷиддӣ арзёбӣ намудааст.

3. Устод Айнӣ сабаби аслии дардҳои иҷтимоии ҷомеаи Бухороро дар ҷаҳолат, нодонӣ ва таассуби саросарӣ дидааст. Ин ташхиси амиқу дурусти ӯ меҳвари китоби арзишмандашро ташкил додааст.

4. Раҳоӣ аз бунбасти фикрӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро устод Айнӣ дар танвири афкор мебинад, яъне мунавварфикрӣ, сараввал тавассути мактаб ва усулҳои ҷадиди таълим (мактаби усули савтия) ибтидо мегирад. Таълиму тадрис бо усулҳои ҷадид заминаи боэътимоди бедорӣ ва танвири фикрӣ маҳсуб меёбанд.

5. Айнӣ ҷонибдори инқилоби фикрӣ буд, на тарафдори инқилоби сиёсию ҷисмонӣ, ки ба талафоти ҷонӣ сабаб мегардид. Ӯ ақидаи як зумра ҷадидонро, ки хостори тариқи хунрезӣ ислоҳ

[185] Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 20.

намудани ҳукумати Бухоро буданд, ноқис медонист. Бинобар ин, аз онҳо дурӣ ҷуст ва тарки алоқа кард.

6. Устод Айнӣ ҷавҳари ислоҳотро дар мактабу рӯзнома ва роҳи наҷоти инсониятро дар илму ирфон медид. Хатти марказӣ дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» рӯйи илму маърифат чарх мезанад. Устод роҳи халосӣ ва наҷот аз ҷаҳлу таассубро дар пайвастан ба илму дониш медид.

7. Нависанда ба ҳайси як мусалмони ростин, мутадайини асил ва шахсияти муқаввои фарҳангӣ аз вазъи буҳронии қаламрави аморат изҳори нигаронӣ намуда, дар ин замина, бо эҳсоси масъулият ва бо такя ба андӯхтаву омӯзаҳо ва таҷрибаи инфиродӣ, рисолаи ҷолиби илмӣ-публитсистии «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-ро таълиф кард. Дар он, бидуни такаллуф ва таоруфи суннатӣ вопасмондагии динӣ-мазҳабӣ, ахлоқӣ, иҷтимоию равонӣ ва фикрию фарҳангии ҷомеаро, ки ба сабаби ҷаҳолату таассуби сахти сардамдорони низоми сиёсӣ – амиру кабир, ҳокиму амалдор, қозию муфтӣ ва амсоли онҳо рӯйи кор омада буд, шадидан мавриди интиқод қарор дод ва бад-ин васила рисолати худро дар назди фарҳанг ва ҷомеа бошарафона адо кард.

8. Имрӯз вазифаи мо – фарҳангиён аз он иборат аст, ки осори арзишманди устод Айниро мукаррар мавриди мутолиаю таҳлили ҷиддӣ қарор дода, иқдоми огоҳонаи ӯро дар шароити нави ташаннуҷи хурофоту таассуби дохилӣ ҷуръатмандона идома диҳем ва дар таҳкиму тақвият бахшидани раванди рӯшангарию рӯшанфикрӣ саҳми сазовор бигирем.

**Исомуддин ШАРИФЗОДА**

# НОСИПОСӢ БА НАВРӮЗ БЕЭҲТИРОМӢ БА МИЛЛАТ АСТ

Дар таърихи тамаддуни башарӣ назири ҷашни Наврӯз мондагортарин ва куҳантарин ҷашн анқариб вуҷуд надорад. Ҷашне, ки тақаддуми 6000-сола дошта, мароҳили тӯлонии таърихро бо ҳама шебу фарозҳояш, бо ҳама лашкаркашию бегонаситезӣ, бо ҳама шикасту пирӯзиҳо тавонистааст худро ҳифз намояд. Ин ҷашн дар баробари лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, бо ҷаҳолати беандоза шаҳрҳо ва осори фарҳанги ирониро сӯхта нобуд сохт ва дороиҳои онро бағорат бурд, худро нигоҳ дошт ва ҳамчун унсури эҳёгар барои дубора руфу шудани фарҳанги иронӣ нақши калидӣ бозид.

Кӯчиёну саҳронишинони араб, ки пас аз ғолиб омадан ва шикасти империяи Сосониён аксар аз расму оинҳо ва арзишҳои муҳими қавмҳои зери султаи худ гирифтаро аз байн бурданд ва ҳатто мӯҷиби он шуданд, ки халқҳои соҳибтамаддуне чун мисриёну сурёниҳо, на танҳо арзишҳои фарҳангӣ, балки забони хешро низ аз даст додаанд. Ҷашни Наврӯз дар гирудорҳои арабиву исломӣ низ тавонист асолату ҳуввияти хешро нигоҳ дорад ва муддати мадиде халифаҳои Аббосӣ аз он ҷашн мегирифтанду шодкомӣ мекарданд.

Дар даврони турктозиву муғултозӣ онҳо на танҳо Наврӯзро аз байн бурда тавонистанд, балки онро ҳамчун суннати фарҳангӣ пазируфтанд.

Бехабарону ноогоҳон дар аҳди Шуравӣ онро ҳамчун ҷашни динӣ муаррифӣ намуда, муддате мардумро аз он дур нигоҳ доштанд. Дар охири солҳои Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлолият Наврӯз ҳамчун ҷашни миллӣ дубора ҷойгоҳи хешро дар ҷомеа пайдо намуд ва яке аз дӯстоштатарин ва табиитарин ҷашни миллат гардид.

Соли 2010 бо қарори СММ ин ҷашн ба ҷашни ҷаҳонӣ табдил ёфт. Онро на танҳо дар ҳавзаи кишварҳои порсигӯй, балки дар аксар аз мамолики ҷаҳон ҷашн мегиранд, ки аҳолии қисмати зиёди онҳо пайравӣ аз ислом мекунанд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Имрӯз бо он ки ин ҷашн ҷаҳони гардидаву аксар аз ҷаҳониён аз он истиқбол мекунанд ва онро ҷашн мегиранд, ҷои он ки мо ҳисси баланди худшиносиву ифтихори миллиро дар зеҳни ҷавонон ба вуҷуд оварем, ҳанӯз дар дохили кишвар шахсиятҳое, ки фарҳанги бегонаро бар худӣ тарҷеҳ медиҳанд ва афкори муғризонаро перомуни ин ҷашн баён кунанд кам нестанд. Гоҳо ҳарфҳои пучу бемантиқ аз ҷониби шахсиятҳое садо медиҳад, ки худро ба истилоҳ «пешвои дин» медонанд. Дирӯз дар мусоҳиба бо тоҷнюс Акбари Тӯраҷонизода, ки худро олими ҳамадон меҳисобад, бо агару магарҳо атрофи ин ҷашни бузурги миллат чуну чаро баён кардааст. Тӯраҷонзода ҳамаро дар чорчӯбаи афкори бунбастиаш қазоват мекунад ва ҳеҷ ҳуввияту ифтихороти миллӣ надорад, илло аз сару садоҳо атрофи арзишҳои исломӣ.

Муҳтарам Тӯраҷонзода, як аз диди танги мазҳабӣ берун оед ва аз мантиқи воқеӣ корбаст намуда қазоват намоед, ҷашне, ки таърихи 6000- сола дорад ва тақадумияти миллиро ба 6000-сол иртибот медиҳад, магар онро мешавад ба мафҳумҳои мазҳабии «ҳалолу ҳаром» қазоват намуда, мардумро бо гумроҳиву худбохтагӣ роҳнамун сохт. Магар ин тавҳин ба миллат нест? Магар ин инкори ҳуввияти миллӣ нест? Ё аз диди Шумо таърихи ин миллат фақат ва фақат аз замони иҷборан мусалмоншавии аҷдоди мо дар13 - садаи қабл оғоз мегардад? Агар чунин назар доред кулан чоряки таърихи миллатро инкор мекунед ва чунин тарзи қазоват нафароне, ки назари шуморо қабул доранд, онҳоро ба худбохтагиву манқуртӣ раҳнамун месозед, ки ин дар ҷаҳони пурталотуми муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳову миллатҳои зиёдеро, ки худбохтаву беҳуввиятанд ва ё арзишу сунатҳои бегонаро бар худӣ тарҷеҳ медиҳанд, аз байн хоҳад бурд, хизмати хирсона кардаед. Аз ҷониби дигар, дар фарҳанги форсу тоҷик бузургоне аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Абурайҳони Берунӣ шурӯъ намуда, то Садриддин Айнӣ ва донишмандони муосири миллат аз ин ҷашн ситоиш кардаанду онро истиқбол намудаанд. Бузургони номбаршуда, ки таи замони мавҷудияти ислом ташаккул ёфттаанд, боре чунин тарзи қазовати мазҳабиро корбурд насохтаанд ё манзуратон ишон аз ин масъала бехабарӣ доштанду Шумо ба маротиб дар масоили фиқҳӣ аз онҳо забардасттаред?

Аз қазовати Шумо пайдост, ки аз бехабарии таърих ин ҷашнро Шумо ба даврони Зардуштия мансуб медонед, ҳол он ки ин

қаблтар аз Зардуштия ва ба даврони асотирӣ, ки мадракоти таъриху асотир омехтаанд, яъне даврони Ҷамшед тақадумият дорад.

Аз ҷониби дигар, ҷаноби Тӯраҷонзода бояд ин воқеияти «талх»-и (шояд ба Шумо талх бошад) таърихро қабул намоед, ки гузаштагони халқи тоҷик то омадани аъробӣ соҳиб тамаддуни пешрафтае буданд, ки намунаи он ҳамин Наврӯз аст, ки бо дақиқияти илмии гардиши сайёрот мансуб аст ва далели воқебинии ин миллати куҳанбунёд аст. Ҳамин воқеъбинии аҷдоди мо будааст, ки дар баробари арабтозиву турктозиҳо дар таърихи баъдӣ онҳо низ ин ҷашни воқеии табиро ба худ қабул намудаанд. Осафо, ки баъдан мо воқеъбиниро бо таъсири авомили фарҳанги бегона (ки онро баъзеҳо имрӯз нимод (рамзу симол) қарор додаанд) аз даст додем ва хурофотӣ гардидем.

Хонандаи гиромӣ! Ба андешаи инҷониб шинохти Наврӯз - худшиносии миллат аст; таърихи Наврӯз, таърихи миллат аст; ҷашни Наврӯз, ҷашни миллат аст, аз ин рӯ Наврӯз дар саргаҳи тамаддуни миллати мо қарор дорад. Аризиши ин ҷашн дар баробари ҷашни Истиқлол аст, зеро он моро ба куҳантарин тамадуни аҷдодӣ пайвандӣ медиҳад ва бозгӯкунандаи ҳуввияти баланди миллӣ ва муборизаву мондагории ин миллат аст.

Дар охир, ҷаноби Тӯраҷонзода! Бо далоили дар боло зикр шуда, фаромӯш насозед, ки носипосӣ ба Наврӯз беэҳтиромӣ ва тавҳин ба таърихи миллат аст!

**Нозим НУРЗОДА**

# БОЗТОБИ НАВРӮЗИ БОСТОНӢ ДАР РИВОЁТИ ИСЛОМӢ

Наврӯз яке аз бузургтарин ҷашнҳои фарҳангии ҷаҳонист, ки дар ташаккул, рушд , тавсиъа ва густариши иду ойинҳои минбаъдаи ақвоми мухталифи башарӣ нақши муассир гузоштааст. Ҳанӯз аз бомдоди зиндагӣ ақвоми форсу тоҷик ба ин натиҷа расида буданд, ки бидуни меҳр варзидан ба инсоният, донишу фарҳанг густурдан, бо чашми ақлу мантиқ ба зиндагӣ нигаристан, аслан умр ба сар бурдан, бефоида аст ва ин натиҷагирии воқеӣ боиси пайдо шудани олами андеша, ойинҳо ва ҷашну маросими рангини иронитаборон гардид. Дар раъси ойинҳои куҳани мардумӣ, ки танҳо ба як қавму миллат ва мардуму халқият маҳдуд нашуда, ба тамоми насли башар мутааллиқ аст, Наврӯз қарор дорад. Далели он ки Наврӯз ба тамоми башарият иртибот дорад, ин аст ки дар адён ва фарҳанги башарӣ бо тобишҳои гуногуну мухталиф, дар қолибҳои этникӣ, динӣ-мазҳабӣ ва миллию нажодӣ таҷаллӣ ёфтааст. Истилои араб бо интишори диёнати исломӣ дар сарзаминҳои Ирону Хуросон анҷом пазируфта, аз назари сиёсӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ ба мардуми ин манотиқ таъсири амиқ расонид. Ин таъсироти амиқ, ки ғолибан тору пуди зеҳнияти иронитаборонро мусаххар ва сусту заиф сохта, ононро ба гирдоби фалокатбори аҷнабипарастӣ ва бегонасолорӣ мувоҷеҳ кард, сабабгори сар задании буҳрони амиқи фикрию фарҳангӣ дар кулли манотиқи Ирону Хуросон гардид. Беҳуда нест, ки муҳаққиқ ва донишманди маъруфи эронӣ, доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб дусад соли бунбасти маънавӣ ва фақри фикрии ирониён (мардуми форсу тоҷик) - ро «Ду қарни сукут» номидааст.[186] ои сиёсати хилофати араб, хосса, идеологияи Умавиён маҳсуб мешуд.

Сарфи назар аз нобаробариҳои сиёсию фарҳангӣ, рӯшанфикрону фарҳангиёни форсу тоҷик бо андешаи муқаввои миллӣ барои дифоъ аз фарҳангу маънавиёти бостонӣ бо сиёсати мутаассиби арабӣ сахт муқовимат карданд.

Таҷлили ҷашни Наврӯз дар даврони хилофати араб, ки бо пофишории ҳушмандони зирак дар қисмате чанд аз қаламрави

[186] Нигаред ба китоби доктор А.Зарринкӯб. Ду қарни сукут. Теҳрон: Сухан, 1381. С.323.

хилофат мутадовил буд, яке аз муҳимтарин васоили мубориза ва муқовимати сиёсӣ-идеологӣ ва фарҳангӣ бо идеологияи арабӣ-исломӣ ба ҳисоб мерафт.

Фарҳангиёни форсу тоҷик дар даврони хилофати исломӣ саъю талош варзиданд, то ки Наврӯзро бо сиришти фарҳангзояш дар батни андешаи арабӣ-исломӣ ҷой ва дар қолибҳои динию мазҳабӣ мавриди таҷлил қарор диҳанд. Дар натиҷа, ҷашни Наврӯз дар сарзаминҳои Ирону Хуросон ва баъзе нуқоти қаламрави хилофат мавриди таҷлил қарор гирифт.

Наврӯз на танҳо дар миёни ирониён, балки дар дарбори хулафо низ бо маросиму шукӯҳи махсус таҷлил мегардид ва мардуми Бағдоду Миср дар бузургдошти ин ҷашн муболиғаҳо кардаанд. Ба сухани дигар, Наврӯз дар қолаби диёнати исломӣ дохил гардида, ҳамчун мазҳари покию назофат, шодию нишот ва хушҳолию болидарӯҳии мардум дар ривоёти исломӣ ҷойгоҳи вижа пайдо кард. Кор то ба ҷое расидааст, ки Наврӯзи фархундапайро бо ақволи ашхоси дараҷаи аввали Ислом, алахусус Расули Акрам пайванд додаанд. Масалан, дар ривояте, ки Абдуссамад бини Алӣ аз ҷадди худ нақл кардааст, чунин омадааст: «Дар Наврӯз ҷоме симин, ки пур аз ҳалво буд, барои пайғамбар ҳадя оварданд ва он ҳазрат (Расули Акрам- Н.Н.) пурсид, ки ин чист? Гуфтанд: Имрӯз рӯзи Наврӯз аст. Пурсид, ки Наврӯз чист? Гуфтанд: Иди бузурги ирониён аст. Фармуд: Оре, дар ин рӯз буд, ки Худованд аскараро зинда кард. Пурсиданд: Аскара чист? Фармуд: Аскара ҳазорон мардуме буданд, ки аз тарси марг тарки диёр карда ва сар ба биёбон ниҳоданд ва Худованд ба онон гуфт: Бимиред ва мурданд. Сипас, ононро зинда кард ва абрҳоро фармуд, ки ба онон биборад. Аз ин рӯст, ки пошидани борон дар ин рӯз расм шуда. Сипас, аз он ҳалво тановул кард ва ҷомро миёни асҳоби худ қисмат кард ва гуфт: **Кош ҳар рӯзе бар мо Наврӯз буд**» (ниг.: Маҳмуд Рӯҳуламинӣ. Ойинҳо ва ҷашнҳои куҳан дар Ирони имрӯз. Теҳрон, 1376. -С. 40 - 41).

Наврӯз ба даврони исломӣ ворид гардида, на танҳо ҳувияти худро аз даст надод, балки тадриҷан дар доираи ривоёти динӣ бозтоб ёфта, то ҷое шаръият пайдо кард. Перомуни Наврӯз ва хасоиси он дар ривояте исломӣ чунин нақл шудааст: «Муалло

бини Ханнис гуфт: Субҳи рӯзи Наврӯз ба хидмати шарифи Абиабдуллоҳ салавотуллоҳ алайҳ сарфароз ёфтам. Фармуд: Оё шарафи ин рӯзро медонӣ? Гуфтам: Падару модарам фидои ту бод, ин қадр медонам, ки Аҷам ин рӯзро таъзим менамояд ва бар хеш муборак мешуморад. Он ҷаноб фармуд, ки шарафи ин рӯз на ба ҳамин аст, яке аз шарафҳои ин рӯз он аст, ки дар замони гузашта дар ҳаволии Восит тоъуне зоҳир шуд ва ҷамъе бимурданд… яке аз анбиё, ки аз хулафои Мусо буд, аз ҳазрати воҳиби арвоҳ эҳёи ишонро масъулият кард. Хитоб омад, ки дар фалон рӯз, ки Наврӯз буд, об дар устухонҳои пӯсидаи ишон рез ва аз рӯйи тазаррӯъ дуо кун, то хилъати ҳаёт бар ишон бипӯшонем. Он набӣ дар он рӯз, ки Наврӯз буд, ба мӯҷиби ваҳй амал кард, ҳама зинда шуданд ва ба он ҷиҳат он рӯзро Наврӯз гуфтанд».[187] Донишманд ва муҳаққиқи араб Абӯусмон Ҷоҳиз аз забони Абӯҷаъфар Муҳаммад бини Алӣ бини Алҳусайн нақл мекунад, ки мардуме аз фарзандони Исроил дучори тоъун шуда, ба Ироқ фирор карданд ва саранҷом ҳамагӣ мурданд. Бо кумаки Худованд дар ин рӯз (Наврӯз) бар онон борон пошид, зинда шуданд, сарзаминашон сабз гардид.[188] Шабеҳи ривояти боло Қазвинӣ аз нақле ёдовар мешавад, ки дар рӯзи Наврӯз ба паёмбар ҷоме симин пур аз ширинӣ меоваранд ва ӯ ҳикоят мекунад, ки ин иди бузург барои ирониён аст ва Худованд сипоҳеро дар ин рӯз бо пошидани борон зинда намуд.[189] Ба хотири аз саҳифаи китоби таърихи фарҳанг барканда нашудани Наврӯз ва ойину маросими наврӯзӣ ирониён онро бо шахсиятҳои дараҷаи аввали исломӣ сахт пайванд дода, дар доираи дин ва мазоҳиби исломӣ аз он таҷлил намуданд. Дар ин мавқеъ аз гуфтаи муҳаққиқи варзида Иброҳим Шакурзода истинод мекунем: «Чун тибқи назари иддае аз уламо рӯзи аввали хилофати Алӣ мусодиф бо Наврӯз шуда буд, ҷашни наврӯзӣ ҷанбаи мазҳабӣ ҳам ба худ гирифт ва аҳамияти бештаре ёфт. Аз он рӯз баъд дар фазилати Наврӯз аҳодис ва ахбори фаровоне нақл шуд ва барои ин ид ҳадяи фаровоне низ оварданд».[190] Бархе аз шииён Наврӯзро рӯзи хилофати ҳазрати Алӣ бини Абитолиб

---

[187] Таваҷҷуҳ кунед ба маҷаллаи «Паёми андеша», соли аввал, шумораи чаҳорум, марти 1998. -С.9.

[188] Таваҷҷуҳ шавад ба китоби Абӯусмон Ҷоҳиз. Наврӯзи бостонӣ. Тарҷума ва таълифи доктор Маҳмудризо Ифтихорзода. Теҳрон, 1384. -С. 20.

[189] Паёми андеша, соли аввал, шумораи чаҳорум, марти 1998. -С.23.

[190] Иброҳим Шакурзода. Ақоид ва русуми оммаи мардуми Хуросон. Теҳрон, 1346. -С. 82.

медонистанд ва дар ривоят аз ҳазрати Содиқ нақл кардаанд, ки дар ин рӯз (Наврӯз) Ҷабраили Амин ба Раҳматулоламин нозил шуд ва амиралмӯъминин ба фармудаи Сайидулмурсалин пой бар дӯши муқаддаси он сарвар гузошт… ва шоҳи вилоят Алӣ бар сарири хилофати зоҳирӣ нишаст.[191] Дар баъзе аз маохиз аз ҳазрати Алӣ ривояте бад-ин тартиб овардаанд: «Аз амири мӯъминон Алӣ, ки бар ӯ дуруд бод, ривоят шуда ки гурӯҳе аз деҳгонони иронӣ ба ҳазраташ ҷомҳои симин ҳадя карданд, ки дар онҳо полуда буд. Фармуд: Ҳар рӯзи мо Наврӯз аст! Полудаҳоро хӯрд ва ба ҳамнишинонаш аз онҳо хӯронд ва ҷомҳоро миёни мусалмонон тақсим кард…».[192] Дар мазҳаби тасаннун (аҳли суннат ва ҷамоат) низ то андозае Наврӯз бо ҷилою тобишҳои гуногун ифода ёфтааст. Дар ривояте, ки аз ҷониби Исмоил ибни Ҳаммод ироа шудааст, таъкид мегардад, ки Нӯъмон бинни Марзбон ниёи Абӯҳанифа (Имоми Аъзам – поягузори мазҳаби машҳури ҳанафӣ) ҳангоми ҷашнгирии Наврӯз ба ҳазрати Алӣ полуда (як навъ шарбат) тақдим дошт ва он ҳазрат Собит ва зарияи ӯро ба баракат дуъо кард.[193] Тасодуфе, ки дар баъзе ахбори исломӣ мунъакис гардидааст, рӯзи ба тахти хилофат расидани ҳазрати Алиро ба Наврӯз иртибот медод ва дар ин замина, аз назари шаръӣ таҷлилу тарвиҷи ҷашни мазкурро дар нуқоти мухталифи хилофат мусоидат менамуд.[194] Баъзе аз аҳли эҷоди араб, хусусан, шуаро ба Наврӯз – ба ин ойини меҳрофар ва илҳомбахш ҳусни таваҷҷуҳ доштанд ва аз он бо эҳтиром ёд мекарданд. Яке аз шуарои озодандеш ва саршиноси арабзабон Абӯнувос (762-813) аз Наврӯз ва Меҳргон – аз ин ду ҷашни маъруфи иронӣ содиқона ба таври зайл истиқбол мекунад:

*Биҳақ, Алмеҳрҷон ва Нукрӯз*
*Ва фаррухрӯз абсолалкабис.*

Ва ҷое дигар бо шодию сурур, табъи хуш ва рӯҳи баланд аз омадани Наврӯзи бузург (Наврӯз алкибор) муждагонӣ медиҳад:

*Ваннаврӯз алкибор*

[191] Паёми андеша, соли аввал, шумораи чаҳорум, марти 1998. -С.9.
[192] Абӯусмон Ҷоҳиз. Наврӯзи бостонӣ. Тарҷума ва таълифи доктор Маҳмудризо Ифтихорзода. Теҳрон, 1384. С. 21.
[193] Нигаред ба: Доиратулмаорифи бузурги исломӣ, ҷилди панҷум. Теҳрон, 1378. -С. 380.
[194] Мирбобо Мирраҳим. Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ. Душанбе: Ирфон, 1992. -С. 16.

***Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»***

*Ва ҷашни гоҳанбор.*[195]

Замони давлатдории Фотимиён (909-1171) дар Миср, ки маркази салтанат маҳсуб мешуд, суннатҳои наврӯзӣ барои тавсиъа ва густариш заминаи мувофиқ пайдо карданд. Дар Миср таҷлили Наврӯз ба таври корвони шодӣ сурат мегирифт ва ин тарзи ҷашнгирӣ писанди хосу ом мегашт. Ҷашн он андоза самимият касб карда буд, ки дар Миср мардум шахсеро «амираннаврӯз» (мири Наврӯз) интихоб ва сару рӯяшро бо оҳаку орд ранг карда, чун муҳтасиб ба дасташ дафтар медоданд ва ба маркабе савор мекарданд. Амираннаврӯз дар кӯчаю бозорҳо гашта, аз дорандагон хироҷ меситонд ва ҳар кӣ аз додани хироҷ саркашӣ мекард, ба ӯ об мепошиданд ва ё сӯяш ҳар гуна ифлосиҳо пепартофтанд. Соли 946 маросими «обпошӣ» манъ карда шуд ва соли 974 халифа ин ҷашнро мамнӯъ эълон кард. Мардум аксуламал нишон доданд, то ҷое ки худи ҳамон сол Наврӯзро шукӯҳмандтар таҷлил намуда, дар манотиқи мухталиф тантанаҳои идона то се рӯз идома ёфтанд. Манъи ҷашн натиҷаи дилхоҳ надод ва танҳо дар асри 14 ба султон Баркук муяссар гардид, ки ҷашни Наврӯзро барҳам занад.[196] Замони хилофати Аббосиён тачлили чашни Наврӯз ва маросимхои он ба хукми анъана даромада буд. Такдими ҳадоёи наврӯзӣ, обпошӣ, сурудхонӣ, ширинкорӣ дар маркази хилофат – Бағдод бо тачаммули хос сурат мегирифт. Халифа ба маросими наврӯзӣ ташриф оварда, ба ширинкорону мутрибон, ҳозилону шоирон, хуллас, бо ахли махфил ҳадяҳо мебахшид, инъомҳо мефармуд.[197] Муҳаққиқи ironӣ Содиқ Ҷалолӣ таъкид мекунад, ки дар замони салтанати Аббосиён ҷашни Наврӯз, ба истиснои баъзе тағйирот мисли даврони Сосониён тачлил мегардид, яъне мардум якдигарро об мепошиданд, шоирон суруду рақс барпо мекарданд, то субҳгоҳон сайругашт мекарданд. Дар рӯзҳои ҷашн шоирон қасоиди наврӯзиро дар фазои мусоиди наврӯзӣ қироат карда, аз хулафа ҳадя мегирифтанд[198]. Назар ба қавли манобеъи асримиёнагии исломӣ, дар давраи яке аз сарафрозтарин

[195] Нигаред ба китоби: Таърихи забон ва адабиёти араб. Теҳрон, 1369. -С. 56.

[196] Адам Мец. Мусульманский Ренесанс. Москва: Наука, 1973. -С. 339.

[197] Нигаред ба китоби Негмати А.Э. Земледельческие календарьные праздники древних таджиков и их предков. Душанбе: Дониш, 1989. -С. 65.

[198] Таваҷҷӯҳ шавад ба мақолаи Содиқ Ҷалолӣ. Қиссаи кухани Наврӯз, маҷаллаи Кова, соли хафтум, шумораи аввал, фарвардинмоҳи 1348. -С. 34.

халифаҳои Аббосӣ Маъмун (786 - 833) роҳи гуфтугӯ ва муколамаҳои фарҳангӣ байни қишрҳои гуногуни динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ кушода шуд. Маъмун барои гуфтугӯйи тамаддунҳои ғайриарабӣ ва ғайриисломӣ дар миқёси хилофат фазо ва шароити мусоиди фарҳангӣ ба вуҷуд овард.[199] Дар ин давра, кор то ба ҷойе расида буд, ки бархе аз намояндагони шадидтарин ҳаракати миллигаройии иронӣ - шуубия дар «Байтулҳикма» - и Маъмун мақому мансабе доштанд.[200] Ин шароити мусоиди фарҳангию сиёсӣ имконоти таҷлили ойину маросимҳои бостонии иронӣ, минҷумла Наврӯзро дар қаламрави хилофати Аббосӣ афзун гардонида, раванди худогоҳӣ ва худшиносии қавмию миллиро то андозае таҳкиму густариш бахшид.

Баъди заъиф шудани хилофати араб ва дар сарзаминҳои Ирон ва Хуросон сари қудрат омадани сулолаҳои миллӣ - Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён Наврӯз бо маросим ва мушаххасоти пешин таҷлил мегардид. Хусусан, дар замони салтанати Сомониён дар арафаи Наврӯз, бо такя ба сунани даврони Сосонӣ оташ меафрӯхтанд, мутрибон оҳангҳои ҷашнӣ навохта, ҳофизон суруду таронаҳои наврӯзӣ месароиданд, сайругашти идонаи мардум аз шом то ба субҳ идома меёфт. Алқисса, ин маросими наврӯзӣ айёми Хусрави Парвизи Сосониро ба лавҳи хотир меовард.[201] Муаррихи асрҳои миёна Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфари Наршахӣ зимни иттилоот роҷеъ ба деҳоти Варахша аз бозори идонае, ки дар Бухоро бахшида ба ҷашни Наврӯз доир мегардид, ёд намуда мегӯяд: «Чун бозори охирини сол бошад, бист рӯз бозор кунанд ва бисту якум рӯз Наврӯз кунанд ва онро «Наврӯзи кишоварзон» гӯянд… ва «Наврӯзи муғон» ва баъд аз он панҷ рӯз бошад».[202] Шоирону донишмандони замони Сомониён, ки аз баракати

---

[199] Нигаред ба китоби Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ду қарни сукут. Теҳрон, 1381. -С. 289-290.

[200] Таваҷҷӯҳ шавад ба китоби А. Зарринкӯб. Ду қарни сукут. Теҳрон, 1381. -С. 301.

[201] Маҷаллаи «Ҳунар ва мардум», шумораи навадум, фарвардинмоҳи 1369. -С. 31 - 34.

[202] Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфар Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Душанбе, 1997. -С. 19.

амирони хирадпарвару миллатдӯсти Сомонӣ осмони беғубори фикрию фарҳангиро нафас мекашиданд, иду маросимҳои суннатиро арҷ мегузоштанд ва ифтихормандона васф мекарданд. Устод Рӯдакӣ бо иди Қурбони исломӣ дар як рӯз воқеъ гардидани ҷашни Наврӯзро фоли нек дониста, омадани ин ду ҷашнро, ки яке дар қутби фарҳанги мусалмонӣ ва дигаре дар арши тамаддуни иронӣ қарор дорад, бо табъи болидаю дили шод муборакбод мегӯяд:

*Бод бар ту мубораку хуншон,*
*Ҷашни Наврӯзу гӯспандкушон.*

Пас аз инқирози давлати Сомониён низ ҷашни Наврӯз дар дарборҳои Ғазнавиёну Салҷуқиён таҷлил мегардид ва кутуби алоҳида ба он ихтисос додаанд, ки яке аз маъруфтарини онон «Наврӯзнома» - и мансуб ба Хайём буда, перомуни моҳият ва муҳтавиёти ин ҷашни аҷдодӣ баҳс мекунад.

Аз баҳси боло ба таври зайл метавон натиҷагирӣ кард:

1. Истилои араб ва ҳуҷуми идеологию сиёсӣ ва фарҳангии исломӣ натавонист, ки Наврӯз ва маросими наврӯзиро аз байн барад ва аз зеҳнҳо зудуда созад.

2. Дар таҳкиму тавсиъа ва рушду тарвиҷи Наврӯз дар замони хилофат нақши андешамандону фарҳангиёни содиқи иронӣ, ки дар дастгоҳҳои идории хилофат фаъолият доштанд, хеле бузург буд.

3. Бо ислом омезиш додани суннатҳои наврӯзӣ ба хотири он сурат гирифта буд, ки таҷлили он ҳукми шаръӣ гирад ва барои тарвиҷи минбаъдаи он садама эҷод нашавад.

4. Аббосиён, ки бо дасти Абӯмуслими Хуросонӣ ба хилофат расида буданд, аз Умавиён пешқадамтар буда, ҷашну маросимҳои наврӯзиро на танҳо ичозат доданд, балки некӯ писандиданд. Дар ин кор низ хидмати фарҳангиёни сарсупурдаи ақвоми ироние, ки чи дар дарбори хилофат ва чи берун аз он фаъолият доштанд, хеле бузург буд.

5. Дар давраи хилофати Аббосиён мардуми форсу тоҷик бо таҷлили Наврӯз дар муқобили сиёсати мутаассиби арабӣ - исломӣ истодагарӣ намуда, як навъ вокуниши сиёсию фарҳангӣ нишон медоданд, эътирози иҷтимоӣ ва билохира озодандешӣ мекарданд. Ба ин далел, Наврӯз дар ҳамаи давраҳо рамзи хирадпарварӣ, инсонсолорӣ ва озодандешии миллию башарист.

6. Ҳар кадом ҷашну маросиме, ки ҷавҳари асили фарҳангӣ дорад, ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ, аз зеҳнияти мардум зудуда намешавад ва ягон империя ё идеологияи неруманди сиёсию динӣ онро аз байн бурда наметавонад. Чунки дар сиришти он ду ҷавҳар: инсонсозӣ ва зиндагипарастӣ нуҳуфтааст ва ин ду ҷавҳар ниёзҳои рӯзмарраи инсонияти ирӯза ва фардоиро дар масири таърих тадриҷан баровtowarda месозанд.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Ҷамшеди АЗИМПУР**

# БО МАВЛОНО СУРУДИ ЯГОНАГӢ, СУРУДИ ОЗОДАГӢ ХОНЕМ

*Инсони комил ҳеч тоате беҳтар аз он надид, ки ростӣ дар миёни халқ пайдо кунад ва одату русуми бад аз миёни халқ бардорад ва қоидаву қонуни нек дар миёни мардум биниҳад… ва мардумро муҳибу мушфиқи якдигар гардонад, то озор ба якдигар нарасонанд…*

***Азизуддини Насафӣ***

Азизуддини Насафӣ ин орифи дилрӯшан, муаллифи китоби «Инсони комил» ҷойе аз сифатҳо ё нишонаҳои Инсони комил (Инсони Худойгуна) ёд карда ва яке аз шартҳои Худойгуна буданро дар расидан ба Дарёи Нур ва мақоми вахдат медонад. Менависад: “Ай дарвеш! Ҳар солике, ки бад-ин Дарёи Нур нарасид ва дар ин Дарёи Нур ғарқ нашуд, бӯе аз мақоми ваҳдат наёфт ва ҳар кӣ ба мақоми вахдат нарасид ва ба лиқои Худой мушарраф нашуд, ҳеч чизро, чунонки он чиз аст, надонист ва надид, нобино омад ва нобино рафт. Бисёр кас гӯяд, ки мо бад-ин Дарёи Нур расидем ва ин Дарёи Нурро дидем.

Ай дарвеш! Ҳар кӣ бад-ин Дарёи Нур расида бошад ва дар Дарёи Нур ғарқ шуда бошад, онро аломот бисёр бошад, бо халқи олам ба як бор ба сулҳ бошад ва ба назари шафқат ва марҳамат ба ҳама нигоҳ кунад ва мададу муованат аз ҳеч кас дареғ надорад ва ҳеч касро ба гумроҳӣ ва бероҳӣ нисбат накунад ва ҳамаро дар роҳи Худой донад ва ҳамаро рӯй дар Худой бинад...”

Агар мо ба зиндагӣ ва андешаи Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ аз ин назаргоҳи Азизуддини Насафӣ наздик шавем, мебинем, ки Мавлоно як намунаи комилест аз Инсони Худойгуна. Зиндагинависони ӯ ҳамагӣ бар як назаранд, ки Мавлоно дар зиндагии худ рафторе сутуданӣ доштааст. Бо ҳама мардуми рӯзгор - габру тарсову яҳудиву мусалмону… баробар будааст. Яъне ба назари шафқат ва марҳамат ба ҳама нигоҳ карда ва мададу муованат аз ҳеч кас дареғ надошта ва ҳеч касро ба

гумроҳӣ ва бероҳӣ нисбат накарда ва ҳамаро дар роҳи Худой ва ҳамаро рӯй дар Худой медонистааст. Ба худ ки ҳаққи зиндагӣ кардан медода, ба дигарон низ ин ҳаққро қоил будааст. Худ ки ба Дарёи Нур расида ва ҳама чизро, чунонки он чиз аст, донистааст, кӯшишаш ва талошаш низ ин будааст, ки мардумро ба огоҳӣ бирасонад, бо он Рӯшаноии мутлақ – он сарчашмаи Ростиву Дурустӣ ва мазҳари Ишқу Муҳаббат ва Зиндагӣ пайванд диҳад ва аз ин роҳ ба онҳо зиндагӣ карданро биомӯзад. Чунон зиндагӣ кардан, ки ҳама ба шукуфоӣ расида ва миёнашон сулҳу оромӣ барқарор аст.

Рафтори сутудании Мавлоно дар зиндагӣ ва он ҳама талошҳояш барои ба огоҳӣ расонидани мардум дар осори гаронмояаш, ба вежа дар «Маснавии маънавӣ» таҷассум дорад. Ба ибораи Сайид Содиқи Гавҳарин «…матолиби шаш дафтари ин китоби азиз… дар баёни шиносонидани Инсони комил… шарҳи чигунагии ин вуҷуди илоҳӣ ва кайфияти расидан бад-он мақом… аст». Ба ин маънӣ, ки «Маснавӣ» саросар ҳама даъват ба худшиносӣ, даъват ба кашфи Инсонхудо дар ботини худ ва аз ин раҳгузор даъват ба ваҳдат ва якпорчагии ҳамагии ҷаҳониён аст.

Мавлоно аз таҷрибаҳои ирфонии хеш ва аз мутолиа дар андешаҳои бузургмардони ҷаҳони ирфон, аз ҷумла Бӯязиду Ҳаллоҷ ва шайх Абулҳасани Харақонӣ, ки аз эшон чанд ҷой дар «розномаи бузургаш» ё «Маснавӣ» (ибораи Мир Ҷалолуддини Каззозӣ) бо эҳтиром ёд кардааст, ба ин нукта даст меёбад, ки ин ҷаҳони офариниш ва он чи дар он аст (ва ҳамагии инсонҳо) бо ҳам пайванде доранд ногусастанӣ, чаро ки ҳама падидомада аз як таҷаллии нуранд,

*Мунбасит будему як ҷавҳар ҳама,*
*Бесару бепо будем он сар ҳама.*
*Як гуҳар будем ҳамчун Офтоб,*
*Бегуҳар будему софӣ ҳамчу об.*
*Чун ба сурат омад он Нури сара,*
*Шуд адад чун сояҳои кунгура.*

(Дафтари аввал)

Ҳам ба ин натиҷа мерасад, ки анбиёву авлиёро (дар ҳар гӯшаи ҷаҳон ва аз ҳар қавму миллате, ки будаанд) ҳарчанд маслакҳо гуногун аст, вале ҳадафи ҳамагии онҳо фақат ва фақат

саодату хушбахтии мардум ва охири роҳашон расидан ба ҳамон Нуқтаи Нур будааст. Аммо мебинад, ки инсонҳо аз ҷаҳолату тирадарунӣ, аз худфаромӯшӣ ва маъбуд гирифтани бути нафс ва ба хотири тақлиду дунболаравӣ ва эътиқоди кӯр ба боварҳои мазҳабиашон (ва роҳбарони мазҳабӣ ба хотири ҷоҳталабиву ҳукуматхоҳиашон) ин мардони Худоро дар муқобили ҳам қарор дода, ба хуну пӯсти ҳам даруфтодаанд. Тоғути нафс ва бехабариву ноогаҳӣ ва таассуб чашми онҳоро ончунон баста дошта, ки дигар роҳро аз чоҳ ва дурустро аз нодуруст бознамешиносанд. Бинобар ин, худ ба сони як табиби маразҳои ниҳон, чун «табиби ҷумла иллатҳои мо» зуҳур кард, ки ин ҳама дардҳои ошкору ниҳонро бо доруи огоҳиву худшиносӣ даво кунад...

Воқеан, яке аз масъалаҳои муҳимме, ки инсоният дар тӯли таърихи дароз пайваста рӯйи он баҳсҳо ва ҷидолҳои хунин дошта ин масъалаи дин, боварҳои мазҳабӣ будааст, ки мутаассифона, ин ҷидолҳои хунин имрӯз низ идома доранд. Гӯӣ бар мизоҷи мардум (ба вежа пешвоёни мазҳабӣ) як табе ношикастанӣ ғолиб омада. «Ҳар гурӯҳе бо он чи дорад меболад ва ин болиданҳои беҷо решаи бисёре аз фитнаҳост...»

Аслан баҳс сари ин ки ислом беҳтар аст, ё зартуштӣ, яҳудият беҳтар аст ё масеҳият ва ё… баҳсе беҳуда ва ҷоҳилона аст. Ба дурустӣ, агар ба дидаи таҳқиқ ба ҳамагии китобҳои муқаддас, ба таълимоти ҳамагии паямбарон бингарем, мебинем, ки ҳеч дине аз дини дигар ва ҳеч паёмбаре аз паёмбари дигар бартару беҳтар нест. Ҳама бар як чизанд. Чаро ки ҳамагии паёмбарон ва муслиҳини ҷаҳон омадаанд, то ахлоқи ҷомеаро ислоҳ кунанд ва роҳи ниёиш ва пайвастан ба Худованди ҷону хирад, роҳи дуруст зиндагӣ карданро ба мардум биёмӯзанд ва онҳоро ба сӯйи камол савқ диҳанд.

Ҳамагии орифон ва андешамандони дилрӯшани ҷаҳон ин андешаро доштаанд, ки ҳамаи паёмбарон ва муслиҳини ҷаҳон бар як роҳанд, дар маънӣ ҳадафҳояшон ба ҳам пайванд мехурад. Ҳатто мебинем, ки дар куҳантарин замонҳо, дар он рӯзгорон, ки башар инак-инак ба зиндагии шаҳрнишинӣ оғоз карда буд, бузургмарде аз қавми орё берун омад ва бо диле саршор аз ишқу муҳаббат ба ҳамнавъ ва ҷаҳони офариниш ошкоро ин маъниро эълом доштаст. Дар «Готҳо» - сурудаҳои поки ин покмард - мехонем: “Касе, ки дар партави хиради муқаддас ва қалбе пок андеша ва гуфтору кирдораш нек ва бо ростӣ ва дурустӣ ҳамоҳанг

бошад, марди порсост ва Маздо Аҳуро бо тавоноӣ ва меҳри хеш ба ӯ расоӣ ва ҷовидонӣ хоҳад бахшид". (Ясно, Ҳоти 47)

Ин хатти андешаро дар ҳамаи китобҳои муқаддас, аз ҷумла дар Қуръон низ метавон пайдо намуд. Зимни тафсири ояи 177 сураи Бақара (посух ба ҳаёҳуи яҳуд барои тағйири қибла) омада: "Ай мардум! Некӣ ин нест, ки рӯ ба сӯи Шарқ ё Ғарб дар ҳоли ибодат бикунед. Балкӣ некӣ дар имони воқеии шумо ба Худо ва анҷоми корҳои худописандона аст". ("Тафсири нур", ҷилди аввал, таълифи Муҳсини Қароатӣ, Теҳрон, 1337.)

Фарзонагони покназар - инсонҳои комил бо дарёфти нуктаҳои борики китобҳои муқаддас будааст, ки байни мардуми ҷаҳон тафриқа нагузоштаанд. Ба ҳеч қавму миллате ва нажоде бо чашми таҳқир нанигаристаанд ва ҳамаи дину мазҳабҳоро назди Худовандгор яксон дониста ва ба пайравони онҳо ба дидаи эҳтиром нигаристаанд.

Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ - нахусторифи шаҳид (асри Х) гуфт: «Бидон, ки яҳудият ва насроният ва ислом ва дигар адён, лақабҳои мухталиф ва номҳои гуногунест, ки мақсуд аз онҳо ҳама ва ҳама якест, бе он ки дар он муғоират ва ихтилофе бошад.

Бо пажӯҳише пайгир дар ҳамаи кешҳо андеша кардам. Онҳоро як решаву тана бо шохаҳои бисёр ёфтам».

Вале мардум ин ягонагӣ ва ин ҳамрешагиро надида, ба боварҳои ҳамдигар таън мезананд, худро бар роҳи дуруст ва наҷотёфта ва дигаронро гумроҳу дӯзахӣ мепиндоранд. Айнулқуззоти Ҳамадонӣ - дигар орифи шаҳид, аз дилдодагони андешаи Ҳаллоҷ ва низ ҳамқисмати ӯ таассуф мехурад, ки «Дареғо, ҳафтоду ду мазҳаб, ки асҳоб бо якдигар хусумат мекунанд ва аз баҳри миллати ҳар яке худро зидде медонанд ва якдигарро мекушанд. Ва агар ҳама ҷамъ омадандӣ ва ин калимотро аз ин бечора бишнидандӣ эшонро мусаввар шудӣ, ки ҳама бар як дину як миллатанд. Ташбеҳу ғалат халқро аз ҳақиқат дур кардааст...»

Ва ҳам дигар аз шаҳидони ин роҳ, ки Ҳаллоҷро зиндакунандаи фалсафаи Эрони Бостон ва худро комилкунандаи он медонист ва дар фарҳанги мо ба номи Шайхи Ишроқ (Шиҳобуддини Суҳравардӣ) маъруф аст, мегӯяд: «Ва ҳамчунон ки дар дини мо халқ ба чандин гурӯҳ шудаанд... Миллати ҳар

пайғамбаре ҳамчунин ба чандин гурӯҳ шудаанд ва аз хусумати якдигар бад-он намепардозанд, ки фикре кунанд, то инсоф диҳанд. Ва он аз ду чиз афтодааст: яке аз ҷаҳл ва дигаре аз дӯстии ҷоҳ ва сабаби ин ду чиз як чиз аст ва он шақоват аст...»

Оре, аз ҷаҳл ва аз дӯстии ҷоҳ мардум дар ин роҳ ба ҳам хусумат мекунанд. Дар рӯзгори Мавлоно ҳам ин хусумат, ин ҷидолҳои бемаънӣ идома доштанд. Ӯ низ, чун Ҳаллloҷу Айнулқуззоту Суҳравардӣ, ки Ҳақиқатро шинохта буд, ба Дарёи Нур фурӯ рафта буд, гоҳ бо рамз ва гоҳ ошкоро аз ягонагии кешҳо (роҳҳои мухталиф, вале ҳадафи ягона) сухан мекунад. Мегӯяд:

*Қиблаи ҷонро чу пинҳон кардаанд,*
*Ҳар касе рӯ ҷонибе овардаанд...*
*Ҳамчунин ҳар қавм чун парвонагон,*
*Гирди шамъе парзанон андар ҷаҳон.*
*Хештан бар оташе бармезананд,*
*Гирди шамъи худ тавофе мекунанд…...*

(Дафтари панҷум)

Дар назари Мавлоно ихтилоф дар сурати шамъҳо (дар чароғҳо) аст, дар шеваи тавоф кардани парвонаҳост, вале дар нури ин шамъҳо (чароғҳо) тафовут роҳ надорад. Таъкид мекунад (Дар баёни он ки ҷумлаи пайғамбарон бар Ҳаққанд):

*Даҳ чароғ ар ҳозир ояд дар миён,*
*Ҳар яке бошад ба сурат ғайри он.*
*Фарқ натвон кард нури ҳар яке,*
*Чун ба нураш рӯй орӣ бешаке.*
*Гар ту сад себу сад обӣ бишмарӣ,*
*Сад намонад, як шавад чун бишмарӣ.*
*Дар маъонӣ қисмату аъдод нест,*
*Дар маъонӣ таҷзия в-афрод нест.*

(Дафтари аввал)

Ба дурустӣ ҳамин нигаристан ба суратҳо ва рӯй наовардан ба маънӣ бештар сабаби ихтилофҳо ва ҷидолҳо шудааст. Таърих гувоҳ аст, ки тангназарӣ ва суратпарастиии аҳли зоҳир, ба ибораи Ибни Арабӣ «муллоҳои бади замона» (ки авом ҳамеша гӯш ба фармони инҳо будааст) на танҳо сабаби ҷидолҳои хунин, балки мӯҷиби реша гирифтани таассубу хурофот ва донишситезӣ гардида ва билохира ҷуз ақибуфтодагӣ натиҷае бор наёвардааст. Домани ин мавзӯъ хеле фарох аст ва сухан ҷойи дигар дорад.

Аммо мусаллам аст, ки суратпарастӣ ҳамеша ҷаҳлу таассубро ба дунбол доштааст ва ҷаҳлу таассуб ба гуфтаи Абурайҳони Берунӣ - он андешавари бузург «чашмҳои биноро кӯр мекунаду гӯшҳои шунаворо кар месозад...» Вақте чашмҳо кӯру гӯшҳо кар мешаванд, дигар наметавон аз Дурустӣ, аз Ҳақиқат, аз Дӯству Бародарӣ ва аз ягонагӣ сухан гуфт. Фарзонагони ҷаҳон, аз ҷумла Мавлоно, хуб дарёфта буданд ин ҳамаро. Бинобар ин, пайваста таъкидашон рӯйи ин будааст, ки аз суратпарастӣ, аз тақлиду дунболаравӣ ва аз таассуботи ноҷо бипарҳезем. Мавлоно дунболаи байтҳои боло мегӯяд:

*Иттиҳоди ёр бо ёрон х(в)аш аст,*
*Пои маънӣ гир, ки сурат саркаш аст.*
*Сурати саркашгузорон кун ба ранҷ,*
*То бубинӣ зери он ваҳдат чу ганҷ.*

(Дафтари аввал)

Дар дафтари дувуми «Маснавӣ» ҳикояте меорад (Мунозиъати чаҳор кас ҷиҳати ангур, ки ҳар яке ба номи дигаре фаҳм карда буд онро) бас омӯзанда ва метавон онро ба вазъи имрӯзаи ҷаҳон мутобиқат дод. Яъне, ба гуфтаи худи Мавлоно «нақди ҳоли мост он»: арабу турку форсиву румӣ, ки ба сурати калима (инаб, узум, ангур ва истофил) рафта буданд, наметавонистанд маъниро (мақсади якдигарро) фаҳм кунанд ва

*...Дар танозеъ он нафар ҷанге шуданд,*
*Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.*
*Мушт бар ҳам мезаданд аз аблаҳӣ,*
*Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ.*

(Дафтари дувум)

Оре, инҳо дар сурати калима гум шуда, маъниро ҳишта буданд. Ба ибораи дигар, барчаспидан ба ном онҳоро талхкому шӯрбахт карда буд. Ин ҳикоят мерасонад, ки чӣ гуна мардуми ҷаҳон бидуни ин ки рӯ ба маънии дину мазҳабҳо оранд, ба номи онҳо барчаспида, аз аблаҳӣ мушт бар ҳам мезананд. Аз ин рӯ, Мавлоно мегӯяд:

*Даргузар аз ному бингар дар сифот,*
*То сифотат раҳ намояд сӯйи Зот.*

*Ихтилофи халқ аз ном уфтод,*
*Чун ба маънӣ рафт, ором уфтод.*
(Дафтари дувум)

Воқеан, чӣ гуна метавон ин ихтилофро аз миёни халқ бардошт? Ба андешаи Мавлоно танҳо гӯш фарододан ба ҳарфи Инсонҳои комил (мардоне назири худи Мавлоно - «соҳиби сирре, азизе садзабон»), ки бозоне аз ҷониби шаҳриёранд, метавонад мардумро аз сурат ба маънӣ, аз парокандагӣ ба иттиҳод, аз душманӣ ба дӯстиву бародарӣ кашонад:

*Соҳиби сирре, азизе садзабон*
*Гар будӣ он ҷо, бидодӣ сулҳашон.*
*Пас бигуфтӣ ӯ, ки ман з-ин як дирам,*
*Орзуи ҷумлатонро мехарам...*
*Гуфти ҳар яктон диҳад ҷангу фироқ,*
*Гуфти ман орад шуморо иттифоқ...*
(Дафтари дувум)

Ҳам ҷойи дигар мегӯяд:

*Аз низоъи турку румиву араб,*
*Ҳал нашуд ишколи ангуру инаб.*
*То Сулаймони ласини маънавӣ*
*Дарнаёяд, барнахезад ин дувӣ.*
*Ҷумла мургони мунозеъ бозвор*
*Бишнавед ин табли бози шаҳриёр.*
*З-ихтилофи хеш сӯйи иттиҳод,*
*Ҳин, зи ҳар ҷониб равон гардед шод…*
(Дафтари дувум)

Ба андешаи Мавлоно Сулаймонҳои ласини маънавӣ ё бозони (сафирони) шаҳриёр дар ҳар давру замон ва дар ҳар қисмате аз ҷаҳон буда ва ҳастанд, ки омадаанд мардумро аз Ҳақиқат бигӯянд, роҳи наҷотро ба онҳо бинамоянд, онҳоро ба ҳам мушфиқу меҳрубон гардонанд ва зиндагии хуберо барояшон фароҳам созанд.

*Мурги ҷонҳоро дар ин охирзамон,*
*Нестшон аз ҳамдигар як дам амон.*
*Ҳам Сулаймон ҳаст андар даври мо,*
*К-ӯ диҳад сулҳу намонад ҷаври мо...*
*Гуфт худ холӣ набудаст уммате,*
*Аз халифа(и) Ҳаққу соҳибҳиммате.*
*Мурги ҷонҳоро чунон якдил кунад,*

*К-аз сифотшон бегашу бегил кунад…*
(Дафтари дувум)

Вале аз ҷаҳолату таассуби кӯрмазҳабӣ ҳокимони ҳуққабозу ҷоҳталаб ва муллоҳои ҷоҳил он азизонро (бозони шаҳриёр - Инсонҳои комилро) такфир ва ба сахттарин шеваҳо ба қатлашон доданд: бар салиб кашидани Исои Масеҳ, задани ҳазор тозиёнаву сангборон бар сари дор ва сар буридану сӯхтани тани беҷони Ҳусайни Ҳаллоҷ, дар зиндон аз гуруснагӣ ба куштан додани Шайхи Ишроқ, дар ҳузури шогирдон ба дор задани Айнулқуззот ва… монанди инҳо. Мавлоно ба ҳамин масъала ишорат мекунад:

*Кӯрмургонему бас носохтем,*
*К-он Сулаймонро даме нашнохтем.*
*Ҳамчу ҷугдон душмани бозон шудем,*
*Лоҷарам вомондаи вайрон шудем.*
*Мекунем аз ғояти ҷаҳлу амо*
*Қасди озори азизони Худо*
(Дафтари дувум)

Сарнавишти ин азизони Худо Мавлоноро (ва низ ҳамагии орифону рӯшандилони баъдиро) ба андешидан водошт, ки ба пӯшидагӯӣ гузаштанд. Вале шинохти Ҳақиқат ва ҳам рисолати Мавлоно (-расонидани Ҳақиқат ба мардум) гоҳ ӯро чунон ба шӯру ҳол меорад ва вомедорад, ки пардаҳоро бидарад. Ӯ аз пӯшидагӯӣ берун меравад ва ошкоро баён медорад, ки:

*Дар «таҳиёту-с-салому-с-солеҳин»*
*Мадҳи ҷумла(й) анбиё омад аҷин.*
*Мадҳҳо шуд ҷумлагӣ омехта,*
*Кӯзаҳо дар як лаган даррехта.*
*З-он ки худ мамдӯҳ ҷуз як беш нест,*
*Кешҳо з-ин рӯй ҷуз як кеш нест...*
(Дафтари сеюм)

Вале боз ҳам нигаристан ба сарнавишти хунини Исову Ҳаллоҷу Суҳравардиву Айнулқуззот ва басе аз ворастагони дигар, ки қурбони ҷаҳолату таассуби кӯри неруҳои пасгаро (иртиҷоӣ) шуда буданд, ӯро вомедорад, ки забонро даркашад. Мегӯяд:

*Шарҳи инро гуфтаме аз мире,*
*Лек тарсам, то билагзад хотире.*

***Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»***

*Нуктаҳо чун теги пӯлод аст тез,*
*Гар надорӣ ту сипар, вопас гурез.*
*Пеши ин алмос беиспар маё,*
*К-аз буридан тегро набвад ҳаё.*
*З-ин сабаб ман тег кардам дар ғилоф,*
*То ки кажхоне нахонад дар хилоф…...*

(Дафтари аввал)

Орис - аз Инсонҳои комили имрӯз дар китоби арзишманди худ “ИИССИИДИОЛОГИЯ” ҷойе мегӯяд: “Ба дурустӣ, чунин аст, ки дар таърихи инсоният ҳар Наҷотбахше (онҳоро ба ҳар номе, ки дар динҳоятон хондаед), ки омад, он ваъдаи додаашро (-сулҳу осоиш дар миёни ҷаҳониён) бо худ наёвард, баръакс, ҳар чӣ инҳо баъд аз худ гузоштанд нооромӣ дар ҷомеа, ихтилофҳои қавмӣ, хунрезиҳои мудовими байни миллатҳост...”

Оре, чунин будааст. Ва чунон ки гуфтем, сабаби асосии бароварда нашудани ҳадафҳои волои Наҷотбахшони илоҳӣ ин ҷаҳолати мардум ва беш аз ин ҷоҳталабии роҳбарони мазҳабӣ ва худкомагии ҳокимони замон будааст. Ин даста дар ҳар давру замон ва дар ҳар гӯшаи ҷаҳон пайваста дар банди он будаанд, ки мардумро дар бехабарӣ нигаҳ доранд, аз ноогоҳии мардум барои ҳадафҳои нопокашон истифода кунанд. Роҳбарони мазҳабӣ кӯшиданд, ки мардум ҳақиқатро нашиносанд, ҳар чӣ кунанд ба гуфтаи онҳо кунанд, чуну чиро накунанд ва тақлиди кӯр дошта бошанд ба онҳо. Ва муште хурофотро таҳмил карданд ба мардум ва чунон ҳам вонамуданд, ки ҳақиқат ҳамин аст, ки онҳо гуфтаанд. Дигар ҳама шуданд муқаллид ва зоҳирпараст. Дилбедороне чун Мавлоно ҳамеша дар ранҷ будаанд аз ин тақлидҳо ва аз ин зоҳирнигариҳо:

*Чунки зоҳирҳо гирифтанд аҳмақон*
*В-он дақоиқ шуд аз эшон бас ниҳон.*
*Лоҷарам маҳҷуб гаштанд аз ғараз,*
*Ки дақиқа фавт шуд дар муътараз.*

(Дафтари панҷум)

На танҳо ба рӯзгорони пешин, вақте ба вазъи ҷаҳони имрӯз ҳам менигарем, мебинем, ки суратпарастӣ (зоҳирнигарӣ) ва тақлиди кӯр ба чӣ ҳадде расида. Дар ниме аз ҷаҳон ба хотири ном (исломy масеҳияту яҳудият ва зартуштияву буддоия ва...) ва худситоиҳои ҷоҳилона (ҳар касе дини худро ҳақҳ ва дини

дигаронро ботил мепиндорад) мардум ба хуну пӯсти ҳамдигар уфтодаанд.

Ва Мавлоно низ бо шинохтани дардҳои ҷомеа таъкид мекунад, ки аз зоҳирнигариву тақлид, аз таҳқиру нодида гирифтани дигарон дур бошем, вагарна талхкому шӯрбахт хоҳем монд. Танҳо дар он сурат метавон ба саодат ва оромиш даст ёфт, ки мардум аз тақлиду дунболаравӣ парҳез кунанд, ба огоҳӣ расанд, ба боварҳои мазҳабии ҳамдигар эҳтиром қоил шаванд ва ҳамаро (новобаста аз нажоду миллат ва дину мазҳаб) дар баробари Худованд яксон донанд. Дарёбанд, ки муаррифии Инсон мусалмон будан ё масеҳӣ будан ва ё яҳудӣ, зартуштӣ, ҳиндӣ, буддоӣ... будан нест, балки инсонияти Инсон дар пиндор ва гуфтору рафтори худописандона аст. “Одамӣ он аст, к-ӯро ҷон бувад”, - мегӯяд Мавлоно. Яъне муҳим покии дарун аст, на мансубияти нажодиву мазҳабӣ ва на мансабу дороӣ.

Аз ин рӯ, мардони огоҳ ва софишуда ба ҳамаи мардум ба чашми муҳаббат нигариста ва ҳеч гоҳ ба пайравони дину мазҳабҳои дигар ба чашми таҳқир нанигаристаанд. Инҳо, ки худситоиҳои ҷоҳилона доранд, маълум аст, ки дарунашонро поксозӣ накардаанд, ба сурат одаманд. Дар ҳаққи ин даста Мавлоно гуфта:

*Ин на мардонанд, инҳо суратанд,*
*Мурдаи нонанду кушти шаҳватанд.*

(Дафтари панҷум)

Барои ин ки мурдаи нону куштаи шаҳват (ба сурат одамӣ) набошем, Мавлоно даъват мекунад, ки:

*Эй дил, аз кину кароҳат пок шав,*
*В-он гаҳон «алҳамд» хон, чолок шав.*
*Бар забон «алҳамд»-у икроҳи дарун,*
*Аз забон талбис бошад ё фусун.*
*В-он гаҳон гуфта Худо, ки нангарам,*
*Ман ба зоҳир, ман ба ботин нозирам.*

(Дафтари чаҳорум)

Ҳам дар ин маънӣ, ки Худованд нозир ба аъмол, ба ботини инсонҳост ва назар ба нажод, ба дину мазҳаби онҳо надорад, ки ҳиндиянд ё синдиянд, мусалмонанд ё масеҳиянд, буддоиянд ё зартуштиянд ё мансуб ба дини дигаранд, Мавлоно ҷойи дигар дар

«Маснавӣ» (Инкор кардани Мӯсо бар муноҷоти шубон...) ба ин маънӣ ишорат мекунад, ки Худованд ба Мӯсо, дар итоб аз баҳри шубон, гуфт:

*Ҳар касеро сирате бинҳодаам,*
*Ҳар касеро истилоҳе додаам...*

*Ҳиндувонро истилоҳи ҳинд мадҳ,*
*Синдиёнро истилоҳи синд мадҳ...*
*Мо забонро нангарему қолро,*
*Мо дарунро бингарему ҳолро.*

(Дафтари дувум)

Бузургоне чун Мавлоно ҳамеша ба ҳар кори ҷаҳон, ба ҳар андеша, ба ҳар дину мазҳабе бо чашми ботин нигаристаанд. Бо нигаристан ба ботини китобҳои муқаддас ва нигаристан ба маънии таълимоти андешаварони пешин ва ҳамзамонаш ба ин нуктаи олӣ даст ёфтааст, ки «ҳамаи динҳо аз сӯйи Худои таъолост», бинобар ин, ба пайравони ҳамаи дину мазҳабҳо ба дидаи эҳтиром назар кардааст. Чунон ки гуфтем, ҳамаи зиндагинависон ва муҳаққиқони осори ӯ рӯйи ин масъала таъкид кардаанд.

Як сада бештар пеш аз Мавлоно Инсони комили дигаре, орифи бузург аз рустои кӯчаки Харақон - Шайх Абулҳасани Харақонӣ (хабар додани Бӯязид аз зуҳури ин марди покбоз дар «Маснавӣ» зебо баён шудааст) бо назаре кайҳонӣ бар сари дари хонақоҳи худ навишта буд: “Ҳар кӣ дар ин саро дарояд, нонаш диҳед ва аз имонаш мапурсед. Чи он кас, ки ба даргоҳи Борӣ таъоло ба ҷон арзад, албатта бар хони Булҳасан ба нон арзад”.

Абдулрафеъи Ҳақиқат (Рафеъ) дар тавзеҳи ин паёми инсондӯстонаи Шайх Абулҳасан навиштааст: “Ростӣ бо ҳамаи ин талошҳо ва кӯшишҳои хиракунандае, ки башар дар роҳи касби улум ва фунун карда ва пешрафтҳое низ ба даст овардааст, мутаассифона дар роҳи маънавият ва инсонияти воқеӣ бо таъсис ва ташкили созмонҳои мухталифи хайрияи ҷаҳонӣ бо гузашти як ҳазор сол, ҳатто тавфиқи равиши олии инсонии хонақоҳи кӯчаки ин орифи бузургвори кайҳонгарои эрониро надоштааст”.

Ин аст андеша ва рафтори инсонҳои софишуда, он Инсонҳои комил, ки ҳама ҷаҳониёнро дар назди Худованд яксон дониста, бо ҳама халқи олам ба як бор ба сулҳ буда ва ба ҳама ба назари шафқат ва марҳамат нигоҳ кардаанд.

Мавлоно - ин Инсони Худойгуна (Сулаймони ласини маънавӣ) аз аввал то ба охири «Маснавӣ» суруди ваҳдату ягонагӣ, суруди дӯстиву бародарӣ, суруди бедорӣ мехонад.

Имрӯз ва ҳар рӯзи дигар, имсол ва ҳар соли дигар дар сурудани суруди бедориву ягонагӣ бояд бо Мавлоно ҳамово шавем ва ҳеҷ гоҳе аз ин сурудан бознамонем. Пайваста бо ӯ ва Худойгунаҳое чун ӯ бошем, дар ҳар нафас кашидан, дар ҳар нишастану хестан, ки худ мегӯяд:

*Ҳамнишини аҳли маънӣ бош, то*
*Ҳам ато ёбиву ҳам бошӣ фато…*

(Дафтари аввал)

Ва ё:

*Бо Сулаймон хӯ кун, ай хуффоши рад,*
*То ки дар зулмат намонӣ то абад.*

(Дафтари дувум)

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

**Комил БЕКЗОДА**

## МАҚОМИ МИЛЛАТ ВА НАЖОД ДАР ФАЛСАФАИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

То имрӯз Иқбол (1877-1938) - ро чунин мешиносанд:

- Иқбол бузургтарин шоир ва файласуфи форсизабони Шарқи исломӣ аст;
- Иқбол озодандеш, инсонпарвар, сиёсатмадор ва бедоркунандаи мардуми Машриқзамин мебошад;
- Иқбол ислоҳгари афкори динии мусулмонон ва худ як мусулмони ростин ба шумор меояд;

Вале аз нигоҳи дигар метавон гуфт: он чи то имрӯз гуфтаанд, Иқболи ҳақиқӣ нест. Он Иқболи оммаҳо, сиёсатҳо, давру замон ва Иқболи муборизаҳои динию нажодӣ буд. Пас, Иқболи ҳақиқӣ кадом аст? Барои шинохти дуруст ва воқеии Иқбол бояд ба ин саволҳо ҷавоб ёфт:

1) Иҷрои маросимҳои исломӣ (аз ҷумла намоз) барои Иқбол чӣ маъно доштанд?
2) Чаро Иқболро ба Афғонистон даъват намуданду ба Эрон даъват нашуд?
3) Чаро Иқбол бо вуҷуди он ҳама имконииятҳо хонаи Каъбаро зиёрат накард?
4) Китобҳои нотамоми Иқбол ба чӣ далолат мекунанд?: “Паёмбари фаромӯшшуда”, “Ислом аз нуқтаи назари ман”, “Мулоҳизаҳои ман дар бораи Қуръон”, “Эҳёи муқаррароти фиқҳи исломӣ” ва чанде дигар.
5) Иқбол аслан аз кадом миллат ва нажод буд?

Баҳсро аз ҳамин нуктаи охирин (миллат ва нажоди Иқбол) оғоз менамоем.

Миллату нажод барои шахсиятҳои бузург мавриди баҳсу гуфтугӯе нестанд. Онҳо барои ҳамаи аҳли башар баробар тааллуқ доранд. Ин нуқтаи назари фалсафа аст. Мо ҳам ин бардоштро қабул дорем. Вале илм ва хусусан илми таърих ва нажодшиносӣ ба ин ақидаи фалсафӣ ва фарҳангӣ қонеъ намешаванд.

Аз ин гузашта, танҳо ба хотири ҳақиқати сирф илмӣ ва таърихӣ метавон пурсид, ки дар воқеъ Муҳаммад Иқбол ва гузаштагони ӯ аслан аз кадом миллату нажод буданд?

Машҳуртарин иқболшиносони ҷаҳон бар ин ақидаанд, ки аҷдоди Иқбол аз бараҳманҳои Кашмир буданд, ки дар асри XVII милодӣ дини исломро қабул намуданд. Ин назари шарқшиноси Шӯравӣ бону Н. Н. Пригарина ва иқболшиноси тоҷик устод Абдуллоҷон Ғаффоров мебошад, ки байни солҳои 1977 то 1982 иброз шудааст. Вале баъди нашри китоби чорҷилдаи доктор Ҷовид Иқбол - фарзанди барӯманди аллома Муҳаммад Иқбол бо номи "Зиндарӯд", назарияи наслу насаб ва миллату нажоди Иқбол мавриди баҳсу андеша қарор гирифт. (Мутарҷими форсии китоб Шаҳиндухт Комрон Муқаддами Сафёрӣ китобро бо номи "Ҷовидон Иқбол" тавассути Академияи Иқболи Покистон ба чоп расонд. Нусхаи мо чопи дуюми ин китоб аст бо номи "Зиндагӣ ва афкори аллома Иқболи Лоҳурӣ", нашри ширкати Интишороти Остони Қудси Разавӣ. 1372 (1993м.); (Фасли аввал: Силсилаи насаб, саҳ. 9-31)

Доктор Ҷовид Иқбол дар ҷилди аввали китоби мазкур менависад: "Дар як мадраки (ҳуҷҷати) мунҳасир ба фард (хусусӣ) Иқбол қавмияти худро "сапру" нигоштааст. Ва дар номае ба оқои Фавқ аз 16-уми январи соли 1934 мегӯяд: "Кашмирии бараҳман, ки аз насли сапру дорад, дар бораи наслу насаб, ҳар он чи ман аз падари шодравони худ шунидаам, арз мекунам. Вақте ки мусулмонон бар Кашмир мусаллат (ҳоким) шуданд, кашмириёни бараҳман аз рӯи куҳнапарастӣ ва иртиҷоъ ва ё бо илали (сабаби) дигар ба улуму забони мусулмонон эътиное (таваҷҷуҳе) наменамуданд. Бад-ин сабаб аввалин гурӯҳе ба тарафи забони форсӣ ва тааллуқоти он кашонда шуд ва то ҳадде ба он огаҳӣ пайдо кард ва эътимоди ҳукумати исломиро ҷалб намуд, "сапру" хонда шуд.

Маънии ин лафз иборат аст аз шахсе, ки пеш аз ҳама шурӯъ ба хондан кунад. Ин аст ки бараҳманҳо ҳамтабақаҳои худро, ки аз равияи аҷдодӣ ҷудо шуда буданд, ба сифати таҳқир, "сапру" номиданд. Муҳаққиқи забондоне дар шаҳри Анбола ба ман гуфт, ки: калимаи "сапру" ба подшоҳи бостони Эрон – Шоҳпур тааллуқ дорад. Ва сапруҳо дар ҳақиқат эрониёне ҳастанд, ки муддатҳо пас аз зуҳури ислом Эронро тарк намуда, дар Кашмир сокин

шудаанд. Ва бо сабаби заковату зиракӣ, ки доштанд, дар гурӯҳи бараҳман дохил шуданд”.

Агар мазмуни ин иқтибосро ба маълумотҳои дигари ин китоб ва сарчашмаҳои мавҷуда мавриди арзёбӣ қарор диҳем, ба натиҷаҳои зерин хоҳем расид:

**Якум**. Ин далел ба назари худи Иқбол хеле муътабар аст. Чаро ки аз забони падари шодравонаш Шайх Нурмуҳаммад, ки мардум ӯро файласуфи уммӣ (таҳсилнокарда) меномиданд, шунидааст. Мақсад ин ҷо мақоми падар аз назари Иқбол аст, ки он бузургвор қиблагоҳи худро то ба ҳадди тақдис мепарастидааст. Аз тарафи дигар, ривояте будааст, хонаводагӣ, ки аз сина ба сина ва аз насл ба насл интиқол меёфтааст. Арзиши ин қабил ривоётро дар асри XIX дар Урупо донишманде чун Густав Лебон (1841-1931) аз назари илмӣ собит намудааст.

**Дуюм.** Ватани аслии Иқбол Кашмир нест. Хонаводаи Иқбол ба Кашмир чун муҳоҷир омадаанд. Сабаби ин ҳиҷрат то ҳол дар ягон сарчашма зикр нагардидааст. Мо сабабашро намедонем. Эҳтимолан сабаби динӣ-мазҳабӣ доштааст. Чаро ки аҷдоди Иқбол то ба Кашмир омаданашон ҳиндӣ ва бараҳман набудаанд. Балки ба сабаби хидмат, ҳайсият, истеъдод, заковат, зиракӣ ва дигар имтиёзҳои шахсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоияшон онҳоро ба табақаи болои ҷомеаи онрӯзаи ҳиндӣ (бараҳманҳо) қабул намудаанд. Ва шояд аз дини пешинаи худ ба ақидаи бараҳманҳо гаравида бошанд.

**Сеюм.** Таваҷҷуҳи аҷдоди Иқбол ба забони форсӣ дар давраи паҳншавии дини ислом дар Кашмир гувоҳ бар он кашиши фитриест, ки дар ниҳоди ҳар як фард ниҳон аст. Ин ҷо возеҳ ва равшан аст, ки гузаштагони дури Иқбол аслан ҳиндӣ ва бараҳман набудаанд, балки баъдҳо ба ин гурӯҳ дохил шудаанд. Мисли он ки худи Иқбол ҳеҷ гоҳ дар зумраи “сэр”- ҳои урупоӣ набуд, вале хидматҳои фарҳангии ӯро ба назар гирифта, ба ӯ лақаби «сэр»-ро доданд. Ҳамин тавр, аҷдоди Иқбол аслан бараҳман набуданд, вале ба шарофати хидматҳои фарҳангӣ ва фазилатҳои шахсияшон аз ҷониби гурӯҳи бараҳманҳои Кашмир пазируфта шуданд. Табиист, ки баъди ин ҳодиса хонадони онҳоро чун бараҳман ва бараҳманзода ном мебурданд ва ҳоло ҳам ном мебаранд.

**Чаҳорум.** Дар шарҳу тафсири калимаи «сапру» омадааст, ки шахси пеш аз ҳама ба хондан шурӯъ кардаро, «сапру»

меномиданд. Вале Иқбол бо ин тафсир розӣ ва қонеъ нагардида, ба мутахассисони забоншинос мурочиат намудааст.

Муҳаққиқи забоншиносе дар шаҳри Анбола дар ҷавоби пурсиши Иқбол гуфтааст, ки калимаи "сапру" шакли таҳрифшудаи калимаи шоҳпур аст». Шоҳпур силсилае аз подшоҳони Эронӣ ҳастанд, ки дар империяи Сосонӣ ҳукмронӣ намудаанд. Машҳуртарини ин силсила: Шоҳпури як, Шоҳпури ду ва Шоҳпури се мебошанд, ки дар сохтмони Тоқи Касро, шаҳри Мадоин ва мубориза ба муқобили императори Рум саҳми арзандае гузоштаанд. Ҳокимияти ин сулола қариб дусад солро дар бар гирфта буд. Ва дар иқтибоси дар боло зикршуда, возеҳу равшан омадааст, ки «сапруҳо дар ҳақиқат эрониёне ҳастанд, ки муддатҳо пеш аз зуҳури Ислом Эронро тарк намуда, дар Кашмир сокин шудаанд».

Ҳамин таъкиди сареҳ ва ошкорои иқтибос сабаб шуд, ки мо дар ин таҳқиқи мухтасари худ Муҳаммад Иқболро Эронинажод бидонем! Мо дар ин ақидаи худ таассубе надорем. Зеро шахсоне чун Иқбол ҳадду марзро намепазиранд. Шахсияти онҳо болотар аз мафҳумҳои тангу маҳдуди миллату нажод аст. Вале баҳс, баҳс аст. Ақаллан барои як бор бояд, ин ё он масъаларо дақиқ кард. Бе хулосабарориҳои умумӣ ва муғлақ. Барои равшан гардидани ин масъалаи зоҳиран оддӣ, вале ботинан печида, бояд афзуд, ки дар гузашта ва ҳозира ҳама идеологияҳои тоталитарӣ (барои намуна ислом, масеҳият, сотсиализм ва коммунизм) аз гузориши масъалаи нажод ва миллат парҳез мекунанд.

Чаро? Барои он ки мехоҳанд шахсиятҳои бузург тамоми истеъдоди худро дар роҳи ба даст овардани ҳадафҳои ин идеологияҳо бе каму кост сарф кунанд. Саид Ҷамолуддини Афғонӣ як умр кӯшиш мекард, ки касе аз кадом миллат будани ӯро надонад. Чунки ӯ аз рӯи мабдаъ ва принсип ба ислом хизмат карданӣ буд, на барои миллати афғону эрон ва ё турку араб! Шахсиятҳои бузурги олами коммунистӣ ҳам дар асри XX ҳамин ҳолро доштанд. Барои мисол файласуфҳо: Николай Ирибаджаков дар Булғория, Янагида Кендзюро дар Япония, Морис Корнфорт дар Англия, Маҳмуд Амин ал-Олим дар Миср, Алоуддин Баҳоуддинов дар СССР.

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Муҳаққиқони гузашта асри XX-ро асри идеологияҳо меномиданд. Ҷои гурез нест. Воқеият чунин аст. Вале инсонҳо ҳам ба куллӣ маҳкуму побанди қазову қадар нестанд. Аз озодиҳои нисбӣ бархурдоранд. Он ҷо ки аллома Иқбол мегӯяд:

*Мазан бар пои худ занҷири тақдир,*
*Таҳи ин гунбази гардон раҳе ҳаст.*

Вале ин роҳҳои эҳтимолан вуҷуддоштаро тарғиботи шадиди яккақолабӣ ва яккабоварии тоталитарӣ аз майдон берун меронад. Мутафаккир маҷбур мешавад, ки дар майдони истилоҳоти бемуҳтаво ва умумӣ суханпардозӣ кунад. Барои намуна дар «Паёми Машриқ» Иқбол мегӯяд:

*На афғонему на турку таторем,*
*Чаманзодему аз як шохсорем.*
*Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром ҳаст,*
*Ки мо парвардаи як навбаҳорем.*

Аз навишта шудани ин дубайтӣ қариб сад сол мегузарад. Вале ҳеҷ не ки ин «чаманзодаи як шохсору парвардагони як навбаҳор» худро бишносанд ва ба ҳам биёянд. Чаро ин тавр аст? Ман намедонам. Ҳамин қадараш маълум аст, ки даъвоҳои ин идеологияҳои тоталитарӣ дар воқеияти реалии зиндагии мо такягоҳи собите пайдо намекунанд. Чаро ки асри мо, асри шак ва тардид аст. Рӯҳи хушбоварӣ ба завқи муосирон созгор нест. Ин назари мо аст. Вале Иқбол «ба ин натиҷа расид, ки мусулмонон барои ҳифзи бақо ва қудраташон бояд дар асоси имони муштарак муттаҳид гарданд ва уммати исломӣ-иттиҳоди миллии исломро ба вуҷуд биоваранд». Ин ҳадаф ҳоло ҳам дар барномаи рӯзи аксари давлатҳои исломӣ матраҳ мебошад. Вазъи иҷроиш ва амалӣ шудани он ба ҳамагон маълум аст. Ақаллан ишорае ба «баҳори арабӣ» зарурат дорад.

Аммо миллатгароӣ дар боби худ як навъ шак ва нобоварӣ нисбат ба ҳадафҳои куллӣ ва тоталитарӣ мебошад. Воқеият ин аст, ки ҳеҷ як аз ин ду идеология (миллӣ ва тоталитарӣ) афзалияти худро нисбат ба дигаре собит накардааст. Шояд роҳи дуруст берун аз маъракаи ин ду ҳариф бошад? Вале ин ҳам аз назари имрӯз эҳтимолу тахмин аст.

**Панҷум.** Иқбол соли 1905 баъди зиёрати мазори Мирзо Ғолиб навиштааст: "Мо фақат онро мусулмон медонем, ки ташнаи хуни ҳиндувон бошад ва онро ҳиндуи ҳақиқӣ мешуморем, ки душмани зиндагии мусулмонон шавад. Мо кирми китоб

ҳастем. Афкори мағзҳои ғарбӣ ғизои мост. Беҳтар буд, агар мавҷҳои халиҷи Бангола моро ғарқ мекарданд. Дар Бомбай ҷамъияти порсиҳо тақрибан 80 ё 90 ҳазор аст. Салоҳияти ин мардум қобили ситоиш ва азамати онҳо беҳисоб мебошад. Мутаассифона ҳама дар пайи тавлиди иқтисодӣ мебошанд. На забон доранду на адабиёт ва на навиштаҷот. Ба забони форсӣ бо нафрату ҳақорат нигоҳ мекарданд, ки дар адабиёти форсӣ эътиқодоти арабӣ ҳеҷ дахолат надорад, балки ранги зардуштӣ дар рагу решааш дида мешавад”. Аз ин иқтибос пайдост, ки Иқбол решаҳои аслии низоъҳои мазҳабиро хуб мешинохтааст. Аз тарафи дигар ба бегонапарастии шарқиҳо пай бурдааст. Он ҷо ки мегӯяд: “Мо кирми китоб ҳастем. Афкори мағзҳои Ғарбӣ ғизои мост”.

Иқбол дар нисбати порсиҳои Ҳинд хеле ҳассосияти шадид нишон медиҳад. Ҳам меситояд ва ҳам накӯҳиш мекунад. Маълум аст, ки нисбат ба сарнавишти онҳо бетафовут нест. Чаро? Ба назари мо барои он ки Иқбол худро аз руи нажод ва аз боби завқи фарҳангӣ эронии зардуштӣ эҳсос мекард. Вагарна дар Ҳинд садҳо қавму миллат сукунат доранд. Чаро Иқбол маҳз бо ҳамин форсиҳои Бомбай таваҷҷуҳ мекунад? Ҳолати ин зардуштиҳо ба як ҳиндии мусулмон (Иқбол) чи робитае дорад? Иқбол ба таври нохудогоҳ адабиёти форсиро меситояд. Ба хотири эронияту зардуштият меситояд, на ба хотири ихтисос ва завқи шоирӣ! Нисбат ба таъсири адабиёти араб хушбин нест. Чаро? Барои он ки арабҳо сомианд ва Иқбол ориёӣ! Дар рӯҳияи Иқболи соли 1905 тамоили шадиде ба тамаддуни пеш аз исломии Эрон ба мушоҳида мерасад. Ӯ ошкоро ва бо як навъ қотеъият, бунёд ва асоси адабиёти форсиро аз тамаддуни зардуштӣ иборат медонад. Ва дар ҳамин раванд (протсесс) нисбат ба таъсири дини Ислом ва фарҳанги арабӣ дар адабиёти форсӣ назари мусбат надорад. Ин аст, ки мо мегуем фаъолиятҳои илмӣ, адабӣ ва фалсафии Иқбол дар умқи худ тамоили миллӣ ва нажодӣ доштанд. Мо дар ин навишта маҷоли аз ин бештаре надорем ва феҳраствор зикр мекунем, ки ин фаъолиятҳои Иқбол ба ақидаи мо гувоҳ бар тамоили эронинажод будани ӯ аст.

**Шашум.** Иқбол ҳанӯз дар кишвари худ-Ҳундустон иқомат дошт ва дар солҳои 90-уми асри 19 дар яке аз маҷаллаҳои англисизабон мақолае навишт бо номи “Инсони комил”. Дар

асарҳои баъдинааш тавзеҳ медиҳад, ки ҳангоми навиштани ин мақола ба сарчашмаҳои урупоӣ дастрасӣ надоштааст. Ман ба ин тавзеҳи баъдина бовар надорам. Шахси бедор ва ҷӯяндае чун Иқбол наметавонист аз ин мавзӯи муҳими тасаввуфи исломӣ ва фалсафаи урупоӣ ғофил бимонад. Дар сурате ки забони роиҷи зиёиёни ҳиндӣ забони англисӣ буд ва номи офарандаи образи абармард (супермен)-и Фридрих Нитше вирди забони ҳамагон буд! Эҳтимол меравад, Иқбол хостааст бо ин тавзеҳ истиқлол ва нававарии фикрии худро таъкид намояд. То муосирон гумон накунанд, ки ӯ аз пайи файласуфи урупоӣ (Нитше) рафтааст. Аз китобҳои баъдинаи Иқбол бармеояд, ки дар ҳақиқат пайрави Нитше набуда ва махсусан дар китоби "Таҷдиди фикри динӣ дар ислом" ақидаҳои метафизикии Нитшеро сахт танқид намудааст. Аз инсоф нагзарем ва бояд инро ҳам бигӯем, ки осори Нитше барои Иқбол ба сифати як сарчашмаи илҳомбахш хизмат мекарданд. Сабаби ин ҳолат, ягонагии шеваи фикрӣ буд. Зеро ҳарду мутафаккир, файласуф, шоир ва орифмашраб буданд. Ба ин маънӣ Иқбол дар "Ҷовиднома" зери сарлавҳаи " Мақоми ҳакими олмонӣ Нитше" баъди тавсифу тамҷид дар 76 мисраъ ба ин хулоса меояд:

*Ақли ӯ бо хештан дар гуфтугӯст,*
*Ту раҳи худ рав, ки роҳи худ накӯст.*

Яъне Иқбол даъват мекунад, ки ҳар кас бояд дар роҳи худ равад ва аз касе тақлид накунад. Бо ин тавзеҳи тӯлонӣ мо инро гуфтанӣ будем, ки ҳатто аз бомдоди зиндагии фикрии худ бо мавзӯъҳои авастоӣ таваҷҷуҳ дошт ва худи масъалаи "Инсони комил" ба ақидаи аксари муҳақиқони муосир решаи зардуштӣ ва авастоӣ дорад.

**Ҳафтум.** Иқбол дар ибтидои фаъолиятҳои илмӣ ва адабии худ мақолае нашр намуд, дар мавзӯи "Рубоиёти аслии Умари Хайём". Ҳарчанд ки иқболшиносон аз ин мақола номе намебаранд, вале ба назари мо дубайтиҳои хайёмонаи Иқбол то андозае самараи баҳсу таҳқиқ дар рубоиёти асил ва мансуб ба Хайём будааст.

Албатта ин ҷо тақлид нест, балки илҳом гирифтан аст. Пайдост, ки Иқбол нисбат ба Хайём таваҷҷуҳи хос дошта, ҳам аз боби шакл ва ҳам аз боби мазмун рубоиёти ӯро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Ба як маъно, метавон Иқболро Хайёми асри 20 номид. Бо ин фарқ, ки дубайтиҳои Иқбол дорои рангу бори

шоирона буда, рубоиёти Хайём бештар ба аксиомаҳои математикӣ шабоҳат доранд. Аз нигоҳи фалсафӣ ҳарду дорои ақоиди хос мебошанд, ки ин ҷо маҷоли шарҳу эзоҳи онро надорем.

**Ҳаштум.** Дар охирҳои асри 19 ва аввалҳои асри 20 Иқбол ба осори файласуфи олмонӣ Фридрих Нитше (1844-1900) ошно гардид. Махсусан, китоби Нитше бо номи "Чунин гуфт Зардушт" рӯҳи Иқболи ҷавонро сахт такон дод. Бо илҳом аз ин китоб Иқбол рисолаи доктории худро бо номи "Пешрафти илми метафизика дар кишвари Форс" дифоъ намуд. Мутарҷимони урду ва эронӣ ин китобро аз забони англисӣ ба забони худ бо номи "Фалсафаи Аҷам" ва "Сайри фалсафа дар Эрон" тарҷума намуданд. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки таъсири ин китоб (китоби Нитше) дар фикри Иқбол то охири умраш боқӣ мондааст. Иқбол дар навиштаҳои гуногуни худ ҳамеша як фикрро гӯшзад мекунад, ки «Инсони комил»-и ӯ ба абармард (супермен)-и Нитше ҳеҷ муносибате надорад. Вале ин исрори бардавом аз назари равоншиносӣ ин маъноро ба мо мефаҳмонад, ки таъсири китоби «Чунин гуфт Зардушт» дар фикри Иқбол инкорнопазир аст. Ва чунин ба назар мерасад, ки Иқбол дониста ё надониста хостааст, ки ҳақиқати хаёлоти фалсафӣ ва шоиронаи Нитшеро аз назари илмӣ асоснок намояд. Нитше фарҳанг ва арзишҳои Урупоро таҷдиди назар кард. Бисёре аз осори нотамоми Иқбол гувоҳи онанд, ки ӯ ҳам хостааст ба мисли Нитше мероси фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, таърихӣ, адабӣ ва ҳунарии Шарқи исломиро мавриди арзёбӣ ва таҷдиди назар қарор диҳад. Вале муҳити фосиди аввалҳои асри XX ба амалӣ шудани ин нақша имкон надод. Ҳадафҳои Иқбол амалӣ нагардиданд. Иқбол дар нимароҳ таваққуф намуд. Ӯ эҳсос мекард, ки мероси фарҳангии гузаштаи мусулмонон ба таҷдиди назар ниёз дорад. Нитше пеш аз Иқбол мероси фарҳангии Урупоро мавриди таҷдиди назар қарор дода буд. Маълум намуд, ки инсоният то ҳанӯз пойбанди хурофот аст. Вале Нитше роҳи наҷот аз ин хурофотро нишон дода натавонист. Образи офаридаи ӯ: абармард ё худ супермен образи як буржуа ва капиталисте буд, ки барои манфиати шахсии худ шуда, омода буд, оламу одамро ба куллӣ хароб намояд. Иқбол хост, ки ба ин образ одобу ахлоқи шарқиро

илова кунад. Яъне абармардро шарқӣ, инсонпарвар, гуманист ва аҳли дину виҷдон намояд. Ин тавсифҳо дар достонҳои фалсафии ӯ бо номи «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» ба тафсил омадаанд. Вале ҳамзамонон ба пешниҳодоти ӯ эътиборе нанамуданд ва ҳатто бар зидди ӯ китобҳо ва рисолаҳо таълиф намуданд. Ин аст ки мо мегӯем, Иқбол дар нимароҳ таваққуф кард. Чун ӯро аз пеш рафтан боздоштанд. Нишонаҳои ақибнишинӣ дар номи асарҳои нотамомаш ҳувайдост: «Мантиқ-ут-тайри ҷадид», яъне аз «Мантиқ-ут-тайри қадим» розӣ нест, таҷдиди назар мекунад. Ва дар «Саргузашти қалбу фикр» барои тавзеҳи бештари афкори худ ин китобро менавиштааст. Чун бовар доштааст, ки мардум назари ӯро ба дурустӣ дарнаёфтаанд; “Таърихи тасаввуф”, аз дидгоҳи нав ва дар асоси муқоисаи ақидаи Ибни Ҷавзӣ бо корнамоии Мансури Ҳаллоҷ. «Пайёмбари фаромӯшшуда» - Иқбол мехостааст ин китобро бо шеъри озоди англисӣ ва бо сабки «Инҷил» ё «Чунин гуфт Зардушт»-и Нитше бинависад. Муҳаққиқони покистонӣ менависанд: “Саид Назар Ниёзӣ яке аз дӯстони Иқбол овардааст, ки ман ҳар рӯз бо дастури Иқбол порае аз Аҳди Атиқ (Таврот) ва ё Инҷилро ба ӯ мехондам ва ин кор муддате тӯл кашид. Интиқоди ӯ дар бораи Аҳди Атиқ бисёр ғолиб буд ва ӯ сабку матолиби онро бо Қуръони маҷид борҳо муқоиса мекард. Мехост, мисли китоби Фридрих Нитше «Чунин гуфт Зардушт», як асари тозае бо номи «Китоби пайғамбари фаромӯшшуда» бингорад ва барои он услуби муносибе ҷустуҷӯ мекард”. Дар ин айём ӯ зери таъсири андешаҳои Зардушт ва фалсафаи Нитше қарор дошт. Ва “Паёмбари фаромушшуда” гуфта, доир ба сарнавишти худи Зардушт ва дини ӯ андеша мекард.

Инҷост ки ба назари мо, Иқбол аз эронинажод буданаш нозид ва аз дини ниёгонаш, ки зардуштӣ буданд, ифтихор намуд. Ва ба сӯи Зардушт ва Урупо рӯй овард. Тамаддуни сомӣ ва арабиро мавриди хурдагирӣ қарор дод. Соли 1907 навиштааст: «Каломи ман қабл аз иқомат ва зиндагӣ дар Урупо каломи замони ҷоҳилияти ман аст». Ин эътироф гувоҳ ба як нуктаи муҳим дар ташаккули шахсияти маънавии Иқбол мебошад. Вале ин иқтибос ва эътироф чи маънӣ дорад? Иқбол ба назари мо бедорӣ ва огоҳии ҳақиқии худро ба шарофати Урупо медонист. Ба назари ӯ донишҳои дар Ҳиндустон фарогирифтааш камъумқ ва сатҳӣ буданд. Ба як калима, Иқбол дар Урупо муҳимтарин марҳилаи

фикрии худро аз сар гузаронд. Дар осори ӯ ба ин маънӣ таъкидот ва тасреҳоти фаровоне вуҷуд дорад. Барои намуна он ҷо ки мегӯяд:

*Хирад афзуд маро дарси ҳакимони Фаранг,*
*Сина афрӯхт маро суҳбати соҳибназарон.*

Ин эътирофро дар ҳамаи маҷмӯаҳои шеърӣ ва насрии ӯ ба забонҳои урду ва форсӣ дучор шуда метавонем.

**Нуҳӯм.** Чунон ки дар параграфи панҷум зикр намудем Муҳаммад Иқбол адабиёти форсиро меситояд. Нисбат ба таъсири адабиёти араб хушбин нест. Дар рӯҳияи Иқбол тамоюли шадид нисбат ба тамаддуни пеш аз исломии Эрон ба мушоҳида мерасад. Ошкоро бунёд ва асоси адабиёти форсро аз тамаддуни зардуштӣ иборат медонад. Нисбат ба таъсири мазҳаб, дин ва фарҳанги арабӣ дар адабиёт ва забони форсӣ назари мусбат надорад. Ин аст ки мегӯем: Иқбол зери нуфузи маънавии китоби Нитше ба куллӣ ба фарҳанги Зардуштӣ рӯй оварда буд. Ин солҳои аввали асри XX буданд ва Иқбол марҳалаи донишҷӯиро дар донишгоҳҳои Урупо мегузаронд. Дар ин солҳо Иқбол натанҳо аз фарҳанги Зардуштӣ ифтихор мекард, балки аз эронинажод будани худ меболид.

**Даҳум.** Таваҷҷуҳи Иқбол ба Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҳам бесабаб набуд. Ӯ беҳадаф Кашмирро қароргоҳи доимии фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии худ интихоб накарда буд. Ва Иқбол дар «Ҷовиднома» Саид Алии Ҳамадониро дар қисмате хос, ки «Он сӯи афлок» ном дорад, зикр менамояд ва дар шаъни ӯ беҳтарин ва бошаҳоматтарин таъбирҳоро ба кор мебарад. Аз ҷумла:

*Сайиду-с-содот Солори Аҷам*
*Дасти ӯ меъмори тақдири умам!*
*Муршиди он кишвари минуназир*
*Миру дарвешу салотинро мушир!*
*Офарид он мард Эрони сагир*
*Бо ҳунарҳои гарибу дилпазир.*
*Як нигоҳи ӯ кушояд сад гиреҳ,*
*Хезу тирашро ба дил роҳе бидеҳ.*

*Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша»*

Дар ин байтҳо бо ибораҳои «Солори Аҷам» ва «Эрони сағир» таваҷҷуҳ кунед. Саид Алӣ аз Эрони кабир ва асосӣ, дар Кашмир Эрони сағир офаридааст!

Оё дар ин ҷо таъкид ба миллат ва нажоди эронӣ нест? Оё Иқбол ҳам худро дар ин ифтихор шарик намедонад? Ман фикр мекунам, ки шарик медонист. Дар конференсияи бахшида ба 120-солагии зодрӯзи аллома Иқбол соли 1997 дар Институти осори хаттии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон шодравон Амрияздон Алимардонов ин нуктаро ба ман хотирнишон кард, ки Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Кашмир ба хотири тарғибу ташвиқи дини ислом иқомат мекард, на ба хотири ҳамзистӣ бо ҳамнажодони худ–эрониёни муқимии Кашмир. Ман ба ин нуқтаи назар мувофиқам. Вале фикр мекунам, ки омили миллӣ ва нажодиро низ дар ин масъала нодида нагирем. Вагарна фаъолияти ин сӯфии шиамазҳаб, ки Сайид Алии Ҳамадонӣ бошад, барои Муҳаммад Иқболи суннӣ чи ҷаззобияте дошта метавонист? Ин аст ки мегӯем, дар муносибати Иқбол нисбат ба Ҳамадонӣ омили миллӣ ва нажодӣ ҳассостар аст, на омили мазҳабӣ!

**Ёздаҳум.** Алоқаи Иқбол ба забони форсӣ яке аз гӯётарин далели эронинажод будани ӯст. Ҳарчанд барои Иқбол эронӣ ё ҳиндӣ будани нажодаш фарқе надошт. Зеро ҳиндӣ ва форсӣ–ҳарду шохае аз фарҳанги бузурги ориёӣ мебошанд. Аз боби мақому мартаба байни онҳо фарқе нест, вале дар нисбати як шахси муайян, мансубият ба ин ё он нажод дорои аҳамияти таърихӣ, фикрӣ, фалсафӣ ва фарҳангӣ мегардад. Мисоли мушаххаси мо шахсияти аллома Иқбол аст. Дар мактубе ба номи Ғуломқодири Гиромӣ менависад: «Форсӣ эҳсосоти маро беҳтар баён мекунад» ва ба забони шеър мегӯяд:

*Порсӣ бин, то бубинӣ гуфтаҳои ранг-ранг,*
*Бигзар аз маҷмӯаи урду, ки беранги ман аст.*

Бо эътирофи худаш, забони форсӣ табиатан, ба афкори Иқбол мувофиқ будааст:

*Порсӣ аз рафъати андешаам,*
*Дархурад бо фитрати андешаам.*

Агар Иқбол эронинажод намебуд, забони форсиро ба дараҷаи эъҷози ҳунарӣ расонидан наметавонист. Ин аст ки мегӯянд: «Забони бегонаро метавон фаро гирифт, ба ғайр аз шеъраш». Вале Иқбол шеърро ҳам фаро гирифта буд. Барои ибрат аст ин ҳолат, ки шеъри муосири форсӣ дар муқоиса бо

шеъри Иқбол чун насри хушки мусаҷҷаъ ҷилва мекунад. Аз ҷиҳати муҳтаво мазмун аслан, қобили муқоиса нестанд.

Иқбол худро ба нажоду фарҳанги эронӣ ба ин андоза наздик ва тавъам эҳсос мекунад, ки бехотир доир ба Ҳофиз гуфтааст: «Вақте ки ман дар бораи Ҳофиз фикр мекунам, рӯҳи Ҳофиз дар ман дохил мешавад. Ва ба ростӣ ман худи Ҳофиз мешавам». Ногуфта пайдост, ки аксари ашъори форсии Иқбол дар партави эҷодиёти бузургоне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҳоқонӣ, Низомӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Урфӣ, Назирӣ, Соиб ва дигарон суруда шудаанд.

Хулоса, аллома Муҳаммад Иқбол ҳар чанд дар фаъолиятҳои мазҳабӣ, фарҳангӣ ва сиёсиаш нисбат ба миллату нажод бетафовут ба назар мерасад, вале аз назари замири ботин ва далоили навини равоншиносӣ ҳамвора худро як эронии том ва тамом эҳсос мекардааст.

**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ҶАҲОНБИНИИ МУҲАММАД ИҚБОЛ[203]

## Муқаддима

Муҳаммад Иқбол (1877 - 1938) шахсияти барҷастаи оғози асри 20 мебошад, ки дар таъсис додани яке аз аввалин давлатҳои исломии ҷаҳон - Покистон саҳмгузорӣ кардааст. Осори шеърӣ ва насрии ӯ аз арзишҳои исломӣ дифоъ мекунад ва мардуми мусалмони қораи Ҳинд, Афғонистон ва дигар кишварҳоро ба ташкили хилофати умумиҷаҳонии исломӣ ҳидоят мекунад. Дар муддати зиёда аз 20-соли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон яке аз фаъолиятҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангии равшанфикрони тоҷик маҳз ба тарғиби осор ва афкори ин шахсият равона гардидааст. Бешубҳа, чунин фаъолиятҳо имкон додаанд, ки дар зеҳни мардум зарурат ва шароити исломишавӣ ташаккул ёбад. Ҳамин гуна тарғиби ғайриилмии Иқбол ва дигар шахсиятҳои динии таърихи фарҳанги форсу тоҷик яке аз далелҳои устувори теологизатсия (дингароӣ)-и илму фарҳанги тоҷик дар даврони муосир мебошад.

Қарор аст, ки дар ин мақола баъзе масъалаҳои асосии ҷаҳонбинии Иқбол аз нуқтаи назари накди фалсафӣ баррасӣ карда шавад. Бо ин ба эҷодиёти ин шахс арҷ мегузорем, вале дар айни ҳол доираи илмию фарҳангиро даъват мекунем, ки дар шинохту тарғиби осор ва афкори ӯ ба дингароӣ роҳ надиҳанд.

Муҳаммад Иқбол роҳу равиши фалсафию ҷаҳоншиносии худро мустақил медонад:

*Накардам аз касе дарюзаи чашм,*
*Ҷаҳонро ҷуз ба чашми худ надидам (199)*

Аммо дар ҳақиқат Иқбол системаи ягона ва фарогири фалсафӣ надорад. Дар шинохти ҳастии инсон ӯ баъзан бардоштҳое аз фалсафаҳои қудратмеҳварии аврупоӣ (Фихте ва Нитше – дубайтиҳои 133-134, саҳ. 203) дорад ва тамоми олами ҳастӣ ва падидаҳои онро ба инсон маҳдуд ва тобеъ мекунад. Дар мавриди баъзе масъалаҳои ахлоқ[i] сиёсату зӯроварӣ[ii] ва ҳалли

---

[203]Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, *Куллиёти форсӣ* (таҳияи матн ва таҳқиқи илмии Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Шарафнисо Пӯлодова). Душанбе: Дониш. 2013. – 669 саҳ.

мушкилии Марг аз маслаки Иродаи қудрат, яъне таълимоти Нитше кор мегирад.[iii]

Шеъри «Панди боз ба бачаи хеш» (саҳ. 217-218) дар назар Иродаи қудрати Нитшеро тарғиб мекунад, вале дар асл шоир ин консепсияи Нитшеро ба хотири тасдиқи тасаввуроти динӣ-ирфонии худ истифода мебарад.[iv] Ба ҳамин монанд, шеъри дигари Иқбол «Агар хоҳӣ ҳаёт андар хатар зӣ» (саҳ. 230) забони фалсафии Нитшеро ба кор бурдааст, вале ба хотири таълимоти ирфонӣ. Ин тарзи истифодаи андешаи фалсафии Нитшеро дар дигар шеърҳои Иқбол низ мушоҳида карда метавонем. Масалан, мавқеи Нитшеро дар байти зер чунин ифода мекунад:

*Мисли ойина машав маҳви ҷамоли дигарон,*
*Аз дилу дида фурӯ шӯй хаёли дигарон.*

Дар байтҳои минбаъдаи ҳамин шеър мебинем, ки Иқбол ин мавқеъро, аввал, ба хотири Худо истифода бурда, баъд, онро дар байти минбаъдаи ҳамин шеър рад мекунад:

*Эй ки наздиктар аз ҷонию пинҳон зи нигаҳ,*
*Ҳаҷри ту хуштарам ояд зи висоли дигарон (саҳ. 255).*

Дар мавридҳои дигар Иқбол аз шеваи Шопенҳавер дар ҳастишиносӣ пайравӣ мекунад, ки тибқи он ҳар як чизи олами вуҷуд аз худ ирода ва худнамоии ҳаётӣ ба намоиш мегузорад (байти 20, саҳ. 187). Вале дар назарияи маърифат ӯ аз мавқеи теологӣ-ирфонӣ ҳимоя мекунад. Дар баъзе мавридҳо Хайёмона ба масъалаи абадӣ кардани ҳаёти инсон ишора мекунад[v] ва ҳадаф аз зиндагиро дар амалӣ кардани майлҳои табиии инсон мебинад.[vi] Дар ҳоле ки дар аксарияти мавридҳо ба масъалаи абадият аз назари динӣ-ирфонии ваҳдати вуҷудӣ (пантеистӣ) баҳо медиҳад. Аксаран шеърҳои Иқбол мазмуни динӣ-ирфонӣ доранд ва фақат аҳёнан (масалан, дар шеъри «Ба яке аз сӯфия навишта шуд», саҳ. 252-253) ғайриимкон будани ишқи илоҳӣ ё худ тариқат ва маърифати худоро ишора мекунад.

Новобаста ба ин, бисёр шеърҳои Иқбол ба он ишора мекунанд, ки ӯ дар ҳеч сурат файласуф ва андешаманди хирадгаро ва ақлпазир нест. Чун намуна, дар шеъри зер ӯ фалсафӣ будани худро рад ва ориф буданашро тасдиқ мекунад:

Зи куништи фалсафиён дар о ба ҳарими сӯзу гудози ман (саҳ. 255)

Баъзе шеърҳои Иқбол зоҳиран фалсафӣ, вале дар асл динӣ-ирфонӣ мебошанд. Баёни мухтасари назарҳои файласуфон ва донишмандон дар “Ҷовиднома” (Шопенҳавер, Нитше, Толстой, Маркс, Ҳегел, Маздак, Эйнштейн, Байрон, Ҷалол, Петефи, Огюст Комт, Гёте, Бергсон, Ленин, Локк, Кант, Румӣ...) ба забони шеър кофӣ нест, ки мо Иқболро чун файласуфи мустақил ва соҳибмактаб муайян кунем.

Дар осори шеърӣ ва насрии худ, Муҳаммад Иқбол мавқеъ ва ақидаҳои динӣ-ирфонии худро ошкоро баён мекунад. Ӯ ҳатто дар “Эҳёи фикри динӣ дар Ислом” дар пеши худ вазифа мегузорад, ки “…фалсафаи динии исломро эҳё ва навсозӣ кунам”.[204] Ба ҳамин монанд, ашъори Иқбол як гуна тарҷумаи ҳоли ӯ ҳамчун пайрави содиқи мазҳаби суннат ва ҷамоати дини ислом мебошанд. Ӯ борҳо содиқ будани худро ба дини Ислом ва ба суннати Пайғамбар таъкид мекунад[vii]:

*Табу тоби буткадаи Аҷам нарасад ба сӯзу гудози ман,*
*Ки ба як нигоҳ Муҳаммади арабӣ гирифт Ҳиҷози ман (255).*

Дар як шеъри худ (саҳ. 257) Иқбол мегӯяд, ки ҷисмаш аз Кашмир (Ҳинд), наво ва ё тарзи гуфтори Шероз (забони форсӣ) ва аз ҳама муҳим, дил аз ҳарими Ҳиҷоз дорад. Ҳиҷоз яке аз образҳои маъруфи ашъори Иқбол аст, ки ба маънои маркази фарҳангӣ ва маънавии олами Ислом мебошад. Дар ин ҷо ӯ ба мусалмони асил будани худ ишорат мекунад.

Дар бахшҳои алоҳидаи ин мақола мавқеи асосии Муҳаммад Иқбол, ки дар заминаи эътиқоди динӣ дар доираи суннат ва тасаввуфи исломӣ ташаккул ёфтааст, шарҳу баён мегардад. Ин бахшҳо фарогири мавзӯъҳое чун: 1) абадият, 2) назарияи маърифат, 3) ҳадафи зиндагии инҷаҳонӣ ва 4) назарияи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Шояд ин мавзӯъҳо барои худи Иқбол якумдараҷа набуданд, вале ба назари ман, онҳо масъалаҳои асосие мебошанд, ки дар шинохти ҷаҳонбинии як нафар донишманд ва ё ҳунарманд аҳамияти якумдараҷа доранд. То чи андоза андешаи як файласуф ва ё эҷоди як ҳунарманд созанда ва

---

[204]Муҳаммад Иқбол, Эҳёи фикри динӣ дар Ислом. Душанбе: Эр-граф. 2010. – Саҳ. 14

ояндадор аст, ба тарзи ҳалли ин масъалаҳо вобаста аст. Иқбол дар ҳалли ин масъалаҳо мавқеи динӣ-ирфонӣ дорад. Ин мавқеъ садсолаҳо санҷида шудааст, вале натиҷае аз он барои ҳалли мушкилиҳо ва муаммоҳои вуҷудӣ ва иҷтимоии инсон ба даст наомадааст. Баъд аз тафсил додани масъалаҳои номбаршуда дар бахшҳои зер, дар хулоса нуктаҳои муҳимтарини ҷаҳонбинии Иқбол аз дидгоҳи *Ҷаҳонбинии оянда (Ҷаҳонбинии алтернативӣ*)ва методологияи "бехатарии вуҷудӣ" нақду баррасӣ мегарданд.

## Абадият

Абадият яке аз мавзӯъҳои меҳварие мебошад, ки Муҳаммад Иқбол дар осори шеърӣ ва насрии худ пешниҳод ва баҳс мекунад. Дар ин робита, ӯ дар оғози асари насрии худ – "Эҳёи фикри динӣ дар Ислом" чунин саволгузорӣ мекунад: «Хусусият ва сохтмони умумии ҷаҳоне, ки дар он зист мекунем, чӣ гуна аст? Оё дар сохтмони ин ҷаҳон ҳеч унсури абадӣ ва собите вуҷуд дорад? Иртиботи мо ба он чӣ гуна аст? Чӣ мақоме дар ҷаҳон дорем ва ба мақоме, ки ишғол кардаем, чи ахлоқ ва рафтор шоиста ва дархур аст? Ин суолот миёни дину фалсафа ва шеъри олӣ муштарак аст».[205]

Иқбол дар масъалаи абадиятпайрави ду таълимот аст: 1) таълимоти иродаи қудрати фалсафаи Ғарб ва 2) таълимоти пантеистӣ (ваҳдати вуҷудӣ)-и исломӣ. Аниқтараш, ӯ аз таълимоти иродаи қудрат баъзан истифода мебарад ва аксаран ба таълимоти пантеистии исломӣ пойбанд мемонад.

Иқбол таълимоти иродаи қудратро дар доираи фаҳмиши Нитше истифода мебарад. Мувофиқи назари Нитше, ҳама чизҳои олами ҳастӣ дар *ҳаракат* ҳастанд. Дар ин замина, ин файласуфи асри 19-и олмонӣ консепсияи Абармарди худро месозад, ки зоҳиран ба консепсияи Худии Иқбол таъсир мегузорад. Мувофиқи ин таълимот, ҳастии инсон иборат аз лаҳзаҳои хурдтарини замонӣ мебошад. Ҳар як лаҳзаи ҳозир дар як они воҳид ба гузашта табдил меёбад ва ин лаҳзаи инсонро низ аз байн мебарад. Ҳамин гуна ӯ

[205]Ҳамон ҷо. Саҳ. 16

ба таври беохир пораҳои ҳаётии худро пушти сар мекунад ва ба гузашта табдил медиҳад. Гузашта Нестӣ мебошад, чунки дар доираи таъсири Ирода ба қудрат нест. Аз ин рӯ, инсон набояд ва наметавонад дар гузашта боқӣ монад. Лаҳзаҳо ва пораҳои ҳастии инсонро Иқбол «нақшҳо», «суратҳо» ва «тасвирҳо» меномад.[viii]

Ин як роҳи ҳалли мушкилии нестӣ ва марг мебошад, ки Ҳераклит, Нитше, Ҳайдеггер ва Сартр пешниҳод мекунанд. Онҳо пурра аз идеяи абадияту ҷовидонагии ҷисмонӣ даст мекашанд. Абадиятро ба Қудрат марбут месозанд. Дар мавридҳое Иқбол низ ба ин назар розӣ мешавад ва мегӯяд, каси қудратманд (чун Искандар) ҷовидон аст. Касе, ки умри абадӣ дорад (чун Хизр), вале қудратманд нест, аслан вуҷуд надорад. Инсони қудратманд лаҳзаҳои ҳозираро бо Иродаи худ меофарад ва месозад. Тасаллути замон маънои ҳастӣ ва абадият аст. Замон аз дигарон нест, балки дигарон аз рӯи иродаи қудратманд зиндагӣ мекунанд. Онҳое, ки дар зери иродаи қудратманданд, моҳияти ҳастии худро ошкор намекунанд ва аз ин рӯ, вуҷуди онҳо ба нестӣ баробар аст.

*Сикандар бар Хизар хуш нуктае гуфт:*
*«Шарики сӯзу сози зиндагӣ шав.*
*Ту ин ҷанг аз канори арса бинӣ,*
*Бимир андар набарду зиндатар шав.» (188)*

Иқбол ин консепсияи фалсафаи аврупоиро ба хотири тарғиби мусалмонон ба сиёсат истифода мекунад. Ӯ ҳеч гуна барномаи комили фалсафие дар ин маврид надорад. Балки барномаи фалсафии ӯ барои ҳалли мушкилии нестӣ ва марг барномаи ирфонӣ-динии *пантеизм* мебошад. Аз он ҷумла дар мавриди консепсияи марказии худ дар бораи Худӣ, Иқбол ба натиҷаи *пантеистӣ* мерасад. Ӯ таълимоти пантеистии худро дар “Эҳёи фикри динӣ дар Ислом” чунин меорад: “Пас зиндагӣ намуди мунҳасир ба фардест... зиндагӣ навъе аз ваҳдат аст, ки чун аз дидгоҳи дигаре ба он назар шавад, худ як касрат аст”.[206]

Дар ашъори ӯ таъбири «қатраи об» ва «баҳр» барои ифодаи образи инсон ва Худо ба сифати фард ва ваҳдат бисёр истифода бурда мешавад. Инсонҳо ба монанди қатраҳои об ба ҳамдигар ҳамранганд ва ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ вуҷуди Худоро далолат мекунанд. Хусусияте, ки Иқбол ба таълимоти ирфонии пантеизм

---

[206] Ҳамон ҷо. Саҳ. 69

(ваҳдати вуҷуд) ворид мекунад, аз фалсафаи аврупоӣ дар мавриди фардият сарчашма мегирад. Ҳар як инсон метавонад олами ботинии худро дар олами ҳастӣ таҷассум кунад. Ин зарраҳо хусусиятҳои фардӣ дошта, аз ҳамдигар фарқ доранд. Ҳатто шинохти байниякдигарии онҳо ғайриимкон аст. Ин таълимоти Иқбол ба «чиз-дар-худ»-и Кант алоқамандӣ дорад.

Дар асоси ҳамин биниши пантеистӣ ва фардгароӣ, Иқбол консепсияи *Худӣ ва Бехуди*и худро ташаккул медиҳад ва бо ин мушкилии *марги фардии инсон*ро ҳал мекунад. Марг ва нестшавӣ масъалаи марбут ба касрат ва ваҳдат мебошад: он чизҳое ки ба шакли касрат арзи ҳастӣ мекунанд, дер ё зуд ба ваҳдат бармегарданд. Аз ин рӯ, он чизҳое ки бояд набошанд, аз байн мераванд. Ва он чизҳое мемонанд, ки бояд бошанд, агарчи дар назар вуҷуд надоранд.[ix] Ҳамин гуна мурдан роҳи ҳалли мушкилии нестӣ ва марг мебошад:

*Дилат меларзад аз андешаи марг,*
*Зи бимаш зард монанди зарирӣ.*
*Ба худ бозо, худиро пухтатар гир,*
*Агар мирӣ, пас аз мурдан намирӣ.*

Иқбол дар доираи консепсияи Худӣ абадияти инсонро дар Рӯҳ мебинад. Барои расидан ба абадият Рӯҳро аз қафаси Ҷисм бояд раҳо кард. Образи инсоне, ки дар банди тан аст, мисли *най*е аст, ки аз ин ҳоли асорат нолон аст. Ин консепсияи Худии Иқбол ба таълимоти *фитрат* дар тасаввуфи исломӣ бармегардад, ки асли инсонро дугуна меҳисобад. Як асл аз Ҷисм ва дигар аз Рӯҳ сарчашма мегирад. Чун Рӯҳ аз қафаси Ҷисм раҳо ёфт, ба Худо мепайвандад ва аз ин роҳ инсонро ба абадият мерасонад. Касе ки ба ҷисми худ ва ба ҷаҳони моддӣ дил мебандад ва роҳи наҷот аз маргро дар инҳо мебинад, иштибоҳ мекунад. Оқибат ҷисми ӯ аз байн меравад ва Рӯҳаш низ наҷот намеёбад. Ягона роҳи наҷот рӯҳи худро аз ҷисм ҷудо карда, ба Худо пайвастан мебошад.[x]

Тақсимоти динии сомӣ, аз он ҷумла исломӣ дар мавриди аз ду асл иборат будани инсон аз мавзӯъҳои марказии ашъори Иқбол мебошад. Ин тақсимот аз устураи офариниши Одам сарчашма мегирад, ки мувофиқи он асли Рӯҳ илоҳӣ ва *худӣ* ва сиришти Ҷисм

хокӣ ва *ғайр* мебошад.[xi]Асли ростин ва майлҳои рӯҳонии инсон аз Худо сарчашма мегирад, ки зидди асли заминӣ ва майлҳои табиии ӯ мебошанд. Комплекси Одипи Иқбол Худо ва Либидои ӯ ишқи Худо мебошад.

Тақсимот дар байни Ҷисм ва Рӯҳ Иқболро ба хулосаи иртиҷоӣ мерасонад, ки *зиндагӣ дар ин ҷаҳон беҳуда аст.*[xii] Дар ҳоле ки марг хоси ҷаҳони моддӣ-заминӣ мебошад, аз он бояд даст кашид. Шеъри «Суруди анҷум» (бо радифи «…менигарему меравем») дар мавриди гузаранда будани ин ҷаҳон, ҷисм ва беарзиш будани ақлу хирад ва ҷовидон будани он ҷаҳон, рӯҳ ва пурарзиш будани ишқ аст (215-6).

Ҳамин матлабро Иқбол дар шеъри «Бӯйи гул» (дар маҷмӯаи «Лолаи Тур») (саҳ. 211) дар образи гул тасвир мекунад, ки ҳамагӣ барои як дам мерӯяд, зебоӣ ва бӯйи хуш медиҳад ва пажмурда мегардад. Дар ин ҷо ва дар дигар ашъори шоир «гул» рамзи ҷисми инсон мебошад, ки дер ё зуд аз байн меравад. Барои таъсирбахшии ифода, шоир дар дигар мавридҳо аз образҳои «кирмак» ҳамчун рамзи ҷисм ва «самандар» ҳамчун рамзи руҳ истифода мебарад.

Иқбол мегӯяд, ҳеч ҷои ғам хурдан ва бим доштан нест, ки ҷисми инсон аз байн меравад ва аз нигоҳи мо ин ҷаҳони моддӣ гум мешавад. Ӯ ҷустуҷӯи бемаргӣ ва абадияти ҷисмонии инсонро аз назари ахлоқӣ низ накӯҳиш мекунад ва онро «камталабӣ» меномад: «Талоши Чашмаи Ҳайвон далели камталабист», - мегӯяд ӯ (250). Набояд аз марг тарсид, чун Рӯҳи инсон миранда нест.

*Махӯр, эй камназар, андешаи марг,*
*Агар дам рафт, дил боқист, ғам нест (202)*

Ҷаҳонҳои бисёри абадие вуҷуд доранд, ки бо чашми Рӯҳ онҳоро дида метавонем. Касе аз ҷисм даст кашид ва ба Рӯҳ пайваст, дар ин ҷаҳонҳо абадан зиндагӣ хоҳад кард.[xiii] Роҳи ягонаи наҷот аз ҷисм ва майлҳои он даст кашидан ва ҳамин гуна ба абадият расидан пайвастан ба Худо мебошад.[xiv] Шартҳои асосии ба Худо пайвастан бошад, ба майлҳои илоҳии Рӯҳ рӯ овардан, аз он ҷумла қабули Марги ҷисм мебошад.[xv] Аз ин рӯ, мурдан ё худ аз банди ҷисм раҳо кардани рӯҳ арзиши бартар аз зистан дорад.

*Ба мулки Ҷам надиҳам мисраи Назириро,*

*«Касе, ки кушта нашуд, аз қабилаи мо нест» (248)*

Аммо дар роҳи аз Ҷисм раҳо ёфтан ва ба шеваи Рӯҳ зистан монеаҳо бисёранд. Як монеаи ҷиддӣ майлҳои табиии Ҷисм ба ҷаҳони моддӣ мебошад. Ҷисм инсонро «асири олами кавну фасод» мекунад. Он тинатан душмани Рӯҳи инсон мебошад. Дар таъбири шоиронаи Иқбол «соҳил» рамзи ин ҷаҳон ва зиндагии инҷаҳонӣ мебошад. Барои инсон соҳил манзили доимии зист нест, балки пойгоҳе аст, ки худро ба баҳр меандозад. «Баҳр» дар ашъори Иқбол рамзи пантеизм, рамзи ҷаҳони рӯҳоние аст, ки мазҳари илоҳӣ дар он таҷассум ёфтааст. Оне ки дар соҳил мемонад, яъне зиндагӣ ва ҳастии ҷисмонии худро афзалтар медонад, оқибат аз байн меравад.[xvi]

Монеаи дигар дар роҳи раҳоӣ аз Ҷисм Зан мебошад. Гирифтори Зан шудан маънои пойбанд ба майлҳои табиии ҷисм шудан ва аз ин рӯ, дур шудан аз Худоро дорад.[xvii] Ба назари Иқбол, Зан дар зиндагии эҷодӣ, маърифатӣ ва амалии инсон (Мард) набояд саҳм дошта бошад. Барои ҳамин ҳам образи Зан дар ашъори Иқбол кам андар кам вомехурад. Балки чун дар адабиёти форсии асрҳои миёна (масалан, дар осори Ҳофиз ва дигарон) образи зан образи ирфонӣ аст. Он як баҳонаест, ки инсон Худ ва Худоро шиносад. Дар симои он Худоро дӯст дорад. Маҳз дар ҳамин замина Иқбол *Ишқро* дар шеъри “Кашмир” (235) чунин таъриф медиҳад:

*Духтараке, бараҳмане, лоларухе, саманбаре,*
*Чашм ба рӯи ӯ кушо, боз ба хештан нигар.*

Консепсияи Иқбол дар бораи *Ишқ* ирфонӣ аст. Ишқи бартар ишқи илоҳӣ (ишқ бо Худо) аст, на ишқи ҷинсӣ (ишқ бо зан). Ишқе, ки шоир дар назар дорад, ҳеч рабте ба майли табиии мард ба зан ва зан ба мард надорад. Ишқ тариқи шинохт ва майлу рағбати рӯҳонӣ ба сӯи Худо мебошад. Ба иборати дигар, Ишқ худошиносӣ ва худоҷӯӣ мебошад (Лолаи Тур; саҳ. 184). Ишқ ҳам майли рӯҳонӣ ва ҳам фаъолияти маърифатии инсон барои ба Худо пайвастан мебошад.[xviii] Ин мафҳум дар шеърҳои Иқбол ба маънои имон ва майл ба сӯи Худо ва дини Ислом аст. Роҳи наҷоти инсон ва миллат “ишқи Мустафо” мебошад (183). Ба ҳамин хотир, Иқбол дар ашъораш таъбирҳои марбут ба устураи сомии Турро бисёр

истифода мебарад ва аз ин рӯ, яке аз маҷмӯаҳои шеърияшро «Лолаи Тур» номидааст. Ин афсонаи яҳудӣ ба ишқи илоҳии Мӯсо ишора мекунад.

*Намегардад куҳан афсонаи Тур,*
*Ки дар ҳар дил таманнои Калим аст (189).*

Монеаи сеюм дар роҳи раҳоӣ аз Ҷисм фарҳанг ва илми Аврупо мебошад. Он на фақат мусалмонони одӣ, балки мубаллиғони исломиро низ мафтуни худ кардааст. Шоир онҳоро даъват мекунад, ки беҳуда вақти худро сарфи фарангиён накунанд. Мазҳаби онҳо мазҳаби «ҳавас» аст ва аз ин рӯ, ба «ҳадиси ишқ», яъне ба дину Худо кор надоранд. Аврупоиён илмро барои ҳавасҳои ҷисмонии худ истифода мебаранд, дар ҳоле ки Ислом идеяҳои рӯҳониро тарғиб мекунад (237). Дар «Ҳикмати Фаранг» Иқбол илми Фарангро илми маргпарастӣ меномад, чун он дар бораи чизҳоест, ки миранда ва фанопазиранд (231-232). Илму фалсафаи аврупоӣ дар шинохти Ҳақиқат, ки Худо аст, оҷизанд. Чашми фалсафӣ «хуршедкӯр» аст, ки зидди дин буда, қавли Ҳақро барғалат шарҳ медиҳад.

Новобаста ба ҳамаи ин таълимоти Иқбол бар зидди ҷисм, зиндагӣ ва ҷаҳони моддӣ ва ба тарафдории марги ҷисмонӣ ва абадияти рӯҳонии инсон, ӯ дар баъзе мавридҳо ташвишу нигаронии худро аз Марг баён мекунад. Ӯ пурра боварӣ надорад, ки Худо ӯро аз ин мусибат наҷот медиҳад. Ягона роҳ, чунон ки худи шоир мегӯяд, *умед* бастан ва дар айни замон *бим* доштан, яъне бовар надоштан ба ин роҳи наҷоти динӣ-ирфонӣ мебошад.

*Даруни синаам бошӣ пас аз марг?*
*Ман аз дасти ту дар уммеду бимам (202).*

Гарчанде Иқбол ба роҳи ҳалли динии тақдири инсон пас аз марг ва умуман ба худоҷӯии инсон боварии маҳкам надорад, ба ҳар сурат дар мавқеи динӣ-ирфонӣ боқӣ мемонад.

*Гуфтам, ки: «Шавқи сайр набурдам ба манзиле»,*
*Гуфто, ки: «Манзилаш ба ҳамин шавқ музмар аст» (231).*

## Назарияи маърифати Иқбол

Муҳаммад Иқбол дар назарияи маърифат низ пешниҳоди наве надорад, балки боз ҳам ба таълимоти исломӣ-ирфонии пантеизм ва тақсимот дар байни Рӯҳ ва Ҷисм рӯ меорад. Ӯ худ ба таври возеҳ таъкид мекунад, ки шинохти ҳақиқат ба ҷуз шинохти

исломӣ-қуръонӣ ғайриимкон мебошад. *Ҳақиқате,* ки Иқбол дар назар дорад, дарбаргирандаи Худо, олами улвӣ ва фариштагон аст.[xix] Ӯ чун орифони исломӣ бартарии инсонро аз фариштаҳо дар он мебинад, ки инсон дар ҷустуҷӯи ин ҳақиқат мебошад. Маҳз ҳамин бартарияти инсон, ки ба Рӯҳи ӯ марбут аст, камбудии ӯро, ки Ҷисм аст, ҷуброн мекунад. Дар шинохти ин ҳақиқат афзорҳои ҷисмонии ақлу мантиқ ҳамеша ба нуқсону кӯтоҳӣ мебаранд:

*Назари ту ҳама тақсиру хирад кӯтоҳӣ,*
*Нарасӣ ҷуз ба тақозои Калимуллоҳӣ (258).*

*Пантеизм* хусусияти асосии назарияи маърифати Иқбол мебошад. Худо дар ҳама ҷо ҳаст, аз он ҷумла дар вуҷуди инсон. Инсон саропо аз наззораи Худо пур буда, нотамомии ӯ аз сабаби дуриаш аз маърифати Худо аст. Аз ин рӯ, ҷараёни худшиносӣ бо худошиносӣ ва падидаи Худӣ бо Худо баробар ҳастанд.[xx] Инсоне, ки иддаои худшиносӣ мекунад, вале Худоро инкор мекунад, ҳанӯз ба маърифати ростини ҳақиқат нарасидааст.

Пантеизми Иқбол *агностикӣ* мебошад.[xxi] Ҳамаи мавҷудот чун зарраҳо хусусиятҳои фардӣ дошта, аз ҳамдигар фарқ доранд. Шинохти байниякдигарии ин ҷузъҳо ва аз ин рӯ, хусусиятҳои куллии ҳақиқат ғайриимкон аст. Ҳар кас ҷузъи фардии ҳақиқат – Худоро, ки ба ҳастии ӯ марбут мебошад, фаҳмида метавонад. Дар таъбири шоиронаи Иқбол, уқоб, ки рамзи инсони ба Ҳақ расида мебошад, баҳрро сароб мебинад. Мурғ бошад, рамзи инсонест, ки ба Хирад такя мекунад ва барои ҳамин баҳрро ба ҷуз баҳр чизи дигаре дида наметавонад. Моҳӣ чун рамзи инсони аз ҳама нигоҳ ғулом баҳрро як чизи дар печутоб мебинад, ки ӯро мубтало мекунад (шеъри «Ҳақиқат», саҳ. 221). Таъбирҳои дигари Иқбол дар бораи инсон, чун «ҷӯи об» ва «қатраи об» низ ба пантеизми агностикии ӯ далолат мекунанд. Қатраҳои об аз назари куллӣ ба ҳамдигар монananд, вале аз ҷиҳати ҷузъӣ ба якдигар монанд нестанд ва ҳар кадоми онҳо фақат Худии худро мешиносанд ва дар ниҳоят ба алоҳидагӣ ба Худо васл мешаванд.[xxii]

Дар ҷавоб ба ин гуна пантеизми агностикӣ, методологияи «бехатарии вуҷудӣ» категорияҳои маърифатии *фаҳм* (назарияи дониш) ва *ҳамдардӣ* (эстетика)-ро пешниҳод мекунад. Одамон дар як масъала ба *ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамдардӣ* мерасанд. Ин масъала

ва ё мушкилӣ, ки ба ҳамаи онҳо баробар дахл дорад, *мушкилии Марг* мебошад. Инсон аз ин нуқтаи назар ҳақиқати олами ҳастиро дарк мекунад ва аз агноститсизм раҳо меёбад. Муаллифи ин мақола дар бораи ин консепсия дар мавриди алоҳида ба таври алоҳида гуфта гузаштааст.

Дигар хусусияти барҷастаи назарияи маърифати Иқбол ба тақсимоти мутлақ дар байни Хирад ва Ишқ асос ёфтааст. Ин тақсимоти ӯ низ аз тақсимот дар байни Рӯҳ ва Ҷисм сарчашма мегирад. *Ишқ* восита ва ё афзори шинохти ҳақиқат тавассути Рӯҳ мебошад. Таъбири «хаёл», ки Иқбол бисёр истифода мебарад, ба маънои олами улвӣ ва ҳақиқати илоҳӣ мебошад, ки танҳо тавассути «дил» ё худ Ишқ шинохта мешавад. Иқбол дар шеъри «Ишқ» (229) аз Ақлу Хирад даст кашидан ва ба Ишқ рӯ оварданашро нақл мекунад.[xxiii] Дар асоси ҳамин боварӣ, Иқбол афкори худро бо шеър баён мекунад, чунки шеърро ӯ василаи асосии изҳори Ишқ ё худ маърифати рӯҳонии ҳақиқат медонад (шеъри «Ҳикмату шеър»).

Хирад ё Ақл раванди шинохти ноқис ва иллюзорӣ тавассути афзорҳои ҳиссии Ҷисм мебошад. Роҳи раҳоӣ ёфтан аз ин нигоҳи «дубин»-ро Иқбол дар сарфи назар кардани афзори ҷисмонии Хирад мебинад.[xxiv] Хирад дар кори шинохти ҳақиқат қодир нест ва фақат инсонро ба сароб ва тасаввуроти нодуруст дар бораи ҳақиқат мерасонад. Ақлу Хирад, ки хоси Фаранг, яъне Ғарб аст, шеваи *ҷавзанӣ* (Ҷавзан – соҳирони Ҳинди Қадим) ё соҳирӣ мебошад, ки бо роҳи фиребгарӣ ва раҳзанӣ инсонро аз роҳи худошиносӣ берун мекунад. Иқбол ба афсонаи сомии Одам ва ронда шудани ӯ аз биҳишт рӯ оварда, ақлро фусункору роҳзан меномад (261). Ҳамин гуна, ақлу хиради Фаранг соҳирӣ, ҷодугарӣ ва “шишагарӣ” мекунад ва меомӯзонад (256). Он ба монанди шиша ҳақиқатҳое месозад, ки абадӣ нестанд, дер ё зуд мешикананд ва аз байн мераванд. Ақл ҳар чӣ қадар ривоҷ кунад, гирифтортар мешавад, чунон ки ақлгароӣ бемори фарангӣ (аврупоӣ)-ро бемортар ва табоҳтар кардааст (260). Аз фарҳанги Аҷам ҳам бояд даст кашид, ки майл ба фарҳанги пешазисломии худ дорад ва аз ин рӯ, дар ботини худ ба ислом вафодор нест. Балки Иқбол ба ҷои Аврупо ва Аҷам «дашти Араб», яъне фарҳанги исломиро тарғиб мекунад.

*…Фаранг гарчи сухан бо ситора мегӯяд,*

*Ҳазар, ки шеваи ӯ ранги ҷавзанӣ дорад.*
*...Дигар ба дашти Араб хайма зан, ки базми Аҷам*
*Майи гузаштаву ҷоми шикастанӣ дорад (250).*

Ин назари худро шоир дар асари насрии худ "Эҳёи фикри динӣ дар Ислом" тақвият медиҳад. Ғарб фикри исломиро истифода карда, дар андеша ва амал пеш рафт. Мо бояд аз он омӯзем, вале набояд шефтаи зоҳири он шавем ва дастовардҳои ботиниашро фаромӯш кунем. Мо бояд пеш аз ҳама дастовардҳои ботиниашро омӯзем. Аммо дар Осиёи Миёна раванди тамоман зидди аз байн бурдани дастовардҳои ботинии дини ислом ва ба ҷиҳатҳои зоҳирии Ғарб побанд шудан сурат мегирад.[207]

Нахустин сарчашмаи ботили Хирад ҷаҳони моддӣ мебошад. Ҷаҳони моддӣ фиреби назар,[xxv] ангора, сароб ва ё иллюзияе мебошад,[xxvi] ки на воқеият, балки маҳсули афзорҳои ҳиссӣ мебошанд. Хирад моро ба ин сароб машғул медорад ва барои дарки ҷаҳони ҳақиқӣ – улвӣ ва илоҳӣ монеа эҷод мекунад (р. 156, саҳ. 206).

Дигар сарчашмаи ботил будани Хирад Ҷисми инсон мебошад. Ҷисм аз майлу хоҳишҳо ва ғаризаҳои дурӯғу ботил иборат мебошад. Онҳо инсонро ба бутпарастӣ мерасонанд, ки аз бутҳо, яъне ғайр аз Худо ҳақиқат метарошанд.[xxvii] Аз ин рӯ, Иқбол ба он даъват мекунад, ки дар шинохти ҳақиқат ба афзорҳои рӯҳонӣ-имонӣ такя кунем, на ба афзорҳои ақлӣ-мантиқӣ.[xxviii] Ҷараёни хирад тавассути узвҳои ҳис дар шинохти ҳақиқат на фақат заифу нотавон аст,[xxix] балки инсонро ба гумроҳӣ мебарад. Таъбирҳои шоиронаи Иқбол, ба мисли «бут», «парда» ва ғайра ба ҳамин ҷиҳат – фиребанда ва ноқис будани шинохти ақлӣ далолат мекунанд.[xxx]

Ин гуна тақсимот дар байни Рӯҳ ва Ҷисм Иқбол ва дигар орифони исломиро ба хулосаи реаксионӣ мерасонад, ки Ақлу Хирад наметавонанд ҳақиқатро шиносанд. Онҳо ҳақиқатро ба Худо ва дигар арзишҳои динӣ маҳдуд мекунанд.[xxxi] Иқбол дар шеъри «Кирми китобӣ» Ишқ – афзори рӯҳонии маърифати ҳақиқатро бар Хирад, ки афзори ҷисмонии маърифат мебошад,

[207]Муҳаммад Иқбол, Эҳёи фикри динӣ дар Ислом. Душанбе: Эр-граф. 2010. – Саҳ. 24-25

бартар мегузорад. Шинохти ҳақиқат тавассути хирад (дар мисоли Сино ва Форобӣ) ғайриимкон аст. Дар шеъри дигар бо номи «Ҳикмату шеър» низ шоир ин тақсимоти теологиро дар байни Ишқ ва Хирад дар мисоли Румӣ ва Сино идома медиҳад:

*Ин фурӯтар рафту то гавҳар расид,*
*Он ба гирдобе чу хас манзил гирифт (саҳ. 220).*

Ин назарияи маърифати Иқбол теологӣ мебошад, ки дар байни воситаҳо ва афзорҳои гуногуни маърифат табақабандӣ эҷод мекунад. Он як афзор ва намуди маърифатро бар дигар афзор ва намуди маърифат бартар мегузорад. Ишқро афзори бартар ва беҳтари шинохти ҳақиқат ва Хирадро афзоре медонад, ки ҳақиқатро дуруст ва муътамад шинохта наметавонад. Оламе, ки Хирад таҳқиқ мекунад, олами берун аст ва оламе, ки Ишқ кашф мекунад, олами дарун мебошад.

Иқбол дар "Эҳёи фикри динӣ дар Ислом" ин тақсимотро дар байни Ҷисм ва Рӯҳ чун сарчашмаҳои дугунаи маърифати олами ҳастӣ то андозае ба тарзи дигар шарҳ медиҳад. Иқбол андеша ва ишроқ (интуитсия)-ро аз як реша медонад, чунки ҳар дуи онҳо як ҳақиқатро мешиносанд. Ин ҳақиқат ба Худо мансуб аст. Яке ҳақиқатро пора-пора ва дигаре якпорча ва ба сурати куллӣ мебинад. Андеша ба ҷанбаи гузарон ва интуитсия ба ҷанбаи абадии ҳақиқат назар дорад. Ишроқ ва ё дарунбинӣ навъи олитари ақл аст, чунон ки Бергсон мегӯяд: "Фикр ба худии худ ҳувият надорад, балки аз кулли бузургтари «лавҳи маҳфуз» реша мегирад ва дар Замон худро зуҳур мекунад. Фикр алоқа ва мулоқоте аст миёни мутаноҳӣ (инсон, ҷисм) ва номутаноҳӣ (худо)"[208].

Ба ҳар сурат, тақсимоти Иқбол дар байни ду асли инсон, ду сарчашма ва афзори шинохт ва ду олам аз бисёр ҷиҳат хатарнок мебошад. Пеш аз ҳама, Хирадро афзори номуътамади таҳқиқу шинохти ҳақиқат донистан, олами материалиро фиреби назар ва ё ҳақиқати дуюмдараҷа шумурдан ва олами ботиниро тавассути Хирад даркнашаванда пиндоштан хилофи талаботи Ҷаҳонбинии оянда ва методологияи он – методологияи "бехатарии вуҷудӣ" мебошанд. Ин пешниҳоди теологӣ-мистикии Иқбол афзорҳои маърифатӣ ва олами ҳастиро ба ду категорияи баҳамзид – афзори

[208] Ҳамон ҷо. Саҳ. 18, 22-23

муътамад (Ишқ) ва афзори номуътамад (Хирад) ва ҳастии ростӣ (Рӯҳ) ва ҳастии дурӯғ (Ҷисм) ҷудо мекунад, ки хилофи талаботи фалсафӣ-илмии Ҷаҳонбинии оянда мебошад. Дар ҷавоб, ду талаботи муҳими маърифатшиносии Ҷаҳонбинии оянда инҳоянд: 1) Хирад маҷмӯи афзорҳои муътамади шинохт мебошад ва 2) Тақсими олами ҳастӣ ба рост ва дурӯғ хато аст.

**Ҳадафи зиндагӣ**

Дар заминаи масъалаҳои абадият, тақсимот дар байни Рӯҳ ва Ҷисм ва шинохти ҳақиқат Иқбол чун орифони дигар таълимоти худро дар бораи *ҳадафи зиндагӣ* пешниҳод мекунад. Ба таври куллӣ, пешниҳоди Иқбол аз он иборат мебошад, ки баробари зиндагӣ кардан мо бояд аз он, яъне аз арзишҳо ва манфиатҳои моддӣ ва ҷисмонӣ дар ин ҷаҳон даст кашем.[xxxii] Ин андешаи Иқбол нав нест. Балки андешаи қадимаи харобкори динӣ ва сӯфиёна аст, ки *зиндагии инҷаҳони*ро ҳеч медонад. Он аз *тафаккури ғоратгарии биёбонӣ* реша мегирад, ки зиндагӣ кардан ба маънои ҳуҷум ва ғорат кардани манзилҳои сари роҳ мебошад.[xxxiii]

Бо чунин тафаккури динӣ ва сӯфиёна, Иқбол ҳидоят мекунад, ки аз баҳри зиндагии ҷисмонӣ гузарем ва ҳадафи мавҷудияти худро расидан ба олами улвӣ донем.[xxxiv] Ҳадафи зиндагӣ пушти сар кардани хоҳишҳо, майлҳо ва ғаризаҳои ҷисмонии инсон, аз онҳо раҳо ёфтан ва аз ин роҳ, ба олами рӯҳонӣ расидану пайвастан мебошад. Аз ин рӯ, зиндагӣ кардан шеваи «сафар кардан» ва аз ин «манзил» гузаштан мебошад. Ин ҷаҳон, яъне ҷаҳоне, ки бо узвҳои ҳис онро мебинем, дар таъбири шоиронаи Иқбол, «манзил», «санги роҳ» ва «реги равон»[xxxv] номида мешавад. Ин монеа бояд пушти сар шавад. Мисле ки корвон аз биёбон мегузарад ва шабро дар корвонсарой рӯз мекунад, вале наметавонад то охир дар корвонсарой боқӣ монад.

Дар тафаккури ғоратгарии биёбонӣ, ки зиндагии инҷаҳониро беарзиш медонад, афсонаи сомии офариниши Одам ва ронда шудани ӯ аз биҳишт мавқеи марказӣ дорад. Офариниши Одам аз хоки паст ба он далолат мекунад, ки ҷисми ӯ бадасл аст. Чун Одам фиреб хурд, ки ҷаҳони моддӣ ҷаҳони асл аст ва аз ин рӯ, ба асл

будани олами рӯҳонӣ шак овард, аз он (ҷаннат) ронда шуд. Акнун ӯ бояд аз асорати ҷисм ва ақлу ҳуш халос шавад ва ба ҷаҳони асл боз баргардад.[xxxvi] Дар «Ҷовиднома» Иқбол бо афсонаи худ дар мавриди «Нахустин рӯзи офариниш» пастию дунии Заминро баён мекунад. Ба назари ӯ, танҳо вуҷуди одамони диндор ин манзили тирароо равшан карда метавонанд (369-370). Дар партави ин афсона, яке аз образҳои шоиронаи инсони идеалӣ, ки Иқбол бисёр истифода мебарад, «ғунча» мебошад. «Рамзи ҳаёт» бояд аз ғунча омӯхт, ки аз «хоки тира» мерӯяд, вале «нигоҳаш бар шуои офтоб аст» (199).

Образи дигаре, ки Иқбол барои ифодаи тафаккури динию сӯфиёна (биёбонӣ)-и худ истифода мебарад, қаҳрамони ғоявии ӯ – Сорбони Ҳиҷоз мебошад. Ҳиҷоз рамзи фарҳанг ва маънавиёти исломӣ ва Сорбон рамзи касе мебошад, ки барои ин фарҳангу маънавиёт аз баҳри биёбон, яъне ҷаҳони моддӣ мегузарад. Яъне қаҳрамони ӯ касе аст, ки ин ҷаҳонро чун биёбоне меҳисобад, ки ба хотири арзишҳои исломӣ онро пушти сар мекунад. Дар шеъри «Ҳудо (Нағмаи сорбони Ҳиҷоз)» (222-223) образи инсоне тасвир шудааст, ки ба ин ҷаҳон меҳр надорад ва ҳар чӣ зудтар мехоҳад ба чаҳони рӯҳонӣ сафар кунад.

Образҳои дигари шоир, ки ба даст кашидан аз ҷаҳони моддӣ-заминӣ ва зиндагии ҷисмонӣ ҳидоят мекунанд, «қатраи об», «оби ҷӯй», «шоҳин» ва «кирмаки шабтоб» мебошанд. Дар шеъри «Кибру ноз» Иқбол бо таъбири «оби ҷӯй» инсонро тасвир мекунад. Чунон ки оби ҷӯй аз кӯҳсору марғзор мегузарад ва ба баҳр мерезад, инсон низ бояд дар ин ҷаҳон қарор нагирад ва ба сӯи Худо равад. («Ҷӯйи об», саҳ. 233). Инсон чун ҳамаи мавҷудоти дигар монанд ба «қатраи об» аст. Он бояд ба «баҳр», яъне ба Худо баргардад. Касе, ки «қатра»-и худро имтиёзе медиҳад ва мехоҳад онро мустақил аз дигар мавҷудот донад, *мағрур* аст. Шарт ин аст, ки ҳар фарди инсонӣ қатраи худро ба гавҳар табдил диҳад, вале дар оғӯши қулзум (баҳр), ки образи Худо аст, боқӣ монад.[xxxvii] Ҳамин гуна, дар мавриди дигар Иқбол шоҳинро мисол меорад, ки аз ҷаҳон вораста шудааст ва дар оғӯши Худо бехатар парвоз мекунад («Шоҳин ва моҳӣ», 225-226).

Ин гуна образҳои шоирона ва сӯфиёнаи Иқбол зиндагисозу иҷтимоӣ нестанд ва манофеи умумро ҳимоя намекунанд. Аз ин қабил образҳо "кирмаки шабтоб" аст, ки дар шеъри «Кирмаки

шабтоб» (226) тасвир ёфтааст.[xxxviii] Он ба худафрӯзии худ дар шаби тира машғул аст. Шаби тираро агар ҷомеа фарзи мисол гирем, кирмаки шабтоб тирагиҳо ва мушкилиҳои ҷомеаро ҳал намекунад, балки ба худаш машғул ва маҳдуд мебошад.

Образи дигари хилофи арзишҳои заминӣ ва зиндагии Иқбол дар шеъри «Танҳоӣ» (226-227) тасвир ёфтааст. Танҳоиро ӯ арзиши баланди маънавӣ ва иҷтимоии инсон медонад. Ба ҷуз танҳоӣ инсон наметавонад дар ҷаҳони моддиёт ва дар ҷомеа мақоми дигар дошта бошад, чунки олами иҳотакарда ва мавҷудоти он, аз қабили баҳр, кӯҳ, моҳ, ситораҳо ва ғайра майлу хоҳишҳои ботинӣ ва рӯҳонии ӯро эҳсос ва дарди ӯро даво карда наметавонанд. Аз ин рӯ, инсон аз баҳри ин ҷаҳон мегузарад ва ба сӯи Худо рӯ меорад.

Муҳаммад Иқбол мавзӯи арзиши зиндагиро дар “Эҳёи фикри динӣ дар Ислом” низ идома медиҳад. Дар ин асари насрӣ ӯ мехоҳад исломро ба воситаи консепсияи ҷаҳони моддӣ модернсозӣ кунад. Ба ҳамин хотир, ӯ кӯшиш мекунад, ки дар байни моддӣ ва маънавӣ робита барпо кунад. «Дар ислом фикрӣ ва воқеӣ ё маънавӣ ва моддӣ ду неруи мухолиф нестанд, ки бо ҳам созгор набошанд». Бояд моддӣ дар хизмати маънавӣ бошад ва ба он ҷазб шуда нуронӣ шавад.[209]

Дар асл, ин пешниҳоди Иқбол ҳеч гуна навоварие нест, чун ӯ принсипи аслии динро нигоҳ медорад, ки зиндагиро тобеи охират мекунад. Инсон ба хотири ҷаҳони охират зиндагӣ мекунад. Аз ин рӯ, ҳеч як дине, аз он ҷумла исломро наметавон куллан модерн кард ва маънавиётро дар хизмати зиндагии инҷаҳонӣ қарор дод. Бинобар ҳамин, нуронӣ шудани моддӣ ғайримкон аст, вагарна идеяи асли маънавӣ сохта намешуд. Аслан барҳам додани ҷудоӣ дар байни моддӣ ва маънавӣ боиси аз байн рафтани дин низ мегардад. Чаро? Чунки моддӣ азбайнраванда аст, гирифтори марг мешавад ва онро нуронӣ ва муқаддас гуфтан маънои онро дорад, ки гӯем: марг ба олами улвӣ низ даст дорад.

Иқбол барои модернсозии ислом дар робита ба консепсияи ҷаҳони моддӣ оятҳои 38-39-и сураи Зухруфи Қуръонро мисол

---

[209]Муҳаммад Иқбол, Эҳёи фикри динӣ дар Ислом. Душанбе: Эр-граф. 2010. – Саҳ. 26

меорад ва ба тарзи нав тафсир мекунад: «Осмон ва Замин ва он чиро дар миёни онҳо аст, ба бозӣ наёфаридаем. Онҳоро ҷуз ба ҳақ ва ростӣ наёфаридаем, вале бештари эшон намедонанд».[210] Ин гуна мисолҳои «ба беҳуда наофаридани Осмону Замин»-ро Иқбол аз сураи Оли Имрон (оятҳои 190-191), сураи Фотир (ояти 25), Анкабут (ояти 20), сураи Нур (ояти 44), сураи Луқмон (ояти 20), сураи Наҳл (ояти 12) низ меорад. Бо ин Иқбол иддао мекунад, ки дар вуҷуди ин ҷаҳон аломоти вуҷуди Худо дида мешавад.

Аммо ин консепсиясозӣ рӯҳу мароми Қуръонро ифода намекунад. Он чизе ки масалан дар сураи Зухруф дар назар дошта мешавад, ба назари Иқбол мувофиқат намекунад. Дар ояҳои 10-11-и сураи мазкур таъкид аз «замину осмон» ба он хотир аст, ки мардум онҳоро чун қудрати Худованд донанд ва аз ин рӯ, «ҳидоят» шаванд. Ин ҷо ҳадаф ҳидоят кардани мардум ба дин аст, на муҳим гардондани замину осмон, яъне ҷаҳони моддӣ. Баръакс, дар худи ҳамин сура, дар ояти 13 гуфта мешавад, ки инсон қудрати онро надорад, ки чорпоёнро ром кунад, яъне кори ҷаҳонро дуруст кунад. Балки Худо ҳаст, ки пешакӣ, пеш аз он ки одамро офарид, ҳама кори ҷаҳонро дуруст кард. Дар ин ҷо нақши пассиви инсон ва қудрати фаъоли Худо нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар ин сура дар назар дошта мешавад, ки инсон ба табиат чун ба неъмат бояд муносибат кунад. Ба ӯ чунин имконе дода мешавад, ки табиатро истисмор кунад ва аз худо шукр кунад. Ин ҷо консепсияи «неъмат» боис мегардад, ки инсон табиатро хароб кунад ва дар фикри беҳбуд кардани табиат нашавад. Ҳамчунин, консепсияи «шукр» ин ҷо пайдост, ки инсонро ба пассив, туфайлӣ ва пурра дар зери иродаи Худо табдил медиҳад. «Шукр», яъне диндорӣ омили асосии дастрасӣ ба «неъмат» дониста мешавад.[211]

Дар худи ҳамин сура, консепсияи ҷаҳони моддӣ бори дигар бо мафҳуми «дунявӣ» таъкид мешавад. Дар ояти 35 меояд: «Ва ҳамаи инҳо бархурдории ночизи дунявӣ аст, ҳол он ки охират дар назди Парвардигори ту барои парҳезгорон аст».[212] Ин бар хилофи кӯшиши Иқбол барои модернсозии Ислом аст. Дар Қуръон

---

[210] Ҳамон ҷо. Саҳ. 26

[211] Қуръони маҷид (тарҷумаи Абдулмуҳаммади Оятӣ). Теҳрон: Нашри Замон. 1380 (2001). – Саҳ. 491

[212] Ҳамон ҷо. Саҳ. 493

консепсияи дунявият комилан хилофи охират аст. Дунявият иборат аз моддигароии сирфи дунёӣ аст. Қуръон аз нуқтаи назари душманӣ ба мулкдорону сарватмандон ба ин ҷаҳон менигарад ва онро инкор мекунад. Роҳи дигари дунявиятро пешниҳод намекунад. Масалан, роҳи Маздакро, ки мехост сарватҳоро баробар дар байни мардум тақсим кунад. Балки тақсимоти нобаробарро азалӣ ва ислоҳнопазир дониста, ҳамчун алтернатива охиратро пешниҳод мекунад. Ба камбағалону бечорагон мегӯяд, шумо сабр кунед, то ки дар охират соҳиби ҳама чи шавед.

Иқбол таълимот ва вазъиятҳоро эпизодӣ ва пора-пора мебинад. Дар кулл онҳоро тасаввур карда наметавонад ва ба ҳадафи «эҳёи фикри динӣ» андармон шуда, намехоҳад таълимоти қуръониро дар бораи ҷаҳони моддӣ ба сурати куллӣ тасаввур кунад. Барои шинохти сурати куллии ин таълимоти қуръонӣ ӯ бояд ҷанбаҳои гуногуни онро ба ҳисоб мегирифт, аз он ҷумла консепсияҳои «неъмат», «дунявият», «охират», «имон», «шукр», «носипосӣ», тақсимоти куллӣ дар байни «дунявият» ва «охират» ва ғайра, ки ҳамагӣ дар ҳама ҷои Қуръон ва ба таври алоҳида дар сураи Зухруф, ки худ аз он мисол меорад, оварда шудаанд. Ҷамъулҷамъ 89 ояти сураи Зухруф дар мавриди имон овардан ва мукофоти он мебошанд, на аз ин зиёда. Он чи «замину осмон» гуфта мешавад, бо далели муъҷизаи илоҳӣ буданашон мардумро ба дин овардан аст. Он чи «неъмат» гуфта мешавад, бар ивази имон дода мешавад. Иродаи Худо дар офаридани чизҳо ва дуруст кардани корҳои ин ҷаҳон муҳимтар дониста мешавад. Инсон аз назари амал пассив дониста мешавад. Диндорӣ шарти асосии ба неъматҳои дунявӣ даст ёфтан ҳисобида мешавад. Охират чун консепсияе пешниҳод карда мешавад, ки дар муқобили «дунявият» гузошта мешавад. Аз як ҷиҳат гуфта мешавад, ки одамони муъмин ба неъматҳои дунёӣ дастрасӣ меёбанд. Аз дигар ҷиҳат гуфта мешавад, ки неъматҳои дунёӣ барои кофирон аст ва мардуми муъмин дар охират соҳиби ҳама чи мешаванд.

Хулоса, таълимоти қуръонӣ дар мавриди ҷаҳони моддӣ ва зиндагии инсон пур аз таззод мебошад. Он истисмори табиат ва инсонро аз тарафи муъмин машрӯъ мегардонад. Он инсонро дар эҷод кардани технологияи нав пассив медонад. Он нобаробарии

иҷтимоии одамонро дуруст меҳисобад. Охиратро бар дунявият бартар мешуморад.

Ҳамин гуна, агар ба масъалаи ҷаҳони моддӣ ва амал ба таври куллӣ ва системавӣ нигоҳ кунем, назарияи маърифат ҳам бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Худи Иқбол аз сураи Бақара оятҳои 30-33-ро мисол меорад, ки дар он ҷо гуфта мешавад: «Пок Худоё, моро донише нест ҷуз он чи ба мо омӯхтӣ...»[213] Савол ин аст, ки чӣ гуна мешавад, ки инсон дар амали худ мустақил бошад ва амали худро бар асоси дониш кунад, дар ҳоле ки ӯ қудрати мустақилона ба даст овардани донишеро надорад. Дар сурате ки дониш «ҷуз он нест, ки худо ба инсон меомӯзад», дар навбати аввал, зинаҳо ва ё табақаҳои маротиби маърифат ба миён меояд. Дар ҷомеае, ки ба ин бовар асос меёбад, як гурӯҳи одамоне пайдо мешаванд, ки ба дониши муътабар ва муътамад дастрасӣ доранд. Инҳо, пеш аз ҳама, пайғамбарон, имомон ва ҳатман олимони дин мебошанд. Намояндагони фалсафа ва илм, ки хилофи дин чизе мегӯянд, чунин дониши муътамадро дошта наметавонанд. Дар натиҷа, эҷоди илму дониш ва амалҳои ба онҳо асосёфта аз принсипу ҳикматҳои гузаштаи динӣ реша мегиранд. Ҳар он чизи наве, ки хилофи ин принсипу ҳикматҳо бошад, рад карда мешавад. Ин гуна дониш худ аз худ одамони бисёрро пассив мекунад ва амалҳои онҳоро ба пайравӣ ва тақлид маҳдуд месозад. Як гурӯҳи кӯчаке чун пайғамбарону имомон ва дигар баргузидаҳо ё дар гузашта мемонанд ва ё дар замони ҳозира аксарияти омро ба тақлид аз гузашта ҳидоят мекунанд. Амали пассивона иборат аз пайравию тақлид ва итоаткорию хоксорӣ мешавад. Он дигар қудрати эҷод надорад. Аммо ин хусусиятро Иқбол ба инобат намегирад.

## Назарияи сиёсӣ-иҷтимоии Иқбол

Чун дигар мутафаккирони исломӣ, таълимоти сиёсӣ ва ҷомеашиносии Муҳаммад Иқбол ба чанд мавриди пароканда марбут мебошад. Ӯ ҳеҷ гуна пешниҳоди куллӣ ва фарогир надорад ва дар айни замон назарияҳои дигаронро ба таври парешон такрор мекунад. Дар шинохти муносибатҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ӯ ноогоҳона аз консепсияи марксистии *муборизаи синфӣ*

[213]Муҳаммад Иқбол, Эҳёи фикри динӣ дар Ислом. Душанбе: Эр-граф. 2010. – Саҳ. 30

истифода мебарад. Зоҳиран Иқбол бевосита марксизмро наомӯхта буд ва ҳатто онро барои манфиати иқтисодиро омили асосии ташаккули шахсият ва инкишофи таърихию ҷамъиятӣ донистан накӯҳиш мекунад. Вале шояд танҳо бо сабаби актуалӣ будани таълимоти марксистӣ аз он таъсир пазируфта буд. Ӯ ҳаёти сиёсиро ба мубориза и синфии бою камбағал ва ё хоҷаю ғулом маҳдуд ва тақсимоти манофеъро аз рӯи тааллуқияти синфии одамон ба сармоядор ва муздур тасдиқ мекунад (273).

Ин гуна дихотомия, ки хоси таълимоти марксистӣ мебошад, дар бисёр ашъори сиёсӣ ва даъватии Иқбол ба мушоҳида мерасад. Аз рӯи ҳамин гуна тақсимоти марксистии синфҳои иҷтимоӣ ӯ Ғарби имеприалистиро душмани Шарқи мусалмонӣ медонад. Маҳз ҳамин Ғарб боиси ба ғулом табдил ёфтани мусалмонон гардидааст. Яке аз Шарқҳои ғулом Кашмир аст («Соқинома», саҳ. 224-225). Шоир роҳи наҷотро аз ин ҳолати ғуломӣ ба хоҷагони империалистии Ғарб ва надимони маҳаллии онҳо дар таҳкими дини ислом ва сохтани давлати исломӣ мебинад.[xxxix] Инсон бояд аз ғуломии Хоҷа даст кашад ва чокарӣ ва бандагии Худоро қабул кунад. Барои Иқбол озодии инсон аз бутҳои маънавие чун Худо мавзӯи бегона аст. Балки ба назари ӯ бандагии Худо ҳадафи олии зиндагӣ мебошад. Ин идеяи «бандагии Худо»-ро шоир дар шеъри «Бандагӣ» тасвир мекунад (236).[xl] Идеяи ғуломии одам аз тарафи одам дар шеъри «Ғуломӣ» (236) баён мегардад.[xli] Иқбол ин матлабро дар дигар шеърҳояш ҳам идома медиҳад (256).

Ҳамин гуна, Иқбол тарафдори системаи сиёсии динии Умам, яъне Хилофати ягонаи мусалмонони ҷаҳон мебошад. Фақат бо чунин системаи давлатдорӣ метавон аз арзишҳои абадии дини Ислом ҳимоят кард, дар ҳоле ки дигар системаҳо, аз он ҷумла шоҳигарӣ ва демократия аз арзишҳои моддӣ ва ҷисмоние ҳимоят мекунад, ки гузаранда ва фанопазиранд (дубайтии 135, саҳ. 203). Дар шеъри “Ҷумҳурият” (саҳ. 237) шоир мухолиф будани худро ба низоми демократӣ ошкор мекунад. Дар таъбири шоиронаи ӯ «хар» образи мардум мебошад, ки салоҳият ва тавони муайян кардани самти инкишофи таърихро надорад. Дар шеъри “Алмулку лиллоҳ” (саҳ. 233), Иқбол ҳатто зиёдаравӣ карда, имконияти исломӣ кардани тамоми ҷаҳон ва дар зери итоати

Хилофати умам овардани онро изҳор мекунад. Дар ин маврид ӯ қиссаи Торикро меорад, ки ба Андалус расид ва ба саволи ҷанговарон, ки “Дурем аз саводи Ватан, боз чун расем?”, чунин ҷавоб дод: “Ҳар мулк мулки мост, ки мулки Худои мост” (саҳ. 233). Бо чунин пешниҳод шоир идеяи куҳнашуда ва зиддиинсонии ҷиҳодро дар ҷаҳони муосир аз сари нав ба миён мегузорад, гарчанде ин пешниҳод ноогоҳона ҳам бошад.

## Хулоса

Баррасии нуктаҳои муҳими ҷаҳонбинии Иқбол дар ин мақола нишон дод, ки ӯ роҳу равиши мустақили фалсафӣ ва ҳунарӣ надорад. Аз ин рӯ, мақсад аз ин мақола шикастани бути Иқбол мебошад, ки дар зеҳни зиёиён ва мардуми одӣ таҷассум ёфтааст. Бе таҳлилу баррасии ҳаматарафаи шахсият ва асарҳои ин донишманди Ҳинду Покистон мо аз ӯ шахсияти пайғамбарона сохтаем.

Мақолаи мазкур нишон дод, ки дар ҳастишиносӣ Иқбол пантеист ва дар маърифати ҷаҳони ҳастӣ агностик мебошад. Ӯ ба ғайр аз Худо вуҷуди мустақилонаи дигар мавҷудотро рад мекунад. Иқбол аз фалсафаи аврупоӣ, бахусус таълимот дар мавриди ирода ба ҳаёт ва қудрат (Шопенҳауер ва Нитше) ва ҳамчунин худӣ (Фихте) барои исботи мавқеи динӣ-ирфонии худ истифода мебарад. Дарки ӯ аз мактабҳо ва намояндагони фалсафаи аврупоӣ сатҳӣ мебошад. Худи Иқбол дар бисёр мавридҳо фалсафӣ буданашро рад мекунад ва тасдиқ мекунад, ки ба таълимоти суннатии дину ирфони исломӣ майл дорад. Унсурҳои муҳимми ҷаҳонбинии Иқбол ба таври зер мебошанд:

1. Ӯ хирад, ақл ва узвҳои ҳисро чун сарчашмаи муътамади шинохт ва маърифати олами ҳастӣ инкор мекунад. Ба ҷои онҳо рӯҳро мегузорад.
2. Хилофи андешаи фалсафӣ, Иқбол Худоро ягона Ҳақиқати олами ҳастӣ медонад. Дигар падидаҳо, аз он ҷумла инсон ва ҷаҳони чизҳои моддиро чун сароб (мираж) ва хаёл (иллюзия) меҳисобад. Дар ҳоле ки фалсафа, баръакс, Худоро маҳсули хаёли инсон медонад.
3. Иқбол зиндагии инсонро дар ҷаҳони моддӣ аз рӯи ченакҳои динӣ-ирфонии Ислом баҳогузорӣ мекунад. Ӯ зиндагиро барои инкор кардани ҷисм ва ба олами рӯҳонӣ пайвастан зарур

медонад. Чун таълимоти динӣ, ҷисм ва моддаро асли бадӣ меҳисобад. Роҳи раҳоӣ ва наҷотро аз ин асли бадӣ дар тариқати ирфонӣ мебинад.

4. Муҳаммад Иқбол дар ҳалли муаммои марказии фалсафа – ҳастӣ ва нестӣ мавқеи динӣ дорад. Ӯ арзиши ҳаёти инсонро дар ин ҷаҳон дуюмдараҷа ва хушбахтию ҷовидонагиро дар давомияти рӯҳонии инсон дар ҷаҳони улвӣ медонад. Ӯ ҷустуҷӯи бемаргии ҷисмонӣ ва фардии инсонро дар ин ҷаҳони моддӣ накӯҳиш карда, онро камназарӣ ва камталабӣ меномад.
5. Чун орифон ва мутакаллимони асримиёнагии исломӣ, Иқбол дар байни Ҷисм ва Рӯҳ фарқияти мутлақ мегузорад. Ҷисмро мазҳари хокӣ ва Рӯҳро асли илоҳӣ мешуморад. Ҷисм сарчашмаи эҳсосот, маърифати фиребанда ва дур аз ҳақиқат ва Рӯҳ бошад, афзори шинохти Ҳақиқат мебошад. Ҷисм чун чизҳои дигари моддӣ гузаранда ва миранда аст, дар ҳоле ки Рӯҳ абадӣ боқӣ мемонад. Аз ин ҷо таълимоти Иқбол дар бораи ҳастишиносӣ ва назарияи маърифат реша мегирад. Дар ин робита, дар саросари ашъори худ Иқбол афсонаҳои диние чун офариниши инсонро мисол меорад.
6. Консепсияи Иқбол дар бораи Ишқ ирфонӣ мебошад. Ишқе, ки ӯ дар назар дорад, ҳеч рабте ба ишқи заминӣ дар байни зану мард надорад. Балки ишқ ҳам майли рӯҳонӣ ва ҳам фаъолияти маърифатии инсон барои шинохти Худо ва пайвастан бо он мебошад. Дар ин маврид, Иқбол се чизро монеаи расидан ба маърифати ҳақиқат ва ё Худо мешуморад: 1) ҷаҳони моддӣ ва майлҳои табиии инсон ба он; 2) зан ва майлҳои шаҳвонӣ ба он ва 3) илм ва фарҳанги аврупоӣ.
7. Ҷиҳати барҷастаи афкори сиёсӣ-иҷтимоии Иқбол тарафдории ӯ аз хилофати исломӣ мебошад, ки на фақат ҳамаи мусалмонҳо балки тамоми ҷаҳон ва ҷаҳониёнро бояд фаро гирад.

---

[i] Зишту неку зодаи ваҳми худованди туст,
Лаззати кирдор гир, гом бинеҳ, ҷӯй ком (209)
[ii] Теғи дурахшандаӣ, ҷони ҷаҳоне гусил...
Бозуи шоҳин кушо, хуни тазарвон бирез (209)
[iii] Марг бувад бозро зистан андар куном (209)
[iv] Зи рӯи замин дона чидан хатост,

Ки паҳнои гардун худододи мост (218)
[v] Маро рӯзе гули афсурдае гуфт:
«Намуди мо чу парвози шарор аст.
Дилам бар меҳнати нақшофарин сӯхт,
Ки нақши килки ӯ нопойдор аст.» (193)
[vi] Чу мирам, бо сабо хокам биёмез,
Ки ҷуз тавфи гулон коре надорам (194)
[vii] Бо Худо дар парда гӯям, бо ту гӯям ошкор,
Ё расуллулоҳ! Ӯ пинҳону ту пайдои ман (260)
[viii] Дамодам нақшҳои тоза резад... (189)
[ix] Он чӣ будасту набояд, зи миён хоҳад рафт,
Он чӣ боисту набудаст, ҳамон хоҳад буд (263)
[x] Яке бар дил назар вокун, ки бинӣ,
Ями айём дар як ҷом ғарқ аст (193)
[xi] ...Нигоҳам бартар аз гардун, танам хок (189);
Ки ҷонам дигар асту дигарам ман (198);
Сафоламро майи ӯ ҷоми Ҷам кард (190)
...Зи тан барҷастататар шуд маънии ҷон... (198)
...Чи сон гунҷид дил андар гили мо (198)
[xii] Напайвастам дар ин бустонсаро дил... (190)
[xiii] Чи ғам, гар як ҷаҳон гум шуд зи чашмам
Ҳанӯз андар замирам сад ҷаҳон аст (200).
[xiv] Бе ту аз хоби адам дида кушудан натавон... (251)
[xv] Зи ҳукми ғайр натвон ҷуз ба дил раст,
Ту, ай ғофил, диле пайдо накардӣ (190)
[xvi] Маҷӯ соҳил, ки дар оғӯши соҳил,
Тапидан як даму марги давом аст (200)
[xvii] Дил аз хубони бепарво нигаҳ дор,
Ҳаримаш ҷуз ба ӯ додан ҳаром аст (191)
[xviii] Ишқро нозам, ки аз бетобии рӯзи фироқ
Ҷони моро баст бо дарди ту пайванде дигар (241)
[xix] Хирад андар сарам бутхонае рехт,
Халили Ишқ дайрамро ҳарам кард (190)
[xx] Талоши ӯ кунӣ, ҷуз худ наёбӣ,
Талоши худ кунӣ, ҷуз ӯ наёбӣ (195)
[xxi] Дил аз дил, ҷон зи ҷон бегона кардӣ (188)
[xxii] Зӣ баҳри бекарона чи мастона меравад,
Дар худ ягона, аз ҳама бегона меравад («Ҷӯи об», саҳ. 233)
[xxiii] Ҷуз ишқ ҳикояте надорам...
Аз ҷилваи илм бениёзам... (229)
[xxiv] Нигоҳи мо дубин афтод, варна
Ҷаҳони ҳар касе андар дили ӯст (185)
[xxv] Ин зеру забар чист? Фиреби назари мост (шеъри «Шабнам», саҳ. 227-228)
[xxvi] Ҷаҳони мо, ки ҷуз ангорае нест... (198)
[xxvii] Хирад зинҷирии имрӯзу дӯш аст,
Парастори бутони чашму гӯш аст (190).

---

[xxviii] Туро ҳақ дидаи равшантаре дод,
Хирад бедору дил хобида магзар (202)
[xxix] ...Барнахезад як шарар аз ҳикмати нозойи ман (259)
[xxx] Хирад бар чеҳраи ту пардаҳо бофт... (191)
[xxxi] Зи Розӣ маънии Қуръон чӣ пурсӣ?
Замири мо ба оёташ далел аст (191)
Ё худ:
Эй ки дар мадраса ҷӯӣ адабу донишу завқ,
Нахарад бода кас аз коргаҳи шишагарон (241)
[xxxii] Дил аз манзил тиҳӣ кун, по ба раҳ дор (197)
[xxxiii] Магӯ аз муддаои зиндагонӣ,
Туро бар шеваҳои ӯ нигаҳ нест.
Ман аз завқи сафар он гуна мастам,
Ки манзил пеши ман ҷуз санги раҳ нест (193)
[xxxiv] Зи манзил ҷодаи печида хуштар (194)
[xxxv] Нишони роҳ аз реги равон гир (203)
[xxxvi] Шаке бо ҷони ҳайронам даровехт,
Ҷаҳон буд, он ки тасвири ҷаҳон буд? (198)
[xxxvii] Гуҳар шав, дар оғӯши қулзум бизӣ («Қатраи об», саҳ. 223)
[xxxviii] Агар шаб тиратар аз чашми оҳуст,
Худафрӯзам, чароғи роҳи хешам (226)
[xxxix] Аз он май фишон қатрае бар каширӣ,
Ки хокистараш офаринад шароре (225)
[xl] Гарди роҳем, вале завқи талаб ҷавҳари мост,
Бандагӣ бо ҳама ҷабрути худоӣ мафурӯш (236)
[xli] Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард... (236)

# РӮШАНФИКРОНИ ҶАҲОН

1. Николай Федоров
2. Содиқ Ҳидоят
3. Адорно
4. Анаксагор
5. Аристотел
6. Раймонд Арон
7. Бергсон
8. Бердяев
9. Брентано
10. Бруно
11. Бэкон
12. Витгенштейн
13. Волтер
14. Гадамер
15. Галилей
16. Гераклит
17. Гёте
18. Голбах
19. Данте
20. Дарвин
21. Декарт
22. Демокрит
23. Дидро
24. Диогени Калбӣ
25. Ибни Рушд
26. Ибни Сино
27. Камю
28. Кант
29. Кассирер
30. Конт
31. Конфутсий
32. Коперник
33. Кроче
34. Ксенофан
35. Кйеркегор

36. Макиавелли
37. Маркс
38. Маркузе
39. Мерло Понти
40. Мунйе
41. Нитше
42. Ортега-и – Гассет
43. Паскал
44. Пифагор
45. Платон
46. Протагор
47. Рассел
48. Руссо
49. Сартр
50. Суқрот
51. Соловйёв
52. Спенсер
53. Спиноза
54. Тейяр де Шарден
55. Фейербах
56. Фихте
57. Фрейд
58. Фромм
59. Хабермас
60. Хайдеггер
61. Ситсерон
62. Швейтсер
63. Шопенгауэр
64. Эйнштейн
65. Эмпедокл
66. Энгелс
67. Эпикур
68. Ясперс
69. Аренд
70. Беккет

71. Борхес
72. Бродский
73. Кафка
74. Лукач
75. Манн
76. Юнгер Ҳабермас
77. Карл Поппер
78. Ковиш Саиди Нурулҳақ
79. Дориюши Ошурӣ
80. Ҷамолиддин Сино Далерӣ
81. Роже Гародӣ
82. Ҷорҷ Элиот
83. Робиндронат Тагор
84. Ҷемс Ҷойс
85. Симона де Бовуар
86. Эрнст Ренан
87. Франс Фанон
88. Анатол Франс
89. Антонио Грамши
90. Андре Молруа
91. Франсуа Мориак
92. Генрих Гейне
93. Алтюсер
94. Ҷамолиддин Афғонӣ
95. Алиасғари Ҳалабӣ
96. Меҳрини Меҳрдод
97. Вилл Дюрант
98. Нозимулисломи Кирмонӣ
99. Ҳамид Иноят
100. Аҳмад Амини Мисрӣ
101. Ҷурҷӣ Зайдон
102. Аббос Маҳмуди Аққод
103. Абдурраҳмон Бадавӣ
104. Анис Мансур
105. Тавфиқ-ул-Ҳаким
106. Таҳо Ҳусейн
107. Хусрави Фаршедвард

108. Муҳаммадалии Надушан
109. Маҳдии Муҳаққиқ
110. Абдулҳусайни Зарринкуб
111. Парвиз Нотил Хонларӣ
112. Ризо Бароҳанӣ
113. Ҳошим Разӣ
114. Сирус Шамисо
115. Муҳаммад Ризо Шафеии Кадканӣ
116. Ҷалолуддини Ҳумоӣ
117. Саид Нафисӣ
118. Муҳаммад Муъин
119. Ҷамил Салибо
120. Иброҳим Пури Довуд
121. Меҳрдоди Баҳор
122. Лев Толстой
123. Вилям Ҷемс
124. Ҷон Деви
125. Муҳандос Гандӣ
126. Носируддини Соҳибуззамонӣ
127. Жило Равшанзамир
128. Ҷалол Саторӣ
129. Муҳаммад Фуруғӣ
130. Шиблии Нӯъмонӣ
131. Шарофуддини Хуросонӣ
132. Закариё Иброҳими Мисрӣ
133. Саид  Ҳусайни Наср
134. Ҷалил Дӯстхоҳ
135. Роже Гародӣ
136. Алиасғари Ҳикмат
137. Аҳмади Касравӣ
138. Ибни  Ровандӣ
139. Абулалои Мааррӣ
140. Абуҳаёни Тавҳидӣ
141. Абурайҳони Берунӣ
142. Ҳаким Умари Хайём

143. Алиакбари Деҳхудо
144. Салома Мусо
145. Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ
146. Абунасри Форобӣ
147. Қосим Амини Мисрӣ
148. Муҳаммад Закариёи Розӣ
149. Мулло Садро - Садриддини Шерозӣ
150. Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ)
151. Носири Хусрав
152. Монӣ писари Фотик
153. Маздак писари Бомдод
154. Бузургмеҳри Ҳаким
155. Абусулаймони Сиҷистонии Мантиқӣ
156. Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ
157. Насириддини Тӯсӣ
158. Қутбиддини Шерозӣ
159. Сайид Шаҳобуддини Шаҳрҳрзурӣ
160. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ
161. Шайх Баҳоӣ
162. Абулқосими Партав
163. Фариддуни Ҷунайдӣ
164. Сайид Ҳасани Тақизода
165. Дориюши Шойгон
166. Эҳсон Табарӣ
167. Маликушшуарои Баҳор
168. Фурӯғи Фаррухзод
169. Борбади Марвазӣ
170. Мансури Халлоҷ
171. Муҳаммад Хусайни Шаҳриёр
172. Забеҳуллои Сафо
173. Муҳаммади Қазвинӣ
174. Нимо Юшиҷ
175. Эҳсон Ёршотир
176. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
177. Сӯҳроби Сипеҳрӣ
178. Закӣ Наҷиб Маҳмуд
179. Аҳмад Маҳдуми Дониш.

180. Садриддин Айнӣ
181. Абулқосими Лоҳутӣ
182. Зиё Абдулло
183. Бозор Собир
184. Лоиқ Шералӣ
185. Маҳмуди Тарзӣ
186. Халиллуллоҳи Халилӣ
187. Шамсулҳақи Ориёфар
188. Фридрих Нитше
189. Мария Кюри
190. Константин Сиолковский
191. Карл Саган
192. Бертран Рассел
193. Пётр Анохин
194. Ҷон фон Нейман
195. Владимир Ленин
196. Мартин Лютер
197. Ричард Феёнман
198. Чингиз Айтматов
199. Стивен Ҳокинг
200. Жак Фреско

# ФЕҲРАСТИ НОМИ МУҲИМТАРИН КИТОБҲО ДАР МАВЗӮИ РАВШАНФИКРӢ

1) «Анатомия человеческой деструктивности» - Эрих Фромм, 1973.
2) «Антихрист. Проклятие христианству» - Фридрих Ницше, 1895.
3) «Археология знания» - Мишел Фуко, 1969.
4) «Бегство от свободы» - Эрих Фромм, 1941.
5) «Будущее одной иллюзии» - Зигмунд Фрейд, 1927.
6) «Бунтующий человек» - Алберт Камю, 1951.
7) «Бытие и время» - Мартин Хайдеггер, 1927.
8) «Бытие и ничто (Опыт феноменологической онтологии)» - Жан Пол Сартр, 1943.
9) «Ввдение в Экзистенциализм» - Никола Аббаньяно, 1924.
10) «Воля к власти» - Фридрих Ницше, 1906.
11) «Воля к власти. Посмертные афоризмы» - Фридрих Ницше, 1999.
12) «Восствние мисс» - Ортега и Гассет, 1930.
13) «Всёлая наука» - Фридрих Ницше, 1822.
14) «Втени молчаливого большинства, или конец социального» - Жан Бодрийяр, 1982.
15) «Гуманизм другого человека» - Эммануэль Левинас, 1973.
16) «Диалектика просвщения.Философские фрагменты» - Хоркхаймер ва Адорно, 1947.
17) «Европейские революции и характер нации» - Розентока-Хюсси, 1431.
18) «Загадка смерти» - Альберт Налчаджян, 2004.
19) «Звёзди Искупления» - Франц Розенцвейг, 1918.
20) «Золотая ветв» - Джемс Фред Фрэзер, 1980.
21) «Иметь или быть?» - Эрих Фромм, 1976.
22) «Истина и метод. Основные черты философской герменевтики» - Ганс - Георг Гадамер, 1960.
23) «Истоки тоталитаризма» - Ханна Арендт, 1969.
24) «История безумия в классичускую Эпоху» - Мишел Фуко, 1961.
25) «К генеологии морали» - Фридрих Ницше, 1887.
26) «Козёл отпущения» - Рене Жирар,198.

27) «Критика и истина» - Ролан Барт, 1966.
28) «Критика диалектического разума» - Жан Пол Сартр, 1985.
29) «Левиафан» и «Политическая власть» - Томас Гоббс, 1651.
30) «Лекции по введению в психоанализ» - Зигмунд Фрейд, 1933.
31) «Логико-философский taрактат» - Артур Шопенгауэр, 1921.
32) «Логика и смысла» - Жил Делёз, 1969.
33) «Мир как воля и представление» - Артур Шопенгуаэр, 1918.
34) «Миф о вечном возвращении (Архетипы и повторение)» - Мирча Элиаде, 1949.
35) «Мудрость Запада» - Бертран Рассел, 1998.
36) «Надзирать и наказывать» - Мишел Фуко, 1975.
37) «Насилие и сакральное» - Рене Жирар, 1972.
38) «Негативная диалектика» - Визенгрунд Адорно, 1966.
39) «Неудовлетворенность культурой» - Зигмунд Фрейд, 1930.
40) «Новый органон. Или Истнные указания для истолкования природы» - Френсис Бэкон, 1620.
41) «О пользе и вреде истории для жиэни» - Фридрих Ницше, 1874.
42) «Одномерный челолвек. Исследование идеологии развитого индустреольного общества» - Герберт Маркузе, 1964.
43) «Основные понятия метофизики» - Мартин Хайдеггер, 1929.
44) «Памир страна Ариев» - Абусаид Шохуморов, 1997.
45) «Пехвало глупости» - Эразм Роттердамский, 1511.
46) «Позитивный Экзистенциализм» - Никола Аббаньяно, 1948.
47) «По стмодернизм, или логика культуры позднего капитализма» - Фредрик Джймисон, 1991.
48) «По ту сторону добра и зла (Прелюдия к философии будущего)» - Фридрих Ницше, 1886.

49) «Постижение истории» - Джон Аарнольд Тойнби, 1991.
50) «Прозрачность зла» - Жан Бодрийяр, 1990.
51) «Разум и революция. Гегель и становление социальной теории» - Герберт Маркузе, 1941.
52) «Рассуждение о методе» - Ренэ Декарт, 1637.
53) «Рассуждение о происхождении и основаниях неравенстви между людьми» - Жан Жак Руссо, 1755.
54) «Рождение трагедии и духа музики» - Фридрих Ницще, 1872.
55) «Слова и вещи: археология гуманитарных наук» - Мишел Фуко, 1966.
56) «Смысль и назначение истории» - Карл Ясперс, 1949.
57) «Становление теории нелинейных динамик в савременной культьтуре» - Марина Можейко, 1999.
58) «Так говорил Заратустра» - Фридрих Ницше, 1883-1885.
59) «Творческая Эволюция» - Анри Бергсон, 1907.
60) «Теология мистика» - Бхагвин Шри Раджиш, 2000.
61) «Толкование сновидений» - Зигмунд Фрейд, 1990.
62) «Фенеменология восприятия» - Мерло - Понти, 1945.
63) «Философские исследования» - Людвиг Витгейнштейн, 1953.
64) «Фрагменты любовного дискурса» - Ролан Барт, 1977.
65) «Хайдеггер. Германский мастер и его время» - Рюдигер Сафрански, 2005.
66) «Человек для себя. Исследование психологических проблем этики» - Эрик Фромм, 1947.
67) «Человек по имени Мойсей и монотеистическая религия» - Зигмунд Фрейд, 1939.
68) «Что такое критика?» - Ролан Барт, 1963.
69) «Что такое философия» - Далёз ва Гваттари, 1991.
70) «Эристическая диалектика» - Артур Шопенгауэр, 1990.
71) «Эрос и цивилизация» - Герберт Маркузгеркузе, 1995.
72) «Эстетика зороастизма» - Саъдулло Рахимов, 2006.
73) «Я и Она» - Зигмунт Фрейд, 1920.

# «ҶАҲОНБИНИИ ОЯНДА»
# ВА БАРХУРДИ АНДЕШАҲО

Муҳаррирон: **Комил Бекзода,**
**Мирзо Боқӣ**

Муқарризон: академики АИ ҶТ,
**Акбар Турсон,**
корманди АИ ҶТ,
**Номвар Қурбон**

Мураттибон: **Номвар Қурбон,**
**Фирдавс Ниёзӣ**

**ISBN 978-99947-821-3-0**

Ба матбаа __.__.2015 супорида шуд.
Ба чопаш __.__.2015 имзо шуд. Коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 6,5. Адади нашр ____ нусха.
Супориши № ___/14.

Нашриёти «Дониш».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Айни, 121.
Тел.: 221-95-43. E-mail: nomvarjon_90@mail.ru.